ISSN 2616-5260

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология
3 (44) 2026
Қисми 2

ВЕСТНИК

КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ
АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ
Серия исторические и археологические, педагогические
и филологические науки
3 (44) 2026
Том 2

BULLETIN

OF KULOB STATE UNIVERSITY NAMED AFTER
ABUABDULLOHI RUDAKI
Series of historical and archaeological, pedagogical
and philological sciences
3 (44) 2026
Part 2

КӮЛОБ – 2026

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Маҷалла соли 2009 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:

Сафарзода Мунир Ватан *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Муовини сармуҳаррир:

Камолзода Шодмон Валихон *Доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси фалсафа, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Котиби масъул:

Сафарзода Манучеҳри Наҷот *Доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҳайати таҳририя:

6.1. – Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ

Абдуллоев Маҳмуд Холович *Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Искандаров Қосимшо *Доктори илмҳои таърих, профессор, саркотиби илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Суфиев Садриддин Насриддинович *Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Азамов Хурсанд Саидович *Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Сафаров Холмад Хоркашович *Номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

5.3. – Илмҳои педагогӣ

Мирализода Абдусалом Мустафо *Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мирзоев Салим Сайдалиевич *Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Ғуломов Ислом *Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Иззатова Муҳаббат Инноятовна *Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Иброҳимов Грез *Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Файзуллоева Фирӯза Мадохировна *Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони русии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

6.2. – Илмҳои филологӣ

Ҷумъахон Алимӣ *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Хоҷаев Давлатбек *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*

Мухторов Зайниддин Мухторович *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе.*

Худойдодова Шарофат Зардовна *Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Холиқова Зайналбӣ *Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Муродзода Баҳриддин Раҳмон *Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Маҷалла дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои нашр таҳия мегардад. Нишонӣ: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Сомонаи расмии маҷалла: vestnik.kgu.tj, ***E-mail:*** *payom@kgu.tj* ***Тел.****: 8(3322) 2-41-06*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.06.2022, №174/м ворид гардидааст (азнавбақайдгирӣ аз 6.09.2024 №299/м).
Қабули мақолаҳо вобаста ба соҳаҳои илм: 6.1. – Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, 5.3. – Илмҳои педагогӣ, 6.2. – Илмҳои филологӣ.
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст. Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.

ВЕСТНИК
КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ
АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ
Раздел исторические и археологические, педагогические и филологические науки
Учредитель журнала:
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки
Журнал основан в 2009 году. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор:

Сафарзода Мунир Ватан *Доктор педагогических наук, профессор, ректор Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Заместитель главного редактора:

Камолзода Шодмон Валихон *Доктор философии (PhD), доктор по специальности философии, доцент, проректор по науке и инновации Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Ответственный секретарь:

Сафарзода Манучехри Наджот *Доктор философии (PhD), доктор по специальности журналистики, доцент, заведующий кафедрой журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Члены редколлегии:

6.1. – Исторические и археологические науки

Абдуллоев Махмуд Холович *Доктор исторических наук, профессор кафедры общей истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Искандаров Косимшо *Доктор исторических наук, профессор, главный ученый секретарь Академии наук Республики Таджикистан.*

Суфиев Садриддин Насриддинович *Кандидат исторических наук, заведующий кафедрой истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Азамов Хурсанд Саидович *Кандидат исторических наук, доцент кафедры политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Сафаров Холмад Хоркашович *Кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

5.3. – Педагогические науки

Мирализода Абдусалом Мустафо *Доктор педагогических наук, профессор общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета.*

Мирзоев Салим Сайдалиевич *Доктор педагогических наук, профессор кафедры биологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Гуломов Ислом *Доктор педагогических наук, профессор кафедры математики и методики её преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Иззатова Мухаббат Инноятовна *Доктор педагогических наук, доцент кафедры дошкольного обучения и социального дела Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Иброхимов Грез *Кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Файзуллоева Фируза Мадохировна *Кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры русского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

6.2. – Филологические науки

Джумъахон Алими *Доктор филологических наук, профессор кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Ходжаев Давлатбек *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета.*

Мухторов Зайниддин Мухторович *Доктор филологических наук, профессор, ректор филиала Сингапурского института развития менеджмента в городе Душанбе.*

Худойдодова Шарофат Зардовна *Кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Холикова Зайналби *Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Муродзода Бахриддин Рахмон *Кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и сравнительной типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Журнал готовится к печати в Кулябском государственном университете имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ г. Куляб, улица С. Сафарова 16, официальный сайт журнала: vestnik.kgu.tj
E-mail: payom@kgu.tj, *Тел.: 8(3322)2-41-06*

Журнал включен в Реестр рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан с 1.06.2022, №174/м (перерегистрирован от 6.09.2024 № 299/м).
Прием статей по разделам наук: 6.1. – Исторические и археологические науки, 5.3. – Педагогические науки, 6.2. – Филологические науки.
Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ). Журнал печатается на таджикском и русском языках.

BULLETIN

OF KULOB STATE UNIVERSITY NAMED AFTER
ABUABDULLOHI RUDAKI

Series of historical and archaeological, pedagogical and philological sciences

The founder of the magazine:
Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki
The magazine was founded in 2009. Issued 4 times a year.

Chief editor:

Safarzoda Munir Vatan — *Doctor of pedagogical sciences, professor, Rector of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Deputy chief editor:

Kamolzoda Shodmon Valikhon — *Doctor of philosophy (PhD), doctor in philosophy, associate professor, vice-rector for science and innovation, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Executive secretary:

Safarzoda Manuchehri Najot — *Doctor of philosophy (PhD), doctor in journalism, associate professor, head of the department of journalism, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Members of editorial board:

6.1. - Historical and archaeological sciences

Abdulloev Mahmud Kholovich — *Doctor of historical sciences, professor of the chair of general history and methods of history teaching of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Iskandarov Kosimsho — *Doctor of historical sciences, professor, chief scientific secretary of the academy of sciences of the Republic of Tajikistan.*

Sufiev Sadriddin Nasriddinovich — *Candidate of historical sciences, head of the department of history of the tajik people, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki*

Azamov Khursand Saidovich — *Candidate of political sciences, associate professor of the chair of history, law and political science of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Safarov Kholmad Khorkashovich — *Candidate of historical sciences, senior lecturer at the department of history and methods of teaching history, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki*

5.3. - Pedagogical Sciences

Miralizoda Abdusalom Mustafo — *Doctor of pedagogical sciences, professor of the department of pedagogy, Tajik National University*

Mirzoev Salim Saidalievich — *Doctor of pedagogical sciences, professor of the chair of biology of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Gulomov Islom Nazarovich — *Doctor of pedagogical sciences, professor of the chair mathematics and its teaching methods of in Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Izzatova Muhabbat Innoyatovna — *Doctor of pedagogical sciences, associate professor at the chair of preschool education and social affairs of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Ibrohimov Grez — *Candidate of pedagogical sciences, associate professor of the chair of pedagogy of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Faizulloeva Firuza Madokhirovna — *Candidate of pedagogical sciences, associate professor, department of the russian language of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

6.2. - Philological Sciences

Jumakhon Alimi — *Doctor of philological sciences, professor of the department of linguistics and history of language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Khojaev Davlatbek — *Doctor of philological sciences, professor at the chair of history of language and typology of the Tajik National University.*

Mukhtorov Zainiddin Mukhtorovich — *Doctor of philology, professor, rector of the Singapore Institute of Management Development in Dushanbe city.*

Khudoidodova Sharofat Zardovna — *Candidate of philological sciences, associate professor, department of the journalism of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Kholiqova Zaynalbi — *Candidate of philological sciences, associate professor of the department of tajik literature, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Murodzoda Bahriddin Rahmon — *Candidate of philological sciences, associate professor, department of the linguistics and comparative typology Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

The journal is being prepared for publication in Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735360, RT Kulob city, S. Safarov street 16, the official website of the magazine: vestnik.kgu.tj, E-mail: payom@kgu.tj *Тел.: 8(3322) 2-41-06*

The journal is included in the Register of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 1.06.2022, №174/м (re-registered on 6.09.2024 No. 299/m)
Reception of articles on sections of science: 6.1. - Historical and archaeological sciences, 5.3. - Pedagogical sciences, 6.2. - Philological sciences. The journal is included in the database of the Russian Science Citation Index (RSCI). The magazine is printed in Tajik and Russian.

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ

ТДУ: 930 (2-тоҷ)
А-14

НАҚШИ ПАЁМҲОИ СОЛОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ

Абдуллоев М.Х., д.и.т., профессор
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

«Дар даврони соҳибистиқлолӣ мо ояндаи маорифи миллӣ ва ворид гардидан ба фазои таҳсилоти байналмилалиро ҳадафи муҳимтарин ва самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор додем. Зеро мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф - сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад».

Эмомалӣ Раҳмон

Таҷрибаи таърихӣ борҳо собит намудааст, ки ягона омили наҷоти инсоният ва таҳкими давлат - ин, бешак, рушд додани соҳаи маориф мебошад. Зеро, омӯхтани илму дониш ва парвариши он дар замири наслҳо боиси саодат ва комёбиҳои беназири башарият шудааст. Тоҷикон дар ин замина яке аз қадимтарин миллатҳое ба шумор мераванд, ки дар тули таърих ҳамвора таълиму тадрис ва илму дониш барояшон машғулияти ҳамешагӣ ба шумор мерафт. Аз ин сабаб, бо вуҷуди ҳамлаҳои зиёди аҷнабӣ ба сарзамини таърихии тоҷикон, онҳо тавонистанд аз ҳувият ва ҳастии маънавии худ — дар ҳар қадам бо қалам ва маърифати хеш — дифоъ намуда бошанд.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки кам нестанд ҳодисаҳое, ки бинобар сабаби беэътиноӣ ба ташаккули маърифату тафаккур, қавму қабилаҳои зиёде дар як ё ду ҳуҷуми бегонагон ва ҷорӣ шудани фарҳанги онҳо дар батни фарҳанги бегонагон ҳазм шуда, ҳамчун халқи алоҳида нопадид шудаанд. Бо дарки зарурияти ҳамин, ҷои ифтихор аст, ки дар ҳамаи марҳилаҳои таърихӣ чеҳраҳои намоёни илму ирфони мо дар минтақа ва ҷаҳон ҳамеша пешоҳанги мафкураи маънавии ҷомеа буданд. Барои мисол, агар Зардушт дар бомдоди таърих бо афкори созандаи худ дар ҷаҳони маънавӣ инқилобе ба вуҷуд оварда бошад, пас Куруш бо хирад ва сиёсати давлатдории хеш дар аҳди қадим низоми ҷомеасолорӣ ва адолатгустариро роҳандозӣ намуд. Агар дудмони Сосониён бо бунёди Академияи Гунди Шопур машҳури оламу одам шуда бошад, пас аз ҳуҷуми ваҳшатноки араб, пайравони шогирдони ин боргоҳи хирад дар акнофу атрофи олам — яъне ҳар ҷо ки рафтанд — чароғи илму ҳикматро рӯшан намуда, ба ин васила бори дигар собит карданд, ки эшон аз табори хуршеданду рисолаташон нурафканист.

Чун меросбарони тамаддуни бузург дар қалби асрҳои миёна ва дар айни авҷи тахрибкориҳои аҷнабиҳои тира аз хиради воло чеҳраҳое чун Имоми Аъзам, ал-Хоразмӣ, Ҷобир ибни Ҳайён, Имом Бухорӣ, Ҳаким Майсарӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Табарию Балъамӣ, Берунӣ, Сино, Форобӣ, Низомулмулк, Умари Хайём, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва ҳазорон нафари дигар зуҳур кардаю бо корнома ва эҷоди худ парчами машъалафрӯзи илму маърифатро ҳамчун фарзандони тоҷик ҳамеша боло бардоштанд.

Бо ҳамин мо тавонистем роҳҳои пурпечутоби хатарзои гузаштаро бо сарбаландӣ убур намуда, то ба имрӯз чун халқи соҳибтамаддун бирасем.

Аз саҳифаҳои таърих маълум аст, ки дар ин кор нақши шахсиятҳо дар ҳар давраи таърихӣ бориз аст. Дар замони соҳибистиқлолӣ, бешак, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле назаррас аст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ миллати тоҷик бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давлати миллии худро бунёд намуда, дар ташаккули он ва рушди маорифи миллӣ пояҳои амиқ гузошт.

Вобаста ба ин масъала, чанд сол қабл Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ чунин гуфта буданд: «Илму маориф аз самтҳои хеле муҳимми сиёсати давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ва беҳдошти заминаи таълим вобаста мебошад».

Бо дарки моҳияти ҳамин масъала, ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар сиёсати дохилию хориҷии худ қарор дода буданд.

Зери ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ, мо шоҳиди он шудем, ки соҳаи маориф дар баробари дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ сол ба сол рушд карда, вазъи соҳа нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба маротиб беҳтар шудааст.

Ин нуктаро худи Роҳбари давлат дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олӣ чунин зикр намуданд. «Баррасии тамоми сохторҳои ҳаёти иҷтимоии кишвар, ки дар Паём садо дод, бо илм ва маориф сахт тавъам буд. Нақши созандаи илм ва маориф на танҳо дар бахши алоҳида, балки дар баррасии тамоми сохторҳо ба назар расид. Рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, пешрафту ободии диёр — ҳама ба маориф ва илм алоқаманданд, зеро дар ҳар соҳа неруи пешбар мутахассис маҳсуб меёбад, ки тарбияву ба камол расондани он бидуни мактабу маориф ғайриимкон аст. Агар илм ва маориф пешсаф бошанд, фаъолияти соҳаҳои гуногун самаранок гардида, зиндагии мардум шоистатар мегардад».

Дар Паёми навбатӣ чун ҳарвақта, ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, барои боз ҳам беҳтар ва ба талаботи замон мувофиқ гардондани шароиту имкониятҳои мактабу маорифи кишвар тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намуд. Аз ҷумла, Сарвари давлат ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш доданд, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ва зиёд гардидани шумораи кӯдакони синни томактабӣ, дар панҷ соли оянда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумиро таъмин намоянд. Ҳамчунин, барои сохтмони як муассисаи томактабӣ дар маҳаллаҳои дорои 100 оила тадбирҳо ҷорӣ шаванд [1, с. 20].

Татбиқи ҳашт барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат дар соҳаи маорифи мамлакат, аз таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар ба соҳаи маориф дарак дода мешавад.

Пешвои миллат дар баррасии масоили муҳимми замони муосир ба иртиботи ногусастании илм ва маориф ишора намуда, пешравии кулли соҳаҳоро ба донишу қобилияти мутахассисон нисбат дода, зикр намуданд, ки «… агар дар мактаб сатҳ ва сифати таълим хуб бошад, аз имкониятҳои илмӣ, методӣ ва техникиву технологӣ дуруст истифода бурда шавад, табиист, ки дараҷаи азхудкунии касбу ихтисосҳо босамартар мегардад».

Аз баррасиҳои Пешвои миллат эҳсос мешавад, ки ҳанӯз ҳам маорифи мо ба сатҳе нарасидааст, ки мутахассисони ба талаботи замон рақобатпазирро ба камол расонад. Ин аст, ки Ҷаноби Олӣ зимни баромади худ ба кормандони соҳаи маориф, хоса омӯзгорон бо қатъият изҳор доштанд: «Миллатро босавод кунед, бо қоғази хушку холӣ ҷавононро фиреб надиҳед. Касб омӯзонед, забонҳои хориҷиро ёд диҳед!» [2, с. 22].

Ин муроҷиати Пешвои миллат як дард аст, дарде, ки Сарвари давлатро ба ташвиш овардааст ва пайваста баҳри табобати он меандешанд. Роҳи табобати он танҳо ба дастгирии Ҳукумат вобаста нест. Дар ин кор ҳамагон бояд масъул бошем. Тавре дар Паём зикр шуд, Ҳукумати кишвар ба соҳаи илм ва маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Барои рушди соҳа тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва моддӣ фароҳам оварда шуда, маоши омӯзгорон пайваста баланд карда мешавад.

Пас, чаро ин масъала ҳанӯз дар ҳолати нигаронкунанда қарор дорад? Барои он ки ҳалли он на танҳо ба соҳаи маориф, балки ба муҳит, оила ва умуман ба ҷомеа вобаста аст.

Ҳамкории самараноки ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ бо ниҳоди маориф барои ба вуҷуд овардани муҳити созгор ва дарки зарурати илм ва таҳсил кумак мерасонад. Дар баробари ин, муносибати ниҳодҳои иҷтимоӣ, бахусус аҳли маориф, дар татбиқи сиёсати маорифарваронаи Ҳукумати кишвар бояд дилсӯзонаву дурбинона сурат гирад, на бо меҳрубониву ғамхориҳои сохтаву қолабӣ.

Аслан, вақти он расидааст, ки дар фаъолияти муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногун ба миқдор фирефта нашуда, ба сифат эътибор диҳем. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст дарёфтаанд, ки аз рӯйи теъдод дар кишвари мо дорандагони дипломҳои аъло ва дорандагони унвонҳо ва дараҷаи илмии номзадиву докторӣ кам нестанд, аммо самараашон маълум нест. То он даме, ки дар расидан ба ин «муваффақиятҳо» меъёри асосӣ дониш ва илм ҳисоб нашавад, на мутахассиси хуб ба камол мерасаду на олими ихтироъкор.

Авзои замон ва шароиту имконоти ҷаҳони муосир талаб менамояд, ки ҳар мутахассис ва умуман, ҳар як шахс, сарфи назар аз шуғл, вазифа ва манзалату мақомаш, бояд неруи рақобатпазир дошта бошад. Яъне, на танҳо забон, таърих, фарҳанг, меъёр ва арзишҳои худиро, балки забон ва арзишҳои миллатҳои дигарро низ донад.

Дар баробари ин, имрӯз доманаи ҳамкорӣ ва рақобатҳои касбиву ҳунарӣ васеъ гардида, хусусияти фаромиллиро касб намудаанд. Яке аз афзалиятҳои дар чунин ҳамкориву рақобатҳо аз худ дарак додан — донистани забон аст. Ба иборае, дар ин самт калиди дониш — забон буда метавонад.

Ин аст, ки Пешвои миллат дар аксари паёмҳои хеш зарурати аз худ кардани забонҳои хориҷиро таъкид менамоянд. Дар Паёми имсола низ ин масъала ба миён гузошта шуда, аз ҷумла зикр гардид: «Дар шароити рушди босуботи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва вусъат ёфтани ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, талабот ба мутахассисоне, ки сатҳи касбияти баланд дошта, забонҳои хориҷӣ, махсусан русӣ ва англисиро хуб медонанд, рӯз ба рӯз меафзояд. Бинобар ин, зарур аст, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ ба роҳ монда шавад».

Аз рӯйи нишондодҳои Паём, дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар мамлакат 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта ва ба истифода дода шудаанд.

Президенти мамлакат барои муқоиса қайд намуданд: «Агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла 170 литсейю гимназия, яъне муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият менамоянд. Шумораи умумии хонандагони онҳо беш аз 2 миллиону 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад» [1, с. 21].

Зикри ин нукта бамаврид аст, ки дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ аксари биноҳои мактабие, ки аз замони шуравӣ боқӣ монда буданд, тахриб шуда, дар ҷойи онҳо биноҳои аз ҷиҳати меъморӣ зебо ва ба замони муосир ҷавобгӯ сохта ва ба истифода дода шудаанд. Яъне ин маънои онро дорад, ки аз 4037 муассисае, ки ҳоло амал мекунанд, 3670 адади он тайи солҳои соҳибистиқлолӣ аз сифр сохта шудааст.

Ҳамзамон, доир ба теъдоди муассисаҳои олии касбӣ Сарвари кишвар зикр намуданд: «Соли 1991 дар кишвар ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69 ҳазор донишҷӯ фаъолият мекард. Ҳоло шумораи ин муассисаҳо ба 48 ва донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 214 ҳазор нафар расидааст» [1, с. 21].

Аз ин маълум мешавад, ки дар 70 соли шуравӣ агар 13 муассисаи олӣ ташкил ёфта бошад, пас дар замони 33 соли соҳибистиқлолӣ 35 муассисаи олӣ таъсис ёфтааст [1, с. 21].

Ба ғайр аз ин, айни замон дар кишвар 65 литсейи касби техникӣ, яъне муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо 23 500 хонанда ва курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ дар назди онҳо бо 12 000 хонанда, инчунин 88 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) бо 106 000 донишҷӯ фаъолият доранд [1, с. 21].

Дар баробари ин, ба туфайли сиёсати «дарҳои боз» ва бо шарофати истиқлолу ваҳдати миллӣ ва талошҳои пайвастаи Пешвои миллат, ҷавонони тоҷик имкон пайдо

намуданд, ки дар дилхоҳ кишвари ҷаҳон аз рӯйи ихтисосҳои мавриди назари худ таҳсил намоянд.

Тавре, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон зикр намуданд: «...дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. Имрӯз 42 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 000 нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд» [1, с. 21].

Албатта, ин дастоварди хеле бузург ба шумор меравад. Шаҳрвандони огоҳи мо хуб дар ёд доранд, ки замоне буд, ҷавонони мо дар дохили мамлакат имкони пурраи таҳсилро надоштанд. Махсусан, ҷавондухтарон бинобар сабаби набудани ваҳдат ва сулҳу амният, наметавонистанд ҳатто дар муассисаи таълимии маҳалии худ таҳсил кунанд.

Аммо шароити имрӯза имкон медиҳад, ки масалан, як ҷавондухтари тоҷик ба дилхоҳ муассисаи таълимии дохилӣ ё хориҷии ҷумҳурӣ рафта, таҳсил кунад ва соҳиби ихтисосу касби мавриди назари хеш гардад.

Дар Паём, ҳамзамон, Президенти мамлакат доир ба нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 5 соли оянда баҳри рушди соҳа изҳори назар намуда, қайд карданд, ки бо истифода аз ҳама сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо дарназардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумӣ ба нақша гирифта шудааст [1, с. 20].

Инчунин, ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастур дода шуд, ки дар панҷ соли оянда бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, барои дар ҳар як маҳалли аҳолинишин, ки 100 оила зиндагӣ мекунад, ҳатман барои бунёди як муассисаи томактабӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд [1, с. 20].

Агар мо аз рӯйи мантиқ ва хирад ва холисона рақамҳо, андешаҳо ва нақшаҳои дурнамои дар боло овардашударо муқоиса ва таҳлил кунем, ба хулосаи мусбат расида, аҳаммият ва зарурияти давлати миллӣ ва хизматҳои Пешвои миллат бароямон чун оина равшан мешавад.

Дар Паёми навбатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам ба яке аз масоили асоситарини соҳаи маориф - баланд бардоштани сифати таҳсилот ишора намуданд. Барои беҳдошти масъалаи мазкур ба масъулин супоришҳои дахлдор дода, иҷрои саривақтӣ ва босифати онро ҷонибдорӣ карданд.

Воқеан, бо назардошти имкониятҳои мавҷудаи соҳа ва рушди илму технологияи ҷаҳони нав, зарурият пеш омадааст, ки ба сифати таҳсилот беш аз пеш диққат диҳем. Зеро маҳз сифати таълиму тарбия ҷавҳари асосии маорифро ташкил намуда, омили рушди давлат ва саодати зиндагии мардум мегардад.

Аз он, ки Роҳбари давлат гуфтанд: «...сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад», маънои онро дорад, ки акнун замоне фаро расидааст, ки мо тафаккуру андешаи солими ҷомеаро таҳкиму тақвият бахшем — ҷомеае, ки бо ақлу иродаи воло, лоақал, тавонад барои худ зиндагии шоистаеро эҷод кунад [1, с. 23].

Барои расидан ба ҳадафи муайян, албатта, маориф ва сифати таҳсилоти сайқалёфта нуқтаи асосӣ гузошта мешавад. Агар ба сифати таҳсилот беэътиноӣ зоҳир шавад, маориф хароб шуда, миллат мубталои ҷаҳлу бесаводӣ мегардад, ки оқибатҳои маргборро ба бор меоварад.

Доир ба ин масъала, дар Паём Пешвои миллат сароҳатан гуфтанд, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат — эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан нисбат ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад.

Зимни суханронии худ бахшида ба Рӯзи Дониш (1-уми сентябри соли 2024) Пешвои миллат ба ҳамин масъалаи мавриди назар таваҷҷуҳ намуда, чунин қайд карда буданд: «Барои расидан ба ҳадафи беҳтар намудани сифати таҳсилот, дар навбати аввал, баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсии мутобиқ ба талаботи меъёрӣ, инчунин таъминот бо имкониятҳои таълимиву методӣ, аз ҷумла таҷҳизоти озмоишгоҳӣ,

технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва мунтазам гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ зарур аст» [7].

Тавре ишора гардид, дар баробари дигар омилҳо, дар самти баланд бардоштани сифати таълим, нақши омӯзгор калидӣ ба шумор меравад. Дуруст аст, ки як соати дарси хуб мазмуни як китоби беҳтаринро медиҳад. Аз ин рӯ, омӯзгори хуб ва донишманд дар бунёди ҷомеаи мутамаддин нақши асосӣ дорад.

Аз он ки Сарвари кишвар мегӯянд: «Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад», ҳамин маъноро ифода мекунад.

Бо назардошти ин, имрӯз зарур аст, ки пеш аз ҳама савияи дониши ихтисосии омӯзгорон баланд бардошта шавад ва дар натиҷаи гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос дараҷаи қобилият ва малакаҳои касбии онҳо таҳким ёбад.

Омӯзгори муосир бояд дар баробари соҳиби дониши баланди соҳавӣ будан, ҳамзамон, қобилият ва малакаҳои баландтари омӯзгорӣ дошта бошад. Аз технологияҳои пешрафтаи соҳа огоҳ ва афкору андешаҳои миллӣ ва ватандӯстона дошта бошад.

Маҳз чунин омӯзгор метавонад насли наврас ва ҷавонро аз пайи худ бубарад. Агар омӯзгор дар ҷомеа бо чунин сифатҳо мавқеъ пайдо карда натавонад, пас мақоми кадом як руҳонии ифротӣ боло гирифта, хурофот, бегонапарастӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба арзишҳои миллӣ дар ҷомеа паҳн мешавад.

Дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза, ки низоъҳои миллӣ, қавмӣ ва динӣ-мазҳабӣ бо ҳам омехта, қаламрави давлатҳои алоҳидаро ба майдонҳои набард табдил дода истодаанд, аҳаммият ва ҷойгоҳи маорифи пешрафта боз ҳам бештар эҳсос мегардад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар рафти бозии пасипардагии абарқудратҳо ва доираҳои алоҳидаи манфиатдор, афроде чун бозичаи даст мавриди истифода қарор мегиранд — онҳое, ки аз илму дониш маҳруманд.

Истифода аз боварҳои динӣ намуда, чунин гурӯҳҳо мехоҳанд, ҳадафҳои геополитикии худро амалӣ созанд. Аммо, мутаассифона, нафароне ҳастанд, ки маҳз аз ҳисоби ҷавонон аз сабаби нодонӣ ва ҷоҳилӣ фирефтаи гуфтаҳои онҳо шуда, амалҳое анҷом медиҳанд, ки шоистаи як инсони мусалмон нест.

Ҷойи афсӯс аст, ки тайи даҳсолаи охир бархе аз ҷавонони тоҷик низ ба чунин гурӯҳҳои ифротию экстремистӣ пайваста, барои худ бадбахтиҳои зиёдеро чун армуғон мегиранд.

Дар ин робита, танҳо ҳаминро такроран таъкид менамоем, ки ягона омили наҷоти чунин гумроҳон — боз ҳам маорифи пешрафта мебошад.

Аз ин рӯ, тарбияи миллӣ ва рушди маорифи миллӣ миллатро аз ҳама гуна бадбахтиҳо наҷот мебахшад.

Тавре Сарвари кишвар гуфтанд: «То вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наорад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину бечуну- чаро боқӣ хоҳанд монд» [1, с. 23].

Роҳбари давлат зимни ироаи Паём, ҳамзамон, таъкид намуданд, ки дар баробари ин, нооромӣ ва низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷираҳои таъминоти молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем [4].

Ин таъкид - маорифчиёнро водор мекунад, ки боз ҳам барои пешрафти соҳа чораҷӯйӣ карда, нақша ва барномаҳои навро пиёда намоем.

Бояд қайд намуд, ки тамоми ҳадафҳои дар назди давлат ва ҷомеа гузошташуда маҳз ба туфайли рушди соҳаи маориф амалӣ шуда, самараи дилхоҳ медиҳад.

Масалан, чор ҳадафи стратегии давлат, ки расидан ба онҳо Тоҷикистонро ба як давлати пешрафтаи ҷаҳонӣ табдил медиҳад, тақозо мекунад, ки дар соҳаҳои мухталиф мутахассиси варзида ва кордон фаъолият кунад.

Эълон шудани солҳои 2024–2026 «Солҳои рушди саноат», солҳои 2020–2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», ва билохира, эълони солҳои 2025–2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва татбиқи босамари онҳо низ, аслан, ба сифати таҳсилот ва рушди маориф алоқаманд аст [9].

Яъне, масъулияти аҳли маориф аз ҳарвақта дида бештар шуда, рисолати бузурги созандагӣ, бунёдкорӣ, рушангарӣ ва ояндаи дурахшони миллат ба дӯши онҳо мебошад.

Дар маҷмуъ, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ руҳияи баланди маорифпарварона дорад. Дар он на танҳо самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз назари сиёсиву муносибати давлатдорӣ таҳлил ва баррасӣ гардид, балки ҳосили меҳнат ва самараи кори инсонҳои масъулиятшинос, бунёдкору созанда, ватандӯсту худогоҳ ва худшинос, ки дар пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти кишвар саҳм гирифтаанд, бо таҳаммули хос ва хиради волои инсонӣ иброз гардид — иброзе саршор аз меҳри ватандӯстона ва руҳияи баланди маорифпарварона.

Адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2024. Душанбе, «Шарқи озод», 2025. – 40 с.
2. Абдуллоев М.Х. Истиқлолият дар таҳкими маорифи Тоҷикистон. Душанбе, 2022. - 246 с.
3. Қурбонов А.Ш. Стратегияи рушди маориф ва илм: имконият ва воқият. Душанбе, 2024. - 152 с.
4. Минбари халқ. 2 январи соли 2025. №1 (1502).
5. Омӯзгор. 2 январи соли 2025. №1 (12 486).
6. Хатлон. 28 декабри соли 2024. №82 (3603).
7. Ҷумҳурият. 2 сентябри соли 2024.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 170 23.12.2022 [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/27245 (санаи мурочиат: 15.03.2023)
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26.12.2019 [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/19839 (санаи мурочиат: 19.03.2023)
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2021 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/22558 (санаи мурочиат: 15.03.2023)
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 24.04.2010 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/14 (санаи мурочиат: 25.04.2023) 126. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.01.2015 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/7664 (санаи мурочиат: 26.04.2023)
12. Паём ба Аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30.04.2001 [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/missives/14004 (санаи мурочиат: 26.04.2023)
13. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.01.2016 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/9777 (санаи мурочиат: 26.04.2023)
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/24850 (санаи мурочиат: 25.10.2024) 171 130. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

«Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/36370 (санаи мурочиат: 25.04.2024)

15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2018 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/17365 (санаи мурочиат: 19.03.2023)

16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22.04.2002 [Захираи электронӣ]. –URL: https://www.president.tj/event/missives/6240 (санаи мурочиат: 25.03.2023)

НАҚШИ ПАЁМҲОИ СОЛОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РУШДИ СОҲАИ МАОРИФ

Дар мақолаи мазкур нақши Паёмҳои солонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Паёмҳои солона ҳамчун санади муҳимми сиёсӣ ва стратегӣ самтҳои асосии сиёсати давлатро муайян намуда, дар ташаккул ва такмили низоми маориф нақши калидӣ мебозанд. Дар онҳо масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим, ворид намудани технологияҳои муосир, такмили заминаи моддию техникӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгорон таъкид мегарданд.

Ҳамчунин, таваҷҷуҳи махсус ба рушди таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти олӣ, илм ва мутобиқсозии низоми маориф ба талаботи бозори меҳнат зоҳир мешавад. Муаллиф нишон медиҳад, ки татбиқи дастуру супоришҳои дар паёмҳо ироашуда ба пешрафти устувори соҳаи маориф, баланд шудани сатҳи маърифати ҷомеа ва рушди захираҳои инсонӣ мусоидат менамояд. Дар маҷмуъ, паёмҳои солонаи Пешвои миллат ҳамчун омили муҳимми рушди маориф ва кафолати пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар арзёбӣ мегарданд.

Калидвожаҳо: Паём, соҳаи маориф, сиёсати давлатӣ, рушд, маориф, сифат, таълим, технология, муосир, омӯзгор, захира.

РОЛЬ ЕЖЕГОДНЫХ ПОСЛАНИЙ ЛИДЕРА НАЦИИ, УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА, В РАЗВИТИИ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье анализируется роль ежегодных Посланий Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, в развитии сферы образования Республики Таджикистан. Ежегодные Послания, являясь важным политическим и стратегическим документом, определяют основные направления государственной политики и играют ключевую роль в формировании и совершенствовании системы образования. В них особое внимание уделяется вопросам повышения качества образования, внедрения современных технологий, укрепления материально-технической базы, подготовки высококвалифицированных кадров и повышения статуса и престижа учителей.

Кроме того, подчёркивается особое внимание развитию дошкольного образования, высшего образования, науки, а также адаптации системы образования и требованиям рынка труда. Автор показывает, что реализация указаний и поручений, изложенных в Посланиях, способствует устойчивому развитию сферы образования, повышению уровня образованности общества и развитию человеческого капитала. В целом, ежегодные Послания Лидера нации оцениваются, как важный фактор развития образования и гарантия социально-экономического прогресса страны.

Ключевые слова: Послание, сфера образования, государственная политика, развитие, образование, качество, обучение, технология, современные, педагог, ресурсы.

THE ROLE OF ANNUAL ADDRESSES OF THE LEADER OF THE NATION, EXCELLENCY EMOMALI RAHMON, IN THE DEVELOPMENT OF THE EDUCATION SECTOR

This article analyzes the role of the annual addresses of the Leader of the Nation, Excellency Emomali Rahmon, in the development of the education sector of the Republic of

Tajikistan. The annual addresses, as important political and strategic documents, define the main directions of state policy and play a key role in the formation and improvement of the education system. Particular attention is paid to improving the quality of education, introducing modern technologies, strengthening the material and technical base, training highly qualified personnel, and enhancing the status and prestige of teachers.

In addition, special emphasis is placed on the development of preschool education, higher education, science, and the adaptation of the education system to the requirements of the labor market. The author demonstrates that the implementation of the instructions and directives outlined in the addresses contributes to the sustainable development of the education sector, an increase in the educational level of society, and the development of human capital. Overall, the annual addresses of the Leader of the Nation are assessed as an important factor in the development of education and a guarantee of the country's socio-economic progress.

Keywords: Address, education sector, state policy, development, education, quality, learning, technology, modern, teacher, resources.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоев Маҳмуд Холович, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. E-mail: abdulloev.48@mail.ru Телефон: +992918685205.

Сведения об авторе: Абдуллоев Махмуд Холович, доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Электронная почта: abdulloev.48@mail.ru Телефон: +992918685205.

Information about the author: Abdulloev Mahmud Kholovich, doctor of historical sciences, professor of the department of history of the tajik people of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. E-mail: abdulloev.48@mail.ru Phone: +992918685205.

ТДУ:930 (075.8)
М-79

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА РУШДИ ШАРИКИИ РАҚАМИИ ҲИНДУСТОН ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ (с.1991-2025)

Турсунов Т.Х., д.и.т., профессор
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Музаффарова Б.Х., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Пажуҳишҳои таърихӣ ошкор месозанд, ки муносибатҳо миёни Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ дорои решаҳои амиқ буда, ба тамаддунҳои бостонӣ, аз қабили водии Ҳинд ва Шоҳроҳи бузурги абрешим иртибот мегиранд ва дар он ҷо табодули фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва технологӣ заминаҳои ҳамбастагиро омода сохтаанд. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991, Ҳиндустон аз аввалин кишварҳое буд, ки бо ҷумҳуриҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ равобити дипломатӣ барқарор намуда, ҷиҳати таъмини амнияти энергетикӣ, густариши тиҷорат ва нуфузи стратегӣ дар минтақа талош варзид. Шарикии стратегӣ маънои онро дорад, ки ду ҷониб на танҳо бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд, балки ҳамчун шарикони баробарҳуқуқ барои расидан ба як ҳадафи муштарак, масалан, рушди технология кӯшиш менамоянд.

Таҳаввули ин муносибатҳо аз соли 1991 то 2023 чанд марҳаларо фаро мегирад: аз эътирофи дипломатии аввалия ва кумакҳои иқтисодӣ дар солҳои 90-ум ва тамаркуз ба бахши

энергетика ва амният дар солҳои 2000-ум, то афзалияти рӯзафзун ба технологияҳои рақамӣ ва ҳамкориҳои ТИ дар солҳои 2010 ва 2025.

Аз нигоҳи таърихӣ, шарикии рақамӣ дар солҳои аввал бо сабаби мушкилоти иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ва таваҷҷуҳи Ҳиндустон ба дигар самтҳои афзалиятнок маҳдуд буд. Вале бо рушди бахши ТИ дар Ҳиндустон (масалан, тавассути NASSCOM) ва роҳандозии ташаббусҳое чун «Сиёсати пайваст бо Осиёи Марказӣ» дар соли 2012, ин ҳамкориҳо вориди марҳалаи рушд гардиданд. То соли 2023 гардиши тиҷоратӣ тақрибан ба 1,7 миллиард доллар расид, ки дорои иқтидори бузург дар иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла табодули дониш дар соҳаи ТИ, телекоммуникатсия ва ҳукумати электронӣ мебошад [20].

Дар солҳои 90-уми асри XX ҳамкориҳо асосан ҷанбаҳои дипломатӣ ва иқтисодиро фаро мегирифтанд, ки дар ин давра барномаҳое ба монанди Ҳамкориҳои техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон (ITEC) нақши муҳим доштанд; тавассути онҳо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои маориф ва технология кумакҳои таълимӣ дарёфт мекарданд. Дар солҳои 2000-ум таваҷҷуҳи асосӣ ба бахши энергетика ва амният нигаронида шуд, вале унсурҳои табодули рақамӣ тавассути комиссияҳои муштараки тиҷоратӣ ва технологӣ пайдо шуданд.

То солҳои 2010 бо рушди рақамисозии ҷаҳонӣ, Ҳиндустон пешниҳоди қарорҳои ТИ-и худро, аз ҷумла ҳукумати электронӣ, дар чаҳорчӯби муколамаҳо, ба монанди «Муколамаи Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ» (нахустин дар соли 2019, дуюмин дар соли 2020) оғоз намуд. Илми таърих таъкид мекунад, ки ин шарикӣ инъикосгари таҳаввулоти геополитикӣ мебошад, гузариш аз суботи пасошуравӣ ба ҳамгироӣ дар иқтисоди рақамии ҷаҳонӣ, ки дар он Ҳиндустон ҳамчун алтернатива ба нуфузи Чин зоҳир мешавад.

То соли 2023 ташаббусҳое ба мисли «Роҳи абрешими рақамӣ» рамзи гузариш ба ҳамкориҳои технологӣ гардиданд, ки бар пояи равобити бостонӣ бино шудаанд [7].

Шарикии рақамӣ байни Ҳиндустон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ соҳаи динамикии рушдёбандаи ҳамкориро муаррифӣ мекунад, ки соҳаҳои ТИ, иқтисоди рақамӣ, ҳукумати электронӣ ва инноватсияро фаро мегирад. Дар солҳои охир, махсусан пас аз Муколамаи 4-уми Ҳиндустон-Осиёи Марказӣ дар моҳи июни соли 2025, вазирони корҳои хориҷӣ дар бораи таъсиси Форуми шарикии рақамии Ҳиндустон-Осиёи Марказӣ, бо пешниҳоди Ӯзбекистон барои баргузории ҷаласаи аввал, ба мувофиқа расиданд [4]. Ин ташаббус ба рушди инфрасохтори рақамии ҷамъиятӣ дар кишварҳои минтақа нигаронида шудааст, ки дар он Ҳиндустон роҳҳалҳои худро, аз қабили Интерфейси воҳиди пардохтҳо (Ин як низоми пардохтҳои фаврӣ ва протоколи ҳиндӣ мебошад, ки аз ҷониби Корпоратсияи миллии пардохтҳои Ҳиндустон), Aadhaar (Низоми идентификатсияи биометрии шаҳрвандони Ҳиндустон) ва DigiLocker (Хадамоти давлатии абрии рақамисозӣ дар Ҳиндустон) барои транзаксияҳои бехатар, идоракунии идентификатсияи рақамӣ ва нигоҳдории маълумот пешниҳод мекунад. Консепсияи «Роҳи абрешими рақамӣ» истифодаи таҷрибаи ТИ-и ҳиндиро барои рақамикунонии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар доираи Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ таъкид менамояд [14].

Ҳамкорӣ бо тағйироти геополитикӣ ҳавасманд карда мешавад, ки дар он Ҳиндустон ҳузури худро дар минтақа тавассути сармоягузорӣ ба технологияҳо ва мубодилаи дониш пурзӯр мекунад. Масалан, дар моҳи декабри соли 2020 созишномаҳо оид ба манбаъҳои нав ва барқароршавандаи энергия, технологияҳои рақамӣ ва киберамниятӣ ба имзо расиданд. Таъкиди такроршавандаи пешвоёни Осиёи Марказӣ ба ҳамкории рақамӣ инъикоси аҳаммияти афзояндаи ҷиҳатҳои қавии Ҳиндустон дар сектори ТИ мебошад. Дар моҳи декабри соли 2025 дар бораи густариши робитаҳо тавассути ВАО ва фарҳанг, аз ҷумла барнома барои амиқсозии ҳамкории медиавӣ, эълон карда шуд. Ин шарикӣ на танҳо иқтисодӣ, балки стратегӣ низ мебошад, ки ба рушди устувор ва интегратсия ба иқтисоди рақамии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Дар идома шарикиро бо ҳар як кишвар алоҳида баррасӣ мекунем [12].

Аз соли 1991, пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, Ҳиндустон аз аввалин кишварҳое буд, ки истиқлолияти Қазоқистонро эътироф намуд ва моҳи феврали соли 1992

равобити дипломатиро барқарор карда, соли 1993 сафорати худро дар шаҳри Алма-Ато ифтитоҳ намуд. Дар заминаи илми таърих, ин иқдом инъикосгари талошҳои Ҳиндустон барои гуногунсамтии сиёсати хориҷии худ дар ҷаҳони пасоқутбӣ бо тамаркуз ба захираҳои энергетикии Қазоқистон буд. Дар солҳои 90-уми асри XX ҳамкориҳо кумакҳои техникиро тавассути барномаи ITEC дар бар мегирифтанд, ки дар доираи он мутахассисони қазоқистонӣ дар Ҳиндустон, аз ҷумла дар даврaҳои ибтидоии омӯзиши ТИ таҳсил мекарданд. То солҳои 2000 бо сафари Президент Н. Назарбоев ба Ҳиндустон дар соли 2009, муносибатҳо ба сатҳи шарикии стратегӣ бо таваҷҷуҳи махсус ба ТИ ва телекоммуникатсия дар чаҳорчӯби комиссияҳои муштарак таҳаввул ёфтанд. Аз нигоҳи таърихӣ, ин шарикӣ ифодагари таваҷҷуҳи дуҷониба буд. Қазоқистон дар ҷустуҷӯйи диверсификатсияи вобастагӣ аз Русия буд ва Ҳиндустон хостори дастрасӣ ба захираҳо гардид, ки ин раванд бо унсурҳои рақамӣ дар шакли лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи нафту химия бо истифода аз мониторинги ТИ тақвият меёфт [25]. Бо роҳандозии стратегияи «Сиёсати пайваст бо Осиёи Марказӣ» дар соли 2012, Ҳиндустон ҳамкориҳои ТИ - ро, бо шумули табодули таҷриба дар соҳаи амнияти кибериӣ ва зерсохторҳои рақамӣ, тақвият бахшид. То соли 2015 созишнома дар мавриди ҳамкориҳои низомиву техникӣ ба имзо расид, ки дар он технологияҳои рақамӣ дар ҳамгироии системаҳо нақши муҳим иҷро мекарданд. Дар заминаи таърихӣ, ин амр инъикосгари тағйироти геополитикӣ, аз ҷумла афзоиши нуфузи Чин буд, ки Ҳиндустонро ба фаъолшавӣ дар бахши технологӣ водор месохт. То соли 2023 гардиши тиҷоратӣ афзоиш ёфта, содироти хидматрасониҳои рақамӣ аз Қазоқистон ба 690 миллион доллар расид. Вале аз нигоҳи таърихӣ, шарикии рақамӣ марҳала ба марҳала аз барномаҳои омӯзишӣ дар солҳои 90-ум то лоиҳаҳои муштараки ТИ дар солҳои 2020 таҳаввул ёфт. Ин таҳаввулот гузариш аз мутобиқшавии пасошуравиро ба рақамисозии глобалӣ таъкид мекунад [27].

Тавре ки зикр гардид, шарикии мазкур дар солҳои 2024-2025 низ рӯ ба рушд ниҳода, тамаркузи асосии он ба бахшҳои зерсохтори рақамии ҷамъиятӣ ва зеҳни сунъӣ равона карда шуд.

Ҳиндустон ва Қазоқистон дар чаҳорчӯби шарикии стратегӣ, ки табодули технология ва сармоягузорӣ ба зерсохторҳои рақамиро дар бар мегирад, ҳамкориҳои рақамиро фаъолона густариш медиҳанд. Моҳи июни соли 2025 дар Шурои соҳибкории «Осиёи Марказӣ - Ҳиндустон» қайд гардид, ки содироти қарорҳои рақамӣ аз Қазоқистон тақрибан 12 баробар афзоиш ёфта, ба 690 миллион доллар расидааст, ки ин амр аз таваҷҷуҳи дуҷониба ба бахши ТИ шаҳодат медиҳад. Ҳиндустон ҷиҳати расонидани кумак дар рушди зерсохтори рақамии ҷамъиятӣ дар Қазоқистон, аз ҷумла моделҳо барои транзаксияҳои бехатар ва мудирияти додаҳо (маълумот) изҳори омодагӣ намуд. Ин иқдом бар пояи ҳамкориҳои густурдае сурат мегирад, ки дар он ҷонибҳо ваъда медиҳанд гардиши тиҷоратиро то 300 миллион доллар, бо шумули шарикии эҳтимолӣ дар соҳаҳои энергетика ва технология ба таври назаррас афзоиш диҳанд [10], [2].

Созишномаҳо дар мавриди ҳамкориҳои техникӣ, аз ҷумла созишномаи соли 1992, таҳаввул ёфта, аз соли 2015 инҷониб, шарикии мудофиавӣ ва низомию техникиро низ дар бар мегиранд, ки дар он ҷузъҳои рақамӣ дар ҳамгироии системаҳо нақши калидӣ мебозанд. Қазоқистон бо истифода аз таҷрибаи Ҳиндустон дар соҳаи ТИ талош дорад, иқдомоти худро дар самти рақамисозӣ, бавижа дар бахши зерсохтор, ки ба консепсияи «Роҳи абрешими рақамӣ» мутобиқ аст, тақвият бахшад. Моҳи декабри соли 2025 Ҳиндустон омодагии худро барои шарикӣ дар соҳаи мудофиа, аз ҷумла ҳамгироии занҷираҳои таъминот, ки дар он технологияҳои рақамӣ барои истеҳсоли муштарак аҳаммияти ҳаётӣ доранд, иброз дошт [3].

Илова бар ин, моҳи ноябри соли 2024 ҳамкорӣ дар бахши канданиҳои фоиданоки муҳим, аз ҷумла тавлиди шлаки титанӣ, аз тағйирот дар равиши минтақавӣ шаҳодат медиҳад, ки дар он абзорҳои рақамӣ барои мониторинг ва логистика метавонанд мавриди истифода қарор гиранд. Дар Шурои соҳибкорӣ моҳи июни соли 2025 уҳдадориҳо оид ба амиқтар намудани шарикии бисёрҷониба, бо шумули нуқтаҳои нави рушд дар иқтисоди рақамӣ, тасдиқ гардиданд. Созишномаҳо бо Чин ва кишварҳои дигар дар моҳи ноябри соли 2025

сиёсати бисёрсамтаи Қазоқистонро инъикос мекунанд, вале дар робита бо Ҳиндустон таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳамкориҳои баландтехнологии сармоягузорӣ нигаронида шудааст [5].

Ин шарикӣ инчунин табодули таҷриба дар соҳаи технологияҳои идентификатсионӣ ва системаҳои додаҳоро тавассути Форуми шарикии рақамӣ дар бар мегирад. Ҳиндустон қарорҳои зерсохтори рақамии ҷамъиятиро барои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, пешниҳод менамояд, ки ин дар изҳороти муштараки Муколамаи чорум зикр шудааст. Чунин ташаббусҳо ба рушди иқтисодӣ мусоидат намуда, робитаҳоро дар бахши ТИ ва тиҷорати рақамӣ тақвият мебахшанд. Дар оянда густариши ҳамкориҳо дар соҳаи амнияти киберӣ ва зеҳни сунъӣ дар назар аст, ки дар он платформаҳои ҳиндӣ метавонанд бо системаҳои қазоқистонӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ҳамгиро шаванд [16].

Қазоқистон такони стратегиро аз робитаҳо бо Ҳиндустон, бавижа дар доираи шурои соҳибкорӣ, ки дар он паҳлуҳои рақамӣ мавқеи меҳварӣ доранд, эътироф менамояд. Ҳаҷми умумии тиҷорат ва сармоягузорӣ метавонад аз ҳисоби ташаббусҳои рақамӣ, аз қабили лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи энергетика бо истифода аз Интернети ашё ва додаҳои бузург, афзоиш ёбад. Ин на танҳо иқтисодиётро тақвият медиҳад, балки тавассути табодули технология ба суботи минтақавӣ низ мусоидат менамояд [10].

Пас аз касби истиқлолияти Қирғизистон дар соли 1991, Ҳиндустон аз аввалин кишварҳое буд, ки моҳи марти соли 1992 равобити дипломатиро барқарор намуда, сафорати худро дар шаҳри Бишкек ифтитоҳ кард. Дар дурнамои таърихӣ, ин амр инъикосгари робитаҳои фарҳангие буд, ки ба Шоҳроҳи абрешим бармегаштанд ва тамаркузи асосӣ ба расонидани кумак дар самти рушд тавассути барномаи ITEC (аз соли 1992), бо шумули даврaҳои омӯзишии ТИ ва телекоммуникатсия, нигаронида шуда буд.

Дар солҳои 90-уми асри XX ҳамкориҳо бо кумакҳои иқтисодӣ маҳдуд мешуданд, вале табодули таҷриба дар соҳаи маорифро, ки дар он донишҷӯёни қирғиз технологияҳои ҳиндиро меомӯхтанд, дар бар мегирифтанд. То солҳои 2000-ум ба воситаи сафарҳои сатҳи олӣ, муносибатҳо дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф бо ворид намудани унсурҳои табодули рақамӣ тавассути телемедитсина таҳаввул ёфтанд. Илми таърих қайд мекунад, ки ин шарикӣ ба Қирғизистон дар раванди трансформатсияи пасошуравӣ кумак намуда, Ҳиндустонро ҳамчун манбаи «неруи нарм» муаррифӣ кард [23].

Дар соли 2010 бо роҳандозии стратегияи «Сиёсати пайваст бо Осиёи Марказӣ» Ҳиндустон ҳамкориҳои ТИ-ро, бо шумули грантҳо барои таъсиси озмоишгоҳҳои рақамӣ ва табодули таҷриба дар соҳаи амнияти киберӣ, тақвият бахшид. То соли 2019 муносибатҳо ба сатҳи стратегӣ расида, тамаркузи асосӣ ба трансформатсияи рақамӣ нигаронида шуд. То соли 2023, тавассути лоиҳаҳое ба мисли телемедитсина дар соли 2023, шарикии рақамӣ густариш ёфта, гузариши таърихиро аз робитаҳои фарҳангӣ ба технологӣ инъикос намуд. Ин рушд нақши Ҳиндустонро дар таъмини суботи минтақавӣ тавассути технологияҳо таъкид мекунад [6]. Шарикии мазкур дар солҳои 2024–2025 бо ҷудо намудани грантҳо барои озмоишгоҳҳои ТИ боз ҳам фарохтар шуд.

Шарикии рақамии Ҳиндустон ва Қирғизистон ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва зерсохторҳои ТИ бо тамаркуз ба кумакҳои грантӣ ва лоиҳаҳои муштарак нигаронида шудааст. Моҳи марти соли 2024 тавассути Бунёди Ҳиндустон - СММ лоиҳаи инноватсионӣ ҷиҳати коҳиш додани фавти модарон ва навзодон дар Қирғизистон бо истифода аз телемедитсина роҳандозӣ шуд. Моҳи ноябри соли 2025 Ҳиндустон барои таъсиси озмоишгоҳи муосири ТИ дар Донишгоҳи иқтисодии Қирғизистон дар шаҳри Бишкек кумаки грантӣ пешниҳод намуд, ки ин иқдом ташаббусҳои омӯзиширо дар соҳаи рақамӣ тақвият мебахшад [9].

Моҳи июни соли 2025 дар баррасии дуҷонибаи муносибатҳо имкониятҳои ҳамкорӣ дар бахши ТИ, аз ҷумла табодули таҷриба аз ташаббусҳои рақамии Ҳиндустон, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Моҳи октябри соли 2021 Ёддошти тафоҳуми фарогир ба имзо расида буд, ки ҳадафи он густариши имкониятҳо дар самти таҳаввулоти рақамӣ ва шукуфоии минтақавӣ мебошад. Қирғизистон аз ташаббусҳои Ҳиндустон оид ба фаъолсозии гурӯҳи

корӣ барои ҳамкорӣ дар соҳаи нассоҷӣ, ки дар он технологияҳои рақамӣ дар занҷираҳои таъминот нақши муҳим доранд, истиқбол намуд [11].

Моҳи ноябри соли 2025 ифтитоҳи Маркази саводи рақамӣ ва молиявӣ дар деҳаи Таш-Добо дастрасии ҷомеаро ба маҳоратҳои рақамӣ васеъ намуд, ки ин раванд ба таври ғайримустақим аз ҷониби шарикиҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Ҳиндустон, дастгирӣ меёбад. Шарикӣ дар соҳаи алоқаи рақамӣ ва амнияти киберӣ ба ташаббусҳои ҷаҳонӣ, аз қабили «Шарикии алоқаи рақамӣ ва амнияти киберӣ» мутобиқат мекунад. Моҳи майи соли 2025 шарикии Binance бо Қирғизистон ҷиҳати рушди бахши крипто аз иқтисоди рақамии рӯ ба рушд шаҳодат медиҳад, ки дар он таҷрибаи Ҳиндустон дар соҳаи технологияҳои молиявӣ метавонад муфид бошад.

Баррасии умумии муносибатҳо дар моҳи майи соли 2023 рушди қаноатбахшро дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла бахши рақамӣ, нишон дод. Ҳиндустон дар чаҳорчӯби Муколамаи чорум барои Қирғизистон қарорҳои зерсохтори рақамии ҷамъиятиро (DPI) пешниҳод менамояд, ки дар он вазирон оид ба таъсиси Форуми шарикии рақамӣ ба мувофиқа расиданд. Ин кумак ба рушди ҳукумати электронӣ ва хидматрасониҳои рақамиро дар бар мегирад [1].

Дар оянда интизор меравад, ки шарикӣ дар самти зеҳни сунъӣ ва маорифи рақамӣ густариш ёбад, ки дар он сармоягузориҳои Ҳиндустон ба Қирғизистон дар раванди рақамисозӣ кумак хоҳанд кард. Чунин лоиҳаҳо на танҳо хатарҳои иҷтимоиро, ба монанди соҳаи тандурустӣ, коҳиш медиҳанд, балки тавассути маҳорат ва инноватсия ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Қирғизистон дар симои Ҳиндустон шарикеро мебинад, ки барои таҳкими робитаҳо, бавижа дар бахши ТИ, нақши муҳим дорад.

Ҳиндустон Истиқлолияти Тоҷикистонро соли 1991 эътироф намуда, соли 1992 равобити дипломатӣ барқарор кард ва соли 1994 сафорати худро дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ намуд. Дар заминаи таърихӣ, ин иқдом инъикосгари таваҷҷуҳи стратегии Ҳиндустон ба минтақа, бавижа дар самти мубориза бо терроризм дар солҳои 90-ум ва дастгирии неруҳои зиддитолибӣ буд.

Аз соли 1994 инҷониб, Тоҷикистон тавассути барномаи ITEC кумакҳо дарёфт мекунад, ки он омӯзиши соҳаи ТИ - ро низ дар бар мегирад. Дар солҳои 2000 ҳамкориҳои бахшҳои энергетика ва технологияро бо таъсиси комиссияҳои муштарак оид ба тиҷорат ва ТИ – ро фаро гирифтанд. Аз нигоҳи таърихӣ, ин шарики аз соҳаи амният ба самти иқтисод таҳаввул ёфта, бо унсурҳои рақамӣ дар бахши ҳукумати электронӣ тақвият ёфт [21].

Дар солҳои 2010-ум, бавижа пас аз сафари Президент Раҳмон ба Ҳиндустон дар соли 2016, таваҷҷуҳ ба соҳаи ТИ - ро ва иртибототи рақамӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. То соли 2023, тавассути форумҳои бисёрҷониба, аз қабили Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), ҳамкориҳои рақамӣ густариш пайдо карданд. Ин раванд инъикосгари дидгоҳи таърихии манфиатҳои мутақобила дар фазои пасошуравӣ мебошад [19].

Дар идома, шарикии мазкур дар солҳои 2024–2025 бо тамаркуз ба зерсохтори рақамии ҷамъиятӣ рушди худро идома дод.

Ҳиндустон ва Тоҷикистон шарикии рақамиро тавассути тиҷорат, сармоягузорӣ ва технологияҳо бо тамаркуз ба бахшҳои гидроэнергетика, саноати истихроҷи маъдан ва иртибототи рақамӣ густариш медиҳанд. Моҳи декабри соли 2025 омодагӣ барои роҳандозии шарикиҳо дар соҳаи пайвастшавии рақамӣ, аз ҷумла технологияҳои бофандагӣ ва истихроҷ, эълон гардид. Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи ғании Ҳиндустон дар соҳаи ТИ талош дорад иқдомоти худро дар самти рақамисозӣ дар чаҳорчӯби консепсияи «Роҳи абрешими рақамӣ» тақвият бахшад.

Моҳи октябри соли 2025 баррасии муносибатҳо мавҷудияти имкониятҳои зиёди истифоданашударо барои тавсеаи ҳамкориҳо, аз ҷумла дар соҳаҳои рақамӣ, нишон дод. Моҳи ноябри соли 2025 равобити дуҷониба дар бахшҳои амният, тиҷорат ва сармоягузорӣ амиқтар шуданд, ки дар онҳо абзорҳои рақамӣ дар раванди ҳамгироӣ нақши муҳим мебозанд. Лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ дар мавриди таҳкими зерсохтори рақамии ҷамъиятӣ ва

малакаҳои рақамӣ дар Тоҷикистон, ки моҳи декабри соли 2024 оғоз шуда буд, метавонад бо ташаббусҳои Ҳиндустон такмил дода шавад [13].

Моҳи декабри соли 2025 таҳаввулоти рақамӣ дар Тоҷикистон бо дастгирии Конфронси СММ оид ба тиҷорат ва рушд соҳаҳои тиҷорат ва иртибототро дигаргун месозад, ки дар ин замина моделҳои ҳиндӣ метавонанд мутобиқ карда шаванд. Изҳороти муштарак дар бораи ниятҳо аз моҳи ноябри соли 2025 раванди трансформатсияи рақамӣ, аз ҷумла ҳукумати электронӣ ва марказҳои зеҳни сунъиро дастгирӣ мекунад. Инчунин, моҳи ноябри соли 2025 Бонки авруосиёии рушд ҳамкориҳоро бо Тоҷикистон дар самти трансформатсияи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ густариш дод [15].

Аз соли 1994 инҷониб Тоҷикистон аз барномаи ҳамкориҳои техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон, ки даврaҳои омӯзишии рақамиро низ дар бар мегирад, баҳра мебарад. Пешбинӣ мешавад, ки иқтисоди Тоҷикистон дар соли 2025 ба андозаи 7,4% рушд кунад ва дар ин раванд трансформатсияи рақамӣ омили калидии рушди устувор ба шумор меравад. Ҳиндустон дар чаҳорчӯби Муколамаи чорум истифодаи қарорҳои DPI-ро ба Тоҷикистон пешниҳод менамояд [8].

Дар оянда шарикӣ метавонад дар бахшҳои амнияти киберӣ ва тиҷорати рақамӣ тавсеа ёфта, робитаҳои минтақавиро мустаҳкам намояд. Тоҷикистон Ҳиндустонро ҳамчун шарики стратегӣ барои рушди технологӣ мепазирад.

Ҳиндустон истиқлолияти Туркманистонро дар соли 1991 эътироф намуда, соли 1992 равобити дипломатӣ барқарор кард. Дар солҳои 90-уми асри XX таваҷҷуҳи асосӣ ба бахши энергетика нигаронида шуда буд, вале унсурҳои кумаки техникӣ тавассути барномаи ITEC низ вуҷуд доштанд. Аз нигоҳи таърихӣ, робитаҳо ба Шоҳроҳи абрешим бармегарданд, ки дар замони муосир бо тамаркуз ба лоиҳаи лӯлаи гази ТАПҲ идома меёбанд. Дар солҳои 2000 ҳамкориҳо дар соҳаи ТИ дар доираи комиссияҳои тиҷоратӣ пайдо шуданд. То солҳои 2010 бо роҳандозии стратегияи «Сиёсати пайваст бо Осиёи Марказӣ» паҳлуҳои рақамӣ тақвият ёфтанд [24].

То соли 2023 гардиши тиҷоратӣ ба 305 миллион доллар расид, ки дорои иқтидори рушд дар бахши ТИ мебошад. Ин раванд таҳаввулотро аз инзиво (маҳдудият) ба сӯйи ҳамгироӣ нишон медиҳад [17]. Ҳамкориҳо дар солҳои 2024–2025 дар заминаи криптоасъор ва зеҳни сунъӣ густариш ёфтанд.

Ҳиндустон ва Туркманистон ҳамкориҳоро дар бахши технологияҳои баланд, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ ва нақлиёт, густариш медиҳанд. Дар соли 2025 соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт ва технологияҳои муосир ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян карда шуданд. Мулоқоти дуҷониба табодули назарҳоро оид ба шарикӣ дар иқтисоди рақамӣ ва сармоягузорӣ дар бар мегиранд [28].

Моҳи июни соли 2025 дар Шурои соҳибкорӣ масъалаҳои калидӣ, бо шумули паҳлуҳои рақамӣ, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Консепсияи «Роҳи абрешими рақамӣ» имкон медиҳад, ки таҷрибаи ТИ-и Ҳиндустон ҷиҳати рақамисозии Туркманистон истифода шавад. Моҳи октябри соли 2025 лоиҳаи лӯлаи гази ТАПҲ ва робитаҳои омӯзишӣ таҳкими муносибатҳои стратегиро нишон доданд [29].

Моҳи июни соли 2025 иқтидори бузург барои тавсеаи тиҷорат, аз ҷумла дар бахшҳои рақамӣ, қайд гардид. Қонунигардонии истихроҷи криптоасъор (майнинг) дар соли 2026 барои ҳамкориҳои технологияҳои молиявӣ бо Ҳиндустон уфуқҳои нав мекушояд. Нақшаҳои амиқтар намудани ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика ва технологияҳо ҷузъҳои рақамиро низ дар бар мегиранд.

Ҳиндустон дар чаҳорчӯби Муколамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон истифодаи зерсохтори рақамии ҷамъиятиро ба Туркманистон пешниҳод менамояд. Қонунигардонии криптоасъор иқтисоди рақамиро тақвият бахшида, заминаро барои шарики дар соҳаи зеҳни сунъӣ (AI) ва логистика фароҳам меорад [30].

Ҳиндустон истиқлолияти Ӯзбекистонро дар соли 1991 эътироф намуда, соли 1992 равобити дипломатиро барқарор кард. Дар солҳои 90-уми асри XX ҳамкориҳо тавассути барномаи ITEC, бо шумули омӯзиши соҳаи ТИ сурат мегирифтанд. То солҳои 2000-ум,

муносибатҳо таҳаввул ёфта, соли 2011 ба сатҳи шарикии стратегӣ бо тамаркуз ба технологияҳо расиданд. Аз нигоҳи таърихӣ, робитаҳои ду кишвар бостонӣ буда, дар замони муосир таваҷҷуҳи асосӣ ба бахши тиҷорат нигаронида шудааст. Дар солҳои 2010 ҳамкориҳо дар соҳаи ТИ, аз ҷумла тавассути сафарҳои ҳайатҳо ба шаҳри Бангалор, афзоиш ёфтанд [22]. То соли 2023 барномаи стратегии «Ӯзбекистони рақамӣ — 2030» (Digital Uzbekistan 2030) таҷрибаи Ҳиндустонро мавриди истифода қарор дод, ки ин амр гузариши комилро ба раванди рақамисозӣ инъикос мекунад.

Ҳиндустон ва Ӯзбекистон шарикии стратегии худро дар соҳаи технологияҳо бо тамаркузи махсус ба ТИ ва зеҳни сунъӣ тақвият мебахшанд. Моҳи августи соли 2025 вазирони ҳарду кишвар Форуми шарикии рақамиро таъсис доданд, ки Ӯзбекистон мизбонии онро ба зимма дошт. Ҳамкориҳо дар бахшҳои ТИ, технологияҳои рақамӣ дар маориф, зеҳни сунъӣ ва амнияти киберӣ марҳала ба марҳала амиқтар мешаванд [18].

Ӯзбекистон аз муваффақиятҳои Ҳиндустон дар соҳаи ТИ ва Болливуд илҳом мегирад. Моҳи апрели соли 2025 сармоягузориҳои Ҳиндустон дар бахшҳои телекоммуникатсия ва энергетика ба пешрафти ислоҳот мусоидат намуданд. Ҳафт самти калидии ҳамкорӣ пардохтҳои рақамӣ ва технологияҳои кайҳониро дар бар мегиранд.

Ҳамкорӣ бо Ҳиндустон барои татбиқи барномаи «Узбекистони рақамӣ - 2030» такони ҷиддӣ мебахшад. Моҳи январи соли 2025 сафари ҳайати намояндагон ба шаҳри Бангалор робитаҳоро дар соҳаи технологияи рақамӣ мустаҳкам намуд. Узбекистон талош дорад худро ҳамчун маркази зеҳни сунъӣ дар Осиёи Марказӣ муаррифӣ намояд [26].

Моҳи марти соли 2024 ширкатҳои технологияи рақамии ҳарду кишвар дурнамои рушди ҳамкориҳоро баррасӣ карданд. Моҳи апрели соли 2025 амиқтар шудани робитаҳо дар соҳаи технологияҳои рақамӣ таъкид гардид. Узбекистон яке аз 10 шарики бузурги тиҷоратии Ҳиндустон ба шумор меравад. Интизор меравад, ки шарикӣ дар оянда бахшҳои технологияҳои молиявӣ ва маорифро низ фаро гирад. Дар идома, баргузории Форуми шарикии рақамӣ дар соли 2025 ин робитаҳоро боз ҳам мустаҳкамтар намуд.

Хуллас, шарикии рақамии Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ аз робитаҳои таърихии Шоҳроҳи бузурги абрешим сарчашма гирифта, пас аз соли 1991 аз ҳамкориҳои дипломатӣ ва омӯзишии барномаи ITEC ба сатҳи шарикии стратегии технологӣ таҳаввул ёфт. Дар марҳилаи муосир таъсиси Форуми шарикии рақамӣ ва пешниҳоди қарорҳои иноватсионии ҳиндӣ, ба монанди UPI ва Aadhaar заминаро барои рақамисозии соҳаҳои тиҷорат, маориф ва ҳукумати электронии кишварҳои минтақа фароҳам овард. Консепсияи «Роҳи абрешими рақамӣ» на танҳо василаи рушди иқтисодӣ ва иқтидори ТИ-и кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад, балки ҳамчун омили муҳимми ҳамгироии минтақа ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва мувозинати геополитикӣ хизмат мекунад.

Адабиёт:

1. An Overview of the India-Kyrgyzstan Relationships: Challenges and Opportunities [Электронный ресурс]. URL: https://politicalreflectionmagazine.com/2023/05/10/an-overview-of-the-india-kyrgyzstan-relationships-challenges-and-opportunities/ (санаи истифодабарӣ: 12.09.2025).

2. India and Kazakhstan Bolster Their Strategic Partnership [Электронный ресурс]. URL: https://jamestown.org/india-and-kazakhstan-bolster-their-strategic-partnership (санаи истифодабарӣ: 25.09.2025).

3. India explores defence co-development, co-production & supply chain integration with Kazakhstan [Электронный ресурс]. URL: https://economictimes.indiatimes.com/news/defence/india-explores-defence-co-development-co-production-supply-chain-integration-with-kazakhstan/articleshow/125804183.cms?from=mdr (санаи истифодабарӣ: 05.10.2025).

4. India’s Push into Central Asia Amid Shifting Geopolitics [Электронный ресурс]. URL: https://yorktowninstitute.org/indias-push-into-central-asia-amid-shifting-geopolitics/ (санаи истифодабарӣ: 14.10.2025).

5. India-Kazakhstan Cooperation in Critical Minerals Signals a Shifting Regional Approach [Электронный ресурс]. URL: https://thediplomat.com/2024/11/india-kazakhstan-cooperation-in-critical-minerals-signals-a-shifting-regional-approach (санаи истифодабарӣ: 20.10.2025).
6. India-Kyrgyzstan Relations [Электронный ресурс]. URL: https://lotusarise.com/india-kyrgyzstan-relations-upsc/ (санаи истифодабарӣ: 02.11.2025).
7. INdIaN dIploMacy IN ceNtral asIa GettING eclIpsed UNder chINese INflUeNce aNd possIble Way oUt [Электронный ресурс]. URL: https://capssindia.org/wp-content/uploads/2024/08/Rajneesh-Kumar.pdf (санаи истифодабарӣ: 11.11.2025).
8. India-Tajikistan Bilateral Relations [Электронный ресурс]. URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/page/bilateral-relations-and-visits/ (санаи истифодабарӣ: 22.11.2025).
9. India-UN Fund: Reducing Maternal and Neonatal Mortality in Kyrgyzstan with Telemedicine [Электронный ресурс]. URL: https://unsouthsouth.org/2024/03/01/india-un-fund-reducing-maternal-and-neonatal-mortality-in-kyrgyzstan-with-telemedicine/ (санаи истифодабарӣ: 01.12.2025).
10. Kazakhstan Recognizes Strategic Boost in Ties with India at Central Asia–India Business Council [Электронный ресурс]. URL: https://astanatimes.com/2025/06/kazakhstan-recognizes-strategic-boost-in-ties-with-india-at-central-asia-india-business-council/ (санаи истифодабарӣ: 10.12.2025).
11. Kyrgyzstan-India Ties: Moving Towards Further Consolidation [Электронный ресурс]. URL: https://www.natstrat.org/articledetail/publications/kyrgyzstan-india-ties-moving-towards-further-consolidation-227.html (санаи истифодабарӣ: 28.12.2025).
12. Reconnecting India and Central Asia in a Changing Geopolitical Environment [Электронный ресурс]. URL: https://www.specialeurasia.com/2025/08/11/india-central-asias (санаи истифодабарӣ: 04.01.2026).
13. Tajikistan-India Relations: Areas of Future Cooperation [Электронный ресурс]. URL: https://www.natstrat.org/articledetail/publications/tajikistan-india-relations-areas-of-future-cooperation-226.html (санаи истифодабарӣ: 09.01.2026).
14. The Digital Silk Road: Technology Connecting India & Central Asia [Электронный ресурс]. URL: https://raisinahouse.org/f/the-digital-silk-road-technology-connecting-india-central-asia (санаи истифодабарӣ: 15.01.2026).
15. The EDB expands cooperation with Tajikistan in digital transformation and artificial intelligence [Электронный ресурс]. URL: https://eabr.org/en/press/news/the-edb-expands-cooperation-with-tajikistan-in-digital-transformation-and-artificial-intelligence/ (санаи истифодабарӣ: 21.01.2026).
16. The Significance of the Fourth India Central Asia Dialogue [Электронный ресурс]. URL: https://www.vifindia.org/article/2025/june/23/ (санаи истифодабарӣ: 27.01.2026).
17. Turkmen-Indian Relations: A Symbol of Cooperation, Brotherhood and Friendship [Электронный ресурс]. URL: https://www.natstrat.org/articledetail/publications/turkmen-indian-relations-a-symbol-of-cooperation-brotherhood-and-friendship-228.html (санаи истифодабарӣ: 02.02.2026).
18. Uzbekistan, India Boost Strategic Partnership in High-Level Call [Электронный ресурс]. URL: https://timesca.com/uzbek-president-mirziyoyev-holds-talks-with-indian-pm-modi-to-strengthen-bilateral-ties (санаи истифодабарӣ: 04.02.2026).
19. Визит Президента Рахмона: отношения между Индией и Таджикистаном достгиают новых высот [Электронный ресурс]. URL: https://www.vifindia.org/article/2017/january/06/president-rahmon-s-visit-india-tajikistan-relations-reach-new-heights (санаи истифодабарӣ: 05.02.2026).
20. Восстановление соединения Индии и Центральной Азии в меняющейся геополитической среде [Электронный ресурс]. URL: https://www.specialeurasia.com/2025/08/11/india-central-asia/ (санаи истифодабарӣ: 03.02.2026).

21. Двусторонние отношения между Индией и Таджикистаном [Электронный ресурс]. URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/page/bilateral-relations-and-visits/ (санаи истифодабарӣ: 28.01.2026).
22. Древним другом Узбекситаном является Индия [Электронный ресурс]. URL: https://theicaf.org/icaf/2022/03/20/an-ancient-friend-of-uzbekistan-is-india/ (санаи истифодабарӣ: 15.01.2026).
23. Киргизия [Электронный ресурс]. URL: https://dakshin.org.in/countries/details/kyrgyzsta (санаи истифодабарӣ: 20.12.2025).
24. Незасекреченный обзор отношений между Индией и Туркменистаном [Электронный ресурс]. URL: https://eoiashgabat.gov.in/bilateral-relations.php (санаи истифодабарӣ: 05.12.2025).
25. Отношения между Индией и Казахстаном: стратегический узел прочного единства и прогрессивной синергии [Электронный ресурс]. URL: https://www.indiablooms.com/news/india-kazakhstan-relations-a-strategic-nexus-of-enduring-unity-and-progressive-synergy/details (санаи истифодабарӣ: 18.11.2025).
26. Сотрудничество Узбекистана и Индии в IT-секторе: визит делегации в Бангалор [Электронный ресурс]. URL: https://it-park.uz/en/itpark/news/uzbekistan-and-india-strenghen-collaboration-in-the-it-sector-delegation-visit-to-bangalore (санаи истифодабарӣ: 01.11.2025).
27. Три десятилетия взаимодействия с Центральной Азией [Электронный ресурс]. URL: https://www.natstrat.org/articledetail/publications/three-decades-of-engaging-central-asia-177.html (санаи истифодабарӣ: 12.10.2025).
28. Туркменистан и Индия намерены развивать сотрудничество в области энергетики и высоких технологий [Электронный ресурс]. URL: https://turkmenportal.com/en/news/87294 (санаи истифодабарӣ: 30.09.2025).
29. Центральноазиатско-индийский деловой совет был прошёл [Электронный ресурс]. URL: https://www.mfa.gov.tm/en/news/5299 (санаи истифодабарӣ: 15.09.2025).
30. Чётвёртая встреча диалога «Центральная Азия — Индия» прошла в Нью-Дели — принято совместное заявление [Электронный ресурс]. URL: https://www.newscentralasia.net/2025/06/07/the-4th-meeting-of-the-central-asia-india-dialogue-took-place-in-new-delhi-joint-statement-adopted (санаи истифодабарӣ: 04.02.2026).

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА РУШДИ ШАРИКИИ РАҚАМИИ ҲИНДУСТОН ВА ОСИЁИ МАРКАЗӢ (с.1991-2025)

Мақола ба таҳлили заминаҳои таърихӣ ва таҳаввули шарикии рақамии Ҳиндустон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар давраи солҳои 1991–2025 бахшида шудааст. Муаллифон раванди гузаришро аз робитаҳои бостонии тамаддунӣ ва фарҳангии замони Шоҳроҳи абрешим ба ҳамкориҳои муосири баландтехнологӣ мавриди пажуҳиш қарор додаанд. Дар мақола марҳалаҳои асосии ташаккули равобит пас аз касби истиқлолияти ҷумҳуриҳои минтақа, аз ҷумла нақши барномаи ҳамкориҳои техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон (ITEC) дар омодасозии мутахассисони соҳаи ТИ, баррасӣ мешаванд. Диққати махсус ба стратегияи «Сиёсати пайваст бо Осиёи Марказӣ» (с. 2012) ва ташаббусҳои навтарини солҳои 2024–2025, аз қабили таъсиси Форуми шарикии рақамии Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ, дода шудааст.

Дар доираи таҳлили кишвар ба кишвар, муаллифон содироти хидматрасониҳои рақамии Қазоқистон, лоиҳаҳои телемедитсина дар Қирғизистон, таҳкими зерсохторҳои рақамии Тоҷикистон, иқтидори технологияҳои молиявӣ дар Туркманистон ва татбиқи барномаи «Ӯзбекистони рақамӣ – 2030»-ро нишон медиҳанд.

Мақола собит месозад, ки Ҳиндустон бо пешниҳоди қарорҳои муосири рақамӣ, аз қабили интерфейси пардохтҳои воҳид (UPI) ва низоми Aadhaar, ҳамчун алтернативаи стратегӣ ва шарики боэътимод дар раванди рақамисозии минтақа зуҳур мекунад. Дар фарҷом хулоса мешавад, ки «Роҳи абрешими рақамӣ» на танҳо василаи рушди иқтисодӣ, балки омили муҳимми ҳамгироии Осиёи Марказӣ ба иқтисоди рақамии ҷаҳонӣ ва таъмини суботи геополитикӣ дар шароити муосир мебошад.

Калидвожаҳо: Ҳиндустон, Осиёи Марказӣ, шарикии рақамӣ, ТИ (IT), технологияҳои молиявӣ, заминаҳои таърихӣ, стратегӣ.

ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ И РАЗВИТИЕ ЦИФРОВОГО ПАРТНЕРСТВА ИНДИИ И ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ (1991–2025 гг.)

Данная статья посвящена анализу исторических предпосылок и эволюции цифрового партнерства Индии со странами Центральной Азии в период с 1991 по 2025 годы. Авторы исследуют процесс перехода от древних цивилизационных и культурных связей времен Великого шелкового пути к современному высокотехнологичному сотрудничеству. В статье рассматриваются основные этапы формирования отношений после обретения независимости республиками региона, включая роль программы Индийского технического и экономического сотрудничества (ITEC) в подготовке ИТ -специалистов. Особое внимание уделено стратегии «Политика соединения с Центральной Азией» (2012 г.) и новейшим инициативам 2024–2025 годов, таким как создание Форума цифрового партнерства «Индия – Центральная Азия».

Рассматривая динамику отношений с каждой страной в отдельности, авторы освещают экспорт цифровых услуг Казахстана, проекты телемедицины в Кыргызстане, укрепление цифровой инфраструктуры Таджикистана, потенциал финансовых технологий в Туркменистане и реализацию программы «Цифровой Узбекистан – 2030». Статья подтверждает, что Индия, предлагая современные цифровые решения, такие как Единый платежный интерфейс (UPI) и систему Aadhaar, выступает в качестве стратегической альтернативы и надежного партнера в процессе цифровизации региона. В заключении делается вывод о том, что «Цифровой шелковый путь» является не только инструментом экономического развития, но и важным фактором интеграции Центральной Азии в глобальную цифровую экономику и обеспечения геополитической стабильности в современных условиях.

Ключевые слова: Индия, Центральная Азия, цифровое партнерство, ИТ (IT), финансовые технологии, исторические предпосылки, стратегия.

HISTORICAL BACKGROUND AND DEVELOPMENT OF THE DIGITAL PARTNERSHIP BETWEEN INDIA AND CENTRAL ASIA (1991–2025)

This article analyzes the historical background and evolution of the digital partnership between India and the countries of Central Asia from 1991 to 2025. The authors explore the transition from ancient civilizational and cultural ties of the Great Silk Road era to modern high-tech cooperation. The paper examines the key stages in the formation of relations following the independence of the region's republics, including the role of the Indian Technical and Economic Cooperation (ITEC) program in training IT professionals. Special attention is given to the "Connect Central Asia Policy" (2012) and the latest initiatives of 2024–2025, such as the establishment of the India–Central Asia Digital Partnership Forum.

By examining the dynamics of relations with each country individually, the authors highlight Kazakhstan’s export of digital services, telemedicine projects in Kyrgyzstan, the strengthening of Tajikistan’s digital infrastructure, the potential of financial technologies in Turkmenistan, and the implementation of the "Digital Uzbekistan – 2030" program. The article confirms that India, by offering modern digital solutions such as the Unified Payments Interface (UPI) and the Aadhaar system, serves as a strategic alternative and a reliable partner in the region's digitalization process. The study concludes that the "Digital Silk Road" is not only a tool for economic development but also a crucial factor in integrating Central Asia into the global digital economy and ensuring geopolitical stability in the modern era.

Keywords: India, Central Asia, digital partnership, IT, fintech, historical background, strategy.

Маълумот дар бораи муаллифон: Турсунов Турсунмурод Худоймуродович, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Почтаи электронӣ: tursunov-murod@mail.ru Телефон: +992 100 40 40 00

Музафарова Бону Холмуродовна, докторанти (PhD)-ии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға 735360 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Почтаи электронӣ: bonumuzafarzoda@gmail.com. Тел.: 550 50 03 31.

Сведения об авторах: Турсунов Турсунмурод Худоймуродович, доктор исторических наук, профессор кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: tursunov-murod@mail.ru **Телефон:** (+992) 100 40 40 00

Музафарова Бону Холмуродовна, докторант (PhD) кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. E-mail: bonumuzafarzoda@gmail.com Тел.: (+992) 550 50 03 31

Information about the authors: Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich, doctor of historical sciences, professor at the department of modern and contemporary history of foreign countries, faculty of history, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe City, Rudaki Ave., 17 E-mail: tursunov-murod@mail.ru Phone: (+992) 100 40 40 00

Muzafarova Bonu Kholmurodovna, (PhD) student at the department of history of the tajik people, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov St., 16 E-mail: bonumuzafarzoda@gmail.com Tel.: (+992) 550 50 03 31

Муқарриз: Суфиев С.Н., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 9:4(575.3):2:008
Т-54

АРЗИШҲОИ ДИНИЮ МИЛЛӢ ДАР ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК: САБАҚҲОИ ТАЪРИХӢ

Тоҷиев Э.И., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон

Бозиҳои тезутунди кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки бо истифода аз дини ислом вазъи нооромии кишвари ҷангзадаи ҳамсоя – Афғонистонро боз ҳам муташанниҷ сохта, мехоҳанд ин вазъи нооромро минбаъд ба кишварҳои Осиёи Марказӣ низ интиқол диҳанд, ҳеҷ касро бетараф монда наметавонад. Маълум аст, ки интиқоли ин вазъи нооромии сиёсӣ аз ҷониби давлатҳои абарқудрат, ки аз пайи дарёфти манфиатҳои геополитикии худ дар ҷумҳуриҳои пасошуравианд, аз тариқи ҳизбу ҳаракатҳои ғайрисуннатии сиёсӣ – динӣ сурат мегирад ва он метавонад ба амнияти миллии ин кишварҳо хатар эҷод намояд. Бештари ин ҳизбу ҳаракатҳои ғайрисуннатии сиёсӣ – динӣ ба мисли Салафияи ҷиҳодӣ, Давлати исломӣ, Бародарони мусулмон, Ҳизб – ут – таҳрир, ҷамоати Ансоруллоҳ ва ғ. аз нигоҳи идеологӣ ба идеяи космополитизми исломӣ такя менамоянд, ки дар ибтидои паҳншавии ислом араб ҳангоми истилои кишварҳои бегона аз он истифода мебурд. Мусаллам аст, ки ислом дар нимҷазираи Арабистон замоне пайдо шуд, ки ҷомеаи араб дар зинаи фурӯпошии муносибатҳои патриархалию авлодӣ қарор дошт ва нуфузи давлатҳои феодалии Руму Форс ба

ҷаҳони араб хеле зиёд буд. Дар ин давраи таърихӣ, халқи араб эҳтиёҷ ба як идеологияи ваҳдатсоз дошт, то ки тамоми қабоили арабро сарҷамъ намояд ва аз як марказ идора гардад. Дини ислом маҳз ҳамчун як идеологияи ваҳдатсозандаи араб ба вуҷуд омад. Принсипи яктопарастӣ, ки ҷавҳари таълимоти дини исломро ташкил медод, барои ташаккули давлатдории араб, муттаҳиднамоии онҳо ба ҳайси парчами идеологияи миллӣ хизмат карда, минбаъд заминаи идеологии Хилофати араб гардид. Ба таври дигар гӯем, араб аз тариқи космополитизми исломӣ хилофатро ташкил дод. Пас, дар дини ислом аз ибтидо оғоз намуда, ғояи давлатдорӣ танҳо дар заминаи умумияти динӣ ба вуҷуд омадааст. Принсипи умумияти одамон дар асоси эътиқод дар даврaҳои баъдинаи таърихи ислом низ ба араб имкон дод, ки халқҳо ва гурӯҳҳои гуногуни этникиро дар ҳудуди фарохи як империя – Хилофати араб дар асоси идеяи космополитии ислом муттаҳид созад. Аз ин рӯ миллат, умумияти этникии одамон дар ислом мақоме надорад ва ислом дини ломиллист. Аз ҳамин сабаб, шарҳу тафсири мафҳуми миллат дар ислом мухолифи воқеияти ҳастии миллатҳо дар замони муосир буда, он танҳо барои миллати араб созгор аст.

Дар сарчашмаҳои исломӣ, махсусан Қуръон, мафҳуми «миллат» - ро дучор омадан мумкин аст. Ба шаҳодати донишмандони исломӣ дар китоби муқаддаси мусулмонон – Қуръон, вожаи миллат то 15 маротиба истифода шудааст ва дар маънои равиш, роҳ, тариқ, мактабу маслак ва дин ба кор рафтааст. Яъне ин мафҳум на барои ифодаи миллият ҳамчун умумияти этникӣ, балки барои ифодаи умумияти динии одамон, яъне уммат истифода шудааст.

Дар дини ислом доир ба масъалаҳои миллӣ ғояе афзалият дорад, ки мувофиқи он «муъмин бародари муъмин аст» ва ба миллату халқиятҳои ҷудогона тақсим намудани одамон дар ислом роиҷ нест. Мувофиқи ғояҳои исломӣ агар муъминро бипурсанд, ки «дар миллати кистӣ?», бояд ҷавоб диҳад, ки «дар миллати Иброҳими Халилуллоҳ». Бо такъя ба ин ғоя донишмандони исломӣ минбаъд тамоми пайравони дини исломро «миллати Иброҳим» номидаанд.

Дар таълимоти мазкур характери космополитии ислом, яъне муроҷиати он ба халқҳои гуногун новобаста ба фарқияти нажодӣ, этникӣ, ва мансубияти синфӣ хеле равшан инъикос ёфтааст. Бинобар он дар ислом аз ибтидо ғояи тақсим кардани одамон аз рӯйи аломатҳои этникӣ вуҷуд надошт ва масъалаи миллӣ ба маънои ҳақиқиаш дар ислом мавриди баҳс қарор намегирад.

Дар робита ба масъалаи миллигароӣ ва дини ислом донишманди маъруфи эронӣ Муртазо Мутаҳҳарӣ чунин гуфтааст, ки дар ислом унсури қавмият вуҷуд надорад ва «фикри миллатпарастӣ бар хилофи усули таълимоти исломӣ аст». Барои ҳамин ҳам «ин дин ҳамеша мекӯшидааст, ки ба васоили мухталиф решаи миллатпарастӣ ва тафохуроти қавмиро аз беху бун барканад» [5, с. 29]. Албатта, наметавон ба ин ақида розӣ шуд, зеро космополитизми исломӣ, яъне баробарии одамон дар назди Худованд бидуни мансубияти миллию нажодӣ дар таърихи ислом танҳо манфиатҳои ҳукмронии ҷаҳонии арабро таъмин сохта ба васоили идеологии зулму истисмори халқҳои ғайриараб хизмат намудааст ва зиёда аз ин боиси пайдошавии низоъҳои миллӣ – мазҳабӣ дар олами ислом гаштааст.

Ислом, ки дар ибтидо зоҳиран ҳамчун дини оламватанӣ зуҳур карда буд ва дар он гӯё аслан фарқиятҳои қавму миллат ва нажодҳо ҷой надорад. Ин чунин маъно дорад, ки ислом баробарии ҳамаи қавму миллатҳоро дар назди Худованд эълон намуд, аммо чун ислом дар муҳити иҷтимоӣ – фарҳангӣ ва буҳрони сиёсии араб қомат афрохта, раванди худшиносӣ ва муттаҳидшавии қабоили арабро дар як давлати воҳид инъикос мекард, космополитизми исломӣ дар амал мазмуну муҳтавои арабгароиро касб намуд, яъне он дар асл ифодакунанда ва таъминсозандаи ҳукмронии ҷаҳонии араб (хилофат) буд, ки аз тариқи пиёда сохтани ғояи тавҳид ва такфир манфиатҳои миллатҳои ғайриараб (аҷам) – ро маҳдуд ва поймол месохт. Чунин хусусият касб кардани ислом дар фаъолияти истилогаронаи араб минбаъд боиси парокандашавии мусулмонон ва ба фирқаву равияҳо тақсимшавии онҳо низ гардид.

Албатта, пӯшида нест, ки таълимоти оламватании ислом дар таърих ва ҳам дар замони муосир, пеш аз ҳама, ба манфиати давлатдории араб равона шудааст. Ҳарчанд ғояи «муъмин бародари муъмин» ва баробарию бародарии мусулмонон дар таълимоти ислом мақоми хос

дорад, вале таҳқиру тавҳини доимии арабҳои бадавӣ ва ҷоҳил бар мардуми мутамаддин ва дорои фарҳанги баланди форсу тоҷик, дар таърих сахт вазнин ва тоқатфарсо буд. Масалан, халифа Муовия дар номае, ки ба волии Ироқ Зиёд ибни Абиқ ирсол дошта буд, гуфтааст: «Мароқиби эрониёни мусулмон бош, ҳаргиз онҳоро бо араб ҳампоя қарор мадеҳ. Араб ҳақ дорад аз онҳо зан бигирад ва онҳо ҳақ надоранд аз араб зан бигиранд, араб аз онҳо ирс бибарад ва онҳо аз араб ирс набаранд. Ҳаддалимкон ҳуқуқи онҳо камтар дода шавад, корҳои паст ба онҳо вогузор шавад. Бо будани араб ғайри араб имомати ҷамоат накунед, дар сафи аввали ҷамоат ҳозир нашаванд, марзбонӣ ва қазоватро ба онҳо во магузор» [5, с. 85].

Файласуфи тоҷик Комил Бекзода низ омилҳои норозигии аҳолии Осиёи Марказиро аз арабҳо ҷӯё шуда, менависад, ки онҳо «дар сиёсати иҷтимоии худ аз миллатҳои дигар таслим шуданро талаб мекарданд, на мусулмон буданро» [1, с. 5]. Яъне арабҳо баръакси таълимоти ислом амал менамуданд. Чунин муносибати арабҳо, яъне мақому мартабаи қавму миллатҳои дигарро ба эътибор нагирифтани онҳо, боиси норозигиҳо мегардид. Махсусан, халқи тоҷику форс, ки маҳз онҳо дини исломро пурғавоват ва муаррифии ҷаҳон намуда буданд, ба мубориза бархостанд. Ҳанӯз дар оғози асри VIII наҳзати миллӣ – озодихоҳии шуубия шуруъ ба фаъолият намуд. Ба наҳзати шуубия табақаҳои гуногуни ҷомеаи тоҷику форс шомил шуда буданд ва он ҷанбаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ ва адабӣ гирифта, гурӯҳҳои мухталифро муттаҳид сохта буд. Наҳзати шуубия ба суханони пайғамбари Худо истинод намуда, таъкид мекард, ки ифтихор ба нажод ва насаб набуда, балки ба тақво ва шарофат мебошад ва аз нигоҳи ислом ҳама мардум баробаранд, чунин далел пеш меоварданд, ки танҳо «фахри араб ба Муҳаммади арабӣ ва дини ислом аст, вагарна худи араб мардуми забун ва нодон ва ваҳшӣ ва кофар ва мунофиқ беш нестанд ва ислом муҷиб шудааст ва аҷамиён чи эронӣ ва чи румӣ ва чи ҳиндӣ ва чи туркӣ ва чи дигар шуъуб аз ҳайси қудумати тарбият ва тамаддун ва илм ва одоб мардуми бамаротиб аз араб шарифтар ва асилтар ва ба ифтихор ва нахват сазовортар ва нажоди онон ва савобиқи таърихӣ ва мафохири аҷдоди онҳо зиёдтар мебошад» [6, с. 162].

Намояндагони наҳзати шуубия бо ҳар роҳ аз ҷиҳати маданӣ бартарӣ доштани эроннажодҳоро нисбат ба арабҳо исбот мекарданд. Ҳаракати зиддиарабии халқҳои эронӣ бо таъсис ёфтани давлати муттамаркази мустақили Сомониён анҷом ёфт, ки он бо космополитизми исломӣ, ки хусусияти арабгаройӣ дошт, дар ихтилоф қарор гирифта хилофати арабро заиф сохт. Хулафои аббосӣ кӯшиш мекарданд бо истифода аз эътиқоди исломии мардуми мусулмоншуда ва дар ҳамкорӣ бо хонҳои турку руҳонияти исломии тоҷику форс ин давлатро аз байн баранд ва оқибат чунин ҳам шуд. Дар тафаккури мардум афзалият доштани мансубияти динӣ аз мансубияти миллӣ дар партави идеяи космополитии ислом оқибат барои аз байн рафтани давлатдории миллӣ ҳамчун заминаи идеологӣ хизмат кард.

Агар нақши исломро дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон саҳифагардон намоем, бояд аз 3 воқеоти муҳимми таърихи миллати тоҷик ёдовар шавем, ки дар онҳо нақши ислом ва руҳонияти исломӣ хеле равшан эҳсос мегардад.

Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров дар мақолаи худ - «О причинах возвышения и падения Саманидов» [2, с. 440-445], омилҳои фурӯпошии давлати миллии тоҷикон - Сомониёнро мавриди таҳлили амиқ қарор дода, нақлеро аз дастхати шоҳиди ҳодисаи забти Бухоро аз ҷониби Карахониён – араб Халил ас - Собӣ, ки шарқшиноси рус В.Р. Розен ҳанӯз дар охири асри XIX дастрас, тарҷума ва ба нашр расонидааст, овардааст. Халил ас - Собӣ навиштааст: «Вақте, ки лашкари хон (хони Карахонӣ - Буғрохон – Т.Э.) омад, ман дар Бухоро қарор доштам. Ва он вақт воизон ба минбарҳои масҷидҳо баромада аҳолиро ба мубориза бар зидди ғосибон даъват намуда, аз номи Сомониён мегуфтанд: «Шумо охир медонед, ки мо чи гуна бо Шумо муносибати хуб доштем? Ва акнун ба мо ки ин душман таҳдид менамояд ва шуморо низ лозим аст, кумак намоед ва аз ҷониби мо ба мубориза бархезед». Аксари сокинони Бухоро чун дигар аҳолии Мовароуннаҳр бо худ аслиҳа доштанд. Ва вақте одамон ин даъватро шуниданд ба назди фақеҳон омаданд ва дар бораи ба мубориза бархостан, фатвои онҳоро пурсиданд. Аммо фақеҳон муборизаро манъ намуда, гуфтанд: «Агар Қарахониҳо бо Сомониён аз барои дин шуда меҷангиданд, он гоҳ мубориза бо онҳо савоб мебуд. Аммо чун ҳоло байни онҳо дар талоши неъмати дунё задухурд ба амал омадааст, худро

нобуд кардани мусалмон гуноҳ аст. Тарзи ҳаёти ин одамон (яъне Қарахониён) накӯ ва эътиқоди онҳо низ бенуқсон аст ва барои ҳамин ҳам беҳтар аст аз ҳама гуна мудохила худдорӣ намоед». Ин яке аз сабабҳои асосии сарнагуншавӣ ва фирори Сомониён ва тасарруфи ҳокимият аз ҷониби Қарахониён гардид» [2, с. 444].

Аз нақли мазкур метавон чунин хулоса бардошт, ки маҳз фақеҳони исломӣ, ки таълими диниро дар маркази Хилофати араб – Бағдод гирифта буданд ва пиёдасозандаи сиёсати зиддимиллии Хилофат ва ислом ба шумор мерафтанд, яке аз омилҳои асосии фурӯпошии давлати миллии тоҷикон – Сомониён гардидаанд. Чун ба хубӣ огоҳем Хилофати араб аз ривоҷу равнақи давлати Сомониён дар ҳарос афтода, бо ҳар роҳу восита, кӯшиш мекард онро сусту заиф намояд, то Хуросону Мовароуннаҳр зери тобеияташ боқӣ монад. Албатта, омилҳои дигари сиёсӣ ва иҷтимоии барҳам хӯрдани давлати миллии Сомониён мавҷуданд, ки онҳоро касе инкор наменамояд. Аммо азбаски, нақши дини ислом дар асрҳои миёна хеле ва хеле боло рафта буд ва ислом идеологияи расмии давлат буда, дин ба сиёсат сахт мепечид, ба ақидаи мо омили динӣ, яке аз омилҳои калидии фурӯпошии давлати Сомониён маҳсуб шуда метавонад.

Воқеаи дуюм, ки дар он дини исломро душманони миллати тоҷик бар зидди манфиатҳои миллии тоҷикон хеле хуб истифода бурданд, дар давраи таъсисёбии Иттиҳоди Шуравӣ ва тақсимоти миллӣ-ҳудудии Аморати Бухоро, ки давлати миллии тоҷикон аз нав эҳё гардид ба вуқуъ омадааст. Дар вақти гузаронидани тақсимоти миллӣ – марзии Осиёи Миёна барои муайян намудани ҳайати этникии ин минтақа ба рӯйхатгирии аҳолӣ гузаронида шуд. Маҳз дар чунин лаҳзаҳои ҳассос дар масҷиду мадрасаҳо ташвиқ менамуданд, ки дар рӯйхат худро ҳатман «узбек» нависанд. Гап сари он меравад, ки дар солҳои 20 – уми асри XX, ки ҳанӯз ҳувияти миллии тоҷикон бо сабаби дар тули қариб ҳазор сол давлатдории миллиро аз даст додан, дар сатҳи паст қарор дошт, вале ҳувияти динии мардум хеле боло буд. Агар тоҷики Мовароуннаҳриро дар ин давра мепурсиданд, ки «ба кадом миллат тааллуқ дорӣ?» ӯ бе ҳеҷ дудилагӣ «Алҳамдулиллоҳ мусулмонам» гуфта ҷавоб медод. Дар ҳолати бозпурсии амиқ ҷавоб медод, ки «Мусулмони суннимазҳабам»! Дар Бухоро ва Самарқанд шумораи ками эрониён низ зиндагӣ менамуданд, ки ба мазҳаби шиа пайравӣ доштанд. Аз таърих маълум аст, ки миёни ин ду мазҳаб дар Осиёи Миёна доимо зиддиятҳо вуҷуд дошт ва ҳатто январи соли 1910 дар Бухоро ихтилофи мазҳабӣ боиси хунрезии сахт гардида ба қавли шоҳидон «он рӯзҳои фоҷеа дар он нуқтаҳои шаҳр, ки зиёда кушокушӣ ба амал омадааст, хуни одамӣ чун оби борон аз гузарҳои танг ҳаракат кардааст» [10, с. 95]. Бадхоҳонии миллати тоҷик ин омилҳоро ба назар гирифта, чунин ташвиқ мекарданд, ки ҳар ки суннимазҳаб аст, туркасл ва ҳар ки шиамазҳаб аст, эрониасл мебошад. Соли 1924 амалдорони Бухоро, чи тоҷику чи турк, ки таълимгирандагони Туркия буда, майл ба пантуркизм доштанд, ихтилофоти мазҳабии тоҷикон ва эрониёнро ба инобат гирифта ба гумоштагони худ дастур доданд, ки ҳар касе худро суннимазҳаб ҳисобад, вай узбек аст, ҳар касе худро тоҷик ҳисобад, вай шиамазҳаб аст. Дар натиҷаи чунин тарзи «муайян» кардани мансубияти миллӣ бисёр тоҷикони имрӯзаи Узбекистон худро «узбек» ҳисобиданд. Ҳамин тавр, барои муайян кардани тоҷику узбек, мутасаддиён «сунниро узбек ва шиаро форс – тоҷик нишон доданд» [4, с. 65]. Чуноне ки гуфтем, азбаски ҳувияти миллии тоҷикон ташаккул наёфта буд, онҳо нисбат ба мансубияти миллии худ бетафовутӣ зоҳир намуданд. Зеро эшон шиамазҳабиро барои худ ҳам таҳқир ва ҳам гуноҳи азим меҳисобиданд. Дар ҳамин ҳолати барои миллат тақдирсоз руҳонияти ислом ба лаб мӯҳри хомӯшӣ заданд, ҳол он ки онҳо дар байни мардум нуфузи калон доштанд. Аммо бо сабаби мансубияти диниро аз мансубияти миллӣ боло гузоштан, натавонистанд манфиатҳои миллии худро дарк намоянд. Онҳо байни миллати тоҷик ва узбек фарқияте нагузошта зери ҳамон ғояи исломии «муъмин бародари муъмин», «ҳама мусулмонем» ба масъалаи миллӣ назар карданд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки худшиносии динии тоҷикон аз худшиносии миллии онҳо хеле болотар меистад. Бо ин ва дигар омилҳои сиёсию иҷтимоӣ тоҷикон дар тақсимоти ноадолатонаи соли 1924 шаҳрҳои азиму таърихӣ ва маҳалҳои асосии тоҷикнишинро аз даст доданд.

Дар ин давра ҳамчунин бо истифода аз дини ислом гурӯҳҳои босмачӣ бо таҳрики хоҷагони хориҷиашон боз теша бар решаи манфиатҳои миллии мо заданд. Босмачиён талаву тороҷ ва ғорату ситами мардумро ба «ҷиҳоди исломӣ» нисбат дода, ҳаракатҳои худро оини мусалмонӣ мешумориданд. Лекин, солҳои охир аз босмачиён «қаҳрамонтарошиҳо» дар васоити ахбори оммаи тоҷик ба назар мерасад, ки хилофи манфиатҳои миллӣ мебошад, зеро вақте ки босмачиро «қаҳрамон» – и миллати тоҷик меҳисобем, пеш аз ҳама, номи Фузайл Махсум (қурбошии Қаротегин), Давлатмандбий (қурбошиии Ховалинг), Раҳмон-додхоҳ (қурбошии Мастчоҳ), Темур-додхоҳ, Абдураҳмон-додхоҳ (қурбошиёни водии Ҳисор) ва диг. пеши назар меоянд. Аммо бояд иқрор шуд, ки ин нафарон дар зери итоати хоҷагони туркулақайи худ бо арзишҳои арабӣ – исломӣ ба монанди «ҷиҳод алайҳи кофирҳо», «ғазо» мардҳоро ба дастаҳои худ шомил намуда, мардумони маҳалли худро, яъне ҳаммиллатони тоҷики худро рӯирост талаву тороҷ менамуданд, фаъолони сохти нави шуравиро ба қатл мерасониданд. Онҳо бо ҳар роҳ мехостанд бунёди ҷомеаи мутамаддини шуравиро бездошта, сохти фарсудаи феодалиро бо сарварии манғитҳо аз нав барқарор созанд. Ин нафарон ва босмачиҳои дигари тоҷиктабор барои ҳувият ва манфиатҳои миллии худ мубориза набурдаанд, балки ҳамчун хиёнаткор ҳувияти миллии худро фаромӯш карда, фирефтаи мафкураи бегонагон шуда, ба ташаккулёбии миллати тоҷик зарбаи моддӣ ва маънавӣ зада ҳастии давлати миллиро зери хатар гузоштанд. Беҳуда нест, ки аз ҷониби баъзе донишмандон ақидае расонаӣ гардидааст, ки яке аз омилҳои асосии аз даст рафтани Самарқанду Бухоро ба ҳаракати босмачигарӣ пайвастани тоҷикон мебошад [11]. Зеро ба ҳаракати босмачигарӣ пайвастани тоҷикон ҳукумати Маскавро тарсонида буд. Ҳарчанд ин ақида он қадар саҳеҳ нест ва боиси баҳсҳои зиёде гардид, аммо аз зарарҳои моддию маънавии босмачигарӣ бар давлату миллати тоҷик шаҳодат медиҳад.

Ва ниҳоятан, воқеаи сеюм аз таърихи миллати тоҷик, ки хеле мудҳишу фалокатбор ҷараён гирифту зиёда аз 150 ҳазор тоҷикро ба нестӣ расонид, ин ҷанги шаҳрвандии соли 1992 – 1997 мебошад. Нақши ислом ва исломгароён дар ин воқеоти хунин ба ҳар як хурду бузурги ҷомеаи тоҷик равшан аст. Дар ин бора садҳо асару мақолаҳо рӯйи чоп омадааст ва дар маҷмуъ дар ҳамаи онҳо нақши таҳрикдиҳандаи исломгароёни тоҷикро дар ин моҷарои хунин метавон пайдо кард. Исломгароёни тоҷик – ТТЭ ҲНИ ваҳдати миллиро новобаста аз эътиқоду пайравӣ ба дину мазҳабҳои гуногун, тамоман ба инобат нагирифтанд. Боз ҳувияти динии исломгароёни тоҷик аз хувияти миллии онҳо боло гирифт.

Ҳамаи ҳодисоти зикршуда, айнияти хосе доранд: аввал, ин ки ходисаҳои зикрёфта дар арсаи аз миён рафтани як сохти давлатдорӣ ва ташкил ёфтани шеваи дигари давлатдорӣ рӯй доданд. Дуввум, дар ҳама ин ҳодисаҳо аз тариқи сӯиистифода аз эътиқоди динии тоҷикон, миллати тоҷик бозичаи дасти бегонагон гардида, на арзишҳои миллии хеш, балки манфиати бегонагонро ҳимоя намуданд. Сеюм, дар ҳама ин давраҳо, тоҷиконро таҳти даъватҳои дуруғини «ҷиҳоди муқаддас барои дини ислом» ба майдони набарду сиёсат кашидаанд. Чаҳорум, ин ходисахо барои миллати мо таҳмилӣ буданд, аз хориҷ тарҳрезӣ ва маблағгузорӣ шудаанд ва зимни онҳо соддалавҳӣ, саводи қазоии дунявӣ надоштани аҳолӣ ва махсусан эътиқоди таассубомези онҳо ба дини ислом, аз ҷониби неруҳои сиёсӣ – тамаъҷӯёни дохилӣ ва хоҷагони хориҷии онҳо истифода бурда шудаанд. Ва панҷум, ин ҳодисаҳо ба таври аён нишон медиҳанд, ки худшиносии динии тоҷикон аз худшиносии миллии онҳо дар сатҳи хеле боло қарор дошта, руҳонияти исломӣ ин равандро боз ҳам такмилу тақвият мебахшанд. Онҳо зери таъсири таълимоти исломӣ на танҳо мувозинати худшиносии динӣ ва миллиро нигоҳ медоранд, балки худшиносии миллӣ ва миллигароиро пурра саркуб карданӣ мешаванд, ки ин боиси нигаронист.

Албатта, дар замони муосир, ки таҳдидҳои гуногун ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, гурӯҳҳои зиёди иҷтимоӣ ба ҳам муқобил гузоштани худшиносии динӣ ва худшиносии миллиро қабул надоранд. Аммо ҳадди ақал нигоҳ доштани мувозинати ҳувияти миллӣ ва динӣ дар байни наврасону ҷавонон ба манфиати ҷомеа ва миллати тоҷик хоҳад буд.

Барои боло бурдани худшиносии миллии тоҷикон зиёиёни мамлакат нақши муҳим доранд. Аммо баъзе аз онҳо низ дар ин раванд то ҷое мақоми бетарафиро пеш гирифтаанд ва гузашта аз ин нақши арзишҳои динӣ ва миллиро дар низоми давлатдории миллӣ то имрӯз дуруст дарк накардаанд. Вақте зиёии кишвар ҳувияти диниро аз ҳувияти миллӣ боло мегузорад, чи расад ба қишрҳои дигари ҷомеа, ки сарчашмаи иттилооту ҷаҳонбинии онҳо асосан масҷиду маъвизаҳо ва шабакаҳои иҷтимоие мебошанд, ки вазифаашон дар бисёр маврид даъват ба ҷиҳоду исломгароии сиёсию таассуби динӣ мебошад?

Пӯшида нест, ки дар замони муосир дар ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он, баъзе қуввaҳои сиёсӣ талош доранд мақсаду ҳадафҳои сиёсии худро зери пардаи арзишҳои динӣ амалӣ созанд. Онҳо арзишҳои миллиро бо ақоиди динӣ – мазҳабӣ махлут намуда, ҳатто динро аз миллат боло гузошта, падидаҳои бо дин омезишёфтаро ҳувияти миллӣ муаррифӣ карданианд. Аммо чуноне, ки дар боло ишора рафт, ислом дар бунёди худ дини ломиллист. Оё роҳбарони ТТЭ ҲНИ, ки аз арзишҳои исломӣ ва миллӣ бисёр лоф мезананд, аз таълимоти ислом оид ба ин масъала огоҳӣ доранд? Ҳанӯз дар сархати Оинномаи ин ҳизби мамнуъ, дар асоси ақидаи исломӣ бунёд гаштани он таъкид ёфта буд. Ақидаи исломӣ бошад, миллатро инкор менамояд, пас дар андешаи ТТЭ ҲНИ низ миллат (миллати тоҷик) ҷой надорад! Ҳастӣ ва чеҳраи миллатро (давлати миллиро) арзишҳои миллӣ таҷассум менамоянд, на динӣ. Пас, ТТЭ ҲНИ-ро метавон чун қуввaи сиёсие шинохт, ки ба хотири манфиатҳои гурӯҳӣ, манфиатҳои миллиро пушти пой мезанад ва гузашта аз ин вақте умумияти динӣ ва умматро аз мансубияти миллӣ боло мегузорад, метавонад аз ҷониби доираи манфиатҷӯёни ифротгарои хориҷӣ васеъ истифода бурда шавад.

Бархурди манфиатҳои динӣ ва миллиро дар баҳсҳои сарҳадии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, ки ҳамакнун ҳалли худро ёфтааст, шоҳид будем. Иддае бар ин ақида пойбанд буданд, ки новобаста аз ғасби заминҳои Тоҷикистон дар даврони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ аз ҷониби кишвари ҳамсоя, мо бояд бо онҳо дӯсту бародар бошем, зеро онҳо мусулмони суннимазҳабанд. Замин наметавонад, боис ба баҳси муъмин бо муъмин гардад. Ва гузашта аз ин, замин моликияти Аллоҳ аст, нашояд мусулмонон аз барои он хилоф варзанд.

Ҳамин тавр, ташаккулёбии миллат ҳодисаи иҷтимоию таърихӣ буда, ҳеҷ гоҳ умумияти динӣ пайдоиш ва ташаккули миллатро муайян намекунад. Миллатҳои мухталифе ҳастанд, ки пайрави дини ягонаанд ва баръакс миллати алоҳидае арзи ҳастӣ дорад, ки намояндагонаш пайрави динҳои мухталиф ва мазҳабҳои гуногунанд. Барои ҳамин ҳам динро аломати асосии миллат шуморидан хатост. Миллат аз дин муқаддамтар буда, дар замони муосир андешаҳои миллигароӣ беш аз пеш нуфӯз меёбад. Ғояи миллигароӣ, ки умумияти таърихии миллатро ба сифати шакли волотарини умумият эътироф дорад ва асоси давлатдориро дар ваҳдати миллӣ мебинад, бо космополитизми исломӣ тавъам нест. Агар аломатҳои асосии миллат – умумияти ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ, забонӣ, ҳудудӣ, сиёсӣ - давлатӣ бошад, умумияти динӣ дар ин росто нақши дуюмдараҷа мебозад [9, с. 116].

Адабиёт:

1. Бекзода, К. Шуубия чист ва шуубиён кистанд? / К. Бекзода // Чашмандоз. — 2001. — № 23. — С. 12–15.
2. Гафуров, Б.Г. О причинах возвышения и падения Саманидов / Б.Г. Гафуров // Избранные труды / Б.Г. Гафуров. — Москва: Наука, 1985. — С. 121–143.
3. Ятимов, С. О политической идеологии / С. Ятимов. — Душанбе: Ганҷ, 2014. — 184 с.
4. Дарси хештаншиносӣ: маҷмӯи мақолаҳо. Дафтари якум. — Душанбе: Ирфон, 1989. — 192 с.
5. Мутаҳҳарӣ, М. Хадамоти мутақобили ислом ва Эрон / М. Мутаҳҳарӣ. — Душанбе: Ал-Ҳудо, 1999. — 432 с.
6. Назаров, Ҳ. Нақши эрониён – тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон / Ҳ. Назаров. — Душанбе: Ирфон, 2005. — 288 с.

7. Нурулҳақов, Қ. Ислом ва муносибатҳои миллӣ / Қ. Нурулҳақов. — Душанбе: Дониш, 1987. — 156 с.

8. Сатторзода, А. Дар бораи таносуби худшиносии динӣ ва миллӣ дар ҷомеаи тоҷик / А. Сатторзода // Истиқрори боварӣ миёни исломиён ва дунявигароён – таҷрибаи тоҷикон. — Душанбе, 2004. — С. 75–89.

9. Степанянц, М.Т. Мусульманские концепции в философии и политике XIX–XX вв. / М.Т. Степанянц. — Москва: Наука, 1982. — 248 с.

10. Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри XIX то соли 1924) / Н. Ҳотамов. — Душанбе: Эҷод, 2001. — 280 с.

11. Таҳлилгарони эронӣ дар бораи омилҳои фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ [Захираи электронӣ]. — URL: http://www.ozodi.org/content/iranian-analysts-about--factors-of-soviet-union-collapse/26621416.html (санаи мурочиат: 14.08.2026).

АРЗИШҲОИ ДИНИЮ МИЛЛӢ ДАР ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК: САБАҚҲОИ ТАЪРИХӢ

Мақола ба баррасии таносуби худшиносии миллӣ ва эътиқоди динӣ дар раванди ташаккули давлатдорӣ ва амнияти миллии тоҷикон бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили таърихӣ ва сиёсӣ кӯшидааст, моҳияти идеологияи «космополитизми исломӣ»-ро кушода диҳад, ки чӣ тавр он дар таърих бештар ба манфиати арабгарой ва давлатдории бегонагон хизмат кардааст.

Дар асоси се марҳилаи муҳимми таърихӣ — фурӯпошии давлати Сомониён, тақсимоти миллию ҳудудии солҳои 20-уми асри XX (ҳамроҳ бо ҳаракати босмачигарӣ) ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 дар Тоҷикистон — нишон дода мешавад, ки чӣ тавр сӯиистифода аз эътиқоди динӣ ва боло гузоштани ҳувияти динӣ аз ҳувияти миллӣ боиси заиф гаштани давлатдорӣ ва фоҷеаҳои миллӣ гардидааст.

Дар мақола зарурати нигоҳ доштани мувозинати идеологӣ, боло бурдани худшиносии миллӣ ва пешгирии таассуби динӣ барои таъмини субот ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад.

Калидвожаҳо: арзишҳои миллӣ, худшиносии динӣ, космополитизми исломӣ, давлати Сомониён, тақсимоти миллию ҳудудӣ, ҳаракати босмачигарӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, амнияти миллӣ, исломгароии сиёсӣ.

РЕЛИГИОЗНЫЕ И НАЦИОНАЛЬНЫЕ ЦЕННОСТИ В ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА: ИСТОРИЧЕСКИЕ УРОКИ

Статья посвящена рассмотрению соотношения национального самосознания и религиозной веры в процессе формирования государственности и обеспечения национальной безопасности таджиков. Используя методы исторического и политического анализа, автор раскрывает суть идеологии «исламского космополитизма», демонстрируя, как в истории она в большей степени служила интересам панарабизма и иностранной государственности.

На основе трех ключевых исторических этапов — падения государства Саманидов, национально-территориального размежевания 1920-х годов (включая басмаческое движение) и гражданской войны 1992–1997 годов в Таджикистане — показано, как злоупотребление религиозными чувствами и преобладание религиозной идентичности над национальной привели к ослаблению государственности и национальным трагедиям.

В статье обосновывается необходимость сохранения идеологического баланса, повышения национального самосознания и предупреждения религиозного фанатизма для обеспечения стабильности и национальной безопасности Республики Таджикистан.

Ключевые слова: национальные ценности, религиозное самосознание, исламский космополитизм, государство Саманидов, национально-территориальное размежевание, басмаческое движение, гражданская война, национальная безопасность, политический исламизм.

RELIGIOUS AND NATIONAL VALUES IN THE HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE: HISTORICAL LESSONS

The article is devoted to examining the correlation between national self-consciousness and religious faith in the process of statehood formation and national security of Tajiks. Utilizing historical and political analysis methods, the author reveals the essence of the ideology of «Islamic cosmopolitanism», demonstrating how historically it primarily served the interests of Pan-Arabism and foreign statehood.

Based on three crucial historical stages — the collapse of the Samanid state, the national-territorial delimitation of the 1920s (along with the Basmachi movement), and the 1992–1997 civil war in Tajikistan — the paper demonstrates how the abuse of religious beliefs and placing religious identity above national identity led to the weakening of statehood and national tragedies.

The article substantiates the necessity of maintaining an ideological balance, enhancing national self-consciousness, and preventing religious fanaticism to ensure the stability and national security of the Republic of Tajikistan.

Keywords: national values, religious self-consciousness, Islamic cosmopolitanism, Samanid state, national-territorial delimitation, Basmachi movement, civil war, national security, political Islamism.

Маълумот дар бораи муаллиф: Тоҷиев Эркинҷон Иҳромович, номзади илмҳои таърих, дотсенти Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Суроға: 735360, Љумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Исмоили Сомонӣ - 24, хонаи 24. Тел.: 904-18-18-68

Сведения об авторе: Тоджиев Эркинджон Ихромович, кандидат исторических наук, доцент Университета инноваций и цифровых технологий Таджикистана. Адрес**:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Исмоили Сомони - 24, квартира 24. Тел.: (+992) 904-18-18-68

Information about the author: Tojiev Erkinjon Ikhromovich, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor at the University of Innovation and Digital Technologies of Tajikistan. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Ismoili Somoni street - 24, apartment 24. Tel.: (+992) 904-18-18-68

Муқарриз: Суфиев С.Н., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:930+37+908(075,8)
С-33

ТАМОЮЛОТИ НАВИН ДАР ЗИНДАГИИ ИҶТИМОИИ ТОҶИКОНИ АФҒОНИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1919-1929

Сафаров Х.Х., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Даврони хосси таърихии замони муосир (солҳои 1919-1929) давраи ниҳоят муҳим дар сарнавишти таърихии умуми тоҷикон, минҷумла тоҷикони Хуросони таърихӣ (Афғонистони кунунӣ), будааст. Таҳти таъсири омилҳо ва падидаҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тамоюлоти равобити минтақавӣ ва байналмилалӣ дар ҷомеаи суннатии тоҷикон ва равобиту пайвандҳои бахшҳои умдаи он тоҷикони Мовароуннаҳр ва тоҷикони Хуросони таърихӣ тағйирот ва таҳаввулоти амиқ ва ҳатто бунёдӣ рӯнамо гардиданд. Дар ин амр бахусус эҳёи истиқлоли Афғонистон ва марзбандии милливу ҳудудии Осиёи Миёна дар соли 1924 нақши хос доштанд [1, с. 45-48].

Тоҷикон ворисони таърихии ориёиҳои марказӣ, муддати тулонӣ дар маҳд (ареал)-и собит ва хоси ҷуғрофӣ-таърихӣ, ҷуғрофӣ-этникӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ - Ориёнои бостонӣ ва Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои миёнаву замони муосир ва Осиёи Марказии қарнҳои XIX-XX чун мардумони бумӣ ва соҳибтамаддун ҳастии таърихии худро таъмин намудаанд. Ва имрӯз низ аз сернуфустарин халқҳои ин минтақаи бузурги таърихии ҷаҳон мебошанд.

Тоҷикон қадимтарин мардуми бумии хиттаи Афғонистонанд, ки он қисми муҳим ва тақрибан азими Хуросони таърихист. [2, с. 116-117].

Хуросон ҳамчун минтақаи хоси ҷуғрофӣ-таърихӣ пешниҳод шудааст. Ин сарзамин дар асрҳои III- IV вилояти бузург ва нисбатан собити таърихӣ-ҷуғрофӣ буд, ки марзи шарқии он кӯҳҳои Сулаймон ва кӯҳпояҳои Помири Шарқӣ, марзи ҷанубии он дашти Балуҷистон, марзи ғарбӣ-даштҳои Кавир ва Лут ва марзи шимолии он рӯди Ому шинохта шудаанд. Дар иддае аз осори таърихӣ қисмати шимоли Бадахшон (яъне шимоли рӯди Панҷ), Хатлон ва вилоятҳои дигар то силсилакӯҳҳои Ҳисор ва ҳатто Хоразм ҷузъи Хуросон муаррифӣ шудаанд, Хуросони бузург фарогири Мовароуннаҳр ва баъзе манотиқи ҳаммарз буд.

Қисман мухолифи хамии Хуросон ҳамчун минтақаи хоси ҷуғрофӣ-таърихӣ пешниҳод шудаанд. Баррасии наққодонаи онҳо ва маъхазҳо баёнгари он аст, ки Хуросон (Хварасон аз лафзи ориёии хвар - хуршед, ас-омадан, яъне «офтоббаро», кишвари домони хуршед, кишвари тулуи офтоб) унвон дошт. Махсусан даврони хоси таърихии Афғонистони муосир солҳои 1919-1929 давраи ниҳоят муҳим дар сарнавишти таърихии тоҷикон, аз ҷумла тоҷикони Хуросони таърихӣ будааст.

Амонуллохон даҳумин амири Афғонистон буд, ки аз 28-феврали 1919 то соли 1926 ҳукумат дошт. Баъд аз ӯ амири кишвар Насруллоҳхон буд, ӯ аз соли 1926 то 14-уми январи соли 1929 шоҳи Афғонистон маҳсуб меёфт. Амонуллохон 1-уми июни соли 1892 дар Музофоти Пағмон таваллуд шуда, 25-апрели соли 1960 дар синни 68-солагӣ дунёи фониро дар шаҳри Сюрихи Шведсария падруд гуфтааст. Ҷасади ӯро дар шаҳри Ҷалолободи музофоти Нангарҳори Афғонистон ба хок супурданд. [2,с.113-114].

Амонуллохон, ки худаш паштутабор буд, бевосита ба қавлу қабилаи пашту такя мекард. Соли 1925 дар минтақаи Хуст шӯриши халқи сар зад, ки ҳукумати Амонуллохон онро ба зуди пахш кард. Азбаски, дар ин минтақа асосан тоҷикону узбекон умр ба сар мебурданд, андозҳои миёншикани навро ҷорӣ намуд. Усули нави муҳоҷироти паштунҳоро ба ҳудудҳои тоҷикнишин, аз ҷумла ба шимоли кишвар ба роҳ монд. Ин амалҳо қаҳру ғазаби тоҷиконро ба миён оварда. Ин буд, ки соли 1927 дар минтақаи Кӯҳистон дастаҳои низомию мусаллаҳи тоҷиктаборе бо номи Бачаи Саққо ё Ҳабибуллоҳи калаконӣ зуҳур кард.

Баъди Ҷанги аввали ҷаҳон буҳрони сиёсӣ дар Афғонистон шиддат ёфт. Шаби 19 ба 20 феврали соли 1919 амир Ҳабибуллоҳхон дар хаймаи шикорӣ дар маҳалли Калагӯш (воқеъ дар вилояти кунунии Лағмон) дар натиҷаи сӯйиқасд ба ҳалокат расид. Рӯзи 20 феврал бародари амир ноибуссалтана Насруллоҳхон амир эълон шуд ва дарбориёну ашрофи ҳамроҳи амир дар Самти Машриқӣ ба ӯ байъат намуданд. Вале рӯзи баъд 21 феврал шоҳзода Амонуллоҳхон, ки дар Кобул вакили салтанати падар буд, дар ҷамъи ашроф ва афроди пойтахт расман амир эълон шуд [3, с. 106-111].

Дар кишвар амалан дуҳокимиятӣ ҳукмрон гардид. Муқовимати сиёсӣ то оғози моҳи март идома ёфт ва бо пирӯзии Амонуллоҳхон ба анҷом расид. Омили муҳимтарини ғалабаи Амонуллоҳхон мавқеи қотеъ ва возеҳи ӯ дар масъалаи эҳёи истиқлоли Афғонистон буд, ки ҳанӯз рӯзҳои 21-22 феврали соли 1919 равшан эълон гардида буд ва дар эъломияи таърихии амири ҷавон аз 28 феврали соли 1919 инъикоси возеҳ ва равшан дошт. Дар ин эъломия, ки дар саросари кишвар паҳн гардид, зикр гардида буд: «..Ман аҳд бастам, ки боистӣ давлати Афғонистон монанди соири қудратҳои мустақили ҷаҳон дар дохилу хориҷи кишвар озод ва мустақил бошад. Миллати Афғонистон дар дохили кишвар озодии комил дошта ва аз ҳар гуна таҷовузу зулме маҳфуз ва мардум фақат мутеи қонун бошанду бас. Ҳукумати мо дар Афғонистон ислоҳоте хоҳад намуд, ки миллат ва мамлакати мо битавонанд дар байни милали мутамаддини ҷаҳон ҷои муносиби мақоми худро ҳосил намоянд» [4, с. 44-48].

Гоми нахустини амири ҷавон таъсиси ҳукумат бо номи «ҳайати нозирон» буд, дар таркиби он намояндагони ашрофи суннатӣ (қабл аз ҳама, ашрофи муҳаммадзоӣ) ва афроди саршиносу соҳибнуфӯзи ҷунбиши ҷавонафғонӣ (ё машрутахоҳӣ) дохил буданд. Намояндагони барҷастаи машрутахоҳон дар давлат, Маҳмуди Тарзӣ ва Муҳаммадвалихон буданд. Бояд таъкид кард, ки дар низоми сиёсӣ ва идории Афғонистон нақши тоҷикон нисбатан боло рафт. Масалан, Муҳаммадвалихон дар оғоз раиси ҳайати фавқулодаи давлат бо ихтиёроти васеъ таъйин шуд ва баъдан вазири корҳои хориҷӣ ва вазири дифоъ гардид. Муҳимтар аз он, Муҳаммадвалихон аз ҳамсафони наздиктарин ва бонуфузтарини амир Амонуллоҳхон дар солҳои 1919-1924 буд [5, с. 67-70].

Дар идороти марказӣ як идда афроди фаъол ва саршиноси тоҷик ба мақомҳои муҳим расиданд. Баъзе аз ин зумра афрод ба мақоми волиёни вилоёт ва бахусус мақомоти роҳбарии ниҳодҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таъйин гардиданд.

Ҳукумати навтаъсис фавран ба иҷрои ниёзи асоситарини кишвар ва мардум эҳёи истиқлоли Афғонистон даст зад. 3 марти соли 1919 амир Амонуллоҳхон унвонии ноибуссалтанаи Ҳинди Британиёвӣ лорд Чэлмсфорд паёми расмӣ фиристод ва зарурати барқарории равобити баробарҳуқуқро таъкид намуд. Ҳукумат мунтазири посух нашуда сиёсати мустақили хориҷиро пеш гирифт. Дар апрели соли 1919 амир Амонуллоҳхон ду нома (аз 7 ва 20 апрели соли 1919) ба унвонии раҳбари Руссияи Шуравӣ В.И. Ленин фиристода, эҳёи истиқлоли Афғонистонро эълон намуд ва изҳор дошт ҳайати хос ва ё сафорати хос ҷиҳати барқарории равобит ба Маскав эъзом менамояд.

Ҳамзамон, Афғонистон бо Аморати Бухоро равобити сиёсӣ барқарор намуд ва ҷонибдори таҳкими мустақилияти Бухоро буд. Вале эҳёи истиқлоли Афғонистон дар шароити ниҳоят печидаи минтақавӣ ва байналмилалӣ ҷараён дошт. Британиёи Кабир, ки аз Ҷанги аввали ҷаҳон чун кишвари фотеҳ бадар омада буд, дар садади таҳкими мавқеи худ дар Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқи исломӣ гардид ва албатта бо эҳёи истиқлоли Афғонистон мухолиф буд. Ва табиист, ки ин мавқеъ дар номаи ҷавобии лорд Чэлмсфорд бо ибороти зарурӣ ва ҳилаваронаи дипломатӣ инъикос дошт. Ҳамзамон, Руссияи Шуравӣ, ки дар муқовимати сиёсӣ бо Ғарб ва бахусус Британиё қарор дошт, ба равобити наздик бо кишварҳои шарқӣ (минҷумла Афғонистон) алоқаманд буд ва Афғонистон метавонист аз зиддияти онҳо ба нафъи худ истифода намояд. Вале Руссияи Шуравӣ барои ҳифзи қудрат ва нуфузи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Бухоро талош дошт, дар ҳоле, ки Афғонистон ҷонибдори истиқлоли Бухоро ва Хева буд.

Бояд таъкид кард, ки амир Амонуллоҳхон ва ҳамкорони наздиктарини ӯ Маҳмуди Тарзӣ ва Муҳаммадвалихон шинохт ва огоҳии зарурӣ аз равандҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ нишон доданд ва ба хотири ҳадафи аслӣ истиқлол аз василаҳои гуногун истифода намуданд. Давлат дар баробари фишор ва таҳдиди Британиё ақибнишинӣ накард, балки ҷасурона барои муқовимат омода шуд. Ва чун 3 майи соли 1919 ҷанги нав ҷанги севвуми англису афғон оғоз шуд, давлат тамоми неруҳои дохилиро ба муқовимату поймардӣ сафарбар намуд ва ҳамзамон дар минтақаи қабоилнишини Ҳинди Британиёвӣ таблиғоти зиддианглисиро вусъат дод [5, с. 176-179].

Бо он ки ин бор амалиёти ҷангӣ дар манотиқи сарҳадии Афғонистон маҳдуд монд, фарзандони тамоми қавмияту гурӯҳҳои этникӣ, қабл аз ҳама, тоҷикон, дар ин пайкори муқаддас ва саросарии миллӣ фидокорона мубориза бурданд. Ин имкон дод, ки аз пешравии таҷовузгарони англис ҷилавгирӣ шавад ва онон ба ҳадафҳои худ ноил нагарданд. Дар ин амр нақши сиёсати фаъол ва санҷидаи хориҷӣ бузург буд, ки дар коркард ва татбиқи он Муҳаммадвалихон саҳми шоиста ва арзишманд дошт.

Ӯ раҳбари сафорати фавқулодаи сиёсӣ таъйин гардид. Вазифаи асосии ин сафорат шиносондани Афғонистони мустақил ба давлатҳои бузург ва таъмини мақоми байналмилалии он буд. Ин амр хеле сангин буд. Ва сифатҳои зиёди сиёсӣ ва инсонӣ аз қабили огоҳӣ, мавқеъшиносӣ, ҳушмандӣ, таҳаррук, пайгирӣ, фарҳанги волои сиёсӣ ва инсониро тақозо дошт. Ва Муҳаммадвалихон дар ҷараёни иҷрои ин вазифаи сангин худро

ҳамчун шахсияти огоҳ, усулӣ, ҳадафманд, пайгир, фаъол ва дорои сифатҳои баланди дипломатӣ нишон дод.

3 июни соли 1919 байни тарафайн оташбас эълон шуд ва баъди музокироти нисбатан тулонӣ аҳдномаи пешакии сулҳ имзо гардид, ки нуқтаи муҳимтарини он эътирофи расмии истиқлоли Афғонистон аз ҷониби давлати Британиё буд. Рӯзи имзои ин аҳднома 19 (29)-август то кунун ҷашни миллии кишвар ҷашни истирдоди истиқлоли Афғонистон мебошад. Албатта, то таъмини комили ҳуқуқӣ-сиёсии истиқлол, роҳи тулонӣ ва сангин буд, ки бори асосии он ба дӯши масъулони сиёсати хориҷӣ Маҳмуди Тарзӣ ва Муҳаммадвалихон афтод. Бо огоҳӣ, тадбир ва иқдомоти дурандешонаи онон давлати нав аз рақобату рӯёрӯйии ду давлати бузург ва хатарзо барои Афғонистон Британиё ва Руссияи Шуравӣ ва ҳамбастагиву хайрхоҳии неруҳои милливу озодихоҳии минтақа ба нафъи таъмини истиқлоли кишвар фаъолона истифода намуд ва соли 1921 бо ин ду кишвар аҳдномаҳо имзо кард ва субъекти мустақили равобити байналмилалӣ гардид [14, с. 201-204].

Амир Амонуллоҳхон ва ҳамсафони наздиктарини ӯ хуб медонистанд, ки нигаҳдорӣ ва таҳкими истиқлоли Афғонистон бидуни пешрафт ва сохторҳои неруманди имрӯзӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, баъди таъмини расмии истиқлол ба силсилаи ислоҳот ва дигаргуниҳои муҳимми таърихӣ даст зад.

Самти муҳимтарини барномаи ислоҳот коркард ва татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ буд. Меҳвари онро ислоҳоти низоми андоз (молиёт) ташкил медод. Иқдомоти муҳимтарин дар ин арса, ҷорӣ намудани андоз (молиёт)-и ягона аз кишоварзон (дар шакли нақдӣ), андозбандии мушаххас ва аниқи молдорон (ки тибқи он андоз аз ҳар сар мол ба андозаи муайян дар шакли нақдӣ гирифта мешуд), таъсиси низоми имрӯзии молиявӣ, бунёди шабакаҳои навини обёрӣ, ҷорӣ намудани парвариши маҳсулоти бозоргир ва навини техникӣ, таъсиси ширкатҳо, муассисоти саноатӣ ва истеҳсолӣ ва ғайра буданд. Гоми муҳимтарин ва амиқтарин дар ин арса қонунӣ сохтани ҳаққи моликияти хусусӣ ба замин буд: дар натиҷаи он раванди ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар деҳот суръат гирифт, пешаварӣ ба бозор пайванди ҷиддӣ пайдо намуд ва ҷудоии иҷтимоии кишвар амиқтар гардид. Дар маҷмуъ, ислоҳоти иқтисодӣ (бахусус, молиявӣ) дар таҳаввули таърихӣ ва иҷтимоии Афғонистон нақши амиқ ва ҷиддӣ дошт.

Рукни муҳимми барномаи ислоҳот ин, ислоҳоти сиёсию идорӣ буд. Иқдоми муҳимтарин дар ин самт таъсиси идораи марказии типи асрӣ буд, тавре ки зикр шуд, ин идора ҳанӯз дар оғози аморати амир Амонуллоҳхон бо номи «ҳайати нозирон» таъсис шуд, вале ба зудӣ ҳайати вазирон ном гирифт ва бо кабинети вазирони муосир шабоҳати нисбӣ дошт. Бо он ки ин идора дорои сарвари расмӣ буд (ва ин мақомро то соли 1928 намояндаи ашрофи суннатӣ сардор Абдулқуддусхон ба дӯш дошт), сарвари амалии он амир Амонуллоҳхон буд.

Вазифаҳои асосии вазоратҳо ва идороти марказӣ, ҳамчунин сохторҳои дохилии онҳо дар санади хоси қонунӣ «Низомномаи ташкилоти асосияи Афғонистон» муайян гардида буданд. Сохтори идораи маҳаллӣ (мулкӣ) низ такмил ёфт, вазоифи мақомоти ин идора муайян ва мушаххас гардиданд. Давлат ҳамчунин дар амри тарбияи кормандони давлатӣ ва идорӣ, боло бурдани сатҳи интизоми хидматӣ, таъсиси муассисоти таълимӣ барои омӯзиши кормандони давлатӣ ва идорӣ ва ғайра талоши фаъол намуд. Дар натиҷа, дар солҳои 1919-1923 бунёди низоми муосири сиёсию идорӣ гузошта шуд [6, с. 121-125].

Самти дигари муҳимми ислоҳот ислоҳоти ҳуқуқӣ буд. Давлат ба навсозии тадриҷии низоми додгоҳӣ, ки таърихан бар усули ислом муттақо буд ва аслан таҳти назорат ва раҳбарии гурӯҳҳои бонуфузи руҳониён қарор дошт, таваҷҷуҳи бештар намуд. Дар соли 1921 «Низомномаи ҷазои умумӣ» ва баъдан чандин низомномаи ҳуқуқӣ ва санадҳои қонунӣ қабул шуданд, ки тибқи онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ-юридикии муосир (бахусус дар бахши ҷиноят ва аъмоли зиддиқонунӣ) татбиқ шуданд ва асоси низоми навини ҳуқуқӣ гузошта шуд. Ҳамзамон, бо дарназардошти мақоми устувори меъёрҳои шариат ва фиқҳи исломӣ ва нуфузи бузурги руҳониён давлат дар ин арса бисёр меъёрҳои диниро ҳифз намуд (аз ҷумла, дар

сатҳи поинӣ ва миёнаи низоми додгоҳӣ ва юридикӣ дар маҷмуъ) ва созгории меъёрҳои навини ҳуқуқиро бо усул ва арзишҳои исломӣ пайваста таъкид мекард.

Давлати амонӣ ба ислоҳи низоми маориф ҷиддан даст зад, таҳсили ибтидоӣ ҳатмӣ эълон гардид. Дар муддати кӯтоҳ дар саросари кишвар (бахусус шаҳрҳо) даҳҳо мактабҳои шакли нав таъсис шуданд. Дар соли 1923 бо кумаки мутахассисони хориҷӣ ду литсе (лиса)-и нав «Амонӣ» ва «Амония» таъсис шуданд. Лисаи «Амония» бо мусоидати мутахассисони фаронсавӣ бунёд шуд ва барномаи он бо барномаҳои лисаҳои Фаронса шабоҳат дошт. Ин лиса боист маъмурини ояндаро тарбия менамуд.

Дар он ҳамдӯш бо муаллимони афғон мутахассисони фаронсавӣ машғули тадрису фаъолият буданд. Лисаи «Амонӣ», ки тибқи барномаҳои олмонӣ ва бо ҳамкории муаллимону мутахассисони Олмон фаъолият дошт, равиши техникӣ-иқтисодӣ дошт. Давлат ба таъсиси мактабҳои ихтисосӣ (низоми полис, кишоварзӣ, молиявӣ ва ғайра) таваҷҷӯҳи хос дошт. Иқдоми муҳим дар ин арса таъсиси нахустин мактаб барои духтарон мактаби «Мастурот» буд. Ҷавонон бо мусодат ва ташвиқи давлат барои таҳсил ба кишварҳои хориҷӣ Туркия, Олмон, Фаронса, Иттиҳоди Шуравӣ фиристода шуданд. Ҳамзамон, низоми таҳсили суннатӣ таҳаввули нисбӣ ёфт ва мактабҳои хонагӣ таъсис шуданд. Дар натиҷаи ин ислоҳот бунёди низоми навини маориф гузошта шуд, ки дар таҳаввули умумии баъдӣ нақши муҳим ва ҳатто таърихӣ дошт.

Давлат ба навсозии арсаҳои ахбору иттилоот ва фарҳанг таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд. Иқдоми муҳимтарин дар ин арса таъсиси теъдоди нисбатан зиёди нашрияҳои умумӣ, ихтисосӣ ва баъдан, хусусӣ буд. Нашрияи муҳимтарини ин давра нашрияи расмии «Амони афғон» буд, ки тадриҷан ҳайсияти рӯзнома (яъне нашрияи ҳаррӯза)-ро касб кард [14, с. 95-96].

Падидаи муҳимми ин давра таъсис ва фаъолияти нашрияҳои маҳаллӣ (вилоятӣ) ва бахусус бунёдгузории нахустин нашрияи хусусӣ дар таърихи Афғонистон ҷаридаи «Анис» маҳсуб мешавад, муассис ва сардабири ин нашрия рӯзноманигор ва шахсияти фарҳангии маъруф Ғуломмуҳайиддини Анис буд. Интишори китоб ва осори дигар васеъ гардид. Василаҳои навини иттилоот телеграф, телефон, почта, радио ва ғайра инкишофи чашмгир ёфтанд.

Самти муҳимми сиёсати ислоҳот ва дигаргуниҳо татбиқи иқдомоти иҷтимоӣ ва иҷтимоиву маишӣ таъсиси низоми тандурустӣ (қабл аз ҳама, бунёди шифогоҳҳо), ташкили муассисоти навини иҷтимоӣ-ятимхонаҳо, муассисаҳои хайрия ва ғайра, ҷорӣ намудани стандартҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ-маишии муосир либос, рафтор, одоби муошират ва ғайра буданд. Рукни муҳимми ин ислоҳот иқдомоти таърихӣ ба манзури боло бурдани мақоми иҷтимоии занону духтарон буд.

Бад-ин манзур дар соли 1922 нашрияи хос барои занон «Иршоду-н-нисвон» («Роҳнамои занон») ва каме дертар «Анҷумани нисвон» таъсис гардиданд.

Дар татбиқи ин ислоҳот малика Сурайё (ки лақаби расмии «шоҳхонум» дошт) ва модари амир Сирочу-л-хотун (машҳур ба Улиёҳазрат) нақши муассир ва аслан раҳбарӣ доштанд.

Баёнгари томи тамоюлоти асосии таҳаввули ҷомеаи суннатии Афғонистон, Конститутсия «Қонуни асосӣ»-и нахустини Афғонистон «Низомномаи асосии давлати алияи Афғонистон» буд, ки дар Луя Ҷиргаи Самти Машриқӣ (1923) қабул гардид ва дар Луя Ҷиргаи умумӣ (Кобул, 1924) тасдиқи ниҳоӣ ёфт. Дар он истиқлол ва ҳокимияти миллӣ ҳайсияти олӣ конститутсионӣ касб кард (моддаи I), озодии шахсӣ ва баробарҳуқуқӣ дар назди қонун, дахлнопазирии моликият ва манзил расмӣ ва қонунӣ шуд. Бори нахуст кӯшиши тақсими қудрати давлатӣ иҷроия, қонунгузорӣ ва додгоҳӣ сурат гирифт. Дар маҷмуъ «Низомномаи асосӣ» сароғози табдили низоми мутлақа ба низоми шоҳии машрута (монархияи конститутсионӣ) ва дигаргунии ҷиддии ҷомеаи суннатии Афғонистон гардид [7, с. 203-205].

Бо ин ҳама равандҳои зикршуда ва қабл аз ҳама раванди ислоҳот ва дигаргуниҳо хислати мураккабу мухолиф доштанд ва таъсири онҳо ба сарнавишти таърихии халқҳои

кишвар, бахусус тоҷикон, мутафовит ва ҳатто зиддиятнок буд. Табиист, ки эҳёи истиқлоли Афғонистон ормони қалбии тоҷикон ва тамоми ватанпарастони Хуросонзамин буд ва муҳаррики фаъолияти густардаи онон гардид. Раванди ислоҳот ба таври қонунманд нақши тоҷиконро дар низоми сиёсию идорӣ нисбатан боло бурд, бар асари татбиқи ислоҳоти густарда дар арсаҳои маориф, фарҳанг, матбуот, ҳунар ва адаб нақши намояндагони миллати тоҷик дар ин арсаҳо аслан таъйинкунанда гардид, сатҳи дониш ва маърифати онон боло рафт, соҳаи истифодаи забони дарӣ забони миллии тоҷикон ҳамчун забони саросарии Афғонистон ниҳоят васеъ гардид ва худи ин забон ғаноманд шуд.

Дар муддати кӯтоҳ теъдоди зиёди адибон, фарҳангиён ва равшанфикрони миллии соҳибном ва дорои нуфузи муассири иҷтимоӣ-фарҳангӣ Қорӣ Абдуллоҳ, Ҳошими Шоиқ, Мирғулом Муҳаммади Ғубор, Сарвари Ҷӯё, Халилуллоҳи Халилӣ, Салоҳуддини Салҷуқӣ ва дигарон зуҳур намуданд.

Ислоҳоти муҳимтарини иқтисодӣ бекор намудани бегор, бахшидани қарзҳои кишоварзон, ҷорӣ намудани андози мушаххас ва таъйини ҳаққи мулкияти хусусӣ ба замин дар маҷмуъ ба нафъи кишоварзони тоҷик буд ва ба боло рафтани неруи иқтисодии онон мусоидат намуд. Вале ҳамзамон, ҳаққи озоди харидуфурӯши молу мулк (бахусус замин) сабабгори амиқшавии раванди ҷудоии иҷтимоӣ дар байни кишоварзони тоҷик (ва аз ҷумла афзоиши шумораи деҳқонони камзамин ва ҳатто безамин), хариди бештари замин аз ҷониби маъмурини давлатӣ (ки қисмати умдаи онон аз ҷумлаи афроди қавми паштун буд), тоҷирони бузург ва даллол, судхорон ва низомиён, ҳатто хонҳо ва маликҳои минтақаҳои дигари таърихӣ ва дар ниҳоят истифодаи замин барои мақсадҳои сиёсии давлат гардид. Ин амр бахусус дар идомаи амалии сиёсати муҳоҷирсозии баъзе тоифаҳо ва хелҳои қавми паштун ба манотиқи шимолии кишвар возеҳ буд. Дар соли 1923 давлат «Низомномаи ноқилини Каттағон»-ро тасдиқ ва расмӣ кард, ки он санади ҳуқуқӣ-сиёсии татбиқи ин сиёсат буд. Мутобиқи он ба ноқилини паштун силсилаи имтиёзот муқаррар гардид [8, с. 34-38].

Ташвиқи фаъолияти тиҷоратӣ, ҳунармандӣ ва соҳибкорӣ низ бо афзоиши нисбии нақши тоҷикон дар ин арсаҳо мусоидат намуд, вале тамоюлоти навин дар сиёсати давлат ҷалби бештари ашрофи муҳаммадзоӣ ва паштун ба муомилоти тиҷоратӣ, пуштибонии давлат аз фаъолияти тиҷоратии тоҷирони мавриди назар ва таваҷҷуҳ, вогузории соҳаҳои серарзиши тиҷоратӣ ба ихтиёри ширкатҳои тиҷоратӣ, афзоиши воситабозӣ ва ришваситонӣ дар пешбурди сиёсати тиҷоратӣ ва соҳибкорӣ ва ғайра монеаи ҷиддии рушди табиӣ ва босуръати сармояи тоҷик гардиданд. Бо он ки дар маҷмуи тоҷирон ва соҳибкорон шумораи онҳо бештар буд, теъдоди тоҷирони бузург ва соҳибнуфузи тоҷик нисбатан маҳдуд монд.

Вазъи печидаи тоҷикон

Ба сарнавишти таърихии тоҷикони Афғонистон дар солҳои 1919-1929 равандҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, қабл аз ҳама воқеоти печида ва фоҷиабори Бухоро ва Осиёи Миёна дар маҷмуъ таъсири нисбатан ҷиддӣ доштанд. Бояд таъкид кард, ки дар байни тоҷикони Афғонистон (Хуросони таърихӣ) ва бахусус дар ҳалқаҳои равшанфикрони ба он руҳияи ҳамдардӣ ва ҳамбастагӣ бо тоҷикони Мовароуннаҳр (Осиёи Миёна) қавӣ буд.

Таҳти таъсири ин руҳия ва бо дарназардошти манфиатҳои миллии Афғонистон амир Амонуллоҳхон дар музокироти худ бо Руссияи Шуравӣ аз ҳаққи қонунии мустақилияти Бухоро ва Хева фаъолона дифоъ намуд ва мустақилияти Бухоро дар Аҳдномаи тарафайн (тарҳи аввал) расман зикр гардид. Ва Амонуллоҳхон ба Аморати Бухоро кумаки низомӣ намуд ва сафорат фиристод. Ва чун Аморати Бухоро бо неруи Артиши Сурх ва иддаи маҳдуди муттаҳидони сиёсии он (ҷавонбухориён) сарнагун шуд (29 август-5 сентябри соли 1920), кумаки Афғонистон ба неруҳои муқовимат идома ёфт [9, с. 101-102].

Ҳамзамон, ба Афғонистон сели муҳоҷирони тоҷик, ӯзбак ва туркман ворид шуд, шумораи онҳо тайи солҳои 1919-1924 на камтар аз 300 ҳазор нафар будааст. Ин муҳоҷирин асосан дар манотиқи шимолӣ вилоёти асосан тоҷикнишин сукунат варзиданд ва мавриди ҳамдардии мардуми маҳаллӣ қарор гирифтанд. Давлат низ ба онҳо мусоидати нисбӣ намуд. Ҳамзамон, дар симои онҳо неруи ташвишовар ва ғайри қобили эътимодро медид. Аз ин рӯ, фаъолияти онҳо маҳдуд сохта шуд, ҳатто собиқ амири Бухоро Сайид Олимхон ва ҳамсафони

наздики ӯ аз ин маҳдудият истисно набуданд. Сарнавишти сангини муҳоҷирон неруҳои фаъоли тоҷикони Хуросонро такон дод ва онҳоро ба шинохти амиқтари худу дигарон водошт.

Дар ин вазъ дар Афғонистон китоби устод Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» маъруф шуд ва осори шоирони озодихоҳи давр аллома Муҳаммад Иқбол, Мирзодаи Ишқӣ, Фаррухии Яздӣ ва дигарон маҳбуб гардиданд [15, с. 112-114].

Бо ин ҳама равандҳои ҷорӣ, татбиқи иқдомоти амиқтар ва васеътари ислоҳӣ маблағҳои бештар ва бештарро тақозо доштанд. Ва чун манбаи асосии даромади давлат ҳамоно андоз аз кишоварзон буд, ҳаҷми андоз аз замин тадриҷан боло рафт ва албатта ин амр сабабгори норозигии доираҳои васеи кишоварзон яъне аксарияти мардум мегардид, бо он ҳам тоҷикони Афғонистон дар солҳои 1919-1924 аз сиёсати ислоҳот ва дигаргуниҳо ҷонибдорӣ намуданд ва дар иқдомоти соҳаҳои маориф, фарҳангу матбуот нақши асосӣ доштанд [10, с. 12-14].

Чун давлат нокифоятии захираҳои молиявиро эҳсос кард, бо дарназардошти асли баробарҳуқуқии афроди кишвар тасмим гирифт то қабилаҳои паштуни ҷануб ва шарқи кишвар низ мисли дигарон андоз супоранд, бо ин ҳам, барои ин қабилаҳо ҳаҷми пардохти андоз муддати 10 сол нисф ва ё 50% ҳаҷми муқарраршударо ташкил медод (яъне онон ҳамчунон имтиёзи муҳим дар ин арса доштанд). Вале ҳамин низоми имтиёзии андоз низ боиси норозигии қабилаҳои паштуни ҷануби кишвар ва ашрофи бонуфузи онон (хонҳо, маликон, спинжерайҳо) шуд, дар охири соли 1923 қабилаҳои мангал ва ҷадрон шӯриш бардоштанд, баъдан ба онон баъзе қабилаҳои дигар - аҳмадзой, сулаймонхел ва иддаи хелҳои дигар ҳамроҳ шуданд.

Дастаҳои мусаллаҳи шӯришгарон ҷониби Кобул ҳаракат намуданд. Бо дарки хатари шӯриш амир Амонуллоҳхон аз Муҳаммад Нодирхон вазири ҳарбӣ тақозо намуд раҳбарии дастаҳои саркӯбиро ба ӯҳда гирад. Ӯ шарт гузошт, ки боист қабилаҳои ҷанубӣ аз андоз озод шаванд ва фақат бо қабули ин шарт ба ин вазифа омода аст. Амонуллоҳхон посух дод, ки ӯ наметавонад дар як кишвар ду навъи қонун яке барои қабилаҳои ҷанубии паштун ва дигаре барои тамоми мардум ҷорӣ намояд ва аз Муҳаммади Нодирхон хост агар ба иҷрои ин вазифа омода нест, истеъфо диҳад, ӯ низ чунин кард. Сарварии неруҳои муттаҳидаи низомӣ ба вазири нави ҳарбӣ Муҳаммадвалихон вогузор шуд. Ва ин ифодаи эътимоди хоси амир Амонуллоҳхон нисбат ба ӯ буд.

Муҳаммадвалихон бо огоҳӣ ва тадбир ҷиддан ва қотеъона амал намуд, вале хатари шӯриш ҳамоно бузург буд. Имкони густариши ҳавзаи шӯриш ва пайвастани хелҳои дигари паштун возеҳ ва махсус буд. Дар чунин шароит амир ба манзури пешгирии оқибатҳои фалокатбори шӯриш ва таҳкими пояҳои иҷтимоии давлат тобистони соли 1924 Луя Ҷирга даъват намуд. Таҳти фишори аъзои бонуфузи он, аз ҷумлаи хонҳо ва руҳониён, Луя Ҷирга қисмате аз ислоҳотро бекор кард [11, с. 88-90].

Дар солҳои 1925-1928 ислоҳот ва дигаргуниҳо дар доираи маҳдудтар идома ёфтанд. Ҳамзамон мушкилоти дохилӣ афзуд ва норизояти доираҳои васеи мардум аз афзоиши ҳаҷми андоз, бедоду ситами мансабдорон ва авҷи ришвахӯрӣ ва фасоди идорӣ торафт возеҳ мешуд. Бо дарки ин вазъ дар раҳбарии давлат ҷудоӣ ба амал омад ва афроди саршиносу маъруфи ислоҳот аз мақомоти калидӣ канорагирӣ намуданд ва ё барканор гардиданд. Масалан, Маҳмуди Тарзӣ дар соли 1926 истеъфо дод, бо он ки ин истеъфо расман пазируфта нашуд ва ӯ то соли 1928 дар мақоми вазири корҳои хориҷӣ расман боқӣ монд, аз раҳбарии амалии ин арсаи ниҳоят муҳим ва ширкат дар тарҳрезӣ ва татбиқи сиёсати умумии давлат амалан канорагирӣ намуд.

Ва ё Муҳаммадвалихон расман вакили салтанат муқаррар гардид, вале қудрати амалии ӯ маҳдуд гардид. Машрутахоҳони саршиноси дигар Абдулҳодӣ, Абдурраҳмони Лудин, Мирсайидқосим ва дигарон низ аз мақомоти муҳим сабукдӯш шуданд. Ба ҷои онҳо аксаран афроди мақомхоҳ ва бидуни мавқеи босуботи сиёсӣ таъйин гардиданд. Ҳамзамон, фаъолияти сиррии неруҳои оппозитсионӣ авҷ гирифт.

Дар чунин шароити ҳассос ва печида дар охири соли 1927 амир Амонуллоҳхон ба сафари тулонии 7-моҳа оғоз кард, ки дар ҷараёни он аз 12 - кишвари Осиё ва Урупо (минҷумла Ҳиндустон, Миср, Итолиё, Фаронса, Олмон, Британиё, Иттиҳоди Шуравӣ, Туркия, Эрон) боздид намуд. Дар ин муддат Муҳаммадвалихон вакили салтанат буд ва доираи муайяншудаи умури давлатро раҳбарӣ мекард, вале бинобар коршикании ашрофи суннатӣ, вазирони фосид ва бемасъулият ва заъфи умумии давлат қодир ба пешгирии тамоюлоти манфӣ нашуд [12, с. 167-170].

Баъди бозгашт аз сафар амир Амонуллоҳхон дар августи соли 1928 дар Пағмон Луя Ҷирга даъват намуд, ки дар он 1000 вакил ширкат дошт. Амир ба ин мақом барномаи нави ислоҳот ва дигаргуниҳоро пешниҳод намуд. Нуқтаҳои асосии ин барнома инҳо буданд, таъсиси парлумони касбии интихобӣ Маҷлиси Шурои Миллӣ (ки мебоист аз 150 вакили интихобӣ ташкил мешуд), тамдиди хидмати аскарӣ аз 2 сол то 3 сол, таъсиси Бонки Миллӣ, ташкили муассисаҳои саноатӣ, инфрасохтор ва таълимӣ дар марказ ва вилоёти кишвар, ҷорӣ намудани низоми аттестатсияи муллоён, табдили нишон ва парчами кишвар, дигаргуниҳои иҷтимоиву маишӣ ва ғайра буданд. Аъзои Луя Ҷирга зоҳиран ин иқдомотро ҷонибдорӣ намуданд, вале дар ҳамин рӯзҳо нишонаҳои норизоят ва ошӯбҳо зоҳир гардиданд. Дар ҷараёни ҷаласаи Луя Ҷирга иддае аз руҳониёнӣ бонуфуз таҳти сарварии Муҳаммадсодиқи Муҷаддидӣ пинҳонӣ ба Хуст расиданд. Онҳо изҳор доштанд, ки барномаи шоҳ хилофи ислому шариат аст ва қабилаҳои ҷанубиро ба қиём даъват намуданд. Вале ин амал дар оғози он хунсо шуд ва аксари ин муллоён бо амри додгоҳ ба қатл расиданд, фақат Муҳаммадсодиқи Муҷаддидӣ бинобар нуфузи азими хонадони худ ба зиндон андохта шуд.

Бо вуҷуди ин вазъи печидаву ҳассос давлат дар моҳҳои сентябр ва октябри соли 1928 силсилаи ислоҳот ва иқдомоти навинро пешниҳод намуд, ки ҷанбаҳои гуногуни зиндагии иҷтимоиро дар бар мегирифтанд, иддае аз ин иқдомот тағйир ва таҳаввули низоми идораи марказӣ ва сохторҳои асосии онро дар назар доштанд ва табиист, ки ба табъи иддаи муайяни маъмурини давлатӣ ва кормандони идорӣ набуданд, қисмати дигари дигаргуниҳо ба навсозии тадриҷии сохтори суннатии иқтисодӣ ва таъсиси муассисоти навини иқтисодӣ (ба-хусус молиявӣ ва инфрасохторӣ) нигаронида шуда буданд. Масалан, давлат дар назар дошт бо кумаки мутахассисони хориҷӣ роҳи оҳан бунёд намояд ва бадин васила ба рушди иқтисодии кишвар такони ҷиддӣ диҳад. Вале қисмати бештари ислоҳоту дигаргуниҳо ба таҳаввул ва тағйири ниҳодҳои ниҳоят ҳассос ва нозуки ҳастии иҷтимоии Афғонистон нигаронида шуда буд, давлат таҳсили муштараки духтарон ва писаронро ҷорӣ намуд, гурӯҳи аввали духтарони афғонӣ барои таҳсил ба хориҷа фиристода шуданд, ҳиҷоб ва ё чодар расман манъ шуд, либоси урупо расмӣ ва маҷбурӣ шуд, ҳатто рафтор ва одоби муошират урупоӣ ҷорӣ шуд. Ин иқдомоти ҳассос ва ғайризарурӣ пайгирона ва ҳатто бо истифодаи неру амалӣ гардиданд. Ва маҳз ин иқдомот ангезандаи аслии афзоиши норизоят ва буҳрони шадиди сиёсӣ гардиданд [13, с. 64-66].

Оғози возеҳи буҳрони сиёсӣ шӯриши қабилаи бузурги шинворӣ дар шарқи кишвар дар моҳи ноябри соли 1928 буд. Шӯришиён, ки дар байни онон мухолифони сарсахти низоми амонӣ фаъолона талош ва пайкор доштанд, бекор намудани ислоҳоти нав ва табъиди Маҳмуди Тарзиро тақозо намуданд. Дар ин минтақа таблиғоти зиддидавлатӣ авҷ дошт ва аксҳои сохтаи малика Сурайё (дар либоси урупоӣ ва дар ҳалқаи мардон) васеъ паҳн карда шуданд. Ин амр ба авҷи эҳсосоти мардуми авом ва руҳониёни мутаассибу иртиҷоӣ мусоидат намуд. Давлат неруҳои асосии худро барои саркӯби ин шӯриш эъзом кард, вале ин неруҳо қодир ба саркӯби шӯриш нагардиданд, руҳияи ин неруҳо заиф буд ва дар байни онон таблиғоти зиддидавлатӣ сирран ҷараён дошт.

Фармондеҳони ин неруҳо низ афроди бекифоят ва нолоиқ буданд. Давлат талош намуд аз нуфузӣ афроди саршиносу соҳибэҳтиром низ фаъолона истифода намояд.

Адабиёт:

1. Абдулҳамиди Мубориз. Аз суқути салтанат то зуҳур ва иҷрооти толибон [Матн] / Мубориз Абдулҳамид. – Табъи дуввум. – Пешовар, 1378 ҳ. ш. (1999). – С. 45–48.

2. Алимӣ, Ҷ. Афғонистон: Муҷоҳиддин, мухолифин, мудохилин [Матн] / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе, 2012. – 339 с.

3. Ахрамович, Р.Т. Проблема неафганских народностей в современном Афганистане [Текст] / Р.Т. Ахрамович. – Москва, 1953. – С. 106–111.

4. Ганковский, Ю.В. Империя Дуррани. Очерки административной и военной системы [Текст] / Ю.В. Ганковский. – Москва, 1958. – С. 44–48.

5. Ганковский, Ю.В. Народы Пакистана. Основные этапы этнической истории [Текст] / Ю.В. Ганковский. – Москва, 1964. – С. 67–70.

6. Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / Ғубор Муҳаммад. – Кобул, 1346 (1967). – С. 121–125.

7. Ромодин, В.Р. Социально-экономический строй юсуфзайских племен в XIX в. [Текст] : дис. ... канд. ист. наук / В.Р. Ромодин. – Москва, 1951. – С. 203–205.

8. Сабоҳуддин Кушаки. Даҳаи Қонуни асосӣ: ғафлатзадагии афғонҳо ва фурсатталабии русҳо [Матн] / Кушаки Сабоҳуддин. – [Б. м.], 1365 ҳ. ш. (1986). – С. 101–102.

9. Сайидқосим Риштиё. Афғонистон дар қарни нуздаҳум [Матн] / Риштиё Сайидқосим. – Чопи севум. – Кобул, 1346 (1967). – С. 34–38.

10. Султоналии Киштманд. «Ёддоштҳои сиёсӣ ва рӯйдодҳои таърихӣ». Хотироти шахсӣ бо бурҳаҳое аз таърихи сиёсии муосири Афғонистон [Матн]. Ҷилдҳои 1 ва 2, 3 / Киштманд Султоналӣ. – [Б. м.], 2002. – С. 12–14.

11. Таъричаи мухтасари Афғонистон [Матн] // Солномаи Кобул. – Кобул, 1311 (1932). – С. 88–90.

12. Файзмуҳаммади К. Книга упоминаний о мятеже [Текст] / К. Файзмуҳаммад ; пер. с дари, ввод. ст. и прим. А.И. Шкирандо. – Москва : Наука, 1988. – С. 167–170.

13. Хотироти сиёсии Сайидқосими Риштиё: 1311 (1932) то 1371 (1992) [Матн] / бо эҳтимоми Муҳаммадқавӣ Кӯшон. – [Б. м. : б. и.], [б. с.]. – С. 64–67.

14. Шарофиддин Имом. Афкори иҷтимоии Афғонистон дар сеяки аввали асри XX [Матн] / Имом Шарофиддин. – Москва, 1986. – 205 с.

15. Шарофиддин Имом. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дуввуми қарни XIX ва қарни XX [Матн] / Имом Шарофиддин. – Душанбе, 2013. – С. 95–96.

ТАМОЮЛОТИ НАВИН ДАР ЗИНДАГИИ ИҶТИМОИИ ТОҶИКОНИ АФҒОНИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1919-1929

Муаллиф дар мақолаи хеш саҳми тоҷиконро дар таърихи Афғонистони чоряки аввали асри XX возеҳу равшан ба қалам додааст.

Даврони хоси таърихии замони муосир (солҳои 1919-1929) давраи ниҳоят муҳим дар сарнавишти таърихи умумии тоҷикон, минҷумла тоҷикони Хуросони таърихӣ (Афғонистони кунунӣ) будааст. Таҳти таъсири омилҳо ва падидаҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тамоюлоти равобити минтақавӣ ва байналмилалӣ дар ҷомеаи суннатии тоҷикон ва равобиту пайвандҳои бахшҳои умдаи он тоҷикони Мовароуннаҳр ва тоҷикони Хуросони таърихӣ тағйирот ва таҳаввулоти амиқ ва ҳатто бунёдӣ рӯнамо гардиданд. Дар ин амр бахусус эҳёи истиқлоли Афғонистон ва марзбандии милливу ҳудудии Осиёи Миёна дар соли 1924 нақши хос доштанд.

Тоҷикон ворисони таърихии ориёиҳои марказӣ муддати тулонӣ дар маҳд (ареал)-и собит ва хоси ҷуғрофӣ-таърихӣ, ҷуғрофӣ-этникӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ-Ориёнои бостонӣ ва Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои миёнаву замони муосир ва Осиёи Марказии қарнҳои XIX-XX чун мардумони бумӣ ва соҳибтамаддун ҳастии таърихии худро таъмин намудаанд. Ва имрӯз низ аз сернуфустарин халқҳои ин минтақаи бузурги таърихии ҷаҳон мебошанд.

Калидвожаҳо: Афғонистон, Луи Ҷирга, кишоварзӣ, тамаддун, ориён, паштунҳо, гилзоӣ, намоянда, салтанат, тоҷикон, далолон, судхурон, низомиён, ҷавонафғонҳо, англисҳо.

НОВЫЕ ТЕНДЕНЦИИ В СОЦИАЛЬНОЙ ЖИЗНИ АФГАНСКИХ ТАДЖИКОВ В 1919–1929 ГГ

В своей статье автор наглядно описал вклад таджиков в историю Афганистана первой четверти XX века.

Современный исторический период (1919–1929 годы) является исключительно важным этапом в исторической судьбе таджиков в целом, включая таджиков Хорасана (современный Афганистан). Под воздействием различных политических, социальных и культурных факторов, а также тенденций региональных и международных отношений, в традиционном таджикском обществе, а также во взаимосвязях между его основными группами – таджиками Мавераннахра и таджиками исторического Хорасана – произошли глубокие и даже кардинальные изменения. Особенно значительную роль в этих трансформациях сыграли восстановление независимости Афганистана и национально-территориальное размежевание в Средней Азии в 1924 году.

Таджики, исторические наследники центральных арийцев, издавна обеспечивали свое историческое существование как коренной и цивилизованный народ в фиксированном и специфическом географическо-историческом, географическо-этническом и историко-культурном регионе — среди древних ариев, в Хорасане и Трансоксиане в Средние века и современную эпоху, а также в Центральной Азии в XIX-XX веках. И сегодня они по-прежнему являются одним из самых многочисленных народов этого обширного исторического региона мира.

Ключевые слова: Афганистан, Лоя Джирга, земледелие, цивилизация, арийцы, пуштуны, гильзай, представитель, королевство, таджики, посредники, ростовщики, военные, молодоафганцы, англичане.

NEW TRENDS IN THE SOCIAL LIFE OF AFGHAN TAJIKS IN 1919-1929

In his article, the author vividly describes the contribution of Tajiks to the history of Afghanistan in the first quarter of the XX th century.

The modern historical period (1919–1929) represents an exceptionally important stage in the historical fate of the Tajiks as a whole, including the Tajiks of Khorasan (modern Afghanistan). Under the influence of various political, social, and cultural factors, as well as trends in regional and international relations, the traditional Tajik society, along with the interconnections between its main groups—the Tajiks of Maverannahr and the Tajiks of historical Khorasan—underwent profound and even radical transformations. The restoration of Afghanistan’s independence and the national-territorial delimitation in Central Asia in 1924 played a particularly significant role in these transformations.

Tajiks—the historical heirs of the Central Aryans—have long maintained their historical existence as an indigenous, civilized people within a distinct geographic-historical, geographic-ethnic, and historical-cultural region: among the ancient Aryans, in Khorasan and Transoxiana during the Middle Ages and the modern era, and in Central Asia during the XIX th and XX th centuries. Today, they remain one of the most populous peoples of this vast historical region.

Key words: Afghanistan, Loya Jirga, agriculture, civilization, Aryans, Pashtuns, Ghilzai, representative, kingdom, Tajiks, intermediaries, usurers, military, Young Afghans, British.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафаров Холмад Хоркашович, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров,16. Телефон:+ 992 988 62 26 58

Сведения об авторе: Сафаров Холмад Хоркашович, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Телефон:+ 992 988 62 26 58

Information about the author: Safarov Kholmad Khorkashovich, candidate of historical sciences, associate professor at the department of the history of the tajik people, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Telephone: +992 988 62 26 58.

Муқарриз: Назарзода П.С., д.и.с., профессор
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 94(574.5):323.2

НИЗОМУЛМУЛК- ХОДИМИ МАЪРУФИ СИЁСИИ АСРИ XI

Садриддини А., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ машҳур ба Низомулмулк соли 408 ҳ.қ./1017-1018 мелодӣ дар деҳаи Нуғони вилояти Родакони Тӯс дар хонаводаи корманди давлатӣ ба дунё омадааст. Даврони кӯдакӣ ва айёми таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш сипарӣ намудааст. Дар бораи истеъдоди Низомулмулк устоди фиқҳи ӯ факеҳ Абдулсамад чунин мегӯяд: «Ҳофизаи Ҳасан бисёр қавӣ ва шигифтангез буд. Ҳар як дарсе, ки дигар донишҷӯён аз ҳифзи он оҷиз буданд, ӯ бо ду бор мурур аз бар мекард. Ва пас аз чаҳор сол вай барои такмили камолот аз Тӯс роҳии Нишопур гардид» [20, с. 11-12].

Шаҳри Нишопур дар он замон яке аз марказҳои муҳимми илмию таълимӣ ба шумор мерафт. Ҳузури яке аз олимони бузурги фиқҳи шофеӣ Имом Муваффақиддини Нишопурӣ донишҷӯёни фаровонеро ба сӯйи Нишопур ҷалб мекард ва ҷавонони ташнаи илму дониш аз дарси ӯ истифода мекарданд. Низомулмулк дар бораи Имом Муваффақиддини Нишопурӣ чунин менависад: «Имом Муваффақиддини Нишопурӣ аз уламои аълом ва саромади донишмандони Хуросон буд ва дарси ӯ мавриди таваҷҷуҳ ва назари бисёр аз ҷавонон шуда ва тақаддус ва тақвои Имом тавре шуҳрат дошт, ки ҳар навъ донишҷӯ, ба вижа туллоби ҳадис ва тафсирро ба ҷониби Имом кашонда ва ба ӯ пайвастагӣ ва иртибот медод ва ин ҷанбаи покдоманӣ ва зуҳди Имом василаи асбобе буд, ки падари маро водор намуд, ки маро ба ҷамоъаи Нишопур равона дорад» [28, с. 50].

Баъд аз таҳсил аз шаҳри Нишопур Низомулмулк ба шаҳри Тӯс ба назди падари худ бармегардад. Ин давра ҳамзамон бо истилои туркҳои Салҷуқӣ бар Хуросон буд. Шикасти Масъуди Ғазнавӣ 23 майи соли 1040 дар ҷанги Дандонақон барои ҳамешагӣ ба ҳукумати Ғазнавиён дар Хуросон хотима бахшид [14, с. 58]. Ҳукмрони Ғазнавӣ Сурӣ тамоми молу амволи Алӣ ибни Исҳоқро ғорат намуда, ба Ғазна гурехт. Падари Хоҷа Низомулмулк дар Тӯс боқӣ монд. Вай, ки бо ин вазъ қодир ба идомаи зиндагӣ дар Хуросон набуд, ҳамроҳи писари 21 солааш Низомулмулк аз шаҳри Тӯс ба шаҳри Байҳақ ва аз он ҷо ба шаҳри Ғазна рафта ва ба вазир Абдулсамади Аббосӣ дар дастгоҳи давлати Ғазнавиён, ки бо ӯ ошно буд, пайваст. Низомулмулк низ ба хидмати Ғазнавиён даромад ва дар дастгоҳи онҳо ба кори девонӣ (дафтардорӣ) пардохт. Вай пас аз муддате чун давлати Салҷуқиёнро дар авҷи қудрат дид, аз Ғазна ба шаҳри Балх рафт ва дар дастгоҳи Абӯалӣ ибни Шозон, ки аз ҷониби Чағрибек Довуд – бародари Туғрул, ки ҳокими он ҷо буд, ба хидмати дарбирӣ пардохт. Вай бо донишу кордонӣ ва лаёқати худ мавриди таваҷҷуҳи амири Балх қарор гирифт.

Муалифи китоби «Таҷоруб-ус-салаф» дар бораи аҳволи Низомулмулк дар Балх ва пайвастани ӯ ба Алпарслон чунин менависад: «Муддате бо Ибни Шозон амири Балх мебуд ва китобат мекард. Ва Ибни Шозон ба ҳар чанд муддат ба Хоҷа гуфтӣ: Ту котибӣ, туро қалам бас бошад. Чун ин ҳаракати хасисонаи амири Балх муқаррар шуд аз хидмати ӯ малул шуд ва ба Марв рафт ва Чағрибеки падари Алпарслон он ҷо буд. Хоҷа пеши ӯ рафт ва ҳоли худ ба ӯ гуфт. Чағрибекро сухан гуфтани ӯ хуш омад ва ба нури фаросате, ки мулуки пок эътиқодро бошад, иморати наҷобат ва иқбол дар носияи ӯ мушоҳида кард. Агар фармон бошад, то ӯро

бозгардонанд, ки корҳои Балх маҳмил мемонад. Раъйи олӣ бартар бошад. Султон илтифот накард ва гуфт: Пеши Алпарслон бошад. Туро бо ӯ мебояд гуфт. Расул бемақсуд бозгашт. Ва чун султон Алпарслон дар мулк мутамаккин шуд, ба Хоҷа вазорат дод дар санаи 456 ҳ.қ. (1063-64)» [24, с. 266-267].

Бояд гуфт, ки фақат хуш омадани Чағрибек аз суханони гуфтаи Низомулмулк наметавонист далеле барои ба мансаби вазирӣ расидани Низомулмулк бошад. Чунки лаёқати Низомулмулк дар пеши Абӯалии Шозон маълум буд. Дар зимн муаллифи ин китоб менависад: «Ҳукумати Балх бо Абӯалии Шозон набуд, балки ба уҳдаи Низомулмук будааст. Абӯалӣ, ки мариз буд, мусташори амини худро ба шоҳзода Алпарслон муаррифӣ ва тавсия кард»[24, с. 266-267].

Пас аз вафоти Туғрул дар соли 1062 Амидулмулк Кандарӣ, ки даҳ сол вазири ӯ буд [26, с. 48-49], худро ба пойтахти Салҷуқиён шаҳри Рай расонид ва писари Чағрӣ, яъне Сулаймонро, ки модараш дар ақди Туғрул даромада буд, ба подшоҳӣ расонид. Аммо ин амали Кандарии вазир якдилона пазируфта нашуд. Амирон ва хешовандони Туғрул мухолифат карданд.

Бино ба ахбори Носируддини Кирмонӣ чун салтанат ба Алпарслон расид вазир Амидулмулк Кандариро «дар қабз оварда ва муддатҳо муқайяд дошт ва бар ваҷҳе шанеъ ва қатле фазеъ ҳалок гашт»[26, с. 48-49].

Алпарслон ҳангоми таъйини Низомулмулк ба вазифаи вазирӣ ӯро чун атабек (муаллим ва ноибусалтанаи шоҳзода то расидан ба синни булӯғ [16, с. 149.].,)-и писараш Маликшоҳ интихоб карда, ба ӯ унвони илиқ ва атохоҷаро дод [1, с. 114.]., ки маъмулан унвони илиқ ба пешвоёни иттиҳодияҳои бузурги қабилавӣ дода мешуд ва баландтарин рутба дар силсилаи рутбаҳои аҳди Салҷуқиён ба ҳисоб мерафт. Султон Маликшоҳи ҷавон низ унвони атабекро ба Низомулмулк дода, гуфт, ки «ҳамаи корҳои хурду бузургро ба ту додам ва аз ин ба баъд ту ба ман ба ҷойи падар ҳастӣ» [22, с. 535].

Низомулмулк замоне ба вазири Салҷуқиён таъйин шуд, ки вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии давлати онон дар ҳоли мушкил қарор дошт. Дар робита ба ин Бундори Исфаҳонӣ чунин менависад: «Ҳангоме ки Низомулмулк ба вазорат нишаст, шерозаи корҳои кишвар гусехта буд. Ин айём поёни ҳукумати Дайламиён ва ибтидои давлати Салҷуқиён буд. Дар рафтани он ҳукумат ва омадани ин силсила шаҳрҳо вайрон ва холӣ аз сакана шуда буданд. Ситамкорон бар шаҳрҳо даст гушуда буданд ва дар ҳар гӯшае нола ва ҷазои ситамдидагон баланд шуда буд ва маҷолиси унс ба маҳофили азодорӣ табдил гардида буд» [5, с. 67].

Якум ихтилофи мазҳабӣ. Низомулмулк пайрави мазҳаби шофеӣ ва Амидулмулки Кандарӣ пайрави мазҳаби ҳанафӣ буд. Доир ба ин қазия дар китоби «Комил»-и Ибни Асир чунин омадааст: «Абдулмалик нисбат ба шофеиён бисёр таассуб меварзид. Бар шофеиён метохт ва таассуби ӯ дар ин бора ба ҷое расид, ки бо султон дар бораи манъ кардани рофизиён бар манобири Хуросон гуфтугӯ кард ва иҷозат гирифт ва дастур дод рофизиёнро манъ кунанд ва ашъариёнро ҳам мазид бар онҳо намуд. Айимаи Хуросон аз амали ӯ мутанаффир шуданд. Аз ҷумла, Абдулқосими Қаширӣ ва Имом Абдумаъолии Ҷувайнӣ ва ғайра Хуросонро тарк гуфтанд. Имомалҳарамайн чаҳор сол дар Макка иқомат гузид то давлати Кандарӣ мунқазӣ шуд» [12, с. 97]. Ин амал ҳисси бадбинӣ ва нафрати Хоҷа Низомулмулки Тӯсиро нисбат ба Амидулмулки Кандарӣ афзоиш медод.

Мавриди дигари ихтилоф миёни Низомулмулк ва Амидулмулки Кандарӣ вуҷуди халифа Қоим Бомируллоҳ дар Бағдод буд. Бояд тазаккур дод, ки халифаи Бағдод низ ба хотири пофишорие, ки Амидулмулк дар бораи издивоҷи Турғул бо духтари ӯ ба харҷ дода буд, аз ин вазир чандон хушнуд ва розӣ набуд. Ин омилҳо сабаб шуд, ки бо кӯшиши Хоҷа Низомулмулк ва бо дастури Алпарслон Амидулмулкро дастгир ва дар Нишопур зиндонӣ намуда ва баъдан ба Марврӯд бадарғааш карда, соли 1063 ӯро ба қатл расониданд [18, с. 31].

Ихтилофи севум бар сари ҷонишинии Туғрул буд. Тибқи навиштаи муаллифи «Зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулк Тӯсӣ» баъд аз вафоти Туғрулбек бародарзодаи ӯ Алпарслон соҳиби тахту тоҷи подшоҳӣ гардид. Вазири амаки ӯ ва яке аз шахсиятҳои пурнуфузи сиёсӣ Амидулмулки Кандарӣ аз Сулаймон ҷонибдорӣ намуд. Алпарслон аз чунин

ранг гирифтани вазъият парешонхотир гашт ва ба Низомулмулк, ки ӯро ягона шахси мавриди эътимоди худ мепиндошт, муроҷиат карда, ёрӣ хост. Бояд гуфт, ки шоҳзода Сулаймон дар миёни мардум ҷонибдорони зиёде надошт. Амидулмулки Кандарӣ хатогии худро фаҳмида, ба тарафдорони Алпарслон пайваст ва номи ӯро дар хутбаи намоз илова намуд. Аммо Алпарслон ба салтанати муштарак бо Сулаймон розӣ набуд. Алпарслон ва Низомулмулк аз Амидулмулки Кандарӣ дар хавф буданд [19, с. 100]. Ин буд, ки соли 1062 Алпарслон Амидулмулкро аз вазорат дур намуда, Низомулмулкро вазири давлати Салҷуқиён таъйин кард.

Низомулмулки Тӯсӣ аз даврони ҳаёташ то кунун ба ҳайси яке аз сиёсатмадорон ва донишмандони саршинос аз ҷониби муҳаққиқони кишварҳои гуногуни олам эътироф гардида, давлатдории аҳди Алпарслон ва Маликшоҳро ба шарофати тадбирҳои хирадмандонаи ин вазир медонанд. Аз ҷумла, академик Бобоҷон Ғафуров ҳангоми баррасии вазъи даврони Салҷуқиён ба лаёқати вазири дарбори онҳо Низомулмулк баҳои сазовор дода, менависад: «Бузургтарин арбоби давлати аҳди Салҷуқӣ Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ бинни Исҳоқ буд, ки дар Хуросон таваллуд ёфта, тақрибан сӣ сол (1062-1092) дар замони ҳукмронии Алпарслон ва Маликшоҳ хидмати вазириро адо кардааст. Ӯ дар дарбори ин подшоҳон, алалхусус Маликшоҳ обрӯй ва нуфузи зиёде пайдо намуда, лақаби «Низомулмулк»-ро гирифтааст. Низомулмулк як марди хеле оқил ва фозиле буд. Ӯ дар корҳои давлатдорӣ комилан ба таҷрибаҳои давраи Сомониён такя мекард ва барои эҳё намудани анъанаҳои мадании он давра кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод» [9, с. 535].

Е.Э. Бертелс дар бораи ба арсаи таърих омадани Салҷуқиён мухтасар сухан ронда, аксари муваффақиятҳои он давраро бо номи Низомулмулки Тӯсӣ вобаста медонад: «Вазир Абӯалӣ Ҳасан, ки лақаби ифтихории Низомулмулкро гирифта буд, барои муваффақияти илму санъат дар қаламрави бузурги Салҷуқиён хаста нашуда, хидмат карда, дар Бағдод мактаби олиеро бо номи Низомия асос гузошт, ки минбаъд дар тамоми Шарқ шуҳрат ёфт. Ӯ андешаҳои хешро роҷеъ ба сиёсат ва таърих дар рисолаи бағоят шавқовари худ «Сиёсатнома» баён кардааст, ки тамоми таҷрибаи бузурги зиндагии хешро дар он гузошта» [3, с. 44].

Пас аз қатли Алпарслон Низомулмулк ягона шахси бонуфуз ва вазири ботадбире буд, ки қаламрави васеи Салҷуқиёнро аз ошуфтагии авзоъ, харҷу марҷ ва тоҷу тахтхоҳии фарзандони Алпарслон эмин нигоҳ дошта ва дар амри ба салтанат расидани Маликшоҳ нақши муҳимро бозид. Дар зимн Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ менависад: «султон Маликшоҳ бо вуҷуди чанд бародари меҳтар, ба саъйи вазир Низомулмулк подшоҳ шуд» [27, с. 816]. Низомулмулки Тӯсӣ дар аҳди Маликшоҳ соҳибихтиёри мутлақи тамоми корҳои давлати Салҷуқиён буд. Дар замони ҳукумати Маликшоҳ ва вазорати Низомулмулк бино ба ахбори сарчашмаҳо «маҳсули мулки ӯ ҳар сол бисту як ҳазор тумон (-и зарри сурхи ин замонӣ, манзур замони Ҳ.Қазвинӣ) будааст» [27, с. 439]. Агарчи вай ба таври расмӣ як вазир ва иҷрокунандаи амру фармонҳои подшоҳони Салҷуқӣ буд, вале дар асл тамоми қаламрави бузурги ин давлатро мустақилона идора менамуд ва қудрати ӯ ба ҳадде расида буд, ки ҳатто дастгоҳи хилофати Аббосиёнро бо майлу иродаи худ мегардонид. Низомулмулк солҳои тулонӣ кӯшиш ба харҷ дод, то миёни султонҳои Салҷуқӣ ва халифаҳои Аббосӣ сулҳу салоҳ барқарор бошад. Метавон вайро кафили сулҳ миёни ин ду хонадони салтанатӣ дар ин замон донист.

Дар натиҷаи забткориҳои густурда дар асри XI ашрофи ҳокими қабилаи салҷуқӣ соҳиби шаҳрҳо ва вилоятҳо ба сифати иқтоъ ё милк шуданд. Бояд зикр кард, ки тақсим кардани замин чун иқтоъ ба низомиён барои хидмат дар лашкари Салҷуқиён дар миёнаҳои асри XI, баъд аз ишғоли кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна оғоз шуд. Чунин кор дар замони Туғрул (1017-1063) таҷруба шуд ва вилоятҳои алоҳида чун иқтоъ ба низомиён тақдим мегардид. Баъдан ба иқтоъ чун институти муҳимми асримиёнагӣ дар нимаи дуюми асри XI аз ҷониби Низомулмулк дар замони Алпарслон ва Маликшоҳ ислоҳот ворид гардид. Моҳияти ин ислоҳот дар он дида мешуд, ки агар дар гузашта ҳаққи хизмати моҳонаи сарбозонро аз хазинаи давлат мепардохтанд, ки харҷи зиёд дошт, пас дар асари ислоҳоти

Низомулмулк дар ивази хидмати ҳарбӣ ба сарбозон заминҳоро тақсим карда доданд, ки он манбаи даромади низомиён гардид. Чунин заминҳоро иқтооти ҳашам меномиданд. Тибқи ислоҳоти Низомулмулк ба касоне замин дода мешуд, ки онҳо иқтоъ надоштанд. Ислоҳоти Низомулмулк фазои мусоид барои рушди кишоварзӣ фароҳам овард, зеро иқтоъдор манфиатдор буд то аз заминаш ҳосили фаровон гирад [1, с. 222].

Аммо ашрофи низомии кӯчии турк, ки бештари сарзаминҳои ишғолии Салҷуқиёнро чун иқтоъ зери даст оварда буданд, ба давлати мутамарказ ниёз надоштанд ва дар зимн талошҳои таҷзияталабӣ ва марказгурезӣ менамуданд. Ба хотири ҷилавгирӣ аз ин раванди номатлуб Алпарслон ва Маликшоҳ ба ашроф ва руҳонияти эронӣ такя намуданд, ки онон дар мавҷудияти давлати мутамарказ манфиатдор буданд. Дар амалӣ шудани ин тадбир ба Салҷуқиён ходими барҷастаи давлатӣ, сиёсатмадори хирадманд ва шахсияти барҷастаи сиёсӣ ва мазҳабӣ Низомулмулк кумак кард ва умри давлати ононро ба дарозо кашид [14, с. 85-86]. Низомулмулк ба манзури гирифтани пеши роҳи чунин равандҳои хатарнок ба низомиён заминҳоеро аз каронаҳои кишварҳои дури ишғолии Салҷуқиён чун иқтоъ медод. Дар ин мазмун Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ мегӯяд: «Иқтооти эшон дар мамолик пароканда будӣ, то ҳар ҷо ки расидандӣ бозмондагӣ набуд» [27, с. 439]. Яъне иқтоъҳои низомиён пароканда дар вилоятҳои мухталифи ишғолии Салҷуқиён ҷойгир буданд ва низомиёни Маликшоҳ, ки тибқи ахбори ҳамин муаллиф 47 ҳазор савор дар рикоби ӯ буданд [27, с. 439], наметавонистанд дар кишварҳое, ки ба онҳо иқтоъ дода шуда буд, ба таври доимӣ зиндагӣ кунанд.

10 рамазони соли 485 ҳ.қ. баробар ба 14 октябри соли 1092 сиёсатмадори бузург, вазири ботадбир, муаллифи китоби арзишманди «Сиёсатнома», муассиси як силсила мадрасаҳо бо низоми пешрафтаи таълим ва тадрис бо номи Низомия Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ бар асари як сӯиқасд ба қатл расид. Роҷеъ ба рӯзи қатли Низомулмулк дар сарчашмаҳои таърихӣ ихтилоф вуҷуд дорад ва он баъдан баён хоҳад шуд.

Авомили сӯиқасд ба ҷони Низомулмулк дар чӣ буд? Аз замони ба вуқуъ пайвастани ин террор ба баъд дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ ва осори илмии донишмандони Шарқу Ғарб изҳори назарҳои зиёд шудааст, ки онҳо доир ба чанд далели ин куштор изҳори андеша намудаанд.

Омили аввал ин пайрави мазҳабҳои гуногун будани Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ ва Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072-1092) мебошад. Низомулмулк аз мазҳаби шофеӣ ва Маликшоҳ аз мазҳаби ҳанафӣ пайравӣ менамудаанд. Аз ин лиҳоз, Низомулмулк ҳамеша нигарони он буд, ки душманонаш аз мазҳаби Маликшоҳ сӯйистифода намуда, вайро ба муқобили ӯ таҳрик менамояд. Зеро Маликшоҳ ҳамеша орзу мекард, ки вазираш шофеӣ набошад. Низомулмулк дар китоби «Сиёсатнома»-и худ ба ин нуқта ишора намуда, менависад: «Дар ҳама ҷаҳон ду мазҳабанд, ки нек аст, яке мазҳаби Бӯҳанифа ва яке мазҳаби Шофеӣ ва султони саъид (Алпарслон 1063-1072) чунон дар мазҳаби хеш салб ва дуруст буда, ки борҳо ба забони ӯ рафт, ки «Эй дареғо, агар вазири ман шофеимазҳаб набудӣ». Ӯ бо сиёсат ва боҳайбат будӣ ва ман бад-он сабаб, ки ӯ мутаассиб буд ва мазҳаби шофеиро айб медошт, ҳамеша аз ӯ андешаманд будам» [25, с. 114]. Низомулмулк дар ҷои дигари асараш норизоиятии худро аз мазҳаби шоҳ баён медорад ва менависад: «Ӯ аз мазҳаби шофеӣ нанг медорад ва ба ҳар вақт сарзаниш мекунад» [25, с. 114].

Омили дигар зери назари фарзандҳо, домодҳо ва ҷонибдорони Низомулмулк қарор гирифтани қаламрави мамлакат: «Фарзандон ва домодон ва ғуломонро ба иёлат ва ҳукумат ва аморат дар мамолик мунташир гардонид» [26, с. 50]. Ин қудрат ғурури фарзандони ӯро ба вуҷуд оварда буд, ки он боиси нохушнудии Маликшоҳи Салчуқӣ гардид. Маликшоҳ медид ва эҳсос мекард, ки қудрати вазир ва фарзандонаш аз қудрати ӯ бештар аст. Табиист, ки Маликшоҳ ин гуна вазъиятро наметавонист таҳаммул кунад. Донишманди муосири эронӣ Аббос Иқбол дар ин бора чунин менависад «Аммо Маликшоҳ бо вуҷуди майли қаблӣ, ки ба кӯтоҳ кардани дасти Хоҷа ва писар ва касони ӯ аз корҳо бинобар маслиҳат ва бим аз таваллуди иғтишош (шӯру ошуб) дошт, асосан наметавонист ба ин кор (халъи Хоҷа аз симати садорат) иқдом кунад ва бахусус, ки ҷамоате аз лашкариён ҷиддан аз Хоҷа ва фарзандони ӯ ҳимоят мекарданд. Ва тоифае аз эшон, ки ғуломони Низомия хонда мешуданд,

мустаъиди (омодаи) он буданд, ки андак муомила сӯе, ки нисбат ба махдумини эшон раво дошта шавад, сар ба шӯриш ва туғён бардоранд» [13, с. 335].

Муҳаммад ибни Хованшоҳ ибни Маҳмуд маъруф ба Мирхонд (1434-1498) дар китоби «Равзат-ус-сафо фӣ сирати-л-анбиё в-ал-мулук в-ал-хулафо»-аш ба он нукта ишора менамояд, ки «султон Маликшоҳ дар тули муддати вазорати Хоҷа ва истилои ӯ бар мамолик ва тасарруфи ӯ дар амвол бар сабили истиқлол ва ба ҳукми писарон ва домод ва ноибони вай дар он ҷо ва акҳсори ҷаҳон мутаббарин ва малул шуда буд» [21, с. 298].

Қудрату тавоноӣ ва нуфузи фарзандони Низомулмулк то ҷое афзоиш ёфт ва боло рафт, ки ҳеҷ ҳаросе аз Маликшоҳ надоштанд ва ба ҳар амали хубу носазо даст мезаданд. Аз ҷумла Бундори Исфаҳонӣ дар китоби «Зубдат-ун-нусра» аз писари Низомулмулк Ҷамолулмулк менависад, ки ба худ иҷозати корҳоеро медод, ки дар салоҳияташ набуд: «Ҷамолулмулк Абӯмансур писари бузурги Низомулмулк буд ва падараш дар рӯзгори Алпарслон аз вай хост то вазири Маликшоҳ шавад. Ҷамолулмулк дар ҷавоб гуфт: Чун ман вазири бачае намешавад. Ӯ сипас дар Балх сокин шуд ва дар он шаҳрҳо муставлӣ буд. Шунид, ки Доқаки Ҷаъфарак дар Исфаҳон аз падараш бадгӯӣ карда ва вазоратро ҳаққи Баҳманёр гуфтааст. Вай аз Балх ба Исфаҳон омад ва дар муқобили султон Ҷаъфаракро гирифт ва забонаш аз пӯшти сари ӯ даровард ва Ҷаъфарак бимурд. Сипас бо тадбир ин Баҳманёрро гирифт ва дар банд кард» [15, с. 82].

Бояд гуфт, ки дигар моҷароҳои фарзандони Низомулмулк ва сарпечии онҳо аз дастурҳои шоҳ назари неки Маликшоҳ нисбат ба Низомулмулкро ба тарафи манфӣ тағйир медод. Ин муноқишаҳо боиси коҳиши эътибори вазир дар пеши султон гашта, масъалаи дур кардани Низомулмулкро аз вазорат бештар матраҳ сохт. «Шояд маҷмуаи авомили фавқ буд, ки Хоҷа беҳтар дид қабл аз ин, ки султон барканории вайро аз мансаби вазорат бихоҳад, вай истеъфо диҳад» [29, с. 220].

Омили севум ихтилофи назарҳои Маликшоҳи Салҷуқӣ ва Низомулмулк дар муносибат ба халифаи Бағдод буд. Маликшоҳ дар фикри маҳдуд намудани қудрати халифа, ҳатто сарнагун намудани ӯ афтод. Аммо Низомулмулк эҳтироми хосе ба халифа дошт. Аз ҷониби дигар халифа Муқтадӣ (1075-1094), ки пайрави мазҳаби шофеӣ буд, ин муносибати Низомулмулкро нисбат ба худаш шунида, эҳтиромаш нисбат ба вай афзуд. Дар дувумин сафари Низомулмулк ба шаҳри Бағдод дар соли 1091 халифа Муқтадӣ иҷозаи нишастан дар баробари маснади хилофат ба ӯ дода, мегӯяд: «Эй Ҳасан, ҳамон тавр ки хотири маро фароҳам кардӣ, Худованд низ аз ту хушнуд хоҳад шуд. Хоҷа дар посухи ин мужда гуфт: «Умедворам худованди олам дуои амиралмуъмининро мустаҷоб фармояд» [29, с. 223].

Маликшоҳ, ки дар фикри сарнагун кардани халифа афтода буд, Низомулмулкро дар ин амр садди роҳи худ медонист. Издивоҷи хоҳари Маликшоҳ – Моҳмулк (аз издивоҷи Моҳмулк бо халифа Муқтадӣ писаре бо номи амир Ҷаъфар ба дунё омад [27, с. 440], бо халифа ва восита будани Низомулмулк ба манзури рафъи ин ихтилоф мавқеияти халифаро устувор нигаҳ медошт. Аммо қатли Низомулмулк майдонро барои Маликшоҳ дар ин кор боз намуд. Маликшоҳ дар охирин сафари худ ба Бағдод дар соли 1092, ки пас аз марги Низомулмулк иттифоқ афтод, хост, ки тасмими худро ба иҷро расонида, халифаро сарнагун созад. Аммо дере нагузашта Маликшоҳ низ вафот кард.

Омили чаҳорум ҷой доштани ихтилофот дар байни Низомулмулк ва ҳамсари Маликшоҳ Туркончотун дар бораи он, ки чӣ касе бояд ҷонишини Маликшоҳ гардад. Писари Туркончотун Довуд, ки писари дӯстдори падар Маликшоҳ буд, бояд ҷойнишини падар мешуд, аммо соли 1081 Довуд вафот кард. Баъди шаш сол Маликшоҳ писари дигари худ Абӯшуҷоъро ҷойнишини худ интихоб намуд, аммо чанде баъд вай ҳам вафот кард. Баъд аз он Туркончотун хост, ки писари севумаш Маҳмудро, ки нисбат ба дигар номзадҳо ҷавонтар буд, ба ҷойнишинии Маликшоҳ пешниҳод кунад. Аммо бар хилофи Туркончотун Низомулмулк ва бисёре аз сарварони сипоҳ мехостанд писари дигари Маликшоҳ-Баркиёруқ, ки модараш Зубайдахотун - шоҳзодахонуми салҷуқӣ, духтари Ёқут (писари Ҷағробек) буд, ҷонишини шоҳ бошад. Баркиёруқ писари калонии Маликшоҳ ва лоиқтар аз дигар бародаронаш дар ҷойнишинии падар дида мешуд. Дар мавриди ин моҷаро Хондамир дар

«Дастур-ул-вузаро» менависад: «Бинобар ин миёни Хоҷа ва Туркончотун бар асари ҷойнишинии султон Маликшоҳ ғубор ва нақор иртифоъ ёфта, зеро Хоҷа тарафдори Баркиёруқ буд ва Туркон дар хилват ба қабеҳи афъол ва аҳволи Хоҷа сутуда, хисоли иштиғол менамуд... Ва мегуфт, ки Низомулмулк дувоздаҳ писар дорад, ки эшонро ба масобаи айимаи исноашар дар чашми мардум азиз гардонида аст ва ҳукумати мамлакатро бар он ҷамоат тақсим намуда ва тариқи манофеъро бо дигар ҳавас ва муқаррабон масдуд сохт. Ин калимот дар хотири султон таъсир карда буд» [31, с. 195]. Зери таъсири ин гуфтаҳо муносибати Маликшоҳ ба Низомулмулк тағйир ёфт. Конпурӣ А. аз қавли Низомулмулк дар бораи мухолифати Туркончотун чунин менависад: «Муддате аст, ки ҳарами бузург (Туркончотун)-ро аз ман малол воқеъ аст. Ба воситаи он, ки мехоҳад то подшоҳ валиаҳдии худро ба фарзанди ӯ Маҳмуд диҳад. Хотире дорад мунҳариф ҳарчанд бар атроф ва ҷавониб мегардад ва мехоҳад муфсада ба ман иснод кунад, ки муҷиби тағйири мизоҷи султон бошад ва аз ҷавомеъи бадсиголаи ман ва мухолифони ман истинтоқ мекунад ҳеҷ муяссар намешавад ва ҳеҷ наметавонад гуфт илали он ки Хоҷа мамлакатро миёни фарзандони худ қисмат намуда агар чи касе дигар матлаъ нест валекин ҳамин маро маълум аст, ки ин сухан дар ботини султон таъсир карда...» [19, с. 100-101].

Омили панҷум ихтилофи Низомулмулк бо бархе аз вазирон. Вазирони мухолифи Низомулмулк ба ду гурӯҳ ҷудо мешуданд. Гурӯҳи аввал онҳое, буданд, ки бар асоси ҳисси ҷоҳталабии худ бо Низомулмулк ба мухолифат бархостанд. Дар ин шумор Ибни Баҳманёр ва Абдулмаҳосин Муҳаммад буданд. Ибни Баҳманёр бар асари ин қудратталабӣ аз ҷониби писари Низомулмулк боздошт ва кӯр карда шуд.

Гурӯҳи дувум касоне буданд, ки Низомулмулк нагузошт то эътимоди шоҳ ва ҳамсари ӯ Туркончотунро ба даст ованд ва ба мақомҳои олӣ бирасанд. Ин гурӯҳ асосан аз пайравони мазҳаби ташаюъ буда, кӯшиш менамуданд, ки бо барканор намудани Низомулмулк аз вазифааш пеши роҳи фишори давлат ба шиёнро бигиранд. Дар баробари ин бо ҳимояи шоҳ ва ҳамсараш Туркончотун битавонанд ба хилофати Аббосиён зарба зананд. Аз миёни ин гурӯҳ метавон аз Тоҷулмулук Абдулғаноим ва Маҷдулмулки Қумӣ ном бурд. Ҳамчунин, Абдулмаҳосин Муҳаммад, ки ноиби Камолуддавла дар девони туғро буд, ба дастури Маликшоҳ соли 1083 кушта шуд. Тибқи навиштаи Нуруллоҳ Кисоӣ аз ҷумлаи таблиғоти шуме, ки Абдулмаҳосин Муҳаммад менамуд ин буд, ки «соли 1083 як сол пас аз қатли Ҷамолулмулк бархе аз гуфтугӯҳои байни Маликшоҳ ва надимони ӯ ба гӯши Хоҷа расид. Аз он ҷумла ба вай гуфтанд, ки подшоҳ эшонро таслим мекунад, ҳазор-ҳазор динор аз эшон гирифта таслими хазинаи султон мекунад. Хоҷа бо шунидани ин хабар зиёфати шоҳонае тартиб дод ва ғуломони низомияро, ки чанд ҳазор тан буданд, силоҳ пӯшонд ва гирдогирди хон таъбия намуд ва пас аз баргузории зиёфат замин бӯсид ва изҳор дошт: Ман умреро дар хидмати султон, ба падар ва ҷаддаш ба сар бурда ва ҳаққи хидмати ман бар ин давлат собит аст. Ба султон расонидаанд, ки ман ушри амволи ӯро тасарруф мекунам. Ин рост аст. Вале ин ё бар ғуломон сарф мекунам, ки барои подшоҳ гирд овардаам ё ба масрафи хайрот ва мубаррот ва салот ва авқоф мерасонам, ки ачраш ойиди султон мешавад. Ин ки ман ва онҷи марост дар пешгоҳи султон аст. Бифармоед ҷумларо забт оранд ва маро бо хирқае дар зовияе ба зиллат боқӣ гузоранд» [17, с. 18]. Дар мавриди онки баъди ин суханронии Низомулмулк чи гузашт, Ибни Асир менависад, ки «Шоҳ барои истимолот аз вазир дастур дод Абдулмаҳосинро соли 1083 куштанд» [17, с. 256].

Соли 1092 байни ҳокими Марв Тоҷулмулк ва яке аз писарони Низомулмулк Шамсулмулк Усмон низоъ бархост. Ҳокими Марв назди шоҳ шикоят кард ва Маликшоҳ Тоҷулмулк ва Маҷдулмулкро бо пайғоме назди Низомулмулк фиристод, ки Бундори Исфаҳонӣ онро ба ин мазмун меорад: «Ту бар кишвари ман мусаллат шудаӣ ва шаҳрҳоро миёни фарзандон ва домодҳоят ва ғуломонат тақсим кардаӣ. Мисли ин аст, ки дар кишвар шарики ман ҳастӣ. Оё мехоҳӣ, ки бо бардоштани давоти садорат аз муқобили ту фармон диҳам ва мардумро аз ситами ту бираҳонам» [26, с. 49].

Омили шашум ин муносибати Низомулмулк бо пайравони мазҳаби исмоилияи Эрон ва пешвои онон Ҳасани Саббоҳ аст. Ҳасан ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Ҷаъфар, ки бо

номи Ҳасани Саббоҳ дар таърих маъруф аст, дар Рай таваллуд шудааст. Мувофиқи хабари Ҳамдуллоҳи Муставфӣ Ҳасани Саббоҳ дар дарбори Алпарслон ба сифати ҳоҷиб кор мекард ва миёни ӯ, ки шиаи исноашарӣ буд ва Низомулмулк, ки суннӣ буд, «кини дин қоим буд» [27, с. 431]. Ба ривояти ҳамин манбаъ Алпарслон рӯзе аз вазираш Низомулмулк нусхаи ҷамъу харҷи маҳсули мамлакатро дархост кард ва Низомулмулк муддати таҳияи онро ду сол муайян намуд. Чун дар ин суҳбат Ҳасани Саббоҳ низ ҳузур дошт, гуфт, ки чунин корро дар чиҳил рӯз тамом кунад. Ҳасани Саббоҳ дар муддати ваъдакардааш ин корро анҷом медиҳад ва Низомулмулк дебочаи он гузоришро тавассути гумоштагони худ мегирад. Ҳасани Саббоҳ бехабар аз ин кор ин гузоришро ба назди Алпарслон бурд ва аз ин авроқи парешон чизе натавонист ба султон гузориш бидиҳад. Низомулмулк, ки дар ин қабули Алпарслон низ иштирок дошт, гуфт: «Дафтаре, ки доноёнро ба ду сол тамом бояд кард, ҷоҳиле ба чиҳил рӯз тамом кунад, ҳосили ӯ чуз ин ҳону ҳун набошад. Султон аз Ҳасани Саббоҳ биранҷид ва хитобе хост фармуд. Аммо чун баркашидаи ӯ буд, таваққуфе намуд. Ҳасани Саббоҳ аз ҳазрати султон бичаст ва сар ба илҳоду зандиқа бароварда» [27, с. 431-432].

Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ дар фасли «Исмоилиёни Эрон»-и рисолааш, ки аз Ҳасани Саббоҳ шуруъ мешавад, оғози душмании Ҳасани Саббоҳ бо Низомулмулкро на аз ихтилофҳои мазҳабӣ, балки пеш аз ҳама сари ҳисоби мамлакат медонад: «Миёни ӯ ва Низомулмулки вазир бар сари ҳисоби мамолик, чунон ки зикр рафт, хусумат афтод» [26, с. 49].

Чуноне ки дида шуд, Ҳасани Саббоҳ, ки марди доно ва зирак буд, дар ибтидо бо мусоидати Низомулмулк ба дарбори Салҷуқиён кашида мешавад. Аммо дере нагузашта ба гуфтаи Б.Ғафуров «дар натиҷаи ҷоҳталабӣ ва дигар хусусиятҳои ӯ» дар байни вай ва Низомулмулк ихтилоф меафтад ва ин боис шуд, ки Ҳасани Саббоҳро соли 1078 аз дарбори Салҷуқиён берун карданд [9, с. 214-215]. Академик Б. Ғафуров қатли Низомулмулкро тавассути фидоии фиристодашуда аз ҷониби Ҳасани Саббоҳ медонад [7, с. 243, 269, 398].

Донишманди шуравӣ Е.Э. Бартелс (1890-1957) дӯстии Низомулмулк ва Ҳасани Саббоҳро, ки сохтаҳои тазкиранависони пасин аст, афсонае беш намедонад [26, с. 49].

Баъд аз хориҷ шудан аз дарбор, ба ривояти Ҷувайнӣ, Ҳасани Саббоҳ ба зодгоҳаш Рай омада, бо чанд тан доиёни исмоилӣ ошно гардид ва ба мазҳаби онон дилбастагӣ ёфт. Соли 471 ҳ.қ./1078-1079 ба Қоҳира омада, як сол бештар дар он ҷо зиндагӣ кард ва ба дарбори халифаҳои Фотимӣ роҳ ёфт ва баъдан ба Эрон омада, қалъаи Аламут ва дигар қалъаҳои наздик ба онро ба даст оварда, дар дохили давлати Салҷуқиён минтақаеро мустақил сохт ва муддати 35 сол дар Аламут зист ва аз он ҷо берун нарафт. Маликшоҳи Салҷуқӣ натавонист Ҳасани Саббоҳро аз роҳи сулҳ моил ба хеш кунад ва дар оғози соли 485 ҳ.қ./ моҳи феврали 1092 лашкареро бо фармондеҳии Алтунтош, ки заминҳои Рӯдбор чун иқтоъ марбуташ буданд, ба ҷанги ӯ фиристод. Алтунтош вазъи Ҳасани Саббоҳро мушкил кард ва ҳар киро аз тарафдорони Ҳасани Саббоҳ меёфт, мекушт. Чун Алтунтош вафот кард, вазъи Ҳасани Саббоҳ андаке ором шуд [27, с. 519]. Аммо Низомулмулк, ки дар мубориза бар зидди пайравони мазҳаби исмоилия ва саркӯб намудани онҳо нақши калидӣ дошт, ба фишори Ҳасани Саббоҳ идома дод. Нуқтаи олии ин мубориза бо ризоияти Низомулмулк фиристодани сипоҳиён бо сарвории Арслонтош аз ҷониби Маликшоҳ барои саркӯбии Ҳасани Саббоҳ ва фатҳи қалъаи Аламут буд. Ҳасани Саббоҳ аз пешвои исмоилиёни Қазвин Деҳдор Абӯалӣ [27, с. 519] мадад хост [23, с. 188-215], «Ҳамла барои тасарруфи қалъаи Аламут мунҷар ба муҳосираи ин қалъа гардид ва Ҳасани Саббоҳ дар тангно қарор гирифт. Аммо бо расидани неруи кумакӣ аз тарафи Деҳдор Бӯалӣ барои Ҳасани Саббоҳ сардори салҷуқӣ шикаст хӯрд ва ҳанӯз чанд рӯзе аз расидани вай ба хидмати султон нагузашта буд, ки Низомулмулк кушта шуд» [26, с. 49].

Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ дар асараш «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод», ки соли 600 ҳ.қ./1203-1204 онро таълиф кардааст, аз душмании Низомулмулк бо исмоилиён ёд карда, менависад: «Гӯянд Хоҷа Низомулмулк, ки бо фирқаи ботинӣ бисёр душманӣ меварзид, ботиниён пайи фурсате мегаштанд, ки ба қатлаш бирасонанд» [26, с. 49].

Ҷувайнӣ низ аз душмании ақидатии Низомулмулк бо Ҳасани Саббоҳ зикр карда, менависад, ки «Ҳасани Саббоҳ масоид (домҳо)-и макоид (макрҳо) бигустард, то сайде шигарф чун Низомулмулк дар доми ҳалок овард... Шахсе Бӯтоҳири Арронӣ ном бо ин залолат, ки талаби саодати охират мекард, шаби одинаи дувоздаҳуми рамазони санаи 485 ҳ.к/16 октябри соли 1092 ба ҳудуди Наҳованд дар манзиле, ки Саҳна хонанд, ба шакли сӯфӣ пеши миҳфа (тахти равон)-и Низомулмулк рафт...корде бар ӯ зад ва Низомулмулк аз он захм шаҳид шуд ва аввал касе, ки фидоиён куштанд Низомулмулк буд» [23, с. 204].

Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ қатли Низомулмулкро 10 рамазони соли 485 ҳ.қ./14 октябри 1092 дар маҳалле бо номи Саҳна ба дасти «фидоиёни мулҳид» медонад ва меафзояд, ки «ин аввалин хуне буд, ки фидоиён дар Эрон карданд» [26, с. 50].

Низомулмулк ба навиштаи Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ шаби ҷумъаи 21 рамазони соли 485 ҳ.қ./25 октябри 1092 дар рустои Қайдиҷон тобеи Наҳованд, [26, с. 49], баъд аз ифтор дар тахти равон аз боргоҳи шоҳӣ ба хиргоҳи хеш мерафт, ҷавоне аз фидоиёни исмоилӣ ба номи Бӯтоҳири Арронӣ дар либоси сӯфиён ба баҳонаи тақдими арзи ҳол наздики ӯ рафта, корде бар вай зад ва Низомулмулк аз он захм кушта шуд [30, с. 218]. Бино ба ахбори муаллифи «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод» «ҷанозаи шарифашро ба Исфаҳон баргардониданд ва дар донишгоҳи сохти хеш дафнаш карданд» [11, с. 204]. Ин мавзеъ баъдан бо номи Турбати Низом маъруф гардид.

Пас аз кушта шудани Низомулмулк ва марги Маликшоҳи Салҷуқӣ Ҳасани Саббоҳ ва пайравони ӯ дар Эрон нуфузи бештар ёфтанд ва фидоиёни исмоилӣ дар куштани мухолифони мазҳаби хеш густохтар шуданд. Ин буд, ки вазирон ва амирони давлати Салҷуқӣ аз бими фидоиёни исмоилӣ ҳамеша дар зери либос ҷавшан ва зиреҳ мепӯшиданд. Бино ба ахбори Ҷувайнӣ баъди қатли Низомулмулк исмоилиён ба ҷони ду писараш - яке Абӯнаср Аҳмад ибни Низомулмулк дар Бағдод ва дигаре Абӯфатҳ Музаффар ибни Низомулмулк маъруф ба Фахрулмулк дар Нишопур сӯиқасд карданд. Абӯнаср Аҳмад ки ӯ низ монанди падараш лақаби Низомулмулк дошт ва аз соли 500 то 504 ҳ.қ./1106-07-1110-1111 вазири султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ ва аз соли 516 то 517ҳ.қ./1122-23-1123-1124 вазири халифа Абӯмансури Мустаршид (1118-1135) буд, соли 507 ҳ.қ./1113-14 дар Бағдод аз захми корди фидоиёни исмоилӣ ба қавли Ҷувайнӣ мафлуҷ гашт [32, с. 207]. Фахрулмулк, ки соли 488 ҳ.қ./1095 ба вазорати Барқиёруқи Салҷуқӣ ва соли 490 ҳ.қ /1096-97 ба вазорати султон Санҷар дар Хуросон мансуб гардида буд, муддати даҳ сол то охири умри худ дар он мақом бимонд ва соли 500 ҳ.к/1106-07 дар Нишопур ба дасти фидоиёни исмоилӣ кушта шуд [32, с. 207].

Рақибони Низомулмулки Тӯсӣ - Тоҷулмулк ва Маҷдулмулк пас аз ҳодисаи кушта шуданаш аз ҷониби тарафдорони ин вазир ба қатл расиданд [26, с. 51].

Дар осори таърихии баъд аз Низомулмулк мо танҳо васфи атвори неки ӯро ба мушоҳида мегирем. Аз ҷумла Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ менависад: «Аз бад-ӯ хилқат то имрӯз чун ӯ вазире ботадбир ва донишдӯст ва хайрандеше набудааст» [19, с. 11-12].

Носируддин Муншии Кирмонӣ бо муҳаббат аз Низомулмулк сифот карда, ӯро «садри ҷаридаи вузарои олишон ва сархайли тавоифи мудаббирони мамолики рӯи замин» ном бурда [26, с. 49], пешгӯиҳои Низомулмулкро дар номааш ба Маликшоҳ, ки тоҷи султонӣ бо давоти вазорат ҳарду бо ҳам бастаанд ва ба ҳам пайваста ва ҳар вақт ин давоти вазорат аз ман баргиранд, он тоҷ низ аз сари ту гирифта хоҳад шуд, чун фоле дониста, мегӯяд, ки «султон Маликшоҳ баъд аз як моҳ ҷаҳонро видоъ кард ва ақиби қатли хоҷа ва вафоти султон... навоири шарру фитна сар бароварда ва балову фасод дар билоду ибод ба қатли вазир ва вафоти султон дар ҷунбиш омад» [26, с. 49]. Дар ин иртибот Б.Ғафуров менависад, ки марги Низомулмулк дар таърихи давраи салтанати Салҷуқиён муқаддимаи вайроншавии ин давлат гардид [9, с. 215].

Хулоса, Низомулмулки Тӯсӣ - ин шахсияти бузурги сиёсат ва вазорат ба подшоҳони турки бодиянишини Салҷуқӣ усули давлатдорӣ, идораи раият, сарварии лашкар ва кишваркушоиҳоро омӯзонид ва давлати васеъ аз Ҳалаб гирифта, то Кошғарро зери фармони

онҳо овард. Тамоми дастовардҳои султонҳои Салчуқии аҳди Низомулмулк натиҷаи лаёқату кордонии ин вазири ботадбири хуросонӣ буд. Аммо туркони Салҷуқӣ поси хадамоти бузурги Низомулмулкро дар давлатсозии онон надонистанд ва бо иғвои душманонаш ӯро аз вазорат маъзул карданд ва авзои мулкро ошуфта сохтанд.

Адабиёт:

1. Агаджанов С.Г. Очерки истории огузов и туркмен Средней Азии IX-XIII. вв. / Агаджанов С.Г. Ашхабад: Ылым, 1969. -294 с.
2. Бертелс Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ. Аз даврони Фирдавсӣ то аҳди Салҷуқиён. Тарҷума ба форсӣ аз С.Эзидӣ. Чопи аввал / Бертелс Е.Э. Теҳрон: Интишороти Ҳирманд, 1374. -400 с.
3. Бертельс Е.Э. Очерки истории персидской литературы / Бертельс Е.Э. Ленинград: Издание Ленинградского восточного института имени А.С.Енукидзе, 1928. -203 с.
4. Бовел Ҷ.О. Таърихи Эрони Кембриҷ. Ҷ.5 / Ҷ.О. Бовел Теҳрон, 1987. -630 с.
5. Бундори Исфаҳонӣ Таърихи силсилаи Салҷуқӣ / Бундори Исфаҳонӣ. Тарҷумаи Муҳаммадҳусайни Ҷалилӣ. Теҳрон, 1977. -480 с.
6. Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. Издание второе, исправленное и дополненное / Б.Г. Гафуров Москва: Государственное издательство политической литературы, 1952. -508 с.
7. Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. Издание третье, исправленное и дополненное / Б.Г. Гафуров Т.I. Москва: Государственное издательство политической литературы, 1955.-544 с.
8. Гафуров Б.Г. Таджики древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Г. Гафуров Москва: Наука, 1972. -658 с.
9. Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ.I. / Б. Ғафуров Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. -384 с.
10. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Китоби якум. Душанбе, 1983. С. 535.
11. Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Осор -ул-билод ва ахбор-ул-ибод. Тарҷума аз арабӣ А.Шарафкандӣ / Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуди Қазвинӣ. Теҳрон: Муассисаи илмии андешаи ҷавон, 1366. -271 с.
12. Ибни Асир. Комили таърихи бузурги ислом ва Эрон. Тарҷумаи Алӣ Ҳошимии Ҳоирӣ. Ҷ. 17 / Ибни Асир. Теҳрон. 1991. -848 с.
13. Иқбол А. Таърихи Эрон / Иқбол А. Теҳрон, 1983. -792 с.
14. История таджикского народа. Т.III. Душанбе: Дониш, 2013. -579 с.
15. Исфаҳонӣ Б. Таърихи силсилаи Салчуқӣ. Тарҷумаи Муҳаммадҳусайни Ҷалилӣ / Исфаҳонӣ Б.. Теҳрон, 1977.
16. Камол Х. История вторжения кочевых племен в Мавераннахр и Хорасан (XVI в.) / Камол Х. Душанбе: Дониш, 2012. -408 с.
17. Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Чопи дувум / Кисоӣ Н. Теҳрон, 1984. -347 с.
18. Кисоӣ Н. Мадориси низомия ва таъсироти илмӣ ва иҷтимоии он. Чопи севум / Кисоӣ Н. Теҳрон, 1995. -347 с.
19. Конпурӣ А. Зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Тарҷумаи Мустафо Таботабоӣ / Конпурӣ А. Техрон, 1974. -524 с.
20. Конпурӣ А. Зиндагиномаи Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. Тарҷумаи Мустафо Таботабоӣ / Конпурӣ А. Техрон, 1975. -524 с.
21. Мирхонд Равзат-ус-сафо. Ҷ. 4 / Мирхонд. Теҳрон, 1983.
22. Мунадҷимбошӣ Саҳоиф-ул-ахбор / Мунадҷимбошӣ. Истамбул, 1285 ҳ.қ.
23. Муҳаммади Ҷувайнӣ Таърихи ҷаҳонкушои Ҷувайнӣ Ҷ.3. Ба саъй ва эҳтимоми М.Қазвинӣ. Чопи сеюм / Муҳаммади Ҷувайнӣ. Теҳрон: Дунёи китоб, 1382. -590 с.
24. Нахҷавонӣ Ҳиндушоҳ Таҷоруб-ус-салаф / Нахҷавонӣ Ҳиндушоҳ. Теҳрон, 1965.

25.Низомулмулк. Сиёсатнома. Бо ҳавошӣ ва ёддоштҳо ва ишорот ва тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ. Чопи дувум / Низомулмулк. Теҳрон, 1344. -295 с.

26. Носируддин Муншии Кирмонӣ Насоим-ул-асҳор мин латоим- ул- ахбор. Дар таърихи вузаро. Ба тасҳеҳ, муқаддима ва таълиқи Мирҷалолуддини Ҳусайнии Урмавӣ. Чопи дувум / Носируддин Муншии Кирмонӣ. Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1364. -160 с.

27. Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ Таърихи гузида. Ба эҳтимоми А.Навоӣ. Чопи панҷум. Теҳрон: Амир Кабир, 1387. -816 с.

28. Сайф Озод Абдурраҳмон Таърихи хулафои Фотимӣ / Сайф Озод Абдурраҳмон. Теҳрон, 1989.

29. Самарҷонӣ Ҳ. Беҳтарини тоҷикон. Теҳрон, 2004. С. 220.

30. Фалсафӣ Н. Ҳашт мақолаи таърихӣ ва адабӣ. Теҳрон, 1951. С. 218.

31. Хондамир. Дастур-ул-вузаро / Хондамир. Теҳрон, 1938.

32. Ҷувайнӣ. Таърихи ҷаҳонкушои Ҷувайнӣ. Ҷ.3. С.206.

НИЗОМУЛМУЛК- ХОДИМИ МАЪРУФИ СИЁСИИ АСРИ XI

Мақола ба баррасии ҳаёт, фаъолияти сиёсиву ҷамъиятӣ ва нақши таърихии вазири шинохтаи давраи Салҷуқиён — Низомулмулки Тӯсӣ (асри XI) бахшида шудааст. Дар мақола роҳи зиндагии Низомулмулк аз давраи кӯдакӣ ва таҳсил дар Тӯсу Нишопур то расидан ба мақоми баланди вазорат дар дарбори султонҳо Алпарслон ва Маликшоҳ таҳлил мегардад. Муаллиф ислоҳоти муҳимми аграриву низомии ӯ (аз ҷумла ислоҳоти низоми иқтоъ), саҳми вай дар эҳё ва таҳкими анъанаҳои давлатдории тоҷикон (сомониён), инчунин нақши ӯ дар рушди илму маориф тавассути таъсиси мадрасаҳои «Низомия»-ро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

Бахши алоҳидаи мақола ба таҳлили ҳаматарафаи омилҳои сӯиқасд ва қатли Низомулмулк, аз қабили ихтилофоти мазҳабӣ, рақобатҳои дарборӣ (аз ҷумла бо Турконхотун ва Тоҷулмулук), муносибатҳо бо халифаи Бағдод ва душмании созишнашаванда бо ҷунбиши исмоилиён ва Ҳасани Саббоҳ нигаронида шудааст. Дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ хулоса карда мешавад, ки марги Низомулмулк оғози инқирози давлати бузурги Салҷуқиён гардид.

Калидвожаҳо: Низомулмулки Тӯсӣ, Салҷуқиён, Алпарслон, Маликшоҳ, вазорат, ислоҳоти иқтоъ, мадрасаи «Низомия», «Сиёсатнома», Ҳасани Саббоҳ, фидоиёни исмоилӣ.

НИЗОМУЛЬМУЛЬК — ИЗВЕСТНЫЙ ПОЛИТИЧЕСКИЙ ДЕЯТЕЛЬ XI ВЕКА

Статья посвящена исследованию жизни, государственно-политической деятельности и исторической роли выдающегося визиря сельджукской эпохи — Низомуль-Мулька ат-Туси (XI в.). В работе прослеживается жизненный путь Низомуль-Мулька с периода обучения в Тусе и Нишапуре до его восхождения на пост верховного визиря при султанах Алп-Арслане и Малик-шахе. Автор анализирует ключевые аграрные и военные реформы визиря (в частности, реформу системы икта), его вклад в возрождение традиций таджикской (саманидской) государственности, а также роль в развитии образования и науки через создание сети институтов «Низамия».

Особое внимание в статье уделено всестороннему анализу причин и факторов убийства Низомуль-Мулька, среди которых выделяются конфессиональные разногласия, придворные интриги (в том числе противостояние с Туркан-хатун и Таджаль-Мульком), сложные взаимоотношения с Багдадским халифатом и непримиримая вражда с исмаилитским движением Хасана ибн Саббаха. На основе исторических источников делается вывод, что гибель Низомуль-Мулька стала началом заката великой Сельджукской империи.

Ключевые слова: Низомуль-Мульк, Сельджуки, Алп-Арслан, Малик-шах, институт визирата, реформа икта, медресе «Низамия», «Сиёсатнаме», Хасан ибн Саббах, исмаилиты-фидаи.

NIZAM AL-MULK: A PROMINENT POLITICAL FIGURE OF THE 11TH CENTURY

The article is devoted to the study of the life, state-political activity, and historical role of the outstanding vizier of the Seljuk era—Nizam al-Mulk at-Tusi (11th century). The paper traces Nizam al-Mulk's life path from his education in Tūs and Nishapur to his elevation to the post of Grand Vizier under the Sultans Alp Arslan and Malik Shah. The author analyzes the key agrarian and military reforms of the vizier (in particular, the reform of the iqta system), his contribution to the revival of Tajik (Samanid) statehood traditions, as well as his role in the development of education and science through the establishment of the network of «Nizamiyya» institutions.

Particular attention in the article is paid to a comprehensive analysis of the causes and factors behind Nizam al-Mulk's assassination, among which confessional disagreements, court intrigues (including confrontation with Terken Khatun and Taj al-Mulk), complex relations with the Baghdad Caliphate, and irreconcilable enmity with Hasan-i Sabbah's Ismaili movement stand out. Based on historical sources, it is concluded that the death of Nizam al-Mulk marked the beginning of the decline of the Great Seljuk Empire.

Keywords: Nizam al-Mulk, Seljuks, Alp Arslan, Malik Shah, institution of vizierate, iqta reform, Nizamiyya madrasas, Siyasatnama, Hasan-i Sabbah, Ismaili fida'is.

Маълумот дар бораи муаллиф: Садриддини Айниддин, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Садриддин Айни, 67. Тел.:883777676, Email.ayniddin.sadriddin@mail.ru

Сведения об авторе: Садриддини Айниддин, кандидат исторических наук, доцент кафедры методики преподавания истории и права Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Садриддина Айни, 67. Тел.: 883777676, Email: ayniddin.sadriddin@mail.ru

Information about the author: Sadriddini Ayniddin, candidate of historical sciences, associate professor at the department of history and law teaching methodology, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Address: 735140. Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni street, 67. Tel.: 883777676, Email: ayniddin.sadriddin@mail.ru

Муқарриз: Ватанзода Ш.В., д.ф. (PhD), аз рӯйи ихтисоси таърих, муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ПЕДАГОГИКА

ТДУ:37.0+373/378(045)
З-20

МУҲИТИ ТАЪЛИМИИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН ОМИЛЕ БАРОИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОР

Сафарзода М.В., д.и.п., профессор
Зайдуллозода С.С., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа маориф яке аз соҳаҳое мебошад, ки таъсири табдили рақамиро зуд ва амиқ эҳсос мекунад. Рақамикунонии муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ талаб менамояд, ки низоми таҳсилот на танҳо воситаҳои нави техникӣ, балки тарзи нави фикрронӣ, шаклҳои нави ҳамкорӣ ва меъёрҳои нави фаъолияти касбиро қабул намояд. Дар чунин шароит омӯзгор ҳамчун субъекти марказии раванди таълим бояд ба муҳити тағйирёбандаи рақамӣ мутобиқ шавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» маорифро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат муайян намуда, вазифаи баланд бардоштани сифати таълим, рушди шахсият ва омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеаро таъкид мекунад [1]. Аз ин рӯ, омӯзиши муҳити таълимии рақамӣ ҳамчун омили ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор аҳаммияти назариявӣ, методӣ ва амалӣ дорад.

Муҳити таълимии рақамӣ танҳо маҷмуи компютерҳо, интернет, тахтаи электронӣ ё платформаи омӯзишӣ нест. Он низоми мураккаби педагогӣ мебошад, ки дар он инфрасохтори техникӣ, муҳтавои рақамӣ, муносибатҳои омӯзгор ва таълимгиранда, роҳҳои арзёбӣ, идоракунии маълумот, иртиботи фосилавӣ ва фарҳанги истифодаи иттилоот бо ҳам пайваст мешаванд. Дар “Харитаи миллии роҳ оид ба табдили рақамии низоми маориф дар Тоҷикистон” муҳити рақамии таҳсилот ҳамчун самти устувори ислоҳот баррасӣ гардида, зарурати рушди инфрасохтор, платформаҳо, иқтидорҳои рақамӣ, захираҳои таълимӣ ва системаи мониторинги натиҷаҳои таълимӣ нишон дода шудааст [4]. Ин ҳолат исбот мекунад, ки муҳити рақамӣ дар маориф вазифаи техникӣ не, балки вазифаи амиқи педагогӣ ва идоракунии сифат мебошад.

Дар таҳсилоти касбӣ муҳити рақамӣ ба ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор таъсири махсус мерасонад, зеро омодасозии омӯзгор танҳо аз омӯзиши назария, азхудкунии фан ва гузаштани таҷрибаомӯзии анъанавӣ иборат буда наметавонад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» муассисаҳои таҳсилоти олиро ба таҳияи барномаҳо, татбиқи стандартҳои давлатӣ, истифодаи технологияҳои нави таълим ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи рушди ҷомеа вазифадор менамояд [2]. Аз ин ҷиҳат, муҳити рақамӣ барои муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ воситаи ташкили раванди муосири касбиятсозӣ мебошад.

Сифатҳои касбии омӯзгорро метавон ҳамчун маҷмуи устувори хусусиятҳои шахсӣ, маърифатӣ, методӣ, коммуникативӣ, ахлоқӣ ва рефлексивӣ фаҳмид, ки ба омӯзгор имкон медиҳанд фаъолияти педагогиро босифат, масъулона ва эҷодкорона анҷом диҳад. Дар шароити рақамӣ ин сифатҳо мазмуни нав мегиранд. Масалан, масъулияти омӯзгор на танҳо дар омодагӣ ба дарс ва муносибати дуруст ба хонанда зоҳир мешавад, балки дар интихоби манбаи боэътимоди электронӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, риояи ҳуқуқи муаллиф, пешгирии нусхабардории ғайриахлоқӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ низ ифода меёбад. Фарҳанги педагогӣ низ аз доираи муошират рӯ ба рӯ берун рафта, одоби муошират онлайнӣ, тарзи пешниҳоди фикр дар муҳити электронӣ ва қобилияти идора кардани баҳси рақамиро дар бар мегирад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳадафи ташкили низоми босифат, дастрас, инноватсионӣ ва мутобиқ ба талаботи

иқтисоди миллӣ ва ҷомеаи муосирро таъкид менамояд [3]. Ин ҳадаф бе рушди салоҳияти омӯзгорон амалӣ шуда наметавонад. Омӯзгор бояд қодир бошад, ки технологияро на ҳамчун воситаи иловагӣ, балки ҳамчун ҷузъи методии таълим истифода барад. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгор дар муҳити рақамӣ бояд мавзуъро бо истифодаи захираҳои гуногун шарҳ диҳад, фаъолиятҳои инфиродӣ ва гурӯҳиро ташкил намояд, супоришҳои интерактивӣ таҳия кунад, натиҷаи таълимро тавассути абзорҳои рақамӣ арзёбӣ намояд ва бо таълимгиранда робитаи баръакси саривақтӣ барқарор созад.

Яке аз сифатҳои асосии касбии омӯзгор дар муҳити рақамӣ салоҳияти рақамӣ мебошад. Ин мафҳум танҳо донистани кор бо компютерро ифода намекунад. Салоҳияти рақамӣ қобилияти интихоб, таҳлил, эҷод, истифода, арзёбӣ ва идора кардани иттилоот ва воситаҳои рақамиро дар вазъияти таълимӣ дар бар мегирад. Тибқи чорчӯбаи ЮНЕСКО оид ба салоҳияти ТИК-и омӯзгорон, истифодаи технологияҳо дар таълим бояд бо сиёсати таълимӣ, барномаи таълимӣ, педагогика, арзёбӣ, ташкил ва рушди касбӣ пайваст гардад [7]. Аз ин нуқтаи назар, муҳити рақамӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сифатҳои касбии худро дар амал инкишоф диҳад, аммо ҳамзамон аз ӯ масъулияти баландтар ва омодагии методии бештар талаб мекунад.

Чорчӯбаи аврупоии салоҳияти рақамии омӯзгорон DigCompEdu низ нишон медиҳад, ки салоҳияти рақамии педагогон аз якчанд самт иборат аст: фаъолияти касбӣ, истифодаи захираҳои рақамӣ, таълим ва омӯзиш, арзёбӣ, тавонмандсозии таълимгирандагон ва рушди салоҳияти рақамии онҳо [10]. Ин равиш барои таҳлили сифатҳои касбии омӯзгор аҳаммияти махсус дорад. Агар омӯзгор захираҳои рақамиро дуруст интихоб карда тавонад, ӯ сифатҳои методӣ ва таҳлилӣ нишон медиҳад; агар ӯ омӯзиши ҳамкоронаро дар муҳити онлайн ташкил кунад, сифатҳои коммуникативӣ ва ташкилотчигӣ инкишоф меёбанд; агар ӯ пешрафти хонандаро тавассути тестҳои электронӣ ва портфолио таҳлил намояд, сифатҳои арзёбӣ ва рефлексивии ӯ рушд мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи салоҳияти ТИК-и омӯзгорон хусусияти амалӣ гирифтааст. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи тахассусии салоҳияти ТИК-и омӯзгорро тасдиқ намудааст, ки дар он сатҳҳо ва самтҳои инкишофи қобилияти истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти педагогӣ муайян карда шудаанд [6]. ЮНЕСКО низ ин равандро ҳамчун қадами муҳим дар самти муосирсозии маориф ва такмили омодагии омӯзгорон арзёбӣ кардааст [8; 9]. Вуҷуди чунин ҳуҷҷатҳо далолат мекунад, ки муҳити таълимии рақамӣ барои омӯзгорон на танҳо шароити берунӣ, балки меъёри нави касбӣ мегардад.

Сифатҳои касбии омӯзгор дар муҳити рақамӣ метавонанд ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда шаванд. Гурӯҳи аввал сифатҳои маърифатӣ ва таҳлилӣ мебошанд. Ба онҳо қобилияти фикрронии интиқодӣ, таҳлили иттилоот, кор бо маълумоти калон, муқоисаи манбаъҳо, муайян кардани дурустӣ ва арзиши иттилоот дохил мешаванд. Дар замони зиёд шудани иттилооти шабакавӣ омӯзгор бояд ба таълимгиранда на танҳо маълумот диҳад, балки роҳи таҳлил ва интихоби иттилооти боэътимодро омӯзонад. Ин сифат барои ҳамаи омӯзгорон муҳим аст, зеро муҳити рақамӣ ҳам имконият ва ҳам хатар дорад: дар он дониш, иттилооти носаҳеҳ, таблиғ, нусхабардорӣ ва маводи номувофиқ якҷо мавҷуданд.

Гурӯҳи дуюм сифатҳои методӣ мебошанд. Муҳити рақамӣ аз омӯзгор талаб мекунад, ки методи дарсро вобаста ба мақсад, мазмун, синну сол, сатҳи омодагӣ ва шароити техникии таълимгирандагон интихоб намояд. Масалан, лексияи анъанавӣ дар муҳити рақамӣ метавонад бо видеодарс, супориши интерактивӣ, муҳокимаи онлайнӣ, тестҳои худсанҷӣ ва корҳои лоиҳавӣ пурра карда шавад. Агар омӯзгор чунин сохторро тарҳрезӣ карда тавонад, ӯ на танҳо технологияи рақамиро истифода мебарад, балки методикаи таълимро тағйир медиҳад. Маҳз ҳамин тағйир сифатҳои касбии омӯзгорро таҳким медиҳад.

Гурӯҳи сеюм сифатҳои коммуникативӣ мебошанд. Дар муҳити рақамӣ муоширати педагогӣ шаклҳои нав пайдо мекунад. Омӯзгор бояд бо таълимгиранда дар синф, дар платформаи электронӣ, тавассути почтаи электронӣ, форум, чат, видеоконфронс ва шабакаҳои таълимӣ робитаи дуруст барқарор намояд. Муошират рақамӣ аз омӯзгор

равшанӣ, кӯтоҳбаёнӣ, эҳтиром, саривақтӣ ва масъулиятро талаб мекунад. Ҷавоби дер, супориши норавшан ё муносибати ғайрикасбӣ дар муҳити онлайнӣ метавонад ба сифати таълим таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, муҳити рақамӣ омӯзгорро водор мекунад, ки фарҳанги иртиботи касбии худро такмил диҳад.

Гурӯҳи чорум сифатҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд. Омӯзгор бояд дар истифодаи муҳтавои рақамӣ ҳуқуқи муаллиф, меъёрҳои иқтибос, махфияти маълумот ва амнияти шахсии хонандагонро риоя кунад. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонии соҳаҳои гуногунро бо масъалаҳои инфрасохтор, амнияти иттилоотӣ ва тайёрии кадрҳо мепайвандад [5]. Дар чунин вазъ омӯзгор ҳамчун намояндаи соҳаи маориф вазифадор аст, ки фарҳанги масъулонаи истифодаи технологияҳоро дар таълимгирандагон ташаккул диҳад. Агар худи омӯзгор ин меъёрҳоро надонад, наметавонад онҳоро дар раванди таълим амалӣ гардонад.

Гурӯҳи панҷум сифатҳои рефлексивӣ ва худтакмилдиҳӣ мебошанд. Муҳити рақамӣ зуд тағйир меёбад. Платформаҳо, барномаҳо, стандартҳо, методҳо ва шаклҳои таълим пайваста нав мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд қобилияти омӯзиши доимӣ дошта бошад. Рефлексия дар ин ҷо маънои таҳлили фаъолияти худ, муайян намудани камбудиҳо, арзёбии самаранокии воситаҳои рақамӣ ва интихоби роҳи рушди минбаъдаро дорад. Портфолиои электронӣ, рӯзномаи педагогӣ, сабти видеодарс ва таҳлили натиҷаҳои электронӣ метавонанд воситаҳои муҳими рефлексияи касбӣ бошанд.

Муҳити рақамӣ ба ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор тавассути методҳои мушаххаси педагогӣ таъсир мерасонад. Методи лоиҳа яке аз роҳҳои асосии ин раванд мебошад. Омӯзгор ё донишҷӯи педагогӣ дар доираи лоиҳа метавонад курси кӯтоҳи электронӣ, маҷмуи супоришҳои интерактивӣ, видеодарс, дастури методӣ, блоги таълимӣ ё захираи рақамии мавзӯиро таҳия кунад. Ҳангоми иҷрои чунин лоиҳа сифатҳои масъулият, мустақилият, эҷодкорӣ, банақшагирӣ, кор бо манбаъҳо ва муаррифии натиҷаҳо инкишоф меёбанд. Ин раванд ба назарияи омӯзиши таҷрибавии Д. Колб низ мувофиқат мекунад, ки таҷриба, мушоҳида, таҳлил ва амалро ҳамчун даврaҳои рушди омӯзиш шарҳ медиҳад [20].

Методи омӯзиши мушкилӣ низ дар муҳити рақамӣ аҳаммияти калон дорад. Омӯзгор дар фаъолияти касбӣ ҳамеша бо вазъиятҳои мушкил рӯ ба рӯ мешавад: нобаробарии дастрасӣ ба техника, паст будани саводнокии рақамии қисми таълимгирандагон, нусхабардории ҷавобҳо аз интернет, мушкилоти пайвастшавӣ, паст будани ҳавасмандӣ ва зарурати мутобиқ кардани маводи таълимӣ ба гурӯҳҳои гуногун. Агар донишҷӯёни педагогӣ ҳангоми таҳсил чунин вазъиятҳоро таҳлил кунанд, онҳо ба фаъолияти воқеӣ беҳтар омода мешаванд. Омӯзиши мушкилӣ тафаккури интиқодӣ, қобилияти қабули қарор ва масъулияти касбиро тақвият медиҳад.

Методи кейс ё таҳлили вазъиятҳои педагогӣ барои ташаккули сифатҳои касбӣ махсусан муҳим аст. Кейс метавонад вазъияти воқеии синфхона, дарси онлайнӣ, истифодаи платформа, баҳси этикӣ ё мушкилоти арзёбиро дар бар гирад. Масалан, омӯзгор мебинад, ки як гурӯҳи хонандагон супориши электронӣро пурра иҷро кардаанд, аммо ҷавобҳо қариб якхелаанд. Дар чунин вазъият ӯ бояд муайян кунад, ки ин натиҷаи ҳамкорӣ аст ё нусхабардорӣ, чӣ гуна бояд арзёбӣ кунад ва барои пешгирии такрори ҳолат кадом супориши эҷодӣ ё шифоҳиро истифода барад. Таҳлили чунин кейсҳо сифатҳои ахлоқӣ, таҳлилӣ ва методиро инкишоф медиҳад.

Симулятсияи педагогӣ воситаи дигари самаранок аст. Дар муҳити рақамӣ мумкин аст дарси моделӣ, муошират онлайнӣ, идоракунии форум, ташкили вебинар ё арзёбии электронӣ пешакӣ машқ карда шавад. Ин шакл ба омӯзгор имкон медиҳад, ки хатоҳои методиро пеш аз ворид шудан ба синфи воқеӣ муайян намояд. Симулятсия ба равиши фаъолиятӣ такя мекунад, зеро сифатҳои касбӣ дар фаъолияти воқеӣ ё ба воқеият наздик ташаккул меёбанд. Дар ин замина андешаҳои Ҷ. Дюи оид ба омӯзиш тавассути таҷриба аҳаммияти методологӣ доранд [21].

Портфолиои электронӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини ташаккули сифатҳои касбӣ ба ҳисоб меравад. Он маҷмуи маҳсулоти таълимӣ, дастовардҳо, таҳлилҳо, рефлексияҳо ва

далелҳои рушди касбии омӯзгорро дар бар мегирад. Дар портфолио метавон нақшаи дарс, видеодарс, супориши интерактивӣ, натиҷаи тестҳо, таҳлили дарси худ, фикру мулоҳизаи роҳбар ва нақшаи худтакмилдиҳиро ҷой дод. Чунин восита ба омӯзгор имконият медиҳад, ки рушди худро на ба таври умумӣ, балки бо далелҳои мушаххас бинад. UNICEF дар чорчӯбаи салоҳияти рақамии омӯзгорон ба рушди касбӣ, истифодаи муҳтавои рақамӣ, ҳамкорӣ ва арзёбӣ таваҷҷуҳ медиҳад, ки бо идеяи портфолиои электронӣ мувофиқат дорад [11].

Муҳити рақамӣ ҳамчунин арзёбии фаъолияти омӯзгор ва таълимгирандаро тағйир медиҳад. Арзёбӣ дигар танҳо санҷиши ниҳоӣ ё гузоштани баҳо нест. Он бояд равандӣ, меъёрӣ, ташаккулдиҳанда ва ба маълумот асосёфта бошад. Абзорҳои рақамӣ имконият медиҳанд, ки пешрафти таълимгиранда, фаъолият дар платформа, вақти иҷрои супориш, шумораи кӯшишҳо, хатогиҳои такроршаванда ва сатҳи иштироки гурӯҳ таҳлил карда шавад. Агар омӯзгор ин маълумотро дуруст истифода барад, ӯ метавонад фаъолияти таълимиро фардӣ ва самаранoктар созад. Ин ҳолат сифатҳои таҳлилӣ ва масъулияти методии омӯзгорро ташаккул медиҳад.

Дар ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор модели TPACK аҳаммияти назариявӣ дорад. Мишра ва Кёлер нишон медиҳанд, ки фаъолияти муосири омӯзгор дар ҳамгироии дониши фаннӣ, дониши педагогӣ ва дониши технологӣ асос меёбад [14]. Ин назария барои муҳити рақамӣ хеле муҳим аст, зеро омӯзгор наметавонад танҳо технологияи навро ба дарси кӯҳна илова кунад. Ӯ бояд фаҳмад, ки кадом технология барои кадом мазмун, кадом синну сол, кадом ҳадаф ва кадом метод мувофиқ аст. Ҳамин тавр, муҳити рақамӣ омӯзгорро ба ҳамгироии тафаккури фаннӣ, методӣ ва технологӣ водор мекунад.

Назарияи Л. Шулман оид ба дониши педагогии мазмун низ барои таҳлили масъала муҳим мебошад. Шулман таъкид мекунад, ки омӯзгор бояд на танҳо фанро донад, балки роҳҳои фаҳмонидани онро ба таълимгирандагон низ соҳиб бошад [15]. Дар муҳити рақамӣ ин андеша боз ҳам васеъ мешавад: омӯзгор бояд роҳҳои визуализатсия, моделсозӣ, интерактивӣ гардонидани мавод, ташкили машқҳои электронӣ ва пешниҳоди робитаи баръаксро низ донад. Аз ин рӯ, сифати касбии омӯзгор дар муҳити рақамӣ аз қобилияти пайвастани мазмун, метод ва технология вобаста мегардад.

Таҳсилоти касбӣ дар замони муосир омӯзгореро талаб мекунад, ки ба тағйироти бозори меҳнат, талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ва рушди технологӣ мутобиқ бошад. OECD дар таҳлили омӯзгорон ва роҳбарони таҳсилоти касбӣ таъкид менамояд, ки мутахассисони ин соҳа бояд ҳам маҳорати педагогӣ ва ҳам донишҳои соҳавиро пайваста такмил диҳанд [13]. Ин хулоса ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии педагогӣ низ дахл дорад, зеро омӯзгор бояд на танҳо дониши имрӯза, балки қобилияти омӯзиши технологияҳои фардоро дошта бошад.

Муҳити рақамӣ ба ташаккули мустақилияти касбии омӯзгор низ таъсир мерасонад. Омӯзгор дар чунин муҳит имконият дорад, ки курсҳои кушода, китобхонаҳои электронӣ, вебинарҳо, ҷомеаҳои касбӣ, видеоҳои таълимӣ ва пойгоҳҳои илмиро истифода барад. Ин имкониятҳо омӯзгорро аз маҳдудияти як китоб ё як барномаи таълимӣ берун мебаранд. Аммо истифодаи онҳо худ аз худ сифати касбиро таъмин намекунад. Барои ин омӯзгор бояд мақсад гузорад, манбаъҳоро арзёбӣ кунад, дониши навро ба амал пайваст намояд ва натиҷаро дар фаъолияти таълимӣ санҷад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар муҳити рақамӣ нобаробарии дастрасӣ ба технология мебошад. Дар баъзе муассисаҳо инфрасохтор пурра нест, суръати интернет паст аст ё таҷҳизот барои ҳамаи таълимгирандагон кофӣ нест. Ин ҳолат набояд сабаби рад кардани педагогикаи рақамӣ гардад. Баръакс, омӯзгор бояд сифатҳои мутобиқшавӣ, эҷодкорӣ ва банақшагириро инкишоф диҳад. Масалан, ӯ метавонад маводи офлайнӣ, супоришҳои гурӯҳӣ, истифодаи навбатии дастгоҳҳо, захираҳои сабук ва шаклҳои омехтаи таълимро интихоб намояд. Ҳамин тавр, муҳити рақамӣ омӯзгорро на танҳо ба истифодаи технология, балки ба ҳалли эҷодкоронаи мушкилот омода мекунад.

Шартҳои педагогии самаранокии муҳити рақамӣ бояд ба таври системавӣ ташкил карда шаванд. Пеш аз ҳама, барномаҳои таълимии омодасозии омӯзгорон бояд модули

педагогикаи рақамӣ, амнияти иттилоотӣ, таҳияи муҳтавои электронӣ, методикаи таълими омехта ва арзёбии рақамиро дар бар гиранд. Дуюм, устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд худ ба истифодаи методҳои рақамӣ омода бошанд. Сеюм, таҷрибаомӯзии педагогӣ бояд дар шакли анъанавӣ ва рақамӣ амалӣ гардад. Чорум, барои арзёбии сифатҳои касбӣ меъёрҳои равшан таҳия карда шаванд. Панҷум, донишҷӯён ва омӯзгорон бояд ба захираҳои боэътимоди таълимӣ дастрасӣ дошта бошанд.

Дар ин раванд стандартҳои байналмилалӣ метавонанд ҳамчун асоси муқоисавӣ истифода шаванд. Стандартҳои ISTE барои омӯзгорон нақши омӯзгорро ҳамчун омӯзанда, роҳбар, шаҳрванд, ҳамкор, тарҳрез, фасилитатор ва таҳлилгар тавсиф мекунанд [12]. Ин тасниф бо талаботи муҳити рақамии маориф мувофиқат дорад, зеро омӯзгор бояд ҳам омӯзиши худро идома диҳад, ҳам ба хонандагон дар истифодаи масъулонаи технология роҳнамоӣ кунад, ҳам тарроҳии фаъолиятҳои таълимиро анҷом диҳад ва ҳам натиҷаҳоро таҳлил намояд. Истифодаи чунин стандартҳо ба таҳияи меъёрҳои касбии омӯзгор дар шароити Тоҷикистон низ кӯмак карда метавонад.

Бо вуҷуди имкониятҳои васеъ, муҳити рақамӣ хатарҳои муайян низ дорад. Аз ҷумла, вобастагии аз ҳад зиёд ба технология, сатҳӣ шудани дониш, кам шудани муошират зинда, хатари вайрон шудани махфият, паҳншавии иттилооти носаҳеҳ ва мушкилоти ахлоқии истифодаи зеҳни сунъӣ метавонанд сифати таълимро паст намоянд. Аз ин рӯ, муҳити рақамӣ танҳо дар сурате омили ташаккули сифатҳои касбӣ мегардад, ки истифодаи он аз ҷиҳати педагогӣ асоснок, мақсаднок ва меъёрӣ бошад. Омӯзгор бояд технологияро ба мақсади таълим тобеъ намояд, на баръакс.

Дар низоми омодасозии омӯзгорон бояд робитаи байни фан, методика ва технология таъмин карда шавад. Агар донишҷӯи педагогӣ танҳо истифодаи барномаро омӯзад, аммо нафаҳмад, ки онро дар кадом вазъияти педагогӣ истифода бурдан лозим аст, салоҳияти касбӣ пурра ташаккул намеёбад. Агар ӯ танҳо назарияи педагогиро омӯзад, вале таҷрибаи сохтани маводи рақамӣ надошта бошад, ба муҳити муосир омода намешавад. Аз ин рӯ, вазифаи асосӣ дар ҳамгироии назария, амал, технология ва рефлексия мебошад.

Муҳити рақамӣ инчунин ба шахсияти омӯзгор таъсири тарбиявӣ мерасонад. Он аз омӯзгор дақиққорӣ, интизом, саривақтӣ, шаффофият ва масъулият талаб мекунад. Супориши электронӣ вақти муайян дорад, изи фаъолият дар платформа сабт мешавад, натиҷаҳо бо далелҳо дида мешаванд, таъхир ва номуназзамӣ зуд ошкор мегарданд. Ин хусусиятҳо метавонанд фарҳанги касбии омӯзгорро баланд бардоранд. Ҳамзамон, омӯзгор бояд муносибати инсондӯстона ва равоншиносии педагогиро дар муҳити рақамӣ нигоҳ дорад, зеро технология наметавонад ҷойи муносибати шахсӣ, дастгирии маънавӣ ва ҳавасмандсозии педагогиро пурра гирад.

Аз нуқтаи назари мутахасисони методикаи таҳсилоти касбӣ, мавзуи мазкур ба таҳқиқи мазмун, метод, шарт ва натиҷаҳои омодасозии мутахассисони соҳаи маориф бевосита алоқаманд аст. Муҳити таълимии рақамӣ дар ин ҷо ҳамчун воситаи техникӣ не, балки ҳамчун шарти педагогии ташаккули касбияти омӯзгор баррасӣ мешавад. Ин муносибат имкон медиҳад, ки масъала дар сатҳи методологияи таҳсилоти касбӣ таҳлил гардад: чӣ гуна муҳит ба шахсияти касбӣ таъсир мерасонад, кадом сифатҳо ташаккул меёбанд, кадом методҳо самараноканд ва натиҷаҳо бо кадом меъёрҳо арзёбӣ мешаванд.

Ҳамин тавр, муҳити таълимии рақамӣ барои ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор ҳам имконият ва ҳам масъулият фароҳам меорад. Имконият дар он аст, ки омӯзгор метавонад аз захираҳои гуногун истифода барад, таълимро фардӣ кунад, робитаи баръаксро беҳтар созад, фаъолияти мустақилонаи таълимгирандагонро ташкил намояд ва рушди касбии худро пайваста идома диҳад. Масъулият дар он аст, ки ӯ бояд технологияро бо мақсадҳои педагогӣ мувофиқ созад, ахлоқи рақамиро риоя намояд, амнияти иттилоотиро таъмин кунад ва сифати таълимро аз рӯйи натиҷаҳои воқеӣ таҳлил намояд.

Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки муҳити таълимии рақамӣ ба яке аз омилҳои асосии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор табдил ёфтааст. Ин муҳит танҳо шакли нави истифодаи воситаҳои техникӣ нест, балки фазои нави педагогӣ мебошад, ки дар он мазмун,

метод, иртибот, арзёбӣ ва рушди касбии омӯзгор тағйир меёбанд. Дар чунин шароит омӯзгор бояд дониши фаннӣ, маҳорати методӣ, салоҳияти рақамӣ, тафаккури таҳлилӣ, масъулияти ахлоқӣ, фарҳанги иттилоотӣ ва қобилияти худтакмилдиҳии доимиро дар як низоми ягона соҳиб гардад.

Муҳити рақамӣ ба ташаккули сифатҳои касбӣ тавассути методҳои фаъол таъсир мерасонад. Методи лоиҳа, омӯзиши мушкилӣ, таҳлили кейсҳо, симулятсияи педагогӣ, портфолиои электронӣ, омӯзиши ҳамкорона, таҷрибаомӯзии рақамӣ ва арзёбии меъёрӣ ба омӯзгор ва донишҷӯи педагогӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти касбиро дар шароити ба воқеият наздик таҷриба кунанд. Самаранокии ин раванд ба шартҳои педагогӣ вобаста аст: навсозии барномаҳои таълимӣ, омодагии устодон, мавҷудияти инфрасохтори рақамӣ, истифодаи стандартҳои салоҳият, таъмини амнияти иттилоотӣ ва ташкили рефлексияи касбӣ.

Натиҷаи умумии таҳқиқот он аст, ки муҳити таълимии рақамӣ бояд дар низоми омодасозии омӯзгорон ҳамчун омили стратегӣ истифода шавад. Он метавонад сифатҳои касбии омӯзгорро пурра ташаккул диҳад, агар ба мақсадҳои педагогӣ тобеъ гардад, бо арзёбии меъёрӣ дастгирӣ шавад ва дар робита бо таҷрибаи воқеии таълим амалӣ гардад. Аз ин рӯ, барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, ки педагогикаи рақамиро на ҳамчун мавзӯи иловагӣ, балки ҳамчун ҷузъи муҳими тайёрии касбии омӯзгорон ворид намоянд.

Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004. URL: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-маориф (санаи мурочиат: 04.05.2026).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ». URL: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-таҳсилоти-олии-касбӣ-ва-таҳсилоти-касбии-баъд-аз (санаи мурочиат: 04.05.2026).

3. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2020. URL: https://web.ttu.tj/uploads/2020-12-tajikistan-education-sector-plan.pdf (санаи мурочиат: 04.05.2026).

4. National Roadmap: Education System Digital Transformation in Tajikistan. Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan, 2023. URL: https://mjtik.tj/wp-content/uploads/2023/12/National-Roadmap_Education-System-Digital-Transformation_EN.pdf (accessed: 04.05.2026).

5. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642. URL: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=135414 (санаи мурочиат: 04.05.2026).

6. ICT Competency Standards for Teachers in Tajikistan. Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan; UNESCO, 2025. URL: https://takmili-ihtisos.tj/storage021/2025/10/ICT-Competency-Standards-for-Teachers-in-Tajikistan_Eng.pdf (accessed: 04.05.2026).

7. UNESCO ICT Competency Framework for Teachers. Version 3. Paris: UNESCO, 2018. URL: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000265721 (accessed: 04.05.2026).

8. UNESCO. Ministry of Education and Science of Tajikistan approved ICT competency standards for teachers in Tajikistan. 2024. URL: https://www.unesco.org/en/articles/ministry-education-and-science-tajikistan-approved-ict-competency-standards-teachers-tajikistan (accessed: 04.05.2026).

9. UNESCO. Tajikistan incorporates the endorsed ICT competency standards for teachers into the teacher development programme. 2025. URL: https://www.unesco.org/en/articles/tajikistan-incorporates-endorsed-ict-competency-standards-teachers-teacher-development-programme (accessed: 04.05.2026).

10. Redecker C. European Framework for the Digital Competence of Educators: DigCompEdu. Luxembourg: Publications Office of the European Union, 2017. URL: https://publications.jrc.ec.europa.eu/repository/handle/JRC107466 (accessed: 04.05.2026).

11. UNICEF. Educators' Digital Competency Framework. Geneva: UNICEF Europe and Central Asia Regional Office, 2022. URL: https://www.unicef.org/eca/media/24526/file/Educators%27%20Digital%20Competence%20Framework.pdf (accessed: 04.05.2026).

12. ISTE Standards for Educators. International Society for Technology in Education. URL: https://iste.org/standards (accessed: 04.05.2026).

13. OECD. Teachers and Leaders in Vocational Education and Training. Paris: OECD Publishing, 2021. URL: https://www.oecd.org/en/publications/teachers-and-leaders-in-vocational-education-and-training_59d4fbb1-en.html (accessed: 04.05.2026).

14. Mishra P., Koehler M. J. Technological Pedagogical Content Knowledge: A Framework for Teacher Knowledge // Teachers College Record. 2006. Vol. 108. No. 6. P. 1017-1054.

15. Shulman L.S. Those Who Understand: Knowledge Growth in Teaching // Educational Researcher. 1986. Vol. 15. No. 2. P. 4-14.

16. Koehler M. J., Mishra P., Cain W. What is Technological Pedagogical Content Knowledge (TPACK)? // Journal of Education. 2013. Vol. 193. No. 3. P. 13-19.

17. Зеер Э.Ф. Психология профессионального образования. Москва: Академия, 2013. 416 с.

18. Маркова А.К. Психология профессионализма. Москва: Международный гуманитарный фонд «Знание», 1996. 308 с.

19. Кузьмина Н.В. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения. Москва: Высшая школа, 1990. 119 с.

20. Kolb D.A. Experiential Learning: Experience as the Source of Learning and Development. Englewood Cliffs: Prentice Hall, 1984. 256 p.

21. Dewey J. Experience and Education. New York: Macmillan, 1938. 116 p.

МУҲИТИ ТАЪЛИМИИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН ОМИЛЕ БАРОИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОР

Дар мақола муҳити таълимии рақамӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор таҳлил карда мешавад. Мубрамияти масъала аз он бармеояд, ки рақамикунонии маориф мазмун, шакл, метод, восита ва меъёрҳои арзёбии фаъолияти педагогиро тағйир дода, аз омӯзгор на танҳо дониши фаннӣ ва методӣ, балки салоҳияти рақамӣ, фарҳанги иттилоотӣ, тафаккури таҳлилӣ, масъулияти ахлоқӣ, омодагӣ ба худтакмилдиҳӣ ва қобилияти истифодаи оқилонаи технологияҳои муосирро талаб менамояд. Муҳити таълимии рақамӣ дар мақола ҳамчун фазои ҳамгирои педагогӣ, иттилоотӣ, техникӣ, коммуникативӣ ва идоракунӣ маънидод мегардад, ки дар он омӯзгор, таълимгиранда, муҳтавои таълимӣ, платформаҳои электронӣ, захираҳои рақамӣ ва шаклҳои нави ҳамкорӣ ба низоми ягонаи ташаккули шахсият ва касбият пайваст мешаванд. Дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чорчӯбаҳои байналмилалии салоҳияти рақамии омӯзгорон ва адабиёти илмӣ нишон дода мешавад, ки муҳити рақамӣ ба ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор таъсири бисёрсамта дорад: он мустақилият, масъулият, маҳорати лоиҳакашӣ, тафаккури интиқодӣ, қобилияти кор бо додаҳо, муошарати педагогии рақамӣ, рефлексияи касбӣ ва фарҳанги амнияти иттилоотиро тақвият медиҳад. Дар мақола инчунин шартҳои педагогии самаранокии муҳити рақамӣ, аз ҷумла мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ, истифодаи портфолиои электронӣ, таҷрибаомӯзии рақамӣ, омӯзиши мушкилӣ, методи лоиҳа, таҳлили кейсҳо ва арзёбии меъёрӣ асоснок карда мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили омодасозии касбии омӯзгорон, рушди курсҳои педагогикаи рақамӣ ва ташкил намудани низоми арзёбии сифатҳои касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

Калидвожаҳо: муҳити таълимии рақамӣ, омӯзгор, сифатҳои касбӣ, салоҳияти рақамӣ, педагогикаи рақамӣ, таҳсилоти касбӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, худтакмилдиҳии касбӣ, портфолиои электронӣ, арзёбии рақамӣ, фарҳанги иттилоотӣ

ЦИФРОВАЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ СРЕДА КАК ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КАЧЕСТВ УЧИТЕЛЯ

В статье анализируется цифровая образовательная среда как важный фактор формирования профессиональных качеств учителя. Актуальность проблемы обусловлена тем, что цифровизация образования изменяет содержание, формы, методы, средства и критерии оценки педагогической деятельности, требуя от учителя не только предметных и методических знаний, но и цифровой компетентности, информационной культуры, аналитического мышления, этической ответственности, готовности к саморазвитию и способности рационально использовать современные технологии. Цифровая образовательная среда рассматривается в статье как интегрированное педагогическое, информационное, техническое, коммуникативное и управленческое пространство, в котором учитель, обучающийся, образовательное содержание, электронные платформы, цифровые ресурсы и новые формы взаимодействия объединяются в единую систему формирования личности и профессионализма. На основе анализа нормативных документов Республики Таджикистан, международных рамок цифровой компетентности педагогов и научной литературы показано, что цифровая среда оказывает многостороннее влияние на формирование профессиональных качеств учителя: она развивает самостоятельность, ответственность, проектировочные умения, критическое мышление, способность работать с данными, цифровую педагогическую коммуникацию, профессиональную рефлексию и культуру информационной безопасности. В статье также обосновываются педагогические условия эффективности цифровой среды, включая адаптацию образовательных программ, использование электронного портфолио, цифровую педагогическую практику, проблемное обучение, метод проектов, анализ кейсов и критериальное оценивание. Результаты исследования могут быть использованы для совершенствования профессиональной подготовки учителей, развития курсов цифровой педагогики и организации системы оценки профессиональных качеств педагогов в учреждениях высшего профессионального образования.

Ключевые слова: цифровая образовательная среда, учитель, профессиональные качества, цифровая компетентность, цифровая педагогика, профессиональное образование, информационно-коммуникационные технологии, профессиональное саморазвитие, электронное портфолио, цифровое оценивание, информационная культура.

THE DIGITAL EDUCATIONAL ENVIRONMENT AS A FACTOR IN THE FORMATION OF TEACHERS' PROFESSIONAL QUALITIES

The article analyzes the digital educational environment as an important factor in the formation of teachers' professional qualities. The relevance of the issue is determined by the fact that the digitalization of education changes the content, forms, methods, tools, and criteria for evaluating pedagogical activity, requiring teachers to possess not only subject-specific and methodological knowledge, but also digital competence, information culture, analytical thinking, ethical responsibility, readiness for self-improvement, and the ability to use modern technologies rationally. The digital educational environment is interpreted in the article as an integrated pedagogical, informational, technical, communicative, and managerial space in which the teacher, the learner, educational content, electronic platforms, digital resources, and new forms of interaction are connected into a unified system for the formation of personality and professionalism. Based on the analysis of regulatory documents of the Republic of Tajikistan, international frameworks for teachers' digital competence, and scientific literature, it is shown that the digital environment has a multidimensional influence on the formation of teachers' professional qualities: it strengthens independence, responsibility, design skills, critical thinking, the ability to work with

data, digital pedagogical communication, professional reflection, and a culture of information security. The article also substantiates the pedagogical conditions for the effectiveness of the digital environment, including the adaptation of educational programs, the use of electronic portfolios, digital teaching practice, problem-based learning, the project method, case analysis, and criteria-based assessment. The results of the study may be used to improve teachers' professional training, develop digital pedagogy courses, and organize a system for assessing teachers' professional qualities in higher professional education institutions.

Keywords: digital educational environment, teacher, professional qualities, digital competence, digital pedagogy, professional education, information and communication technologies, professional self-improvement, electronic portfolio, digital assessment, information culture.

Маълумот дар бораи муаллифон: Сафарзода Мунир Ватан, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таъминоти барномавӣ ва web-дизайни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

Зайдуллозода Саидҷамол Сайҷалол, докторанти(PhD)-и кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел.: 988 31 74 96.

Сведения об авторах: Сафарзода Мунир Ватан, доктор педагогических наук, профессор кафедры программного обеспечения и веб-дизайна Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: 918665441. E-mail: munir11@list.ru

Зайдуллозода Саиджамол Сайджалол, докторант (PhD) кафедры методики преподавания информатики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова - 16. Тел.: 988 31 74 96.

Information about the authors: Safarzoda Munir Vatan, doctor of pedagogical sciences, professor of the department of software engineering and web design of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov Street, 16. Tel.: +992 918 665 441. E-mail: munir11@list.ru

Zaidullozoda Saidjamol Saijalol, (PhD) student at the department of informatics teaching methodology, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov Street, 16. Tel.: +992 988 31 74 96

Муқарриз: Бозоров Х., д.и.п., профессор
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 681.3+004:378

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАҶРИБАВИИ РУШДИ САЛОҲИЯТИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ИНФОРМАТИКА

Мирзозода Р.Р., д.и.п., профессор
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
Файзуллозода Ф.Р., н.и.п., муаллими калон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Тағйироти технологӣ ба низоми таҳсилот таъсири назаррас расонида, аз омӯзгор на танҳо дониши амиқи фаннӣ, балки қобилияти истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро талаб менамояд. Дар ин раванд омӯзгори информатика ҳамчун яке аз иштирокчиёни асосӣ дар ташаккули саводнокии рақамии донишҷӯён нақши махсус дорад.

Информатика ҳамчун фанни таълимӣ на танҳо омӯзиши компютер, барномаҳои компютерӣ ва алгоритмҳоро дар бар мегирад, балки ба ташаккули тафаккури мантиқӣ, алгоритмӣ, эҷодӣ ва системавии донишҷӯён низ мусоидат мекунад [9, с. 5]. Аз ин рӯ, омӯзгори информатика бояд донишҳои назариявиро бо фаъолияти амалӣ, таҷриба, моделсозӣ, ҳалли масъалаҳо ва истифодаи технологияҳои рақамӣ пайваст карда тавонад. Дар чунин вазъият мафҳуми «салоҳияти методии омӯзгор» аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Салоҳияти методӣ маҷмуи дониш, малака, қобилият ва таҷрибаи омӯзгор мебошад, ки ба ӯ имкон медиҳад мақсад, мазмун, усул, восита ва шаклҳои таълимро дуруст интихоб намуда, фаъолияти таълимиро мутобиқи хусусиятҳои донишҷӯён ва натиҷаҳои пешбинишуда ташкил намояд.

Барои омӯзгори информатика салоҳияти методӣ бо салоҳияти рақамӣ робитаи зич дорад. Омӯзгор бояд на танҳо тарзи истифодаи воситаҳои рақамиро донад, балки муайян карда тавонад, ки кадом технология, дар кадом марҳилаи дарс ва барои ҳалли кадом вазифаи педагогӣ истифода бурда шавад. Танҳо дар ин ҳолат технология воситаи воқеии баланд бардоштани самаранокии таълим мегардад [3].

Аз ин нуқтаи назар, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) метавонад на танҳо ҳамчун воситаи таълим, балки ҳамчун воситаи таҷрибавии рушди маҳорати касбии худи омӯзгор истифода шавад. Омӯзгор тавассути тарҳрезӣ, татбиқ, мушоҳида, таҳлил ва такмили дарсҳои рақамӣ таҷрибаи касбии худро инкишоф медиҳад. Мақсади мақола муайян намудани имкониятҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар рушди салоҳияти методии омӯзгори информатика ва пешниҳоди самтҳои амалии истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ мебошад.

Мавод ва усулҳо. Ҳамчун маводи асосии таҳқиқот стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимии фанни информатика, маводҳои методие, ки дар муассисаҳои таълимӣ истифода мешаванд, инчунин захираҳои рақамӣ ва муҳитҳои маҷозии таълимӣ ба роҳ монда шуданд. Ба ин маводҳо инчунин натиҷаҳои мониторинги сатҳи омодагии касбӣ ва нишондиҳандаҳои иштироки омӯзгорони оянда дар платформаҳои рақамӣ дохил мешаванд. Барои ҳамаҷониба таҳлил намудани мавзуи мазкур усулҳои зерини илмӣ татбиқ гардиданд:

- Таҳлили назариявӣ ва муқоисавии адабиёти илмӣ-педагогӣ ва методикӣ: Омӯзиши таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ва рушди салоҳияти касбӣ;
- Усули мушоҳидаи педагогӣ: Мушоҳидаи систематикии рафти машғулиятҳо ва фаъолияти амалии таҳсилгирандагон бо воситаҳои рақамӣ;
- Таҷрибаи педагогикӣ: Гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ дар байни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ бо мақсади санҷиши самаранокии воситаҳои ТИК дар рушди салоҳияти методӣ;

- Усулҳои ҷомеашиносӣ: Гузаронидани пурсишҳо (анкетаронӣ), суҳбатҳо ва мусоҳибаҳо бо омӯзгорон ва донишҷӯён;

- Усулҳои оморӣ-математикӣ: Коркарди миқдории натиҷаҳои бадастомадаи таҷриба ва баҳодиҳии дурустии омории тағйироти баамаломада бо истифода аз графикҳо ва ҷадвалҳо [7].

Натиҷаҳо. Баррасии ҳамаҷонибаи масъала ва таҳлили таҷрибавии раванди мазкур нишон дод, ки истифодаи мақсадноки технологияҳои итилоотию коммуникатсионӣ омили асосии рушди салоҳияти методии омӯзгори информатика ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои бадастомада собит намуданд, ки омӯзгор дар шароити рақамикунонии таҳсил на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки роҳбалад, ташкилкунанда ва таҳлилгари муҳити маҷозии таълим мегардад.

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо собит карданд, ки ТИК худ аз худ сифати таълимро кафолат намедиҳад ва самаранокии он бевосита ба сатҳи омодагии методии омӯзгор вобаста аст. Мушкилоте чун нобаробарии имкониятҳои техникӣ ва истифодаи ғайримақсадноки воситаҳои рақамӣ тақозо мекунанд, ки омӯзгорон пайваста малакаи рақамии худро такмил диҳанд. Ҳамин тавр, татбиқи модели пешниҳодшудаи ташаккули салоҳияти методӣ, ки дар расми 3 нишон дода шудааст имкон медиҳад, ки фаъолияти омӯзгор мунтазам таҳлил, арзёбӣ ва такмил дода шуда, сифати омодасозии мутахассисони оянда дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шавад.

Муҳокима. Дар педагогикаи муосир фаъолияти омӯзгор танҳо ба интиқоли дониш маҳдуд намешавад. Омӯзгор бояд муҳити таълимиро ташкил намояд, фаъолияти мустақилонаи донишҷӯёнро роҳнамоӣ кунад, натиҷаҳои таълимро арзёбӣ намояд ва дар асоси натиҷаҳои бадастомада усулҳои таълимро такмил диҳад.

Салоҳияти методӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини салоҳияти касбии омӯзгор ба ҳисоб меравад. Он қобилияти омӯзгорро барои истифодаи мақсадноки донишҳои педагогӣ ва методӣ дар вазъиятҳои мушаххаси таълимӣ инъикос менамояд [11].

Салоҳияти методии омӯзгори информатика аз якчанд ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд иборат мебошад:

1. **Ҷузъи назариявӣ** – донистани асосҳои педагогика, психология, методикаи таълими информатика ва технологияҳои таълимӣ;
2. **Ҷузъи технологӣ** – қобилияти истифодаи воситаҳои техникӣ ва барномаҳои рақамӣ;
3. **Ҷузъи ташкилӣ** – қобилияти дуруст ба роҳ мондани фаъолияти инфиродӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳии донишҷӯён;
4. **Ҷузъи коммуникативӣ** – қобилияти ташкили муошарати самаранок бо донишҷӯён тавассути воситаҳои анъанавӣ ва рақамӣ;
5. **Ҷузъи ташхисӣ** – қобилияти муайян кардани сатҳи дониш ва малакаҳои донишҷӯён;
6. **Ҷузъи таҳлилӣ** – қобилияти таҳлил намудани натиҷаҳои таълим ва фаъолияти педагогии худ;
7. **Ҷузъи эҷодӣ** – қобилияти таҳия ва истифодаи усулҳои нави таълим;
8. **Ҷузъи рефлексивӣ** – қобилияти арзёбии фаъолияти худ ва муайян кардани роҳҳои такмили минбаъда.

Дар мавриди омӯзгори информатика ин ҷузъҳо бо истифодаи технологияҳои рақамӣ алоқамандии бештар пайдо мекунанд. Масалан, омӯзгор ҳангоми гузаронидани мавзуи «Алгоритмҳо» метавонад на танҳо аз шарҳи шифоҳӣ истифода барад, балки алгоритмро бо воситаи муҳити визуалӣ моделсозӣ намояд. Ҳангоми омӯзиши барномасозӣ донишҷӯён метавонанд мустақилона барнома таҳия карда, натиҷаи иҷрои онро санҷанд.

Ҳамин тавр, салоҳияти методии омӯзгори информатика на танҳо «донистани чӣ гуна таълим додан», балки инчунин «донистани чӣ гуна истифода бурдани технология барои беҳтар таълим додан»-ро дар бар мегирад.

Мисол.

```
# Барномаи санҷиши тоқ ё ҷуфт будани адад
adad = int(input(«Лутфан ададеро ворид кунед:»))


if adad % 2 == 0:
print(f«Адади {adad} ҷуфт аст»)
else:
print(f«Адади {adad} тоқ аст».)
```

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ маҷмуи воситаҳо, барномаҳо ва усулҳои коркарди иттилоот мебошанд, ки барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилоот истифода мешаванд.

Дар соҳаи маориф ва омодасозии омӯзгорони оянда, ТИК имконият медиҳад, ки раванди таълим аз шакли анъанавии «омӯзгор – китоб – донишҷӯён» ба муҳити васеътари рақамии «омӯзгор – захираҳои рақамӣ – донишҷӯй – ҳамкорӣ» табдил ёбад. Ин ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо муҳитҳои муосири таълимӣ ошно шаванд.

Ба воситаҳои муҳимми ТИК, ки донишҷӯён бояд дар фаъолияти ояндаи педагогии худ васеъ истифода баранд, компютер, ноутбук, планшет, тахтаи интерактивӣ, проектор, интернет, платформаҳои таълимӣ, китобҳои электронӣ, видеодарсҳо, барномаҳои моделсозӣ, муҳитҳои барномасозӣ ва тестҳои электронӣ дохил мешаванд [9, с. 19].

Барои омӯзгорони ояндаи информатика имкониятҳои ТИК боз ҳам васеътаранд, зеро худи мазмуни фанни информатика бевосита бо технологияҳои рақамӣ алоқаманд аст. Омӯзгори оянда бояд аз усулҳои истифодаи ТИК дар марҳилаҳои гуногуни дарс бохабар бошад:



Расми 1. Марҳилаҳои асосии истифодаи ТИК дар раванди таълими информатика

Аммо бояд таъкид намуд, ки барои омӯзгорони оянда истифодаи ТИК худ аз худ сифати таълимро кафолат намедиҳад. Агар мутахассиси ҷавон технологияи рақамиро танҳо барои иваз кардани тахтаи одӣ ё китоби дарсӣ истифода барад, таъсири методии он маҳдуд мемонад.

Аҳаммияти технологияҳои иттилоотӣ дар ташаккули таҷрибаи методии омӯзгори информатика. Истифодаи ТИК дар фаъолияти омӯзгорро метавон ҳамчун як раванди таҷрибавӣ баррасӣ намуд. Дар ин ҳолат омӯзгор технологияи муайянро интихоб карда, онро дар раванди таълим истифода мебарад, натиҷаро мушоҳида мекунад, таҳлил менамояд ва дарсро такмил медиҳад [5].

Ин равандро шартан ба марҳилаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: мақсадгузорӣ → банақшагирӣ → интихоби технология → татбиқ → мушоҳида → арзёбӣ → таҳлил → ислоҳ → татбиқи такмилёфта.

Масалан, омӯзгор мехоҳад дар омӯзиши мавзуи «Алгоритм ва намудҳои он» истифодаи моделсозии рақамиро санҷад [8, с. 15]. Аввал ӯ мақсади дарсро муайян менамояд.

Баъд воситаи рақамии мувофиқро интихоб мекунад. Дар рафти дарс фаъолияти донишҷӯёнро мушоҳида мекунад. Пас аз анҷоми дарс натиҷаҳои онҳоро таҳлил намуда, муайян мекунад, ки кадом қисми методика самаранок ва кадом қисми он ба такмил ниёз дорад. Дар ин ҳолат худи омӯзгор ба муҳаққиқи фаъолияти педагогии худ табдил меёбад.

Ин равиш барои рушди салоҳияти методӣ аҳаммияти калон дорад, зеро омӯзгор таҷрибаи нав ба даст меорад, технологияҳои гуногунро муқоиса мекунад, натиҷаи усулҳои таълимро таҳлил менамояд, хатогиҳои методиро муайян мекунад, дарсҳои худро такмил медиҳад ва қобилияти қабули қарорҳои методиро инкишоф медиҳад.

Аз ин рӯ, ТИК метавонад ҳамчун воситаи ташкили таҷрибаи педагогии мақсаднок истифода шавад.

Яке аз нишондиҳандаҳои салоҳияти методии омӯзгор қобилияти мустақилона омӯхтан ва такмил додани фаъолияти касбӣ мебошад. Дар шароити рақамӣ омӯзгор метавонад барои рушди касбии худ аз захираҳои гуногуни электронӣ истифода барад. Аз ҷумла:

- китобҳои электронӣ;
- мақолаҳои илмӣ;
- курсҳои онлайн;
- видеоконфронсҳо;
- вебинарҳо;
- захираҳои методӣ;
- китобхонаҳои рақамӣ;
- форумҳои касбӣ;
- курсҳои такмили ихтисос.

Омӯзгори информатика бояд фаъолияти худомӯзиро ҳамчун қисми доимии фаъолияти касбӣ қабул кунад, зеро технологияҳои иттилоотӣ босуръат тағйир меёбанд. Масалан, донишҳое, ки омӯзгор чанд сол пеш оид ба технологияҳои веб, барномасозӣ ё зеҳни сунъӣ гирифта буд, метавонанд дар шароити имрӯза ба такмил ниёз дошта бошанд. Аз ин рӯ, салоҳияти методии омӯзгор хусусияти динамикӣ дорад. Он як маротиба ташаккул ёфта, баъд бетағйир намемонад, балки дар раванди фаъолияти касбӣ пайваста инкишоф меёбад.

Технологияҳои интерактивӣ ва рушди маҳорати методии омӯзгор. Тахтаи интерактивӣ ва дигар воситаҳои интерактивии рақамӣ метавонанд раванди таълимро фаъолтар гардонанд.

Омӯзгор метавонад дар тахтаи интерактивӣ:

- схемаҳо созад;
- алгоритмҳоро нишон диҳад;
- ҷадвалҳоро таҳлил кунад;
- объектҳоро гурӯҳбандӣ намояд;
- ҷавобҳои донишҷӯёнро нишон диҳад;
- натиҷаи тестҳоро баррасӣ кунад;
- масъалаҳои мантиқиро иҷро намояд.

Аммо истифодаи тахтаи интерактивӣ танҳо дар ҳолате самаранок аст, ки он бо методикаи дарс мувофиқ бошад. Масалан, дар мавзуи «Сохтори алгоритм» омӯзгор метавонад ба донишҷӯён алгоритми нодуруст пешниҳод намуда, аз онҳо талаб кунад, ки хатогиҳоро муайян ва ислоҳ намоянд. Дар чунин ҳолат технологияи рақамӣ ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ мусоидат мекунад. Барои худи омӯзгор чунин фаъолияти интерактивӣ имконияти санҷидани усули таълим ва таҳлили натиҷаи онро фароҳам меорад.

Донишҷӯён аз рӯйи суръати азхудкунии дониш, сатҳи омодагӣ, қобилият ва шавқу рағбат аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, истифодаи як усули ягона барои ҳамаи донишҷӯён на ҳамеша натиҷаи дилхоҳ медиҳад. ТИК имконият медиҳад, ки таълим то андозае фардӣ карда шавад [14].

Масалан, омӯзгор метавонад супоришҳоро ба се сатҳ тақсим намояд:



Расми 2. Сатҳҳои ташаккулёбии салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика

Сатҳи якум – паст: иҷрои масъалаҳои стандартӣ;

Сатҳи дуюм – миёна: истифодаи дониш дар вазъияти нав;

Сатҳи сеюм – баланд: ҳалли масъалаҳои эҷодӣ ва таҳияи лоиҳа.


Ин тарзи ташкил намудани фаъолияти таълимӣ омӯзгорро водор месозад, ки мазмун ва методикаи таълимро пешакӣ таҳлил кунад. Ҳамин тариқ, технология дар ин ҳолат танҳо воситаи пешниҳоди маълумот нест, балки воситаи ташкили муҳити гуногунсатҳи таълимӣ мебошад.

Технологияҳои зеҳни сунъӣ ба омӯзгор кумак мекунанд, ки барои ҳар як донишҷӯ супоришҳои алоҳида диҳад ва натиҷаҳои онҳоро зуд таҳлил кунад. Илова бар ин, ин абзорҳо ҳамчун ёрдамчии хуб ҳангоми тайёр кардани маводҳои дарсӣ ва осон кардани фаҳмиши мавзуъҳо хизмат мекунанд. Барои мисол, агар омӯзгори ояндаи информатика хоҳад, ки дар дарсҳои барномасозӣ (масалан, дар забони Python) аз зеҳни сунъӣ истифода барад, мисолҳои зерин хеле мувофиқанд:

✓ Санҷиши худкори код: Омӯзгор метавонад аз барномаҳои сунъии зеҳнӣ истифода барад, то хатогиҳои коди навиштаи донишҷӯёнро фавран пайдо кунад ва сабаби онро ба донишҷӯй фаҳмонад.

✓ Омода кардани супоришҳои гуногунсатҳ: Зеҳни сунъӣ метавонад ба омӯзгор кумак кунад, ки барои донишҷӯёни суст ва пешқадам машқҳои сатҳашон гуногунро (масалан, барномаҳои санҷиши тоқ ё ҷуфт будани адад дар сатҳҳои мураккабии гуногун) дар чанд лаҳза омода созад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти омӯзгори информатика модели шартии ташаккули салоҳияти методиро тавассути ТИК пешниҳод кардан мумкин аст.



Расми 3. Модели ташаккули салоҳияти методӣ тавассути ТИК

Дар оғози марҳилаи якум омӯзгор мақсади таълимиро пеш гузошта, хосиятҳои мавзуъ ва имкониятҳои муҳити рақамиро меомӯзад. Сипас, дар марҳилаи дуюм воситаи мувофиқтарин барои иҷрои вазифаи таълимӣ интихоб мегардад. Марҳилаи сеюм бошад, ба тарҳрезии сохтори дарс, супоришҳо ва усулҳои арзёбӣ бахшида мешавад. Дар амал татбиқ кардани технологияи интихобшуда дар дохили синф марҳилаи чорумро ташкил медиҳад. Пас аз он, марҳилаи панҷум фарогири мушоҳидаи фаъолияти донишҷӯён, савияи иштирок ва мушкилоти ҷойдошта мебошад. Зимни марҳилаи шашум натиҷаҳо мавриди баррасии танқидӣ қарор гирифта, самаранокии усулҳо муайян карда мешаванд. Дар қисми ниҳоӣ (марҳилаи ҳафтум) дар асоси хулосаҳои бадастомада дарс такмил дода мешавад.

Ин модел метавонад ҳамчун механизми рушди доимии салоҳияти методии омӯзгор истифода шавад.

Бо вуҷуди имкониятҳои васеи ТИК, истифодаи он бо як қатор мушкилот низ алоқаманд мебошад. Яке аз мушкилоти асосӣ нобаробарии имкониятҳои техникӣ мебошад. На ҳамаи муассисаҳои таълимӣ метавонанд бо таҷҳизоти муосир, интернети босуръат ва захираҳои зарурии рақамӣ пурра таъмин бошанд.

Мушкили дигар омодагии нокифояи баъзе омӯзгорон барои истифодаи методии технология мебошад. Донистани кори компютер ё барномаи муайян ҳанӯз маънои дорои салоҳияти методии рақамӣ буданро надорад. Мушкилоти дигар аз ҳад зиёд истифода намудани технология мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо омӯзгор метавонад технологияро танҳо барои он истифода барад, ки дарс «муосир» намояд. Аммо ҳар як воситаи рақамӣ бояд бо мақсади мушаххаси таълимӣ алоқаманд бошад.

Масъалаи амнияти рақамӣ низ муҳим мебошад. Омӯзгор бояд донишҷӯёнро бо қоидаҳои истифодаи бехатари интернет, ҳифзи маълумоти шахсӣ, паролҳо, ҳуқуқи муаллиф ва фарҳанги рақамӣ шинос намояд.

Хулоса. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ метавонанд на танҳо ҳамчун воситаи пешниҳоди маводи таълимӣ, балки ҳамчун воситаи таҷрибавии рушди маҳорати касбии омӯзгори ояндаи информатика истифода шаванд. Омӯзгор тавассути истифодаи мақсадноки ТИК имконият пайдо мекунад, ки усулҳои гуногуни таълимро санҷад, натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯёнро мушоҳида намояд, маълумот ҷамъоварӣ кунад, натиҷаҳоро таҳлил намояд ва дарсҳои худро такмил диҳад. Ин раванд барои рушди ҷузъҳои назариявӣ, технологӣ, ташкилӣ, ташхисӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ ва рефлексивии салоҳияти методии омӯзгор замина фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, ТИК метавонад ҳамчун механизми ташкили фаъолияти таҷрибавӣ ва рефлексивии омӯзгори информатика хизмат намуда, ба рушди пайвастаи салоҳияти методии ӯ мусоидат кунад. Дар натиҷа омӯзгор аз истифодабарандаи одии технология ба ташкилкунандаи муҳити муосири таълимӣ табдил меёбад.

Адабиёт:

1. Абдурахимова Д.А. Роль модернизации системы обучения с использованием информационно-коммуникационных технологий. – Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода. 1 (45), 2022.с: 138-143
2. Александров, А.В. Технологии обучения информатике: Учебное пособие. Санкт-Петербург: Питер. – 2018. – 320 с.
3. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. – М.: Педагогика, 1989.
4. Вербицкий А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход. – М.: Высшая школа, 1991.
5. Захарова, И.Г. Информационные технологии в образовании: Учебное пособие для студ. Высш. Пед. Учеб. Заведений. – М.: издательский центр «Академия», 2003. – 192 с.
6. Мирзоев А.Р., Кодиров К.Б. Принципы обучения на основе икт в образовательном процессе вузов Таджикистана. – Вестник университета (российско-таджикский (славянский) университет). 2013. № 2 (41). С. 255-260.
7. Мирзозода, Р.Р. Методика поэтапной подготовки преподавателей высшей математики к формированию творческой деятельности студентов в условиях кредитной системы образования. – Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. 2024. №1-1(119). С. 138-142.
8. Назаров А. П. Назария ва амалияи сабукгардонии меҳнати истифодабарандагони протсессори матнии Microsoft Word (монография), – Душанбе – 2023, 170 саҳ.
9. Ф.С. Комилов, Д.С. Шарапов. Информатикаи татбиқӣ, – Душанбе 2009, 297 саҳ.
10. Файзуллоев, Ф.Р. Амсилаи ташаккули салоҳиятҳои методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ. – Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2024. 1/3 (125). С. 430-435. ISSN 2663-5534.

11. Файзуллоев, Ф.Р. Имкониятҳои истифодаи технологияҳои итиилоотию коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳияти методии омӯзгори информатика – «Номаи донишгоҳ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. 2025.№2(83). С. 138-144. ISSN 2077- 4990.

12. Файзуллоев, Ф.Р., Мирзоев Р.Р. Историко-педагогические предпосылки компетентностного подхода в профессиональном образовании. – Вестник Таджикского национального университета. - 2020. №8. С. 217-222. ISSN: 2074-1847.

13. Хуторской А.В. Современная дидактика. – СПб.: Питер, 2001.

14. Ҳакимов А.М. Мавқеи ТИК дар иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён. – Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. 2022. № 1-4-2 (104). С. 97-101.

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАҶРИБАВИИ РУШДИ САЛОҲИЯТИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДАИ ИНФОРМАТИКА

Дар мақола масъалаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи таҷрибавии рушди салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика баррасӣ мегардад. Нақши технологияҳои рақамӣ дар такмили фаъолияти касбӣ, ташкили муҳити муосири таълимӣ, баланд бардоштани сифати дарсҳои информатика ва рушди малакаҳои касбии омӯзгор таҳлил карда мешавад.

Муаллифон зарурати ташаккули салоҳияти методии омӯзгорро дар шароити рақамикунонии низоми таҳсилот асоснок намуда, самтҳои асосии истифодаи ТИК-ро дар фаъолияти омӯзгорӣ муайян менамоянд. Дар мақола имкониятҳои тахтаи интерактивӣ, муҳити таълими электронӣ, захираҳои рақамии таълимӣ, платформаҳои таълимӣ, барномаҳои моделсозӣ, воситаҳои санҷиши электронӣ, абзорҳои ҳамкорӣ ва технологияҳои зеҳни сунъӣ дар рушди маҳорати методии омӯзгори информатика нишон дода шудаанд.

Калидвожаҳо: технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, компютер, омӯзгори информатика, салоҳияти методӣ, салоҳияти касбӣ, таълими рақамӣ, технологияҳои педагогӣ, захираҳои рақамӣ, муҳити таълимӣ, фаъолияти таҷрибавӣ, рақамикунонии таҳсилот, барномасозӣ, зеҳни сунъӣ.

ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ КАК ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНОЕ СРЕДСТВО РАЗВИТИЯ МЕТОДИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ ИНФОРМАТИКИ

В статье рассматривается вопрос использования информационно-коммуникационных технологий как экспериментального средства развития методической компетентности будущих учителей информатики. Анализируется роль цифровых технологий в совершенствовании профессиональной деятельности, организации современной образовательной среды, повышении качества уроков информатики и развитии профессиональных навыков педагога.

Авторы обосновывают необходимость формирования методической компетентности учителя в условиях цифровизации системы образования и определяют основные направления использования ИКТ в педагогической деятельности. В статье продемонстрированы возможности интерактивных досок, электронных обучающих сред, цифровых образовательных ресурсов, учебных платформ, программ моделирования, средств электронного тестирования, инструментов сотрудничества и технологий искусственного интеллекта в развитии методического мастерства учителя информатики.

Ключевые слова: информационно-коммуникационные технологии, компьютер, учителя информатики, методическая компетентность, профессиональная компетентность, цифровое образование, педагогические технологии, цифровые ресурсы, образовательная среда, экспериментальная деятельность, цифровизация образования, программирование, искусственный интеллект.

INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES AS AN EXPERIMENTAL MEANS FOR DEVELOPING THE METHODOLOGICAL COMPETENCE OF A FUTURE COMPUTER SCIENCE TEACHER

The article examines the issue of using information and communication technologies (ICT) as an experimental tool for developing the methodological competence of future computer science teachers. It analyzes the role of digital technologies in improving professional activity, organizing a modern educational environment, enhancing the quality of computer science lessons, and advancing the professional skills of the educator.

The authors substantiate the necessity of forming a teacher's methodological competence in the context of the digitalization of the educational system and identify the main directions for using ICT in pedagogical practice. The article demonstrates the potential of interactive whiteboards, electronic learning environments, digital educational resources, learning platforms, modeling software, electronic testing tools, collaborative tools, and artificial intelligence technologies in advancing the methodological proficiency of computer science teachers.

Keywords: information and communication technologies, computer, computer science teacher, methodological competence, professional competence, digital education, pedagogical technologies, digital resources, educational environment, experimental activity, digitalization of education, programming, artificial intelligence.

Маълумот дар бораи муаллифон: Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаб, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121. Тел.: 918636237, Почтаи электронӣ: r_mirzoev1966@mail.ru

Файзуллозода Фарҳод Раҷаб, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: (+992)987153545, Почтаи электронӣ: programist.f@mail.ru

Сведения об авторах: Мирзозода Рахмонали Раджаб, доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой методики преподавания математики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Тел.: (+992) 918-63-62-37, E-mail: r_mirzoev1966@mail.ru

Файзуллозода Фарход Раджаб, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры информатики Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: (+992) 987-15-35-45, E-mail: programist.f@mail.ru

Information about the authors: Mirzozoda Rahmonali Rajab, doctor of pedagogical sciences, professor, head of the department of mathematics teaching methodology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 121 Tel.: (+992) 918-63-62-37, E-mail: r_mirzoev1966@mail.ru

Fayzullozoda Farhod Rajab, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer at the department of computer science, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Rudaki Ave,17 Tel.: (+992) 987-15-35-45, E-mail: programist.f@mail.ru

Муқарриз: Нугмонов М., д.и.п., профессор
ДДОТ ба номи С.Айнӣ

ТДУ: 37.0.+004.9+351.1
Ф-42

ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ КАСБИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМИНАИ САЛОҲИЯТҲОИ РАҚАМӢ

Сафарзода Д.Ҷ., н.и.п., дотсент, Файзализода Б.Ф., д.и.п., дотсент
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Давраи муосири рушди хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун таҳаввулот ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатиро бояд таъмин намояд, тавсиф меёбад. Амалигардонии пайдарпайи чорабиниҳо оид ба ислоҳоти хизмати давлатӣ чун инструменти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дар давоми даҳсолаҳои охир рушди баръалои он мебошад.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҷорисозии шаклҳои нави рушди касбии хизматчиёни давлатӣ мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд [10].

Барои иҷрои вазифаҳое, ки ба уҳда гузошта шудааст, инчунин бо мақсади таъмини ташкили самараноки рушди касбии хизматчиёни давлатӣ тавсияҳо оид ба масъалаҳои ташкили таҳсилоти иловагии касбӣ ва чорабиниҳои дигар оид ба рушди касбии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуданд [11, с. 305-313].

Аз ҷумла, дар «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ» гуфта шудааст, ки «механизми дуруст ба роҳ мондашудаи ташкили рушди касбии хизматчиёни давлатӣ, ки болоравии мунтазами сатҳи умумии салоҳиятнокии онҳоро таъмин менамояд, талаб карда мешавад» [10].

Чи тавре ки аён аст, зарурати рушди бонизоми мунтазами касбии хизматчиёни давлатӣ аз тарафи мақоми ваколатдор дастгирӣ меёбад. Пас, хулоса баровардан мумкин аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ муносибати нав ба масъалаи рушди касбии хизматчиёни давлатӣ роҳандозӣ гардидааст. Он гирифтану такмил додани донишу маҳорат ва малакаҳои касбиро дар идомаи тамоми давраи хизмати давлатӣ дар шакли такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, самтҳои муҳимми рушди касбии хизматчиёни давлатиро қонунгузор мавҷудияти низоми муайяни муттасил, ҷорисозии шаклу методҳои нав муайян менамояд.

Ба ақидаи мо, солҳои охир доир ба мавзуи баррасишаванда амалисозии масъалаҳои зерин ба манфиати таҳкими давлатӣ мебошанд:

1. Таъмин кардани муносибати системавӣ дар татбиқи чорабиниҳои рушди муттасилии касбии хизматчиёни давлатӣ;
2. Ҳавасмандкунии хизматчиёни давлатӣ ба такмили малакаву маҳорат ва худрушддиҳии муттасили касбӣ;
3. Корбурди низоми талаботи тахассусӣ дар шаклҳои нави рушди касбии хизматчиёни давлатӣ;
4. Гузаронидани чорабиниҳо оид ба рушди касбӣ, ки сифати таҷрибаи идоракунии ҳамкориҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баланд мебардорад.

Масъалаи ҷорисозии шаклҳои нави рушди касбии хизматчиёни давлатӣ ва зарурати баланд бардоштани сифати амалигардонии вазифаҳои хизматӣ аз тарафи хизматчиёни давлатӣ, истифодаи ТИК-ро пешбинӣ менамояд ва ба тағйирёбии муносибатҳо ба ташкили низоми рушди касбии хизматчиёни давлатӣ дар сатҳи мақомоти маҳаллӣ мусоидат менамояд, аз ҳама муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Инчунин, яқин аст, ки сатҳи омодагии касбии аксари хизматчиёни давлатии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ба онҳо имконият намедиҳанд, ки бо намояндагони сохторҳои зудинкишофёбандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкориҳои бобарору судмандро ба роҳ монанд.

Пас, хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷустуҷӯйи шаклҳои нави рушди касбии хизматчиёни давлатӣ, ки ба талаботи супоришоти иҷтимоӣ, ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисодиёти рақамӣ ҷавобгӯянд, вазифаи асосии роҳбарон ва хадамоти кадрии мақомоти худидоракунии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҳам дар сатҳи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва шуъбаҳои минтақавии он мебошад.

Арзёбии вазъи ҷории низоми рушди касбии дар хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳоло ҷамъбасти таҷрибаи ҷорисозӣ ва татбиқи шаклҳои муосири таълим ва рушди касбии хизматчиёни давлатӣ, ҷорисозии салоҳиятҳои рақамии хизматчиёни давлатӣ дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти кишвар муҷиб мебошад. Поёнтар мисолҳои амалӣ оварда мешаванд.

Дар тафовут аз дигар минтақаҳо шаҳри Душанбе бо мавҷудияти низоми рушдёфтаи таҳсилоти иловагӣ ва муттасилии хизматчиёни давлатӣ, ки аз тарафи Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, ба таври мусбӣ фарқ мекунад.

Қобили қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ба сегонаи субъектҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустаъқил барои татбиқи механизмҳои нави идоракунии давлатӣ дохил шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди салоҳиятҳои хизматчиёни давлатӣ дар соҳаи рақамисозии равандҳои идоракунии давлатӣ фаъолона ҷалб гардидааст ва бояд қайд намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш доданд, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд [14].

Бино ба суханони Сарвари давлат, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани «ҳукумати электронӣ» таъсис дода хоҳад шуд [14].

Ёдовар мешавем, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 декабри соли 2019 дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олӣ масъулони соҳаро вазифадор намуданд, ки то охири соли 2020 дар асоси «Консепсияи иқтисоди рақамӣ» «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд [13].

Дар соли 2019 маълум гардид, ки равандҳои идоракунӣ бе технологияҳои рақамӣ ва ҳукумати электронӣ имкон надорад. Аз ин рӯ, имкониятҳои нави ТИК дар фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷорӣ гардиданд.

Дар Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ба ҳисоб гирифта шудааст. Асоси онро принсипи сикли ягонаи кадрӣ ташкил медиҳад. Он ба ҳалли афзалиятҳои стратегии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равонааст.

Дар низоми давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор стратегияҳо, аз ҷумла: «Дар бораи Стратегияи давлатии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042», ки ба муносибгардонии равандҳои маъмурисозии кадрии рақамикунонии парвандаҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ имкон медиҳад, таҳия ва амалӣ гардидаанд.

Гузариш ба амсилаи нави рушди касбии хизматчиёни давлатӣ, тафриқагузории сохторӣ ва мураккабшавии вазифаҳои дар ин самт ҳалшаванда, интихоби муносибати системавӣ ва илмӣ, ки ба вазъияти ҷорӣ муносиб аст, талаб мекунанд. Истифодаи шаклҳои электронии таълим ва технологияҳои фосилавии таълим дар рушди касбии хизматчиёни давлатӣ аллакай самти рушдёфта мебошад. Ҳолати реҷаи маҳдудиятҳо дар робита бо Covid-

19 ба рушди таҳсилоти фосилавӣ дар низоми рушди касбии хизматчиёни давлатӣ такони нав дод.

Ҳоло дар пойгоҳи Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти таълимӣ аз рӯйи барномаҳои таҳсилоти иловагии касбӣ амалӣ мегардад, ташаккули платформаи электронӣ барои таълими хизматчиёни давлатӣ дар шакли нав оғоз ёфт. Онлайн-платформаи таълимӣ-электронӣ як қисми портали электронии кадрии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки як қатор масъалаҳои заруриро дар бар мегирад:

– масъалаҳои мубрами татбиқи қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ;

– технологияҳои нави рақамӣ дар фаъолияти хадамоти кадрии мақомоти худидоракунии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот;

– ташкили гардиши ҳуҷҷатҳои электронии ҳуҷҷатҳо дар мақомоти худидоракунии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот.

Ҳамин тариқ, дар давоми солҳои 2019-2024 дар таҷрибаи низоми касбии хизматчиёни давлатӣ шакли омехтаи таълими хизматчиёни давлатӣ дар доираи такмили ихтисос аз ҷиҳати мусбӣ тасвия гардид. Як қисми нақшаи таълимии барномаҳои таълим ва модулҳои таълимӣ барои хизматчиёни давлатӣ ба шакли электронӣ гузаронида шуданд.

Муассисаи муосири рушди хизмати давлатӣ фаъолияти Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ мебошад. Ин донишкада чун ҳамасола бо мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми такмили ихтисос, инчунин барои татбиқи нақшаи давлатӣ оид ба омодасозии кадрҳои роҳбарикунанда барои мақомоти давлатӣ ташкил карда шуд [11, с. 305-313].

Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ намояндагони мақомоти худидоракунии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот мунтазам машваратҳои методӣ мегузаронад. Дар кори машваратҳо барои намояндагони тамоми ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо гурӯҳҳои экспертӣ ташкил гардидаанд, иштирок варзиданд. Дар чорабиниҳои мазкур методҳои амалӣ ва технологияҳои ташкилӣ, ки самаранокии фаъолияти гурӯҳҳои экспертӣ ва хизматчиёни давлатиро дар маҷмуъ бояд баланд бардоранд, мавриди муҳокима қарор ёфтанд. Қабл аз ҷаласаҳо ба экспертҳо лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муҳокимашаванда барои шиносоии тамоми иштирокчиёни машваратҳои онлайнӣ фиристода мешаванд [11, с. 305-313].

Дар натиҷаи таҳлили тамоюлҳои ошкоргардида ва корбурди амалӣ дар мисоли хизматчиёни давлатии мақомоти худидоракунии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф синтезкунии салоҳиятҳо ва талаботи тахассусиро ба хизматчиёни давлатӣ ва пуррасозии талаботи базавиро ба донишу малакаҳо дар соҳаи ТИК ва салоҳиятҳои нави рақамии такмилёфта пешниҳод менамояд.

Рушди технологияҳо дар назди хизматчиёни давлатӣ вазифаҳоеро мегузорад, ки онҳо муносибати эҷодӣ ва омодагӣ ба ҳамкориро ҳам бо одамони дигар ва ҳам дар ҳамкорӣ бо системаҳои зеҳни сунъӣ талаб мекунанд. Дар натиҷаи он, аз як тараф, барои ҳалли масъалаи мушкилтар, ки муносибати эҷодиро тақозо менамоянд, вақт ҷудо мешавад, аз тарафи дигар, норасоии салоҳиятҳои рақамие, ки барои кор дар муҳити технологӣ заруранд, мушоҳида мегардад.

Дар шароити рушди фаъоли ҷомеаи иттилоотии давлат, дониш ва маҳорат ба аҳли ҷомеаи илмию таълимӣ бо зарурати муайянсозии мувофиқи низоми ягонаи талабот ба ташаккул, такмили мунтазам ва афзоиши салоҳиятҳои хизматчиёни давлатӣ, ки барои фаъолияти бобарор ва маҳсулноки касбӣ заруранд, дучор мегарданд.

Вобаста ба ин, мафҳуми салоҳиятҳои хизматчиёни давлатиро дида мебароем.

Ба андешаи як қатор олимон «хизматчии давлатӣ мутахассисе мебошад, ки дорои донишҳои ҳуқуқӣ, илми идоракунии давлатӣ буда, аз ТИК истифода бурда метавонад» [7, с. 87-89].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ташаккули ҳуҷҷатеро, ки талаботи тахассусиро ба вазифаҳои хизмати давлатӣ муайян менамояд, пешбинӣ мекунад [10]. Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи талаботи тахассусиро барои довталабон ба ишғоли вазифаҳои хизмати давлатӣ ва асбобҳои методие, ки муносибатро бо маълумотнома муайян месозад, омода кардааст. Асбобҳои методии мафҳуми «салоҳият»-ро чун маҷмуи сифатҳои шахсият, ки мавҷудияти донишу маҳорат ва таҷрибаи касбӣ барои татбиқи самараноки уҳдадориҳои вазифавӣ зарурро тасдиқ менамояд, муайян мекунанд [11, с. 305-313].

Маълумотнома ҳамчунин талаботи базавиро низ ба донишу малакаҳо дар соҳаи ТИК дар бар мегирад:

- асосҳои амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот;
- асосҳои меъёри қонунгузорӣ дар бораи маълумоти шахсӣ;
- принсипҳои умумии амали низоми гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ;
- қоидаҳои асосии қонунгузорӣ дар бораи имзои электронӣ;
- истифодаи технологияи нави иттилоотӣ ва компютерҳои шахсӣ.

Бояд қайд кард, ки талаботи ба донишу малакаҳои дар соҳаи ТИК пешниҳодшуда хусусияти умумӣ доранд ва ба талабот ба кори хизматчиёни давлатӣ дар шароити технологӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Пешниҳодот оид ба такмили рушди касбии хизматчиёни давлатӣ дар асоси гирифтани салоҳиятҳои рақамӣ. Дар Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои давраи то соли 2042, амалӣ мегардад, оид ба салоҳиятҳои калидии рақамикунонии таҳсилот омилҳое муайян гардидаанд, ки бе онҳо ҳалли бобарори масъалаҳои гурӯҳи муайян, бадастории натиҷаи додашудаи фаъолият дар шароити рақамикунонии таълим имкон надорад.

Ҷадвали 1. – Феҳристи салоҳиятҳои калидии рақамикунонии раванди таълим

№	Салоҳиятҳо	Тавсифнома
1.	Коммуникатсия ва кооператсия дар муҳити рақамӣ	Дар муҳити рақамӣ истифода бурдани воситаҳои гуногуни рақамӣ, ки ба бадастории мақсадҳои гузошташуда дар ҳамкорӣ бо одамони дигар имкон медиҳанд.
2.	Худрушддиҳӣ дар шароити номуайянӣ	Гузориши мустақилонаи мақсадҳои таълим зери вазифаҳои ҳаётии пайдошаванда, интихоби тарзҳои ҳал ва воситаҳои рушди салоҳиятҳои дигари зарурӣ, аз ҷумла бо истифодабарӣ аз воситаҳои рақамӣ.
3.	Тафаккури креативӣ	Таҷдиди ғояҳои нав, ки ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиёти рақамӣ, бозсозии тарзҳои ташаккулёфтаи ҳалли масъалаҳо пешбарии муодилаҳои алтернативии амалҳо барои коркарди алгоритмҳои нави муносиб.
4.	Идоракунии иттилоот ва маълумот	Ҷустуҷӯйи сарчашмаҳои лозимии иттилоот ва маълумот, идрок, таҳсил, интиқоли иттилоот тавассути истифодаи воситаҳои рақамӣ, алгоритмҳо зимни кор бо маълумоти аз сарчашмаҳои гуногун гирифташуда барои корбурди самараноки иттилооти гирифташуда бо мақсади ҳалли масъалаҳо.
5.	Тафаккури интиқодӣ дар муҳити рақамӣ	Арзёбии иттилоот, саҳеҳият, бунёди хулосабарориҳои мантиқӣ дар асоси иттилоот ва маълумоти гирифташуда.

Сарфи назар аз он ки феҳристи салоҳиятҳо бештар бо салоҳиятҳое, ки аз тарафи худи муаллиф пешниҳод шуда, усулҳои методӣ ҳисоб меёбанд, монанданд, фарқияти ҷиддӣ мушоҳида намегардад: дар ин ҷода салоҳиятҳо истифодаи воситаҳои рақамиро барои ҳалли масъалаҳои касбӣ дар назар доранд.

Муаллиф аз амсилаи салоҳиятҳои таҳиякардаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омодасозии хизматчиёни давлатӣ, ки дар ҷадвали 2 пешниҳод гардидааст, истифода мебарад. Ҷадвал барои санҷиши шунавандагон-муовинони роҳбарони идораҳо, ки барои трансформатсияи рақамӣ дар доираи татбиқи барномаи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» масъуланд, корбурд мегардад.

Ҷадвали 2. – Салоҳиятҳои рақамӣ, ахлоқӣ ва коммуникатсияҳои оммавӣ дар ҳукумати электронӣ

№	Салоҳиятҳо	Қисмҳои салоҳиятҳо
1.	Салоҳиятҳои базавии рақамӣ	- **истифодаи Интернети рақамӣ** – ва шабакаҳои иҷтимоӣ, хизматрасониҳои давлатии электронӣ; - **салоҳиятҳои рақамӣ** – истифодаи ТИК дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, корбурди сохторҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, муомилоти электронӣ-молиявӣ, онлайн-харидҳо, дарки интиқодии иттилоот, коркарди контенти чандрасонаӣ; - **амнияти рақамӣ** – малакаҳои ҳимояи маълумоти шахсӣ, истифодаи кодҳои махфии боэътимод, мавҷудияти маданияти рафтор, обрӯю нуфуз, ахлоқ, имконияти нигоҳдории иттилоот, бунёди нусхаҳои захиравӣ.
2.	Салоҳиятҳои касбӣ	- идоракунии рушди рақамӣ; - рушди маданияти ташкилӣ; - корбурди воситаҳои идоракунӣ дар раванди трансформатсияи рақамӣ дар низоми идоракунии давлатӣ; - идоракунӣ ва истифодаи маълумот; - истифодаи технологияҳои рақамӣ; - рушди IT-инфрасохторҳо.
3.	Салоҳиятҳои шахсиятӣ	- равонагӣ ба натиҷаҳо; - муттаҳидгардонии муштариён; - коммуникативият; - зеҳни эмотсионалӣ; - кордонӣ; - доштани тафаккури интиқодӣ.
4.	Маданияти рақамӣ	Мавҷудияти арзишҳои идеологӣ, ташкилӣ, технологӣ, ки ҳамгироиҳои рақамӣ ва рушди инсонро ба вуҷуд меоранд.

Чӣ тавре ки ба муаллифон аён аст, ҷадвали мазкур салоҳиятҳоеро, ки барои олами технологияи муосир муҳим мебошанд, пурратар инъикос мекунад.

Таҳлили адабиёти махсус ба хулосабарорӣ дар хусуси он ки ҳоло меъёрҳои ягона ва муносибати умумӣ ба ошкорсозии пурраи салоҳиятҳои хизматчиёни давлатӣ имкон медиҳад, мусоидат мекунад. Амсилаҳои мавҷудаи салоҳиятҳо, ҳарчанде ки унсурҳои мушобеҳ доранд, аммо бо тафриқаи сохторӣ ва мазмунӣ тавсиф меёбанд. Феҳристи тавсиягардидаи салоҳиятҳои нави рақамии хизматчиёни давлатӣ дар ҷадвали 3 пешниҳод карда шудааст.

Ҷадвали 3. – Феҳристи тавсиягардидаи салоҳиятҳои рақамии хизматчиёни давлатӣ

№	Салоҳиятҳо	Тасвири салоҳиятҳо дар истилоҳоти «донишҳо ва малакаҳо»
1.	Идоракунии иттилоотӣ рақамӣ	Донистани системаҳои иттилоотӣ-таҳлилӣ, ки ҷамъоварӣ кардан, таҳлил ва нигоҳдории иттилоотро таъмин менамояд.
		Малакаҳои азхудкунии методҳо, тарзҳо, воситаҳо ва

		системаҳои асосии ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва нигоҳдории иттилоот.
2.	Хизматрасониҳои давлатии рақамӣ	Донистани технологияҳои рақамии хизматрасониҳои давлатӣ.
		Малакаҳои кор бо системаҳои инфрасохтори ҳукумати электронӣ, аз ҷумла бо системаҳои гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ва ҳамкориҳои байниидоравӣ, платформаҳои рақамӣ, ҳамкориҳо тавассути хизматрасониҳои рақамӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, мессенҷерҳо, порталҳои иттилоотӣ), таҳлили иттилооти гирифташуда.
3.	Вусъатдиҳии ҳалли рақамӣ	Донистани асосҳои информатика ва тамоюлоти технологияҳои муосири рақамӣ.
		Малакаҳои муайянсозӣ ва арзёбии талабот дар истифодаи технологияҳои ҳамшафат дар идоракунии давлатӣ, ҷорисозии инноватсияҳои технологӣ.
4.	Идоракунии рақамии лоиҳавӣ	Донистани асосҳои идоракунии лоиҳавӣ (методҳо ва фишангҳо) бо корбурди технологияҳои рақамӣ.
		Малакаҳои муайянсозии талабот ва интихоби воситаҳои зарурии рақамӣ барои ҳалли масъалаҳои ҳарбӣ.
5.	Амнияти рақамӣ	Донистани масъалаҳои умумӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ, низоми амнияти иттилоотӣ, манбаъҳои таҳдид, воситаву методҳои ҳифзи иттилоот чораҳои муқобилият ба таъсироти беруна.
		Малакаҳои кор бо системаҳо, ки амнияти иттилоот ва мувофиқат ба талаботҳои асосии меъёрии амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла ҳифзи махфияти давлатиро таъмин менамояд.
6.	Ахлоқи рақамӣ	Донистани қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор, хатарҳо ва таҳдидҳо дар раванди истифодаи технологияҳои рақамӣ.
		Малакаҳои корбурди қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор, истифодаи чораҳои эҳтиётӣ, ки барои корҳои хатарнок дар муҳити рақамӣ заруранд.

Ғайр аз маҷмуи салоҳиятҳо, ки барои иҷрои бомуваффақият ва маҳсулноки фаъолияти касбӣ мавҷудияти муқаррароти мақсаднок, ки самтҳои арзишноки хизматчии давлатиро ба ҳисоб мегиранд, ҷанбаи муҳим ҳисоб меёбад. Арзишҳо дар маҷмуъ бо салоҳиятҳои гирифташуда ба ташаккули амсилаи муносиби идоракунии давлатӣ таъсир мерасонанд.

Хулоса, таҳлили гузаронидашуда ба хулосабарорӣ дар хусуси он ки ҳоло меъёрҳои ягона ва муносибати умумӣ ба пуррагии ошкорсозии салоҳиятҳои хизматчиёни давлатӣ мавҷуд аст. Амсилаҳои мавҷудаи салоҳиятҳо ҳарчанде, ки унсурҳои мушобеҳ ҳастанд, симо бо сохтор ва тафриқа ва дифференсияи мундариҷавӣ тафсиф меёбанд.

Хулосаҳоро ҷамъбаст карда, дар бораи зарурати аз нав дида баромадани номгӯйи салоҳиятҳо дар асоси он, ки идоракунандагони давлатӣ мутахассиси баландихтисос, дорои салоҳиятҳои зиёди рақамӣ, инчунин сифатҳои гуногуни рушдёфтаи эҷодӣ ва ахлоқӣ мебошад, гуфтан мумкин аст.

Таҷрибаи ҷорисозию татбиқи шаклҳои муосири таълим ва рушди хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷамъбаст намуда, бояд қайд кард, ки ин низом дар марҳилаи ташаккул қарор дорад ва ҳолати мазкур ба шакли электронӣ дахл мекунад.

Таҷрибаи татбиқи муносибатҳои консептуалии рушди касбии хизматчиёни дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тағйирёбии фаъол аз шаклҳои анъанавии таҳсилоти иловагии касбӣ ба шаклҳои нави ташкили рушди касбӣ ва таълими фосилавӣ шаҳодат медиҳад.

Дар давраи мазкури гузориши кори фаврӣ оид ба воридсозии тағйирот ба мазмуни мавҷудоти барномаҳои иловагии касбии бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи тавсияҳои мувофиқ, аз ҷумла оид ба ҷорисозии салоҳиятҳои рақамии хизматчиёни давлатӣ лозим аст.

Тағйирот, пеш аз ҳама ба таъмини ташаккули низоми рушди муттасили касбии хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба фароҳам овардани шароит барои гирифтани донишу маҳоратҳои зарурӣ, зимни корбурди шаклҳо, методҳо, технологияҳои таълим ва мубодилаи иттилооти муҳим имкон медиҳад, бояд равона гардад.

Ба андешаи муаллифон мақолаи мазкур масъалаҳои асосии ҷорисозии шаклҳои муосири таълими хизматчиёни давлатии таъмини контенти сифатноки электронӣ боқӣ мемонад. Платформаҳои электронӣ, дарвоқеъ, сатҳи баланд доштанд: ба таҳияи курсҳо на танҳо олимон дар соҳаи идоракунии давлатӣ, балки барномасозон, дизайнерони графикӣ низ бояд ҷалб карда шаванд [12, с. 245-255].

Мақомоти салоҳиятдори хизмати давлатӣ ва муассисаи давлатдори омӯзиши хизматчиёни давлатӣ бояд барномаи рушди касбиро тартиб диҳанд, барои ҳар як хизматчии давлатӣ нақшаҳои инфиродӣ таҳия намоянд. Маводҳои таълимӣ бояд аёниву мазмундор, категорияи шунавандагон бояд ба роҳбалад таъмин бошанд, мониторинги робитаи мутақобила бояд ба роҳ монда шавад.

Инчунин, дар таҷриба ҳамкорӣ бо ҷомеаи касбӣ, ҳамкориҳои экспертӣ, машваратӣ, байниидоравӣ, коромӯзии мунтазам бо мақсади мубодилаи таҷриба дар минтақаҳои дигар ва ғайраро бояд ба таври васеъ истифода бурд.

Яке аз лаҳзаҳои муҳим он аст, ки хизматчии давлатӣ дар фаъолияти худ манфиатҳои шаҳрвандонро бояд ба назар гирад, ба муколамаи ғайрирасмӣ бо ҷомеа, шаҳрвандон бояд омода гардад, зеро ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон моҳияти фаъолияти хизматчии давлатиро ташкил медиҳад. Бинобар ин, рисолати сифати асосии касбии хизматчии давлатӣ саъю кӯшиш барои овардани манфиат ба мамлакати худ, ба халқи худ ҳисоб меёбад.

Адабиёт:

1. Байханов, И.Б. Трансформация профессиональных компетенций специалистов государственного управления [Текст] / И.Б. Байханов // Миссия конфессий. – 2021. – Том 10. – №3. – С. 320-327.

2. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №468 тасдиқ шудааст.

3. Беляцкая, Т.Н. Цифровой разрыв в современном информационном обществе [Текст] / Т.Н. Беляцкая, В.С. Князькова // Экономическая наука сегодня. – 2019. – №10. – С. 209-217.

4. Васильева, Е.В. Человеко-ориентированный подход в формировании ключевых компетенций государственных гражданских служащих в условиях цифровой трансформации [Текст] / Е.В. Васильева, В.Н. Пуляева, В.А. Юдина // Управленческие науки. – 2019. – №9 (1). – С. 76-95.

5. Ёров, М.Ҷ. Тартиби баррасии дархостҳои онлайнӣ бо истифода аз системаи хизматрасонии оммавӣ [Матн] / М.Ҷ. Ёров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». – Душанбе. – 2023. – С. 25-32.

6. Комилиён, Ф.С. Кибернетика ва ҷомеаи иттилоотӣ: Воситаи таълимӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, Д.С. Шарапов, Б.Ф. Файзализода – Душанбе: «Ирфон», 2018. – 220 с.

7. Комилов, Ф.С. Электронная система управления ВУЗ-ом [Текст] / Ф.С. Комилов, У.М. Джумаев, Р.Дж. Давлатов // Материалы международной конференции «Компьютерный анализ проблем науки и технологии». – Душанбе, ТНУ, 2011. – С. 87-89.

8. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2022, №439 тасдиқ шудааст.

9. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174 тасдиқ шудааст.

10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.11.2023, №2011 тасдиқ шудааст.

11. Сафарзода, Д.Ҷ. Методҳои салоҳиятҳои рақамӣ ва ҳукумати электронӣ дар сохтори идоракунии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Ҷ. Сафарзода, Б.Ф. Файзализода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №2(67). – С. 305-313. – ISSN: 2664-0651 / ISSN: 2709-8567.

12. Файзализода, Б.Ф. Асосҳои назариявӣ-методологии истифодаи Case-технологияҳо чун воситаи таълими амсиласозии компютерӣ [Матн] / Б.Ф. Файзализода, Б.Н. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №12 Ҷ II. – С. 245-255. – ISSN: 2074-1847.

13. https://khovar.tj/2021/01/dar-to-ikiston-agentii-innovatsiya-va-tehnologiya-oi-ra-amii-nazdi-prezident-tasis-doda-meshavad/ (санаи мурочиат 12.09.2024).

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28.12.2023.

ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ КАСБИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМИНАИ САЛОҲИЯТҲОИ РАҚАМӢ

Ба андешаи муаллифон мақолаи мазкур масъалаҳои асосии ҷорисозии шаклҳои муосири таълими хизматчиёни давлатии таъмини контенти сифатноки электронӣ боқӣ мемонад. Платформаҳои электронӣ, дарвоқеъ, сатҳи баланд доштанд: ба таҳияи курсҳо на танҳо олимон дар соҳаи идоракунии давлатӣ, балки барномасозон дизайнерони графикӣ низ бояд ҷалб карда шаванд.

Яке аз лаҳзаҳои муҳим он аст, ки хизматчии давлатӣ дар фаъолияти худ манфиатҳои шаҳрвандонро бояд ба назар гирад, ба муколамаи ғайрирасмӣ бо ҷомеа, шаҳрвандон бояд омода гардад, зеро ки ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон моҳияти фаъолияти хизматчии давлатиро ташкил медиҳад. Бинобар ин, сифати асосии касбии хизматчии давлатӣ саъю кӯшиш ба овардани фоида ба мамлакати худ, ба халқи худ ҳисоб меёбад.

Калидвожаҳо: салоҳиятҳои рақамӣ, амсиласозии салоҳиятҳо, амсиласозии компютерӣ, тарзи технологӣ, идоракунии давлатӣ, хизматчии давлатӣ, технологияи иттилоотӣ, рақамикунонии таҳсилот.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УПРАВЛЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫМ РАЗВИТИЕМ ГОСУДАРСТВЕННЫХ СЛУЖАЩИХ НА ОСНОВЕ ЦИФРОВЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ

По мнению авторов данной статьи, остаются основными вопросы внедрения современных форм обучения государственных служащих для обеспечения качественного электронного контента. Электронные платформы, по сути, имели высокий уровень: к разработке курсов должны быть привлечены не только ученые в области государственного управления, но и программисты и графические дизайнеры.

Одним из важнейших моментов является то, что государственный служащий в своей деятельности должен учитывать интересы граждан, он должен быть готов к неформальному диалогу с обществом, гражданами, ведь защита прав граждан является сутью деятельности

государственного служащего. Поэтому главное профессиональное качество государственного служащего – это стремление принести пользу своей стране, своему народу.

Ключевые слова: цифровые компетенции, моделирование компетенций, компьютерное моделирование, технологический стиль, государственное управление, государственный служащий, информационные технологии, цифровизация образования.

IMPROVING THE MANAGEMENT OF PROFESSIONAL DEVELOPMENT OF CIVIL SERVANTS BASED ON DIGITAL COMPETENCIES

According to the authors of this article, the main issues of introducing modern forms of training for civil servants to ensure high-quality electronic content remain. Electronic platforms, in fact, had a high level: not only scientists in the field of public administration, but also programmers and graphic designers had to be involved in the development of courses.

One of the most important points is that a civil servant in his activities must take into account the interests of citizens, he must be ready for an informal dialogue with society and citizens, because protecting the rights of citizens is the essence of the activity of a civil servant. Therefore, the main professional quality of a civil servant is the desire to benefit his country, his people.

Key words: digital competencies, competency modeling, computer modeling, technological style, public administration, civil servant, information technology, digitalization of education.

Маълумот дар бораи муаллифон: Сафарзода Даврон Ҷурахон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 918-90-90-89;

Файзализода Баҳрулло Файзалӣ, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22. E-mail.: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Сведения об авторах: Сафарзода Даврон Джурахон, кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии и социологии управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33. Тел.: (+992) 918-90-90-89.

Файзализода Бахрулло Файзали, доктор педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой информационных технологий и информационной безопасности Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734003. Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33. Тел.: (+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22. Электронная почта: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Information about the authors: Safarzoda Davron Jurakhon, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of psychology and sociology of management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir Street, 33. Tel.: (+992) 918-90-90-89.

Fayzalizoda Bakhrullo Faizali, doctor of pedagogical sciences, associate professor, head of the department of information technologies and information security of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33. Tel.: (+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22. Email: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Муқарриз: Сафарзода М.В., д.и.п., профессор
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 004+004.49 (035.3)
ТКБ:73(2-тоҷ)
А- 39

АСОСҲОИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МУҲИТИ РАҚАМИИ ТАЪЛИМ

Аюбзода С.А., н.и.п., и.в. дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар шароити муосир низоми таълимоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, бунёди манбаъҳои таълимию методиро ба воситаи технологияҳои иттилоотию иртиботии замонавӣ (ТИИ) тақозо мекунад. Тағйир ёфтани шароити иҷтимоӣ ва рушди рақамикунонӣ аз ҳар як корманд ва донишҷӯ дараҷаи баланди омодагиро талаб намуда, ба азнавсозии самти маориф ва илми кишвар оварда мерасонад. Муҳаққиқи тоҷик Шамсуллозода Д. қайд менамояд, ки «Дар низоми таълимоти МТОК ҳар як самти ояндадори амалигардонии технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ қайд шудааст, аз ҷумла бунёди манбаъҳои таълимӣ-методии мавҷуда тавассути амалигардонии ТИИ-и замонавӣ дар ҷараёни таълим» [17, с. 51].

Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва муҳити иттилоотӣ-таълимӣ дар раванди омӯзиш аҳаммияти хос дорад. Бо вуҷуди ин, таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар баробари имкониятҳои фаровон, хатарҳо ва таҳдидҳои нав низ ба миён меоянд, ки ҳимояи фазои маърифатиро тақозо мекунанд. Олими рус Т.С. Илина, қайд мекунад, ки «Дигаргуншавиҳову тағйирот дар кору зиндагии одамон, пайдошавии тарзи нави кору рафтори инсон, ки бо тағйир ёфтани шароитҳои иҷтимоиву иқтисодии онҳо робитаи зич дорад, аз ҳар як корманд дараҷаи баланди омодагиро тақозо мекунад. Ҳамзамон, бояд бакалаврҳо-хатмкардагони МТОК ҷавобгӯйи ҳатмӣ ба талаботи ҷамъият бошанд. Ин талабот ба азнавсозии самти маориф ва илми кишвар оварда мерасонад» [10, с. 122].

Мақсади асосии мақолаи мазкур баррасии ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯён, инчунин муайян кардани сохтор ва шароитҳои педагогии амалисозии он дар муҳити рақамии таълим мебошад.

Омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯён аз масъалаҳои мубрами илми педагогика ба шумор меравад. Дар доираи ин пажуҳиш, нахуст хусусиятҳо ва сохтори муҳити иттилоотӣ-таълимии муосир мавриди таҳлил қарор гирифта, зарурати гузариш аз муҳофизати техникии холис ба раванди иҷтимоӣ-педагогӣ ва гуманитарӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, моҳият, сохтори чорҷузъаи фарҳанги амнияти иттилоотӣ, хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён ва роҳҳои бартарафсозии тасаввуроти ғалати «насли рақамӣ» дар баробари вазифаҳои навини омӯзгор ба риштаи таҳқиқ кашида мешаванд. Тасаввуроти ғалати «насли рақамӣ» (Digital Natives illusion) дар илми педагогика ва психологияи муосир ба он боваринокии нодуруст ё тасаввуроти бардурӯғ ишора мекунад, ки гӯё тамоми насли ҷавон ва донишҷӯён аз рӯзи таваллуд ва ба таври худкор технологияҳои рақамиро хуб медонанд, қобилияти интихоб ва таҳлили дурусти иттилоотро доранд ва дар фазои киберамният комилан бехатаранд.

Хусусиятҳо ва сохтори муҳити иттилоотӣ-таълимии муосир. Муҳити иттилоотӣ-таълимии муосир ҳамчун системаи босамари таълим ба ҳисоб рафта, асоси корбурди компютерҳои замонавӣ ва муҳити барномавию иртиботиро роҳандозӣ мекунад. Унсурҳои ин муҳити рақамӣ дар мувофиқат бо корҳои илмию методиву таҳқиқотӣ ва идоракунии МТОК қарор доранд. Муҳити иттилоотӣ-таълимии муосир дорои вижагиҳои хос, аз ҷумла ҳамгироисозии ТИИ, рушди технологияҳои муосири корӣ ва истифодаи захираҳои шабакавии интернетӣ дар раванди маърифатӣ мебошад. Технологияҳои on-line ҳангоми омӯзиш мубодилаи иттилоотро дар вақти воқеӣ таъмин намуда, ба қабулкунанда имкон медиҳанд, ки фавран ба паёмҳо посух фиристад. Инчунин, истифодаи воситаҳои

мултимедиявӣ, тахтаҳои интерактивӣ ва лавҳаҳои электронӣ ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки муҳити фаъоли маърифатию эҷодӣ эҷод намуда, онро идора кунад.

Ба андешаи Е.В. Комелина «муҳити иттилоотиву таълимӣ низоми босамари таълим буда, асоси корбурди компютерҳои замонавӣ, муҳити барномавию иртиботии телевизионӣ роҳандозӣ мегардад. Ҷузъҳои муҳит бо корҳои илмиву методӣ, таълимиву пажуҳишӣ, корҳои санҷишиву идора намудани муҳити таълимӣ дар мувофиқат қарор дорад» [11, с. 34].

Дар таҳқиқи Мавчан таъкид гардидааст, ки муҳити иттилоотӣ-таълимии муосир дорои вижагиҳои зерин мебошад:

«-ҳамгироишавии ТИИ;

- рушди ҳар як технологияи кориву иттилоотии муосир;

- корбурди захираҳои шабакавии интернетӣ дар раванди таълимиву маърифатӣ;

- корбурди воситаву усулҳо, амсоли таълими интерактивӣ» [14, с. 350].

Дар раванди истифодаи муҳити рақамӣ ва шабакаҳои интернетӣ хатарҳои гуногун ба миён меоянд, ки ба фаъолияти таълимӣ ва амнияти шахсият таъсир мерасонанд. Ба ин технологияҳо инчунин почтаи электронӣ, феҳристҳои почтавӣ ва телеконфронсҳо дохил мешаванд, ки тавассути онҳо гузаронидани муҳокимаҳо ва интиқоли иттилооти таълимӣ ба роҳ монда мешавад. Бо вуҷуди ин, паҳншавии иттилооти нодуруст, мушкилоти плагиат, вайронкунии ахлоқи рақамӣ ва дуздии маълумоти шахсӣ дар фазои маҷозӣ хатарҳои ҷиддиро ба вуҷуд меоранд. Барои пешгирии ин ҳолатҳо, воридсозии бобарори ТИИ ба ҷараёни таълим ва боло бурдани маданияти иттилоотии омӯзгорону донишҷӯён, бояд шароит ва муҳити бо компютерҳои замонавӣ муҷаҳҳаз фароҳам оварда шавад.

Таҳлили фаъолияти муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки набудани тарҳи натиҷаноки амниятӣ ва нокифоя будани малакаҳои кор бо технологияҳои рақамӣ боиси осебпазирии донишҷӯён мегардад. Муҳаққиқон Л.Н. Горбунова ва А.М. Семибратов [6] таъкид мекунанд, ки донишҷӯён бояд аз имконоти технологияҳои иттилоотиву робитавӣ огоҳ бошанд ва тавонанд онҳоро дар ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва корҳои касбии педагогӣ бо дарназардошти талаботи амниятӣ истифода баранд. Ҳамзамон, мувофиқи таҳқиқоти И.В. Забродина, Н.А. Козлова ва С.Н. Фортигина [8], ташаккули салоҳиятнокии ТИИ-и донишҷӯён дар муҳити электронии иттилоотӣ-таълимӣ омили муҳимми пешгирии таҳдидҳои киберӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқон Л.Н. Горбунова ва А.М. Семибратов дар пажуҳиши анҷомдодаи худ сохтори салоҳияти ТИИ-и донишҷӯёни зинаи бакалаврро дар чунин шакл гурӯҳбандӣ кардаанд:

«- огоҳ будан аз имконоти технологияҳои иттилоотиву робитавӣ ва қобилияти истифодаи онҳо, ҳамзамон ҳалли вазифаҳои гузошташуда;

-дар корҳои касбии педагогӣ корбурд карда тавонистани ТИИ...» [6, с. 91].

Дар шароити муосири рақамикунонии таҳсилот, МТОК бояд байни озодии академикӣ, дастрасии кушод ба дониш ва зарурати ҳифзи иттилоот тавозун ба роҳ монанд. Рушди захираҳои шабакавӣ ва платформаҳои масофавӣ[1] ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар ҳар вақт ба маводи таълимӣ дастрасӣ дошта бошанд. Бо вуҷуди ин, кушода будани муҳити таълимӣ ва истифодаи усулҳои онлайн бояд бо риояи меъёрҳои қатъии амниятӣ ва ҳифзи додаҳо ҳамроҳ бошад, то ки хатарҳои кибернетикӣ ба низоми таълимӣ зарар нарасонанд. «Масофат ва таълим бо истифодаи технологияҳои муосир, хосатан дар давраи пандемия, аҳаммияти хос пайдо кардааст. Ин усулҳо фоидаҳои муҳим доранд: дастрасӣ ба таълим, донишҷӯён метавонанд ба муҳтавои таълимӣ ва сабадҳо дар ҳар вақт ва аз ҳар куҷо дастрасӣ пайдо кунанд...» [17, с. 107]

Хатарҳои кибернетикӣ (ё таҳдидҳои киберӣ) маҷмуи хатарҳо, амалҳо ва ҳолатҳое мебошанд, ки ба воситаи шабакаҳои компютерӣ, интернет ва системаҳои рақамӣ ба амнияти иттилоотӣ, таҷҳизот, шахрвандон, ташкилотҳо ё давлат зарар мерасонанд. Ин хатарҳо

[1] Зермаҷмуи платформаҳои рақамӣ, ки махсус барои таълим, омӯзиш ва идоракунии раванди таҳсил аз масофа сохта шудааст (масалан, Moodle, Google Classroom, Canvas, Microsoft Teams.)

метавонанд боиси дуздӣ ё нест кардани маълумот, дастрасии ғайриқонунӣ ба ҳисобҳои шахсӣ, халалдор кардани кори системаҳо ва зарари молиявӣ гарданд.

Асосан намудҳои хатарҳои кибернетикӣ чунин мешаванд:

- Вирусҳо ва барномаҳои зараровар (Malware): Барномаҳое, ки ба компютер ё телефон бе иҷозат ворид шуда, маълумотро вайрон мекунанд ё медузданд (масалан, Trojan, Spyware, Ransomware ё барномаҳои фидягир);

- Фишинг (Phishing): Фиреб додани корбарон тавассути паём ё сомонаҳои қалбакӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти махфӣ (рақамҳои корти банкӣ, паролҳо ва номи корбар);

- Ҳамрасонӣ ба системаҳо (Cyberattacks/Hacking): Кӯшиши ҳакерҳо барои рахна кардан ва идора кардани пойгоҳи додаҳо, сомонаҳо ё шабакаҳои муассисаҳо.

- Дуздии шахсият (Identity Theft): Истифодаи ғайриқонунии маълумоти шахсии дигар кас дар интернет барои содир кардани ҷиноят ё фиреб;

- Интишори хабарҳои бардурӯғ ва фейкҳо (Fake News): Барои фиреб додани ҷомеа ё таъсир расонидан ба афкори умумӣ.

Дар замони муосир, мубориза бо ин хатарҳо ва омӯхтани қоидаҳои бехатарӣ дар фазои интернет (киберамният) яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Баррасии ин масъала нишон медиҳад, ки васеъ гардидани фазои маҷозӣ дар баробари имкониятҳо, инчунин хатарҳои нави рафторӣ ва мушкилоти ҳифзи саломатии равонии таълимгирандагонро ба миён меорад. Дар ин контекст муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «Шакли рафтори ҳамлаовар бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, ки дорои қувваи таъсиррасонии бениҳоят бузургтар ва соддагии таъмини мунтазамӣ дар муқоиса бо озори анъанавӣ мебошад. Маҷмуи шароитҳои илмию методӣ, ташкилию технологӣ ва ҳифзи саломатӣ, ки ҳамкории иттилоотиро байни субъектҳои раванди таълим ва захираи иттилоотии интерактивӣ таъмин мекунанд» [15].

Муқоисаи хусусиятҳои муҳити анъанавӣ ва муҳити рақамии таълим аз нигоҳи хатарҳо ва талаботи амниятӣ дар ҷадвали 1. инъикос гардидааст.

Ҷадвали №1. - Муқоисаи хусусиятҳои муҳити анъанавӣ ва муҳити рақамии таълим аз нигоҳи хатарҳо ва талаботи амниятӣ

Меъёрҳои муқоисавӣ	**Муҳити анъанавии таълим**	**Муҳити рақамӣ ва масофавии таълим**	**Талаботи амниятӣ**
Дастрасӣ ба мавод	Маҳдуд ба китобхона ва синфхона	Кушод ва саросарӣ тавассути шабака	Муҳофизати ҳуқуқи муаллиф ва дастрасии бехатар
Шакли муошират	Мустақим (рӯ ба рӯ)	Маҷозӣ (ғоибона, online, почта, телеконфронс)	Риояи одоби рақамӣ ва ҳифзи додаҳои шахсӣ
Хатарҳои асосӣ	Нокифоя будани адабиёт	Плагиат, фейкҳо, дуздии маълумот, кибертаҳдидҳо	Ташаккули фарҳанги амнияти иттилоотӣ

Гузариш аз раванди техникӣ ба раванди иҷтимоӣ-педагогӣ. Барои пешгирии бетартибӣ ва беназоратӣ дар фазои маҷозӣ, такя кардан танҳо ба маҳдудиятҳои сунъӣ ё санҷишҳо (филтрҳо)-и техникӣ кофӣ нест. Мувофиқи таҳқиқ, ҳалли ин мушкилот дар баланд бардоштани сатҳи фарҳанг, маданияти иттилоотӣ ва омодагии равониву амалии истифодабарандагон мебошад. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки муҳити иттилоотӣ-таълимӣ бояд ба таври ногусастанӣ бо инсон ҳамчун субъекти асосии таҳсилот алоқаманд бошад, то ки ҳар як донишҷӯ худаш тавонад рафтори бехатарро дар муҳити рақамӣ танзим кунад. Е.М. Ганичева «муҳити иттилоотӣ-таълимиро натиҷаи ҳамкории субъектҳои раванди таълим бо фазои иттилоотиву таълимӣ меномад, ки маҷмуи таъминоти иттилоотӣ, техникӣ, таълимӣ-

методиро ба таври низомӣ ташкилшуда, ба таври ногусастанӣ бо инсон ҳамчун субъекти таҳсилот алоқамандро пешниҳод менамояд» [4, с. 67].

Дар раванди таҳаввули илмӣ, амнияти иттилоотӣ аз ҳифзи пурраи техникии компютерҳо ва серверҳо гузашта, ба раванди ҳуқуқӣ ва имрӯз ба раванди иҷтимоӣ-педагогӣ ва гуманитарӣ расидааст. Ин гузариш нишон медиҳад, ки омӯзиш ва тарбияи донишҷӯён дар маркази ҳимояи фазои маърифатӣ қарор дорад. Олими барҷаста М.Е. Добрускин чунин ибрози ақида намудааст: «гуманизатсияро ҳамчун ҳалқаи ислоҳоти мактаби олӣ: гузариш аз тарҳи экстенсивӣ-иттилоотии раванди таълим ба низоми проблемавӣ-таҳлилӣ, бартараф намудани тафовути байни фанҳои гуманитарӣ, ғайригуманитарӣ ва тахассуси маҳдуд муайян намудааст» [7, с. 78]».

Дар шароити муосир, аз сабаби рӯ ба афзоиш овардани таҳдидҳои кибернетикӣ ва иттилоотӣ на танҳо амнияти академикӣ, балки манфиатҳои стратегии давлат низ осебпазир мегарданд. Тавре дар сарчашмаҳои илмӣ таъкид мешавад, ҳифзи фазои маърифатӣ ва равонии ҷавонон қисми таркибии амнияти миллиро ташкил медиҳад: «Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гашта, дар шароити мураккаб ва пуртазоди ҷаҳонӣ саъю кӯшиши хешро баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи истиқлол равона намудааст» [1].

Аз ин рӯ, дар баробари рушди технологияҳо, фаъолияти созмонҳои таҳрибкор дар шабакаҳои иҷтимоӣ хатари ҷиддӣ ба миён оварда, зарурати ташаккули тафаккури танқидӣ ва фарҳанги амнияти иттилоотиро дар байни донишҷӯён боз ҳам мубрам месозад: «Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд» [1].

Таҳлилҳо собит месозанд, ки ҳатто мураккабтарин низомҳои муҳофизати барномавӣ бидуни омодагии шахсият натиҷа намедиҳанд. Маҳз омили инсонӣ ҳамчун субъект ва «девори оташини инсонӣ» фаъолият карда, дар пешгирии таҳдидҳои киберӣ нақши муҳим доранд. Мафҳуми «девори оташини инсонӣ» (Human Firewall) маънои онро дорад, ки худи инсон (донишҷӯ ё корбар) бо донишу ҳушёрӣ ва рафтори бошууронаи худ ҳамчун монеа ё сипари асосӣ дар роҳи таҳдидҳои киберӣ амал мекунад.

Принсипҳои классикии амнияти иттилоотӣ дар фаъолияти донишҷӯён мазмуни ахлоқию амалӣ пайдо мекунанд. Махфият, якпорчагии маълумот ва дастрасии оқилона ба захираҳои рақамӣ ҷузъҳои асосии рафтори бехатари донишҷӯро дар муҳити академикӣ ташкил медиҳанд.

Моҳият ва сохтори фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯ. Дар заминаи пажуҳишҳои педагогию психологӣ, мафҳумҳои марбут ба фазои рақамӣ зина ба зина инкишоф меёбанд. Саводи рақамӣ ҳамчун маҷмуи малакаҳои ибтидоии кор бо технологияҳо баромад карда, ба фарҳанги иттилоотӣ мегузарад, ки дар он ҷустуҷӯ, коркард ва арзёбии танқидии маълумот дар мадди аввал меистад. Дар навбати худ, фарҳанги амнияти иттилоотӣ мафҳуми фарогиртар буда, қобилияти ҳифзи шахсият аз хатарҳо, риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва таъмини бехатариро дар муҳити рақамӣ таҷассум мекунад. Н.В. Бужинская, чунин мешуморад, ки «Салоҳияти иттилоотию интерактивӣ ҷамъи хоссагиҳои иштирокчии ҷараёни таълим мебошад, ки донишу маҳорат, малакаҳои ҳалкунии мушкилоту вазифаҳое, ки ба корбурди ТИИ робитаи зич дорад, фаро гирифта метавонад» [3, с. 319].

Барои дарки ҳамаҷонибаи ин падида, таҳлили сохторӣ ва муайян кардани самтҳои асосии ҳимояи фазои маърифатӣ аҳаммияти муҳим дорад. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки амнияти иттилоотӣ на танҳо мафҳуми умумӣ, балки дорои ҳадафҳои мушаххас ва ҷузъҳои таркибӣ мебошад: «Амнияти иттилоотӣ-маҷмуи чорабиниҳои мушаххаси ҳифзи муҳити иттилотии ҷомеа ва инсон аст, ки ҳадафхои худро дорад: 1.Ҳифзи манфиатҳои миллӣ; 2.Таъмини шахс ва ҷомеа ба иттилои пурра ва эътимоднок; 3.Ҳифзи ҳуқуқҳои давлат, ҷомеа ва шахс дар қабул, истифода ва паҳнкунии иттилоот» [2].

Дар робита ба ин, ҷанбаҳои амалӣ ва сохтории маданияти амнияти иттилоотии мутахассисон ва донишҷӯён аз компонентҳои мушаххас иборат буда, ҳар кадоми онҳо нақши

худро дар низоми рафтори бехатар мебозанд. Муаллиф компонентҳои самти амнияти иттилоотиро ба қисмҳои зерин ҷудо мекунад:

«- компонентҳои техникии маданияти амнияти иттилоотӣ донистани принсипҳои асосии кор бо системаҳои иттилоотӣ, қобилияти истифодаи воситаҳои муосири ҳимоя ва малакаҳои асосии барномасозии бехатарро дар бар мегирад;

- компоненти маърифатӣ қобилияти таҳлил ва тафаккури интиқодиро дар контексти амнияти иттилоотӣ, инчунин дарки мантиқи кори системаҳои иттилоотӣ ва осебпазириҳои эҳтимолиро инъикос мекунад;

- компоненти рафторӣ намунаҳои амалии татбиқи донишҳо оид ба чораҳои рафтори бехатар дар фазои иттилоотии рақамӣ мебошад, зеро маҳз амалҳо сатҳи воқеии амниятро муайян мекунанд;

- компоненти арзишию мазмунӣ дарки системаи арзишҳо (махфият, дахлнопазирӣ, дастрасӣ, масъулият ва этика) буда, заминаи эътиқоди ботинӣ ва муҳаррики риояи қоидаҳои амнияти иттилоотиро ташкил медиҳад» [2].

Фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯ ҳамчун маҷмуи сифатҳои шахсият, донишҳо, малакаҳо ва арзишҳо муайян карда мешавад, ки барои бехатар фаъолият кардан дар муҳити рақамӣ, муҳофизати манфиатҳои шахсӣ ва касбӣ замина мегузорад. Функсияҳои асосии ин падида иборатанд аз:

- муҳофизатӣ (пешгирии таҳдидҳо);
- аксиологӣ (ташаккули муносибати арзишӣ ба амният);
- когнитивӣ-нормативӣ (донистани қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор);
- худидоракунӣ (худназоратӣ дар фазои маҷозӣ);
- омодагии касбӣ (татбиқи малакаҳо дар фаъолияти ояндаи педагогӣ).

Таҳвили ин панҷ ҷузъ дар раванди таълими МТОК тавассути усулҳои муосири педагогӣ, аз қабили машғулиятҳои амалӣ, таҳлили ҳолатҳои мушаххас, кор бо платформаҳои рақамӣ ва муҳокимаҳои гурӯҳӣ амалӣ карда мешавад. Ин равиш ба донишҷӯ имкон медиҳад, ки на танҳо назарияро омӯзад, балки малакаҳои амалии муҳофизатро дар муҳити рақамӣ дар худ ташаккул диҳад.

Олими рус Э.Ф. Зеер қайд мекунад, ки «синну соли донишҷӯӣ марҳилаест, ки бо қонуниятҳои хос ва хусусиятҳои муайян тавсиф мешавад ва он як давраи муҳим дар рушди шахсият ба шумор меравад. Дар ин давра, шахсият кӯшиш мекунад, ки худро пайдо кунад, худро бишносад ва таҷрибаҳои арзишманде аз ҳаёт касб кунад» [9, с. 126].

Сохтори чорҷузъаи фарҳанги амнияти иттилоотӣ чунин аст (Ҷадвали 2):

1. Ҷузъи маърифатӣ (когнитивӣ), донистани асосҳои киберамният, намудҳои таҳдидҳо ва роҳҳои ҳимояи маълумот дар муҳити таълимию рақамӣ;

2. Ҷузъи арзишӣ-мотиватсионӣ (аксиологӣ), дарки зарурати амният, масъулияти ахлоқӣ ва хоҳиши риояи одоби рақамӣ;

3. Ҷузъи фаъолиятӣ-рафторӣ (практикӣ), маҳорати амалии истифодаи воситаҳои ҳимоявӣ, танзими дурусти рамзҳо (паролҳо) ва рафтори бехатар дар шабакаҳо;

4. Ҷузъи рефлексивӣ-баҳодиҳӣ, қобилияти таҳлили танқидии иттилоот, баҳодиҳии хатарҳои эҳтимолӣ ва идора кардани рафтори худ дар шароити бухронии иттилоотӣ.

Ҷадвали 2. - Сохтори фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯ



Дар самти амнияти иттилоотӣ заифтарин ҷузъ омили инсонӣ ба шумор меравад.

Дар ин бора муҳаққиқон Асламов Б., Сатторзода А., Рустамзода З. чунин иброз медоранд: «Омили инсонӣ ҳамчун ҳалқаи осебпазири занҷири амнияти иттилоотӣ боқӣ мемонад, на аз рӯйи набудани дониш, балки аз рӯйи одатҳои рафторӣ ва фаҳмишҳои арзишии пешин. Ташаккули маданияти амнияти иттилоотӣ набояд танҳо бо интиқоли донишҳои техникӣ маҳдуд шавад. Он бояд рушди тафаккури интиқодӣ, ташаккули одатҳои устувори рафтори бехатар ва аз худ кардани арзишҳои муносибати масъулиятнокро дар бар гирад» [2].

Хусусиятҳои психологӣ ва педагогигии донишҷӯён дар муҳити рақамӣ. Хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён (17-23 солагӣ) ва майл ба таваккалпардозӣ дар фазои маҷозӣ аҳаммияти хос доранд. Дар ин синну сол марҳилаи муҳимми камолоти иҷтимоӣ ва рушди шахсият ҷараён мегирад. Ин давра бо афзоиши фаъолияти иҷтимоӣ, муошират ва майли муайян ба таваккалпардозӣ дар рафтори ҷавонон тавсиф мешавад, ки метавонад боиси сарфи назар кардани қоидаҳои оддии амнияти иттилоотӣ гардад.

Аксари донишҷӯён дар асоси ғалати «насли рақамӣ» бар ин назаранд, ки аз сабаби аз кӯдакӣ истифода бурдани гаҷетҳо ҳама чизро дар фазои маҷозӣ медонанд. Аммо, ин фаъолияти зоҳирӣ ба тафаккури танқидӣ ва малакаҳои воқеии бехатарӣ баробар набуда, ҷавононро дар баробари фиребҳои шабакавӣ, фейкҳо ва гумроҳсозии иттилоотӣ-психологӣ осебпазир месозад.

Таҳлилҳои назариявӣ собит карданд, ки рақамикунонии босуръати таҳсилоти олии касбӣ дар баробари имкониятҳои густурда, таҳдиду хатарҳои нави кибернетикӣ, иттилоотӣ-психологӣ ва ахлоқиро ба миён меорад. Гузариш аз раванди техникӣ ба раванди иҷтимоӣ-педагогӣ нишон медиҳад, ки омили инсонӣ ва сатҳи фарҳанги амниятии шахсият мақоми марказиро ишғол мекунанд. Дар ин росто, муҳаққиқон қайд мекунанд, ки самтҳои асосии ин раванд ва хусусиятҳои зоҳиршавии он чунинанд: «...метавон ду самти фаъолиятро оид ба ташаккули фарҳанги амнияти иттилоотӣ фарқ кард: иттилоотӣ-равонӣ ва иттилоотӣ-технологӣ. ... фарҳанги амнияти иттилоотӣ дар сифатҳои шахсият, ба монанди мавҷудияти тафаккури танқидӣ нисбат ба иттилооти аз интернет гирифташаванда, малакаҳои рафтори бехатар дар муҳити иттилоотӣ зоҳир мешавад» [5].

Фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯ ҳамчун сифати интегративии шахсият дорои сохтори бисёрҷабҳа (ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ-мотиватсионӣ, фаъолиятӣ-рафторӣ ва рефлексивӣ) буда, маҳсули олии раванди таълиму тарбия дар МТОК маҳсуб мешавад. Барои ташаккули муваффақонаи ин фарҳанг дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқи амсилаи мукаммали педагогӣ амри зарурӣ ба шумор меравад. «Раванди муосири таълим на танҳо симои омӯзгор ва донишҷӯ, балки технологияи таълим, захираҳо ва таҷҳизоти дар раванди таълим истифодашавандаро низ фаро гирифтааст. Омӯзгор ҳоло на танҳо интиколдиҳандаи дониш, балки роҳнамои олами захираҳои электронӣ ва технология низ мебошад» [12, с. 280].

Таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯён дар муҳити рақамии таълим нишон дод, ки рақамикунонии босуръати МТОК раванди омӯзишро ба сифати нав бароварда, ҳамзамон дар қатори таҳдиду хатарҳои нави кибернетикӣ, иттилоотӣ-психологӣ ва ахлоқиро густариш медиҳад.

Пажуҳиш собит кард, ки танҳо бо роҳи санҷишҳо (филтрҳо)-и техникӣ ё маҳдудиятҳои сунъӣ ҳал кардани амнияти иттилоотӣ ғайриимкон аст. Бинобар ин, гузариш аз раванди соф техникӣ ба раванди иҷтимоӣ-педагогӣ ва гуманитарӣ амри зарурӣ буда, омили инсонӣ ҳамчун «девори оташини инсонӣ» ва субекти асосии ҳимояи фазои маърифатӣ ба шумор меравад. Фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯ ҳамчун сифати интегративии шахсият сохтори бисёрҷабҳа дошта, аз ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ-мотиватсионӣ, фаъолиятӣ-рафторӣ ва рефлексивӣ-баҳодиҳӣ иборат аст. Дар баробари ин, бартараф кардани тасаввуроти ғалати «насли рақамӣ» ва ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён (17-23 солагӣ) барои ташаккули тафаккури танқидӣ ва рафтори бехатари онҳо дар фазои маҷозӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Аз ин рӯ, масъалаи ташаккули фарҳанги киберамният ва рафтори бомасъулонаи хонандагону донишҷӯён дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад:

« - фарҳанги киберамният маҷмуи дониш, малака, арзишҳо ва рафтори масъулонаест, ки ба ҳифзи маълумот, инфрасохтори рақамӣ ва амнияти фазои маҷозӣ равона шудааст;

- маориф яке аз василаҳои асосии ташаккули фарҳанги киберамният ба ҳисоб меравад. Ворид намудани дарсҳо дар барномаҳои таълимӣ оид ба амнияти рақамӣ дар тамоми зинаҳои муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки насли нав бо ҷаҳонбинии дуруст ва масъулиятшиносӣ ба фазои рақамӣ ворид гардад;

- омӯзгорон шахсони калидӣ дар раванди тарбияи фарҳанги киберамният мебошанд. Онҳо на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки намунаи рафтори масъулона дар фазои рақамӣ ҳастанд;

- дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, фарҳанги киберамният ба яке аз унсурҳои муҳимми низоми маориф табдил ёфтааст. Он на танҳо амнияти иттилоотиро таъмин мекунад, балки ба ташаккули шахсияти муосир, масъул ва рақобатпазир мусоидат менамояд» [13].

Дар робита ба ин, тайёр кардани мутахассисони ояндаи МТОК талаботи мушаххаси касбӣ ва шахсиро тақозо мекунад, то хатмкунандагон ба равияҳои муосири рақамикунонӣ омода бошанд:

«- омӯзонидани мутахассисони оянда на танҳо бо малакаҳои кор дар муҳити рақамӣ, балки ташаккул додани фарҳанги рақамӣ дар онҳо барои баланд бардоштани сифати фаъолияти касбии ояндаашон муҳим аст;

- хатмкардаи донишгоҳ бояд равияҳои пешбари таҳаввулоти рақамии иқтисодиёт ва фарҳанги ҷомеаро дарк кунад; технологияҳои маҳсулноки иттилоотӣ-коммуникативиро барои таълим ва сохтани траекторияи таълимӣ аз худ намояд; принсипҳои ахлоқӣ-моравиро ба ҳисоб гирифта, масъулияти иҷтимоиро дар равандҳои иттилоотӣ ва муошират дарк кунад; ба ҷустуҷӯ, таҳлили танқидӣ, истифодаи объективӣ ва табдили эҷодии иттилоотӣ аз ҷиҳати касбӣ муҳим қодир бошад» [17].

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ, бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳи фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯён дар МТОК пешниҳод карда мешавад:

1. Дар нақшаҳои таълимии зинаи бакалавр ворид намудани курсҳои махсус ё модулҳои таълимӣ оид ба киберамният, одоби рақамӣ ва гигиенаи иттилоотӣ; Таҳия ва тасдиқи барномаи таълимии ин модулҳо дар сатҳи кафедраҳои марбута ва Шурои илмӣ-методии МТОК;

2. Ташаккул додани муҳити электронии таълимӣ бо дарназардошти меъёрҳои қатъии ҳифзи додаҳо ва рушди салоҳиятнокии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботии омӯзгорон ва донишҷӯён;

3. Гузаронидани курсҳои бозомӯзӣ ва тренингҳои кӯтоҳмуддат барои ҳайати профессорҳо ва омӯзгорон ҷиҳати азхудкунии одоби рақамӣ ва пешгирии таҳдидҳои киберӣ;

4. Гузаронидани тренингҳо, семинарҳо ва машғулиятҳои амалӣ барои донишҷӯён бо мақсади пешгирии гумроҳсозии иттилоотӣ, хабарҳои фейкӣ ва мушкилоти плагиат дар фазои маҷозӣ;

5. Дар доираи корҳои тарбиявӣ ва фаъолияти кураторони гурӯҳҳои академӣ ташкил намудани «Рӯзҳои амнияти иттилоотӣ» ва озмунҳои амалии дар асоси мушкилоти мушаххаси воқеӣ;

6. Тағйир додани равиши тарбиявӣ дар МТОК бо мақсади таҳкими ҷузъҳои арзишӣ-мотиватсионӣ ва рефлексивӣ дар рафтори ҳар як донишҷӯ ҳангоми истифодаи захираҳои шабакавии интернет. Таҳияи дастурҳо ва васоити методии электронӣ оид ба одоби рақамӣ ва пешниҳоди онҳо ба донишҷӯёни курси якум ҳангоми қабул ба Донишгоҳ.

Адабиёт:

1. Азизов О., Ширинов З. Таъмини амнияти иттилоотӣ ва муҳиммияти он дар шароити

имрӯз/https://mort.tj/%D1%82%D0%B0%D1%8A%D0%BC%D0%B8%D0%BD%D0%B8-%D0%B0%D0%BC%D0%BD%D0%B8%D1%8F%D1%82%D0%B8-%D0%B8%D1%82%D1%82%D0%B8%D0%BB%D0%BE%D0%BE%D1%82%D3%A3-%D0%B2%D0%B0-%D0%BC%D1%83%D2%B3%D0%B8%D0%BC%D0%BC%D0%B8/ (30.08.2026).

2. Асламов Б., Сатторзода А., Рустамзода З. Амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон/https://avkd.tj/tg/khabarho/1904-amniyati-ittilooti-va-hifzi-fazoi-ittilootii-jumhurii-tojikiston.html (30.08.2026).

3. Бужинская, Н.В. Методика оценки уровня ИКТ – компетентности студентов педагогических вузов [Текст] / Н.В. Бужинская // Вестник Брянского государственного университета. 2016. № 1 (27). С. 319 – 324.

4. Ганичева, Е.М. Формирование информационно – образовательной среды образовательного учреждения [Текст] / Е.М. Ганичева// Сборник статей III Межрегиональной научно – практической. Вологда: Издательский центр Вологодского института развития образования 2012. – С. 67

5. Гладкая Е.С., Орехова И.Л., Натарова Д.В., Михайлова Т.А., Черная Е.В. Подготовка студентов к формированию культуры информационной безопасности у обучающихся на уроках по основам безопасности и защиты родины // Современные наукоемкие технологии. 2024. № 10. С. 122-126; URL: https://top-technologies.ru/article/view?id=40182 (дата обращения: 30.08.2026).

6. Горбунова, Л.Н., Семибратов, А.М. Освоение информационных и коммуникационных технологий педагогами в контексте ориентации на профессионально – личностное развитие: Информатика и образование [Текст] / Л.Н. Горбунова, А.М. Семибратов. – 2004. с.96

7. Добрускина, М.Е. Гуманизация как стратегия высшего образования [Текст] / М.Е. Добрускина // Философия и общество. Выпуск №3.(40). 2005. – С. 78-84.

8. Забродина, И.В. Формирование ИКТ – компетентности студентов педвуза в условиях электронной информационно – образовательной среды [Текст] / И.В. Забродина, Н.А. Козлова, С.В. Фортыгина. // АНИ: педагогика и психология. – 2019. – № 3 (28). – С.293-295.

9. Зеер, Э.Ф. Личностно-ориентированное образование: Учебное пособие [Текст] / Э.Ф. Зеер - Екатеринбург: «Урал», 1998. - 126 с.

10. Ильина, Т.С. Опыт развития информационной культуры учителей средствами образовательных технологий: Материалы межрегиональной научно – практической конференции [Текст] / Т.С. Ильина. – СПб, 2006.

11. Комелина, Е.В. Система повышения квалификации педагогов в области информатики с использованием модели информационной образовательной среды: автореф. дис. канд. пед. наук. [Текст] / Е.В. Комелина. – М., 2012. – 25с.

12. Мешерский, И.В. Работы по механике тел переменной массы: Учебное пособие [Текст] / И.В. Мешерский – Москва: «Академия», 1952. – 280 с.

13. Мирзораҳимов М. Ташаккул ва рушди фарҳанги киберамният дар низоми таълиму тарбия аҳаммияти аввалиндараҷа касб мекунад/https://khovar.tj/2026/03/tashakkul-va-rushdi-far-angi-kiberamniyat-dar-nizomi-talimu-tarbiya-a-amiyati-avvalindara-a-kasb-mekunad/ (30.08.2026).

14. Мовчан, И.Н. Особенности формирования единой информационно – образовательной среды образовательного учреждения [Текст] / И.Н. Мовчан. // Новые информационные технологии в образовании. – Екатеринбург. 2014. – С.347-350.

15. Формирование и развитие культуры информационной безопасности субъектов образовательного пространства: Сборник трудов / Авторы-составители: В. Г. Мартынов, И. В. Роберт, И. Г. Алехина. — М.: Издательский центр РГУ нефти и газа (НИУ) имени И.М. Губкина, 2025. — 174 с.

16. Шамсуллозода, Д.Ш. Технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар низоми таълимии бакалаврҳои ихтисоси информатика: дис. ... ном. илм. пед. [Матн] / Д.Ш. Шамсуллозода. – Душанбе, 2025. - 184 с.

17. Шаухалова, Р.А. Педагогическая система формирования цифровой культуры студентов бакалавриата в информационно-образовательной среде: дис. ... доктора педагогических наук / Шаухалова Разия Алаудиновна.- URL:https://www.dissercat.com/content/pedagogicheskaya-sistema-formirovaniya-tsifrovoi-kultury-studentov-bakalavriata-v-informatsi (санаи мурочиат: 30.08.2026).

АСОСҲОИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МУҲИТИ РАҚАМИИ ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯён дар муҳити рақамии таълим баррасӣ шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки рақамикунонии босуръати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар баробари имкониятҳои фаровон, хатарҳо ва таҳдидҳои нави кибернетикӣ, иттилоотӣ-психологӣ ва ахлоқиро ба миён меорад. Дар пажуҳиш гузариш аз муҳофизати техникии холис ба раванди иҷтимоӣ-педагогӣ ва гуманитарӣ асоснок карда шуда, омили инсонӣ ҳамчун «девори оташини инсонӣ» ва субъекти асосии ҳимояи фазои маърифатӣ арзёбӣ гардидааст.

Ҳамчунин, дар мақола сохтори чорҷузъаи фарҳанги амнияти иттилоотӣ (ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ-мотиватсионӣ, фаъолиятӣ-рафторӣ ва рефлексивӣ-баҳодиҳӣ) таҳлил шуда, бартараф кардани тасаввуроти ғалати «насли рақамӣ» ва ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синнусолии донишҷӯён муҳим шуморида шудааст. Дар анҷоми кор пешниҳодҳои мушаххас оид ба ворид намудани модулҳои таълимӣ оид ба киберамният, такмили муҳити электронии таълим ва баланд бардоштани салоҳиятнокии рақамии омӯзгорону донишҷӯён таҳия гардидаанд.

Калидвожаҳо: Фарҳанги амнияти иттилоотӣ, муҳити рақамии таълим, омили инсонӣ, девори оташини инсонӣ, киберамният, таҳдидҳои киберӣ, тафаккури интиқодӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ КУЛЬТУРЫ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТУДЕНТОВ В ЦИФРОВОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЕ

В данной статье рассматриваются теоретические и методологические аспекты формирования культуры информационной безопасности студентов в условиях цифровой образовательной среды. Отмечается, что стремительная цифровизация высших профессиональных учебных заведений, наряду с широкими возможностями, приводит и к появлению новых кибернетических, информационно-психологических и этических рисков. В работе обосновывается необходимость перехода от исключительно технического подхода к защите информации к социально-педагогическому и гуманитарному пониманию данной проблемы. Особое внимание уделяется человеческому фактору, который рассматривается как своего рода «человеческий межсетевой экран» и один из ключевых элементов защиты образовательного пространства.

В статье также анализируется четырехкомпонентная структура культуры информационной безопасности, включающая когнитивный, ценностно-мотивационный, деятельностно-поведенческий и рефлексивно-оценочный компоненты. Подчеркивается важность отказа от упрощенного представления о так называемом «цифровом поколении», а также учета возрастных и индивидуальных особенностей студентов. В заключительной части предлагаются конкретные меры, направленные на включение учебных модулей по кибербезопасности в образовательный процесс, совершенствование электронной образовательной среды и повышение уровня цифровой компетентности преподавателей и студентов.

Ключевые слова: культура информационной безопасности, цифровая образовательная среда, человеческий фактор, человеческий межсетевой экран, кибербезопасность, киберугрозы, критическое мышление, высшие профессиональные учебные заведения.

FOUNDATIONS OF FORMING STUDENTS' INFORMATION SECURITY CULTURE IN A DIGITAL EDUCATIONAL ENVIRONMENT

This article examines the theoretical and methodological aspects of forming an information security culture among students within a digital educational environment. It notes that the rapid digitalization of higher professional education institutions, alongside vast opportunities, also gives rise to new cybernetic, informational-psychological, and ethical risks. The paper substantiates the need to shift from an exclusively technical approach to information protection toward a socio-pedagogical and humanitarian understanding of this issue. Particular attention is paid to the human factor, which is viewed as a kind of "human firewall" and a key element in protecting the educational space.

The article also analyzes the four-component structure of information security culture, which includes cognitive, value-motivational, activity-behavioral, and reflective-evaluative components. It emphasizes the importance of abandoning the simplified notion of the so-called "digital generation," as well as taking into account the age and individual characteristics of students. In the concluding part, specific measures are proposed aimed at integrating cybersecurity educational modules into the educational process, improving the electronic educational environment, and enhancing the level of digital competence among instructors and students.

Keywords: information security culture, digital educational environment, human factor, human firewall, cybersecurity, cyber threats, critical thinking, higher professional education institutions.

Маълумот дар бораи муаллиф: Аюбзода Сафар Аюб, номзади илмҳои педагогӣ, и.в., дотсенти кафедраи таъминоти барномавӣ ва web-дизайни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: 918579447, E-mail: safarkhon@mail.ru.

Сведения об авторе: Аюбзода Сафар Аюб, кандидат педагогических наук, и. о. доцента кафедры программного обеспечения и веб-дизайна Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: 918579447, E-mail: safarkhon@mail.ru

Information about author: Ayubzoda Safar Ayub, candidate of pedagogical sciences, acting associate professor at the department of software engineering and web design, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street, 16. Tel.: 918579447, Email: safarkhon@mail.ru

Муқарриз: Самариддинова З.Н., н.и.п., дотсент Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:01+37.0 (075.8)

ТАФАККУРИ ИННОВАТСИОНӢ: АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ШАХСИЯТ ВА ҶОМЕАИ МУОСИР

Маҳмудзода М.М., н.и.п., Шарипов Р.М., унвончӯ
Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон

Тафаккури инноватсионӣ, бешубҳа, яке аз самтҳои муҳимтарин ва бисёрҷанбаи таҳқиқот дар илми муосири педагогӣ мебошад. Дар ҳақиқат, дар шароити рушди босуръати технология, ҷаҳонишавии равандҳои таълимӣ ва тағйирёбии контексти иҷтимоию фарҳангии

маориф, рушди тафаккури инноватсионӣ аҳаммияти бештар ва муҳим пайдо карда истодааст. Тафаккури инноватсионӣ дар рушди ҳам шахсият ва ҳам ҷомеаи муосир дар маҷмуъ нақши калидӣ мебозад, ки ин дар заминаи мушкилоти муосире, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таҷдидҳои инноватсионӣ бо онҳо рӯбарӯ аст, махсусан муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ҳақиқат, ҳангоми таҳияи мақолаи илмӣ таҳлили асарҳои илмии ҳам муҳаққиқони рус ва ҳам тоҷик ба мо имкон медиҳад, ки хусусияти бисёрҷонибаи таъсири тафаккури инноватсионӣ натанҳо ба равандҳои рушди шахсият, инчунин рушди ҷомеа муайян карда шавад. Хусусиятҳои хоси таъсири тафаккури инноватсионӣ ба рушди шахсият дар қаринаи иҷтимоию фарҳангии тоҷикон муайян карда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсият дар асарҳои муҳаққиқон, олимон, омӯзгорон ва коршиносони масоили инноватсионии барҷастаи рус асосноккунии назариявии амиқи худро пайдо кардааст. Яке аз муҳаққиқони самти мазкур Рубинштейн С.Л. ба ҳисоб меравад Номбурда, дар таҳқиқи бунёдии худ ба он ақида аст, ки тафаккури инсон на танҳо вуҷудро инъикос мекунад, балки онро эҷодкорона тағйир медиҳад ва шаклҳои нави фаъолият ва маърифатро ба вуҷуд оварда, асоси рушди шахсият ва худшиносии он мебошад. Ин изҳорот барои дарки нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсия заминаи воқеӣ мебошад, зеро он ба вазифаи фаъол ва тағйирдиҳанда, робита бо равандҳои худшиносии эҷодӣ ишора мекунад [17, с. 116-117].

Ҳамзамон, олими рус Брушлинский А.В. ин ақидаҳоро дар заминаи психологияи муосир инкишоф дода, қайд кардааст, ки тафаккури инноватсионӣ муҳимтарин омил дар худшиносии шахсият ва ошкор кардани имкониятҳои он аст, зеро маҳз дар раванди фаъолияти инноватсионӣ шахсият ва беназирии худро пурратар зоҳир мекунад [3].

Ба ақидаи мо, робитаи байни тафаккури инноватсионӣ, равандҳои худшиносӣ ва рушди шахсият, ки дар қаринаи талаботи муосир ба вуҷуд омада, мақсади асосии он рушди захираи инсонӣ ва ташаккули шахсияти рақобатпазир мебошад.

Муҳаққиқони муосири рус ақидаи тафаккури инноватсиониро вобаста ба шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ таҳия намудаанд. Барои мисол, Зинченко В.П. таъкид мекунад, ки дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда, қобилияти тафаккури инноватсионӣ ба салоҳияти аввалиндараҷа табдил меёбад ва муваффақияти шахсро дар самтҳои гуногуни фаъолият, аз ҷумла ирфавият, иҷтимоиёт, шахсият, муайян мекунад. Таъкиди мазкур фаҳмиши муосири нақши тафаккури инноватсиониро ҳамчун салоҳияти асосии асри XXI инъикос намуда, мутобиқшавии бомуваффақият ба шароити тағйирёбандаи зиндагиро таъмин мекунад [9].

Ҷолиби диққат пажуҳиши гузаронидаи равоншиноси рус Богоявленская Д.Б. мебошад, ки вай нақши тафаккури инноватсиониро дар рушди зеҳнии шахсият мебинад. Ба ақидаи равоншиноси номбурда, рушди қобилиятҳои инноватсионӣ ба ташаккули зеҳни чандирӣ ва мутобиқшаванда, ки қодир аст дар шароити номуайянӣ ва тағйироти доимию самаранок фаъолият кунад, мусоидат мекунад. Ин ақида вазифаи мутобиқшавандаи тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсӣ ва нақши он дар ташаккули омодагии равонӣ барои зиндагиро дар ҷаҳони тағйирёбанда таъкид мекунад [2, с. 121-122].

Дар рушди тафаккури инноватсионӣ ва рушди шахсият таҳқиқи Матюшкин А.М. нақши назаррас дорад. Вай ақида дорад, ки рушди тафаккури инноватсионӣ ва рушди шахсият аз омӯзиши мушкилоти самти мазкур сарчашма мегирад. Тибқи ақидаи вай «рушди тафаккури инноватсионӣ ба ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ, муҳокимаронии мустақил ва омодагӣ барои қабули қарорҳои ғайримуқаррарӣ мусоидат мекунад». Бояд иброз дошт, ки ин пешниҳод, ба ақидаи муаллиф, робитаи байни тафаккури инноватсионӣ ва ташаккули хислатҳои муҳимми шахсӣ, ки барои дастёб гардидан ба муваффақиятҳо дар ҷомеаи муосир заруранд, нишон медиҳад [15, с. 46-47].

Педагог ва психологи рус Давидов В.В. назарияи омӯзиши инкишофро пешниҳод намуда, таъкид кардааст, ки «рушди тафаккури назариявӣ асоси рушди қобилиятҳои инноватсионӣ ва иқтидори инноватсионии шахсият аст». Ақидаи мазкур барои амиқ дарк

намудани шароити таълимӣ барои рушди тафаккури инноватсионӣ ва нақши он дар рушди зеҳнии шахс муҳим арзёбӣ мегардад [5, с. 42-43].

Дар қаринаи илми тоҷик, нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсият бо назардошти анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқи тоҷик Дилоев Н.Ф. таъкид мекунад, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ бояд дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои анъанавии мардуми тоҷик сурат гирад ва ба ташаккули шахсияти қодир ба рушди инноватсионӣ ва ҳамзамон нигоҳ доштани ҳувияти фарҳангӣ мусоидат намояд». Равиши мазкур ба ақидаи муҳаққиқ хоҳиши муттаҳид кардани навоварӣ бо ҳифзи мероси фарҳангиро инъикос мекунад [7, с. 14].

Муҳаққиқи тоҷик Хусанов Д. нақши тафаккури инноватсиониро дар рушди маънавӣ ва ахлоқии шахсият таҳлил намудааст. Ба андешаи ӯ, «тафаккури воқеии инноватсиониро на танҳо ба рушди техникӣ ва иқтисодӣ, балки ба такмили маънавии инсон ва ташаккули хислатҳои баланди ахлоқӣ низ равона кардан лозим аст». Ин мавқеъ, ба ақидаи муаллиф, самти инсондӯстии тафаккури инноватсионӣ ва робитаи онро бо самтҳои арзишии шахс таъкид мекунад [25, с. 1873-1878].

Муҳаққиқони тоҷик Атахонов Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. тафаккури инноватсиониро ҳамчун омили ҳаракати иҷтимоӣ ва муваффақияти шахсӣ мешуморанд. Ба андешаи онҳо: «дар шароити навсозии ҷомеаи Тоҷикистон, қобилияти тафаккури инноватсионӣ ба омили муҳимми пешрафти иҷтимоӣ ва худшиносии касбӣ табдил меёбад». Изҳороти мазкур ба ақидаи муҳаққиқон аҳаммияти амалии тафаккури инноватсиониро барои рушди инфиродӣ дар шароити муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ инъикос мекунад [1, с. 115].

Ҳангоми таҳлили нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди ҷомеа, бояд қайд кард, ки ин масъала дар асарҳои ҷомеашиносон ва иқтисодсиёни рус васеъ инъикос ёфтааст. Яке аз олимони рус, ки масъалаи мазкурро мавриди таҳқиқу омӯзиш карор додааст, Иноземсев В.Л. мебошад. Вай таъкид мекунад, ки: «дар ҷомеаи пас аз саноатӣ, тафаккури инноватсионӣ ба омили калидии рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии давлат дар сатҳи ҷаҳонӣ табдил меёбад». Бояд қайд кард, ки ба андешаи муаллиф, ин мавқеъ инъикоси дарки муосири нақши сармояи инсонӣ ва қобилиятҳои инноватсиониро дар рушди иқтисодӣ пешниҳод менамояд [10, с. 121-122].

Ҳамчунин, муҳаққиқи дигари рус Тошенко Ж.Т. ҳангоми гузаронидани пажуҳиши илмӣ нақши тафаккури инноватсионӣ дар табдилоти иҷтимоиро таҳлил намудааст. Ба андешаи вай «иқтидори ҷомеа барои рушди инноватсионӣ аз сатҳи рушди тафаккури инноватсионии шаҳрвандони он муайян карда шуда, он кори мақсаднокро талаб мекунад». Ин нуқтаи назар аҳаммияти иҷтимоии тафаккури инноватсионӣ ва зарурати рушди онро дар сатҳи ҷомеа таъкид мекунад [20, с. 75-76].

Муҳаққиқони рус ба нақши тафаккури инноватсионӣ дар пешрафти илмӣ ва технологӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Аз он ҷумла муҳаққиқ, Ракитов А.И. ба он назар аст, ки: «тафаккури инноватсионӣ қувваи пешбарандаи пешрафти илмӣ-техникӣ буда, пайдо кардани фикрҳои нав ва татбиқи онҳоро дар таҳаввулоти амалӣ таъмин менамояд». Инҷониб низ, нақши калидии тафаккури инноватсионӣ дар рушди илм ва технологияро таъкид мекунад [18].

Нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди иҷтимоӣ аз ҷониби коршиносони соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти шароит ва вазифаҳои мушаххаси рушди миллӣ баррасӣ мешавад. Иқтисодчии тоҷик Умаров Х.У. бар ин назар аст, ки «шарти зарурии гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди инноватсионӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ рушди тафаккури инноватсионӣ ба шумор меравад». Назарияи мазкур аҳаммияти стратегии тафаккури инноватсиониро барои рушди иқтисодии кишвар инъикос мекунад [21, с. 136-143].

Барои амиқан таҳлил намудани нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди шахсият ва ҷомеа, ба назар гирифтани ҷанбаҳои гуногуни ин таъсир тавсия дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки рушди қобилиятҳои зеҳнии шахс аз ҷанбаи маърифатӣ вобастагӣ дорад. Психологи

рус Холодная М.А. қайд мекунад, ки «рушди тафаккури инноватсионӣ аз рушди қобилиятҳои метакогнитивӣ, қобилияти омӯхтан ва мутобиқ шудан ба шароити нав иборат мебошад». Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки хусусияти болозикр арзиши таълимии тафаккури инноватсиониро таъкид мекунад [24].

Муҳаққиқи тоҷик Искандаров Б.И. ҷанбаҳои маърифатии тафаккури инноватсиониро дар заминаи таълими илмӣ таҳлил намудааст. Вай чунин ақида дорад, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ дар раванди омӯзиши илмҳои табиӣ ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад». Ақидаи пешниҳоднамудаи муҳаққиқ ба хусусиятҳои рушди тафаккури инноватсионӣ дар самтҳои гуногуни таълимӣ ишора мекунад [11].

Ҷанбаи ҳавасмандкунандаи нақши тафаккури инноватсионӣ бо ташаккули ҳавасмандии устувор барои фаъолияти эҷодӣ ва рушди шахсият алоқаманд аст. Психологи рус Леонтев Д.А. ба ин назар аст, ки: «рушди қобилиятҳои инноватсионӣ ба ташаккули ҳавасмандии дохилӣ ва самтҳои мақсадноки ҳаёт мусоидат мекунад». Ба назари муаллиф, ин хусусият робитаи байни тафаккури инноватсионӣ ба маънои шахсӣ ва ҳадафҳои ҳаётиро нишон медиҳад [14, с. 156-157].

Олими тоҷик Шарипов Ф.В. ҷанбаҳои ҳавасмандии тафаккури инноватсионӣ дар раванди таълимро таҳқиқ намудааст. Тибқи таҳқиқи гузаронидаи вай «рушди тафаккури инноватсионӣ эҷоди муҳити таълимии ҳавасмандкунандаро талаб намуда, фаъолияти эҷодии донишҷӯёнро низ ҳавасманд мекунад». Ин мавқеъ, ба ақидаи муаллиф, омилҳои ҳавасмандкунанда дар рушди тафаккури инноватсионӣ нақши калидиро доро мебошад [26, с. 58-63].

Ҷанбаи иҷтимоии нақши тафаккури инноватсионӣ ба дараҷаи таъсири он ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоӣ алоқаманд аст. Ядов В.А. сотсиологи рус, қайд мекунад, ки «шахсоне, ки дорои тафаккури инноватсионии рушдёфта ҳастанд, эҳтимоли бештари оғоз кардани тағйироти иҷтимоӣ ва саҳмгузорӣ дар пешрафти иҷтимоии худ ва ҷомеаро доранд». Хусусияти мазкурро мо низ тарафдор буда, аҳаммияти иҷтимоии тафаккури инноватсиониро қайд менамоем [28, с. 122-123].

Коршиносон пешниҳод мекунанд, ки ба нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди таълимии шахс диққати махсус бояд дод. Педагоги рус Сериков В.В. ба он андеша аст, ки «рушди тафаккури инноватсионӣ ба ташаккули мавқеи субъективии насли наврасу ҷавон, қобилияти онҳо барои худомӯзӣ ва рушди пайваста мусоидат мекунад». Ба фикри мо низ хусусияти мазкур арзиши таълимии тафаккури инноватсионӣ барои ташаккули шахсияти салоҳиятдорро нишон медиҳад [18].

Дар мақолаи илмӣ, мо ба таҳлили нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди илмии ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудем. Онро аз нигоҳи файласуфи илмшиноси рус Степин В.С. мавриди таҳқиқ қарор додем. Файласуфи мазкур қайд мекунад, ки: «тафаккури инноватсионӣ қувваи пешбарандаи пешрафти илмӣ буда, пешниҳоди роҳҳои андешаҳои нави илмӣ ва усулҳои таҳқиқро таъмин мекунад». Мо низ хусусияти мазкурро тарафдорӣ намуда, нақши калидии тафаккури инноватсионӣ дар рушди илмро бориз арзёбӣ мекунем [19].

Ҳамзамон, муҳаққиқи тоҷик Обидов И.О. нақши тафаккури инноватсиониро дар рушди технологияҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар таҳқиқи гузаронидааш қайд кардааст, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ ба истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ ва коркарди навовариҳои рақамӣ мусоидат мекунад». Мавқеи мазкур, ба фикри мо робитаи байни тафаккури инноватсионӣ ва пешрафти технологиро нишон медиҳад [27, с. 143-146].

Муҳаққиқи тоҷик Каримов А.Ш. нақши тафаккури инноватсионӣ дар ҳалли мушкилоти экологӣ дар Осиёи Марказиро таҳлил намудааст. Муҳаққиқи номбурда, ба он назар аст, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ барои пайдо кардани равишҳои нави истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳифзи муҳити зист зарур аст». Ин мавқеъ, ба гуфтаи муаллиф, ба хусусияти минтақавии мушкилоти экологӣ ва нақши тафаккури инноватсионӣ дар ҳалли онҳо дархл дорад [13, с. 13-14]

Аз нигоҳи мо таҳлили нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди сиёсии ҷомеа сазовори таваҷҷуҳи махсус гардидааст. Ин ҳолат аз ҷониби сиёсатшиноси рус Федотова В.Г. мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Вай ақида дорад, ки «тафаккури инноватсионӣ ба рушди ниҳодҳои демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад». Ба андешаи мо ин хусусият робитаи байни тафаккури инноватсионӣ ва равандҳои сиёсиро бозтоб менамояд [23].

Нақши тафаккури инноватсионӣ дар равандҳои бунёди давлат аз ҷониби файласуфи шинохтаи тоҷик Ҷононов С. мавриди таҳлилу баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Вай дар ин самт консепсия таҳия намуда, чунин ибрози андеша кардааст, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ ба беҳтар шудани самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат мекунад» [6, с. 15-16].

Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур мо таҳлили нақши тафаккури инноватсионӣ дар муколамаи байнифарҳангӣ ва ҳамкории байналмилалиро ҷой намудем. Фарҳангшиноси рус Каган М.С. ба ин назар аст, ки «тафаккури инноватсионӣ ба бартараф кардани монеаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад». Ба фикри мо ин хусусият ба нақши тафаккури инноватсионӣ дар равандҳои ҷаҳонишавӣ баръало эҳсос мегардад [12].

Муҳаққиқи тоҷик Гулов А.П. низ нақши тафаккури инноватсионӣ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалии таълимиро таҳлил намудааст. Вай бар он андеша мебошад, ки: «рушди тафаккури инноватсионӣ ба ҳамгироии низоми маорифи Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ мусоидат мекунад». Мо низ мавқеъгирии муҳаққиқи номбурдаро ҳамаҷониба тарафдорӣ намуда, аҳаммияти тафаккури инноватсионӣ барои ҳамгироии байналмилалиро таъкид мекунем [4, с. 32-46].

Ҷанбаи муҳим ба фикри инҷониб таҳлили монеаҳо ва мушкилоти марбут ба рушди тафаккури инноватсионӣ дар ҷомеа мебошад. Сотсиологи рус Здравомислов А.Г. якчанд монеаҳои асосиро, аз қабили муносибатҳои консервативӣ, тарс аз тағйирот ва набудани захираҳо барои фаъолияти инноватсиониро муайян намуда аст. Фаҳмиши монеаҳои мазкур барои таҳияи стратегияҳо барои рушди тафаккури инноватсионӣ муҳим арзёбӣ мегарданд [8, с. 218-219].

Муҳаққиқи тоҷик Файзуллоев М.К. мушкилоти мушаххаси рушди тафаккури инноватсионӣ дар шароити Тоҷикистонро таҳлил кардааст. Ба андешаи ӯ «монеаҳои асосӣ маҳдудияти захираҳои молиявӣ, набудани технологияи муосир ва зарурати ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ мебошанд». Вай ақида дорад, ки кишварҳои рӯ ба инкишоф шароити мушаххаси рушди тафаккури инноватсиониро фароҳам меоранд [22, с. 1-5].

Ҳамин тариқ, таҳлили назарияҳо, нигоҳҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ нишон медиҳанд, ки тафаккури инноватсионӣ яке аз омилҳои асосии пешрафтаи шахсият ва ҷомеа дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Моҳияти ин навъи тафаккур дар қобилияти инсон барои дарки тағйирот, бавуҷудоии ғояҳои нав, ҷустуҷӯйи роҳҳои ғайрианъанавии ҳалли масъалаҳо ва татбиқи амалии донишҳои нав зоҳир мегардад. Аз ин лиҳоз, рушди тафаккури инноватсионӣ натанҳо ба такмили қобилиятҳои шахсӣ, балки ба рушду пешрафти устувории ҷомеаи муосир низ таъсири амиқи бевосита мерасонад.

Дар сатҳи шахсият, тафаккури инноватсионӣ ба рушди зеҳнӣ, васеъшавии ҷаҳонбинӣ, рушди малакаҳои навоварӣ –таҳлилӣ, баланд гардидани қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити зудтағйирёбандаи иҷтимоӣ ва дар сатҳи ҷомеаи имрӯзаи муосир бошад, тафаккури инноватсионӣ ҳамчун неруи пешбарандаи муҳимми рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ – техникӣ мусоидат менамояд. Зеро шахсе, ки дорои тафаккури инноватсионӣ мебошад, қобилияти бештарро барои қабули қарорҳои самаранок, истифодаи технологияҳои нав ва иштирок дар равандҳои созандаи ҷамъиятро дорост. Маҳз тавассути рушд ин навъи тафаккур барои эҷоди технологияҳои нав, такмили низоми идоракунӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ шароити созанда фароҳам мегардад. Ҷомеае, ки ба рушди тафаккури инноватсионӣ аҳаммияти аввалиндараҷаву ҷиддӣ медиҳад, имконияти бештареро барои рақобат дар фазои ҷаҳонӣ ва мутобиқшавӣ ба равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ соҳиб шавад.

Дар шароити имрӯзаи ватани азизамон Тоҷикистони азиз низ масъалаи рушди тафаккури инноватсионӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб намуда истодааст. Дар шароити имрӯза, ки дар кишвар ислоҳот дар соҳаҳои гуногун рафта истодааст рақамикунонӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳоли рушд қарор дошта ташаккули тафаккури инноватсионӣ барои пешрафти ҷомеа ва баланд бардоштани иқтидори инсонӣ аҳаммияти калон дорад. Ҳамзамон, ин тафаккур бояд бо такя ба арзишҳои миллӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ инкишоф ёбад, то ҷомеаи Тоҷикистон тавонад ба таври созанда ба фазои ҷаҳонии илм, маориф ва технология ҳамгиро шавад.

Аз ин рӯ метавон хулоса намуд, ки рушди тафаккури инноватсионӣ дар шароити имрӯзаи тоҷик яке аз қисматҳои муҳимми татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, таҳкими сармояи инсонӣ ва таъмини рушди устувории иҷтимоию иқтисодии кишвар ба шумор меравад.

Адабиёт:

1. Атахонов Т. Педагогические очерки (учебное пособие). /Т. Атахонов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифов// - Душанбе, 2005. - 226 с.
2. Богоявленская Д.Б. Психология творческих способностей: [учебное пособие для студентов высших учебных заведений] /Д.Б. Богоявленская// – Москва: Академия, 2002. – 320 с.
3. Брушлинский А.В. Психология субъекта / А.В. Брушлинский// – Санкт-Петербург: Алетейя, 2003. – 272 с.
4. Гулов А.П. Образовательные технологии реализации школьных предметных олимпиад в контексте культурологического подхода // Отечественная и зарубежная педагогика. 2023. №4. – С. 32-46.
5. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения: монография /В.В. Давыдов// – Москва: Интор, 1996. – 544 с.
6. Джононов С. Формирование национального самосознания в условиях государственного строительства Таджикистана: автореф. дис.... д-ра филос. наук: 09.00.11 / Джононов Саидамир// Ин-т философии им. акад. А.М. Богоутдинова АН Респ. Таджикистан. – Душанбе, 2010.
7. Дилоев Н.Ф. Влияние духовных традиций на формирование национального самосознания таджиков в условиях государственного суверенитета (социально-философский анализ): автореф. дис.... канд. филос. наук: 09.00.11 / Дилоев Н.Ф.// – Душанбе, 2018.
8. Здравомыслов А.Г. Социология конфликта: Учебное пособие для студентов ВУЗов, (изд. в рамках программы обновления гум. образования), 3-изд. доп и пер. - М.: Аспект-Пресс, 1996. - 317 с.
9. Зинченко В.П. Психологическая педагогика. Материалы к курсу лекций. Часть I. Живое знание. – Самара: Самарский Дом печати, 1998. – 296 с.
10. Иноземцев В.Л. Современное постиндустриальное общество: природа, противоречия, перспективы: учеб. пособие для студентов вузов. - М.: Логос, 2000. – 304 с.
11. Искандаров Б.И. Развитие исторических наук в Таджикистане / отв. ред. М. С. Асимов. – Душанбе: Дониш, 1997.
12. Каган М.С. Философия культуры. Учебное пособие для академического бакалавриата. Учебное пособие. 2023. - 353 с.
13. Каримов А.Ш. Энергетический потенциал Центральной Азии: роль. Таджикистана. – М.: Энергия, 2020. – 180 с.
14. Леонтьев Д.А. Психология смысла: Природа, строение и динамика смысловой реальности: Учеб. пособие для студентов вузов, обучающихся по направлению и специальностям психологии / Д.А. Леонтьев. - Москва: Смысл, 2003 (ППП Тип. Наука). - 486 с.
15. Матюшкин, А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении / А. М. Матюшкин. - Москва: Педагогика, 1972. - 206 с.

16. Ракитов, А. И. Философия компьютерной революции / А. И. Ракитов. – Издание второе. – Москва: Директ-Медиа, 2013. – 291 с.

17. Рубинштейн, С.Л., Основы общей психологии [Электронный ресурс] / Л. С. Рубинштейн; составители, авторы комментариев и послесловия: главный редактор: В. Усманов; художник: В. Чугунов. — Санкт-Петербург и др.: Питер, 1999. - 720 с.

18. Сериков В.В. Образование и личность. Теория и практика проектирования педагогических систем. - М.: Издательская корпорация «Логос», 1999. - 272 с.

19. Степин В.С. Теоретическое знание / Степин В.С.. — Москва: Прогресс-Традиция, 2003. - 744 с.

20. Тощенко Ж.Т. Социология управления: учебник и практикум для вузов / Ж.Т. Тощенко. — Москва: Издательство Юрайт, 2023. — 303 с.

21. Умаров Х.У. Пути совершенствования процессов минимизации финансовых рисков в Республике Таджикистан / Х.У. Умаров, И.Р. Иброхимов, Д.Д. Боймуродов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социальноэкономических и общественных наук. 2019. - № 10-1. - С. 136-143.

22. Файзуллоев М.К. Предпосылки инновационного развития экономики Таджикистана // Стратегии бизнеса. 2016. №3 (23). – С. 1-5.

23. Федотова В.Г. Модернизация и культура. – М.: Прогресс-Традиция, 2016. – 336 с.

24. Холодная М.А. Психология интеллекта: Парадоксы исследования. 2-ое изд, перераб. и доп. СПб.: Питер, 2002. – 272 с.

25. Хусанов Д. Содержание и суть понятия инновационное мышление // Экономика и социум. 2025. №6-2 (133). – С. 1873-1878.

26. Шарипов Ф.В. Развитие творческих способностей студентов / Ф.В. Шарипов // Высшее образование сегодня. - 2013. - № 8. - С. 58-63.

27. Юсупова Т.А. Цифровые технологии в образовании: проблемы риски и перспективы // Индустриальная экономика. 2022. №3. – С. 143-146.

28. Ядов В. А. Стратегия социологического исследования. Описание, объяснение, понимание социальной реальности. М.: Добросвет, 2000 - 596 с.

ТАФАККУРИ ИННОВАТСИОНӢ: АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ШАХСИЯТ ВА ҶОМЕАИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур асосҳои илмӣ - назарияви тафаккури инноватсионӣ ва нақши он дар рушди шахсият ва ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон бо истифода аз усули миқиёсӣ-таҳлилӣ, асарҳои илмии олимони барҷастаи рус ва муҳаққиқони тоҷикро таҳлил намуда, ҷанбаҳои бисёрҷонибаи тафаккури инноватсиониро ошкор сохтаанд.

Дар мақола нишон дода шудааст, ки дар сатҳи инфиродӣ тафаккури инноватсионӣ ба ташаккули зеҳни чандир, ҳавасмандии дохилӣ ва рақобатпазирии шахсият мусоидат мекунад. Дар сатҳи ҷомеа бошад, он ҳамчун қувваи пешбарандаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ арзёбӣ мегардад. Хусусияти хоси таҳқиқ дар он аст, ки рушди инноватсия дар қаринаи иҷтимоию фарҳангии Тоҷикистон, бо назардошти ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои суннатӣ, асоснок карда шудааст. Тафаккури инноватсионӣ рушди малакаҳои эҷодкорӣ, ташаббускорӣ ва масъулиятшиносиро таъмин намуда, барои истифодаи босамари дониш ва технологияҳои нав замина фароҳам меорад. Дар натиҷа, шахс ҳамчун фарди фаъолу соҳибмаҳорат ва омода ба ҳалли масъалаҳои нав дар рушди ҷомеа саҳми арзанда мегузорад.

Калидвожаҳо: тафаккури инноватсионӣ, рушди шахсият, ҷомеаи муосир, Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтидори эҷодӣ, худшиносӣ, навсозии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳувияти фарҳангӣ.

ИННОВАЦИОННОЕ МЫШЛЕНИЕ: НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И ЕГО РОЛЬ В РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ И СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

В данной статье рассматриваются научные и теоретические основы инновационного мышления и его роль в развитии личности и современного общества. С помощью количественно-аналитического метода авторы проанализировали научные работы видных российских ученых и таджикских исследователей и выявили многогранные аспекты инновационного мышления.

В статье показано, что на индивидуальном уровне инновационное мышление способствует формированию гибкого ума, внутренней мотивации и конкурентоспособности личности. На общественном уровне оно рассматривается как движущая сила экономического, социального и технологического развития. Отличительной особенностью исследования является обоснованность развития инноваций в социокультурном контексте Таджикистана с учетом сохранения национальной идентичности и традиционных ценностей. Инновационное мышление обеспечивает развитие творческих, инициативных и ответственных навыков, а также создает основу для эффективного использования новых знаний и технологий. В результате человек, как активный и квалифицированный индивид, готовый решать новые задачи, вносит значительный вклад в развитие общества.

Ключевые слова: инновационное мышление, развитие личности, современное общество, Республика Таджикистан, творческий потенциал, самосознание, социально-экономическая модернизация, культурная идентичность.

INNOVATIVE THINKING: SCIENTIFIC-THEORETICAL FOUNDATIONS AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF PERSONALITY AND MODERN SOCIETY

This article examines the scientific and theoretical foundations of innovative thinking and its role in the development of individuals and modern society. Using a quantitative analytical method, the authors analyzed the scientific works of prominent Russian scientists and Tajik researchers and identified the multifaceted aspects of innovative thinking.

The article demonstrates that, at the individual level, innovative thinking fosters a flexible mind, intrinsic motivation, and competitiveness. At the societal level, it is viewed as a driving force for economic, social, and technological development. A distinctive feature of the study is the validity of innovation development within the sociocultural context of Tajikistan, taking into account the preservation of national identity and traditional values. Innovative thinking fosters creative, proactive, and responsible skills, and lays the foundation for the effective use of new knowledge and technologies. As a result, individuals, as active and skilled individuals ready to tackle new challenges, make a significant contribution to the development of society.

Keywords: innovative thinking, personal development, modern society, Republic of Tajikistan, creative potential, self-awareness, socio-economic modernization, cultural identity.

Маълумот дар бораи муаллифон: Маҳмудзода Мумина Маҳмуд, номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба тарбия ва масъалаҳои иҷтимоии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Суроға**:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад. Телефон: (+992)988269025

Шарипов Рустамҷон Мирзоевич, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва фанҳои гуманитарии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад. E-mail: javonon.dtmik@mail.ru. Телефон: (+992) 918-35-97-77.

Сведения об авторах: Махмудзода Мумина Махмуд, кандидат педагогических наук, проректор по воспитательной работе и социальным вопросам Таджикского университета инноваций и цифровых технологий. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, микрорайон Борбад. Телефон: (+992) 988 26 90 25.

Шарипов Рустамджон Мирзоевич, соискатель кафедры права и гуманитарных дисциплин Таджикского университета инноваций и цифровых технологий. Адрес: 735140,

Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, микрорайон Борбад. E-mail: javonon.dtmik@mail.ru. Телефон: (+992) 918 35 97 77.

Information about the author: Mahmudzoda Mumina Mahmud, candidate of pedagogical sciences, Vice-rector for educational work and social affairs at the Tajik University of Innovation and Digital Technologies. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon Region, Kulob, Borbad Microdistrict. Phone: (+992) 988 26 90 25.

Sharipov Rustamjon Mirzoevich, applicant, department of law and humanities, Tajik University of Innovation and Digital Technologies. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon Region, Kulob, Borbad Microdistrict. E-mail: javonon.dtmik@mail.ru. Phone: (+992) 918 35 97 77.

Муқарриз: Наимов У.Т., н.и.п., и.в. дотсент
Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон

ТДУ: 378.147:004.42
С-19

ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ БАРНОМАСОЗӢ

Самариддинова З.Н., н.и.п., и.в. дотсент
Муродализода Р.М., н.и.п., и.в. дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Рушди васеи илмҳои табиӣ ва техникӣ дар замони муосир назарияҳои илмӣ ва педагогӣ дар асоси онҳо, қонунҳои объективии раванди маърифатиро умуман ва раванди таълимро, махсусан, ба таври дақиқ ва наздиктар инъикос мекунанд. Бо вуҷуди ин, дастовардҳои илмҳои табиӣ ва техникӣ ҳамеша дар татбиқи онҳо ба педагогика то андозае ба таъхир меафтанд, ки ин бо душвории бузурги татбиқи натиҷаҳои дар ин илмҳо бадастомада ба падидаҳои дидактикӣ шарҳ дода мешавад.

Бар асоси раванди иттилоотӣ ба раванди таълим, моделҳои хеле ҳамаҷонибаи раванди таълим ва моделҳои идоракунии онро метавон эҷод кард. Ин моделҳо аксар вақт аз моделҳои психологӣ ё физиологии ба даст овардани дониши инсонӣ пасттаранд, аммо бо муайян кардани яке аз ҷанбаҳои муҳимми ба даст овардан, онҳо инчунин барои истифодаи амалӣ муфидтаранд.

Узви пайвастаи АТ ҶТ, д.и.п., Ф. Шарифзода бар он ақидааст, ки равандҳои дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амаломада, масъалаи самаранокӣ ва ба вазъияти кунунӣ мувофиқ будани модели тадрисро ба миён мегузоранд. Пеш аз ҳама, тавзеҳи стратегия ва муайян намудани усулҳо, ки бар асоси онҳо низоми таҳсилот таҳия хоҳад шуд, зарур мебошад [9, с. 346-350].

Ҳангоми якҷоя бо консепсияҳои психологӣ ва педагогии раванди таълим, онҳо имкон медиҳанд, ки ин раванд бомуваффақият азхуд ва идора карда шавад. Бояд гуфт, ки дар ин самт ҳанӯз ҷойҳои холӣ барои сохтани назария бе хатогӣ вуҷуд доранд. Дар ҳар сурат, иттилоот ягона чизест, ки метавонад ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ дар занҷири рӯйдодҳои раванди таълим дарк карда шавад.

Яке аз талаботи таълим дар ҳоли ҳозир такмил додани шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим ба ҳисоб меравад. Ҳар як марҳилаи нав дар рушди системаи маориф такмили ҳама робитаҳоро дар ташкили таълим тақозо мекунад, ки бидуни ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои таълимӣ ғайриимкон аст. Тибқи талаботи пешрафти илмӣ ва техникӣ, шаклҳои нави таълим такмил ёфта, василаи педагогии ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён тағйир меёбад. Масъалаҳои тағйир додани принсипҳои интихоби мундариҷаи таълим ба

мадди назар гузошта мешаванд, дар ҷараёни таълим усулҳои нав истифода бурда мешаванд, ки дар амалияи мавқеи фаъоли донишҷӯ саҳм мегиранд. Дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар рушди мустақилияти эҷодӣ, маърифатӣ ва фаъолияти донишҷӯён меафзояд. Баланд бардоштани самаранокии таълим интихоби бодиққати илмии мундариҷаи таълим ва таҳқиқро оид ба роҳҳои такмили раванди педагогӣ тақозо мекунад. Беҳтаркунонии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо ҳаллу фасли проблемаҳои шабеҳ алоқаманд аст.

Дар айни замон, хатмкунандагони як мактаби олӣ, ки аз рӯйи ихтисоси худ дониши амиқ ва мустаҳкам доранд, ба омодагӣ барои мустақилона таҳия ва ҳалли вазифаҳои шахсӣ ва касбӣ, азхудкунӣ ва коркарди иттилоот, ба корҳое қодир аст, ки донишҳои гирифтаашро дар фаъолияти касбӣ амалӣ намуда, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо ҳал кунад.

Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ва ташкили методологии таълим бояд ба ошкор кардани қобилияти донишҷӯ, такмил ва ташаккули чунин сифатҳо ба монанди фаъолияти эҷодӣ, маърифатӣ ва мустақилият равона карда шавад.

Бояд қайд кард, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ пешрафти босуръати илму техника дигаргуниҳои назаррасро ба вуҷуд оварда, аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ тақозо менамояд, ки ҷиҳати омӯзиш ва амалигардонии он кӯшиш ба харҷ диҳанд. Аз ин лиҳоз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш, пайваста ба кормандони соҳаи маориф таъкид менамоянд, ки: «... масъулин назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиосӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд» [8].

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар рушди соҳаи маориф ва илм яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб ёфта, барои баланд бардоштани сатҳу сифати дониш ва маърифату саводнокии мардум аз ҷониби Ҳукумати мамлакат чораҳои мушаххас андешида шуда истодааст. Дар ин раванд, бо мақсади тақвият бахшидан ба неруи зеҳнӣ ва ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалби ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид.

Дар ҳақиқат, рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ талаби замон буда, эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» шаҳодат аз он медиҳад, ки давлату ҳукумати кишвар ба рушди ин фанҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Ҳукумати кишвар маҳз бо дарназардошти талаботи замон ва аҳаммияти бузурги илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ дар ҷодаи таъмин намудани пешрафти кишвар шароиту имконоти заруриро муҳайё карда, баҳри дар амал татбиқ намудани барномаи давлатии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» таҳияи нақша-чорабиниҳо, ҷалби сармояи хориҷӣ ва маблағгузорӣ дар ин самт, саҳмгузории соҳибкорони ватанӣ дар амалигардонии барномаи мазкур, ташкили чорабиниҳо дар доираи барнома ва дигар корҳоро ба сомон расонида истодааст. Зеро барои ҳамқадами замон будан ва рушди давлату ҷомеаро таъмин намудан, омӯзиши илмҳои дақиқ, табиӣ ва риёзӣ хеле муҳим мебошад.

Баҳри амалӣ гардидани ин ҳадаф дар марҳилаи аввал таҳия ва татбиқи «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2021-2025», «Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои то давраи то соли 2030» ва «Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» ба нақша гирифта шудаанд. Инчунин, аз ҷониби Ҳукумати кишвар моҳи сентябри соли 2020 қарор «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул гардид. Танҳо дуруст ба роҳ мондани таълими ин фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии

касбӣ, рушди тафаккури техникӣ имкон медиҳад, ки зеҳни хонандагону донишҷӯён қавӣ гардида, баҳри пешрафти имрӯзу ояндаи кишвар ҳамқадам бошанд.

Дар марҳилаи кунунии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи таъхирнопазири таҳсилоти олӣ проблемаи баланд бардоштани сифати таълим, дарёфти роҳҳои беҳтар кардани ҷараёни таълим дар донишгоҳ мебошад. Вобаста ба талаботи рӯзафзун ба сатҳи идоракунии раванди педагогӣ муаррифии таълим ҳамчун идоракунии фаъолияти таълимӣ ва илмӣ аҳаммияти хоса дорад.

Фаъолият – яке аз мафҳумҳои асосӣ дар психологияи муосир ба ҳисоб меравад. Фаъолият гуфта раванди фаъоли инсонро меноманд, ки бо ашёи тавсифонидашуда (ҷараёни додашуда ба чӣ равон аст), талабот, мотив, мақсад ва шароитҳои расидан ба он, амалҳо ва амалиёт нигаронида шудааст.

Мақсадҳои фаъолият интихоби амалҳоро, вале шароити бадастории мақсад бошад, интихоби амалиёт (тарзҳои иҷрои амалҳо)-ро муайян мекунанд.

Дар ҳар як амали иҷронамудаи инсон натиҷаи ин амал ва тарзи умумиеро, ки бо ёрии он иҷро мегардад, фарқ мекунанд. Агар ҷидду ҷаҳди инсон ба азхудкунии хосиятҳои умумии амалиёт равона бошад, пас фаъолияти он мақсаднок мешавад.

Дар зери мафҳуми фаъолияти таълимӣ психологҳо ҳамон фаъолияти донишҷӯёнро мефаҳманд, ки ба гирифтани донишҳои назариявӣ дар бораи фанни омӯхташаванда ва усулҳои умумии ҳалли бо онҳо алоқаманд равона гардидааст. Аз ин ҷо бармеояд, фаъолияти таълимӣ бояд ба инкишофи донишҷӯён ва ташаккулёбии шахсияти онҳо равона шуда бошад.

Барои ҷустуҷӯйи роҳу василаҳои ташкили фаъолияти таълимӣ, илмии донишҷӯён дар ҷараёни таълим ва рушди қобилияти онҳо дар вақтҳои гуногун бисёр омӯзгорон, психологҳо ва методистҳо ҷалб карда шудаанд. Дар асарҳои Б.Г. Ананев, Д.Н. Богоявленский, Л.И. Божович, Л.С. Виготский, П.Я. Галперин, Л.Б. Ителсон, В.А. Крутетский, Т.В. Кудрявсев, А.Н. Леонтев, Н.А. Менчинская, С.Л. Рубинштейн, Н.Ф. Тализина, Д.Б. Элконин паҳлуҳои равонии мушкилиро баррасӣ намуданд. Психологҳо муайян карданд, ки шарти ҷудонопазири сифатҳои эҷодии шахс ҷалб намудани донишҷӯён ба раванди эҷодии донишҳои мустақили илмӣ, хусусиятҳои намудҳои гуногуни фаъолияти маърифатӣ, робитаи онҳо ба раванди маърифатӣ, нишон додани омилҳои муҳимтарини муваффақияти фаъолияти маърифатӣ мебошад.

Равоншиносон Т. Мустафоқулов ва М. Нарзуллоева бар он ақидаанд, ки фаъолияти таълимӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба инкишофи қобилияти фикрии хонандагон таъсир мерасонад [6, с. 220-221].

Солҳои охир як қатор василаҳои методологӣ барои баланд бардоштани фаъолият, мустақилият ва зеҳнии донишҷӯён ҷорӣ карда шуданд ва яке аз воситаҳои самарабахши он дар фанни технологияи информатсионӣ дар самти барномасозӣ ба ҳисоб меравад, ки имкониятҳои бузурги он дар раванди таълим ҳанӯз ба тавр кофӣ татбиқ карда нашудаанд.

Аз ҷониби ин таҳқиқотчиён доир ба ҷанбаҳои гуногуни таълими фанни барномасозӣ ақидаҳои пуразриш баён карда шудаанд.

Дар асарҳои олимону муҳаққиқон ҷанбаи назариявии мафҳуми «таълими фанни барномасозӣ» баррасӣ карда шуда, хусусиятҳои он аз дигар намудҳои таълим ҷудо карда шуданд. Ба ақидаи А.Ф. Прокофев, «...моҳияти таълими фанни барномасозӣ дар он аст, ки ба равандҳои муосири гурӯҳӣ ва оммавии таълим бо усулҳо ва воситаҳои махсус хусусиятҳои фардӣ дода мешаванд ва мафҳумҳои назорати доимии азхудкунии маводи таълимӣ ворид карда мешаванд. Ин ба андозаи муайян самаранокии омӯзиши гурӯҳӣ ва оммавиро баланд мебардорад» [7, с. 3].

Асоси азхудкунии донишҳои информатикӣ, бахусус комёбию бозёфтҳои навини ин бахшро рушду инкишофи хотира ва тафаккури донишҷӯён ташкил намуда, боиси ташаккули фаъолияти таълимию маърифатии онҳо мегардад. Рушду инкишофи хотира ва тафаккури донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни барномасозӣ яке аз вазифаҳои асосии инкишофи фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ва шахсияти донишҷӯён маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, истилоҳи «барномасозӣ» дар робита бо раванди таълим маънои усули эҷодии барномаеро дорад, ки фаъолияти таълимии донишҷӯёнро ҳангоми ҳалли масъалаҳои маърифатӣ назорат мекунад. Баръакси барномаҳои ҳисоббарорӣ, мо ин барномаҳоро таълимӣ меномем.

Фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, ки яке аз зинаҳои омӯзиши амалии фанни барномасозӣ маҳсуб меёбад, дар ҷараёни таҳияи барномаҳо ба монанди таҳлилу муқоиса, эҷодкорӣ, мустақилият нақши муҳим мебозанд.

Барои рушди фаъолияти таълимӣ ва илмии донишҷӯён истифодаи ғояҳои барномасозӣ ва таълими фанни барномасозӣ дар мактабҳои олӣ аҳаммияти муҳим дорад. [8, с. 87]

Омӯзиши фанни барномасозӣ ба тарбияи ғоявӣ, сиёсӣ, меҳнатӣ, ахлоқӣ, фикрӣ, эстетикӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии хонандагону донишҷӯён мусоидат карда, дар онҳо нишон додани хусусияти таҳқиқоти моделҳои математикии сохташуда бо методҳою воситаҳое, ки истифодаи онҳоро компютерҳои ҳозиразамон имкон медиҳанд, бешубҳа ҳисса мегузорад. Ба хонандагон кушода додани имкониятҳои ҳақиқии фанни барномасозӣ дар васеъшавии қобилиятҳои зеҳнӣ ва дарккунии хонандагону донишҷӯён низ муҳим аст.

Тавре ки таҷрибаи корӣ нишон дод, мо муайян кардем, ки омӯзиши барномасозӣ бояд ҳангоми ташаккули фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқотии донишҷӯён, омӯзиши масъалаҳои технологияи истеҳсоли корҳо ва ташаккули маҳорат ва малакаҳои амалӣ бояд таъсири бештар расонад [8, с. 16].

Дар айни замон, иттилоотикунонии таълим ва таъмини саводи ҳамагонии компютер барои рушди ҳавасмандии эҷодӣ ва баланд бардоштани сифати таълим аҳаммияти хоса дорад. Ин рушди усулҳои самараноки таълими информатика, татбиқи технологияҳои компютерии таълимиро дар асоси таълими барномасозӣ дар назар дорад. Дар ҳалли ин мушкилот фаъолияти таълимӣ ва илмии донишҷӯён нақши муҳим доранд, ки имкониятҳои онҳо дар раванди таълим ба қадри кофӣ татбиқ карда намешаванд.

Ақидаҳои омӯзиши фанни барномасозӣ дар байни омӯзгорон торафт васеъ паҳн шуда истодаанд. Аллакай, натиҷаҳои зиёди корҳо дар ин соҳа мавриди таваҷҷуҳи амалӣ қарор доранд. Таъсири ин ғояҳо ба таълими технологияи иттилоотӣ махсусан судманд аст. Таваҷҷуҳ, пеш аз ҳама, ба идоракунии фаъолияти таълимӣ ва илмии донишҷӯ мароқ дорад.

Мақсад ва мундариҷаи фанни таълимӣ, аз ҷумла барномасозӣ-ин омӯхтану дарёфт ва истифодаи навоварию комёбиҳои илмию амалӣ мебошанд, ки дар чунин марҳилаҳо таҷҷасум мегарданд:

- дар заминаи роҳу усулҳо ва методҳои муосири таълим ба роҳ мондани раванди таълими фанни барномасозӣ;
- ташаккули шавқу завқ, маҳорату малака ва фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ;
- истифодаи методҳои фаъоли таълим, аз ҷумла, методҳои иттиолоотии мултимедӣ: компютер, интернет, тахтаҳои электронӣ, ноутбук ва нанотехнологияи муосир;
- ташаккул ва рушди донишу қобилият, беҳтар гардидани вазъи корҳои мустақилона, тибқи талаботи таҳсилоти замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ -таҳқиқотии донишҷӯён ва ғайраҳо.

Таълими барномасозӣ асосан дар ду самт амалӣ карда мешавад: дастурҳои барномавӣ ва китобҳои дарсӣ истифода мешаванд; воситаҳои нави техникӣ - дастгоҳҳои назоратӣ ва таълимӣ истифода мешаванд. Афзалият додан ба яке аз ин роҳҳо душвор аст.

Китобҳои дарсии барномасозӣ назар ба китобҳои анъанавӣ хеле зиёданд, зеро сохтори мантиқии онҳо мураккабтар мегарданд. Ҳангоме ки донишҷӯ бо чунин китобҳои дарсӣ кор мекунад, вақти анҷом додани ин ё он вазифа, шумора, хусусияти хатогиҳо ва басомади дархост кардани ишораи он ба назар гирифта намешавад. Омӯзиши малакаҳои амалӣ бо истифода аз як барномаи таълимии барномавӣ ғайриимкон аст.

Маълум аст, ки барои барномасозии ин ё он раванд, шарҳи алгоритми худро додан лозим аст. Раванди педагогӣ дар маҷмуъ, гарчанде он метавонад алгоритмӣ бошад, дар доираи қатъӣ маҳдуд кардан душвор аст. Аз ин рӯ, бо роҳи ҷорӣ кардани таълими

барномасозӣ таҷдиди тамоми раванди таълим амалан ғайриимкон аст. Аммо, қисмҳои алоҳидаи ҷараёни педагогӣ аз рӯйи табиати худ, тавсифи алгоритми дақиқро пешкаш мекунанд. Ин калиди интихоби мундариҷаи маводи таълимӣ мебошад, ки метавон онро бо истифодаи васеи усулҳои барномасозишудаи таълимӣ омӯхт.

Баъзе муҳаққиқон ба душвориҳои шадид ишора мекунанд ва баъзан ба имконнопазирии муайян кардани он ки оё донишҷӯ ин ё он консепсияро азхуд кардааст.

Масалан, Л.Н. Ланда тасдиқ мекунад, ки таҳияи дақиқи консепсия барои донишҷӯён ҳанӯз маънои онро надорад, ки ин фаҳмиш азхуд шудааст; на ҳамеша фаҳмидани сифати ассимилятсия аз рӯйи он, ки чӣ тавр донишҷӯ консепсияи омӯхташударо татбиқ карда метавонад. Аммо ин пешниҳодҳои дуруст умумӣ нестанд ва барои ҳама консепсияҳо, ҳама мавзуъҳо эътибор доранд [5, с. 69].

Ҳамин тавр, ҳангоми таълим додани донишҷӯён ба иҷрои корҳои амалӣ дар таълими меҳнатӣ, имкониятҳои хуб барои санҷиши объективӣ оид ба дуруст ва устувор доштани донишҷӯ маҳорат ё малакаи муайяне вуҷуд дорад, ки маънои хонанда мафҳуми ягон ҷараёни технологии муайянро азхуд кардааст.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, дар муассисаҳои таълимӣ рушди илмҳои информатика бо истифодаи технологияҳои компютерӣ дар ҷараёни таълим хеле суст ба роҳ монда шудааст. Ин далел ба таври назаррас бо камбудиҳои системаи анъанавии таълими информатика шарҳ дода мешавад, ки тақрибан чунин аст: ҳар як мавзуъ бори аввал ҳамчун маводи муайяни назариявӣ омӯхта мешавад. Шарҳи устод, ҳатто аз ҷиҳати мантиқи пешниҳод хеле соҳибмаърифат аст, донишҷӯён ғайрифаъол қабул мекунанд. Ҳангоми пешниҳоди мавод муаллим наметавонад дар бораи он ки ин мавод аз ҷониби донишҷӯён азхуд карда шудааст, маълумоти кофӣ гирад ва аз ин рӯ, ӯ аз имкони назорати фаъолияти руҳии онҳо маҳрум аст. Ҳангоми ҳалли мушкилот ва намунаҳо, одатан, бисёр донишҷӯён мустақилона ҳалли масъаларо пешниҳод карда наметавонанд, зеро онҳо мафҳуми мавзуи пешниҳодшударо намедонанд. Қарорҳо ва ҷавобҳои дурусти донишҷӯёни алоҳида танҳо пайдоиши кори фаъоли онҳоро эҷод мекунанд. Дар асл, барои бисёриҳо то ҳол кори ғайрифаъол дар ёд кардани методҳо ва усулҳои ҳалли як намуди муайяни мушкилот мавҷуд аст. Дар натиҷаи шумораи кофии машқҳо, донишҷӯён маҳорати истифодаи мафҳумҳо ва усулҳои муайянро дар ҳалли проблемаҳои ин намуд ташаккул медиҳанд, як идеяи хаёлӣ эҷод карда мешавад, ки донишҷӯён ин консепсияро (ин метод) доранд; аммо агар шумо супоришро дар санҷиш дохил кунед, ки аз намудҳои вазифаҳои дар синф ҳосилшуда фарқ дорад, пас, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, аксарияти донишҷӯён ин супоришро иҷро карда наметавонанд. Инчунин, яке аз сабабҳои рушди заифи маърифати иттилоотӣ бо шароити зиндагӣ дар мактабҳо вобаста аст, зеро дар бисёр мактабҳо синфхонаҳо бо воситаҳои техникии муосир, аз ҷумла компютерҳои коршоям муҷаҳҳаз нестанд ва дар ин соҳа мутахассисони баландихтисос мавҷуд нестанд.

Бо ёрии як сигнали ёрирасони барномасозӣ тестҳо, карточкаҳо, рамзгузорӣ ва дигар воситаҳои гурӯҳ барномасозӣ карда мешаванд. Маводи ин намуд бо он тавсиф мешаванд, ки онҳо дорои иқтидори муайян барои оқилона ташкил кардани раванди таълим, зиёд кардани шавқ ба таҳсил ва фаъолияти донишҷӯён мебошанд.

Мавҷудияти чаҳор дараҷаи барномасозӣ ба мо имкон медиҳад, ки мушаххасоти ҷараёни азхудкунии фаъолиятҳои эвристикӣ, нимэврестикӣ ва алгоритмиро дақиқ фарқ карда муайян кунем. Барномаҳои сатҳи баланд бо ҳам алоқаманданд, дорои баъзе хусусиятҳои умумӣ мебошанд.

Муайян намудани системаи имкониятҳо ва доираи барномасозӣ барои истифода ҳамчун як падида, ки такмилдиҳии таълимро аз рӯйи вазни характери он таъмин мекунад, аз дарк кардани хусусиятҳои объектҳои барномасозӣ вобаста аст. Дар робита ба ин, савол ба миён меояд: оё раванди таълимро барномасозӣ кардан мумкин аст? - Аз афташ, дар асл, бале. Аммо суоли дигаре ҳаст: оё мо бояд ҳама чизро барномасозӣ кунем?

Ҷавоб, ба назари мо, бояд манфӣ бошад. Бо дарназардошти миқдори вақт, муҳити омӯзиш, барномаҳо, мо боварӣ дорем, ки он тавсия дода мешавад, зеро он мушкилоти зиёдро ба бор меорад.

Бо ёрии забонҳои барномасозӣ аз рӯйи мавзуъҳо, бахшҳо санҷидани дониш мувофиқи мақсад аст: дар муддати кӯтоҳ азхудкунии маводро аз ҷониби ҳамаи донишҷӯён тафтиш кардан мумкин аст. Истифодаи барномасозӣ шаклҳои назоратро гуногун мегардонад, мунтазамии онро тақвият медиҳад ва донишҷӯёнро ба омӯзиши мустақилонаи доимӣ, аз худ кардани маводи пешниҳодшуда ташвиқ мекунад, ки натиҷаи ин мустаҳкам кардани дониш аст. Кор тибқи дастури барномасозӣ ба тартибу интизоми донишҷӯён мусоидат менамояд, зеро он аниқии дониш, возеҳии ҷавобро талаб мекунад ва фаъолияти шадидро дар бар мегирад.

Таҷрибаи истифодаи намудҳо, шаклҳо ва роҳҳои гуногуни дохил намудани мафҳумҳои таълими забонҳои барномасозӣ дар раванди таълимии донишгоҳҳо нишон медиҳад, ки татбиқи он ба рушди системаи тафаккури донишҷӯён, фарҳанги мантиқӣ, ташаккули тафаккури умумӣ мусоидат намуда, ба таҳкими дониши онҳо равона шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки таълими забонҳои барномасозӣ сазовори паҳнкунии васеи барномаҳо дар таълими донишҷӯён аст. Мо на танҳо муҳтавои маводи барномасозӣ ва ҳадафҳои ниҳоии таълим, балки рушди малакаҳои таҳқиқотиро низ дар назар дорем.

Хулоса, солҳои охир, ҳамгироии воситаҳои техникии таълимӣ бо воситаҳои барномасозӣ дар татбиқи ғояи системаҳо марказҳои таълимии кушод, ки бо воситаҳои зарурии техникӣ дар маҷмуъ муҷаҳҳаз шудаанд алоқамандand. Дар ин марказҳо шумо метавонед барои омӯзиши мустақилона ва рушди курсҳои омӯзишии номҳои гуногун - мактаб ва донишгоҳ, ки ба таври оддӣ татбиқ карда мешаванд, ворид шавед, ки ин ё он соҳаи дигари маҳфилҳои инсониро ифода мекунанд.

Имрӯзҳо дар самти педагогика масъалаҳои таълимии ҳамаҷонибаи омӯзгорӣ ба омӯзиши барномасозӣ оварда шудаанд, ки ин мавқеъгирии олимони гуногунро мушкилтар мекунад. Илова бар ин, возеҳ аст, ки таълими фанни барномасозӣ ҳамчун як падидаи мураккаби педагогӣ, омӯзиши иловагиро талаб мекунад, то нақши худро дар ҷараёни намудҳои гуногуни таълимии муассисаҳои таълимӣ дақиқтар нишон диҳад.

Таълими барномасозӣ дар мактабҳои самти риёзӣ, ба монанди таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ, асосан манфиатҳои махсус ва касбиро пайгирӣ мекард. Аммо, дар айни замон, таҳқиқоти пайваста дар бораи таъсири умумии таълимии компютерҳо ва барномасозӣ ҳамчун соҳаи нави фаъолияти инсон ба мундариҷаи таълим дар мактабҳои миёнаи умумӣ идома дорад. Аз ибтидо маълум буд, ки самаранокии умумии таълимии идеяҳо ва усулҳое, ки донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар раванди омӯзиши барномасозӣ гирифтаанд, дорои имкониятҳои бузург барои таҳияи мафҳумҳои нави бунёдии таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши фанни барномасозии амалӣ барои рушди шаклҳои табиии муошират байни одамон ва компютерҳо равона шудааст, мусоидат менамояд.

Адабиёт:

1. Абрамов, С.А. Задачи по программированию [Текст] / С.А. Абрамов [и др.]. – Москва: Наука, 1988. – 123 с.

2. Барановский, Ю. С. Компьютеризация процесса обучения в педагогическом вузе и средней школе [Текст] / Ю.С. Барановский. – Ставрополь: СГПИ, 1990. – 144 с.

3. Белкин, Е.Л. Дидактические основы управления познавательной деятельностью в условиях применения технических средств обучения [Текст] / Е.Л. Белкин. – Ярославль: Верхне-Волжское книжное издательство, 1982. – 107 с.

4. Беспалько, В.П. Программированное обучение (Дидактические основы) [Текст] / В.П. Беспалько. – Москва: Высшая школа, 1970. – 300 с.

5. Ильина, Т.А. Общие основы методики программированного обучения [Текст] / Т.А. Ильина. – Москва: Знание, 1970. – 52 с.

6. Комили, А. Формирование исследовательских умений и технология подготовки студентов к научной работе [Текст] / А. Комили, Т.А. Шукурзод, С.К. Таваров. – Курган-Тюбе, 2009. – 132 с.

7. Крем, Д. Программированное обучение и обучающие машины [Текст] / Д. Крем; пер. с англ. Г.И. Козицкого. – Москва: Прогресс, 1965. – 71 с.

8. Ланда, Л.Н. Алгоритмы и программированное обучение: Некоторые вопросы теории и методики программирования [Текст] / Л.Н. Ланда. – Москва: Педагогическое общество РСФСР, 1965. – 523 с.

9. Низамов, Р.А. Дидактические основы активизации учебной деятельности студентов [Текст] / Р.А. Низамов. – Казань: Издательство Казанского университета, 1975. – 302 с.

10. Прокофьев, А.Ф. Программированное обучение, программированные учебники, машины для обучения [Текст] / А.Ф. Прокофьев. – Москва: Высшая школа, 1962. – 165 с.

11. Самариддинова, З.Н. Организация учебно-исследовательской деятельности студентов в условиях программированного обучения [Текст]: монография / З.Н. Самариддинова. – Душанбе, 2018. – 128 с.

12. Тихонов, И.И. Программирование и технические средства в учебном процессе [Текст] / И.И. Тихонов. – Москва, 1970. – С. 38–39.

13. Мустафоқулов, Т. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ [Матн]: васоити таълимӣ / Т. Мустафоқулов, М. Нарзуллоев. – Кӯлоб: Иттиҳодияи истеҳсолии матбааҳои ш. Кӯлоб, 1993. – 360 с.

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019 [Матн]. – Душанбе, 2019.

15. Шарифзода, Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ [Матн] / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 554 с.

ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ БАРНОМАСОЗӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи фаъолияти таълимӣ-илмии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни барномасозӣ, ки баҳри баланд гардидани мустақилият донишҷӯён ва бедор кардани шавқу ҳаваси онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ касбӣ дар шароити азнавсозии таълим муосидат мекунад, бахшида шудааст.

Ба ақидаи муаллифон дар замони муосир фаъолиятнокии фанни барномасозӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ касбӣ дар шароити азнавсозии таълим, саривақтӣ арзёбӣ мегардад, зеро таълими фанни барномасозӣ шавқу рағбати хонандагонро бедор карда, мустақилияти онҳоро пурзӯр менамояд, ҷалби насли ояндаро ба омӯзиши техникаву технология боз ҳам зиёдтар карда, дар амалия шароитҳои муфид фароҳам меоварад.

Муаллифон чунин меҳисобанд, ки дар шароити таълими фанни барномасозӣ фаъолнокии донишҷӯён баланд мешавад. Аммо амалҳои ичрошаванда на ҳамеша бо асосанд. Идоракунӣ мувофиқи ҳама компонентҳои ҷараёни таълим, фардикунонии минималиро дар шароити фаъолияти коллективона, мазмуни баланд ва самти дурусти сели иттилоотро бояд таъмин намояд. Таъмини ҳам марказонидашуда, ҳам идоракунии автоматии амалҳои таълимгирандагон, ботартиби фаъолият зарур аст.

Муаллифон мутмаинанд, ки ҷиҳати муҳимтарини ташкили таълими фанни барномасозӣ ин мураттаб сохтани барнома, заминаи амалӣ, ки онро диалектикаи мақсад, восита ва шароит ташкил медиҳад, иборат мебошад. Тайёр намудани тартиби дурнамо ва наздиктарин мақсадҳои таълим; ташкили супоришҳои таълимӣ-таҳқиқотии мунтазам мушкилшаванда, аммо оптималӣ аз ҷиҳати мураккабӣ ва проблемавӣ муҳим мебошад.

Калидвожаҳо: фаъолият, тафаккур, масъала, алгоритм, барномасозӣ, омӯзиш, илмӣ, мафҳум, назария, амалӣ, қарор, таҳқиқотӣ, супориш.

УЧЕБНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ПРОГРАММИРОВАНИЮ

Данная статья посвящена вопросу учебно-исследовательской деятельности студентов в процессе изучения программирования, которая способствует повышению их самостоятельности и стимулированию интереса в высших учебных заведениях в условиях модернизации образования.

По мнению авторов, в современный период активизация обучения программированию в высших профессиональных учебных заведениях в условиях реформирования образования оценивается как своевременная, поскольку преподавание программирования пробуждает интерес обучающихся, укрепляет их самостоятельность, способствует дальнейшему привлечению подрастающего поколения к изучению техники и технологий, а также создает благоприятные условия на практике.

Авторы считают, что в условиях обучения программированию активность студентов возрастает. Однако выполняемые действия не всегда являются достаточно обоснованными. Управление в соответствии со всеми компонентами учебного процесса должно обеспечивать минимальную индивидуализацию в условиях коллективной деятельности, высокое содержание и правильную направленность информационного потока. Необходимы как централизованное обеспечение, так и автоматизированное управление учебными действиями обучающихся в сочетании с дисциплиной деятельности.

Авторы убеждены, что важнейшим аспектом организации обучения программированию является составление программы и формирование практической базы, составляющей диалектику цели, средств и условий. Важное значение имеют подготовка перспективного порядка и ближайших целей обучения, а также организация систематически усложняющихся, но оптимальных по сложности и проблематике учебно-исследовательских заданий.

Ключевые слова: деятельность, мышление, задача, алгоритм, программирование, обучение, научный, понятие, теория, практика, решение, исследовательский, задание.

EDUCATIONAL AND RESEARCH ACTIVITY OF STUDENTS IN THE PROCESS OF TEACHING PROGRAMMING

This article is devoted to the issue of students' educational and research activities in the process of learning programming, which contributes to increasing their independence and stimulating interest in higher educational institutions under the conditions of educational modernization.

According to the authors, in the modern period, intensifying programming education in higher professional educational institutions during educational reform is considered timely. Teaching programming awakens students' interest, strengthens their autonomy, encourages the younger generation to study engineering and technology, and creates favorable practical conditions.

The authors believe that students' activity increases during programming instruction; however, the actions performed are not always sufficiently substantiated. Management aligned with all components of the educational process should ensure minimal individualization within collective activities, alongside rich content and the proper direction of information flows. Both centralized provision and automated management of students' learning actions, combined with activity discipline, are necessary.

The authors are convinced that the most crucial aspect of organizing programming education is curriculum development and establishing a practical framework, which forms the dialectic of goals, means, and conditions. Preparing long-term planning, setting immediate learning objectives, and organizing systematically escalating yet optimal educational-research tasks in terms of complexity and problem-solving are of key importance.

Keywords: activity, thinking, task, algorithm, programming, learning, scientific, concept, theory, practice, solution, research, assignment.

Маълумот дар бораи муаллифон: Самариддинова Зайнаб Наимовна –номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел.: 987772028. E-mail:ilm-kgu@bk.ru

Муродализода Рахмонали Муродалӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. E-mail: davlatov.rahmonali@mail.ru, Телефон: +992 918460496

Сведения об авторах: Самариддинова Зайнаб Наимовна, кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания информатики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова - 16. Тел.: (+992) 987 77 20 28. E-mail: ilm-kgu@bk.ru

Муродализода Рахмонали Муродали, кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания информатики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес**:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова - 16. E-mail: davlatov.rahmonali@mail.ru, Телефон: +992 918 46 04 96.

Information about the authors: Samariddinova Zainab Naimovna, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of informatics teaching methods, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street - 16. Tel.: (+992) 987 77 20 28. E-mail: ilm-kgu@bk.ru

Murodalizoda Rahmonali Murodali, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of informatics teaching methods, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street - 16. E-mail: davlatov.rahmonali@mail.ru, Phone: +992 918 46 04 96.

Муқарриз: Ниёзов Ҷ.М., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ- 37+371+378(575.3)

ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ВА ЗАРУРАТИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ОЗОДИҲОИ АРЗИШМАНДИ ШАХС

Сатторзода Б.А., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд аз муҳимтарин рукнҳои асосии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи пешрафта ба ҳисоб рафта, фароҳам овардани чунин шароитҳои созанда вазифаи давлат тавассути ниҳодҳои дахлдори соҳавӣ мебошад.

Бешубҳа, дар ҷомеаи пешрафта мактаби муосир аҳёнан бо мушкилоти фароҳам овардани шароит барои тарбияи шахсияти дар фаъолияти иҷтимоӣ, ки ба арзишҳои фарҳанги ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, дучор меояд ва ҳалли онҳо дар мавқеи арзишҳои миллӣ вазифаи бахши институтсионалӣ мебошад. Дар робита ба ин, яке аз самтҳои афзалиятноки раванди таълиму тарбия, таълими ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ дар зинаҳои гуногуни ҷамъият мебошад. Бинобар ин, асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии қонунҳои соҳаи маориф, аз боғча, мактаб ва макотиби олӣ таълим ҳамчун фаъолияте фаҳмида мешавад, ки ба рушди шахсият, фароҳам овардани шароит ҷиҳати худмуайянкунӣ ва иҷтимоишавии ҷавонон дар асоси ҳимояи арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ бо риояи қоидаву меъёрҳои рафтори дар ҷомеа қабулшуда ба манфиати шахс, оила, ҷомеа ва давлат нигаронида шудааст.

Бо ҳамин мақсад, вобаста ба аз худ намудани арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ, қоида ва меъёрҳои рафторе, ки ба манфиати шахс, оила, ҷомеа ва давлат мебошанд, тарбияи ҳимояи

ин арзишҳо аз мактаб оғоз мегардад. Зеро ҷиҳати ташаккули дурусти чунин як муҳити тарбия ба мисли тарбияи ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар фазои солим меравад, ки ба принсипҳои пешбари сиёсати давлат ва танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи маориф асос ёфтааст. Ҳамаи масъалаҳои болозикр василаи асосӣ барои ташаккули шахсияти комил ва манфиатовар барои давлату ҷомеа мебошанд.

Дар робита ба ин, дар симои шахсияти комил ташаккулёфта мо, чун қоида, омӯзиши мутаносиби (мувозинати) мутлақи маҷмуи унсурҳои тарбияро, ки он аз тарбияи зеҳнӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи меҳнатӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи равонӣ, ба ғайр аз сиёсӣ ва ҳуқуқиро дар назар дорем, махсусан, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ ба худ як зарурати хосро касб намудааст. Ва ҳамин масъала ҳамчун як амалкарди меҳварӣ таърихи қадима дошта, ба он ҳанӯз аз даврaҳои пеш диққати махсус зоҳир менамуданд. Вобаста ба ин, гуфтан мумкин аст, ки ҳанӯз дар миёнаҳои асри XIX яке аз муҳаққиқони машҳур Константин Дмитриевич Ушинский дар яке аз аввалин асарҳои худ зарурати омӯзиши таърифҳои ҳуқуқии оммавиро нишон дода буд, ки он ба муайянсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии наврасону ҷавонон алоқамандӣ дошт.

Илова бо ин, ҳамчун масъалаи доманадор вобаста ба таъсири муҳити атроф профессор Л.И. Петражитский таъсири шуури ҳуқуқиро дар натиҷаи тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳаёти инсон омӯхта, таъкид мекунад, ки «...бо фишори бештару қатъитари қонуну одатҳо ва майлҳои аз ҷиҳати ҷамъият матлубро бомуваффақият мустаҳкам менамояд, умуман, ба шуури фардӣ ва коллективӣ назар ба тарбияи шуурнокӣ аҳамияти ахлоқӣ муҳимтар дорад» [3, с. 563]. Ин равиши баррасӣ барои бунёди ҷомеаи ҳуқуқӣ ва арзишҳои ҳуқуқӣ нигаронида шуда, дар он присипҳои озодӣ ва дигар равишҳои арзишманд инъикос мегарданд.

Вобаста ба тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷомеаи мутамаддин ва пешрафта нуқтаи назари гуногун дар ин самт ҷой дорад. Ба андешаи Юлдошева Ҷ. «Ташаккулу мавқеи шаҳрвандию ҳуқуқии насли наврас тавъам бо ташаккулу маданияти ахлоқию маънавӣ сурат мегирад. Зимнан марҳилаи масъулонаю мураккаб давра ва марҳилаи синнусолии 14-18-солагӣ мебошад. Маҳз, дар ҳамин марҳилаи ҳаётӣ ба тариқи афзояндаю ташаккулёбанда шуурнокию маърифат дар насли наврас такмил ёфтан мегирад. Дар ин маврид дарку фаҳми ҳамгироии иҷтимоию ҷамъиятии инсон ташаккул ёфта, манфиатмандию шавқу завқ нисбати моҳияту муҳтавои рафтору муносибатҳои байниинсонӣ аз мавқеи ахлоқию маънавӣ низ ташаккул меёбад. Фаъолмандии мавқеи шаҳрвандию ҳуқуқии ин гурӯҳи инсонҳо ба зуҳури ташаббуснокию ибтикор доштан, мустақилият мусоидат мекунад, ки дар навбати худ имкон фароҳам меояд то писарону духтарон ба фаъолияти мухталифи шаҳрвандию ҳуқуқӣ ва ахлоқию маънавӣ ворид шаванд» [7, с. 60].

Чи тавре, ки дар адабиёт қайд мегардад: «Тарбияи ҳуқуқӣ хусусиятҳо ва сифатҳои шахсро вобаста ба сатҳи дониши ҳуқуқӣ ошкор мекунад» [8].

Ба ақидаи Э.С. Насриддинов «тарбияи ҳуқуқӣ – ин фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа барои ташаккул додани шуури ҳуқуқиву фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва ашхоси соҳибмансаб мебошад» [9, с. 98].

Ба андешаи муҳаққиқ Р.Ш. Сотиволдиев «Тарбияи ҳуқуқӣ – фаъолияти мунтазами муташаккил, мақсаднок ва танзимгаштаи мақомоту муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ба сомон мерасад» [10, с. 72].

Иловатан, тибқи ақидаи Кваша А.А. тарбияи ҳуқуқиро ба воситаи унсурҳои таркибии худ муайян мекунанд: «...таълими ҳуқуқӣ аз интиқол, ҷамъоварӣ ва аз худ намудани принсипҳои дониш ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин ташаккули муносибати муносиб ба қонун ва амалияи татбиқи он, қобилияти истифода бурдани ҳуқуқҳои худ ва донистани меъёрҳои риояи мамнуиятҳо ва иҷрои уҳдадориҳо иборат аст» [6, с. 160].

Ш.С. Ҳамроев «тарбияи ҳуқуқии ҷавонони мактабӣ»-ро ҳамчун фаъолияти мақсадноки омӯзгорон ва мураббиён, инчунин мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии насли наврас муайян мекунад» [11].

Аз ин рӯ, иловатан чунин ишора мегардад, ки зарурати бошууронаи аз худ намудани қоидаҳои асосӣ ва зарурии қонунгузорӣ, инкишоф додани ҳисси эҳтироми амиқ нисбат ба қонун ба миён меояд. Донишҳои хосилшуда бояд ба эътиқоди шахсӣ, бар замми риояи қатъии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва баъд ба талаботи дохилии риояи қонун мубаддал гардад».

«Тарбияи ҳуқуқӣ ба маънои маҳдуд бошад бо мақсаднокиаш фарқ мекунад, яъне чунин тарбия ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии инсон, гурӯҳи одамон ва умуман ҷамъият нигаронида шудааст» [12, с. 399].

Амалкардҳо ва фаъолияти тарбиявии ҳуқуқӣ мустақилияти нисбии ҳадафҳо, усулҳои мушаххаси ноил шудан ба онҳо ва шаклҳои муташаккил дошта, инчунин, фаъолияти бисёр мақсаднокро ифода мекунад, ки мавҷудияти ҳадафҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳимро дар назар дорад ва бо назардошти хусусиятҳои субъективӣ ва объективии таъсири тарбиявӣ мушаххас карда шудааст. Дар бораи тарбияи ҳуқуқии донишҷӯён сухан рондан, он аз интиқол, ҷамъоварӣ ва аз худ намудани принсипҳои дониш ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин, ташаккули муносибати мувофиқ ба қонун ва амалияи татбиқи он, қобилияти истифода бурдани ҳуқуқҳои худ, риояи мамнуиятҳо ва иҷрои уҳдадориҳо иборат аст. Аз ин ҷост, ки зарурати бошуурона аз худ намудани қоидаҳои асосии қонунгузорӣ ва инкишоф додани ҳисси эҳтироми амиқ нисбат ба қонун ба миён меояд.

Дониши андӯхташуда бояд ба мавқеи фардӣ, ба муносибати қатъӣ ба риояи қатъиян меъёрҳои ҳуқуқӣ ва баъдан ба зарурат ва одати ботинии риояи қонуни ҳуқуқӣ, нишон додани фаъолияти иҷтимоию ҳуқуқӣ табдил ёбад. Дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ, чун дар ҳама гуна намуди таълим, ки илми педагогӣ ё равоншиносӣ муайян кардааст, якчанд марҳилаҳо ҷудо карда мешаванд. Пеш аз ҳама, зарурати қонун дар маҷмуъ, аҳаммияти баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқиро эътироф кардан зарур аст; дуюм, дар назди худ мақсад гузоред, ки дар асоси он шумо метавонед нақшаи амали мушаххас тартиб диҳед; саввум, восита ва усулҳоеро интихоб кунед, ки барои расидан ба ҳадафатон имкон медиҳанд; чорум, иҷрои нақша.

Масалан, Э.А. Певсова чор зинаи таълими ҳуқуқиро дар низоми маълумоти умумӣ муайян кардааст:

1. Мактаби ибтидоӣ: оғоз ва сарчашмаи таълими ҳуқуқӣ;

2. Зинаи поёнии мактаби асосӣ: шиносоӣ ба асосҳои рафтори ҳуқуқӣ дар ҷомеа;

3. Мактаби миёна: ташаккули тасаввуроти образнок дар бораи қонун ва моделҳои рафтори субъектҳо;

4. Мактаби олӣ: таҳкими асосҳои дониш ва малакаҳои ҳуқуқӣ, омӯзиши амиқи курсҳои тахассусии ҳуқуқӣ ва курсҳои махсуси ба амалия нигаронидашуда.

Натиҷаҳои таҳлили таърифҳои дар боло зикргардидаи мафҳуми «тарбияи ҳуқуқӣ» ба мо имкон медиҳад, ки хулосаҳои мушаххасе ба даст орем.

Дар робита ба ҳамаи ин заруратҳо, гуфтан мумкин аст, ки таҷрибаи таърихии инсоният ба он далолат дорад то дар ҳама фарҳангҳо ва дар ҳар ҷомеа ҳамеша низоми муайяни қоидаҳо, муқаррарот ва мамнуиятҳое вуҷуд доштанд, ки муносибатҳои байни аъзои ҷомеаро танзим менамуданд ва аксар вақт ҳамчун меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ хизмат мекарданд. Вобаста ба ин, тарбия ҷузъи ҷудонашавандаи инкишофи наслҳои наврас буда, рушди фарҳанги ҳуқуқӣ, ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва риояи рафтор дар доираи қонун ва меъёрҳои он ҳамчун асос мебошад. Зеро шуури ҳуқуқӣ аз мафкураи ҳуқуқӣ вобаста буда, дар он равишҳои нави ба оянда нигаронидашуда ташаккул меёбанд. Зеро мафкураи ҳуқуқӣ як омили фардист, ки он ба касе ва ё чизе вобаста буда наметавонад.

Вобаста ба ҷузъиёти таърихӣ дар зинаҳои гуногуни рушди ҷамъият ва ҳатто дар тули асрҳо мафкураи ҳуқуқӣ тобиши сиёсӣ ва синфӣ дошт ва аз як зина ба зинаи дигар дар меҳвари гуногун ташаккул меёфт. Бинобар ин, дар ҷамъиятҳои пешина ақидаву назарияҳои ҳуқуқӣ иродаву манфиатҳои синфҳои ҳукмрони ҷомеа ва ҳизбҳои сиёсии ҳукмронро ифода мекарданд ва ин воқеият то як андоза маҳдудиятҳои назари ҳуқуқӣ ва риояи меъёрҳои онро маҳдуд менамуд. Бинобар ин, ҷанбаҳои муҳимми онро ҳамчун замина як қатор олимони дигар ба монанди: Баранов В.Н., Громкова М.Т., И.В. Дубровина, Стюхина Д.А. мавриди

баррасӣ қарор дода, як қатор равишҳои арзишмандро дар ин самт таҳлилу баррасӣ намудаанд [1], [2], [4], [5].

Дар робита ба ҳама назариёти дар ин самт баррасигардида ва дарвоқеъ, бо мақсади ҳалли вазифаҳои дарпешистода шуури ҳуқуқии одамони ҷудогона ва умуман ҷомеа, якчанд функсияҳоро иҷро мекунад.

1. Вазифаи дарккунӣ, яъне дарки ҳаводиси ҳуқуқӣ, ки аз якчанд амалиёт иборат аст: эҳсоси шунавоӣ ва биноӣ, идроки ҳуқуқӣ, ҷараёни тафаккур;

2. Вазифаи танзимӣ, ки дар натиҷаи он шахс фаъолияти хешро бо талаботи қонун муқоиса карда, ба равиши рафтораш баҳо медиҳад ва онро бошуурона, мустақилона, бе дахолати беруна ба шакли ҳуқуқӣ медарорад;

3. Вазифаи нусхасозии фикрӣ, ки тавассути он шахс дар асоси дарки ҳуқуқӣ ва дар доираи мафҳуму ақидаҳои ҳуқуқии ҳосилкардааш рафтори қобили қабулро ҳосил мекунад.

Дар таҷрибаи ҳаёти инсон ва тамоми объект ва субъектҳое, ки ӯро иҳота кардааст, шуури ҳуқуқӣ ҳамчун меҳварият дар сатҳи ҷаҳонбинии илмӣ шаклҳои гуногун дорад. Бинобар ин, вобаста ба субъектҳои (барандаҳои) шуури ҳуқуқӣ намудҳои зерини шуури ҳуқуқӣ ҷой доранд:

1. Шуури ҳуқуқии фардӣ, ки мутааллиқи шахси алоҳида аст; он мазмуну ифодаҳои шахсӣ дошта, аз хислатҳои фардии шахс вобаста аст; сатҳи он ҳар хел буда, аз сатҳи тафаккур, ҷаҳонбинии ҳар як фард алоқаманд аст; аз ин нигоҳ яке аз асосгузорони назарияи психологии ҳуқуқ Л. Петражитский ҳуқуқи мухтор (ҳиссиро) эътироф мекард, ки ба ҳар як фарди ҷудогона (ҳамчун натиҷаи худмуайянсозии фардӣ, ҳиссӣ, идрокӣ) мансуб аст;

2. Шуури ҳуқуқии гурӯҳӣ, мансуби гурӯҳу табақаҳои алоҳидаи иҷтимоӣ аст; дар ҷамъиятҳои синфӣ шуури ҳуқуқии истисморкунандагон ва истисморшавандагон ба ҳамдигар аст; дар ҷомеа одамони мутааллиқи гурӯҳу табақаи иҷтимоӣ шуури ҳуқуқии ягона (ба ҳам наздик) доранд, масалан, шуури ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ аз шуури ҳуқуқии кишоварзон, шуури ҳуқуқии донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ аз шуури ҳуқуқии донишҷӯёни факултетҳои дигар фарқ мекунад;

3. Шуури ҳуқуқии оммавӣ, ки мансуби иштирокчиёни гирдиҳамоӣ, намоишҳо, роҳпаймоии осоишта мебошад; ин қабил иттиҳоди одамон муваққатӣ буда, шуури ҳуқуқии оммавӣ низ номунтазам аст;

4. Шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ, ки мутааллиқи тамоми аҳолӣ аст; аз ин нигоҳ, масалан, шуури ҳуқуқии сотсиалистӣ ва буржуазиро фарқ мекарданд.

Бо назардошти сатҳи иҷтимоӣ намудҳои зерини шуури ҳуқуқӣ ҷой доранд:

а) шуури ҳуқуқии муқаррарӣ (одӣ), ки хоси қисми бештари одамон буда, дар ҳаёти ҳамарӯза бе харҷи иловагии фаъолияти фикрӣ, бо таъсири шароитҳои ҳаёти воқеӣ, таҷрибаи шахсии ҳаётӣ ташаккул меёбад, дар таркиби он унсурҳои психологӣ бештаранд; ин намуд бо тасаввуроти ахлоқӣ алоқаманд аст; он дар ҷараёни мушоҳидаҳои шахсӣ пайдо мешавад, масалан, ҳангоми тамошои маҷлисҳои парламент, ҳукумат дар телевизион, мушоҳидаи мурофиаи судӣ, рафтори кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғ.;

б) шуури ҳуқуқии касбӣ - дар ҷараёни омӯзиши донишҳои ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқӣ ташаккул меёбад; ташаккули он дар муассисаҳои таълимии ҳуқуқӣ (факултаҳои ҳуқуқшиносӣ, донишкадаҳои ҳуқуқӣ) оғоз гардида, дар ҷараёни фаъолияти амалии ҳуқуқӣ идома меёбад; шуури ҳуқуқии касбӣ мутааллиқи ҳуқуқшиносон буда, донишҳои махсуси ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки мансуби табақаву гурӯҳҳои дигари иҷтимоӣ нест;

в) шуури ҳуқуқии илмӣ дар натиҷаи таҳқиқоти ҳуқуқии илмӣ ташаккул ёфта, мансуби олимон ва муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ аст; дар таркиби он унсурҳои мафкуравӣ бештар буда, ин намуди шуур аз маҷмуи донишҳои илмӣ-назариявӣ иборат аст.

Вале ҳолатҳое мешаванд, ки шуури ҳуқуқӣ шаклашро дигар карда, дар натиҷаи воқеияти ҳуқуқӣ нодуруст инъикос мешавад. Шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ боиси он мегардад, ки одамон нақши қонунро дар ҷомеа паст мекунанд ва ба беаҳаммият будани ҳуқуқ боварӣ ҳосил мекунанд. Дар робита ба ин, шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ дорои якчанд хусусиятҳо мебошад:

1. Инфантилизми ҳуқуқӣ, ки шакли сабуки шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ буда, дар натиҷаи норасоии донишҳои ҳуқуқӣ, надоштани ахбороти воқеии ҳуқуқӣ пайдо мешавад;

2. Нигилизми ҳуқуқӣ, яъне бошуурона рад кардани талаботи қонун, ҷустуҷӯйи мақсадноки камбудиҳои қонун, муносибати нобоварона ва манфӣ нисбати ҳуқуқ; он дар сатҳи назариявӣ (дар натиҷаи тобеъ кардани арзишҳои ҳуқуқ ба манфиатҳои сиёсӣ-мафкуравӣ аз ҷониби олимон) ва амалӣ (риоя нагардидани талаботи қонун дар фаъолияти кормандони мақомоти давлатӣ, алалхусус ҳифзи ҳуқуқ) зоҳир мешавад;

3. Шуури ҷиноятқорона - ҳадди ниҳоии шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ аст, ки дар инкори ошкорои талаботи қонун, вайрон кардани он ифода меёбад, ҳама гуна ҷиноят - кирдори ғайриқонунӣ буда, шахси дорои касалии руҳӣ (номукаллаф) тобеи ҷавобгарии ҳуқуқӣ нест; шуури ҷиноятқорона мансуби кормандони ҳифзи ҳуқуқ низ шуда метавонад, ки намуди аз ҳама вазнини шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ аст (масалан, дар натиҷаи ҷиноятҳои содиркардаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ворид шудани онҳо ба ташкилотҳои ҷиноятқорӣ).

Дар ҷомеаи пешрафта низоми тарбияи ҳуқуқӣ аз унсурҳое иборат аст, ки таркиби (сохти) дохилии ҷараёни тарбияи ҳуқуқиро муайян мекунанд ва радифи ин унсурҳои низоми тарбия аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

1. Субъекти тарбияи ҳуқуқӣ (мақомотҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, ашхоси мансабдор, ки шуғли тарбияи ҳуқуқӣ мебошанд;

2. Объектҳои тарбияи ҳуқуқӣ (фардҳо ё гурӯҳҳои иҷтимоии тарбияшаванда);

3. Амалиёти тарбиявӣ-ҳуқуқӣ (мазмуни тарбияи ҳуқуқӣ).

Механизми тарбияи ҳуқуқӣ аз унсурҳое иборат аст, ки мазмуни фаъолияти тарбиявӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, аз қабили шаклҳо ва воситаҳои тарбияи ҳуқуқӣ дар рафти зиндагии рӯзмара ва озод. Дар робита ба ҳамаи ин, гуфтан мумкин аст, ки донистани масъалаҳои ҳуқуқӣ ва доштани донишҳои илмӣ дар самти ҳуқуқ яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки ба он бояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад ва он ба сифати як василаи рушди ҷомеа ба таври доимӣ пайгирӣ карда шавад.

Адабиёт:

1. Баранов, В.Н. Правосознание, правовая культура и правовое воспитание [Текст] / В.Н. Баранов. М.: Лань. 2003. 347 с.

2. Громкова, М.Т. Педагогика высшей школы [Текст]: учеб. пособие для студентов пед. вузов. / М.Т. Громкова. М.: Юнити-Дана, 2015.447 с.

3. Л.И. Петражицкий. Теория пава и государства в связи с теорией нравествености.Т. 1-2. (1907). СПБ.: Издательство «Лань», 2000. С. 563

4. Практическая психология образования [Текст]: учеб. пособие для вузов И.В. Дубровина [и др.]; под ред. И.В. Дубровиной. СПб.: Питер, 2004. 592 с.

5. Стюхина, Д.А. Формирование характера в младшем школьном возрасте [Текст] / Д.А. Стюхина // Начальная школа,: прил. к газ. «Первое сент.». 2010. № 23. С. 3-11.

6. Кваша А.А. Правовые установки граждан: дис. … канд. юрид. наук / А.А. Кваша. – Ростов н/Д, 2002. – 160 с.

7. Юлдошева Ҷ. Тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ. – Душанбе: Бухоро, 2013. – С. 60.

8. Кравченко О.В. Муносибати илмӣ нисбат ба фаҳмиши моҳияти тарбияи ҳуқуқии ноболиғон // Вестник Российско-Таджикского (Славянского) университета. – Душанбе, 2017. – № 2 (58). – С. 21-27.

9. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе: Меҳрона-2017. – С. 98.

10. Сотиволдиев Р.Ш. Назаряи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 720.

11. Хамроев Ш.С. Проблемы правового воспитания школьной молодёжи в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2003. – С. 16-17

12. Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд, 2009. – С. 399.

ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ВА ЗАРУРАТИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ОЗОДИҲОИ АРЗИШМАНДИ ШАХС

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа аз зумраи он арзишҳое мебошанд, ки ҳифзу ҳимояи онҳо вазифаи асосии давлат дар заминаи сохтор ва мақомоти дахлдори марбута мебошад.

Вобаста ба ин, дар доираи ин равишҳои арзишманд ҷараёни омӯзиш ва баланд бардоштани равишҳои ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки дар ҷомеа шахсиятҳои арзишманд ва дорои тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ, ки дар пешрафти давлат нақш мебозанд, ба тадриҷ афзоиш ёбад. Вобаста ба ин, мо дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами шуури ҳуқуқиро, ки ба озодиҳои арзишманди шахс таъсиргузор аст, мавриди баррасӣ қарор дода, дар доираи он як қатор равишҳои методӣ ва нуқтаи назари олимони соҳаро таҳлил ва баррасӣ намудем.

Илова бар ин, ба шаклҳо ва хусусиятҳои хоси арзишҳои ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар зинаҳои гуногуни ҳаёт дар самти мактабу маориф таҳлилҳо гузаронида, як қатор равишҳоро муайян намудем.

Калидвожаҳо: Шуури ҳуқуқӣ, шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии сотсиалистӣ, унсурҳои низоми тарбия, шуури ҳуқуқии касбӣ, унсурҳои психологӣ.

ПРАВОВАЯ ОСВЕДОМЛЕННОСТЬ И ЕЕ НЕОБХОДИМОСТЬ В ФОРМИРОВАНИИ ЦЕННЫХ ЛИЧНЫХ СВОБОД

Права и свободы человека и гражданина в обществе относятся к тем ценностям, защита и отстаивание которых является главной задачей государства в рамках соответствующих структур и органов.

В связи с этим, в рамках этих ценных подходов, процесс изучения и совершенствования правовых подходов позволяет постепенно увеличивать число личностей в обществе, обладающих научным мышлением и мировоззрением, играющих роль в прогрессе государства. В этой связи в данной статье мы рассмотрели актуальные вопросы правовой осведомленности, влияющие на ценные свободы личности, и в этих рамках проанализировали и обсудили ряд методологических подходов и точек зрения ученых в этой области.

Помимо этого, были рассмотрены специфические формы и характеристики правовых ценностей и правового сознания на разных этапах жизни. Проведен анализ в школьном образовании и выявлен ряд подходов.

Ключевые слова: Правовое сознание, трансформация правового сознания, социалистическое правовое сознание, элементы системы образования, профессиональное правовое сознание, психологические элементы.

LEGAL AWARENESS AND ITS NEED FOR THE DEVELOPMENT OF VALUABLE PERSONAL FREEDOMS

Human and civil rights and freedoms in society are among those values whose protection and upholding is the primary task of the state through the relevant structures and bodies.

Therefore, within the framework of these valuable approaches, the process of studying and refining legal approaches allows for a gradual increase in the number of valuable individuals in society who possess scientific thinking and a worldview, playing a role in the progress of the state. In this regard, in this article, we examined current issues of legal awareness that impact valuable personal freedoms, and within this framework, analyzed and discussed a number of methodological approaches and scholarly perspectives in this field.

Furthermore, the specific forms and characteristics of legal values and legal awareness at different stages of life were examined. An analysis was conducted in school education, and a number of approaches were identified.

Keywords: Legal consciousness, transformation of legal consciousness, socialist legal consciousness, elements of the education system, professional legal consciousness, psychological elements.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор**,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел: (+992) 908886995.

Сведения об авторе: Сатторзода Бободжон Абдуджаббор**,** кандидат педагогических наук, доцент кафедры административного права и противодействия коррупции Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 908 886 995.

Information about the author: Sattorzoda Bobojon Abdujabbor, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of administrative law and anti-corruption of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 908 886 995.

ТДУ:004.738.5.:004.92:37
С-51

ПРИНСИПҲОИ СОХТ ВА БАНАҚШАГИРИИ НИКТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ГРАФИКАИ КОМПЮТЕРӢ

Фурқати С.Қ., н.и.п., и.в. дотсент, Муродализода Р.М., н.и.п., и.в. дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҷиддии истифодаи технологияҳои муосирро дар муассисаҳои таълимӣ таъкид намуда, зикр кардаанд, ки омӯзиши насли наврас бояд дар шароити муҷаҳҳаз бо техника ва технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла компютерҳо, ба роҳ монда шавад. Ин нукта аҳаммияти стратегӣ дошта, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти рақамикунонии соҳаи маориф ва мутобиқ намудани он ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ инъикос менамояд.

Имрӯз рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба низоми маориф талаботи нав мегузорад. Раванди ҷаҳонишавӣ, густариши фазои рақамӣ ва афзоиши ҳаҷми иттилоот зарурати таҷдиди шакл, усул ва воситаҳои таълимро ба миён овардааст. Дар чунин шароит омӯзгор ва донишҷӯ бояд на танҳо аз технологияҳо истифода баранд, балки онҳоро ҳамчун воситаи самараноки ташаккули дониш, малака ва салоҳиятҳои касбӣ ба роҳ монанд [11, с. 112].

Дар «Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳадаф ва вазифаҳои асосии таълими иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муайян гардидаанд, ки аз ҷумла таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо техникаи компютерӣ, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои омӯзгорӣ, пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет, истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ва ташкили фазои ягонаи иттилоотии таълимиро дар бар мегиранд. Татбиқи ин ҳадафҳо заминаи мусоид фароҳам меорад, то ки низоми таҳсилот ба талаботи замони муосир мутобиқ гардида, сифати таълим ва самаранокии раванди омӯзиш ба таври назаррас баланд бардошта шавад.

Раванди банақшагирии истифодаи низоми иттилоотию коммуникатсионии технологияҳо (НИКТ) дар заминаи омӯзиши фанни «Графикаи компютерӣ» ба ташаккул ва рушди салоҳиятҳои умумикасбии донишҷӯёни зинаи бакалавриат равона карда мешавад. Дар ин раванд банақшагирии мақсадноки фаъолияти таълимӣ, интихоби воситаҳо ва технологияҳои рақамӣ, муайян намудани натиҷаҳои интизоршавандаи таълим ва таҳияи низоми мувофиқи вазифаҳои таълимӣ аҳаммияти махсус дорад [14, с. 215].

Ташкили раванди таълим дар асоси НИКТ имкон медиҳад, ки муҳити таълимии интерактивӣ ва ба фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ нигаронидашуда ташаккул дода шавад.

Махсусан, ҳангоми омӯзиши графикаи компютерӣ истифодаи муҳаррирҳои графикӣ, воситаҳои моделсозии рақамӣ, платформаҳои таълимии электронӣ ва барномаҳои махсуси коркарди тасвирҳо ба баланд гардидани самаранокии азхудкунии донишҳои назариявӣ ва ташаккули малакаҳои амалии донишҷӯён мусоидат менамояд [6, с. 186].

Пешниҳоди маҷмуи низомманди вазифаҳои таълимӣ ба ҳар як донишҷӯ имконият фароҳам меорад, ки фаъолияти таълимии худро мустақилона ба нақша гирифта, пайдарпайии иҷрои супоришҳоро муайян намояд ва натиҷаҳои бадастовардаи худро тавассути меъёрҳои пешакӣ муайяншуда арзёбӣ кунад. Ҳамзамон, чунин муносибат барои ташаккули малакаҳои худназораткунӣ, худбаҳодиҳӣ, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ ва ислоҳи камбудиҳои раванди омӯзиш заминаи методӣ фароҳам меорад.

Аз нуқтаи назари методӣ, банақшагирии НИКТ бояд бо мақсад, мазмун, шакл ва усулҳои таълим мувофиқати мантиқӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, ҳар як вазифаи таълимӣ бояд на танҳо барои санҷиши дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ, балки барои рушди тафаккури алгоритмӣ, қобилияти таҳлили масъала, фаъолияти эҷодӣ ва истифодаи самараноки воситаҳои рақамӣ равона карда шавад.

Дар натиҷа, истифодаи мақсаднок ва аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асосноки НИКТ дар таълими фанни «Графикаи компютерӣ» барои баланд бардоштани сифати омодагии умумикасбии донишҷӯён, рушди салоҳиятҳои рақамӣ ва ташаккули қобилияти татбиқи донишҳои назариявӣ дар ҳалли масъалаҳои амалии касбӣ шароити мусоид фароҳам месозад.

Таҳқиқоти илмӣ собит месозанд, ки дар шароити муосири таҳсилот ҳамгироии равандҳои маърифатӣ ва рушди тафаккури донишҷӯён тавассути истифодаи мақсадноки низомҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (НИКТ) самаранок амалӣ мегардад. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим барои ташаккули муҳити интерактивӣ, рушди фаъолияти маърифатӣ ва баланд бардоштани мустақилияти донишҷӯён имкониятҳои васеъ фароҳам меорад [5, с. 74].

Дар ин замина НИКТ на танҳо ҳамчун воситаи техникии пешниҳоди иттилоот, балки ҳамчун ҷузъи муҳимми низоми педагогӣ баромад намуда, ба тағйирёбии шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таълим мусоидат мекунад. Истифодаи захираҳои электронии таълимӣ, муҳитҳои виртуалӣ, барномаҳои махсусгардонидашуда, воситаҳои моделсозӣ ва графикӣ имконият медиҳанд, ки донишҷӯён донишҳои назариявиро дар фаъолияти амалӣ татбиқ намуда, робитаи байни мафҳумҳои назариявӣ ва масъалаҳои воқеии касбиро дарк намоянд [14, с. 302].

Махсусан, истифодаи НИКТ дар таълими фанҳои дорои хусусияти амалӣ, аз ҷумла «Графикаи компютерӣ», барои инкишофи тафаккури мантиқӣ, алгоритмӣ ва фазоӣ аҳаммияти назаррас дорад. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои графикӣ донишҷӯ пайдарпайии амалҳоро муайян намуда, объектҳои графикиро таҳлил ва моделсозӣ мекунад, натиҷаи фаъолияти худро арзёбӣ намуда, дар ҳолати зарурӣ ба раванди иҷро тағйирот ворид менамояд. Чунин фаъолияти мақсаднок ба ташаккули малакаҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва ҳалли масъалаҳои касбӣ мусоидат мекунад [11, с. 128].

Аз ин нуқтаи назар, НИКТ ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули малака ва салоҳиятҳои умумикасбӣ ва махсуси донишҷӯён арзёбӣ гардида, барои рушди салоҳияти рақамӣ, қобилияти кор бо иттилоот, қабули қарорҳои мустақилона ва истифодаи технологияҳои муосир дар фаъолияти касбӣ заминаи мусоид фароҳам месозад. Самаранокии чунин раванд пеш аз ҳама аз мақсаднокӣ, низомнокӣ ва асоснокии педагогии интихоби воситаҳои НИКТ ва мутобиқати онҳо ба мақсад, мазмун ва натиҷаҳои пешбинишудаи таълим вобаста мебошад [13, с. 391].

Ҳамин тариқ, истифодаи илмӣ-методӣ ва мақсадноки НИКТ дар раванди таълим метавонад ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сифати омодагии касбии донишҷӯён баррасӣ гардад. Он барои гузариш аз азхудкунии одии дониш ба фаъолияти мустақили маърифатӣ, амалӣ ва эҷодӣ мусоидат намуда, заминаи ташаккули мутахассиси рақобатпазирро дар шароити рақамикунонии соҳаи маориф фароҳам меорад.

Таҳлили осори илмии муҳаққиқон нишон медиҳад, ки НИКТ маҷмуи васоити таълимӣ ва дидактикиро дар бар мегирад. Низоми пешниҳодшуда дорои як қатор хусусиятҳои усулӣ ва методӣ мебошад, ки ба беҳтар намудани равандҳои омӯзиш, ташаккули малакаҳои донишҷӯён ва самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омӯзиши графикаи компютерӣ мусоидат мекунад. Низоми пешниҳодшуда дорои якчанд хусусиятҳои усулӣ ва методӣ мебошад

- мутобиқати ҷузъҳои дидактикӣ ба хусусиятҳои омодасозии умумикасбии донишҷӯён;
- мавҷудияти «шиносномаи педагогӣ» ҳамчун ҳуҷҷати меъёрӣ-педагогии низом.

Маълумотномаи педагогӣ сохтор, вазифаҳо, талаботи тахассусӣ ва ҷузъҳои дидактикии НИКТ-ро дар бар гирифта, имконияти истифодаи онро дар фанҳои гуногуни таълимӣ фароҳам месозад.

Яке аз ҷузъҳои муҳимми НИКТ дастури таълимии электронӣ оид ба фанни «Графикаи компютерӣ» мебошад. Он ҳамчун манбаи иттилоотӣ, тренажер ва воситаи назорат хизмат намуда, раванди муколамаи таълимиро таъмин мекунад [3, с. 156].

Дастури таълимии электронӣ бо истифодаи Web-технологияҳои муосир таҳия гардида, ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки рақамикунонии раванди таълим имконияти омӯзиши хаттӣ ва ғайрихаттии маводи таълимиро фароҳам меорад. Сохтори чунин дастур метавонад маҷмуи иттилооти назариявӣ, маводи тасвирӣ, намунаҳои амалӣ, супоришҳои таълимӣ, саволҳои санҷишӣ ва воситаҳои интерактивиро дар бар гирад, ки дар маҷмуъ ба ташаккули муҳити ягонаи электронии таълимӣ мусоидат менамоянд [10, с. 198].

Дар шакли хаттии омӯзиш маводи таълимӣ тибқи пайдарҳамии мантиқии аз пеш муайяншуда пешниҳод гардида, донишҷӯ аз марҳилаҳои пайдарпайи азхудкунии дониш мегузарад. Ҳамзамон, сохтори ғайрихаттӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯ вобаста ба сатҳи омодагӣ, шавқу эҳтиёҷоти маърифатӣ ва мақсади омӯзишӣ байни бахшҳои гуногуни маводи таълимӣ мустақилона гузариш намояд. Чунин ташкили муҳтавои электронӣ принсипи инфиродикунонии таълимро тақвият дода, барои ба роҳ мондани траекторияи шахсии омӯзиш замина фароҳам меорад.

Истифодаи Web-технологияҳо инчунин имконияти ташкили алоқаи гиперматнӣ байни мафҳумҳо, мавзуъҳо ва захираҳои гуногуни таълимиро фароҳам оварда, дастрасии донишҷӯро ба иттилооти иловагӣ осон менамояд. Ин хусусият махсусан дар омӯзиши фанни «Графикаи компютерӣ» аҳаммияти назаррас дошта, имкон медиҳад, ки маводи назариявӣ бо тасвирҳо, диаграммаҳо, моделҳои графикӣ, намунаҳои амалӣ ва дигар объектҳои мултимедиявӣ ҳамгиро карда шавад.

Аз нуқтаи назари дидактикӣ, чунин дастур ба принсипҳои дастрасӣ, пайдарпайӣ, фаъолият, мустақилият ва инфиродикунонии таълим такя намуда, барои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯ мусоидат мекунад. Донишҷӯ на танҳо ҳамчун қабулкунандаи иттилоот, балки ҳамчун субъекти фаъоли раванди таълим баромад намуда, имконияти интихоб, таҳлил, муқоиса ва истифодаи мустақилонаи маводи таълимиро пайдо мекунад [14, с. 267].

Ҳамин тариқ, дастури таълимии электронии дар асоси Web-технологияҳо таҳияшуда метавонад ҳамчун воситаи педагогии мутобиқшаванда арзёбӣ гардад, ки тавассути он шароити мусоид барои ташаккули траекторияи инфиродии омӯзиш, рушди малакаҳои худомӯзӣ ва худназораткунӣ, инчунин баланд бардоштани сифати азхудкунии донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии донишҷӯён фароҳам оварда мешавад [6, с. 341].

Аз мавқеи технологияи иттилоотӣ истифодаи гиперматн моҳиятан сохторро тағйир дода, имконоти дастури электрониро васеътар мегардонад. Дар баробари омӯзиши аъанавиии «хаттӣ»-и матни таълимӣ, ба донишҷӯён имкон фароҳам оварда мешавад, ки ба тариқи мустақилона роҳи «ғайрихаттӣ»-и омӯзиши маводи пешкашшударо интихоб кунад. Пешкашии «ғайрихаттӣ»-и мазмуну муҳтавои фанни таълимӣ тақсимоти гунногундараҷа, бисёрқабатаи иттилооти таълимиро муҳайё мекунад. Ҳамин тариқ, бахши НИКТ «Китоби таълимии электронӣ» дар ҳаҷму андозаи гиперматн иҷро шудааст, ки иттиллотро ҳаҷман дар

фазои аёнии гуногунмеъёр пешниҳод мекунад, ки барои сарфаҳм ва фаҳмиши амиқтар аз мавод ва истифодаи воситаҳои таҳлилӣ-худомӯзӣ мусоидат мекунанд [10, с. 205].

Мазмуну муҳтавои иттилоотии НИКТ маълумоти бештар назариявӣ ва амалии курси «Графикаи компютерӣ»-ро бо мисолу намунаҳои фаровон фаро мегирад.

НИКТ як низоми мукаммал мебошад, ки барои таъмин намудани раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ бо воситаҳои муосири иттилоотӣ ва технологияи компютерӣ тарҳрезӣ шудааст.

Сохтори НИКТ се бахши асосиро дар бар мегирад:

1. **Бонки маълумот** – ин бахш маҷмуи пурраи иттилооти таълимӣ ва методӣ мебошад, ки барои таҳлили назариявӣ ва амалии фанҳои таълимӣ истифода мешавад. Он метавонад аз матнҳо, графикаҳо, тестҳо, намунаҳои амалӣ ва вазифаҳои интерфаъол иборат бошад. Вазифаи асосии бонки маълумот таъмин намудани донишҷӯён ва омӯзгорон бо маълумоти зарурӣ барои омӯзиши мунтазам ва мустақилона мебошад.

2. **Низоми идорӣ** – ин бахш равандҳои ташкилию техникӣ ва менеҷерии низоми таълимиро мутобиқ мекунад. Он барои назорат, бақайдгирӣ, баҳогузорӣ ва ҳамоҳангсозии ҳамаи ҷузъҳои НИКТ масъул аст. Ҳадафи низоми идорӣ дар он аст, ки раванди таълим мунтазам ва самаранок бо истифодаи технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда шавад.

3. **Низоми истифодабарӣ** – ин бахш интерфейс ва воситаҳои амалӣ барои истифодаи НИКТ аз ҷониби донишҷӯён ва омӯзгоронро дар бар мегирад. Он имконият медиҳад, ки донишҷӯён мустақилона маълумотро ҷустуҷӯ ва истифода баранд, вазифаҳои амалиро иҷро кунанд, тестҳоро супоранд ва натиҷаҳои омӯзишро таҳлил намоянд. Ин бахш ҳамчунин барои татбиқи методикаҳои интерактивӣ ва раванди муколамаи таълимӣ аҳаммияти калон дорад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин сохтор, НИКТ ҳамчун воситаи мукаммал барои беҳтаркунии сифати таълим, ташаккули малакаҳои амалии донишҷӯён ва мутобиқсозии равандҳои таълимӣ бо стандартҳои байналмилалӣ хизмат мекунад.

Таълифоти илмии якчанд муҳаққиқонро омӯхта, мо татбиқи амалӣ ва талаботи муайяншудаи олимонро дар шакли Низоми иттилоотӣ-коммуникатсионии таълим (НИКТ) пешниҳод менамоем, ки маҷмуи пурраи воситаҳои таълимиро фаро мегирад. Дар баробари ин, мо ба чанд тафовути усулӣ нисбати тарҳрезии НИКТ таваҷҷуҳ мекунем:

- низоми пешниҳодшуда асосан бар заминаи таҷрибавии компютерӣ-иттилоотии таълим ташкил шудааст. Он дорои заминаи ягонаи иттилоотӣ мебошад, ки низоми таълимиро ташаккул дода, ба мутобиқгардонии маҷмуи дидактикӣ нисбати хусусиятҳои омоданамоиҳои умумии донишҷӯёни зинаи бакалавриат равона шудааст. Ин раванд имкон медиҳад, ки раванди омӯзиш мувофиқи стандартҳои таълимӣ ва мақсадҳои омӯзишии муайяншуда ба роҳ монда шавад;
- низоми пешниҳодшаванда бо шиносномаи педагогӣ таъмин гардидааст, ки ба омӯзгор имконият медиҳад шароити педагогиро самаранок тарҳрезӣ намояд. Дар натиҷа, ташаккули малакаҳои умумии донишҷӯён-бакалаврҳо бо коҳиши парокандагии натиҷаҳои таълим ва ҳамоҳангсозии раванди омӯзиш ба амал меояд.

Ҳамин тариқ, НИКТ бо дарназардошти хусусиятҳои руҳию равонӣ (психологӣ)-и созгории донишҷӯён–бакалаврҳо нисбат ба шароитҳои омодагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия шудааст. Ин низом имконият медиҳад, ки донишҷӯён ба муҳити нав мутобиқ шаванд, маводро мустақилона ҷустуҷӯ кунанд ва омӯзанд ва бо мушкилоти мавҷуд набудани баъзе мавод дар василаҳои электронӣ ба таври муассир кор кунанд. Ин раванд барои дарки амиқ, васеъ ва систематикии фанни омӯхташаванда, инчунин рушди малакаҳои таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Тарҳрезии дастури таълимии электронӣ, яке аз модулҳои асосии НИКТ оид ба фанни «Графикаи компютерӣ» мебошад, ки ба таркиби низоми «Бонки маълумот» дохил мешавад. Дастури таълимии электронӣ - ин нашрияест, ки дар барандаи электронӣ иҷро гаштааст ва дар маҷмуи технологияҳои иттилоотии гуногун истифода мегардад. Дастури таълимии электронӣ китобҳои дарсиро аз рӯйи бахшҳои бештар муҳимму арзишмандтари фан такмилу

пурра мегардонад ва як навъ тренажер ва ҳамзамон низоми назоратгар ҳисоб шуда, муколама пеш мебарад, дар ҳолатҳои мураккаб ишора ва мусоидат мекунад. Дар таснифоти муосири педагогӣ ин воситаи таълим барои тавсеа, амиқгардонӣ ва азхудкунии беҳтари донишҳо истифода мегардад, ки тавассути барномаи таълимӣ пешниҳод гаштааст [3, с. 89].

Зимни омоданамоии дастури таълимии электронӣ оид ба фанни «Графикаи компютерӣ» мо тамоюли гузариш ба таҳсилоти оммавӣ, рақамикунонии муҳити таълимӣ ва технологикунонии равандҳои педагогиро ба назар гирифтем. Дар шароити муосир рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ талаб менамояд, ки мазмун ва шакли пешниҳоди маводи таълимӣ на танҳо ба имкониятҳои техникии воситаҳои рақамӣ, балки ба талаботи дидактикӣ, хусусиятҳои психологии донишҷӯён ва мақсадҳои омодагии касбӣ мутобиқ карда шавад.

Таҳлили таҷрибаи истифодаи китобҳои электронии таълимӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо гузариш аз шакли чопӣ ба шакли электронӣ танҳо бо рақамикунонӣ ё сканкунии маводи мавҷуда маҳдуд мегардад. Дар чунин ҳолат, китоби электронӣ аз лиҳози сохтор ва методикаи таълимӣ аз китоби анъанавӣ фарқи ҷиддӣ надошта, танҳо ҳамчун нусхаи рақамии матни чопӣ дар экрани дастгоҳи электронӣ пешниҳод мешавад. Гарчанде чунин шакли пешниҳоди иттилоот дастрасии маводро осон менамояд, он имкониятҳои интерактивӣ, мултимедиявӣ ва коммуникатсионии технологияҳои рақамиро пурра истифода намебарад.

Аз нуқтаи назари педагогӣ, дастури таълимии электронӣ набояд танҳо ҳамчун маҷмуи файлҳои рақамикунонидашуда ё нусхаи электронии китоби чопӣ баррасӣ карда шавад. Моҳияти он бояд дар ташкили муҳити фаъоли таълимӣ ифода ёбад, ки дар он донишҷӯ имконияти қабул, таҳлил, коркард, санҷиш ва истифодаи амалии иттилоотро пайдо менамояд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи чунин дастур истифодаи гиперматн, графикаи интерактивӣ, аниматсия, моделсозии компютерӣ, мисолҳои амалӣ, супоришҳои худсанҷӣ ва воситаҳои баҳодиҳии электронӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Махсусан, хусусияти визуалӣ ва амалӣ доштани фанни «Графикаи компютерӣ» зарурати истифодаи васеи воситаҳои мултимедиявӣ ва интерактивиро ба миён меорад. Дар ин ҳолат донишҷӯ метавонад на танҳо матни назариявиро мутолиа намояд, балки равандҳои сохтани объектҳои графикӣ, тағйир додани параметрҳо, татбиқи алгоритмҳо ва натиҷаи иҷрои амалҳоро ба таври визуалӣ мушоҳида ва таҳлил намояд. Чунин тарзи пешниҳоди мавод робитаи байни донишҳои назариявӣ ва фаъолияти амалиро мустаҳкам намуда, ба рушди тафаккури визуалӣ, фазоӣ, алгоритмӣ ва эҷодии донишҷӯ мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, ҳангоми таҳияи дастури электронӣ принсипи инфиродикунонии таълим ба назар гирифта мешавад. Маводи таълимӣ метавонад бо дараҷаҳои гуногуни мураккабӣ пешниҳод гардида, ба донишҷӯ имконият диҳад, ки вобаста ба сатҳи омодагӣ ва суръати азхудкунии дониш траекторияи омӯзиши худро интихоб намояд. Дар натиҷа, муҳити электронии таълимӣ аз модели пассивии «пешниҳоди иттилоот» ба модели фаъоли «таълим тавассути фаъолияти донишҷӯ» табдил меёбад.

Бинобар ин, дастури таълимии электронии муосир бояд ҳамчун низоми дидактикии дорои сохтори мақсаднок ва илмӣ-методӣ таҳия гардад. Дар он мақсади таълим, мазмуни мавзуъҳо, воситаҳои пешниҳоди иттилоот, вазифаҳои амаливу эҷодӣ, механизмҳои назорат ва худбаҳодиҳӣ, инчунин воситаҳои робитаи мутақобила байни донишҷӯ ва муҳити таълимӣ бояд ба таври низомнок муттаҳид карда шаванд. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки потенсиали Web-технологияҳо дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён самаранок истифода гардад.

Ҳамин тариқ, фарқи асосии дастури таълимии электронии илмӣ-методӣ аз нусхаи одии электронии китоби чопӣ дар дараҷаи истифодаи имкониятҳои рақамӣ, интерактивӣ ва педагогии он зоҳир мегардад. Дастури электронӣ бояд на танҳо манбаи иттилоот, балки воситаи ташкили фаъолияти мустақилона, маърифатӣ ва амалии донишҷӯ бошад. Ин мавқеъ ҳангоми таҳияи дастури таълимии электронӣ оид ба «Графикаи компютерӣ» ҳамчун яке аз принсипҳои асосии методӣ ба инобат гирифта шудааст.

Воқеан ҳам, таҳқиқоти якчанд муаллифон муқаррар кардаанд, ки экран китоб нест, он дорои шарту шароитҳои худ ва вижагиҳои дарку фаҳм аст, аммо имконоти иттилоотӣ моҳиятан аз имконоти китоб чоп кардан фарқ карда меистанд, дастурҳои таълимии электронии чунин навъ сохташуда наметавонанд, муваффақшавӣ ба натиҷаҳои матлубро кафолату замонат диҳанд. Дар таҳқиқоти мо асосҳои дидактикии ошкоршуда барои таҷзияи технологияи таълим ва технологияҳои иттилоотӣ наздикию қаробати визуалӣ-сохторӣ ва мантиқии Web-сохторҳо ва асосҳои графики воситаҳои таҳлилӣ-амсилавиро хос мебошад [4, с. 214].

Гузашта аз ин, гуногунҷанбагӣ, ҳамнавъӣ ва ҷудогардии унсурҳои мазмуну муҳтавои донишҳо имкон медиҳанд шаклҳои нави пешниҳоди маълумоти таълимӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ истифода гарданд.

Марҳилаҳои тарҳрезии дастурҳои электронӣ (дар мисоли графикаи компютерӣ) инҳоро фаро мегиранд: [14, с. 376]

✓ тайёр намудани тавсифоти иттилоотии маводи назариявӣ дар асоси воситаҳои таҳлилӣ-амсилавӣ;

✓ эҷоди асосу заминаи тестӣ ва асосу заминаи вазифаю супоришҳо барои ташаккули малакаҳои умумикасбии донишҷӯён-бакалаврҳо;

✓ коркарди сенария (тартиби мантиқӣ, алгоритм)-и ҳаллу фасл барои афзоиши самаранокии азхудкунии малакаҳои иҷрои вазифаю супоришҳо аз фанни «Графикаи компютерӣ» барои донишҷӯён-бакалаврҳо.

Ба сифати асосу бунёд 3 усули пешниҳоди когнитивии донишҳо - бандубаст, алоқамандӣ ва ҷамъбаст, ки ба омӯзгор имкон медиҳад, ки раванди тарҳрезии дастури электрониро ба заминаи низомнокӣ-технологӣ гузаронанд.

Аз мавқеи технологияи иттилоотӣ истифодаи гиперматн моҳиятан сохторро тағйир дода, имконоти дастури электрониро васеътар мегардонад. Дар баробари омӯзиши аъанавиии «хаттӣ»-и матни таълимӣ, ба донишҷӯён имкон фароҳам оварда мешавад, ки ба тариқи мустақилона роҳи «ғайрихаттӣ»-и омӯзиши маводи пешкашшударо интихоб кунанд. Пешкашии «ғайрихаттӣ»-и мазмуну муҳтавои фанни таълимӣ тақсимоти гуногундараҷа ва бисёрқабатаи иттилооти таълимиро муҳайё мекунад. [10, с. 205]

Ҳамин тариқ, бахши НИКТ «Китоби таълимии электронӣ» дар шакли гиперматнӣ таҳия гардида, сохтори он имконияти пешниҳоди иттилооти таълимиро дар фазои электронии гуногунсатҳ ва аз ҷиҳати сохторӣ ба ҳам алоқаманд таъмин менамояд. Дар чунин муҳити таълимӣ маводи назариявӣ, тасвирҳои графикӣ, намунаҳои амалӣ, истилоҳоти асосӣ, пайвандҳои дохилӣ ва захираҳои иловагии иттилоотӣ дар як низоми ягона муттаҳид карда мешаванд. Ин тарзи ташкили иттилоот ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки вобаста ба мақсад ва сатҳи омодагии худ байни қисматҳои гуногуни маводи таълимӣ гузариш намояд.

Хусусияти муҳимми сохтори гиперматнӣ дар он ифода меёбад, ки иттилоот ба таври хаттӣ ва пайдарпай маҳдуд нашуда, тавассути алоқаҳои мантиқӣ ва гиперпайвандҳо байни мафҳумҳо, мавзуъҳо ва объектҳои таълимӣ робитаи мутақобила ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа, донишҷӯ метавонад на танҳо пайдарҳамии пешниҳодшудаи маводро риоя намояд, балки вобаста ба эҳтиёҷоти маърифатӣ самти омӯзиши худро мустақилона интихоб кунад. Чунин хусусият барои татбиқи принсипи инфиродикунонии таълим ва ташаккули траекторияи шахсии омӯзиш аҳаммияти методӣ дорад.

Барои дарки амиқ ва таҳлили муҳтавои таълимӣ дар китоб аз воситаҳои таҳлилӣ ва моделсозӣ истифода бурда мешавад. Моделҳои графикӣ, схемаҳо, ҷадвалҳо, тасвирҳои равандӣ ва дигар шаклҳои визуализатсияи иттилоот имконият медиҳанд, ки робитаи байни мафҳумҳо ва равандҳои мураккаб ба таври аёнӣ инъикос карда шавад. Ин махсусан дар омӯзиши фанни «Графикаи компютерӣ» муҳим буда, барои ташаккули тафаккури визуалӣ, фазоӣ ва алгоритмии донишҷӯ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Истифодаи воситаҳои таҳлилӣ-амсилавӣ инчунин ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки объект ва равандҳои таълимиро на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ омӯзад, балки онҳоро тавассути моделҳои рақамӣ таҳлил ва муқоиса намояд. Дар ин замина, китоби таълимии

электронӣ ба воситаи фаъоли ташкили фаъолияти маърифатӣ табдил ёфта, донишҷӯро ба мушоҳида, таҳлил, муқоиса, моделсозӣ ва қабули қарорҳои мустақилона ҷалб менамояд.

Аз ин рӯ, гиперматн ҳамчун сохтори асосии китоби таълимии электронӣ на танҳо барои ташкили иттилоот, балки барои ташаккули муҳити интерактивии таълимӣ хизмат мекунад. Ҳамгироии матн, графика, моделҳои визуалӣ ва воситаҳои интерактивӣ имконият медиҳад, ки маводи таълимӣ дар шакли дастрас, мантиқӣ ва аз ҷиҳати дидактикӣ асоснок пешниҳод карда шавад. Дар натиҷа, истифодаи чунин сохтор ба баланд бардоштани фаъолияти маърифатии донишҷӯён, рушди малакаҳои мустақилонаи омӯзиш ва самаранокии азхудкунии маводи фанни «Графикаи компютерӣ» мусоидат менамояд.

Адабиёт:

1. Барномаи компютерикунонии мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2015. – Душанбе, 2010. – 42 с.
2. Миралиев, А.М. Педагогика ва психология / А.М. Миралиев, М.Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 343 с.
3. Бабанский, Ю.К. Оптимизация учебно-воспитательного процесса / Ю.К. Бабанский. – М.: Просвещение, 1982. – 192 с.
4. Беспалько, В.П. Программированное обучение. Дидактические основы / В.П. Беспалько. – М.: Высшая школа, 1970. – 300 с.
5. Блонский, П.П. Избранные психологические произведения / П.П. Блонский. – М.: Просвещение, 1964. – 547 с.
6. Выготский, Л.С. Мышление и речь: психологические исследования / Л.С. Выготский. – М.; Л.: Соцэкгиз, 1934. – 324 с.
7. Выготский, Л.С. Педагогическая психология / Л.С. Выготский. – М.: Педагогика, 1991. – 480 с.
8. Крутецкий, В.А. Вопросы психологии способностей школьников: сборник статей / Акад. пед. наук РСФСР, Ин-т психологии ; под ред. В.А. Крутецкого. – М.: Просвещение, 1964. – 260 с.
9. Крутецкий, В.А. Психология математических способностей школьников / В.А. Крутецкий; под ред. Н.И. Чуприковой. – М.: Институт практической психологии; Воронеж: МОДЭК, 1998. – 411 с.
10. Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. – М.: Политиздат, 1975. – 304 с.
11. Попов, В.Б. Основы компьютерных технологий / В.Б. Попов. – М.: Финансы и статистика, 2002. – 152 с.
12. Попов, Э.С. Экспертные системы: Решение неформальных задач в диалоге с ЭВМ / Э.С. Попов. – М.: Мир, 1997. – 283 с.
13. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. – СПб.: Питер, 2000. – 712 с.
14. Хуторской, А.В. Современная дидактика : учебное пособие / А.В. Хуторской. – 2-е изд., перераб. – М.: Высшая школа, 2007. – 638 с.
15. Хуторской, А.В. Современная дидактика: учебник для вузов / А.В. Хуторской. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2025. – 406 с.

ПРИНСИПҲОИ СОХТ ВА БАНАҚШАГИРИИ НИКТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ГРАФИКАИ КОМПЮТЕРӢ

Дар мақола принсипҳои асосии сохт ва банақшагирии НИКТ дар раванди омӯзиши графикаи компютерӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллифон таъкид мекунанд, ки омоданамоӣ ва пешниҳоди номгӯйи вазифаҳои таълимӣ ба ҳар як донишҷӯ аҳаммияти калидӣ дорад, зеро ин амал имкон медиҳад идоракунӣ ва тасҳеҳи кори таълимӣ, инчунин назорат ва хударзёбии натиҷаҳои омӯзишро ба таври муассир амалӣ намуд.

Ҷамъбаст кардани мулоҳизаҳо нишон медиҳад, ки барои ташкил ва тарҳрезии муваффақонаи раванди таълим, истифодаи се усули когнитивии пешниҳоди донишҳо-бандубаст, алоқамандӣ ва ҷамъбаст- зарур аст. Ин усулҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки раванди тарҳрезии дастури электронӣ ва маводи таълимиро дар доираи як низоми технологӣ-структурӣ ба роҳ монанд.

Усули бандубасти дастури таълимии электронӣ имконият фароҳам меорад, ки унсурҳои мазмун ва муҳтавои таълимӣ дар шакли ҳалқавӣ ҷудо карда шуда, ҳамгироии онҳо дар доираи бахшҳои хатмшудаи фазои иттилоотии гуногунҷанба ба таври графикӣ ва бо назардошти таҳлили сохторӣ-мантиқӣ ва нақшаи таълимии фанни омӯхташаванда ба роҳ монда шавад. Ин амал имкон медиҳад, ки донишҷӯён вазифаҳо ва мақсадҳои таълимиро дарк намуда, ба равандҳои омӯзишӣ ба тарзи систематикӣ ва муассир ворид гарданд.

Бо ин тарз, истифодаи принсипҳои банақшагирӣ ва сохти НИКТ дар омӯзиши графикаи компютерӣ на танҳо сифати омӯзишро беҳтар менамояд, балки раванди идоракунӣ, назорат ва хударзёбии натиҷаҳои таълимро низ оптималӣ месозад.

Калидвожаҳо: низоми иттилоотӣ-комунникатсионии таълим, графикаи компютерӣ, банақшагирӣ, дастури таълимии электронӣ, таҳлил, малакаҳои муоширатӣ, фаъолияти таълимӣ, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, низоми таҳсилот.

ПРИНЦИПЫ ПОСТРОЕНИЯ И ПЛАНИРОВАНИЯ ИКСО В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ КОМПЬЮТЕРНОЙ ГРАФИКЕ

В статье проанализированы основные принципы построения и планирования информационно-компьютерных технологий обучения (ИКСО) в процессе изучения компьютерной графики. Авторы подчёркивают, что подготовка и предоставление каждому студенту перечня учебных заданий имеет ключевое значение, поскольку это позволяет эффективно осуществлять управление и корректировку учебного процесса, а также контроль и самоконтроль результатов обучения.

Обобщение изложенных положений показывает, что для успешной организации и проектирования образовательного процесса необходимо использование трёх когнитивных способов представления знаний — структурирование, взаимосвязанность и обобщение. Эти методы позволяют преподавателю выстроить процесс разработки электронного учебного пособия и учебных материалов в рамках единой технологически-структурированной системы.

Метод структурирования электронного учебного пособия создаёт условия для выделения циклических элементов содержания и учебного материала, а также их интеграции в виде завершённых разделов многомерного информационного пространства, реализуемых в графической форме с учётом структурно-логического анализа и учебного плана изучаемой дисциплины. Это, в свою очередь, способствует осознанию студентами учебных задач и целей и их включению в учебный процесс на системной и эффективной основе.

Таким образом, применение принципов построения и планирования ИКСО в обучении компьютерной графике не только повышает качество обучения, но и оптимизирует процессы управления, контроля и самоконтроля результатов образовательной деятельности.

Ключевые слова: информационно-коммуникационная система образования, компьютерная графика, планирование, электронный учебник, анализ, коммуникативные навыки, учебная деятельность, вуз, система образования.

PRINCIPLES OF DESIGNING AND PLANNING AN INFORMATION AND COMMUNICATION EDUCATIONAL SYSTEM IN THE PROCESS OF TEACHING COMPUTER GRAPHICS

The article analyzes the fundamental principles of designing and planning an information and communication educational system (ICES) in the process of teaching computer graphics. The authors emphasize that preparing and providing each student with a list of learning tasks is of key

importance, as it enables the effective management and adjustment of the learning process, as well as the monitoring and self-assessment of learning outcomes.

The generalization of the presented ideas shows that the successful organization and design of the educational process requires the use of three cognitive methods of knowledge representation—structuring, interconnectedness, and generalization. These methods allow instructors to develop electronic textbooks and instructional materials within a unified, technologically structured system.

The method of structuring electronic educational materials creates conditions for identifying cyclical elements of content and learning materials, as well as their integration into completed sections of a multidimensional information space, presented in graphical form and based on structural-logical analysis and the curriculum of the studied discipline. This approach facilitates students' understanding of learning objectives and goals and promotes their systematic and effective engagement in the learning process.

Thus, the application of the principles of designing and planning an information and communication educational system in teaching computer graphics not only improves the quality of education but also optimizes the processes of management, monitoring, and self-monitoring of educational outcomes.

Keywords: information and communication educational system, computer graphics, planning, electronic textbook, analysis, communication skills, learning activities, higher education institution, education system.

Маълумот дар бораи муаллифон: Фуркати Сикандарӣ Қаландар, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи таъминоти барномавӣ ва web-дизайни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел.: 987900154. Почтаи электронӣ: furkat.8924@mail.ru

Муродализода Раҳмоналӣ Муродалӣ, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел.: 918460496. Почтаи электронӣ: nise.murod@internet.ru

Сведения об авторах: Фуркати Сикандари Каландар, кандидат педагогических наук, и.о. доцента кафедры программного обеспечения и веб-дизайна Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел.: 987900154. Электронная почта: furkat.8924@mail.ru

Муродализода Рахмонали Муродали, кандидат педагогических наук, и.о. доцента кафедры методики преподавания информатики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел.: 918460496. Электронная почта: nise.murod@internet.ru

Information about the authors: Furkati Sikandari Qalandar, candidate of pedagogical sciences, acting associate professor at the department of software and web design of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel.: +992 987900154. E-mail: furkat.8924@mail.ru

Murodalizoda Rahmonali Murodali, candidate of pedagogical sciences, acting associate professor at the department of teaching methods of computer science of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel.: +992 918460496. E-mail: nise.murod@internet.ru

Муқарриз: Ниёзов Ҷ.М., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

УДК: 37+37.0 (2-тадж)
Ш-30

ТАДЖИКСКИЕ НАРОДНЫЕ ТРАДИЦИИ КАК ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ РЕСУРС ЭСТЕТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ

Шарифзода О.П., к.п.н., доцент
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Этнокультурный компонент выступает важнейшей основой эстетического воспитания школьников, обеспечивая приобщение подрастающего поколения к духовным ценностям, художественным традициям и культурному наследию народа. Его содержание направлено на формирование эстетического восприятия, развитие художественного вкуса, эмоционально-ценностного отношения к действительности и осознание собственной национальной принадлежности. Особое место в этом процессе занимают таджикские народные традиции как уникальный носитель эстетического опыта, отражающий представления о красоте, гармонии и нравственных идеалах. Их включение в образовательный процесс способствует обогащению содержания воспитания, укреплению культурной идентичности учащихся и повышению эффективности подготовки будущих учителей к реализации задач эстетического воспитания.

Народные традиции представляют собой исторически сложившуюся, устойчивую и передаваемую из поколения в поколение систему духовных, культурных и социальных ценностей, отражающих многовековой опыт народа. Они формируются в процессе общественного развития и закрепляются в повседневной жизни, обычаях, обрядах и различных формах художественного творчества. Благодаря своей устойчивости и повторяемости народные традиции выполняют функцию сохранения и передачи культурного наследия, обеспечивая преемственность между поколениями и формируя основу духовной жизни общества.

С научной точки зрения народные традиции рассматриваются как важнейший компонент этнопедагогического знания, в котором сосредоточены представления народа о воспитании, развитии и социализации личности. Этнопедагогика изучает и обобщает этот опыт, выявляя его закономерности и возможности применения в современных условиях образования. В данном контексте подчёркивается, что народная педагогика является естественной формой воспитания, возникшей в процессе исторического развития общества и отражающей национальные особенности культуры и мировоззрения [2, с. 48].

Содержание народных традиций отличается многогранностью и включает в себя различные элементы духовной и материальной культуры. К их числу относятся обычаи и обряды, регулирующие поведение человека в обществе, устное народное творчество (сказки, пословицы, легенды), а также разнообразные виды искусства — декоративно-прикладное, музыкальное, танцевальное. Каждый из этих элементов выполняет определённую функцию в воспитательном процессе: обычаи формируют нормы поведения, фольклор развивает мышление и воображение, а художественные формы способствуют развитию эстетического восприятия и эмоциональной сферы личности.

Особую значимость народные традиции приобретают в контексте воспитания подрастающего поколения. Они выступают не только средством передачи знаний и опыта, но и важным фактором формирования ценностных ориентаций личности. Через приобщение к традициям у школьников формируется уважение к культуре своего народа, чувство принадлежности к национальному сообществу, а также основы нравственного и эстетического сознания. Народные традиции способствуют развитию таких качеств, как трудолюбие, уважение к старшим, коллективизм, а также формируют представления о красоте и гармонии.

Функциональное значение народных традиций в воспитании проявляется в их способности оказывать комплексное воздействие на личность. Они выполняют социализирующую, воспитательную, культуросберегающую и эстетическую функции, обеспечивая всестороннее развитие ребёнка. В научных исследованиях подчёркивается, что использование народных традиций в образовательном процессе позволяет повысить его эффективность, так как они близки и понятны детям, опираются на их жизненный опыт и культурную среду [2, с. 54].

Воспитательный потенциал таджикских народных традиций

Таджикские народные традиции представляют собой важнейший пласт национальной культуры, в котором отражены многовековые представления народа о морали, воспитании, взаимоотношениях между людьми и идеалах личности. Они формировались в процессе исторического развития общества и закреплялись в устойчивых формах поведения, обычаях, обрядах и нормах повседневной жизни, оказывая значительное влияние на становление духовного мира человека.

Особая роль традиций проявляется в процессе формирования личности школьника. Через участие в традиционных формах культурной и общественной жизни ребёнок усваивает нормы поведения, учится взаимодействовать с окружающими, развивает чувство ответственности и уважения к старшим. В этом контексте подчёркивается, что народные традиции выступают естественной средой воспитания, в которой происходит становление основных качеств личности [5, с. 132].

Важным аспектом является передача нравственных и культурных ценностей. Таджикские традиции несут в себе представления о добре и зле, справедливости, чести, трудолюбии и взаимопомощи. Эти ценности закреплены в фольклоре, семейных обычаях, праздниках и обрядах, что обеспечивает их устойчивость и преемственность. В процессе воспитания они способствуют формированию у школьников моральных ориентиров и устойчивой системы ценностей, основанной на национальной культуре [15, с. 58].

Таджикские народные традиции также выполняют важную функцию социализации личности. Они помогают ребёнку включаться в систему общественных отношений, осваивать социальные роли и нормы поведения, принятые в обществе. Через традиционные формы общения и взаимодействия формируется опыт коллективной жизни, развивается умение сотрудничать и учитывать интересы других людей. Таким образом, традиции выступают важным механизмом социализации подрастающего поколения.

Не менее значимым является влияние народных традиций на формирование национального самосознания. Приобщение к культурному наследию своего народа способствует осознанию собственной этнической принадлежности, формированию уважения к истории и культуре Родины. Это укрепляет чувство идентичности и способствует воспитанию гражданственности, основанной на духовных ценностях и культурных корнях народа.

Эстетический потенциал народных традиций

Эстетический потенциал народных традиций выражается в их способности отражать представления народа о красоте, гармонии, совершенстве и духовной значимости окружающего мира. Таджикская народная культура формировалась на основе многовекового художественного опыта, в котором органично соединяются духовные идеалы, образность мышления и художественная выразительность. В этом контексте традиции выступают не только как форма сохранения культурного наследия, но и как важнейший источник эстетического воспитания личности.

Эстетическое содержание народных традиций проявляется в их художественной образности, символике и эмоциональной выразительности. В них закреплены эстетические нормы, отражающие представления народа о прекрасном, что особенно ярко проявляется в орнаментах, архитектурных формах, национальной одежде и декоративно-прикладном искусстве. Через эти элементы у школьников формируется первичное представление о гармонии формы и содержания, о красоте как ценности культурной жизни [13, с. 112].

Особую роль в эстетическом развитии личности играет фольклор. Народные сказки, пословицы, легенды и песни не только передают жизненный опыт, но и формируют образное мышление, эмоциональную отзывчивость и способность воспринимать художественные образы. Фольклор является важнейшим средством эстетического воздействия, так как он соединяет в себе словесную выразительность, ритм, символику и нравственное содержание.

Значительное место в эстетическом воспитании занимают музыка и народное искусство. Таджикская традиционная музыка, танцевальное искусство и ремесла формируют у учащихся чувство ритма, гармонии и эстетического переживания. Народное искусство, в свою очередь, способствует развитию творческого воображения и художественного вкуса, так как оно основано на уникальных национальных формах выражения красоты.

В целом народные традиции оказывают комплексное воздействие на формирование эстетического восприятия школьников. Через приобщение к ним развивается способность эмоционально воспринимать окружающий мир, оценивать явления с позиции красоты и гармонии, а также формируется устойчивый художественный вкус, основанный на национально-культурных ценностях [1, с. 62].

Классификация таджикских народных традиций

Таджикские народные традиции представляют собой многогранную систему духовной и культурной жизни народа, в которой отражаются исторический опыт, ценностные ориентиры и эстетические представления. Их классификация позволяет систематизировать различные формы традиционной культуры и определить их воспитательный потенциал в образовательном процессе.

В этнопедагогических исследованиях подчёркивается, что народные традиции необходимо рассматривать как целостную систему воспитательного опыта, включающую различные формы социальной практики и культурного наследия, направленные на формирование личности [2, с. 72].

Таджикские исследователи также отмечают, что традиции играют важную роль в сохранении национальной культуры и передаче духовных ценностей молодому поколению. В частности, в трудах Р.Х. Джураева подчёркивается значение семейных и бытовых традиций как основы первичной социализации личности, где закладываются нравственные нормы поведения и уважение к культурным устоям общества.

Семейные традиции охватывают нормы поведения внутри семьи, формы воспитания детей, уважение к старшим и семейные обычаи. Они являются основой первичной социализации ребёнка и формирования нравственных качеств личности.

Обрядовые традиции связаны с календарными и жизненными циклами человека. В исследованиях Х.У. Умарова отмечается их высокая символическая и художественная насыщенность, что позволяет рассматривать их как важный источник эстетического воспитания школьников.

Трудовые традиции отражают коллективный опыт народа, нормы взаимопомощи и уважение к труду. Они способствуют формированию ответственности, дисциплины и социальной активности личности.

Художественные традиции включают фольклор, музыку, танцы и декоративно-прикладное искусство. В работах Н.С. Саидова и С.А. Ахмедова подчёркивается, что именно эта группа традиций обладает наибольшим эстетическим потенциалом, так как формирует художественный вкус, воображение и эстетическое восприятие.

Каждый из этих компонентов классификации, в свою очередь, имеет свои подкатегории и проявления. Например, в рамках семейных традиций можно выделить обычаи, связанные с рождением ребенка, свадебные обряды, традиции почитания предков. Обрядовые традиции могут включать как народные календарные праздники (Навруз, Сада), так и обряды, связанные с основными этапами жизни человека (рождение, совершеннолетие, брак, смерть). Художественные традиции – это огромный пласт, включающий в себя устное народное творчество (эпос, дастаны, загадки, поговорки), народную музыку (маком,

шашмаком), народные танцы (лазги, зафар), а также народные ремесла (вышивка, резьба по дереву, гончарное дело).

Эта классификация позволяет более целенаправленно использовать таджикские народные традиции в педагогической практике. Понимание их многообразия и взаимосвязи дает возможность педагогам подбирать соответствующие формы и методы работы для решения конкретных задач эстетического воспитания. Например, знакомство с народными орнаментами может стать основой для уроков изобразительного искусства, изучение народных песен – для уроков музыки, а участие в народных праздниках – для формирования чувства коллективизма и приобщения к национальной культуре.

Интеграция таджикских народных традиций в образовательный процесс является мощным педагогическим ресурсом. Он позволяет сделать обучение более живым, ярким и личностно значимым для школьников. Через приобщение к своим корням, к многовековому опыту народа, учащиеся не только развивают эстетическое восприятие, но и укрепляют свою национальную идентичность, формируют уважительное отношение к культурному наследию.

Таким образом, классификация таджикских народных традиций позволяет выделить их педагогическую многослойность и многофункциональность. Каждая группа выполняет свою воспитательную роль, однако особое значение для эстетического воспитания имеют художественные и обрядовые традиции, поскольку они наиболее ярко выражают национальные идеалы красоты и гармонии.

Педагогические возможности использования традиций

Таджикские народные традиции обладают значительным педагогическим потенциалом, поскольку они представляют собой естественную форму передачи социального, нравственного и эстетического опыта. Их использование в образовательном процессе позволяет обеспечить связь обучения с культурной средой учащихся, повысить воспитательную эффективность уроков и усилить формирование ценностных ориентиров личности.

В педагогических исследованиях подчёркивается, что народные традиции могут быть эффективно использованы в учебно-воспитательном процессе как средство формирования духовно-нравственных и эстетических качеств школьников, поскольку они опираются на понятные и близкие детям культурные образы [5, с. 87].

Формы и методы использования традиций в школе достаточно разнообразны. Они включают применение фольклорного материала на уроках литературы и истории, организацию внеклассных мероприятий, проведение народных праздников, использование элементов декоративно-прикладного искусства, а также включение традиционных игр и обрядов в воспитательную работу. Такой подход обеспечивает эмоциональную вовлечённость учащихся и способствует более глубокому усвоению культурного материала.

Важную роль в этом процессе играет учитель, который выступает не только как носитель знаний, но и как посредник между культурным наследием и учащимися. От его профессиональной подготовки, личной культурной позиции и умения интегрировать народные традиции в образовательный процесс зависит эффективность их воспитательного воздействия.

В работах Н.С. Саидова подчёркивается, что практическая реализация этнокультурного содержания требует системного подхода, при котором традиции включаются не эпизодически, а как устойчивый компонент образовательной среды. Это предполагает разработку методических материалов, использование регионального культурного контекста и активное вовлечение учащихся в творческую деятельность.

Таким образом, педагогические возможности использования народных традиций заключаются в их способности органично интегрироваться в учебно-воспитательный процесс, обеспечивая комплексное воздействие на личность школьника и способствуя формированию его эстетической и духовной культуры.

Значение традиций в современной школе

В условиях современных социальных и культурных изменений народные традиции приобретают особую значимость как фактор сохранения духовной устойчивости общества и формирования культурной идентичности подрастающего поколения. Их актуальность в системе образования обусловлена необходимостью укрепления нравственных основ личности, развития эстетического восприятия и воспитания уважения к национальному наследию.

В педагогической литературе отмечается, что обращение к народным традициям в образовательном процессе способствует сохранению культурной преемственности и противодействует негативным последствиям глобализации, выражающимся в размывании национальных ценностей [15, с. 64].

Одной из ключевых проблем является постепенное ослабление роли традиций в повседневной жизни молодёжи. Это связано с изменением образа жизни, влиянием массовой культуры и снижением уровня передачи традиционного опыта в семье. В этих условиях школа становится важнейшим институтом сохранения и трансляции культурного наследия.

Интеграция народных традиций в образовательную систему предполагает их включение в содержание учебных предметов, организацию воспитательной работы и создание культурно насыщенной образовательной среды. Такой подход позволяет не только расширить кругозор учащихся, но и сформировать у них устойчивое ценностное отношение к национальной культуре.

В работах С.А. Ахмедова подчёркивается, что успешная реализация этнокультурного компонента в школе напрямую связана с уровнем подготовки будущих учителей. Педагог должен обладать знаниями о народных традициях, уметь использовать их воспитательный потенциал и адаптировать к современным образовательным условиям.

Следовательно, значение народных традиций в современной школе заключается в их способности обеспечивать духовно-нравственное и эстетическое развитие учащихся, укреплять связь поколений и формировать культурно осознанную личность, способную сохранять и развивать национальное наследие.

Таким образом, таджикские народные традиции выступают важнейшим компонентом этнокультурного содержания образования, обладающим высоким воспитательным и эстетическим потенциалом. Они обеспечивают преемственность духовных и культурных ценностей, способствуют формированию нравственных ориентиров, национального самосознания и художественного вкуса школьников. Интеграция традиций в образовательный процесс позволяет обогатить содержание обучения, усилить его воспитательную направленность и создать условия для гармоничного развития личности учащихся. В совокупности рассмотренные аспекты подтверждают необходимость системного включения народных традиций в школьную практику и профессиональную подготовку будущих педагогов как одного из ключевых факторов эффективного эстетического воспитания.

Литература:

1. Ахмедов, С.А. Народное искусство как средство эстетического воспитания / С.А. Ахмедов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 156 с.
2. Волков, Г.Н. Этнопедагогика : учеб. для студ. сред. и высш. пед. учеб. заведений / Г.Н. Волков. – М.: Академия, 1999. – 168 с.
3. Выготский, Л.С. Психология искусства / Л.С. Выготский; под ред. М.Г. Ярошевского. – М.: Искусство, 1987. – 344 с.
4. Государственный стандарт общего образования Республики Таджикистан.
5. Джураев, Р.Х. Основы этнопедагогики / Р.Х. Джураев. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 240 с.
6. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» (действующая редакция).
7. Концепция национального воспитания Республики Таджикистан.
8. Концепция развития образования Республики Таджикистан.

9. Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. – М.: Политиздат, 1975. – 304 с.

10. Лихачёв, Б.Т. Теория эстетического воспитания школьников / Б.Т. Лихачёв. – М.: Просвещение, 1998. – 176 с.

11. Подласый, И.П. Педагогика : учеб. для студ. высш. учеб. заведений : в 2 кн. / И.П. Подласый. – М.: Владос, 2002. – Кн. 1 : Общие основы. Процесс обучения. – 576 с.

12. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. – Санкт-Петербург: Питер, 2000.

13. Саидов, Н.С. Народная педагогика Таджикистана / Н.С. Саидов. – Душанбе: Маориф, 2010. – 192 с.

14. Сластёнин, В.А. Педагогика : учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / В.А. Сластёнин, И.Ф. Исаев, Е.Н. Шиянов. – М.: Академия, 2004. – 576 с.

15. Умаров, Х.У. Традиции и национальное воспитание молодежи / Х.У. Умаров. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 176 с.

ТАДЖИКСКИЕ НАРОДНЫЕ ТРАДИЦИИ КАК ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ РЕСУРС ЭСТЕТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ

В статье раскрывается воспитательный и художественно-эстетический потенциал таджикских народных традиций как фундаментального этнокультурного компонента в системе образования Республики Таджикистан. На основе этнопедагогического анализа трудов ведущих исследователей (Г.Н. Волкова, Р.Х. Джураева, Х.У. Умарова, Н.С. Саидова, С.А. Ахмедова) автором предложена подробная классификация таджикских традиций (семейные, обрядовые, трудовые, художественные) и определена их роль в процессе социализации и эстетического развития школьников.

Особое внимание уделено педагогическим возможностям использования традиционных праздников (Навруз, Сада), обрядовой культуры, фольклора и декоративно-прикладного искусства в учебно-воспитательном процессе современной школы. Автор обосновывает необходимость системной и непрерывной интеграции этнокультурного компонента в образовательную среду как фактора противодействия негативным вызовам глобализации и размыванию ценностных ориентиров молодежи. В статье подчёркивается ключевая роль учителя как транслятора этнокультурных ценностей и необходимость совершенствования профессиональной подготовки будущих педагогов в высшей школе.

Ключевые слова: таджикские народные традиции, этнопедагогика, эстетическое воспитание, классификация традиций, обрядовая культура, художественный вкус, национальная идентичность, подготовка учителей.

АНЪАНАҲОИ ХАЛҚИИ ТОҶИК ҲАМЧУН МАНБАИ ПЕДАГОГИИ ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКӢ

Дар мақола неруи (потенсиали) тарбиявию бадеӣ ва эстетикии анъанаҳои халқии тоҷик ҳамчун ҷузъи бунёдии қавмию фарҳангӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода дода мешавад. Дар асоси таҳлили этнопедагогии осори тадқиқотчиёни пешқадам (Г.Н. Волков, Р.Х. Ҷӯраев, Х.У. Умаров, Н.С. Саидов, С.А. Ахмедов) аз ҷониби муаллиф таснифоти муфассали анъанаҳои тоҷикӣ (оилавӣ, маросимӣ, меҳнатӣ, бадеӣ) пешниҳод гардида, нақши онҳо дар раванди иҷтимоишавӣ ва рушди эстетикии хонандагон муайян карда шудааст.

Таваҷҷуҳи махсус ба имкониятҳои педагогии истифодаи ҷашнҳои суннатӣ (Наврӯз, Сада), фарҳанги маросимӣ, фолклор ва санъати амалии ороишӣ дар раванди таълиму тарбияи мактаби муосир зоҳир шудааст. Муаллиф зарурати воридсозии низомманд ва муттасили ҷузъи қавмию фарҳангиро ба муҳити таълимӣ ҳамчун омили муқовимат ба чолишҳои манфии ҷаҳонишавӣ ва коҳиш ёфтани нишондиҳандаҳои арзишии ҷавонон асоснок мекунад. Дар мақола нақши калидии омӯзгор ҳамчун интиқолдиҳандаи арзишҳои қавмию фарҳангӣ ва зарурати такмил додани омодагии касбии омӯзгорони оянда дар мактаби олӣ таъкид мешавад.

Калидвожаҳо: анъанаҳои халқии тоҷик, этнопедагогика, тарбияи эстетикӣ, таснифоти анъанаҳо, фарҳанги маросимӣ, завқи бадеӣ, ҳувияти миллӣ, омодасозии омӯзгорон.

TAJIK FOLK TRADITIONS AS A PEDAGOGICAL RESOURCE FOR AESTHETIC EDUCATION

The article reveals the educational, artistic, and aesthetic potential of Tajik folk traditions as a fundamental ethnocultural component in the education system of the Republic of Tajikistan. Based on the ethnopedagogical analysis of the works of prominent researchers (G.N. Volkov, R.K. Dzhuraev, K.U. Umarov, N.S. Saidov, S.A. Akhmedov), the author proposes a detailed classification of Tajik traditions (family, ritual, labor, and artistic) and defines their role in the socialization and aesthetic development of school students.

Special attention is paid to the pedagogical possibilities of using traditional holidays (Navruz, Sada), ritual culture, folklore, and decorative and applied arts in the educational process of a modern school. The author substantiates the need for a systematic and continuous integration of the ethnocultural component into the educational environment as a factor in counteracting the negative challenges of globalization and the erosion of young people's values. The article emphasizes the teacher's key role as a transmitter of ethnocultural values and the need to improve the professional training of future educators in higher education.

Keywords: Tajik folk traditions, ethnopedagogics, aesthetic education, classification of traditions, ritual culture, artistic taste, national identity, teacher training.

Сведения об авторе: Шарифзода Одинамо Пирназар, кандидат педагогических наук, доцент кафедры современного русского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес**:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел**.:** (992) 988635720.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарифзода Одинамо Пирназар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.:(992)988635720

Information about the author: Sharifzoda Odinamo Pirnazar, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of modern russian language at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Tel.: (992) 988635720.

Рецензент: Мухторзода М.М., к.п.н., доцент Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

ТДУ: 37.0+373 (075.8)
Ш – 47

ТЕХНОЛОГИЯИ ФАРОГИРИИ БАЧАГОНИ АҚЛАН АҚИБМОНДА БА ТАЪЛИМ ВА РОҲҲОИ САМАРАНОКИИ ОН

Шералиева С.М., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Хушбахтона баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳо махсусан дар соҳаи маориф тағироти куллӣ ба вуқуъ пайваст таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати мамлакат хосатан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниниз дар ин самт торафт меафзояд. Исботи ин

гуфтаҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар мамлат тули 7–сол боз озмуҳои бонуфузи сатҳи ҷумҳурявии «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон ватани азизи ман», «Шоҳномахонӣ» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор шуда истодаанд, ки таъсири худро ба тамоми шаҳрвандон ва қишрҳои гуногуни ҷумҳурӣ мерасонанд ва дар он тамоми қишри ҷомеа новобаста аз хусусиятҳои иҷтимоӣ дошта, синну сол ва ё ин ки кӯдакони имконияти маҳдуди ҷисмонидошта низ метовонанд иштирок намуда, дониш, маҳорат ва малакаи худро баланд бардоранд.

Тибқи барномаи дастгирии таҳсилоти босифат принсипҳои асосии таҳсилоти фарогир аз инҳо иборат мебошад:

1. Ҳамаи кӯдакону наврасон новобаста аз хусусияти иҷтимои ба таҳсили муносиб ҳуқуқ доранд ва бояд ба он дастрасӣ дошта бошанд. Дар асоси ҳамин принсипи амалкунанда, ки барои амалӣ намудани захираҳои шахсии онҳо имконият фароҳам оварда шавад;

2. Таълими таҳсилоти фарогир (инклюзия) дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ. Яъне кӯдакон ва наврасони дорои имконияти маҳдуди саломатӣ ва ҷисмонидошта, новобаста аз хусусияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ метавонанд дар доираи ҳуқуқу имконияти худ ба ҳамаи сохтор ва зерсохторҳои соҳаи маориф ҷалб карда шаванд. Дар ин росто мутахассиони соҳаро зарур аст, ки адабиёти таълимӣ, дастурҳои ёрирасон ва дигар воситаҳои хониши онҳоро омода намоянд;

3. Кӯдакону наврасони дорои имконияти маҳдуддошта метавонанд ба макотиби олӣ ба таълим ҷалб карда шаванд. Яъне таълим додани кӯдакони имконияти маҳдуддошта аз омӯзгорони онҳо маҳорат санъат ва технологияи баланди касбиро дар баробари дониш, маҳорат ва малака доштанашон оид ба таълими таҳсилоти фарогир талаб мекунад. Ҳамчунин, омӯзгорони ин қишри осебпазири ҷомеаро зарур аст, ки дар фаъолияти касбӣ – педагогӣ аз принсипҳои фаъол ва методҳои нозукбинона истифода барад, то ин ки хонандагони дорои имконияти маҳдуд тибқи хулосаи пешниҳоднамудаи олимон ва мутахассисони соҳаи тиб ва равоншиносӣ аксар вақт табиатан нозуктабъ ва дақиқор мебошанд;

4. Унсурҳои муҳимми таҳсилоти фарогир кафолат додани он аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳамаи мураббиён мутасаддиён, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва умумӣ барои таълиму тарбия намудани ҳамагуна тарбиятгирандагон (новобаста аз хусусиятҳои иҷтимоӣ ва ё имконияти маҳдуддошта) омода бошанд.

Ғамхорӣ нисбат ба шахсони имкониятошон маҳдуди саломатӣ ва ё ҷисмонидошта дар ҳама ҳолат, ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хосатан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, яке аз самтҳои муҳимму афзалиятнок ва сиёсати давлату ҳукумат ба шумор меравад. Ин сиёсати сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз инсондӯстӣ ва ҳисси масъулият доштани эшон нисбат ба ин табақаи осебпазири аҳолӣ дарак медиҳад. Ҳамчунин, сарвари давлат дар ҳама вохӯриҳои худ бо кормандони соҳаи маориф, тандурустӣ ва аҳли зиёи мамлакат таъкид медорад, ки тамоми мардуми Тоҷикистон новобаста аз хусусиятҳои иҷтимоидошта бояд ба таълиму тарбия ва омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунарҳо фаро гирифта шаванд.

Новобаста аз пешравӣ ва комёбиҳо дар таҳсилоти фарогир мушкилоти ба худ хосе вуҷуд доранд, ки ҳаллу бартарафсозии онҳо таваҷҷуҳи хоса ва ҳамкории мутақобиларо талаб мекунанд. Имрӯз зарурияти беҳтар кардани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятии «Ирода», «Дилҳои кушод», «Дунёи рушди ҷомеа», «Рушди инклюзия» ва ғайраҳо ба миён омадааст. Ин ташкилотҳои ҷамъиятиро метавон бо мақсади ҷалб намудани диққати аҳли ҷомеа ба мушкилоти хонаводаи кӯдаки имконияти махсусдошта, баланд бардоштани фарҳанги тарбияи волидону ташаккули таҳаммулпазирӣ ба кӯдакони имконияти маҳуди саломатӣ ва ҷисмонидошта, болобардории мақому рисолати чунин оилаҳо дар таълиму тарбия, омӯхтану ҷамъбаст намудани таҷрибаи арзишманд бо воситаи семинар – тренингҳо, машқҳои омӯзишӣ, бозиҳои таълимӣ мувофиқи имкониятҳои фардии кӯдакон ва ғайраҳо истифода бурдан мумкин аст.

Дар шароити имрӯзаи тамаддуни ҷаҳонӣ ба таълим фаро гирифтани кӯдакони имконияти маҳдуди саломатӣ ва ҷисмонидошта на дар ҳамаи давлатҳо ба назар мерасад. Хушбахтона таҳти хирадӣ азалӣ ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала дар маркази диққати ҳукумати мамлакат қарор дорад. Қобили тазаккур аст, ки доир ба ҳар як гурӯҳи хонандагони имконияти саломатӣ ва ҷисмонидошта муассисаҳои махсуси таълимӣ ва нақшаю барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии махсус барои онҳо тартиб дода мешавад.

Доир ба тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои имкониятҳои махсус дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷумла логопедия, олигофренопедагогика, сурдопедагогика, тифлопедагогика, тефектология ва равоншиносӣ фаъолият намуда истодааст.

Дахолати барвақтӣ ба инкишофи кӯдак, махсусан кӯдакони синни барвақтии имконияти маҳдуддошта – ин муайянкунии имкониятҳои рушди асабу психикӣ, анатомӣ – физиологии онҳо, муайян ва амалӣ намудани чорабиниҳои тиббӣ-табобатӣ, психологӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ – иҷтимоӣ мувофиқ ба хусусиятҳои синнусолӣ, қудрату тавоноии онҳо роҳандозӣ ва пайгирӣ намудани инкишоф ва ташаккулёбии шахсият мебошад. Дар ин раванд муҳим аст, ки андешаҳо оид ба пешгирии пайдоиш ва рушди вайроншавии саломатии кӯдак ва арзишмандии имкониятҳои иҷтимоишавии кӯдакони имконияти маҳдуди саломатӣ ва ҷисмонидошта тағйир ва такмил дода шаванд. Махсусан оид ба масъалаи рушди мағзи сари кӯдаки то 3 сола. Пӯшида нест, ки бархе аз волидон пештар ва имрӯз низ сабабҳои вайроншавии инкишофи кӯдакро чун «амри худованд» қабул мекарданд, ки чунин тоифа мардум низ ҳамин ақида доранд, аз гаронии нархи муоина ва ташхису табобати махсус душворӣ мекашанд. Бояд волидону мутахассисон онро мутаалиқ ба омилҳои таъсиррасон қабул намуда, барои инкишофи минбаъдаи мағзи сар, имконияту тавоноиҳои кӯдак такя намоянд. Дар кӯдак дар се соли аввали ҳаёт фаъолнокии мағзи сар ду маротиба аз калонсол зиёдтар аст, дар рушд ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ муайянкунии имкониятҳои рушди кӯдак, нуқсонҳо ва тавонмандии ӯ таъсири мутақобила бо калонсолон муҳим аст. Тибқи таҳқиқоти олимон ҷабҳаҳои асосии инкишофи ҷисмонию психикӣ, этикӣ-эмотсионалӣ, нутқ, ҳиссиёти эмотсионалӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимошавии кӯдак маҳз ба синну соли барвақтӣ бо ҳамдигар алоқаманд буда, онҳо дар якҷоягӣ рушди когнитивиро таъмин менамоянд. Боз муҳимтар он аст, ки дар ин марҳала робитаи мутақобилаи модару кӯдак омили муҳимми шаклгирии ҳисси дилбастагӣ мегардад, ки рушди психикӣ ва иҷтимоишавии кӯдак хеле муҳим аст ва он фаъолнокии мағзи сарро таъмин мекунад.

Ташкилу баргузории дахолати барвақтӣ ба рушди кӯдак ҳамкории волидон, табибон ва осебшиносонро талаб менамояд, то пешакӣ муайян гардад, ки кай дар кучо (хонавода, муассисаи табобатӣ) бо истифодаи кадом роҳу усул ва воситаҳои таъсиррасонӣ дахолати барвақтиро таъмин ва натиҷагирӣ кардан мумкин аст. Хеле муҳим аст, ки волидон, махсусан модар барои дахолати барвақтӣ ба инкишофи кӯдак майлу хоҳиш дошта бошад ва ҳамаи супоришҳои табибро қабул ва саривақт иҷро намояд. Дар скрининг (барвақт муайянсозии нуқсонҳои кӯдак) ва тренинг машқҳои омӯзишӣ иштирок намуда, табобат, ислоҳкунӣ ва офиятбахширо амалӣ гардонад, фарзанди худро чӣ хеле, ки ҳаст қабул намояд. Дахолати барвақтӣ ба рушди кӯдак ин табобату дармонбахшӣ, ислоҳу камнамоӣ ва офиятбахшии кӯдакон аст, ки он аз нигоҳи тиббӣ, ислоҳӣ ва иҷтимоишавиро таъмин менамояд.

Дар ҳамаи даврaҳои синнусолии кӯдакону наврасон арзишмандии раванди таҳсилоти инклюзивӣ барои:

1. Кӯдакони имконияти саломатӣ ва ҷисмонидошта – омили муҳимми рушд, иҷтимоишавӣ, таҳсилу тадрис, азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳо, касбу ҳунар;

2. Ҳамсолон – ташаккули сифатҳои таҳаммулпазирӣ, мактаби тарбияи сифатҳои инсонгароӣ;

3. Омӯзгорон – мактаби бузург, фаъолияти ҳамарӯзаи такмили дониш, маҳорату малакаҳои касбӣ;

4. Волидон – иҷрои масъулият дар назди виҷдон ва ҷомеа;

5. Ҷамъият – роҳ ба самти бунёду амалигардонии баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон, барпо намудани ҷомеаи демократӣ, татбиқи ғояҳои инсонгароӣ, ки дар педагогикаи халқи тоҷик он аз насл ба насл дода мешавад.

Тибқи мушоҳида, маълумотнома ва ташхисҳои мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва тавсияҳои онҳо нисбат ба рафъи ин мушкилот дар оилаҳо, махсусан занҳо чунин пешниҳод кардаанд. «Майнӯшии модар, бемории ҷигару гурда ва ё дар давраи ҳомиладорӣ исгеъмол намудани дорувориҳо (антибиотикҳо, сулфаниламидҳо ва ғайра) ба инкишофи чанин халал мерасонад, дар натиҷа дар саломатии ҷисмонӣ ва ё равонии кӯдакон нуқсонҳо пайдо мешаванд» [3, с. 231].

Тибқи мушоҳида, таҳлил ва таҳқиқоти муҳаққиқон дар самти ба таълиму тадрис фаро гирифтани кӯдакону наврасони имконияташ маҳдуд то давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон камбудию норасоӣ ва мушкилот дар ин самт дар он зоҳир мегардад, ки ин гурӯҳи кӯдакону наврасон аз таҳсилоти босифат ба сабаби носозгор будани имконият ва набудани шароит барои хизматрасониҳо дар тараққиёт, ташаккулёбӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шахсият маҳрум буданд, зеро набудани мутаххассисони баландихтисос, набудан ва норасоиҳои китоб ва барномаҳои таълимӣ ва ғайра танқисӣ мекашиданд.

Хушбахтона, баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳо, махсусан, дар соҳаи маориф тағйироти куллӣ ба вуқуъ пайваст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави таърихии рушди низоми маориф қарор дорад, ки ҳадафҳои стратегии рушди устувор ва дарозмуддатро интихоб ва амалӣ карда истодааст. Дар ин низом таҳсилоти фарогир мақоми хосаро ишғол намуда, барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи боби 1 ва моддаи 41-и Конститутсияи кишвар ҳуқуқи таҳсилоту тадрис, маълумотгириро бо таври ройгон кафолат медиҳад ва «шахс дар доираи муайяннамудаи Қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад бо таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад» [15, с. 7].

Самти минбаъдаи таҳсилоти фарогирро Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024, № 652 қабул кардааст, таъмин менамояд. Дар асоси он, инчунин, Стратегияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2025, № 515 тасдиқ шудааст, заминаи устувор ва воқеиро барои ноил шудан ба пешравиҳо пайгирӣ намудааст.

Стратегияҳои рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқи Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда дар соҳаи маориф ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, Консепсияҳо оид ба рушди зинаҳои таҳсилотӣ (мактаби миллӣ, таҳсилоти томактабӣ ва ғайраҳо), аз он ҷумла, Консепсияи таҳсилоти фарогир ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномавӣ-методӣ таҳия ва амалӣ гардонда шуда истодаанд. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳо бо баробари ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони имконияти маҳдуддошта (минбаъд КИМД), таъмин намудани шароити дастрасии баробар ба таҳсилоту маълумотгирӣ, мададу дастгирии иҷтимоӣ, иқтисодӣ фарҳангии онҳо дар ҷомеаи муосири тезтағйирёбанда, ифода ёфтаанд, ки онро қадами ҷиддӣ дар роҳи адолати иҷтимоӣ ва рушди устувор ҳисобидан мумкин аст.

Ба ақидаи олимон ва муҳаққиқон Миралиев А.М. ва Давлатов М.Т. омилҳои асосие, ки ба инкишофи ҳаматарафаи бачаи иллатдор таъсир мерасонанд, инҳоянд: биологӣ ва иҷтимоӣ.

Ба сохти омилҳои биологӣ дохил мешаванд:

– характери иллат;

– ифодашавии иллат;

– вақти пайдошавии иллат;

– ҳолати саломатии бача;

– хусусиятҳои фардӣ-руҳии бача.

Тибқи нишондоди илмҳои анатомия, физиология, педагогика, психология ва тиб бачагони иллатдор (дорои имкониятҳои маҳдуд) аз рӯйи дараҷаи иллатнокӣ ба якчанд категорияҳо ҷудо мешаванд:

– бачагони ноқисулақл ва камақл;

– бачагони шунавоиашон суст ва ношунаво;

– бачагони биноиашон суст ва нобино;

– бачагони нобиною ношунаво;

– бачагони норасогиҳои нутқдошта;

– бачагони ба бемории фалаҷ гирифторшуда;

– бачагони душвортарбия [11, с. 121].

Ба таълиму тарбия фаро гирифтани ин қишри ҷомеа асосан дар асоси таълими фанни асосҳои педагогика ва психологияи махсус сурат мегирад, ки дар навабати худ ба шохаҳои зерин ҷудо карда мешавад:

1. Сурдопедагогика – илмест, ки дар бораи хусусиятҳои таълиму тарбияи одамони кар ва гунг маълумот медиҳад;

2. Тифлопедагогика – илмест, ки дар бораи хусусиятҳои таълиму тарбияи одамони нобино маълумот медиҳад;

3. Олигофренопедагогика – илме, ки дар бораи хусусиятҳои таълиму тарбияи одамони камақл маълумот медиҳад;

4. Логопедия – илм дар бораи бартараф кардани камбудиҳои нутқии кӯдакон;

5. Дефектология – илм дар бораи кӯдакони имконияти саломатӣ ва ҷисмонидошта мебошад [7, с. 21].

Маҷмуи умумии қонуну қоидаҳое, ки барои таълим додан ба кӯдакони ақлан ақибмонда пешниҳод мегардад, ин илми дефектология мебошад, ки он асосан, бо фанҳои соҳаи тиб, психология, педагогика, таъриху фалсафа, анатомия ва физиологияи инсон зич алоқаманд мебошад. Дар ин раванд омӯзгорро зарур аст, ки донишҳои баланди анатомию физиологӣ ва педагогию психологӣ ва технологияи дар амал татбиқ кардани онро дошта бошад.

Дар шароити имрӯза аз тарафи муҳаққиқону олимони соҳавӣ ва мутахассисон ду сабаби пайдошавии иллати бачагони ақлан ақибмонда муайян карда шудааст: модарзодӣ ва пайдоишӣ.

Пайдоиши иллати модарзодӣ бештар дар натиҷаи вайроншавии чанине, ки ҳанӯз дар батни модар ба вуҷуд омадааст ва ё дар давраи заҳролудшавӣ, захмдоршавӣ, вайроншавии хӯрокхӯрӣ ба амал меояд, пайдо мешавад.

Таълиму тарбия ва тараққиёту ташаккулёбии бачаҳои аз ҷиҳати ақл қафомонда танҳо дар сурате пурсамар ба роҳ монда мешавад, ки омӯзгор – мутахассис аз илмҳои педагогика, психология, дефектология ва методикаи таълими онҳо ба хубӣ огоҳ бошад ва дониши назариявии худро қавӣ намояд ва ҳамчунин таълимот ва ақидаҳои олимону мутахассисони машҳури соҳаро аз худ кунад. Муҳимтар аз ҳама, омӯзгорро зарур аст, ки хусусиятҳои руҳиву равонӣ, шууру ҷаҳонбинии бачагонро, инчунин дар ин раванд даркнамоӣ ва донишомӯзии онҳоро баланд бардорад [13, с. 31].

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии дар соҳаи педагогика ва психологияи махсус бадастомада аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳама гурӯҳи бачаҳои имконияти маҳдуди руҳӣ ва ё дигар нуқсони мавҷударо метавонанд дар якҷоягӣ бо дигар мутахассисони соҳавӣ то андозае бартараф созанд.

Хулоса, барои дар хонандагони имконияташон маҳдуд ташаккул додани қобилияти эҷодӣ дар корҳои беруназдарсӣ аз усулҳои махсуси ташаккули тафаккури эътиқодии пурмаҳсул истифода мебаранд. Оид ба раванди эҷодиёт ва таълим сухан ронда, муҳайё сохтани шароитҳоеро, ки барои ташаккули хусусиятҳои дар боло зикршуда мусоидат менамоянд, набояд фаромӯш кард. Агар оид ба эҷодиёт дар раванди корҳои беруназдарсӣ сухан ронем, ин ҷо бояд эҷодиёти ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагони имконияташон маҳдуд ба

инобат гирифта шавад, зеро зимни гузаронидани машғулиятҳо омӯзгорону мураббиён ҳамеша аз усулҳои наву замонавӣ ва фаъоли таълим истифода бурда, шавқи кӯдакону наврасонеро, ки ба таҳсил эҳтиёҷманданд, фаро гирифта шудаанд.

Адабиёт:

1. Актуальные проблемы олигофренопедагогики: Сб. науч. трудов. АПН СССР; Отв. ред. В.В. Воронкова. -М.: АПН СССР, 1988. - 168 с.
2. Асосҳои таҳсилоти инклюзивӣ. Китоби дарсӣ (зери таҳрири гурӯҳи корӣ). Душанбе, 2013
3. Воронкова В.В. Социально-бытовая ориентировка учащихся 5-9 классов в специальной (коррексионной) общеобразовательной школе VIII вида / В.В. Воронкова, С.А. Казакова. - М.: Владос, 2011. - 248 с.
4. Гладкая И.В. Диагностические методики предпрофильной подготовки / И.В. Гладкая. - М.: КАРО, 2007. -176 с.
5. Девяткова Т.А. Социально-бытовая ориентировка в специальных (коррекционных) образовательных учреждениях VIII вида / Т.А. Девяткова, Л.Л. Кочетова, А.Г. Пертикова, Н.М. Платонова, А.М. Щербакова. - М.: Владос, 2008. – 304 с.6
6. Дубровский А.А. Номаи саркушодаи пизишк ба омӯзгор / А.А. Дубровский Душанбе, «Маориф», 1991
7. Иматова Л. , Туронов С. Хусусиятҳои педагогӣ-психологии кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ/ Л. Иматова // С. Туронов Душанбе 2013.
8. Коломинский Я.Л. Человек: психология / Я.Л. Коломинский Москва «Просвещение» 1986 С.– 223
9. Краткий психологический словарь / Под. ред. А.В. Петровского и М.Г. Ярошевского. – М.: Политиздат, 1985, С. – 209
10. Крутецкий В.А. Темперамент// Педагогическая энциклопедия: В 2т. М., 1993
11. Лейтес Л.Б. Психология человека. М.: Наука, 1985-35с.
12. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика (зери таҳрири гурӯҳи корӣ). Душанбе,1988, саҳ. 10,17, 21,29,30,67,68,69,117.
13. Миралиев А.М. Давлатов М.Т. Педагогика ва психология.-Душанбе, «Ирфон», 2007, 344 с.
14. Муоинаи кӯдаконе, ки нутқашон нуқсон дорад. Душанбе, 1989
15. Нарзуллоева М. Психологияи бачагона / М. Нарзуллоева Қисми 1. Душанбе 2007

ТЕХНОЛОГИЯИ ФАРОГИРИИ БАЧАГОНИ АҚЛАН АҚИБМОНДА БА ТАЪЛИМ ВА РОҲҲОИ САМАРАНОКИИ ОН

Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои психологӣ ва иҷтимоӣ буда, дар он муҳаққиқ доир ба мавзуи роҳҳо ва усулҳои фарогирии бачагони ақлан ақибмонда ба фаъолияти таълимӣ кори қисман ҷустуҷӯиро ба анҷом расонидааст. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур якчанд масъалаи технология ва усулҳои фарогирии багагони аз ҷиҳати ақл ақибмонда ба фаъолияти таълимӣ пешниҳод карда шудааст, ки он имконият ва фароҳамоварии шароитҳои иҷтимоиро дар бар мегирад.

Мақолаи мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» (2020) ва дигар санаду ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ, ки ба ҳифзу ҳуқуқ ва ба таълиму тарбия фаро гирифтани онҳо бахшида шудааст, омода гардидааст.

Дар мақола муҳаққиқ фикру андешаҳояшро роҷеъ ба масъалаи болозикр баён намуда, қайд кардааст, ки дар мактабҳои махсус, мактаб-интернатҳо ва синфҳое, ки бачагони ақлан ақибмонда таҳсил мекунанд, дар баробари гузаштани барномаҳои муайян аз рӯйи фанҳои умумӣ (забони русӣ, забони тоҷикӣ, риёзӣ, ҷуғрофия ва ғайра) ва ташаккули маҳорату малакаҳои муайяни чунин бачагон, ба омодагии меҳнатӣ, инчунин ба роҳнамоии иҷтимоию маишии онҳо бояд диққати зиёд дода шавад.

Калидвожаҳо: нуқсоншиносӣ, маъюбӣ, амсилаи тиббӣ, амсилаи ичтимоӣ, таҳсилоти фарогир, масъалаҳои таҳсилот, бачагони ақлан ақибмонда, синни томактабӣ, ташаккули нутқ, нуқсони ақлӣ, логопед, малакаҳои нутқ ва ғайра

ТЕХНОЛОГИИ ВКЛЮЧЕНИЯ ДЕТЕЙ С УМСТВЕННОЙ ОТСТАЛОСТЬЮ В СИСТЕМУ ОБРАЗОВАНИЯ И ИХ ЭФФЕКТИВНЫЕ СПОСОБЫ

Данная статья охватывает психологические и социальные вопросы. В ней исследователем проведена частично-поисковая работа по теме путей и методов включения детей с интеллектуальной задержкой (умственной отсталостью) в учебную деятельность. Также в статье предложен ряд вопросов, касающихся технологий и методов включения детей с нарушениями интеллекта в образовательный процесс, что включает в себя возможности и обеспечение социальных условий.

Настоящая статья подготовлена на основе Конституции Республики Таджикистан (1994 г.), Закона Республики Таджикистан «Об образовании» (2013 г.), Закона Республики Таджикистан «О социальной защите инвалидов» (2020 г.) и других важных государственных документов и актов, посвященных защите прав, обучению и воспитанию данной категории детей.

В статье исследователь изложил свои мысли по вышеупомянутому вопросу, отметив, что в специальных школах, интернатах и классах, где обучаются умственно отсталые дети, помимо прохождения определенных программ по общеобразовательным предметам (русский, таджикский, математика, география и др.) и развития определенных навыков и способностей таких детей, большое внимание следует уделять их трудовой подготовке, а также социальному и бытовому воспитанию

Ключевые слова: дефектология, инвалидность, медицинская модель, социальная модель, инклюзивное образование, проблемы образования, дети с интеллектуальными нарушениями (с умственной отсталостью), дошкольный возраст, развитие речи, интеллектуальное нарушение (умственная отсталость), логопед, речевые навыки и др.

TECHNOLOGIES AND EFFECTIVE METHODS FOR INTEGRATING CHILDREN WITH INTELLECTUAL DISABILITIES INTO THE EDUCATION SYSTEM

This article addresses psychological and social issues, presenting partial-exploratory research conducted by the author on methods and approaches to incorporating children with intellectual disabilities into educational activities. Additionally, the paper outlines several aspects regarding technologies and techniques for engaging intellectually challenged children in learning, encompassing the provision of appropriate social conditions and opportunities.

The article is grounded in the Constitution of the Republic of Tajikistan (1994), the Law of the Republic of Tajikistan "On Education" (2013), the Law of the Republic of Tajikistan "On Social Protection of Persons with Disabilities" (2020), as well as other key state regulatory documents dedicated to safeguarding rights and providing education and upbringing for these children.

In the article, the researcher outlined his views on the aforementioned issue, noting that in special schools, boarding schools, and classes for children with intellectual disabilities—alongside the delivery of specific general education curricula (such as Russian, Tajik, mathematics, and geography) and the development of the children's skills and abilities—significant attention should be paid to vocational training as well as social and life-skills education.

Keywords: defectology, disability, medical model, social model, inclusive education, educational issues, children with intellectual disabilities, preschool age, speech development, mental impairment, speech therapist, speech skills, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шералиева Садбарг Маҷидовна, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Телефон: (+992) 985-87-78-78.

Сведения об авторе: Шералиева Садбарг Маджидовна, кандидат филологических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин и методики их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Телефон: (+992) 985-87-78-78.

Information about the author: Sheralieva Sadbarg Majidovna, candidate of philological sciences, associate professor at the department of humanities and teaching methodology of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16.Telephone: (+992) 985-87-78-78.

Муқарриз: Файззода Б.Ф., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 796/799 (2-тоҷ)
ТКБ: 075.8 (2-тоҷ)
С-87

МАЗМУНИ ФАЪОЛИЯТҲОИ ИБТИКОРИИ БА РУШДИ ҶИСМОНӢ ВА ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОЙ МУСОИДАТКУНАНДА

Султонзода И.С. н.и.п., и.в. дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мақсади амсилаи дар ин таҳқиқ таҳияшаванда метавонад ҳамчун намуди раванди эҷоди самтгириҳои арзишӣ барои таҳким ва нигоҳдории солимии руҳӣ, зеҳнӣ, ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва психологии хонандагон бо корбурди фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ амал намояд. Маҷмуи самтгириҳои дар боло зикршуда, бо истилоҳи «самтгирии хонандагон ба тарзи ҳаёти солим» айният дода шудааст ва он натиҷаҳои чашмдоштии ҳамин фаъолиятро инъикос мекунад. Инчунин, воситаи асосии педагогие, ки барои ба даст овардани натиҷаи зикршуда истифода мешавад, метавонад фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳисобида шавад [6, с. 266-269].

Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун фаъолияти бо тартиби махсус ташкилгардида, метавонад бо ташаккули шароити педагогӣ муносиб бошад, ки бидуни он ба натиҷаи муайян ноил шудан имконнопазир аст. Ба вуҷуд овардани шароити педагогии ҷанбаи амалидошта дар назар дошта намешавад. Раванди ташаккул танҳо ҳамон шартҳои мушаххаси педагогиро дар бар мегирад, ки ба талқини хонандагон дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ба тарзи ҳаёти солим мансуб мебошанд.

Мо дар таҳқиқи худ дар бораи муносибатҳои анъанавӣ, ки мақула (категория)-ҳоеро аз қабили «вазифаҳо» ва «мақсад» мепайвандад, фаромӯш накардем. Дидгоҳи мо ба он асос ёфтааст - вазифагузориро бо натиҷаҳо пешбинӣ менамояд, ки дар давраи амалишавии фаъолияти дахлдор муайян карда мешаванд. Дар амалияи лоиҳавӣ, ки бо эҷоди амсилаҳои педагогӣ мансубанд, чунин давраҳо, чун маъмул дар доираи марҳилаҳои амалисозии фаъолияти омӯхташаванда муайян карда мешаванд. Кӯшиш мекунем, ки ба анъанаҳо пайравӣ кунем ва ноил шудан ба мақсади муайяншударо бо он вазифаҳое пайваст карда бошем, ки муҳтавои онҳо бо марҳалаҳои фаъолият муқоиса карда мешавад. Сатҳи ин ҷанбаи амсиласозиро ҳангоми тартиб додани тавсифномаҳои ҷузъи таркибии педагогӣ иҷро кардан лозим аст [5, с. 142-146].

Бахши консептуалӣ. Бахши мазкур ғояҳои асосӣ, принсипҳои методологӣ ва заминаҳои муайянкунандаи моҳият, ҷойгоҳ ва нақши мусоидати педагогӣ дар ҷиҳати эҷоди самтгирии хонандагон ба тарзи ҳаёти солимро дар системаи чорабиниҳо ба вуҷуд меорад. Дар ин бахш 2 унсур нишон дода шудааст, ки нуқтаи назари муаллифро нисбат ба татбиқи

раванди мавриди омӯзиш оид ба ягонагии умумӣ муайян мекунанд. Ин унсурҳо принсипҳои методологӣ ва муносибатҳо мебошанд.

Бо дарназардошти тамоюлҳои соҳаи амсиласозии қисмҳои методологӣ ва назариявии ҳифзи саломатии хонандагон, мо имкон пайдо мекунем, ки муносибатҳои асосии методологиро муайян кунем, зеро бо кумаки онҳо нуқтаи назари муаллифро оид ба методҳо ва роҳҳои расидан ба мақсади дар ҷузъи таркибии мазкур ва пешина нишондодашуда метавон тавсиф намуд. Агар ба он такя кунем, ки чунин методҳо ва роҳҳо дар ягонагии худ тавсифкунандаи стратегияи таҷассуми фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ бо мақсади эҷоди самтгирӣ ба тарзи ҳаёти солим мебошанд, мо метавонем дар бораи номгӯйи пурраи муносибатҳои методологӣ сухан гӯем. Мо, муносибатҳои фарҳангшиносӣ, антропологӣ, аксиологӣ ва гендериро пешниҳод менамоем.

Дар раванди таҳияи ҷузъи таркибии консептуалии амсила на танҳо муносибатҳои методологӣ, балки принсипҳои барои ташаккули системаи мусоидати педагогӣ ба хонандагони синфҳои болоӣ зарурбуда дар ташаккули самтгирии тарзи ҳаёти солим дар онҳоро бояд дастури фаъолияти худ қарор дод [4, с. 95-105].

Мо дар фаъолияти таҳқиқии худ ба тафсири функсионалии принсип такя намуда, онҳоро бо ҷараёни раванди мусоидати педагогӣ дар ташаккули самтгирии хонандагон ба тарзи ҳаёти солим пайваст мекунем. Дар ҳамин асос принсипҳои зерин муайян карда шуданд: пайвастагӣ, худтанзимкунӣ, мувофиқатнокӣ, саривақтӣ, мазмундорӣ, фарҳангмуносибӣ ва иродатнокӣ.

Ҷадвали 1. ***Тавсифномаи принсипҳо***

Принсипҳо	Оғози татбиқшаванда барои эҷоди самтгирӣ ба тарзи ҳаёти солим
Пайвастагӣ	Такмили эҳтиёҷот ба ҳамкории самарабахши тарафҳои муносибатҳои таҳсилотӣ
Худтанзимкунӣ	Мусоидат ба хонандагони синфҳои болоӣ дар такмил додани салоҳиятҳои рафтори солимгардонӣ дар реҷаи худидоракунӣ
Фарҳангмуносибӣ	Муттаҳидсозии асосҳои умумибашарӣ, миллӣ ва шахсӣ дар эҷоди як навъи тафаккури солим ва рафтори шабеҳи хонандагон
Саривақтӣ	Амалисозии имкониятҳои захиравии барномаҳои таҳсилотӣ дар тамоми давраи таҳсили хонандагон
Мувофиқатнокӣ	Истифодаи маҷмуи фаъолияти ибтикории ба ҳам алоқаманди омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ, ки ба вижагиҳои ҷисмонӣ ва психологии талаба бештар мувофиқ аст
Иродатнокӣ	Зуҳуроти рафтори иродавӣ, ки дар амалисозии чорабиниҳои солимгардонӣ ба омилҳои маҳдудкунанда вобаста нест
Мазмундорӣ	Таваҷҷуҳи хонандагон ба маъноҳои семантикии тарзи ҳаёти солимгардонӣ

Бахши педагогӣ. Муайянкунии нақшаи умумии амалҳои педагогиро барои ноил шудан ба иҷрои вазифаи мусоидати педагогӣ ба хонандагони синфҳои болоӣ дар ташаккули самтгирӣ ба тарзи ҳаёти солим амалӣ менамояд. Он дар тасвияти вазифаҳо ва марҳилаҳо, инчунин, натиҷаҳои мувофиқи чашмдошт ба даст овардашуда ифода гардида, иловатан, дар шароити педагогӣ зоҳир мешавад. Вобаста ба ин, дар ин ҷузъи таркибӣ 4 унсурро ҷудо кардан зарур аст: вазифаҳои гузошташуда, шароити педагогӣ, марҳилаҳои татбиқи амсила ва натиҷаҳои чашмдоштӣ.

Барнома оид ба ташаккули самтгирӣ ба тарзи ҳаёти солим захираҳои сершумори фаъолияти таълимии хонандагонро ба худ тобеъ намудааст. Раванди ягонаи ташаккули самти таҳқиқшаванда равандҳои муттаҳида, инчунин намудҳо ва шаклҳои фаъолияти тарбиявӣ ва таълимии хонандагонро дар бар мегирад. Ҳар яке аз онҳо вижагии худро дорад. Онҳо дар марҳилаҳои алоҳида амалӣ карда мешаванд, ки онҳоро ҳадафнокӣ ҷиҳати ноил шудан ба як ҳадафи умумӣ, яъне эҷоди самтгириҳои арзишии таҳким ва нигоҳдории солимии руҳӣ, зеҳнӣ,

ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва психологии хонандагон бо корбурди фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ муттаҳид мекунад. Ин марҳилаҳоро метавон чунин муайян кард: ташхисию амалӣ, муқарраркунию пешгирӣ, вокунишию пешгӯйӣ ва арзишию маъноӣ [1, с. 124-126].

Ноил шудан ба мақсади мусоидати педагогӣ, ки дар амсила нишон дода шудааст, бо муттасилии қатъӣ ва тибқи марҳилаҳои муайян сурат мегирад. Барои имконпазир сохтани ин, мо вазифаҳо гузошта, онҳоро бо ин марҳилаҳо мувофиқ намудем. Ҳамин тариқ, марҳилаи муқарраркунию пешгирӣ иҷрои вазифаҳои зеринро дар бар мегирад: [3, с. 73-81].

1. Ташаккули муколамаҳои созанда бо хонандагони синфҳои болоӣ;
2. Шиносоии хонандагон бо захираҳо ва шароити мактаб барои таъмини фаъолияти солимгардонӣ;
3. Азхудкунии малакаҳои навъи ақлонӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ бо мақсади баланд бардоштани омодагии ҷисмонӣ ва баланд бардоштани фаъолияти зеҳнӣ.

Вазифаҳои марҳилаи арзишию маъноӣ инҳоянд:

1. Муайян намудани самтгириҳои асосии маънии ҳаётии хонандагон;
2. Омӯзиши имкониятҳои иҷтимоии шахсияти хонандагон, инчунин, тамосҳои референтӣ;
3. Талқини дастуроти ҳаётии мусбат дар хонандагон.

Дар марҳилаи ташхисию амалӣ мо вазифаҳои зеринро гузоштаем:

1. Кумак ба хонандагони синфҳои болоӣ дар омӯзиши ҳолати ҷисмонӣ ва психологии мубрам барои онҳо;
2. Мусоидат ба хонандагони синфҳои болоӣ дар интихоби амсилаҳои ҳаётан муҳимми рафтор, ки хислатҳои фарҳангӣ ва гендерии шахсият асос ёфтаанд;
3. Ҷалби интихобии хонандагон ба фаъолияти таълимӣ, инчунин, фарҳангию фароғатӣ ва равандҳои варзишӣ ва фароғатӣ. [1, с. 164-170].

Барои марҳилаи вокунишию пешгӯйӣ дар навбати аввал муайян кардани чунин вазифаҳо хос аст:

1. Вусъат додани андешаҳои хонандагон дар бораи методикаҳои муосири нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим;
2. Аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ омӯхтани имконият ва камбудиҳои технологияҳои муосири рақамӣ ва таҷҳизоти техникӣ;
3. Ташаккули муносибати хонандагон ба арзиши иҷтимоии саломатӣ ба маънои шарти ҳатмии дарозумрӣ.

Мо қаблан қайд карда будем, ки мақсад дар амсила ин тимсоли фаъолият оид ба татбиқи мусоидати педагогӣ дар тафаккури инсонӣ пешбинишуда ва истиқболшаванда мебошад. Самтгирии ин раванд ноил шудани хонандагон ба тарзи ҳаёти солимро дар назар дорад, ки натиҷаи чашмдоштии иштирокдорон мебошад.

Бояд ба назар гирифт, ки натиҷаи пешбинишуда дар як лаҳза зоҳир намегардад. Он дар раванди гузариш аз марҳила ба марҳила сурат гирифта, ба пайдоиши фаъолиятҳои нави психологӣ дар хонандагон боис мегардад. Фаъолиятҳои мазкур дар марҳилаи ниҳоии татбиқи амсила муттаҳид шуда, барои тавсиф бо истилоҳоти самти тарзи ҳаёти солим дастрас мегарданд.

Пас аз ба итмом расидани яке аз марҳилаҳо, зарур аст, ки намунаҳои нахустини натиҷаҳои дарназардошташуда ошкор карда шавад. Чунин муносибат ба мақсад мувофиқ аст, агар онро аз нуқтаи назари амалисозии идорашавандагии раванди таҳқиқшаванда, инчунин, неруи қабули қарорҳои пешгирикунанда ва пешакии педагогӣ ҳангоми ошкор шудани ақибмонии назаррас аз иҷрои вазифаҳои пешбинишуда баррасӣ намоем.

Дар ин робита, мо ҳамон натиҷаҳои чашмдоштиеро муайян кардем, ки бояд баъди иҷрои вазифаҳои ба миён гузошташуда ба даст оварда мешуданд. Агар мушаххасан бигӯем, пас, дар хотимаи марҳилаи муқарраркунию пешгирӣ бояд натиҷае ба даст оварда мешуд, ки тавсифи онро бо корбурди аломатҳо тартиб додан мумкин аст: [11, с. 69-76].

1. Омодагӣ ба ташкили муколамаи созанда дар раванди таълим;

2. Донистани мавҷудияти имкониятҳои захиравӣ ва шароите, ки ба ҳифзи саломатии шахс таъсир мерасонанд;

3. Имконияти худназоратии психологияи ҷисмонӣ ва худтанзимкунӣ.

Анҷоми марҳилаи арзишӣ-маъноӣ бо ноил шудан ба натиҷаи пешбинишаванда вобаста ба ҷузъҳои таркибии зерин қайд карда мешавад:

1. Муқаррароти ҳаётии созанда;

2. Дарки арзишҳо ва ҳадафҳои ҳаётӣ.

Дар мавриди марҳилаи ташхисию амалӣ, натиҷаи пешбинишаванда онро метавон аз рӯйи аломатҳои зерин муайян кард:

1. Худинтизом, ба кор андохтани имконоти ҳаётан муҳимми дохилӣ ва неруи иродавӣ;

2. Муносибати шоиста ба организми худ;

3. Малакаҳои ҳамоҳангсозии рафтори ҳаётӣ бо анъанаҳои фарҳангии минтақавӣ, инчунин, омилҳои гендерӣ.

Дар чаҳорчӯбаи марҳилаи вокунишию пешгӯйӣ, натиҷаҳои пешбинишаванда дар инҳо зоҳир мешаванд:

1. Татбиқи навъҳои муносиби фаъолияти ҳаётӣ бо мақсади инкишофи психологӣ ва ҷисмонии дарозмуддат;

2. Самтгирӣ ба усулҳои натиҷаовари муосир, ки гузариш ва нигоҳдории тарзи ҳаёти солимро ҳавасманд мекунанд;

3. Ташкили дурусти раванди таълим аз нуқтаи назари хирадгароӣ (ратсионализм). [10, с. 381-384].

Дар натиҷа, шумораи бештари хонандагон бояд ба тарзи ҳаёти солим самтгирӣ дошта бошанд. Қобили зикр аст, ки ба даст овардани натиҷаи чашмдоштӣ дар ҳар як марҳила истифодаи захираҳои муайянро талаб мекунад ва тасвияти мақсад, ки дар таҳқиқи мазкур ғайримустақим истифода мешавад, шаҳодат медиҳад. Аҳаммияти ин нукта на танҳо дар тимсоли чашмдоштии фаъолият аст, балки он аз захираҳои истифодашуда низ вобаста аст. Тибқи стратегияи амсиласозии муайянамудаи мо, нақши ин захираҳоро шароити педагогӣ иҷро мекунад.

Мо, шароити педагогиро аз он сабаб ҷудо мекунем, ки дар онҳо ҳангоми тартиб додани тавсифи низомҳои педагогӣ худи гурӯҳи «шароит» хеле зиёд истифода мешавад. Худи амсила як низоми педагогӣ буда, бидуни ҳар гуна шубҳа, маънои қонунӣ ва бамаврид будани шароитҳои педагогиро дорад. Ба сифати аломатҳои асосии шароит метавон инҳоро баррасӣ кард: Маҷмуи ҳолатҳо ё сабабҳо, инчунин, ҳадафмандии онҳо ба таълиму тарбияи одамон, такмил ва имкони таъсиррасонӣ ба пешрафти раванди омӯхташаванда.

Муаллиф ба таври илова шароити педагогиро аз нуқтаи назари хосиятҳои сифатии муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти умумӣ ҷудо кардааст. Тамоми фаъолияти онҳо ба таъмини раванди талқини самтгирӣ ба тарзи ҳаёти солим, инчунин, динамикаи мусбати он нигаронида шудааст. Барои нақши шароити дахлдор чунин захираҳои муҳити таҳсилоти мактаби таҳсилоти умумӣ интихоб карда шудаанд: [9, с. 50-60].

1. Баланд бардоштани фаъолияти зеҳнии хонандагон бо истифода аз методикаҳои ақлонӣ;

2. Ташкили соатҳои тарбиявии зарурӣ барои ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба саломатии атрофиён;

3. Ташаккули эҳтиёҷоти ҳаётан муҳимми хонандагон дар заминаи ҳавасмандии шахсӣ;

4. Корбурди маҳдудшудаи технологияҳои рақамӣ дар кор бо мақсади ҳавасмандгардонии нигоҳдории тарзи ҳаёти солим (ТҲС) аз ҷониби хонандагон.

Нахустин шарти педагогие, ки метавонад ба такмили қобилиятҳои олии равонии хонандагон таъсир расонад ва ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ кумак намояд, дар марҳилаи муқарраркунию пешгирии амалисозии амсила таҷассум меёбад. Муносибатҳои ақлонии истифодашуда метавонанд ба муҳтавои фанҳои гуногуни

таълимӣ, ки дар барномаи таълимӣ шомил мебошанд, дохил карда шаванд. Дар давраи беруназсинфӣ, онҳо низ метавонанд истифода шаванд, зеро усулҳои ақлонӣ дорои тавони билқувва ҳангоми омода кардани хонандагон ба ҳама гуна конференсияҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва озмунҳо буда, метавонанд самаранок бошанд.

Шарти дуюми педагогӣ дастгирии имкони гузаронидани чорабиниҳои тарбиявиро дар муассисаи таҳсилоти умумӣ бо мақсади ташаккули ТҲС-и хонандагон таъмин менамояд. Ташкилотчии ин кор бояд дар нақши роҳбари синф ба раванди такмили сифатҳои ахлоқии хонандагон, инчунин, ба саломатии шахсии онҳо ва атрофиёни онҳо бо майлу хоҳиш ғамхорӣ зоҳир намояд. Захираҳои педагогии роҳбари синфро дар шакли тамринҳо, суҳбату муҳокимаҳо истифода бурдан мумкин аст ва ин тадбирҳоро дар соатҳои тарбиявӣ ташкил кардан мумкин аст. Мавзуъҳои ин чорабиниҳо метавонанд ба ғамхорӣ дар бораи саломатии хешовандон ва дигар шахсони наздик, инчунин, масъалаҳои умумии ТҲС барои хонандагон алоқаманд бошанд. Ин шарти педагогӣ дар марҳилаи арзишию маъноӣ амалӣ карда мешавад.

Шарти сеюми педагогӣ бо тавони билқувва ва зарурати омодасозии захираҳои шахсии хонандагон алоқаманд аст. Он дар марҳилаи ташхисию амалӣ гузаронида мешавад. Дар бораи имконоти ин шарти педагогӣ бошад, онҳо бо мақсади беҳтар намудани солимии психологии хонандагон мутобиқ карда шудаанд. Дар нақшаи татбиқи он иҷрои чорабиниҳои ҳамаҷонибаи ташхисӣ оид ба муайян намудани ангезаҳои афзалиятноки риояи талаботи ТҲС аз ҷониби хонандагон пешбинӣ шудааст. Маълумот дар бораи ҳастаи ангезавии ҳар як шахсият, ки тавассути ташхис ба даст омадаанд, дар асоси амалҳои педагогӣ оид ба эҷод кардан ва инкишоф додани эҳтиёҷоти ҳаётӣ дар хонандагон гузоштан мумкин аст [10, с. 131-134].

Дар мавриди марҳилаи вокунишию пешгӯйӣ бошад, дар доираи он шарти чоруми педагогӣ таҷассум меёбад. Он ба ҳадафманд будани истифодаи технологияҳои гуногуни рақамӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ асос ёфтааст, ки барои ҳавасманд кардани хоҳиши пешбурди ТҲС ва машғул шудан ба варзиш масъуланд. Тавре ки қаблан тасдиқ карда шуд, ин шарти педагогӣ ба минбаъда беҳтар шудани такмили ҳолати ҷисмонии хонандагон ва малакаҳои арзишии ба он мансуббуда мусоидат мекунад. Тасаввуроти хонандагон дар бораи воситаҳои рақамӣ, ки ба муқаррарсозии назорат аз болои омилҳои гуногуни татбиқи ТҲС имкон медиҳад, бояд васеъ карда шавад. Воситаҳои мазкур ёрирасон мебошанд, бинобар ин, истифодаи онҳо бояд ҷанбаи воябандӣ дошта бошад.

Бахши методӣ. Ин бахши амсила унсурҳои зерини раванди эҷоди самтгириро дар бар мегирад: шаклҳо, муҳтаво, воситаҳо ва методҳои татбиқи раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти умумӣ. Бахши мазкур, инчунин, ҳамон ҷузъеро дар бар мегирад, ки меъёрҳои самаранокии раванди таҳқиқшавандаро муайян мекунад.

Муҳтавои раванди ташаккули самтгирӣ бо марҳилаҳои муайяни татбиқи амсила алоқаманд буда, аз инҳо иборат аст.

1. Ҷалби хонандагон ба чорабиниҳои гуногун (таҳқиқотӣ, фарҳангию фароғатӣ ва варзишию солимгардонӣ) мутобиқ бо вижагиҳои психоҷисмонӣ ва иҷтимоии онҳо;

2. Тавсеаи тасаввуроти хонандагон дар бораи тавони билқувваи фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва мустақими омӯзишӣ, ки амсилаи рафтори солимгардониро таъмин мекунанд;

3. Дастгирии мавқеи субъективии хонандагон дар татбиқи стратегияҳои муътадили солимгардонӣ ва самтгирӣ ба такмили доимии психоҷисмонӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ;

4. Кумак ба хонандагони синфҳои болоӣ дар фаҳмидани самтгирии маънои ҳаётӣ ва он ки арзишҳои ҳаётан муҳим дар байни ҳамаи онҳо кадом ҷойро ишғол мекунанд [11, с. 117-121].

Ҷадвали 6. Марҳилаҳо, вазифаҳои гузошташуда, натиҷаҳои чашмдоштӣ, инчунин, шароити педагогӣ

Марҳила	Вазифаҳо	Натиҷаи чашмдоштӣ	Шароити педагогӣ
Муқарраркунию	- Ба роҳ мондани муколамаи	- Розигӣ додан ба	Тавассути

пешгирӣ	созанда бо хонандагони синфҳои болоӣ; - Маърифати хонандагон дар бораи захираю шароит дар муассисаи таҳсилоти умумӣ оид ба таъмини тадбирҳои нигаҳдории солимгардонӣ; - Аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ ба даст овардани малакаҳои ақлонӣ, ки ба баланд бардоштани фаъолнокии зеҳнӣ ва беҳтар намудани саломатии ҷисмонӣ мусоидат мекунанд.	муколамаи созанда; - Доштани дониш дар бораи шароит ва имкониятҳои захиравӣ, ки ба ҳифзи саломатии шахс таъсир мерасонанд; - Қобилияти иҷро кардани танзими мустақилонаи ҳолати психоҷисмонии худ.	истифодаи методикаҳои ақлонӣ пурзӯр намудани фаъолияти зеҳнии хонандагон.
Арзишию маъноӣ	- Муайян намудани самтҳои асосии маънои ҳаёт аз ҷониби хонандагон; - Омӯзиши захираҳои ҷамъиятии шахсияти хонандагон, инчунин, шахсони референтии атрофи онҳо; - Талқини тамоюлҳои мусбати самтгириҳои ҳаётӣ дар хонандагон.	- Идроки арзишҳо ва ҳадафҳои зиндагӣ; - Методҳои гуногуни азхудшудаи ҳамкории иҷтимоӣ, ки метавонанд некӯаҳволии ҳаётии тамосҳои референтиро таъмин кунанд; - Мавқеи муайяни ҳаётӣ дар асоси созандагӣ.	Ташкили машғулиятҳои тарбиявӣ бо мақсади ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба саломатии хешовандон ва дӯстони худ.
Ташхисию амалӣ	- Мусоидат ба хонандагони синфҳои болоӣ дар омӯзиши ҳолати ҷисмонӣ ва руҳии худ; - Мусоидат ба хонандагони синфҳои болоӣ дар муайян кардани алгоритмҳои ҳаётан муҳимми рафтор дар асоси вижагиҳои фарҳангӣ ва гендерии шахсӣ; - Ба таври интихобӣ ҷалб намудани хонандагон ба чорабиниҳои варзишӣ ва солимгардонӣ, инчунин, ба фаъолиятҳои таълимӣ, фарҳангию фароғатӣ.	-Муносибати эҳтиёткорона ба организми худ; - Малакаи муқоисаи рафтори ҳаётӣ бо урфу одатҳои фарҳангии минтақавӣ, инчунин, омилҳои гендерӣ; - Худинтизом, коргирӣ аз тавони билқувваи ҳаётан муҳимми дохилӣ ва зуҳури хислатҳои иродавӣ.	Дар заминаи мавҷудияти ҳавасмандии шахсӣ.
Вокунишию пешгӯӣ	- Васеъ намудани тасаввуроти хонандагон оид ба методикаҳои мубрами нигоҳдории ТҲС; - Аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ омӯхтани афзалиятҳо ва нуқсонҳои воситаҳои техникии муосир ва ҳалли технологияҳои рақамӣ; - Дар хонандагон ташаккул ёфтани дастурҳо оид ба аҳаммияти иҷтимоии	- Ташкили фаъолияти мутақобилаи таълимӣ аз нигоҳи оқилона; -Фаҳмидани технологияҳои муосири самаранок, ки пешбурди тарзи ҳаёти солимро ҳавасманд мекунанд; - Татбиқи гунаҳои муносиби фаъолнокии ҳаётӣ бо мақсади инкишофи ҷисмонӣ ва	Истифодаи маҳдуди технологияҳои рақамӣ, ки барои ҳавасмандгардонии рафтори солимгардонии хонандагон пешбинӣ шудаанд.

	саломатӣ ҳамчун шарти ҳатмии ноил шудан ба дарозумрии комил.	руҳии дарозмуддат.	

Татбиқи омилҳои муҳтавоии дар боло зикршударо бо истифода аз шаклҳои зерини фаъолияти таҳсилотии хонандагон амалӣ кардан мумкин аст: лексияҳои интерактивӣ, тамринҳо ва дигар машғулиятҳои амалӣ. Лексияи интерактивӣ дорои тавони билқувваи бузургест, ки метавон онро барои ҳалли масъалаи дар хонандагон тарбия намудани арзишҳои ТҲС ва умуман саломатӣ истифода намуд. Ҳамаи ин, бояд дар раванди ҳамкории фаъолонаи омӯзгор ва хонандагони синфҳои болоӣ сурат гирад [11, с. 51-57].

Самаранокии ҳадди аксарро дар ноил шудан ба ҳадафи эҷоди самтгирии хонандагон ба тарзи ҳаёти солим тавассути дарсҳои интерактивӣ, аз ҷумла, машқҳои амалӣ ва тамринҳо ба даст овардан мумкин аст. Ин аст, ки ин шаклҳои фаъолияти таҳсилотӣ ба бахши методии амсила ҳамгиро шудаанд.

Ҳамчунин, шаклҳои зерини фаъолнокии беруназсинфии хонандагон аз қабили: ҷашнвораҳо, конференсияҳои илмӣ, спартакиадаҳо, фаъолиятҳои клубӣ, маҳфилҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва озмунҳо барои талқини муҳтавои муайяни самти омӯхташаванда тавони билқувваи мустаҳкам доранд.

Ба ғайр аз шаклҳои қаблан нишондодашудаи фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ, метавон ба ҳадафи эҷоди самтгирии таҳқиқшаванда тавассути усулҳои таълими аёнӣ (видеоклипҳо, чопи намоишӣ, намоишҳои инфиродӣ) ва лафзӣ (баҳс, мунозира, муколама) ноил шудан мумкин аст. Дар ин ҳолатҳо муносибатҳои махсус, масалан, бозиҳо, тамрин-методҳо, психо-гимнастика, мусобиқаҳо ва дигар машғулиятҳои қатъиян танзимшавандаро истифода бурдан мумкин аст.

Унсури ниҳоии бахши методологии амсила аз рӯйи меъёрҳое муайян карда мешавад, ки барои арзёбии самаранокии раванди таҳқиқшаванда заруранд. Сухан дар бораи чунин меъёрҳое чун шахсию иродавӣ, эҳтиёҷию маъноӣ, ташаббусию фаъолиятӣ ва ба иттилоот нигаронидашуда меравад.

Меъёри шахсию иродавӣ ба такмили иродаи хонандагон вобаста буда, имкон медиҳад, ки қобилияти дарёфт ва пайваст кардани неруи дохилии онҳо барои нигоҳдорӣ ва рушди ҳолати ҷисмонӣ ва руҳӣ ошкор карда шавад. Ин меъёр барои баҳодиҳии хислатҳои иродавии хонандагон, инчунин, савияи фаъолшавии имконоти ҳаётӣ ва худинтизоми онҳо кумак мерасонад [1, с. 862-864].

Меъёри эҳтиёҷию маъноӣ ба арзёбии малакаҳои иҷтимоии хонандагон, самтгирӣ ба муошират созанда, ҷанбаи муносибати онҳо ба саломатии худ ва эътиқоди равонӣ нигаронида шудааст. Ба туфайли истифодаи ин меъёр метавон фаҳмид, ки оё хонандагон аз риояи ТҲС қаноатманд ҳастанд ва оё хоҳиш ва омодагӣ доранд, ки ба одамони таблиғкунандаи рафтори ҳаётан муҳим таъсир расонанд.

Меъёри ташаббусию фаъолиятӣ барои баҳодиҳии малакаҳои хонандагон дар ташкили худи раванди таълим, истироҳати дуруст ва риояи реҷаи ғизои солим истифода мешавад. Илова бар ин, азхудкунии навъҳои муассири рафтори ҳаётӣ ва қобилияти ташаккули фаъолияти таҳсилотӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои болоиро арзёбӣ кардан мумкин аст.

Меъёри ба иттилоот нигаронидашуда барои муайян кардани омили зеҳнии саломатӣ имкон медиҳад ва ҳангоми баҳодиҳии дониши хонандагон оид ба унсурҳои саломатӣ, навъҳои он, омилҳо ва сабабҳое, ки ба беҳбудии он таъсир мерасонанд ё баръакс, барои табоҳшавии он истифода мешаванд. Бо истифода аз ин меъёр метавон омодагии хонандагонро барои таҳлили саломатии онҳо, инчунин, дарки аҳаммияти риояи ТҲС ва стратегияҳои рафтори ҳаётан муҳимро, ки ба онҳо мувофиқ аст, муайян кардан мумкин аст [1, с. 173-174].

Дар асоси андешаҳои иброзшуда метавон ба хулосае омад, ки дар ин мақола раванди мусоидати педагогӣ ба хонандагони синфҳои болоии муассисаи таҳсилоти умумӣ дар эҷоди самтгирӣ ба тарзи ҳаёти солим дар шакли амсила амалӣ шудааст.

Адабиёт:

1. Абаскалова, Н.П., Теоретико-практические аспекты здоровьеори-ентированных педагогических технологий, обеспечивающих формирование ключевой компетенции «быть здоровым» у студентов / Н.П. Абаскалова, А.Ю. Прилепо // Вестник педагогических инноваций. - 2008. - № 2. -С. 62-73.
2. Багина, В.А. Профессиональная готовность студентов к педагогической практике // Теория и практика физической культуры, Научно-теоретический журнал, № 9. - 2005. - С.48-52.
3. Васильева, О.С. Психология здоровья человека: эталоны, представления, установки: Учеб. пособие для студ. высш. учеб, заведений / О.С. Васильева, Ф.Р. Филатов - М.: 2001. - 352 с.
4. Воронов, Н.А. Формирование идеи здоровьесбережения как фактора укрепления семьи / Н.А. Воронов // Аллея науки. – 2019. – Т. 5. – № 1(28). – С. 862-864.
5. Гертнер, С.В. Формирование готовности будущих учителей к оздоровительной работе в летних оздоровительных лагерях / Автореф. дис.... канд… пед. наук / С.В. Гертнер. - Екатеринбург: Уральский гос. пед. ун-т., 2005. - 24 с.
6. Здоровьесберегающая деятельность школ стран Восточной Европы и Центральной Азии / В.Р. Кучма, М.А. Поленова, И.К. Рапопорт [и др.] // Здоровье населения и среда обитания. - 2018. - № 8 (305). - С. 55-58.
7. Кайковус, У. Қобуснома. [Матн] / У. Кайковус. – Душанбе: Адиб, 1990.– 155 с.
8. Қодиров, Қ.Б. Таърихи тарбия аз даврони қадим то давраи Сосониён. [Матн] / Қ.Б. Қодиров. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 240 с.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон». – Душанбе, 27.11.2014, №1161.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи саломатии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ» [Матн]. – Душанбе, 18.03.2015. - №1201.
11. Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир. – Душанбе, 2001.– С. 336.
12. Развитие технологий здоровьесбережения: от индивидуального подхода к семейному / О.Ю. Александрова, О.Е. Коновалов, Т.П. Васильева [и др.] // Проблемы социальной гигиены, здравоохранения и истории медицины. – 2021. – Т. 29. – № 6. – С. 1470-1474.
13. Шулаков, А.В. Формирование умений и навыков проектирования траектории здоровьесбережения студентов экономического вуза / А.В. Шулаков, Е.Л. Сорокина // Перспективы науки. – 2020. – № 4(127). – С. 213-216.

МАЗМУНИ ФАЪОЛИЯТҲОИ ИБТИКОРИИ БА РУШДИ ҶИСМОНӢ ВА ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОЙ МУСОИДАТКУНАНДА

Муаллиф дар мақолаи худ, ки таҳқиқи мукаммале ҳисобида мешавад, оид ба мазмуни фаъолиятҳои ибтикории ба рушди ҷисмонӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ мусоидаткунанда маълумоти муфассале дода, густариши ин илми педагогикаро дар раванди ҷаҳонишавӣ баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, муаллиф дар таҳқиқи худ зикр менамояд, ки дар таҳқиқи худ дар бораи муносибатҳои анъанавӣ, ки мақула (категория)-ҳоеро аз қабили «вазифаҳо» ва «мақсад» мепайвандад, фаромӯш накардем. Дидгоҳи мо ба он асос ёфтааст - вазифагузориро бо натиҷаҳо пешбинӣ менамояд, ки дар давраи амалишавии фаъолияти дахлдор муайян карда мешаванд. Дар амалияи лоиҳавӣ, ки бо эҷоди амсилаҳои педагогӣ мансубанд, чунин давраҳо, чун маъмул дар доираи марҳилаҳои амалисозии фаъолияти омӯхташаванда муайян карда мешаванд. Кӯшиш мекунем, ки ба анъанаҳо пайравӣ кунем ва ноил шудан ба мақсади муайяншударо бо он вазифаҳое пайваст карда бошем, ки муҳтавои онҳо бо марҳалаҳои фаъолият муқоиса карда мешавад.

Муаллиф зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки мазмуни фаъолиятҳои ибтикории ба рушди ҷисмонӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ

мусоидаткунандаро дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ ва китобҳои педагогика ва психологияву тарбияи ҷисмонии муътамад таҳлил ва маънидод намояд. Инчунин, муаллиф ба ҳар қабати таҳқиқаш дар асоси ахбори сарчашмаҳои солим ва арқоми саҳеҳи таърихӣ маълумоти алоҳидаи комил додааст.

Калидвожаҳо: тарбияи ҷисмонӣ-ҳувияти миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ, рушд, пешрафт, ташаккул, саломатӣ, хатмкунандагони синфҳои болоӣ ва ғ.

СОДЕРЖАНИЕ ИНИЦИАТИВНЫХ МЕРОПРИЯТИЙ, СПОСОБСТВУЮЩИХ ФИЗИЧЕСКОМУ РАЗВИТИЮ И ФОРМИРОВАНИЮ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ У СТАРШЕКЛАССНИКОВ

В своей статье, которая представляет собой комплексное исследование, автор дает подробную информацию о содержании инициативной деятельности, способствующей физическому развитию и формированию здорового образа жизни старшеклассников, а также рассматривает вопросы расширения этой педагогической науки в процессе глобализации. В частности, автор в своем исследовании отмечает, что в нашем исследовании мы не забывали о традиционных связях, связывающих такие категории, как «задачи» и «цели». Наша точка зрения основана на этом – постановка задач с результатами, которые определяются в ходе реализации соответствующей деятельности. В проектной практике, связанной с созданием педагогических моделей, такие периоды обычно определяются в рамках этапов реализации изучаемой деятельности. Мы стараемся следовать традициям и связывать достижение обозначенной цели с теми задачами, содержание которых сопоставимо с этапами деятельности.

При написании статьи автором были предприняты все усилия по анализу и интерпретации содержания инициативной деятельности, способствующей физическому развитию и формированию здорового образа жизни старшеклассников, на основе научных источников и авторитетной литературы по педагогике, психологии и физическому воспитанию. Кроме того, автор предоставил полную, отдельную информацию для каждого слоя своего исследования, основанную на достоверных источниках и точных исторических данных.

Ключевые слова: физическое воспитание - национальная идентичность, чувство патриотизма, развитие, прогресс, формирование, здоровье, выпускники школ и т. д.

CONTENT OF INITIATIVE ACTIVITIES PROMOTING PHYSICAL DEVELOPMENT AND HEALTHY LIFESTYLE FORMATION OF SENIOR STUDENTS

In his article, which is a comprehensive study, the author provides detailed information on the content of initiative activities promoting physical development and healthy lifestyle formation of senior pupils, and also considers the issues of expansion of this pedagogical science in the process of globalization. In particular, the author notes in his study that «In our study, we did not forget about the traditional connections linking such categories as «tasks» and «goals». Our point of view is based on this - setting tasks with results that are determined in the course of implementing the relevant activity. In project practice associated with the creation of pedagogical models, such periods are usually defined within the framework of the stages of implementation of the studied activity. We try to follow traditions and link the achievement of the designated goal with those tasks, the content of which is comparable with the stages of the activity. When writing the article, the author made every effort to analyze and interpret the content of initiative activities that promote physical development and the formation of a healthy lifestyle among high school students, based on scientific sources and authoritative literature on pedagogy, psychology and physical education. In addition, the author provided complete, separate information for each layer of his research, based on reliable sources and accurate historical data.

Keywords: physical education - national identity, sense of patriotism, development, progress, formation, health, school graduates, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф. Султонзода Исмоил Сафаралӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Почтаи электронӣ: suitonzoda.ismoil.24@mail.ru. тел: (+992) 988488887.

Сведения об авторе. Султонзода Исмоил Сафарали, кандидат педагогических наук, доцент кафедры физического воспитания и методики преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Электронная почта: suitonzoda.ismoil.24@mail.ru. Телефон: (+992) 988488887.

Information about the author: Sultonzoda Ismoil Safarali, candidate of pedagogical sciences, associate professor at the department of physical education and teaching methodology, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov Street, 16. E-mail: suitonzoda.ismoil.24@mail.ru. Phone: (+992) 988488887.

Муқарриз: Мирзоева Б.И., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 37.0+071 (075.8)
Р-61

ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОН БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА

Шоҳсанами Р., н.и.п., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Проблемаи ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии хонандагон асоси ҷаҳонбинии ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Талаботи мунтазам баҳри такмили донишу корбурди фаъолонаи донишҳо дар меҳнату зиндагӣ таваҷҷуҳи педагогика ва педагогҳоро ба ин фаъолияти шарафнок ҷалб кардааст [5, с. 280].

МТМУ-и ҳозира ба муҳассилин ҳам дониши пурраву ҳам ҳал кардани масоили мушкили тарбиявию ҷалб намудани онҳо ба истеҳсоли моддиро, ки дар шароити МТМУ аҳаммияти хосса дорад, пешкаш мекунад. Барои амалишавии ин масъалаҳо, на танҳо мактаб, инчунин омӯзгорон, кормандони маорифи халқ, волидон ва аҳли ҷомеа вазифадор карда мешаванд.

Табиист, ки масъалаи гузошташуда ба омӯзиши ҳамаи фанҳои таълимӣ марбут аст, вале зимни таҳқиқ мо ба масоили гуногун дар заминаи таҷрибаи таълими фанҳои математикӣ дар МТМУ рӯшанӣ андохтем. Аён гашт, ки донишҳо аз фанни математика яке аз васоити арзишоти ҷаҳонбинии илмӣ ҳисоб меёбанд. Тамоюли ҷаҳонбинии илмии таълими умумиматематикӣ афзоиш ёфта метавонад, ба шарте, ки донишҳо аз фанни математика системанок аз ҷиҳати моддӣ шарҳ дода шуда, муҳтавояшон дар рушди донишҳо дар робита бо воқеият, бо таҷрибаи зиндагӣ ва ҷомеа бо умуми дигар, дар ҳал намудани масоили амалии ҳаётӣ баён карда шаванд [10, с. 192].

Ҷараёни мазкур системанок дар даврaҳои мухталифи таълими фанҳои математикӣ дар тамоми машғулияту дарсҳо, маҳфили математикӣ, рӯзномаҳои деворию ҷамъомади гуногун роҳандозӣ мегардад. Дар газетаҳои деворӣ муҳиммияти ҳар як мавзуе, ки дар курсҳои математикӣ дар ҷараёни меҳнати шахсият омӯхта мешавад, шарҳ дода, ба масоили таърихии рушди истилоҳоти математика рӯшанӣ андохта мешавад, ҳамзамон аксари ҷараёнҳои зиндагии инсон, ҳодисот дар формулаву рамз ва нақшаҳои фанни математика инъикос меёбанд.

Якчанд масъалаҳоеро дида мебароем, ки онҳо дар маҳфилҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ дар синфҳои 5 ва 6 ҳал карда мешаванд.

Корҳои ақлонии таълимгиранда хусусияти эҷодиро мегирад, вақте ки дар ҷараёни фаъолияти мазкур роҳу воситаҳо муқаррар мегарданд, васоити зарурӣ барои самаранок ҳал кардани мисоли мухталиф ба вуҷуд оварда мешавад [17, с. 638].

Ба роҳ мондани корҳои мухталиф дар соҳаи таълим, ҷалби таълимгирандагон ба фаъолият эътимоднокӣ ба азхуднамоии самараноки маводи таълимиро зиёд кард, тарбияи меҳнативу маънавии хонандагонро беҳтар намуд. Дар ҳолати мазкур фикронии бошиддат, ба фаъолият ҷалб шудан, гузоштани мақсаду эҳсоси масъулиятнокӣ дар таълимгиранда пайдо мешавад. Хосияти интегралии инфиродиву равонии МТМУ вижагиҳои шахси мушаххас, ки тайёрии ҳаматарафаи ин шахсро ба корҳо дар ҳал кардани масоили навин ва мутобиқшавӣ ба ҳар як шароити нав аҳаммияти дониши навини зарур дар методҳои ба мақсадрасӣ, фатонати натоиҷи ҳосилшударо нишон медиҳад, падидаи маҳорати эҷодиро муаррифӣ менамояд [14, с. 240].

Ба андешаи мо, тафаккури эҷодӣ сатҳи аз ҳама баланди рушди қобилиятҳои ақлонӣ ҳисоб ёфта, ба таъминсозии ҳаллу фасли босамари масоили мураккабу ғайристандартӣ равона буда, водор месозад, ки ҳар як роҳу методи табииву ғайритабиӣ, ки ба сифати инноватсия пешкаш мешавад, мавриди пажуҳиш қарор ёбад. Аммо баъзе муаллимону таълимгирандагон зимни дарёфти натоиҷи дурусти ҳалли масъалаҳо онҳоро итмомшуда мешуморанд. Вале чӣ тавре ки атомро тақсим мекунанд, масъала низ тақсим мешавад.

Муаллим вазифадор аст, ки қадамҳоро дар ҳал кардани масъала баҳри рушд додани маҳорати эҷодкории таълимгиранда корбурд созад, бинобар ин аз ҷараёнҳои зерин бояд истифода бурд:

- дарёфти усулҳои аналитикию графикӣ, хаттиву ғайрихатии ҳалли масъалаҳо;
- табдили шартҳои масъалаҳо ва диди тағйирот дар ҷавобҳои масъалаҳо, қобилияти мушоҳидакунии қонуни диалектикӣ-гузориш аз тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифатӣ;
- баровардани маълумот аз натоиҷи баровардашуда ва корбурди ин натоиҷ зимни ҳал кардани масъалаҳои дигар;
- корбурди усулҳои татбиқи ҳаллу фасли масоили пешниҳодгардида бо мақсади азхудкунии методу воситаҳои навини мустақилона;
- амиқ гардонидан ва ба низом даровардани донишҳо оид ба мавзуъҳои дарс;
- корбурди донишҳо оид ба мавзуъ ҷиҳати ҳал кардани масоили мавзуъҳои дарс.

Васеъсозии чорчӯбаи идрок, дар мадди аввал, таҷрибаву омӯзиши корҳои эҷодкоронаи математикиву ба хотир овардани вазифаҳои дидактикии ҳар як масъалаи ҳалшуда мебошад.

Дар раванди омӯзиши фанҳои гуманитарӣ (махсусан: таърихи таълими математика) яке аз шартҳои муҳимтарини дидактикӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон мебошад. Алоқаи фанҳои тадрисшаванда ба мақсади фарогирии ғояҳои асосии ҷаҳонбинӣ амсоли:

- рушди ҷомеа ҳамчун омили таъсиррасон барои рушди маълумоти молиявӣ-иқтисодӣ;
- дар мувозинат қарор доштани қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ бо мақсади инкишофи сохторҳои ҷамъиятӣ.

Муҳиммияти мавҷудияти рақобат миёни синфҳо, зарурияти рақобат, ки неруи ҳаракатдиҳанда дар ҷомеа ҳисоб меёбад, зарур аст. Дар натиҷаи алоқаи байнифаннӣ ғояҳои ҷаҳонбинии илмӣ дар фанҳои гуногун моҳияту муҳтавои онҳоро ғанӣ мегардонанд. Таҳлил кардани маводи дастрасу зарурӣ дар заминаи он якҷоясозии инфиродии хонандагони синну соли мухталиф ба ҷудокунии аломатҳои зерини рушди ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат намуд:

- вобаста ба муҳтаво ва ҳаҷми иттилоот пешниҳод намудани хизматрасониҳо;
- ба вуҷуд овардани малака ва маҳоратҳои боэътимод, ки барои исботи далелҳо мутамарказ мешаванд.

Талаботу ғояҳои хешарзёбӣ (муҳокимаи арзёбӣ) ва сатҳи мустақилиятнокӣ дар арзёбии корбурдшуда аҳаммият доранд. Ҷойгоҳи ботинӣ дар шахсияти таълимгиранда, ки

ҳадафи якҷояшавию эътидолкунии идеалҳову диққат, зуҳуроти эҳсосотӣ ва тамоюлоти ахлоқии тарбияро тавсиф медиҳад, нақши калидӣ мебозад.

Тарзи рафтору кирдори таълимгирандагонро нишон медиҳанд:

- нишондиҳии ташаббус, методҳои дохилшавӣ ба фаъолият, тарзи рафтору кирдор.

Сатҳи мустақилиятнокӣ дар рафтору кирдор, мавқеи танзимкунандагӣ дар ҷаҳонбинии илмии таълимгирандагон, рушди аносири худтарбиякуниву худтанқидсозӣ ба танзим даровардани рафтори худро таъмин месозад. Тибқи аломатҳои мазкур мо бояд аз ҳудуди соҳаи зеҳнӣ дар рушди ҷаҳонбинии илмӣ берун шуда, вижагиҳои рефлексивиро, ки дар тарзҳои рафтору кирдори таълимгиранда амалӣ мегарданд, рушд дода тавонем. Муқаррар гардидааст, ки эътимоднокии иттилооти ҳосилшуда аз корбурди усулҳои таҳқиқӣ вобастагӣ дорад.

Ду усули таҳқиқӣ, яъне усули буриш ва усули муқоисавӣ дар таҳқиқи мо корбурд гардидаанд. Ба ақидаи Б.Г. Ананев, ба методи лонгитюдиналӣ (маънидод кардан) ҳам дар қонуниятҳои фардӣ ва ҳам синну солӣ баҳои сазовор дода шудааст [1, с. 217]. Муҳаққиқ таваҷҷуҳи хешро ба он равона кардааст, ки ба воситаи методи мазкур тафовути инфиродиро дида, таҳқиқи хешро дар объекти санҷиши гурӯҳӣ дар рушди онтогенетикии мунтазаму бисёркаратаи системанок омӯхта, дар ҷараёни таҳаввулоти зарурӣ нигоҳдорӣ мекунад.

Бо мақсади пайгирисозии ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ, тавсифдиҳии устуворшавии ахлоқиву вазъиятҳои иҷтимоӣ ва мавқеи арзишдор, тарзи рафтору кирдор, ки муайянсозандаи марҳалаҳои хоси синнусолӣ мебошад, зарур аст. Шахси наврас бори якум худро як навъ шахсияти алоҳида мешуморад ва ба рушди бошууронаи шахсияти хеш мепардозад. Ҳадафи таҳқиқ — рӯшанӣ андохтан ва аз ҳамдигар вобаста будани рушди ақоид ва вижагиҳои шахсият мебошад.

Ба андешаи А. Пирназаров, худтанзимсозии ахлоқиву таълимии таълимгирандаро шахсияти ӯ офарида, фитрати ахлоқиро месозад [11, с. 120].

Ҷараёни мазкур ба вуҷуд намеояд, ба шарте ки корҳои шахс бо фаросат маҳдуд шавад, ҳар як дониши ҳосилкардаи таълимгиранда ба татбиқи ҳадафҳои гузошташуда мубаддал нагардад. Шахсияти ахлоқии муосир ба тавсифи ақоиди муайян дар шахс ва ҳақиқати ҷамъият равона аст. Андешаи мазкур, ки ба ислоҳоти МТМУ равона мебошад, бо эътимоднокии дигаргуншавандаи хеш дар бобати он ки шахсият ба воситаи меҳнату тарбия пайдо мешавад, аз ақоиди дигари мавҷуда дар тафовут аст. Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳар як ҷанбаи ахлоқиву амалӣ дар рафтору кирдори шахс таҷассум мегардад.

Таълимгиранда олами ботинии хешро бой намуда, меъёру усулҳои гуногуни муносибатнокӣ ба меҳнатро аз худ мекунад. Дар ин ҳолат мавқеъгирии пураризиши шахсият ҷузъи сохтории ҷаҳонбинӣ мебошад. Ин меъёру шаклҳо бо сифати дастгоҳи иҷтимоии устувор ба танзими пешбиниву ҳадафҳо ва муайянсозии арзёбии фаъолият равонаанд. Устувории мавқеи пураризиши инсон ба такмили шахсияти ӯ нигаронида шудааст. Қисми аз ҳама муҳимми ҷаҳонбинӣ муносибати илмӣ ба муҳити атроф ҳисоб ёфта, бо дарки арзишҳояш ба маънои маҳдуду васеи он асоснок мегардад.

Асоси фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни омодагӣ ба машғулиятҳо ва нақшагирии ҷараёни таълимӣ ҷаҳонбинии мубрам ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ногузир ҷудокунии ғояву мафҳумҳои фундаменталӣ, амсоли низоми мукаммали фалсафиву иқтисодӣ ва эътиқодҳои мухталифе, ки тасаввурот ва ғояҳои асосии эътимоднок мебошанд, бо маҳдудияти хос ба муҳтавои фан ворид мегарданд [8, с. 304].

Акнун асосҳои мафҳумҳои заминавӣ ва идеяҳои асосии мақсадҳои зудамал ва масъалаҳои ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмиро барои ҳар як фасл ва ҳар як дарс муайян мекунем. Хуллас, низоми комили буришҳое, ки ҷаҳонбиниро доранд, аз ҷиҳати муҳтаво бой мебошанд, пайдо мешавад ва ба муҳтавои ин ё он фанни таълимӣ дохил мегардад. Аз андешаҳои фавқулзикр бояд хулоса бароварда, ки интихоб кардани ҳар як муқаррарот, далел, мафҳум ва қонун, ки ба кушодану фаҳмидани муҳтавои ғояҳои ҷаҳонбинидошта равона аст, бояд аз мақсаду ғояҳои пешқадам таркиб ёбад.

Зимни таъсироти танзимкунандагӣ муҳтавои ҷаҳонбинии илмӣ дар интихоб кардани муҳтавои ин ё он фан мусбӣ мегардад. Интихоб кардани методу шаклҳо ва васоити бароҳмонии таълими фанҳо дар давраи интиҳоӣ хеле зарур аст.

Таъсиррасонии ғояҳои ҷаҳонбиние, ки хусусияти танзимкунандагӣ дар раванди таълими фанҳо доранд, исбот мекунад, ки зимни муайянсозии муҳтавои ин ё он фанни таълимӣ онҳоро бояд интихоб кард [15, с. 112]. Баҳисобгирии се ҷанбаи дониш муносибати комплексиро ба маводи таълимӣ тақозо мекунад. Таркиби муҳтавои донишҳои зарурӣ ба мутобиқсозии низоми корбурди воситаю методҳо бояд равона гардад [2, с. 85]. Фоиданокии рушди ҷаҳонбинии илмӣ дар ҷараёни таълими муосир бо қобилияти корбурди дониши гирифташудаву азхуднамудани ғояҳое, ки хусусиятҳои ҷаҳонбиниро доранд, бояд робитаи ногусастанӣ дошта бошад [9, с. 45].

Дар ин раванд, омӯзгор бояд таълимгирандагонро ба дарки амиқи робитаи байни математика ва ҳаёти воқеӣ ҳидоят кунад [6, с. 134]. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзуи «Функсияҳо», хонандагон метавонанд тағйироти ҳарорат, афзоиши аҳолӣ ё ҳаракати воситаҳои нақлиётро таҳлил намуда, ин падидаҳоро бо формулаҳои математикӣ ифода кунанд. Чунин муносибат на танҳо донишҳоро мустаҳкам мекунад, балки ҷаҳонбинии илмиро тавассути дарки қонуниятҳои табиат ва ҷомеа васеъ мегардонад.

Ҳамзамон, истифодаи усулҳои инноватсионӣ, аз қабили лоиҳаҳои таълимӣ, бозиҳои интеллектуалӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ, ба ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ мусоидат мекунад [16, с. 78]. Таълимгирандагон дар ҷараёни кор бо маълумоти воқеӣ, масалан, омори иқтисодӣ ё демографӣ, меомӯзанд, ки чӣ тавр натиҷаҳоро шарҳ диҳанд ва хулосаҳои илмӣ бароранд. Ин раванд онҳоро ба мустақилияти фикрӣ ва қобилияти қабули қарорҳои асоснок омода менамояд.

Дар маҷмуъ, ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон тавассути математика на танҳо ба азхудкунии донишҳои назариявӣ, балки ба тарбияи шахсияти ҳаматарафа, ки қодир ба таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ дар шароити муосири тағйирёбанда аст, нигаронида шудааст [13, с. 204]. Омӯзгор бояд ҳамеша ба ин мақсад равона бошад ва дар ҳар як дарс барои рушди ин сифатҳо шароит фароҳам орад.

Дар ин замина, омӯзгор бояд ба интихоби маводҳои таълимӣ низ диққати махсус равона кунад. Масалан, ҳангоми омӯзиши омори назариявӣ, истифода аз маълумоти воқеии ҳавошиносӣ, натиҷаҳои санҷишҳои тиббӣ ё нишондиҳандаҳои истеҳсоли саноатӣ метавонад барои хонандагон заминаи мусоид фароҳам орад, то онҳо формулаҳоро аз худ кунанд [3, с. 156]. Ин гуна кор хонандагонро водор мекунад, ки байни абстраксияи математикӣ ва воқеияти дучорамада робитаи мустақим пайдо кунанд.

Ғайр аз он, баррасии хатогиҳои маъмул дар ҳисоббарорӣ ва тафсири нодурусти маълумот низ ба тақвияти ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат мекунад [12, с. 92]. Хонандагон бояд фаҳманд, ки натиҷаҳои математикӣ на ҳамеша бо эҳтимолияти мутлақ қабул мешаванд, балки онҳо бояд дар доираи контексти илмӣ тафсир шаванд. Чунин таҳқиқоти танқидӣ онҳоро барои ҳалли масъалаҳои мураккаби ҷомеа омода мекунад.

Дар ниҳоят, ҳадафи асосии омӯзгор на танҳо интиқоли дониш, балки ташаккули фарҳанги тафаккури математикист [7, с. 67].) Ин маънои онро дорад, ки хонандагон бояд қодир бошанд, ки мавзуъҳоро аз нуқтаи назари ҳам таҳлилӣ ва ҳам эҷодӣ дида бароянд, бидуни эҳсоси тарс аз нодуруст будани ҷавобҳо. Ҳамин тариқ, онҳо ба рушди шахсии устувор ва қобили мутобиқшавӣ ба шароити нави илмӣ ноил мегарданд.

Дар ин росто, омӯзгор бояд ба ташаккули малакаҳои таҳлили маълумот низ аҳаммият диҳад. Хонандагон бояд омӯзанд, ки чӣ гуна маҷмуаҳои калони рақамҳоро ба намудҳои қобили фаҳм табдил диҳанд ва аз онҳо хулосаҳои асоснок бароранд. Масалан, кор бо ҷадвалҳо ва графикҳои оморӣ на танҳо малакаҳои техникиро мустаҳкам мекунад, балки қобилияти муқоиса ва дарёфти тамоюлҳоро низ боло мебарад [3, с. 160]. Ин барои фаҳмидани падидаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар оянда заминаи мустаҳкам мегузорад.

Ҳамзамон, ҳалли масъалаҳои ба ҳаёт наздик ба хонандагон имкон медиҳад, ки мафҳумҳои эҳтимолият ва номуайяниро дар амал санҷанд. Онҳо мефаҳманд, ки қарорҳои

қатъӣ дар шароити нопурраи маълумот ҳамеша хатар доранд ва ин дарки масъулиятро дар онҳо бедор мекунад. Чунин тағриба ба рушди фикрронии мантиқӣ ва ҳамзамон эҳтиром ба далелҳои илмӣ мусоидат мекунад [6, с. 142].

Дар ниҳоят, омӯзгор бояд фазои мусоидро барои озмоиши хатоҳо фароҳам орад, то хонандагон бидуни тарс аз нокомӣ таҳқиқ кунанд. Таъкид бар раванди ҳал, на танҳо натиҷаи ниҳоӣ, ба онҳо меомӯзад, ки математика як раванди динамикӣ ва тафаккури кушод аст [16, с. 82]. Ин равиш ба ташаккули шахсиятҳои ҷасур ва эҷодкор, ки барои ҳалли масъалаҳои ҷаҳони муосир омода ҳастанд, оварда мерасонад.

Дар ин замина, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар дарсҳои математика метавонад барои хонандагон шароити бештар фароҳам орад, то онҳо бо маълумоти воқеӣ кор кунанд [10, с. 215]. Масалан, таҳлили маълумоти иқлим ё иқтисодиёти маҳаллӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки назарияро бо амал пайванд диҳанд ва аҳаммияти математикаро дар ҳаёти рӯзмарра эҳсос кунанд.

Ҳамчунин, омӯзгор бояд ба хонандагон фаҳмонад, ки ҳар як масъала метавонад якчанд роҳи ҳал дошта бошад [12, с. 98]. Ин гуна равиш тафаккури гуногунҷанбаро ташвиқ мекунад ва ба онҳо меомӯзад, ки ҷустуҷӯйи роҳи оптималӣ назар ба таъкид бар як ҷавоби ягона муҳимтар аст. Дар натиҷа, хонандагон қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаро пайдо мекунанд.

Дар маҷмуъ, тарбияи малакаҳои таҳлилӣ ва эҳтиром ба далелҳои илмӣ дар хонандагон на танҳо барои дарси математика, балки барои тамоми ҳаёти онҳо заминаи муҳим мегузорад. Ин равиш ба онҳо кумак мекунад, ки дар ҷаҳони пур аз номуайянӣ бо боварӣ қарор қабул кунанд ва ба сифати шаҳрвандони масъулиятшинос рушд ёбанд [13, с. 210].

Дар ин замина, муҳим аст, ки омӯзгорон ба хонандагон роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳоро нишон диҳанд ва онҳоро ба муқоисаи ин роҳҳо водор созанд [2, с. 89]. Ин равиш на танҳо фаҳмиши амиқтари мафҳумҳоро таъмин мекунад, балки қобилияти интихоби самараноктарин усулро дар шароити мушаххас низ такмил медиҳад. Хонандагон бояд дарк кунанд, ки ҳар як қарор метавонад оқибатҳои худро дошта бошад ва таҳлили ин оқибатҳо як қисми ҷудонашавандаи раванди омӯзиш аст.

Ҳамчунин, истифодаи маълумоти воқеӣ аз соҳаҳои гуногун, ба монанди тиб, муҳандисӣ ё ҳуқуқ, ба хонандагон имкон медиҳад, ки математикаро ҳамчун воситаи ҳалли мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ бубинанд [15, с. 118]. Ин гуна пайвастшавӣ бо ҳаёти воқеӣ ба онҳо кумак мекунад, ки аз омӯзиши абстрактӣ ба корбарии амалӣ гузаранд ва мотиватсияи худро барои омӯзиш афзоиш диҳанд.

Дар ниҳоят, тарбияи тафаккури интиқодӣ ва қобилияти таҳлили далелҳо дар хонандагон ба онҳо имкон медиҳад, ки дар муҳити иттилоотии пур аз ихтилофот ҳақиқатро аз дурӯғ ҷудо кунанд [7, с. 73]. Ин маҳорат барои ҳаёти касбӣ ва шахсии онҳо, аз қабули қарорҳои молиявӣ то иштирок дар мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ, аҳаммияти калидӣ дорад.

Бинобар ин, омӯзгорон бояд на танҳо дониши математикиро интиқол диҳанд, балки ба рушди шахсияти ҳамаҷонибаи хонандагон таваҷҷуҳ кунанд [9, с. 52]. Ин равиш ба онҳо кумак мекунад, ки дар оянда на танҳо мутахассисони баландихтисос, балки шахсоне бошанд, ки метавонанд дар ҷомеа нақши созанда ва масъулиятшиносро иҷро кунанд.

Адабиёт:

1. Ананьев, Б.Г. О проблемах современного человекознания / Б.Г. Ананьев. – СПб.: Питер, 2001. – 272 с.

2. Бабанский, Ю.К. Оптимизация процесса обучения: Общедидактический аспект / Ю.К. Бабанский. – М.: Педагогика, 1977. – 254 с.

3. Гусев, В.А. Методика обучения математике: теория и практика / В.А. Гусев. – М.: Академия, 2014. – 384 с.

4. Каримов, Н.К. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим / Н.К. Каримов. – Душанбе, 2020. – 280 с.

5. Каримов, Н.К. Назарияи таълим / Н.К. Каримов. – Душанбе, 2019. – 280 с.
6. Колягин, Ю.М. Методика обучения математике в средней школе / Ю.М. Колягин. – М.: Просвещение, 1977. – 480 с.
7. Крутецкий, В.А. Психология математических способностей школьников / В.А. Крутецкий. – М.: Просвещение, 1968. – 432 с.
8. Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. – М.: Политиздат, 1975. – 304 с.
9. Лернер, И.Я. Дидактические основы методов обучения / И.Я. Лернер. – М.: Педагогика, 1981. – 186 с.
10. Махмутов, М.И. Проблемное обучение / М.И. Махмутов. – М.: Педагогика, 2018. – 192 с.
11. Пирназаров, А. Ташаккули сифатҳои ахлоқии хонандагон / А. Пирназаров. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 180 с.
12. Пойа, Д. Как решать задачу / Д. Пойа. – М.: Учпедгиз, 1961. – 207 с.
13. Салимов, М.С. Технологияҳои муосири таълим / М.С. Салимов. – Душанбе, 2022. – 240 с.
14. Салимов, М.С. Технологияҳои муосири таълими математика / М.С. Салимов. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 240 с.
15. Скаткин, М.Н. Совершенствование процесса обучения: Проблемы и перспективы / М.Н. Скаткин. – М.: Педагогика, 1971. – 206 с.
16. Хуторской, А.В. Педагогическая инноватика: учебное пособие / А.В. Хуторской. – М.: Академия, 2008. – 256 с.
17. Хуторской, А.В. Современная дидактика : учебное пособие / А.В. Хуторской. – 2-е изд., перераб. – М.: Высшая школа, 2007. – 638 с.

ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНБИНИИ ИЛМИИ ХОНАНДАГОН БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА

Дар мақола масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури эҷодии хонандагон дар раванди таълими математика аз ҷанбаҳои психологию педагогӣ таҳлил карда мешавад. Муаллиф нақши донишҳои математикӣ, фаъолияти маърифатӣ, тафаккури мантиқию абстрактӣ, мустақилияти фикрӣ ва рефлексияро дар рушди шахсияти хонанда баррасӣ менамояд. Таъкид мегардад, ки таълими математика бояд на танҳо ба азхудкунии мафҳумҳо, қоидаҳо ва алгоритмҳои математикӣ, балки ба ташаккули қобилияти таҳлил, муқоиса, умумисозӣ, далеловарӣ, ҳалли масъалаҳои проблемавӣ ва татбиқи донишҳо дар вазъиятҳои амалӣ равона карда шавад. Дар ин замина имкониятҳои бозиҳои математикӣ ҳамчун яке аз воситаҳои фаъоли таълим мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Нишон дода мешавад, ки истифодаи мақсадноки бозиҳои математикӣ метавонад шавқу ҳаваси маърифатии хонандагонро баланд бардошта, фаъолияти мустақилона, тафаккури эҷодӣ, қобилияти қабули қарор ва малакаҳои ҳамкориро инкишоф диҳад. Дар мақола инчунин аҳаммияти ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии хонандагон, истифодаи усулҳои проблемавӣ ва ташкили фаъолияти рефлексивӣ таъкид карда мешавад. Хулоса мешавад, ки ҳамгироии усулҳои фаъоли таълим бо мазмуни математика барои ташаккули шахсияти мустақил, эҷодкор ва дорои ҷаҳонбинии илмӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури эҷодӣ, таълими математика, бозиҳои математикӣ, фаъолияти маърифатӣ, тафаккури мантиқӣ, тафаккури абстрактӣ, мустақилияти фикрӣ, рефлексия, масъалаҳои проблемавӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ СТУДЕНТОВ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИННОВАЦИОННЫХ МЕТОДОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКИ

В статье с психолого-педагогических позиций анализируется проблема формирования научного мировоззрения и творческого мышления учащихся в процессе обучения математике. Рассматривается роль математических знаний, познавательной деятельности, логического и абстрактного мышления, интеллектуальной самостоятельности и рефлексии в развитии личности учащегося. Подчеркивается, что обучение математике должно быть направлено не только на усвоение математических понятий, правил и алгоритмов, но и на развитие способности к анализу, сравнению, обобщению, аргументации, решению проблемных задач и применению полученных знаний в практических ситуациях.

В данном контексте анализируются возможности математических игр как одного из активных средств обучения. Показано, что целенаправленное использование математических игр способствует повышению познавательной мотивации учащихся, развитию самостоятельности, творческого мышления, способности принимать решения и навыков сотрудничества. Особое внимание уделяется учёту возрастных и индивидуальных особенностей учащихся, применению проблемных методов обучения и организации рефлексивной деятельности. Сделан вывод о том, что интеграция активных методов обучения с содержанием математического образования создаёт благоприятные условия для формирования самостоятельной, творческой личности с научным мировоззрением.

Ключевые слова: научное мировоззрение, творческое мышление, обучение математике, математические игры, познавательная деятельность, логическое мышление, абстрактное мышление, интеллектуальная самостоятельность, рефлексия, проблемные задачи.

FOSTERING A SCIENTIFIC WORLDVIEW IN STUDENTS USING INNOVATIVE METHODS IN THE PROCESS OF STUDYING MATHEMATICS

The article analyzes the formation of students' scientific worldview and creative thinking in the process of mathematics education from psychological and pedagogical perspectives. It examines the role of mathematical knowledge, cognitive activity, logical and abstract thinking, intellectual independence, and reflection in students' personal development. The study emphasizes that mathematics education should not be limited to the acquisition of mathematical concepts, rules, and algorithms, but should also contribute to the development of students' abilities to analyze, compare, generalize, provide arguments, solve problem-based tasks, and apply acquired knowledge in practical situations. In this context, the potential of mathematical games as an active teaching tool is examined.

The analysis demonstrates that the purposeful use of mathematical games can enhance students' cognitive motivation and contribute to the development of independent learning, creative thinking, decision-making abilities, and cooperation skills. Particular attention is paid to taking into account students' age-related and individual characteristics, applying problem-based teaching methods, and organizing reflective learning activities. The article concludes that integrating active teaching methods with the content of mathematics education creates favorable conditions for developing independent and creative learners with a scientifically grounded worldview.

Keywords: scientific worldview, creative thinking, mathematics education, mathematical games, cognitive activity, logical thinking, abstract thinking, intellectual independence, reflection, problem-based tasks.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шоҳсанами Ризо, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон, мудири кафедраи таъминоти барномавӣ ва web-дизайни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел.: 200901309. Почтаи электронӣ: shohsanamiriso26@gmail.com

Сведения об авторе: Шохсанами Ризо, кандидат педагогических наук, старший преподаватель, заведующая кафедрой программного обеспечения и веб-дизайна Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел.: 200901309. Эл. почта: shohsanamiriso26@gmail.com

Information about the author: Shokhsanami Rizo, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer, head of the department of software and web design of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel: 200901309. Email: shohsanamiriso26@gmail.com

Муқарриз: Муродализода Р.М., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ 371+376:316+340 (575.3)

ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ҲАМЧУН МАСЪАЛАИ ПЕДАГОГӢ, ИҶТИМОӢ, ФАРҲАНГӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Азизов М.Ҷ., унвонҷӯ
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ

Гузориши масъала

Фароҳам овардани муҳити таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз масъалаҳои асосӣ ва калидӣ дар самти таҳияи низоми мураттаб ва муназзами раванди ин иқдом ва ташаббуси хайрандеш аст. Зиёда аз ин, таъсиси мақсадноки муҳити таҳсилоти фарогир қадами устувор ба ҷониби арзишҳои умумиинсонӣ ва умумибашарӣ буда, ба меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи кӯдакон ва ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуди ниёз ба таҳсили махсусдошта мусоидат мекунад.

Боиси нигаронӣ аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин масъала то ҳол вокуниш ва нигаронии ҷиддиро ба миён нагузоштааст. Мактабҳо барои қабули бачагони дорои имконияти маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, равонӣ ва иллатхои гуногуни ношунавоӣ, нобиноӣ ва амсоли он омода нестанд. Падар ва модарон низ ба таҳсили фарзандони дорои иллатҳои солимӣ чандон таваҷҷуҳ ва эътибор зоҳир намекунанд. Бачагони дорои нуқсонхо аксаран худро канор мегиранд ва ҳамрохи ҳамсолони худ таҳсил карданро барояшон муносиб намебинанд. Шарм медоранд, ки дониши дуруст надоранд, аз хамсолони худ дар таълиму омӯзиш хеле қафо мондаанд.

Муҳаққиқони ватанӣ изҳор медоранд, ки «консепсияи ҷалби иҷтимоӣ мухолифи консепсии ҷудоии иҷтимоӣ буда, дар натиҷаи гузариши аксарияти ҷомеаҳои ҷаҳонӣ ба арзишҳои демократӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон пайдо шудааст» [2, с. 3].

Воқеан, мусаллам аст, ки бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ ва ҳолатҳои гуногуни норасоӣ ҷузъи ҷомеа мебошанд, ба таҳсил ва таълим ҳуқуқи комил доранд. Аз ин лихоз, тасмим гирифтем, ки андешаҳои хешро дар заминаи таҷрибаи пешқадам, афкору пиндори донишмандони соҳа, таҳлил ва мушоҳидаҳои шахсӣ дар доираи чӣ тавр ташкил кардани муҳити таҳсилоти фарогир пешниҳод карда бошем.

«Таҳсилоти фарогир чунин тарзи ташкили ҷараёни таълим аст, ки дар он ҳамаи бачагон, новобаста ба хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ-этникӣ, забонӣ, иҷтимоӣ ва дигар навъи тафовутҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълими умумӣ фаро гирифта мешаванд» [14, с. 14]. Аслан ва воқеан гузориши масъала аз масъалаҳои калидии рушди низоми маорифи ватанӣ дар замони муосир аст, зеро таҳсилоти фарогир на танҳо масъалаи педагогӣ, балки ҳам иҷтимоӣ, ҳам фарҳангӣ, ҳам ҳуқуқӣ ва ҳатто рукни таркибии дид ва нигоҳи ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, чунин мешуморем, ки дар таҳияи низоми мураттаб ва мақсадноки таҳсилоти фарогир дар шароити Тоҷикистон баррасии масъалаҳои марбут ба

ташкили **муҳити таҳсилоти фарогир, ҳалли масъалаҳо дар робита ба имкониятҳои фаровони** мавҷуда бояд матраҳ ва таҳқиқу баррасӣ гардад.

Қаблан ба моҳияти гузориши масъала - таҳсилоти фарогир ва ташкили муҳити созгори таълимӣ ва омӯзишӣ дар татбиқи амалии ин падидаи тоза назар меандозем. Дар замони муосир ҷомеаи инсонӣ дар назди муассисаҳои таҳсилот вазифаҳои мазмунан ва миқёсан амиқу фарохро мегузорад. Сухан аз боби таъмини сатҳи баланди таҳсилоти босифат, муносибати босалоҳият ба таълим, дарки бошууронаи фанҳои омӯзишӣ дар муҳити мактаб меравад. Хоса дастрасии баробарҳуқуқи таҳсил барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа, махсусан, ба кӯдакон ва бачагони ниёзманд, ки ёрӣ, дастгирӣ ва мададро дар таълим ва омӯзишу парвариш орзу доранд.

Иҷрои матлаб ва вазифаҳои матраҳшуда дар сурате имконпазир мегардад, ки агар муҳити созгор ва бемамониати таълиму омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил гардида, раванди таҳсил барои бачагони ба таҳсил ниёз ва талаботи махсусдошта дар вазъи таъмини шароити мувофиқ татбиқи амал ёбад. «Бояд дар хотир дошт, ки муносибати давлат ва ҷомеа ба гурӯҳи шахсони талаботи махсуси саломатӣ дошта танҳо бо пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ маҳдуд намешавад. Ин гуна кӯдакон аз замони таваллуд то марҳилаи бо кор таъминкунӣ ба муносибати махсус эҳиёҷ доранд» [5, с. 17].

Шиносоӣ бо адабиёти илмӣ, таҳлил ва омӯзиши афкори муҳаққиқон, мутахассисон ва дастандаркон моро ба тақвияти чунин фикри сареҳ ва возеҳу равшан ҳидоят месозад: таҳсили фарогир (инклюзия) аз падидаҳои стратегии навин ва бемайлони таҳсилу таълими махсус маҳсуб меёбад. Инклюзия шоҳроҳи умед ва ормонҳо барои кӯдакону бачагоне мебошад, ки худро дар ҳалқаи ҳамсолон ва ҳамсабақони хеш дар омӯзишу парвариш дидан ва пайвастан мехоҳанд. Онҳо низ орзуи мактабхон шудан, ба мактаб рафтан ва таҳсил карданро дар дил мепарваранд.

Таҷрибаи суҳбат бо ин қабил бачагон ва волидони онҳо собит месозад, ки шавқу рағбати бештарини онҳо дар муошират ва робита бо ҳамсолону омӯзгорон ба чашм мерасад. Воқеан, худи моҳияти таҳсилоти фарогир низ маҳз дар он аст, ки бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсилдошта ба синфхонаҳои мактаб омадаю ба таълиму парвариш ва омӯзишу рушд мисли дигарон фаро гирифта шаванд.

Муҳаққиқи соҳа А. Байзоев чунин ибрози ақида мекунад: «Ҷараёни иҷтимоишавии ШИМ (шахсони имконияташон маҳдуд) аксаран аз рӯзи таваллуд оғоз гардида, то замони бо кору фаъолият таъмин шудани онҳо ва ҳатто пас аз он низ идома меёбад. Ин ҷараён кафолатҳои ҳамаҷонибаи давлатро тақозо мекунад, ки таҳти идораву назорати ин ё он вазорат ва ё ниҳоди алоҳидаи давлатӣ қарор гирифта наметавонад» [5, с. 29-30].

Асоси таҳсилоти фарогирро ғоя ва идеологияе дарбар мегирад, ки дар он ҳама гуна унсурҳои поймолгардии ҳуқуқ аз байн бардошта шуда, муносибати баробар ва шароити мусоид ба кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсуси таҳсилдошта фароҳам оварда мешавад. Яъне таҳсилоти фарогир раванди рушди таҳсилоти умумӣ буда, дастрас будани таълиму таҳсилро барои ҳама, сарфи назар аз нуқсонҳо, иллатҳо, камбудиҳо, норасоиҳо ва имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ таъмин месозад. Муҳим он аст, ки макони таҳсил дар ҳудуди ҷойи истиқомати бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил ба вуқуъ пайвандад, то ки рафтуомад, мутобиқшавӣ ва инкишофи онҳо дар доираи муҳити созгори таълим ва тарбия роҳандозӣ гардад.

Таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи наву тозаи раванди таълиму тарбия ва иҷтимоишавии субъектҳои махсуси ҷомеа (яъне онҳое, ки дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил мебошанд) дар асоси принсипҳои муайян роҳандозӣ мегардад. Аз ҷумла:

- арзиши инсон сарфи назар аз қобилият ва дастовардҳои ӯ;
- ҳар як шахс қудрати эҳсос ва фикр карданро дорост;
- ҳар нафар ҳуқуқи муошират ва талқини фикрро молик аст;
- кулли бачагон эҳтиёҷ ба ҳамдигар доранд;

- таҳсилоти аслӣ ва ҳақиқӣ танҳо дар заминаи густариши ҳамкорӣ ва робитаҳои мутақобила татбиқ меёбад;

- кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, ки дили ҳассос ва нозук доранд, муҳити созгори иҷтимоӣ ва пайравиро хуш истиқбол мекунанд;

- барои чунин тоифаи дорои нуқсонҳои зеҳнӣ, ҷисмонӣ, солимӣ камтарин пешравӣ ва дастоварди дар таълиму омӯзиш мӯҷиби дилгармӣ ва муваффақиятҳо мегардад.

- чораи аз ҳама муҳим ва ногузир - ворид шудани онҳо ба фазои умумии таҳсил ва таълим дар қатори ҳамсолону ҳамсабақон маҳсуб меёбад.

Дар замони муосир, чуноне ки аз мушоҳидаҳо бармеояд, ҳар гоҳ вақте сухан бобати таҳсилоти фарогир меравад, худи мафҳуми «инклюзия» ва «таҳсилоти инклюзивӣ» ба вуҷуд омадани таҳаввулро дар шуури ҷомеа падидор мегардонад. Дар ин росто лозим медонем, ки моҳияти низоми таҳсилоти фарогир ва таҳсилоти муқаррарӣ-анъанавӣ дар заминаи муқоиса, бартарият ва мушкилоту муаммоҳои мавҷуда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирад.

Чунончи, таҳсилоти анъанавӣ-муқаррарӣ бо хонандагони солим, муваффақ, пешрав ва инчунин миёнахон сару кор дорад ва онҳо ба талаботи барномаи ягонаи таълим мутобиқ гардида, аз ҷониби омӯзгор ба дониш, маҳорат ва малакаҳои муайян соҳиб мешаванд.

Дар муқоиса бо ин шакли анъанавӣ ва муқаррарӣ таҳсилоти фарогир моҳиятан ҷиҳатҳои фарқкунанда дошта, дар муҳити синфхонаҳои мактабӣ бо бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсусдошта мегузарад. Дар чунин ҳолат муҳити мактаб ва синфхона ба ниёзҳо ва талаботи хонандагони нуқсонҳои гуногундошта ба хотири дастгирӣ ва дастрасии таҳсил мутобиқ гардонда мешавад.

Як фарқияти назаррас дар муносибат ба хонанда ба чашм мерасад. Чунончи, дар низоми анъанавии таҳсил хонанда ба стандартҳои синфхона бояд мувофиқ бошад, дар муҳити таҳсилоти фарогир барнома ва шароитҳои таҳсил ба талаботи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд мувофиқ карда мешавад.

Ҷиҳати дигари фарқкунанда дар он аст, ки синфҳои анъанавӣ мувофиқи принсипи «меъёри муқарраршуда» таъсис меёбанд, вале дар синфҳои инклюзивӣ бачагоне ҷамъ мегарданд, ки норасоиҳои гуногуни ҷисмонӣ, зеҳнӣ-маърифатӣ, забонӣ ва равонӣ доранд. Агар дар низоми таҳсилоти анъанавӣ омӯзгор ирсолкунандаи дониш бошад, дар муҳити таҳсилоти фарогир ӯ фасилитатор, яъне ашхоси ёрирасон ва мутахассис - идоракунандаи раванди таълиму тадрис маҳсуб меёбад. Бино бар ақидаи як зумра муҳаққиқон ва дастандаркорон таҳсилоти фарогир ба иҷтимоишавӣ, рушди мустақили фаъолмандӣ ва пешравии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд роҳ мекушояд ва мусоидат мекунад.

Таҳсилоти фарогири принсип, меъёрҳо ва арзишҳои умумибашариро дар партави шиори «таҳсил барои ҳама» роҳандозӣ менамояд ва талқин месозад, ки ҳамаи бачагони рӯйи олам ҳуқуқ ба таҳсил, дониш ва омӯзишро доранд. Чунин меъёр на танҳо ба бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ-маърифатӣ ва вазъи гуногуни солимӣ тааллуқ дорад, балки онҳоеро мадди назар қарор медиҳад, ки ба зумраи ақаллиятҳои миллӣ, гурӯҳҳои этникӣ, синну соли гуногун, ҷинси мард ё зан мансубанд. Яъне ҳамаи бачагон ҳуқуқи бемайлони таҳсил, парвариш ва рушди иҷтимоӣ ва инфиродӣ доранд.

Ба дигар маънӣ, таҳсилоти фарогир рушди методологияеро ба майдони таҳқиқ мегузорад, ки он бевосита ба тақдири таҳсил ва таълиму омӯзиши бачагони нуқсон ва иллатдошта алоқаманд буда, барои қонеъ гардондани талаботи онҳо саҳм мегузорад. Таҳсилоти фарогир кӯшиши коркарди роҳу равиш ва тариқи мувофиқу мутобиқи таълим ва парвариши ашхоси талаботи махсусдоштаро аз масъалаҳои муҳим ва ногузир меҳисобад.

Дар сурати самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти фарогир тағйири муносибат ба таълиму омӯзиш беш аз пеш ба амал омада, натиҷаҳо, раванди ташаккул ва рушди зеҳнӣ-маърифатии бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта баръало беҳ ва намоён мегардад. Дар чунин вазъ ҳама бурд мекунанд: ҳам бачагони дорои камбудӣ ва нуқсонҳои гуногун, ҳам ҳамсолони мактабхон, ҳам волидон ва ҳам ҷомеа.

Алъон дар кулли кишварҳои мутараққӣ ва пешрави дунё дар соҳаи мактаб ва маориф иқдом ва ташаббуси тоза таҳти унвони «Мактаби нав – мактаб барои ҳама» пеш гирифта

шудааст. Ҳадафи асосии чунин мактабҳои шаклан ва мазмунан нав татбиқи амал ёфтани иҷтимоишавии бомуваффақи хонандагон ва хоса бачагони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ (маъюбон, ятимон, бепарасторон ва ҳоказо) мебошад. Дар чунин намуди мактабҳои замонавӣ синну соли хонандагон, вазъи иҷтимоии онҳо, хусусиятҳои инфиродӣ-равонӣ ва ташкили таълиму тадрис дар зинаҳои гуногуни таҳсил (ибтидоӣ, асосӣ ва синфҳои болоӣ) ба назари эътибор гирифта мешавад.

Бино бар ақидаи муҳаққиқи ватанӣ, шодравон А. Байзоев: «Дар айни замон инклюзия ба маънои васеъ на танҳо ба бачагони дорои маъюбият, балки ба ҳамаи бачагоне, ки дар фарогирии таҳсил ба муносибати махсус эҳтиёҷманд ҳастанд, тааллуқ дорад. Ҳамчунин гоҳо истилоҳоти «бачагони рушдашон халалдоршуда» (дети с нарушениями в развитии), «бачагони қафомонда», «бачагони мушкилтарбия» ва ғайра низ истифода мешавад. Вақтҳои охир истилоҳи «бачагони дорои талаботи махсуси таҳсилотӣ» низ маъмул гардидааст» [4, с. 133].

Воқеан, қабули Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳким ва рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар заминаи ҳуқуқи бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таҳсил нақши бориз дорад. Татбиқи амалии Консепсия имкон медиҳад, ки бачагони ниёз ва талаботи махсус ба таҳсилдошта бо таълиму тарбияи босифат фаро гирифта шаванд, худро узви баробарҳуқуқи ҷомеа эҳсос кунанд. Татбиқи ин иқдоми наҷиб ва хайрандеш натанҳо аз падару модарон, балки аз роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, тамоми ҷомеа ва давлат масъулияти зиёд ва таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад.

Ин маврид бори дигар ба масъалаи асосӣ – истилоҳоте, ки дар робита ба таҳсилоти фарогир истифода мешавад, таваҷҷуҳ мефармоем, зеро ҳангоми муайян намудани гурӯҳи бачагоне, ки ба таҳсилоти фарогир ниёз доранд, истилоҳоти ҳархела ва гуногун истифода мешавад. «Маъмултарини онҳо истилоҳи «шахсони имкониятҳояшон маҳдуд» аст. Вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истилоҳоти «кӯдакони имконияташон маҳдуд», «бачагони имконияташон маҳдуд», «хонандагони имконияташон маҳдуд» низ истифода мешавад.

Дар айни замон, аксаран ин истилоҳро ба бачагоне нисбат медиҳанд, ки дорои мушкилоти саломатӣ мебошанд. Вале аз ҷониби дигар, ба ин гурӯҳ бачагоне низ дохил мешаванд, ки бо сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ дорои маҳдудиятҳо мебошанд. Ба таври намуна, ятимон, бачагон аз оилаҳои камбизоат, намояндагони ақаллиятҳои миллӣ ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Ҳатто бачагони истеъдоди фавқулода дошта низ, ба талаботи махсус ниёз доранд. Ба хотири он ки ин ду гурӯҳро аз ҳам фарқ кунанд, то вақтҳои охир аз истилоҳи «бачагони маъюб» истифода мекарданд ва дигаронро бо истилоҳи «бачагони маъмулӣ ё солим» ба қалам медоданд. Аммо таҳти таъсири конвенсияҳои байналмилалӣ ва муайян намудани нозукиҳои маънои истилоҳи англисии Children with Disabilities, ин истилоҳ бо истилоҳи «бачагони дорои маъюбият» иваз шуд.

Маъмулан ҳангоми муайян намудани мафҳуми «таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)» маҳз ҷалби бачагони дорои дараҷаҳои гуногуни маъюбият ба таҳсилоти умумӣ дар назар дошта мешавад. Ба чунин тарзи муносибат қабули Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои бачагони дорои маъюбият таъсири муҳим расонд, ки дар он ҳуқуқи ин зумра бачагон дар муҳити таҳсилоти умумӣ (ҳамагонӣ) махсус қайд шудааст [4, с. 132-133].

Дар замони муосир ҷомеаи инсонӣ дар назди муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ вазифаҳои мазмунан ва миқёсан амиқу фарохро мегузорад. Пеш аз ҳама, сухан аз боби ташкил ва таъмини сатҳи баланди таҳсилоти босифат, муносибати босалоҳият ба таълим, дарки бошууронаи фанҳои омӯзишӣ дар муҳити мактаб меравад. Хоса дастрасии баробарҳуқуқи таҳсил барои ҳамаи қишрҳои ҷомеа, махсусан, ба кӯдакон ва бачагони дорои ниёз ба таҳсилоти махсус, ки ёрӣ, дастгирӣ ва мададро дар таълим ва омӯзишу парвариш дар дил мепарваранд.

Иҷрои матлаб ва вазифаҳои матраҳшуда дар сурате имконпазир мегардад, ки агар муҳити созгор ва бемамонати таълиму омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин гардида, раванди таҳсил барои бачагони ба таҳсил талаботи махсусдошта дар вазъи фароҳам овардани шароити мусоид ва мувофиқ татбиқи амал ёбад.

Шиносоӣ бо адабиёти илмӣ, таҳлил ва омӯзиши афкори муҳаққиқон, мутахассисон ва дастандаркорон моро ба тақвияти чунин фикри сареҳ ва возеҳу равшан ҳидоят месозад: таҳсили фарогир (инклюзия) аз падидаҳои стратегии навин ва бемайлони таҳсилу таълими махсус маҳсуб меёбад. Инклюзия шоҳроҳи умед ва ормонҳо барои кӯдакону бачагоне, ки худро дар ҳалқаи ҳамсолон ва ҳамсабақони хеш дар омӯзишу парвариш дидан ва пайвастан мехоҳанд. Онҳо низ мактабхон шудан, ба мактаб рафтан ва таҳсил карданро дар дил мепарваранд.

Таҷрибаи суҳбат бо ин қабил бачагон ва волидони онҳо собит месозад, ки шавқу рағбати бештарини онҳо дар муошират ва робита бо ҳамсолону омӯзгорон ба чашм мерасад. Воқеан, худи моҳияти таҳсилоти фарогир низ маҳз дар он аст, ки бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсилдошта ба синфхонаҳои мактаб омадаю ба таълиму парвариш ва омӯзишу рушд мисли дигарон фаро гирифта шаванд.

Агар пайваставшавии бачагони дорои имкониятҳои маҳдудро ба синфхонаҳои умумӣ қадами аввал шуморем, дар навбати дигар таъсиси синфхонаҳои махсуси инклюзивӣ аз вазифаҳои ногузири соҳаи мактабу маориф маҳсуб меёбад. Дар ин гуна синфхонаҳои махсус таълим ва парвариш ёфтан, омӯхтани фанҳои мактабӣ аз вазифаҳои асосӣ ва мақсадноки таҳсилоти фарогир мебошад. Яъне таъмини ҳам таълим, ҳам омӯзиш, ҳам парвариш ва ҳам муҳити озоди муошират ва муносибати муштарак.

Воқеан, асоси таҳсилоти фарогирро ғоя ва идеологияе дарбар мегирад, ки дар он ҳама гуна унсурҳои поймолгардии ҳуқуқ аз байн бардошта шуда, муносибати баробар ва шароити мусоид ба кӯдакону бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсуси таҳсилдошта фароҳам оварда мешавад. Яъне таҳсилоти фарогир раванди рушди таҳсилоти умумӣ буда, дастрас будани таълиму таҳсилро барои ҳама, сарфи назар аз нуқсонҳо, иллатҳо, камбудиҳо, норасоиҳо ва имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, зеҳнӣ таъмин месозад. Муҳим он аст, ки макони таҳсил дар ҳудуди ҷойи истиқомати бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил ба вуқуъ пайвандад, то ки рафтуомад, мутобиқшавӣ ва инкишофи онҳо дар доираи муҳити созгори таълим ва тарбия роҳандозӣ гардад.

Таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи наву тозаи раванди таълиму тарбия ва иҷтимоишавии субъектҳои махсуси ҷомеа (яъне онҳое, ки дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил мебошанд) дар асоси принсипҳои муайян роҳандозӣ мегарад. Аз ҷумла:

- арзиши инсон сарфи назар аз қобилият ва дастовардҳои ӯ;
- ҳар як шахс тавони эҳсос ва фикр карданро дар ҳаҷм ва андозаи муайян доро аст;
- ҳар нафар ҳуқуқи муошират ва талқини фикру андешаи хешро дорад;
- кулли насли наврас эҳтиёҷи бо ҳам будан, таҳсил ва робита карданро доранд;
- таҳсилоти босифат (аслӣ ва ҳақиқӣ) танҳо дар заминаи густариши ҳамкорӣ ва робитаҳои мутақобила татбиқи амал меёбад;
- кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, ки табиатан дили ҳассос ва нозук доранд, муҳити созгори иҷтимоӣ ва пайравиро хуш истиқбол мекунанд;
- барои бачагони дорои нуқсонҳои зеҳнӣ, ҷисмонию солимӣ ҳатто камтарин пешравӣ ва дастовард дар таълиму омӯзиш мӯҷиби дилбастагӣ ва майлу рағбат (мотиватсия) мегардад.

Дар ин росто муҳимтарин вазифаи мактаб, волидон ва ҷомеа - ворид шудани онҳо ба фазои умумии таҳсилот ва таълиму парвариш дар қатори ҳамсолону ҳамсабақон маҳсуб меёбад. Яъне, м**уҳити таҳсилоти фарогир** на танҳо қабули бачагони дорои имконияти маҳдуд ба мактаб мебошад, балки фароҳам овардани чунин фазои таҳсилотест, ки ҳар нафаре аз онҳо худро на ашхоси ғайридилхоҳ, балки шоистаю муносиб ҳис кунад.

Аз ин лиҳоз, тамоиз миёни бачагони солиму носолим, баиллату беиллат, бенуқсону бануқсон набояд чун унсури фарқкунанда ҳис гардад, балки ҳамчун воқеияти ҳаёт ва зиндагӣ тавассути дастгирӣ ва ҳамраъйӣ нисбат ба онҳо арзёбӣ гардад. Барои расидан ба ин ҳадаф ва матлаби олии инсондӯстӣ фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму омӯзиш бо дарназардошти эҳтиёҷи инфиродии бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд амали нек ва кори

хайр пазируфта мешавад. Ғояи асосӣ - ҳам мутобиқ кардани онҳо ба мактаб ва ҳам омода шудани **мактаб нисбат ба қабул ва таҳсили чунин афроди ҷомеа** мебошад.

Адабиёт:

1. Абрамова И.В. Образование детей с ограниченными возможностями здоровья: проблемы, поиски, решения // Педагогическое образование и наука. – 2012, №11. – С.98-102.
2. Асосҳои таҳсилоти фарогир. (Маҷидова Б., Юнусова Н.М., Қурбонова Г.А.) – Душанбе, 2013, - 244 с.
3. Ахметова Д.З. Инклюзивное образование – путь к инклюзивному обществу , // Педагогическое образование и наука. – 2014, №1. – С.65-70.
4. Байзоев А. Чанд мулоҳизот оид ба истилоҳоти таҳсилоти фарогир // Масъалаҳои мубрами ислоҳоти маориф. - Душанбе: “Сифат”, 2021. – 196 с.
5. Байзоев А. Таҳсилоти фарогир: Раҳёфти маҷмуӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам. – Душанбе: Донишварон, 2017. -150 с.
6. Кантор В.З. Инклюзивное образование как новая парадигма государственной политики // Вестник Герценевского университета. - №9 (83).- 2010. – С.41-47
7. Каримова И.Х. Инклюзивное образование: проблемы, перспективы // Международная конференция “Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения: Материалы. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С. 3-7.
8. Каримова И.Х. Стратегия развития инклюзивного образования // Материалы Международной конференции “Инклюзивное образование в Республике Таджикистан: состояние, проблемы, перспективы”. – Душанбе: Сифат, 2019. – С. 3-12.
9. Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои БМТ (бачагони талаботи махсус) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015. - Душанбе, 2012. – 46 с.
10. Мирзоева Д.С. Фаъолгардонии хонандагони имконияти маҳдуддоштаи зинаи таҳсимлоти ибтидоӣ дар раванди таълими фарогир бо истифода аз технологияи ғайрианъанавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). Рисолаи номзадӣ. [Матн] / Д.С. Мирзоева. - Душанбе: - 2025.- 185 с.
11. Педагогика, психология и технология инклюзивного образования: Материалы Второй международной научно-практической конференции (Казань, 20-21 марта 2014 года). – Казань: Изд-во “Познание”, ИЭ УП. – 2014.
12. Скоробогатова Ю.В. Курсы повышения квалификации как условие сопровождения деятельности педагога начальной школы // Развитие личности педагога и обучающегося в образовательном пространстве начальной школы и вуза / под ред. Л. И. Буровой. Череповец, 2016. – С.66-108.
13. Таҳлили вазъи маблағгузории сарикасӣ аз дидгоҳи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: “Ирфон”, 2013. - 160 с.
14. Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ): Дастури таълимӣ барои донишкадаҳои такмили ихтисос. Таҳти назари Байзоев Азим. – Душанбе: “Ирфон”, 2013, 224 с.
15. Ҳакимова Ҷ. Хусусиятҳои дидактикии ташкили фаъолияти таълимӣ дар шароити таҳсилоти фарогир. Рисолаи номзадӣ. [Матн] / Ҷ.Ҳакимова- Душанбе: - 2019.- 184 с.

ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ҲАМЧУН МАСЪАЛАИ ПЕДАГОГӢ, ИҶТИМОӢ, ФАРҲАНГӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Дар мақолаи мазкур вазъият, проблемаҳо ва стратегияи рушди таҳсилоти фарогир ҳамчун масъалаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Зикр мегардад, ки дар мамлакат консепсияи миллии таҳсилоти фарогир дар робита ба самтҳои асосӣ ва дурнамои он ҳамчун низоми махсуси таълим бо кӯдакони имконияташон маҳдуд муқаррар ва муайян карда шудааст.

Консепсия ғояи муҳимро дар бахши фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд ба раванди таҳсил дар қатори ҳамсолони худ дар зинаҳои гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба рӯзнома мегузорад. Дар роҳи татбиқи ин иқдомот ва ташаббуси фарох зарурати созмон

додани муассисаҳои махсуси таҳсилу таълим ба миён меояд, то кӯдакони норасоиҳои гуногуни ақлӣ, ҷисмонӣ ва шунавоию биноӣ ба таҳсил фаро гирифта шаванд. Ғояи умумии таҳсилоти фарогирро таҳаммулпазирӣ, ҳисси шафқат ва эҳтиром ба ҳама гуна ашхоси дорои норасоиҳои гуногун ташкил медиҳад.

Дар мақола зикр мегардад, ки таҳсилоти фарогир ҳамчун падидаи наву тозаи раванди таълиму тарбия ва иҷтимоишавии субъектҳои махсуси ҷомеа (яъне онҳое, ки дорои имкониятҳои маҳдуд ва талаботи махсус ба таҳсил мебошанд) дар асоси принсипҳои муайян роҳандозӣ мегардад. Аз ҷумла таъкид мегардад, ки кӯдакон ва бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, ки дили ҳассос ва нозук доранд, муҳити созгори иҷтимоӣ ва пайравиро хуш истиқбол мекунанд.

Калидвожаҳо: таҳсилоти фарогир, иҷтимоишавӣ, масъала, бачагони дорои имкониятҳои маҳдуд, муҳити инклюзивӣ, таълим, тарбия, хонавода, мактаб, омӯзгор, волидон, ҷомеа.

ИНКЛЮЗИВНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ КАК ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ, СОЦИАЛЬНАЯ, КУЛЬТУРНАЯ И ПРАВОВАЯ ПРОБЛЕМА

В данной статье рассматривается ситуация, проблемы и стратегии развития инклюзивного образования как педагогического, социального, культурного и правового вопроса. Отмечается, что в стране сформировалась и определена национальная концепция инклюзивного образования с точки зрения его основных направлений и перспектив как специальной системы образования для детей с ограниченными возможностями.

Концепция ратует за то, чтобы дети с особыми потребностями могли свободно обучаться вместе со своими сверстниками в общеобразовательных учреждениях. Для реализации этой масштабной инициативы ставится вопрос о создании специальных образовательных учреждений для детей с различными видами инвалидности, физическими и умственными отклонениями. Общей идеологией инклюзивного образования является толерантность и уважение к любым различиям.

В статье особо подчеркивается, что инклюзивное образование как феномен нового, гуманного подхода к обучению и воспитанию детей с ограниченными возможностями реализуется на основе ряда фундаментальных принципов, так как такая категория детей являются весьма чувствительными в отношениях, им нравится атмосфера доброжелательности в контексте благоприятной социальной среды.

Автор убежден, что инклюзивное образование является эффективным способом обучения и воспитания детей с ограниченными возможностями в современном социокультурном пространстве, так как представляет собой уникальные общечеловеческие ценности. Оно предоставляет каждому ребенку с ограниченными возможностями здоровья право на качественное образование и успешную социализацию.

Ключевые слова: инклюзивное образование, социализация, проблема, дети с ограниченными возможностями здоровья, социальная среда, обучение, воспитание, семья, школа, учитель, родители, общество.

INCLUSIVE EDUCATION AS A PEDAGOGICAL, SOCIAL, CULTURAL, AND LEGAL PROBLEM

This article examines the current situation, challenges, and development strategies regarding inclusive education, addressing it as a pedagogical, social, cultural, and legal issue. It notes that a national concept of inclusive education has been established and defined in the country, outlining its key directions and prospects as a specialized educational system for children with disabilities.

The concept advocates for children with special needs to be able to freely study alongside their peers in general education institutions. To implement this large-scale initiative, the issue of creating special educational institutions for children with various disabilities, including physical and mental disabilities, is being raised. The general ideology of inclusive education is tolerance and respect for all differences. The article emphasizes that inclusive education, as a new, humane approach to the education and upbringing of children with disabilities, is implemented based on a number of fundamental principles. This category of

children is highly sensitive in relationships and appreciates a friendly atmosphere in the context of a supportive social environment.

The author is convinced that inclusive education is an effective way to educate and upbring children with disabilities in the modern sociocultural environment, as it represents unique universal values. It provides every child with disabilities the right to a quality education and successful socialization.

Keywords: inclusive education, socialization, problem, children with disabilities, social environment, education, upbringing, family, school, teacher, parents, society.

Маълумот дар бораи муаллиф: Азизов Муллобобо Ҷомеъиддинович, унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Панҷакент, кӯчаи Рӯдакӣ, 106. Тел.: (992) 92 220 55 53 Почтаи электронӣ: mullobobo_azizov@mail.ru

Сведения об авторе: Азизов Муллобобо Джомеиддинович, соискатель Научно-исследовательского института развития образования имени Абдурахмона Джоми, Академии образования Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, город Пенджикент, улица Рудаки, 106. Тел.: (+992) 92 220 55 53, Электронная почта: mullobobo_azizov@mail.ru

Information about the author: Azizov Mullobobo Jomeiddinovich, applicant of the Research Institute for Education Development named after Abdurahmon Jomi, Academy of Education of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Panjakent, Rudaki Street, 106. Tel.: (+992) 92 220 55 53, E-mail: mullobobo_azizov@mail.ru

ТДУ: 37.0+54.01+638.1(075.8)
А-42

НАҚШИ МАВОДҲОИ МАҲАЛЛӢ ДАР ТАРБИЯИ ПОЛИТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ АСОСҲОИ САНОАТИ ХИМИЯВӢ

Акбарзода Н.Р., муаллими калон, Сафарзода М.В., д.и.п., профессор
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ошно гардидани хонандагони синфҳои болоӣ бо асосҳои илмии саноати химиявӣ бо нишон додани алоқаи зичи маводи таълимӣ бо ҳаёт ва ба меҳнат тайёр кардани муҳассилин амалӣ мегардад. Ба таври муътадил амалӣ кардани ин принсип барои ба даст омадани нуқтаҳои зерин мусоидат менамояд:

- асосҳои истеҳсолоти химиявӣ;
- системаи асосии донишҳои технологӣ ва мушаххаси истеҳсолот;
- маълумоти хусусияти амалидошта, ки алоқамандии химияро бо ҳаёт, илму истеҳсолот ва рушди оянда таъмин месозад;
- системаи донишҳое, ки мақсад ва аҳаммияти химиконии хоҷагии халқро ҳамчун омили илмӣ-техникӣ нишон медиҳад;
- маълумот оид ба муҳофизати табиат бо истифода аз усулҳои химиявӣ.

Бояд зикр намуд, ки илми химия имконият медиҳад, ки маводи дар табиат мавҷуд набуда синтез карда шавад. Чунин мавод барои сохтани ҳама гуна мавод, аз ҷумла мошинҳо ва асбобҳо, сохмони биноҳои истиқоматӣ ва истеҳсоли молҳои истеъмолии халқ истифода мешаванд. Ҳоло ҳам барои тайёр кардани либосу пойафзол маводи табиӣ, аз ҷумла пахта, зағирпоя, пашм ва пӯсти ҳайвонотро истифода мебаранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки сол то сол маҳсулоти ғайритабиӣ, яъне маҳсулоти дар табиат мавҷуднабуда, аз қабили пластмассаҳо, капрон, нейлон, нитрон, лавсан, атласи сунъӣ, чарми сунъӣ ва ғайра, ки тавассути усулҳои химиявӣ истеҳсол мешаванд, афзуда истодааст.

Албатта, дар ин ҷода саноати химия барои пешравии тамоми соҳаҳо нақши калонро мебозад. Бо ёрии методҳои химиявӣ металлҳоро истеҳсол мекунанд ва аз зангзанӣ муҳофизат

менамоянд. Бо миқдори зиёд маҳсулоти асосии саноати химия кислота, ишқор ва намакҳо истеҳсол карда мешаванд.

Дар ин маврид вазифаи омӯзгори химия аз он иборат аст, ки истифодаи дурусти онҳоро барои тараққиёти саноат ва илми химияи ватанӣ ба хонандагон шарҳ диҳад.

Маводи таълимии химия моҳияти тарбиявӣ дорад. Бесабаб нест, ки ҳангоми тарбияи ҷаҳонбинии илмӣ бисёр вақт ба маводи таълими химия (умуман илми химия) муроҷиат карда мешавад.

Муҳаққиқ Бабанский Ю.К. чунин қайд менамояд, ки «зимни омӯзиши химия чунин вазифаҳои тарбиявӣ бояд ҳалли худро ёбанд: ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар хонандагон ва доништашаванда будани ҳамаи ҳодисаҳои табиат; тарбияи ватандӯстӣ, ахлоқӣ ва хештаншиносӣ: тарбияи экологӣ, меҳнатӣ; тарбияи политехникӣ, касбинтихобкунӣ ва ғайраҳо» [2, с. 57].

Бояд зикр намуд, ки химия барои дуруст инъикос кардани оламе, ки моро иҳота кардааст, маводи фаровоне медиҳад. Ҳамчунин, омӯзиши фанни химия дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии дунёфаҳмӣ ва рушди системаи ақидаҳое, ки ба дарки қонунҳои умумии табиат, вусъати тафаккури инсонӣ мусоидат мекунанд, манбаи асосӣ ҳисоб меёбад.

Тавре ки, дар боло қайд намудем, яке аз қисматҳои ошно намудани хонандагони синфҳои болоӣ бо асосҳои илмии саноати химиявӣ- ин асосҳои истеҳсолоти химиявӣ маҳсуб меёбад.

Оиди омӯзиши истеҳсолоти химиявӣ педагог Иванова Р.Г. чунин ибрози ақида менамояд, ки «мақсади омӯзиши асосҳои истеҳсолот ба хонандагон нишон додани дастовардҳои илм дар хоҷагии халқ, истифода шудани он, инчунин ба таври амалӣ дидани нақши илм ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи истеҳсолот ва пешравии он мебошад.

Омӯзиши истеҳсолоти химиявӣ имконият медиҳад, ки аз ҷиҳати экологӣ омӯзиши химияро пурзӯр намоем ва ба хонандагон ҳангоми роҳҳои ташкили дурусти кори истеҳсолот риояи ҳамаи талаботи экологиро фаҳмонем. Ин яке аз вазифаҳои асосии тарбиявии курси химияи мактаби миёна ба ҳисоб меравад» [8, с. 71-72].

Изменения, происходящие в детях оказывают глубокое влияние на их нервную систему. Иногда дети меняются полностью, быстро становятся раздражительными и нервными, у них снижается желание читать, иногда они не уважают учителей, родственников и взрослых, быстро становятся сердитыми и нервными. Часто у них

появляется богатое воображение, они становятся беспокойными и легковозбудимыми. Это период полового созревания, который проходит нелегко. В результате, детей в этот период трудно воспитывать, замедляется формирование их научного мировоззрения, поэтому важно обеспечить компетентное педагогическое руководство учителя в процессе научного обучения детей.

Диагностические исследования по «противодействию агрессивному поведению» до сих пор полностью не решили этот вопрос. Исследователи предложили две теории:

Первая теория – это теория развития, которая утверждает, что проблема начинается в детстве. Дети и подростки с «противодействием воле» могут испытывать трудности в обучении у родителей или других взрослых, в обретении независимости и свободы;

Вторая теория – это теория обучения, которая утверждает, что негативными симптомами «противодействия воле» являются принятие образовательных и воспитательных показателей. Родители и другие лица, обладающие авторитетом для контроля над ребенком, используют негативные методы – наказание – для устранения нежелательного поведения. При этом только нежелательное поведение позволяет ребенку получить желаемое.

Основное направление нравственного воспитания позволяет юному ученику представить себе общество, в котором царят справедливость, честность, мужество, мудрость, воздержание от дурных качеств и нравственное воспитание. Безудержный эгоизм, трусость, ложь, предательство, наркомания и отчаяние рассматриваются как аспекты нравственной деградации. Современная школа должна основываться на бесценных человеческих ценностях: честности, мужестве, ответственности, трудолюбии, чести и уважении к людям.

Процесс нравственного воспитания основан на формировании традиционных ценностей, оценок и отношения к прошлому. Воспитание требует критического отношения к воспринимаемым объектам и на этой основе развивает критическое мышление и творческую деятельность. Способность ориентироваться в альтернативах, предлагаемых жизнью, позволяет ребенку мыслить и решать сложные проблемы ситуации, иметь собственную точку зрения на действия окружающих.

Обсуждение. Ребенок должен понимать моральные ограничения своего независимого мышления и учитывать последствия своих решений и действий для себя и окружающих. Любая критическая позиция должна основываться не на личных желаниях и чувствах, а на его базовых знаниях, чтобы его решения, идеи и действия были оправданы перед окружающими. Однако, чтобы этот ресурс знаний не был незначительным, личность должна развиваться во всех социальных, духовных и экономических отношениях. Морально-ценностный подход основан на проблеме К. Ушинского, который считал, что «если педагогика хочет воспитать человека во всех отношениях, то прежде всего он должен познать себя во всех отношениях» [13, с. 727].

Хорошо развитая личность не имеет простого набора взаимоотношений с окружающим миром. Формирование всесторонне развитой личности происходит благодаря её включению в социальную деятельность и последующему анализу, позволяющему понять взаимоотношения человека с окружающим миром.

Было бы хорошо, если бы преподаватели и ответственные лица учебных заведений организовывали и проводили всевозможные конкурсы, интересные и современные кружки, классные и общеобразовательные олимпиады, спортивные соревнования и внеклассные мероприятия, а также классную библиотеку, и с энтузиазмом вовлекали бы в них учащихся с низким уровнем интеллекта и трудностями в обучении. Кроме того, при их участии в выступлениях и презентациях проводимых мероприятий следует приглашать их родителей и родственников.

Учитель обязан с чувством ответственности убеждать родителей вовлекать своих детей-подростков во всевозможные курсы повышения квалификации, такие как курсы русского и английского языков, компьютерные курсы и изучение древней (персидской) каллиграфии, а также, в регионах и деревнях, вовлекать детей в изучение различных народных ремесел, таких как ювелирное дело и кузнечное дело, золочение и вышивка, резьба

по дереву и ткачество, ... если они хотят обеспечить светлое будущее своим детям, своей стране и государству. Им также следует поощрять своих детей заниматься различными видами спорта. Ведь спорт является главным гарантом здоровья, бодрости и нормального развития подростков, а также может защитить их от безработицы, негативного влияния улицы и соблазна заниматься неподобающими делами.

Поскольку безработица считается первопричиной всех трудностей, возникающих у подростков, только здравомыслящее мышление и правильные выводы, сделанные на основе наблюдений и жизненного опыта, позволяют человеку точно определить истинные причины тех или иных событий и принять конкретные меры для их предотвращения в будущем.

Заключение и рекомендации. Основу воспитания составляет духовно-нравственное, трудовое, эстетическое, физическое, природоохранное, экономическое, правовое, гражданское и патриотическое воспитание.

Средствами сотрудничества школы и семьи в эффективной организации нравственного воспитания учащихся являются, главным образом, следующие, которые не лишены пользы:

1. Родители, школы, учреждения, организации должны создавать необходимые условия для эффективного нравственного воспитания;

2.Нравственное воспитание подростков должно осуществляться в соответствии с условиями семьи и школы;

3. Эффективность воспитательной работы, особенно нравственно-духовной, будет положительной только в том случае, если учителя, родители и классные руководители понимают цель, содержание, статус и методы обучения;

4. Все учителя, родители, члены общества и внеклассные учреждения должны нести ответственность за совершенствование нравственно-духовного воспитания;

5. Широко использовать беседы, вечеринки, образовательные и культурные мероприятия, праздники и лекции;

6. Семьи, родители, учителя, старосты классов, сотрудники внеклассных учреждений, студенческие организации, советы и представители общественности должны принимать различные меры для содействия духовному и нравственному воспитанию подростков;

7. Введение единых педагогических требований к нравственному воспитанию детей;

8. Рассмотрение нравственного воспитания подростков как приоритетной задачи для общества, школы и родителей;

9. Создание здоровой нравственно-духовной среды для подростков;

10. Соответствующее использование политических факторов (голубое зеркало) для подростков;

11. Строгие требования к нравственно-духовному воспитанию детей и учащихся;

Проведение бесед, конференций и семинаров по нравственным темам: «Что такое честность?», «Посещение больных», «Лицемерие — худшая человеческая черта», «Мораль с точки зрения религии», «Посещение кладбища» и т. д.; вовлечение школьников в нравственное воспитание, привитие подросткам моральных ценностей гуманности, чести и достоинства, поиска и творчества, доброты и оптимизма, гордости, чистоты и порядочности, правдивости и благочестия, скромности и благочестия, изучения науки и просвещения, веры, дружбы и товарищества, мира и справедливости, святости воды, земли, огня и воздуха, уважения к родителям и старшим, уважения к детям, уважения к святости Родины и т. д.

Если наши дети получат хорошее образование, они обогатят жизнь людей и общества. Если же они останутся необразованными, то человеческое общество столкнется с гибелью и в конечном итоге превратится в пустыню. Группа индийских философов пришла к выводу, что «Человек — автономное существо и по природе своей не является ни добрым, ни злым. Однако, когда он обращается ко злу, он деградирует до низкого статуса животного, а если обращается к добру, то достигает статуса царя». Над этим утверждением стоит задуматься.

В целом, нравственное и духовное воспитание – это искоренение плохих человеческих черт из поведения и этики молодого поколения и формирование в них хороших человеческих моральных качеств.

Литература:

1. Азаров, Ю.П. Тайны педагогического мастерства [Текст]: учебное пособие рек. РИС/Ю.П. Азаров. – М.: Воронеж: Московский психолого-социологический институт; МОДЭК, 2004 г. - 430 стр.
2. Аксарина Н.М. Воспитание детей раннего возраста. - М.: Медицина, 1992. - 302 с.
3. Буров А.И. Современные исследования эстетического воспитания и художественного образования. - М.: Просвещение, 2009. - 291 с.
4. Ветлугина Н.А., Казакова Т.Г. Нравственно-эстетическое воспитание ребенка в детском саду.-М.: Просвещение, 1989. - 79 с.
5. Гулмадов Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов: автореф. дис....д-ра пед. наук: 13.00.01 / Гулмадов Ф. - Душанбе, 2016. - 45 с.
6. Запорожец И.Д. Воспитание эмоций и чувств у дошкольника. - М.: Просвещение, 1985. – 186с.
7. Ильина Е.В. Воспитание искусством //Искусство в школе. - 2009. - № 1. - 13-15с.
8. Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе: Матбуот, 2003.
9. Макаренко А.С. Книга для родителей / А.С. Макаренко. — Киев: Рязанская школа, 1987. — 384 с.
10. Пирагов Н. И. «Избранные педагогические сочинения» / Н. И. Пирогов. — Москва: Издательство Юрайт, 2019. — 387 с.
11. Рахмонов Э. Ш. Таджики в зеркале истории/ Э. Ш. Рахмон [Текст]. Душанбе, 1999. -32-33 с.
12. Сухомлинский, В.А. Сто советов учителю [Текст]/В.А. Сухомлинский.- Киев: Рад. Школа, 1984. -254с.
13. Толстой Л.Н. Воспитание и образование // Педагогические сочинения / Сост. Н. В. Вейкшан. М.: Педагогика, 1989. С. 65.
14. Ушинский К.Д. Собр. соч.: В 2 т. - М., 1952. - Т. 2. — 727 с.
15. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. - Кн. 2. - Душанбе: Ирфон, 2010. - 328 с.

ВОСПИТАНИЕ И ОБУЧЕНИЕ —ДВА СТОЛПА СТРУКТУРЫ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО СУЩЕСТВОВАНИЯ

Статья посвящена проблеме воспитания и обучения как двух столпцов структуры человеческого существования. Образование является важным средством воспитания, но воспитание является необходимым условием для повышения качества образования.

По мнению автора в нынешних условиях, после обретения Таджикистаном независимости, произошли фундаментальные изменения во всех сферах, включая образование. В связи с новыми политическими и социальными преобразованиями деятельность школ и образования приобрела совершенно новую форму.

Автор уверен, что в воспитании и образовании семья и школа должны следовать чистым и полезным путям. Процесс воспитания и образования должен быть организован таким образом, чтобы наши дети не только получали образование и знания, но и, наряду с изучением основ науки, обладали лучшими человеческими качествами и воспитывались как нравственно целостные, самосознательные, творческие граждане.

В педагогической практике разработано множество способов, методов и форм воспитательной работы, способствующих формированию ценностей и нравственных норм, необходимых для социальной жизни детей во всех сферах

Было бы хорошо, если бы преподаватели и ответственные лица учебных заведений организовывали и проводили всевозможные конкурсы, интересные и современные кружки, классные и общеобразовательные олимпиады, спортивные соревнования и внеклассные мероприятия.

Основу воспитания составляет духовно-нравственное, трудовое, эстетическое, физическое, природоохранное, экономическое, правовое, гражданское и патриотическое воспитание.

Автор считает, что нравственное и духовное воспитание – это искоренение плохих человеческих черт из поведения и этики молодого поколения и формирование в них хороших человеческих моральных качеств.

Ключевые слова: проблема, воспитание, обучение, структура, образование, средство, необходимость, условие, повышение, качество, изменения, сфера

ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМ—ДУ СУТУНИ СОХТОРИ ҲАЁТИ ИНСОН

Ин мақола ба масъалаи таълиму тарбия ҳамчун ду рукни сохтори ҳастии инсон бахшида шудааст. Таълим воситаи муҳимми тарбия, вале тарбия шарти зарурии баланд бардоштани сифати таълим аст.

Ба ақидаи муаллиф, пас аз ба даст овардани истиқлолият дар тамоми бахшҳои ҳаёти Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаи маориф тағйироти куллӣ ба вуқуъ пайваст. Ба шарофати дигаргуниҳои нави сиёсӣ ва ҷамъиятӣ мактабу маориф шакли тамоман нав гирифт.

Муаллиф муътақид аст, ки оила ва мактаб бояд дар тарбия ва таълим роҳҳои поку судмандро пеш гиранд. Раванди тарбия ва таълим бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки фарзандони мо на танҳо таълиму дониш гиранд, балки дар баробари омӯхтани асосҳои илм, соҳиби сифатҳои беҳтарини инсонӣ гарданд ва ҳамчун шаҳрвандони аз ҷиҳати ахлоқӣ покдоман, худогоҳ ва созанда ба воя расанд.

Дар амалияи педагогӣ усулҳо, усулҳо ва шаклҳои зиёди кори тарбиявӣ таҳия карда шудаанд, то арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқии барои ҳаёти иҷтимоии кӯдакон дар ҳама соҳаҳо заруранд.

Хуб мешуд, ки муаллимон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ҳар гуна мусобиқаҳо, маҳфилҳои шавковару замонавӣ, олимпиадаҳои синфӣ ва маълумоти умумӣ, спартакиада, машғулиятҳои беруназсинфӣ ташкил ва гузаронданд.

Асоси тарбияро тарбияи маънавию ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ, ҷисмонӣ, экологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ ташкил медиҳад.

Муаллиф бар ин назар аст, ки тарбияи ахлоқию маънавӣ маънои аз рафтору ахлоқи насли наврас аз байн бурдани хислатҳои манфии инсонӣ ва тарбияи хислатҳои неки ахлоқии инсониро бояд дошта бошад.

Калидвожаҳо: масъала, тарбия, таълим, сохтор, ташаккул, восита, зарурат, ҳолат, такмил, сифат, тағирот, соҳа

EDUCATION AND TRAINING ARE THE TWO PILLARS OF THE STRUCTURE OF HUMAN EXISTENCE

The article focuses on the issue of upbringing and education as two pillars of human existence. Education is an important means of upbringing, but upbringing is a necessary condition for improving the quality of education.

According to the author, in the current circumstances, following Tajikistan's independence, fundamental changes have occurred in all spheres, including education. Due to new political and social transformations, the activities of schools and education have taken on a completely new form.

The author is convinced that families and schools must follow pure and beneficial paths in upbringing and education. The upbringing and education process must be organized in such a way that our children not only receive education and knowledge, but also, along with learning the

fundamentals of science, possess the best human qualities and are raised as morally holistic, self-aware, and creative citizens.

Pedagogical practice has developed numerous methods, techniques, and forms of educational work that contribute to the formation of values and moral norms necessary for children's social life in all areas.

It would be great if teachers and educational institution officials organized and held all kinds of competitions, interesting and modern clubs, class and general education olympiads, sports competitions, and extracurricular activities.

The foundation of education is spiritual and moral, labor, aesthetic, physical, environmental, economic, legal, civic, and patriotic education.

The author believes that moral and spiritual education is the eradication of negative human traits from the behavior and ethics of the younger generation and the development of good human moral qualities in them.

Keywords: problem, education, training, structure, formation, means, necessity, condition, improvement, quality, change, sphere

Сведения об авторе: Сафарзода Некруз Ватан, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Тел: (+992) 918579258

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Некруз Ватан, унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел: (+992) 918579258

Information about thy author: Safarzoda Nekruz Vatan, applicant for the university department of pedagogy, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel: (+992) 918579258

Рецензент: Назарова Р.Т., к.п.н., доцент
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

ТДУ:371.012

ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАННИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ОЛӢ

Темурова М.Н., муаллими калон,
Алиева М.Н., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, дотсент
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»

Муқаддима. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи илму маориф бо назари ҷиддӣ нигариста, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда буданд, ки: «Авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд» [11, с. 3].

Пешрафти илм, маориф ва умуман сатҳи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор месозад, ки бояд барои беҳтар ба роҳ мондани раванди таълим навгониҳоро роҳандозӣ намуда, технологияҳои нав дар таълимро ҷорӣ намоянд. «Яке аз самтҳои асосии таҳаввулоти инноватсионии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз фаъолияти илмии муҳассилин маҳсуб меёбад. Талабот ба ташаккули малакаҳои таҳқиқотии муҳассилинро баҳогузорӣ кардан хеле мушкил аст. Ин намуна ба истифодаи технологияҳои нав дар раванди таълим, ки ба усулҳои анъанавӣ асос ёфтааст, раванди таълимро самаранок мегардонад ва самаранокии донишҳои ҳосилшударо баланд мебардорад» [2, с. 127]. Инчунин, ғайр аз ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълим дар замони муосир талабот

нисбат ба омӯзгорони муосир аз ҷониби хонандагон низ зиёд шуда истодааст. Хонандагони муосир талаб менамоянд, ки омӯзгорони дарсдиҳанда соҳиби дониш, маҳорат ва малакаи эҷодӣ бошанд, инчунин ҳамаи он масъалаву муаммоҳои вобаста ба фанро ҳал карда тавонанд. «Дар замонаи тезтағйирёбанда талабот нисбати тамоми соҳаҳо бахусус аз соҳаи илм ва маориф бениҳоят зиёд шуда истодааст. Ба омӯзгори муосир нисбат ба дониш, малака ва маҳорати касбӣ, муомилаву рафтор, дараҷаи салоҳиятнокӣ, шахсияти вай аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад» [4, с. 507].

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ соҳаи илму маорифи муосир ғайр аз додани дониш, маҳорат ва малака бештар ба ташаккул ва рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон нигаронида шуда истодааст, ки яке аз сабабҳои асосӣ ин даст кашидан аз таълими анъанавӣ буд, ки аз ҷониби омӯзгор як амал намоиш дода мешуд ва ё намунае тартиб дода мешуд, барои такроран иҷро намудани фаъолияти намоишдодашуда баҳои баланд гузошта мешуд. Имрӯз бошад, чунин фаъолият қатъ гардида, аз ҷониби омӯзгор талаб карда мешавад, ки дар асоси намуна бояд ҳамаи хонандагон вобаста ба қобилият, шавқу завқ ва хоҳиши худ намунаи монанд, аммо такрорнашуда омода намоянд. «Яке аз масъалаҳои муҳимми илми педагогикаи муосир ин ташаккули қобилияти маърифатӣ, эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хусусан хонандагони синфҳои болоӣ, махсуси касбӣ ва олӣ ба таҳсил мебошад. Ҳалли ин масъала аз бисёр ҷиҳат ба сифатан дигар шудани шакл ва усулҳои таълим бо роҳи фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ аз худ кардани дониш аз тарафи хонандагон вобаста аст» [3, с. 267].

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, ба мисоли тарбияи хонандаи муосир, ки аз ҳама ҷиҳат рушдкарда бошад, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад. Тавре Т.А. Ашӯрова ва М.Н. Алиева қайд менамоянд: «Ворид намудани тағйирот дар татбиқи методҳову технологияи таълим дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ҳам миёна ва олӣ зарур буда, ҳангоми татбиқи равандҳои инноватсионӣ муҳассилин соҳиби малакаву маҳорати таҳлилкунии иттилоот, сифатҳои худмуайянкуниву худомӯзӣ, худтатбиққунӣ, худбаҳодиҳиву худтатбиққунӣ мегарданд. Имрӯз зарур аст, ки ҳар як омӯзгор дарсро бо истифодаи равандҳои инноватсионӣ роҳандозӣ намояд, зеро имкониятҳое, ки дарсро шавқовару ҷолибтар менамоянд, рӯз то рӯз бештар шуда истодаанд» [6, с. 87-88]. Аммо тавре қайд гардидааст: «Маҳорати эҷодии шахс аксар вақт ҳамчун як раванди алоҳида баррасӣ карда мешавад. Эҷодиёт аз рӯйи нуқтаи назари мо ин падидаест, ки ба мақсад мувофиқ буда, дараҷаи муайяни ташкилот ба ҳисоб меравад. Эҷодиёт бояд бо раванди педагогии муассисаҳои таълимӣ алоқаманд бошад, зеро маҳз дар ин раванд шахсияти кӯдак малакаҳои ибтидоии маърифатӣ ва шеваи фаъолиятро аз худ мекунад» [7, с. 132].

Ҳамин тариқ, дар мақолаи мазкур мехостем, оид ба масъалаи татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди омӯзиши фанни санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таълимии олӣ мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда бошем.

Ҳадафи асосии омӯзиши фанни санъати тасвирӣ ин дарки зебоии санъат аз ҷониби хонандагон буда, нисбат ба дигар фанҳои тадрисшаванда вазифаи мушкилтарро дорост. Чун яке аз вазифаҳои фанни мазкур ин ташаккул додани дарки қобилияти эҷодӣ, шинохти зебоиҳо ва офаридани он мебошад. Бо вуҷуди он ки вазифаҳои фанни санъати тасвирӣ мушкил аст, аммо ҳамаи онҳо иҷрошаванда буда, аз омӯзгори дарсдиҳанда дониш, маҳорат ва малакаи бештарро талаб менамояд.

Омӯзгори фанни санъати тасвириро зарур аст, ки барои дарки зебоиҳои гирду атроф, шинохти онҳо ва офаридани зебоиҳо бояд ба ҳар як хонанда қудрати илҳомбахшӣ дошта бошад, ба эҷодиёти худ боварӣ пайдо кунонад, аз натиҷаи амалии кори худ баҳрабардорӣ кунонида тавонад, хуллас бо ҳар усулу восита ба хонанда болҳои илҳомбахшӣ ба фаъолияти эҷодиро ба вуҷуд оварад. Хуб қайд карда шудааст, ки ««Дар шароити муосир талабот ба шахсияти омӯзгор, сатҳи маҳорати касбии ӯ, ки дар замони муосир муҳим арзёбӣ мегардад, вобаста ба талаботи рӯзафзун ба сатҳи тайёр кардани омӯзгори муосир аҳаммияти ҷиддӣ бояд дод. Дар ҳалли масъалаҳои ташаккули шахсияти иҷтимоии омӯзгор нақши ҳалкунанда ба донишгоҳи педагогӣ мансуб аст, ки бояд барои баланд бардоштани сифати омодагии касбии мутахассисон чораҳо андешанд» [10, с. 159].

Барои ҷавобгӯ будан ба ин талабот омӯзгорро зарур аст, ки дониш, маҳорат ва малакаи кории худро такмил дода, барои дарёфти усулҳои муосир баҳри баландбардории шавқу завқи хонандагон нисбат ва фаъолияти эҷодӣ кӯшиш намояд.

Аз ҳамин лиҳоз, дар раванди таълим аз ҷониби омӯзгорон истифодаи технологияҳои педагогӣ аз ҷумла: методҳои интерактивӣ, технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ, ба роҳ мондани раванди таълим дар синфхонаҳои бо талаботи муосир муҷаҳҳазонидашуда ва дигар шароитҳои ташкиливу педагогӣ бояд фароҳам оварда шавад.

Вазифаи аввалини омӯзгори фанни санъати тасвирӣ дар муассисаи таълимии олӣ ин омодакунии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни санъати тасвирӣ буда, барои самаранокии раванди таълим, баландбардории сифати дарс ва бедор намудани шавқу ҳаваси хонандагон ба раванди дарси санъати тасвирӣ бояд ҳамеша аз технологияҳои инноватсионии таълим, методҳои фаъоли таълимӣ, ташкили раванди таълим ба тарзи нав истифода бурда, инчунин ба муносибати мутақобила байни омӯзгор ва хонанда аҳаммият доданро талаб менамояд.

Донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни санъати тасвирӣ бояд ба ташаккули маҳорати эҷодӣ ба санъати тасвирӣ, анъанаҳои ороишию бадеӣ, инкишофи завқи бадеӣ, иқтидор, тасаввурот ва тахайюлоти эҷодӣ равона шудааст.

Омӯзгорони ояндаи фанни санъати тасвирӣ дар ташаккули фарҳанги маънавии шахсияти хонандагон ва ҷорикунӣ ба арзишҳои умумиинсонӣ, омӯзиши мероси фарҳанги миллии аҷдодӣ, инчунин рушди малака ва маҳоратҳои дарки эҷоди муҳити атроф вазифагузор аст.

Дар низоми маориф омӯзиши роҳҳои инноватсионӣ, омӯзгор ташкилкунандаи фаъолияти мустақили фаъоли маърифатии донишҷӯ мебошад. Дар низоми нави таълим нақши омӯзгор нисбат ба таълими анъанавӣ пурмасъулият буда, сатҳи баланди фарҳанги касбӣ-педагогӣ талаб карда мешавад.

Мавод ва усулҳо. Татбиқи технологияҳои муосир дар раванди дарси санъати тасвирӣ имкон фароҳам меовард, ки корҳои эҷодии рассомон бо истифода аз нурафзо (проектор) ва ё тахтаҳои электронӣ вобаста ба мавзуи тадрисшаванда бо мақсади шиносоии хонандагон бо истифодаи усули намоишдиҳӣ ба роҳ монда шавад.

Инчунин, яке аз техникаҳои муосире, ки дар раванди дарси санъати тасвирӣ ба миён омадааст, ин истифодаи амсилаи расмҳо дар намуди 3D ва 5D ҷорӣ карда шудааст, ки дар натиҷа шавқу завқи хонандагон нисбат ба омӯзиши фан зиёд гардида, аз ҷумла азхудкунии маводҳои таълимӣ аз ҷиҳати психологӣ осон мегардад, дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон баланд мешавад, сатҳи диди зебоипарастии хонандагон баланд мегардад, ҳосилнокии меҳнати омӯзгор ва фаъолияти меҳнатии хонандагон баланд мешавад, тафаккур, тахайюл ва қобилияти эҷодии хонандагон баланд мегардад ва инчунин ба дигар натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд.

Хулоса карда гӯем, истифодаи технологияҳо ва техникаҳои муосир дар раванди таълим зарур буда, аз ҳамаи омӯзгорон истифодаи самараноки он талаб карда мешавад.

Татбиқи технологияҳои муосир шарти зарурии баландбардории сифати таълим буда, мувофиқи стандартҳои давлатии таълимӣ омӯзиши малакаву маҳоратҳои таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ ва иттилоотию иртиботиро дар назар доранд. Дар асоси ин муқаррарот омӯзгорони ояндаи фанни санъати тасвирӣ бояд технологияҳои муосири таълимро самаранок, усулҳо ва шаклҳои ғайримуқаррарии кор, ба монанди ташкили саёҳатҳои таълимӣ, бозиҳои дидактикӣ, викторинаҳо, кроссворду филвордҳо, бозиҳои нақшиву таълимӣ, мубоҳисаҳо ва ғайраҳоро истифода кард.

Инчунин, барои баландбардории маҳсулоти меҳнатӣ ва эҷодии донишҷӯён ҳатман бояд маводҳои гуногуни аёнӣ истифода карда шавад. Бо пешрафт ва тараққиёти техникӣ дар соҳаи маориф истифодаи воситаҳои муосири мултимедиявӣ имкон дорад, ки мушкилоти истифодаи воситаҳои аёнии таълим ҳал карда шавад.

Ҳамин тариқ, қайд кардан мумкин аст, ки татбиқи ҳамаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои донишҷӯён-омӯзгорони оянда имкони бо ҷаҳони санъат шинос карданро дошта, нисбат ба фан меҳр, муҳаббат ва шавқу завқро пайдо мекунад. Бо истифода аз технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, воситаҳои мултимедиявӣ донишҷӯен-омӯзгорони оянда ҳангоми омӯзиши фанни санъати тасвирӣ бо корҳои эҷодии рассомон, меъморон, ҳунармандону косибон,

ҳайкалтарошони гузаштаву имрӯза шиносоӣ карда мешавад, ки дар натиҷаи он сифати таълим баланд шуда, ба рушди зеҳниву эҷодӣ оварда мерасонад.

Татбиқи технологияҳои муосир дар раванди дарс ин тағйирот ҳам аз ҷиҳати сифатӣ ва ҳам миқдории таҷрибаи педагогӣ оварда, барои баландбардорӣ ва сифатнокии раванди таълим мусоидат менамояд.

Тибқи талаботи замон ва ҳам талаботи муассисаҳои таълимии олӣ бо мақсади баландбардории сифати таълим дар муассисаҳои таълимии олӣ низ аз технологияҳои инноватсионии педагогӣ васеъ истифода карда мешавад, ба монанди:

1.Ҳамкорӣ ин чунин намуди омӯзиш мебошад, ки дар он ҳамкории таҳқиқоти муштарак ба роҳ монда шуда, аз ҷониби донишҷӯен дар ҳамҷоягӣ ҳамкорӣ намуда, донишҳои навро мутобиқ ба муаммои ҳалталаб истеҳсол карда мешавад;

2.Тафриқавӣ ин чунин тарзи таълим мебошад, ки мақсади асосии он ташкилкунии раванди таълим дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои инфиродии шахсият ва инчунин бо назардошти сатҳи имконият ва қобилиятҳои донишҷӯ;

3.Таълими ба шахс нигаронидашуда чунин навъи таълиме, ки дар он шахсият, асолат ва хударзишии донишҷӯ дар мадди аввал гузошта мешавад;

4.Усулҳои фаъоли таълим, он усулҳое мебошанд, ки муҳассилро ба фаъолнокӣ роҳбаладӣ намуда, барои иҷрои кори эҷодӣ талқин менамояд. Вазифаи асосии усулҳои фаъоли таълим ин мусоидат кардан ба рушд, худрушдкунии шахсият бо назардошти ошкоркунии хусусиятҳову қобилиятҳои инфиродӣ, ки дар он рушди тафаккури назариявӣ асос буда, фаҳмиши зиддиятҳои дохилии моделҳои омӯхташударо дар назар дорад;

5.Таълими ҳамгиро ин гузаронидани дарсҳои бинарӣ, яъне ҳамгироии ду фан, масалан дарси технология (таълими меҳнат) ва дарси мусиқӣ мебошад;

6.Таълими гуногунсатҳ чунин намуди технологияи педагогии ташкили раванди таълим мебошад, ки дар он дар сатҳи гуногуни азхудкунии маводи таълимӣ пешбинӣ карда мешавад;

7.Таълими муаммоӣ, чунин намуди таълим мебошад, ки дар он омӯзгор ба қонуниятҳои рушди тафаккур такя намуда, бо воситаҳои махсуси педагогӣ бо мақсади ташаккули қобилиятҳои фикрӣ ва талаботи маърифатии муҳассилин дар раванди таълим ба роҳ монда мешавад;

1.Методи фаҳмондадиҳӣ. Чунин метод аст, ки он аз низоми методҳо иборат буда, аз ҷониби омӯзгор бо иттилоъ ва ҷамъбасткунии далелҳои илмӣ тавсиф ва шарҳ дода мешавад;

2.Методи тазаккурӣ (репродуктивӣ). Метод барои дарккунӣ ва азхудкунии донишҳои назариявии қаблан омӯхташуда, коркарди малакаву маҳоратҳо, бо мақсади омӯзиши маводи таълимӣ ва ғайра истифода карда мешавад;

3.Методи амалӣ. Чунин намуди метод мебошад, ки омезиш додани методҳои коркарди малакаҳои амалӣ вобаста ба истеҳсоли ашё, коркарди онҳо бо мақсади такмил, фаъолияти марбут ба моделсозии техникӣ ва конструиратсияро дар бар мегирад;

4. Методи қисман ҷустуҷӯӣ. Чунин намуди метод аст, ки омезиш додани ҷиҳати дарккунии шарҳи омӯзгор аз ҷониби донишҷӯ дар фаъолияти ҷустуҷӯии худ ҳангоми иҷрои корҳо мебошад. Яке аз талаботи методи мазкур ин ба таври мустақилона гузаштан аз марҳилаҳои раванди маърифатӣ аст;

5. Методи таҳқиқотӣ. Методи мазкур фаъолияти зеҳнӣ оид ба муайянкунии мушкилот ва дарёфти роҳҳои ҳалли онро пешбинӣ мекунад;

Технологияи таълими рушддиҳанда. Дар таълими мазкур донишҷӯ на танҳо донишро аз худ мекунад, балки дар раванди ташаккули амалҳои ҳамаҷонибаи таълимӣ, инчунин рушди тафаккури назариявӣ, қобилиятҳои таҳлилии донишҷӯ, рушди мантиқии дониши илмӣ аз мафҳумҳои умумӣ ба ҳолатҳои мушаххас гузаштанро меомӯзад.

Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим:

Технологияи педагогӣ, чунин намуди таълимест, ки соҳиби низоми муайяни педагогӣ буда, тибқи он амалӣ карда мешавад. Инчунин, дар раванди дарси санъати тасвирӣ низ аз як қатор технологияҳои педагогиро истифода бурдан мумкин аст, ба монанди:

1.Роҳҳои коллективии таълим;

2.Технологияҳои таълими ба шахсият нигаронидашуда;

3.Технологияи таълими нишонавӣ-контекстӣ;

4.Технологияҳои бозӣ;

5.Технологияи таълими ҳамгироӣ;

6.Методи лоиҳавӣ;

7.Таълими сатҳҳои гуногун;

8.Таълими муаммоӣ;

9.Технологияи таълими рушдкунанда;

10.Технологияҳои таълими иттилоотонӣ.

Асосан 3 намуди технологияҳои таълим: техникӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ дида мешавад. Дар навбати худ, технологияҳои гуманитарӣ ба гуманитарӣ, педагогӣ ва психологӣ ҷудо шуда, пайдарҳамии технологияи таълим фаъолият, амалиёт, иртибот ва ғайра тибқи муқаррароти мақсаднок, ки шакли натиҷаи мушаххасро доранд, ба роҳ монда мешавад.

Технологияи фаъолият, ин фаъолияти мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯёнро дар асоси шартномавӣ бо назардошти асосҳои инфиродикунонӣ ва фарқият, татбиқи имконияти инсониву техникӣ, истифодаи муколама, муошират, банақшагирии пайдарпайӣ ва инчунин таҷассуми унсурҳои технологияи педагогӣ бояд аз ҷониби ҳар як омӯзгор такрор шуда, инчунин кафолат дода шавад, ки донишҷӯён натиҷаҳои ба нақша гирифташударо ба даст меоваранд ва пешбинӣ карда метавонанд.

Мафҳуми «технологияи педагогӣ» ба татбиққунии пай дар пай ва мунтазами раванди банақшагирифташудаи таълимиву тарбиявӣ асос меёбад. Инчунин, мо бояд вазифаи асосии омӯзгор дар назди донишҷӯёни муосирро муайян намоем, ки ба фикри шахсии мо ин додани дониш барои ҳаёт бурдан аст.

Ҷузъи ҷудонашавандаи технологияи педагогӣ ин раванди ташхисӣ буда, нишондиҳанда, меъёр ва воситаҳои ченкунии натиҷаҳои фаъолиятро дар бар мегирад. Дар раванди фаъолияти таълимӣ дар дарсҳои санъати тасвирӣ омӯзгорон бояд аз технологияҳои муосири таълими самаранок, ба монанди: технологияҳои таълими фаъол, технологияҳои бозиҳои педагогӣ ва инчунин иттилоотӣ-иртиботӣ бисёртар истифода баранд.

Акнун мегузарем ба баррасии масъалаи татбиқи усули фаъоли таълим дар раванди таълими фанни санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқ ба раҳнамо.

Дар раҳнамои фанни технология (таълими меҳнат барои духтарон) синфи 5-ум мафҳуми «Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо» чунин шарҳ дода шудааст: «Роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводи иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад»[13, с. 11].

Дар факултети санъати тасвирӣ ва дизайни Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» бо донишҷӯёни курсҳои 2-юми ихтисоси ҳамгирои санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ. Технология корҳои озмоишӣ гузаронида шуд.

Дар корҳои озмоишӣ гурӯҳро ба 2 қисм тақсим намуда, ба гурӯҳҳо «Гурӯҳи озмоишӣ» ва «Гурӯҳи назоратӣ» номгузорӣ кардем. Дар марҳилаи якум бо мақсади муайян намудани сатҳи дониши донишҷӯён дарси санъати тасвирӣ ба таври анъанавӣ ба роҳ монда шуда, чунин натиҷа ба даст оварда шуд:

Ҷадвали №1

Натиҷаи санҷиш то гузаронидани озмоиш дар гурӯҳҳо

№	Номи гурӯҳ	Шумора	Натиҷа бо хол (балл)					
			A	%	B	%	C	%
1.	Гурӯҳи озмоишӣ	15	2	13	4	27	9	60
2.	Гурӯҳи назоратӣ	15	2	13	3	20	10	67

Аз ҷадвал маълум гардид, ки байни гурӯҳҳо фарқияти зиёд набуда, сатҳи дониши донишҷӯён нисбатан баробар арзёбӣ карда мешавад.

Бо мақсади муайян намудани зарурати истифодаи технологияҳои муосири пеагогӣ ва самаранокии он марҳилаи дуюми озмоиш гузаронида шуд.

Дар гурӯҳи назоратӣ (ГН) мо бо истифода аз роҳнамо барои омӯзгор, ки дар раванди иҷрои кори амалӣ «Натюрморт аз сабзавот. Кор дар гурӯҳ» оварда шудааст, раванди дарсро айнан ба мисли дар раҳнамо, дарси 9 дар мавзуи «Натюморт аз сабзавот» овардашуда ба роҳ мондем:

«Дарси 9

Мавзуъ: Натюморт аз сабзавот

Барнома: Маълумот оид ба мавзуи дарс.

Дар шуури хонандагон ҷой кардани тарзи дурусти ҷобаҷогузории натюрморт ва ҳисси нафосат, қобилияти бадеии тахайюлот, муҳаббат ба санъат ва эҷодкорӣ.

Ҳангоми омӯзиши фанни мазкур ба шогирдон тарзҳои тасвири конструкторӣ, фарқи шакли маводи таълимии тасвир аз асл ва хаёлот ё тасаввурот, ороиши нақшу нигор, тасвири расмҳои гуногуне, ки бо усули хатҳои равон тасвир меёбанд, пешниҳод кардан.

Дар рафти иҷрои кори амалӣ аз маводи аслӣ, фарқи рангҳо, ки дар натиҷаи тасвири фазоӣ ба амал меоянд, бодиққат будан.

Фарқияти натюрморти аслиро аз ҷиҳати рангубор аз табиӣ, ки дар расм акс мегарданд, донистан.

Амали корро тарзе ба анҷом расонед, ки натюрморт бо рангҳои аслии сабзавот ва тобиши аслии рангҳо, ки дурахшониро пурнур менамоянд, дар натюрморт тасвир намоед, то ки аз ҳунармандии шумо гувоҳӣ диҳад.

Равиши дарс:

-лаҳзаи ташкили дарс;

-арзёбии вазифаи хонагӣ;

-муҳокимаи мавзуъ оид ба ҳалли мушкилоти он;

Салоҳиятҳо:

-Дар тасвири натюрморт миқдори зиёди жанри тасвириро моҳирона ва пурмазмун иҷро карда метавонанд;

-Дар асоси мавзуъ тарзи тасвири рангҳои аслиро эҷод карда метавонанд;

-Ҳар як тасвирро бо шавқу ҳавас ва пурмазмуну дилчасп аз асл ё хаёлот иҷро карда метавонанд.

Мақсади дарс:

-тасвири натюрмортро аз ҷиҳати ҷобаҷогузории мавод ва дурахшонӣ моҳирона иҷро карда метавонанд;

-Тобиши рангнокии фазоӣ ва перспективиро ба назар гирифта метавонанд;

Ҳангоми бо ранг кор кардан ба гуногунии рангҳо, натиҷаи омехташавии рангҳоро ба эътибор гирифта метавонанд.

1.Таҷҳизоти зарурӣ: қоғази ранга, ранги акварелӣ, қаламҳои ранга, қалами одӣ, мӯқалам, зарфча барои об ва ғайра.

Суҳбат оид ба дарс. Дар асоси мавзуъ ба хонандагон дар бораи маводи таълимии натюрморт, ки бо нафосату зебоии худ аз ҷиҳати рангнокӣ, дурахшонии рангҳо фарқ доранд, ба хонандагон фаҳмонидан.

-Бо тарзи суҳбат оид ба натюрморти сабзавот, ки аз ҷиҳати рангубор, тобиши рангҳои дурахшон фарққунандаанд, ба хонандагон пешниҳод намудан;

-Ҳангоми кори амалӣ бо таносуби маводи таълимӣ, ки аз ҷиҳати равшанӣ, торикии рангҳо, ки дар натиҷаи тасвири фазои атроф ба амал меоянд, ба хонандагон дуруст фаҳмонидан;

-Тасвири натюрмортро аз ҷиҳати гуногунии рангҳо, равшаннокӣ, ки аз ҷисмҳои дар атроф буда соя меафканад, ба эътибор гирифтан;

- Тасвирро аз ҷиҳати эҷоди тобиши аслии натюрморт тарзе ба қалам диҳед, ки бинанда аз тасвири ин рангҳо ҳаловат бардорад.

2.Кори амалӣ. Натюрморт аз сабзавот. Кор дар гурӯҳҳо.

1.Дар рафти иҷрои кори амалӣ дар гурӯҳҳо натюрмортро аз ҷиҳати рангубор тарзе тасвир созед, ки дурахшонии рангҳо зебо бошанд;

2.Рангҳоро дар кори амалӣ тарзе тасвир намоед, ки тобишҳои гуногун дар расм пайдо гарданд.

3.Тасвири натюрмортро тарзе иҷро намоед, ки рангҳо дурахшон таҷассум гарданд.

Расми табақи меваҷот ба таври қадам ба қадам дар тахтаи синф кашида ва ё дар қоғази А0 (ватман) оварда мешавад.

4.Арзёбии малакаю маҳорати хонандагон.

5.Вазифаи хонагӣ. Дар такя ба мавзуъ композитсияи пурмазмун тартиб диҳед» [8, с. 64-66].

Бо гурӯҳи озмоишӣ (ГО) бошад, мо бо истифода аз методҳои фаъоли таълим, истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, муаррифӣ, бо тақсимкунии гурӯҳ машғулиятро ба роҳ мондем. Яъне ҳангоми иҷрои кори амалӣ мо гурӯҳро ба 2 тақсим намуда, барои бедор кардани шавқу завқ, пайдо шудани тасаввуроти фазоӣ, тахайюлоти эҷодии гурӯҳи озмоишӣ вазифагузорӣ намудем, ки кадом гурӯҳ тезтар ва зеботар кори амалиро иҷро менамоянд.

Ҷадвали №2

Натиҷаи озмоиши гузаронидашуда дар байни гурӯҳҳо

№	Номи гурӯҳ	Шумора	Натиҷа бо хол (балл)					
			A	%	B	%	C	%
1	Гурӯҳи озмоишӣ	15	6	40	7	47	2	13
2	Гурӯҳи назоратӣ	15	3	20	6	40	6	40

Натиҷаҳои таҳқиқ. Баъд аз гузаронидани корҳои озмоишӣ маълум гардид, ки баҳои «А» (аъло)-5 (17%) ва «В» (хуб)-6 (20%) зиёд шуда, сифати таълим дар марҳилаи аввал 37% ва дар марҳилаи дуюми озмоиш 73%-ро ташкил медиҳад.

Яъне бояд таъкид кард, ки истифодаи методҳои фаъоли таълим, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, муаррифӣ, тақсимоти гурӯҳ барои бедор кардани шавқу завқ, пайдо шудани тасаввуроти фазоӣ, тахайюлоти эҷодии донишҷӯён мусоидат намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем.

Хулоса. Баъд аз гузаронидани озмоиш қайд кардан бамаврид аст, ки татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ сатҳи зарурии сифат, тағйирёбандагии таълим, фарқият ва фардикунонӣ ва эҷодкорӣ, ташаккули маҳорат ва малака, тарбияи хонандагонро ба вуҷуд меоварад. Чӣ хеле, ки ба ҳамагон маълум аст, бояд раванди таълим тавре ба роҳ монда шавад, ки сатҳи дониш муайян карда шуда, сипас донишҳое, ки соҳиб нест илова карда шавад. Яъне маводи таълимӣ бояд ба дониши мусаллаҳбуда ва инчунин мавҷуднабудаи донишҷӯ омода карда шавад. Инчунин, вазифаи омӯзгори муосир натанҳо додани дониш, дар хотир гирифтан ва такрор кардан, балки дар амал татбиқ намудани онҳо ба ҳисоб меравад, ки аз ҳамин сабаб ба хонандагон супоришҳои таълимӣ барои татбиқи донишҳои назариявӣ дар амалия дода мешавад.

Адабиёт:

1.Алиев Ю.Б. Инновационные аспекты современной дидактической системы художественного образования школьников / Ю.Б. Алиев // Инновации в образовании. –2006. –№ 6. –С. 101—110.

2.Алиева, М.Н. Истифодаи методҳои инноватсионӣ дар дарсҳои санъат ва меҳнат /М.Н. Алиева, М.М. Ашрафова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.-2020.-№-1-4 (80).- С. 127-131

3.Алиева, М.Н. Корҳои беруназсинфӣ-воситаи асосии бедоршавии шавқи хонандагон ба фанни технология (таълими меҳнат) / М.Н. Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-2023.-№11 (1).-С.265-271

4.Алиева, М.Н. Татбиқи бозиҳои таълимӣ дар раванди омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) /М.Н. Алиева// Фурӯғи илм (маҷаллаи байналмилалии илмӣ), Душанбе, №4 (08), 2025.-С.507-512.-589 с.

5.Андреев В.И. Учебный курс для творческого развития / В.И. Андреев. – Казань: КГУ, 2000. – 98 с.

6.Ашӯрова Т.А. Роҷеъ ба масъалаи мафҳуми «Инноватсия» дар раванди таълим / Т.А. Ашӯрова, М.Н. Алиева // «Номаи донишгоҳ»-и МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров».-2025.-№2 (83).-С. 84-89

7.Бобоева, И.С. Инкишофи маҳорати эҷодии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ [Матн] / И.С. Бобоева, М.Н. Алиева// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2020. – №1/4 (80) қисми 2. – 313 с.

8.Бойназаров, Б. Раҳнамои фанни санъати тасвирӣ. Синфи 6. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / Б.Бойназаров, Б.Боронов//.-Душанбе: Маориф, 2019.-108 с.

9.Бойназаров, Б. Санъати тасвирӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 5-6 / Б.Бойназаров // .-Душанбе: Маориф, 2016.-144 с.

10.Масолиев, А.С. Моҳияти ташаккули фаъолияти эҷодии омӯзгори ояндаи фанни санъати тасвирӣ тавассути санъати ороишӣ-амалӣ [Матн] / А.С. Масолиев, Л.Х. Неъматов, М.Н. Алиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2019. – №-1/4 (68). – С.158-161.

11.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2024. [Манбаи электронӣ] URL https://www.president.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 24.06.2026)

12.Полонский В.М. Инновации в образовании (методологический анализ) // Инновации в образовании. 2007. №3, С.4-18.

13.Рӯзиева М.Д. Раҳнамои фанни технология (барои духтарон) синфи 5-ум [Текст]: / М.Д. Рӯзиева, М. Насимӣ//- Душанбе: Маориф, 2017.-180 с.

ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАННИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ОЛӢ

Мақолаи илмии мазкур ба масъалаи зарурияти татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди омӯзиши фанни санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шуда, сухан бобати дарёфт ва татбиқи роҳҳои беҳтарини таълим бо мақсади баландбардории дониш, маҳорат ва малакаи эҷодии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи ихтисоси санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ. Технология дар раванди таълим рафтааст.

Бамаврид қайд гардидааст, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, воситаҳои мултимедиявӣ донишҷӯен-омӯзгорони оянда ҳангоми омӯзиши фанни санъати тасвирӣ бо корҳои эҷодии рассомон, меъморон, ҳунармандону косибон, ҳайкалтарошони гузаштаву имрӯза шиносоӣ карда мешавад, ки дар натиҷаи он сифати таълим баланд шуда, ба рушди зеҳниву эҷодӣ оварда мерасонад.

Татбиқи технологияҳои муосир дар раванди дарс ин тағйирот ҳам аз ҷиҳати сифатӣ ва ҳам миқдории таҷрибаи педагогӣ оварда, барои баландбардорӣ ва сифатнокии раванди таълим мусоидат менамояд, ки шаҳодати ин гуфтаҳо баланд шудани сифати таълим ба таври назаррас, яъне дар марҳилаи аввал 37% ва дар марҳилаи дуюми озмоиш 73%-ро ташкил дод.

Калидвожаҳо: татбиқ, технологияҳои муосир, технологияҳои педагогӣ, фанни санъати тасвирӣ, муассисаҳои таълимии олӣ, раҳнамо барои омӯзгор

ПРИМЕНЕНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОЕ ИСКУССТВО В ВЫСШИХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Настоящая научная статья посвящена вопросу необходимости применения современных педагогических технологий в процессе изучения предмета изобразительного искусства в высших образовательных учреждениях. Рассматриваются вопросы поиска и внедрения наиболее эффективных методов обучения с целью повышения уровня знаний, профессиональных умений, практических навыков и развития творческих способностей студентов – будущих педагогов по специальности изобразительное искусство и черчение. Технология показана роль педагогических технологий в совершенствовании образовательного процесса.

Отмечается, что использование информационно-коммуникационных технологий и мультимедийных средств позволяет студентам – будущим педагогам в процессе изучения

предмет изобразительное искусство знакомиться с творчеством художников, архитекторов, народных мастеров, ремесленников и скульпторов прошлого и современности. Это способствует повышению качества обучения, развитию интеллектуального потенциала и творческого мышления обучающихся.

Применение современных технологий в учебном процессе приводит как к качественным, так и к количественным изменениям в педагогической практике, способствует повышению эффективности и качества обучения. Подтверждением этого являются результаты экспериментальной работы: на первом этапе качество обучения составило 37 %, а на втором этапе эксперимента повысилось до 73 %.

Ключевые слова: применение, современные технологии, педагогические технологии, изобразительное искусство, высшие образовательные учреждения, руководство для преподавателя.

IMPLEMENTATION OF PEDAGOGICAL TECHNOLOGIES IN THE PROCESS OF TEACHING FINE ARTS IN HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS

This scientific article is devoted to the necessity of implementing modern pedagogical technologies in the process of teaching the subject of **Fine Arts** in higher education institutions. The study examines the identification and implementation of the most effective teaching methods aimed at improving students' knowledge, professional competencies, practical skills, and creative abilities. Particular attention is paid to the professional training of future teachers majoring in Fine Arts and Technical Drawing. The article highlights the significant role of pedagogical technologies in enhancing the quality and effectiveness of the educational process.

It is emphasized that the use of information and communication technologies (ICT) and multimedia tools enables prospective teachers to become acquainted with the creative works of painters, architects, folk artists, craftsmen, and sculptors from both the past and the present while studying Fine Arts. Such an approach contributes to improving the quality of education and promotes the intellectual and creative development of students.

The implementation of modern technologies in the teaching and learning process results in both qualitative and quantitative improvements in pedagogical practice and enhances the overall effectiveness and quality of education. The effectiveness of the proposed approach is confirmed by the results of the experimental study: the quality of learning outcomes reached 37% at the initial stage and increased to 73% at the second stage of the experiment.

Keywords: implementation, modern technologies, pedagogical technologies, Fine Arts, higher education institutions, future teachers, teaching and learning process.

Маълумот дар бораи муаллиф: Темурова Муяссара Нозимовна, муаллими калони кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқии факултети санъати тасвирӣ ва дизайни МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров». Нишонӣ: 7357700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузари Мавлонбеков 1. Тел.: (+992) 92 705 93 31; E-mail: muassartemiro va16@gmail.com

Алиева Мунзифахон Насимовна**,** доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, дотсенти кафедраи технология ва методикаи таълими они факултети санъати тасвирӣ ва дизайни МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров». Нишонӣ: 7357700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузари Мавлонбеков 1. Тел.: (+992) 92 980 74 36; E-mail: m.alieva1723@mail.ru

Сведения об авторах: Темурова Муяссара Нозимовна, старший преподаватель кафедры изобразительного искусства и народных ремёсел факультета изобразительного искусства и дизайна ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова». Адрес**:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, д. 1. Тел.: (+992) 92 705 93 31. E-mail: muassartemirova16@gmail.com

Алиева Мунзифахон Насимовна, доктор философии (PhD), доктор по специальности «Изобразительное искусство и черчение», доцент кафедры технологии и методики её

преподавания факультета изобразительного искусства и дизайна ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова». Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, д. 1. Тел.: (+992) 92 980 74 36. E-mail: m.alieva1723@mail.ru

Information about the author: Temurova Muyassara Nozimovna, senior lecturer, department of fine arts and folk crafts, faculty of fine arts and design, Khujand State University named after Academician B. Gafurov. Address: 735700, Republic of Tajikistan. Khujand, Mavlonbekov passage, 1. Tel.: (+992) 92 705 93 31. Email: muassartemirova16@gmail.com

Alieva Munzifakhon Nasimovna, Doctor of Philosophy (PhD), specializing in Fine Arts and Drawing, Associate Professor, Department of Technology and Methods of Teaching, Faculty of Fine Arts and Design, Khujand State University named after Academician B. Gafurov. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova passage, 1. Tel.: (+992) 92 980 74 36. E-mail: m.alieva1723@mail.ru

ТДУ: 373.5.016:57

МЕТОДИКАИ ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ АМАЛӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ БИОЛОГИЯ

Сайфуллозода С.С., муаллими калон, Холназаров С., д.и.п., профессор
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муқаддима. Дар шароити рушди ҷомеаи муосир масъалаи ташаккули шахсияти соҳибтафаккур, эҷодкор ва қобили таҳлили вокеият аҳаммияти хосро касб намуда истодааст. Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои асосии таълим, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва мантиқии хонандагонро зери диққати ҷиддӣ қарор додааст. Илми биология яке аз фанҳои самти табиатшиносӣ ба шумор рафта, барои инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон шароити густурда дорад, чунки омӯзиши ҳодисаҳои рӯйдиҳанда дар ҳаёти ҳаррӯза, алоқаи байни организмҳо ва муҳити зист, қонуниятҳои ирсият ва тағйирпазирӣ аз хонанда истифодаи амалии мантиқиро талаб мекунад.

Ба андешаи муҳаққиқи соҳаи педагогика, Асозода Х. «тафаккури мантиқӣ ҳамчун шакли олии фаъолияти маърифатӣ ба шахс имкон медиҳад, ки робитаҳои сабабию натиҷавии падидаҳоро дарк намуда, донишҳоро дар вазъиятҳои нав татбиқ намояд» [1, с. 45]. Айни замон илм ва технология босуръат рушд намуда истодааст. Таълимдиҳанда на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, инчунин ташкилкунандаи фаъолияти фикрии хонанда мебошад.

Дар корҳои таҳқиқии худ олим Раҳимзода А. нишон медиҳад, ки дар раванди таълими биология истифодаи масъалаҳои проблемавӣ, корҳои таҷрибавӣ ва усулҳои таҳқиқотӣ барои рушди тафаккури мантиқии хонандагон нақши муҳим мебозанд [9, с. 28]. Аз ин сабаб, инкишофи тафаккури мантиқӣ дар фаъолияти омӯзгорони биология масъалаи мубрами илмӣ ва амалӣ ба шумор меравад.

Мавод ва усулҳо. Ҷомеаи муосир бинобар сабаби тағйироти босуръати иҷтимоию иқтисодӣ талаб менамояд, ки хонандагон дорои малакаҳои мустақили фикрронӣ бошанд. Тафаккури мантиқии мавриди омӯзиш қарордошта, қобилияти хонандагонро дар ҳолатҳои зарурӣ барои таҳлил, муқоиса, синтез, абстраксия ва хулосабарорӣ бедор мекунад.

Психологи машҳури швейтсарӣ Жан Пиаже қайд намудааст, ки «рушди тафаккури мантиқӣ дар асоси фаъолияти фаъолонаи кӯдак ва ҳамкории ӯ бо муҳит сурат мегирад [8, с. 97]. Ба андешаи ӯ дониш дар натиҷаи фаъолияти маърифатии шахс ташаккул меёбад.

Муҳаққиқи рус Лев Виготский таъкид кардааст, ки инкишофи тафаккур дар раванди омӯзиш ба амал меояд ва нақши омӯзгор дар ташкили фаъолияти фикрии хонанда ҳалкунанда мебошад [2, с. 63].

Дар адабиёти педагогӣ тафаккури мантиқӣ ҳамчун системаи амалиёти зеҳнӣ муайян карда мешавад, ки ба воситаи он шахс муносибатҳои байни объектҳо ва падидаҳоро ошкор менамояд [14, с. 51].

Фаъолиятҳои муҳимми тафаккури мантиқӣ инҳо мебошанд: таҳлил, синтез, муқоиса, гурӯҳбандӣ, ҷамъбаст, абстраксия, хулосабарорӣ. Маҳз чунин усулҳо дар ҷараёни таълими биология мунтазам истифода мешаванд.

Ташкили фаъолияти таҳқиқотии хонандагон ҳамчун воситаи рушди тафаккури мантикӣ. Ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ яке аз самтҳои самараноки рушди тафаккури мантиқии хонандагон дар таълими биология мебошад. Фаъолияти таҳқиқотӣ, хонандаро маҷбур месозад, ки мушкилотро муайян намуда, фарзия пешниҳод кунад, маълумотро ҷамъоварӣ карда, натиҷаро таҳлил кунад ва хулосаи илмӣ барорад. Ин амал ба инкишофи амалияҳои асосии тафаккур, аз ҷумла таҳлил, синтез, муқоиса ва умумисозӣ мусоидат менамояд [10, с. 114].

Дар раванди таҳқиқоти биологӣ хонанда дар асоси донишҳои назариявӣ доштаи худ истифодаи онҳоро дар амал татбиқ менамояд. Барои мисол: ҳангоми омӯзиши таъсири ҳарорат ба сабзиши тухмӣ хонанда бояд якчанд гурӯҳи таҷрибавиро ташкил намуда, нишондиҳандаҳоро сабт ва таҳлил намояд. Дар чунин ҳолат ӯ ба масъалаҳои илмӣ рӯ ба рӯ мешавад ва кӯшиш мекунанд, ки ҷавобҳои асоснок пайдо намояд.

Ба андешаи олими соҳаи педагогика, Хуторский А.В. фаъолияти таҳқиқотӣ муҳити мусоидро барои рушди мустақилияти фикрронӣ фароҳам меорад ва қобилияти қабули қарорҳои мантиқиро ташаккул медиҳад [17, с. 76]. Аз ин сабаб, омӯзгорони биология бояд доимо корҳои таҳқиқотии инфиродӣ ва гурӯҳиро дар раванди таълим истифода намоянд.

Ба сифати самтҳои фаъолияти таҳқиқотии хонандагон мисол шуда метавонанд:

- ✓ омӯзиши гуногунии биологии маҳал;
- ✓ таҳқиқи хусусиятҳои физиологии растаниҳо;
- ✓ омӯзиши омилҳои муҳити зист;
- ✓ мушоҳидаи рушди организмҳо;
- ✓ таҳқиқи масъалаҳои экологӣ;
- ✓ омӯзиши тарзи ҳаёти солим.

Чунин фаъолиятҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки донишҳои назариявии худро бо амалия пайваст намуда, ҷаҳонбинии илмии худро такмил диҳанд.

Истифодаи масъалаҳои мантиқӣ дар дарсҳои биология. Масъалаҳои мантиқӣ воситаи муҳимми рушди фаъолияти зеҳнии хонандагон мебошанд. Ҳангоми баррасии ин гуна масъалаҳо хонанда бояд далелҳоро таҳлил намуда, алоқаҳои байни падидаҳоро муайян намояд ва хулосаи дуруст бароррад.

Масалан омӯзгор метавонад масъалаи зеринро пешниҳод намояд:

«Дар як гармхона як намуди рустанӣ дар ду муҳит парвариш карда шуд. Рустании якум ба рӯшноии кофӣ таъмин карда шуд, вале дуюм дар муҳити торик нигоҳ дошта шуд. Баъди гузаштани як ҳафта шумо кадом тағйиротро дар рустаниҳои мавриди таҳқиқ мушоҳида кардед ва сабаби он дар чист?».

Барои ҷавоб додан хонанда бояд донишҳои худро оид ба фотосинтез, хлорофилл ва мубодилаи моддаҳо истифода барад. Ин намуди масъалаҳо рушди тафаккури сабабиву натиҷавиро таъмин менамояд [13, с. 88]. Масъалаҳои мантиқӣ шаклҳои гуногун дошта метавонанд ба монанди: масъалаҳои муқоисавӣ, масъалаҳои проблемавӣ, масъалаҳои таҳлилӣ, масълаҳои экологӣ, масъалаҳои генетикӣ, масъалаҳои таҷрибавӣ ва ғ.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки истифодаи мунтазами масъалаҳои мантиқӣ сатҳи азхудкунии дониш ва фаъолияти маърифатии хонандагонро назаррас баланд мебардорад [16, с. 35].

Нақши корҳои мустақилона дар рушди тафаккури мантиқӣ. Яке аз шаклҳои муҳимми ташкили фаъолияти таълимӣ ин кори мустақилона мебошад. Дар равиши иҷрои корҳои мустақилона хонанда вазифаҳоро бе ёрдами омӯзгор иҷро карда, дониш ва маҳорати худро такмил медиҳад.

Олимони тоҷик таъкид менамоянд, ки корҳои мустақилона дар шароити дуруст ташкилшуда ба рушди мустақилияти маърифатӣ ва тафаккури мантиқии хонандагон мусоидат мекунанд [7, с. 57].

Дар таълими биология шаклҳои зерини корҳои мустақилона истифода мешаванд: кор бо китоб ва манбаъҳои илмӣ, тартиб додани нақша ва амсилаҳо, таҳияи ҷадвалҳои муқоисавӣ, иҷрои корҳои лабораторӣ, омода намудани маърузаҳо, таҳияи лоиҳаҳои таълимӣ.

Барои мисол дар омӯзиши мавзуи «Системаи гардиши хун» хонандагон бояд бе ёрии омӯзгор ҷадвали муқоисавии гардиши хуни моҳӣ, обхокӣ, хазанда ва ширхӯрро таҳия намояд. Дар ҷараёни ин фаъолият ӯ хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ҳар як гурӯҳро муайян намуда, хулоса мебарорад.

Ин раванд ба рушди қобилияти таҳлил ва ҷамъбасти маълумот мусоидат менамояд.

Рушди тафаккури мантиқӣ тавассути технологияҳои интерактивӣ. Технологияҳои интерактивии замони муосир ба яке аз воситаҳои асосии фаъолгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон табдил ёфтаанд. Хосиятҳои муҳимми чунин технологияҳо иштироки фаъоли хонандагон дар раванди омӯзиш мебошад. Ба технологияҳои интерактивӣ дохил мешаванд: ҳуҷуми зеҳнӣ, кластер, синквейн, диаграммаи Вейн, муҳокиманамоии гурӯҳӣ, омӯзиш дар ҳамкорӣ, таълими лоиҳавӣ.

Ҳангоми истифодаи диаграммаи Венн хонандагон метавонанд монандӣ ва фарқияти байни организмҳои гуногунро муайян намоянд. Масалан, муқоисаи ҳуҷайраи наботот ва ҳайвонот ба рушди қобилияти таҳлил ва муқоиса мусоидат мекунад [15, с. 74].

Технологияи «ҳуҷуми зеҳнӣ» имконият медиҳад, ки хонандагон фикрҳои худро озодона изҳор намоянд ва усулҳои гуногуни ҳалли проблемаро пешниҳод кунанд. Ин усул фаъолияти фикриро фаъол гардонида, қобилияти эҷодкориро инкишоф медиҳад.

Истифодаи аёниятҳо дар рушди тафаккури мантиқӣ. Васоити аёнӣ дар омӯзиши биология аҳаммияти махсус доранд, зеро бисёр обеъктҳо ва ҳодисаҳои биологӣ барои мушоҳидаи мустақим дастрас нестанд. Ба васоити аёнӣ шомил шуда метавонанд: расмҳо, нақшаҳо, моделҳо, ҷадвалҳо, муляжҳо, филмҳои таълимӣ, барномаҳои компютерӣ ва ғайраҳо.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки истифодаи воситаҳои аёнӣ ба дарки амиқи маводи таълимӣ ва ташаккули тафаккури мантиқӣ мусоидат менамояд [11, с.156].

Масалан, ҳангоми омӯзиши сохтори КДН истифодаи модели сеандоза ба хонанда имкон медиҳад, ки робитаи байни сохтор ва вазифаи ин молекуларо дуруст дарк намояд.

Дар чунин ҳолат дониш танҳо аз роҳи шунавоӣ, балки тавассути мушоҳида ва фаъолияти амалӣ азхуд карда мешавад, ки самаранокии таълимро зиёд мегардонад.

Рушди тафаккури мантиқӣ ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои экологӣ. Яке аз самтҳои муҳимми рушди тафаккури мантиқӣ дар омӯзиши биология мавзуъҳои экологӣ ба ҳисоб мераванд. Масъалаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист, тағйирёбии иқлим ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ аз хонанда таҳлили вазъият ва хулосабарории асоснокро талаб мекунад.

Ҳангоми омӯзиши мавзуи «Экосистема» хонандагон робитаҳои байни организмҳо ва муҳити зистро таҳлил менамоянд. Онҳо муайян мекунанд, ки чӣ гуна тағйир ёфтани як унсури система метавонад ба фаъолияти тамоми экосистема таъсир расонад [12, с. 183].

Баррасии ин гуна масъалаҳо ба инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ ва малакаҳои таҳлилии хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Ғайр аз ин, омӯзиши проблемаи экологӣ дар сатҳи маҳалли зист, аз ҷумла масъалаҳои ифлосшавии муҳити зист дар маҳалли зисти хонандагон, имкон медиҳад, ки онҳо донишҳои назариявиро бо воқеияти ҳаёт пайваст намоянд.

Имкониятҳои фанни биология дар рушди тафаккури мантиқӣ. Биология илм дар бораи ҳаёт бо қонуниятҳо ва робитаҳои сершумор тавсиф мешавад. Дар таълими сохти ҳуҷайра, аксуламалҳои организм, экосистемаҳо ва равандҳои эволютсионӣ хонандагон уҳдадор мешаванд, ки далелҳоро таҳлил ва муқоиса намоянд.

Тибқи андешаи олими тоҷик Каримов Н.К., омӯзиши мавзуъҳои биологӣ барои ташаккули тафаккури сабабию натиҷавӣ шароити мусоид фароҳам меорад [4, с. 74].

Масалан ҳангоми омӯзиши мавзуи «Фотосинтез» хонанда бояд муайян намояд:

- байни рӯшноӣ ва ҳосилшавии моддаҳои органикӣ чӣ алоқа вуҷуд дорад;
- норасоии рӯшноӣ ба инкишофи рустанӣ таъсир манфӣ мерасонад.

Ин гуна саволҳо тафаккури мантиқиро фаъол мегардонанд. Ҳангоми омӯзиши генетика хонандагон масъалаҳои ирсиятро ҳал мекунанд, ки онҳо истифодаи далелҳо, муқоиса ва хулосабарории мантиқиро талаб менамоянд [5, с. 118].

Нақши фаъолияти амалӣ-методии омӯзгор дар рушди тафаккури мантиқӣ. Ҷидду ҷаҳди амалӣ-методии омӯзгор маҷмуи тадбирҳо ва усулҳое мебошад, ки барои ташкили самараноки раванди таълим истифода мешаванд. Ба андешаи олимон, омӯзгори муосир бояд:

- ✓ фаъолияти фикрии хонандагонро идора намояд;
- ✓ вазъиятҳои проблемавӣ эҷод кунад;
- ✓ мустақилияти маърифатиро инкишоф диҳад;
- ✓ муҳити эҷодии таълимро ташкил намояд [10, с. 56].

Дар ҷараёни таълими биология истифода намудани омӯзгор аз усулҳои зерин аз фоида холӣ нест: суҳбати эристикӣ, таълими проблемавӣ, корҳои таҳқиқотӣ, лоиҳаҳои таълимӣ, таҳлили ҳолатҳои биологӣ, кор бо моделҳо ва схемаҳо.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки истифодаи мунтазами чунин усулҳо сатҳи фаъолияти фикрии хонандагонро назаррас баланд мебардорад [17, с. 84].

Усулҳои рушди тафаккури мантиқӣ дар таълими биология

Усули проблемавӣ. Самараноктарин роҳҳои рушди тафаккури мантиқӣ таълими проблемавӣ мебошад. Барои мисол: омӯзгор метавонад савол пешниҳод намояд: «Барои чи рустании кактус дар биёбон маҳв намешавад, вале рустании обдӯст маҳв мешавад» Барои ёфтани ҷавоби чунин саволҳо хонанда бояд хусусиятҳои мутобиқшавии организмҳоро донад.

Масъалаҳои проблемавӣ фаъолияти фикрии хонандагонро фаъол намуда, онҳоро ба ҷустуҷӯйи мустақилона водор месозанд [13, с. 129].

Усули муқоиса. Муқоиса яке аз амалиёти муҳимтарини тафаккур мебошад. Дар биология муқоисаи сохти:

- ➢ ҳуҷайраи наботот ва ҳайвонот;
- ➢ организмҳои якҳуҷайра ва бисёрҳуҷайра;
- ➢ системаи гардиши хуни гуногуни ҷонварон барои рушди қобилияти таҳлил ва хулосабарорӣ мусодат мекунад [16, с. 67].

Усули гурӯҳбандӣ. Гурӯҳбандӣ намудани организмҳо дар таксономия, воситаҳои муҳимми рушди тафаккури мантиқӣ буда метавонад. Ҳангоми таснифи растаниҳо ё ҳайвонот хонанда аломатҳои умумӣ ва фарқкунандаро муайян мекунад [12, с. 91].

Усули моделсозӣ. Моделсозӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки объектҳои мураккабро дар шакли содатар омӯзанд. Истифодаи моделҳои: ҳуҷайра, КДН, ситемаи узвҳо, экосистема дарки робитаҳои дохилии объектҳоро беҳтар менамояд [11, с. 104].

Иҷрои корҳои амалӣ ва таҷрибавӣ ҳамчун воситаи рушди тафаккури мантиқӣ. Иҷрои корҳои лабораторӣ дар омӯзиши биология на танҳо барои азхудкунии дониш, балки барои ташаккули малакаҳои таҳлилӣ аҳаммияти бузург доранд. Дар дарсҳое, ки таҷриба гузаронида мешавад хонанда: мушоҳида мекунад; далел ҷамъ мекунад; натиҷаҳоро муқоиса менамояд; хулоса мебарорад.

Ба ақидаи олимони хориҷӣ фаъолияти таҷрибавӣ шакли муассири рушди тафаккури илмӣ мебошад [3, с. 77].

Масалан дар гузаронидани кори амалии: «Таъсири омили рӯшноӣ ба сабзиши рустанӣ» хонандагон мустақилона фарзия пешниҳод намуда, натиҷаҳоро таҳлил мекунанд. Ин амалҳо рушди тафаккури мантиқиро инкишоф медиҳанд.

Технологияҳои муосири педагогӣ ва рушди тафаккури мантиқӣ. Технологияҳои инноватсионӣ имкониятҳои васеъро барои ташкили фаъолияти фикрии хонандагон фароҳам месозанд. Аз ҷумла:

- технологияи рушди тафаккури интиқодӣ;
- омӯзиши ҳамкорӣ;
- технологияи лоиҳавӣ;

- омӯзиши таҳқиқотӣ;
- технологияи рақамӣ.

Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки донишҳоро таҳлил намуда, мавқеи шахсии худро асоснок намоянд [15, с. 39].

Таҳқиқоти охир нишон медиҳанд, ки истифодаи воситаҳои рақамӣ дар таълими биология сатҳи фаъолияти маърифатии хонандагонро баланд мебардорад [7, с. 58].

Шартҳои педагогии рушди тафаккури мантиқӣ. Барои инкишофи бенуқсони тафаккури мантиқӣ муҳайё намудани шароитҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

1. муҳити мусоиди таълимӣ;
2. фаъолияти фаъоли хонандагон;
3. истифодаи мунтазами масъалаҳои мантиқӣ;
4. робитаи назария ва амалия;
5. ташкили корҳои мустақилона;
6. баҳодиҳии объективии натиҷаҳо.

Муҳаққиқи тоҷик Мирзоев С.А.таъкид менамояд, ки маҳз фаъолияти мустақилонаи хонандагон асоси рушди қобилиятҳои зеҳнӣ мебошад [7, с. 42].

Таҳлили таҷрибаи педагогӣ оид ба рушди тафаккури мантиқии хонандагон. Барои муайян намудани самаранокии методҳои рушди тафаккури мантиқӣ дар раванди таълими биология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5 ва 12 - и ш. Бохтар таҷрибаҳои педагогӣ гузаронида шудаанд. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои фаъоли таълим ба баланд гардидани сатҳи фаъолияти маърифатӣ ва мустақилияти фикронии хонандагон мусоидат менамояд.

Дар ҷараёни таҷриба ду гурӯҳи хонандагон ташкил карда шуданд:

- ✓ Гурӯҳи назоратӣ;
- ✓ Гурӯҳи таҷрибавӣ.

Бо усулҳои анъанавӣ дар гурӯҳи назоратӣ дарсҳо гузаронида шуданд ва дар гурӯҳи таҷрибавӣ бошад, омӯзгор аз усулҳои проблемавӣ, таҳқиқотӣ, интерактивӣ ва лоиҳавӣ истифода бурд.

Таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳад, ки хонандагони гурӯҳи таҷрибавӣ дар иҷрои вазифаҳои мантиқӣ, таҳлили масъалаҳои биологӣ ва шарҳи равандҳои табиатшиносӣ натиҷаҳои беҳтар нишон медиҳанд.

Барои мисол ҳангоми баёни мавзуи «Генетика ва ирсият» ба хонандагон масъалаҳои генетикӣ пешниҳод карда шуданд. Дар аввали таҷриба шумораи ками хонандагон тавонистанд масъалаҳоро мустақилона ҳал намоянд. Пас аз истифодаи мунтазами усулҳои таҳқиқотӣ ва корҳои мустақилона шумораи хонандагони дорои сатҳи баланди тафаккури мантиқӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Ба андешаи мутахассисон, чунин натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ташкили фаъолити фаъоли маърифатӣ шарти муҳимми рушди қобилиятҳои зеҳнӣ мебошад [16, с. 201].

Нишондиҳандаҳои асосии рушди тафаккури мантиқӣ. Барои муайян намудани сатҳи рушди тафаккури мантиқии хонандагон нишондиҳандаҳои зерин истифода мешаванд: қобилияти таҳлили масъалаҳо; қобилияти муқоиса намудани объектҳо; қобилияти муайян намудани робитаҳои сабабию натиҷавӣ; қобилияти ҷамъбаст ва хулосабарорӣ; қобилияти истифодаи дониш дар вазъияти нав; малакаи исбот ва асосноккунии фикр. Ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳанд, ки омӯзгор дараҷаи рушди фаъолияти фикрии хонандагонро муайян намуда, кори минбаъдаро ба нақша гирад [4, с. 93].

Дар таҷрибаи омӯзгорони пешқадам муайян гардидааст, ки сатҳи баланди тафаккури мантиқӣ пеш аз ҳама дар он хонандагоне ташаккул меёбад, ки дар корҳои мустақилона, озмунҳои фаннӣ ва корҳои таҳқиқотӣ фаъолони иштирок менамоянд.

Мушкилоти асосии рушди тафаккури мантиқӣ дар таълимӣ биология. Бо вуҷуди истифода бурдани имкониятҳои васеи фанни биология барои рушди тафаккури мантиқӣ, як қатор мушкилот низ ба назар мерасанд. Истифодаи зиёди усулҳои анъанавӣ чунин мушкилотро дар таълим ба вуҷуд меорад. Дар баъзе ҳолатҳо диққати асосӣ ба азёдкунии мавод равона шуда, фаъолияти мустақили фикрии хонандагон камтар ташаккул меёбад [13, с. 157]. Мушкилоти

дигарро мо дар нокифоя иҷро кардани корҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ мебинем. Имконияти рушди амалиёти мантиқии хонанда маҳдуд мегардад, агар хонанда танҳо шунавандаи маводи таълимӣ бошад. Инчунин, омилҳои зерин таъсири манфӣ мерасонанд: маҳдуд будани таҷҳизоти лабораторӣ; камбудии васоити аёнӣ; истифодаи нокифояи технологияҳои рақамӣ; сатҳи пасти ҳавасмандии баъзе хонандагон; маҳдуд будани вақти дарсӣ.

Аз ин рӯ, омӯзгор бояд роҳҳои нави ташкили фаъолияти маърифатии хонандагонро ҷустуҷӯ намояд.

Тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони биология. Дар натиҷаи омӯзиш, таҳлили адабиёт ва таҷрибаи педагогӣ мо якчанд тавсияҳоро барои омӯзгорони биология пешниҳод менамоем. Омӯзгор уҳдадор аст, ки дар як дарс шароите фароҳам оварад то, ки хонанда мустақилона фикр карда ва хулосаҳои муносиб барорад. Барои амалӣ намудани гуфтаҳои боло якчанд саволҳо пешниҳод менамоем, ки ба саволҳои проблемавӣ мувофиқ мебошад. Масалан:

- ✓ Чаро гуногунии биологӣ барои устувории экосистема муҳим аст?
- ✓ Агар фотосинтез вуҷуд намедошт, ҳаёт дар рӯйи Замин вуҷуд дошта метавонист?
- ✓ Кадом омилҳо ба суръати афзоиши аҳолии организмҳо таъсир мерасонанд?

Ин намуд саволҳои пешниҳодшуда хонандагонро маҷбур месозанд, ки донишҳои дар ҷараёни дарс гирифтаҳояшонро таҳлил намуда, алоқаҳои байни ҳодисаҳоро муайян кунад [3, с. 119].

Дуюм омӯзгор аз усулҳои фаъоли таълим васеъ истифода барад ба монанди: муҳокиманамоии гурӯҳӣ; омоданамоии лоиҳаҳои таълимӣ; корҳои таҳқиқотӣ; бозиҳои таълимӣ; технологияҳои интерактивӣ.

Сеюм гузаронидани корҳои амалӣ ва лабораторӣ набояд барои тасдиқи донишҳои назариявӣ, балки барои рушди фаъолияти фикрӣ низ хизмат намоянд.

Чорум, истифодаи воситаҳои рақамӣ ва захираҳои электронӣ дар дарс имконият медиҳанд, ки хонандагон маълумотро таҳлил намуда, натиҷаҳои таҳқиқро мустақилона коркард намоянд.

Аҳаммияти рушди тафаккури мантиқӣ дар ташаккули салоҳиятҳои калидӣ. Дар низоми ҳозираи таҳсилот ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон яке аз ҳадафҳои асосӣ мебошад. Тафаккури мантиқӣ як ҷузъи муҳимми салоҳияти маърифатӣ ба хонандагон имконият медиҳад, то ки:

- ✓ донишҳоро мустақилони азхуд намоянд;
- ✓ масъалаҳоро ҳал кунанд;
- ✓ қарорҳои дуруст қабул намоянд;
- ✓ андешаҳои худро асоснок баён кунанд;
- ✓ ба фаъолияти таҳқиқотӣ машғул шаванд.

Дар таҳқиқаш олими хориҷӣ Майер Р. нишон медиҳад, ки байни сатҳи рушди тафаккури мантиқӣ ва муваффақияти таълимии хонандагон робитаи мустақим вуҷуд дорад [6, с. 145].

Аз ин сабаб ташаккули тафаккури мантиқӣ бояд ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти омӯзгорони биология дар дарсҳо баррасӣ гардад.

Нақши омӯзгорони биология дар ташаккули фарҳанги фикрронӣ. Омӯзгори биология танҳо интиқолдиҳандаи дониш набуда, инчунин роҳнамои фаъолияти маърифатии хонанда мебошад. Омӯзгори фанни биология бояд дар дарс муҳитеро муҳайё созад, ки дар он ҳар як хонанда имконияти озодона баён кардани фикри худро дошта бошад. Ба гуфтаи муҳаққиқон, фарҳанги фикрронӣ дар ҳолате ташаккул меёбад, ки хонанда:

- ✓ андешаҳои худро озодона баён намояд;
- ✓ фикри дигаронро таҳлил кунад;
- ✓ далелҳоро муқоиса намояд;
- ✓ хулосаҳои асоснок барорад [1, с. 208].

Дар чунин ҳолат тафаккури мантиқӣ тадриҷан ба як ҷузъи шахсияти хонанда табдил меёбад.

Натиҷагирӣ. Истифодаи донишҳои назариявӣ ва таҳлил намудани таҷрибаи педагогӣ нишон дод, ки инкишоф додани тафаккури мантиқии хонандагон яке аз вазифаҳои муҳимми

таълими биология бошад. Фанни биология ҳамчун як фанни табиатшиносӣ бо хусусиятҳои фарқкунандаи худ шароитҳои фарохро барои инкишофи қобилияти таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ фароҳам меорад.

Натиҷагирии ин раванд пеш аз ҳама ба фаъолияти амалӣ-методии омӯзгор вобаста аст. Дар дарсҳои биология истифодаи усулҳои проблемавӣ, корҳои таҳқиқотӣ, технологияҳои интерактивӣ ва аёниятҳо ба инкишофёбии фикрронии мустақил ва фаъолияти маърифатии хонандагон мусоидат менамояд.

Дар натиҷаҳои таҳқиқ муайян карда шуд, ки дар шароити истифодаи мақсадноки технологияҳои муосири таълим сатҳи тафаккури мантиқии хонандагон ба таври назаррас баланд мегардад. Аз ин рӯ, мукаммал намудани фаъолияти методии омӯзгорони биология ва роҳандозӣ намудани усулҳои нави рушди фаъолияти фикрӣ дар дарсҳои биология ба фоидаи кор хоҳад шуд.

Илова бар ин, рушди тафаккури мантиқӣ барои ташаккули шахсияти соҳибмаърифат, эҷодкор ва рақобатпазир замина фароҳам оварда, хонандаро барои фаъолияти мустақилонаи илмӣ ва касбӣ омода месозад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур бояд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи омӯзгорон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи маориф қарор дошта бошад.

Хулоса. Натиҷаи таҳқиқ нишон медиҳад, ки рушди тафаккури мантиқии хонандагон вазифаи муҳим дар фаъолияти омӯзгорони фанни биология мебошад. Дар омӯзиши фанни биология хонандагон барои ташаккули қобилияти таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ имкониятҳои васеъ пайдо мекунанд. Расидан ба натиҷаҳои интизоршаванда аз интихоби дурусти усулҳои таълим, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва ташкили фаъолияти фаъоли хонандагон вобаста мебошад.

Амалигардонии методҳои проблемавӣ, корҳои амалӣ, таҷрибавӣ ва таҳқиқотӣ ба рушди мустақилияти фикрронӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон мусоидат намуда, сифати таълимро баланд мебардорад. Аз ин сабаб, такмили фаъолияти амалӣ-методии омӯзгорони биология омили муҳимми рушди тафаккури мантиқии хонандагон арзёбӣ мегардад.

Адабиёт:

1. Асозода, Х. Педагогикаи муосир / Х. Асозода. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 320 с.
2. Выготский, Л.С. Тафаккур ва забон / Л.С. Выготский. – Кембриҷ: MIT Press, 1986. – 287 с.
3. Ҷойс, Б. Моделҳои таълим / Б. Ҷойс, М. Вайл. – Бостон: Пирсон, 2015. – 512 с.
4. Каримов, Н.К. Назарияи таълим / Н.К. Каримов. – Душанбе, 2019. – 280 с.
5. Кэмпбелл, Н. Биология / Н. Кэмпбелл. – Ню-Йорк: Пирсон, 2018. – 1488 с.
6. Майер, Р. Омӯзиши мултимедиявӣ / Р. Майер. – Кембриҷ: Cambridge University Press, 2021. – 304 с.
7. Мирзоев, С.А. Асосҳои фаъолияти маърифатии хонандагон / С.А. Мирзоев. – Душанбе, 2021. – 198 с.
8. Пиаже, Ж. Психологияи зеҳн / Ж. Пиаже. – Лондон: Роутлиҷ, 2001. – 224 с.
9. Раҳимзода, А. Методикаи таълими биология / А. Раҳимзода. – Душанбе, 2020. – 256 с.
10. Салимов, М.С. Технологияҳои муосири таълим / М.С. Салимов. – Душанбе, 2022. – 240 с.
11. Верзилин, Н.М. Общая методика преподавания биологии / Н.М. Верзилин. – Москва, 2018. – 384 с.
12. Захлебный, А.Н. Биологическое образование школьников / А.Н. Захлебный. – Москва, 2019. – 312 с.
13. Махмутов, М.И. Проблемное обучение / М.И. Махмутов. – Москва: Педагогика, 2018. – 192 с.
14. Подласый, И.П. Педагогика / И.П. Подласый. – Москва: Юрайт, 2020. – 576 с.
15. Полат, Е.С. Новые педагогические технологии / Е.С. Полат. – Москва, 2020. – 271 с.
16. Скаткин, М.Н. Совершенствование процесса обучения / М.Н. Скаткин. – Москва, 2017. – 208 с.
17. Хуторской, А.В. Современная дидактика / А.В. Хуторской. – Санкт-Петербург: Питер, 2019. – 406 с.

МЕТОДИКАИ ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ АМАЛӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ БИОЛОГИЯ

Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалии инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон дар ҷараёни таълими биология мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Нақши фаъолияти амалӣ-методии омӯзгор дар ташаккули қобилияти таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст, хулосабарорӣ ва ҳалли масъалаҳои биологӣ баррасӣ шудааст. Самтҳои асосии истифодаи усулҳои фаъоли таълим, технологияи муосири педагогӣ, корҳои амалӣ ва таҳқиқотӣ барои рушди тафаккури мантиқии хонандагон нишон дода шудаанд. Натиҷаҳои таҳлил собит менамоянд, ки истифодаи мақсадноки методҳои мантиқӣ дар таълими биология ба баланд гардидани сифати дониш, мустақилияти фикрронӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон мусоидат мекунад.

Инчунин, дар кор омилҳои психологию дидактикии ташкили дурусти раванди таълим, ки ба фаъол гардонидани зеҳни хонандагон нигаронида шудаанд, асоснок мегарданд. Муаллифон модели методии пайвастани донишҳои назариявиро бо корҳои таҷрибавӣ-саҳроӣ ва истифодаи супоришҳои муаммогӣ (проблемавӣ) пешниҳод менамоянд. Таваҷҷуҳи махсус ба ташаккули малакаҳои мустақилона пайдо кардани алоқаҳои сабабу оқибат дар ҳодисаҳои биологию экологӣ ва рушди ҷаҳонбинии илмии муҳассилин нигаронида шудааст. Тавсияҳои амалии пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби омӯзгорони биология, методистон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

Калидвожаҳо: тафаккури мантиқӣ, биология, фаъолияти амалӣ-методӣ, омӯзгор, методикаи таълим, масъалаҳои биологӣ, фаъолияти маърифатӣ, технологияҳои педагогӣ.

МЕТОДИКА РАЗВИТИЯ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ В РАМКАХ ПРАКТИЧЕСКОЙ И МЕТОДИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ БИОЛОГИИ

В статье анализируются теоретические и практические вопросы развития логического мышления учащихся в процессе обучения биологии. Рассматривается роль практической и методической деятельности учителя в формировании способности анализировать, сравнивать, обобщать, делать выводы и решать биологические проблемы. Указаны основные направления применения активных методов обучения, современных педагогических технологий, практической и исследовательской работы для развития логического мышления учащихся. Результаты анализа доказывают, что целенаправленное использование логических методов в обучении биологии способствует повышению качества знаний, самостоятельности мышления и творческой активности учащихся.

Также в статье обосновываются психолого-дидактические факторы правильной организации учебного процесса, направленные на активизацию познавательной деятельности учащихся. Авторы предлагают методическую модель связи теоретических знаний с опытно-полевыми работами и использованием проблемных заданий. Особое внимание уделено формированию навыков самостоятельного выявления причинно-следственных связей в биологических и экологических явлениях, а также развитию научного мировоззрения учащихся. Предложенные практические рекомендации могут быть использованы учителями биологии, методистами и студентами высших профессиональных учебных заведений.

Ключевые слова: логическое мышление, биология, практическая и методическая деятельность, учитель, методы обучения, биологические вопросы, познавательная деятельность, педагогические технологии.

METHODOLOGY FOR DEVELOPING STUDENTS' LOGICAL THINKING WITHIN THE FRAMEWORK OF PRACTICAL AND METHODOLOGICAL ACTIVITIES OF BIOLOGY TEACHERS

This article analyzes theoretical and practical aspects of developing students' logical thinking in biology education. It examines the role of teachers' practical and methodological activities in developing their ability to analyze, compare, generalize, draw conclusions, and solve biological problems. It identifies key areas for using active learning methods, modern pedagogical technologies, and practical and research

work to develop students' logical thinking. The analysis demonstrates that the targeted use of logical methods in biology education contributes to improved knowledge, independent thinking, and student creativity.

The article also substantiates the psychological and didactic factors of the proper organization of the educational process, aimed at activating students' cognitive activity. The authors propose a methodological model linking theoretical knowledge with field-based practical work and the use of problem-based tasks. Particular attention is paid to fostering skills for independently identifying cause-and-effect relationships in biological and ecological phenomena, as well as to developing a scientific worldview among students. The proposed practical recommendations can be utilized by biology teachers, curriculum specialists, and university students.

Key words: logical thinking, biology, practical and methodological activities, teacher, teaching methods, biological issues, cognitive activity, pedagogical technologies.

Маълумот дар бораи муаллифон: Сайфуллозода Сабоҳат Сайфулло, муаллими калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Садриддин Айнӣ 67. Телефон: (+992) 93.487.99.22. Email: shamsulloeva67@mail.ru

Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Садриддин Айнӣ 67. Телефон: (+992) 985. 58.42.34.

Сведения об авторах: Сайфуллозода Сабохат Сайфулло, старший преподаватель кафедры методики преподавания естественных дисциплин Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Садриддина Айни, 67. Телефон: (+992) 93-487-99-22. E-mail: shamsulloeva67@mail.ru

Холназаров Санг, доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания естественных дисциплин Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Садриддина Айни, 67. Телефон: (+992) 98-558-42-34.

Information about the authors: Saifullozoda Sabokhat Saifullo, senior lecturer at the department of teaching methodology for natural sciences, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni street 67, Phone: (+992) 93-487-99-22. E-mail: shamsulloeva67@mail.ru

Kholnazarov Sang, doctor of pedagogical sciences, professor at the department of teaching methodology for natural sciences, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni street 67, Phone: (+992) 98-558-42-34.

Муқарриз: Сатторов А.Э., д.и.п., профессор
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав

ТДУ:371+008+371.1+373 (075.8)
Р-28

НАҚШИ МУАЛЛИМ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ЭҶОДКОР

Раҳматов Ҷ., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ташаккули шахсияти эҷодкор дар ҳамаи марҳилаҳои таълиму тарбияи хонандагон яке аз масоили умдаи мактабӣ ба шумор меравад. Чӣ гуна ба кӯдак, хонанда кумак расонем, ки қобилияти фикрронии худро барои эҷод кардан равона намояд? Нақши муаллими мусиқӣ чӣ гуна аст ва қобилияти ӯ дар ин раванди мураккаб чӣ гуна зоҳир мегардад? Кадом омилҳо барои рушди қобилияти эҷодии кӯдак, хонанда мусоидат мекунанд?

Фаҳмиши «Кӯдак объекти тарбия мебошад»–дар илми педагогӣ мавқеи фаҳмиши умумиро доро аст. Вале, муаллим набояд фаромӯш созад, ки кӯдак худашро тақвият дода, меофарад. Ва нақши муаллим дар ин раванд, бояд асосан аз он иборат бошад, ки тафаккури кӯдакро ташаккул ва инкишоф дода, худи ӯро ба роҳи дуруст, роҳи созанда равона намояд [15, с. 38].

Хонанда ба мактаб омада, бори аввал худро мустақилона омӯхта, эҷодкорона фикр мекунад. Бигзор ӯ хато кунад ва ба монанди ҳама фикр накунад, вале ин қарори ӯ роҳи худро дорад. Хусусияти асосии ин ҷустуҷӯ, ин хоҳиш ва манфиати ҷустуҷӯйи мустақил мебошад ва дар ин кор аз ҳама муҳим ӯро дастгирӣ кардан вазифаи муаллим аст.

Ба раванди инкишофи хонанда, ки ӯ чун ба офаринандаи эҳсосомез монанд аст, муаллим бояд бо эҳтиром, эҳтиёткорона ва масъулияти хоса дахолат кунад. Вақте ки мо дар раванди таълим кӯшиш мекунем, ки хонанда барои ҳалли мушкилоте, ки дар фаъолияти таълимӣ ба миён меояд, ислоҳ карда шавад, хато мекунем, дар айни замон, ин равандро мо бояд инкишоф диҳем, то рушди эҷодии кӯдак, хонанда бештар рӯй ба афзоиш ниҳад. Табиист, ки муаллим ба шогирди худ чизе таълим диҳад осонтар аст, нисбат ба он, ки барои офариниши мустақилона ва эҷодию ҳунармандии кӯдак, хонанда вақт сарф намояд. Дар ин бора Эммануил Кант чунин изҳор намуда буд: «Ба фикри ман, фикри худро додан не, балки бояд кӯшиш кунем, ки шогирдон худашон фикр кунанд» [18, с. 165].

Муаллим бояд ҳамеша дар назар дошта бошад, ки барои ҳар як кӯдак, хонанда ташаккул додани раванди кори эҷодӣ мустақилона амалӣ мегардад. Омӯзиши ин омил фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои омӯзиши муваффақонаи андешаи эҷодӣ ва қобилияти эҷодии шогирдонро дар бар мегирад. Қобилияти эҷодӣ чист? Бешубҳа, ин қобилиятест, ки хонандаро мустақилона ба бунёд кардани чизҳои нав ва аслии ба эътиқоди Д.Б. Богоявленская «қобилиятҳои эҷодӣ дар бораи қобилияти давом додани фаъолиятҳои берун аз талабот, ба ғайр аз ҳалли мушкилоти дар назди одамон қарордошта» раҳнамоӣ мекунад [4, с. 86].

Яке аз ҷузъҳои фарҳанги мусиқӣ, ташаккулёбии фазоӣ ва инкишофи он дар муаллими мусиқӣ, дар мактаб–фарҳанги мусиқӣ-эҷодӣ мебошад. Заминаи самарабахш барои инкишофи он марҳилаи ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда метавонад, ки муаллими мусиқӣ дар он фаъолият менамояд.

Мувофиқи ақидаи психологҳо–фаъолияти асосии эҷодии кӯдакон дар синну соли мактабӣ ҳосил мешавад. Фаъолияте, ки бо тарзи бозиҳои ҷолиб ва муносибати худро аз даст надодан аст, ки барои осон кардани асарҳои нав кумак расонда, барои ба осонӣ ба натиҷаи дилхоҳ расидани онҳо имконият фароҳам меоварад. Бинобар ин, бо тарзи бозиҳои ҷолиб баргузор намудани дарсҳои мусиқӣ барои рушди иқтидорҳои эҷодии хонандагон муҳимму зарур аст.

Кадом намудҳои бозиҳои ҷолиб дар дарсҳои мусиқӣ барои рушди мусиқӣ ва ҳунармандӣ истифода мешаванд? Инҳо таҷҳизоти гуногуни муҳандисӣ, ритмию эҷодӣ, эҷод кардани ибораҳои мусиқӣ, бозиҳо барои таърифи рангорангии мусиқӣ, зебогии табиати атроф, драматургияҳои мусиқии гуногунро ташкил медиҳанд. Рушди иқтидорҳои эҷодии кӯдакон диққати махсусро талаб намуда, бояд ба инкишофи тафаккуру қобилияти онҳо, ба усулҳои фаъолияти ҷустуҷӯ ва эҷодии онҳо мусоидат намояд.

Кӯдакони муосир аз нақши хонандагони пассив дар синфашон қаноатманд нестанд. Онҳо интизори шаклҳои ғайриоддии шиносоӣ бо маводҳои наванд, ки дар ин маводҳо фаъолияти онҳо, хусусияти фаъоли фикрӣ, истихроҷи мустақилонаи онҳоро тасвир карда метавонад.

Аз ин лиҳоз, муаллим бояд шаклҳои ғайримодулии дарсҳоро истифода барад, аз он ҷумла: омӯзиши дарс ба таври таҳлилӣ, омӯзиши дарсҳои устод–шогирд, ташкили викторинаҳои мусиқӣ, инчунин вазифаҳои гуногуни эҷодӣ, ки ба таҳияи эҷодӣ ва қобилияти эҷодии кӯдакон нигаронида шудаанд [17, с. 168].

Рушди имкониятҳои эҷодии хонандагон, муаллимони мусиқиро пурра ба раванди эҷодкор шудан табдил медиҳад. Муҳиммияти асосӣ барои муаллим бояд на таълими

кӯдакон, балки ҳамчун мушоҳидаи рушди онҳо дар робита бо мусиқӣ ва ҷаҳони атрофи онҳо бошад. Барои иштирок дар инкишофи мусиқии кӯдак, хонанда барои муаллим муҳим аст, ки таркиб ва тарзи фикрронии штампии омӯзгориро тарк намояд. Муҳим аст, ки ин раванд табиатан амалӣ гардад: дар ҳолате, ки муаллим бо кӯдак, хонанда роҳҳои омӯзиши мусиқиро мувофиқи табиати онҳо ба роҳ мемонад. Барои ин, муаллим бояд ба дурустии интихоби мақсадҳо боварӣ дошта бошад, ки аз ин омилҳо иборат аст: инкишофи шахсияти хонандагон, маҳорат, фардият ва ҳисси эҷодии онҳо. Ва албатта, боварӣ ҳосил намояд, ки ҳар як кӯдак ин худ санъати нотакрор ва пурмаҳорат мебошад.

Қобилияти муаллим барои дидани қобилиятҳои кӯдак, хонанда, ки худи ӯ метавонад дарк накунад ва ӯро бовар кунонад, ин чизи аз ҳама арзандаест, ки дар соҳаи мусиқӣ ва тарбиявӣ дар маҷмуъ мебошад.

Ҳамин тариқ, нақши муаллимони мусиқӣ дар тарбияи шахсияти зебоипарастии муосир бузург аст ва бояд аз нуқтаи назари коммуникативӣ дар давраи истифодаи технологияҳои нав баланд бошад.

«Инсони боистеъдод - ин як шохаи сабзида аст, ки нав аз замин берун омадааст ва диққати хос ва ҷиддиро талаб мекунад. Ба ӯ лозим аст, ки дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ кунанд, ҳама корро анҷом диҳанд, то ки меваҳои фаровон оварад»,–мегӯяд олиму омӯзгори маъруф В.А. Сухомлинский [6, с. 122].

Аз ин рӯ, рушди шахсияти соҳибихтисос, хусусияти эҷодӣ ва татбиқи аслии кӯдак, хонанда вазифаи асосии системаи таълими мусиқӣ ба шумор меравад. Дар ин робита, тағйир додани усулҳои тренингии анъанавӣ ба роҳҳои муассиртарини омӯзиш ва таълим додани ҳар як хонандаи алоҳида зарур аст.

Ҷустуҷӯйи муаллими мусиқӣ бояд дар асоси фаҳмиши намунаҳои умумии ташаккул ва такмили имкониятҳои мусиқӣ ва инкишофи усулҳои иҷроия, тарбияи фикрронии фарҳангии хонанда амалӣ гардад. Ба аксарияти муаллимон бо хонандагони хурдсол кор кардан осон нест, зеро барои ба омӯзиши бомуваффақият ноил шудан муаллим худ бояд эҷодкор бошад ва хонандагонро бо роҳу усулҳои махсус дуруст раҳсипор намояд.

Фаъолияти муаллимони мусиқӣ, аз ҳама беш эҷодӣ, ташкили фаъолияти таҳқиқии хонандагон мебошад. Муносибати муаллим ва хонанда дар педагогикаи мусиқӣ мавзуи махсусеро ташкил менамояд. Ин раванди таҳаввулот дар санъати мусиқӣ ҳамчун фаъолияти якҷояи муаллим ва хонанда дар самти ростӣ ва ифода кардани он тавассути мусиқӣ ва санъат мебошад. Ҳамин тариқ, мувофиқи ақидаи В.Г. Разников: «Шахсияти хонандаро танҳо инкишофи шахсияти муаллим инкишоф медиҳад. Дигар мавқеи муаллимон, роҳбар, мутахассиси касби худ, омӯзгор, коргардон, директори репертуар ва ғайра – кумаки фаврӣ ва муътадилро таъмин мекунад, вале аксар вақт ба ҷудо кардани таълиму тарбия оварда мерасонад ва ба муколамаи босамари музофотӣ – хонанда мусоидат намекунад ва инчунин ба муаллимони мусиқӣ» [14, с. 220].

Фаъолияти педагогии муаллимони мусиқӣ раванди мураккабе буда, он имкон медиҳад, ки дар ин раванд асосан ду нукта дар амал татбиқ карда шавад, ки ба ҳамдигар бирасанд: 1) муносибати муаллим бо хонандагон доир ба фаҳмиши санъат, дониш, малакаҳо ва усулҳои иҷрои кори ӯ; 2) ошкор кардан, муайян кардан ва инкишоф додани қобилиятҳои беҳтарини эҷодӣ дар хонандагон.

Эҳсосоти касбии педагогӣ дар омезиши органикии ин ду ҷанбаъҳои тарбия зоҳир мегардад, бинобар ин тавоноии муаллим ва педагогикаи мусиқӣ дар ташаккули шахсияти эҷодии кӯдакон, хонандагон аҳаммияти хоса дорад. Ин хислатҳо барои худидоракунии инфиродӣ, инкишофи малакаҳо ва қобилиятҳои махсус ҳамчун раванди ягонаи ҷудонашаванда ба шумор мераванд.

Соҳибихтиёрии хонандагон бештар рушд мекунад, агар фаъолияти муаллим, хусусан дар мавриди кор бо хонандагони хурдсол, чунин омилҳоро дар бар гирад:

- фароҳам овардани шароити мусоид барои раванди эҷодӣ, барои фарогирии ҳарчи босамари фардияти кӯдак, хонанда;
- диққат додан ба хусусиятҳои равонии фардӣ ва синнусолии ҳар як хонанда;

- дастгирии равонии кӯдакон, хонандагон дар раванди таълими фан ва омӯзиши маводҳои фаннӣ;
- омодасозии хонандагон барои ширкат дар анҷуману конфронсҳо ва консертҳои дохилимуассисавӣ ва берун аз он;
- ташкили кори эҷодӣ – мустақилияти хонандагон, ки дар раванди таълим дар доираи фаъолияти эҷодӣ иштирок мекунанд;
- корҳои фаҳмондадиҳӣ ба волидайни хонандагон бо мақсади вусъат додани лаёқатмандии фарзандони онҳо;
- инкишофи равонию физиологии кӯдакон, хонандагон [2, с. 136].

Ҳангоми кор бо ҳар як хонанда, муаллим вазифадор аст, ки ҷанбаъҳои мусбат ва манфии шахсияти хонандаро, муносибати ӯ ба мусиқӣ, хислатҳои ӯ ва арзиши онро арзёбӣ намояд. Дар асоси муносибати инсондӯстӣ зарур аст, ки инкишофи инфиродии эҷодии ҳар як кӯдак, хонанда бунёд гузошта шавад. Бояд ба назар гирифта шавад, ки барои рушди бомуваффақияти хонандагон дар самти омӯзишу фаҳмиши мусиқӣ маҳорату ҳунармандии эҷодии муаллим зарур аст, зеро кор бо кӯдакон, хонандагон аз таркиби раванди таълим, ҳадафҳои ниҳоӣ ва муҳити атроф омӯзиши махсусро талаб мекунад. Муҳим аст, ки ҳангоми кор бо кӯдакон корҳои тарбиявӣ ҷойгоҳи хоси худро дошта бошад. Он бояд ба ташаккулёбии чунин шахсияте равона гардад, ки барои ташаккулу инкишофи минбаъдаи қобилияти шахсияти кӯдак, хонанда мусоидат менамояд.

Бинобар ин, муаллиме, ки бо хонандагони хурдсоли самти мусиқии муосир кор мекунад, бояд маҷмуи омилҳои зеринро дошта бошад:

- **шахсиятӣ** (мусбат «ман консепсия», мақсаднокӣ, камолот, эҳсосот, маҳорати актёрӣ, хушмуомилагӣ, накукорӣ, алтернативӣ);
- **касбият** (дониш ва малакаҳое, ки ба рушди малакаи ҳар як хонанда бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ, психологӣ ва педагогӣ кумак мерасонанд);
- **таҳияи нақшаи махсус**, арзёбии натиҷаҳои омӯзиш, омӯзиши машваратӣ (барои кӯдакон ва волидайни онҳо);
- **рафтор** (қобилияти эҷодӣ, фазои созанда, техникаи педагогӣ, шакли рафтори муаллим, эҳтироми тарафайн).

Бо мақсади омӯзонидан ва кумаки педагогӣ ба хонанда, муаллим бояд худ омӯзиши махсус гирифта бошад, ки ин омилҳоро дар бар мегирад:

- талаботи мусиқӣ ва бахусус мусиқии кӯдакона, мусиқии ҳунарӣ аз чӣ иборатанд?
- хусусияти тарбияи хонандагони хурдсол чиро дар бар мегирад?
- инкишоф ва озмоиши усулҳои дастгирии педагогӣ–роҳи ҳалли хоҳиши хонандагоне, ки санъати мусиқиро самти фаъолияти худ қарор додаанд;
- тарафҳо дорои хусусиятҳои гуногун (мушкилоти омӯзиш, коммуникатсия, рушд, рафтор, мушкилоти дониши ҷаҳонӣ ва ғайраҳо) бошанд ва дар ҳалли мушкилот ба тарафи дигар кумак намоянд [1, с. 145].

Омилҳои хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба рушди маҳоратҳои мусиқии онҳо нигаронида шудаанд ва дорои имконоти бузурганд, аз инҳо иборатанд:

- эҳсосот ва ҳассосияти баланд доранд;
- инкишофи эҳсосоти дарккунандаи ҳассосият, тарзи рӯшноӣ ва дар айни замон ташаккул додани абстракт;
- фаъолияти гуногунҷабҳаи фарҳангии кӯдакон, хонандагон;
- табдил ба мавзуи намудҳои гуногуни фаъолияти кӯдак, инсон;
- дастгирии рушди хоҳиши худшиносӣ; «Ман»-и худро нишон додани хонандагон.

Дараҷаи баланди дониши назариявӣ, таҷрибаи амалӣ, методологӣ, такмили пайвастаи ихтисоси муаллим, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълими кӯдакон, хонандагон, бахусус хонандагони синфҳои ибтидоӣ, соҳиби дониши мукаммал ва бофарҳанг гардидани онҳо нақши бузургеро соҳиб буда метавонад.

Дар ҷумҳурии мо таълиму тарбия ва омодасозии донишҷӯён – муаллимони ояндаи мусиқӣ барои кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар факултетҳои мусиқӣ - омӯзгории донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон таъмин карда мешавад. Илова бар ин, дар шуъбаҳои омӯзгории литсею коллеҷҳои педагогии ҷумҳурӣ низ омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ ба роҳ монда шуда истодаанд.

Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», ки вазифаи омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи мусиқиро иҷро мекунад, дар беҳбудии сохтори иҷтимоию фарҳангии ҷомеа фаъолона иштирок мекунад ва барои зиёд кардани сафи донишҷӯён-омӯзгорони оянда саҳми муносиби худро гузошта истодааст. Ташаккули омодагии психологӣ ва қобилиятҳои педагогии омӯзгор, ки бо инкишофи касбии ӯ алоқаманд аст, бояд маҳз дар марказҳои таълимии баландихтисос таълим дода шавад. Аз ин рӯ, омодасозии хатмкунандагон - омӯзгорони оянда барои кори касбӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии кори факултети мусиқӣ-омӯзгории донишкадаи мазкур маҳсуб меёбад.

Дараҷаи омӯзиши муаллим, ки дирӯз дар мактаб ва ҷомеа қонеъкунанда буд, имрӯз аллакай арзёбиҳо ва камбудии ҷиддиро ба вуҷуд меорад ва ташвиқи ҷустуҷӯйи роҳҳои дигари самараноки мусоидат ба рушди касбии эҷодии муаллимони ҷавонро талаб мекунад. Зеро маданияти фарҳангии инсонӣ ва шахсияти инсонҳоро маҳз муаллимон, аз ҷумла муаллимони мусиқӣ, тавассути жанрҳои гуногуни мусиқии миллӣ месозанд. Ин омил бузургии иҷтимоию гуманитарии касби омӯзгорро нишон медиҳад. Ва чӣ тавр муаллими ҷавон омода карда шудааст, шахсият ва қобилияти ӯ чӣ гуна аст, чӣ гуна оғози фаъолияти касбии худро ташкил мекунад, ояндаи ҷомеаи мо аз посух ба ин саволҳо вобастагии хеле зиёд дорад.

Дар аснои суҳбат бо дигар одамон дар робита бо равандҳои педагогӣ, барои муаллим хушмуомила будан, қобилияти назорат кардани реаксияи мутақобиларо доштану лаззат бурдан, хусусан аз муошират бо кӯдакон, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, низ аз ҷониби олимону омӯзгорони пуртаҷриба хеле зарур арзёбӣ гардидааст.

Талаботи муаллим ба касби ӯ, омодагии шахсии ӯ барои фаъолияти босамари омӯзгорӣ–сатҳи маънавию ахлоқии ӯ, қобилияти васеъ дар соҳаи таълиму тарбия, инчунин эҳтиёҷоти коммуникативии ӯро талаб менамояд, ки барои рушду инкишофи ояндаи ҷомеа ва кӯдакон, хонандагон хеле зарур мебошад. Дар ин ҷода ба саҳлангорӣ роҳ додан нашояд, зеро маҳз муаллим масъули созандаи ҳаёти ояндаи кӯдакон мебошад. Ҳар як фарди ҷомеаи мутамаддинро зарур аст, ки ин бузургии кори муаллимро дарк намояд, ба он эҳтиром гузорад ва ӯро дар ин ҷода дастгирӣ намояд.

Талаботи замони муосир тақозо менамояд, ки омӯзгорон набояд танҳо ба дониш ва қавигардонии хотираи толибилмон такя намоянд, балки тафаккури эҷодии онҳоро аз ҳар ҷиҳад ташаккул диҳанд. Ин нуқта мутахассисонро водор месозад, ки вобаста ба пайдо намудани роҳҳои рушди тафаккур қобилияти эҷодии таълимгирандагон масъули ташаккули қобилияти эҷодии онҳо бошанд.

Тафаккури эҷодии кӯдакон ин шакли кори табиии майнаи сар буда, танҳо хос ба инсон мебошад. Аммо омилҳои объективие вуҷуд доранд, ки дар шакли қолабӣ садди роҳи таъсиррасонии иҷтимоӣ дар таълиму тарбия мебошанд. Ҷ. Гилфорд мафҳуми «эҷодкорӣ»-ро ба илми психология тааллуқ донистаст [11, с. 28].

Омӯзгор тавассути омӯзиши ҳама гуна фанҳои таълимӣ метавонад дар ташаккули инкишофи тафаккури эҷодии кӯдакон нақши хоса дошта бошад. Имрӯзҳо Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзгорон имкон додааст, ки китобҳои дарсиро тибқи талаботи стандарти давлатӣ барои наслҳои оянда худ ба табъу нашр расонад.

Файласуфи фаронсавӣ Рене Декарт қайд намуда буд, ки барои ҷустуҷӯйи ҳақиқати воқеӣ барои таълимдиҳандагон албатта метод лозим аст. Ӯ барои ҳалли мушкилиҳои ба миён омада методҳоеро ҷустуҷӯ намуд, ки то ба имрӯз омӯзгорон онро ҳамчун методи «синетикӣ» самаранок истифода мебаранд. Синетика аз калимаи юнонӣ буда, маъноаш муттаҳид намудани элементҳои гуногун дар тафаккури эҷодии омӯзандагон мебошад [1, с. 44].

Мувофиқи дастовардҳои навини илм тағйиру такмили мазмуни таълим яке аз талаботи асосии соҳаи маориф ба шумор меравад. Омӯзгорон ҳангоми банақшагирии дарс бештар ба равишу усулҳои таълим такя намуда, кӯшиш менамоянд, ки ба тафаккури эҷодии хонандагон бештар диққат диҳанд. Роҷеъ ба ташаккули шахсияти эҷодкории хонандагон бояд зикр кард, ки вусъатёбии илму техника дар ниҳоди хонандагон таъсир хоҳад расонд. Эҷодкорӣ ба шахс имконият медиҳад, ки мустақилона технологияи навини иттилоотикунонидашударо дар фаъолияти минбаъдаи кории худ хубтару беҳтар ба роҳ монанд.

Дар ҷараёни таълим воситаи асосии инкишофи тафаккури шахсияти кӯдакону наврасон худи омӯзгорон бо маҳрати касбиашон мебошад. Маводҳои таълимӣ барои муаллим роҳнамои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Равоншиноси машҳури рус Виготский қайд менамояд, ки хонандагон танҳо тавассути таълими муаллим метавонанд шахсият ва қобилияти эҷодии худро ҳаматарафа ташаккул диҳанд [5, с. 99].

Муҳаққиқон чанд зинаи инкишофи тафаккури эҷодии хонандагонро дар нақши муаллим мушаххас намуданд, ки метавон аз он хулосаи назаррасро дастрас намуд:

1. зинаи сенсории ҳаракатӣ;
2. зинаи иҷрои амалҳои мушаххас;
3. зинаи иҷрои амалҳои рӯякӣ.

Хулоса дар ҷараёни таълим ҳар як фаъолияте, ки таҳти роҳбарии омӯзгор ба сомон мерасад аз чунин унсурҳо иборат аст:

- бо кадом мақсад фаъолият иҷро кунонида мешавад;
- дар фаъолият бояд кадом натиҷаҳо ба даст оварда шавад;
- тарзи иҷрои амалҳо муайян карда шавад;
- объекти фаъолият собит кунонида шавад;
- мақсад ба таълимгирандагон маълум бошад;
- вазифаҳои таълим мушаххас кунонида шуда бошад ва ғайра.

Адабиёт:

1. Апраксина О.А. Талаботи замонавӣ барои муаллимони мактаби мусиқӣ. [Матн] // Таҳсилоти мусиқӣ дар мактаб. - М., 1982.
2. Арчажникова Л.Г. Омодасозии устоди мусиқии оянда [Матн] //- Педагогигикаи шуравӣ, № 7. 1980.
3. Асафьев Б.В. Мақолаҳо дар бораи маориф ва таълимоти мусиқӣ [Матн] //- М.- Л., 1965.
4. Ветлугина Н.А. Масъалаҳои умумии эҷодиёти хонандагон [Матн] // Офариниши санъат ва кӯдакон. - М, 1972.
5. Ветлугина Н.А. Рушди мусиқии кӯдакон[Матн] //- М.: «Просвещение», 1988.
6. Давлатмурод Р. Лақай С. Абдусаттор Ғ. Педагогика (Назарияи тарбия). [Матн] / Р. Давлатмурод, С. Лақай, Ғ. Абдусаттор. Душанбе-2009. с-6-7.
7. Жук, О.Л. Организация самостоятельной работы студентов в логике компетентностного подхода [Текст] / О.Л. Жук // Выш. шк. – 2005. – № 2. – С. 45–50.
8. Кабалевский Д.Б. Таълими ақл ва дил [Матн] // Д.Б. Кабалевский- Москва, 1981.
9. Кабалевский Д.Б. Чӣ гуна ба кӯдакон дар бораи мусиқӣ сухан гӯем [Матн] // Д.Б. Кабалевский – М., 1977.
10. Музыкальное воспитание детей на традициях народной инструмен-тальной культуры [Матн] // Искусство в школе. - М., 1998. №1.
11. Назайкинский Е. В. Дар бораи психологияи дарки мусиқӣ [Матн] // - М., 1972.
12. Паёми Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э момалӣ Раҳмон ба маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: Шарқи озод, 2016.с-39
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии.- Душанбе:, 2023.–18с.

14. Рубинштейн, С.Л. Оснвы общей психолгии, М, [Текст] // С.Л.Рубинштейн 1946. 230с.

15. Саидҷафари Қодирӣ. Муаллим [Матн] / Қ. Саидҷафар. Душанбе-2011. с-82

16. Саидҳомидов С.С. Садои мусиқии халқӣ дар кӯдакистонҳо[Матн] // Дастури методӣ. [Текст]. - М., 1993. – 38 с.

17. Шарифзода Ф. Миралиев А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. [Матн] / Ф.Шарифзода, А.М. Миралиев -Душанбе; Ирфон 2012.с.321-355

18. Шарифхоҷаев М.. Нақши арзишҳои миллӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии омӯзгорони оянда [Матн] / М. Шарифхоҷаев. Душанбе 2012. с-165

НАҚШИ МУАЛЛИМ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ЭҶОДКОР

Дар мақолаи муаллиф ташаккули шахсияти эҷодкор дар марҳилаи хеле ҳассоси таълиму тарбияи хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз рӯзҳои нахустине, ки кӯдак, хонанда ба мактаб по мениҳад, ӯ ба омӯзиши мустақилонаву эҷодкорона фикр кардан оғоз мекунад. Дар ин раванд хусусияти хоси ин ҷустуҷӯйи мустақили кӯдак, хонандаро дастгирӣ намудану онро рушду инкишоф бахшидан вазифаи муаллим мебошад. Ва дар ин раванд муаллим, хоса муаллими мусиқӣ, бояд бо эҳтиром, эҳтиёткорона ва масъулияти том дахолат кунад. Зеро дар замони ҳалли мушкилоти кӯдак, хонанда муҳим он аст, ки ин мушкилот тавре ҳаллу фасл гардад, ки рушди эҷодии вай ҳарчӣ бештар афзоиш ёбад.

Муаллиф чунин ақидаро дастгирӣ менамоянд, ки фаъолияти асосии эҷодии кӯдакон дар синну соли мактабӣ ҳосил мешавад. Аз ин рӯ, онҳо дар раванди дарсҳои мусиқӣ бо мақсади рушди иқтидорҳои эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифодаи бозиҳои ҷолибро муҳимму зарур мешуморанд ва роҳҳои расидан ба ин мақсадро низ пешниҳод намудаанд. Зеро рушди иқтидорҳои эҷодии кӯдакон инкишофи тафаккуру қобилияти онҳо, усулҳои фаъолияти ҷустуҷӯ ва эҷодии онҳоро тақвият мебахшад. Муаллим ҳам бояд дар раванди таълим шаклҳои ғайримодулии дарсҳоро истифода намояд, то ба мақсади аслии таълиму тарбияи шахсияти эҷодкор расида тавонад.

Калидвожаҳо: қобилият, малака, маҳорат, таълим, тарбия, омӯзиш, маънавиёт, ахлоқ, кӯдак, хонанда, шахсияти эҷодкор, инкишофи эҷодӣ, муаллими мусиқӣ, фарҳанги инсонӣ, равандҳои педагогӣ, касбият.

РОЛЬ УЧИТЕЛЯ В ФОРМИРОВАНИИ ТВОРЧЕСКОЙ ЛИЧНОСТИ

В статье автор рассматриваеть формирование творческой личности на очень деликатном этапе обучения и воспитания школьника. С первых дней поступления в школу ребенок или ученик начинает самостоятельно учиться и творчески мыслить. В этом процессе долг учителя — поддерживать, развивать и воспитывать неповторимый характер самостоятельного поиска ребенка и ученика. И в этот процесс учитель, особенно учитель музыки, должен вмешиваться с уважением, осторожностью и полной ответственностью. Потому что при решении задач за ученика важно, чтобы эти задачи решались таким образом, чтобы максимально способствовать его творческому развитию.

Автор поддерживает идею о том, что основная творческая деятельность детей приходится на школьный возраст. Поэтому они считают важным и необходимым использовать на уроках музыки интересные игры для развития творческих способностей учащихся младших классов, а также предлагают пути достижения этой цели. Потому что развитие творческого потенциала детей способствует развитию их мышления и способностей, а также методов исследования и творчества. Для достижения главной цели обучения и воспитания творческой личности педагогу необходимо использовать в образовательном процессе немодульные формы проведения уроков.

Ключевые слова: умения, навыки, способности, образование, воспитание, обучение, духовность, нравственность, ребенок, ученик, творческая личность, творческое развитие, учитель музыки, общечеловеческая культура, педагогические процессы, профессионализм.

ROLE OF THE TEACHER IN THE FORMATION OF A CREATIVE PERSONALITY

The author article examines the formation of a creative personality at a very delicate stage of a schoolchild's education and upbringing. From the first days of entering school, a child or student begins to study independently and think creatively. In this process, the teacher's duty is to support, develop and cultivate the unique character of the child's and student's independent search. And in this process, the teacher, especially the music teacher, must intervene with respect, caution and full responsibility. Because when solving problems for a student, it is important that these problems are solved in such a way as to maximize his or her creative development.

The author support the idea that the main creative activity of children occurs at school age. Therefore, they consider it important and necessary to use interesting games in music lessons to develop the creative abilities of primary school students, and also suggest ways to achieve this goal. Because the development of children's creative potential contributes to the development of their thinking and abilities, as well as their methods of research and creativity. To achieve the main goal of teaching and educating a creative personality, a teacher must use non-modular forms of conducting lessons in the educational process.

Keywords: abilities, skills, abilities, education, upbringing, training, spirituality, morality, child, student, creative personality, creative development, music teacher, universal culture, pedagogical processes, professionalism.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳматов Ҷумахон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри КӮлоб, маҳаллаи Ориёно, хонаи 1/5 утоқи 5. Тел.: +(992)988 30 59 23.

Сведения об авторе: Рахматов Джумахон, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин и методики их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, микрорайон. Ориено, д. 1/5, кв. 5. Тел.: +(992) 988 30 59 23.

Information about the author: Rakhmatov Jumakhon, assistant department of humanities and teaching methods, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Orieno microdistrict, house 1/5, apt. 5. Tel.: +(992) 988 30 59 23.

Муқарриз: Ҷурахонзода Г.С., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:37.0+378+796 (075.8)
Р-38

НАҚШИ АНЪАНА ДАР ТАРБИЯИ ВАРЗИШГАРОН
(Дар мисоли клуби варзишии «Ҷасорат»- и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)

Раҳматуллоев А.А., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мақсади мақола:

Пешкаши тачрибаи мураббиёни клуби варзишии «Ҷасорат» дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан ва миллат, водор намудани ҷавонон барои баланд бардоштани парчами Тоҷикистон ва тарзи ҳаёти солим ба воситаи анъанаҳо, анъанаҳои клуби варзишӣ, тарғиби дастовардҳои варзишгарони пешин ва ташаккули анъанаҳои нав.

Мақола барои мураббиёни варзиш, устодони фанни тарбияи ҷисмонӣ ва дигар шахсони ҳавасманд пешниҳод мешавад.

Методологияи дар мақола истифодашуда:

1. Таҳлили воситаҳои ахбори умум дар бораи клуби варзишии «Ҷасорат»;
2. Ҷамъоварии маълумот аз ветеранҳои клуби варзишӣ;
3. Таҷриба ва андешаҳои муаалиф.

Анъана

Калимаи «анъана» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода мешавад: «Гуфтори чанд нафар ба тартиб воқеае ё ривоятеро нақл кардан; расму қоидаҳое, ки аз насл ба насл мегузаранд» [5, с. 78].

Анъана шакли устувор ва муайяни ташкили ҳаёти даста ё ҷомеа ба шумор меравад, ки дар одатҳо ва меъёрҳои муайян ифода меёбад [2, с. 133].

Анъана дар тарбияи варзишӣ ва ахлоқии варзишгари ҷавон нақши хеле муҳим мебозад. Ба воситаи анъанаҳо ба ҷавонон ростқавлӣ, меҳрубонӣ, масъулият, одоби муошират, ҳисси муҳаббат ба Ватан ва ифтихор аз фарҳанги халқи худ ва меъёрҳои рафтори боодобонаро меомӯзонанд.

Анъанаҳои варзишӣ ин расму қоидаҳо ва арзишҳоеанд, ки дар муҳити варзишӣ ташаккул меёбанд, аз варзишгарони калонсол ба ҷавонон мегузаранд ва ҳисси ҳамбастагӣ, масъулият ва интизомро парвариш медиҳанд.

Анъанаҳои варзишии минтақа қисми ҳаёти иҷтимоию фарҳангии минтақа буда, низоми арзишҳо, маҷмуи дастовардҳо дар соҳаи рушди ғояҳои фарҳанги ҷисмонӣ ва варзишро дар бар мегиранд, ки дар муддати тулонӣ ҷамъ гардида, тавассути фарҳанг бо истифода аз механизми эстафетаи иҷтимоӣ интиқол дода мешаванд [4, с. 6].

Анъанаҳо аз аввали ташкилшавии гурӯҳ, даста, тим, клуб, ҷамъият, дастаи яккачини варзишӣ оғоз ёфта солҳои тулонӣ давом карда метавонанд. Анъанаҳо инчунин, ҳисси ифтихор аз аъзогии ин коллективҳоро ба вуҷуд меоранд, ки ҳам дар варзиш ва ҳам тарбияи ахлоқии варзишгар кумаки хеле калон мерасонанд.

Анъанаҳо метавонанд умумӣ ва хос бошанд. Анъанаҳои умумӣ ба монанди одилона ва ҳақ мусобиқа намудан, эҳтироми рақиб, довар ва мураббиро ба ҷо овардан, салом додан дар қувваозмоӣ, қабул намудани бохт бо сабр, ифтитоҳ ва анҷоми мусобиқаҳо, паради варзишгарон, супоридани ҷоизаҳоро мисол овардан мумкин аст.

Анъанаҳо метавонанд хоси гурӯҳ, даста, тим, клуб, ҷамъият бошанд, ки бо рафтор, қоидаҳо, арзишҳо, симо, фарҳанги дохилӣ аз дигар чунин гурӯҳҳо фарқ намоянд.

Масалан, эҳтиром ба собиқадорони клуб, байрақ ва нишони хос, номе, ки бо дастовардҳои худ шуҳрат пайдо намудааст, шиор, нидои даставӣ буда метавонанд. Анъанаҳои хоси клуби варзишӣ низ ба муттаҳидсозии аъзо, баланд бардоштани руҳияи даставӣ, тарбияи шахсияти варзишгар ва ташаккули обрӯю эътибори клуб нақши муҳим бозанд.

Анъанаҳои хоси нав симои нотакрори даста ё клубро пайдо мекунад. Он аз арзишҳо, дастовардҳо ва ё расми наве, ки дар дохил ба вуҷуд омадаанд пайдо мешаванд. Мураббӣ ба воситаи мушоҳида онро муайян намуда мебинад, ки оё аксари намояндагони тим онро дарк менамоянд ва онро барои пайравӣ пешкаш менамояд. Ин амал, шиор, рафторе буда метавонад, ки аз худи даста сар зада натиҷаи хуб додааст ва метавонад боиси ифтихори даста гардад. Ворид намудани ҷунин дастовардҳо боиси руҳбаландии даста мегардад.

Анъанаи вориси варзишгари машҳури клуб будан барои ҷавонону наврасон таъсирбахш мебошад. Паст назадани шаъну шарафи чунин варзишгарон, даста ва ё клуб барои ҷавонон як садде ҳаст, ки аз он баромаданро қабул наменамоянд. Ва ин анъана на танҳо ҷиҳати тарбиявӣ балки варзишӣ низ дорад.

Ҳар як анъана ҳадаф ва мақсади худро дорад. Ин мақсадҳои тарбиявӣ, ахлоқӣ, варзишӣ, даставӣ буда метавонанд. Вобаста ба мақсад якчанд анъанаеро метавон ворид сохт, ки дар тарбия ва рушди касбии варзишгар нақши муҳим бозад.

Анъанаҳои нав бояд содда, равшан ва иҷрошаванда бошанд. Иҷрои онҳо бояд ба варзишгар осон, таъсирбахш ва руҳиябахшанда бошад.

Барои ба шакли доимиамалшаванда гардидани анъана, аввалан мураббӣ ва баъдан сардорони гурӯҳҳо бояд кӯшиш намоянд, ки он пурра амалӣ шавад, иҷрои онро назорат намоянд, натиҷа ва таъсири онро таҳлил карда дар ҳолати зарурӣ ислоҳ дароранд.

Дар таҳкими ин анъанаҳо намунаи шахсии мураббӣ нақши калидӣ дорад, чунки таъсири бештар дорад.

Клуби варзишии «Ҷасорат»- и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз моҳи августи соли 1979 инҷониб, фаъолият менамояд. Дар тули 46 соли фаъолият Клуби варзишӣ шогирдони зиёде ба воя расонида, нақши назаррас дар тарбияи варзишгарон ва ҷавонони шаҳру минтақаи Кӯлоб ва ҷумҳурӣ гузоштааст.

Клуби варзишии «Ҷасорат» соли 1979 бо ташаббуси муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ Виктор Дзибоевич Едзаев ва дастгирии ректори Донишкадаи давлатии педагогии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб) Тағай Раҳмонович Раҳмонов ташкил карда шуд.

Виктор Дзибоевич Едзаев - Устоди хизматнишондодаи варзиши Иттиҳоди Шуравӣ, Мураббии шоистаи ҶШС Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мураббии риштаи гӯштини «Тарзи озод» - и мактаби варзишии Кумитаи иҷроияи Шурои вакилони халқии шаҳри Кӯлоб буд.

Виктор Зибоевич Едзаев дастпарвари мактаби гӯштини «Тарзи озод» и Ҷумҳурии Осетияи Шимолии Федератсияи Россия буд. Ин мактаб дар тамоми Қавқози Шимолӣ ва Россия шуҳрат дошт. Ӯ худ устоди варзиши Иттиҳоди Шуравӣ, ғолиби мусобиқаҳои умумииттифоқӣ буд. Он вақтҳо дар шаҳри Кӯлоб ва ҷумҳурии мо риштаи гӯштини «Тарзи озод» чандон равнақ наёфта буд ва саҳми В.З. Едзаев дар пешравии ин варзиш ҳам дар шаҳри Кӯлоб ва ҳам дар ҷумҳурӣ хеле калон буд. Дастовардҳои клуби варзишӣ бо роҳбарии ин устоди варзида дар пешрафти гӯштин ва тарбияи наврасону ҷавонон саҳми арзанда дошт.

Ректори Донишкада Тағай Раҳмонович Раҳмонов – на танҳо роҳбар, олим, маърифатпарвар, балки дӯстдори варзиш буд. Ӯ, ҳамчун педагоги асил, моҳияти варзишро дар тарбияи насли наврас хеле хуб дарк менамуд. Аз ин рӯ ташаббуси В.Д. Едзаевро дастгирӣ намуда, барои ба клуби варзишӣ табдил додани бинои гармидиҳии донишкада иҷозат дода, тамоми шароитҳоро барои фаъолияти ин клуб фароҳам овард. Ин дастгирии ректори донишкада Т.Р. Раҳмоновро В.Д. Едзаев доимо ба шогирдону меҳмонони клуб бо ифтихор таъкид мекард.

Дар клуби варзишии «Ҷасорат» донишҷӯён ва баъзар хонандагони мактабҳои миёнаи шаҳри Кӯлоб дар риштаҳои гуногуни гӯштин ба монанди гӯштини миллии тоҷикӣ «Гӯштингирӣ», самбо, тарзи озод, юнонӣ - румӣ ва ҷудо машқ менамуданд. Муаллифи ин сатрҳо низ соли 1979 – хонандаи синфи 9 мактаби миёнаи №7 шаҳри Кӯлоб, таҳти роҳбарии В.Д. Едзаев дар ин Клуби варзишӣ дар риштаи гӯштини тарзи озод машқ мекардам.

Дар баробари В.Д. Едзаев дар клуби варзишии «Ҷасорат» чунин муаллимони донишгоҳ ва мураббиёни Кумитаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонии донишкада, чемпиони дукаратаи Осиёи Миёна ва Қазоқистон, Мураббии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Искандаршо Раҳматуллоев, устодони варзиши Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон - Георгий Казбекович Таутиев, Музаффар Замонаев, Қурбон Бозоров, Қурбон Шоев, Салам Нуралиев, Мирзоалӣ Мирзоалиев фаъолият менамуданд.

«Ҷасорат» хеле зуд дар байни донишҷӯён ва наврасону ҷавонон обрӯ пайдо кард. Аввалин дастпарварони клуби мазкур ғолибони мусобиқаҳои донишкада, Спартакидаи варзишии донишҷӯён, шаҳр ва вилояти Кӯлоб ва баъдан ғолибони чемпионатҳои ҷумҳурӣ ва умумииттифоқӣ ба монанди Тоҳир Ҷураев, Ҳамро Раҳматов, бародарон Неъмат, Шоҳин, Шамсидин, Ҳабибулло Набиевҳо, бародарон Зоир ва Носир Саидовҳо, бародарон Саид ва Ато Мирзоевҳо, бародарон Абдулазиз, Фаррух, Лоҳутшо Раҳматуллоевҳо ва дигарон ба воя расиданд.

Дастпарварони Клуби варзишии «Ҷасорат» дар рушди соҳаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоштаанд: Алиев Анвар - устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал – майори ВКД ҶТ, Мирзоев Ато - номзад ба устодии варзиши Иттиҳоди Шуравӣ, полковники Қушунҳои сарҳадии КДАМ ҶТ, Мирзоев Саид - устоди варзиши Иттиҳоди Шуравӣ, мураббии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, устоди коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб, Раҳматуллоев Абдулазиз –

устоди варзиши Иттиҳоди Шуравӣ, мураббии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саидов Зоир - Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафири ҶТ дар Ҷумҳурии мардумии Чин, Саидов Носир - устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ директори ТВ «Сафина», Файзов Дилшод - номзад ба устодии варзиши Иттиҳоди Шуравӣ, Мураббии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мураббии гӯштини тарзи озод ва муаллими фанни тарбияи ҷисмонӣ.

Дастоварҳои варзишии клуби варзишии «Ҷасорат» хеле назаррасанд. Дар байни онҳо варзишгарони сатҳи байналмиллалӣ ба монанди Искандари Рустам – барандаи ҷоизаҳои чемпионатҳои Осиё дар шаҳрҳои Остона, Ню – Деҳлӣ, Истамбул, Ашқобод солҳои 2012 - 2020 ва иштирокчии олимпиадаи XXX дар шаҳри Лондони Британиё, Комилҷони Сафаралӣ – барандаи ҷоизаи чемпионати Осиё дар шаҳри Ню – Деҳлии Ҳиндустон соли 2013, Қосимҷон Файзиев - барандаи ҷоизаи чемпионати Осиё дар шаҳри Манилаи Филиппин соли 2016.

Бояд қайд кард, ки «дар ҷомеаи анъанавӣ дар ташаккули шахсияти кӯдакон тарбияи ҷисмонии оилавӣ нақши муҳим бозид. Падар, бародари калон ё дигар хешованди мард аз писарбачаи хурдсол марди ҷисману руҳан қавӣ (ҷанговар, падар, саробони оила) тарбия мекарданд [10, с. 56].

Клуби варзишии «Ҷасорат» 3 насли як оиларо ба варзиш ҷалб намуда, дастовардҳои хеле хубро ба даст овардаанд. Ин оилаи Набиевҳо, Файзиевҳо, Орифовҳо ва дигарон ҳастанд. Даспарвари клуби варзишӣ, набераи номзад ба устоди варзиши Иттиҳоди Шуравӣ Неъматулло Набиев, Муҳаммадҷони 11-сола, ки ҳоло дар клуби варзишӣ машқ карда истодааст, аллакай унвони чемпиони шаҳри Кӯлобро дар синни худ соҳиб гаштааст.

Викор Зибоевич Едзаев ҳамчун аввалин мураббии клуб заминаҳои аввалини анъанаҳои клуби варзиширо таъсис дод. Ӯ талаб мекард, ки ҷавонон ҳатман бояд аз анъанаҳои халқи худ, анъанаҳои умумии варзиш, беҳтарин анъанаҳои варзишгарони дигар халқу ҷумҳуриҳои Иттифоқи Шуравӣ истифода баранд. Анъанаҳои нави хоси худ, маҳал ва варзишгарони гузаштаро ба анъанаҳои тими клуби варзишӣ ворид сохта, онро дар байни навгӯштингирон тарғиб менамуд. Албатта, аввалин анъанаҳое, ки дар клуб ворид карда шуд ин анъанаи умумии одоби халқӣ ва одоби гӯштингирии халқи мо буд. Халқи тоҷик дорои яке аз қадимтарин шаклҳои гӯштини дунё мебошад, ки таърихи он на камтар аз 3000 сол аст. Ва ин анъанаҳоро наметавон сарфи назар кард.

Аввалин анъанаҳое ки дар таъсиси клуби варзиши ворид шуда буд ин одоби гӯштингир ҳамчун шахсият буд:

- Салом додан ба ҳамдигар;
- Худро зӯр ва аз дигарон баланд нагирифтан;
- Бо калонсолон эҳтиром доштан;
- Дурӯғ нагуфтан;
- Қабеҳ нагуфтан;
- Баланд ҳарф назадан;
- Ба тозагӣ риоя кардан;
- Вақтро беҳуда нагузарондан;
- Эҳтироми падару модарро ба ҷо овардан;
- Эҳтироми мураббиро ба ҷо овардан ва тавсияҳои ӯро иҷро намудан;
- Бо калонсолон хушмуомила будан ва ба онҳо кумак кардан;
- Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ором ва ботамкин будан;
- Дар мактаб ҳам дар омӯзиш ва ҳам дар одоб намунавӣ будан.

Одоби гӯштингир ҳамчун варзишгар:

- Тавсияҳои мураббиро гӯш кардан ва иҷро намудан;
- Аз таҷрибадорон омӯхтан;
- Ба обутоби бадан ҷиддӣ машғул будан;
- Ба ҳарифон хушмуомила будан;
- Аз усулҳои хавфнок парҳез намудан;
- Эҳтироми ҳарифро пос доштан;
- Ба ҳариф зарар нарасондан;

- Ҳарифро таҳқир накардан ва паст назадан;
- Ҳангоми ҷароҳат бардоштан ба ҳариф кумак кардан;
- Ба гӯштингирони ҷавон кумак намудан, бо онҳо муомилаи хуш доштан.

Одоби мураббӣ:

- Шахсияти дастпарварро эҳтиром намудан;
- Худ намуна будан;
- Чизеро ба варзишгар манъ менамоӣ, худ накун;
- Тамоми ҳастиро ба варзишгар бахшидан;
- Ба варзишгар қоидаҳои бехатариро дар тамоми самтҳои ҳаёт ва фаъолият фаҳмондан (аз қоидаҳои зидди сӯхтор то қоидаҳои ҳаракат дар роҳ);
- Аз аҳволи варзишгар бохабар будан;
- Бо волидайни варзишгар дар тамос будан;
- Бо роҳбарони синфии варзишгар дар мактаб дар тамос будан;
- Бо ниҳодҳои давлатии тарбиятгари ҷавонон ҳамкорӣ намудан;
- Бо собиқ дастпарварони клуби варзишии «Ҷасорат» дар тамос будан.

Ин анъанаҳо на танҳо низоми клуби варзиширо пойдор, ҳамзамон ҷавононро тарбия менамуд.

Баъдан дар ин анъанаҳои таҳкурсӣ анъанаҳои нави хоси клуби варзишӣ зам мешуд. Онҳо ҳам заминаи фарҳангӣ ва ҳам заминаи варзишӣ доштанд:

- Риоя ба тозагии Клуби варзишӣ;
- «5 дақиқаи тарбиявӣ». Ин анъана 47 сол ҳаст, ки давом дорад. «5 дақиқаи тарбиявӣ» масъалаҳои мубрами тарбиявӣ то дастурдиҳии таълимӣ ва бехатариро дарбар мегирад;
- Вохӯрӣ бо шахсиятҳои маъруфи ҷумҳурӣ доир намудан;
- Вохӯрӣ бо собиқадорони варзиш ва дастпарварони Клуби варзишии «Ҷасорат» доир намудан;
- Машқҳои намунавӣ бо собиқадорони варзиш ва мураббиёни шоиста доир намудан;
- Ҳафтае як маротиба (ҳар рӯзи ҷумъа ҳоло дар толори мусобиқавии Маҷмааи ш. Кӯлоб) машқҳои мусобиқавӣ доир намудан;
- Анъанаи кумак ба ҳамдигар. Варзишгарони клуб дар ҳашарҳо, тӯю маъракаҳо ба ҳамдигар кумак мерасонанд. Онҳо аз оғози маърака то ба анҷоми он иштирок намуда, кумак менамояд;

Шарҳи анъанаҳои хос:

1. «5 дақиқаи тарбиявӣ». Асосгузори ин анъана дар клуби варзишии «Ҷасоат» Виктор Дзибоевич Едзаев буд. Ӯ ин анъанаро аз сафоро ва салом бо шогирдон оғоз менамуд. Ӯ мегуфт сафоро ин тарбияи интизом аст. Бе интизом шахсияти варзишгарро ташаккул додан номумкин аст. Дар муддати пешбурди ин анъана ӯ тамоми масъалаҳои мубрами Клуби варзишӣ ва шогирдонро муҳокима менамуд. Мисолҳо аз ҳаёт меовард ва ҷавононро ба хулқу хислатҳои хуб ва дастовардҳои варзишӣ даъват менамуд. Мотиватсия (водорнамоӣ) - ро ҷузъи асосии ин анъана мешуморид;

2. Вохӯрӣ бо шахсиятҳои маъруфи ҷумҳурӣ яке аз дигар анъанаҳои пойдори клуби варзишии «Ҷасорат» ба шумор меравад. Шарт нест, ки ин шахсияти маъруф варзишгар бошад. Онҳо метавонанд олимон, ходимони давлатӣ, ихтироъкорон, аҳли фарҳанг ва дигар соҳаҳо бошанд. Ин шахсиятҳо дар рушди ҷумҳурии азизамон саҳм гузоштаанд ва бо суҳбатҳои худ ҷавононро барои пешрафти ҷумҳуриамон дар дилхоҳ соҳаҳои фаъолият водор менамоянд. Чунин вохӯриҳо мунтазам нестанд. Вохӯрӣ бо онҳо ҳангоми сафари кории онҳо ё барои хабаргирии хешу пайвандон дар шаҳри Кӯлоб ба вуқуъ мепайвандад. 30 дақиқаи вохӯрӣ бо онҳо дар хотираи варзишгарони наврас тамоми ҳаёт нақш мебандад. Масалан, устоди варзиш ва мураббии шоистаи ҶТ шодравон Қурбон Бозоров, Устоди варзиш, генерал майори ВКД ҶТ Анвар Алиев, устоди варзиши ҶТ Шуҳратшо Раҳматуллоев – актери театри ба номи В.В. Маяковский ҳангоми ташриф ба ш. Кӯлоб бо шогирдони клуб вохӯрӣ мегузаронанд;

3. Вохӯрӣ бо дастпарварони клуби варзишии «Ҷасорат». Ин анъанаи пойдор ва доимӣ мебошад. Дастпарварони КВ «Ҷасорат» доимо ба клуб ва мураббиёни он дар тамосанд ва бо варзишгарони ҷавон вохӯриҳо, машқҳои намунавӣ мегузаронанд. Ин анъана ба варзишгарони ҷавон усулҳои нави муносибат, хайрхоҳӣ ва дӯстиро меомӯзонад. Масалан, Искандари Рустам, Фаррух Бӯриев, Қосимҷон Файзиев машқҳои намунавӣ барои дастпарварони клуб гузаронданд;

4. Адам Брайн варзишгар ва мураббии дараҷаи байналмилалӣ дар риштаи тайёрии ҷисмонӣ (ШМА) барои дастаи клуби варзишии «Ҷасорат» дарсҳои намунавӣ гузаронд. Инчунин, варзишгар ва мураббии Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҷамоли Бобопур ҳангоми сафари худ ба Тоҷикистон ва шаҳри Кӯлоб бо дастпарварони клуби варзишӣ дарси намунавӣ гузаронд. Чунин дарсҳо ба дастпарварони клуб имконият медиҳад, ки усулҳои нав, тарзи машқ инчунин ҷаҳонбинии онҳоро мукаммал гардонад ва барои мураббиён ҳам имконияти баланд бардоштани савияи дониши методиашон гардад;

5. Анъанаи дастгирии клуби варзишии «Ҷасорат» аз тарафи дастпарварони ин клуб. Дастпарварони клуб доимо аз аҳволи клуб ва варзишгарон бохабаранд ва кумаки худро дар ободии клуб дареғ намедоранд. Масалан, дастпарвари клуби варзишии «Ҷасорат», устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали ВКД ҶТ Анвар Алиев ба клуб матҳои замонавӣ барои машқ ва мусобиқа тақдим намуда, термекс ва дигар таҷҳизоти лозимиро дастрас намуд. Дастпарвари клуб раиси ширкати «Формула 55» Хурсанди Шариф таъмири капиталии толори варзиширо ба анҷом расонда, таҷҳизоти варзишӣ тақдим намуд;

6. Анъанаи машқи мусобиқавӣ зиёда аз 10 сол аст, ки амал менамояд. Ва ин анъана боре ҳам вайрон нашудааст. Машқи мусобиқавӣ варзишгарро ба мусобиқа омода менамояд. Дар ҳузури тамошобинон гӯштин гирифтан, махсусан барои варзишгарони ҷавон, хеле муҳим аст. Тарс аз издиҳом, овози ғалоғула, қувваозмоӣ дар назди шахсони бегона метавонад монеаи ҷиддӣ дар рушди варзишгар шавад. Паҳлуи дигари ин анъана ба вуҷуд овардани муносибатҳои дӯстона байни дигар мактабҳои варзишӣ мебошад. Дар толори маҷмааи варзишӣ наврасон бо ҳамсолони худ, мураббиёни дигар шинос шуда, дӯстӣ менамоянд. Рақибӣ асосӣ ҳисси табиии инсон аст. Он метавонад душманиро ба вуҷуд оварад. Мо бояд варзишгарони ҷавонро тарбия намоем, ки рақиб дӯст аст на душман. Ҳисси рақибии солим бояд ҷои рақибии душманиро гирад. Модари машҳуртарин варзишгари ҷаҳон дар гӯштини тарзи озод Бувайсар Сайтиев ба писараш таъкид менамуд, ки бо рақиб хушмуомила ва боэҳтиёт бош, чунки ӯ ҳам модар дорад ва ба фарзандаш хубӣ мехоҳад. Агар мағлуб шавӣ зиқ машав, чунки модари рақибат ҳам пирӯзии фарзандашро орзӯ менамояд;

7. Анъанаи кумак ба ҳамдигар. Варзишгарони клуб дар ҳашарҳо, тӯю маъракаҳо ба ҳамдигар кумак мерасонанд. Онҳо аз оғози маърака то ба анҷоми он иштирок намуда кумак менамояд. Кумак ба ҳамдигар метавонад дастаро пароканда созад ё чорабинии яквақтае бошад, ки аз он осоре бокӣ намонад. Агар қисме аз аъзои даста ба кумак ҳозир шаванд ва қисме - не, ягонагии даста аз байн меравад. Агар дар як чорабинӣ даста иштирок намояд ва дар дигараш не, даста пароканда мешавад. Танҳо дастаҷаъмона иштирок намудан дар ҳама чорабиниҳои оилавии аъзо, метавонад дастаро муттаҳид созад ва ҳисси бародариро ба вуҷуд оварад.

Тавсияҳо барои вуруд намудани анъанаҳои нав дар дастаҳои варзишӣ:

1. Муайян намоед, ки шумо бо ворид намудани анъана чӣ мақсад доред (масалан, дастаи тифоқ ва мақсаднок);

2. Анъанаи нав набояд бо анъанаҳои мавҷуда зиддият дошта бошад;

3. Варзишгарон ва мураббиёнро ба раванди ворид намудани анъанаи нав ҷалб намоед. Пешниҳод ва фикрҳои онҳоро ба назар гиред;

4. Анъана бояд содда ва оммафаҳм бошад;

5. Анъанаи нав бояд иҷрошаванда бошад;

6. Анъанаи навро баъди қабул бо тадриҷ ҷорӣ намоед. Аввалан ҳамчун таҷриба ва баъди санҷиш онро пурра мавриди истифода қарор диҳед;

7. Дар риояи анъана мураббӣ бояд намуна бошад, чунки намунаи шахсӣ таъсири бештар дорад;

8. Анъана бояд мунтазам иҷро шавад. Бе такрор анъана шакл намегирад;

9. Натиҷа ва таъсири анъанаро таҳлил намоед, дар ҳолати зарурӣ ислоҳ дароред.

Анъанаҳои нав дар сурате устувор мегарданд, ки дар иҷрои он ҳамаи даста иштирок намоянд ва онҳоро пайваста риоя созанд.

Хулоса анъана дар ташаккули шахсияти варзишгар нақши калидӣ мебозад. Аъанаҳои варзишӣ натанҳо малакаҳои ҷисмониро инкишоф медиҳанд, балки ахлоқ, руҳия, ҳамкорӣ ва ватандӯстии варзишгарро низ тарбия менамоянд. Анъанаҳои хоси клуби варзишӣ дар муттаҳидсозии аъзо, баланд бардоштани руҳияи даставӣ, тарбияи варзишгар ва ташаккули обрӯю эътибори клуб нақши муҳим мебозад.

Анъана дар тарбияи варзишгарони ҷавон ҳамчун мактаби ҳаёт хизмат мекунад, ки аз онҳо на танҳо варзишгари қавӣ, балки шахсияти масъул, бо арзишҳои инсонӣ месозад. Анъана дар тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун пайвандгари гузашта ва оянда хизмат карда, дар зеҳну дили ҷавонон масъулият, муҳаббат, ифтихорро ба Ватан устувор мегардонад. Анъана яке аз арзишҳои калидии клуби варзишӣ ё даста аст. Он асоси фарҳангӣ, рафтор ва рушди устувори клуби варзишӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Абрамян, Нелли Юрьевна. Нравственное воспитание студентов вуза на основе реализации ценностно-смыслового потенциала традиций: диссертация ... кандидата педагогических наук: 13.00.01 / Абрамян Нелли Юрьевна; [Волгогр. гос. пед. ун-т] - Волгоград, 2009 – 179 с.

2. Асмолова Л.А., Рахимов А.Р. Спортивные традиции в нравственном воспитании студенческой молодежи. Здоровье человека, теория и методика физической культуры и спорта. 2016. №1. С. 131-136.

3. Богомолова М.И. Межнациональное воспитание детей / М.И. Богомолова, Л.М. Захарова. – М.: ФЛИНТА: Наука, 2011. – 176 с.

4. Вятлева С.В. Спортивные традиции региона как средство патриотического воспитания студентов. Электронный ресурс: https://superinf.ru/view_helpstud.php?id=1004. Таърихи мурочиат 9 январи соли 2026.

5. Гаврильев И.Д. Национальные спортивные традиции как средство социального развития старшеклассников. Электронный ресурс: https://www.dissercat.com/content/natsionalnye-sportivnye-traditsii-kak-sredstvo-sotsialnogo-razvitiya-starsheklassnikov. Таърихи мурочиат: 9 январи соли 2026.

6. Кулешов С.М. Спортивные традиции как компонент социального капитала образовательных организаций. Электронный ресурс: https://cyberleninka.ru/article/n/sportivnye-traditsii-kak-komponent-sotsialnogo-kapitala-obrazovatelnyh-organizatsiy. Таърихи мурочиат: 10 январи соли 2026.

7. Михайлова И.В. Народные традиции физического воспитания в представлениях современного дошкольника. Электронный ресурс: https://cyberleninka.ru/article/n/narodnye-traditsii-fizicheskogo-vospitaniya-v-predstavleniyah-sovremennogo-doshkolnika/viewer. Таърихи мурочиат: 9 январи соли 2026.

8. Новикова А.Г. Теоретические и методологические предпосылки исследования педагогических традиций. Электроннҷй ресурс: https://cyberleninka.ru/article/n/teoreticheskie-i-metodologicheskie-predposylki-issledovaniya-pedagogicheskih-traditsiy. Таърихи мурочиат: 10 январи соли 2026.

9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Аз асри Х то ибтидои асри ХХ. Иборат аз ду ҷилд. Зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. Ҷилди 1., Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон., “Советская энҷиклопедия” ., М., 1969 . С. 952.

10. Ягодин В.В. Традиции народной физической культуры и современная педагогика. Образование и наука. 2004. №4 (28) С. 56.

НАҚШИ АНЪАНА ДАР ТАРБИЯИ ВАРЗИШГАРОН
(Дар мисоли клуби варзишии «Ҷасорат»- и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)

Дар мақола нақши анъанаҳо дар тарбия ва ташаккули шахсияти варзишгарон дар мисоли клуби варзишии «Ҷасорат» – и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф аҳаммияти анъанаҳоро ҳамчун воситаи муҳимми тарбиявӣ ва педагогӣ дар рушди ахлоқ, интизом, ватандӯстӣ, ҳамбастагии даставӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ нишон медиҳад. Дар мақола анъанаҳои умумӣ ва хоси клуби варзишӣ, равандҳои ташаккул ва татбиқи онҳо, инчунин таҷрибаи амалии мураббиён ва собиқадорони клуб таҳлил шудаанд.

Ба масъалаи ворисияти наслҳо, тарбияи ахлоқию маънавии варзишгарон ва таҳкими нуфузу обрӯи клуб диққати махсус дода шудааст. Маводи мақола барои мураббиён, муаллимони фанни тарбияи ҷисмонӣ ва мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонии ҷавонон муфид мебошад.

Калидвожаҳо: анъана, анъанаҳои клуби варзишӣ, клуби варзишӣ, тарбияи варзишгар, ватандӯстӣ, руҳияи даставӣ, тарбияи ҷисмонӣ, рушди ахлоқ, мураббӣ, тарбияи ҷисмонӣ.

РОЛЬ ТРАДИЦИЙ В ВОСПИТАНИИ СПОРТСМЕНОВ
(На примере спортивного клуба «Джасорат» Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки)

В статье рассматривается роль спортивных традиций в воспитании и формировании личности спортсменов на примере спортивного клуба «Джасорат» Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.

Автор анализирует значение традиций как важного педагогического и воспитательного инструмента, способствующего развитию нравственных качеств, дисциплины, патриотизма, командного духа и уважения к национальным ценностьям у молодежи. В работе раскрываются общие и специфические традиции спортивного клуба, этапы их формирования, а так же практический опыт тренеров и ветаранов клуба.

Особое внимание уделено традициям, направленным на преемственность поколений, морально-этическое воспитание спортсменов и укреплениие авторитета спортивного коллектива. Статья может быть полезна тренерам, преподователям физической культуры и специалистам, занимающимся вопросами спортивного воспитания молодёжи.

Ключевые слова: традиция, спортивные традиции, спортивный клуб, воспитание спортсменов, формирование личности спортсменов, патриотизм, командный дух, физическое воспитание, нравственное воспитание, преемственность поколений.

THE ROLE OF TRADITION IN THE TRAINING OF ATHLETES
(On the example of the «Jasorat» sports club of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki)

The article examines the role of sports traditions in the upbringing and personal development of athletes, using the example of the «Jasorat» Sports Club of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.

The author analyzes the significance of traditions as an important pedagogical and educational tool that contributes to the development of moral qualities, discipline, patriotism, team spirit, and respect for national values among young people. The paper reveals both general and specific traditions of the sports club, the stages of their formation, as well as the practical experience of the club’s coaches and veterans.

Special attention is paid to traditions aimed at ensuring generational continuity, the moral and ethical education of athletes, and strengthening the authority of the sports collective. The article

may be useful for coaches, physical education teachers, and specialists involved in the issues of sports and patriotic education of youth.

Keywords: tradition, sports traditions, sports club, athlete education, personality development of athletes, patriotism, team spirit, physical education, moral education, generational continuity.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳматуллоев Абдулазиз Аскаршоевич, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел.: (+992) 985 59 46 77.

Сведения об авторе: Рахматуллоев Абдулазиз Аскаршоевичи, ассистент кафедры физического воспитания и методики его преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдулох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. Сангака Сафарова, д. 16. Тел.: (+992) 985 59 46 77.

Information about the author: Rakhmatulloev Abdulaziz Askarshoevichi, assistant of the department of physical education and methods of its teaching, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street, Building 16. Tel.: (+992) 985 59 46 77.

Муқарриз: Абдуллоҷони Ҳ., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 378.0, 370.4, 37.019.3

АСОСҲОИ РАВОНӢ-ПЕДАГОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН

Раҷабов А.М., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Масъалаи фаъолияти педагогӣ оид ба тайёрии ташкили донишҷӯён ба ташкили кори мустақилонаи маърифатӣ яке аз соҳаҳои мураккаб ҳисоб мешавад. Асосҳои методологии он аз назарияи маърифат сарчашма мегирад, ки донишро ҳамчун падидаи воқеият, раванди дидактикӣ ва таҳаввулёбанда мешуморад. Дар педагогикаи муосир таълим (таҳсилот) аломати фаъолияти маърифатии инсон, инъикоскунандаи қонунҳои олами моро иҳотакунанда, ки бо шарофати таҷрибаи инсонӣ омӯхта шудаанд, аз ҷониби донишҷӯ дарк карда мешавад.

«Таҳсилот-ин фаъолияти маърифатии махсус ташкилшуда (таълим ва омӯзиш) мебошад, ки барои аз худ кардани ҷанбаҳои муайяни таҷрибаи инсонӣ: илм, технология, ахлоқ, фарҳанг, санъат нигаронида шудааст, ки сатҳи таълим ва тарбияи донишҷӯёнро ташаккул медиҳад ва ба талаботи муосири рушди ҷамъият ҷавобгӯ аст» [16, с. 15].

Аз ин ҷо, таҳсилот яке аз вазифаҳои муҳим рушди шахсиятро ба уҳда дорад: додани дониш, ки асосан аз таҷрибаи инсонӣ бармеояд ба донишҷӯён, ташаккули маҳорат, малака ва қобилиятҳо, нуқтаи назар ва эътиқодҳои зарурӣ барои ҳаёт ва инкишоф додани қобилиятҳои донишҷӯён.

Таҳлили муҳтавои раванди таълим, ки бар асоси қонунҳои табиат ташаккул ёфтаанд, дар корҳои Ю.К. Бабанский, Н.И. Болдирев, М.А. Данилов, Б.П. Есипов, Л.К. Занков, М.Н. Скаткин, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифов, Ҷ. Шарифов, Х. Буйдоқов, С. Холназаров ва дигар олимон инъикоси худро ёфтаанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки асоси методологии раванди таҳсилот назарияи дониш буда, бо ин васила мантиқи раванди таълимро муайян мекунад.

Дар асоси таҳлили робитаҳои байни маърифат ва таълим, М.А. Данилов ба хулосае меояд, ки «Асоси воқеаи илмии назарияи дониш, назарияи маърифат мебошад» [5, с. 84].

Ғайр аз ин, ӯ бо боварӣ изҳор мекунад, ки робитаҳои дохилӣ ва муҳимми байни маърифат ва таълим чунинанд: таълим ҳамеша маърифатро дар бар мегирад ва назарияи дониш моҳият ва самти асосии омӯзишро муайян мекунад. Бар асоси фарзияи фалсафие, ки назарияи дониш раванди маърифатро ҳамчун раванди инъикоси ашё ва падидаҳои воқеият дар шуури инсон, аз ҷумла, ин раванд фаъолияти эҷодӣ ва табдилдиҳандаи инсон, моҳияти фаъолияти маърифатии эҷодии донишҷӯён ва нақши он дар раванди таълимӣ ва педагогӣ баррасӣ карда мешавад.

Пешниҳоди назарияи ягонагии шуур ва фаъолият, ки бори аввал аз ҷониби Л.С. Виготский пешниҳод шуда, баъдан аз тарафи С.Л. Рубинштейн ва А.Н. Леонтев таҳия шудааст, ба принсипи методологие табдил ёфт, ки то як андоза стратегияи таҳсилоти муосирро муайян мекунад.

Таҳқиқи Л.С. Виготский, тавре ки маълум аст, саҳми назаррасе дар назарияи дониш гузошт. Л.С. Виготский бо пешниҳоди ягонагии шуур ва фаъолият, робитаи байни таълим ва рушдро ошкор кард ва роҳҳоеро нишон дод, ки таълим метавонад ба рушди кӯдак таъсир расонад. Дар корҳои Л.С. Виготский таъкид шудааст, ки байни таълим ва рушд муносибати мураккаб вуҷуд дорад, ки хоси ҳар як синну сол мебошад. «Мо дидем, ки мафҳумҳои таълим ва рушд бо ҳам мувофиқат намекунанд: онҳо ду равандро дар муносибатҳои хеле мураккаб истифода мекунанд. Таълим вақте хуб аст, ки аз рушд пеш гузарад. Сипас, он як силсила вазифаҳоеро бедор мекунад, ки дар марҳилаи пухта расидан қарор доранд ва дар минтақаи рушди наздик ҷойгиранд» [3, с. 519]. Дар фаъолият, руҳия, шуур ташаккул ёфта, дар фаъолият рафтор зоҳир мешавад»-қайд мекунад С.Л. Рубинштейн [18, с. 14].

Фаъолияти пешбаранда бо хусусиятҳои зерин тавсиф мешавад: «Фаъолияти пешбар фаъолиятест, ки рушди он тағйироти муҳимтаринро дар равандҳои руҳӣ ва хусусиятҳои равонии шахсияти кӯдак дар марҳилаи муайян рушд мекунад» [12, с.412]. А.Н. Леонтев инчунин менависад: «Рушди вазифаҳои психофизиологии кӯдак мутаносибан бо рушди умумии фаъолияти ӯ алоқаманд аст» [13, с. 426].

Ҳар як фаъолият аз тарафи ваҷҳҳо ваҷҳ дода мешавад. Ваҷҳҳои омӯзиш шароити дохилии фаъолсозии зеҳнии хонанда мебошад.

Аз ин рӯ, омӯхтани масъалаи ваҷҳҳои омӯзиш барои ояндаи омӯзгорони биология хеле муҳим аст. Бояд донист, ки равоншиносон, се марҳилаи асосии рушди ваҷҳҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумиро (МТУ) барои омӯзиш ҷудо менамоянд:

1) марҳилаи ваҷҳҳои асосӣ дар худи омӯзиш, ҳамчун фаъолияти аввалин аз ҷиҳати объективӣ муҳим ва арзишманди кӯдак, ки аз тарафи ҷамъият баҳо дода мешавад;

2) марҳилаи ваҷҳҳо, ки асоси ҳаёти мактабиро дар муносибати ҳамдигарӣ, ки дар коллективи синф, пайдо мешаванд;

3) ваҷҳҳое, ки асоси муҳити ҳаётиро дар касби оянда, ояндаи ҳаёт ташкил медиҳанд [13, с. 441].

Дар таҳқиқи Л.Б. Ителсон таълим (омӯзиш) аз нигоҳи: 1) идоракунии раванди ҷамъ кардани дониш; 2) ташкили фаъолияти маърифатӣ; 3) ҳавасмандгардонии фаъолияти таҳқиқотӣ; 4) идоракунии раванди ҳамгироии сохторҳои маърифатӣ; 5) ҳавасмандгардонии фаъолияти мустақилонаи тафаккури донишҷӯён; 6) идоракунии фаъолияти тафаккури хонандагон [8, с. 143-144].

Аз нуқтаи назари таҳлили бонизоми-сохтории раванди таълим, М.М. Левина таълимро ҳамчун раванди кулли фаъолияти дуҷонибаи омӯзгор (таълим) ва фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон (омӯзиш), ки барои ҳалли масъалаҳои педагогии зикршуда равона шудааст, ҳамчун як низоми динамикии худтанзимкунанда, ки дар он фаъолияти омӯзгор ва хонандагон бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд ва ягонагии устуворро ташкил медиҳанд, баррасӣ менамояд [11, с. 7].

Пӯшида нест, ки раванди таълим барои ҳалли як қатор масъалаҳое, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои муассисаи таълимӣ нигаронида шудааст, асоси омода кардани шахсиятҳои фаъоли ҳамаҷониба рушдёфтаро ташкил медиҳад.

Барои ҳалли ин мушкилот, беҳтар кардани раванди таълим талошҳои назаррас анҷом дода мешаванд.

Дар ин робита бисёр равоншиносон ва педагогҳо масъалаи фаъолсозии фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро омӯхтаанд: масъалаи рушди фаъолият ва истиқлолияти донишҷӯён М.А. Данилов [5], П.И. Пидкасистий [17], таълими рушдёбанда Л.В. Занков [6], Е.Н. Кабанова-Меллер [10], таълими проблемавӣ И.Я. Ленер [13], У. Зубайдов [7], С. Холназаров [22], А. Хайрзода [21], таълими проблемавӣ В.П. Беспалко [1], Н. Тализина [20] ва дигарон.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, барои ҳалли масъалаи фаъолсозии маърифатӣ аввал бояд донишҷӯён моҳият, мазмун ва сохтори фаъолияти таълимӣ ва маърифатиро дарк намоянд.

Бар асоси назарияи дониш ва назарияи ассотсиативӣ-рефлексии И.М. Сеченов ва И.П. Павлов, консепсияи ассотсиативӣ дар асарҳои Н.А. Менчинская, Д.Н. Богоявленский, Ю.А. Самарин ва Е.Н. Кабанова-Меллер таҳия шудааст. Мафҳуми «ассотсиатия» аз ҷониби онҳо ҳамчун пайванди асабӣ (Н.А. Менчинская, Д.Н. Богоявленский) ё ҳамчун пайванди байни падидаҳои руҳӣ (Ю.А. Самарин) фаҳмида мешавад. Дар ба даст овардани мустақилияти зеҳнӣ ва ташаббускории хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар раванди таълим ба таври эҷодӣ аз худ кардан ва барои рушди тафаккур мустақилияти фикрӣ лозим аст [2, с. 117].

Таҳқиқи Ю. Самарин нишон медиҳад, ки вазифаи муассисаи таълимӣ «на танҳо барқарор кардани робитаҳо байни донишҳои инфиродӣ ва низоми он, яъне назария ва амалия, балки равона кардани фаъолияти шахсии зеҳнии хонанда ба ҷустуҷӯйи мустақилонаи муносибатҳои имконпазир, ба ҳалли масъалаҳои мушаххасе мебошад, ки сафарбаркунии гуногунҷабҳа ва интихобии дониш, қобилият ва малакаҳои гуногунро талаб мекунанд» [19, с. 491].

Дар таҳқиқи Э.Н. Кабанова-Меллер сохтори фаъолияти маърифатии хонанда таҳия шудааст, ки аз се ҷузъи ба ҳам алоқаманд иборат аст: а) азхудкунии дониш; б) азхудкунии воситаҳо, усулҳои кори таълимӣ ва методҳои асосии фаъолияти зеҳнӣ; в) азхудкунии малакаҳо [9, с. 3-4].

Тавре ки қайд карда шуд, дар педагогика ва психология эътироф шудааст, ки таълим бо тарбияи хонандагон зич алоқаманд аст ва вазифаҳои инкишофи раванди таълим ба рушди ҳамаҷониба ва ҳамоҳангсозии шахсияти хонанда нигаронида шудаанд. Ғояҳои таълими рушддиҳанда мавзуи таҳқиқоти М.А. Данилов, Л.В. Занков, Б.Г. Ананев, М.Н. Скаткин, И.Я. Лернер, Н.Г. Дейри, М.И. Махмутов, Ю.К. Бабанский, Г.И. Шукина ва дигар олимон мебошанд. Дар ин корҳои таҳқиқотӣ қайд мешавад, ки таълим бояд на танҳо дар донишҷӯён (хонандагон) низоми мушаххаси дониш, малака ва қобилиятҳоро ташаккул диҳад, балки рушди зеҳнии онҳоро низ таъмин намояд.

Қайд кардан муҳим аст, ки ин ақида минбаъд рушд ёфта, ҷанбаҳои меъёрҳои асосии рушди зеҳнӣ дар таҳқиқоти Л.В. Занков, Е.Н. Каянова-Меллер, З.И. Калмикова, Н.Д. Левитов, Н.А. Менчинская, Д.Б. Элконин ва дигар олимон инъикоси худро ёфтааст. Нишондиҳандаҳои зеринро метавон меъёрҳои умумии қабулшуда ҳисобид:

1) суръати азхудкунӣ;

2) устувории азхудкунӣ;

3) суръати самтгирии зеҳнӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ;

4) дақиқии азхудкунӣ, воридшавии амиқ ба моҳияти падидаҳо ва ашёи омӯхташаванда;

5) чандирии раванди тафаккур;

6) мавҷудияти сохтори дуруст ташкилшудаи фаъолиятҳои таълимӣ;

7) интиқоли васеъ ва фаъоли техникаи муқарраршудаи фаъолияти зеҳнӣ ба шароити нав;

8) мустақилият дар баёни фикр;

9) тафаккури интиқодӣ;

10) кӯтоҳу мазмуннок будани фикр.

Таълими рушддиҳанда ба гуфтаи М.И. Махмутов, бо инҳо тавсиф мешавад:

а) мустақилияти маърифатии донишҷӯён (хонанда);

б) хусусияти бонизоми донише, ки онҳо ба даст меоранд;

в) рушди амалиёти зеҳнӣ, усулҳо ва воситаҳои фаъолияти зеҳнӣ;

г) рушди қобилиятҳои тафаккур, яъне хусусиятҳои тафаккур ба монанди интуитсия, аслияти ҳалли масъалаҳо, ҳосилнокӣ, танқид ва ҳассосияти махсус ба доираи муайяни мушкилот [14, с. 91].

Бо назардошти он ки яке аз вазифаҳои марказии таълим рушди қобилиятҳои маърифатӣ мебошад, Н.Г. Дейри таъкид мекунад, ки таълим метавонад ба таври дуруст ҳамчун воқеаи рушдёбанда эътироф карда шавад, агар: «Ҳангоми ташаккули дониш ва тарбия: а) қобилиятҳои маърифатии шахсро ба қадри кофӣ беҳтар кунад; б) ин корро на ба таври тасодуфӣ, балки мақсаднок анҷом диҳад» [4, с. 60]. Дар посух ба саволи «Чиро бояд инкишоф дод?» Н.Г. Дейри ягонагии ташаккули малакаҳои донишҷӯёнро бо афзоиши дониши онҳо, рушди тафаккур ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ таъкид мекунад. Ба масъалаҳои зерин диққати махсус дода мешавад: а) аз худ кардани муҳимтарин амалиёти зеҳнӣ; б) инкишоф додани тафаккури мустақил; в) инкишоф додани тафаккури диалектикӣ [4, с. 61-63]. Барои ҳалли самараноки ин масъала, дар мазмуни ҳар як фан низоми донишҳоеро ворид намуд, ки намудҳои махсуси вазифаҳои маърифатӣ ва амалиро дар бар гирад ва ҳалли онҳо на танҳо барои ба даст овардани дониши бошууронатар, балки ба рушди қобилияти мустақилона ба даст овардан ва татбиқ кардани дониш, тафаккури эҷодӣ ва амал мусоидат намояд таъкид мекунанд З.И. Калмикова, Г.С. Костюк, Т.В. Кудрявсев, Н.А. Менчинская, К.С. Якиманская ва дигар муҳаққиқон.

Л.В. Занков ва ҳамкоронаш бо эҷоди низоми дидактикии таълим ва заминаи таҷрибавӣ барои гузаронидани таълими рушдӣ саҳми назаррас гузоштанд. Л.В. Занков чунин принсипҳои дидактикиро пешниҳод намуданд:

а) ташкили таълим бо сатҳи баланди душворӣ;

б) суръати баланди омӯзиши барнома-маводи таълимӣ;

в) баланд бардоштани нақши дониши назариявӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ;

г) дарки хонандагон аз раванди омӯзиш [6, с. 159].

Дар маводҳои муҳаққиқон оид ба масъалаҳои фаъолияти таълимӣ ва равонӣ-педагогӣ таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст. Бо назардошти рушди технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши дастрасӣ ба иттилоот, зарурати истифодаи усулҳои муосири таълим ва пешбурди раванди таълим дар шароити мураккаб ба миён омадааст. Дар ин раванд, нақши омӯзгор аз як шахсе, ки танҳо донишро интиқол медиҳад, ба як роҳнамо ва равоншинос тағйир меёбад. Омӯзгор бояд қобилияти таҳлил ва фаҳмидани ниёзҳои инфиродии ҳар як донишҷӯро дошта бошад ва барои таъмин намудани рушди босамари онҳо роҳҳои муносибро ёбад.

Ба ин муносибат, омӯзиши таъсири муҳити таълимӣ ва ташаккули усулҳои муосири педагогӣ, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошанд, аҳаммияти вижа дорад. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, аз қабили платформаҳои таълими онлайн, воситаҳои интерактивӣ ва барномаҳои таълимӣ, метавонанд ба ташаккули фаъолияти таълимии донишҷӯён мусоидат намоянд. Дар айни замон, муҳити мусоид ва дастгирии равонӣ барои донишҷӯён аз ҷониби омӯзгор низ нақши калидӣ мебозад.

Таваҷҷуҳи махсус ба муайян кардани тамоюлҳои нави таълим ва инчунин омӯзиши муқоисавии таҷрибаи байналмилалӣ дар соҳаи педагогӣ зарур аст. Ин ба мо имкон медиҳад, ки усулҳои самарабахшро муайян намуда, онҳоро дар шароити таълими кишварамон татбиқ намоем. Ҳамчунин, ташаккули низоми баҳогузории мунтазам ва муносибати инфиродӣ ба ҳар як донишҷӯ яке аз омилҳои муҳим дар раванди такмили сифати таълим мебошад.

Дар ин замина, таҳқиқи минбаъда дар самти омӯзиши равонӣ-педагогии фаъолияти таълимӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва интиқодии донишҷӯён нигаронида шудаанд, ва инчунин истифодаи усулҳои муосири таълим ва арзёбӣ,

ба такмили минбаъдаи соҳаи маорифи кишвар мусоидат хоҳад кард. Ин раванд бояд бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеаи мо амалӣ карда шавад.

Дар замони кунунӣ, ки тағйироти ҷаҳонӣ бо суръати баланд идома доранд, ташаккули малакаҳои мутобиқшавӣ ва идоракунии тағйирот барои донишҷӯён аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Омӯзгор на танҳо бояд маводи дарсиро бо сифати баланд пешниҳод кунад, балки бояд донишҷӯёнро ба дарёфт ва коркарди мустақилонаи иттилоот, таҳлили вазъиятҳои мураккаб ва ёфтани роҳҳои ҳалли мушкилот дар шароити номаълум тарбия диҳад. Ин раванд ба рушди қобилияти фикрронии интиқодӣ ва эҷодӣ, ки барои муваффақият дар асри XXI муҳим мебошанд, мусоидат мекунад.

Истифодаи самараноки технологияҳои таълимии нав, ба монанди мошинҳои ёрии таълимӣ, таҷрибаҳои виртуалӣ ва омӯзиши инфиродӣ дар асоси истифодаи маълумоти омӯзишӣ, метавонад раванди таълимро бештар ҷаззоб, самарабахш ва ба талаботи инфиродии ҳар як донишҷӯ мутобиқ кунад. Омӯзгор бояд қобилияти интихоб ва татбиқи дурусти ин технологияҳоро дошта бошад, то ки онҳо воқеан ба пешрафти таълим мусоидат кунанд.

Муҳити таълимии мусоид, ки дар он эҳтироми якдигар, ҳамкорӣ ва дастгирии равонӣ ҳукмфармост, барои ташаккули шахсияти донишҷӯён нақши калидӣ мебозад. Омӯзгор бояд тавонад муҳити эътимод ва амнияти равонӣ эҷод кунад, то ки донишҷӯён бидуни тарсу ҳарос аз иштибоҳ, ғояҳои худро баён кунанд ва дар раванди таълим фаъолона иштирок намоянд.

Таҳлили муқоисавии таҷрибаи байналмилалӣ имкон медиҳад, ки аз усулҳои пешқадами педагогӣ, ки дар кишварҳои дигар барои баланд бардоштани сифати таълим ва рушди қобилиятҳои донишҷӯён истифода мешаванд, баҳра барем. Ин ба мо дар таҳияи стратегияҳои самараноки таълим ва мутобиқсозии онҳо ба шароити миллии мо кумак мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар психология ва педагогикаи охирҳои асри XX пешниҳоди он, ки таълим бояд рушдёбанда бошад, яъне таълим ба рушди зеҳнӣ оварда мерасонад, ҳамчун аксиома қабул карда мешавад. Ғайр аз ин, рушди зеҳниро танҳо ба азхудкунии усулҳои зеҳнӣ маҳдуд кардан мумкин нест, балки бояд ҳамчун раванди куллии ташаккул ва рушди тафаккури фаъол, мустақил, эҷодӣ ва қобилиятҳои зеҳнӣ дар асоси азхудкунии дониш ва усулҳои зеҳнии хонандагон баррасӣ кард.

Адабиёт:

1. Беспалко, В.П. Таълими барномарезишуда (Асосҳои дидактикӣ) [Матн] / В.П. Беспалко. – Москва: Мактаби олӣ, 1970. – 300 с.
2. Богоявленский, Д.Н. Психологияи ба даст овардани дониш дар мактаб [Матн] / Д.Н. Богоявленский, Н.А. Менчинская. – Москва: Нашриёти АПН РСФСР, 1959. – 347 с.
3. Виготский, Л.С. Тадқиқоти интихобии равоншиносӣ: Тафаккур ва нутқ. Масъалаҳои рушди равонии кӯдак [Матн] / Л.С. Виготский. – Москва: Нашриёти Академияи илмҳои педагогии РСФСР, 1956. – 519 с.
4. Дайри, Н.Г. Омӯзиши рушдёбанда. Он чи хел бояд бошад? [Матн] / Н.Г. Дайри // Маорифи давлатӣ. – 1976. – № 9. – С. 59–67.
5. Данилов, М.А. Назарияи дониши Ленин ва раванди таълим [Матн] / М.А. Данилов // Педагогикаи Шӯравӣ. – 1968. – № 1. – С. 84–104.
6. Занков, Л.В. Дидактика ва ҳаёт [Матн] / Л.В. Занков. – Москва: Маориф, 1968. – 175 с.
7. Зубайдов, У.З. Барномаи химия барои синфҳои VIII–XI [Матн] / У.З. Зубайдов, А.С. Тошев. – Душанбе, 2001.
8. Ителсон, Л.Б. Лексия дар бораи мушкилоти муосири психологияи таълимӣ [Матн] / Л.Б. Ителсон. – Владимир, 1972. – 263 с.
9. Кабанова-Меллер, Е.Н. Психологияи ташаккули дониш ва малакаҳо дар мактаббачагон [Матн] / Е.Н. Кабанова-Меллер. – Москва: Нашриёти АПН РСФСР, 1962. – 376 с.

10. Кабанова-Меллер, Е.Н. Фаъолияти таълимӣ ва омӯзиши рушдёбанда [Матн] / Е.Н. Кабанова-Меллер. – Москва: Знание, 1981. – 93 с.

11. Левина, М.М. Раванди омӯзиш дар дарс [Матн] / М.М. Левина. – Москва, 1976. – 80 с.

12. Леонтев, А.Н. Масъалаҳои рушди равонӣ [Матн] / А.Н. Леонтев. – Москва: Нашриёти АПН РСФСР, 1959. – 495 с.

13. Лернер, И.Я. Масъалаҳои таълими проблемавӣ дар умумиитгифоқӣ [Матн] / И.Я. Лернер // Педагогикаи Шӯравӣ. – 1968. – № 7. – С. 45–54.

14. Махмутов, М.И. Таълими проблемавӣ [Матн] / М.И. Махмутов. – Москва: Педагогика, 1975. – 365 с.

15. Мягкова, А.Н. Нақши методҳо дар таълим, тарбия ва рушди хонандагон [Матн] / А.Н. Мягкова // Биология дар мактаб. – 1982. – № 5. – С. 16–22.

16. Педагогика [Матн] / зери таҳрири С.П. Баранов, Т.В. Воликова, В.А. Сластенин. – Москва: Просвещение, 1976. – 348 с.

17. Пидкасистый, П.И. Фаъолияти маърифатии мустақилонаи хонандагони мактаб дар омӯзиш [Матн] / П.И. Пидкасистый. – Москва: Педагогика, 1980. – 184 с.

18. Рубинштейн, С.Л. Масъалаҳои психологияи умумӣ [Матн] / С.Л. Рубинштейн. – Москва: Педагогика, 1976. – 416 с.

19. Самарин, Ю.А. Очерки мақолаҳо дар бораи психологияи ақл (Хусусиятҳои фаъолияти зеҳнии мактаббачагон) [Матн] / Ю.А. Самарин. – Москва: Нашриёти Академияи илмҳои педагогии РСФСР, 1962. – 504 с.

20. Талызина, Н.Ф. Такмили таҳсилоти олии мактабӣ [Матн] / Н.Ф. Талызина // Педагогикаи Шӯравӣ. – 1973. – № 7. – С. 71–82.

21. Хайрзода, А.Г. Фаъолгардонии қобилияти маърифатии хонандагон ҳамчун омили самаранокии таълими химия [Матн] / А.Г. Хайрзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2024. – № 1/3 (125). – С. 98–105. – ISSN 2663-5534.

22. Холназаров, С. Асосҳои методикаи таълими химия [Матн]: дастури методӣ. Қисми 2 / С. Холназаров. – Душанбе: Авесто, 2009.

АСОСҲОИ РАВОНӢ-ПЕДАГОГИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН

Ин мақола мавқеи муҳим ва навбатии равонӣ - педагоги фаъолияти таълимиро муайян карда ва нақши он дар такмил додани сифати таълиму тарбияро баррасӣ мекунад. Дар таҳқиқ мавқеи назарияҳои асосии равоншиносӣ ва педагогӣ, махсусан назарияи мотиватсия, муносибатҳои психологӣ ва таъсири муҳити омӯзишӣ ба раванди омӯзиш, бозгӯй мешаванд. Ба ҳамин маъно, назарияи равонӣ‑педагогӣ ҳамчун воситаи асосӣ барои таҳияи стратегияи фаъолият дар баробари донишҷӯён тавсия мегардад ва кумак мерасонад.

Ҳамзамон, дар мақола дарёфти роҳҳои беҳтар ва муассиртар намудани алоқаи омӯзгор ва донишҷӯ ба назар гирифта мешавад, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи устуворӣ ва ихтиёрии фаъолияти таълимӣ кумак мекунад. Дар асоси таҷрибаҳои амалӣ, таклифҳо оид ба ташкили муҳити мусоид барои кумак ба донишҷӯён, баланд бардоштани ҷалби онҳо ба дарс ва ташкили муҳити ҳамоҳанг ва орому суботӣ низ дар назар аст.

Дар натиҷа, таҳқиқ ба муаррифии механизми такмилёбӣ дар раванди равонӣ - педагогӣ ҳамчун воситаи муҳим барои баланд бардоштани нақши дарс ва рушд кардани сатҳи донишҷӯён равона аст. Мақола ба омӯзиши динамикаи равобити омӯзгор ва донишҷӯ назар мекунад, ки он низ ба беҳбудии умумии фаъолияти педагогӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: асосҳои равонӣ-педагогӣ, фаъолияти таълимӣ, донишҷӯён, розигӣ ва мотиватсия, таҳлил, муносибатҳо, таҳкими равобит ва рушди иҷтимоӣ, таъсироти педагогӣ, равандҳои психологӣ, муносибати омӯзгор‑донишҷӯ, усули нави таълимӣ.

ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ И ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УЧЕБНО-ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ

В данной статье определяется важная и перспективная психологическая и педагогическая роль учебной деятельности и рассматривается ее роль в повышении качества образования и воспитания. В исследовании анализируется положение основных психолого-педагогических теорий, в частности, теории мотивации, психологических установок и влияния учебной среды на учебный процесс. В этом смысле рекомендуется и используется в качестве базового инструмента психологическая и педагогическая теория для разработки стратегии работы с учащимися.

Одновременно в статье рассматриваются способы улучшения и повышения эффективности общения учителя и ученика, что будет способствовать повышению уровня стабильности и добровольности учебной деятельности. На основе практического опыта предлагаются также методы создания благоприятной среды для оказания помощи учащимся, повышения их вовлеченности в учебный процесс, а также создания гармоничной, спокойной и стабильной обстановки.

В результате исследование направлено на представление механизма улучшения психолого-педагогического процесса как важного инструмента повышения роли урока и развития уровня учащихся. В статье рассматривается изучение динамики взаимоотношений учителя и ученика, что также способствует общему совершенствованию педагогической деятельности.

Ключевые слова: психолого-педагогические основы, образовательная деятельность, ученики, согласие и мотивация, анализ, символизм и взаимоотношения, укрепление взаимоотношений и социальное развитие, педагогические эффекты, психологические процессы, взаимоотношения учителя и ученика, новая методика обучения.

7. Волков В.Ю. Компьютерные технологии в образовательном процессе по физической культуре // В.Ю. Волков, Материалы всероссийской науч.-практ. конф.- СПб.,2000. – 323 с.
8. Ворович Ф.Б. Принципы подбора подводящих упражнений при обучении в гимнастике // Материалы докл. к XV науч.-метод. конф. по итогам работы за 1964 г. /Омск. ин-т физ. культ. – Омск, 1965. – С. 41-42.
9. Зациорский В.М. Перенос тренированности – одна из центральных проблем теории и практики физического воспитания //Теория и практика физ.культуры. – 1960.- №9.- С. 25-26.
10. Зациорский В.М. Кинематика движений человека: Лекция для студентов ГЦОЛИФК. – М.: 1990. – 24 с.
11. Клинменко В.С. (1967). Гимнастика в помощь легкоатлету. Легкая Атлетика, №6, с. 8–9.
12. Коренеберг В.Б. (1979). Основы биомеханического анализа движения. М.: Физкультура и спорт.

13. Медведев А.В., Кочурко Е.И. Совершенствование подготовки мастеров спортивной борьбы. – Минск: Полымя, 1985. – 144 с.

14. Райтер Р.И. Метод кинографии при анализе техники гимнастических упражнений // Теория и практика физ. культуры. – 1983. - № 2. – С. 53-55.

15. Райцин Л.В. Влияние положения тела на проявление и тренировку силовых качеств. Автореф. дисс. канд. пед. наук. - М., 1972. – 19 с.

16. Ратов И. Характер мышечных напряжений как условия соответствия спортивных упражнений с основными /Проблемы физиологии спорта. –М., 1963. – С. 100-106.

17. Ратов И П. Проблемы преодоление противоречий в процессе обучения движениям и реализация дидактических принципов // Теория и практика физ. культуры. – 1983. - № 7. – С. 40

18. Туманян Г.С. Спортивная борьба. – М. – 1985.

19. Харлампиев А.А. Борьба самбо. – М. – 1964.

20. Шмидт Р., Врисберг К. (2019). Motor Learning and Performance, 6-е изд. Human Kinetics.

21. Сэндс В.А., МакНил Дж.Р. и др. (2017). Биомеханика гимнастики. International Journal of Sports Physiology and Performance, 12(6), 731–739.

22. Prassas, S. (2004). Biomechanical analysis of the Fosbury flop. Journal of Sports Sciences, 22(6), 481–492.

МЕЖДИСЦИПЛИНАРНЫЙ ПОДХОД И КАЧЕСТВЕННЫЙ БИОМЕХАНИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ СРАВНИВАЕМЫХ УПРАЖНЕНИЙ В СПОРТИВНОЙ БОРЬБЕ И ГИМНАСТИКЕ

В статье представлено сравнительное биомеханическое исследование бросковых приёмов в спортивной борьбе и аналогичных им подготовительных гимнастических упражнений. Рассматривается морфологическая и функциональная структура движений, задействованные мышечные группы, пространственная координация и элементы акробатической техники. Целью работы является выявление потенциального синергизма между гимнастической и борцовской техникой, что может быть полезно в практике подготовки спортсменов и в спортивной педагогике. В работе использованы методы визуального анализа (контурограммы), описание фазовых структур движения и биомеханические характеристики. Обсуждается возможность внедрения элементов спортивной гимнастики для совершенствования техники борцов.

Ключевые слова: биомеханика, спортивная борьба, гимнастика, сальто, броски, мост, акробатика, контурограмма, техника движений, междисциплинарный подход.

РАВИШИ БАЙНИСОҲАВӢ ВА ТАҲЛИЛИ БАЛАНДСИФАТИ БИОМЕХАНИКИИ МАШҚҲОИ МУҚОИСАШАВАНДА ДАР ГӮШТИН ВА ГИМНАСТИКА

Ин мақола омӯзиши муқоисавии биомеханикии усулҳои партофтан дар гӯштин ва машқҳои гимнастикаи омодагии монандро пешниҳод мекунад. Сохтори морфологӣ ва функсионалии ҳаракатҳо, гурӯҳҳои мушакҳои ҷалбшуда, ҳамоҳангсозии фазоӣ ва унсурҳои техникаи акробатикӣ баррасӣ мешаванд. Ҳадафи таҳқиқот муайян кардани синергияҳои эҳтимолӣ байни гимнастика ва техникаҳои гӯштингирӣ мебошад, ки метавонанд дар омӯзиши варзишгарон ва таълими варзишӣ муфид бошанд. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили визуалӣ (диаграммаҳои контурӣ), тавсифи сохторҳои фазавии ҳаракат ва хусусиятҳои биомеханикӣ истифода мешаванд. Имконияти ворид кардани унсурҳои гимнастика барои беҳтар кардани техникаи гуштингирон баррасӣ мешавад.

Калимаҳои калидӣ: биомеханика, гуштингирӣ, гимнастика, сальтопартоӣ, партофтан, пул, акробатика, диаграммаи контурӣ, техникаи ҳаракат, равиши байнифаннӣ.

INTERDISCIPLINARY APPROACH AND HIGH-QUALITY BIOMECHANICAL ANALYSIS OF THE COMPARED EXERCISES IN WRESTLING AND GYMNASTICS

The article presents a comparative biomechanical study of throwing techniques in wrestling and similar preparatory gymnastic exercises. The morphological and functional structure of movements, the involved muscle groups, spatial coordination and elements of acrobatic technique are considered. The aim of the work is to identify potential synergies between gymnastic and wrestling techniques, which can be useful in the practice of training athletes and in sports pedagogy. The paper uses methods of visual analysis (contour diagrams), a description of the phase structures of motion and biomechanical characteristics. The possibility of introducing elements of gymnastics to improve the technique of wrestlers is discussed.

Keywords: biomechanics, wrestling, gymnastics, somersaults, throws, bridge, acrobatics, conturogram, movement technique, interdisciplinary approach.

Сведения об авторах: Сафаров Баходур Юлдошевич, старший преподаватель Таджикского института физической культуры имени Саидмумина Рахимова. Адрес: 734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, посёлок Лучоб, 53. E-mail: Safarovb527@gmail.com. Тел.: (+992) 908-00-66-77

Бадаргаев Самариддин Шамсуддинович, старший преподаватель Таджикского института физической культуры имени Саидмумина Рахимова. Адрес: 734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, посёлок Лучоб, 53. E-mail: Samariddinbargaev@gmail.com. Тел.: (+992) 900-96-97-40

Сафаров Юлдош Сафарович, кандидат педагогических наук, доцент Таджикского национального университета. Адрес: 734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, посёлок Лучоб, 53. E-mail: Yuldash.safarov@yahoo.com. Тел.: (+992) 938-64-75-75

Маълумот дар бораи муаллифон: Сафаров Баҳодур Юлдошевич, муаллими калони Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов. Суроға:734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, шаҳраки Лучоб, 53. Почтаи электронӣ Safarovb527@gmail.com. Тел. (+992) 908006677

Бадарғаев Самариддин Шамсуддинович, муаллими калони Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов. Суроға:734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, шаҳраки Лучоб, 53. Почтаи электронӣ: Samariddinbargaev@gmail.com. Тел. (+992) 900969740

Сафаров Юлдош Сафарович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Суроға:734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, шаҳраки Лучоб, 53. Почтаи электронӣ: Yuldash.safarov@yahoo.com. Тел. (+992) 938647575

Information about the authors: Safarov Bahodur Yuldoshevich, Senior Lecturer at the Tajik Institute of Physical Culture named after Saidmumin Rakhimov. Address: 734026, Republic of Tajikistan Dushanbe, Luchob Settlement, 53. E-mail: Safarovb527@gmail.com. Tel.: (+992) 908-00-66-77

Badargaev Samariddin Shamsuddinovich, Senior Lecturer at the Tajik Institute of Physical Culture named after Saidmumin Rakhimov. Address: 734026, Republic of Tajikistan Dushanbe, Luchob Settlement, 53. E-mail: Samariddinbargaev@gmail.com. Tel.: (+992) 900-96-97-40

Safarov Yuldosh Safarovich, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor at the Tajik National University. Address: 734026, Republic of Tajikistan Dushanbe, Luchob Settlement, 53. E-mail: Yuldash.safarov@yahoo.com. Tel.: (+992) 938-64-75-75

Рецензент: Каландарбекова Б.Х., д.п.н., Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова

ТДУ: 679 (2 - тоҷ)
ТКБ: 41.2 (2 - тоҷ)
С - 51

МАХСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТЕХНИКӢ

Ҷ. Алимӣ, д.и.ф., профессор, Саъдуллоев З.Р., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар (28.12.23) дар робита ба соҳаи маориф ва таҳсилот дар замони муосир чунин изҳори назар кард: «Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, уҳдадоранд, ки тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намоянд. Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим - асоси таҳсилоти босифат» чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намояд. Зарур аст, ки дар раванди амалисозии лоиҳа муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсилот, таълиму тарбияи самарабахш, таълифи китобҳои дарсии насли нав, баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия ва беҳтар кардани инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шавад. Дар ин раванд бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад» [9].

Барои дастгирии ташкили самараноки раванди таълим дар соҳаҳои таҳсилоти олии техникӣ (муҳандисӣ, илмҳои табиӣ, технология) доираи васеи технологияҳои таълимӣ пайдо шудаанд. Таснифоти функсионалии ин технологияҳо маънои гурӯҳбандии онҳоро мувофиқи вазифаҳои педагогие, ки онҳо дар раванди таълим иҷро мекунанд, дорад. Масалан, базе технологияҳо ба интиқоли иттилоот (масалан, низомҳои LMS, китобҳои дарсии рақамӣ, дарсҳои видеоии сабтшуда) нигаронида шудаанд, дар ҳоле ки дигарон ба муошират ва ҳамкорӣ (масалан, форумҳо, конфронсҳои видеоии мустақим, платформаҳои омӯзиши иҷтимоӣ), рушди малакаҳо (масалан, лабораторияҳои маҷозӣ, симулятсияҳо, муҳитҳои рамзгузорӣ), арзёбӣ (масалан, санҷишҳои онлайн, портфолиоҳои электронӣ, низомҳои автоматии баҳогузорӣ), инъикос (масалан, рӯзномаҳои омӯзишӣ, портфолиоҳои рақамӣ) ва ангеза (масалан, платформаҳои бозишуда, таҷрибаҳои AR/VR) нигаронида шудаанд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи шахсият шарти зарурии муваффақияти таълим буда, худидоракунии он ва ташаккули хосиятҳои субъективӣ нишондиҳандаи олии самаранокии он мебошад.

Таҷрибаи чандинсолаи педагогии Ш.А. Амонашвили [4, с. 16] ба эътиқоди он ки дар ҳалли масъалаҳои тарбия ду равиш вуҷуд дорад - хусусияти императивӣ ва инсонпарварӣ, агар он бе назардошти хусусиятҳо ва ниёзҳои шахсӣ бунёд карда шавад, хусусияти императивӣ ва маҳдуди субъективӣ пайдо мекунад. Омӯзгоре, ки чунин тарбияро анҷом медиҳад, мутмаин аст, ки кӯдак ҳатман ба ӯ муқовимат мекунад ва аз ин рӯ, ӯро маҷбур кардан лозим аст, ки бо талабу амрҳои қатъӣ таҳсил кунад.

Матлаби мо бар асоси ин таснифоти функсионалӣ таҳия шудааст ва таҳқиқи илмиро дар бораи таъсири ин намуди абзорҳо ба раванди таълим баррасӣ мекунад. Ҳамгироии самараноки технологияҳои таълимӣ истифодаи равишҳои муосири педагогиро талаб мекунад. Масалан, амсилаи TPACK тавсия медиҳад, ки муаллимон технологияро бо

мундариҷаи фаннӣ ва равишҳои дидактикӣ муттаҳид кунанд, дар ҳоле ки амсилаи SAMR марҳилаҳои истифодаи технологияро аз ивазкунии оддӣ то табдили таълим арзёбӣ мекунад.

Дар матлаб технологияҳо дар ҳар як категорияи функсионалӣ бо истифода аз равиши таҳлилӣ тавассути мисолҳо (масалан, LMS Moodle/Campus, симуляторҳои муҳандисӣ, лабораторияҳои AR/VR, платформаҳои лоиҳавӣ, низомҳои бозӣ) арзёбӣ карда мешаванд ва онҳоро бо усулҳои анъанавӣ муқоиса мекунанд.

Дар айни замон, ҳуҷҷатҳои меъёрии байналмилалӣ, ба монанди амсилаи салоҳияти ТИК-и ЮНЕСКО, ҳамчунин зарурати ҳамгироии технологияҳои таълимӣ ба барномаҳои таълимӣ ва омӯзиши муаллимонро таъкид мекунанд. Умуман, ин матлаб таъсири технологияҳои таълимиро ба ҷалби донишҷӯён, азхудкунӣ, рушди малакаҳои амалӣ ва омӯзиши мустақилона дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ таъкид мекунад.

Муайян кардани категорияҳои функсионалӣ. Технологияҳои таълимӣ аксар вақт дар асоси вазифаҳое, ки онҳо иҷро мекунанд, гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Вазифаҳои асосии педагогӣ инҳоянд:

- **интиқоли иттилоот**: масалан, мундариҷаи модулӣ дар низоми LMS, дарсҳои мултимедиявӣ, подкастҳо. Ҳамкорӣ ва иштирок: масалан, абзорҳои чат ва форум, синфхонаҳои маҷозӣ, ҳуҷҷатҳои муштарак;

- **тренингҳои амалӣ ва рушди малакаҳо**: масалан, лабораторияҳои маҷозӣ, симулятсияҳои интерактивӣ, муҳитҳои барномасозӣ;

- **арзёбӣ**: масалан, санҷишҳои онлайн, абзорҳои ҳамсолон ва худбаҳодиҳӣ, портфолиоҳои электронӣ;

- **андешаҳо**: масалан, рӯзномаҳои рақамӣ, муқаррар кардани ҳадафҳо ва портфолиоҳое, ки метакогнитсияро ташвиқ мекунанд;

- **ҳавасмандӣ ва ҷалб**: масалан, платформаҳои бозикунии нишон ва холҳо, таҷрибаҳои ғарқкунандаи AR/VR.

Ин категорияҳо ҳамаи имконоти асосии технологияҳои таълимиро фаро мегиранд. Масалан, абзорҳои арзёбии онлайн фикру мулоҳизаҳои фаврӣ ва чандирӣ медиҳанд ва раванди таълимро беҳтар мекунанд. Симулятсияҳо имкон медиҳанд, ки малакаҳои амалӣ дар муҳити бехатар инкишоф ёбанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ (МТОТ), омӯзиши амалӣ нақши муҳим мебозад. Биноан, симулятсияҳо ва лабораторияҳои интерактивӣ дар таълим дар ин замина аҳаммияти хоса доранд. Ду амсилаи асосии педагогӣ барои ҳамгироии самараноки технологияҳои таълимӣ муҳиманд.

Амсилаи TPACK (Дониши мундариҷаи технологӣ-педагогӣ-илмӣ) барои истифодаи самараноки технология дар таълим фаҳмиши амиқи робитаи байни мундариҷа, педагогика ва технологияро талаб мекунад. Амсилаи SAMR (Ивазкунӣ, Такмилдиҳӣ, Тағйирдиҳӣ, Аз нав муайянкунӣ) тавсия медиҳад, ки муаллимон технологияро на ҳамчун воситаи оддии ивазкунӣ, балки ҳамчун воситае истифода баранд, ки вазифаҳои таълимиро ба таври куллӣ тағйир медиҳад. Масалан, симулятсияи лабораторӣ (дар марҳилаи ивазкунӣ ё такмилдиҳӣ) шакли рақамии таҷрибаи воқеиро эҷод мекунад, дар ҳоле ки таҷрибае, ки тавассути воқеияти виртуалӣ (VR) амалӣ карда мешавад, имкон медиҳад, ки фаъолиятҳои омӯзишӣ ташкил карда шаванд, ки дар лабораторияи воқеӣ ғайриимконанд.

Тавсияҳои байналмилалӣ барои амалияи хуб, ба монанди амсилаи салоҳияти ТИК-и ЮНЕСКО, ин равишҳоро дастгирӣ мекунанд ва ҳамгироии технологияро ба барномаи таълимӣ ва салоҳияти муаллим талаб мекунанд.

Баррасиҳои ахир нишон медиҳанд, ки технологияҳои иммерсивӣ ва мутобиқшаванда дар соҳаи таҳсилоти техникӣ босуръат рушд мекунанд. Технологияҳои воқеияти маҷозӣ ва васеъшуда (VR/AR) барои таълими STEM бештар омӯхта мешаванд, зеро онҳо барои беҳтар кардани визуализатсия, интерактивият ва ангеза хизмат мекунанд.

Бозикунонӣ - ворид намудани унсурҳои бозӣ (холҳо, нишонҳо, мушкилот) ба фаъолиятҳои омӯзишӣ - ба афзоиши ҷалби донишҷӯён ва малакаҳои амалӣ мусоидат мекунад, ҳарчанд ин таъсир вобаста ба хусусиятҳои инфиродӣ метавонад фарқ кунад.

Гузашта аз ин, таҳлили омӯзиш ва муаллимони маҷозии асоси зеҳни сунъӣ низ рушд мекунанд, аммо онҳо ба категорияҳои асосии функсионалии ин матлаб дохил карда нашудаанд. Таҳқиқоти қаблӣ нишон доданд, ки омӯзиши омехта ва онлайн метавонад ба мисли омӯзиши анъанавии синфӣ ё беҳтар аз он самаранок бошад.

Як мета-таҳлил нишон дод, ки курсҳои омехта (яъне, омезиши дарсҳои онлайн ва анъанавӣ) натиҷаҳои баланди омӯзиширо (g ~ +0.35) нисбат ба дарсҳои анъанавӣ таъмин кардаанд. Аз тарафи дигар, дарсҳои пурра онлайн тақрибан ба мисли дарсҳои рӯ ба рӯ самаранок буданд.

Дар айни замон, ҷалби донишҷӯён дар омӯзиши онлайн аксар вақт аз тарҳи курс вобаста аст: унсурҳои интерактивӣ, иштироки фаъоли муаллимон ва механизмҳои мунтазами фикру мулоҳизаҳо ҳама дар пешгирии бепарвоии донишҷӯён муҳиманд.

Дар адабиёт нишон дода шудааст, ки ҳар як категорияи функсионалии технологияи таълимӣ имконоти мушаххаси педагогиро пешниҳод мекунад: пешниҳоди чандири мундариҷаи таълимӣ, интерактивии амиқтар, таҷрибаҳои амалии бехатар, фикру мулоҳизаҳои зуд, худтаҳлил ва бозӣ.

Таъсири дақиқи онҳо аз он вобаста аст, ки технологияҳо то чӣ андоза хуб муттаҳид карда шудаанд, аз ҷиҳати педагогӣ мувофиқанд ва аз ҷиҳати инфрасохтор дастгирӣ карда мешаванд.

Технологияҳои интиқоли иттилоот. Ин технологияҳо мундариҷаи таълимӣ ва лексияҳоро дар шакли рақамӣ пешниҳод мекунанд. Платформаҳои LMS (ба монанди Moodle ё Canvas) дар донишгоҳҳои техникӣ ба таври васеъ истифода мешаванд ва маводҳои таълимӣ, дарсҳои видеоӣ ва барномаҳои таълимиро ба таври марказӣ идора мекунанд.

Китобҳои дарсии рақамӣ ва дарсҳои сабтшуда имконотро барои омӯзиши мустақилона бе муаллим васеъ мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқот омехтаанд: омӯзиши онлайн чандирӣ меафзояд ва ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо суръати худ таҳсил кунанд (аксар вақт натиҷаҳоро беҳтар мекунанд), аммо самаранокӣ асосан аз тарҳрезии курс вобаста аст.

Шарҳҳои низомнок нишон медиҳанд, ки омӯзиши онлайн ё омехта, ки унсурҳои интерактивиро фаро мегирад, натиҷаҳоро ба таври назаррас беҳтар мекунад.

«Дар амал, истифодаи самараноки низомҳои LMS (масалан, курсҳои ғанӣ гардонидашуда бо викторинаҳо, мултимедия, форумҳо) омӯзиш ва иштироки донишҷӯёнро беҳтар мекунад. Аммо, баъзе таҳқиқот нишон медиҳанд, ки танҳо нашр кардани мундариҷа кофӣ нест - набудани дастгирии техникӣ ё омодагии корбар фоидаҳоро коҳиш медиҳад. Масалан, баъзе донишҷӯён аз сабаби нокомии шабака ё надонистани дониш дар бораи тарзи кори LMS дар бораи кори паст гузориш доданд» [10, с. 26].

Муқоисаи усулҳои анъанавӣ ва муосир: бар хилофи лексияҳои анъанавӣ ва китобҳои дарсии чопӣ, технологияҳои рақамӣ дастрасии васеъ ва одилона ба иттилоотро таъмин мекунанд (донишҷӯён дар вақти худ меомӯзанд).

Мета-таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки форматҳои омӯзиши омехта нисбат ба дарсҳои анъанавӣ танҳо натиҷаҳои баландтар медиҳанд. Калиди муваффақият мундариҷаи ғанӣ гардонидашуда бо интерактивӣ аст: масалан, ҷойгиркунии тестҳо дар видеоҳо нисбат ба тамошои оддӣ самараноктар аст; курсҳои онлайн, ки ба модулҳо тақсим шудаанд, имкон медиҳанд, ки такрор шаванд.

Асбобҳои муошират ва ҳамкорӣ. Ин категория воситаҳои муоширатро ба монанди конфронсҳои видеоӣ, чатҳои гурӯҳӣ, форумҳо ва муҳитҳои ҳамкорӣ, ба монанди ҳуҷҷатҳои муштарак, викиҳо ва лабораторияҳои абрӣ дар бар мегирад.

Муҳаққиқони тоҷик Ҷ.Алимӣ ва А.Даминзода роҷеъ ба масъалаҳои созгорию мутобиқати донишҷӯён мулоҳиза ронда, чунин зикр кардаанд: «Созгории касбии омӯзгорони ҷавон нисбати фаъолияти педагогӣ яке аз самтҳои асосии омӯзиши таълимоти педагогӣ мебошад. Коркарди масъалаҳои созгорӣ аввалан, тавассути ниёзи ҷомеа барои таҳкиму тақвияти кадрҳо дар мактабҳо, сониян, ниёзи такмили омоданамоии кадрҳои баландихтисос» [1, с. 13].

Дар барномаҳои таълимии техникӣ, чунин абзорҳо махсусан барои гурӯҳҳои лоиҳавӣ муфиданд. Масалан, GitHub барои лоиҳаҳои барномасозӣ ва Slack барои кори дастаҷамъона дар курсҳои муҳандисӣ васеъ истифода мешавад.

Муошират интерактивӣ ва омӯзиши ҳамсолон дар адабиёти илмӣ ҳамчун омили муҳим дар афзоиши ҷалби донишҷӯён эътироф шудаанд. Масалан, форумҳои аз ҷониби муаллим идорашаванда ба донишҷӯён кумак мекунанд, ки худро дар курсҳои онлайнии STEM ҷудо кунанд. Дастгоҳҳо ва барномаҳои сайёр (пурсишҳои интерактивӣ, саволу ҷавобҳои воқеӣ) ҳамчунин иштироки фаъолро ҳатто дар аудиторияҳои калон осон мекунанд.

«Самаранокии педагогӣ: воситаҳои муошират синхронӣ ба монанди Zoom ё Teams метавонанд муҳити воқеии синфхонаро тақлид кунанд, дар ҳоле ки абзорҳои асинхронӣ ба монанди форумҳо метавонанд ҳатто донишҷӯёни шармгинро ҷалб кунанд» [5, с. 6].

Таҳқиқот дар таҳсилоти олӣ нишон доданд, ки вақте чунин абзорҳо самаранок истифода мешаванд, қаноатмандӣ ва ҷалби донишҷӯён меафзояд. Аммо, маълумоти миқдорӣ дар бораи самаранокии ин абзорҳо дар соҳаҳои техникӣ маҳдуд аст.

Адабиёти умумӣ нишон медиҳад, ки афзоиши муошират донишҷӯён ба донишҷӯён ба муаллим ангеза ва эътимодро афзоиш медиҳад. Муқоиса: дарсҳои анъанавӣ бештар ба муошират рӯ ба рӯ ва кори гурӯҳии коғазӣ такя мекунанд, дар ҳоле ки технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки ҳамкории ҷаҳонӣ ва мубодилаи афкор дар вақти воқеӣ имконпазир гардад. Масалан, донишҷӯёни муҳандисӣ аз донишгоҳҳои гуногун метавонанд файлҳои CAD-ро якҷоя дар абр таҳрир кунанд - ин имконият бо усулҳои анъанавӣ дастрас нест. Аммо, такя ба чати матнӣ танҳо ба маҳдудиятҳо аз сабаби набудани ишораҳои ғайривербалӣ оварда мерасонад, биноан, равишҳои омехта афзалтаранд.

«Таҳсилоти техникӣ одатан ба даст овардани малакаҳои амалиро талаб мекунад. Лабораторияҳо ва симуляторҳои маҷозӣ (барои схемаҳои баркӣ, низомҳои механикӣ, равандҳои кимиёвӣ ва ғайра) ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки таҷрибаҳои бехатар ва такроршавандаро бе таҷҳизоти гаронбаҳои физикӣ анҷом диҳанд» [12, с. 12].

Мета-таҳлили лабораторияҳои маҷозӣ дар соли 2024 дар муҳандисӣ нишон дод, ки онҳо ба натиҷаҳои омӯзиш таъсири мусбат расонидаанд (Hedges’ g ~ 0.686). Аз ҷумла, лабораторияҳои маҷозӣ ангеза ва ҷалби донишҷӯёнро ба таври назаррас афзоиш доданд (андозаи таъсир g ~ 2.9-3.6).

Муҳаққиқон мегӯянд, ки дар ҳоле ки лабораторияҳои маҷозӣ наметавонанд лабораторияҳои физикиро пурра иваз кунанд, онҳо метавонанд донишҷӯёнро ҷалб кунанд ва маҳдудиятҳоеро ба монанди набудани таҷҳизот рафъ кунанд.

Симуляторҳои онлайн (масалан, симуляторҳои схемавӣ, симуляторҳои парвоз, барномаҳои реаксияи кимиёвӣ) ҳамчунин ба донишҷӯён таҷрибаи амалӣ медиҳанд.

«Муҳитҳои барномасозӣ ва тарроҳӣ: дар илми компютерӣ ва соҳаҳои марбут ба он, платформаҳои барномасозии онлайн (Repl.it, CodeOcean) ва абзорҳои CAD/EDA ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки аз ҳар ҷо барномарезӣ ё тарроҳӣ кунанд. Ин платформаҳо одатан низомҳои автоматии санҷиш ва бозхонд доранд ва омӯзиши мустақилонаро дастгирӣ мекунанд» [13, с. 24].

Платформаҳои лоиҳавӣ ба монанди GitHub ва Jupyter Notebooks ба рушди малакаҳои кори дастаҷамъона ва назорати версияҳо мусоидат мекунанд. Дар ҳоле ки натиҷаҳои мушаххас маҳдуданд, омӯзгорон мегӯянд, ки донишҷӯёне, ки бо ин абзорҳо кор мекунанд, сатҳи баланди омодагии амалӣ ба даст меоранд.

«Таъсири педагогӣ: андозаи баланди таъсири озмоишгоҳҳои маҷозӣ нишон медиҳад, ки абзорҳои амалии интерактивӣ дар таълими STEM хеле самаранок мебошанд. Онҳо «омӯзиш тавассути амал»-ро ташвиқ мекунанд - омили муҳим дар рушди малакаҳо. Масалан, симулятори тарроҳии пул ба донишҷӯи муҳандис имкон медиҳад, ки фарзияҳоеро санҷад, ки дар акси ҳол дар як ҷаласаи кӯтоҳи озмоишӣ санҷида намешаванд. Ин абзорҳо имкон медиҳанд, ки таҷрибаҳои такрорӣ гузаронида шаванд - донишҷӯён аз саҳву иштибоҳот зуд ва бехатар меомӯзанд» [10, 12].

Мета-таҳлилҳо нишон доданд, ки чунин технологияҳо метавонанд ба сатҳи баланди омӯзиш нисбат ба озмоишгоҳҳои анъанавӣ оварда расонанд, хусусан вақте донишҷӯён фаъолона иштирок мекунанд. Умуман, ин технологияҳо фаҳмиши низомҳои мураккаб ва малакаҳои ҳалли мушкилотро беҳтар мекунанд.

Таснифоти функсионалии технологияҳои таълимӣ дар таҳсилоти олии техникӣ имкон медиҳад, ки онҳо мувофиқи ҳадафҳои педагогӣ интихоб ва истифодаи самараноки худро анҷом диҳанд.

Тавре дар ин матлаб баррасӣ мешавад, тасниф кардани технологияҳо дар асоси вазифаҳои онҳо, ба монанди расонидани иттилоот, ҳамгироӣ, рушди малакаҳои амалӣ, арзёбӣ, инъикос ва ангеза тавассути равиши низомманд метавонад ба омӯзгорон дар тарҳрезии дарсҳои худ бо тарзи фикрронӣ кумак кунад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки абзорҳои муосири рақамӣ - аз ҷумла низомҳои LMS, симуляторҳо, лабораторияҳои AR/VR, платформаҳои бозӣ, низомҳои арзёбии онлайн ва портфолиоҳои электронӣ - нисбат ба усулҳои анъанавӣ дар мустаҳкам кардани дониши донишҷӯён, ҷалби онҳо ба раванди таълим ва рушди малакаҳои амалӣ ва метакогнитивии онҳо самаранок таранд. Аз ҷумла, лабораторияҳои маҷозӣ ва муҳитҳои омӯзиши бозишуда дар афзоиши ангезаи донишҷӯён ва афзоиши шавқи онҳо ба омӯзиши мустақилона нақши муҳим мебозанд.

Зикр кардан зарур аст, ки самаранокии технологияҳои таълимӣ мустақиман аз дараҷаи мутобиқшавии онҳо дар асоси амсилаи TPACK - робитаи байни мундариҷа, педагогика ва технология - ва аз амсилаи SAMR - аз ивазкунии оддӣ то тафсири инноватсионӣ вобаста аст.

Илова бар ин, зарурати омӯзиши пайвастаи омӯзгорон дар рушди амсилаи салоҳияти ТИК-и ЮНЕСКО эътироф шудааст.

Умуман, таснифи технологияҳо дар асоси вазифаҳои педагогӣ барои беҳтар кардани сифат ва самаранокии таълим дар таҳсилоти олии техникӣ, ҳамчунин ташаккули салоҳиятҳои амиқ ва устувори донишҷӯён хизмат мекунад.

Адабиёт:

1. Алимӣ, Ҷ. Мушкилоти педагогӣ (дидактика)/Алимӣ, Ҷ., А.Даминова. - Душанбе: Эр-Граф, 2015. - 220с

2. Алимӣ, Ҷ. Технологияи муосири таълим. - Душанбе: ”Матбаа”, 2023. - 279с.

3. Алимӣ, Ҷ. Технологияи такмили созгории касбии ҷавономӯзгорон/Ҷ.Алимӣ, А.Даминова. - Душанбе: «Сабрина-К», 2016. - 238с.

4. Амонашвили, Ш.А. Личностно-гуманная основа педагогического процесса / Ш.А. Амонашвили.-Минск: Изд-во БГУ, 1990.-560с.

5. Амонашвили, Ш.А. Размышления о гуманной педагогике/Ш.А.Амонашвили.-М.,1995.-496 с.

6. Комилиён, Ф.С. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ синфи 8-ум. Дастури таълимӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн]/Ф.С. Комилиён, Р.Д. Давлатов, Б.Ф. Раҷабов, С.Р. Қурбонов. - Душанбе: ҶДММ «Паёми ошно», 2018. - 172 с.

7. Комилиён, Ф.С. Технологияи бозиҳои педагогӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими системаҳои ҳисоб. Дастури таълимии иловагӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 11 [Матн] / Ф.С. Комилиён, Ш.Х. Тағоев, А.Ш. Комилӣ.-Душанбе: ҶДММ «Ганҷи хирад», 2019.-160с.

8. Комилиён, Ф.С. Технологияҳои иттилоотӣ. Барои синфҳои 5-ум [Матн] / Ф.С. Комилиён. - Душанбе: «Ирфон», 2018.-215с.

9. Раҳмон, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисмтон ба Маҷлиси Олии ҶТ. - 28.12.2024

10. Якиманская, И.С. Личностно-ориентированное обучение в современной школе / И.С. Якиманская.- М.: Сентябрь, 1996.-96с.

11. Якиманская, И.С. Педагогическая поддержка с точки зрения психолога / И.С.

Якиманская // Воспитание и педагогическая поддержка детей в образовании.-М.:УВД «Инноватор», 1996.-С. 37-40.

12. Якиманская, И.С. Разработка технологии личностно - ориентированнного обучения / И.С. Якиманская // Вопросы психологии.- 1995.-№2.-С.31-41.

13. Яковлева, Е.Л. Эмоциональные механизмы личностного и творческого саморазвития / Е.Л. Яковлева // Вопросы психологии.-1997.-№4.- С.20-27.

МАХСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ТЕХНИКӢ

Дар мақола хусусиятҳо ва ҷанбаҳои алоҳидаи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олиии техникӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба андешаи муаллифон, дар айни замон ҳуҷҷатҳои меъёрии байналмилалӣ, ба монанди амсилаи салоҳияти ТИК-и ЮНЕСКО, ҳамчунин зарурати ҳамгироии технологияҳои таълимӣ ба барномаҳои таълимӣ ва омӯзиши муаллимонро таъкид мекунанд. Умуман, ин матлаб таъсири технологияҳои таълимиро ба ҷалби донишҷӯён, азхудкунӣ, рушди малакаҳои амалӣ ва омӯзиши мустақилона дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ таъкид мекунад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ (МТОТ), омӯзиши амалӣ нақши муҳим мебозад. Биноан, симулятсияҳо ва лабораторияҳои интерактивӣ дар таълим дар ин замина аҳаммияти хоса доранд. Ду амсилаи асосии педагогӣ барои ҳамгироии самараноки технологияҳои таълимӣ муҳиманд.

Муаллифон зикр мекунанд, ки абзорҳои муосири рақамӣ - аз ҷумла низомҳои LMS, симуляторҳо, лабораторияҳои AR/VR, платформаҳои бозӣ, низомҳои арзёбии онлайн ва портфолиоҳои электронӣ - нисбат ба усулҳои анъанавӣ дар мустаҳкам кардани дониши донишҷӯён, ҷалби онҳо ба раванди таълим ва рушди малакаҳои амалӣ ва метакогнитивии онҳо самараноктаранд. Аз ҷумла, лабораторияҳои маҷозӣ ва муҳитҳои омӯзиши бозишуда дар афзоиши ангезаи донишҷӯён ва афзоиши шавқи онҳо ба омӯзиши мустақилона нақши муҳим мебозанд.

Калидвожаҳо: таълим, таҳсилоти техникӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, таҳқиқ, технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ, тасниф, мустақилият, технологияҳои таълимӣ, самаранокӣ, омӯзгорон, технология, педагогика.

ОСОБЕННОСТИ УЧЕБНОГО ПРОЦЕССА В ТЕХНИЧЕСКИХ ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В статье рассматриваются особенности и отдельные аспекты учебного процесса в технических высших учебных заведениях.

По мнению авторов, в настоящее время международные нормативные документы, такие как структура ИКТ-компетентности учителей ЮНЕСКО, также подчеркивают необходимость интеграции образовательных технологий в учебные программы и систему подготовки преподавателей. В целом, в статье подчеркивается влияние образовательных технологий на вовлеченность студентов, усвоение материала, развитие практических навыков и самостоятельное обучение в технических вузах.

В технических высших учебных заведениях (ТВУЗ) практическое обучение играет ключевую роль. В связи с этим симуляции и интерактивные лаборатории приобретают особое значение в данном контексте. Для эффективной интеграции образовательных технологий важны две основные педагогические модели.

Авторы отмечают, что современные цифровые инструменты, включая системы LMS, симуляторы, AR/VR-лаборатории, игровые платформы, системы онлайн-оценивания и электронные портфолио, превосходят традиционные методы по эффективности закрепления знаний студентов, их вовлеченности в учебный процесс, а также развитию практических и метакогнитивных навыков. В частности, виртуальные лаборатории и геймифицированные обучающие среды играют важную роль в повышении мотивации студентов и стимулировании их интереса к самостоятельной учебной деятельности.

Ключевые слова: обучение, техническое образование, технические высшие учебные заведения, исследование, информационно-коммуникационные технологии, классификация, самостоятельность, образовательные технологии, эффективность, преподаватели, технология, педагогика.

FEATURES OF THE EDUCATIONAL PROCESS IN TECHNICAL HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS

The article considers the specific features and individual aspects of the educational process in technical higher education institutions.

According to the authors, international regulatory documents, such as the UNESCO ICT Competence Framework for Teachers, currently emphasize the need to integrate educational technologies into curricula and teacher training. Overall, this article highlights the impact of educational technologies on student engagement, comprehension, practical skill development, and independent learning in technical universities.

In technical higher education institutions (THEIs), practical training plays a crucial role. Consequently, simulations and interactive laboratories are of paramount importance in this learning context. Two main pedagogical models are essential for the effective integration of educational technologies.

The authors note that modern digital tools—including LMS platforms, simulators, AR/VR laboratories, gamified platforms, online assessment systems, and e-portfolios—are more effective than traditional methods in consolidating students' knowledge, fostering their engagement, and developing their practical and metacognitive skills. In particular, virtual laboratories and gamified learning environments play a vital role in enhancing student motivation and boosting their interest in self-directed learning.

Keywords: education, technical education, technical higher education institutions, research, information and communication technology, classification, independence, educational technologies, efficiency, educators, technology, pedagogy.

Маълумот дар бораи муаллифон: Ҷумъахон Алимӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел.: 918112626; 901112662.

Саъдуллоев Зафар Раҷабалиевич, унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16.Тел.: 984445351

Сведения об авторах: Джумахон Алими, доктор филологических наук, профессор кафедры лингвистики и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. Сангака Сафарова-16. Тел.: 918112626; 901112662.

Садуллоев Зафар Раджабалиевич, соискатель кафедры методики преподавания информатики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. Сангака Сафарова-16. Тел.: 984445351

Information about the authors: Dzhumakhon Alimi, doctor of philological sciences, professor of the department of linguistics and history of language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city. Sangak Safarov Street, 16. Tel: (+992) 918112626, (+992) 901112662.

Sadulloev Zafar Radzhabalievich, applicant of the department of computer science teaching methodology, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city. Sangak Safarov Street, 16. Tel: (+992) 984445351.

Муқарриз: Мухторзода М.М., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 37.0+373+81.366 (043)
ТКБ: 74.00+81 (2-тоҷ)
С-87

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ҶУМЛА ДАР РАВАНДИ ДАРСИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Сулаймонов Қ.И., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар системаи мафҳумҳои синтаксисии дар мактаб таълим дода мешудагӣ мавзуи «Ҷумла», бешубҳа, мавқеи муҳимтарро ишғол менамояд. Барои ҳамин ҳам, дар ҷараёни машғулиятҳои умуман ба таълими ҷумла бахшидашаванда бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки барои намоиш додани табиат ва ё хусусиятҳои барҷастаи он (ҷумла) на танҳо аз диди илми забоншиносӣ, балки бо истифода аз методикам умумиву хусусӣ, аз ҷиҳатҳои гуногун, масалан, аз рӯйи ифодаи мақсад, аз ҷиҳати сохт ба он, яъне ба ҷумла, баҳо дода, дар ҳамин ҷараён тобишу муносибатҳои маъноияш ҳам муайян карда шавад. Чунин амал дар омӯзиши хусусиятҳои ҷумла барои он зарурат дорад, ки хонандагон хосиятҳои асосии онро бошуурона дарк намоянд. Чунон ки маълум аст, омӯзиши ҷумла дар мактаб се даврараро дар бар мегирад: а) давраи амалан таълим додани он дар синфи III-IV; б) нисбатан аз ҷиҳати назариявию амалӣ омӯхтани он дар синфи V ҳангоми таълими курси муқаддимавии синтаксис; в) дар синфҳои VIII-IX дар заминаи маълумоти то андоза амиқтари назариявию амалӣ таълим додани он ҳангоми омӯзиши курси системанокии синтаксиси забони тоҷикӣ аст, ки ин давраи асосӣ маҳсуб ёфта, ба таври бояду шояд дастраси хонандагон гардонидани ҷанбаҳои ин рукн ва ё воҳиди нутқ аз муаллим басо маҳорати баланди педагогиву методӣ ва донишҳои амиқи забоншиносӣ доштанро талаб менамояд.

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои фавқ хонандагон дар синфи VIII дар ҳамон дарси аввали ба таълими мавзуи «Ҷумла» бахшидашаванда, бояд вазифаи аввалиндараҷаи ҷумла дорои хусусияти ахборӣ (хабардиҳӣ) будани онро, ки ин нукта аз синфи V андаке бароҳшон дастрас аст, бори дигар дақиқтар дарк намояд. Онҳо бояд ба саволи «Ҷумла дар нутқ (гуфтор) барои чӣ лозим аст?» бароҳшон ҷавоб ёбанд. Дар ин бобат бояд фаҳманд, ки одамон ба воситаи ҷумлаҳо гуфтугӯ мекунанд, ба ҳамдигар чизеро мефаҳмонанд, аз ҳамдигар чизеро мепурсанд, ба иҷрои амале ҳамдигарро водор мекунанд. Онҳо бояд донанд, ки ҳар шахс, ҳангоме ки ҷумлае гӯяд ё иншо кунад, ба воситаи он ҳатман ин ё он мақсади худро баён мекунад, ки он ё ба тариқи расондани хабару пурсише ва ё ба таври амру хитобе сурат мегирад. Инчунин, дар ҳамин дарси аввал ба хотир овардани фарқиятҳои асосии ҷумла аз ибора мавриди басо муносибе фароҳам меояд: яъне бояд таъкид кард, ки агар ибора аз рӯйи маънои луғавиаш предмет, аломат ва амалро ифода кунад, ҷумла барои ба амал омадани мулоқоту гуфтугӯ дар байии одамон, ки бо роҳи хабаррасонӣ, саволдиҳӣ ва водоркунӣ рух медиҳад, хизмат менамояд. Ниҳоят, муҳим он аст, ки дар ҷараёни таълими хусусиятҳои умумии ҷумла, ба вижа, аз рафти таълими ҷумла марбут ба мақсади баён (хабарӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ) хонандагон ба тарзи талаффузи меъёрии хелҳои ҷумла малакаи дақиқ пайдо намуда, дар нутқи хаттиашон аломатҳои китобати охири ҷумлаҳо ва тире дар байии сараъзои онро бошуурона гузошта метавонистагӣ шаванд [2, с. 76].

Инак, дар синфи VIII ҳангоми ба таълими мавзуи «Ҷумла» оғоз намудан, лозим аст, ки пеш аз ҳама, диққати хонандагон ба аломатҳои зерини он (ҷумла) ҷалб карда шавад: а) ҷумла аз алоқамандии гурӯҳи калимаҳо ташкил меёбад; калимаҳои алоҳида (ҷудогона) низ, ҷумла шуда метавонанд; б) ҷумла фикри тамомшударо ифода мекунад; в) ҷумла дорои оҳанги баохиррасида мебошад.

Бояд гуфт, ки ба хонандагон, асосан, ин аломатҳои номбаршудаи ҷумла аз синфи V шинос мебошанд, ба ҷуз як аломати он, яъне ҷумла шуда тавонистани калимаи ҷудогона. Вале аз он ки дар синфи VIII таърифи нисбатан пурратари ҷумла баррасӣ мегардад, такрори ҳамон

маълумот ё худ аломатҳои ҷумла дар ин синф зарурат пайдо мекунад. Аз ин рӯ, дар навбати аввал ба ҳайси мушоҳида матне, ки дорои на камтар аз се-чор ҷумла бошад, пешниҳод карда мешавад. Чунончи: Ду сол гузашт. Фирдавсӣ ҳамоно дар Табаристон мезист. Аз ватанаш, хешонаш хату хабар набуд. Аз вай ҳам ба онҳо хабаре намерасид (С.У. Фирдавсӣ, с. 260).

Хонандагон бо супориши муаллим матни мазкурро ифоданок қироат намуда, шарҳ медиҳанд, ки ин матн аз чор ҷумла иборат буда, ҳар кадоме аз гурӯҳи калимаҳои бо роҳҳои гуногун ба ҳам алоқа пайдо кардагӣ ташкил ёфтаанд. Сипас, ба саволи «Ҷумла чист?» бояд хонандагон таърифи зеринро гӯянд, ки ҳанӯз дар синфи V аз бар намуда буданд: «Гурӯҳи калимаҳои ба ҳам алоқаманд, ки як фикри томро ифода мекунанд, ҷумла номида мешавад» (Албатта, таърифи мазкури ҷумла аз чанд нафар пурсида мешаванд). Муаллим аз ҷавобҳои шогирдон қаноат ҳосил намуда, бо чунин саволи риторикӣ мегузарад: «Оё шумо медонед, ки як калима ҳам ҷумла мешавад?» муроҷиат намуда, таъкид мекунад: -Бале, як калима ҳам ҷумла шуда метавонад, ба шарте ки он фикри тамомшударо ифода намояд. Масалан:

а) Тирамоҳ. Саҳарии барвақт. Шоири саҳархез (Фирдавсӣ, - С.Ш.) дар чорбоғ... танҳо гардиш мекунад (С.У. Фирдавсӣ, с. 183).

б) Бобоҷон, кай меравем?- пурсид Гев аз ин суханони бобояш ба ваҷд омада.

-Ҳозир.

-Ҳамаамон?

-Ҳа, ҳамаамон (Ҷ.О.).

Ин ҷо муаллим ҳангоми қироати матни аввал бояд калимаи тирамоҳ ва ибораи саҳарии барвақтро тарзе ва бо оҳанги махсус талаффуз намояд, ки ҳар кадом чун ҷумла, яъне оҳанги баохиррасии фикр дар онҳо, баръало тасаввур карда шаванд.

Матни дуюмро низ ифоданок қироат намуда, бояд шарҳ диҳад, ки дар ин матн низ калимаҳои ҳозир ва ҳамаамон фикри тамомшударо ифода кардаанд, яъне ба ҷумла будани онҳо шубҳае ҳам нест. Зеро ки ин калимаҳо дар алоқамандӣ, хусусан, бо ҷумлаи аввал чунин имконият, яъне дорои фикри том шуданро пайдо намудаанд,

Хуллас, аз мушоҳидаи таҳлили ҳар ду матн бояд хулоса бароварда шавад, ки чунин калима - ҷумлаҳо, асосан, дар нутқи монологию тасвирии нависанда ва бештар дар нутқи диалогӣ ба мушоҳида гирифта мешавад. Ва пас аз ин гуфтани таърифи зерини нисбатан пурраи ҷумла, ки дар китоби дарсӣ оварда шудааст, хеле ба маврид хоҳад буд: «Гурӯҳи калимаҳои бо ҳам ***алоқаманд ва ҷудогонае, ки*** фикри томро ифода ***мекунанд, ҷумла иомида мешаванд»*** [5, с. 26].

Дар ҳамин лаҳзаи баён муаллим метавонад боз як фикри ҷумларо нисбат ба ибора шарҳ диҳад, ки ин ба масъалаи алоқаи калимаҳо дар ҷумла иртибот дорад. Дар ин хусус бояд фаҳмонд, ки чун дар ибора калимаҳо дар ҷумла низ ба ҳам алоқаманд мешаванд. Агар алоқаи ҷузъҳои ибора бо роҳи тобеъкунӣ сурат гирифта, ба се навъ (изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ) ҷудо карда шуда бошад, чунин алоқаи калимаҳо дар ҷумла пеш аз ҳама бо ду роҳ тобеъкунӣ ва пайвасткунӣ ба вуҷуд меояд. Яъне дар ҷумла ду навъи алоқа дида мешавад: тобеъ ва пайваст. Алоқаи тобеи калимаҳо дар навбати худ чор хел мешаванд: изофӣ, ***вобастагӣ*** ва ***ҳамроҳӣ.*** Алоқаи мувофиқат дар байни сараъзои ҷумла - мубтадо ва хабар ба вуҷуд меояд.

Маълумоти аввалин доир ба мафҳуми ҷумлаҳои соддаи яктаркиба ба хонандагон дар синфи V ҳангоми омӯзонидани курси муқаддимавии синтаксис баррасӣ гардида бошад ҳам, он вақт ба онҳо доир ба хелҳо, сохтор ва семантикаи махсуси ин гуна ҷумлаҳо чизе гуфта нашудааст. Инак, мувофиқи талаби барномаи синфи VIII, мебояд донишу малакаи хонандагон дар заминаи ҳамон донишҳои ибтидоӣ нисбат ба хел, сохтор ва маъноҳои семантикии чунин ҷумлаҳо такмил дода шавад.

Чунон ки маълум аст, ҷумлаҳои соддаи яктаркиба аз ҷиҳати сохту маъноҳои семантикаашон панҷ хел: муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешахс ва унвонӣ буда, дар адабиёти методӣ дар навбати худ онҳо вобаста ба мавҷудияти сараъзоҳо боз ба ду гурӯҳ - а) гурӯҳи ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзояшон хабар ва б) ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзояшон мубтадо - ҷудо карда шудаанду ба гурӯҳи аввал чор хели онҳо (муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс ва бешахс) ва ба гурӯҳи дуввум танҳо ҷумлаҳои унвониро нисбат додаанд. Бояд гуфт, ки барои хотирмон гардидани ҳар як хели ҷумлаҳои мазкур танҳо истифода бурдан аз усули муқоиса

натиҷаи дилхоҳ дода метавонад. Барои ин хуб мебуд, агар дар ҳар дарс ду навъи ҷумлаи якторкиба (ҷумлаи муайяншахс дар муқоиса бо ҷумлаи дутаркиба, ҷумлаи номуайяншахс дар муқоиса бо ҷумлаи умумишахс ва ғ.) таълим дода шавад.

Аз ин рӯ, дарси аввал ба таълими ҷумлаи якторкибаи муайяншахс бахшида мешавад, ки хусусиятҳои он бояд дар муқоиса бо ҷумлаи дутаркиба намоиш дода шавад. Бо ҳамин мақсад дар тахтаи синф дар ду сутун ҷумлаҳои зеринро барои мушоҳида ва таҳлил метавон пешниҳод намуд.

1. Ман ду соат китоб хондам.	1. Ду соат китоб хондам.
2. Мо пагоҳ ба саёҳат меравем.	2. Пагоҳ ба саёҳат меравем.
3. Ту ҳоло чандсола мебошӣ?	3. Ҳоло чандсола мебошӣ?
4. Шумо ин китобро хондагистед?	4. Ин китобро хондагистед?

Аз муқоисаи мисолҳои ҳар ду сутун хонандагон бояд ба хулоса оянд, ки фарқи ҷумлаҳои сутуни 2-юм аз ҷумлаҳои сутуни аввал ин аст, ки аз ҷумлаҳои ин сутун (сутуни дуюм) танҳо мубтадоҳо соқит карда шудаанд. Вале мазмуни умумии ҷумлаҳо дар ин қатор ба мазмуни ҷумлаҳои сутуни аввал пурра монанд буда, тамоман халал наёфтааст. Дар ин хусус муаллим мефаҳмонад, ки ҷумлаҳои дар сутуни аввал овардашуда ҳар кадом дорои ҳар ду сараъзо, яъне дорои ҳам мубтадову ҳам хабаранд. Аз ин рӯ, чунин ҷумлаҳоро ҷумлаҳои дутаркибаи муайяншахс меноманд. Аммо ба сабаби надоштани мубтадо ҷумлаҳои сутуни дуюмро ҷумлаҳои якторкиба меноманд. Яъне агар дар ҷумлаи содда ҳар ду сараъзо мавҷуд бошад, онро дутаркиба ва агар дар он аз сараъзоҳо танҳо яктоаш оварда шуда бошад, якторкиба меноманд. Аниқтараш, якторкиба ва ё дутаркиба будани ҷумлаи содда танҳо ба мавҷудияти сараъзоҳо марбут аст. Аммо ҷумлаҳои сутуни дуюмро ҳам мо чун ҷумлаҳои сутуни аввал муайяншахс меномем. Чунки ин ҷумлаҳо дорои мубтадо ва ё шахси муайяне набошанд ҳам, шахси онҳоро аз рӯйи бандакҳои феъливу хабарии ба хабарҳо омада метавон ба осонӣ муайян намуд. Масалан, дар ҷумлаи «Ду соат китоб хондам» аз бандаки феълии бо хабари он (хондам) омада баръало фаҳмидан мумкин аст, ки он ба шахси якуми танҳо, ки бо ҷонишини ман баробар аст, ишора кардааст. Яъне дар ин ҷумла, агар мубтадоро барқарор кардан зарурат дошта бошад, танҳо ҷонишини шахсии манро ба ҳайси мубтадо овардан мумкин асту бас. Ҳамин тавр, ҳамаи ҷумлаҳои сутуни дуюмро якторкибаи муайяншахс меноманд.

Инак, дар ҳамин лаҳзаи баён муаллим таъкид мекунад, ки на ҳамаи ҷумлаҳои якторкибаро ҷумлаи муайяншахс номидан мумкин аст. Ин гурӯҳи ҷумлаҳоро, яъне ҷумлаҳои якторкибаро, дар навбати худ аз рӯйи сохту маъно бо номҳои зерин ба панҷ гурӯҳ чудо намудаанд: муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешахс ва унвонӣ. Чунон ки мебинед, мо ҳоло аз ин хелҳои ҷумлаҳои якторкиба ба шумо дар бораи ҷумлаҳои муайяншахс маълумот додем.

Ҷумлаҳои номуайяншахс	Ҷумлаҳои умумишахс
1. Шуморо ба идора даъват мекунанд. 2. Ҳавлиро рӯфтаанд. 3. Кӯчаҳои шаҳрро оро додаанд. 4. Уштурро бо кафлес об намедиҳанд.	1. Аз худ калонро ҳурмат кун. 2. Ба тозагӣ риоя намоед. 3. Кори имрӯзаро ба фардо нагузор. 4. Бо одами тарсончак ба шикор марав.

Пеш аз он ки муаллим ба баёни мавзуъ оғоз кунад, бо талаби ӯ хонандагон бояд ҷумлаҳои дар ин ду сутуни таблитса додашударо ҳар кадом оромона қироат намуда, бо дарки мазмуни ҳар як ҷумлаи дар он сабтшуда худ ба чунин хулоса оянд: Чаро ҷумлаҳои сутуни аввал муайяншахсу ҷумлаҳои сутуни дувум умумишахс ном гирифтаанд?

Сараъзоҳо ва аъзои пайрави ҷумла яке аз калонтарин ва муҳимтарин мавзуи синтаксисии ҷумлаҳои содда буда, мувофиқи нишондоди барномаи таълимӣ дар синфи VIII дар ҳаҷми 18 соат таълим дода мешаванд.

Дар бораи аъзои ҷумла ва таснифоти онҳо хонандагон маълумоти аввалинро дар синфи V ҳангоми таълими курси муқаддимавии синтаксис гирифтаанд. Яъне онҳо медонанд, ки ҷумла

дорои 5 аъзо (мубтадо, хабар, пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол) буда, онҳо яъне аъзои ҷумла, аз рӯйи вазифа, тарзи алоқа ва мавқеи дар сохтори ҷумла доштаашон ба ду гурӯҳ сараъзо асоси грамматикии ҷумла ва аъзои пайрав ҷудо карда шудаанду ба гурӯҳи сараъзоҳо мубтадо ва хабар ва ба гурӯҳи аъзои пайрав бошад пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол мансуб дониста шудаанд.

Умуман, лозим ба таъкид аст, ки дар ҷараёни таълими аъзои ҷумла чи дар синфи V ва чи дар синфи VIII бояд хонандагон тасаввуроти амиқу бошуурона ҷавоб додан, пеш аз ҳама, ба саволи зерин: «Барои чи аз аъзои ҷумла мубтадо ва хабар сараъзову аъзои дигари он (пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол) аъзои пайрав номида шудаанд?» ба вуҷуд оварда шавад. Дар ин бобат бояд хонандагон аз шарҳи муаллим фаҳмида бошанд, ки мубтадо ва хабарро барои он сараъзо меноманд, ки маҳз онҳо асоси ҷумларо ташкил дода, фикри том, яъне фикри ба охиррасидаро ташаккул медиҳанд. Вале дар муқоиса бо сараъзоҳо пуркунанда, муайянкунанда ва ҳолро барои он аъзои пайрав меноманд, ки онҳо дар ташаккули ҷумла ширкат намеварзанд ва аз ҳамин ҷиҳат аз сараъзоҳо фарқ мекунанд. Аммо дар навбати худ маъноҳои грамматикию мантиқии аъзои пайрав барои пурраву равшантар намудани сараъзоҳо - асоси ҷумла низ хизмат мекунад. Яъне барои он ки фикр равшану фаҳмотар ба шунаванда (хонанда) дастрас карда шавад, гӯянда (нависанда) наметавонад, ки дар нутқаш (ҷумлабандиҳояш) танҳо аз ҷумлаҳои хуллас истифода барад. Балки, баръакс, то ки фикраш ба дараҷаи даркорӣ ба шунаванда фаҳмову равшан дастрас гардад, ӯ аз ҷумлаҳои тафсилӣ ҳам, ки маҳз ба тавассути аъзои пайрав чунин хусусиятро доро мешаванд, истифода мебарад. Хуллас, ана ҳамин масъала ё худ сабаби сараъзо ва ё асоси ҷумла ном гирифтани мубтадо ва хабар, аъзои пайрави ҷумла номида шудани пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол на танҳо дар синфи V ҳангоми таълими курси муқаддимавии синтаксис, балки дар синфи VIII, яъне дар ҷараёни курси системаноки синтаксис бояд дар мадди назари аҳли синф карор бигирад [4, с. 65].

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои фавқ дар синфи VIII ба таълими сараъзохо шуруъ намуда, сараввал, лозим меояд, ки дониши хонандагон доир ба роҳҳои ифодаи морфологии мубтадо ва хабар такмил дода шаваду, сониян, дар бораи таркиб (сохт)-и онҳо - мубтадо ва хабарҳои соддаву таркибӣ, хелҳои хабар - хабарҳои феълӣ ва номӣ, ҷойи мубтадо ва хабар дар ҷумла, мувофиқати хабар бо мубтадо ва ниҳоят, дар бораи тире дар байни мубтадо ва хабар, ки доир ба омӯзиши ин ҳама барнома 5 соат муқаррар кардааст, маълумот баррасӣ карда шавад.

Дар бораи мафҳум ва хелҳои аъзои пайрави ҷумла низ ба хонандагон ҳангоми таълими курси «Синтаксис ва аломатҳои китобат» дар синфи V маълумоти асосӣ дода шудааст. Масалан, дар ин синфҳо ба хонандагон дар бобати, пеш аз ҳама, бо сифат ифода ёфта, бар эзоҳи ҳамаи аъзои ҷумла омадани муайянкунандаҳо, бо исму ҷонишинҳо ифода ёфтани пуркунандаву бо зарфҳо ифода ёфтани ҳолҳо, инчунин дар хусуси, ҳамчун эзоҳдиҳанда, асосан, тобеи хабари ҷумла шуда омадани пуркунандаву ҳолҳо маълумот дастрас карда шуда, он донишҳо минбаъд зимни таълими курси системаноки морфология дар синфҳои V-VII - ҳангоми гузаронидани такрори лаҳзагӣ, умуман, марбут ба аъзои ҷумла, шояд, такрору, мустаҳкам карда шуда бошад, ки ин нуқтаро барномаи таълимӣ талаб мекунад ва ба ҳар як омӯзгор ҳам бояд маълум бошад. Аз ин хотир, дар синфи VIII зарур аст, ки хелҳои аъзои пайрав ва хусусиятҳои асосии ондоро зимни саволу ҷавоб бо овардани ду - се мисоли барҷаста такрор намуда, диққати хонандагонро дар ин бобат ба ҳамон масъалаҳои ҳанӯз баррасинашудаи аъзои пайрав ҷалб карда шаванд, ки он масъалаҳо бояд дар синфи VIII мазмуну мундариҷаи асосии таълимро марбут ба ҳамин мавзуи мавриди назар, яъне аъзои пайрави ҷумла, ташкил диҳанд.

Вазифаҳои асосии таълими синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб дар мактаби миёна аз инҳо иборатанд:

1. Аз тарафи талабагон бошуурона азхуд кардани мафҳуми ҷумлаи мураккаб, сохт, аломатҳои семантикӣ-грамматикии он, маълумот дар бораи ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ, сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, ҷумлаҳои мураккаби пайвандакдор ва бепайвандак;

2. Аз худ намудани аломатҳои китобат дар дохили ҷумлаҳои мураккаб;

3. Такмил додани малакаҳои дар нутқи талабагон кор фармуда шудани ҷумлаҳои мураккаб

Мувофиқи нишондоди барномаи дар истифода буда (нашри соли 2006) ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9 дар ҳаҷми 32 соат таълим дода мешавад, ки миқдори соатҳои мавзуъҳои ин боб ин тавр аст: Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои мураккаб -2 соат; ҷумлаҳои мураккаби пайваст -5 соат; ҷумлаи мураккаби тобеъ -22 соат; ҷумлаи мураккаби бепайвандак -3 соат.

Бояд гуфт, ки материали боби «Ҷумлаҳои мураккаб» барои талабагони синфҳои 9 асосан чизи тамоман нав аст, ҳарчанд, ки онҳо дар синфҳои ибтидоӣ, инчунин, дар синфи 5 (ҳангоми омӯхтани боби «Синтаксис ва аломатҳои китобат») каму беш доир ба он маълумоти мухтасари назариявӣ ва малакаҳо ба даст дароварда буданд.

Хусусан, дар ду дарси аввал, ки мувофиқи талаботи барнома, дар бораи ҷумлаҳои мураккаб додани маълумоти умумӣ тақозо карда мешавад, пеш аз ҳама, ҷиҳатҳои услубан аз ҳам фарқ доштани ҷумлаҳои соддаву мураккаб шарҳу эзоҳ дода мешавад. Зеро маҳз ҳамин нуқта имкон медиҳад, ки диққати хонандагон ба омӯзиши масъалаҳои нави ин қисмати синтаксис ҷалб гардида, дар онҳо хоҳиши чи дар гуфтору чи дар навишт дурусту ба мавқеъ истифода карда тавонистани воситаҳои мазкури забон ба вуҷуд оварда шавад. Ва барои он ки моҳияти нуқтаи мазкур, яъне ҷиҳатҳои услубан аз ҳам фарқ доштани ҷумлаҳои соддаву мураккаб дар назар ва шуури хонандагон намоиш дода шавад, мо лозим медонем, ки диққати хонандагон, аввал, ба хусусиятҳои услубии ду-се ҷумлаҳои содда ва сониян, ба ҷумлаҳои мураккабе, ки айнан аз ҷуфти ҳамон ҷумлаҳои содда тартиб дода шудаанд, ҷалб карда шуда, дар ҳамин ҷараён фарқият ва умумияти ин ду хели ҷумлаҳо шарҳ дода шавад. Аз ин рӯ, барои он ки ҳамин мақсади гузошташуда то андозае дақиқтар баррасӣ гардад, муаллим дар ду сутун у гурӯҳи ҷумлаҳоро навишта, тарзи аз ҷумлаҳои содда, ташаккул ёфтани ҷумлаҳои мураккабро ба таври аёнӣ нишон медиҳад [8, с. 212].

Дар мақола хусусиятҳои худтаълимгирии донишҷӯён дар шароити рақамисозии таҳсилот баррасӣ карда мешаванд. Нақши рақамисозӣ ҳамчун омили тағйири сохтор ва мазмуни фаъолияти мустақили таълимӣ ошкор мегардад. Воситаҳои асосии рақамӣ, ки ба рушди худтаълимгирӣ мусоидат мекунанд, аз ҷумла платформаҳои онлайн, захираҳои электронӣ ва технологияҳои зеҳни сунъӣ таҳлил карда мешаванд.

Ба мушкилоти саводнокии рақамӣ, изофабори иттилоотӣ ва коҳиши ангезаи омӯзишии донишҷӯён диққати махсус дода мешавад. Шартҳои баланд бардоштани самаранокии худтаълимгирӣ дар муҳити рақамии муосир асоснок карда мешаванд. Хулоса мешавад, ки ташаккули салоҳиятҳои рақамӣ ва маърифатӣ зарур мебошад.

Калидвожаҳо: худтаълимгирӣ, рақамисозии таҳсилот, салоҳиятҳои рақамӣ, донишҷӯ, муҳити таълимӣ, омӯзиши мустақил, тафаккури танқидӣ, таҳсилоти давомдор

STUDENT SELF-EDUCATION IN THE ERA OF DIGITALIZATION: CURRENT TRENDS, OPPORTUNITIES, AND CHALLENGES

The article examines the features of students' self-education in the context of digital transformation of education. It reveals the role of digitalization as a key factor influencing the structure and content of independent learning activities. The study analyzes major digital tools that support self-education, including online platforms, electronic resources, and artificial intelligence technologies. Special attention is paid to issues of digital literacy, information overload, and declining student motivation. The conditions for improving the effectiveness of self-educational activity in the modern digital educational environment are substantiated. The study concludes that the development of sustainable digital and cognitive competencies is essential.

Keywords: self-education, digital transformation, digital competencies, student, educational environment, independent learning, critical thinking, lifelong learning.

Сведения об авторе: Худойдодова Обидамо Зардовна, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Тел: (+992) 985-81-19-12

Маълумот дар бораи муаллиф: Худойдодова Обидамо Зардовна, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел: (+992) 985-81-19-12

Information about thy author: Khudoydodova Obidamo Zardovna, senior lecturer of the general university department of pedagogy of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel: (+992) 985-81-19-12

Рецензент: **Файзуллоева Ф.М., к.п.н., доцент Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки**

ТДУ: 37+37.0 (075.3)
Х-47

ИДОРАКУНИИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ҶОМЕАИ БИСЁР МИЛЛАТӢ

Хушвахтов А.С., унвончӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Давлатҳои муосир бо мушкилоти ҳамоҳангсозии муносибатҳои байни миллатҳо рӯбарӯ мешаванд, зеро ноустувории иҷтимоӣ ва холигии идеологӣ моделҳои кӯҳнаи муайянкунии этникӣ ва диниро аз нав эҳё мекунанд.

Онҳо ба афрод моделҳои арзишманд ва меъёрии худро пешниҳод карда, дар равандҳои иҷтимоикунонии шахс нақши калидӣ мебозанд. Ин тамоюлҳо ба ташаккули модели универсалии муайянкунӣ – яъне ҳувияти миллӣ – мусоидат мекунанд, ки бар огоҳии шахс аз ягонагӣ ва пайвандаш бо ҷомеаи мушаххаси фарҳангӣ ва сиёсӣ, инчунин иштироки ӯ дар таърих, фарҳанг ва давлатдории он асос ёфтааст.

Афзоиши ҳувияти миллӣ дар давлатҳои муосири бисёрмиллатӣ аз зарурати муттаҳид кардани шаҳрвандон барои ҳалли масъалаҳои гуногун, пеш аз ҳама, муқовимат ба чолишҳо ва таҳдидҳои беруна бармеояд. Омилҳои гуногун ба ташаккул ва тақвияти ҳувияти миллӣ, вале пеш аз ҳама, хотираи таърихӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Фарзияи кории ин таҳқиқот ин аст, ки хотираи таърихӣ дорои потенсиали назаррас барои муттаҳидсозии ҷомеа мебошад. Бо гузоштани асосҳо барои ғояҳо дар бораи гузаштаи коллективӣ ва интиқоли онҳо тавассути механизми иҷтимойкунонӣ, хотираи таърихӣ ба унсури системасози худшиносии миллӣ табдил меёбад ва таъсири шахсан ташаккулдиҳанда мерасонад. Ҳадафи ин мақола омӯхтани механизми идоракунии хотираи таърихӣ мебошад, ки ба сохтани тасвирҳои гузашта нигаронида шудааст. Дар ҷомеаи бисёрмиллатӣ, ин тасвирҳо метавонанд ба ҷузъи калидии ташаккули ҳувияти миллӣ табдил ёбанд.

Яъне, бо калимаҳои дигар: муҳаққиқон сиёсати таърихии давлатро аз се нуқтаи назар таҳлил мекунанд: тафсир ва маънидод**,** васила ва абзор**, ва** сохтор ва система**.**

Равиши тафсирӣ дар таҳқиқоти Т. Адорно (1977), С. Московичи (1996) ва Э. Нолте (2003) таҳия шудааст. Ба гуфтаи ин муҳаққиқон, сиёсати таърихии давлат раванди аз нав арзёбӣ ва аз нав тафсир кардани рӯйдодҳои гузашта аст, ки аз ҷониби субъектҳои сиёсӣ оғоз шудааст. С. Московичи ҳангоми арзёбии таъсири эҳтимолии хотираи таърихӣ ба ҷомеа қайд мекунад, ки ""идоракунии вақт" яке аз стратегияҳое аст, ки гурӯҳи ҳукмрон барои таъсир расонидан ба шуур ва рафтори омма истифода мебарад" [8, с.91]. (Московичи С. Век толп: исторический)

Ин равиш танқид мешавад, зеро он равандҳои тафсири таърихро танҳо барои **манфиатҳои сиёсӣ** истифода мебарад ва зарурати **баррасии илмии дубора** ва таҳлили воқеаҳои гузаштаро нодида мегирад. Равиши инструменталӣ як варианти радикализатсияшудаи равиши тафсирӣ мебошад, ки дар асарҳои олимони муосир А. Михник [8], А. Миллер [7, с.6-23] ва дигарон таҳия шудааст. Дар доираи ин равиш, сиёсати таърихӣ абзори муборизаи сиёсӣ ва манипуляцияи сиёсии шуури ҷамъиятӣ мебошад. Бо таъкид ба хусусияти инструменталии сиёсати таърихӣ, муҳаққиқон боварӣ доранд, ки он вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: 1) "мубориза бо мухолифин", ки дар он таърих ҳамчун далел барои асоснок кардани манфиатҳои нерӯҳои гуногуни сиёсӣ истифода мешавад; 2) "миллатсозӣ", ки дар он "тасвири гузашта"-и ислоҳшудаи сиёсӣ истифода мешавад; 3) асоснок кардани манфиатҳо ва орзуҳои сиёсати хориҷии шахс.

Чунон ки узви вобастаи Академияи илмҳои Русия ва доктори илмҳои таърих Л.П. Репина қайд кардааст: "Даҳсолаҳои охири асри XX ва аввали асри 21 бо тағйироти амиқ дар сохтор, мундариҷа ва методологияи донишҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ қайд карда шуданд. Дар ин заминаи умумии зеҳнӣ, таҷдиди куллии илми таърихӣ ба амал омад. Омӯзиши хотираи таърихӣ дар охири асри XX ва X1X худро ҳамчун як соҳаи мустақили тадқиқотӣ мустаҳкам кард" [14, с. 191].

Дар илми муосир, хотираи таърихӣ одатан ҳамчун маҷмӯи донишҳои пеш аз илм, илмӣ, қисман илмӣ ва беруназилмӣ ва фаҳмиши муштараки иҷтимоӣ аз гузаштаи муштарак фаҳмида мешавад. Он маълумотро дар бораи рӯйдодҳои муҳим барои ҷомеа, фаъолияти шахсиятҳои барҷаста, анъанаҳо ва ахлоқро дар бар мегирад. Хотираи таърихӣ, ки аз таърих бо дараҷаи бештари стереотипҳои худ фарқ мекунад, дар айни замон ҷаҳонбинии ҷомеаи мушаххасро бештар аз худи таърих, ки табиатан элитавӣ аст ва ба моликияти як доираи хурди мутахассисон табдил меёбад, муайян мекунад [16, с. 41].

Муҳим аст, ки эътироф кунем, ки хотираи таърихӣ (мисли ҳама хотираҳо) интихобӣ аст: он бо иерархияи далелҳо амал мекунад, баъзеҳоро таъкид мекунад ва дигаронро ба фаромӯшӣ месупорад. Аммо, умуман, мардуме, ки хотираи таърихӣ надорад, ҳувияти худро аз даст медиҳад [11, с. 133].

Ҳамин тариқ, хотираи таърихӣ ба устувории ҷомеа, худшиносии он дар маҷмӯъ мусоидат мекунад ва ҳамчун асоси фарҳанги маънавии он хизмат мекунад. Аҳамияти иҷтимоию фарҳангии ин падида барои худшиносии арзишманди як гурӯҳи миллии мушаххас ниёз ба таҳлили ҳамаҷонибаи илмии онро ба вуҷуд меорад.

Равиши муҳаққиқи фаронсавӣ М. Халбвакса, ки механизми ташаккули хотираи таърихии коллективиро дар гурӯҳҳои иҷтимоии алоҳида кашф кардааст, дар таҳқиқоти муосир эътирофи васеъ пайдо кардааст. Ба гуфтаи М. Хальбвакса, хотира раванди комилан инфиродии нигоҳдорӣ ва коркарди таассуроти гирифташуда нест; дар асл, фаъолияти онро

ҷомеа муайян мекунад. Хотираҳо, ки на танҳо ба як шахси мушаххас, балки ба тамоми ҷомеа низ таваҷҷӯҳ доранд, мустаҳкам ва аз як узви он ҷомеа ба узви дигар интиқол дода мешаванд ва маҳз дар асоси ин чаҳорчӯбаи иҷтимоӣ-ёдгорӣ ҳар як шахс ҳамаи хотираҳои дигари худро ба ёд меорад ё аз нав месозад [19, с. 9]. Ҳамватани Халбвакса, П. Нора, майл дорад, ки таърих ва хотираро муқоиса кунад: «Хотира ҳамеша барои таърих шубҳанок аст, ки рисолати аслии он нобуд кардан ва саркӯб кардани он аст» [10, с. 20].

Мушкилоти муносибат ба гузашта дар хотираи таърихӣ махсусан вақте муҳим мегардад, ки ҷомеа тағйироти назарраси иҷтимоию фарҳангиро аз сар мегузаронад, меъёрҳо ва стереотипҳои анъанавии тафаккур халалдор мешаванд ва системаҳои арзишҳои гуногун ва баъзан ҳатто мухолиф дар зеҳни одамон бархӯрд мекунанд. Тавре ки мо аз таҷрибаи худ медонем, маънои ҳар як рӯйдоди таърихӣ ва аҳамияти фаъолияти ҳар як шахсияти таърихӣ метавонад дар тӯли умри як насл ба таври куллӣ аз нав тафсир карда шавад. Ғайр аз ин, хотираи коллективӣ метавонад ҳамзамон тасвирҳои гуногуни гузашта ва роҳҳои гуногуни нақли гузаштаро дар бар гирад; ҳар яке аз ин ривоятҳо метавонанд лаҳзаҳои калидӣ, қаҳрамонҳо ва эпизодҳои сюжетро дар бар гиранд, аммо мундариҷаи семантикии ин ҳикояҳо фарқ мекунад. Аз ин рӯ, барқарор кардани ғояҳои таърихие, ки дар хотираи як давраи муайян вуҷуд доштанд, майдони мусоид барои таҳқиқотро ифода мекунад [5].

Омӯзиши падидаи хотираи таърихӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки малакаҳои калидии зеринро инкишоф диҳанд:

- қобилияти сохтани муносибатҳои сабабу натиҷа;
- қобилияти муқоисаи манбаъҳои таърихӣ;
- қобилияти истифодаи захираҳои китобхонаи рақамӣ;
- қобилияти ҷустуҷӯ ва тасниф кардани манбаъҳои таърихӣ;
- қобилияти кор дар Microsoft Office;
- Қобилияти истифодаи сканер ва принтер;
- Қобилияти таҳлили асарҳои бадеӣ аз нигоҳи манбаъҳои таърихӣ;
- Қобилияти ҳамоҳангсозии кор бо аъзоёни гурӯҳ.

Омӯзиши хотираи таърихӣ метавонад ҳамчун як қисми курси интихобӣ ё берун аз вақти дарсӣ таҳти роҳбарии мутахассисони соҳаҳои гуногун амалӣ карда шавад. Масалан, муаллимони адабиёт метавонанд дар раванди таълим иштирок кунанд. Маълум аст, ки бисёре аз нависандагон ҳамзамонони рӯйдодҳои бузурги таърихӣ буданд ва муносибати худро ба онҳо дар асарҳои бадеӣ инъикос мекарданд. Таҳлили ин китобҳо ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар зеҳни худ тасвири куллии гузаштаро эҷод кунанд.

Ҳамин тариқ, идоракунии хотираи таърихӣ дар ҷомеаи бисёрмиллатӣ на танҳо воситаи ташаккули ҳувияти миллӣ, балки омили муҳими ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва рушди фарҳангии давлат мебошад. Тавре ки таҳлил нишон медиҳад, хотираи таърихӣ тавассути механизмҳои иҷтимоикунонӣ, аз ҷумла таълим, фарҳанг ва расонаҳо, ба шуури коллективӣ таъсир расонида, тасвирҳои умумии гузаштаро ташаккул медиҳад [10, с. 45]. Ин раванд барои муттаҳидсозии шаҳрвандон дар атрофи арзишҳои муштарак ва ҳадафҳои стратегӣ мусоидат мекунад [17, с. 112].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳои беруна, аҳамияти хотираи таърихӣ ҳамчун пойгоҳи идеологӣ барои ҳифзи истиқлолият ва таҳкими ваҳдати миллӣ боз ҳам афзун мегардад [1, с. 78]. Идоракунии оқилонаи ин захираи маънавӣ имкон медиҳад, ки аз таърих на танҳо ҳамчун маҷмӯи далелҳо, балки ҳамчун сарчашмаи ғояҳо ва намунаҳои рафтори коллективӣ истифода шавад.

Бо назардошти ин, татбиқи равишҳои тафсирӣ ва инструменталии сиёсати таърихӣ бояд бо тавозуни илмӣ ва ахлоқӣ ҳамроҳ бошад, то ки тафсири гузашта ба манфиати тамоми ҷомеа хидмат кунад [2, с. 34]. Омӯзиши хотираи таърихӣ дар муассисаҳои таълимӣ, махсусан тавассути лоиҳаҳои байнифаннӣ, метавонад ба рушди ҳувияти миллӣ дар наслҳои ҷавон мусоидат кунад [6, с. 215].

Дар ин замина, нақши омӯзгорон ва муаррихон дар таҳияи равишҳои тафсирии хотираи таърихӣ махсусан муҳим мегардад. Онҳо бояд аз як тараф ба далелҳои илмӣ такя

кунанд ва аз тарафи дигар, ба талаботи ҷомеа ва тағйироти замон ҷавобгӯ бошанд [12, с. 89]. Тавозуни байни ин ду ҷанба имкон медиҳад, ки тафсири гузашта на танҳо академӣ, балки амалӣ ва фарогир бошад.

Муассисаҳои таълимӣ бояд дар ин раванд нақши калидӣ дошта бошанд. Тавассути лоиҳаҳои байнифаннӣ, ки таърихро бо адабиёт, фарҳанг, ҳуқуқ ва фалсафа мепайванданд, донишҷӯён метавонанд хотираи таърихиро на ҳамчун маҷмӯи санаҳо, балки ҳамчун системаи маъноҳо дарк кунанд [4, с. 102]. Ин равиш ба рушди тафаккури интиқодӣ ва ҳувияти коллективӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити муосир, васеъшавии фазои иттилоотӣ талаботро ба тафсири дақиқ ва масъулиятноки таърих афзун мегардонад [20, с. 54]. Раёсати расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ бояд ҳамчун воситаи паҳнкунии арзишҳои умумӣ, на ҳамчун манбаи тафриқа, истифода шаванд. Ин талаб мекунад, ки сиёсати таърихӣ дар асоси принсипҳои шаффофият ва ҳамгироӣ таҳия карда шавад.

Ҳамин тариқ, идоракунии хотираи таърихӣ дар ҷомеаи бисёрмиллатӣ бояд ҳамчун раванди динамикӣ ва муттасил баррасӣ шавад, ки дар он ҳар як насл нақши худро дар ташаккули тасвири гузашта дорад [3, с. 14]. Ин раванд на танҳо ба суботи иҷтимоӣ, балки ба рушди фарҳангии давлат ва таҳкими ваҳдати миллӣ мусоидат мекунад.

Дар ин замина, ҳамкории байни мактаб, оила ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ташаккули хотираи таърихии устувор зарур аст. Омӯзгорон бояд на танҳо дониш, балки усулҳои таҳлил ва муқоисаро низ омӯзанд, то хонандагон худидоракунии тафсириро аз худ кунанд [13, с. 67]. Ин маҳорат ба онҳо имкон медиҳад, ки дар бораи рӯйдодҳои таърихӣ саволҳои мустақилона пурсанд ва аз ҷавобҳои тайёр худдорӣ кунанд.

Барои ин, барномаҳои таълимӣ бояд ба таърихи маҳаллӣ ва минтақавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кунанд, зеро онҳо ба ҳаёти воқеии мардум наздиктаранд [19, с. 178]. Муаррихон метавонанд дар ин ҷо бо нақлҳои шахсӣ ва санадҳои бойгонӣ кор кунанд, то хотираи таърихӣ аз абстраксия ба таҷрибаи мадрӣ табдил ёбад. Чунин равиш ба эҳсоси мансубият ба ҷомеа ва масъулият дар назди наслҳои оянда мусоидат мекунад.

Дар шароити муосир, технологияҳои рақамӣ метавонанд барои дастрасии васеътар ба маводҳои таърихӣ ва табодули назарҳо истифода шаванд. Бо вуҷуди ин, ҳар гуна тафсир бояд ба методологияи илмӣ асос ёбад, то аз таҳрифи далелҳо пешгирӣ карда шавад [10, с. 95]. Ин тавозун барои пешгирии идеологикунонии таърих ва таъмини рушди устувори ҷомеаи бисёрфарҳангӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Ниҳоят, идоракунии хотираи таърихӣ бояд ба ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми фарҳангҳои гуногун нигаронида шавад, на ба тақвияти тафриқа. Ин талаб мекунад, ки тафсирҳо кушода ва қобили баҳс бошанд, то ҳар як шахс метавонад дар сохтани тасвири умумии гузашта ширкат варзад. Ҳамин тариқ, хотираи таърихӣ ба воситаи суботи иҷтимоӣ ва ваҳдати миллӣ табдил меёбад.

Дар ин росто, нақши оила ба ҳайси аввалин муҳити тарбиявӣ маҳсус аст. Падару модарон бояд дар муколама бо фарзандон таърихи оилавиро ҳамчун пайванди зинда бо гузаштаи бузургтар пешниҳод кунанд, то кӯдак аз хурдӣ эҳсоси пайвастагӣ бо наслҳои пешинро дарк кунад [10, с. 52]. Дар баробари ин, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ — китобхонаҳо, осорхонаҳо ва ҷамъиятҳои таърихӣ — метавонанд платформаҳои табодули таҷриба ва мубоҳисаи озодро фароҳам оранд, ки дар онҳо на танҳо расмият, балки зиндагии воқеии таърих эҳсос шавад.

Ҳамзамон, таълими таърих бояд аз таъкид ба санаҳо ва рӯйдодҳои калон ба таҳлили сабабҳо ва оқибатҳо гузарад [6, с. 220]. Омӯзгорон бояд хонандагонро ба кор бо сарчашмаҳои ибтидоӣ ҷалб кунанд, то онҳо худидоракунии худро дар муқоисаи маводҳо тақвият диҳанд. Ин равиш ба ташаккули тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ барои ҷудо кардани ҳақиқат аз таҳрифи муҳим аст.

Дар ниҳоят, таърих бояд ҳамчун фазои диалогӣ, на ҳамчун монолог тадрис шавад [2, с. 41]. Хонандагон бояд имкон дошта бошанд, ки нуқтаи назари гуногунро бишнаванд ва пеш

аз қабули мавқеъ, далелҳоро муқоиса кунанд. Танҳо дар ин сурат хотираи таърихӣ метавонад ба рушди ҳисси умумияти шаҳрвандӣ, ки бар эҳтироми тафовутҳо асос ёфтааст, табдил ёбад.

Дар ин замина, муҳим аст, ки таърих на танҳо ҳамчун маҷмуи фактҳо, балки ҳамчун раванди пайвастаи тафсир ва маънӣ дарк карда шавад [3, с. 18]. Ҳар як насл метавонад таърихро аз нав хонад ва ба саволҳои нав ҷавоб ёбад, ки ин худ нишонаи зиндагии он аст. Вақте ки фарзандон мебинанд, ки падару модарон дар бораи гузашта баҳс мекунанд ва нуқтаи назари худро тағйир медиҳанд, онҳо мефаҳманд, ки таърих як ҳақиқати ягона нест, балки майдони муколамаи доимист.

Ин равиш талаб мекунад, ки муассисаҳои таълимӣ аз нақши худ ҳамчун «интиқолдиҳандаи дониш» даст кашанд ва ба нақши «ташкилкунандаи мубоҳиса» гузаранд [13, с. 73]. Дарсҳои таърих бояд ба семинарҳои озод табдил ёбанд, ки дар онҳо хонандагон метавонанд сарчашмаҳоро таҳлил кунанд, ихтилофҳоро ошкор созанд ва хулосаҳои шахсии худро пешниҳод намоянд. Ин на танҳо малакаҳои таҳлилӣ, балки эҳсоси масъулиятро нисбати тафсири гузашта низ тақвият медиҳад.

Дар айни замон, технологияҳои рақамӣ имкониятҳои навро барои дастрасӣ ба бойгониҳо ва маводҳои таърихӣ фароҳам меоранд. Бо вуҷуди ин, онҳо ҳамчун хатари паҳншавии тафсирҳои соддакардашударо доранд [20, с. 61]. Аз ин рӯ, омӯзгорон ва падару модарон бояд ба кӯдакон омӯзанд, ки ҳар як маълумотро бо эҳтиёт қабул кунанд ва пеш аз қабули қарор, манбаи онро тафтиш намоянд. Ин муҳимтарин вазифаи тарбияи таърихӣ дар асри рақамӣ аст.

Дар ниҳоят, таърих вазифа дорад, ки ҳисси тааллуқро ба ҷомеаи васеътар тақвият диҳад, аммо на ба ҳисоби якрангӣ, балки тавассути эҳтироми тафовутҳо [17, с. 118]. Вақте ки хонандагон дарк мекунанд, ки гузаштаи онҳо дар таърихи умумӣ нақш дорад, онҳо беҳтар мефаҳманд, ки ҳувияти шахсии онҳо бо ҳувияти коллективӣ пайваст аст. Ин пайванд асоси рушди шаҳрвандии масъулиятнок мегардад, ки дар он ҳар як фард на танҳо вориси гузашта, балки созандаи оянда низ ҳисобида мешавад.

Адабиёт:

1. Абдуллоев, М.А. Ташаккули ҳувияти миллӣ ва хотираи таърихӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / М.А. Абдуллоев // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2023. – № 2. – С. 75–83.
2. Ассман, А. Длинная тень прошлого: Мемориальная культура и историческая политика [Текст] / А. Ассман; пер. с нем. Б. Хлебникова. – Москва: Новое литературное обозрение, 2014. – 328 с.
3. Ассман, Я. Культурная память: Письмо, память о прошлом и политическая идентичность в высоких культурах древности [Текст] / Я. Ассман; пер. с нем. М.М. Сокольской. – Москва: Языки славянской культуры, 2004. – 368 с.
4. Валиев, Ҷ.С. Нақши лоиҳаҳои байнифаннӣ дар раванди таълими таърих ва фарҳанг [Матн] / Ҷ.С. Валиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 5. – С. 98–105.
5. Леонтьева, О.Б. Историческая память и образ прошлого в культуре пореформенной России [Электронный ресурс] / О.Б. Леонтьева // Фонд исторической перспективы. – URL: http://www.perspektivy.info/print.php?ID=291497 (дата обращения: 17.03.2021).
6. Макаров, О.В. Историческая память как фактор формирования национальной идентичности молодежи [Текст] / О.В. Макаров // Социологические исследования. – 2021. – № 8. – С. 212–222.
7. Миллер, А. Россия: власть и история [Текст] / А. Миллер // Pro et Contra. – 2009. – № 3–4. – С. 6–23.
8. Михник, А. Историческая политика: российский вариант [Электронный ресурс] / А. Михник // Родина. – 2006. – № 6. – URL: http://www.istrodina.com/rodina_articul.php3?id=1906&n=99 (дата обращения: 17.03.2021).

9. Московичи, С. Век толп: исторический трактат по психологии масс [Текст] / С. Московичи. – Москва: Центр психологической помощи, 1996. – 344 с.

10. Нора, П. Франция-память [Текст] / П. Нора, М. Озуф, Ж. де Пюимеж. – Санкт-Петербург: Издательство С.-Петербургского университета, 1999. – 328 с.

11. Приходько, Е.А. Историческая память и историческое сознание [Текст] / Е.А. Приходько, С.О. Лебедева // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота, 2010. – № 1 (5). – С. 133–137.

12. Раҳимов, С.Ҳ. Меодологияи таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва нақши он дар тафаккури интиқодӣ [Матн] / С.Ҳ. Раҳимов // Масъалаҳои маориф ва илм. – 2024. – № 1. – С. 85–92.

13. Репина, Л.П. Историческая память и современная историография [Текст] / Л.П. Репина // Новая и новейшая история. – 2020. – № 5. – С. 63–76.

14. Репина, Л.П. Феномен памяти в современном гуманитарном знании [Текст] / Л.П. Репина // Ученые записки Казанского университета. Серия: Гуманитарные науки. – 2011. – Т. 153, кн. 3. – С. 191–201.

15. Рольфес, Й. Дидактика истории: история, понятие, предмет [Текст] / Й. Рольфес // Преподавание истории в школе. – 1997. – № 7. – С. 31–38.

16. Романовская, Е.В. Морис Хальбвакс: культурные контексты памяти [Текст] / Е.В. Романовская // Известия Саратовского университета. Новая серия. Серия: Философия. Психология. Педагогика. – 2010. – Т. 10, вып. 3. – С. 41–45.

17. Смит, Э. Национальная идентичность [Текст] / Э. Смит; пер. с англ. Е.В. Николаева. – Москва: Логос, 2004. – 268 с.

18. Тошев, А.М. Технологияҳои рақамӣ ва ҳифзи сарчашмаҳои таърихӣ: имкониятҳо ва хатарҳо [Матн] / А.М. Тошев // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2025. – № 2. – С. 91–98.

19. Хальбвакс, М. Социальные рамки памяти [Текст] / М. Хальбвакс; пер. с фр. и вступ. ст. С. Н. Зенкина. – Москва: Новое издательство, 2007. – 348 с.

20. Шеридан, Р. Цифровая трансформация исторической политики и массмедиа [Текст] / Р. Шеридан // Вестник международной коммуникации. – 2023. – № 3. – С. 50–64.

ИДОРАКУНИИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ҶОМЕАИ БИСЁРМИЛЛАТӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва назариявию амалии нақш ва аҳамияти идоракунии хотираи таърихӣ дар раванди ташаккули ҳувияти миллӣ ва таҳкими суботи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҷомеаи муосири бисёрмиллатӣ бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ноустувории иҷтимоӣ ва пайдоиши таҳдидҳои нав, зарурати ҳамоҳангсозии муносибатҳои байниэтникӣ ва пешниҳоди модели муттаҳидкунандаи ҳувият пеш меояд. Муаллиф равишҳои асосии концептуалии таҳлили сиёсати таърихиро — аз ҷумла равиши тафсирӣ (баҳодиҳӣ ва маънидоди дубораи гузашта), инструменталӣ (истифодаи таърих ҳамчун абзори иҷтимоӣ ва сиёсӣ) ва сохториро мавриди баррасӣ ва нақд қарор дода, хотираи таърихиро ҳамчун омили калидӣ, ягонакунанда ва системасози худшиносии миллӣ муайян мекунад.

Дар асар механизми таъсиррасонии хотираи коллективӣ тавассути институтҳои иҷтимоикунонӣ, пеш аз ҳама, муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори омма ва оила таҳлил карда мешавад. Муаллиф нишон медиҳад, ки омӯзиши хотираи таърихӣ ва татбиқи лоиҳаҳои байнифаннӣ (пайванди таърих бо адабиёт, фарҳанг ва фалсафа) ба инкишофи малакаҳои муҳими донишҷӯён, аз ҷумла тафаккури интиқодӣ, қобилияти кор бо сарчашмаҳои ибтидоӣ ва таҳлили муқоисавӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунанин, имкониятҳо ва хатарҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҳифзи сарчашмаҳои таърихӣ ва фазои иттилоотӣ баррасӣ мешаванд. Хулоса карда мешавад, ки идоракунии оқилона ва илман асосноки хотираи

таърихӣ ба табдил додани таърих аз монолог ба муколамаи озод, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ хизмат менамояд.

Калидвожаҳо: хотираи таърихӣ, ҳувияти миллӣ, ҷомеаи бисёрмиллатӣ, сиёсати таърихӣ, идоракунии хотира, иҷтимоикунонӣ, лоиҳаҳои байнифаннӣ, тафаккури интиқодӣ, суботи иҷтимоӣ, ваҳдати миллӣ, технологияҳои рақамӣ.

УПРАВЛЕНИЕ ИСТОРИЧЕСКОЙ ПАМЯТЬЮ КАК СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ В ПОЛИЭТНИЧЕСКОМ ОБЩЕСТВЕ

Данная статья посвящена комплексному теоретико-практическому исследованию роли и значения управления исторической памятью в процессе формирования национальной идентичности и укрепления социально-политической стабильности в современном полиэтническом обществе. В условиях глобализации, социальной нестабильности и возникновения новых вызовов возрастает необходимость гармонизации межэтнических отношений и формирования консолидирующей модели идентичности. Автор детально анализирует и подвергает критическому осмыслению основные концептуальные подходы к исследованию исторической политики — интерпретационный (переосмысление и реинтерпретация прошлого), инструментальный (использование истории в качестве социального и политического инструмента) и структурный подходы, определяя историческую память как ключевой, объединяющий и системообразующий фактор национального самосознания.

В статье рассматривается механизм воздействия коллективной памяти через институты социализации, в первую очередь через образовательные учреждения, средства массовой информации и семью. Автор доказывает, что изучение феномена исторической памяти и реализация междисциплинарных проектов (связывающих историю с литературой, культурой и философией) способствуют развитию ключевых навыков обучающихся, включая критическое мышление, умение работать с первоисточниками и проводить сравнительный анализ. Кроме того, анализируются возможности и риски применения цифровых технологий в процессе сохранения исторических источников и формирования информационного пространства. Делается вывод о том, что грамотное и научно обоснованное управление исторической памятью способствует превращению истории из монолога в открытый диалог, укреплению национального единства и сохранению государственного суверенитета.

Ключевые слова: историческая память, национальная идентичность, полиэтническое общество, историческая политика, управление памятью, социализация, междисциплинарные проекты, критическое мышление, социальная стабильность, национальное единство, цифровые технологии.

MANAGING HISTORICAL MEMORY AS A MEANS OF SHAPING NATIONAL IDENTITY IN A MULTI-ETHNIC SOCIETY

This article presents a comprehensive theoretical and practical study of the role and significance of managing historical memory in the process of shaping national identity and strengthening socio-political stability within modern multi-ethnic society. Amidst globalization, social instability, and emerging challenges, there is an increasing need to harmonize inter-ethnic relations and establish a unifying model of identity. The author provides a detailed analysis and critical assessment of key conceptual approaches to the study of historical policy—namely the interpretative (rethinking and reinterpreting the past), instrumental (using history as a social and political tool), and structural approaches—defining historical memory as a pivotal, unifying, and foundational factor of national self-awareness.

The study examines the mechanisms through which collective memory exerts influence via institutions of socialization, primarily educational establishments, the media, and the family. The author demonstrates that studying the phenomenon of historical memory and implementing interdisciplinary projects (linking history with literature, culture, and philosophy) foster the

development of key student skills, including critical thinking and the ability to work with primary sources and conduct comparative analyses. Furthermore, the article analyzes the opportunities and risks associated with using digital technologies to preserve historical sources and shape the information landscape. It concludes that competent, evidence-based management of historical memory helps transform history from a monologue into an open dialogue, thereby strengthening national unity and preserving state sovereignty.

Keywords: historical memory, national identity, multi-ethnic society, politics of history, memory management, socialization, interdisciplinary projects, critical thinking, social stability, national unity, digital technologies.

Маълумот дар бораи муаллиф: Хушбахтов Абдуфаёз Самадович, унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел: (+992) 918844242

Сведения об авторе: Хушбахтов Абдуфаёз Самадович, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Тел: (+992) 918844242

Information about thy author: Khushbakhtov Abdufayoz Samadovich, applicant for the university department of pedagogy, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel: (+992) 918844242

Муқарриз: Файззода Б.Ф., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 37.0+373+304(075.8)
Ҷ-26

ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТУ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

Ҷалилова М., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар замони муосир вазъи номусоиди муҳити атроф барои мавҷуд будани ҳаёт дар рӯйи замин ва саломатии инсон таъсири манфӣ расонида истодааст. Яке аз омилҳое, ки ба мавҷудияти ҳаёт дар рӯйи замин ва саломатии инсон таъсири манфии худро бевосита мерасонад, ин паст будани маърифату фарҳанг ва тафаккуру шуури экологии аҳолӣ, бесалоҳиятии баъзе кормандони рутбаҳои гуногун (дар натиҷаи бемасъулиятии онҳо дар кубурҳои газу нафт садамаҳо ба амал меоянд), фаъолияти номукамали иншоотҳои тозакунию безараргадонӣ, бераҳмона талаю тороҷ ва буридану сӯзонидани ҷангалзорҳо, тибқи воя истифода накардани моддаҳои заҳрнок (заҳрхимикатҳо) ба обу замин, хок, атмосфера, маҳсулоти кишоварзӣ, зиёдшавии газҳои гулхонагӣ, харобшавии қабати озоносфера, зиёдшавии боришҳои ишқордор, афзоиши бесобиқаи бемории саратони пӯст дар байни аҳолӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд.

Фарҳанги экологӣ ин фарҳанги муносибат бо олами беруна мебошад, ки дар он дарки арзиши худ – саломатии худ, фардияти худ, арзиши одамон, муносибати бошуурона ва эҳтиром гузоштан ба ҳамаи зуҳуроти ҳаёт ва сарфакорона истифода кардани боигариҳои табиат фаҳмида мешавад. Фарҳанги экологӣ айни замон, ба яке аз нишондиҳандаи муҳимми фаъолнокии ҷамъият ва шууру тафаккури шахсият табдил ёфтааст. Дар доираи таҳқиқи худ муаллиф ба хулосае омадааст, ки ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифату фарҳанги экологиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз синфҳои ибтидоӣ сар карда, то

хонандагони синфҳои болоӣ ҳадди ақал дар бораи таъсир ва робитаи муҳити атроф ба саломатии инсон тасаввуроти ибтидоӣ дошта бошанд.

Ба ақидаи муҳаққиқ Мирзоев С.С. айни ҳол замони он расидааст, ки «ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифату фарҳанги экологии хонандагону донишҷӯён бояд ба яке аз ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти системаи маориф табдил ёбад» [10, с. 19].

Қобили қайд аст, ки таҳсилоти экологӣ ҳамчун низоми муттасил робитаи ҷудонашавандаи байни таълим ва тарбияро таъмин мекунад. Истилоҳ ё мафҳуми «таҳсилоти экологӣ» таърихан дар солҳои 70-80-уми асри XX пайдо шудааст.

Лихачев Д.С. дар таҳқиқотҳояш нишон доданд, ки «дар охири ҳазораи дуюм ва ибтидои ҳазораи сеюм таҳсилоти экологӣ расман ба яке аз самтҳои афзалиятноки такмили системаи маориф эътироф гардид, ки ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон нигаронида шудааст» [7, с. 15].

Дар натиҷаи омӯзиши таҳсилоти экологӣ хонандагон на танҳо системаҳои экологӣ, балки маърифату фарҳанги умумиро низ азхуд мекунанд.

Гирусова Э.В. қайд кардааст, ки «Фарҳанги экологӣ таҷрибаи мусбати иҷтимоию экологие мебошад, ки аз ҷониби ҷомеа андӯхта шуда, дар фарҳанги моддӣ ва маънавӣ сабт шудааст» [3, с. 114].

Никонорова Е.В. дар таҳқиқотҳояш ҷанбаҳои гуманистии фарҳанги экологиро тавсиф намуда, таърифи зеринро пешниҳод мекунад: «Фарҳанги экологӣ ин ягонагии таҳсилотгирифтаи экологӣ, шуури экологӣ ва фаъолияти экологие мебошад, ки ба ҳамоҳангсозии муносибати байни ҷомеа ва табиат нигаронида шудааст» [12, с. 33].

Понаморева И.Н. фарҳанги экологиро ҳамчун «ҷузъи муҳимми фарҳанги умумии инсони замони муосир, ки дар тамоми даврaҳои ҳаёт ҳамчун хусусияти хоси шахсият оид ба фаҳмидани арзиши табиат, низоми донишҳо оид ба экология, маҳорату фаъолияти истифодаи табиат, муносибати гуманистӣ ба тамоми мавҷудоти зинда ва муҳити атроф тавсиф мешавад, зуҳур мекунад» [13, с. 73-87].

Дар таърихи инсоният маърифту фарҳанги экологӣ ва анъанаҳои инсонпарварӣ решаи амиқ дорад. Дар таҳқиқотҳои олимону муҳаққиқони соҳаи педагогика Ж.-Ж. Руссо, И.Г. Песталотси, Ф. Дистервег масъалаи аҳаммияти педагогии таҳкими ҳисси инсондӯстонаи кӯдак бо табиат баррасӣ гардидааст.

Олимону равшанфикрони рус В.Г. Белинский, А.И. Герсен, Н.А. Добролюбов, Д.И. Писарев, Н.Г. Чернишевский амалӣ намудани донишҳои мукаммалро оид ба табиат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тарафдорӣ карда, таъсири онро ба ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият, ки рафтори хонандагонро дар табиат муайян мекунад, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор доданд.

Мавриди зикр аст, ки олим ва педагоги бузурги рус К.Д. Ушинский инсониятро ба васеъ кардани муошират кӯдак бо табиат даъват мекард.

Сухомлинский В.А. таъсири манфии буҳронҳои экологиро пешгӯйӣ карда, инсониятро дар рӯйи замин бо ҳайати киштии зериобӣ, ки он танҳо дар сурати маҳфуз мондани он зиндагӣ карда метавонад, муқоиса мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки «пас аз чанд даҳсола мо ба яке аз ғояҳои асосии низоми педагогии «Ҳамоҳангии таъсироти педагогӣ» оид ба таъсиррасонии мунтазам бо табиат ҳамчун ибтидо ё сарчашмаи зиндагии инсон, ки тамоми кори мактаби Павлиш ва фаъолияти ҳар як хонандаро фаро мегирифт, рӯ меоварем» [16, с. 167-169].

Ба ақидаи муаллиф, ғояи ӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосири ибтидои ҳазораи 3 низ муҳим мебошад, зеро муносибату муошират хонандагон бо табиат бо ҳамдилӣ нисбат ба ҳама мавҷудоти зинда фаро гирифта шуда, дорои хусусияту фаъолияти илмию эҷодӣ буда, фаъолияти ҷӯстуҷӯию эҷодии хонандагонро ташаккул медиҳад.

Хотиррасон менамоем, ки хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои таълимӣ – саҳроӣ ва муносибату муошират бо табиат дар ҳама гуна шакл ба зебоию гуногуншаклии олами набототу ҳайвонот (флораю фауна) ва фарҳанги истифодабарии неъматҳои табиат рӯ ба рӯ мешаванд.

Аз ин рӯ, эҳсоси ҳамоҳангӣ, ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва зебопарастӣ дар шуури хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун унсури муҳимми фарҳанги экологии шахсият маҳсуб меёбад.

Дар замони муосир коста шудани вазъи экологии муҳити табиӣ ва сатҳи пасти фарҳанги экологӣ ҷомеаи ҷаҳониро водор месозад, ки созмонҳоеро таъсис диҳанд, ки мақсади онҳо муайян кардани стратегияи ҳалли масъалаҳои глобалии экологӣ дар сатҳи байнидавлатӣ тавассути ҳамкории байналмилалӣ, қабули созишномаҳои байналмилалӣ ва амалӣ намудани тадбирҳое мебошад, ки ба ҳифзи муҳити зист нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, як созмони нави байналмилалӣ – Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити атроф (UNEP) таъсис дода шуд. Ғайр аз ин, барномаи байниҳукуматии таҳқиқотии «Инсоният ва биосфера» (МАБ), ки оғози он соли 1971 аз ҷониби ЮНЕСКО гузошта шуда буд, ҳоло ҳам бомуваффақият дар ҳайат татбиқ гардида истодааст. Мақсади асосии ин барномаҳо таҳияи асосҳои илмии истифодаи самараноку оқилонаи неъматҳои табиат дар ҳудуди биосфера дар ҳамоҳангӣ бо табиат иборат мебошад.

Паёмади равандҳои болозикр боиси ба миён омадани як қатор таҳқиқоте гардид, ки ба ҷанбаҳои гуногуни мазмун ва ташкили таҳсилоти экологӣ, ки дар ибтидо ҳамчун роҳнамои экологӣ кабул мешуд, бахшида шуда буданд.

Верзилин Н.М., Н. Риков ва Г. Ладиги дар асарҳои педагогиашон қайд карданд, ки «Мафҳуми таҳсилоти экологӣ дар замонҳои гузашта ҳамчун фаҳмиши маҳдуди ҳифзи табиат мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд» [1, с. 43-44].

Войткевич Г.В., Вронский В.А. дар таҳқиқоташон нишон доданд, ки «Моҳи августи соли 1987 дар Москва бо иштироки ЮНЕСКО ва ЮНЕП конгресси байналмилалӣ оид ба таълим ва тайёр кардани кадрҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити атроф баргузор гардида, қайд карда шуд, ки мақсади таҳсилоти экологӣ дар замони муосир ин таъмину беҳбудӣ бахшидан ба муносибати инсон ба биосфера мебошад» [2, с. 160].

Мавриди зикр аст, ки муносибати бошууронаи экологӣ ба биосфера дар замони муосир тамоюл додани таҳсилоти экологӣ ба рушди фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иборат мебошад.

Дар робита ба раванди буҳронҳои экологӣ дар Конференсияи СММ оид ба муҳити атроф ва рушд дар Рио-де-Жанейро (с. 1992) консепсияи гузариши тамаддуни замони муосир ба рушди устувор пешниҳод карда шуд. Инсоният бояд тағйир ёбад ё нобуд шавад, ин гуфтаҳо дар китоби «Сифатҳои инсонӣ»-и президенти Клуби байналмилалии Рим Аурелио Печчеи дарҷ гардидаанд.

Консепсияи рушди устувор бо ҷанбаҳои назариявӣ ва ғояҳое, ки аз ҷониби И. Кант дар бораи «сулҳи абадӣ» баён ёфтаанд, фалсафаи А. Швейттсер, К.Е. Сиолковский ва консепсияи В.И. Вернадский дар бораи ноосфера коркарду корбаст гардидаанд. Консепсияи рушди устуворро дар робита бо ҷаҳонбинии тағйирёфта дар охири асри XIX ҷомеаи инсонӣ таҳия кардааст.

Муаллиф ба таърихи афкори фалсафӣ рӯй оварда, қайд менамояд, ки ҷаҳонбинии экологӣ дар асри XIX тағйир ёфтааст. Дар ибтидои аср назари технократӣ ба сайёра ва эътиқод ба тавоноии илм маъмул буд. Ин назар номи сиентизм ё корнукопизм (шохи фаровонӣ)-ро гирифт. Аммо дар миёнаи аср муносибати байни инсон ва табиат бадтар гардида, захираҳо зуд - зуд тамом шуда, уқёнусҳо ва атмосфера ифлос гардида, шумораи аҳолӣ зиёд мегардид. Ин боиси пайдоиши ҷаҳонбинӣ – аларизм (изтироб, тарс) гардид. Алармистҳо боварӣ доштанд, ки буҳрони экологӣ ногузир аст.

Тайи садсолаҳои охир фаъолияти бевосита бавосита одамон бо суръати тез тамоми симои сайёраро тағйир дода истодааст. Айни ҳол, замоне расидааст, ки инсоният бояд тағйир додани тарзи ҳаёти худ, талабот ва хусусияту фаъолияти минбаъдаи худро омӯзад.

Моисеев Н.Н. қонуниятҳои биосфера ва инсониятро ба эътибор гирифта қайд кардааст, ки «Биосфера бе инсон вуҷуд дошт ва вуҷуд дошта метавонад, аммо инсон берун аз биосфера вуҷуд дошта наметавонад» [8, с. 5].

Илова бар он, Моисеев Н.Н. дар таҳқиқоташ қайд кардааст, ки «Танҳо ҷомеаи босавод ва воқеан зиёӣ қодир аст ба реҷаи ҳамтаҳаввул ворид шавад» [9, с. 4].

Маҳз ба масъалаҳои маърифату фарҳанг ва маориф бояд афзалияти асосӣ дода шавад. Дар миёни масъалаҳои мушаххаси барномаи «Рушди устувор» таҳсилоти экологӣ дар ҷои аввал қарор дорад.

Дар замони муосир зарурияти таъҷилан тағйир додани мазмун ва мақсади таҳсилоти экологӣ ба вуҷуд омадааст, зеро сатҳи инкишофи шуур, тафаккур, маърифату фарҳанг, тасаввуроти ахлоқии шахсият, хусусият ва фарогирии робитаҳои байнишахсият ангезаҳои фаъолияти ҳаётии одамонро муайян мекунанд. Маҳз ҳамин ҷанбаҳоеро, ки барои ташаккули маърифату фарҳанги экологии шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ заруранд, ҷомеа тавассути тарбия ва таълим муқаррар мекунад.

Таҳсилоти экологӣ дар заминаи консепсияи рушди устувор мақоми низомташаккулдиҳандаи маорифро касб намуда, мақсади стратегӣ ва самтҳои пешбарии онро муайян мекунад. Таҳсилоти экологӣ бояд ҳамчун низоми таҳсилоти муттасил бунёд карда шавад. Таҳсилоти экологӣ дар тамоми марҳилаҳои таълим бояд хусусияти пешгӯикунанда дошта, робитаи таълиму тарбияро ба ҳам пайваста, муассисаҳои таълимиро бо воқеиятҳои ҳаёт наздик намояд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳсилоти экологиро принсипҳое муайян мекунанд, ки ба таҳқиқоти фалсафӣ-методологӣ ва дидактикӣ дар самти таҳсилоти экологӣ мувофиқат кунанд. Ҳангоми таҳияи модел ё амсилаи ташаккули маърифату фарҳанги экологӣ мо ба принсипҳои классикии зерини таҳсилоти экологӣ такя кардем:

1.Принсипи омӯзиши майлу рағбати хонандагон ба табиат ва мусоидат ба рушду инкишофи олами бототу ҳайвонот;

2.Принсипи гуманизатсия ба эътирофи фардияти ҳар як хонанда;

3.Принсипи илмият ва маълумоти боэътимоди таълимӣ оид ба муташаккилии биосфера ҳамчун муҳити ҳаёти инсоният;

4.Принсипи дар хонандагон ташаккул додани ҳисси табиатдӯстӣ, маърифату фарҳанг ва шууру тафаккури экологӣ;

5.Принсипи ифшои мушкилоту масъалаҳои экологӣ – минтақавӣ - шаҳрӣ - маҳаллӣ;

6.Принсипи пешбинӣ кардани муттасилии тамоми унсурҳои сохторӣ ва намудҳои ҷараёни таълим;

7.Принсипи системанокии таҳсилоти экологӣ;

8.Принсипи пешравии фаъолияти инсоният дар дигаргунсозии табиат;

9.Принсипи фароҳам овардани гуманизми экологӣ ва фазои махсуси инсондӯстонаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

10.Принсипи масъулияти иҷтимоии ҷомеа баҳри татбиқи инсоният ва шахсият дар эҷодкорӣ, аз худ кардани донишҳо ва муносибату муошират педагогӣ.

Мавриди ба ёдоварист, ки соли 1995 дар шаҳри Москва Конференсияи чоруми байналмилалӣ оид ба таҳсилоти экологии хонандагон баргузор гардид, ки дар он аҳаммияти масъалаҳои инкишофи таҳсилоти экологии хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифта, роҳу усулҳои ҳалли онҳо ба мақомоти давлатӣ ҳамчун тавсияҳо пешниҳод карда шуд.

Ба ақидаи Добретсова Н.В. «таҳсилоти иловагии экологӣ дар низоми тарбияи экологии кӯдакон ва дар навбати аввал дар ташкили фаъолияти таҳқиқотию амалии хонандагон бояд яке аз ҷойҳои асосиро ишғол намояд» [5, с. 87].

Глазачёв С.Н. масъалаи «гузаронидани курси такмили ихтисоси омӯзгорони биологияро барои педагогҳои экологӣ ба миён гузошт» [4, с. 35].

Дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Инкишофи методикаи таълими биология ва экология дар асри XX, ки соли 2000-ум дар шаҳри Москва баргузор гардид, консепсияи таҳсилоти 12-сола мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар ин конференсия қарор қабул гардид, ки фанни мустақили таълимии «Экология» таҳия ва ба тариқи қонунгузорӣ ба барномаи таълимии хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дохил карда шавад. Тавсия дода шуд, ки ба мазмуни курсҳои боқимондаи биологӣ тамоюли экологӣ дода

шавад. Мутаассифона, танҳо дар ноҳияҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон инноватсияҳои мазкур ба раванди таълиму тарбия ҷорӣ карда шуда, дар ноҳияҳои боқимонда онҳо дар марҳилаи ҷанинӣ боқӣ монданд.

Қобили қайд аст, ки донишҳои мушаххаси экологӣ шакли пешрафтаи пахшкунӣ, ба монанди истифодаи таҷҳизоти видеоӣ, тахтаҳои электронӣ, компютерҳо ва васоити ахбори оммаро талаб мекунанд. Аммо то ҳол аз воситаҳои муосири таълим дар дарсҳо ва дар корҳои беруназсинфӣ танҳо гимназияву литсейҳо имконияти пурраи истифодабариро доранду халос.

Муаллиф таърихи ташаккули таҳсилоти ватании экологиро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки аз солҳои 70-уми асри XX сар карда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо теъдоди зиёди конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ зиёд карда шуданд, балки оид ба ҳалли масъалаҳои экологӣ тавсияву қарорҳо низ қабул гардида, санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ таҳия карда шуда, шуъбаҳо, ҷамъиятҳо ва сохторҳои махсус таъсис ёфта, теъдоди зиёди барномаҳои таълимӣ ва таҳқиқотӣ амалӣ карда шуданд.

Леонтева М.Р., Самотесов Е.Д. дар таҳқиқоти худ қайд карданд, ки бо ташаббуси Коллеҷи Обнинск ва Маркази таҳқиқоти экологӣ «Ҷамъияти таҳсилоти экологии иттиҳодияи байналхалқии ҷамъиятӣ таъсис дода шуд, ки дар кори он зиёда аз 300 гурӯҳҳои минтақавӣ, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ, мутахассисон-экологҳо ва намояндагони ҳаракати сабзи мамлакат иштирок намуданд» [6, с. 5]. Фаъолияти ҷамъияти болобаён бештар ба муттаҳид намудани саъю кӯшишҳои олимон, методистҳо ва омӯзгорон баҳри такмили «таҳсилоти экологӣ» нигаронида шудааст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таҳсилоти экологӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 42) дарҷ гардидааст, ки ҳар як нафар ба муҳити мусоиди атроф, маълумоти боэътимод дар бораи ҳолати он ва ҷуброни зарараре, ки ба саломатӣ ё моликияти ӯ дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқи экологӣ расонида шудааст, ҳуқуқ дорад.

Ба ақидаи муаллиф муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ маърифату фарҳанг ва шуури ҷамъиятиро «сабз» карда метавонад. Тибқи талаботи замони муосир хатмкардаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд дорои сатҳу сифати муайяни маърифату фарҳанг ва тафаккуру шуури экологӣ бошад. Хотиррасон менамоям, ки педагог-омӯзгор, мураббӣ ва роҳбари синф дар ташаккули маърифату фарҳанги экологии хонандагони синфҳои болоӣ нақши назаррас доранд.

Дар рафти таҳқиқот (озмоишҳои педагогӣ, анкетакунонӣ, саволномаҳо) аз ҷониби муаллиф таҳлили консепсияи таълими равиявӣ дар синфхои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, барномаҳои таълимии мактабӣ ва китобҳои дарсӣ гузаронида шуд. Аз рӯйи натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқ муаллиф пешниҳод менамояд, ки вазъи масъалаи ташаккули маърифату фарҳанги экологӣ дар синфҳои болоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Ба ақидаи Мухторзода М.М. «Муносибату муоширати хонандагон бо табиат ҳангоми гузаронидани экскурсияҳои биологию экологӣ, таҷрибаҳои таълимӣ – саҳроӣ, иҷрои супоришҳои тобистонаи хонандагон, гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ва беруназдарсӣ, парваришу нигоҳдории растаниҳою ҳайвонҳо дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб ва амсоли инҳо боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, зебоипарастӣ, масъулиятшиносӣ нисбат ба табиат, ҳифзи муҳити атроф, маърифату фарҳанг ва тафаккуру шуури экологии хонандагон мегардад» [11, с. 22].

Дар барномаи таълимии экология мавзуъҳои тадрисшаванда пайдарпайии мафҳумҳои экологиро тақвият додаанд. Яке аз мафҳумҳои асосие, ки алоқаи ҷамъият ва табиатро ошкор мекунад, мафҳуми ҳифзи табиат мебошад. Роҳу усулҳои азхудкунии донишҳо оид ба ҳифзи табиат дар барномаҳои такмилдодашудаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври васеъ муаррифӣ шуда, аз нуқтаи назари зерин баррасӣ карда мешаванд:

Баррасии донишҳо оид ба ҳифзи табиат, нигоҳ доштани гуногунии биологии намудҳои биосфера, алалхусус намудҳои нодир;

Арзёбии ҳолати воқеии популятсияҳо ва сарфакоронаю самаранок истифода бурдани онҳо аз ҷониби инсоният;

Баррасии донишҳо оид ба ҳифзи табиат, ҳифзи муҳити атроф ва аз ифлосшавӣ эмин доштани онҳо.

Дар мазмуну мундариҷаи барномаи таълимии экология таваҷҷуҳи махсус ба чунин масъалаҳо, азҷумла; таъсири фаъолияти инсон ба табиат ва ҷузъҳои алоҳидаи он, тағйирёбии иқлим, таъсири омили антропогенӣ ба сохтор ё такрористеҳсолии популятсия, саломатӣ ва некӯаҳволии инсон, шинос кардани хонандагони синфҳои болоӣ бо фаъолияти инсон ҳамчун омили тавоное, ки ба табиати зинда таъсир мерасонад ва амсоли инҳо пешбинӣ карда шудааст.

Олимону муҳаққиқон: А.А. Плешаков., Т.С. Сухова., В.В. Пасечник., А.Н. Мягкова дар доираи 4 барномаи таълимии тағйирёбанда оид ба биология соҳиби эътироф гардиданд. Аломату хусусияти асосии барномаи болобаён муносибати экологӣ-таҳаввулӣ дар баёни мавод ё дастгоҳи ягонаи методии китобҳои дарсӣ мебошад. Ҳамаи ин барномаҳо на танҳо ба робитаи пайдарпай, ки якпорчагии курси биологияро таъмин менамоянд, балки ба ташаккули маърифату фарҳанги экологии хонандагони синфҳои болоӣ мусоидат мекунанд.

Дар нимаи дуюми асри XX як қатор лоиҳаю консепсияҳое таҳия карда шуданд, ки мақсад, вазифа ва мазмуни таҳсилоти экологиро дар сатҳи гуногун муайян мекунанд, аз ҷумла: консепсия ва барномаи фаъолият оид ба таҳсилоти экологӣ муаллифон: (И.Д. Зверев, И.Т.Суравегина ва диг.); асосҳои ҷаҳонбинии экологӣ ҳамчун вазифаи маорифи халқ (Д.Н. Кавтарадзе, В.Г. Брудний); ташкил ва рушди таҳсилоти муттасили экологӣ (А.А. Вербитский, С.П. Лвова); барномаи курси таълимии «Экология» барои синфи 9 (Н.М. Чернова., Н.М. Мамедов., И.Т. Суравегина) ва амсоли инҳ[o].

Дар консепсияи таҳсилоти миёнаи умумии экологӣ, ки муаллифони он А.Н. Захлебний., И.Т. Суравегина., Л.П. Салеев ва И.Д. Зверев мебошанд, 3 модел ё амсилаи зерини тағйирёбандаи маводи экологӣ ба нақша ва барномаҳои таълимӣ ворид намуданд:

Модел ё амсилаи бисёрфаннӣ, ки экологикунонии амиқи мазмунро дар мантиқи таҳияи фанҳои анъанавии таълимӣ пешбинӣ мекунад;

Модел ё амсилаи якфанӣ, ки омӯзиши экологияро дар доираи фанни мустақил пешбинӣ мекунад;

Модел ё амсилаи омехта, ки ба ҷорӣ намудани донишҳои экологӣ бо назардошти хусусиятҳои фанҳои анъанавии таълимӣ, инчунин фанҳои мустақили ҳамгирошуда, ки барои ҳар як марҳилаи таълим пешбинӣ шудаанд, нигаронида шудааст.

Ба ақидаи муаллиф, модел ё амсилаи омехта умедбахш мебошад, чунки дар он хусусиятҳои таҳсилоти равиявӣ барои хонандагони синфҳои болоӣ ба назар гирифта шудааст.

Қобили қайд аст, ки таъсири назарррас дар соҳаи ташаккули маърифату фарҳанги экологӣ таҳияи машғулиятҳои факултативӣ (дарсҳои интихобӣ) ба ҳисоб мераванд. Масалан: дар синфи 9 фанни «Мониторинги экологӣ ва ҳифзи табиат», «Гигиенаи мактабӣ ва муҳити атроф», дар синфи 10 – «Экотоксикология ва муҳити атроф», дар синфи 11 – «Инсоният ва экология» пешниҳод карда мешаванд. Машғулиятҳои факултативӣ барои таъмини алоқаи ҷудонашаванда байни омӯзиши назария ва амалия, инчунин ташаккули ҷанбаҳои маърифату фарҳанги экологии хонандагони синфҳои болоӣ пешбинӣ шудаанд, гарчанде ки омӯзгорони ҷавон, айни замон гузаронидани машғулиятҳои факултативиро сарфи назар мекунанд. Аз ин рӯ, дар аксари мавридҳо машғулиятҳои факултативӣ хусусияти расмӣ дошта, натиҷаи пурсамар ба бор намеоранд.

Ба ақидаи экологи замони шуравӣ Реймерс Н.Ф. «баёни асосҳои экология аз нуқтаи назари методологӣ дар синфҳои болоӣ, ба мақсад мувофиқ мебошад» [15, с. 121-161].

Ҳангоми омӯзишу таҳқиқи силсилаи фанҳои биологӣ хонандагони синфҳои болоӣ «маҳдудияти экологӣ»-и оламро дарк мекунанд. Фаҳмидани моҳияти масъалаҳои экологӣ ҷанбаи ахлоқии шахсиятро ғанӣ гардонида, дигаргун месозад. Дар заминаи ин хонандагони синфҳои болоӣ дар руҳияи ҳисси масъулиятшиносӣ ва маърифату фарҳанги экологӣ тарбия

ёфта, бо табиати зинда муносибату муошират дуруст зоҳир намуда онро ба наслҳои оянда ҳамчун мерос месупоранд.

Дар натиҷаи дуруст фаҳмидани мушкилоту масъалаҳои экологӣ роҳҳои нигаҳдории гуногунии биологии мавҷудоти зинда, алалхусус; ҳифзи макони зисти табиӣ (мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, боғҳои миллӣ, фарҳангию фароғатӣ), парвариши сунъии намудҳое, ки қобилияти такрористеҳсолкуниро дар муҳити антропогенӣ қисман ё тамоман гум кардаанд, зиёд кардани теъдоди намудҳои парваришшуда ва ромкардашуда, ташкили системаҳои сунъии экологӣ ва амсоли инҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти педагогӣ ва биологию экологӣ нишон медиҳанд, ки самаранокию азхудкунии мафҳумҳои биологӣ ва сатҳу сифати дониши иҷтимоию экологии хонандагони синфҳои болоӣ баландтар буда метавонанд, агар ташаккул ва инкишофи мафҳумҳои иҷтимоию экологӣ ҳамчун вазифаи махсуси маърифатии фанни таълимӣ муайян карда шаванд.

Адабиёт

1. Верзилин, Н.М. Общая методика преподавания биологии: учебник / Н.М. Верзилин, В.М. Корсунская. — 3-е изд. — Москва: Просвещение, 1976. — С. 120–135.

1. Войткевич, Г.В. Основы учения о биосфере: книга для учащихся / Г.В. Войткевич, В.А. Вронский. — Москва: Просвещение, 1989. — С. 160.

2. Гирусов, Э.В. От экологического знания к экологическому сознанию // Взаимодействие общества и природы: философско-методологические аспекты экологической проблемы / Э.В. Гирусов. — Москва: Наука, 1986. — С. 150.

3. Глазачёв, С.Н. Экология человека: теория и методика экологического образования для устойчивого развития: монография / С.Н. Глазачёв. — Москва: Горизонт, 2009. — С. 45–60.

4. Добрецов, Н.Л. Геодинамика и литосфера Центрально-Азиатского подвижного пояса / Н.Л. Добрецов. — Новосибирск: СО РАН, 2000. — С. 85–102.

5. Леонтьева, М.Р. Экологическое образование в России: проблемы и перспективы / М.Р. Леонтьева, Е.Д. Самотёсов // Биология в школе. — 1994. — № 3. — С. 5.

6. Лихачёв, Д.С. Экология культуры / Д.С. Лихачёв // Памятники Отечества. — 1980. — № 2. — С. 15–18.

7. Мирзоев, С.С. Маҳфили натуралистони ҷавон: дастури методӣ барои омӯзгорону донишҷӯён / С.С. Мирзоев. — Хатлон, 1993. — С. 24–35.

8. Моисеев, Н.Н. «Устойчивое развитие» или «стратегия переходного периода» / Н.Н. Моисеев // Биология в школе. — 1995. — № 4. — С. 5.

9. Моисеев, Н.Н. «Устойчивое развитие» или «стратегия переходного периода» / Н.Н. Моисеев // Биология в школе. — 1995. — № 5. — С. 5.

10. Мухторзода, М.М. Ҷанбаҳои тарбия ва маърифати экологии хонандагону донишҷӯён: васоити таълимӣ-методӣ / М.М. Мухторзода. — Душанбе: Ирфон, 2016. — С. 40–55.

11. Никонорова, Е.В. Эколого-эволюционный подход при изучении многообразия растительного мира / Е.В. Никонорова // Биология в школе. — 1992. — № 1–2. — С. 30.

12. Пономарёва, И.Н. Основные направления реализации непрерывного экологического образования в системе многоуровневого педагогического образования // Подготовка специалиста в области образования. — Санкт-Петербург: Образование, 1994. — С. 73–87.

13. Программно-методические материалы: Экология. 5–11 классы / сост. В.Н. Кузнецов. — Москва: Дрофа, 1999. — С. 160.

14. Реймерс, Н.Ф. Системные основы природопользования // Философские основы глобальной экологии / Н.Ф. Реймерс. — Москва: Наука, 1983. — С. 121–161.

15. Сухомлинский, В.А. Павлышская средняя школа / В.А. Сухомлинский. — Москва: Просвещение, 1979. — С. 393.

ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТУ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии педагогии ташаккули маърифат, фарҳанг ва шуури экологии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ ва таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф омилҳои асосии инсонӣ ва техникиро, ки ба косташавии вазъи экологии муҳити атроф ва пайдоиши буҳронҳои глобалӣ таъсир мерасонанд, муайян намуда, зарурати татбиқи консепсияи рушди устувор ва тарбияи экологии муттасилро асоснок мекунад. Дар мақола афкори педагогӣ ва фалсафии олимони ватаниву хориҷӣ (Н.Н. Моисеев, В.А. Сухомлинский, Д.С. Лихачёв ва дигарон) оид ба нақши муошират бевосита бо табиат дар ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Принсипҳои калидии дидактикӣ ва 10 принсипи педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ, инчунин моделҳои татбиқи донишҳои экологӣ дар раванди таълим (моделҳои бисёрфаннӣ, якфаннӣ ва омехта) ошкор карда шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба аҳаммияти фаъолияти амалии хонандагон, аз ҷумла гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ-таълимӣ, машғулиятҳои факултативӣ ва истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар дарсҳои биология ва экология нигаронида шудааст.

Калидвожаҳо: таҳсилоти экологӣ, фарҳанги экологӣ, маърифати экологӣ, хонандагони синфҳои болоӣ, рушди устувор, алоқаи таълим ва тарбия, муҳити атроф, принсипҳои педагогӣ, амсилаҳои таълимӣ, машғулиятҳои факултативӣ.

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ И КУЛЬТУРЫ УЧАЩИХСЯ СТАРШИХ КЛАССОВ

В статье подробно рассматриваются и анализируются теоретические и практические педагогические аспекты формирования экологической культуры, просвещения и сознания учащихся старших классов среднеобщеобразовательных учреждений. Автор определяет ключевые антропогенные и технические факторы, влияющие на ухудшение экологической ситуации и возникновение глобальных кризисов, обосновывая необходимость реализации концепции устойчивого развития и непрерывного экологического образования. В статье проанализированы педагогические и философские идеи отечественных и зарубежных ученых (Н.Н. Моисеева, В.А. Сухомлинского, Д.С. Лихачёва и др.) о роли непосредственного взаимодействия с природой в формировании нравственных качеств личности.

Раскрыты ключевые дидактические принципы и 10 педагогических принципов формирования экологической культуры, а также модели интеграции экологических знаний в учебный процесс (многопредметная, однопредметная и смешанная). Особое внимание уделено значению практической деятельности учащихся, включая проведение учебно-полевых практик, факультативных занятий и использование современных информационных технологий на уроках биологии и экологии.

Ключевые слова: экологическое образование, экологическая культура, экологическое просвещение, учащихся старших классов, устойчивое развитие, связь обучения и воспитания, окружающая среда, педагогические принципы, модели обучения, факультативные занятия.

PEDAGOGICAL ASPECTS OF FOSTERING ENVIRONMENTAL EDUCATION AND CULTURE AMONG HIGH SCHOOL STUDENTS

The article provides a comprehensive theoretical and practical pedagogical analysis of forming ecological culture, awareness, and consciousness among senior high school students in general educational institutions. The author identifies key anthropogenic and technical factors contributing to environmental degradation and global ecological crises, substantiating the necessity of implementing the sustainable development concept and continuous environmental education. The article analyzes the pedagogical and philosophical ideas of domestic and foreign scholars (N.N.

Moiseev, V.A. Sukhomlinsky, D.S. Likhachev, and others) regarding the role of direct interaction with nature in shaping an individual's moral qualities.

Key didactic principles, 10 pedagogical principles of ecological culture formation, and models for integrating environmental knowledge into the educational process (multidisciplinary, single-subject, and blended models) are outlined. Special attention is paid to the importance of students' practical activities, including educational field practicals, elective courses, and the use of modern information technology in biology and ecology classes.

Keywords: environmental education, ecological culture, ecological awareness, senior high school students, sustainable development, integration of teaching and upbringing, environment, pedagogical principles, educational models, elective courses.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷалилова Мушкиниссо, муаллими калони кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.:987474117

Сведения об авторе: Джалилова Мушкиниссо, старший преподаватель кафедры биологии и методики преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: 987474117

Information about author: Jalilova Mushkinisso, senior lecturer at the department of biology and teaching methods, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street, 16. Tel.: 987474117

Муқарриз: Мухторзода М.М., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:37+373(043) (075;8)
ТКБ:74,261(2-тоҷ)
Ҷ-89

МУҲИТИ КАҶРАВИИ ИҶТИМОЮ ПСИХОЛОГӢ ДАР РУШДУ НУМУИ КӮДАКОНИ БЕПАРАСТОР

Ҷумаев М.Р., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муҳити иҷтимоӣ ба рушди шахсият таъсири назаррас мегузорад. Дар баробари консепсияи Эмил Дюркгейм, бояд ба назари Макс Вебер низ таваҷҷуҳ кард. Вебер робитаи рафтори номатлуб ва шароити зиндагиро таъкид мекунад.

Дюркгейм, бо таҳлили зуҳуроти манфии иҷтимоӣ (аз ҷумла ҷиноятқорӣ, худкушӣ, фоҳишагӣ), ин падидаҳоро бо даврaҳои пур аз тағйироти бузурги таърихӣ (ҷангҳо, буҳронҳои экологӣ, ҳаракатҳои иҷтимоӣ) алоқаманд кард. Ин даврaҳо метавонанд боиси гум кардани самт, нобоварӣ ва парокандагии иҷтимоӣ шаванд.

Ҳамин тариқ, ақидаи марказии Дюркгейм ин аст, ки парокандагии иҷтимоӣ сабаби рафтори номатлуб мебошад [3, с. 86]. «Рафтори каҷравона ба амалҳое ишора мекунад, ки дар шаклҳои гуногун бо меъёрҳои иҷтимоӣ зиддият доранд» [6, с. 2].

Ҳар як намуди каҷравии иҷтимоӣ хусусиятҳои хоси худро дорад.

Назарияи Дюркгейм бо далелҳои воқеии иҷтимоӣ тасдиқ мешавад, ки нишон медиҳанд, чӣ гуна беназоратӣ ва бепарастории иҷтимоӣ алоқаманданд. Ноустувории вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ба сатҳи зиндагии баъзе аз аҳолӣ таъсир расонида, боиси афзоиши бераҳмӣ дар дохили оилаҳо мегардад. Бандура А. бар ин назар аст, ки «таҷовуз натиҷаи раванди нодурусти

иҷтимоишавӣ, аз ҷумла, истифодаи нодурусти ҷазо ва бераҳмӣ нисбат ба кӯдакон аз ҷониби падару модар мебошад» [2, с. 35].

Омӯзиши сабабҳои каҷрафторӣ ба таҳлили мафҳумҳои «ҷиноят» ва «ҷинояткор» равона шудааст. Ҷиноят - ин рафторе мебошад, ки бо кодекси ҷиноӣ манъ шудааст. Фарқиятҳои кодексҳои ҷиноии кишварҳои гуногун имкон медиҳанд, ки дар бораи тафсири нисбии ҷинояткорӣ баҳс кунем. Дар ин контекст, Э. Дюркгейм таъкид мекунад, ки «ҷинояткорӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, хос ба ҳар гуна ҷомеаҳои инсонӣ, дорои хусусияти табиӣ мебошад» [3, с. 230]. Дар асари худ «Қоидаҳои методи ҷомеашиносӣ» Эмил Дюркгейм қайд мекунад, ки агар сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷомеа ба як андозаи муайян ва муқаррарӣ бирасад ва аз он зиёд набошад, он гоҳ ин зуҳурот ҳамчун як падидаи муқаррарӣ баррасӣ мешавад. Ҷомеа тавассути муҷозот намудани ҷинояткорон, таъсири манфии ҷиноятҳоро безарар мегардонад.

Таҳлили ҷомеашиносии каҷравиҳо ба Дюркгейм имкон дод, ки мафҳуми «аномияи иҷтимоӣ»-ро ба илм ворид кунад. Ӯ аномияро ҳамчун давраи буҳрони идеалҳо, меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеа таъриф мекунад. Дюркгейм аномияро бо бемеъёрӣ, вайроншавии низомҳои меъёрӣ ва суст шудани онҳо дар ҷомеа алоқаманд медонад. «Аномия ҳолатест, ки бо парокандагии ҷомеа тавсиф мешавад. Ин ҳолат махсусан дар даврaҳои тағйироти шадиди иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, вақте ки ҷомеа дигар наметавонад ба аъзои худ таъсири муассир расонад». «Ва, дар ҳолате ки аломатҳои пешинӣ вайрон шудаанд, навтаринҳо бо суръат наметавонанд барқарор шаванд... Ҳеҷ касе наметавонад аниқ баён кунад, ки чӣ чиз имконпазир аст ва чӣ на, чӣ одилона аст ва чӣ ғайриодилона. Маҳдудиятҳоро байни талабот ва интизориҳои ҳуқуқии муқаррарӣ ва мунфеъ анҷом додан мушкил аст, аз ин рӯ, ҳама барои таълим кардани худ ҳаққи озодӣ дошта, худро барои даъво кардан барои ҳама чиз қодир меҳисобанд» [2, с. 35].

Консепсияи аномия, ки баъдан аз ҷониби Роберт Мертон таҳия гардид, дар афкори ӯ минбаъд инкишоф ёфт. Мертон чунин мешуморид, ки «Рафтори зиддиҷамъиятӣ танҳо дар сурате миқёси назаррас пайдо мекунад, ки низоми арзишҳои фарҳангӣ, дар ҳақиқат, ба рамзҳои муваффақият, ки барои тамоми аҳолӣ умумӣ мебошанд, аҳаммияти баланд диҳад. Вақте ки низоми иҷтимоии ҷомеа дастрасиро ба воситаҳои муқарраршудаи ноил шудан ба ин рамзҳо барои қисмати зиёди аҳолӣ шадидан маҳдуд мекунад ё онро пурра аз байн мебарад, рафтори зиддиҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд» [5, с. 299].

Мертон каҷравиро ҳамчун натиҷаи номувофиқатӣ байни мақсадҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои иҷтимоии тасдиқшуда барои расидан ба онҳо мефаҳмад. Аз ин рӯ, ӯ намудҳои гуногуни рафторро, ки ба ақидаи ӯ, ҳамзамон намудҳои мутобиқат ба ҷамъият мебошанд, фарқ мекунад.

Намуди аввал – мутобиқат – ҳам ба мақсадҳо, ҳам ба воситаҳо мувофиқат мекунад. Ин ҳолат вақте рух медиҳад, ки мақсадҳои иҷтимоӣ аз ҷониби шаҳрвандони қонунпараст ва давлатдӯст пурра пазируфта мешаванд.

Намуди дуюм – инноватсия – пазируфтани мақсадҳоро дар бар мегирад, аммо рад кардани воситаҳои иҷтимоии тасдиқшудаи расидан ба онҳоро ифода мекунад. Масалан, аъзои қабатҳои пасти ҷамъият, ки мақсади ба даст овардани сарватро доранд, наметавонанд аз воситаҳои муқаррарӣ, ба монанди касби бонуфуз, таҳсилот ё муваффақияти иқтисодӣ истифода баранд. Ин боиси майл ба истифодаи усулҳои ғайриқонунӣ барои расидан ба мақсадҳо мегардад, аз қабили рэкет, қаллобӣ, шантаж ва фурӯши маводи мухаддир.

Ҳамин тариқ, таҳқиқотчиён, бо ҷамъбасти тавсифи номувофиқшавии иҷтимоӣ дар сатҳи эмпирикӣ, норасоии назарраси механизмҳои дохилии назорати рафтор, норасоии системаи арзишҳои худ ва нофаҳмии мотивҳо ва меъёрҳои рафторро қайд мекунанд. Барои кӯдакони номувофиқшуда хос аст: итоатнакунӣ, асабоният, бераҳмӣ, ранҷиш, нозукӣ, бадгумонӣ, тағйири кайфият, ҳассосияти баланд, зуҳури изтироб, ташвиш, парокандагӣ, номуайянӣ, тарсу, эҳсоси худбаҳодиҳии паст ё аз ҳад зиёд, беҳуда ва муқобилат ба ҷаҳон.

Олимон ва амалияпардозон аз афзоиши шумораи кӯдакони беназорат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори нигаронии ҷиддӣ мекунанд. Тибқи маълумоти гуногуни оморӣ, шумораи онҳо зиёда аз 30 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар ин гурӯҳи кӯдакон паҳншавии бемориҳои руҳӣ ва дигар шаклҳои рафтор ва рушди номатлуб мушоҳида мешавад.

Контингенти кӯдакони беназорат аз онҳое, ки аз назорати зарурӣ, таваҷҷуҳ ва ғамхории кофӣ аз ҷониби оила маҳруманд, инчунин аз кӯдаконе, ки дорои нуқсонҳои муайян ҳастанд, ки ба майли онҳо ба оворагардӣ мусоидат мекунанд, иборат аст.

Қисми зиёди кӯдакони беназорат наврасоне мебошанд, ки рафтори номатлуб доранд, машрубот ва маводи нашъаовар истеъмол мекунанд ва ҷиноят содир мекунанд. Беназоратӣ дар синни наврасӣ аксар вақт аввалин қадам ба сӯйи бепарастории мегардад ва раванди муътадили иҷтимоишавиро вайрон мекунад.

Беназоратии наврасон яке аз мушкилоти шадиди иҷтимоӣ-педагогӣ аст, ки ба оила ва ҷомеа дар маҷмуъ таъсир мерасонад. Таҳлили сабабҳои афзоиши он нишон медиҳад, ки решаи мушкилот пеш аз ҳама дар оила: муҳити бадахлоқӣ, ки дар майзадагӣ, ҷангу ҷанҷол зоҳир мешавад; бетаваҷҷуҳии тулонии волидайн ба шавқу ҳавас ва мушкилоти кӯдаки ба воярасида; ҷалб кардани наврас аз ҷониби волидайн ба истеъмоли машрубот ва маводи нашъаовар мебошад. Илова бар ин, бетаваҷҷуҳӣ ба ташкил ва гузаронидани кори пешгирикунанда аз ҷониби муассисаҳои иҷтимоӣ ва хадамот дар маҳалли зист вазъиятро боз ҳам бадтар мекунад.

Бо дарназардошти аҳаммияти пешгирӣ, мутахассисон аз соҳаҳои гуногуни илм ин мушкилотро аз ҷиҳатҳои гуногун баррасӣ мекунанд. Дар таҳқиқоти илмӣ заминаҳо барои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала ташаккул ёфтаанд: усулҳои умумӣ барои баркарорсозии кӯдакон ва наврасони беназорат, пешгирӣ ва ташхиси барвақтии сабабҳои беназоратӣ, робитаи байни ҷанбаҳои тиббӣ, равонӣ ва педагогӣ дар кор бо ин категория, инчунин худмуайянкунии касбӣ ҳамчун воситаи дастгирӣ ва кумак таҳлил карда мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус ба ҳамкории шарикони гуногуни иҷтимоӣ дар кор бо оила ва кӯдакони беназорат дода мешавад.

Беназоратӣ ва бепарастории кӯдакону наврасон метавонанд бо сабабҳои гуногун ба вуҷуд оянд, аммо натиҷа яктост: ба кӯдакон ва наврасони ноболиғ ҳар ҷое, ки рост ояд (дар истгоҳҳои роҳи оҳан, дар таҳхонаҳо ва ғайра) зиндагӣ карда (дурусттараш, арзи ҳастӣ карда), имконияти истеъмоли ғизои хуб ва гирифтани таҳсилоти заруриро надошта бошанд, ки дар шароити муосир равоннопазир мебошад. Гирифтани таҳсилот бояд ҳамчун иҷрои қарзи шаҳрвандӣ бо тамоми паёмадҳои аз ин постулат барояндаи ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шавад. Низоми таҳсилот, ба ақидаи А.А. Козлов, «бояд мувофиқи талаботи мазкур бар асоси хусусиятҳои таълимгирандгон бунёд карда шавад, ки ба туфайли он имкон дорад ба беҳтаргардии сифати таҳсилотгирифтагӣ дар чаҳорчӯби ҷомеаи муосир мусоидат карда шуда, инчунин, барои ҳалли масъалаи беназоратӣ ва бепарастории шароит фароҳам оварда шавад» [4, с. 8].

В.М. Шакурова дар китоби худ «Методика ва технологияи кори педагоги иҷтимоӣ» пешгирии иҷтимоӣ – педагогиро ҳамчун «низоми чораҳо, тарбияи иҷтимоӣ, ки ба фароҳам овардани вазъияти мувофиқи иҷтимоӣ барои рушди кӯдакон ва наврасон нигаронида шуда, ба зуҳуроти намудҳои гуногуни фаъолнокии он мусоидат мекунанд» меҳисобад [12, с. 34].

Дар амалияи педагогӣ – иҷтимоӣ технологияи мазкур васеъ паҳн шудааст, зеро фаъолияти пешгирии педагоги иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки ташхис гузаронида шуда, кӯдакони гурӯҳи хавф бо шаклҳои гуногуни бадрафторӣ равонӣ ва иҷтимоӣ ошкор карда шавад, ки дар рафтори ба меъёрҳо ва талаботи муҳити наздиктарин номувофиқ ифода ёфтааст.

Амалисозии вазифаи пешгирӣ аз ҷониби педагоги иҷтимоӣ самарабахштар аст, агар ӯ диққати асосиро ба ташаккули сифатҳои мусбат дар тарбиягиранда равона карда, ба худмуайянкунӣ ва худтарбиякунии кӯдакон мусоидат намояд. Такя ба некбинии мусбат ва педагогӣ принсипи асосии истифодаи технологияҳои пешгирӣ мебошад [13, с. 200].

Се сатҳи пешгирии иҷтимоиро фарқгузорӣ мекунанд:

1. Сатҳи умумииҷтимоӣ (пешгирии умумӣ) фаъолияти давлат, ҷомеа, ниҳодҳои онҳоро, ки ба ҳалли зиддиятҳо дар соҳаи иқтисод, ҳаёти иҷтимоӣ, дар соҳаи ахлоқӣ – маънавӣ ва ғайра нигаронида шудаанд, пешбинӣ менамояд. Он аз ҷониби мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, созмонҳои ҷамъиятие амалӣ карда мешавад, ки барои онҳо вазифаи пешгирии ҷиноятқорӣ вазифаи асосӣ ё касбӣ намебошад;
2. Сатҳи махсус (пешгирии иҷтимоӣ – педагогӣ) аз таъсири мақсаднок ба омилҳои манфии вобаста ба намудҳои алоҳидаи каҷравиҳо ё мушкилот иборат аст. Бартараф ё безарар гардонидани

сабабҳои чунин каҷравиҳо дар ҷараёни фаъолияти субъектҳои дахлдор, ки вазифаи пешгирӣ барои онҳо касбӣ мебошад, амалӣ карда мешавад;

3. Сатҳи инфиродӣ (пешгирии инфиродӣ) фаъолияти пешгирӣ нисбат ба шахсони мушаххас мебошад, ки рафторашон хусусиятҳои каҷравӣ ё мушкилот дорад.

Вобаста аз марҳилаи рушди мушкилот, пешгирӣ метавонад якчанд намуд бошад: пешгирии барвақтӣ, пешгирии мустақим ва ғайра [12, с. 53].

Пешгирии иҷтимоӣ – педагогиро ҳамчун фаъолияти бошуурона ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муташаккил баррасӣ намуда, марҳилаҳои пайдарпайи асосии онро фарқгузорӣ кардан мумкин аст [13, с. 200]:

1. Марҳилаи огоҳкунӣ, ки вазифаи асосии он қабули чораҳое мебошад, ки дар шахс низоми арзишҳо, ниёзҳо ва тасаввуроти мақбули ҷомеаро ташаккул медиҳанд. Ин ба ӯ имкон медиҳад, ки аз чунин шаклҳои рафтор ва фаъолиятҳое, ки метавонанд раванди зиндагии худ ва атрофи наздиктаринашро мураккаб созанд, ҷилавгирӣ кунад. Ҳамин тавр, падару модар фарзандашонро дар самти инсондӯстӣ тарбия карда, барои ташаккули доираи васеъ ва пуразиши муошират, имкониятҳои ба осонӣ бо мардум наздик шудан ва барпо намудани низоми муассири ҳамкорӣ бо онҳо дар ӯ замина мегузоранд;

2. Марҳилаи пешгирӣ – ба андешидани чораҳои саривақтӣ ва муассир оид ба пешгирӣ кардани бавуҷудоии ҳолате, ки дар пайи худ мураккабшавии раванди фаъолияти ҳаётии субъектро дорад, нигаронида шудааст. Ҳамин тавр, бо таълим додани қоидаҳои рафтор дар роҳ ба кӯдакон, падару модар, муассисаи таҳсилот ва ҷомеа метавонанд хавфи ба садамаи нақлиётӣ дучор шудани ӯро хеле коҳиш диҳанд;

3. Марҳилаи ҷилавгирӣ – бо истифода аз усулҳои мақбули иҷтимоӣ, бастани шаклҳои фаъолият ва рафтори субъект, ки метавонанд оқибатҳои манфӣ барои ӯ ва муҳити наздики ӯ ва ҳам барои тамоми ҷомеа ба бор оранд. Маҳз ба ҳалли ҳамин вазифа низоми таҳримоти қонунгузорӣ, ахлоқӣ, – маънавӣ, педагогӣ, маъмурӣ ва дигари дар ҳар гуна ҷомеа мавҷуда, ки барои содир кардани амалҳои муайян ҷазо медиҳанд ё такрори онҳоро иҷозат намедиҳанд, нигаронида шудааст.

Таъсири иҷтимоии истифодаи ин усулҳои пешгирии иҷтимоӣ дар амал, агар онҳо ҳамаҷониба истифода шаванд, яъне зимни таҳия ва татбиқи низоми тадбирҳои иҷтимоӣ – пешгирӣ, ба таври назаррас баландтар хоҳад шуд. Вобаста аз он ки ин чорабиниҳо кадом мақсадҳоро пеш хоҳанд гирифт, намудҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Безарарсозанда, ки ба ҷилавгирии ягон хел тамоюлҳо, имкониятҳо ва ғайра (масалан, боздошт ва ҷудокунии муваққатӣ) нигаронида шудаанд;

2. Ҷубронӣ, ки ҳадафи он ҷуброни зарари ҷабрдида мебошад (таъйин ва пардохти нафақа барои корношоямӣ барои кор, барои гум кардани саробон);

3. Пешгирикунанда, ки ба рух надодани ҳолатҳое, ки ба каҷравиҳои иҷтимоӣ ё шахсиятӣ мусоидат мекунанд (кашида гирифтани кӯдак аз оилае, ки тарзи каҷрафторонаи (девиантии) ҳаётро пеш мебарад), имкон медиҳанд;

4. Бартарафкунанда, ки ба бартараф намудани чунин ҳолатҳо нигаронида шудааст (ҷойгир кардани кӯдак ба хонаи кӯдакон ё муқаррар намудани васоят);

5. Назораткунанда, ки ба мушоҳидаи минбаъдаи самаранокии чорабиниҳои иҷтимоӣ – пешгирӣ мусоидат мекунанд.

Тамоюли пешравандаи афзоиши бетанаффуси падидаҳои гуногуни номусоид дар байни насли наврас (бепарастorӣ, беназоратӣ ва ғ.) дар назди ҷомеа ба сифати яке аз вазифаҳои асосӣ зарурати тамаркуз додани саъю талошҳоро мегузорад, ки на танҳо ба муборизаи бо оқибатҳои каҷравиҳо аз меъёрҳои рушди иҷтимоии ноболиғон, балки, асосан, ба пешгирии онҳо, яъне ба бартараф кардани сабабҳо ва шароитҳои асосие нигаронида шудаанд, ки мустақиман ё ғайримустақим ба кирдорҳо ва амалҳои марди ҷавон таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳамзамон, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, аҳаммияти иҷтимоии чорабиниҳои пешгирӣ самараноктар мегардад, агар онҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бар назардошти ҳамаҷонибаи амали муштараки омилҳои объективӣ ва субъективие асос ёбанд, ки рафтори шахсро дар вазъияти аллакай мавҷуда ё имконпазир, пешбинишаванда муайян мекунанд.

Муваффақияти чорабиниҳои иҷтимоӣ – педагогии пешгирӣ аз бисёр ҷиҳат бо он муайян мешавад, ки дар кадом асосҳои принсипиалӣ ин фаъолият бунёд мешавад. Ҳамкории муассисаи таҳсилот ва оила бояд ба эътимод ва эҳтироми тарафайн, дастгирӣ ва кумаки якдигар, сабр ва таҳаммулпазирӣ нисбат ба якдигар асос ёбад. Ин ба омӯзгорон ва падару модар кумак мекунад, ки кӯшишҳои худро дар фароҳам овардани шароит барои дар кӯдак ташаккул додани он сифатҳо ва хислатҳои барои худмуайянкунӣ ва худшиносии ӯ зарурӣ равона созанд.

Ҳамкории муассисаи таҳсилот ва оила натиҷаи кори мақсаднок ва дарозмуддат мебошад, ки пеш аз ҳама омӯзиши ҳамаҷониба ва мунтазами оила, донистани хусусиятҳо ва шароити тарбияи оилавии кӯдак, инчунин, ошкоро будани оиларо ба таъсири педагогӣ дар ҳолати мушкилоти муайяншуда пешбинӣ менамояд.

Бо дарназардошти муҳиммияти пешгирӣ, зарур аст ба сатҳи корҳои пешгирӣ: ибтидоӣ, дуюмин, сеюмин диққат дода шавад. Пешгирии ибтидоӣ маҷмуи чорабиниҳои иҷтимоӣ, психологӣ, таҳсилотӣ ва тарбиявиро, ки паҳншавии падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнокро дар байни кӯдакон ва наврасон пешгирӣ мекунанд, дар бар мегирад. Пешгирии дуюм маҷмуи чорабиниҳои иҷтимоӣ – офиятбахшӣ, таҳсилотӣ, тарбиявӣ, тиббӣ – психологиро, ки зуҳуроти такрории мушкилотро пешгирӣ мекунанд, дар бар мегирад. Зери пешгирии сеюм маҷмуи чорабиниҳои офиятбахшии иҷтимоӣ, таҳсилотӣ ва тиббӣ – психологӣ, ки ба пешгирии вайронкуниҳо ва такрорёбиҳо нигаронида шудаанд, фаҳмида мешавад.

Кӯдакони беназорат ба барқарор кардани робитаҳои гумшуда бо оила ва муассисаи таҳсилот ниёз доранд. Ин корро педагогҳои иҷтимоӣ, педагогҳо – психологҳо, омӯзгорон ва маъмурияти мактабҳо иҷро мекунанд.

Шакли самарабахши кор барои барқарор кардани робита бо муассисаи таҳсилот ва оила – ташкили кумак ва дастгирии педагогӣ ва психологӣ барои кӯдак ё оила (машваратдиҳӣ, муносибати инфиродӣ ба таълим ва тарбияи фарзанд, таълими падару модари дорои хусусияти ҳуқуқидошта ва ғайра) мебошад. Фаъолияти муштараки омӯзгорон, падару модар ва фарзандон дар сурате муваффақ мешавад, ки агар ҳама ба таври мусбат ба ҳамкорӣ майл дошта, якҷоя амал карда, банақшагирии муштаракро анҷом дода, натиҷаҳои фаъолиятро ҷамъбаст кунанд. Самтҳои кори муассисаи таҳсилот оид ба пешгирии беназоратӣ гуногунҷабҳа мебошанд.

Кор бо оила ташхиси муносибатҳои фарзандон – падару модар, навъи оила, расонидани намудҳои гуногуни кумак ва дастгирӣ ба оила ва робитаи доимии муассисаи таҳсилотро бо оила дар бар мегирад. Бо кӯдак ташхис ва омӯзиши хусусиятҳои шахсиятии фард, ташкили «вазъияти муваффақият», кумак ва дастгирии педагогӣ, реҷаи шиддатноки таълим гузаронида мешавад. Худи ҳамин гуна кор бо ҳайати омӯзгорони муассисаи таҳсилот зарур буда, ба баланд бардоштани фарҳанги педагогии падару модарон мусоидат менамояд.

Мустаева Ф.А. пешниҳод мекунад, ки пешгирии беназоратӣ самарабахш хоҳад буд, агар барои муваффақияти кӯдак дар фаъолияти таълимӣ шароит ва аз ҷиҳати эҳсосот низоми мусбати муносибатҳо бо ҳамсолон, падару модар, омӯзгорон шароит фароҳам оварда шавад.

Барои пешгирии беназоратӣ дар муассисаи таҳсилот кори мақсаднок бо падару модар ҳам дар шакли гурӯҳӣ, ҳам дар шакли инфиродӣ зарур аст. Ба шаклҳои инфиродӣ суҳбатҳо бо падару модар, тавсияҳо ва машваратҳо оид ба тарбия ва таълими кӯдак, ташриф ба оиларо нисбат додан мумкин аст, ки имкон медиҳанд шароити зиндагии кӯдак хубтар дониста шавад; ва баъзан барои беҳтар кардани онҳо чораҳои муайян андешида шаванд. Педагоги иҷтимоӣ бояд ҳамеша дар паҳлуи кӯдак буда, бояд саъй намояд, ки кӯдаки беназоратро ба муҳити атроф мутобиқ накунад, балки ба ӯ кумак кунад, ки худаш бо талафоти ҳадди ақал ба он мутобиқ шавад.

Педагоги иҷтимоӣ метавонад дар доираи фаъолияти касбӣ аз усулҳои гуногуни кор, ки шахсияти кӯдакро инкишоф медиҳанд, истифода барад. Чунин усулҳо метавонанд: усули боваркунонӣ, усули мушоҳида, суҳбат, назарсанҷӣ, пурсиш, машварат, тренинг, бозӣ, санҷиши тестӣ бошанд.

Ба педагоги иҷтимоӣ зарур аст, ки хусусиятҳо ва сатҳи тарбиягирифтагии наврасонро ба инобат гирад, зеро дар асоси хусусиятҳои психологии наврас педагоги иҷтимоӣ усулҳои муайяни корро бо ӯ истифода мебарад.

Барои самаранокии раванди ҳамкории иҷтимоии педагоги иҷтимоӣ бо наврасони бепарастор ва беназорат: комиссияҳо оид ба корҳои ноболиғон ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҷумҳурӣ ташкил карда шудаанд, мақомоти идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти идоракунии маориф, мақомоти васоят ва парастории, мақомоти кор бо ҷавонон, мақомоти тандурустӣ, мақомоти шуғли аҳолӣ, мақомоти корҳои дохилиро ҷалб кардан зарур аст.

Ба самти пешгирии фаъолияти иҷтимоӣ – педагогӣ бо кӯдакони бепарастор ва беназорат Л.П. Кузнетсова: кор барои ташкили муҳити мусоиди тарбия ва муошират; ислоҳи саривақтии муносибатҳои оилавӣ; ҷустуҷӯйи шаклҳои шуғли кӯдакон дар вақти холӣ; ҷустуҷӯйи шаклҳои саробонии кӯдакон дар давраи шуғли объективии падару модар ва аъзои оила; сабти номи кӯдакон дар бақайдгирии иҷтимоӣ – педагогӣ; сарпарастии кӯдакони алоҳидаро дохил мекунад.

Шахсияти навраси бепарасторро мавриди баррасӣ қарор дода, С.К. Стаменов, Л.А. Сморгунова, А.Р. Ратинов, Д.И. Фелдштейн ва дигарон қайд мекунанд, ки дар натиҷаи таъсири микромуҳити манфӣ дар наврас вайроншавии меъёрҳои мусбат, арзишҳо ба амал омада, бар бадали онҳо меъёрҳо ва шаклҳои зиддиҷамъиятии рафтор азхуд карда мешаванд. Омили муҳимми ташаккули шахсияти ғайрииҷтимоӣ нигаронидашуда, инчунин низоми меъёрҳо ва арзишҳое мебошанд, ки имрӯз дар ҷомеаи мо ҳукмрон мебошанд.

Дар таҳқиқи худ А.С. Беличева шаклҳои зуҳуроти вайроншавии раванди иҷтимоишавиро чунин нишон медиҳад: носозгории иҷтимоии фард, яъне ҷавобгӯ набудани рафтори ӯ ба меъёрҳои ҷамъият мебошад, ки дар качравиҳои гуногуни иҷтимоии навъи бадрафторона, иҷтимоӣ – ғайрифаъол зоҳир мешавад; шаклҳои соддагӣ, камолнаёфтагии иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи «шароити гармхонаӣ»-и тарбия ба вуҷуд меоянд; вайроншавии меъёрҳои маънавиёт. Ташаккули шахсият дар ҳолати мазкур метавонад зери таъсири субфарҳангҳои гуногуни зиддииҷтимоӣ бо меъёрҳо ва арзишҳои худ, ки дорои хусусияти зиддииҷтимоӣ мебошанд, ҷараён гирад.

Омили муҳимтарини бепарасторӣ ва беназоратии кӯдакону наврасон шароити номусоиди тарбияи оилавӣ мебошад.

Таҳқиқоте, ки аз ҷониби олимони ватанӣ гузаронда мешаванд, имкон медиҳанд амсилаи оилаи падару модаре, ки дар он фарзандон ба роҳи рафтори ғайриҷамъиятӣ қадам мегузоранд, муайян карда шавад, ки инҳо мебошанд:

- мавҷуд будани бекорон дар оила;
- сатҳи пасти некӯаҳволӣ;
- муносибатҳои ғайрисозандаи мутақобила байни аъзои оила;
- издивоҷи бесубот ё падару модар аз ҳам ҷудо шудаанд;
- робитаҳои зуд - зуди иҷтимоии аъзои оила бо интиқолдиҳандаҳои шаклҳои ғайрииҷтимоии рафтор;
- мавҷуд будани аъзои бо рафтори зиддиҷамъиятӣ дар оила.

Омили муҳимтарини беназоратии ноболиғон шароити тарбияи мактабӣ мебошад. Муассисаи таҳсилот ҳамчун муҳити иҷтимоӣ метавонад рафтори гуногуни кӯдакро ба таҳрик орад. Ҳамчун омилҳои ташаккули рафтори иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, низоми муносибатҳо, маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, хеле муҳим аст, ки дар муассисаи таҳсилотӣ шароите, ки рушди муътадили хонанда, аз ҷумла, риояи ҳуқуқҳо, дастрасии ӯро ба таҳсилоти босифат таъмин мекунанд, фароҳам оварда шаванд.

Беназоратии кӯдакон ва наврасон мушкилоти мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ буда, ба раванди иҷтимоишавии наслҳои ҷавон таъсири назаррас мерасонад. Он дар суст шудани назорати волидайн зоҳир мешавад.

Адабиёт:

1. Афанасьев, В.С. Эволюция концепции аномии в социологии девиантного поведения / В.С. Афанасьев // Рубеж: альманах социальных исследований. – 1992. – № 2. – С. 69–82.

2. Бандура, А. Подростковая агрессия / А. Бандура, Р. Уолтерс. – М.: Апрель Пресс: Эксмо-Пресс, 1999. – 512 с.

3. Дюркгейм, Э. Норма и патология / Э. Дюркгейм // Рубеж: альманах социальных исследований. – 1992. – № 2. – С. 86–89.

4. Козлов, А.А. Молодые патриоты и граждане новой России: социологический очерк / А.А. Козлов. – СПб.: ЭлекСис, 1999. – 212 с.

5. Кочян, В.Н. Аномия в системе вертикальных социальных перемещений подрастающего поколения / В.Н. Кочян // Научные проблемы гуманитарных исследований. – 2009. – № 11. – С. 96–100.

6. Мертон, Р.К. Социальная структура и аномия / Р.К. Мертон // Социологические исследования. – 1992. – № 2. – С. 2–14.

7. Социологический энциклопедический словарь / под ред. Г.В. Осипова. – М.: Норма: Инфра-М, 2000. – 488 с.

8. Терехина, В.В. Безнадзорным детям – особое внимание / В.В. Терехина // Социальное обеспечение. – 2002. – № 5. – С. 18–22.

9. Трудный подросток: причины и следствия / под ред. Г.А. Уманова. – Алма-Ата: Казахстан, 1990. – 243 с.

10.Фатеев, И.В. Факторы, влияющие на возникновение делинквентного поведения подростков / И.В. Фатеев // Теория и практика общественного развития. – 2009. – № 3–4. – С. 166–169.

11.Хибатова, А.А. Анализ проблем безнадзорности и правонарушений несовершеннолетних в научной литературе / А.А. Хибатова // Психология, социология и педагогика. – 2018. – № 6. – URL: https://psychology.snauka.ru/2018/06/8615 (дата обращения: 29.03.2021).

12.Шакурова, М.В. Методика и технология работы социального педагога / М.В. Шакурова. – М.: Академия, 2002. – 272 с.

13.Шептенко, П.А. Технология работы социального педагога общеобразовательного учреждения / П.А. Шептенко, Е.Н. Дронова, Л.Н. Гиенко. – М.: Флинта, 2013. – 200 с. – ISBN 978-5-9765-1686-1.

14.Уилсон, Э. О природе человека / Э. Уилсон. – М.: Кучково поле, 2015. – 352 с.

15.Toepel, A. Zur Entwicklung von Sozialisationstheorien in der bürgerlichen Soziologie der USA / A. Toepel // Deutsche Zeitschrift für Philosophie. – 1979. – Jg. 27, H. 6. – S. 721–730.

МУҲИТИ КАҶРАВИИ ИҶТИМОЮ ПСИХОЛОГӢ ДАР РУШДУ НУМУИ КӮДАКОНИ БЕПАРАСТОР

Муҳити иҷтимоӣ ба рушди шахсият таъсири назаррас мегузорад. Дар баробари консепсияи Эмил Дюркгейм, бояд ба назари Макс Вебер низ таваҷҷуҳ кард. Вебер робитаи рафтори номатлуб ва шароити зиндагиро таъкид мекунад.

Дюркгейм, бо таҳлили зуҳуроти манфии иҷтимоӣ (аз ҷумла ҷиноятқорӣ, худкушӣ, фоҳишагӣ), ин падидаҳоро бо даврaҳои пур аз тағйироти бузурги таърихӣ (ҷангҳо, буҳронҳои экологӣ, ҳаракатҳои иҷтимоӣ) алоқаманд кард. Ин даврaҳо метавонанд боиси гум кардани самт, нобоварӣ ва парокандагии иҷтимоӣ шаванд.

Беназоратии кӯдакон ва наврасон мушкилоти мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ буда, ба раванди иҷтимоишавии наслҳои ҷавон таъсири назаррас мерасонад. Он дар суст шудани назорати волидайн зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, хеле муҳим аст, ки дар муассисаи таҳсилот шароите, ки рушди муътадили хонанда, аз ҷумла, риояи ҳуқуқҳо, дастрасии ӯро ба таҳсилоти босифат таъмин мекунанд, фароҳам оварда шаванд.

Калидвожаҳо: ақида, рафтор, номатлуб, меъёр, муҳит, иҷтимоӣ, шакл, давра, каҷрафтор, кӯдак

СОЦИАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ ОТКЛОНЕННАЯ СРЕДА В РАЗВИТИИ И ВЫРАСТАНИИ ДЕТЕЙ БЕСПРИЗОРНЫХ

Социальная среда заметно влияет на личность. На равне с консепцияей Эмиля Дюркгейма, должены опираться на идеи Макса Вебера. Вебер подчёркивает отношение в нежелательной поведение и жизненой условии.

Дюркгейм, с анализом социально-отрицательных явлений (в том, числе приступность, самоубийство, проституция), сязывал эти явления с периодом огромной исторических изменений (войны, экологический кризис, социальное движение). Эти периоды являются причиной исчезновение этих недоверчевых направлений и социальной рассеяности.

Беспризорность детей и подростков является социально-педагогической трудностей и сложностью, которое сильно влияет на социализации подростающего поколения. Оно влияет на слабое отношение родителей. Поэтому важно в учебных учреждениях создать такие условия, которые повлияло на развитие и формирование ребенка, в том числе соблюдая право, его возможности к качественному обучению.

Ключевые слова: мнение, поведение, нежелание, соотношение, среда, социальный, форма, период, отклонение, ребенок.

THE SOCIO-PSYCHOLOGICAL DEVIANT ENVIRONMENT IN THE DEVELOPMENT AND UPBRINGING OF STREET CHILDREN

The social environment has a significant impact on personality. Alongside Émile Durkheim's concept, we should also rely on the ideas of Max Weber. Weber emphasizes the relationship between undesirable behavior and living conditions.

Durkheim, in his analysis of socially negative phenomena (including crime, suicide, and prostitution), linked these phenomena to periods of major historical changes (wars, ecological crises, social movements). These periods cause the disappearance of trusted guidelines and result in social disorganization (anomie).

Child and adolescent homelessness represents a serious socio-pedagogical problem and challenge that strongly affects the socialization of the younger generation. It is influenced by weak parental relationships. Therefore, it is important to create conditions in educational institutions that positively influence the development and formation of the child, including ensuring their rights and opportunities for quality education.

Keywords: opinion, behavior, undesirable, relation(ship), environment, social, form, period, deviation, child

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷумаев Муҳиддин Раҳмоналиевич, ассистенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамоати деҳоти Кӯлоб, деҳаи Ҳакимобод. Тел.: (+992) 988-40-41-38.

Сведения об авторе: Джумаев Мухиддин Рахмоналиевич, ассисент кафедры психологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, село Хакимобод. Тел.: (+992) 988-40-41-38.

Information about the author: Jumaev Mukhiddin Rakhmonalievich, assistant at the department of psychology, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Khakimobad village. Telephone: (+992) 988-40-41-38.

Муқарриз: Исоева Д.С., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ 004:37.091.33.159.95

НАҚШИ БАРНОМАСОЗӢ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ТАФАККУРИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОН

Шамсуллои Н., муаллими калон
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар н. Данғара

Дар шароити имрӯза омӯзиши барномасозӣ на танҳо ба азхудкунии малакаҳои техникӣ равона гардидааст, балки инчунин ба инкишофи тафаккури мантиқӣ, алгоритмӣ ва таҳлилӣ дар хонандагон мусоидат мекунад. Зеро раванди омӯзиши барномасозии кор бо алгоритмҳо, пайдарпайии мантиқии сохтани ҳаллу фасли масъалаҳо ва истифодаи тафаккури абстактиро дар бар мегирад, ки ин қобилиятҳои таҳлил, ҷамъбаст ва ҳалли мушкилотро ба таври назаррас рушд медиҳад. Ин натиҷаҳо ҳам дар таҳқиқоти педагогии ватанӣ ва ҳам дар нашрияҳои байналмиллалӣ оид ба таълими информатика тасдиқ ёфтаанд.

Дар таҳқиқи В.Е. Жужжалова таъкид мешавад, ки барномасозӣ дар сохтори информатика ҳамчун илм мавқеи марказӣ дорад, зеро маҳз дар ин соҳа ҷанбаҳои муҳандисии таҳия ва такмили алгоритмҳо бо назардошти маҳдудиятҳои фазоиву замонӣ ва тамоми марҳилаҳои давраи ҳаётии маҳсулоти нармафзор амалӣ мегарданд. Ин равиш имконият медиҳад, ки барномасозӣ на танҳо ҳамчун фанни техникӣ, балки ҳамчун воситаи муҳимми рушди малакаҳои маърифати омӯзандагон аз ҷумла тафаккури мантиқӣ, қобиляти таҳлил ва ба низом даровардани иттилоот баррасӣ карда шавад. Хусусан дар омодасозии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ чунин нақш аҳаммияти хос дорад, зеро тафаккури мантиқӣ ва алгоритмсозӣ пояи асосии салоҳияти касбии онҳо ба шумор меравад [4].

Таҳқиқи алгоритмҳо ва асосҳои барномасозӣ дар курси информатика дар ҳар сатҳи таълим, аз ҷумла дар донишгоҳ, яке аз воситаҳои асосии рушди тафаккури мантиқии омӯзандагон ба ҳисоб меравад. Тафаккури алгоритмӣ дар илмҳои педагогӣ ҳамчун маҷмуи амалҳо ва равишҳои маърифатӣ тавсиф мешавад, ки ба сохтани сохтори равшан ва пайдарпайи ҳалли масъалаҳо равона шудаанд. Ин қобилият заминаи фаъолияти муваффақ дар муҳити рақамӣ ва ташаккули салоҳияти рақамии хонандагон мебошад [7].

Ин намуди тафаккур ба таври худкор ҳангоми таваллуд ба инсон дода намешавад, балки дар раванди таълим ва омӯзиши мақсаднок, хусусан тавассути кор бо алгоритмҳо ва барномасозӣ, ташаккул меёбад.

Тадқиқот нишон медиҳанд, ки омӯзиши барномасозӣ тавассути гузоштани масъалаҳои проблемавӣ ва лоиҳавӣ рушд мекунад, ки дар онҳо омӯзандагон мустақилона стратегияи ҳалли масъалаҳоро муайян намуда, онро тавассути алгоритмҳо амалӣ мекунанд. Ин равиш рушди тафаккури мантиқӣ ва системивиро ба таври фаъолона тақвият мебахшад, зеро хонандагон меомӯзанд, ки масъалаҳоро таҳлил кунанд, онро ба қисмҳо тақсим намоянд, пайдарпайии қадамҳоро муайян намоянд ва дурустии ҳалли худро санҷанд, ки ин асоси тафаккури мантиқӣ мебошад.

Тафаккури мантиқӣ ва алгоритмӣ бо дақиқӣ, равшанӣ ва сохтормандӣ тавсиф мешавад, ки онро ба фаъолияти назариявӣ ва таҳлили мантиқӣ наздик мегардонад. Дар таҳқиқоти педагогӣ таъкид мешавад, ки чунин тафаккур на танҳо ба соҳаи маҳдуди техникии барномасозӣ маҳдуд намешавад, балки ҳамчун воситаи маърифатии универсалӣ барои ҳалли масъалаҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ истифода мешавад. Заминаи тафаккури алгоритмӣ қобилияти таҳия кардани ҳалли пайдарпайи қадам ба қадам мебошад ва мафҳуми «алгоритм» қабл аз пайдоиши аввалин компютерҳо дар риёзиёт ва мантиқ вуҷуд дошт, ки дар онҳо алгоритмҳо барои тавсиф ва ҳалли масъалаҳо истифода мешуданд. Ин нишон медиҳад, ки инсон ҳангоми ҳалли аксар масъалаҳо ба як дараҷа ё дигар усули алгоритмиро истифода мебарад, ҳатто агар баъзе марҳилаҳои раванди ҳалли масъала баъзан интуитивӣ ва на расмӣ иҷро шаванд [7].

Тафаккури фаврӣ равандест барои ҳалли масъалаҳои амалӣ, ки дар натиҷа дар шахс модели фикри маҷмуи амалҳои пешниҳодшуда ва нақшаи амалиёт бо объектҳо ва равандҳои воқеиро ба вуҷуд меорад.

Хусусиятҳои тафаккури фаврӣ ба мафҳуми фикркунии алгоритмӣ ё мантиқӣ низ таъсир мерасонанд. Аз ҷумла, ҷанбаи амалӣ ва самараноки он аз хусусиятҳои асосӣ иборат мебошад. Ҳангоми истифодаи фикркунии фаврӣ дар ҳалли масъалаҳои гуногун, донишҷӯ на танҳо бояд нақши амалҳои худро тарҳрезӣ кунад, балки захираҳои иттилоотӣ ва техникиро, ки барои ҳалли масъала истифода мешаванд, низ интихоб намояд [1-2].

Ҳадафи асосии омӯзиши ҳар гуна фан танҳо азхудкунии назария нест, балки татбиқи амалӣ ва истифодаи он мебошад. Аз ҳамин сабаб, ҳангоми дарсҳо муҳим аст, ки ба мисолҳои ҳалли масъалаҳо таваҷҷуҳ карда шавад. Бо баррасии масъалаҳои стандартӣ амалия ва татбиқи маводи омӯзиши равшан мешавад.

Омӯзиши донишҷӯён бо забонҳои барномасозӣ аз ҷониби омӯзгорон меҳнат ва заҳмати зиёдро талаб мекунад. Дар ин раванд, инчунин як қатор мушкилот ба вуҷуд меоянд, ки бо истифодаи усулҳои гуногуни таълимӣ алоқаманданд. Албатта, истифодаи усулҳои муосир ва беҳтарин дар омӯзиши забонҳои барномасозӣ, хусусан забонҳои барномасозии ба объект нигаронидашуда, самаранокии баландро таъмин намуда, таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба омӯзиши барномасозӣ ва ҳалли масъалаҳои гуногун бо истифодаи забонҳои барномасозӣ ба вуҷуд меорад [3].

Ҳангоми омӯзиши забонҳои барномасозӣ, мисли дигар фанҳо, шиносоӣ бо маъноҳои асосӣ ва таҳкими назариявӣ, масалан, таърихи пайдоиш ва рушди забони барномасозӣ, сохтори забон, фалсафаи он, робита бо мантиқ, асосҳои сохтори алгоритм ва ғайра ҷузъи муҳим ва зарурии омӯзиши ҳар забони ба объект нигаронидашудаи барномасозӣ ҳисобида мешавад.

Агар ба аввалин компютерҳо ва барномаҳои онҳо назар андозем, мушоҳида мекунем, ки он замон давраи барноманависии мустақим бо кодҳои мошинӣ буд, ки дар он асосан маълумот дар шакли перфокартҳо ва перфолентаҳо нигоҳ дошта мешуд. Барноманависон бояд бевосита бо меъморӣ ва сохтори мошинҳо шинос мешуданд. Барномаҳои он давра нисбатан содда буданд, ки ин, аз як тараф, ба маҳдудиятҳои худи мошинҳо ва аз тарафи дигар, ба душвории баланд дар таҳия ва бахусус санҷиши барномаҳо мустақиман бо забони мошинӣ вобаста буд. Бо вуҷуди ин, чунин усули таҳия ба барноманавис имкон медод, ки назорати васеъ бар системаро дошта бошад ва роҳро барои истифодаи алгоритмҳо ва усулҳои мураккаб ва ҳунармандонаи ташкилоти барномаҳо, ки имрӯз барои таҳиягарони муосир дастнорас ба назар мерасанд, боз мекунад [6].

Барноманависӣ яке аз соҳаҳои асосии илми муосир ба шумор меравад. Ҳамаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва дигар технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни илм бо воситаҳои барномавӣ кор мекунанд, ки дар забонҳои гуногуни барноманависӣ навишта шудаанд. Бе барномаҳо вуҷуд доштани ин технологияҳоро ҳатто тасаввур кардан душвор аст. Дар ин ҷо ду калимаи асосӣ вуҷуд дорад: «hardware» ва «software», ки ба ҳам алоқаманданд. Аввалӣ, қисмати техникии технологияҳои иттилоотиро ифода мекунад, дуюмӣ бошад, барномаҳои онҳоро ташкил медиҳад.

Барномасозӣ раванди таҳияи барномаҳо барои дастгоҳҳои ҳисоббарор мебошад, ки дар доираи он алгоритми ҳалли масъалаҳои муайян ба шакли расмӣ оварда мешавад. Ин фаъолият бо тарҳрезии алгоритмҳо зич алоқаманд аст, бинобар ин барномасозӣ ҳам таҳияи алгоритми ҳалли масъала ва ҳам татбиқи онро дар шакли коди барномавӣ дар бар мегирад [6].

Ҳадафи асосии барномасозӣ азхуд кардани усулҳои фаъолият, таҳлил ва муқоисаи равишҳои гуногун, инчунин муайян намудани роҳҳои самараноктарини ҳалли масъалаҳо мебошад. Илова бар ин, вазифаи муҳим ҷамъбаст намудани ин усулҳо бо мақсади сохтани моделҳои расмӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолият мавриди омӯзишро инъикос мекунанд.

Дар барномасозӣ забонҳои барномасозӣ нақши хеле муҳим доранд, ки онҳоро метавон чунин муайян кард:

Забони барномасозӣ маҷмуи калимаҳои калидӣ ва қоидаҳо мебошад, ки бо ёрии онҳо операторҳо сохта мешаванд. Ин операторҳо аз пайвасти рақамҳо, ҳарфҳо, аломатҳои китобатӣ ва дигар рамзҳо иборат буда, ба барномасоз имкон медиҳанд, маҷмуи фармонҳоро барои иҷрои амалҳои муайян ба компютер интиқол диҳанд.

Забони барномасозӣ низоми рамзии расмӣ ба ҳисоб меравад, ки барои сабти барномаҳои компютерӣ пешбинӣ шудааст. Он маҷмуи қоидаҳои лексикӣ, синтаксисӣ ва семантикиро муайян менамояд, ки ҳам шакли зоҳирии барнома ва ҳам амалҳоеро, ки компютер таҳти идоракунии он иҷро мекунад, танзим мекунанд. Забонҳои барномасозӣ дар интерфейсҳои махсуси гуногун ҳамчун воситаи муоширати инсон бо компютер васеъ истифода мешаванд. Бе мавҷудияи забонҳои барномасозӣ, компютер ва таҷҳизоти вобастаи он ба маҷмуи бесамари оҳан табдил меёфтанд.

Ба андешаи аксари таҳиягарони забонҳои барномасозӣ, вазифаи асосии онҳо дар эҷоди барномаҳои компютерӣ ифода меёбад, ки имкони интиқоли дастурҳоро барои иҷрои равандҳои гуногуни ҳисоббарорӣ ва идоракунии дастгоҳҳои ҷудогона ба компютер фароҳам меоранд. Забонҳои барномасозӣ аз забонҳои табиӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо барои ирсоли фармонҳо ва маълумот аз инсон ба мошин пешбинӣ шудаанд, дар ҳоле ки забонҳои табиӣ асосан воситаи муоширати байни одамон ба ҳисоб мераванд.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ боиси пайдоиши шумораи зиёди забонҳои махсусгардонидашудаи «сунъӣ» гардид, ки ҳадафи онҳо содда гардонидани ҳамкории инсон бо компютер мебошад. Аз ин рӯ, дар аксари таҳлилҳо ва баррасиҳои забонҳои барномасозӣ, одатан аввал масъалаи тасниф ва низомсозии онҳо аз рӯйи меъёрҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор мегиранд [10-12].

Одатан забонҳои барномасозӣ аз рӯйи наслҳо гурӯҳбандӣ карда мешаванд, ки рушди таърихии онҳо ва сатҳи абстраксияро аз забони мошинӣ то шакли ба инсон фаҳмотари ифодаи фармонҳо инъикос менамоянд.

Ба насли якум забонҳои мошинӣ дохил мешаванд, ки дар шакли рамзи дуӣ пешниҳод гардида, мустақиман аз ҷониби протсессори компютер иҷро мешаванд. Ин забонҳо дар компютерҳои ибтидоӣ истифода мешуданд ва барои инсон хеле мураккаб ба ҳисоб мерафтанд, зеро талаб мекарданд, ки дастурҳо танҳо дар шакли пайдарпаии сифрҳо ва якҳо, бе истифодаи трансляторҳо ё воситаҳои ёрирасон, навишта шаванд.

Насли дуюм забонҳои ассемблериро дар бар мегирад, ки дар онҳо фармонҳо бо рамзҳои ёдгирӣ (мнемоника) ифода мешаванд ва табдил додани онҳо ба рамзи мошинӣ бо ёрии ассемблер анҷом меёбад. Ин равиш фаъолияти барномасозро то андозае осон намуд, вале чунин забонҳо ҳанӯз ҳам ба меъмории мушаххаси компютер вобаста буда, донистани сохтори дохилии онро талаб мекарданд.

Насли сеюм аз забонҳои сатҳи баланд иборат аст, ки бо наздик будани сохтори синтаксии худ ба забони англисӣ ва нисбатан мустақил будан аз платформаи сахтафзорӣ фарқ мекунанд. Ба ин гурӯҳ забонҳое чун **Fortran**, **COBOL**, **Pascal** ва **C** дохил мешаванд, ки ба туфайли сатҳи баланди абстраксия ва истифодаи сохторҳои барномасозии мураттаб, раванди таҳияи барномаҳоро ба таври назаррас содда мегардонанд.

Насли чаҳорум забонҳо ва воситаҳои таҳияи барномаҳоро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани самаранокии кори таҳиягар ва ҳалли масъалаҳои махсусгардонидашуда равона шудаанд, аз ҷумла дар соҳаи идоракунии пойгоҳҳои додаҳо, тартиб додани ҳисобот ё сохтани барномаҳо бо ҳаҷми коди ҳадди ақал. Ин забонҳо кӯшиш мекунанд, ки раванди барномасозиро ҳарчи бештар ба тарзи табиии ифодаи масъалаҳо аз ҷониби инсон наздик созанд.

Насли панҷум забонҳои барномасозӣ бо мафҳумҳои зеҳни сунъӣ ва барномасозии декларативӣ такя мекунанд, ки дар онҳо диққати асосӣ ба тавсифи шартҳо, қоидаҳо ва маҳдудиятҳои масъала равона мешавад, на ба нишон додани пайдарпайи қадамҳои алгоритм. Чунин забонҳо асосан дар таҳқиқоти зеҳни сунъӣ ва низомҳои экспертӣ истифода мешаванд

ва намунаи онҳо метавонанд забонҳои барномасозии мантиқӣ ва забонҳое бошанд, ки унсурҳои равиши декларативиро дар бар мегиранд.

Дар Python барномасозии ба объект равонашуда яке аз равишҳои асосии таҳияи барномаҳо ба шумор меравад. Асоси ин равишҳоро объектҳо ташкил медиҳанд, яъне сохторҳое, ки маълумот ва усулҳоро муттаҳид намуда, рафтори унсурҳои ҷаҳони воқеиро инъикос мекунанд. Дар доираи барномасозии ба объект нигаронидашуда масъалаҳо тавассути ҳамкории объектҳо ва амалиёти байни онҳо моделсозӣ мегарданд, дар ҳоле ки худи барнома ҳамчун маҷмуи объектҳо ва робитаҳои байни онҳо бунёд меёбад. Ин равиш имкон медиҳад, ки моделҳои соҳаи мавриди омӯзиш ба таври табиӣ дар код инъикос шаванд ва сохтори барнома барои таҳиягар фаҳмотар гардад **[8-9].** Python принсипҳои барномасозии ба объект равонагардидаро пурра дастгирӣ мекунад: ҳатто намудҳои асосии додаҳо, аз қабили сатрҳо, рӯйхатҳо ва луғатҳо, объект маҳсуб мешаванд, ки ин хусусияти ба объект равонагардидаи забонро равшан нишон медиҳад **[9].**

Равиши ба объект нигаронидашуда дар Python ҳамчун идомаи мантиқии ғояҳои барномасозии сохторӣ ва талошҳои ибтидоии абстраксиякунии додаҳо ташаккул ёфтааст. Он имкон медиҳад, ки код ба шакли модулӣ, абстрактӣ ва бозистифодашаванда таҳия гардад. Дар Python принсипҳои инкапсулятсия, меросгирӣ, полиформизм ва абстраксия пояи асосии тарҳрезии барномаҳо мебошанд. Истифодаи ин принсипҳо барномаҳоро мураттабтар, нигоҳдорӣ ва густариши онҳоро осонтар мегардонад нисбат ба услуби барномасозии протседуравӣ. Дар ин равиш тамоми додаҳо ва функсияҳо дар шакли синфҳо ва объектҳо муттаҳид карда мешаванд, ки кор бо лоиҳаҳои калонҳаҷмро ба таври назаррас содда месозад [9].

Python парадигмаи барномасозии ба объект равонагардидаро пурра дастгирӣ менамояд:

Инкапсулятсия имконият медиҳад, ки додаҳои дохилӣ ва усулҳо дар доираи як объект муттаҳид гардида, ҷузъиёти татбиқ аз дастрасии беруна пинҳон карда шаванд.

Меросгирӣ шароит фароҳам меорад, то синфҳои нав дар асоси синфҳои мавҷуда эҷод шуда, имкониятҳои онҳо васеъ ё тағйир дода шаванд.

Полиморфизм бошад, ба объектҳои мансуб ба синфҳои гуногун имкон медиҳад, ки аз як интерфейси умумӣ истифода намоянд, ки дар натиҷа чандирии код афзоиш меёбад.

Ба туфайли ин механизмҳо, Python имкони сохтани моделҳои барномавиро фароҳам меорад, ки хусусиятҳои соҳаи мавриди омӯзишро ба таври табиӣ ва барои инсон фаҳмо инъикос мекунанд. Дар натиҷа барномаҳо равшантар ва ба низомҳои воқеӣ наздиктар мешаванд, зеро дар онҳо мавҷудотҳои гуногун (объектҳо) тавассути интерфейсҳо ва усулҳои пешакӣ муайяншуда бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд.

Дар амалия, ин парадигма ба барномасозон имкон медиҳад, ки масъалаҳои мураккабро ба қисмҳои хурд ва идорашаванда тақсим кунанд. Ҳар як объект ҳамчун воҳиди мустақил амал карда, масъулияти муайянро ба дӯш мегирад. Ин равиш на танҳо рушди коди тоза ва мантиқиро осон мекунад, балки озмоиш ва ислоҳи хатогиҳоро низ содда мегардонад, зеро ҳар як қисми системаро алоҳида санҷидан мумкин аст.

Ғайр аз ин, меросгирӣ ва полиморфизм ба эҷоди системаҳои васеъшаванда мусоидат мекунанд. Вақте ки талаботи лоиҳа тағйир меёбанд, синфҳои мавҷударо бидуни тағйири асосии код васеъ кардан мумкин аст. Ин чандирӣ махсусан дар лоиҳаҳои дарозмуддат муҳим аст, зеро он имкон медиҳад, ки барнома бо мурури замон ба шароитҳои нав мутобиқ шавад.

Ҳамчунин, Python бо воситаи механизмҳои ба объект нигаронидашуда, ба монанди декоротаторҳо, метакласҳо ва абстрактсия, ба барномасозон қувват медиҳад, ки ҳалли худро дар сатҳи баландтар тарҳрезӣ кунанд. Ин воситаҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки хатти рафтори умумӣ эҷод кунанд ва онро дар байни объектҳои гуногун тақсим намоянд.

Дар ин замина, принсипи «як масъулият — як объект» барои кам кардани вобастагии байни қисмҳои система нақши калидӣ мебозад. Вақте ки ҳар як синф танҳо ба як вазифаи мушаххас тамаркуз мекунад, тағйироти оянда бештар пешгӯишаванда мешаванд. Ин усул

инчунин ба муҳандисон имкон медиҳад, ки дар лоиҳаҳои бузург бе тарси вайрон кардани коркардҳои дигар фаъолият кунанд, зеро интерфейсҳо устувор мемонанд.

Бо вуҷуди ин, ООР танҳо як восита аст, на ҳадаф. Истифодаи аз ҳад зиёди меросгирӣ метавонад ба сохтори мураккаб ва қобили фаҳм набуда оварда расонад. Аз ин рӯ, барномасози ботаҷриба ҳамеша тавозунро нигоҳ медорад ва дар ҳолатҳои зарурӣ композитсияро ба меросгирӣ бартарӣ медиҳад. Ин равиш барои пешгирии «синдроми синфҳои бузург» кумак мекунад ва кодро боз ҳам тозатар мегардонад.

Ғайр аз он, озмоиши объектҳои мустақил ба эҷоди тестҳои автоматӣ осонтар мусоидат мекунад. Ҳар як модулро ҷудогона санҷида, метавон эътимод ҳосил кард, ки агар хатогӣ пайдо шавад, он танҳо дар доираи ҳамон объект маҳдуд аст. Ин сарфаи вақт дар марҳилаи ислоҳи камбудиҳо назаррас аст ва ба сифати умумии маҳсулот таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар ниҳоят, таҷрибаи корӣ нишон медиҳад, ки агар даста аз аввал принсипҳои ООР-ро риоя кунад, нигоҳдории лоиҳа дар дарозмуддат хеле осонтар мешавад. Ҳуҷҷатгузории дуруст ва рамзгузории пайваста ба он кумак мекунад, ки ҳатто аъзои нави гурӯҳ зуд ба раванди кор ворид шаванд. Ҳамин тавр, ин парадигма на танҳо як усули техникӣ, балки фарҳанги корӣ аст, ки рушди устувори нармафзорро кафолат медиҳад.

Дар маҷмуъ, ин хусусиятҳо Python-ро ба забони идеалӣ барои таҳияи системаҳои муосир табдил медиҳанд. Аз барномаҳои веб то зеҳни сунъӣ, донистани принсипҳои ООР ба барномасозон имкон медиҳад, ки кодҳои устувор, қобили фаҳм ва осон нигоҳдошташуда эҷод намоянд. Ин равиш на танҳо маҳсулнокии инфиродиро баланд мебардорад, балки ҳамкории гурӯҳиро низ беҳтар мекунад.

Адабиёт:

1. Волков И.П. Учим творчеству // Педагогический поиск Ш.А. Амонашвили, С.Н Лысенкова, И.П. Волков и др. - М.: Педагогика, 1987. - 542 с.
2. Выготский Л.С. Мышление и речь // Собр. соч. - М.: Педагогика, 1982. - Т. 2. - 504 с.
3. Газейкина А.И. Стили мышления и обучение программированию студентов педагогического ВУЗа // Сборник докладов конференции ИТО. - М., 2006. - С. 102-103. [Электронный ресурс] Режим доступа: http://ito.edu.ru/2006/Moscow/I/1/I-1-6371.html. (дата обращения: 18.06.2016).
4. Жужжалов В.Е. Совершенствование содержания обучения программированию на основе интеграции парадигм программирования: дисс. … д-ра пед. наук. - М., 2004. - 274 с.
5. Кадыров М.Г. Программирование и основы алгоритмизации: учебно-практическое пособие. - Мелеуз: Филиал ГОУ ВПО МГУТУ, 2008. - 80 с.
6. Мараджабов С.И. Вопросы методики обучения объектно-ориентированному программированию (ООП) в вузах // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. - Душанбе: Сино, 2013. - № 1/1 (102). - С. 19-23.
7. Мирзоев А.Р. Анализ современных тенденций использования информационно-коммуникационных технологий в образовательном процессе // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2011. - № 12 (76). - С. 427-430.
8. Федоров Д.Ю. Программирование на языке высокого уровня Python: учебное пособие для прикладного бакалавриата / Д.Ю. Федоров. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2019. – 161 с. – (Бакалавр. Прикладной курс). – ISBN 978-5-534-10971-9. – Текст: электронный // ЭБС Юрайт [сайт]. – URL: https://urait.ru/bcode/437489 (дата обращения: 13.02.2020).
9. Шелудько В.М. Основы программирования на языке высокого уровня Python: учебное пособие / В. М. Шелудько. – Ростов-на-Дону, Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2017. – 146 с. – ISBN 978-5-9275-2649-9. – Текст: электронный // Электронно-библиотечная система IPR BOOKS: [сайт]. – URL: http://www.iprbookshop.ru/87461.html (дата обращения: 13.02.2020).
10. Bruce Johnson. Professional Visual Studio 2013. - USA, 2014. - 1050 p.

11. Jeff Prosise. Programming Windows with MFC. - 2nd Edition. - Microsoft Press, 1999. - 1200 p.
12. Kölling M. The Problem of Teaching Object-Oriented Programming, Part 1: Languages / Journal of Object-Oriented Programming, - 11(8): 8-15, 1999.

НАҚШИ БАРНОМАСОЗӢ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ТАФАККУРИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОН

Мақолаи мазкур нақш ва аҳаммияти технологияҳои иттилоотӣ, барномасозӣ ва таъсири онҳоро ба рушди тафаккури мантиқиву алгоритмии хонандагон мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар мақолаи мазкур таҳаввули таърихии забонҳои барномасозӣ аз насли якум то панҷум ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо таҳлил шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба консепсияи барномасозии ба объект нигаронидашуда дар мисоли забони Python равона гардида, принсипҳои асосии он - инкапсулятсия, меросгирӣ ва полиморфизм ҳамчун воситаи муҳимми сохтани моделҳои мураккаби барномавӣ шарҳ дода мешаванд. Инчунин, дар мақола мушкилот ва талаботи муосир нисбат ба омӯзгорони соҳаи информатика ва зарурати истифодаи усулҳои фаъоли таълим таъкид шудааст. Технологияҳои иттилоотӣ ва барномасозӣ аз ҷумлаи соҳаҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар илму маорифи муосир босуръат рушд мекунанд. Ҳар сол забонҳои нави барномасозӣ, усулҳои муосири таълим ва воситаҳои нармафзор ба вуҷуд меоянд, ки ин аз омӯзгорон талаб мекунад пайваста муҳтавои таълим ва равишҳои методикии худро навсозӣ намоянд.

Калидвожаҳо: технологияҳои иттилоотӣ, барномасозӣ, тафаккури алгоритмӣ, забонҳои барномасозӣ, наслҳои забонҳои барномасозӣ, Python, барномасозии ба объект нигаронидашуда, инкапсулятсия, меросгирӣ, полиморфизм, методикаи таълим.

РОЛЬ ПРОГРАММИРОВАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

В данной статье рассматриваются роль и значение информационных технологий, программирования и их влияние на развитие логического и алгоритмического мышления учащихся. Проанализирована историческая эволюция языков программирования от первого до пятого поколения и их отличительные особенности. Особое внимание уделено концепции объектно-ориентированного программирования на примере языка Python; разъясняются её основные принципы - инкапсуляция, наследование и полиморфизм - как важные средства построения сложных программных моделей. Также в статье подчёркиваются современные проблемы и требования, предъявляемые к учителям информатики, и необходимость использования активных методов обучения. Информационные технологии и программирование относятся к числу сфер, которые стремительно развиваются в современной науке и образовании. Ежегодно появляются новые языки программирования, современные методики обучения и программные средства, что требует от педагогов постоянного обновления содержания обучения и своих методических подходов.

Ключевые слова: информационные технологии, программирование, алгоритмическое мышление, языки программирования, поколения языков программирования, Python, объектно-ориентированное программирование, инкапсуляция, наследование, полиморфизм, методика обучения.

THE ROLE OF PROGRAMMING IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF STUDENTS' LOGICAL THINKING

This article examines the role and significance of information technologies, programming, and their impact on the development of students' logical and algorithmic thinking. It analyzes the historical evolution of programming languages from the first to the fifth generation and their distinguishing features. Special attention is given to the concept of object-oriented programming using Python as an example, explaining its core principles - encapsulation, inheritance, and polymorphism - as essential tools for building complex software models. The article also

emphasizes current challenges and modern requirements for computer science teachers and highlights the need to use active teaching methods. Information technologies and programming are among the fields that are developing rapidly in modern science and education. Every year, new programming languages, modern teaching approaches, and software tools emerge, which requires teachers to continuously update both the curriculum content and their methodological approaches.

Keywords: information technologies, programming, algorithmic thinking, programming languages, generations of programming languages, Python, object-oriented programming, encapsulation, inheritance, polymorphism, teaching methodology.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шамсуллои Нуруллои Абдуллозода, муаллими калони кафедраи молия, гумрук, ҳуқуқ ва забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара. Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Исмат Шариф 3. E- mail: shams_shams_2023@mail.ru Тел: (+992) 902 82 12 94.

Сведения об авторе: Шамсуллои Нуруллои Абдуллозода, старший преподаватель кафедры финансов, таможни, права и иностранных языков Таджикского международного университета туризма и предпринимательства в Дангаринском районе. Адрес: 735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Исмат Шариф, 3. Электронная почта: shams_shams_2023@mail.ru. Тел.: (+992) 902 82 12 94.

Information about the author: Shamsulloi Nurulloi Abdullozoda, senior lecturer of the Department of Finance, Customs, Law and Foreign Languages of the Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship in Dangara district. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Ismat Sharif street, 3. E-mail: shams_shams_2023@mail.ru. Tel.: (+992) 902 82 12 94.

Муқарриз: Сафозода А.К., д.и.и., профессор
Донишкадаи байналмилалии Данғара

УДК:37.018.43:004.9
О-33

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭЛЕКТРОННЫХ УЧЕБНЫХ МАТЕРИАЛОВ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

Одиназода С.О., ст. преподаватель
Институт цифровых технологий и искусственного интеллекта
Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

Прежде всего, необходимо в данном статье рассмотреть проблемные моменты по подготовке кадров в связи с внедрением ЭОР и дидактических ресурсов, для более объемного освоения материала студентами учебного материала в вузах страны.

Программа стартовавшая с принятием программы внедрения компьютеризации в образовательных учреждениях страны начиная с 2003 по 2007 года привела к прорыву в реформах образования. [13] Главным преимуществом данной стратегии послужило поводом в использовании более полного объема учебного материала, как для самих преподавателей так и студентов, государственная стратегия «Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан» стала своего рода точкой отчета. [7]. Смеим заметить что в реформации системы образования был внедрён комплексный ряд новообразований. Один из самых значимых считаем развитие электронных библиотек в вузах страны их наполнение учебными материалами а также ЭОР.

При выборе электронного образовательного ресурса необходимо учитывать аспекты целенаправленного отбора традиционных учебных материалов в ВУЗах,

предназначенных для усвоения и глубокого понимания научной, учебной и исследовательской информации, по мнению научного сотрудника Е.В. Петровой, которая подчеркнула [12]: «Правильный выбор учебных материалов и оригинальной научной литературы, делает возможным качественно и эффективно формировать информационные навыки и умения у студентов высших профессиональных учебных заведений» [3].

Необходимо отметить, что при качестве ЭОР на первый план выступает рассмотрение внутренних и внешних свойств, а далее полная совокупность характеристик с дальнейшей возможностью, применять их к поставленным задачам. [14].

Исследователи Шалкина Т.М. и Азгальдова Г.Г. в своей работе они отмечали необходимость построения качества электронных учебных материалов в вузах по принципу системы иерархических характеристик. Согласно им, на верхнем уровне этой системы есть компонент, подытоживающий качество электронных образовательных ресурсов, который далее делится на подробные описания, отражающие специфические характеристики электронных образовательных материалов [16].

Изучение данной проблемы с адресным выбором дидактически-учебных материалов в высших учебных заведениях с детальным подходом активизации студентов на занятиях нашло широкое освоение среди научных деятелей. Рассмотрением данной проблемы с разными вариантами решений занимались такие исследователи, как Н.И. языком с учетом таких аспектов, как информационная стратегия, а также условий, наиболее влияющих на этот процесс. Чтобы составить полное и четкое представление, обратимся к исследованию Н.В. Александрова: «Наличие инструкций, пояснений и иной информационной части, которая разъясняла бы студентам способы и методы работы с текстом, графическими материалами. Теоретической информации, поясняющей различные варианты структурного оформления текстов (хронология, описание, сравнение, классификация и т.д.). Наличие опор, шаблонов, схем, ориентирующих обучающихся в возможных вариантах представления профессиональной информации. Заданий, направленных на развитие мыслительных операций: анализ, конкретизация, классификация, сравнение, обобщение, выделение главных и второстепенных идей текста и т.д. Заданий на визуализацию профессиональной лексики, как предварительный этап для осуществления работы с целостным текстом. Заданий на применение графических средств для представления и систематизации профессиональной информации текста. Поэтапной информационной компетенции. Организация повторения ранее изученного материала» [3].

С целью эффективного повышения качества знаний студентов определено, что теоретические основы принципов и критериев оценки и отбора электронных учебных продуктов в высших учебных заведениях необходимо извлекать из источников, связанных с традиционными учебными материалами. Джалолов С.С. в своих научных трудах отметил следующее: «Дидактический потенциал учебной книги существенно зависит от смысло-образующей активности (пред смыслов, символической интуиции, перцептивного образа, образно-символических доминант и др.) обучающихся и их стратегий смысла- образования (смыслового восприятия, смысловой идентификации, смыслового обобщения, смыслового анализа, рефлексии)» [13].

З.А. Мендубаева в своих научных трудах уделяла внимание:: «Критерии структуры и содержания современного учебного пособия, необходимо учитывать в оценки качества. Согласно данной теории пособия должны соответствовать:(принципам гуманизма, проблематики и историзма; профессиональной и уровневой дифференциации; личностному принципу; отказ от избыточной информативности; организация междисциплинарных связей; введение справочного аппарата; предоставление информации в наглядной и доступной форме».

Мы провели исследование, посвященное электронно-дидактическим материалам в учебном процессе и исследованию принципов и критериев их выбора и оценки в вузах Таджикистана. В рамках данного исследования были проведены эксперименты, включающие

опрос более ста учителей Республики Таджикистан, с целью получения экспертной оценки электронных учебно-методических материалов в новых учебниках.

В рамках исследовательского проект мы предложили педагогическим работника предоставить описание преимуществ и недостатков тех учебных материалов, которые они используют в своей профессиональной деятельности. Собранные данные стали основой для разработки ранговой системы оценки и составление таблицы, которая систематизировала наиболее часто упоминаемые ответы сгруппированные по критериям оценки качества учебных пособий. [9].

Исследователи М.Ю. Бухаркина и Л.Л. Босова в своих научных публикациях делают шаг к подобной консолидации, и указывает на несколько вопросов.:

«Что в дополнение к тому определению, что ЭОР представляет собой электронное образовательное издание, которое содержит в себе такие качества как:

• системное и полное изложение учебного предмета или дисциплины, которые бы находились в соответствии с образовательной программой;

• поддержание основных положений дидактического цикла процесса обучения;

• наличие компонентов для индивидуализированной активной деятельности образовательной среды;

• наличие официального допуска к использованию.

При этом необходимо дополнить понятие ЭОР такими критериями как расширенные дидактические свойства и функции за счет использования ИКТ. Выражаются они в использовании таких инструментов как гипертекст, мультимедиа, тестирование и т.д., а также дают возможность работать с ними индивидуально, в группах, онлайн, офлайн, непосредственно в аудитории и удаленно от нее» [5].

При рассмотрении и классификации электронных дидактических ресурсов с определенными характеристиками в педагогической и научной литературе используются термины «эффективность» или «педагогическая результативность» [6].

На основании научных исследований М.Ю. Бухаркиной и других исследователей можно сделать следующие выводы: «В качестве меры измерения данного понятия используют количество времени, усилий и труда, затрачиваемых, как учащихся, так и преподавателей для достижения поставленных дидактических целей и запланированных результатов. Отсюда вытекает понимание качества электронного образовательного пособия, которое заключается в общей сумме дидактических свойств и функций, которые формировали бы условия для достижения всех дидактических задач и обеспечивают достижение поставленных перед образовательным процессом целей и результатов» [2-3].

Заметим, что есть альтернативные точки зрения в оценки качества электронно-дидактические материалы при выборе эффективных ЭОР в вузах.

Научные исследование показали несколько подобных критериев в оценке качества ЭОР (количественные критерии, качественные критерии).

При оценке электронно-дидактических материалов мы обращаем внимание на их объем знаний, индекс усвоения и стабильности. Индекс стабильности отражает соотношение между усвоенным студентом материалом и предложенным материалом в определенном временном периоде [5].

Качественные критерии, выявленные в исследовании, связаны с уровнем знания учебного материала, таким как понимание, усвоение и умение применять их на практике для решения проблем. [5].

При анализе ресурсов электронного обучения важно учитывать как устоявшиеся, так и инновационные критерии оценки. Традиционные критерии включают такие параметры, как соответствие образовательной программе, научная обоснованность содержания, методологическая точность, отсутствие двусмысленности, этическая подача информации и техническое качество реализации [10, с. 16].

Для оценки электронных образовательных ресурсов (ЭОР) с учетом использования современных технологий, в том числе информационно-коммуникационных, используются

следующие критерии: уровень и качество интерактивного взаимодействия пользователя с источником или материалом, наличие мультимедийных компонентов, возможность имитационного моделирования, коммуникации, интеллектуальный потенциал и практическое применение [1, с. 11].

На начальном этапе внедрения модели планируется создать электронный паспорт учебного курса (учебник, учебное пособие). Авторы должны включить в этот паспорт следующие ключевые элементы:

- название предмета обучения;
- цели обучения курсу;
- идентификационные сведения об авторах;
- библиографический список использованной литературы и источников;
- Подробное описание индивидуального вклада каждого автора в развитие ESM;
- запланированная напряженность курса, выраженная в количестве академических часов.

Список представленных элементов может дополняться или корректироваться в зависимости от особенностей конкретного учебного курса и требований учебного заведения. Разработанный на втором этапе электронный образовательный ресурс будет проходить экспертизу методистов.

На третьем этапе предполагается проведение пилотной апробации разработанных ЭОР в реальном учебном процессе, что позволит выявить практические затруднения и скорректировать содержание с учётом обратной связи от студентов и преподавателей. По результатам апробации формируется итоговый отчёт, включающий статистические данные об успеваемости и уровне вовлечённости обучающихся.

Четвёртый этап ориентирован на масштабирование успешных моделей и создание репозитория ЭОР, доступного для всех вузов страны. Особое внимание уделяется разработке методических рекомендаций для преподавателей по интеграции электронных материалов в традиционные занятия, а также обучению педагогов работе с интерактивными инструментами.

Пятый этап предполагает регулярное обновление и техническую поддержку ресурсов, что гарантирует их актуальность и соответствие современным требованиям. Внедряется система мониторинга качества, основанная на анализе обратной связи и автоматизированных метрик использования, что позволяет своевременно вносить корректировки в содержание и структуру материалов.

Таким образом, предложенная поэтапная модель обеспечивает системный подход к внедрению ЭОР, сочетая теоретическую обоснованность с практической проверкой и постоянным совершенствованием. Это создаёт условия для повышения качества образования и подготовки конкурентоспособных специалистов, адаптированных к цифровой среде.

Вместе с тем, успешность реализации модели напрямую зависит от институциональной поддержки и устойчивого финансирования. Необходимо предусмотреть механизмы грантовой поддержки вузов-лидеров, а также создание координационного совета, который будет распределять ресурсы и контролировать выполнение этапов. Без чёткой административной рамки даже самые эффективные методики рискуют остаться локальными инициативами.

Ключевым фактором становится подготовка кадрового резерва — как преподавателей, так и технических специалистов. Программы повышения квалификации должны быть модульными и учитывать разный исходный уровень цифровых компетенций, а также включать практикумы по проектированию заданий в новых форматах. Только сочетание педагогической и технической экспертизы обеспечит полноценное использование потенциала ЭОР.

Отдельного внимания заслуживает оценка долгосрочного влияния на образовательные результаты. Помимо количественных метрик, важно отслеживать динамику формирования soft skills и критического мышления, которые трудно измерить

автоматически. Для этого предлагается внедрить смешанные методы — от когнитивных интервью до анализа цифровых следов в учебных системах.

В итоге, пятиэтапная модель становится саморегулирующимся механизмом, где каждый цикл апробации и обновления усиливает предыдущий. Такая архитектура позволяет вузам не только адаптироваться к текущим вызовам, но и прогнозировать будущие изменения в цифровой образовательной среде, закладывая основу для устойчивого развития высшей школы.

Важным условием реализации модели становится её адаптивность к региональной специфике и различиям в ресурсной базе университетов. Предлагается закрепить в нормативных документах возможность вариативного использования этапов в зависимости от профиля вуза, что позволит избежать унификации и сохранить академическую автономию. При этом базовые критерии качества и индикаторы результативности должны оставаться едиными для всех участников.

Для обеспечения прозрачности и доверия к системе целесообразно внедрить независимую экспертизу промежуточных результатов, включающую представителей работодателей и профессиональных сообществ. Это позволит корректировать курс не только по формальным показателям, но и по реальным запросам рынка труда, повышая практическую значимость образовательных программ.

Не менее важна работа с рисками, связанными с цифровым неравенством и устареванием технологий. Рекомендуется создать резервный фонд для оперативного обновления инфраструктуры и предусмотреть процедуры быстрого реагирования на сбои, что гарантирует непрерывность образовательного процесса.

Таким образом, устойчивость модели обеспечивается её встроенной системой обратной связи и гибкими механизмами управления. Пятиэтапная архитектура, дополненная институциональными гарантиями и мониторингом, превращается в долгосрочный инструмент трансформации высшей школы, способный сохранять актуальность в условиях меняющихся требований.

Особое внимание следует уделить кадровому обеспечению модели. Предлагается ввести систему регулярного повышения квалификации преподавателей, ориентированную на работу с цифровыми инструментами и обновлёнными методиками оценки. Это снизит сопротивление изменениям и обеспечит готовность персонала к гибкому использованию этапов в зависимости от профиля вуза.

Дополнительным механизмом устойчивости станет публичная отчётность о ходе реализации модели. Ежегодные отчёты, включающие данные о достижении базовых индикаторов и результатах независимой экспертизы, позволят формировать объективную картину эффективности. Такой подход минимизирует риски формального администрирования и усиливает ответственность участников.

Важно предусмотреть и правовую защиту модели. В нормативных актах следует закрепить порядок внесения изменений в этапы при изменении внешних условий, например, при технологических сдвигах или новых требованиях рынка труда. Это обеспечит легитимность корректировок и предотвратит конфликт между академической автономией и едиными стандартами.

Наконец, необходимо определить источники финансирования для реализации модели, включая целевые субсидии и средства партнёрств с индустрией. Прозрачное распределение ресурсов и их привязка к конкретным индикаторам результативности создадут стимулы для эффективного использования каждого этапа, сохраняя при этом адаптивность к региональным особенностям.

В процессе оценки анализируется степень соответствия ресурса целям и задачам определенного учебного курса, а также его возможности стимулировать учебную мотивацию и познавательную активность студентов. Оценка осуществляется путем постановки вопросов и выставления баллов по следующим параметрам:

• Соответствие государственным образовательным стандартам;

• Отсутствие четких и обоснованных образовательных целей;

• Разделение материала на модули и ясность общей структуры;

• Научная глубина, актуальность и новизна учебно-методического содержания;

• Ясность и доступность материала для целевой аудитории;

• Наличие и качество практических примеров, подробных объяснений сложных вопросов и дополнительных пояснений;

• Полнота и качество учебно-методического обеспечения всех модулей курса;

• Наличие и разнообразие форм контроля промежуточных и итоговых знаний, их различие по уровню сложности, а также четкие критерии оценки итоговых результатов обучения.

Способность ресурса повышать мотивацию к обучению [1] , стимулировать интерес к новым знаниям и развивать познавательные навыки.

• Сочетание интерактивных элементов, мультимедийных компонентов и гипертекстовых ссылок, связанных с темой изучения;

Наличие подробных информационно-методических указаний по каждому модулю ЗТО, ясность последовательности обучения, этапов выполнения заданий и их порядка;

• Качество текстового материала, включая типографику, форматирование и общий стиль изложения;

• Качество и адекватность графических примеров, аудио- и видеоматериалов [1], их соответствие содержанию курса;

• Функциональность и правильная работа всех размещенных гипертекстовых ссылок;

Предлагаемые оценочные подходы носят экспериментальный характер и требуют дополнительной проверки, детального и углубленного исследования для определения их эффективности и оптимизации процесса внедрения.

Литература:

1. Александрова, Н. В. Образовательная программа подготовки по специальности «Информатика» с дополнительной специальностью «Иностранный язык» «Методика разработки педагогических программных средств» / Н.В. Александрова. - Нижний Тагил: НТГСПА, 2006. - 12 с.

2. Александрова, Н.В. Подготовка будущих учителей гуманитарных специальностей к применению и созданию электронных образовательных ресурсов: автореф. дисс... доктора пед. наук: 13.00.02 / Александрова Надежда Владимировна. - Екатеринбург, 2008. - 27 с.

3. Александрова, Н.В. Цели и задачи подготовки будущих учителей к созданию педагогических программных средств / Н.В. Александрова. [Электронный ресурс]-Режим доступа: http://pravmisl.ru/

4. index.php?option=com_content&task=view&id=821&Itemid=76.

5. Босова, Л.Л. Электронный учебник нового поколения: понятие, структура, требования/ Л.Л. Босова. [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://ito.su/41/plenum/Bosova.html.

6. Бубнов, Г.Г. Критерии оценки качества в системе электронного обучения / Г.Г. Бубнов, Е.В. Плужник, В.И. Солдаткин // Cloud of science. - 2015. - Т. 2, №4. - с. 530-543.

7. Государственная стратегия Информационно-коммуникационные технологии для развития Республики Таджикистан: Утв. Указом Президента Республики Таджикистан от 05 ноября 2003 г. № 1174.

8. Джалалов, С.С. Критерии и показатели эффективности учебной книги на смысловой основе / С.С. Джалалов, И.А. Рудакова // Современные проблемы науки и образования. - 2014. - № 5. [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://www.science-education.ru/ru/article/view?id=14820.

9. Джалалов, С.С. Особенности учебной книги как дидактического средства инициации смыслообразования обучающихся: Автореф. дис. … канд. пед. наук // Джалалов Сергей Сергеевич. - Ростов-н/Д., 2014. - 18 с.

10. Захарова, И. Г. Информационные технологии в образовании: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / Захарова И. Г. - М.: Издательский центр «Академия», 2008. - 192 с.

11. Курбонова, У.Т. Особенности внедрения в учебный процесс электронных учебных материалов/У.Т. Курбонова, О.О. Орифов// Конференция “Modern Engineering Education: Contemporary International Challenges and Perspectives”. Магнитогорский государственный технический университет им. Г.И. Носова, 3-4.06.2019, с. 52-55

12. Петрова, Е.В. Критерии выбора учебных пособий для комплексного формирования информационной компетентности обучающихся технических вузов / Петрова Е.В. // Вестник СибАДИ. - 2014. - №3 (37). - с. 145 - 149.

13. Программа компьютеризации основных и средних общеобразовательных школ Республики Таджикистан на 2003-2007 гг.: Утв. Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 31 декабря 2002 г. № 502.

14. Федоров, В. А. Профессионально-педагогическое образование: теория, эмпирика, практика / В.А. Федоров. − Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. проф.-пед. ун-та, 2001. − 330 с.

15. Хуторской, А. В. Педагогическая инноватика: Учеб. пособие для студентов вузов, обучающихся по пед. спец. / Хуторской А. В. - М.: Академия, 2008. - 255 с.

16. Шалкина, Т.Н. Применение метода анализа иерархий для оценки качества электронного издания учебного назначения / Е.Н. Горутько, Т.Н. Шалкина // Информатика и образование. - 2013. - №1. - С. 13-19.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭЛЕКТРОННЫХ УЧЕБНЫХ МАТЕРИАЛОВ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

Статья посвящена использования электронных образовательных ресурсов (ЭОР) в условиях развития информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в высшем профессиональном образовании Республики Таджикистан. Автор рассматривает актуальные проблемы внедрения и эффективного применения ЭОР в учебном процессе, а также анализирует основные характеристики образовательных технологий.

В статье отмечается, что развитие ИКТ оказывает существенное влияние на модернизацию учебных процессов и повышение качества подготовки специалистов. Цифровизация образования, внедрение дистанционного обучения, использование искусственного интеллекта и виртуальной реальности открывают новые возможности для совершенствования образовательного процесса. Одной из ключевых проблем является недостаточный уровень компетенций преподавателей в области использования ИКТ. Особенно остро эта проблема стоит среди молодых педагогов, которые недавно закончили обучение в вузах.

Автор подчеркивает необходимость разработки и внедрения новых технологий обучения, основанных на цифровых инструментах. Использование ЭОР позволяет сделать учебный процесс более интерактивным и доступным, учитывая индивидуальные потребности студентов.

В статье также анализируются основные характеристики образовательных технологий, такие как постановка диагностической цели, эффективность, алгоритмичность, экономичность, проектируемость, управляемость, целостность, корректируемость и визуализация.

Ключевые слова: электронные образовательные ресурсы (ЭОР), информационно-коммуникационная технология (ИКТ), Республика Таджикистан (РТ), модернизация учебных процессов , цифровизация образования, дистанционное обучение, искусственный интеллект, образовательные технологии.

ИСТИФОДАИ МАВОДИ ТАЪЛИМИИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Ин мақола ба таҳлили истифодаи захираҳои электронии таълимӣ (ЗЭТ) дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф мушкилоти мубрами ҷорӣ намудан ва татбиқи самараноки ЗЭТ-ро дар раванди таълим, инчунин хусусиятҳои асосии технологияҳои таълимиро баррасӣ мекунад.

Дар мақола қайд карда мешавад, ки рушди ТИК ба модернизатсияи равандҳои таълим ва баланд бардоштани сифати тайёрии мутахассисон таъсири назаррас мерасонад. Рақамикунонии таҳсилот, ҷорӣ намудани таълими фосилавӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ ва воқеияти виртуалӣ имкониятҳои навро барои такмили раванди таълим фароҳам меоранд. Яке аз мушкилоти асосӣ сатҳи нокифояи салоҳияти омӯзгорон дар соҳаи истифодаи ТИК мебошад. Ин мушкилот махсусан дар байни омӯзгорони ҷавоне, ки ба наздикӣ таҳсилро дар донишгоҳҳо хатм кардаанд, шадидтар аст.

Муаллиф зарурати таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълимро, ки ба абзорҳои рақамӣ асос ёфтаанд, таъкид мекунад. Истифодаи ЗЭТ имкон медиҳад, ки раванди таълим бо назардошти ниёзҳои инфиродии донишҷӯён интерактивӣ ва дастрастар гардад.

Дар мақола инчунин хусусиятҳои асосии технологияҳои таълим, аз қабили гузоштани ҳадафи ташхисӣ, самаранокӣ, алгоритмият, сарфакорӣ, тарҳрезӣ, идоракунӣ, тамомият, ислоҳпазирӣ ва визуализатсия таҳлил карда мешаванд.

Калидвожаҳо: захираҳои электронии таълимӣ (ЗЭТ), технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК), Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ), модернизатсияи равандҳои таълим, рақамикунонии таҳсилот, таълими фосилавӣ, зеҳни сунъӣ, технологияҳои таълим.

USE OF ELECTRONIC EDUCATIONAL MATERIALS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

This article is dedicated to the analysis of the use of electronic educational resources (EER) in the context of the development of information and communication technologies (ICT) in higher professional education in the Republic of Tajikistan. The author examines the current problems of implementing and effectively applying EER in the educational process, and also analyzes the main characteristics of educational technologies.

The article notes that the development of ICT has a significant impact on the modernization of educational processes and the improvement of the quality of specialist training. The digitalization of education, the introduction of distance learning, and the use of artificial intelligence and virtual reality open up new opportunities for improving the educational process. One of the key problems is the insufficient level of teacher competence in the use of ICT. This problem is particularly acute among young teachers who have recently completed their education at universities.

The author emphasizes the need to develop and implement new learning technologies based on digital tools. The use of EER makes the educational process more interactive and accessible, taking into account the individual needs of students.

The article also analyzes the main characteristics of educational technologies, such as setting a diagnostic goal, efficiency, algorithmic nature, economy, designability, controllability, integrity, adjustability, and visualization.

Keywords: electronic educational resources (EER), information and communication technologies (ICT), Republic of Tajikistan (RT), modernization of educational processes, digitalization of education, distance learning, artificial intelligence, educational technologies.

Сведения об авторе: Одиназода Сафарали Одина, старший преподаватель кафедры программирования и интеллектуальных систем Института цифровых технологий и искусственного интеллекта Международного университета туризма и предпринимательства

Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дустии халкхо, 94. Тел.: 987079315.

Маълумот дар бораи муаллиф: Одиназода Сафаралӣ Одина, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Дӯстии халқҳо, 94. Тел.: 987079315.

Information about the author: Odinazoda Safarali Odina, senior lecturer at the department of programming and intelligent systems, Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dustii Khalqho Street, 94 Tel.: (+992) 987-07-93-15.

ТДУ 371.13:373.3.011.3-051

МУТОБИҚШАВИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОЙ: РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ДАСТГИРИИ ПЕДАГОГӢ

Давлатзода М.А., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Муқаддима. Марҳилаи солҳои аввали фаъолияти омӯзгорӣ танҳо давраи «одат кардан» ба ҷои кор нест. Дар ин марҳила донишҳои назариявӣ ба қарорҳои фаврии педагогӣ табдил меёбанд, образи касбӣ шакл мегирад, меъёрҳои муносибат бо хонанда, падару модар ва ҳамкорон аз худ карда мешаванд. Барои омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ин гузариш боз ҳам ҳассостар аст, зеро ӯ ҳамзамон омӯзиш, тарбия, рушди нутқ, ташкили муносибатҳои кӯдакон ва робита бо оиларо идора мекунад. Аз ин рӯ, мутобиқшавиро на натиҷаи худкоронаи собиқа, балки раванди махсуси омӯзиш ва дастгирӣ донистан зарур аст. Педагогикаи касбӣ вазифадор аст шароитеро муайян намояд, ки дар он омӯзгори ҷавон таҷрибаи аввалини худро бе аз даст додани ташаббус, эҳсоси қадр ва масъулияти шахсӣ аз сар гузаронад.

Мубрамияти масъала бо тағйирёбии интизориҳо аз касби омӯзгор низ алоқаманд аст. Гузориши ҷаҳонии UNESCO таъкид мекунад, ки нигоҳдорӣ ва дастгирии омӯзгорон барои устувории низоми маориф аҳаммияти стратегӣ дорад [18, с. 22–31]. Натиҷаҳои TALIS 2024 нишон медиҳанд, ки роҳнамоӣ ва барномаҳои воридшавӣ ба касб бо қаноатмандии бештар аз кор ва беҳбудии касбии омӯзгорони навкор пайванд доранд [14, с. 205–226]. Ин далелҳо барои муҳити миллии мо маънои онро доранд, ки масъалаи мутобиқшавӣ бояд аз доираи маслиҳатҳои тасодуфӣ берун бароварда шуда, ба вазифаи идорашавандаи муассисаи таълимӣ табдил дода шавад. Мактаб на танҳо ҷойи санҷиши хатмкунанда, балки муҳити омӯзиши давомдори ӯ мебошад.

Дар адабиёти классикии педагогӣ омодагии умумии омӯзгор ҳамчун ягонагии дониш, маҳорат, мавқеи касбӣ ва қобилияти таҳлили фаъолияти худ шарҳ дода мешавад [1, с. 15–32; 8, с. 235–260]. А.К. Маркова касбиятро бо рушди шахсият, ангеза ва худбаҳодиҳии воқеӣ мепайвандад [7, с. 12–35]. Ин андешаҳо имкон медиҳанд, ки мутобиқшавӣ ҳамчун ҳамоҳанг шудани талаботи фаъолияти воқеӣ бо имконият, интизорӣ ва захираҳои дохилии омӯзгор фаҳмида шавад. Агар яке аз ин қисмҳо сарфи назар гардад, мутобиқшавӣ зоҳирӣ мемонад: омӯзгор тартиботро иҷро мекунад, вале масъалаҳои касбиро мустақилона ҳал карда наметавонад ё эҳсоси мансубият ба ҷомеаи омӯзгориро пайдо намекунад.

Мақсади мақола аз асоснок намудани мазмун, сохтор ва механизмҳои дастгирии мутобиқшавии касбии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ иборат аст. Барои расидан ба мақсад се вазифа гузошта шуд: якум, равишҳои асосии назариявӣ ба мафҳуми мутобиқшавии касбӣ муқоиса карда шаванд; дуюм, зиддиятҳо ва марҳилаҳои ин раванд муайян гарданд; сеюм, механизми амалии ҳамроҳии омӯзгори ҷавон дар сатҳи мактаб пешниҳод карда шавад. Мақола натиҷаҳои таҳқиқи қаблии муаллифро ҳамчун заминаи таърихию маҳаллӣ истифода

мебарад [3, с. 15–34; 4, с. 172–178], аммо онҳоро бо адабиёти байналмилалии солҳои охир ва талаботи муосири рушди касбӣ аз нав тафсир мекунад.

Методология ва доираи таҳлил. Таҳқиқ хусусияти назариявию таҳлилӣ дорад. Манбаъҳо бо усулҳои таҳлили мафҳумӣ, муқоисаи назарияҳо, синтези натиҷаҳои баррасиҳои низомманд ва таҳлили дуюмдараҷаи маводи таҳқиқоти пешини муаллиф омӯхта шуданд. Воҳиди таҳлил на «мушкилоти шахсии омӯзгори ҷавон», балки муносибати байни омӯзгор, фаъолияти ӯ ва муҳити мактаб интихоб гардид. Ин интихоб аз он бармеояд, ки мутобиқшавӣ ҳамеша дар робитаи мутақобил сурат мегирад: шахс талаботи касбро аз худ мекунад ва ҳамзамон бо ташаббусу таҷрибаи худ муҳити кориро тағйир медиҳад. Бинобар ин, нишондиҳандаҳои мутобиқшавӣ бояд ҳам тағйироти шахсӣ ва ҳам сифати ҳамкорӣ, дастрасии захираҳо ва хусусияти роҳбариро инъикос намоянд.

Равиши низомӣ мутобиқшавиро маҷмуи робитаҳои байни ангеза, дониш, амал, муошират ва рефлексия мешуморад. Равиши шахсиятӣ-фаъолиятӣ таъкид мекунад, ки маҳорат танҳо дар иҷрои вазифаҳои воқеӣ ва таҳлили натиҷаи онҳо ташаккул меёбад. Равиши субъектӣ омӯзгори ҷавонро қабулкунандаи ғайрифаъоли меъёрҳо намедонад; ӯ ҳадаф мегузорад, интихоби педагогӣ мекунад ва барои оқибати он масъул аст. Равиши муҳитӣ бошад, ба захираҳо ва маҳдудиятҳои мактаб — фарҳанги ҳамкорӣ, дастрасии роҳнамо, вақти мушоҳида, муносибати роҳбарият ва фазои равонӣ — диққат медиҳад. Якҷоя истифода шудани ин равишҳо сабабҳои нокомии барномаҳои танҳо иттилоотӣ ё танҳо назоратиро равшан месозад.

Мафҳуми «мутобиқшавии касбии омӯзгор» дар ин мақола ҳамчун раванди ҳамоҳангсозии фаъолонаи имконият ва мавқеи шахс бо вазифаҳо, меъёрҳо ва муносибатҳои фаъолияти педагогӣ муайян карда мешавад. Натиҷаи он на итоати комил ба тартибот, балки қобилияти мустақилона ва ахлоқӣ ҳал намудани масъалаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва коммуникативӣ мебошад. Ин таъриф бо фаҳмиши муошират ҳамчун фаъолияти мақсаднок мувофиқ аст [6, с. 3–18] ва нақши шахсиятро дар сохтани муносибати касбӣ таъкид мекунад [2, с. 41–68]. Дар ин ҷо «мутобиқат» ҳолати нисбӣ, вале «мутобиқшавӣ» ҳаракати пайвастаи омӯзиш, санҷиш, ислоҳ ва аз нав маънидод кардани таҷриба мебошад.

Барои санҷиши мантиқии модели пешниҳодшуда натиҷаҳои баррасиҳои байналмилалии барномаҳои induction ва mentoring истифода шуданд. Баррасии интиқодии Р. Ингерсолл ва М. Стронг нишон медиҳад, ки барномаҳои серҷузъа нисбат ба чорабинии якдафъаина таъсири устувортар доранд [12, с. 201–214]. Баррасии А. Хобсон ва ҳаммуаллифон ҳамзамон ҳушдор медиҳад, ки менторӣ дар сурати интихоби нодурусти роҳнамо, набудани вақт ё омехтани дастгирӣ бо баҳодиҳии маъмурӣ метавонад самараи худро гум кунад [11, с. 207–213]. Таҳлили систематикии С. Кортни ва ҳаммуаллифон гуногунии моделҳои миллиро нишон дода, зарурати мутобиқ кардани онҳо ба фарҳанг ва сохтори низоми маҳаллиро асоснок менамояд [10, с. 1–9].

Моҳият, сохтор ва динамикаи мутобиқшавӣ. Дар сохтори мутобиқшавии касбӣ чор зернизоми бо ҳам алоқаманд чудо карда мешаванд. Зернизоми ангезишию арзишӣ муносибат ба кӯдак, маънои шахсии касб, масъулият ва омодагӣ ба рушди доимиро фаро мегирад. Зернизоми маърифатию амалӣ донишҳои педагогӣ, фаҳмиши барномаи таълимӣ, банақшагирӣ, баҳодиҳӣ ва идоракунии синфро муттаҳид мекунад. Зернизоми коммуникативию муносибатӣ қобилияти гӯш кардан, савол додан, пешниҳоди бозхӯрд, танзими низоъ ва ҳамкорӣ бо оиларо дар бар мегирад. Зернизоми рефлексивию худтанзимкунӣ ба таҳлили дарс, идоракунии эҳсосот, дархости кумак ва ислоҳи стратегия вобаста аст. Пешрафт танҳо он вақт устувор мегардад, ки тағйирот дар ҳамаи зернизомҳо ба ҳамдигар такя кунанд.

Марҳилаи аввал — самтгирӣ — аз шиносоӣ бо фарҳанг, меъёр, нақш ва захираҳои мактаб иборат аст. Дар ин давра маълумоти расмӣ бояд бо шарҳи вазъиятҳои воқеӣ пайваст шавад: чӣ гуна бо падару модар иртибот барқарор карда мешавад, дар ҳолати мушкили рафторӣ кӣ кумак мекунад, бозхӯрд чӣ тавр дода мешавад ва кадом қарорҳо салоҳияти худи омӯзгор мебошанд. Самтгирии хуб норавшании нақшро кам мекунад, аммо набояд ба

феҳристи дастурҳо табдил ёбад. Омӯзгор бояд имкони савол додан, санҷидани фаҳмиши худ ва сохтани нақшаи инфиродии 90 рӯзи аввалро дошта бошад.

Марҳилаи дуюм — иҷрои дастгиришавандаи фаъолияти касбӣ — меҳвари асосии мутобиқшавист. Дар он мушоҳидаи дарси роҳнамо, банақшагирии муштарак, гузаронидани дарс, мушоҳидаи мақсадноки омӯзгори ҷавон ва суҳбати рефлексивӣ ба як давра муттаҳид мешаванд. Мушоҳида бояд ба нишондиҳандаҳои пешакӣ мувофиқ бошад: возеҳии дастур, тақсимоти вақт, иштироки хонандагон, сифати саволҳо ва фазои эҳсосӣ. Модели стандартизатсияшудаи мушоҳидаи равандҳои синфӣ нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба ҳамкории воқеии омӯзгор ва хонанда барои рушди сифат аз баҳодиҳии умумии «дарси хуб ё бад» муфидтар аст [15, с. 109–116].

Марҳилаи сеюм — мустақилияти масъулона — бо зиёд шудани қобилияти омӯзгор ба ташхиси вазъият, интихоб ва асоснок кардани қарор тавсиф мешавад. Роҳнамо дар ин марҳила ҷавоби омодаро камтар медиҳад ва бештар саволҳои таҳлилӣ пешниҳод мекунад. Мақсад қатъи дастгирӣ нест, балки тағйир додани шакли он аз роҳнамоии мустақим ба машварати касбӣ мебошад. Худсамаранокии воқеӣ дар натиҷаи таҷрибаи муваффақ, бозхӯрди боэътимод ва дидани пешрафти хонандагон ташаккул меёбад; синтези чилсолаи таҳқиқот робитаи онро бо сифати равандҳои синфӣ ва беҳбудии худи омӯзгор нишон медиҳад [20, с. 981–997].

Динамикаи мутобиқшавӣ хаттӣ нест. Пас аз пешрафт метавонад ҳангоми синфи нав, тағйири барнома, низоъ бо волидайн ё афзоиши сарборӣ коҳиши муваққатӣ ба вуҷуд ояд. Аз ин рӯ, арзёбӣ бояд на як нишондиҳандаи ҷамъбастӣ, балки траекторияи шахсиро нишон диҳад. Тағйирот дар донишҳои идоракунии синф метавонад афзоиши хастагии эҳсосиро бодорад, вале ин робита аз шароити кор ва имкони истифодаи дониш вобаста аст [19, с. 170–181]. Ҳамин нукта зарурати ҳамзамон таҳким додани салоҳият ва ҳифзи захираҳои равонии омӯзгорро асоснок менамояд.

Мутобиқшавии касбӣ бо ташаккули ҳувияти омӯзгорӣ алоқаманд аст. Омӯзгори ҷавон байни тасаввури қаблӣ дар бораи «омӯзгори хуб», таҷрибаи донишҷӯӣ ва воқеияти мактаб созиш меҷӯяд. Таҳқиқоти ҳувияти омӯзгор нишон медиҳанд, ки ин раванд тағйирёбанда ва вобаста ба муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад [9, с. 175–184]. Агар муҳит танҳо иҷрои дастурро талаб кунад, омӯзгор метавонад овози касбии худро аз даст диҳад; агар талабот номуайян бошад, эҳсоси ноамнӣ афзоиш меёбад. Дастгирии дуруст байни меъёрҳои умумӣ ва интихоби асосноки шахсӣ мувозинат месозад.

Механизмҳои дастгирии педагогӣ. Механизми якум ташхиси ибтидоӣ ва шартномаи рушди касбӣ мебошад. Ташхис бояд ба санҷиши «камбудиҳо» маҳдуд нашавад; он захираҳо, таҷрибаи пешина, афзалияти омӯзиш ва вазъиятҳои душворро муайян мекунад. Дар суҳбати ибтидоӣ омӯзгор ва роҳнамо ду ё се ҳадафи ченшавандаро интихоб мекунанд, масалан, беҳтар намудани саволҳои таҳрикдиҳандаи фикр, афзоиши иштироки хонандагони камфаъол ё ташкили бозхӯрди фаҳмо. Шартномаи рушд махфияти суҳбатҳои менторӣ, даврияти мулоқот ва тарзи ҷамъоварии далелҳоро муайян месозад. Ин ҳуҷҷат бояд воситаи масъулияти муштарак бошад, на шакли нави назорати коғазӣ.

Механизми дуюм ментории рушддиҳанда аст. Таҳқиқоти Д. Рихтер ва ҳаммуаллифон нишон медиҳад, ки ментории ба ҳамсохтани дониш нигаронидашуда нисбат ба интиқоли якҷонибаи «тарзи дуруст» ба худсамаранокӣ, шавқи таълим ва қаноатмандӣ бештар мусоидат мекунад [16, с. 166–174]. Аз ин рӯ, роҳнамо бояд савол диҳад, далел талаб кунад, алтернативаҳоро муқоиса намояд ва ба омӯзгори ҷавон имкони санҷидани қарорро диҳад. Барои ин худи роҳнамо низ омодагӣ мехоҳад: донистани принсипҳои омӯзиши калонсолон, малакаи мушоҳида, бозхӯрди ғайриҳукмӣ ва ҳифзи ҳудуди муносибати касбӣ.

Механизми сеюм ҳамкории касбии даста мебошад. Мутобиқшавӣ танҳо дар муносибати дугонаи «роҳнамо — омӯзгори ҷавон» маҳдуд намешавад. Гурӯҳи методӣ метавонад таҳлили кори хонанда, тарҳрезии дарси муштарак, дарси кушоди омӯзишӣ ва баррасии вазъияти мураккабро ташкил кунад. Чунин фаъолият омӯзгори ҷавонро аз танҳоӣ мебарорад ва нишон медиҳад, ки номуайянӣ ҷузъи табиии кори педагогист. Муносибатҳои

мусбати омӯзгор ва хонанда бо иштироки таълимӣ ва дастовардҳо робита доранд [17, с. 493–511], бинобар ин муҳокимаи даста бояд на танҳо методикаи фаннӣ, балки сифати муносибат ва ҳисси амниятро низ фаро гирад.

Механизми чорум рефлексияи далелнок мебошад. Рефлексия бояд аз ҷумлаҳои умумии «дарс хуб гузашт» ё «хонандагон фаъол набуданд» ба таҳлили далелҳо гузарад: кадом саволҳо посухи муфассал ба вуҷуд оварданд, дар кадом лаҳза диққат коҳиш ёфт, кӣ аз фаъолият берун монд ва бозхӯрд ба ислоҳи амал чӣ гуна таъсир кард. Сабти кӯтоҳи баъд аз дарс, порчаи видеоӣ бо розигии зарурӣ, намунаи кори хонанда ва харитаи иштироки синф далел шуда метавонанд. Ин усул фарҳанги таҳқиқи амалро ташаккул медиҳад ва омӯзгорро аз вобастагӣ ба баҳодиҳии субъективии шахси дигар ҳифз мекунад.

Ҷадвали 1. Давраи дастгирии мутобиқшавии касбии омӯзгори ҷавон

Марҳила	**Амали асосӣ**	**Далели пешрафт**	**Нақши роҳнамо**
Ташхис	Муайян кардани захира, ниёз ва вазъияти душвор	Харитаи ибтидоии салоҳият	Гӯш кардан ва дақиқсозӣ
Самтгирӣ	Шиносоӣ бо меъёрҳо ва фарҳанги мактаб	Нақшаи 90 рӯзи аввал	Шарҳ ва моделсозӣ
Амал	Банақшагирӣ, дарс ва мушоҳида	Сабт, кори хонанда, бозхӯрд	Ҳамроҳӣ ва саволгузорӣ
Рефлексия	Таҳлили сабабу натиҷаи қарорҳо	Хулосаи рефлексивӣ	Бозхӯрди ғайриҳукмӣ
Мустақилият	Интихоби асоснок ва интиқоли таҷриба	Портфолио ва ҳадафи нав	Машварат ҳангоми дархост

Механизми панҷум ҳифзи захира ва пешгирии фарсудашавии барвақт аст. Салоҳияти иҷтимоию эҳсосии омӯзгор ба фазои синф, идоракунии рафтор ва муносибати дастгиркунанда таъсир мерасонад [13, с. 491–507]. Аз ин рӯ, барномаи мутобиқшавӣ бояд идоракунии сарборӣ, муайян кардани ҳудуд, тарзи дархости кумак ва барқарорсозии эҳсосиро дар бар гирад. Ин кор набояд ба «масъулияти шахсӣ барои тобоварӣ» табдил ёбад: роҳбарият вазифадор аст ҷадвали қобили иҷро, дастрасии маводи таълимӣ ва муносибати эҳтиромонаро таъмин кунад. Дастгирии равонӣ ва такмили маҳорат ду ҷанбаи як раванд мебошанд.

Механизми шашум ҳамкорӣ бо оила аст. Барои омӯзгори синфҳои ибтидоӣ мулоқоти аввал бо падару модар, шарҳи баҳодиҳӣ ва ҳалли нигаронӣ аксаран манбаи изтироб мегардад. Машқи сенарияҳои суҳбат, мушоҳидаи мулоқоти роҳнамо ва омодасозии паёми кӯтоҳи далелнок имкони хатогиро кам мекунад. Принсипи асосӣ гузариш аз ҳимояи мавқеи худ ба сохтани масъалаи муштарак мебошад: «Кадом далел дорем? Ҳадафи рушди кӯдак чист? Ҳар тараф чӣ кор карда метавонад?» Бо ин роҳ муошират ба воситаи мутобиқшавӣ табдил меёбад, зеро омӯзгор нақши касбии худро дар шабакаи муносибатҳои мактаб меомӯзад.

Механизми ҳафтум арзёбии пешрафт ва қарор дар бораи анҷоми марҳилаи ибтидоӣ мебошад. Арзёбӣ бояд бо меъёрҳои пешакӣ маълум ва манбаъҳои гуногуни далел анҷом дода шавад: худбаҳодиҳӣ, мушоҳида, портфолио, кори хонанда ва суҳбати касбӣ. Натиҷа ба се савол посух медиҳад: омӯзгор кадом вазифаҳоро мустақилона ҳал мекунад; дар кадом соҳа машварати даврӣ ҳанӯз зарур аст; ҳадафи навбатии рушди касбӣ чист. Ҳамин равиш мутобиқшавиро аз санҷиши якдафъаина ба оғози траекторияи рушди давомдор табдил медиҳад.

Муҳокима. Модели пешниҳодшуда аз фаҳмиши маҳдуди мутобиқшавӣ ҳамчун итоат ба муҳит фарқ мекунад. Он фаъол будани омӯзгор, тағйирпазирии муҳит ва таъсири мутақобилаи онҳоро эътироф менамояд. Дар ин модел барномаи воридшавӣ ба касб на

ҷамъбасти лексияҳои ташкиливу ҳуқуқӣ, балки пайдарпаии таҷрибаҳои касбӣ мебошад. Натиҷаи баррасии байналмилалӣ низ нишон медиҳад, ки ҳамоҳангии ҷузъҳо — роҳнамоӣ, омӯзиши муштарак, бозхӯрд ва дастгирии роҳбарият — аз мавҷудияти номи расмии «барномаи induction» муҳимтар аст [10, с. 8–12; 12, с. 218–226].

Барои шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон муҳим аст, ки барнома ба захираҳои воқеӣ мутобиқ карда шавад. Дар мактаби дорои шумораи ками омӯзгорони соҳибтаҷриба метавон ментории гурӯҳӣ ё шабакаи байнимактабиро истифода бурд. Дар мактаби деҳот машварати фосилавӣ метавонад дастрасиро беҳтар кунад, вале он бояд бо мушоҳидаи воқеии дарс ва мулоқоти рӯбарӯ пурра гардад. Талаботи миллӣ ба тарбия, забон ва арзишҳои фарҳангӣ бояд дар маводи вазъиятӣ инъикос шавад. Мутобиқсозӣ ба маънои нусхабардории модели хориҷӣ нест; он интихоб ва бозсозии унсурҳои далелнок дар заминаи маҳаллӣ мебошад.

Маҳдудияти мақола дар хусусияти назариявии он аст. Пешниҳодҳо ба синтези манбаъҳо ва таҳлили дуюмдараҷаи таҷрибаи қаблӣ асос ёфта, самаранокии онҳо дар мактабҳои дорои шароити гуногун бояд бо таҳқиқи минбаъдаи омехта санҷида шавад. Барои арзёбии боэътимод назорати пеш аз барнома, дар ҷараён ва баъд аз он, инчунин муқоисаи маълумоти худбаҳодиҳӣ бо мушоҳида ва натиҷаи кори хонанда зарур аст. Бо вуҷуди ин, модели пешниҳодшуда барои тарҳрезии чунин таҳқиқ чаҳорчӯбаи равшан медиҳад.

Барномаи намунавии садрӯза ва мониторинги пешрафт. Барои табдил додани модели назариявӣ ба амал барномаи садрӯза пешниҳод мешавад. Ин давра шартан ба чор марҳила — оғози касбӣ, устуворсозии фаъолияти синфӣ, густариши ҳамкорӣ ва ҷамъбасти рефлексивӣ — тақсим мегардад. Тақсимот тақвими қатъӣ нест; суръати пешрафт аз таҷриба, сарборӣ ва вазъи мактаб вобаста мебошад. Афзалияти чунин тарҳ дар он аст, ки интизориҳо аз рӯзи аввал намоёнанд ва омӯзгор метавонад пешрафти худро ба қадамҳои наздик пайваст кунад, на ба ҳадафи номуайяни «комилан омода шудан».

Дар бист рӯзи аввал самтгирӣ ва муносибати боэътимод авлавият доранд. Омӯзгор бо меъёрҳои мактаб, ҷараёни ҳуҷҷат, шахсони масъул ва захираҳои кумак шинос мешавад. Роҳнамо як дарси намунавӣ нишон медиҳад ва бо омӯзгор ҳадафи аввалро интихоб мекунад. Дар ин марҳила истифодаи ақидаҳои Кан-Калик дар бораи марҳилаҳои ташкили муошират педагогӣ барои пешбинӣ ва оғоз кардани робита муфид аст [5, с. 74–96]. Маҳсули марҳила харитаи захираҳо ва нақшаи кӯтоҳи рушди инфиродӣ мебошад.

Аз рӯзи бисту якум то чиҳилум диққат ба сохтори дарс ва идоракунии синф дода мешавад. Омӯзгор бо роҳнамо мақсад, вазифа ва тартиби гузаришҳоро банақша мегирад; баъд як самт мушоҳида мешавад. Ба ҷойи баррасии ҳамаи ҷанбаҳо, танҳо нишондиҳандаҳои интихобшуда — масалан, возеҳии дастур ва вақти интизорӣ — сабт мегарданд. Ин маҳдудсозӣ сарбории маърифатиро кам намуда, имкони такрори беҳтаршударо зиёд мекунад. Далели пешрафт кам шудани саволҳои такрорӣ ва афзоиши оғози мустақили кори хонандагон аст.

Дар рӯзҳои чиҳилу якум то ҳафтодум ҳамкорӣ ва фарогирӣ ба марказ мегузаранд. Омӯзгор тарзи ҷалби хонандагони камфаъол, бозхӯрд ба хато ва муошират бо волидонро месанҷад. Барои ҳар амал далели хурд ҷамъ мешавад: харитаи иштироки синф, намунаи кори хонанда ё қайди суҳбат. Ҳадаф ҷамъ кардани ҳуҷҷатҳои зиёд нест, балки дидани робитаи байни интихоби омӯзгор ва посухи иштирокчиён мебошад. Роҳнамо дар ин марҳила саволҳои таҳлилӣ медиҳад ва тавсияи мустақимро танҳо ҳангоми зарурати амният ё норасоии дониш истифода мебарад.

Дар рӯзҳои ҳафтоду якум то садум интиқоли маҳорат ва мустақилият санҷида мешаванд. Омӯзгор воситаи омӯхташударо дар мавзуъ, синф ё вазъияти дигар истифода мекунад. Сипас портфолиои мухтасар омода мешавад: ҳадафи ибтидоӣ, ду далели амал, бозхӯрд, тағйир ва ҳадафи нав. Суҳбати ҷамъбастӣ на «имтиҳони мутобиқшавӣ», балки таҳлили траектория аст. Қарор метавонад қатъи мулоқоти ҳафтаина, идомаи дастгирии ҳадафманд ё ҷалби мутахассиси дигар бошад.

Мониторинг бояд нишондиҳандаҳои пешбаранда ва натиҷавиро фарқ кунад. Нишондиҳандаи пешбаранда иҷрои амалест, ки ба натиҷа меорад: мунтазамии мулоқот, шумораи даврaҳои санҷиш ва сифати бозхӯрд. Нишондиҳандаи натиҷавӣ тағйири рафтори касбӣ, иштироки хонанда, худсамаранокӣ ва устувории эҳсосӣ мебошад. Агар амал иҷро нашуда бошад, набудани натиҷаро ба нодурустии модел нисбат додан мумкин нест. Агар амал бо сифати баланд иҷро шуда, натиҷа набошад, фарзияи таъсир бозбинӣ мешавад.

Барои арзёбии сифат се манбаи ҳадди ақал тавсия мешавад: худҳисоботи омӯзгор, мушоҳидаи роҳнамо ва маҳсулоти фаъолияти хонанда. Дар ҳолати имконият назари хонанда ё волид бо воситаи кӯтоҳ ва ахлоқан мувофиқ илова мешавад. Маълумот ба ҳадафи барнома маҳдуд буда, барои сохтани рейтинги оммавӣ истифода намегардад. Ин принсип эътимодро нигоҳ дошта, омӯзгорро ба пешниҳоди мушкили воқеӣ ҳавасманд мекунад.

Барнома бо ҷамъбасти садрӯза анҷом намеёбад. Он бояд ба нақшаи солонаи рушди касбӣ пайваст шавад. Ҳадафи нав метавонад фарқгузории таълим, арзёбии ташаккулдиҳанда ё роҳбарии кори гурӯҳӣ бошад. Ҳамин гузариш мутобиқшавиро ба рушди давомдор мепайвандад ва аз вобастагӣ ба роҳнамо пешгирӣ мекунад. Мактаб низ аз натиҷаҳои беном истифода бурда, мавзуъҳои умумии омӯзиши даста ва монеаҳои сохториро муайян карда метавонад.

Тавсияҳои такмилдиҳанда. Барои омодасозии роҳнамо як машғулияти калибровка тавсия мешавад. Роҳнамоён порчаи якхелаи дарсро тамошо ё матни мушоҳидаро мехонанд, сипас далел ва тафсири худро ҷудо менависанд. Фарқиятҳо дар гурӯҳ баррасӣ мешаванд: кадом хулоса аз матн дастгирӣ меёбад ва кадомаш ба интизории шахсӣ такя мекунад. Ин амал арзёбиро пурра беғараз намекунад, вале таъсири таассуроти тасодуфиро кам карда, забони умумии бозхӯрдро месозад. Натиҷаи машғулият намунаҳои меъёр ва ибораҳои бозхӯрди ғайриҳукмӣ мебошад.

Барномаи садрӯза бояд ба омӯзгори дорои таҷрибаи қаблӣ низ мутобиқ шавад. Омӯзгори аз мактаби дигар омада метавонад дар методика салоҳияти баланд, вале дар фарҳанги нави ташкилӣ ниёзи самтгирӣ дошта бошад; хатмкунандаи нав бошад, ба дастгирии бештар дар идоракунии синф ниёз дорад. Аз ин рӯ, давомнокӣ ва шиддати ҳар марҳила аз ташхис бармеояд. Адолат дар ин ҳолат ба ҳама як хел додани кумак не, балки фароҳам овардани дастгирии мувофиқ ба ниёз ва ҳадафи умумии сифат мебошад.

Хулоса. Мутобиқшавии касбии омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ раванди бисёрсатҳаест, ки ҳам рушди шахсият ва ҳам сифати муҳити мактабро талаб мекунад. Нишонаи асосии он на танҳо риояи тартибот, балки қобилияти мустақилона, ахлоқӣ ва далелнок ҳал намудани масъалаҳои педагогӣ мебошад. Барои ин ҳамоҳангии ҷузъҳои ангезишию арзишӣ, маърифатию амалӣ, коммуникативию муносибатӣ ва рефлексивию худтанзимкунӣ зарур аст.

Механизми «ташхис — самтгирӣ — менторӣ — таҷрибаи назоратшаванда — рефлексия — арзёбии пешрафт» метавонад асоси барномаи мактабии воридшавӣ ба касб гардад. Самаранокии он аз интихоби роҳнамои омодашуда, вақти махсус барои ҳамкорӣ, ҷудо будани дастгирӣ аз назорати ҷазодиҳанда ва истифодаи далелҳои воқеии фаъолияти синфӣ вобаста мебошад. Таъсири барнома бояд бо нишондиҳандаҳои пешрафти омӯзгор, сифати муносибат, устувории эҳсосӣ ва қобилияти интиқоли таҷриба ба вазъияти нав арзёбӣ шавад.

Аз нигоҳи идоракунӣ, дастгирии омӯзгори ҷавон сармоягузорӣ ба сифати таълим ва нигоҳдории кадрҳо мебошад, на имтиёзи муваққатӣ. Татбиқи модели пешниҳодшуда таҳияи санади дохилии мактаб, омодасозии роҳнамоён, тақвими мулоқотҳо ва портфолиои рушди касбиро тақозо мекунад. Таҳқиқи минбаъда бояд қобили татбиқ ва таъсири ин механизмро дар мактабҳои шаҳрӣ ва деҳотӣ, бо назардошти сарборӣ ва таҷрибаи гуногуни омӯзгорон, ба таври эмпирикӣ санҷад.

Адабиёт:

1. Абдулина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. — Москва: Просвещение, 1984. — 208 с.

2. Бодалев А.А. Личность и общение. — Москва: Международная педагогическая академия, 1995. — 328 с.

3. Давлатов М.А. Педагогические условия формирования готовности молодых учителей начальных классов к педагогическому общению: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.01. — Куляб, 2022. — 176 с.

4. Давлатов М.А., Мирализода А.М. Адаптация молодых учителей начальных классов к профессионально-педагогической деятельности // Вестник Таджикского национального университета. — 2021. — № 7. — С. 172–178.

5. Кан-Калик В.А. Учителю о педагогическом общении. — Москва: Просвещение, 1987. — 190 с.

6. Леонтьев А.А. Педагогическое общение. — Москва: Знание, 1979. — 48 с.

7. Маркова А.К. Психология профессионализма. — Москва: Международный гуманитарный фонд «Знание», 1996. — 308 с.

8. Сластенин В.А., Исаев И.Ф., Шиянов Е.Н. Педагогика / под ред. В.А. Сластенина. — Москва: Академия, 2013. — 608 с.

9. Бошам К., Томас Л. Понимание идентичности учителя: обзор проблем в литературе и выводы для педагогического образования // Cambridge Journal of Education. — 2009. — Т. 39, № 2. — С. 175–189. — DOI: 10.1080/03057640902902252.

10. Кортни С.А., Остин К.К., Золфагари М. Международные подходы к введению учителя в профессию: систематический обзор // Teaching and Teacher Education. — 2023. — Т. 125. — Ст. 104047. — DOI: 10.1016/j.tate.2023.104047.

11. Хобсон А.Дж., Эшби П., Малдерез А., Томлинсон П.Д. Наставничество начинающих учителей: что мы знаем и чего не знаем // Teaching and Teacher Education. — 2009. — Т. 25, № 1. — С. 207–216. — DOI: 10.1016/j.tate.2008.09.001.

12. Ингерсолл Р.М., Стронг М. Влияние программ введения в профессию и наставничества для начинающих учителей: критический обзор исследований // Review of Educational Research. — 2011. — Т. 81, № 2. — С. 201–233. — DOI: 10.3102/0034654311403323.

13. Дженнингс П.А., Гринберг М.Т. Просоциальный класс: социально-эмоциональная компетентность учителя и результаты учащихся и класса // Review of Educational Research. — 2009. — Т. 79, № 1. — С. 491–525. — DOI: 10.3102/0034654308325693.

14. ОЭСР. Результаты TALIS 2024: состояние преподавания. — Париж: OECD Publishing, 2025. — 306 с. — DOI: 10.1787/90df6235-en.

15. Пианта Р.К., Хэмре Б.К. Концептуализация, измерение и совершенствование процессов в классе: стандартизированное наблюдение как средство развития потенциала // Educational Researcher. — 2009. — Т. 38, № 2. — С. 109–119. — DOI: 10.3102/0013189X09332374.

16. Рихтер Д., Кунтер М., Людтке О., Клусманн У., Андерс И., Баумерт Ю. Влияние различных подходов к наставничеству на развитие начинающих учителей в первые годы работы // Teaching and Teacher Education. — 2013. — Т. 36. — С. 166–177. — DOI: 10.1016/j.tate.2013.07.012.

17. Рорда Д.Л., Коомен Х.М.И., Спилт Я.Л., Оорт Ф.Я. Влияние эмоциональных отношений учителя и ученика на учебную вовлеченность и достижения: метааналитический подход // Review of Educational Research. — 2011. — Т. 81, № 4. — С. 493–529. — DOI: 10.3102/0034654311421793.

18. ЮНЕСКО; Международная целевая группа по учителям для Образования-2030. Всемирный доклад об учителях: преодоление дефицита учителей и преобразование

профессии. — Париж: ЮНЕСКО, 2024. — 228 с. — URL: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000388832 (дата обращения: 22.09.2026).

19. Фосс Т., Вагнер В., Клусманн У., Траутвайн У., Кунтер М. Изменения знаний начинающих учителей об управлении классом и эмоционального истощения в период вхождения в профессию // Contemporary Educational Psychology. — 2017. — Т. 51. — С. 170–184. — DOI: 10.1016/j.cedpsych.2017.08.002.

20. Зее М., Коомен Х.М.И. Самоэффективность учителя и ее влияние на процессы в классе, учебную адаптацию учащихся и благополучие учителя: синтез сорокалетних исследований // Review of Educational Research. — 2016. — Т. 86, № 4. — С. 981–1015. — DOI: 10.3102/0034654315626801.

МУТОБИҚШАВИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ: РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ДАСТГИРИИ ПЕДАГОГӢ

Дар мақола мутобиқшавии касбии омӯзгори ҷавони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун раванди фаъол, бисёрсатҳа ва аз ҷиҳати арзишӣ танзимшавандаи воридшавӣ ба ҷомеаи касбӣ баррасӣ мегардад. Ҳадаф аз таҳқиқ асоснок намудани модели мафҳумии мутобиқшавӣ ва муайян кардани механизмҳои дастгирии педагогие мебошад, ки гузариши хатмкунандаро аз донишҳои донишгоҳӣ ба иҷрои мустақилонаи вазифаҳои омӯзгорӣ осон мекунанд. Методология ба таҳлили низомӣ, шахсиятӣ-фаъолиятӣ, субъектӣ ва муҳитӣ, инчунин ба муқоисаи таҳқиқи муосири байналмилалӣ ва таҷрибаи миллии омодасозии омӯзгорон такя мекунад. Муайян карда шуд, ки мутобиқшавӣ аз ҳамоҳангии чор зернизом — ангезишию арзишӣ, маърифатию амалӣ, коммуникативию муносибатӣ ва рефлексивию худтанзимкунӣ — вобаста аст. Навгонии мақола дар пешниҳоди механизми пайвастаи «ташхис — роҳнамоӣ — ҳамроҳии менторӣ — таҷрибаи назоратшаванда — рефлексия — арзёбии пешрафт» ифода меёбад. Нишон дода мешавад, ки дастгирии самарабахш бояд ҳам ниёзҳои инфиродии омӯзгор ва ҳам захираҳои дастаи мактабро фаро гирад. Хулосаҳо барои тарҳрезии барномаҳои воридшавӣ ба касб, фаъолияти роҳбарони мактаб ва курсҳои такмили ихтисос аҳаммияти амалӣ доранд. Меъёрҳои пешниҳодшуда имконият медиҳанд, ки пешрафт дар тули соли аввали кор бо далелҳои муқоисашаванда пайгирӣ карда шавад.

Калидвожаҳо: мутобиқшавии касбӣ, омӯзгори ҷавон, синфҳои ибтидоӣ, дастгирии педагогӣ, роҳнамоӣ, менторӣ, рефлексия, худсамаранокӣ, муҳити мактаб

ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ АДАПТАЦИЯ МОЛОДЫХ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ И МЕХАНИЗМЫ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПОДДЕРЖКИ

В статье профессиональная адаптация молодого учителя начальных классов рассматривается как активный, многоуровневый и ценностно регулируемый процесс вхождения в профессиональное сообщество. Цель исследования состоит в обосновании концептуальной модели адаптации и определении механизмов педагогической поддержки, облегчающих переход выпускника от университетской подготовки к самостоятельному выполнению учительских функций. Методология опирается на системный, личностно-деятельностный, субъектный и средовой подходы, а также на сопоставление современных международных исследований и национального опыта подготовки педагогов. Установлено, что успешность адаптации определяется согласованностью четырех подсистем: мотивационно-ценностной, когнитивно-практической, коммуникативно-реляционной и рефлексивно-саморегуляционной. Научная новизна выражена в предложении непрерывного механизма «диагностика — ориентация — наставническое сопровождение — контролируемая практика — рефлексия — оценка прогресса». Показано, что действенная поддержка должна охватывать как индивидуальные потребности начинающего учителя, так и ресурсы педагогического коллектива школы. Обоснованы функции наставника, администрации и профессионального сообщества, а также критерии завершения этапа

первичной адаптации. Результаты могут использоваться при проектировании программ введения в профессию, в работе руководителей школ и в системе повышения квалификации педагогических кадров. Предложенные критерии позволяют прослеживать прогресс в течение первого года работы на основе сопоставимых свидетельств.

Ключевые слова: профессиональная адаптация, молодой учитель, начальная школа, педагогическая поддержка, наставничество, рефлексия, самоэффективность, школьная среда, введение в профессию

PROFESSIONAL ADAPTATION OF NOVICE PRIMARY SCHOOL TEACHERS: THEORETICAL APPROACHES AND PEDAGOGICAL SUPPORT MECHANISMS

The article conceptualizes the professional adaptation of novice primary school teachers as an active, multilevel, and value-regulated process of entering a professional community. The study aims to substantiate a conceptual model of adaptation and identify pedagogical support mechanisms that facilitate the transition from university preparation to independent performance of teaching responsibilities. The methodology combines systems, person–activity, agency, and ecological perspectives and compares contemporary international research with the national experience of teacher preparation. The analysis shows that successful adaptation depends on the coherence of four subsystems: motivational and value-based orientation, cognitive and practical competence, communicative and relational competence, and reflective self-regulation. The study's contribution is a continuous support mechanism organized as «diagnosis — orientation — mentoring — supervised practice — reflection — progress assessment». Effective support must address both the individual needs of a beginning teacher and the collective resources of the school. The article specifies the functions of mentors, school leaders, and professional communities and proposes criteria for completing the initial adaptation stage. The findings can inform induction programme design, school management, and continuing professional development for primary school teachers.

Keywords: professional adaptation, novice teacher, primary education, pedagogical support, mentoring, reflection, self-efficacy, school environment, teacher induction

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатзода Миралӣ Абдусамад, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел.:985249224, 980000054.

Сведения об авторе: Давлатзода Мирали Абдусамад, кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел.: 985249224, 980000054.

Information about the author: Davlatzoda Mirali Abdusamad, candidate of pedagogical sciences, associate professor at the department of psychology, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360. Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov street, 16. Tel.: 985249224, 980000054.

ФИЛОЛОГИЯ

УДК 81’373.7
ББК 81.2-3

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ФРАЗЕОЛОГИИ В СОВРЕМЕННОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

Нозимов АА., д.ф.н., профессор
Филиала Национального исследовательского технологического университета «МИСИС» в г.Душанбе

Важнейшим аспектом в изучении иностранного языка является умение не только свободно ориентироваться в грамматических, лексических, словообразовательных аспектах данного языка, но и умение правильно использовать в коммуникации особые устойчивые сочетания, к таковым которым мы относим идиомы или фразеологические единицы. В настоящее время исследование лингвистических объектов неизбежно приводит к сопоставлению разноструктурных языков. Идиомы как особые языковые единицы характеризуют собой целостное значение, имеющие особую синтаксическую структуру, входящие в устойчивый лексический состав того или иного языка, воспроизводящиеся как готовые единицы с закрепленными за ними определенными значениями.

Изменение их состава, замена одних слов другими может быть оправдано лишь определенными стилистическими целями. Это наблюдается в произведениях художественной литературы и публицистике, когда авторы с целью внесения во фразеологизм дополнительных экспрессивных оттенков (шутки, иронии и т.д.) обновляют его состав.

Таким образом, знание фразеологии чрезвычайно облегчает чтение как публицистической, так и художественной литературы. Разумное использование фразеологизмов делает речь более идиоматичной, яркой, образной, эмоционально-экспрессивной.

Таджикские и английские языки имеют многолетнюю историю. За это время в них накопилось большое количество выражений, которые люди нашли удачными, меткими и красивыми. Так и возник особый слой языка - фразеология, совокупность устойчивых выражений, имеющих самостоятельное значение.

Исследование и систематизирование специфик фразеологической системы, позволяющие раскрыть широкий диапазон в области идиоматики, дает возможность исследователю рассмотреть данную проблематику в сравнительно-сопоставительном плане, так как раскрытие общих для разных языков закономерностей и происходящих в них процессов являются значимыми в научно-теоретическом и прикладном плане. При этом при реализации языковых признаков и свойств каждый из языков обнаруживает такие деталии оттенки, которые при их автономном изучении недоступны или труднодоступны непосредственному наблюдению.

Изучение отличительных и общих признаков идиом в таджикском и английском языках, их сравнительный анализ представляет интерес для большого круга лингвистов, так как идиоматика раздел языкознания, пополняясь многочисленными фундаментальными работами, остается по сей день самым научно-привлекательным, так как проблемы связанные с данной областью являются актуальными, а аспекты их исследования остаются дискуссионными.

Исследователи, относя современный русский язык, к язык, характеризующему своей многогранностью, имеющий огромную традицию в области изучения фразеологии, отмечают, что вопросы о минимальных идиоматических единицах еще не полностью разработаны и требуют своего дальнейшего изучения. В частности, А.И. Молотков отмечает, что у ученых, занимающихся проблемами фразеологии нет единого мнения по поводу

дефиниций и определений устойчивых единиц языка, нет единства взглядов, к какому составу относить данные устойчивые единицы. Ученые предлагают списки фразеологизмов русского языка, которые настолько отличительны друг от друга, что приходиться говорить о противоположных взглядах на данную проблематику [1, с. 85].

Существуют различные определения к такому языковому явлению как фразеологизм. Наиболее близко нам определение, данное в справочнике лингвистических терминов, которое мы перефразировали бы таким образом: фразеологизм - это целостная по значению, устойчивая по структуре и составу, неделимая по своей семантике, воспроизводимая в готовом виде языковая единица, функционирующая в речи.

Общеизвестно, что изучение языков в сравнительно-сопоставительном плане, требует решения актуальных проблем, превалирующих в науке о языке. Исследование и сопоставление разносистемных структур языка в области фразеологии, в частности сравнительный анализ идиоматических единиц таджикского и английского языков, бесспорно, имеет огромное значение для дальнейшей научной разработки теории фразеологии двух сопоставляемых языков, выявления различительных и совпадающих признаков исследуемых единиц языка.

С момента становления сопоставительной грамматики таджикского и английского языков, в зоне особого внимания ученых оставалась проблема изучения лексики сопоставляемых языков. Тем не менее, грамматический аспект в контрастивно - сопоставительном плане, его проблемное освещение никогда не теряло своей актуальности, о чем свидетельствуют многочисленные фундаментальные труды таджикских и русских ученых. Особый интерес вызывает сопоставительный анализ фразеологизмов, относящиеся к лексическому аспекту языковедения.

При выборе направления анализа мы остановились на анализе глагольных фразеологических единиц (ГФЕ) таджикского и английского языков в аспекте изучения закономерностей их структурного моделирования, а также особенностей их смысла семантики.

Согласно фразеологической теории В.В. Виноградова ФЕ - это устойчивые словесные комплексы, противопоставляемые свободным синтаксическим словосочетаниям как готовые языковые образования, не создаваемые, а лишь воспроизводимые в речи. Для них характерна семантическая спаянность или неразложимость составляющих их слов, которая проявляется в определенном лексическом (а не грамматическом) значении целой единицы или ее компонента [4, с. 69]. В.В. Виноградов в одной из первых работ по фразеологии рассматривал пословицы и поговорки в составе фразеологических оборотов, относящиеся к группе фразеологических единств. В последующих работах («Об основных типах фразеологических единиц в русском языке») он утверждал, что «Пословицы и поговорки имеют структуру предложения и не являются семантическими эквивалентами слов»[[1, с. 24].

Составные названия, или терминологические сочетания, акад. В.В. Виноградов рассматривает вслед за единствами. Однако некоторые из них типа железная дорога, грудная жаба он считает возможным отнести к «вовсе немотивированным единствам», т.е. к сращениям.

В совокупности, классифицируя ФЕ, академик В.В. Виноградов выделяет следующие типы фразеологических единиц: фразеологические сращения, единства и сочетания.

К трём типам фразеологических единиц Е.М. Шанский добавил ещё один вид ФЕ - фразеологические выражения. Под фразеологическими выражениями понимаются устойчивые в своём составе и употреблении обороты, которые не только являются семантически членимыми, но и состоят целиком из слов со сборным значением, например, волков бояться - в лес не ходить; не все золото, что блестит и т.д. [3, с. 64].

В основу своей теории А.И. Смирницкий кладет сопоставление ФЕ и слова. Большой заслугой А.И. Смирницкого является то, что он поставил вопрос о структурных типах ФЕ, о

различиях в составе их компонентов, о разнообразии их функциональных типов. А.И. Смирницкий различает ФЕ и «собственно идиомы» [4, с. 95]. Идиоматические единицы характеризуются метафоризацией, основанной на переносе значений, стилистическая окрашенность которых выделяет их из нейтрального стиля, придавая им особый языковой статус.

Например: мағруҳ будан, нишонаи зиндагӣ зоҳир накардан - not showing signs of life - (букв., мертвый как дверной гвоздь) - без признаков жизни; и др. К фразеологическим единицам он относит обороты типа: аз ҷой хестан - get up - вставать, подниматься; ошиқ шудан - W fall in 1oye -(бук., упасть в любовь) влюбиться; дар ҳайрат мондан - Ье surprised - быть удивленным; и др.

А.И. Смирницкий, исследуя ФЕ, не включает в свою классификацию фразеологические сращения, выражения и сочетания.

В зависимости от числа языковых компонентов А.И. Смирницкий структурную модель фразеологизмов подразделяет на одновершинные, двухвершинные и многовершинные.

Так, к одновершинным фразеологизмам он относит ФЕ, состоящие из одного значимого компонента: мондан, рад кардан - (W) g1ye up -оставить, отказаться; боз доштан, аз ҳаракат монондан - (W) pull up -останавливаться (об экипаже) и др.

ФЕ, состоящие из двух семантически оформленных, значащих языковых единиц + предлоги или артикли относятся к двухвершинным фразеологическим единицам: ба пеш баромадан; иҷозати сухан гирифтан - (to) take the floor - (букв., брать слово!) - выступать, брать слово; ба оташ даст задан - (to) catch fire - (букв., noÜMamb огонь) -загораться; хоб рафтан - (to) go to bed - (букв., идти в спать) -ложиться спать; ошиқ шудан; дил бастан - to fall in love - (букв., упасть в любовь) - влюбиться; и т.п.

Неоценимы научные труды Н.Н. Амосовой в области фразеологии, в частности в разработке теоретических положений современной фразеологии. В работе Н.Н. Амосовой применен контекстологичекий метод анализа словесных сочетаний, обеспечивающий объективную классификацию ФЕ и отграничение их от свободных сочетаний, а также разработаны понятия фразеологии как особой отрасли языкознания [6, с. 86].

По мнению Н.Н. Амосовой, соединяя указательный минимум со словом, который реализуется семантически, мы получаем контекст, подразделяющиеся на два основных типа: постоянный контекст и переменный контекст. При переменном контексте допускается варьирование лексического состава указательного минимума.

Характеризуя фразеологический состав языка, Н.Н. Амосова выделяет идиомы и фраземы, где фразема определяется как языковая единица постоянного контекста, указательный минимум которой требует актуализации его значения, единственно возможная семантика использованной лексемы не подвержена вариации, оставаясь на постоянной позиции: шурбои гуштии хуштаъм - beaf tea - (бук., мясной суп) - крепкий мясной бульон; қошу қавоқ кардан - knit one's brows -(букв., соединить брови) - нахмуриться; хунуки қахратун - black frost -(букв., чёрный мороз) - мороз без снега (трескучий мороз); и др.

Отличительная специфика идиом от фразем состоит в том, что под идиомы попадают языковые единицы постоянного контекста, где семантически используемый феномен и указательный минимум тождественны, представляющие собой общий лексический состав, характеризуясь целостным специфическим значением: бесарусомонӣ, хатулкорӣ - red tape - (букв., красная тесьма) - волокита, бюрократизм; ҷони худро ба хатар мондан; бо оташ бозӣ кардан - play with fire - играть с огнем; ошкоро гуфтан, сирро фош кардан - (W) put one's cards оп the table - (букв., положить свои карты на стол) -выложить карты на стол; пора-пора кардан, вайрон кардан - (W) tear (oneself W pieces - (букв., разорвать себя на куски)- рвать на куски, рвать в клочья; и др.

А.В. Кунин переработал классификацию В.В. Виноградова применительно к английскому языку и выделяет две промежуточные категории:

1) между фразеологическими сочетаниями и единствами и 2) между фразеологическими единствами и сращениями, - оговариваясь при этом, что дальнейшее изучение вопроса поможет выявить и другие промежуточные категории между свободными сочетаниями и фразеологическими единицами [1, с. 53].

Исследуя ФЕ таджикского и английского языков мы опирались на англо-русские фразеологические словари, словари фразеологических единиц таджикского языка из которых были отобраны наиболее известные таджикские и английские эквиваленты устойчивых сочетаний слов. Возникшая не так давно фразеология как самостоятельное лингвистическое направление требует дальнейшего развития, так как многие вопросы, связанные с фразеологическими единицами разработаны недостаточно. Среди ученых нет четкого разграничения относительно классификации ФЕ, не выработаны до конца отношения фразеологизмов к свободным словосочетаниям, и наконец, нет единства взглядов на состав ФЕ и соотношения их с частями речи.

Являясь лингвистической дисциплиной фразеология ставит своей задачей фундаментальное изучение всего фразеологического фонда того или иного языка, где объектом исследования данной научной дисциплины являются устойчивые фразеологические единицы, характеризующиеся своей системностью, особой семантической структурой, происхождением и доминирующими функциями, разрабатывающая специфические принципы их выделения среди обычных языковых единиц речи, со своими методами изучения, особой классификации и описания их в словарях [2, с. 86].

Литература:

1. Амбражейчик, А. 2000 русских и 2000 английских идиом, фразеологизмов и устойчивых словосочетаний / А. Амбражейчик. — 2-е изд. — Минск: Попурри, 2005. — 304 с.

2. Кунин, А.В. Англо-русский фразеологический словарь: около 20 000 фразеологических единиц / А.В. Кунин. — 4-е изд., перераб. и доп. — Москва: Русский язык, 1984. — 944 с.

3. Словарь фразеологических синонимов русского языка: около 730 синонимических рядов / сост. В.И. Зимин, М.И. Сидоренко, В.Т. Шкляров; под ред. В.П. Жукова. — Москва: Русский язык, 1987. — 448 с.

4. Фразеологический словарь русского языка: свыше 4000 словарных статей / Л.А. Войнова, В.П. Жуков, А.И. Молотков, А.И. Федоров; под ред. А.И. Молоткова. — 4-е изд., стереотип. — Москва: Русский язык, 1986. — 543 с.

5. Brewer’s Dictionary of Phrase and Fable / Centenary edition, revised by I. H. Evans. — London : Cassell, 1970. — 1175 p.

6. Cowie, A.P. Oxford Dictionary of Current Idiomatic English. Vol. 2: Phrase, Clause & Sentence Idioms / A.P. Cowie, R. Mackin, I.R. McCaig. — Oxford: Oxford University Press, 1988. — 685 p.

7. Oxford Idioms Dictionary for Learners of English. — Oxford: Oxford University Press, 2003. — 480 p.

Адабиёти бадей:

1. Dreiser, T. The Financier / T. Dreiser. — Moscow: Raduga Publishers, 2000. — 504 p.

2. Galsworthy, J. The White Monkey / J. Galsworthy. — Moscow: Higher School Publishing House, 1989. — 288 p.

3. Thackeray, W.M. Vanity Fair: a Novel without a Hero / W.M. Thackeray. — Moscow: Foreign Languages Publishing House, 2001. — 784 p.

4. Twain, M. The Stolen White Elephant / M. Twain. — London: Chatto & Windus, 1954. — 256 p.

5. Wells, H.G. The Passionate Friends / H.G. Wells. — Moscow: Foreign Languages Publishing House, 1962. — 342 p.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ФРАЗЕОЛОГИИ В СОВРЕМЕННОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

В статье раскрывается вопрос важнейшего аспекта исследования лингвистических объектов, которые неизбежно приводят к сопоставлению разноструктурных языков. Идиомы как особые языковые единицы характеризуют собой целостное значение, имеющие особую синтаксическую структуру, входящие в устойчивый лексический состав того или иного языка, воспроизводящиеся как готовые единицы с закрепленными за ними определенными значениями. Исследование показало, что знание фразеологии чрезвычайно облегчает чтение как публицистической, так и художественной литературы. Разумное использование фразеологизмов делает речь более идиоматичной, яркой, образной, эмоционально-экспрессивной. Таджикские и английские языки имеют многолетнюю историю. За это время в них накопилось большое количество выражений, которые люди нашли удачными, меткими и красивыми. Так и возник особый слой языка - фразеология, совокупность устойчивых выражений, имеющих самостоятельное значение.

Ключевые слова: языки, таджикский язык, английский язык, фразеология, лингвистика, идиоматичной, яркой, образной, закрепленными, неизбежно

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ ФРАЗЕОЛОГИЯ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Дар мақола масъалаи муҳимтарин ҷанбаи омӯзиши объектҳои забоншиносӣ, ки ногузир боиси муқоисаи забонҳои дорои сохторҳои гуногун мегардад, ошкор карда шудааст. Идиомаҳо ҳамчун воҳидҳои махсуси забонӣ маънои яклухтро тавсиф мекунанд, ки дорои сохтори махсуси синтаксисӣ буда, ба таркиби устувори лексикии забони муайян дохил мешаванд ва ҳамчун воҳидҳои тайёр бо маънои муайяни ба онҳо додашуда такрор мешаванд. Таҳқиқ нишон дод, ки дониши фразеологизмҳо барои мутолиаи ҳам публитсистӣ ва ҳам адабиёти бадеӣ корро хеле осон мекунад. Истифодаи оқилонаи воҳидҳои фразеологӣ гуфторро фразеологӣ, возеҳӣ, образнок, эҳсосӣ ифода мекунад. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таърихи тулонӣ доранд. Дар ин муддат онҳо миқдори зиёди ифодаҳоеро ҷамъ кардаанд, ки мардум онҳоро муваффақ, мақсаднок ва зебо пайдо кардаанд. Ҳамин тариқ, як қабати махсуси забон – фразеология, маҷмуи ибораҳои маҷмуӣ, ки маънои мустақил доранд, ба вуҷуд омад.

Калидвожаҳо: забонҳо, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, фразеология, забоншиносӣ, идиоматикӣ, равшан , барҷаста, образнок, мустаҳкамшуда, ногузир

SOME QUESTIONS OF THE STUDY OF PHRASEOLOGY IN MODERN LINGUISTICS

The article reveals the question of the most important aspect of the study of linguistic objects, which inevitably lead to a comparison of languages with different structures. Idioms as special linguistic units characterize a holistic meaning, having a special syntactic structure, included in the stable lexical composition of a particular language, reproduced as ready-made units with certain meanings assigned to them. The study showed that knowledge of phraseology greatly facilitates the reading of both journalistic and fiction. The reasonable use of phraseological units makes speech more idiomatic, vivid, figurative, emotionally expressive. Tajik and English languages have a long history. During this time, they have accumulated a large number of expressions that people found successful, well-aimed and beautiful. And so a special layer of the language arose - phraseology, a set of set expressions that have an independent meaning.

Key words: languages, Tajik language, English, phraseology, linguistics, idiomatic, bright, figurative, fixed, inevitable

Сведения об авторе: Нозимов Абдулхамид Абдуалимович, доктор филологических наук, профессор, заместитель директора по учебно-методической работе Филиала Национального исследовательского технологического университета «МИСИС» Адрес**:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Назаршоева, 7. Телефон: (992)900822882. Адрес электронной почты: aa.nozimov@mail.ru

Маълумот дар бораи муаллиф: Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович, доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои таълимӣ ва методӣ дар филиали Душанбегии Донишгоҳи миллии илм ва технология «МИСИС». Суроға 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Назаршоева, 7. Телефон: (992)900822882. Суроғаи электронӣ: aa.nozimov@mail.ru

Information about the author: Nozimov Abdulhamid Abdualimovich- Doctor of Philology, Professor, Deputy Director for Academic and Methodological Work at the Dushanbe Branch of the National University of Science and Technology «MISIS». Address**:** 734042, Republic of Tajikistan, Kulob, Nazarshoeva 7 str., Phone: (992)900822882. Email: aa.nozimov@mail.ru

ТДУ: 81’22.003

НИГОҲЕ БА ЗИНДАГИНОМАИ КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

Зулфиев Г.Н., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Адабиёти муосири тоҷик чун идомабахши адабиёти классикӣ анъанаҳои неки онро идома дода истодааст. Дар саромади ин адабиёт устодон С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ ва М.Турсунзода меистанд. Ин адибон аз давраи аввали фаъолияташон ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти халқ даст зада, сифатҳои неку бади онро ифшо сохтаанд. Ин аст, ки ин адабиёт – адабиёти муосир, дар як муддати на чандон тулонӣ ба дили халқҳои ватанӣ ва хориҷӣ роҳ ёфтааст.

Солҳои ҳафтодуми асри XX як зумра ҷавононе, ки хатмкардагони факултетҳои филологии мактабҳои олии ҷумҳурӣ буданд, ба соҳаи адабиёти бадеӣ ворид шудаанд, ки Кароматуллоҳи Мирзо яке аз онҳо буд.

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудаем, ки роҷеъ ба зиндагиномаи Кароматуллоҳи Мирзо ва ҷойгоҳи эшон дар адабиёти муосири тоҷик ибрози назар намоем. Омӯзиши зиндагиномаи адибон ҷиҳати муайян намудани хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии осорашон аҳаммияти калони назариявӣ ва амалиро соҳиб аст. Бе омӯзиши зиндагиномаи адиб баҳои сазовор додан ба осораш номумкин аст, зеро осор ба ҳаёти шахсӣ ва муҳити иҷтимоии фарогири адиб ҳамбастагӣ дорад.

Кароматуллоҳи Мирзо бо эҷоди асарҳои мондагори хеш маҳбуби аҳли илму адаб ва хонандагони соҳибзавқ гардидааст. Ба роҳи эҷодии Кароматуллоҳи Мирзо нигоҳ кунем, ба овони бачагӣ, аниқтараш ба айёми мактабхонӣ бурда мерасонад. Ҳанӯз дар давраи мактабхонӣ аввалин мақолаи К. Мирзо дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз») чоп гашта буд. Он лаҳзаҳо хурсандиаш ҳадду канор надошт. Ӯ пайваста бо рӯзнома ҳамкорӣ мекард. Бо назардошти фаъолияти хуб, коллективи рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ба К. Мирзо ҳанӯз замони дар мактаби миёна таҳсил карданаш аввалин туҳфаи мухбирони фаъолро супурд. Ин барои К. Мирзо дар соҳаи эҷод як таконе буд ва ӯро дилдодаи коғазу калам гардонд.

Дар бораи рӯзгори Кароматуллоҳи Мирзо мақолаҳои сершуморе, ки аз тарафи адабпажӯҳон таълиф гардидааст, метавон маълумоти гаронбаҳое пайдо кард. Паҳлуҳои гуногуни зиндагиномаи ӯ дар мақолаҳои Худоӣ Шарифзода, Абдушукури Абдусаттор, Аълохон Афсаҳзод, Абдуҷаббор Раҳмонов, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Рисолат Зоирова ва Гадомад Зулфиев ба таври назаррас дарҷ гардидаанд. Ҳамзамон, аз повести «Ситораҳои паси абр»-и К.Мирзо, ки хусусияти тарҷумаиҳолӣ дорад, лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёти нависандаро дарёфт намудан мумкин аст. «Бинобар ин, таҳқиқотчиён аксаран асарҳои бадеиро чун яке аз

сарчашмаҳои эътимодноки тарҷумаи ҳоли муаллифи онҳо низ меомӯзанд ва ҳақиқатан маълумоти пурқимат ба даст меоранд» [10, с. 32]. Махсусан, дар арафаи 70-солагии адиб мақолаҳои зиёде рӯйи чоп омаданд, ки дар маҷмуаи «Чароғи раҳнамо» (Душанбе, 2012), дар шакли андешаву мулоҳиза, тақриз ва китобиёт, очерк, мусоҳиба ва номаҳо ба мундариҷаи китоб ворид гардиданд.

Таърихи таваллуди Кароматулоҳи Мирзо дар адабиёти илмӣ ва мақолаҳо ба таври гуногун нишон дода шудааст. Як гурӯҳи адабиётшиносон санаи таваллуди нависандаро 21 январи соли 1941, 25 апрели соли 1941 ва гурӯҳи дигар апрели 1942 нишон додаанд.

Нависанда дар суҳбат бо Нозирҷон Боҳирӣ, ки матни он дар рӯзномаи «Паёми андоз», 21 январи соли 1999 чоп шудааст, рӯзи таваллудашро 21-уми январ мегӯяд [8, с. 340]. Аммо дар давоми суҳбат чунин мегӯяд: «Аслан, рӯзи таваллуди ман дақиқ нест. Мувофиқи гуфти модарам, ман аввалҳои баҳор, айёме, ки мардум замин ҷуфт мекарданд, ба дунё омадаам. Ҷои таваллудам, ки қишлоқ аст, падару модарам дар вақташ шаҳодатномаи таваллуд нагирифтаанд. Вақти мактабравиам, ки чунин ҳуҷҷат лозим мешаваду онҳо ба идораи ҷамоа мераванд, котиб ҳамон таърихро навишта медиҳад» [8, с. 340]. Мо дар асоси ин маълумот санаи таваллуди Кароматуллоҳи Мирзоро 25 апрели соли 1941 қарор додем. Ҳамин тариқ, Кароматуллоҳи Мирзо 21 апрели соли 1941 дар деҳаи Нилкони колхози (ҳозира ҷамоати) Роҳатии райони Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ) дар хонадони марди бохабар аз илму дониш, мударрис Мирзои Ҳайдар ба дунё омадааст. Худованд ба ӯ (Мирзои Ҳайдар) боз як фарзанд каромот фармуд ва ӯро бо ихлосу эътиқод ва шукронаи илоҳӣ Кароматуллоҳ ном доданд. Ин тифли бехабар аз он ки дар оянда ӯро қисмати нависандагӣ ва нигорандагии сиришти инсонҳо интизор аст, дар қатори тифлони дигари деҳа бо давутоз ва хушиҳои тифлона дар хонаи падар умр ба сар мебурд, то замоне ки ба ҳафтсолагӣ расиду айёми таҳсили илм оғоз ёфт.

Кароматуллоҳи Мирзо дар повести тарҷумаиҳолии хеш «Ситораҳои паси абр» дар бораи зодгоҳаш чунин мегӯяд: «Деҳаамон Нилкон ном дорад, миёни деҳаҳои ҷамоаи Роҳатӣ ба назарам аз ҳама зебо ва дилкушо менамояд» [5, с. 3]. Деҳаро ба хотири гузори гурӯҳи одамони соҳибилм, бофазл ва соҳибмартаба Некон ном мегузоранд ва рафта-рафта он бо номи Нилкон иваз шудааст. Дар деҳаи Нилкон наздикони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар он солҳо рафтуомад доштаанд. «Аҳли деҳа сайидзода, эшонҳо, ҳама имрӯз давоми он хонадон, хонадони ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонианд, - менависад Кароматуллоҳи Мирзо, - шаҷараномаашон аз он зоти пок оғоз ёфта» [5, с. 3-4].

Падари К.Мирзо - Мирзои Мирҳайдар шахси фарҳангӣ буда, солҳо дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намудааст. «Қиблагоҳи падарамро, - менависад Кароматуллоҳи Мирзо дар «Ситораҳои паси абр», - эшони Мирҳайдар мегуфтаанд. Заминдор, гову моли зиёде доштаанд. Серфарзанд. Мехостанд, ки ҳамаи фарзандонашон аҳли меҳнат бошанд, гову гусфандонро бонӣ кунанд, ба киштукор, ба боғдорӣ, ба заминдорӣ машғул шаванд» [5, с. 27]. Мирҳайдар (бобои нависанда) мехостааст, ки писари худ Мирзо (падари нависанда)-ро аз илмомӯзӣ боз дошта, ба кори саҳро ҷалб намояд, аммо падари нависанда, ки шавқу рағбати зиёд ба хондан дошт, аввал дар мактаби деҳа, баъдан дар Файзобод таҳсил кардааст. Симои падари Кароматулло Мирзо дар повести «Ситораҳои паси абр» самимона, инсондӯстона, меҳнатӣ ва ҳамчун марди фозил тасвир шудааст.

Назар ба нақли К.Мирзо падари ӯ аз зодгоҳашон – деҳаи Нилкон бо азми таҳсили илм ба Бухоро меравад ва баъди хатми мадраса чанд сол дар он ҷо ба тадрис машғул мешавад, яъне мударрисӣ кардааст. Чун Аморати Бухоро ба шикаст мераваду инқилобчиён ба таъқиби аҳли илму фарҳанг ва ходимони дин, аз ҷумла мударрисон даст мезананд, он кас ба зодгоҳашон баргашта, ба таълиму тадриси ҳамдеҳагон машғул мешавад. Падарам дар вақташ, - менависад Кароматуллоҳи Мирзо, - бо чанд китобе дар бағал ба Бухоро рафта буданд, пас аз 27 сол аз Бухоро дар бағал бо муҳри мударрисӣ ва чанд уштур бори китоб ба зодгоҳашон – ба Нилкон баргаштаанд. Ҳангоми баргаштани падарам ба Ватан дӯстонашон, уламои Бухоро мегуфтанд: «Эшони домулло Мирзо илмро ба Ҳисор мебаранд» [5, с. 31].

Дар он замони пурошӯб ва дар деҳае, ки нависанда бузург шудааст аҳли илму маърифат рӯзи нек надидаанд ва пас аз чанд вақт падари нависанда – Мирзои Мирҳайдарро ба маҳбас мекашанд. Падари нависанда тобистони соли 1950 дар натиҷаи ноадолатиҳои замона аз дунё мегузарад ва масҷиди деҳаи Нилкон номи ӯро гирифтааст «Масҷиди ҷомеи ба номи эшони домулло Мирзо (1976-1950)» [5, с.109].

Модари Кароматуллоҳи Мирзо - Маҳкамбибӣ ҳам аз аҳли савод буда, дар замони пеш аз шуравӣ ҳамчун мактабдор дар мактаби Моҳимулло ба духтарони деҳа савод меомӯхт [8, с. 355]. Модари нависанда набераи ҳамин Моҳимулло будааст. Вай ашъори классикони адабиёт – Саъдию Ҳофиз ва Бедилро аз ёд медонист. Кароматуллоҳи Мирзо дар мақолаи «Ман Кароматуллоҳи Мирзо (Ёддошт)» дар бораи модараш бо эҳтиром сухан ронда, фарзанди дӯстдори модар буданашро баён кардааст. Модараш дар тарбияи ӯ саҳми калон гузоштааст. Ӯ писарашро насиҳаткунон таъкид мекунад: «Дар зиндагӣ қадаматро дониста мон. Ҳазор бор мегӯям, ки номбардори падар шав, коре накунӣ, ки ба номашон иснод биёрӣ, коре накунӣ, ки шарманда шавем» [4, с. 9]. Кароматуллоҳи Мирзо дар ҳамин гуна оила бузург шудаву тарбияи ҳамин гуна шахсонро гирифтааст.

Соли 1948 Кароматуллоҳ дар мактаби ибтидоии деҳа ва баъд дар мактаби миёнаи қарияи Роҳатӣ ба таҳсили илм пардохт. Дар мактаб асосҳои илму маърифатро аз бар менамуду дар хона аз волидайни бохабар аз фарҳангу маънавиёти диниву дунявӣ дарси ахлоқу одоб, одаму одамгарӣ, шинохти неку бад, ҳалолу ҳаром ва дигар фазилатҳои инсониро фаро мегирифт. Шавқу рағбат ва меҳри беандоза ба сухану суханварӣ ва пешаи нигорандагӣ дошт, қиссаву ривоёти мардумӣ ва осори омиёнаро низ бо шавқ шунида, дар хотирааш нигоҳ медошт. Ҳангоми дар мактаби деҳа таҳсил кардан Кароматуллоҳ бори нахуст дар бораи боғи мактаб хабари кӯчаке иншо кард, ки он ба зудӣ дар саҳифаи рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз») ба табъ расид. Хурсандии ӯро ҳадду канор набуд. Охир, ин иқдоми нахустини ӯ дар роҳи нигорандагӣ ва нахустин самараи боғи орзуҳои вай маҳсуб мешуд.

Табиист, ки Кароматуллоҳ аз хурдӣ ба китобу дафтар завқ пайдо кард ва баъд аз хатми мактаби миёнаи деҳаи Роҳатӣ соли 1958 ба факултети филологияи Институти педагогии ба номи Т.Г. Шевченкои шаҳри Душанбе (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) дохил шуд. Дар тули панҷ соли таҳсил дар ин даргоҳи илму маърифат ӯ ба василаи дарсҳои устодони варзида Х.Мирзозода, Ҷ.Бобокалонова, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Т. Пӯлодӣ, А.Эшонҷонов, М. Исматуллоев ва дигарон ва мутолиаи мустақилонаи китобҳои марбут ба ҳунари адабӣ ва таърихи адабиёт асосҳои ҳунари суханшиносиро азбар намуда, соҳиби дипломи омӯзгори забону адабиёти тоҷикӣ ва таърих гардид. «Он панҷ соли хониш, - менависад Кароматуллоҳи Мирзо, - чӣ ширинихое доштанд: андӯхтани илму маърифат, дунёи орзуҳову парвозҳои хаёлӣ, беғамиву дар дӯш надоштани ғаму рӯзгору зиндагӣ. Ҳамсабақонам, ки ҳар кадом хислати хоссаи хешро доштанд, дар хотираам абадӣ нақш бастаанд» [8, с. 356].

Кароматуллоҳи Мирзо дар Донишгоҳи омӯзгории пойтахт бо Лоиқ Шералӣ, Зариф Ибод, Абдураҳмон Бобоев ва Меҳмон Бахтӣ дар як гурӯҳ таҳсил кардааст. Ба қавли нависанда «Гурӯҳи мо гурӯҳи «а» буд, ҳама аълохонҳо буданд» [8, с. 363].

Пас аз хатми Донишкадаи омӯзгорӣ мутахассиси ҷавон Кароматуллоҳи Мирзо тайи ду сол дар мактаби ҳаштсолаи ба номи Маяковскийи деҳаи Оқчакмани Ҷамоати Роҳатӣ ба шогирдон аз фанни забону адабиёти тоҷик дарс гуфта, дар як вақт бо кору рӯзгори мардуми деҳа, аз ҷумла зиёиёни он, ба чашми нигорандагӣ нигарист ва дар як вақт донишу маҳорати хешро дар ҷабҳаи омӯзгориву нависандагӣ низ такмил медод. Ба иборати дигар бо диди нависандагӣ ва ҳассосияти хосси хеш барои осори ояндаи адабии худ дар бораи ҳаёти мардуми деҳот дар ин муддат маводи фаровоне фароҳам овард.

Кароматуллоҳи Мирзо пешаи омӯзгориро, ки худ чанд вақт муаллим шуда кор мекард чунин баҳо медиҳад: «Омӯзгор шарафмандтарин фарди ҷомеа аст ва омӯзгорӣ пешаест сазовор ба ҳама гуна мадҳу ситоиш» [8, с. 377].

Меҳри нависанда шудан аз хурди дар дили Карокатуллоҳи Мирзо ҷой гирифта, рушду нумуъ кардааст. Ба ин сабақҳои омӯзгорони муассиса ва китобхонаи он мусоидати калон кардааст. Ба қавли нависанда «Китобхона дар канори мактаб, зери чанори калон, ҷой дошт. Китобдор Нор Гулонов, воқеан ҳам, китобро бағоят дӯст медошт, худ тамоми китобҳои китобхонаро хонда буд ва ба мо хондани онҳоро пайваста талқин мекард. Дар ҷамъомадҳои субҳонаи мактабиён китобҳои навро муаррифӣ ва ягон пораи аҷиби онҳоро нақл карда, ба ин васила шавқи маро ба китоб меафзуд» [8, с.378]. Дар баробари ин, падари нависанда Мирзои Мирҳайдар дар хона китобҳои зиёде доштааст, ки онҳоро аз Бухоро бо худ оварда будааст. Ба писари хурдсолаш алифбои ниёгонро омӯзонда, ӯро ба мутолиаи осори классикон роҳнамоӣ кардааст.

Дар солҳои ҷавонии нависанда адиби шинохта Ҳабибулло Файзулло китоби «Мирзо Ризо»-ро бо соядаст ба Карокатуллоҳи Мирзо тақдим намудааст: «Карокатуллоҳ, рӯзе мерасад, ки худат низ китобҳои зиёде менависӣ» [8, с. 347]. Ин китоб ба Карокатуллоҳи Мирзо шавқу ҳавасро нисбати нависандагӣ бештар бедор кардааст.

Ташаккули фардияти Карокатуллоҳи Мирзо чун нависанда дар тули солҳое воқеъ афтод, ки ӯ ба сифати рӯзноманигор, аз соли 1965 то 1984, дар рӯзномаҳои «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз»), «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») ва «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») адои вазифа менамуд. Нахустин офаридаҳои бадеии ӯ низ маҳз дар ҳамин солҳо дар матбуоти ҷумҳурӣ рӯйи чоп омаданд.

Бояд гуфт, ки насли адабиёти солҳои 60-70-уми тоҷик аксарият фаъолияти қаламбадастии худро дар рӯзномаҳо ва матбуоти даврӣ оғоз бахшидаанд.

Маҳорати нависандагии Карокатуллохи Мирзо зина ба зина, тадриҷан, аз сода ба мураккаб, аз хабару лавҳа то ҳикояву очерку повест ва роман сайқалу такомул ёфт. Худи ӯ низ аввал дар рӯзномаи наврасон, сипас ҷавонон ва баъд аз он дар вазифаи мудири шуъбаи адабиёт ва санъати рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») кор кард ва зина ба зина роҳи нигорандагиро паймуд. Ба василаи сафарҳои хидматӣ аз ҷониби рӯзномаҳо ба шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ рафта, бо ҳаёти мардум боз ҳам наздиктар ошноӣ пайдо карда, аз рӯзгори онҳо хабару мақола ва очеркҳо иншо мекард.

Карокатуллоҳи Мирзо фаъолияти эҷодиашро аз ҳикоя шуруъ намудааст. Аввалин ҳикояи Карокатуллоҳи Мирзо 2-юми сентябри соли 1965 бо номи «Айб аз худатон, додар!» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» (ҳоло рӯзномаи «Омӯзгор») чоп шудааст, ки мавзуаш аз ҳаёти мактабу маориф, аз рӯзгори омӯзгорон буд. «Аксар ҳикояҳои К.Мирзо як лавҳаи зиндагиро инъикос мекунанд ва аз ҳар ҷиҳат муассиру омӯзандаанд ва тасаввуроти хонандаро нисбат ба муҳити хеш тақвият мебахшанд. Он нукта низ ҷолиб аст, ки қаҳрамонони ҳикояҳои адиб аксар ҷавонону наврасонанд ва бештар рафтори ибратомӯз доранд» [6, с. 10].

Охири солҳои хафтодум, саҳеҳтар соли 1977, нахустин қиссаи Карокатуллоҳи Мирзо «Ситораи умед» таълиф шуда, дар шуъбаи насри Иттифоқи нависандагон муҳокима гардид ва бо тавсияи устодони ин жанр дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расид. Соли 1980 қиссаи мазкур дар шакли маҷмуаи алоҳида чоп карда шуд ва аз падид омадани нависандаи соҳибистеъдод ва умедбахш алоқамандони зиёди насри бадеии тоҷикро хабардор намуд.

Дар тули солҳои 1980-1984 Карокатуллоҳи Мирзо мудири шуъбаи адабиёт ва санъати рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») буд ва дар ин муддат боз ду маҷмуаи осори ӯ нашр гардид. Маҷмуаи очерку ҳикоёти муаллиф «Маоши аввал» (1982) ном дошт ва китоби дигараш (соли 1984) Карокатуллоҳи Мирзо «Шабе дар Кабудҷар»-ро дар қатори ҳикоёти ӯ дар бар гирифта буд. Тақдири минбаъдаи Карокатуллоҳи Мирзо бо муассисоти табъу нашри ҷумҳурӣ пайванди ногусастанӣ пайдо намуд ва фаъолияти меҳнативу эҷодии ӯ сипас дар чунин муассисаҳо ҷараён ёфт. Моҳи ноябри соли 1984 ӯро ба нашриёти «Маориф» ба кор даъват намуданд ва дар ин нашриёти ҷумҳурӣ ба ҳайси мудири редаксияи адабиёти бадеӣ ба фаъолият пардохт. Маҳз ҳангоми фаъолияти ӯ дар нашриёти мазкур яке аз повестҳои хондании нависанда «Дарди ишқ» таълиф гардида, соли 1986 чоп

шуд ва номи Карокатуллоҳи Мирзоро миёни оммаи васеи хонандагон ва алоқамандони насри бадеии муосири тоҷик боз ҳам хубтару бештар муаррифӣ намуд.

Соли 1987 нашриёти «Адиб» таъсис ёфт, ки дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ воқеаи муҳимме буд. Карокатуллоҳи Мирзоро, ки дар ин овон чун нависандаи соҳибистеъдод ва суханвари хушсалиқа шинохта шуда буд, ба нашриёти мазкур ба ҳайси сармуҳаррири адабиёти бачагон ва наврасон ба кор даъват намуданд ва ӯ то моҳи сентябри соли 1990 дар ҳамин вазифа фаъолият дошт. Аз моҳи сентябри соли 1990 то моҳи марти соли 2004 ӯ вазифаи директори нашриёти «Адиб»-ро ба уҳда дошт. Аз моҳи марти соли 2004 то соли 2007 бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаи мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакатро сарбаландона адо кард. Аз соли 2007 то поёни умр ҳамчун сармуҳаррири нашрияҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» ва маҷаллаи «Помир» кор кардааст. Дар тули ин солҳо китобҳои ӯ бо номҳои «Суруди муҳаббат» (1988), се ҷилди романи «Дар орзуи падар» (1989-2010), «Нишони зиндагӣ» (1993), «Ситораҳои паси абр» (2005) ва қиссаву очеркҳои зиёдаш манзури ҳаводорони каломи бадеъ гардида, оммаи васеи хонандагон онҳоро хуш пазируфтанд ва Карокатуллоҳи Мирзо чун нависандаи баркамол ва соҳибсабк дар адабиёти муосири тоҷик эътироф гардид.

Аз интиҳои солҳои ҳаштодум осори бадеии Карокатуллоҳи Мирзо берун аз ҳудуди Тоҷикистон низ ба василаи тарҷума хонандаи хешро пайдо намуд. Соли 1989 нашриёти «Советский писатель» дар Маскав китоби повестҳои ӯро бо забони русӣ таҳти унвони «Муки любви» («Дарди ишқ») манзури хонандагони сершумор гардонд. Ҳамчунин, повестҳои «Дарди ишқ», «Дар орзуи падар» ва иддае аз ҳикоёти нависанда бо забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва забонҳои халқҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ тарҷума ва нашр шуданд ва номи муаллифи худро берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ низ муаррифӣ намуданд.

Моҳи майи соли 1991 Шурои илмии факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) ва ҳайати эҷодии нашриёти «Адиб» дар ҷаласаҳои васеи худ китоби Карокатуллоҳи Мирзо «Дар орзуи падар»-ро ба гирифтани Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои соли 1992 пешниҳод намуданд. Китоби мазкур шомили беҳтарини офаридаҳои нависанда, аз ҷумла повестҳои «Дар орзуи падар», «Дарди ишқ» ва ҳикоёти ӯ буда, дар озмун ғолиб омад ва нависанда сазовори Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гардид.

Осори адабии Карокатуллоҳи Мирзо хеле ғанӣ ва доманадор буда, аз ҳикоят, қиссаҳои калонҳаҷм то романро дар бар мегирад ва аз зинаҳои пешрафту такомули эҷодии нависанда гувоҳӣ медиҳад. Маълум аст, ки ӯ аз ҳикоянависӣ оғоз карда, то асари бузургҳаҷм романи «Дар орзуи падар» (алҳол иборат аз се китоб) камол ёфтааст ва дар ин муддат зинаҳои мухталифи ҳунару маҳорати нависандагиро гузашта, қуллаҳои баланди эҷодро фатҳ намудааст.

Бояд гуфт, ки бисёре аз эҷоди К.Мирзо ҷанбаи тарҷумаиҳолӣ доранд. Романи «Ситораҳои паси абр», ки соли 2005 ба чоп расид, ҳамин навъ асар буда, дар сужаи он сухан аз падари адиб, ки яке аз уламои замони худ маҳсуб меёфт, меравад. Гузашта аз ин, ин китобро ёднома ҳам муаррифӣ кардан мумкин аст, зеро дар он дар бораи шодравон Лоиқ Шералӣ, Қутби Киром, Ҳабибуллоҳ Назаров, Аълохон Афсаҳзод, Иззатуллоҳ Ҳусайнӣ, Собир Зикрзода, Моҳирхӯҷа Султонзода ва дигар фарҳангиёни фавтида мулоҳизаҳои донишдиҳандаи К. Мирзо сурат гирифтаанд.

Карокатуллоҳи Мирзо нависандаи сермутолиа буда, осори адибони хориҷа ва ҷумҳурӣ зиёд мутолиа намудааст. Диққати ӯро бештар эҷодиёти нависандаи оламшумул Тургенев ба худ ҷалб кардааст. Қиссаҳои Толстой ва Маркесро низ меписандидааст [8, с. 346].

Карокатуллоҳи Мирзо дар баробари нависандаи сермаҳсул буданаш падари ғамхори хонадон низ будааст. Ӯ соли 1963 дар синни 22-солагиаш оиладор шуда, дар зиндагии якҷоя бо ҳамсараш наздики 14 сол бефарзанд будааст. Ҳамсарашро зиёд дӯст медошт ва ҳамин

муҳаббату дӯстдорӣ оилаи онҳоро мустаҳкам нигоҳ медошт. Бо амри тақдир ӯ соҳиби се фарзанди писар шудааст: Иқбол, Парвиз ва Фирӯз. Писари нахустинашон Иқбол соли 1977 ба дунё омадааст, ки барои хонадони онҳо баъди интизориҳои зиёд, бахти калоне буд. Ҳамсараш хонандаи аввалин асарҳои ӯ буда, навиштаҳояшро дар мошинка чоп мекардааст. Дар роҳи эҷод пайваста бо ҳамсараш машварат мекунад. «Агар асари навиштаи ман, - гуфтааст Карокатуллоҳи Мирзо дар мусоҳибааш бо Шодӣ Малахзод, - ба ҳамсарам писанд ояд, пас ман ба хулосае меоям, ки он ба ҳама писанд меояд. Агар ба ӯ маъқул наояд, пас ба дигарон низ маъқул намеояд, заҳмат ва азобу бедорхобиҳои маро чун нависанда ба хубӣ дарк мекунад. То аз дасташ меояд, албатта кӯмакам мекунад» [8, с. 350].

Карокатуллоҳи Мирзо соҳиби чандин ҷоизаҳои давлатӣ гардидааст, ки фаъолияти пурсамар ва масъулияти эшонро дар роҳи нависандагӣ ва хизмат ба давлату миллат нишон медиҳад. Ӯ бо ҷоизаҳои Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон (1965), Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (1992), Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон (2001), Нависандаи халқии Тоҷикистон (2002), Ордени «Шараф» (дараҷаи 1) (2003), Ҷоизаи адабии ба номи Л.Н. Толстой (2016), ва нишони «30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2021) сарфароз гардонида шудааст. Соли 1982 ба узвяти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудааст.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Карокатуллоҳи Мирзо 20 октябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе аз дунё гузаштааст. Осори пурғановати ӯ номи некашро то садсолаҳо зинда нигоҳ медорад.

Ҳамин тариқ, ба таври пурра омӯзиши рӯзгори Нависандаи халқии Тоҷикистон Карокатуллоҳи Мирзо барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи осори ӯ кумаки калоне мерасонад, зеро осори нависанда ба зиндагии худи ӯ сахт алоқаманд буда, бе донистани баъзе лаҳзаҳои он омӯзиши асар аз имкон берун мемонад. Масалан, романи «Дар орзуи падар» орзуи худи Карокатуллоҳи Мирзо аст. Яке аз хусусиятҳои осори Карокатуллоҳи Мирзо ин аст, ки дар асарҳои ӯ лаҳзаҳои ҳаёти худи зиёд тасвир шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи романи «Дар орзуи падар», «Нишони зиндагӣ», «Марги бегуноҳ», «Ситораҳои паси абр» ва «Ишқи Сархӯр» дар муайян намудани лаҳзаҳои ҷудогонаи рӯзгори нависанда кумак хоҳад кард.

Адабиёт:

1. Адибони Тоҷикистон (Маълумотномаи мухтасари шарҳиҳолӣ) – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.

2. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Давраи нав) / Х. Асозода.- Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. - 672 с.

3. Зулфиев, Г. Таҷассуми масъалаҳои иҷтимоӣ-ахлоқӣ дар романи «Ишқи сархӯр»-и Карокатуллоҳи Мирзо / Г. Зулфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – 2022. - №1(26). – С. 107-113.

4. Мирзо, К. Ман Карокатуллоҳи Мирзо (Ёддошт) / К.Мирзо. – Адабиёт ва санъат, 2021, №12. – 18 март.

5. Мирзо, К. Савори аспи сафед / К.Мирзо. – Душанбе: Маориф, 2020.

6. Муродӣ, А. Паҳнои эҷоди адиби номвар. Ҳаёт ва эҷодиёти Карокатуллоҳи Мирзо / А.Муродӣ. - Адабиёт ва санъат, 2009, №42. - 9 октябр.

7. Нарзиқул, М. Карокатуллоҳи Мирзо ва коргоҳи эҷодии ӯ. М. Нарзиқул. – Садои Шарқ, 2024, №9. – с.144-151.

8. Чароғи раҳнамо. Андешаву мулоҳиза, тақриз ва китобиёт, очерк, мусоҳиба, номаҳо. (Мураттиб Амирхон Аҳмадхонов) / – Душанбе, 2012. – 384 с.

9. Шарифов, Х., Абдусаттор, А. Ҷилои ситораҳо / Х.Шарифов, А.Абдусаттор // Чароғи раҳнамо. Андешаву мулоҳиза, тақриз ва китобиёт, очерк, мусоҳиба, номаҳо. (Мураттиб Амирхон Аҳмадхонов). - Душанбе, 2012. – 384 с.

10. Шукуров, М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ / М.Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 248 с.

11. Зоирова, Р. Шарҳи ҳол ва эҷодиёти Кароматуллоҳи Мирзо / Р.Зоирова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ. – Душанбе, 2013. - №4/2 (109). – С. 206-208.

НИГОҲЕ БА ЗИНДАГИНОМАИ КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

Мақолаи мазкур таҳлили ҳамаҷониба ва муфассали зиндагиномаи Кароматуллоҳи Мирзо, яке аз шахсиятҳои муҳимми адабӣ ва фарҳангии тоҷик, мебошад. Дар ин мақола ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти шахсият, ки таъсири амиқ ба рушди адабиёти тоҷик ва тарбияи фарҳанги миллӣ гузоштааст, мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Дар мақола доираи фаъолияти Кароматуллоҳи Мирзо, нақши ӯ дар таҳкими фарҳанг ва адабиёти тоҷик, ҳамчунин таъсири ӯ ба ҷомеа ва аҳли адаб таҳқиқ мешавад. Маънӣ ва мазмуни асосии осори ӯ, ҷузъиёти ҳаёти шахсӣ ва касбӣ, ҳамчунин дастовардҳои адабӣ ва иҷтимоии ӯ ба тарзи ҷолиб ва муфассал шарҳ дода мешаванд. Ҳадафи асосии мақола ин муаррифии дақиқ ва таҳлилии нақши Кароматуллоҳи Мирзо ҳамчун шахсияти таъсиргузор дар тамаддуни миллӣ ва рушди фарҳангии мардуми тоҷик мебошад.

Мақола барои донишҷӯён, муҳаққиқон, ҳамчунин дӯстдорони адабиёт манбаи арзишманд аст ва имконият медиҳад, ки хонандагон бо ҳаёт ва фаъолияти ин шахсияти барҷаста шиносоии амиқ пайдо кунанд.

Калидвожаҳо. Кароматуллоҳи Мирзо, шахсияти адабӣ, адабиёти тоҷик, фарҳанги миллӣ, таърихи адабиёт, мероси адабӣ, нависандаи тоҷик, таҳқиқи биографӣ, муҳаррир, рӯзнома, эҷодиёт, осори адабӣ

НЕКОТОРЫЕ ВЗГЛЯДЫ НА БИОГРАФИЮ КАРОМАТУЛЛОХ МИРЗО

В статье представлен всесторонний и подробный анализ биографии Кароматуллох Мирзо, одного из крупнейших деятелей таджикской литературы и культуры. В статье рассматриваются различные аспекты жизни этой личности, оказавшей глубокое влияние на развитие таджикской литературы и формирование национальной культуры.

В статье рассматривается сфера деятельности Кароматуллох Мирзо, его роль в укреплении таджикской культуры и литературы, а также его влияние на общество и литературных деятелей. Смысл и основное содержание его произведений, подробности его личной и профессиональной жизни, а также его литературные и общественные достижения подробно и интересно раскрываются. Основная цель статьи – точно и аналитически представить роль Кароматуллох Мирзо как влиятельной фигуры в национальной цивилизации и культурном развитии таджикского народа.

Статья представляет собой ценный источник информации для студентов, исследователей, а также любителей таджикской литературы и истории и позволяет читателям глубже понять жизнь и творчество этого выдающегося деятеля.

Ключевые слова: Кароматуллох Мирзо, литературный деятель, таджикская литература, национальная культура, история литературы, литературное наследие, таджикский писатель, биографические исследования, редактор, газета, творчество, литературные произведения.

SOME VIEWS ON THE LIFE OF KAROMATULLOH MIRZO

The article presents a comprehensive and detailed analysis of the biography of Karamullo Mirzo, one of the greatest figures of Tajik literature and culture. The article examines various aspects of the life of this personality, who had a profound influence on the development of Tajik literature and the formation of national culture.

The article examines the scope of Karamulla Mirzo's activities, his role in strengthening Tajik culture and literature, as well as his influence on society and literary figures. The meaning and main content of his works, the details of his personal and professional life, as well as his literary and social achievements are revealed in detail and interestingly. The main goal of the article is to

accurately and analytically present the role of Karamulla Mirzo as an influential figure in the national civilization and cultural development of the Tajik people.

The article is a valuable source of information for students, researchers, and lovers of Tajik literature and history, and allows readers to gain a deeper understanding of the life and work of this outstanding figure.

Keywords: Karamatullohi Mirzo, literary figure, Tajik literature, national culture, history of literature, literary heritage, Tajik writer, biographical research, editor, newspaper, creativity, literary works.

Маълумот дар бораи муаллиф: Зулфиев Гадомад Нурмадович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел.: 985167569, Почтаи электронӣ: zgn_1988@mail.ru

Сведения об авторе: Зулфиев Гадомад Нурмадович, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. Сангака Сафарова, 16. Тел.: (+992) 985-16-75-69, E-mail: zgn_1988@mail.ru

Information about the author: Zulfiev Gadomad Nurmadovich, candidate of philological sciences, associate professor of tajik literature department of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov str. - 16. Tel.: 985167569, e-mail: zgn_1988@mail.ru

Муқарриз: Шамшоди Ҷ., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 051+083 (075.8)
К-38

МАҚОМ НА НАҚШИ НАШРИЯИ «МИНБАРИ ХАЛҚ» ДАР НИЗОМИ МАТБУОТИ ҲИЗБӢ

(Дар мисоли рӯзномаи «Минбари халқ» ва нашрияҳои ҳизбии дигар)

Каримзода Ҳ.И., н.и.ф.
Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон

Таҳқиқ, баррасӣ ва арзёбии ҷойгоҳ, вазифаҳо ва нақши рӯзномаи марказии «Минбари халқ» дар низоми умумии воситаҳои ахбори оммаи муосири Тоҷикистон тақозо менамоянд, ки раванди шаклгирии консептуалӣ ва кодификатсияи лингвистии сиёсати иттилоотии ин нашрияи пешбаранда ҳамчун инъикосгари меҳварӣ, сохторӣ ва стратегии таҳаввулоти сиёсию маънавии ҷомеаи навин мавриди баррасии амиқ ва монографии илмӣ қарор гирад. Матбуоти даврӣ дар замони муосири соҳибистиқлолӣ на танҳо ҳамчун воситаи оддии пахши хабарҳо ё ахбори рӯзмарра, балки ба унвони минбари муқтадири ташаккули афкори умум ва манбаи аслии амсиласозии маънавиёти иҷтимоии инсон хизмат карда, дар интихоби мавқеъ, коҳиш додани буҳронҳои мафкуравӣ ва танзими андешаи сиёсии шаҳрвандон мусоидати сохторӣ менамояд. Арзи ҳастӣ намудани нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо номи «Минбари халқ» дар нимаи солҳои навадуми асри XX, на танҳо афкору ақидаи уставии аъзои ин созмони пешбарро инъикос намуд, балки тамоми фазои иттилоотии кишварро аз ҳолати парокандагии даврони ҷанги шаҳрвандӣ ба сӯйи низоми муназзами давлатсозӣ раҳнамун сохта, ҷаҳони маънавии хонандагонро тавассути мутолиаи насри таҳлилии касбӣ, гузоришҳои мукаммал ва мусоҳибаҳои консептуалии саривақтӣ бойтар, устувор ва ғанӣ гардонид. Хусусияти ин расонаи марказии ҳизбӣ бевосита дар он зоҳур мегардид, ки вай дар раванди таҳкими ваҳдати миллӣ,

худшиносии таърихиву лингвистӣ ва шинохти аслии чеҳраҳои тобноку бузурги фарҳанги ачдодӣ хидмати сохторӣ карда, аз фаъолияти густурдаи давлат ва Ҳукумати кишвар дар шахсияти Раиси ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумоти аниқ, дақиқ, муфассал ва консептуалӣ пешкаши ҷомеа менамояд ва дискирси расмии қудратро устувор месозад. Масалан дар нашри (1582)-и рӯзномаи «Минбари халқ» манфиатҳои стратегии Ҳукумати Тоҷикистон бо ибтикороти Раиси ҲХДТ ба таври васеъ таҳлил карда шудааст. Муҳаққиқон ва коршиносони дохилию хориҷӣ доир ба ҳамкориҳо ва муносибатҳои байналмилалии кишварҳои минтақа назарҳои мухталиф дошта, тақвият, ҳамкорӣ ва густариши мутақобилаи байни кишварҳои минтақаро ба тарзҳои гуногун дар доираи воқеиятҳо ва мавқеиятҳои сиёсию иқтисодӣ ва дурнамои манфиатҳои худ таъбир, тавҷеҳ ва шарҳу тавзеҳ менамоянд. Яке аз коршиносони маъруфи рус, доктори илмҳои таърих, ходими пешбари илмии Институти таҳқиқоти байналмилалии Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналмилалии Маскави Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия Александр Князев равобити кишварҳои минтақаро чунин тавзеҳ медиҳад: «Гарчанде ки Русия ва Чин шарикони асосии тиҷоратӣ ва иқтисодӣ ва сармоягузорон (барои кишварҳои Осиёи Марказӣ Н.Ё.) мебошанд, роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба сармоягузориҳои саховатмандонаи кишварҳои Халиҷ умед мебанданд. Давлатҳои арабӣ ба имкониятҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳ доранд. Онҳо бо умеди дастрасӣ ба ашёи хом (нигаред ба NG, 17 июли соли 2023) ва ҷойгузини Иёлоти Муттаҳида ва Аврупо, ки камтар саховатманд буданд, дар минтақа сармоягузорӣ мекунанд. Дар идома таъбир мекунад, ки «Дар ҳоле ки кишварҳои арабии Халиҷи Форс... дорои имкониятҳои назарраси сармоягузорӣ мебошанд, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа доранд, таъсири кишварҳои Халиҷ ба минтақаи Осиёи Марказӣ дар таърихи навин на ҳамеша равшан буд. То ҳол (яъне соли 2023, Н.Ё.) кишварҳои Халиҷ асосан дар соҳаи динӣ фаъол буданд. Ин сохтмони масҷидҳо ва мадрасаҳо, омӯзиши руҳониён ва ворид кардани тафсирҳои ислом ба соҳаи динии кишварҳои минтақаро дар бар мегирад, ки ба анъанаҳои маҳаллии динӣ бегонаанд ва дар баъзе мавридҳо хеле радикалӣ, ба монанди салафиён ё ваххобиён (фиркаҳое, ки дар Русия ва Тоҷикистон манъ шудаанд), ба амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ тахдид мекунанд.» Ба андешаи ӯ, «роҳбарияти кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд инро дарк кунанд ва ба ҳамкории васеъ бо монархияҳои араб эҳтиёткорона муносибат кунанд. Ин махсусан, бо назардошти он ки дар минтақа таъсири ҳаракатҳои динии хориҷӣ, ба монанди Туркия ва Покистон мавҷуданд», ки метавонад омили барангехтани низоъҳо дар дохил ва минтақа ба шумор равад: Дурнамои ҳамкориҳоро муҳаққиқ бо чунин чашмандоз баён мекунад, ки «фикр намекунам, ки самти арабӣ ба муносибатҳои кишварҳои минтақа, яъне бо Русия ё Чин тасири ҷиддие расонад. Ҳатто дар маҷмуъ, тамоми подшоҳии давлатҳои Халиҷ аз нигоҳи вазни минтақавии худ на бо Русия ва на бо Чин қобили муқоиса нестанд. Ҳамкориҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо давлатҳои Халиҷ, эҳтимолан, хеле маҳдуд боқӣ хоҳанд монд. Нуфузи арабҳо дар сурати афзоиш ёфтан шояд танҳо мисли таъсири Туркия ба Осиёи Марказӣ то андозае мувозинат (баланс) кунад. Аммо варианти дигаре низ ҳаст, ки комилан эҳтимол дорад, ки муносибатҳо дар сатҳи қаблӣ боқӣ мемонанд, сармоягузориҳои алоҳидаи маҳаллӣ сурат мегиранд ва лоиҳаҳои алоҳида амалӣ мешаванд». Муҳаққиқи ватанӣ Шарифов А. кишварҳои арабиро ҳамчун яке аз бозингарони минтақавӣ мешуморад, ки дар баробари Туркия ва Эрон доираи манфиатҳои худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ густариш медиҳанд. Яъне, аз назари муҳаққиқон ва коршиносон, ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ бо кишварҳои араб, махсусан, кишварҳои Халиҷи Форс барои диверсификатсияи муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимою фарҳангӣ муҳим буда, барои рушди устувори соҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ нақши бориз дорад.

ИМКОНИЯТҲОИ МОЛИЯВӢ ВА САРМОЯГУЗОРИИ КИШВАРҲОИ ХАЛИҶ

Пойдевори асосии қолибияти иқтисодии монархияҳои арабӣ барои минтақаи мо - ин мавҷудияти фондҳои соҳибихтиёри сармоягузории (Sovereign Wealth Funds) ниҳоят бузург мебошад. Дар байни 10 фонди бехтарин Идораи сармоягузории Абу-заби (АМА, 828 миллиард доллар), Идораи сармоягузории Кувайт (Кувайт, 592 миллиард доллар), SAMA Foreign Holdings (Арабистони Сауди, 514 миллиард доллар) ва Идораи сармоягузории Қатар (Қатар, 335 миллиард

доллар) чойгиранд, ки ҳаҷми умумии сармояи онҳо аз чанд триллион доллар убур мекунад. Фонди сармоягузории умумии Арабистони Сауди (PIF), Идораи сармоягузории Мубадала (Mubadala) ва Фонди Абу-забӣ барои рушд (ADFD) дар замони муосир стратегияи фаъоли сармоягузориро берун аз ҳудуди минтақаи худашон амалӣ менамоянд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шимоли давлатҳои нимҷазираи Арабистон ҷойгиранд, ки аз ҳамин сабаб тамоми маҷмуи амалҳои сиёсати хориҷии давлатҳои охирин номи умумии «Стратегияи Шимолӣ»-ро гирифтааст. Барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки ба маблағгузории лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, энергетикӣ ва логистикӣ ниёзманданд, ин сарватҳои молиявӣ имконияти беназирро ҷиҳати раҳоӣ аз вобастагии якҷонибаи молиявӣ ва густариши заминаҳои иқтисодӣ фароҳам меорад. Кишварҳои Халиҷ дар доираи барномаҳои миллии худ, ба монанди «Нигоҳ 2030» (Vision 2030)-и Арабистони Саудӣ ва барномаи «Нигоҳ 2040» (Vision 2040) дар Омон аз соли 2018 кӯшиш доранд, ки аз иқтисодиёти сирф рентии нафтӣ вобастабуда (rentier economics) ба иқтисодиёти ба дониш ва технология асосёфта гузаранд ва сармоягузории хориҷӣ дар бахшҳои устувор яке аз абзорони ин стратегия аст.

АҲАММИЯТИ СТРАТЕГӢ БАРОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ЭНЕРГЕТИКА ВА ПИРЯХҲО

Мулоқоти якуми сарони давлатҳои «Осиёи Марказӣ - Шурои ҳамкории кишварҳои Халиҷ» дар Ҷидда (июли 2023) ва вохӯрии вазирони корҳои хориҷӣ дар Тошканд нишон доданд, ки ин раванди бисёрҷониба аз доираи риторикаи оддии геополитикӣ ба марҳилаи амалии «Синергияи иқтисодӣ» гузаштааст. Баргузории сенздаҳумин Саммити навбатӣ дар Самарқанд (2025) заминаеро фароҳам меорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад лоиҳаҳои бузурги зерсохтории худ, аз ҷумла дар соҳаи канданиҳои фоиданоки нодир, сохтмони корхонаҳои муштараки саноатӣ ва инфрасохтори сайёҳии кӯҳиро ҳамчун пешниҳодҳои мушаххаси сармоягузорӣ ба доираҳои молиявии Халиҷ, ба монанди Дубай Холдинг ва ширкатҳои давлатии Қатар манзур намояд. Агар барои давлатҳои бузурги саноатии Осиёи Марказӣ хамкорӣ бо кишварҳои Халиҷ бештар дар соҳаи диверсификатсияи саноати нафту газ ва бозори кор бошад, пас, барои Тоҷикистон ин равобит хусусияти комилан стратегӣ ва ҳаётиро дар бахшҳои гидроэнергетика, раҳоӣ аз бунбасти нақлиётӣ ва устувории экологӣ (хифзи пиряхҳо) касб мекунад. Ин синергия имкон медиҳад, ки иқтисодиёти рентии Халиҷ ва иқтидори табиию обии Тоҷикистон дар як нуқтаи геоиқтисодӣ ба ҳам биоянд. Дар занҷираи муносибатҳои Халиҷ ва Осиёи Марказӣ, Ҷуҳурии Тоҷикистон бо сабаби мавқеи хоси геоиқтисодӣ ва захираҳои табиии худ дорои ҷолибияти махсуси стратегӣ мебошад. Яке аз мушкилоти кортаъминкунии стратегӣ барои ҳам Тоҷикистон ва ҳам Узбекистон ин вобастагии онҳо аз занҷираҳои маҳдуди нақлиётӣ ва дури аз бандарҳои баҳрӣ мебошад. Муҳаққиқони узбек дар ҳалли ин мушкилот қайд менамоянд, ки лоиҳаи коридори мултимодалии «Осиёи Марказӣ - Халиҷи Форс» (дар доираи Созишномаи Ашқобод аз соли 2011) унсури калидии он мебошад. Мувофиқи созишнома ибтидокори долони нақлиётии «Узбекистон - Туркманистон - Эрон - Уммон» метавонад тавассути бандарҳои Бандар-Аббос ва Чобаҳор мустақиман ба бозори Халиҷ раҳсипор шавад ва имтиёзҳои гумрукиро таъмин созад. Барои Тоҷикистон пайваст шудан ба ин долонҳо, махсусан тавассути инфрасохтори нақлиётии кӯҳии худ ва пайвастшавӣ ба шабакаҳои Туркманистон ва Эрон ягона роҳи кӯтоҳтарин ва камхароҷот барои баромадан ба баҳри кушод ва бозорҳои шурои ҳамкории кишварҳои Халиҷи Форс (ШҲКАХ) мебошад. Ин амр имкон медиҳад, ки Тоҷикистон аз «бунбасти ҷуғрофиёӣ» раҳо шуда, ба транзити молу маҳсулоти экологӣ ва саноатии худ шуруъ кунад. Бархӯрди манфиатҳои Тоҷикистон ва кишварҳои Халиҷро метавон дар се самти калидӣ таҳлил кард: **1. Бахши гидроэнергетика ва «энергияи сабз»:** Кишварҳои Халиҷ, сарфи назар аз соҳиб будан ба захираҳои бузурги нафту газ, имрӯз пешсафони ҷаҳонии гузариш ба «энергияи сабз» мебошанд (масалан, ширкатҳои «ACWA Power» ва «Masdar»). Тоҷикистон бо доштани 4-умин иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон барои ин ширкатҳо як майдони фарохи сармоягузорӣ ба шумор меравад. Иштироки фондҳои арабӣ дар маблағгузории Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва лоиҳаҳои энергетикии офтобию бодӣ дар кишвар унсури калидии дипломатияи иқтисодии Душанбе ва Риёз ё Абу-Забӣ мебошад. **2. Амнияти об ва хифзи пиряхҳо:** Дар шароити

тағйирёбии глобалии иқлим ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ҳифзи пиряхҳо ва эълон шудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» бо манфиатҳои миллии кишварҳои Халиҷ комилан ҳамбастагӣ доранд. Кишварҳои нимҷазираи Арабистон, ки бо мушкили шадиди камии оби ошомиданӣ рӯбарӯ ҳастанд, ба технологияҳои идоракунии захираҳои об ва лоиҳаҳои экологии Тоҷикистон таваҷҷуҳи илмӣ ва молиявӣ зоҳир мекунанд. **3. Амнияти озуқаворӣ ва логистикаи кишоварзӣ:** Тавре маълум аст, кишварҳои Халиҷ зиёда аз 60 фоизи маҳсулоти хӯрокворию худро ворид (импорт) мекунанд. Тоҷикистон бошад, бо маҳсулоти кишоварзии аз назари экологӣ тоза ва оби фаровони худ метавонад ба як шарики стратегии ин кишварҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣ табдил ёбад. Барои ин, ҷалби сармояи арабӣ ба инфрасохтори логистикӣ, сохтмони марказҳои нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулот дар Тоҷикистон ва таъсиси долонҳои нақлиётии мустақим амри зарурӣ мебошад. Хулоса, сармояи кишварҳои Халиҷ барои Тоҷикистон ва кулли Осиёи Марказӣ на танҳо манбаи маблағгузорӣ, балки абзори стратегӣ барои таҳкими истиқлолияти иқтисодӣ, рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва ворид шудан ба бозорҳои нави ҷаҳонӣ ба шумор меравад **[1].** Ба ақидаи А.Нуралиев «дар якуним асри охир телеграф, телефон, кино, радио, телевизион, техникаи компютерӣ ва ниҳоят алоқаи кайҳонӣ ба ёрии ВАО омад». Бештари пажуҳишгагон бар он назаранд, ки жанрҳои публитсистика аз хабар оғоз шуда, воқеоти рӯзро бо далелу аснод тавзеҳ медиҳад. Ҷавҳари аслии публитсистикаро хабар ташкил дода, дар меҳвари асосӣ қарор дорад. Аз нигоҳи назарияи журналистика ва сохторшиносии расонаҳо, рӯзномаи «Минбари халқ» аз рӯзҳои аввали таъсисёбии худ ифодакунандаи сиёсати стратегии ҳизб оид ба тарғиби сулҳу ваҳдати миллӣ гардида, барои тарбияи наслҳои нави рӯзноманигорону ходимони сиёсӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳхоҳӣ, ободкорӣ ва созандагӣ хизмат намуд **[2].** Он густариши фарҳанги сулҳро чун ҷузъи доимӣ ва сохтории фарҳанги зиндагии мардуми Тоҷикистон роҳандозӣ карда, ба каломи сиёсӣ оҳанг ва сабки хоси давлатдорӣ бахшид. Раванди паҳни умумии ҷаҳонишавӣ дар баробари паҳлуҳои мусбати техникӣ ва технологии худ, имрӯз башариятро дар рӯ ба рӯи омезиш, таҳрифи сохторӣ ва бархурди вазнини арзишҳо ва фарҳангҳои гуногуни бегона қарор додааст. Таҳлили мундариҷавии саҳифаҳои нашрия собит месозад, ки вазифаи асосии сохтории давлату Ҳукумат ва ҳамзамон ҲХДТ, яъне муттаҳид намудани тамоми гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеа дар атрофи ғояи стратегии Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол — Ватани маҳбуби ҳамаи мо ҳамчун нуқтаи пайванд ва ҳалқаи баҳамоварандаи тамоми мардуми кишвар, сарфи назар аз миллату забон, дину мазҳаб ва ақидаву мавқеи сиёсӣ, ҷавҳари аслии муҳтаво, сохтори жанрӣ ва реторикаи маводи ин ҳафтаномаи марказиро ташкил медиҳад. Рӯзномаи «Минбари халқ» ҳамчун баёнгари мароми миллати қадима ва фарҳангпарвари тоҷик, ҷонибдории гуфтугӯи тамаддунҳо ва истифодаи оқилона аз сарватҳои илмӣ ва дастовардҳои фарҳангии халқҳои Ғарбу Шарқро ба хотири таҳкими низоми дунявию ҳуқуқии давлат таблиғ менамояд ва сипари мадании ҷомеаро ҳимоя мекунад. Дар ин заминаи мураккаби геополитикӣ, вақте ҷаҳони муосир бо хатарҳои гуногуни ҳалокатовар ва заволкунандаи давлату халқҳо, аз ҷумла экстремизму радикализми сиёсӣ, терроризми байналмилалӣ, фишор ва дахолати рӯирости расонаии супернируҳо ба тақдиру сарнавишти халқҳои дигар рӯбарӯ меистад, дар назди нашрияи «Минбари халқ» вазифаҳои басо муҳим, стратегӣ ва масъулиятталаб қарор мегиранд. Ҳадафи якум ва муҳимтарини нашрия ҳифз кардан, устувор нигоҳ доштан ва таҳким бахшидани давлатдории милливу ҳудудӣ мебошад, ки ин расона тавонистааст ин рисолати ватаниро сарбаландона ба иҷро расонад ва амнияти иттилоотии кишварро таъмин намояд. Ба назари муҳаққиқон ҳар зуҳуроту навгонӣ бо факту далел ва рақамгузорӣ пурра мешавад ва барои хонандаву бинанда фаҳмотар мешавад. Дар ин самт олими тоҷик Н. Бозорзода мегӯяд факт чизи асосии публитсистика аст. Дар журналистика ягонагии факт - воқеа (вазъият) ва раванд (протсесс) дар ягонагӣ мавҷуданд, зеро объекти публитсистика замони муосир ва маҳсулаш-таърихи муосир аст **[3].** Саҳифаҳои нашрия фарогири муназзами масоили ҷавонону занон буда, оид ба шароити рушди маънавию ахлоқӣ, таҳсили касбӣ, фаъолият ва танзими сохтории муҳоҷирати меҳнатии онҳо, тарбияи ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ ва риояи волоияти қонун дар зеҳну шуури насли наврас саҳми арзанда мегузоранд, ки ин ҷанбаи фаъолият устувории иҷтимоиву касбии расонаро дар асри XXI кафолат медиҳад. Матни мақолаҳои рӯзномаи «Минбари халқ» нишон медиҳад, ки чӣ гуна консептуализатсияи идеологии фазои иттилоотӣ ба

воситаи жанри мақолаҳои назариявию сиёсӣ амалӣ мешавад. Муаллифони рӯзнома бо парҳези қатъӣ аз калкиҳои беҷони забонҳои хориҷӣ ва бо такя ба синтаксиси мукаммали каломи академии тоҷикӣ, консепсияи Идеологияи миллиро тарҳрезӣ менамоянд. Калимаҳои калидӣ ба монанди ҳувияти миллӣ, тамаддуни аҷдодӣ, соҳибихтиёрии давлатӣ ва ваҳдати созанда, ки дар саҳифаҳои ин ҳафтанома ҷойи марказиро ишғол мекунанд, ба забони матбуоти сиёсии кишвар устувории услубӣ ва мантиқӣ мебахшанд ва онро ба як дастгоҳи муқтадири тарбияи маънавии ҷомеа мубаддал месозанд. Таҳаввули сохтории рӯзнома дар асри XXI нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин нашрия вазифаи тарғиби фарҳанги дунявиятро дар баробари таҳдидҳои радикализми динӣ ба зимма гирифтааст. Дар ин ҷо нақш ва мақоми хабарнигорону рӯзноманигорони нашрия ҳам дар таҳлили матлабҳои муҳимму доғи ҷомеа хеле муассир аст. Хабарнигорони собиқадор ва дорои касбиати олии нашрияи марказии ҳизб «Минбари халқ» Солеҳ Юсуф, Азамат Дӯстов, Алиҷон Ҷӯраев, Ҷумъахон Темуров ва Ҳуриниссо Ализода дар жанрҳои таҳлилии мақола, шарҳ ва нигориш бештар матлаб интишор мекунанд. Масалан дар шарҳи матлаби Азамат Дӯстов аз 24 январи соли 2018, №4 (1140) Мушкилоти Афғонистон: «Толибон» ё ДИИШ? меъёрҳои ин жанр хеле хубу ба таври касбӣ риоя шудааст: Таҳдиди фарзиявии «Давлатӣ исломӣ» (ташкилоти террористии мамнуъ дар ҶТ) аз ҳудуди Афғонистон ба кишварҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон сокинони онро ба ташвиш овардааст. Муносибот миёни ҳаракати «Толибон» ва ДИИШ дар Афғонистон, ҳамчунин динамикаи рушд ва миқёси таъсири ДИИШ, аз ҷумла «ниятҳо» нисбат ба мамолики Осиёи Марказӣ аллакай чанд сол шуд характери мубоҳисавӣ доранд. Анқариб торумор кардани ДИИШ дар Сурияву Ироқ ба ин кӯраи ҳангомаи иттилоотӣ «равғани нав» мерезад. Табиист, ки яке аз талаботу унсури асосии жанрҳои таҳлилӣ «ин факту далоил ва асосноккунии манбаъ аст». Ба андешаи Александр Князев, коршиноси масоили Осиёи Марказӣ ва Шарқи Миёна, доктори улуми таърих «Толибон» ва ДИИШ (бо бренди «Вилояти Хуросон») дар Афғонистон баъд аз паси сар кардани даврaҳои муносиботи бетарафона ва ҳатто дӯстона охири соли 2014 ва баланд шудани шиддати низоъ соли 2015, ки ҷанг миёни онҳо солҳои 2016-2017 низ давом кард, ҳоло паҳлу ба паҳлуи ҳам дар кишвар вуҷуд доранд. Паст шудани шиддати низоъ миёни онҳо бо равандҳои мураккаби дохилӣ миёни ин ду гурӯҳҳо фаҳмида мешавад. Ин равандҳои пайвастаи фрагментатсия (ба қисмҳо ҷудо шудан), иваз шудани сарварон, мавҷуд набудани алоқаҳои муайяни вертикалӣ (аз поён ба боло), ки метавонистанд гурӯҳҳои алоҳидаи ҷангиёнро маҷбур ба иҷрои бекамукости фармонҳо дар маҳаллот кунанд, маҳсуб мегарданд. Ва ин ҳам ба «Толибон» ва ҳам ба ДИИШ дахл дорад». Дар асоси манбаҳои сареъ муаллиф мефзояд, ки; муносибот миёни гурӯҳҳои ДИИШ аз як тараф ва Толибон - аз тарафи дигар такя бо вазъи «дохилитолибӣ» иловатан мураккаб мешаванд. Ҳаракати «Толибон» ягон вақт сохтори «вертикалӣ», ки идораи он марказонида шуда бошад, набуд. Расман раҳбарияти ҳозираи он ба зимоми «Шуро»-и аз ҷониби Мавлавӣ Ҳайбатулло Охундзода идорашаванда вогузор шудааст. Ин Шуро қисман дар Қарочӣ, қисман дар Кветтаи Покистон мустақар шудааст, одатан онро «Шурои Кветта» меноманд. Аз ҷониби қисми зиёди қумондонҳои ҳарбӣ Ҳайбатулло Охундзода сарвари Шурои Кветта эътироф шудааст, аммо боз як қатор «шуро»-ҳои монанд мавҷуд аст - Шурои Шимол (покистонӣ), Шурои Миромшоҳ («занҷираи Ҳоқонӣ») ва Шурои Пешовар. Илова бар ин, боз гурӯҳи оппозитсионие вуҷуд дорад, ки аз ҷониби Убайдулло Ишоқзой, хеши наздики роҳбари кушташудаи «Толибон» Мулло Ахтар Мансур сарварӣ карда мешавад. Дар воқеият қисми зиёди қумондонон дар маҳалҳо мустақилона, бе ҳамоҳангсозӣ бо Шурои Кветта амал мекунанд, такя бо манфиатҳои ҳозираи худ, аз ҷумла мустақиман фармоишҳои сармоягузорони хориҷиро иҷро мекунанд. Дар қазияи Афғонистон назарҳо гуногунанд. Ба наздикӣ президенти кишвар Ашраф Ғанӣ дар мусоҳиба ба шабакаи телевизионии CBS иброз дошт, ки бе дастгирии Амрико ҳукумати Кобул 6 моҳ ҳам нахоҳад побарҷо монд. ИМА то 90% харҷи буҷети мудофиавии Афғонистонро таъмин мекунад - ин дар кумаки ҳамасолаи ҳарбӣ ба маблағи зиёда аз 4 миллиард доллар зоҳир меёбад. Боз 30 миллиард доллари амрикоӣ барои барқарорсозии кишвар сарф гардидааст. Афроди зиёде дар кишвар мавҷуд ҳастанд, ки ихроҷи қувваҳои ҳарбии амрикоӣ аз хоки кишварашонро намехоҳанд. Ба гуфти онҳо, дар сурати хурӯҷи артиши ИМА Афғонистонро «гӯштқимакунак»-и боз ҳам даҳшатнок интизор аст. Дар ҳамин ҳол, метавон гуфт, ки бо мавҷуд будани ҳукумати марказии заифе, ки такя ба дастгирии ҳарбии беруна дорад ва гурӯҳҳои мухталифи мусаллаҳ, дар

Афғонистон нуфузи ҳаракати «Толибон» боз ҳам афзудааст ва ҳоло ин ягона қувваи воқеии ҳарбист, ки минтақаҳои зиёди кишварро таҳти назорат дорад. Ва айни замон, муносибат ва дидгоҳ ба ин ҳаракат низ то ҳадде тағйир ёфтааст. Масалан, Франс Клинтсевич, сиёсатмадори рус, муовини аввали раиси кумитаи Шурои Федератсия оиди мудофиа ва бехатарии Русия чанде пеш дар як конфронс бахшида ба масъалаи терроризм дар Душанбе иброз дошт, ки «толибон ба ҳудуди кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ даромаданӣ нестанд ва ҳеҷ гоҳ ин ниятро ҳам надоштанд». Яъне, вазифаҳои геополитикӣ тамоюл ба ивазшавӣ доранд ва бозигарон акнун нақшҳоро иваз мекунанд. Як чиз яқин аст: ҳаракати «Толибон» имрӯз дар Афғонистон муваффақ аст ва ҷонибдорони дохиливу берунааш меафзояд. Он аз қувваи ҳарбӣ ҳамчунин ба қудрати сиёсие табдил шуда истодааст, ки дар оянда дар сохтани ҳукумати марказӣ иштироки фаъолона хоҳад дошт [4]. Яке аз афзалияти жанрҳои таҳлилӣ ин истифодаи арқому андеша ва афкори коршиносон аст, ки муаллифи матлаб аз ин хеле моҳирона истифода кардааст. Хабарнигорони дигари нашрия Алиҷон Ҷӯраев дар матлаби «Нақши таҳаммулгароӣ дар пешгирии экстремизм» «Минбари халқ», 5.02. 2020, №6 (1247) бо такя ба далелҳои воқеӣ мавзуъро хеле арзишҳои таҳлилӣ бахшидааст **[4].** Чорабинии мазкур бо ибтикори ташкилоти ҷамъиятии «Насли нави Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои дигари давлатӣ бо дастгирии Сафорати ИМА дар Тоҷикистон баргузор шуд. Иштирокчиён мавзуъҳои «Зарурати пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ», «Хатари экстремизм ва терроризм дар ҳаёти ҷавонон», «Фаҳмиши асосӣ дар бораи экстремизм», «Чаро ҷавонон ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ ҳамроҳ мешаванд?», «Нақш ва имконоти омӯзгорон дар пешгирии экстремизм миёни ҷавонон», «Усулҳо ва воситаҳои пешгирии экстремизм дар ҷомеа», «Нақши таҳаммулгароӣ ва плюрализм барои пешгирии экстремизм»-ро фаро гирифтанд. Айни замон, аҳли ҷомеаи дунё экстремизм ё ифротгароиро, ки маънои тундравӣ, аз андоза гузаштани андешаҳо ва амалҳои тундравонаро дорад, маҳкум мекунанд ва бо он мубориза мебаранд. Зеро хавфҳои афзоиши экстремизм ва хатарҳои терроризм қариб тамоми сокинони сайёраро нигарон сохтааст. Ҳоло аксари давлатҳои дунё барои пешгирии экстремизм мубориза мебаранд. Дар Тоҷикистон низ ба ин масъала аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд, иқдомҳои зиёде барои пешгирӣ аз ин падидаҳои номатлуб анҷом дода мешаванд. Дар Тоҷикистон барои эмин нигоҳ доштани аҳли ҷомеа, бахусус, ҷавонон аз хатарҳои экстремизм ва пайвастани онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ таваҷҷуҳ сурат мегирад. Муҳаққиқону олимон ба ин назаранд, ки дар публитсистика мақоларо ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: Сармақола, мақолаҳои директивӣ, мақолаҳои пропагандистӣ (тарғиботӣ), мақолаҳои мубоҳисавӣ. Олими дигари тоҷик А. Нуралиев жанрҳои публитсистикаро дар се гурӯҳ - хабарӣ, таҳқиқӣ ва публитсистиву бадеӣ шинохта, вале дар матн иттилоотро ҳамчун маълумот дар бораи одамон, ашё, факту ҳодисаҳо падидаҳову протсессҳои мухталиф шарҳу муаррифӣ менамояд, ки аз ҷониби ВАО пахш мешаванд. М.Н. Ким ақида дорад, ки ҳамаи жанрҳои хабарӣ аз воқеа шуруъ мешаванд **[5].** Тавре мушоҳида мешавад, ҳангоми тақсимот мавзуъ асос нест. Дар ҳар кадоми ин чор намуди зикршуда, ҳар гуна мавзуъ инъикос ёфта метавонад. Нақши «Минбари халқ» дар ин марҳала ба унвони маркази ҳамоҳангсозии мафкуравии тамоми шабакаи нашрияҳои маҳаллии кишвар устувор гардид. Идораи марказии рӯзнома бо таҳияи тавсияҳои методологӣ, консепсияҳои мавзуӣ ва услуби баёни масоили калидии давлатдорӣ, ба рӯзномаҳои вилоятиву ноҳиявии ҲХДТ кумаки сохтории касбӣ мерасонид, ки ин амри мунтазам боис ба якхела шудан ва стандартизатсияи дискирси ваҳдату созандагӣ дар саросари кишвар гардид ва аз парокандагии лингвистиву мафкуравӣ дар маҳалҳо пешгирӣ намуд, ки ин феномен дар назарияи расонаҳо ҳамчун намунаи сохтори мукаммали вертикалии амсилаи идораи иттилоот арзёбӣ мешавад. Рӯзномаи «Минбари халқ» ҳамеша ба масъалаҳои рушди забони давлатӣ ва ҳифзи покдории он дар шароити глобализатсия аҳаммияти аввалиндараҷа медод. Мақолаҳои таҳлилии олимони забоншинос, ки дар рӯзнома чоп мешуданд, ба баррасии қатъии иҷрои Қонуни забони давлатӣ, имлои нави забони тоҷикӣ ва роҳҳои дур кардани вожаҳои аҷнабиву носаҳеҳ аз фазои хабарии кишвар бахшида мешуданд. Ин функсияи маърифатии расона, таъсири маънавии онро ба ҷомеа устувор нигоҳ дошта, нишон дод, ки матбуоти ҳизбии пешбаранда ҳамеша ба унвони пажуҳишгоҳи амалии ҳифзи сипари мадании миллат фаъолият менамояд. Дигаргуншавии сохторӣ

ва техникии рӯзномаи «Минбари халқ» дар даҳсолаи дуюми асри XXI ва нақши он дар муқовимат ба набардҳои иттилоотии муосир, марҳалаи камолоти касбӣ, стратегӣ ва бунёдӣ дар таърихи журналистикаи муосири Тоҷикистон ба шумор меравад. Ин таҳқиқоти бунёдӣ собит сохт, ки низоми иттилоотӣ дар сурате метавонад мақоми пешбарандаи худро дар ҷомеа ҳифз намояд ва ба таҳдидҳои глобалии расонаӣ ҷавобҳои сазовор диҳад, ки вазифаҳои худро бо ҳадафҳои стратегии амнияти миллӣ, муосиргардонии техникӣ ва такмили мудовуми услуби баёни муаллифон мутобиқ созад. Меҳвари консептуалӣ, назариявӣ ва методологии ин таҳқиқи моро муқоисаи услубшиносии сабку усули нигориши рӯзномаи марказии ҷумҳуриявии «Минбари халқ» бо нашрияҳои аҳзоби дигари сиёсии кишвар, аз қабили рӯзномаҳои «Нидои ранҷбар», «Меҳргон» ва «Иқтисод ва ҳаёт» ташкил медиҳад, ки ҳар кадоми онҳо вобоста ба мароми идеологӣ, сохтори ташкилӣ ва ҳадафҳои стратегии худ аз воситаҳои махсуси кодификатсияи лингвистӣ, метафоризатсия ва амсиласозии сохторҳои лексикӣ истифода мебаранд. Таҳқиқи хронологӣ ва контент-анализи маводи ин расонаҳои мухталифи сиёсӣ собит месозад, ки тарзи баёни масоили мураккаби қудрат, иқтисод ва амният дар матбуоти даврӣ мустақиман, мантиқан ва ба таври институтсионалӣ аз стратегияи фаъолияти иттилоотии худи созмонҳо маншаъ гирифта, аудиторияи мақсадноки онҳоро шакл медиҳад. Хусусияти рӯзномаи «Минбари халқ» дар корбасти муназзами синтаксиси мукаммали илмӣ-публитсистӣ, устувории мантиқии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва истифодаи густурдаву стандартии лексикаи созандагӣ, давлатсозии миллӣ ва ватандорӣ зоҳур мегардад, ки ин равиш ба матнҳо оҳанги қатъии ҳуқуқӣ ва умумимиллӣ мебахшад. Дар ин баробар, жанрҳои хабар дар нашрияҳои ҳизбҳои дигар ба монанди Ҳизби коммунисти Тоҷикистон нашрияааш «Нидои ранҷбар», дар чунин шакл манзур мегардад. «Нидои ранҷбар» - нашрияи Ҳизби Коммунистӣ Тоҷикистон аз моҳи марти соли 1992 чоп мешавад. Зери рубрикаи «Андешаҳо», «Ахбори ҳизбӣ», «Акси садо», «Доғи рӯз» ва ғайраю дигарҳо мавод ба дасти чоп медиҳад. Рӯзнома ҳафтае як маротиба аз чоп мебарояд. Сардабирии рӯзномаро Ҳабибулло Ёров ба ӯҳда дошта, М. Мирзоев, Ҷ. Наботов, У. Шерхонов ва дигарон дар табъу нашри газета ҳисса доранд. Мутобиқи таҳқиқи пажуҳишгарон нашрияи Ҳизби демократи Тоҷикистон бинобар сабаби камии хабару навгонӣ ва набуди маблағ моҳе як маротиба нашр мешавад. «Адолат» - моҳномаи Ҳизби Демократи Тоҷикистон ва ҷонибдорони он 10 августи соли 1990 пешкаши хонандагон гардид. Дар ин шумора газета ба хонандагон муроҷиат намуда, навишта буд: Мароми мо: «Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек!» аст. Вале моҳнома (баъдтар ҳафтавор) ва кормандони он дар давоми фаъолияти хеш то охир ба шиори худ содиқ намонданд. Ҳафтавор ҳамагӣ 48 шумора чоп шуд. Зери рубрикаҳои «Нӯшбод», «Сиёсатнома», «Саҳифаи хунини таърихи ватан», «Шумо медонед, ки», «Паёми рангин», «Ҳачв», «Акси садо» дар мавзуъҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ маводи зиёдеро пешкаши хонандагони худ гардонидааст. Маъмулан жанрҳои хабарӣ дар нашрия на ба таври бояду шояд интишор мешаванд. Нашрияи Ҳизби аграрии Тоҷикистон таҳти унвони «Меҳргон» моҳе як маротиба нашр шуда, муҳтавои аслии матлабҳои хабарии ин нашрия ба ҳимояи манфиатҳои аъзо ва дигар ҷонибдоронаш равона шудааст. Нашрияи чопии Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ) «Иқтисод ва ҳаёт» буда, хабару гузоришҳо хеле қолабӣ ва ба таврӣ маъмулӣ интишор мегарданд. Дар рӯзномаи «Иттиҳод»-и Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон муносибат ба риояи жанрҳои хабарӣ хеле сатҳӣ ва номуайяну нокифоя нашр мешаванд. Бинобар сабаби дастнорасии ин нашрияҳо вазъи нигориши жанрҳои публитсистика каме мураккабтар аст. Теъдоди нашр, имкониятҳои молиявӣ ва набуди хабарнигорон кори нашрияҳои ҳизбҳои дигари Тоҷикистонро ба мушкилӣ рӯ ба рӯ намудааст. Инъикоси жанрҳои хабарӣ дар муқоиса ба дигар рӯзномаҳои маҳалии ҳизбиву моҳномаҳои ҳизбҳои дигар дар нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон «Ҳамрози халқ» равиши услубии худро дорад. Вале маҷлису ҳамоиш ва машваратҳои ҳудуди минтақаро тавассути жанрҳои хабарӣ бо қолаби доимиву якранг ба нашр мерасонад. Дар мақолаҳои сиёсии ин ҳафтаномаи пешбаранда, калимаву ибораҳои калидӣ ба мисли рушди бонизом, суботи конститутсионӣ, худшиносии милливу давлатӣ, амнияти иттилоотии кишвар ва соҳибихтиёрии маънавӣ натанҳо вазифаи оддии номинативиро иҷро мекунанд, балки ҳамчун унсурҳои устувор, умумифаҳм ва сохтории мафкуравӣ барои ташаккули афкори бунёдкоронаи ҷомеа ва муқовимат ба хатарҳои глобалии муосир хизмат менамоянд. Баръакси ин сабки муътадил ва соҳибдавлатона, таҳлили лексикиву матнии рӯзномаи

коммунистии «Нидои ранҷбар» нишон медиҳад, ки дар ин расона ҳанӯз ҳам истилоҳоти суннатии марксистӣ ва қолабҳои ретроспективию носталгии баён, ба монанди пролетариат, заҳматкашон, муборизаи синфӣ ва сентрализми демократӣ устувории худро ҳифз намудаанд, ки ин омил сохтори ҷумлаҳоро бештар ба самти реторикаи хитобӣ, даъватҳои оммавӣ ва оҳанги ҳушдоркунанда ҳидоят мекунад, ки аз воқеияти иқтисодии асри XXI канор аст. Аз нигоҳи назарияи услубшиносӣ ва типологияи расонаҳо, нашрияҳои соҳавии аҳзоби дигари сиёсии Тоҷикистон низ дорои сохтори хос, маҳдуд ва махсусгардонидашудаи забонӣ мебошанд, ки доираи таъсири онҳоро мушаххас месозад. Барои намуна, дар саҳифаҳои рӯзномаи «Меҳргон» ҳамчун органи Ҳизби Аграрии Тоҷикистон, лексикаи сиёсӣ бо истилоҳоти дақиқи соҳаи кишоварзӣ, биология ва иқтисоди деҳот, ба мисли амнияти озуқаворӣ, ҳосилнокии зироаткорӣ, мелиоратсияи заминҳо ва неъматҳои моддии аввалия омезиш ёфта, услуби баёнро ба самти воқеъгароии прагматикӣ ва созишпазирии соҳавӣ раҳнамун месозад ва дискирси экологиро устувор мекунад. Дар рӯзномаи «Иқтисод ва ҳаёт» бошад, ки ба Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон тааллуқ дорад, матнҳои сиёсӣ бештар дар қолаби лексикаи сирф молиявӣ, бозории мураккаб ва вожаҳои байналмилалии иқтисодӣ сохта мешаванд, ки ин амри техникӣ дараҷаи абстрактӣ ва сангинии маводро барои хонандаи оддии маҳаллӣ бамаротиб баланд бардошта, доираи таъсири расонаро танҳо бо муҳити устодони донишгоҳҳо ва мутахассисони соҳаи бонкию молиявӣ маҳдуд месозад. Таҳҳиқи қиёсӣ, матншиносӣ ва гуфтумонии ин ҷанбаҳои муҳим собит месозад, ки рӯзномаи «Минбари халқ» тавонистааст усули мувозинати услубиро миёни баёни расмии консептуалии давлатӣ ва заҳмати касбии рӯзноманигории таҳлилӣ ба таври устувор нигоҳ дорад ва аз якрангии хушки маъмурӣ канор равад. Корбасти моҳирона, сохторӣ ва касбии воситаҳои тасвири бадеӣ, маҷозҳои сиёсӣ ва усулҳои асосноккунии мантиқӣ дар мақолаҳои сиёсии ин нашрия, аз як тараф, ҷозибаи матнро барои қишрҳои мухталифи ҷомеа таъмин менамояд ва аз тарафи дигар, хосияти созандагии мароми ҳизбро ба таври қонунманд ба шуури иҷтимоӣ ворид сохта, забони адабиро аз лиҳози терминологияи сиёсии муосир ғанӣ мегардонад, ки ин феномен нишондиҳандаи камолоти касбӣ ва амсиласозии устувори расонаӣ дар фазои матбуоти даврии муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб мешавад. Мундариҷаи мақолаҳои рӯзномаи «Минбари халқ» нишон медиҳад, ки чӣ гуна сохтори ҷумлаҳо ба раванди устуворсозии равонии ҷомеа кумаки сохторӣ мерасонад. Мақолаҳои таҳлилии ин ҳафтанома бо истифода аз ҷумлаҳои пайвасти тобеъ, ки дар онҳо унсурҳои мантиқӣ ба таври қатъӣ ба ҳам гиреҳ чоп шудаанд, сохта мешаванд, ки ин равиш ба муаллиф имкон медиҳад аз баёни эҳсосоти бебунёд канор рафта, ҳақиқати воқеии иқтисодиву сиёсии кишварро ба хонанда собит намояд. Баръакс, синтаксиси рӯзномаи «Нидои ранҷбар» бештар иборат аз ҷумлаҳои содаи хитобӣ, нидоӣ ва саволҳои риторикӣ мебошад, ки ҳадафаш на таҳлили ороми илмӣ, балки таҳрики эҳсосоти носталгии насли калонсол аст, ки ин тафовути сохторӣ камолоти касбии «Минбари халқ»-ро дар бахши насри таҳлилии муосир нишон медиҳад. Таҳҳиқи қиёсии лексикони нашрияҳо собит месозад, ки рӯзномаи «Минбари халқ» ба унвони маркази кодификатсияи вожаҳои калидии ваҳдати миллӣ ва соҳибихтиёрӣ фаъолият мекунад. Дар ҳоле ки рӯзномаи «Иқтисод ва ҳаёт» бо истифодаи бенизоми вожаҳои англисии соҳаи молия, ба монанди инвеститсия, диверсификатсия ва инфлятсия забони тоҷикиро вазнин месозад, «Минбари халқ» огоҳона кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои ин мафҳумҳо муродифҳои саҳеҳ ва фасеҳи тоҷикӣ, аз қабили сармоягузорӣ, гуногунсамтӣ ва таваррумро дар саҳифаҳои худ роҳандозӣ ва стандартӣ намояд. Ин амал ба ҳифзи асолат ва соҳибихтиёрии забони давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ кумаки калони сохторӣ мерасонад. Ногуфта намонад, ки иқтисоди бозори расонаҳо ба хусусиятҳои услубии ин нашрияҳо таъсири мустақим мерасонад. Рӯзномаҳои «Нидои ранҷбар» ва «Иқтисод ва ҳаёт» ба сабаби маҳдудияти молиявӣ ва паст будани тираж, натавонистанд сохтори кадрии муҳаррирони касбиро нигоҳ доранд, ки ин омил боис ба пайдо шудани хатоҳои услубӣ ва якрангии матнҳо дар саҳифаҳои онҳо гардид. Рӯзномаи «Минбари халқ» бошад, ба сабаби доштани базаи мустаҳками молиявии ҳизбӣ ва сохтори муназзами ташкилӣ, тавонист як шурои калони таҳрири филологиро созмон диҳад, ки ҳар як мақоларо пеш аз чоп аз назари риояи қатъии меъёрҳои стилистика ва мантиқ таҳрир менамояд, ки ин амри мунтазам сифати академии матнҳоро кафолат медиҳад. Хусусияти дигари сохтории ин марҳалаи қиёсӣ дар он зоҳир мешавад, ки рӯзномаи «Меҳргон» дар

инъикоси масоили сиёсӣ бештар ба услуби оммафаҳми деҳқонӣ такя мекунад, ки ин равиш ҳарчанд барои аҳолии деҳот ҷолиб аст, аммо ба он имкон намедиҳад, ки равандҳои мураккаби геополитикии ҷаҳонро ба таври консептуалӣ таҳлил кунад **[6].** Саҳифаҳои ин ҳафтаномаи марказӣ барои даҳҳо рӯзноманигорони насли навин ҳамчун майдони воқеии пажуҳишӣ, сайқали маҳорати филологӣ ва усулҳои муосири нигориши публитсистикаи бунёдкорона хизмат карда, устувории мафкуравии фазои иттилоотии кишварро кафолат доданд. Хусусияти сифатӣ, услубӣ ва забонии мактаби рӯзноманигории «Минбари халқ» бевосита дар он зоҳир мегардад, ки дар ин муҳити касбӣ фарҳанги таҳлили амиқ, сохторӣ ва иқтисодиву сиёсии вазъи кишвар ва ҷаҳон ва парҳези қатъӣ аз сатҳигароии амсолӣ, хурофоти иҷтимоӣ, сенсатсияҳои арзони бозорӣ ва эҳсосотбарангезии тахрибкор ба унвони усули асосӣ ва каноникии кор бо матн пазируфта шудааст, ки ин омил матбуоти ҳизбиро ба як ниҳоди калони маърифатпарварӣ мубаддал сохт. Дастпарварони ин мактаби эҷодӣ бо омӯзиши усулҳои муназзами индуктивии коркарди иттилоот, верификатсияи қатъии фактҳо, контент-анализи равандҳои молиявӣ ва риояи устувори меъёрҳои этикаи касбии рӯзноманигории давлатсоз, тавонистанд дар баррасии масоили ҳассоси ҷомеа, аз ҷумла муқовимати лингвистӣ бо хатарҳои мафкуравии глобализатсия, экстремизм ва ҷангҳои иттилоотии бегона, сабки махсус, устувор ва муътадили худро эҷод намоянд. Ин равияи созандагии филологӣ боис гардид, ки аксари ходимони ин идораи марказӣ минбаъд ба сифати таҳлилгарони калидии сиёсӣ, кодификаторони забони дипломатӣ ва роҳбарони расонаҳои муҳимми давлативу ҷамъиятии кишвар эътироф шаванд ва интизоми лингвистиро ба дигар воситаҳои ахбори умум интиқол диҳанд. Дар ин равия авомили дигар боиси изофа аст, ки масъалаи ороиш фақат ҳамин рӯз ба арсаи ҳаёт номадааст. Вай таърих ҳам дорад. Аммо муҳимтарин ҷиҳати ороиш аз замони ҳастии ин ҳунар ҷузъи ороиш будааст. Дар амалияи газетасозӣ аҷзои ороиш ба ду қисмати бузург тақсим мешавад – ҳиссаи марбут ба матбаа ва бахши ба идораи рӯзнома алоқаманд. Ана ҳамин қаробат аҷзои ороиширо ба кулли мутафарриқ мегардонад. Дар қисмати аввал баҳс аз хусуси литерҳо (аломату ҳуруф), линейкаҳо, яъне сухан аз аҷзои фулузини шакли чопӣ баланд меравад. Дар мавриди дуюм мо ба ҷузъҳои ороише кор дорем, ки ба линейкаҳои тамғаи муайян, ҳаҷми (васеии) сутунҳо, фосилаҳо, тасовир ва саҳифаҳо иртибот доранд **[7].** Аз нигоҳи назарияи журналистика ва касбияти рӯзноманигории муосир, ҳафтаномаи «Минбари халқ» тавонист меъёри нави муколамаи созишпазир, конструктивӣ ва сохтории матбуотро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври мукаммал тарҳрезӣ ва амалӣ кунад, ки ин паҳлу забони матбуотро аз хусусияти монополии пешина ба як майдони полифонии зеҳнӣ убур дод. Муаллифони нашрия бо дарки масъулияти вазнини шаҳрвандиву миллӣ ва бо истифода аз синтаксиси мукаммали насри илмӣ-публитсистӣ нишон доданд, ки матбуоти ҳизбии пешоҳанг метавонад ҳамчун пул ё худ робитаи устувори институтсионалии миёни сохторҳои олии роҳбарикунандаи давлат ва оммаи васеи сокинони кишвар хизмат намуда, дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии мардуми маҳалҳо саҳми қатъӣ гузорад ва аз авҷ гирифтани буҳронҳои равонӣ дар ҷомеа пешгирӣ намояд. Ҳамзамон бо ин, таҳаввули сохтории низоми кадрии рӯзнома нишон медиҳад, чӣ гуна дастпарварони ин мактаб вазифаи муқовимат ба мафкураҳои экстремистиву тахрибкорро дар фазои маҷозӣ ба зимма гирифтаанд. Таҳлилгарони ҷавони рӯзнома бо таъсиси рубрикаҳои махсус ва бо истифода аз усулҳои деконструксияи матнӣ, тезисҳо ва тарғиботи дурӯғини созмонҳои радикалии интернетиро, ки ҳадафашон гумроҳ кардани ҷавонони тоҷик буд, аз назари илмӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ фош месозанд. Забони ин мақолаҳо дорои ғояҳои қатъӣ, асосҳои устувори мантиқӣ ва лексикаи дифоӣ мебошад, ки ин равиш ба ҳифзи амнияти психологӣ ва устувории маънавии ҷомеа кумаки калони сохторӣ мерасонад. Матлаби хабарнигори ҷавони ин нашрия ин омилҳоро чунин тақвият медиҳад. Вобаста ба омилҳои матраҳ ва таҳқиқи коршиносони соҳа ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки мактаби рӯзноманигории «Минбари халқ» дар асри XXI ба унвони як лабораторияи амалии филологӣ барои кодификатсияи забони матбуоти сиёсии муосир хизмат мекунад. Идораи рӯзнома бо баргузории семинарҳои касбӣ, машваратҳои илмӣ бо профессорони донишгоҳҳо ва таҳрири филологии чандкаратаи матнҳо, як низоми қатъии интизоми лингвистиро роҳандозӣ намуд. Ин амри мунтазам боис ба содда, равон ва фаҳмо шудани ҷумлаҳои мураккаби сиёсӣ барои хонандаи оддӣ гардид, ки ин трансформатсияи услубӣ боис ба баланд шудани маърифати ҳуқуқиву сиёсии омма дар кишвар

гардид. Вобаста ба ин самти таҳқиқ олимони маъруфи соҳа мавқеъ ва афкорашонро низ баён доштаанд **[8].** Хусусияти дигари сохтории ин марҳалаи кадрӣ дар он зоҳир мешавад, ки мактаби рӯзноманигории «Минбари халқ» тавонист робитаи зичи донишгоҳҳои кишварро бо амалияи матбуотӣ маҳкам нигоҳ дорад. Идораи рӯзнома ба маркази аслии таҷрибаомӯзии донишҷӯёни факултетҳои рӯзноманигории донишгоҳҳои пойтахт табдил ёфтааст, ки дар он ҷо онҳо усулҳои муосири контент-анализ, ороиши рақамӣ ва таҳлили фактҳоро меомӯзанд. Ин раванди лифти кадрӣ кафолат медиҳад, ки насли нави таҳлилгарони кишвар ҳамеша бо суннатҳои касбии матбуоти ватанӣ ва ғояҳои давлатсозии миллӣ пайванди маҳкам дошта бошанд, ки ин паҳлуи маданиву ташкилии расона арзиши бузурги зеҳнӣ дорад.

Адабиёт:

1. «Минбари халқ», 29.07.2026, №29 91582)
2. Нуралиев А. Таърихи журналистикаи кишварҳои хориҷӣ / -Душанбе: «Сурушан», 2001. -9 с.
3. Проблемы теории печати. М., МГУ, 1973., 127 с.
4. «Минбари халқ», 5.02.2020, №6 (1247)
5. Ким М.Н. Информационная журналистика. СПб. 2005. с.205.
6. «Минбари халқ», 24.01.2018, №4 (1140)
7. Саъдуллоев А. Саҳифабандӣ ва чопи газета. – Душанбе: Ирфон, 1999, 168 саҳ.
8. Балаш А.В**.** Техника оформления газетной полосы – Минск, 1978,
9. «Минбари халқ», 7.06.2023. № 2 (1340)
10. Попов В.В. Гуревич С.М**.** Производство и оформление газеты. – М., 1977
11. Рабочая книга редактора районной газеты. – М., Мысль, 1988
12. Сомонаи расмии ҲХДТ «hamsafon.tj »

МАҚОМ НА НАҚШИ НАШРИЯИ «МИНБАРИ ХАЛҚ» ДАР НИЗОМИ МАТБУОТИ ҲИЗБӢ

(Дар мисоли рӯзномаи «Минбари халқ» ва нашрияҳои ҳизбии дигар)

Матбуоти даврӣ дар замони муосири соҳибистиқлолӣ на танҳо ҳамчун воситаи оддии пахши хабарҳо ё ахбори рӯзмарра, балки ба унвони минбари муқтадири ташаккули афкори умум ва манбаи аслии амсиласозии маънавиёти иҷтимоии инсон хизмат карда, дар интихоби мавқеъ, коҳиш додани буҳронҳои мафкуравӣ ва танзими андешаи сиёсии шаҳрвандон мусоидати сохторӣ менамояд. Арзи ҳастӣ намудани нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо номи «Минбари халқ» дар нимаи солҳои навадуми асри XX, на танҳо афкору ақидаи уставии аъзои ин созмони пешбарро инъикос намуд, балки тамоми фазои иттилоотии кишварро аз ҳолати парокандагии даврони ҷанги шаҳрвандӣ ба сӯйи низоми муназзами давлатсозӣ раҳнамун сохта, ҷаҳони маънавии хонандагонро тавассути мутолиаи насри таҳлилии касбӣ, гузоришҳои мукаммал ва мусоҳибаҳои консептуалии саривақтӣ бойтар, устувор ва ғанӣ гардонид. Таҳқиқи қиёсии лексикони нашрияҳо собит месозад, ки рӯзномаи «Минбари халқ» ба унвони маркази кодификатсияи вожаҳои калидии ваҳдати миллӣ ва соҳибихтиёрӣ фаъолият мекунад. Дар ҳоле ки рӯзномаи «Иқтисод ва ҳаёт» бо истифодаи бенизоми вожаҳои англисии соҳаи молия, ба монанди инвеститсия, диверсификатсия ва инфлятсия забони тоҷикиро вазнин месозад, «Минбари халқ» огоҳона кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои ин мафҳумҳо муродифҳои саҳеҳ ва фасеҳи тоҷикӣ, аз қабили сармоягузорӣ, гуногунсамтӣ ва таваррумро дар саҳифаҳои худ роҳандозӣ ва стандартӣ намояд.

Ин амал ба ҳифзи асолат ва соҳибихтиёрии забони давлатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ кумаки калони сохторӣ мерасонад. Хусусияти дигари сохтории ин марҳалаи кадрӣ дар он зоҳир мешавад, ки мактаби рӯзноманигории «Минбари халқ» тавонист робитаи зичи донишгоҳҳои кишварро бо амалияи матбуотӣ маҳкам нигоҳ дорад. Идораи рӯзнома ба маркази аслии таҷрибаомӯзии донишҷӯёни факултетҳои рӯзноманигории донишгоҳҳои

пойтахт табдил ёфтааст, ки дар он ҷо онҳо усулҳои муосири контент-анализ, ороиши рақамӣ ва таҳлили фактҳоро меомӯзанд.

Калидвожаҳо: фазои иттилоотӣ, афкори умум, нигориши публитсистӣ, типологияи расонаҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, вожаҳои англисӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, матбуоти ҳизбӣ, коркарди иттилоот, геополитикаи сиёсӣ.

СТАТУС И РОЛЬ ИЗДАНИЯ «МИНБАРИ ХАЛК» В СИСТЕМЕ ПАРТИЙНОЙ ПЕЧАТИ

(На примере газеты «Минбари Халк» и других партийных изданий)

В современную эпоху независимости периодическая печать служит не просто средством распространения новостей или повседневной информации, а мощной платформой для формирования общественного мнения и важнейшим источником становления социального и духовного сознания народа; она играет структурообразующую роль, помогая гражданам определять свою позицию, преодолевать идеологические кризисы и формировать политическое мышление. Появление в середине 1990-х годов газеты «Минбари халк» — центрального печатного органа Народно-демократической партии Таджикистана — не только отразило взгляды и принципы членов этой организации, но и переориентировало всё информационное пространство страны: от раздробленности, характерной для периода гражданской войны, оно перешло к организованной системе государственного строительства, одновременно обогащая и укрепляя интеллектуальную и духовную жизнь читателей благодаря профессиональной аналитике, всесторонним обзорам, а также своевременным и содержательным интервью. Сравнительный анализ лексики, используемой в этих изданиях, показывает, что газета «Минбари халк» выступает центром стандартизации ключевых терминов, касающихся национального единства и суверенитета. В то время как газета «Иктисод ва хаёт» перегружает таджикский язык беспорядочным использованием английских финансовых терминов — таких как «investitsiya», «diversifikatsiya» и «inflyatsiya», — «Минбари халк» целенаправленно внедряет и закрепляет точные, органичные для таджикского языка эквиваленты этих понятий: «sarmoyaguzorӣ», «gunogunsamtӣ» и «tavarrum».

Эта инициатива обеспечивает значительную структурную поддержку сохранению самобытности и суверенитета государственного языка в условиях глобализации. Еще одной структурной особенностью этого кадрового этапа является то, что школа журналистики «Минбари халк» смогла поддерживать тесные связи между университетами страны и практикой прессы. Редакция газеты стала главным центром стажировок для студентов факультетов журналистики столичных университетов, где они изучают современные методы контент-анализа, цифрового редактирования и фактологического анализа.

Ключевые слова: информационное пространство, общественное мнение, публицистика, типология СМИ, политические партии, англоязычные термины, информационная война, партийная пресса, обработка информации, политическая геополитика.

THE STATUS AND ROLE OF THE NEWSPAPER «MINBARI ĸHALQ» IN THE SYSTEM OF PARTY PRESS

(On the example of the «Minbari Khalq» newspaper and other party publications)

In the contemporary era of independence, periodical press serves not only as a simple means of disseminating news or daily information, but also as a powerful platform for shaping public opinion and as the primary source for modeling the spiritual values of society. It structurally contributes to positioning, reducing ideological crises, and regulating the political thinking of citizens. The establishment of the central newspaper of the People's Democratic Party of Tajikistan named «Minbari ĸhalq» in the mid – 1990 s, not only reflected the ideas and views of the members of this leading organization, but also guided the entire information space of the country from the state of fragmentation during the civil war period toward a systematic state – building system.

Through professional analytical prose, comprehensive reports, and timely conceptual interviews, it enriched, strengthened, and made more profound the spiritual world of readers. A comparative lexical analysis of publications proves that the newspaper «Minbari кhalq» functions as a center for the codification of key terms of national unity and sovereignty. While the newspaper «Iqtisod va hayot» makes the Tajik language heavy by using unsystematic English financial terms such as «investment», «diversification», and «inflation», «Minbari кhalq» consciously strives to introduce and standardize accurate and fluent Tajik equivalents for these concepts on its pages, such as: «sarmoyaguzorī», «gunogunsamtī», and «tavarrum» [investment] [diversification] [inflation]. This initiative provides significant structural support for preserving the distinct character and sovereignty of the state language in the face of globalization. Another structural feature of this phase in workforce development is the «Minbari khalk» School of Journalism's success in maintaining close ties between the country's universities and actual journalistic practice. The newspaper's editorial office has become a primary internship hub for journalism students from universities in the capital, offering them the opportunity to learn modern methods of content analysis, digital editing, and fact-checking.

Keywords: Information space, Public opinion, Publicistic writing, Journalistic style, Media typology, Political parties, English terms, Information wars, Party press, Information processing, Political geopolitics

Маълумот дар бораи муаллиф: Каримзода Ҳақназар Изатулло**,** номзади илмҳои филологӣ, директори Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон. Суроға: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод. Тел.: 93.501.15.16

Сведения об авторе: Каримзода Хакназар Изатулло, кандидат филологических наук, директор Академии средств массовой информации Таджикистана. Адрес: 734013, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Бехзод. Тел.: 93.501.15.16

Information about the author: Karimzoda Haqnazar Izatullo, candidate of philological sciences, Director of the Media Academy of Tajikistan. Address: 734013, Republic of Tajikistan Dushanbe. Behzod Street, 16 Tel.: +992 93 501 15 16

Муқарриз: Саъдуллоев Ҷ.М., д.и.ф., профессор
Донишгоҳи милили Тоҷикистон

ТДУ: 82′21 (075.8)
С-23

ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ НАҚДИ АДАБИИ АРАБ ДАР ДАВРАИ ҶОҲИЛИЯТ

Саидзода О.С., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адабиёти ҳар қавму миллат, чи шеър ва чи наср, мероси маънавии онҳо буда, он тавассути фаъолияти эҷодии шоирону нависандагон ташаккул меёбад ва рушд менамояд. Нақди адабӣ ҳусну қубҳи ин мероси маънавиро баён намуда, асолат ва зебоию зиштиии онҳоро аз ҳам ҷудо менамояд. Аз ин рӯ, адабиёт ва насри адабӣ ҳамеша бо ҳам робитаи ногусастанӣ доранд. Дар тули асрҳо онҳо дар баробари ҳам, бо омӯзиши масъалаҳои завқ ва зебоӣ рушд кардаанд.

Дар таърих, давраи пеш аз Ислом, ки бо номи «ҷоҳилият», шинохта мешавад, бидуни муайян кардани замони дақиқи он маъруф аст. Аммо дар адабиётшиносӣ ва нақд ин давра одатан ба саду панҷоҳ ё дусад сол пеш аз ислом маҳдуд мешавад.

Профессор Шавқӣ Зайф, бо шарҳи маънои калимаи «ҷоҳилият», чунин қайд мекунад: «Бояд донист, ки номи ин давра аз решаи «ҷаҳл» (бедонишӣ) ба маънои муқобили дониш нест. Он аз «ҷаҳл» ба маънои беақлӣ, хашм ва тундравӣ бармеояд» [20, с. 15]. Ҳамин тариқ, мафҳуми «ҷоҳилият» ба даврае, ки бевосита пеш аз ислом буд, истифода мешавад.

Калимаи «нақд» дар забони арабӣ решаҳои амиқ дошта, аз нуқтаи назари луғавӣ як чанд маъниро ифода менамояд. Тавре Ибни Манзур дар луғати худ «Лисон-ул-араб» қайд мекунад, «нақд муқобили таъхири пардохт аст. Маънои калимаҳои «нақада» ва «танаққада» ба фарқ кардани динорҳо ва ҷудо кардани қалбакӣ аз аслиашон ишора мекунад» [9, с. 400].

Тафсири монандро дар «Мухтор-ус-сиҳоҳ»-и Муҳаммад ибни Абубакри Розӣ низ пайдо мекунем, ки маънои он «ҷудо кардани динорҳои қалбакӣ аз аслӣ» [7, с. 680] аст.

Аксари луғатҳои забонӣ дар чанд маънои асосии калимаи «нақд» муштараканд:

Фарқ кардан:қобилияти ҷудо кардани як чиз аз дигаре, муайян кардани фарқиятҳо;

Бахшидан: амали пешниҳоди чизе;

Дуздида нигоҳ кардан: нигоҳи кӯтоҳ, ноаён [6, с. 1085].

Дар робита ба масъалаи таҳқиқ, танҳо маънои аввал – фарқ кардан, мавриди таваҷҷуҳи мо қарор дорад.

Маънои истилоҳии калимаи «нақд» бо маънои аслии луғавии он алоқамандии зич дорад. Агар маънии луғавии он ба маънои «ҷудо кардани аслӣ аз қалбакӣ» бошад, пас ҳамчун истилоҳ дар адабиёт он маънои «фарқ кардани шеъри хуб аз бад» аст. Ҳамин тариқ, дар фаҳмиши истилоҳии худ, нақд як раванд аст [12, с. 8].

Дар «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ»-и С. Сулаймонӣ калимаи нақд ба маънои «танқид», «интиқод», «таҳлили танқидӣ», «сарзаниш», «пардохти арзишии (чизе) дар ҳол», «пул», «нақдина» ва «сикка» омадааст. Дар маънои истилоҳӣ ба маънои *«сухансанҷӣ», «нақди адабӣ», «ҷудо кардани сухани хуб аз бад»* корбаст гардидааст [14].

Маънои истилоҳии калимаи нақд аввалин маротиба дар шакли илмӣ аз ҷониби Ибни Саломи Ҷумаҳӣ (ваф. 846 м.) муаллифи китобҳои «Табақоту фуҳули-ш-шуаро» ва «ал-Қироот» истифода гардидааст, Мафҳумҳои «нақд» ва «балоғат» аксар вақт ҳамчун муродиф истифода мешаванд. Аммо мушахассан вожаи балоғат «суханони зебо ва сифатҳои хоси онҳо»-ро ифода мекунад, дар ҳоле ки нақд «қобилияти фарқ кардани суханони хуб ва зишт»-ро дар назар дорад.

Замони ҷоҳилият барои таҳқиқи таърихи нақди адабӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро он манзараи ибтидоии адабиёт ва шаклҳои нақди назм ва насрро таҷассум менамояд.

Гарчанде ки ҳангоми зикри давраи ҷоҳилият алоқамандиҳо бо ҳама гуна соҳаҳои ҳаёти замони пешазисломии арабҳо мавҷуданд, муҳаққиқони адабиёти даврони ҷоҳилият танҳо ба якуним аср пеш аз зуҳури ислом таваҷҷуҳ намудаанд. Ба андешаи муҳаққиқон шеъри арабӣ бо суханони қофиядори бевазн, яъне сачъ оғоз ёфтааст, ки намунаи онро дар сачъи то ба замони мо боқимондаи он даврон мушоҳида менамоем:

«إذا طلع السرطان، استوى الزمان، وحضر الأوطان، وتهادت الجيران» [8, с. 15]

(*Вақте ки бурҷи саратон барояд, замон муътадил мешавад, мардум ба ватанҳояшон бармегарданд ва ҳамсояҳо ба ҳамдигар ҳадя медиҳанд*.)

Сипас ин сачъ рушд ёфта, ба сачъи вазндор табдил ёфт, ки намунаи онро дар содатарин ва қадимтарин шеъри арабӣ «рачаз» дида метавонем. Дар ибтидо бо вазни рачаз шоирон ду ё се байт шеъри ҳамосӣ ва ё фахрия мегуфтанд, ки баътар шеърҳои тулонӣ бо вазни мазкур падид омаданд. Аз вазни рачаз дигар вазнҳо маншаъ гирифтанд, ки шоирон онҳоро бо тақозои жанри шеърии муайян истифода мебурданд. Барои мисол вазни «тавил» барои шеърҳои ҳамосӣ, вазни «вофир» барои фахрия, вазни «рамал» барои баёни хушҳолӣ ва ғаму андуҳ дар шеър, вазни «сареъ» барои тамсил ва монанди инҳо истифода мешуданд. Бо мурури замон дар байни арабҳо шоирони барҷаста аз қабили Муҳалҳил ва Имруулқайс зуҳур намуданд, ки онҳо қасидаҳои дарозҳаҷм эҷод намуда, маҳорати баланди шоирии худро дар онҳо нишон додаанд. Бо истинод аз сарчашмаҳои таърихӣ, аввалин касе, ки қасидаи дарозҳаҷм навишт, Алий ибни Рабиа ат-Тағлибӣ маъруф ба Муҳалҳил буд. Ӯ дар марсияи бародараш Кулайб қасидае навиштааст, ки аз сӣ байт иборат буда, матлааш чунин аст:

«جارَتْ بَنُو بَكْرٍ وَلَمْ يَـعْدِلُوْا،
وَالْمَرْءُ قَدْ يَعْرِفُ قَصْدَ الطَّرِيْق» [8, с. 15]

(*Қабилаи Бани Бакр зулм карданд ва одилона рафтор накарданд,
Ва инсон метавонад ҳадафи (самт)-и роҳро бишносад*)

Бештари осори насриву назмии даврони ҷоҳилият аз байн рафта, то замони мо нарасиданд.

Хусусиятҳои забони арабӣ, аз қабили услубҳои баёни гуногун ва муродифҳои зиёд, ки пайдо намудани қофияҳоро осон мегардонанд, инчунин барои эҷоди шеър ва насри фаннӣ мусоидат намудаанд. Инчунин, мақому мартабаи баланд доштани шоирон дар байни қабилаҳо ва боиси зиёд гардидани эҷоди шеър ва рақобат дар ин ҷода гардидааст.

Дар давраи тоисломӣ дар ҷашнҳои қабилавӣ шоирон дар мусобиқаҳои шеърӣ бо ҳам рақобат мекарданд ва устодони шеър аз доварон хоҳиш мекарданд, ки ғолибро муайян намоянд. Ба ибораи дигар, нақд дар адабиёти араб анъанаи адабӣ аст. Маҳз дар ҳамин давра забони арабӣ рушд намуда, шеъри даврони ҷоҳилият ташаккул ёфтааст. Адиб ва муҳаққиқ Абуусмон Амр ибни Баҳр маъруф ба ал-Ҷоҳиз (ваф. 869 м.) бар ин назар аст, ки «Шеъри арабӣ таърихи чандон қадима надорад ва давраи таърихи шеъри арабӣ 150 сол пеш аз Исломро дар бар мегирад ва санаи аз ҳама дур 200 сол аст [5, с. 53].

Аз ин давра, то охири асри II ҳиҷрӣ (719 м.) нақди адабӣ ба меъёрҳои илмӣ асос наёфта буд. Дар заминаи адабиётшиносӣ нақд баррасии афзалиятҳо, арзишҳо ва нуқсонҳои асари адабӣ мебошад. Нақди адабӣ дар замони ҷоҳилият асосан ба баҳсу арзёбӣ ва тавсифи шеър ва қаҳрамонон марбут буд, ки тавассути он шахсият ва малакаи шоирон арзёбӣ мешуд. «Он бо меъёрҳои сода, яъне муқоисаи як байти шеър бо дигаре, таъкид кардани байти алоҳида ё ҳангоми интихоби як шоир аз байни дигар шоирон сурат мегирифт» [1, с. 45].

Чунончи Тарфа ибни ал-Абд дар бораи шеъри зерини Мусаббиб ибни Алас чунин гуфтааст:

وَقَدْ أَتَنَاسَى الْهَمَّ عِنْدَ إِحْضَارِهِ،
بِنَاجٍ عَلَيْهِ الصَّيْعَرِيَّةُ مُكْدَمِ.

(*Ғамро ҳангоми ҳозир намудани он фаромӯш мекунам,*
Бар шутури тезраве, ки аз сахтиҳо захмдор шудааст.)

«Ту шутури нарро ба мода табдил додӣ, зеро шутури нарро васф карда, калимаи «сайария»-ро ба кор бурдӣ, ки ин сифати хосси шутури мода аст» [18, с. 45]. Чунончи мушоҳида мешавад, Тарфа шеъри Мусабибро аз ҷиҳати лафз ва маънои калима нақд кардааст, ки ин аз маърифат ва дарки ӯ оид ба маънои калимаҳо ва мавқеи истифодаи онҳо далолат менамояд.

Намуди дигари нақди адабӣ дар давраи ҷоҳилия таҷдиди назар ва ислоҳи матн буд. «Нотиқон ва шоирон калимаҳоро интихоб ва ислоҳ мекарданд, то асари хубе пайдо шавад. Калимаҳои писандида дар шеъру суханроniҳо калимаҳои мухтасар маҳсуб меёфт» [5, с. 11].

Забони арабӣ дар замони ҷоҳилият ривоҷ ёфта, шеър ва наср асоси иртиботи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маҳсуб меёфтанд. Шеър дар замони ҷоҳилият дар шаклҳои гуногун: мисраъ, байт ва қасида таҳия мешуд. Наср ба унвони масал, хутба, ҳикоя ва таърихномаҳо мавҷуд буданд.

«Аз он ҷо, ки наср дар давраи ҷоҳилӣ дар шакли масалҳои арабӣ, бо ҷумлаҳои кӯтоҳ муаррифӣ шудааст, ин фарзияро тақвият мебахшад, ки китъаҳои шеърӣ ва қасидаҳо тавассути муттаҳид кардани ҷумлаҳои кӯтоҳ ташаккул ёфтаанд ва шеър ҳамчун натиҷаи омезиши ифодаҳои насрии интихобшуда ва арузбандишуда ба вуҷуд омадааст» [11, с. 356].

Адабиёти аҳди ҷоҳилӣ пеш аз ҳама аз шеър иборат буд. Дар ин давра шеър ҳамчун воситаи тарбия, таърихнигорӣ ва муаррифии қаҳрамонон хизмат мекард.

Шоир дар ҷомеаи қабилавӣ нақши ҳимоятгар, муаррих ва таблиғгарро иҷро менамуд. Мавзуъҳои асосии шеър дар замони ҷоҳилия тавсифи муҳаббат, набардҳо, қаҳрамонӣ ва табиат ба ҳисоб мерафт. Муҳиммияти шеър аз он иборат буд, ки он на танҳо унсурҳои забонӣ дошт, балки арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро низ инъикос мекард.

Баъзе шоирон қасидаҳои худро як сол ё бештар аз он нигоҳ медоштанд, то дар ин муддат онҳоро ислоҳ ва таҷдиди назар намоянд. «Ин гуна қасидаҳо номҳои зеринро гирифтанд: ал-ҳавлийёот (солонаҳо), ал-мунаққаҳот (бознигаришудаҳо) ва ал-муҳкамот (устуворшудаҳо)» [5, с. 8]. Шоирон, аз қабили Зуҳайр ибни Абисулма (ваф. 609 м.) ва Абумулайка Ҷарвал ибни Авс ал-Абсӣ (ваф. 678 м.), қасидаҳои худро бодиққат мулоҳиза карда, таҳрир мекарданд ва барои комил шудани матн ва қофия кӯшиш менамуданд [19, с. 12]

Нақди адабӣ дар давраи ҷоҳилия ба муҳокима ва арзёбии сифатҳои шеър ва шоирони алоҳида равона шуда, дар он асосан се меъёри зерин ба эътибор гирифта мешуданд:

1) мавзуъ ва муҳтаво – мавзуи шеър бояд бо шаъну шараф ва обрӯи қавм ва қабила мутобиқ бошад;

2) сифати забон ва маъно – забони фасеҳ ва таъкид ба тасвирҳои амиқ;

3) вазн ва қофия – вазни устувор ва истифодаи қофияи мувофиқ [13, с. 77].

Дар баробари истифодаи ибораҳои зебо ва образҳои маънавӣ вазн ва оҳанги дилнишин аз маҳорати баланди шоирон дарак медоданд. «Шеъри нек на танҳо бо маъно, балки бо оҳанг ва вазн қадр карда мешуд» [3, с. 58].

Рақобати шоирон ва муборизаҳои шеъри қабилавӣ боиси ташаккули дарки балоғат ва фасоҳат шуданд. «Шеър барои арабҳои аҳди ҷоҳилият воситаи ифтихор байни қабилаҳо буд» [10, с. 410].

Нақди адабӣ дар замони ҷоҳилия ба нуфуз ва обрӯи шоир таъсир мегузошта, дар маҷлисҳои саркардагони қавму қабилаҳо сурат мегирифт ва барои эътибори иҷтимоии онҳо аҳаммияти бузург дошт. «Нақд на танҳо арзёбӣ, балки воситаи тарбия ва нишон додани нигоҳи эстетикӣ ба ҷомеа ба ҳисоб мерафт» [20, с. 34].

Шакли дигари нақди адабӣ дар давраи ҷоҳилӣ баргузории намоишгоҳҳо буданд. Ин намоишгоҳҳо, ки дар рӯзҳои муайяни сол дар бозорҳо баргузор мешуданд, ҳамчун макони шеърхонӣ, баргузории чорабиниҳои гуногун, инчунин барои муҳокима ва таҳлили танқидии ашъори шоирон ва асарҳои онҳо хизмат мекарданд [7, с. 181]. Воситаи дигари нақди адабӣ пешниҳоди шеърҳо аз ҷониби шоирони араб ба қабилаи Қурайш буд [2, с. 81-82]. Илова бар ин, нақди лаҳҷаҳои арабӣ гузаронида мешуд, ки дар он калимаҳои хушталаффуз бартарӣ доштанд. «Дар сурати ба вуҷуд омадани ихтилофи назар байни арабҳо лаҳҷаи Қурайш ҳамчун асос барои ҳалли баҳсҳо истифода мешуд» [6, с. 81-82].

Мероси адабии арабҳо дорои андешаҳои нақдиест, ки бо адабиёти онҳо ҳамзамон аст. Аввалин мулоҳизаҳо дар бораи нақд ҷузъи мероси шифоҳӣ буда, ба худи шоирон ё шахсиятҳои барҷастаи таърихи араб мансубанд.

Ин мулоҳизаҳои аввалини нақдӣ асосан таассуротӣ буда, ба завқ асос ёфтаанд. «Нақд дар аҳди ҷоҳилият бар пояи завқ ва салиқа буда, бар фитрат ва табиати забонӣ такя мекард» [15; 21, с. 21].

Онҳо муддати тулонӣ аз сабаби хусусияти шифоҳӣ доштани адабиёт ба таври мунтаззам, инкишоф наёфтанд. Дар баъзе мавридҳо, метавон равиши синтезӣ ва ҷамъбастиро мушоҳида кард. Таассуроти умумӣ бо шеър алоқаманд буда, ба таври шифоҳӣ баён мешуданд, ки ба забони худи шеър хеле монанд ё ҳатто яксон буданд. Дар ҳолатҳои дигар, мо мулоҳизаҳои мушаххасро дар бораи истифодаи нодурусти забон ё образҳо мебинем. Аммо ҳамаи ин, одатан, ҳамчун воситае барои муқоисаи шоирон бо ҳамдигар ва арзёбии афзалиятҳои ҳар як асар хизмат мекард [16; 4, с. 19].

Ибни Қутайба сабаби шоири барҷаста будани Алқамаро дар он мебинад, ки ӯ бо Имруулқайс мушоара намуда, ғолиб омадааст. Дар ин мушоара зани Имруулқайс бо номи Умму Ҷундаб ҳакамӣ намуда, талаб кардааст, ки ҳар кадоми онҳо шеъре гӯянд, ки қофия ва равии ягона дошта, дар он аспро тавсиф намоянд.

Имруулқайс ин байро гуфтааст:

فَلِلسَّوْطِ أُلْهُوْبٌ وَلِلسَّاقِ دِرَّةٌ،
وَلِلزَّجْرِ مِنْهُ وَقْعُ أَهْوَجَ مِنْعَبِ.[11] .

(*Чун қамчин бар ӯ оташибор мезанад ва пояш сахтӣ ва қувват дорад,*
Ва барои танбеҳ доданаш садое дорад, ки аз сахтӣ ва шиддат хеле даҳшатнок аст).

Алқама ин байро гуфтааст:

فَأَدْرَكَهُنَّ ثَانِياً مِنْ عِنَانِهِ،
يَمُرُّ كَمَرِّ الرَّائِحِ الْمُتَحَلِّبِ.[11] .

(*Пас бори дигар бо доштани ҷилави асп ба онҳо расид,*
дар ҳоле ки бо суръати хеле баланд мегузашт–гӯё боди тунде бошад, ки бефосила равонаст.)

Зани Имруулқайс ба шавҳараш мегӯяд, ки Алқама аз ту дида маҳорати баланди шоирӣ дорад. Имруулқайс сабаби онро мепурсад. Зан мегӯяд, ки ту аспатро бо задани қамчин ва пошна барои расидан ба сайдат хаста кардӣ. Алқама бошад, аспи худро ба қамчин ва пошна намезанад, балки бо доштани лаҷоми он ба сайдаш мерасад [11, с. 107-108]. Албатта, дар ин ҷо Алқама аспи

худро беҳтар ва зеботар васф намудааст. Аз ин рӯ, Ибни Қутайба ӯро ба табақаи шоирони барҷаста дохил кардааст.

Нақди шеър, инчунин нуфуз ва мавқеи хосси шоирон дар даврони ҷоҳилиро ифода менамуд. Бонуфузтарин шоирони он даврон, ба монанди Нобиғаи Зубёнӣ, дар ҷамъомадҳое, ки дар бозорҳои бузург баргузор мешуданд, роҳбарӣ мекарданд ва шоирон ва асарҳои онҳоро ҳар сол арзёбӣ менамуданд. Дар ин давра, низоъҳои байниқабилавӣ манъ карда мешуданд, ки ин барои тиҷорат, ҷашнвораҳо, мусобиқаҳо, қироат ва нақди шеър ва ғайра шароит фароҳам меовард. Азбаски, аксари мероси адабии даврони ҷоҳилият ва классикии араб дар шакли шеърӣ пешниҳод шуда буданд, дар таърихи адабиёти араб, наср ҳеҷ гоҳ ба мақоми баланде, ки шеър дошт, ҳатто дар асри XX, нарасидааст. Назарияҳо дар бораи наср аксар вақт аз шеършиносӣ гирифта шудаанд.

Чанде пеш аз зуҳури Ислом дар Ҳиҷоз майдонҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла бозори Укоз, ба вуҷуд омаданд, ки дар он ҷо намояндагони қабилаҳои гуногун на танҳо барои тиҷорат, балки барои мусобиқаҳои адабӣ низ ҷамъ меомаданд. Номи доварони шинохтаи ин озмунҳо, аз қабили Нобиғаи Зубёнӣ, инчунин андешаҳо ва нақдҳои онҳо тавассути ровиён ба наслҳо мегузаштанд. Албатта, чунин баҳогузорие, ки тавзеҳоти муфассал ё асосноккуниро фаро гирад, кам дучор меомад. Аксар вақт барои ситоиши баланди шоир ё муқоисаи ду иштирокчии мусобиқа як байт ё тамоми асар кофӣ буд.

Яке аз камбудиҳои шеър дар аҳди ҷоҳилӣ ғулув дар муболиға маҳсуб меёфт. Муҳалҳил Ибни Рабиа бо сабаби ба кор бурдани муболиғаи аз доираи ақл берун мавриди мазаммат қарор гирифта, ӯро аввалин касе мешуморанд, ки дар шеър дурӯғ гуфтааст. Яке аз намунаҳои шеъри ӯ, ки дар он ғулув вуҷуд дорад, чунин аст:

كأنا غدوة وبني أبينا ..
بجنب عنيزة رَحَيا مُدِيْرِ.
فَلَوْلا الرِّيْحُ أُسْمِعَ مَنْ بِحِجْرٍ،
صَلِيْلُ الْبِيْضِ تُقْرَعُ بِالذُّكُوْرِ. [11] .

(*Гӯё мо дар як субҳ, ман ва фарзандони падарам,*
Назди Унайза мисли ду санги осиёи гардон қарор дорем.
Агар бод намебуд, касоне ки дар Ҳиҷр буданд, мешуниданд,
Садои бархӯрдани шамшерҳои сафед, ки ба зиреҳу кулоҳҳо зада мешаванд)

Дар воқеъ, байни водии Ҳиҷр, ки дар самти Яман ҷойгир аст ва байни минтақаи Унайза, ки дар он ҷо қасида гуфта шудааст, чандинрӯза роҳ аст. Ин як навъ муболиғае мебошад, ки маънои шеърро коста мегардонад.

Бо вуҷуди ин, муболиға дар шеър, махсусан дар васф ва фахр, на танҳо қабул, балки ташвиқ мешуд. Масалан, Нобиғаи Зубёнӣ Ҳассон ибни Собитро барои набудани муболиғаи кофӣ танқид мекард. Ӯ тавсия медод, ки шаклҳои пурқувваттар истифода шаванд, то таъсири маъно афзояд.

Ҳамин тариқ, нақди адабӣ дар давраи ҷоҳилият, сарфи назар аз шакли ибтидоӣ ва шифоҳии худ, дорои арзиши бузурги таърихӣ ва назариявӣ мебошад. Бо вуҷуди содагӣ, кӯтоҳӣ ва набудани асосноккунии назариявӣ, нақди адабии давраи тоисломӣ дар шароити худ як падидаи табиӣ ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Он заминаи ташаккули мактабҳои баъдинаи нақдро фароҳам оварда, дар рушди адабиёти араб ва умумибашарӣ нақши муҳим бозидааст.

Адабиёт:

1. Аббос Эҳсон. Таърих ан-нақд ъинд ал-араб. – Байрут: Дор ас-сақофа, 1983. – 408 с.
2. Абулфараҷ ал-Исфаҳонӣ. Китоб ал-оғонӣ. – Байрут: Дор ал-фикр; Матбаъат ал-имон, 1995. – Ҷ. 1.
3. Абӯҳурайра. Мухторот мин аш-шеъри ал-арабӣ. – Қоҳира: Ал-Аҳром, 1965. – 256 с.
4. Ал-Байҳақӣ Иброҳим Муҳаммад. Ал-Маҳосин вал-масовӣ. – Бейрут, 1970.
5. Ал-Ҷоҳиз Абӯ Усмон Амр ибни Баҳр ал-Кинонӣ ал-Басрӣ. Ал-Баён ват-табйин. – Бейрут: Матбаъат ал-ҳилол, 2003.
6. Ал-Рофеъӣ Мустафо Содиқ. Таърих ал-адаб ал-арабӣ. – Мансура: Матбаъат ал-имон, 2000.

7. Ал-Розӣ Муҳаммад ибни Абӯбакр. Мухтор ас-сиҳоҳ. – Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмийя, 2000.
8. Ал-Қуртубӣ Абдулмалик ибни Ҳишом. Аз-Зайл ват-такмила фӣ кутуб аҳл ал-Андалус. – Бейрут, 1980.
9. Ибни Манзур. Лисон ал-араб. Ҷ. 1. – Қоҳира, 2000.
10. Ибни Қутайба ад-Динаварӣ. Аш-шеъру ваш-шуаро. – Қоҳира: Дор ал-ҳадис, 2003.
11. Ибни Қутайба ад-Динаварӣ. Аш-шеъру ваш-шуаро. Ҷ. 1. – Бейрут, 2000.
12. Қудома ибни Ҷаъфар. Нақд аш-шеър. – Истанбул: Матбаъат ал-Ҷовид, 1889.
13. Рашид А. Таърих аш-шеъри ал-арабӣ. – Димишқ: Ал-Қалам, 1990.
14. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2010.
15. Саидзода О.С. Аз таърихи нақди адабии араб // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – 2025. – № 2(39). – С. 208–218.
16. Саидзода О.С. Шеърҳои озод дар эҷодиёти Фаридун Муширӣ, ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ЗАБОНҲО (силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих) 2026. № 2(62) саҳ. 348-358
17. Саидзода О. Мавзӯи ишқ дар эҷодиёти Фаридун Муширӣ // Навиди илм (маҷаллаи илмӣ). – 2026. – № 1. – С. 212–217.
18. Фаррух Умар. Таърих ал-адаб ал-арабӣ. – Бейрут: Дор ал-илм лил-малойин, 1981.
19. Шавқӣ Зайф. Ал-балоға: татаввуруҳа ва таърихуҳа. – Қоҳира: Дор ал-маориф, 1970.
20. Шавқӣ Зайф. Таърих ал-адаб ал-арабӣ: ал-аср ал-ҷоҳилӣ. – Қоҳира: Дор ал-маориф, 1980.

ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ НАҚДИ АДАБИИ АРАБ ДАР ДАВРАИ ҶОҲИЛИЯТ

Дар мақола масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва хусусиятҳои нахустини нақди адабӣ дар давраи ҷоҳилияти араб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Давраи ҷоҳилият ҳамчун марҳилаи муҳимми таърихи адабиёти араб барои омӯзиши заминаҳои пайдоиши тафаккури нақди адабӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро маҳз дар ҳамин давра асосҳои аввалини арзёбии осори бадеӣ, махсусан шеър, ба вуҷуд омадаанд. Дар мақола нақши муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи қабилавии араб дар ташаккули меъёрҳои нақди адабӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф ба масъалаҳои арзёбии шеър аз рӯйи мазмун, фасоҳати забон, зебоии баён, вазн ва қофия таваҷҷуҳ намуда, шаклҳои асосии зуҳури нақди адабиро дар байни арабҳои пешазисломӣ нишон медиҳад. Ҳамчунин, намунаҳои баҳодиҳии шоирон, нақши доварон дар мусобиқаҳои адабӣ ва таъсири бозорҳои адабӣ, аз ҷумла бозори Укоз, дар рушди завқи эстетикӣ ва тафаккури нақдӣ баррасӣ мешаванд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки нақди адабии давраи ҷоҳилият, гарчанде хусусияти шифоҳӣ ва ибтидоӣ дошт, ҳамчун заминаи муҳимми ташаккули назарияи нақди адабии араб хизмат намуда, дар рушди минбаъдаи адабиётшиносии араб нақши назаррас бозидааст.

Калидвожаҳо: нақди адабӣ, адабиёти арабӣ, давраи ҷоҳилият, шеъри арабӣ, қасида, шоир, балоғат, фасоҳат, арзёбии адабӣ, завқи эстетикӣ.

ВОЗНИКНОВЕНИЕ И СТАНОВЛЕНИЕ АРАБСКОЙ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ В ЭПОХУ ДЖАХИЛИИ

В статье рассматриваются вопросы возникновения, формирования и особенностей первых этапов развития литературной критики в эпоху джахилии у арабов. Период джахилии как важный этап в истории арабской литературы имеет особое значение для изучения предпосылок формирования критического мышления, поскольку именно в этот период возникли первые основы оценки художественных произведений, особенно поэзии. В статье анализируется роль социальной и культурной среды арабского племенного общества в формировании критериев литературной критики. Автор рассматривает вопросы оценки поэзии с точки зрения содержания, выразительности языка, художественной образности,

стихотворного размера и рифмы, а также выявляет основные формы проявления литературной критики среди арабов доисламского периода. Кроме того, рассматриваются примеры оценки творчества поэтов, роль судей в литературных состязаниях и влияние литературных ярмарок, в частности рынка Укоз, на развитие эстетического вкуса и критического мышления. Результаты исследования показывают, что литературная критика эпохи джахилии, несмотря на свой устный и первоначальный характер, являлась важной основой формирования теории арабской литературной критики и сыграла значительную роль в дальнейшем развитии арабского литературоведения.

Ключевые слова: литературная критика, арабская литература, эпоха джахилии, арабская поэзия, касыда, поэт, риторика, красноречие, литературная оценка, эстетический вкус.

THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF ARABIC LITERARY CRITICISM DURING THE JAHILIYYAH

This article examines the issues of the emergence, formation, and characteristics of the earliest stages of literary criticism during the Jahiliyya period of the Arabs. The Jahiliyya period, as an important stage in the history of Arabic literature, holds particular significance for studying the foundations of critical thought, since it was during this period that the first principles of evaluating literary works, especially poetry, were developed. The article analyzes the role of the social and cultural environment of Arab tribal society in the formation of the criteria of literary criticism. The author focuses on the evaluation of poetry based on content, eloquence of language, artistic expression, poetic meter, and rhyme, and identifies the main forms of literary criticism among pre-Islamic Arabs. In addition, examples of poets' evaluations, the role of judges in literary competitions, and the influence of literary markets, particularly the Ukaz market, on the development of aesthetic taste and critical thinking are examined. The results of the study demonstrate that, despite its oral and early nature, literary criticism of the Jahiliyya period served as an important foundation for the formation of Arabic literary criticism theory and played a significant role in the further development of Arabic literary studies.

Keywords: literary criticism, Arabic literature, Jahiliyya period, Arabic poetry, qasida, poet, rhetoric, eloquence, literary evaluation, aesthetic taste.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидзода Одинаахмад Сайдамир, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи арабӣ факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: (+992) 988-96-10-26. E-mail**:** odinahmad-94@mail.ru.

Сведения об авторе: Саидзода Одинаахмад Сайдамир, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: (+992) 988-96-10-26. E-mail: odinahmad-94@mail.ru.

Information about the author: Saidzoda Odinahmad Saydamir, candidate of philological sciences, associate professor at the department of arabic philology, Faculty of Asian and European Languages, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17 Tel.: (+992) 988-96-10-26. E-mail: odinahmad-94@mail.ru.

Муқарриз: Латифӣ АД., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи милили Тоҷикистон

УДК:629+81’373.45 (075.8)
Ҷ-93

КЛАССИФИКАЦИЯ ПРАГМАТОНИМОВ В СФЕРЕ ТРАНСПОРТНОЙ ТЕРМИНОЛОГИЯ

Джуракулов Б.Р. к.ф.н., доцент
Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни

Прагматоним — разряд имён собственных, коммерческое имя, товарный знак (знак обслуживания), торговая марка. Представляет собой искусственное слово или сочетание слов, которое индивидуализирует право владения товаром и извлечения прибыли.

В исследованиях встречается также синонимичный термин «прагмоним». Термин «прагматоним» предпочтителен с грамматической точки в соответствии с правилами словообразования интернациональных терминов от классических языков (от основы косвенного падежа — «прагмат») [6, с. 39].

Термин «прагматоним» в «Словаре русской ономастической терминологии» 1988 года Натальи Владимировны Подольской определяется как различные категории имён собственных, соответствующих прагматической сфере деятельности человека. Противопоставлен термину «идеоним», который обозначает имена собственные из сферы духовных ценностей.

Основными особенностями прагматонимов XIX — начала XX века является номинация товаров по названию фабрики-производителя (фактически индивидуальные торговые марки конкретного сорта товара отсутствуют) и по именам владельцев данных предприятий. В качестве исключения выделяется сфера парфюмерной промышленности, в которой оригинальные наименования товаров начали использоваться раньше, чем в других сферах [3, с. 44].

Основные функции прагматонимов связаны с привлечением внимания потребителя. Номинативно-идентифицирующая функция — словесное обозначение объекта, наличие определённых семантических и грамматических характеристик имени. Закрепление связи конкретного товара (вида товара) с данным названием в сознании потребителя, выделение единичного предмета из целого класса подобных, индивидуализация (право собственности на товар). Рекламная функция — доминирующая функция прагматонимов. Близка к манипулятивной функции (функции внушения), заключается в достижении воздействия на потребителя, побуждении желания приобрести товар. Аттрактивная функция — ориентацией номинаторов на определённую целевую аудиторию. Коммуникативная функция — взаимодействие потребителя с прагматонимом, представляющим определённого производителя или продукт. Эстетическая функция — получение потребителем удовольствия потребителя от вербальной или графической составляющей прагматонима. Мифологическая функция — приобретение прагматонимом символического значения для носителей языковой культуры.

Прагматонимы – словесные товарные знаки, собственные наименования продовольственных товаров. В советское время коммерческие номинации товаров относились лингвистами к периферии ономастического пространства. В связи с изменившимся характером экономических отношений в постсоветское время номинации продуктов питания становятся одной из приоритетных подсистем в маркетинговой, рекламной и повседневной коммуникациях. Как результат этого происходит мощное развитие прагматонимов в современной лингвистике, а также активное их употребление всеми слоями населения всех мира. Они составляют неотъемлемую часть нашей повседневной жизни. Мы ежедневно сталкиваемся с новыми обозначениями либо непосредственно, в процессе приобретения товара, либо опосредованно, благодаря коммерческой рекламе и другим акциям по продвижению товаров. Благодаря широчайшему

ассортименту товаров, с которыми потребитель ежедневно имеет дело, а также интенсивной рекламе, многократно повторяющей информацию об этих товарах, их коммерческие названия становятся частью активного словарного запаса современных носителей любого языка.

За время существования этимологии как науки понимание ее целей неоднократно менялось, еще большим изменениям подвергалась методика этимологических исследований. В этой статье мы привели несколько примеров, классификация прагматонимов связанных с этимологией транспортных терминов.

1) марка автомобиля Volvo - в переводе с латинского «я качусь». Volvo (в США известна как Volvo Car Corporation) — шведская автомобилестроительная компания, производитель легковых автомобилей марки «Вольво». Ранее Volvo входила в концерн Volvo. С 2010 года компания принадлежит холдингу Zhejiang Geely. Бренд Volvo делает в своей рекламе особый упор на безопасность автомобилей этой марки. Таким образом, можно сказать, что значение « я качусь» соответствует всем характеристикам данного автомобиля: компания «Volvo» известна каждому человеку как компания, которая выпускает самые надежные, удобные, качественные и практичные автомобили [7, с. 67].

2)марка авто Audi в переводе с латыни означает «послушай» История марки Audi насчитывает более ста лет. Основателем компании стал Август Хорьх (August Horch), талантливый немецкий инженер и конструктор, постигавший азы автомобилестроения у самого Карла Бенца. Изначально Хорьх создал в Мангейме компанию A. Horch & Co, выпустившую свой первый автомобиль в 1900 году. Но не всегда удачные технические решения и неуживчивый характер привели инженера к конфликту с руководством компании, и в 1909 году Хорьх был уволен. Не долго думая, он через месяц основал уже в городе Цвиккау вторую фирму под названием August Horch Automobilwerke GmbH, но и тут бывшие компаньоны не дали ему развиться, подав судебный иск на использование слова Horch в названии и выиграв дело. Тогда конструктор просто перевел свою фамилию, на немецком означающую «слушай» (Hör), на латынь, и получилось слово «Audi» [8, с. 46].

3) марка автомобиля Hummer - История Hummer началась из-за потребности американских военных в специальном автомобиле. В результате, американская компания AM General летом 1979 года начала работы по созданию автомобиля повышенной вместимости. Программа получила обозначение HMMWV M998 (High Mobility Multipurpose Wheeled Vehicle Model 998), что переводится как «Высокомобильное многоцелевое колесное транспортное средство модель 998» и произносится американцами как «Хамм-ви». От этого сокращения и родилось название Hummer (Хаммер) [12, с. 44].

4)марка автомобиля JEEP - «джип» (фонетическая передача английского сокращения GP — jeep, что значит «general purpose» — общего назначения). По классификации, принятой в Армии США, «Willys MB» попал в категорию автомобилей «Общего назначения» — по-английски «General Purpose» — «дженерал пёрпоз» (сокращенно джи-пи — gp). Эта аббревиатура непостижимым образом трансформировалась в джей-пи (jp). Так и возникло слово «джип». Неформальное прозвище Jeep было (есть мнение что данное название марка получила от автомобиля Ford GPW в частности из за фонетического сочетания первых букв аббревиатуры названия Джи Пи) запущено в широкое обращение американской журналисткой Катариной Хилльер весной 1941 года после испытаний автомобиля Bantam. Оно стало торговой маркой фирмы Willys-Overland в 1945 году [15, с. 62].

После окончания войны Willys Overland решила приспособить своё детище к выполнению некоторых гражданских функций. Была подготовлена партия машин. Назвали их просто — CJ (аббревиатура от Civilian Jeep — «гражданский джип»). Эти прототипы послужили базой для создания серийной модели, которая поступила в продажу в августе 1945 года.

Внешне вся «гражданственность» заключалась в наличии откидываемого заднего борта, дворников и крышки бензобака на заднем крыле.

На капоте, задней дверце и раме стекла должен был быть логотип Jeep. Однако в первые годы производства, когда компания ещё вела судебные разбирательства с «Американ Бантам Кар» о праве использования названия Jeep машины приходилось изготавливать с логотипом Willys. Но уже в 1950 году компания добилась закрепления за собой этого имени, и 13 июня 1950 года Jeep был зарегистрирован в качестве торговой марки [10, с. 35].

5) марка автомобиля BMW. БМВ Сокращение от названия компании Beyrische Motorenwerke (Баварские моторные заводы), основанной в 1916 г. История BMW начинается в 1913 на северной окраине Мюнхена, где Карл Рапп и Густав Отто, сын изобретателя двигателя внутреннего сгорания Николауса Августа Отто, создают две маленькие авиамоторные фирмы. В следствие начавшейся в 1914 году Первой мировой войны резко возрастает спрос на двигатели для самолетов. Рапп и Отто решают объединиться в один авиамоторный завод.

Так в Мюнхене возникает завод авиационных двигателей, который 20 июля 1917 регистрируется под именем Bayerische Motoren Werke («Баварские моторные заводы») — BMW. Эту дату и принято считать датой основания BMW, а Карла Раппа и Густава Отто ее основателями. История BMW начинается в 1913 на северной окраине Мюнхена, где Карл Рапп и Густав Отто, сын изобретателя двигателя внутреннего сгорания Николауса Августа Отто, создают две маленькие авиамоторные фирмы. В следствие начавшейся в 1914 году Первой мировой войны резко возрастает спрос на двигатели для самолетов. Рапп и Отто решают объединиться в один авиамоторный завод. Так в Мюнхене возникает завод авиационных двигателей, который 20 июля 1917 регистрируется под именем Bayerische Motoren Werke («Баварские моторные заводы») — BMW. Эту дату и принято считать датой основания BMW, а Карла Раппа и Густава Отто ее основателями [4, с. 38].

В самом начали BMW выпускало только двигатели для самолетов (1917), а со временем переквалифицировалось на машины и мотоциклы. В настоящие время BMW, которая начала свой жизненный путь с авиамоторного завода, производит продукцию на множество концернах, которые разбросаны практически по всему миру. Сборка автомобилей производится вручную, что является гарантией отличного качества продукции. Ну и последним этапом проверки служит компьютерная диагностика всех основных параметров автомобиля.

Сегодня компания BMW выпускает самые различные виды, как по мощности силовых агрегатов, так и по комфортабельности автомобиля. В самом начали BMW выпускало только двигатели для самолетов (1917), а со временем переквалифицировалось на машины и мотоциклы. В настоящие время BMW, которая начала свой жизненный путь с авиамоторного завода, производит продукцию на множество концернах, которые разбросаны практически по всему миру [2, с. 71].

Сборка автомобилей производится вручную, что является гарантией отличного качества продукции. Ну и последним этапом проверки служит компьютерная диагностика всех основных параметров автомобиля. Сегодня компания BMW выпускает самые различные виды, как по мощности силовых агрегатов, так и по комфортабельности автомобиля.

6) марка автомобиля Kia (произносится как Киа). Компания основана в 1944 г. В 1998 г. приобретена корейской автомобилестроительной компанией Hyundai Motor. Название произведено от китайско-корейского слова ki – «возникать, появляться, происходить» и буквы a, указывающей на топоним Азия. То есть можно расшифровать «рожденный в Азии, произведенный в Азии». В 1944 года в столице Южной Кореи была основана компания, которая стала заниматься производством запчастей для велосипедов. В 1952 году она наладила изготовление своего первого велосипеда и в связи с этим сменила название на KIA Industrial Company. В то время вряд ли кто-то мог подумать, что со временем этот бренд будет являться крупнейшим автомобильным гигантом Южной Кореи. Начав с малого, KIA Industrial Company постепенно завоевывала позиции на рынке.

Для этого в начале 1960-х годов компании пришлось наладить производство мотоциклов, а затем и трехколесных грузовиков К360, которые выпускались в неизменяемом виде в течение 12 лет! К началу 1980-х годов KIA стала уже не Industrial Company, а Corporation, что было связано с увеличившимися масштабами концерна. В это же время в компании решили сосредоточиться на производстве легковых автомобилей. Изготовление мотоциклов решено было прекратить. Немного ранее, в 1974году, была выпущена первая модель легкового автомобиля под маркой KIA, которая получила название Brisa. Причем ее сразу же стали продавать не только на внутреннем рынке, но и вывозить на экспорт.

7) марка автомобиля Mitsubishi. В 1870 г. Ятаро Ивасаки арендовал три парохода и основал компанию Tsukumo Shokai Shipping Co. В 1886 г. ее название сменилось на Mitsubishi Steamship Co. К этому времени ее флот насчитывал уже более 30 кораблей. Товарный знак в виде трех ромбов восходит к гербу фамилии Ивасаки. Каждый из ромбов выражает один из принципов «Мицубиси»:

-общая ответственность перед обществом,

- честность

- взаимопонимание между народами через торговлю.

Таким образом, «Mitsu» – «число 3», «hishi» – переводится дословно как «ромб». Все вместе – «три ромба». Здесь следует отметить, что значение ромб развилось из названия водного каштана (по-японски «hishi», который имеет такую форму. Поскольку в логотипе усматривают драгоценные камни, то существует еще один вариант перевода названия – «три бриллианта», но он является ошибочным [1, с. 38].

8) марка авто Ниссан (Nissan). Компания была основана в 1933 г. Это название получила в 1934 г. Ни – от Нихон (Япония), сан – от сангио (промышленность) то есть японская промышленность. «Ниссан» — торговая марка автомобилей, принадлежащая японской компании Nissan Motor. Фактическим годом основания марки является — 1983г. Создание бренда Nissan было обусловлено желанием опередить конкурентов в погоне за новыми технологиями. И цель была достигнута. В начале 1950-х годов на рынке появляется новый мощный внедорожник Nissan Patrol с шестицилиндровым двигателем.

Этой модели суждено было стать очень популярной. Также был выпущен автомобиль Nissan Bluebird с уникальной системой передних тормозов с усилителем. Эмблемой Nissan стал красный круг, символизирующий восходящее солнце и искренность, и синий прямоугольник с названием компании, символизирующий небо. В дальнейшем от цветов в логотипе отказались [1, с. 47].

9) марка автомобиля Ровер (англ. Rover) В 1884 г. компания «Старли&Саттон» выпустила трехколесный велосипед, который посчитали идеальным для «roving» («блужданий», «странствий») по загородной местности. Название это прижилось и его стали присваивать всем предметам, выпускаемым компанией. Самые первые автомобили «Ровер» были построены в 1904 г.

10) марка авто BYD. Самое пожалуй оригинальное название своего автомобиля придумали китайцы: аббревиатура BYD означает «Build your dreams», «построй свою мечту». Производитель автомобилей, расположенный в Шэньчжэне (Китай). BYD Auto является дочерней компанией фирмы BYD Company Ltd, которая впервые объявила о себе в 1995 году.

Автокомпания BYD пропагандирует модель развития «Самостоятельная разработка, собственная марка, самостоятельное развитие», считая своей целью «Изготовление качественных автомобилей мирового уровня», а целью индустрии «Создание национальной автомобильной марки мирового класса», и обещая возродить национальную автомобильную промышленность. В настоящее время фирма BYD имеет четыре производственные базы в г. Шэньчжэнь, Сиане, Шанхае и Пекине и добилась лидерства международного уровня в областях изготовления готовых автомобилей, разработок прессформ, разработок моделей автомобилей, постепенно совершенствуя более современную производственную структуру.

11) марка автомобиля Smart (Смарт) «Умник»

Название Smart происходит от «Swatch Mercedes Art». Первоначальную идею производить минимобили выдвинул швейцарский производитель часов и основатель Swatch Николас Хайек. Совместное предприятие MCC (Micro Compact Car AG) создано корпорациями Daimler-Benz и швейцарской часовой компанией SMH с целью создания городского двухместного и очень экономного мини-автомобиля Smart. Компания Smart — это дочерняя структура DaimlerChrysler. Автомобиль создан на так называемой «сэндвичевой» платформе с капсулой безопасности Tridion. Длина кузова составляет всего 2.5 метра. Конструкция кузова - энергопоглощающая. Снаряженная масса автомобиля 720 кг, максимальная — 980 кг. Smart имеет пониженный центр тяжести, что уменьшает риск опрокидывания автомобиля на крутых поворотах. Таким образом, слово «смарт» в полном смысле оправдывает свое название «умник» [7, с. 61].

12) марка автомобиля FIAT Фиат

Компания была основана в 1899. Фиат — это сокращение от Fabbrica Italiana Automobili Torino (Итальянский автомобильный завод Турина). Кроме того, эту аббревиатуру можно перевести с латыни как самостоятельное слово, часто употребляющееся в церковном обиходе — «да будет! Да свершится!».

13) марка автомобиля Datsun (Датсун) является автомобильная марка . Начало истории автомобильной компании Datsun было положено в 1911-м году с созданием фирмы Kwaishin-sha Company (Вайшин-ша), её идейным центром был инженер Масудзиро Хасимото (Masujiro Hashimoto). Компания начала выпускать первые японские автомобили, которые получили название DAT (от первых букв фамилий партнеров - Kenjoro Den (Кендзиро Дэн), Rokuro Aoyama (Рокуро Аояма) и Meitaro Takeuchi (Метайро Такцети).

В переводе с японского слово «dat» также переводится как «быстрый заяц», «летящий заяц» или «живой, проворный». В 1926-м году компания сливается с другой фирмой - Jitsuyo Jidosha Co. И появляется Dat Jidosha Seizo Co. (ДАТ дзюдоша сейдзо) - лидер автомобильной промышленности довоенной Японии. Появляется новая модель - Lila JC, чтобы подчеркнуть ее отдельность и в тоже время тесную связь с линейкой DAT-ов, Масудзиро Хасимото дает ей имя Datson - «сын DATa». Но совершает ошибку: для японцев слово «son» звучит как «ущерб» и название вскоре было изменено на Datsun.

14) марка авто Isuzu - японская автомобильная компания, один из крупнейших в мире производитель средних и тяжелых грузовиков и автобусов. История компании началась в 1916 году, когда была образована промышленная группа Tokyo Ishikawajima Shipbuilding and Engineering Co., приступившая к производству автомобилей. Первые легковые машины по образцу английской «Успели» компания собрала в 1916 году. Начало сборки грузовиков на заводе компании было положено в 1918 г. Первая выпущенная модель называлась A-9.

Целиком японская конструкция родилась на «Ишикавадзима» в 1928 году. Все модели этой фирмы назывались «Сумида».

После слияния в 1933 году Ishikawajima Automotive Works с компанией Dot Automobile Manufacturing Inc. альянс получил название to Automobile Industries Co., Ltd., а выпущенный в том же году для министерства торговли и промышленности грузовик получил название Isuzu – как утверждается, в честь одной из рек Японии. В следующем, 1934 году, Automobile Industries Co. основала комитет по исследованиям в области дизельных двигателей – это было частью рабочей политики тогдашнего президента компании Tomonosuke Kano. И уже через два года, в 1936, на свет появился первый в Японии дизельный двигатель с воздушным охлаждением – DA6. Это было крупным прорывом в истории развития дизельных двигателей в Японии. А в 1937 году Automobile Industries объединилась еще с двумя компаниями и сменила название на Tokyo Automobile Industries Co., Ltd.

15) марка автомобиля «Понтиак» (Pontiac Division), отделение американской компании General Motors («Дженерал Моторс»), специализирующаяся на выпуске спортивныех автомобилей. Штаб-квартира находится в Понтиаке (штат Мичиган).

Родословная компании «Понтиак» начинается с основанной в 1893 Эдвардом М. Мерфи в г. Понтиак фирмы «Понтиак Багги».

Вначале она производила экипажи. В 1907 эта фирма под названием Oakland Motor Car Company («Окленд Мотор Кар Компани») начала выпускать автомобили. Через некоторое время Oakland влился в General Motors. С 1926 компания стала известна как Pontiac Motor Division. В 1933 генеральным директором компании становится Гарри Клингер, по распоряжению которого выпускаются обновленные модели с 6-цилиндровыми двигателями и независимой подвеской [10, с. 35].

17) марка автомобиля Maybach (Майбах)- немецкая автомобильная марка в концерне Daimler Chrysler. Выпускает роскошные представительские эксклюзивные автомобили.История этой марки начинается в 1921 году, когда конструктор Вильгельм Майбах создал автомобиль Maybach W3 (свой первый автомобиль он создал намного раньше - в 1889 году), его можно считать первым в истории марки, так как он был показан в Москве. На этом Вильгельм Майбах не остановился, и следующей моделью стала Maybach W5, которая вышла в 1926 году. В 1929 году Вильгельм Майбах внезапно заболел и умер. Дело продолжил его сын Карл Майбах. Карл Майбах, после смерти отца в 1930 году, создал совершенно новый автомобиль, который имел название Maybach DS7 Zeppelin. Это был самый роскошный автомобиль того времени. Одинаковых автомобилей этой модели не было, так как при создании учитывались пожелания заказчика. В 1961 году права на марку Maybach приобрела компания Daimler-Benz.

А в 90-е годы компания решает возродить забытую марку. Автомобиль просто изобилует техническими новинками. Красивые формы, роскошный дизайн, Maybach с достоинством отстаивает марку люксового автомобиля. Как говорят о новом автомобиле представители компании DaimlerChrysler Group, само имя Maybach звучит величественно и новый автомобиль должен стать одним из лучших представительских автомобилей. Максимум индивидуальности, стилистическая элегантность, эксклюзивность и комфорт - вот характеристики Maybach.

18) марка автомобиля Додж» (Dodge Division), отделение американской корпорации «Крайслер», специализирующееся на выпуске легковых автомобилей, а также автомобилей повышенной проходимости. Штаб-квартира в Хайленд-Парке (пригороде Детройта). Американцы Джон и Горейс Додж основали собственную фирму в 1914 году, на которой одними из первых начали производство автомобилей с цельнометаллическими кузовами. «Компания братьев Додж» в 1914 приступила к выпуску собственного автомобиля. Небольшая фирма, занимавшаяся ранее производством комплектующих для заводов Форда и «Олдс Мотор», впитала все технологические новинки того времени, в том числе фордовскую технологию стандартизации и поточной сборки (Генри Форд даже предъявлял братьям судебные претензии, впрочем без успеха) [10, с. 52].

19) марка автомобиля «Шкода» (Skoda Automobilova A. S.), чешская фирма по производству автомобилей. Штаб-квартира находится в г. Млада-Болеслав. Входит в концерн «Фольксваген». «Шкода» была основана в 1925 на базе известной чешской компании «Laurin & Klement» («Лаурин и Клемент»). Появление этого логотипа связано с именем Emil Skoda, ставшего в 1866 году главным инженером механических мастерских в Пльзене, которые принадлежали Arnost Waldstein. Со временем, товары компании Skoda приобретают известность в мире. 15 декабря 1923 года в чешском городе Пльзень зарегистрирована эмблема автомобилестроительной фирмы «Шкода» В 1869 году молодой инженер Эмил Шкода приобрел небольшой механический завод в городе Пльзень. Со временем завод превратился в одно из крупнейших машиностроительных предприятий Австро-Венгерской империи. 27 июня 1925 года L & K вошла в состав крупнейшего промышленного предприятия региона, «Шкода-Пльзень» (Škoda Plzeň). На этом закончилась история марки Laurin & Klement и появилась новая компания — Škoda. Результат — конвейерное производство элегантных автомобилей, оснащенных множеством великолепных элементов и выигрывавших международные соревнования. Однако название «Laurin &

Klement» сохранилось до наших дней как обозначение внутренней отделки салона автомобилей по классу «люкс». Автомобиль был рассчитан на четыре посадочных места, имел две двери, а также багажник, который можно было открыть и снаружи, что являлось большой редкостью для автомобилей того времени.

20) Компания Lamborghini принадлежит компании Audi, в свою очередь, являющейся подразделением концерна Volkswagen AG. Выпускает супермашины, способные развивать скорость до 350 километров в час.

В октябре 1963 года на автосалоне в Турине компания Lamborghini, известная в Италии как производитель тракторов, представила свой первый спортивный автомобиль Lamborghini 350 GT. Это было двухместное купе классической компоновки с 3,5-литровым V12 мощностью 347 л.с. Максимальная скорость автомобиля достигала 280 км/ч, а разгон до 100 км/ч занимал 6,7 с. Этим хозяин компании Ферручо Ламборгини (Ferruccio Lamborghini) доказал, что может делать спортивные авто не хуже Энцо Феррари, однажды незаслуженно обидевшего его.

21) марка автомобиля Buick (Бьюик)

Дэвид Данбар Бьюик, производитель эмалированных ванн, в 1903 году основал автомобилестроительную компанию Buick Motor Car Company, вложив в нее 100 тыс. долларов, полученных от продажи своего прежнего предприятия. В 1903 г. вышел первый автомобиль марки Buick. В 1908 г. компания одной из первых присоединилась к GM, но осталась ее самостоятельным подразделением. Удачная конструкция Buick обратила на себя внимание американских покупателей. Установлен рекорд продаж компании — 8800 автомобилей. В этом же году начался выпуск модели 10 с 4-цилиндровым двигателем, снискавшей широкую популярность. Первый 6-цилиндровый Buick появился в 1914, 8-цилиндровый — в 1931. В 30-х годах модели Buick наряду с Шевроле и Понтиаками стали символами американского стиля в автомобилестроении. В годы войны компания производит военное снаряжение [13, с. 44].

22) марка автомобиля Vauxhall (Воксхолл)

Компания берет свое название от района на южном берегу Темзы, где, выгодно женившись, норманнский купец, некто Фулк ле Бреант, приобрел дом в начале 13 века. Этот дом стали называть Fulk"s Hall (дом Фулка), а позднее – Воксхолл. и буксиров для Темзы, он взял изображение грифона с герба ле Бреанта в качестве эмблемы своей компании.

В 1903 году эта компания, уже переименованная в «Воксхолл Айрон Уоркз Компании», построила свой первый автомобиль. Двумя годами позже компания перебралась в Лутон.

Грифон, символ Vauxhall, — существо с головой и крыльями орла и телом льва, мифический зверь, соединяющий качества короля зверей и короля птиц. Поэтому он обозначал силу и бдительность.

В середине XX века компания Vauxhall связала свою деятельность с немцами – фирмой Opel. Сегодня практически все авто концерна «Opel AG», продающиеся в Великобритании, несут на себе шильдик Vauxhall.

Литература:

1. Аракин, В.Д. История английского зыка. Учебное пособие. - 2-е издание – М.: ФИЗМАТЛИТ, 2003 – 272 с.

2. Банько, А.Н. Языковые способы выражения прагматонимов в рекламных текстах (на примере товаров автопроизводителей). Вестник Челябинского Государственного университета №21(202), 2010.- 260 с.

3. Борисова Л.И. Лексические трудности перевода научно- технической литературы с английского языка на русский: (Метод, пособие) Под ред. Комиссарова В.Н. М.: ВЦП., 1979. 135 с.

4. Борисова Л.И. Ложные друзья переводчика: Общенаучная лексика: Английский язык. М.: ПВИ-тезаурус, 2002. 210 с.

5. Володина М.П. Теория терминологической номинации. Изд-во Моск. ун-та., 1997.-180 с.

6. Головин Б.Н Типы терминосистем и основания их различения Межвуз. сб. «Термин и слово». Горький: Изд-во ГГУ, 1981.-е. –С.3-10.

7. Горохова Т.Б. Антонимия терминологии наименований составных частей летательных аппаратов Научно-техническая терминология. М.: 2001. Вып. 2. с. 35-37.

8. Гринев СВ. Исторический систематизированный словарь терминов терминоведения. М.: МПУ, 2000. 144 с.

9. Денисов П.Н. Еще о некоторых аспектах изучения языков науки Проблемы языка науки и техники. М.: Наука, 1970. с. 52-89. 161

10. Дзюба, К.А. К вопросу о дефиниции термина «торговая марка» ФГБОУ ВПО «Тамбовский государственный университет им. Г.Р. Державина», г. Тамбов дис.... канд. филол. наук: 10.02.19. – Краснодар, 2007. – 19 с.

11. Дмитриева Н.С. К вопросу о традиции и новаторстве в терминологии. Уфа: Изд-во Башк. гос. ун-та, 1991. 247 с.

12. Кожанова, В.Ю. Лингвистические основы наименований брендов (на примере английского и русского языков) / В.Ю. Кожанова : автореф.

13. Конецкая В.П. О системности лексики Вопросы языкознания. М Изд-во АН СССР, 1984. Вып. 1. –С.26-35.

14. Котелова Н.З. Значение слова и его сочетаемость: (к Новосибирск: Изд-во формализации в языкознании). Л.: Наука, 1975. 162 с.

15. Краткое методическое пособие по разработке и упорядочению научно-технической терминологии. М.: Наука, 1979. 127 с.

КЛАССИФИКАЦИЯ ПРАГМАТОНИМОВ В СФЕРЕ ТРАНСПОРТНОЙ ТЕРМИНОЛОГИЯ

В данной статье рассматривается классификация прагматонимов в области транспортной терминологии. Тоже в это стать рассматривается Основными особенностями прагматонимов XIX — начала XX века является номинация товаров по названию фабрики-производителя (фактически индивидуальные торговые марки конкретного сорта товара отсутствуют) и по именам владельцев данных предприятий. В качестве исключения выделяется сфера парфюмерной промышленности, в которой оригинальные наименования товаров начали использоваться раньше, чем в других сферах.

Термин «прагматоним» в «Словаре русской ономастической терминологии» 1988 года Натальи Владимировны Подольской определяется как различные категории имён собственных, соответствующих прагматической сфере деятельности человека.

Прагматоним — разряд имён собственных, коммерческое имя, товарный знак (знак обслуживания), торговая марка. Представляет собой искусственное слово или сочетание слов, которое индивидуализирует право владения товаром и извлечения прибыли.

Прагматонимы – словесные товарные знаки, собственные наименования продовольственных товаров. В советское время коммерческие номинации товаров относились лингвистами к периферии ономастического пространства. В связи с изменившимся характером экономических отношений в постсоветское время номинации продуктов питания становятся одной из приоритетных подсистем в маркетинговой, рекламной и повседневной коммуникациях. Как результат этого происходит мощное развитие прагматонимов в современной лингвистике, а также активное их употребление всеми слоями населения всех мира. Они составляют неотъемлемую часть нашей повседневной жизни. Мы ежедневно сталкиваемся с новыми обозначениями либо непосредственно, в процессе приобретения товара, либо опосредованно, благодаря коммерческой рекламе и другим акциям по продвижению товаров. Благодаря широчайшему ассортименту товаров, с которыми потребитель ежедневно имеет дело, а также интенсивной рекламе, многократно повторяющей информацию об этих товарах, их коммерческие

названия становятся частью активного словарного запаса современных носителей любого языка.

Ключевые слова: Прагматоним, область, транспорт, термин, наименования товаров, коммерческие продвижения, товар, современный язык, транспорт, виды транспорта.

ТАСНИФИ ПРАГМАТОНИМҲО ДАР СОҲАИ ИСТИЛОҲОТИ НАҚЛИЁТ

Дар мақолаи мазкур сухан роҷеъ ба таснифоти прагматонимҳо дар соҳаи истилоҳоти нақлиёт мавриди пажуҳиш қарор бахшида шудааст.

Хусусиятҳои асосии прагматонимҳо дар асри 19 ва аввали асри 20 номгузории молҳо бо номи истеҳсолкунанда (дар асл, барои як намуди мушаххаси маҳсулот тамғаҳои молии инфиродӣ вуҷуд надоштанд) ва бо номи соҳибони ин корхонаҳо мебошанд. Истисно саноати атриёт аст, ки дар он номҳои аслии маҳсулот нисбат ба дигар соҳаҳо пештар истифода мешуданд.

Истилоҳи «прагматоним» дар Луғати истилоҳоти ономастикии забони русӣ аз соли 1988-и забоншинос Наталия Владимировна Подолская категорияҳои гуногуни номҳои хосро, ки ба соҳаи прагматикии фаъолияти инсон мувофиқат мекунанд, муайян кардааст. Он бо истилоҳи «идеоним» муқоиса карда мешавад, ки прагматоним категорияи номҳои хос, номи тиҷоратӣ, тамғаи молӣ (тамғаи хизматрасонӣ, нақлиёт) ё номи тиҷоратӣ мебошад. Ин калимаи сунъӣ ё маҷмуи калимаҳоест, ки ҳуқуқи моликияти маҳсулот ва фоида аз онро фардӣ мекунад.

Прагматонимҳо тамғаҳои молии шифоҳӣ, номҳои хоси маҳсулоти хӯрокворӣ ва намудҳои тамғаҳои нақлиёт мебошанд. Дар замони Шуравӣ, забоншиносон номгузории маҳсулоти тиҷоратӣ дар канори фазои ономастикӣ меҳисобиданд. Аз сабаби тағйирёбии хусусияти муносибатҳои иқтисодӣ дар давраи пас аз Шуравӣ, номгузории маҳсулоти хӯрокворӣ ба зерсистемаи афзалиятнок дар маркетинг, таблиғ ва муошрати ҳаррӯза табдил ёфтааст. Дар натиҷа, прагматонимҳо дар забоншиносии муосир босуръат рушд кардаанд, инчунин истифодаи васеи онҳо аз ҷониби ҳамаи қишрҳои аҳолӣ дар саросари ҷаҳон. Онҳо қисми ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошанд. Мо ҳар рӯз бо номгузории нав, мустақиман, ҳангоми раванди харид ё бавосита, тавассути таблиғоти тиҷоратӣ ва дигар фаъолиятҳои таблиғотӣ дучор мешавем. Ба шарофати доираи васеи маҳсулоте, ки истеъмолкунандагон ҳар рӯз бо онҳо дучор мешаванд, инчунин таблиғоти шадид, ки маълумотро дар бораи ин маҳсулот такрор мекунад, номҳои тиҷоратии онҳо ба қисми луғати фаъоли сухангӯёни муосири ҳар забон табдил ёфтаанд.

Калидвожаҳо: Прагматоним, минтақа, нақлиёт, истилоҳ, номҳои молҳо, таблиғоти тиҷоратӣ, молҳо, забони муосир, нақлиёт, намудҳои нақлиёт.

CLASSIFICATION OF PRAGMATONIMS IN THE SPHERE OF TRANSPORT TERMINOLOGY

This article examines the classification of pragmatonyms in the field of transportation terminology. The main characteristics of pragmatonyms in the 19th and early 20th centuries are the nomination of goods by the name of the manufacturer (in fact, there were no individual trademarks for a specific type of product) and by the names of the owners of these enterprises. An exception is the perfume industry, where original product names began to be used earlier than in other industries.

The term «pragmatonym» in Natalia Vladimirovna Podolskaya's 1988 Dictionary of Russian Onomastic Terminology defines various categories of proper names corresponding to the pragmatic sphere of human activity.

A pragmatonym is a category of proper names, a commercial name, a trademark (service mark), or a trade name. It is an artificial word or combination of words that individualizes the right to own a product and profit from it.

Pragmatonyms are verbal trademarks, the proper names of food products. During Soviet times, commercial product designations were considered by linguists to be on the fringes of the onomastic space. Due to the changing nature of economic relations in the post-Soviet era, food product designations have become a priority subsystem in marketing, advertising, and everyday communications. As a result, pragmatonyms have rapidly developed in modern linguistics, as well as their widespread use by all segments of the population worldwide. They are an integral part of our daily lives. We encounter new designations daily, either directly, during the purchase process, or indirectly, through commercial advertising and other promotional activities. Thanks to the wide range of products consumers encounter daily, as well as intensive advertising that repeatedly repeats information about these products, their commercial names have become part of the active vocabulary of modern speakers of any language.

Key words: Pragmatonym, region, transport, term, names of goods, commercial promotions, goods, modern language, transport, types of transport.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷуракулов Бозорали Раҳмоналиевич, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға**:** 734003, ҶТ, ш.Душанбе, кӯч. И.Сомонӣ, хиёбони Рудакӣ 121. Тел: (992)985479147

Сведения об авторе: Джуракулов Бозорали Раҳмоналиевич, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории перевода и стилистики Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. Адрес: 734003, РТ, г.Душанбе, ул. И.Сомони., проспескт Рудаки 121. Тел: (992)985479147

Information about the author: Jurakulov Bozorali Rahmonalievich, candidate of philological sciences, dosent of the chair of Theory of translation and stylistic of Tajik State Pedagogical University named after S.Aini. Address: 734003, RT, Dushanbe, st I.Somoni avenue Rudaki.-121.Phone: (992) 985479147

Рецензент: Комилов М., к.ф.н., доцент
ТГПУ имени С.Айни

ТДУ: 81'373.46:159.9(410+575.3)

ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ РАВОНШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХИЮ МУҚОИСАВӢ ВА СТРАТЕГИЯҲОИ ИНТИҚОЛИ ИСТИЛОҲОТ

Шарифзода Д.А., докторанти (PhD)
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима

Дар шароити рушди босуръати илм ва технология истилоҳот ҳамчун воситаи асосии ифода ва интиқоли донишҳои илмӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ҳар як соҳаи илмӣ дорои низоми махсуси истилоҳот мебошад, ки тавассути он мафҳумҳои асосӣ муайян, гурӯҳбандӣ ва ба ҷомеаи илмӣ пешниҳод мегарданд. Аз ин рӯ, омӯзиши истилоҳот на танҳо масъалаи забоншиносӣ, балки яке аз ҷанбаҳои муҳимми рушди худи илм ба ҳисоб меравад.

Равоншиносӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои босуръат рушдёбандаи илмӣ дар тули таърихи худ тағйироти назариявӣ ва методологии зиёдеро аз сар гузаронидааст. Тағйири парадигмаҳои илмӣ – аз психологияи фалсафӣ то бихевиоризм ва аз он то равоншиносии когнитивӣ – боиси пайдоиши истилоҳоти нав ва азнавтафсири мафҳумҳои қаблӣ гардид.

Методҳои таҳқиқ

Ҷон Б. Уотсон дар мақолаи машҳури худ «Psychology as the Behaviorist Views It» (1913) пешниҳод намуд, ки объекти асосии равоншиносӣ бояд рафтори мушоҳидашаванда

бошад, на таҷрибаи субъективии шуур. Бо ин тағйирот истилоҳи *behavior* ба яке аз мафҳумҳои марказии равоншиносии илмӣ табдил ёфт [15, с. 23].

Б.Ф. Скиннер низ аҳаммияти муайян кардани вазифаи илмии истилоҳотро таъкид намуда, пешниҳод кард, ки мафҳумҳои равоншиносӣ бояд тавассути фаъолияти воқеии инсон ва шароити истифодаи онҳо шарҳ дода шаванд. Ба андешаи ӯ, «Behavior is shaped and maintained by its consequences», яъне рафтор тавассути натиҷаҳои худ ташаккул ва устувор мегардад [6, с. 70].

Таҳқиқоти муосири забоншиносӣ нишон медиҳанд, ки истилоҳоти маърифатӣ ва эҳсосӣ механизмҳои гуногуни ташаккул доранд. Истилоҳоти марбут ба соҳаи маърифат (*cognition*) бештар хусусияти байналмилалӣ дошта, аз забонҳои классикӣ гирифта шудаанд, дар ҳоле ки истилоҳоти эҳсосотӣ (*emotion*) бештар бо таҷрибаи фарҳангӣ ва таърихии забон алоқаманд мебошанд.

Дар забони тоҷикӣ масъалаи ташаккул ва мутобиқсозии истилоҳоти равоншиносӣ яке аз масъалаҳои муҳимми истилоҳшиносии муосир ба ҳисоб меравад. Қисме аз истилоҳоти мазкур тавассути забони русӣ ва қисме мустақиман аз забони англисӣ ворид шудаанд. Ин ҳолат баъзан ба пайдоиши чандин муодил барои як мафҳум ва номуайянии истилоҳотӣ оварда мерасонад.

Дар чунин шароит истифодаи назарияи эквивалентии функсионалии Юҷин Найда аҳаммияти муҳим дорад. Мувофиқи ин назария, ҳангоми тарҷума бояд на танҳо шакли забонӣ, балки маъно, вазифаи коммуникативӣ ва таъсири истилоҳ дар забони қабулкунанда нигоҳ дошта шавад [3, с. 43].

Мақсади асосии таҳқиқи мазкур омӯзиши заминаҳои таърихию забоншинохтии ташаккули истилоҳоти равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, муайян намудани хусусиятҳои этимологӣ ва семантикии онҳо, инчунин таҳлили роҳҳои интиқоли ин истилоҳот ба забони тоҷикӣ мебошад.

1. **Асосҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти равоншиносӣ.** Истилоҳот ҳамчун яке аз шаклҳои асосии мавҷудияти забони илмӣ дар ташаккули низоми дониш нақши муҳим дорад. Дар ҳар як соҳаи илм истилоҳот на танҳо вазифаи номгузорӣ, балки вазифаи таснифӣ ва маърифатӣ низ иҷро менамояд. Яъне тавассути истилоҳҳо мафҳумҳои илмӣ муайян шуда, робитаи байни онҳо дар низоми дониш муқаррар мегардад [1, с. 41].

Дар истилоҳшиносии классикӣ истилоҳ ҳамчун воҳиди махсуси луғавӣ фаҳмида мешавад, ки мафҳуми дақиқи соҳавиро ифода мекунад. Ба андешаи Д.С. Лотте, яке аз хусусиятҳои асосии истилоҳи илмӣ дақиқӣ, якмаъноӣ ва устуворӣ он мебошад. Ӯ таъкид менамояд, ки истилоҳ бояд ба мафҳуми мушаххас мувофиқат карда, аз истифодаи номуайян ва бисёрмаъноӣ дур бошад [1, с. 43].

Дар заминаи равоншиносӣ ин масъала аҳаммияти бештар дорад, зеро бисёре аз мафҳумҳои ин соҳа ба падидаҳои мураккаби дохилии инсон – шуур, эҳсосот, хотира, тафаккур ва рафтор вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, як истилоҳ метавонад дар мактабҳои гуногуни илмӣ мазмунҳои гуногун пайдо намояд.

Мувофиқи назарияи умумии истилоҳшиносии Евген Вюстер, низоми истилоҳот инъикоси низоми мафҳумҳои илмӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, истилоҳот бояд ҳамчун воситаи стандартсозии донишҳои илмӣ баррасӣ гардад. Ин назария барои омӯзиши истилоҳоти равоншиносӣ аҳаммияти калон дорад, зеро рушди мафҳумҳои илмӣ бевосита бо тағйироти истилоҳотӣ алоқаманд аст.

Дар давраи муосир таҳқиқи истилоҳот аз омӯзиши танҳо шакли забонии воҳидҳо ба таҳлили сохтори маърифатӣ ва консептуалии онҳо гузаштааст. Рита Теммерман дар доираи назарияи истилоҳшиносии когнитивӣ қайд мекунад, ки истилоҳҳо воҳидҳои тағйирёбанда мебошанд ва маънои онҳо дар асоси рушди донишҳои илмӣ дигар мешавад.

Ин хусусият дар истилоҳоти равоншиносӣ хеле равшан мушоҳида мешавад. Масалан, мафҳуми *behavior* дар гузашта бештар маънои умумии «рафтор» ва «одоб»-ро дошт, аммо баъди пайдоиши бихевиоризм ба истилоҳи махсуси илмӣ табдил ёфт. Ҳамин

тавр, *cognition* аз мафҳуми умумии «донистан» ба низоми мураккаби равандҳои маърифатӣ табдил ёфт [7, с. 52].

Аз нуқтаи назари тарҷумашиносӣ, интиқоли истилоҳоти равоншиносӣ ба забони дигар танҳо иваз намудани калимаҳо нест. Тарҷумон бояд муносибати байни мафҳум, истилоҳ ва муҳити илмии истифодаи онро ба назар гирад. Дар ин замина назарияи эквивалентии функсионалии Ҷин Найда аҳаммияти муҳим дорад.

Найда бар он назар аст, ки тарҷума бояд чунин анҷом дода шавад, ки қабулкунандаи матни тарҷумашуда ҳамон таъсири маъноӣ ва коммуникативиро гирад, ки хонандаи матни асл мегирад [3]. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи истилоҳоти равоншиносӣ бояд на танҳо шакли луғавӣ, балки вазифаи илмии истилоҳ низ нигоҳ дошта шавад.

2. Ташаккули таърихии истилоҳоти равоншиносӣ. Истилоҳоти равоншиносӣ таърихи тулонӣ дошта, ташаккули он бо рушди фалсафа, тиб, физиология ва илмҳои иҷтимоӣ робитаи зич дорад. Сарчашмаи аксари истилоҳоти байналмилалии ин соҳа ба забонҳои юнонӣ ва лотинӣ бармегардад.

Истилоҳи *psychology* аз ду унсури юнонӣ – *psyche* («ҷон», «рӯҳ») ва *logos* («таълимот», «илм») ташкил ёфтааст. Дар давраи Юнони Қадим мафҳуми *psyche* бештар хусусияти фалсафӣ дошта, ба масъалаҳои табиати инсон ва ҳаёти ру ҳӣ алоқаманд буд. Дар асрҳои миёна бошад, забони лотинӣ ҳамчун забони асосии илм дар Аврупо истифода шуда, бисёре аз мафҳумҳои фалсафӣ ва равонӣ тавассути он паҳн гардиданд [9].

Дар асрҳои XVII–XVIII бо рушди фалсафаи таҷрибавӣ ва физиология истилоҳҳои нав, аз ҷумла *consciousness, sensation, perception* ва *association* ба вуҷуд омаданд. Ин давра барои ташаккули дастгоҳи истилоҳии равоншиносии илмӣ замина гузошт.

Марҳилаи муҳим дар таърихи истилоҳоти равоншиносӣ таъсиси аввалин озмоишгоҳи равоншиносии таҷрибавӣ аз ҷониби Вилҳелм Вундт дар соли 1879 мебошад. Ин рӯйдод боиси ҷудо шудани равоншиносӣ аз фалсафа ва табдил ёфтани он ба илми мустақил гардид [7].

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мактаби структурализм ба таҳқиқи сохтори шуур таваҷҷуҳ намуд. Э. Титченер кӯшиш кард, ки таҷрибаи инсонро тавассути унсурҳои асосии шуур, аз ҷумла *sensation, image* ва *affection*, тавсиф намояд [7, с. 87].

Дар ибтидои асри XX равияи бихевиоризм ба вуҷуд омад. Ҷон Б. Уотсон пешниҳод намуд, ки объекти асосии равоншиносӣ бояд рафтори мушоҳидашаванда бошад. Дар натиҷа истилоҳи *behavior* аз воҳиди умумизабонӣ ба мафҳуми марказии равоншиносии илмӣ табдил ёфт [15].

Б.Ф. Скиннер назарияи бихевиоризми оперантиро инкишоф дода, истилоҳоти нави соҳавӣ, аз ҷумла *operant behavior, reinforcement, positive reinforcement, negative reinforcement* ва *punishment*–ро ба низоми равоншиносӣ ворид намуд [6, с. 28].

Дар нимаи дуюми асри XX инқилоби когнитивӣ ба амал омад, ки натиҷаи он пайдоиши истилоҳоти *cognition, information processing, working memory, schema, attention* ва *metacognition* гардид. Ин тағйирот нишон медиҳад, ки рушди истилоҳоти равоншиносӣ ҳамеша бо рушди назарияҳои илмӣ вобаста мебошад [7].

Ҳамин тариқ, таърихи истилоҳоти равоншиносӣ раванди пайваста ва марҳилавӣ буда, ҳар як мактаби нави илмӣ ба пайдоиши истилоҳоти нав ва тағйири мазмуни истилоҳоти қаблӣ мусоидат кардааст.

Натиҷа

Таҳлили этимологӣ ва семантикии истилоҳоти асосии равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ**.** Омӯзиши этимология ва маънои истилоҳоти илмӣ яке аз роҳҳои муҳимми муайян намудани таърихи ташаккули мафҳумҳо мебошад. Истилоҳоти равоншиносӣ дар раванди рушди илм тағйироти зиёди маъноӣ ва функсионалӣ аз сар гузаронида, бисёре аз онҳо аз воҳидҳои умумизабонӣ ба истилоҳоти махсуси соҳавӣ табдил ёфтаанд [2; 4].

Истилоҳи *behavior* ва муодили тоҷикии он. Истилоҳи *behavior* яке аз мафҳумҳои асосии равоншиносии муосир мебошад. Аз ҷиҳати этимологӣ, он аз феъли англисии миёнаи *behave* сарчашма гирифта, дар ибтидо маънои «тарзи рафтор кардан», «худро идора намудан» ва «муносибати иҷтимоӣ нишон додан»-ро дошт. Танҳо баъди пайдоиши бихевиоризм дар ибтидои асри XX ин калима мазмуни махсуси илмӣ пайдо кард [15, с. 123].

Ҷон Б. Уотсон дар мақолаи худ «Psychology as the Behaviorist Views It» (1913) пешниҳод намуд, ки равоншиносӣ бояд рафтори воқеан мушоҳидашавандаро ҳамчун объекти асосии таҳқиқ интихоб намояд. Ҳамин тавр, *behavior* ҳамчун истилоҳи илмӣ мафҳуми «рафтори мушоҳидашавандаи организм дар муносибат бо муҳит»-ро ифода намуд [15, с. 118].

Б.Ф. Скиннер ин мафҳумро васеъ намуда, назарияи рафтори оперантиро пешниҳод кард. Ба андешаи ӯ, «Behavior is shaped and maintained by its consequences», яъне рафтор тавассути натиҷаҳои худ ташаккул ва устувор мегардад [6].

Дар забони тоҷикӣ муодили асосии *behavior* – «рафтор» мебошад. Ин истилоҳ аз ҷиҳати маъноӣ ва функсионалӣ ба мафҳуми англисӣ мувофиқат мекунад: *human behavior* – рафтори инсон, *social behavior* – рафтори иҷтимоӣ, *behavioral psychology* – равоншиносии рафторӣ.

Аз нуқтаи назари назарияи эквивалентии функсионалии Найда, интихоби истилоҳи «рафтор» дуруст мебошад, зеро он ҳамон вазифаи илмиро иҷро мекунад, ки *behavior* дар забони англисӣ дорад.

Истилоҳи *cognition* ва масъалаи интиқоли он ба забони тоҷикӣ.

Истилоҳи *cognition* аз ҷиҳати этимологӣ ба забони лотинӣ алоқаманд буда, аз феъли *cognoscere* («донистан», «шинохтан», «дарк кардан») сарчашма мегирад. Аз ҳамин реша калимаи лотинии *cognitio* ва баъдан истилоҳи англисии *cognition* ташаккул ёфтааст. Дар даврaҳои аввал ин мафҳум бештар дар фалсафа истифода мешуд, аммо баъди инқилоби когнитивӣ дар солҳои 1950-1960 он ба яке аз истилоҳоти марказии равоншиносии муосир табдил ёфт.

Дар равоншиносии когнитивӣ *cognition* маҷмуи равандҳоеро ифода мекунад, ки тавассути онҳо инсон иттилоотро қабул, коркард, нигоҳдорӣ ва истифода менамояд. Ба ин равандҳо дарк, диққат, хотира, тафаккур, забон, ҳалли масъала ва қабули қарор дохил мешаванд. У. Найсер дар асари худ *Cognitive Psychology* (1967) таъкид мекунад, ки равандҳои маърифатӣ тамоми механизмҳои гирифтани иттилоот, тағйир додан ва истифодаи онро фаро мегиранд [7, с. 45].

Дар забони тоҷикӣ барои интиқоли истилоҳи *cognition* чандин муодил истифода мешавад: **шинохт, маърифат, равандҳои маърифатӣ, когнитсия**. Аз нуқтаи назари истилоҳшиносӣ, «шинохт» бештар раванди дарк ва фаҳмиши объектро ифода мекунад, дар ҳоле ки «маърифат» доираи васеътар дошта, фаъолияти зеҳнии инсонро фаро мегирад.

Дар таркиби *cognitive psychology* низ шаклҳои гуногун истифода мешаванд: **равоншиносии когнитивӣ** ва **равоншиносии маърифатӣ**. Бо назардошти хусусияти байналмилалии истилоҳ ва робитаи он бо мактаби ҷаҳонии когнитивизм, истифодаи шакли «равоншиносии когнитивӣ» дар адабиёти илмӣ бештар мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, барои таъмини ягонагии истилоҳот зарур аст, ки дар фарҳангҳои соҳавӣ шакли меъёрии он муайян карда шавад.

Истилоҳи *emotion* ва хусусиятҳои фарҳангии он. Истилоҳи *emotion* аз забони фаронсавии *émotion* гирифта шуда, сарчашмаи дури он ба феъли лотинии *emovere* («ба ҳаракат овардан», «таҳрик додан») бармегардад. Ин этимология нишон медиҳад, ки дар тасаввуроти аввалия эҳсосот ҳамчун қувваи дохилӣ фаҳмида мешуд, ки ҳолати равонии инсонро тағйир медиҳад [9, с. 223].

Дар равоншиносии муосир *emotion* ҳолати мураккаби равонию физиологӣ мебошад, ки се ҷанбаи асосиро дар бар мегирад: таҷрибаи субъективӣ, тағйироти физиологӣ ва аксуламали рафторӣ. П. Экман дар таҳқиқи худ нишон медиҳад, ки баъзе эҳсосоти асосӣ, аз

ҷумла шодӣ, ғам, тарс ва хашм, хусусияти умумии инсонӣ дошта, дар фарҳангҳои гуногун бо аломатҳои монанд зоҳир мешаванд [8, с. 89].

Дар забони тоҷикӣ муодили асосии *emotion* – «эҳсосот» мебошад. Аммо дар истифодаи илмӣ баъзан байни *emotion* ва *feeling* фарқ гузошта намешавад. Дар забони англисӣ *emotion* ҳолати мураккаби равонӣ ва физиологиро ифода мекунад, дар ҳоле ки *feeling* бештар таҷрибаи субъективии шахс аз ҳамин ҳолат мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҷумаи матнҳои равоншиносӣ нигоҳ доштани фарқи маъноии ин ду мафҳум зарур аст [8, с. 63].

Дар забони тоҷикӣ мисолҳои истифодаи истилоҳи *emotion* чунин мебошанд: *emotional state* – ҳолати эҳсосӣ, *emotional intelligence* – зеҳни эҳсосӣ, *emotional regulation* – танзими эҳсосот.

Муҳокима ва хулоса

Ҳамин тавр, таҳлили этимологӣ ва семантикии истилоҳоти *behavior*, *cognition* ва *emotion* нишон медиҳад, ки онҳо дар раванди рушди равоншиносӣ аз воҳидҳои умумизабонӣ ба мафҳумҳои дақиқи илмӣ табдил ёфтаанд. Гарчанде ки қисми зиёди онҳо аз решаҳои юнонӣ ва лотинӣ сарчашма мегиранд, мазмуни муосири онҳо натиҷаи рушди назарияҳои илмии асрҳои XIX–XX мебошад. Дар забони тоҷикӣ ин истилоҳҳо асосан муодилҳои қобили қабул доранд, вале барои бартараф намудани гуногуншаклии истилоҳотӣ таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ ва муайян намудани шаклҳои меъёрӣ зарур мебошад.

Таҳлили анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки ташаккули истилоҳоти равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ раванди мураккаб ва бисёрмарҳилагӣ буда, бо рушди таърихии худи илм, тағйири парадигмаҳои назариявӣ ва омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ робитаи мустақим дорад. Истилоҳоти равоншиносӣ дар ибтидо аз доираи мафҳумҳои фалсафӣ ва умумизабонӣ ташаккул ёфта, дар натиҷаи рушди психологияи таҷрибавӣ, бихевиоризм ва равоншиносии когнитивӣ ба низоми дақиқи илмӣ табдил ёфтаанд.

Таҳлили этимологӣ нишон дод, ки қисми зиёди истилоҳоти байналмилалии равоншиносӣ аз решаҳои юнонӣ ва лотинӣ сарчашма гирифта, хусусияти умумии илмӣ доранд.

Адабиёт:

1. Алиев М.Н. Забоншиносии тоҷик: масъалаҳои истилоҳшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2012. – 240 с.
2. Бархударов Л.С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода. – Москва: Международные отношения, 1975. – 240 с.
3. Комиссаров В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты). – Москва: Высшая школа, 1990. – 253 с.
4. Лотте Д.С. Основы построения научно–технической терминологии. – Москва: Издательство Академии наук СССР, 1961. – 158 с.
5. Маҳмадиев Н. Истилоҳшиносии тоҷик: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 280 с.
6. Нелюбин Л.Л. Толковый переводоведческий словарь. – Москва: Флинта: Наука, 2016. – 320 с.
7. Раҳимов С. Забони илмии тоҷик ва масъалаҳои ташаккули истилоҳот. – Душанбе: Маориф, 2016. – 190 с.
8. Саидов Ҳ. Назарияи тарҷума ва масъалаҳои истилоҳот. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. – 220 с.
9. Crystal D. The Cambridge Encyclopedia of Language. – 3rd ed. – Cambridge: Cambridge University Press, 2010. – 480 p.
10. Ekman P. Emotions Revealed: Recognizing Faces and Feelings to Improve Communication and Emotional Life. – New York: Times Books, 2003. – 267 p.
11. Neisser U. Cognitive Psychology. – New York: Appleton–Century–Crofts, 1967. – 351 p.
12. Nida E. A. Toward a Science of Translating. – Leiden: E. J. Brill, 1964. – 331 p.

13. Skinner B. F. Science and Human Behavior. – New York: Macmillan, 1953. – 461 p.
14. Temmerman R. Towards New Ways of Terminology Description: The Sociocognitive Approach. – Amsterdam; Philadelphia: John Benjamins Publishing Company, 2000. – 258 p.
15. Watson J. B. Psychology as the Behaviorist Views It // Psychological Review. – 1913. – Vol. 20, No. 2. – P. 158–177.

ТАШАККУЛИ ИСТИЛОҲОТИ РАВОНШИНОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ: ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХИЮ МУҚОИСАВӢ ВА СТРАТЕГИЯҲОИ ИНТИҚОЛИ ИСТИЛОҲОТ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихию муқоисавӣ ва забоншиносхтии раванди ташаккул, рушд ва стратегияҳои интиқоли истилоҳоти равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар шароити муосири тараққиёти босуръати илму техника, истилоҳот ҳамчун воситаи асосии ифода ва нигоҳдории донишҳои фарҳангиву илмӣ нақши калидӣ мебозад. Муаллиф раванди ташаккули системаи истилоҳоти соҳаро аз сарчашмаҳои классикии юнониву лотинӣ ва давраи фалсафаи таҷрибавӣ то марҳилаҳои ҷудошавии соҳаи равоншиносӣ ба илми мустақил ва пайдоиши мактабҳои бузурги назариявӣ, аз қабили бихевиоризм ва равоншиносии маърифатӣ (когнитивӣ), мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар мақола хусусиятҳои этимологӣ ва семантикии истилоҳоти калидии соҳавӣ, ба монанди «behavior, cognition ва emotion», роҳҳои пазируфта шудан ё ёфтани муодилҳои онҳо дар забони тоҷикӣ ба таври муфассал омӯхта шудаанд. Тавассути татбиқи принсипҳои назарияи эквивалентии функсионалии Юҷин Найда ва равишҳои муосири истилоҳшиносии когнитивӣ, сабабҳои пайдоиши гуногуншаклӣ, чандмуодилӣ ва номуайянии назариявӣ ҳангоми тарҷумаи мафҳумҳои равоншиносӣ ба забони тоҷикӣ муайян ва гурӯҳбандӣ гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот далолат бар он мекунанд, ки ҷиҳати таъмини ягонагии истилоҳот ва интиқоли дақиқи мафҳумҳои илмӣ, таҳияи фарҳангҳои махсуси соҳавии дузабона ва мутобиқсозии шаклҳои меъёрии онҳо дар забоншиносии тоҷик зарур аст.

Калидвожаҳо: истилоҳоти равоншиносӣ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, таҳлили таърихию муқоисавӣ, эквивалентии функсионалӣ, бихевиоризм, равоншиносии когнитивӣ, интиқоли истилоҳот, таҳлили семантикӣ, стандартизатсия.

ФОРМИРОВАНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ: СРАВНИТЕЛЬНО-ИСТОРИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ И СТРАТЕГИИ ПЕРЕДАЧИ ТЕРМИНОВ

Настоящая статья посвящена многоаспектному историко-сопоставительному и лингвистическому исследованию процессов формирования, развития и стратегий трансляции психологической терминологии в английском и таджикском языках. В современных условиях стремительного научно-технического прогресса терминология выступает в качестве ключевого средства выражения и сохранения культурных и научных знаний. Автор подробно анализирует процесс становления терминологической системы данной отрасли - от ее классических греко-латинских истоков и периода экспериментальной философии до этапов выделения психологии в самостоятельную науку и возникновения крупнейших теоретических школ, таких как бихевиоризм и когнитивная психология. В статье детально исследованы этимологические и семантические характеристики базовых отраслевых терминов (в частности, behavior, cognition, emotion), а также пути их заимствования и поиска эквивалентов в таджикском языке. На основе применения принципов теории функциональной эквивалентности Юджина Найды и современных подходов когнитивного терминоведения выявлены и систематизированы причины возникновения вариативности, многоэквивалентности и теоретической неопределенности при переводе психологических понятий на таджикский язык. Результаты исследования свидетельствуют о том, что для обеспечения терминологического единства и точной передачи научных концептов

необходимы разработка специализированных двуязычных отраслевых словарей и стандартизация их нормативных форм в таджикском языкознании.

Ключевые слова: психологическая терминология, английский язык, таджикский язык, историко-сопоставительный анализ, функциональная эквивалентность, бихевиоризм, когнитивная психология, трансляция терминов, семантический анализ, стандартизация.

FORMATION OF PSYCHOLOGICAL TERMINOLOGY IN ENGLISH AND TAJIK: A COMPARATIVE-HISTORICAL ANALYSIS AND TERM TRANSLATION STRATEGIES

This article is devoted to a comprehensive historical, comparative, and linguistic investigation of the formation, development, and transfer strategies of psychological terminology in the English and Tajik languages. In the contemporary context of rapid scientific and technological advancement, terminology plays a pivotal role as a primary vehicle for expressing and preserving cultural and scientific knowledge. The author thoroughly analyzes the evolution of the field's terminological system, tracing its trajectory from classical Greek and Latin origins and the era of empirical philosophy to the establishment of psychology as an independent discipline and the emergence of major theoretical schools, including Behaviorism and Cognitive Psychology. The paper provides a detailed examination of the etymological and semantic properties of core terms such as behavior, cognition, and emotion, alongside the pathways of their adoption and equivalence in the Tajik language. By applying the principles of Eugene Nida's functional equivalence theory and modern cognitive terminology approaches, the study identifies and categorizes the factors contributing to linguistic variation, multiple equivalences, and theoretical ambiguity during the translation of psychological concepts into Tajik. The research findings demonstrate that achieving terminological consistency and ensuring the precise transfer of scientific concepts require the compilation of specialized bilingual dictionaries and the standardization of normative terminological forms within Tajik linguistics.

Keywords: psychological terminology, English language, Tajik language, historical-comparative analysis, functional equivalence, behaviorism, cognitive psychology, term transfer, semantic analysis, standardization.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарифзода Дурандеш Алишер**,** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии ДМТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Навбаҳор, 1/2. E-mail: durandesh2020@gmail.com Тел: (+992) 881110031; **https://orcid.org/0009-0001-0555-346X**

Сведения об авторе: Шарифзода Дурандеш Алишер, Таджикский национальный университет, докторант кафедры английского языка и сравнительной типологии ТНУ. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Навбахор, 1/2. E-mail: durandesh2020@gmail.com Тел: (+992) 881110031; **https://orcid.org/0009-0001-0555-346X**

Information about the author: Sharifzoda Durandesh Alisher, Tajik National University, doctoral PhD of the Department of English Language and Comparative Typology of TNU. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Navbahor district, 1/2. E-mail: durandesh2020@gmail.com Tel: (+992) 881110031; **https://orcid.org/0009-0001-0555-346X**

ТДУ:491.550:37

МАҚОЛҲО ВОСИТАИ РУШДИ МАҲОРАТИ НУТҚ ВА ҚОБИЛИЯТИ МУБОҲИСА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Шарифхоҷаева С.А., н.и.п., дотсент
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Паремиология як зербахши фразеология буда, мансуб ба соҳаи филология мебошад, ки ба омӯзиш ва таснифи паремияҳо - зарбулмасалҳо, мақолҳои муқобил, мақолҳо, афоризмҳо ва дигар маталҳо бахшида шудааст. Мақол метавонад ривоятӣ ё насиҳатӣ бошад. Тавре ки маълум аст, баъзе паремияҳо метавонанд ба ҳам монанд садо диҳанд, аммо маъноҳои гуногунро дороанд. Бовуҷуди ин, ҳамаи онҳо инъикосгари хирадӣ мардумианд. Аз ин рӯ, мо қайд мекунем, ки хоҳ мақол, ё масал бошад, онҳо хусусияти таълимию тарбиявӣ доранд. Таъсири мақолҳо ба ҳар як шунаванда, новобаста аз контексти забонӣ ё иҷтимоӣ, хеле бузург аст, аммо дарки онҳо асосан аз эътибори сухангӯ вобаста аст. Мувофиқан, паёмҳое, ки тавассути мақолҳо расонида мешаванд, бояд аз ҷиҳати контекстӣ истифода шаванд.

Мақолҳо инчунин малакаҳои баҳс, саводнокӣ ва фарҳанги умумии муоширатро инкишоф медиҳанд. Таҳқиқи мо ба рушди паремиология саҳми назаррас хоҳад гузошт. Умуман ҳамчун яке аз қадимтарин жанрҳои фолклор, онҳо дар раванди тағйирот ва рушди пайваста қарор доранд. Зарбулмасал ва мақолҳо ҳамчун як шакли фолклор, ки ба таври бадеӣ ҳаёт ва таҷрибаи маънавии халқро ҷамъбаст мекунанд, дорои аҳаммияти бузурги таърихӣ ва тарбиявӣ буда, арзиши ниҳоят муҳимми тарбиявӣ доранд.

Масъалаи асосии паремиологияи муосир таснифоти илмии зарбулмасал ва мақолҳо мебошад. Ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти паремияҳо, ин масъаларо нодида гирифтан ғайриимкон аст. Паремиологи пешбар, Г.Л. Пермяков [4, с. 70], бар он ақида аст, ки камбудии асосии ҳамаи таснифоти мавҷуда дар он аст, ки онҳо ба хусусиятҳои тасодуфӣ такя мекунанд. Онҳо бо табиати худи мақолҳои зарбулмасал алоқаманд нестанд ё қариб ки алоқаманд нестанд. Ҳангоми тартиб додани маҷмуаи зарбулмасал ва мақолҳои халқҳои Шарқ, ӯ, ба гуфтаи худ, «маводро мувофиқи табиати худаш тартиб додааст». Ӯ бар он ақида аст, ки барои муайян кардани он, ки мақоли додашуда бояд ба кадом гурӯҳи мантиқӣ-мавзуӣ мансуб дониста шавад, на танҳо шакли берунии онро фаҳмидан, балки инчунин гурӯҳи мақолҳоеро, ки он ба онҳо мувофиқат мекунад, муайян кардан лозим аст. Ба ибораи дигар, бояд контексти мантиқии онро ошкор кард. Дарки дурусти контексти мантиқии мақолҳо калиди таснифоти дурусти онҳост» [12, с. 84].

Бартарии онҳо, яъне зебоии зарбулмасал ва мақолҳо дар он аст, ки онҳоро дар вазъиятҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Азбаски, онҳо самимӣ ва беихтиёранд ва шифоҳӣ интиқол дода мешаванд, онҳо маъно ва тафаккурро авлавият медиҳанд. Муҳим аст, ки фаҳмиши амиқ ва амалии принсипҳои асосии мақолҳо интиқол ёбад ва дониш, хирад, накӯӣ, фаҳмиш, эътибор, ахлоқ, эҳтиёткорӣ ва тарси Офаридгорро ба вуҷуд орад.

Паремияҳо маводи муфид дар таълими бахши фанҳои забоншиносӣ аст, зеро як идеяро бо калимаҳои гуногун ифода кардан мумкин аст. Ҳамчун як жанри маъмули фолклори шифоҳӣ, забон ва мақолҳо дар таълими монолог ва нутқи муколамавӣ ҳатмӣ буда, нутқро ҳам зинда ва ҳам рангин мегардонанд.

Аз сабаби хусусияти анъанавии худ, мақолҳо аз ҷониби сухангӯён ҳамчун воситаи муошират дар аксари фарҳангҳо ва забонҳои ҷаҳон истифода мешаванд. Онҳо хусусиятҳое доранд, ки ҳамчун маъногаро ва ба контекст хос тавсиф мешаванд. Омӯзиши мақолҳо омӯзиши муроҷиатҳои ахлоқӣ, мантиқӣ ва эмотсионалиро ҳамчун воситаҳои боваркунонӣ дар суҳбат ва навиштанро дар бар мегирад. Таҳқиқи мо инчунин ҷузъҳои риторикӣ ва маҷозиро, ки дар зарбулмасал ва мақолҳо нақш мебозанд, таъкид мекунад, то қобилияти таълими онҳоро ҳамчун воситаи баланд бардоштани малакаҳои риторикӣ ва баҳсбарангезӣ

бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар байни омӯзандагони забонҳои дуюм нишон диҳад. Гузашта аз ин, қолабҳои нутқе, ки ҳамчун воситаҳои баҳсбарангезӣ истифодашавандаанд, муайян ва муҳокима карда мешаванд.

Масал: Хун ғафсу об тунук. - Хун аз об ғафстар аст.

Шарҳ: Баъзан дар оилаҳо нофаҳмиҳо ва низоъҳо ба миён меоянд, аммо хешовандон набояд байни худ ҷанҷол кунанд. Агар нофаҳмиҳо байни бародарон, волидон ва фарзандон рух диҳанд ва ҷанҷол ногузир бошад, пас он бояд безарар бошад. Ин мақол ба мо таълим медиҳад, ки аз зарар расонидан ба худ худдорӣ кунем ва ба якдигар ғамхорӣ кунем. Зарулмасалу мақол фазилат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамзистии осоиштаро ситоиш мекунад. Дар ҳар як ҷомеа, аъзо метавонанд ихтилоф дошта бошанд, аммо бояд эҳтиёт кард, ки ба якдигар зарари ҷуброннопазир нарасонем. Ин мисол аз ҷиҳати эҳсосӣ ҷолиб ва дорои далели хубе аст.

- Вся семья вместе и душа на месте.
- The soul there - where whole family is together.
- К своему роду- хоть через воду.
- In time of test, family is best.
- В семье не без урода.
- Not all relatives can be trusted, and not all are worth your time.
- Семья сильна, когда над ней крыша одна.
- Family is strong whether a roof has.
- Кровь смывается кровью.
- Хунро бо об шуста намешавад.

Мақол: Каждум пеш аз ҳамла нешашро нишон намедиҳад [1, с. 100]. - Скорпион нападающий не показывает жало. – Scorpion that will bite you will not show you its sting.

Шарҳ: Ин мақол ҳангоми эътимод эҳтиёткориро ташвиқ мекунад, зеро ҳатто душман метавонад вонамуд кунад, ки дӯст аст. Агар шумо ба ҳама эътимод кунед, фиреб хӯрданатон мумкин аст.

- Чтобы обнаружить зло, не доверяйте. Чтобы увидеть доброе, доверяйте.
- To detect evil, do not trust. To see the good, trust.
- Добрая слава злому ненавистна.
- Good glory to the evil is hateful.
- Добрый плачет от радости, а злой от зависти.
- Good weeps with joy, but evil with envy.
- Верьте в половину того, что видите, но не на все, что делаете.
- Believe in half of what you see, but not all you do.
- Ты сказал - я поверил, ты повторил - я засомневался, ты стал настаивать, и я понял, что ты лжешь.
- You said - I believed, you repeated - I doubted, you insisted, and I realized that you were lying.

Фарқи асосии байни шаклҳо дар он аст, ки зарбулмасалҳо ибораҳои (ҷумлаҳои) хеле анъанавӣ ва хоси фарҳангӣ мебошанд, дар ҳоле ки дигарон метавонанд ягон хусусиятҳои анъанавӣ надошта бошанд. Онҳо инчунин метавонанд аз ҷиҳати таркиби синтаксисӣ, аз як калима то якчанд ҷумла фарқ кунанд. Зарбулмасалҳо, мақолҳо, афоризмҳо ва масалҳо одатан аз ҷониби калонсолон нисбат ба кӯдакон дар суҳбат бештар истифода мешаванд, зеро истифодаи онҳо маҳорат ва дарки хусусияти маҷозии онҳоро талаб мекунад. Зарбулмасалҳо аксар вақт ба маънои аслӣ тафсир карда мешаванд, зеро зарбулмасалҳо ба маънои аслӣ ё мушоҳидавӣ таълим ва омӯхта мешаванд. Азбаски, кӯдакон ҳанӯз истифодаи фарҳангӣ ва истиораҳои стереотипиро намефаҳманд, эҳтимол дорад, ки онҳо дар суҳбат аз онҳо канорагирӣ кунанд ё нодуруст истифода баранд (нодуруст тафсир кунанд). Аммо, онҳо вазифадоранд, ки ин ҷанбаи забонро ҳангоми тадриҷан ба балоғат расидан аз худ кунанд. Дар ҷомеаҳои классикии муқарраршуда, сохторҳои маъмулӣ дар ҳалли вазъиятҳои низоъ

муфиданд, зеро онҳо воситаи ғайримустақими муошират мебошанд, ки ба ин васила ба сухангӯ имкон медиҳад, ки суҳбатро дипломатӣ ва камтар таҳқиромез кунад.

Зарбулмасалҳо, мақолҳо ва масалҳо, ки аз ҷиҳати услубӣ аз суханронии оддӣ фарқ мекунанд, аксар вақт маҷозӣ ё рамзӣ мебошанд. Иборашиносон онҳоро барои расонидани дониш, пешниҳоди маслиҳат, таълим ё тақвияти ахлоқ, баҳс, рафъи шиддати байнишахсӣ, кумак ба фаҳмиш ё тасаллӣ ва илҳом бахшидан ба дигарон истифода мебаранд.

Ин ибораҳои оддӣ ва анъанавӣ ҳақиқати даркшударо ифода мекунанд, бар ақл ва таҷрибаи солим асос ёфтаанд, аксар вақт маҷозӣ ҳастанд ва аз забони стандартӣ ва маъмулӣ истифода мебаранд.

Мазмун дар он аст, ки ин ибораҳои кӯтоҳ ва аслӣ ҳақиқати умумиро ифода мекунанд ё маслиҳат медиҳанд, масалан,

- Цепь также сильна как ее самое слабое звено;
- Не откусывай больше, чем можете жевать;
- Не плюй в колодец пригодиться воды напиться;
- Аз беамакӣ хара амак, аз бенамакӣ санга намак;
- Дарди бадро давои бад;
- Ҳар чизи гирд – чормағз нест;
- Not all that glitter is gold;
- Never put off until tomorrow, what you can do today;
- Run after two hares you will catch neither;

Омӯзиш ва таҳқиқи зарбулмасалҳо бе мушкилот нестанд. «Дар хотир доред, ки аз берун, кӯшиши фаҳмидани зарбулмасалҳо берун аз матне, ки онҳо истифода мешаванд, метавонад душвор бошад, зеро паёмҳои онҳо метавонанд норавшан бошанд» [4, с. 42]. Аммо, омӯзиши зарбулмасалҳое, ки дар суҳбатҳои воқеӣ истифода мешаванд, боз ҳам мушкилот эҷод мекунанд, зеро муҳаққиқ бояд сабр кунад, то он даме, ки зарбулмасалҳо воқеан истифода шаванд. Ба ибораи дигар, матни мантиқии онҳо бояд ошкор карда шавад. Дарки дурусти матни (контексти) мантиқии гуфтаҳо калиди таснифи дурусти онҳост.

Таҳқиқ аз рӯйи назарияи ҳусни баён (риторикӣ), ки як омӯзиши универсалӣ ва ҳамаҷонибаи жанри зарбулмасал аст, роҳбарӣ мешавад. Самаранокии зарбулмасалҳо на танҳо дар аҳаммияти семантикӣ ё синтаксисии худи зарбулмасалҳо, инчунин аз контексти забонӣ, сухангӯ, хусусияти шунавандагон ва мавзуи баҳс вобаста аст (ин омилҳо ҷанбаҳои муроҷиатҳои риторикиро ташкил медиҳанд) [11, с. 92].

Зарбулмасалҳо изҳороти озод ва бомаънӣ мебошанд, ки миёни мардум маъмул истифода ва такрор шуда аксар вақт арзишҳо ва ҳақиқатҳоеро, ки бар ақли солим ё таҷрибаи муштараки мардум асос ёфтаанд, инъикос мекунанд. Профессори забон ва фолклор Волфганг Мидер, мутахассиси маъруфи паремиология (ӯ инчунин истилоҳи «зидди зарбулмасал»-ро истифода кардааст), зарбулмасалҳоро ҳамчун «ҷумлаҳои кӯтоҳ ва маъмул» муайян мекунад, ки ҳикмат, ҳақиқат, ахлоқ ва назарҳои анъанавиро дар шакли маҷозӣ ва хотирмон дар бар гирифта аз насл ба насл интиқол дода мешаванд. Манбаи онҳо одатан номаълум аст ва баъзан онҳо дар забонҳо, динҳо ва замонҳои гуногун якхела пайдо мешаванд [2, с. 86]. Масалан, мақоли «Пашша ба даҳони пӯшида намепарад» ё «Бо қоидаҳои худ ба ғайри каси дигар надароед» дар бисёр кишварҳои дигари ҷаҳон истифода мешавад ва гарчанде ки онҳо дар забонҳо ва замонҳои гуногун омӯхта шудаанд, мақолҳоро дар забони тамоми халқҳои ҷаҳон пайгирӣ кардан мумкин аст.

Айни замон, клишеҳо, иқтибосҳо, идиомаҳо ва мақолҳо бо мақолҳо зич алоқаманданд. Гарчанде ки онҳо шаклҳои гуфторӣ ҳастанд, онҳо метавонанд аз мақолҳо фарқ кунанд. Профессор Нил Р. Норрик, ки таҳқиқи худро ба нутқи гуфтугӯйӣ равона мекунад, фарқиятҳои байни клишеҳо, иқтибосҳо, идиомаҳо ва мақолҳоро муайян мекунад; қайд мекунад, ки клишеҳо ибораҳои аз ҳад зиёд истифодашуда мебошанд, ки бо мурури замон маънои худро гум кардаанд, дар ҳоле ки мақолҳо ибораҳои маъруфанд, ки ҳақиқати умумиро дар бораи ҷаҳон ифода мекунанд. Ӯ минбаъд баҳс мекунад, ки идиомаҳо гурӯҳҳои калимаҳо мебошанд, ки ҳангоми истифодаи якҷоя аз маъноҳои калимаҳои алоҳидаи худ

маъноҳои гуногун ба вуҷуд меоранд ва иқтибосҳо такрори мақсадноки калимаҳои дақиқи шахси дигар мебошанд [3, с. 153].

Зарбулмасал ҳамчун ҷумлаи кӯтоҳ, маъруф ва баъзан ритмӣ муайян карда мешавад, ки маслиҳат, ҳикмат ва таҷрибаҳои этникиро ифода намуда, ба он монандӣ аз истиора ё киноя дар бар мегирад. Он барои одамон аз сабаби формулаи равон, равшании баён, соддагӣ, васеӣ ва умумӣ ошно аст ва бо ё бе тағйирот истифода мешавад, ки фарқиятҳоро равшантар мекунад. Фарқи асосии байни шаклҳо дар он аст, ки зарбулмасалҳо изҳорот (ҷумлаҳо)-и хеле анъанавӣ ва хоси фарҳангӣ мебошанд, дар ҳоле ки дигарон метавонанд ягон хусусиятҳои анъанавӣ надошта бошанд. Онҳо инчунин метавонанд аз ҷиҳати таркиби синтаксисӣ, аз як калима то якчанд ҷумла фарқ кунанд. Дар забони тоҷикӣ ибораи маъруфе вуҷуд дорад: «Як сухан ҳазору як паҳлӯ дорад», ки маънояш «Як калима метавонад ҳазор маъно дошта бошад» аст. Ба ибораи дигар, барои муайян кардани маъноҳои воқеии зарбулмасалҳо, бояд мушоҳида кард, ки онҳо дар контекстҳои мушаххаси забонӣ чӣ гуна истифода мешаванд. Дар ҳоле ки мафҳуми «ҳазору як маъно» шадид аст, аксари зарбулмасалҳо ба тафсирҳои гуногун майл доранд, ки бо ин васила табиати онҳоро норавшан мегардонад [5, с. 73].

Баъзан зарбулмасалҳо бо ҳам мухолифанд, ба монанди зарбулмасалҳои зерин, ки Дойл зикр кардааст: «Аждаҳо дар назди мардум таваллуд намешаванд» ё «Масъалаи ҷиддӣ дар дохили худ муҳокима карда намешавад» [8, с. 54]. Ин намуди зарбулмасалҳоро «зарбулмасалҳои муқобил» меноманд. Дар чунин мавридҳо, ҳар як зарбулмасал дар заминаи мушаххаси худ истифода мешавад ва ҳеҷ яке аз онҳо ба таври куллӣ дуруст ҳисобида намешавад, зеро муваффақият ё самаранокии зарбулмасал аз омилҳои дигар, ба монанди сухангӯ, намуди шунавандагон ва шароити мавҷуда вобаста аст. Истифодаи зарбулмасалҳо имрӯз асосан хусусияти дидактикӣ дорад ва таваҷҷуҳ ба истифодаи мақсадноки онҳо барои дастгирӣ ва пешбурди тағйироти иҷтимоӣ афзоиш меёбад. Зарбулмасалҳоро инчунин ҳазломезон барои мақсадҳои фароғатӣ истифода мебаранд. Истифодаи созандатари зарбулмасалҳо суханрониҳои маъракаҳои сиёсӣ, таълими забонҳои хориҷӣ, сатҳҳои амиқтари маъно, мубориза бо бемориҳои иҷтимоӣ, рушди ҷомеа ва ҳалли низоъҳои гурӯҳҳои дохилӣ ва беруниро дар бар мегирад. Дар илмҳои гуманитарӣ, зарбулмасалҳо дар ташаккули хислатҳо дар наср ва драма, аз ҷониби шоирон ва нависандагон ва ҳамчун унвон ва зернависҳо дар китобҳо васеъ истифода мешуданд. Мафҳуми ҳадди ақали паремиологӣ ба системаҳои таълимии баъзе кишварҳо ворид карда шуд, то насли ҷавонро дар бораи мероси миллӣ ва анъанавии худ бо истифода аз зарбулмасалҳо омӯзонад.

Минимуми паремиологӣ, ки аз ҷониби Григорий Пермяков таҳия шудааст, маҷмуи зарбулмасалҳоро тавсия медиҳад, ки як миллат бояд донад. «Бисёре аз кишварҳо бисёрфарҳангӣ буда, садҳо гурӯҳҳои этникӣ, забонҳои беназир ва сарвати зиёди зарбулмасал доранд» [8, с. 47]. Аммо, чунон ки хоси зарбулмасалҳост, такрори ин зарбулмасалҳо дар қисматҳои гуногуни кишвар ва дар маҷмуъ ҷаҳон вуҷуд дорад. Масалан, зарбулмасали «Дандони саг гӯшти сагро намехӯрад» муодили худро дорад: «Морҳо морҳои дигарро намехӯранд». Аз ин рӯ, он бояд воқеияти бисёрмиллатро то ҳадди имкон инъикос кунад ва эҳтимолан чандиртар бошад, зеро дар ҷое, ки чунин такрорҳо мавҷуданд, танҳо мувофиқтарин зарбулмасалҳо барои як матни (контексти) мушаххаси забонӣ илова карда мешаванд.

Адабиёт:

1. Айни Садриддин. Ёддоштҳо. Тоҷик, 2009.- 680 с.
2. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии халқ. Душанбе.1960
3. Аникин В.П. Поговорка. В кн.: Словарь литературных терминов. М., изд-во Просвещение, 1974, с. 272-274
4. Жигулёв А.М. Русские народные пословицы и поговорки. М., 1965, с.5
5. Калонтаров Я.И. Таджикские пословицы в аналогии с русскими. Душанбе: Ирфон 1965.,-534 с. Таджикские пословицы и поговорки в сравнении с узбекскими. Душанбе: Дониш 1969., - 180 с.

6. Соколов Ю.М. Русский фольклор. -3-е изд. – МГУ им. М.В. Ломоносова, 2007. - 544 с.

7. Тилавов Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок. Душанбе: Дониш 1967., - 123 с.

8. Турсунов Ф.М. Лексико-семантический анализ и особенности перевода пословиц и поговорок произведений Ф. Мухамадиева на материалах таджикского и русского языков. – Душанбе, 2006 г., -135 с.

9. Фазилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Душанбе: Ирфон 1975.-ҷ1., -368 с.

10. Хисомов К. «Зарбулмасалу мақолҳо» Дастурамал оид ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳанакии халқ. Душанбе. 1960., - с. 152-157

11. Шахнович М. Краткая история собирания и изучения пословиц и поговорок. «Советский фольклор» 1936. № 4,5 – с. 299-363

12. Якубовский А. Ю. История народов Узбекистана, т.1: с древнейших времён до начала 16 века. Т., 1950

МАҚОЛҲО ВОСИТАИ РУШДИ МАҲОРАТИ НУТҚ ВА ҚОБИЛИЯТИ МУБОҲИСА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола хусусиятҳои зерини хоси зарбулмасал таъкид шудааст: кутоҳӣ, устуворӣ, ритмӣ, норавшанӣ. Аммо, ба назари мо, вижагиҳои боло хусусиятҳои ин гуфтаро тамом намекунанд. Зарбулмасал аз он ҷиҳат хос аст, ки дар он таҷрибаи иҷтимоӣ-таърихӣ ва рӯзмарраи халқ умумият дода шуда, ибрат, тасдиқи қатъӣ ва ё инкорро дарбар мегирад. Ҳамаи аломатҳои номбаршуда, дар маҷмуаи худ якпорчагиро ташкил медиҳанд, ки дар он ҳар як аломат дар асоси мақсади умумиашон бо аломатҳои дигар алоқаманданд. Ба ибораи дигар, зарбулмасал мақолҳои томест, ки дар як пора ба ҳам меафтанд. Ин як маҷмуаи ҳикмати мардумист, ки дар онҳо нола, гиряву фиғон, шодиву хурсандӣ инъикос ёфтааст.

Инчунин, гуфта мешавад, ки зарбулмасал ҳамчун ҷумлаи кӯтоҳ, маъруф ва баъзан ритмӣ муайян карда мешавад, ки маслиҳат, ҳикмат ва таҷрибаҳои этникиро ифода мекунад ва ба он монандӣ аз истиора ё киноя дар бар мегирад. Он барои одамон аз сабаби формулаи равон, равшании баён, соддагӣ, васеӣ ва умумӣ ошно аст ва ё бе тағйирот истифода мешавад, ки фарқиятҳоро равшантар мекунад. Фарқи асосии байни шаклҳо дар он аст, ки зарбулмасалҳо изҳорот (ҷумлаҳо)-и хеле анъанавӣ ва хоси фарҳангӣ мебошанд, дар ҳоле ки дигарон метавонанд ягон хусусиятҳои анъанавӣ надошта бошанд. Онҳо инчунин метавонанд аз ҷиҳати таркиби синтаксисӣ, аз як калима то якчанд ҷумла фарқ кунанд. Зарбулмасалҳо, мақолҳо, афоризмҳо ва масалҳо одатан аз ҷониби калонсолон нисбат ба кӯдакон дар суҳбат бештар истифода мешаванд, зеро истифодаи онҳо маҳорат ва дарки хусусияти истиоравии онҳоро талаб мекунад. Зарбулмасалҳо аксар вақт ба таври аслӣ тафсир карда мешаванд, зеро зарбулмасалҳо ба таври аслӣ ё тавассути мушоҳида таълим ва омӯхта мешаванд.

Калидвожаҳо: зарбулмасал, мақол, ҷанба, тафсир, матн, усул, фразеология, анъана, ҷумла, маҷмуа, хусусият, ҳикмат, таҷриба, фарқият

ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ - ИНСТРУМЕНТ РАЗВИТИЯ НАВЫКОВ УСТНОЙ РЕЧИ И ВЕДЕНИЯ ДИСКУССИЙ НА ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье выделены следующие характеристики пословиц: краткость, устойчивость, ритм, неоднозначность. Однако, на наш взгляд, перечисленные особенности не исчерпывают всех достоинств этого изречения. Пословица уникальна тем, что обобщает социально-исторический и повседневный опыт людей и содержит урок, твердое утверждение или отрицание. Все перечисленные знаки в совокупности образуют единое целое, в котором каждый знак связан с другими знаками на основе их общего назначения. Другими словами, пословица — это целый набор изречений, которые складываются в единое целое. Это

собрание народной мудрости, в котором отражены скорбь, плач и причитания, радость и счастье. Также говорят, что пословица определяется как короткое, хорошо известное, иногда ритмичное предложение, выражающее совет, мудрость и этнический опыт и содержащее сходство с метафорой или иронией. Она знакома людям благодаря своей плавной формуле, ясности выражения, простоте, широте и общности, и используется с изменениями или без них, что делает различия более очевидными. Основное различие между формами заключается в том, что пословицы — это очень традиционные и культурно специфические высказывания (предложения), в то время как другие могут не иметь никаких традиционных черт. Они также могут различаться по синтаксической структуре, от одного слова до нескольких предложений. Пословицы, изречения, афоризмы и пословицы обычно чаще используются взрослыми, чем детьми в разговоре, поскольку их использование требует умения и понимания их метафорической природы. Пословицы часто интерпретируются буквально, поскольку их учат и усваивают буквально или посредством наблюдения.

Ключевые слова: пословица, изречение, аспект, толкование, текст, метод, фразеология, традиция, предложение, набор, характеристика, мудрость, опыт, различие

PROVERBS AND SAYINGS ARE A TOOL FOR DEVELOPING ORAL SPEECH SKILLS AND CONDUCTING DISCUSSIONS IN TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH

The article highlights the following characteristics of proverbs: brevity, stability, rhythm, ambiguity. However, in our opinion, the above features do not exhaust the characteristics of this saying. A proverb is unique in that it generalizes the socio-historical and everyday experience of the people and contains a lesson, a firm affirmation or denial. All the listed signs in their totality form a whole, in which each sign is related to other signs based on their common purpose. In other words, a proverb is a whole set of sayings that fit together in one piece. This is a collection of folk wisdom, in which lamentation, weeping and wailing, joy and happiness are reflected. It is also said that a proverb is defined as a short, well-known, sometimes rhythmic sentence that expresses advice, wisdom and ethnic experiences and contains a similarity to a metaphor or irony. It is familiar to people because of its flowing formula, clarity of expression, simplicity, breadth, and generality, and is used with or without modifications, which makes the differences more obvious. The main difference between the forms is that proverbs are very traditional and culturally specific statements (sentences), while others may not have any traditional features. They can also vary in syntactic composition, from a single word to several sentences. Proverbs, sayings, aphorisms, and proverbs are usually used more by adults than by children in conversation, because their use requires skill and understanding of their metaphorical nature. Proverbs are often interpreted literally, because proverbs are taught and learned literally or through observation.

Key words: proverb, saying, aspect, iteration, text, method, phraseology.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шарифхоҷаева Саодат Амирхоҷаевна, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. Суроға:734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, к. С. Носир 33. e.mail: sharifkhojaevas@mail.ru тел 904008332

Сведения об авторе: Шарифходжаева Саодат Амирходжаевна, Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат педагогических наук, доцент кафедры иностранных языков. Адрес:734026, Республика Таджикистан, город Душанбе, к. С. Насир 33. e.mail. sharifkhojaevas@mail.ru тел. 904008332

Information about the author: Sharifkhodzhayeva Saodat Amirkhodzhaevna, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Foreign Languages. Address: 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Nosir 33. e-mail:sharifkhojaevas@mail.ru tel.904008332

Муқарриз: Муродзода Б.Р., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудаки

ТДУ 002(3): 892.550 (091)

ПОЭТИКАИ ҒАЗАЛ ВА КОНСЕПСИЯИ ИШҚ ДАР ОСОРӢ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Мирзоева М.М., н.и.ф., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, ки соли 2014 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли бузургдошти ӯ таҷлил гардида буд, дар осмони паҳновари илму адаби тоҷику форс аз ситораҳои дурахшонтарин буда, бо андешаҳои олӣ, неруи бузурги сухан, дониши доманадор дар силсилаи суханварони бузург - Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Ҳоқонӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҷалолуддини Балхӣ - Румӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон ба чунин мақоми арҷманде сазовор аст, ки ӯро дар Шарқу Ғарб ҷамъбасткунандаи тамоми муваффақиятҳои даврони классикии адабиёти тоҷику форс медонанд. Ба ҳамин маънӣ, афкори иҷтимоию сиёсӣ, фалсафию ахлоқ, тасаввуфу ирфонӣ ва умуман симои маънавии халқи моро бе шахсият ва эҷодиёти ин чеҳраи бузурги эҷодӣ наметавон тасаввур кард. Маҳбубият ва наздикии Ҷомӣ бо мардуми мо ба дараҷаест, ки гуфтори ӯро одамони синну соли гуногун, ақоиду мафкураҳои мухталиф, сарфи назар аз шуғлу пеша ва андешаҳои хеш ба сифати ҳикмати рӯзгор ба кор мебаранд.

Мардуми суханшинос каломи худро бо дурдонаҳои суфтаи Ҷомӣ зеб медиҳанд. Ҳофизону ромишгарон бо сурудани ғазалҳои диловез ва таронаҳои тарабангези вай ба дилҳо сурур мебахшанд, муҳаққиқон дар пайи кашфи асрори ниҳонӣ ва маъниҳои пинҳонии каломи муъҷизабаёни Ҷомӣ ҳастанд. Ин анҷум беш аз ним ҳазор сол боз давом дорад ва торафт густариш ёфта, чун торҳои заррини хуршед тамоми шебу фарози оламро нур мепошад.

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) шоири бузурги асри XIV тоҷику форс мебошад. Падару бобои Ҷомӣ аз мардони бофазлу дониш буда, дар Ҳукумати вилоят мансабҳои калонеро ба уҳда доштаанд. Ҷомӣ аз синни чаҳорсолагӣ ба мактаб рафта, дар як муддати кӯтоҳ соҳиби хату савод гардид. Сарфу наҳви арабиро омӯхт, «Қуръон»-ро ҳифз кард ва бо адабиёти тоҷику форс шинос шуд.

Бояд тазаккур дод, ки мураббии асосии Ҷомӣ падари ӯ –Низомуддин Аҳмад буд. Ҷомӣ дар синни 11-солагӣ бо падару модараш ба Ҳирот омада, дар мадрасаҳои ин шаҳр таҳсили илмро давом дод. Ӯ дар назди Мавлоно Ҷунайди Усулӣ забони арабиро омӯхта, доир ба илмҳои ҳикмат ва мантиқ аз олимони машҳури замон Хоҷа Алии Самарқандӣ ва Шаҳобуддин Муҳаммади Ҷочармӣ маълумот гирифтааст. Ҷомӣ аз кӯдакӣ зеҳни буррою ақли расо дошт. Ӯ ба ҳар як ҳодиса аз назари танқид менигарист ва бештар ба илмҳои дақиқ таваҷҷуҳ мекард. Қобилияту истеъдоди Ҷомӣ, чунон бузург буд, ки ҳатто устодон аз уҳдаи дарс додани ӯ баромада наметавонистанд.

Ҳамаи ин ба он далолат мекунад, ки ин суханвари камназир дар айёми таҳсил ба мутолиаи мустақилонаи китобҳои адабӣ, бадеӣ, таърихӣ, омӯхтани илмҳои берун аз барномаи мадраса машғул мегардид. Сабаби ҳамаи ин дар он аст, ки Ҷомӣ бар замми истеъдоди фитрӣ, тамоми умр ба мутолиаи ҳар китобе, ки шуғл мефармуд, то онро тамоман азхуд намекард, ба ғайри он шуруъ наменамуд. Ба ҳамин тариқ, Абдураҳмони Ҷомӣ дар натиҷаи ақли гиро, зеҳни тез, заковати расо, ҳофизаи тавоно ва ҷиддияти омӯзиш тақрибан дар 20-солагӣ ба қатори олимони забардасти давр ҷой мегирад.

Устод Ҷомӣ дар синни 20-солагӣ ба рисолае доир ба нуҷум шарҳ навишта, ба Самарқанд ба расадхонаи Улуғбек фиристод. Мунаҷҷими машҳури давр Қозизодаи Румӣ бо шарҳи ӯ шинос шуда, ба он баҳои баланд дод ва муаллифашро ба Самарқанд даъват намуд. Ва соли 1436 ба Самарқанд омада, дар мадрасаи Улуғбек аз Қозизодаи Румӣ ва Фазлуллоҳи Абулайсӣ таълим гирифт ва дониши худро роҷеъ ба нуҷум, фалсафа, ҳисоб такмил дод. Ҷомӣ баъди хатми мадраса чанде дар Самарқанд монда, соли 1452 ба Ҳирот баргашт. Ӯ дар ин ҷо то чанд муддат ба таҳсили илм, аз ҷумла илми шеър машғул гардид. Дар ин айём ӯ бо яке аз бузургони ҷараёни «Нақшбандия» Саъдуддини Қошғарӣ шинос шуда, ин тариқатро пазируфт. Пас аз марги устоди

руҳонии худ дар Хуросон роҳбари тариқати мазкур гардид, вале ӯ ҳамоно шайхони риёкорро ба зери тозиёнаи танқид мегирифт.

Ҷомии бузург чандин маротиба ба сафарҳо баромада, шаҳрҳои Самарқанду Тошканд, Нишопур, Қазвин, Ҳамадон ва Бағдодро саёҳат карда, бо арбобони илму адабиёти ин кишварҳо вохӯрд. Ин сафарҳо бошад, ба ҷаҳонбинии ӯ таъсири амиқ мерасонид. Ҷомӣ дар қарибиҳои масҷиди ҷомеи Ҳирот зиндагӣ мекард ва баъдтар ба Хиёбон-домани шимолу шарқии Ҳирот кӯчид ва 9-уми ноябри соли 1492 аз олам даргузашт.

Ҳангоми вафоти ин шоиру олими бузург аксари мардуми Ҳирот либоси мотам пӯшиданд. Бисёр шогирдонаш, аз ҷумла, Навоӣ ва дигарон дар ҳаққи устод марсияҳои ҷонгудоз эҷод карданд. Ҳоло оромгоҳи Ҷомӣ, ки дар шаҳри Ҳирот бо номи Тахти Мазор барҷост, зиёратгоҳи мардуми ҷаҳон аст.

Боиси ифтихори мо тоҷикон аст, ки Ҷомии бузургвор дар замони худ барои мардумони Ховари наздик ва миёна, хусусан барои адибон ба воситаи ду ҷиҳати фаъолияти худ чун пешво шинохта шуда буд. Аввалан, вай ба воситаи таълим, тадрис, ҳакамӣ, маслиҳат, ёрии моддию маънавӣ ва амсоли инҳо, ҳамчунин бо эҷодиёти худ, ки бисёр адибон осори ӯро пайравӣ карда, мактаби адабиашро давом медоданд, ба сифати муқтадои суханварон ва орифон эътироф гардида буд. Баъдан, ҳоҷатмандону ниёзмандони зиёде барои ҳаллу фасли масъалаҳои зиндагӣ, илмӣ, давлатдорӣ ва эҳтиёҷоти шахсӣ аз дуру наздик ба ӯ муроҷиат мекарданд.

Воқеан, Ҷомӣ дар замони зиндагиаш на танҳо ба сифати пири тариқат, балки чун адиби мумтоз, ҳимоятгари санъат ва мураббии ҷавонон обрӯю эътибори бузургеро соҳиб гардида, даврони камолоти маънавии ӯ бо шоирон, олимон, санъатварон гузаштааст.

Амри воқеист, ки эҷодиёти пурғановати ин шоир, олим ва мутафаккири бузург таваҷҷуҳи олимони бузурги ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Олимони бузурги рус Э. Бертелс, И. Брагинский доир ба шеъри Ҷомӣ ва асарҳои арзишманди илмии ӯ китобҳои хонданбоб навиштаанд. Асарҳои Ҷомӣ аз замони зиндагияш сар карда, чандин бор ба забонҳои халқҳои Шарқу Ғарб тарҷума шудааст. Мардуми Аврупо аз осори Ҷомӣ зиёда аз 200 сол боз огоҳанд. Шиносоии онҳо бо эҷодиёти Ҷомӣ аз тарҷумаи лотинии мухтасари «Баҳористон» (Вена, 1778) шуруъ шудааст. Баъди ин тарҷумаи осори Ҷомӣ дар Ғарб равнақ гирифт. Хусусан, ба забонҳои маъруфтарини аврупоӣ, фаронсавӣ, немисӣ ва олмонӣ бисёр достонҳои шоир тарҷума карда шудаанд [15, с. 495].

Дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX асарҳои Ҷомӣ ба забони русӣ чоп гардиданд. Дар нашриёти «Ирфон» 8 ҷилди осори Ҷомӣ ба забони русӣ нашр шуд. Ба забонҳои халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маҷмуаҳои ашъори лирикӣ ва достонҳои Ҷомӣ ба табъ расидаанд [15, с. 495-496].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ҳаёт ва фаъолияти илмиву эҷодии ин орифи бузург адабиётшиносон ва файласуфони номдор китобу рисолаҳои зиёде навиштаанд.

Бояд тазаккур дод, ки аз ҷиҳати миқдор ва ҳаҷм дар таркиби девонҳои сегонаи Ҷомӣ ва ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ аз рӯйи теъдод ва ҳаҷм ҷойи якумро ғазал ишғол менамояд. Аз навъҳои дигари шеър қасида ва қасидагунаҳо миқдоран кам 53 адад бошанд ҳам, дар таркиби девонҳои сегона дар якҷоягӣ ва дар ҳарсеи девон алоҳида-алоҳида дар ҷойи дуюм меистанд. Қасидаҳои Ҷомӣ аз тавҳид, наът, муноҷот, фалсафаю ҳикмат, мавъиза иборатанд. Бар хилофи анъанаи маъмули асрҳои миёна, қасидаҳоеро, ки ба мадҳу ситоиши тамаллуқкоронаи ҳокимон ихтисос дошта бошанд, дар осори Ҷомӣ пайдо наметавон кард. Худи шоир мазмуну моҳияти девонҳои ашъорашро чунин ба қалам додааст:

Ҳаст девони шеъри ман аксар,
Ғазали ошиқони шайдоӣ.
Ё фунуни насоеҳ ҳасту ҳикам,
Мунбаис аз шуури доноӣ.
Зикри дунон наёбӣ андар вай,
К-он бувад нақди умрфарсоӣ [1, с. 221].

Осори лирикии Ҷомӣ анвои хурдтарини шеър - рубоӣ ва қитъаро низ фаро мегирад. Маълум аст, ки рубоӣ аз навъҳои қадимтарини адабиёти хаттиву шифоҳии мардуми форсизабон

буда, аз ҳайси шуҳрату манфиати амалӣ ҳамтое надорад. Рубоӣ дар доираи назми классикии мо ба дараҷаи баланди такомул расида, монанди зарбулмасал ифодакунандаи тамоми мавзуъҳои ҳаёту мамоти халқ, хусусан воситаи баёни матолиби ишқу ирфон ва фалсафа гардида, байтҳои ӯ ҳаҷвӣ ва ахлоқӣ мешаванд. Мувофиқи суннати роиҷ Ҷомӣ дар фардбайтҳои худ асарҳои гуногуни адабӣ, рисолаҳои илмиву мазҳабӣ, номаҳои расмиву шахсиро оро дода, дар муносибати ҳаррӯза аз онҳо фаровон истифода мебурд. Дар ин қабил ашъори шоир мо кайфияти маънавӣ ва андешаҳои ҳаётдӯстонаи Ҷомиро баръало ҳис мекунем. Мулоҳиза фармоед:

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.

Ҳамзамон, устод Ҷомӣ назми риёкоронаи дарборро хандахариш мекунад. Ӯ девонҳои худро «Дафтари аъмол», «Девони аъмол» (Шеъри ман, Ҷомӣ баёни ишқу хун хӯрдан бувад, -Ин на девони ғазал, девони аъмоли ман аст) ва ашъорашро «ҳасби ҳоли худ» меномад. Алҳақ ин рост аст. Ашъори шоир кайфияти руҳонии ӯро дар ҳолатҳои мухталиф роҷеъ ба падидаҳои гуногуни зиндагӣ ифода менамоянд. Ҷомӣ дар «Фотиҳат-уш-шубоб» ғазале дорад, ки дар он натанҳо аз маддоҳӣ барҳазар будани худро изҳор менамояд, балки меҳнати шабонарӯзиашро дар ин роҳ хабар дода, аз рӯйи заковат ба он шуғл доштанашро зарур мешуморад, чунки ӯ дар ин ҳунар, яъне ҳунари шоирӣ устод буда (Ки шеъри хуш ҳунару ман ба он ҳунармандам), ба ин роҳ метавонад, ки ганҷи асрори ҳақиқатро бикушояд. Ин ғазал мавқеи суханварии Ҷомиро ифода намуда, мазмуни он дар баъзе порчаи шеърии дигари ӯ низ такрор меёбад:

Ман он наям, ки забонро ба ҳарза олоям,
Ба мадҳу замми хасон нӯги хома фарсоям.
Ҳадиси сифла-ҳазаф, иқди гавҳар аст сухан,
Зиҳӣ, сафаҳ, ки ман инро ба он биороям [1, с. 617-697].

Ғазал, ки дар адабиёти форсу тоҷик ҳанӯз дар асри IX бо ташаббуси устод Рӯдакӣ барин номовари ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада, дар эҷодиёти муосирони ӯ-Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Кисоии Марвазӣ, Робиаи Балхӣ ва дигарон мақом пайдо карда буд, дар асрҳои X-XII ҳамчун жанр инкишоф пазируфта, дар қарнҳои XIII-XIV ба пояи баландтарини такомули худ расида, дар асри XV хусусан дар нимаи дуюми он ниҳоят паҳн гардид. Бисёр шоирони он давр ба ҷуз ғазал ба навъҳои дигари шеър майл намекарданд. Сабаби интишори ғазал дар он буд, ки ғазал бо бисёр хусусиятҳои умдаи худ ба ниёзи маънавии табақаҳои гуногуни аҳли завқ ҷавоб медод. Мавзуи ишқ, ки меҳвари асосии ғазал буд, барои тамоми табақаҳои ҷомеа эҳсосшаванда ва гуворо буда, баёни сӯзу алами ошиқ пайванди лаҳзаҳои хуши зиндагӣ ва ноомади муҳаббатро ифода мекунад. Васфи зебоиҳои табиат аз қабили дамидани субҳ, вазидани насим, муждаи васл, нолаи мурғону нағмаи обшорон ва амсоли инҳо оинаи гӯяндаву шунавандаро бо хондани ғазал ба хурӯш меоранд.

Ғазали классикӣ қолаби шеъри ишқӣ буда, асосан тавсифи ҳусни расои маъшуқа, дарду дармони муҳаббат ва эҳсоси шоирро мунъакис месозад. Аз ин лиҳоз, Ҷомии бузург ғазалро беҳтарин марвориди сухан меномид. Ғазалҳои ӯ ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам аз ҳайси мазмун устодона буда, аксари онҳоро ғазалҳои ҳафтбайтӣ ташкил медиҳад. Дарду изтироби дар ғазал ифодаёфтаи ошиқ шеърро аз рангу бӯйи шодкомиву шодмониҳо дур намеандозад. Шоир мутобиқи мизони зебоисандии адабиёти давр аз қувваю ҷазабаи шуру ҷунун ва ғаму андуҳи хеш лаззат мебарад. Дар айни ҳол, ишқу муҳаббат барои вай идест, ки хушиҳои онро мехоҳад. Вай ҳамчун таронасароёни ишқ ба монанди Ҳофизи Шерозӣ назарияи ишқи кулро ҳамчун аксари вуҷуд, хамирмояи сиришту пайванди ҳастӣ ва манбаи ғаму шодӣ пазируфта, онро қадиму ҷовидонӣ мешуморад. Ҳамзамон, эътироф мекунад, ки ишқ мисли дарёи жарф ҳамаро фурӯбаранда буда, ҷазабаи ишқ ба наҳанги ҷаҳоношом монанд аст. Ва маҳз ҳамин ишқ султони ҳафт иқлим, подшоҳи кишвари дил аст (Ишқ, ки рақси фалак аз нури ӯст, -Хони суханро намак аз шӯри ӯст), балки тамоми мавҷудот туфайли он мебошад.

Аз ин лиҳоз, худи ошиқ ҳам таслими мабдаи аввал буда, чун таҷаллигоҳи нури ишқ, покбозу ҷонбоз ва дур аз ҳавасу ғараз бояд бошад, барои бақо ёфтан дар роҳи ишқ фано гардида ва

барҳақ чунин ишқро барои рушду камол ба тарёку афёну бода эҳтиёҷ нест. Соҳиби чунин ишқ, албатта ба висол ҳам хоҳад расид:

Раҳ ба кӯйи висол осон аст,
Гар кунад нури ишқ роҳбарӣ [1, с. 373].

Аз ин сабаб Ҷомии бузург тарҳи беҳтарин қисмати осори худро аз хамираи ишқ рехта, ҳам дар ашъори лирикӣ, ҳам дар достони «Ҳафтавранг» ва ҳам дар «Баҳористон» аз муҳаббати поки инсонӣ сухан меравад. Ин аст, ки саргузаштҳои ишқии Юсуф ва Зулайхо, Лайлӣ ва Маҷнун, Саломон ва Абсол ва амсоли онҳо ба ҳам робитаи қавӣ доранд.

Мавзуи ғазалҳои ишқии Ҷомӣ гуногун буда, тасвири воридоти мухталифи ҳусн, тамоми лаҳзаҳои ишқи инсонӣ, кайфияти руҳонии дилбохтагон, ҷамоли маъшуқа ва монанди инро фаро мегирад. Дар ғазалиёти Ҷомӣ, ки инъикоси бадеии ормонҳои замони ӯянд, баёни ғами ҷонгудози ҳичрон, кӯтоҳии лаҳзаи висол, ранҷи носабурӣ, ҳасрати маҳрумӣ (Бе лаъли ту дил даруни сина, - Хун аст чу май дар обгина) ва амсоли ин, ки ишқро ба фоҷиа мубаддал мегардониданд, мақоми бештаре дорад.

Ҳаминро бояд таъкид кард, ки ғазалҳои Ҷомӣ мисли бисёр муосирони ӯ -Биноӣ, Ҳотифӣ, Осафӣ ва дигарон танҳо ба тасвири андуҳу бадбахтии ошиқон маҳдуд нашуда, лаҳзаҳои шодибахшро, низ зиёд фаро гирифта, хаёлпардозиҳои ӯ хусусияти некбинона - оптимистона мегиранд. Аз ин навъ мазмунҳо Ҷомӣ гоҳе ғазалҳои сужетдор таҳ мерезад:

Чу лаб ба кӯза ниҳӣ, кӯзаи набот шавад,
Зи кӯза қатра чакад, чашмаи ҳаёт шавад.
Ниҳода чашм ба роҳи ту мунтазир Ҷомӣ,
Ки бигзарӣ ба сари ӯву хоки пот шавад [1, с. 210].

Ин ғазал аз ҷиҳати истифодаи санъатҳои бадеӣ ниҳоят ғанӣ буда, хусусан ба кор бурдани навъҳои гуногуни ташбеҳ, истиора, маҷоз ва амсоли инҳо ҳамчун падидаи аълои санъат арзи зуҳур мекунад. Онро бидуни ҳаяҷон, шӯру шавқ ва ҷазаба хондану шунуфтан мумкин нест.

Ҷавҳари ғазалиёти ошиқонаи Ҷомиро низ мисли ғазалҳои Саъдию Хусрав ва Ҳофизу Камол тасвири ҳусну ҷамол, нозу истиғно ва ҷафокориҳои маъшуқа ташкил мекунад. Маъшуқаи нигоштаи Ҷомӣ чун мазҳари камоли зебоӣ ва султони кишвари ҳусн ниҳоят нозук аст (Бар он андоми нозук чун писандам бори пироҳан, Ки бар вай сояи гулбарг ҳам донам гарон ояд) некӯрӯю некӯхулқ аст.

Як даста ғазалҳои Ҷомӣ саропо аз андарзу мавъиза иборат буда, шоир дар онҳо аз каҷравии фалаки каҷрафтор, тангнои ҷаҳони пуршару шӯр, дунпарварии замон ва ҷаври рӯзгор фарёд бароварда, аз касодии бозори илму ҳунар ва хору залил гардидани аҳли тамиз лаб ба шиква мекушояд. Найранги аҳли тазвир ва бадомӯзиҳои ин гурӯҳи сияҳкори ҷомеаро ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Мардумро огоҳ менамояд, ки ба насабпарастӣ, ҷоҳу мол ва забардастии худ фирефта нашаванд, аз хештанпарастӣ ва мардумозорӣ барҳазар бошанд. Ғами бечорагону бенавоён ва ситамдидагонро бихӯранд. Ҳарчанд баъзе ғазалҳои ӯ оҳанги насиҳати суфиёнаро гирифта бошанд ҳам, ба самимият ва нишонрас будани онҳо ҷойи шубҳа нест. Таваҷҷуҳ фармоед:

Дило, зи қайди ҳарифони бехирад бигрез,
Ту мурғи зиракӣ, аз доми деву дад бигрез.
Қабули суҳбати некон агар найи боре,
Яке бикӯшу зи ҳамсуҳбатони бад бигрез…
Хамирмояи ҳар неку бад туӣ, Ҷомӣ,
Халосӣ аз ҳама мебоядат, ки х (в) ад бигрез [1, с. 233].

Танқиди сӯфиёну шайхони риёӣ, зоҳидону обидони ҳиллагар, воизони дурӯя ва амсоли инҳо дар ғазалиёти иҷтимоии устод Ҷомӣ хеле пуркувват садо медиҳанд. Зеро кирдору рафтори онҳо ҳам ба мафкураю зиндагии шахсии шоир, ҳам ба марому орзуи ошиқи нигошта ва қаҳрамони лирикии ӯ зид буд. Вай ҳар замон мавриди мувофиқе ёфта, ҳам дар ғазалҳои ошиқонаи худ ва ҳам дар ғазалҳои иҷтимоии хеш бар зидди ин гурӯҳи муфтхӯр хурӯҷ мекунад. Аз аблаҳии зумраи шайхтарошу шайхфурӯш ба фиғон меояд, тазвиргарии онҳоро фош менамояд. Вале ҳамаи инро ӯ чунонки Ҳофиз мекард дар пардаи ақоиди риндӣ, рамзҳои ирфонӣ ва андешаҳои омехта ифода менамояд. Ин маънӣ дар мисраъҳои ғазали зерин ошкоро ба мушоҳида мерасад:

Лофи ҷамъияти дил мезанӣ, эй шайх, вале,
Пой то фарқ ҳама тафриқаву васвосӣ…
То зи сарчашмаи ирфон нахӯрӣ оби ҳаёт,
Мурдаӣ, гар ба масал Хизр в-агар Илёсӣ.
Муҳтасиб рӯбаҳи вақт аст, гар аз ҳиллаву макр,
Ҳамлаи шер кунад Ҷомӣ аз ӯ наҳросӣ [2, с. 234].

Дар байтҳои зикргардида, ҳиллагарӣ ва маккории шайхи муҳтасиб ба назар мерасад. Ба ин монанд, бисёр ғазалҳои дар танқиди руҳониён навиштаи Ҷомӣ ба ҳамин услуб навишта шудаанд.

Дар бисёр ғазалҳои ин устоди сухан лафз ҳамчун масолеҳи асосии бунёди ғазал ва омили балоғату фасоҳати шеър моҳирона ба кор бурда шудааст. Ҷомӣ ҳангоми сурудани ғазал, ки шеъри рамзпарвари ифодакунандаи самимитарин ҳаяҷони қалбии инсони ошиқ аст, барои расидан ба мақсад аз суханҳои одӣ, рамз, киноя, маҷоз, ташбеҳ, истиора, тавсиф, ташхис, муболиға, ҳикматҳо, образҳои анъанавӣ ва амсоли инҳо фаровон ва бамаврид истифода мебарад. Дараҷаи истеъмоли ҳар як кадоме аз ин унсурҳои баён ба мавзуъ ва тарзи нигориши шоир вобаста буда, аксар ӯ ин масолеҳро аз рӯйи назари эстетикии худ бо хаёли баланд ва мантиқи қавӣ ба ҳам мепайвандад. Чунончи:

Чун хоста мусаввир тасвири абрӯи ту,
Бар офтоби тобон мушкин ҳилол баста.

Эй туро аз гули сероб тане нозуктар,
Бар тан аз барги суман пироҳане нозуктар [4, с. 230].

Чи тавре ки аён аст, дар татбиқи ҳунари бадеии анъанавии классикии тоҷику форс Ҷомӣ аз шоирони ниҳоят забардаст буда, ҳар як мисраъ ва ҳар як байти худро заргарона ҳотамкорӣ мекунад ва онро бо ҷавҳари лафзӣ ва асоси маънӣ ороста, арӯси суханро бо ҳусни тамом ҷилва медиҳад.

Ба назар мерасад, ки ин абармарди сухан аз санъатҳои шеърӣ хусусан аз маҷоз, муболиға, ташбеҳ, истиора моҳирона ва фаровон истифода мебарад. Шоир воситаҳои тасвири баёнро бо қувваи халлоқонаи хеш дар коргоҳи пиндори худ бо тарҳи нав ва биниши нозуки эҷодӣ офаридааст. Яъне ӯ матлабро тарзе тарҳ мерезад, ки алҳақ мантиқи нав пазируфта, чун ҳақиқати бадеӣ қабул карда мешавад. Чунончи мебинем:

Баски дар ҳар манзиле ояд зи чашмам сели ашк,
Хаймаҳо дар дидаи мардум намояд чун ҳубоб.
Чароғи айши ман аз тундбоди ҳаҷри ту мурд,
Биё-биё, ки зи шамъи рухат барафрӯзам [4, с. 237].

Чӣ тавре маълум аст, маҷозро Ҷомӣ ҳам барои тасвири ҳолатҳои мухталифи руҳонии ошиқу қаҳрамони лирикӣ ва эҳсосоти ботинии онҳо, ҳам барои пеши назар овардани чеҳраи маъшуқа, ҳусни оламоро, нозу итоб ва ҷафоҳои ӯ, ҳам барои нишон додани муносибати саркардагони замон бо дилдодагон ва ғайра ба кор мебарад.

Албатта, ҳамаи мисолҳои овардашуда ба ҳукми муште аз хирвор мебошанд. Аммо худи ҳамин ҳам барои дарки истеъмоли фаровон ва рангорангии маҷозу дигар санъатҳои шеърӣ дар ғазалиёти Ҷомӣ, ки ба он тобиши хаёлпардозона медиҳанд, басанда аст.

Чӣ тавре ки аз назар гузаронидем, дар ғазалиёти Абдураҳмони Ҷомӣ васфи ишқ, ошиқу маъшуқ, маҳбубу маҳбуба ва монанди инҳо дар саросари ашъори Ҷомӣ ба таври фаровон ба чашм мерасад. Бояд тазаккур дод, ки вожаи ишқ аз нигоҳи Ҷомӣ ба маъноҳои ишқи илоҳӣ, ишқи ирфонӣ ва ишқи поки инсонӣ омадааст.

Ва басо ҷолиб аст, ки доир ба паҳноҳои гуногуни ишқ ва ҷилваҳои он дури якто - Ишқ шоир бо ҳазорон ранг тасвир кардааст. Ба қавли худи Ҷомӣ:

Ҳазор қофила пайдарпай аст дар раҳи ишқ,
Аҷабтар он ки пайи як раванди пайдо нест [13, с. 107].

Хулоса, Абдураҳмони Ҷомӣ дар ғазалиёти дилошӯби худ мавзуъҳои ҷовидонаи ишқ, илмомӯзӣ, ҳунаромӯзӣ, ахлоқи ҳамида, вафодорӣ, меҳнатдӯстӣ ва амсоли инҳоро самимона

тараннум намуда, ба руҳу ҷони хонанда таскину кайфияти маънавӣ мебахшад. Ва дар ташаккули маънавиёти инсони комил имрӯзу фардо низ мусоидат хоҳад кард.

Доир ба фаъолияти шоирӣ ва олимии ин мутафаккиру орифи бузург андешаронӣ кардем, эҷодиёти пурғановати устод Абдураҳмони Ҷомӣ як давраи бартамоми адабиёти тоҷику форсро бо тамоми анъанаҳои эстетикӣ-адабӣ ва ғояҳои роиҷи иҷтимоиву ахлоқияш муҷассаму ҷамъбаст менамояд. Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун ҳунарвари донову тавоно дар осори илмиву адабии худ тамоми зиддиятҳои давру замонашро устокорона мунъакис кардааст. Вале бояд таъкид намоем, ки Ҷомии санъаткор ва Ҷомии руҳонӣ аз ҳамдигар андаке фарқ доранд. Бо вуҷуди ин ҳамеша паҳнои назари фалсафию гуманистии Ҷомии хирадманду олим ва ҷаҳони ғаниву рангини Ҷомии ҳунарманди беҳамто аз маҳдудиятҳои Ҷомии сӯфӣ баландтару ғолибтаранд. Ба ин маънӣ қисмати асосии осори безаволи шоир, аз ҷумла осори лирикӣ, достонҳои беназири «Ҳафтавранг» ва «Баҳористон»-ро барои имрӯзиёну ояндагон бақо додааст ва Ҷомии бузург маҳз бо ҳамин асарҳояш адиби беназир ҳамзамон ҳаммароми мою ояндагон гардидааст.

Устод Ҷомӣ шоир ва мутафаккири бузургест, ки тамоми эҷодиёти худро ба васфи инсони комил ва ба манфиати мардум бахшида, дар асарҳои ҷовидонааш инсонпарвариву маърифат ва дӯстиро тарғиб намудааст. Дар эҷодиёти ӯ эҳтироми бузург ба намояндагони халқҳои гуногуннажод ва тамаддуни умумибашарӣ, ки аз он ба таври фаровон баҳра бардоштааст, нақши хоса дорад, бинобар ҳамин, табиист, ки осори ӯ дар тули асрҳо тамоми мамлакатҳои мутамаддинро тасхир сохта, дар дили мардумони олам ҷо гирифтааст. Онҳо осори ӯро ҳам дар асл ва ҳам дар тарҷума мехонанд. Ин аст, ки мо гуфта метавонем, ки Абдураҳмони Ҷомӣ шоири миллӣ ва умумибашарӣ аст.

Барои шоири миллӣ будан Ҷомиро, ки ифодакунандаи андешаву эҳсосоти мардуми тоҷик буда, асарҳояш таҷассуми хусусиятҳои тафаккури бадеии он мебошанд, ба исбот расонидан ва далели санад лозим нест. Фақат гуфтан кофист, ки гуфтори Ҷомиро тоҷикон ва мардумони форсизабон дар тамоми мавридҳои зиндагӣ боэътимод ба кор мебаранд. Намунаҳои эҷодиёти ӯ кайҳо боз ба фолклор гузашта, моли халқ гардидааст. Дар давоми 600 сол осори Ҷомӣ беш аз осори ҳар адиби дигар нашр гардида, имрӯз нусхаҳои он дар тамоми кураи замин паҳн шудаанд. Осори Абдураҳмони Ҷомӣ ба мисли Саъдӣ ва Ҳофиз аз ҳама зиёдтар нашр шудааст. Асарҳои Ҷомӣ чун намунаи ибрат ба силсилаи шоирон Навоӣ, Ҳилолӣ, Сайидо, Соиб, Шоҳин, Аҳмади Дониш, С.Айнӣ ва даҳҳо шоирони тоҷику форс илҳом бахшидааст.

Аз замони зиндагии Ҷомӣ то ба имрӯз асарҳои шоир чандин бор ба забонҳои халқҳои Шарқу Ғарб тарҷума шудаанд. Аврупоиён низ бо осори Ҷомӣ зиёда аз 200 сол боз шиносанд. Аввалин бор ин кор аз тарҷумаи лотинии мухтасари «Баҳористон» шуруъ шуда буд, ки он ба соли 1778 дар Вена рост меояд. Баъди ин пайи ҳам аврупоиён бо осори ҳакимонаи Ҷомӣ шинос шудан гирифтанд. Ба ғайр аз тарҷумаҳои нопурра, таҳрирҳои мансури достонҳо, намунаҳо аз хрестоматияҳои антологияҳо ба се забони маъруфи аврупоӣ: фаронсавӣ, англисӣ, немисӣ сурат гирифт. Дар замони муосир дар миқёси олам эътибори Ҷомӣ боз ҳам афзуда, дар баробари таҷдиди нашри тарҷумаҳои пешин боз тарҷумаҳои нави осори Ҷомӣ ба майдон омад.

Халқи рус бо осори Ҷомӣ аз охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX боз шинос буда, то солҳои 1935 намунаҳои эҷодиёти Ҷомӣ дар матбуот ва маҷмуаҳои умумӣ нашр мешуданд. Дар ин роҳ нашри осори чорҷилдаи Ҷомӣ ва куллиёти бисёрҷилдаи ӯ дастоварди муҳимме ба шумор меравад. Ин ҳама аз бузургӣ ва адиби милливу байналмиллалӣ будани ин абармарди сухан гувоҳӣ медиҳад, дар осори худ масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву ахлоқии бани башарро ҳамчун гуманисти бузург пеш гузоштааст.

Ба ҳамин тариқ, осори пурғановати илмию адабии ин шоир, мутафаккир ва орифи бузург аҳаммияти умумиҷаҳонӣ ва таърихӣ дорад. Бузургии устод Ҷомӣ дар он ҳам зоҳир мегардад, ки ӯ дар осори лирикӣ ва достонҳои худ мавзуи ишқи улвӣ, инсониро чун як чизи воҳид ва ягона тасвир карда, дар маркази мавҷудоти олам инсони комилро гузоштааст, ки ӯ қодир аст дунёро ободу зебо гардонад. Ба ин маънӣ ҳангоми таҳлилу баррасии эҷодиёти доманадори ин шоири бузург мо бояд аз ҳарду дидгоҳ назар андозем. Якум, аз назари биниши фарозаминӣ - улвӣ, яъне ирфонӣ. Дуюм, аз назари инсонгароӣ ва мардумсолорӣ, яъне заминӣ. Дар пайванди ана ҳамин ду

ришта мо симои бузургу дурахшони ин устоди камназир Абдураҳмони Ҷомиро доимо пеши назар меорем.

Чи тавре ки аз назар гузаронидем, дар гузашта ва имрӯз ҳам бисёре аз шоирону пажуҳишгарони тоҷику форс, Ҳинду Покистон ва дигар мамолики олам аз афкору орои Ҷомӣ суд мечӯянд, аз шеъру суханаш баҳра мебардоранд, ба ваҷд меоянд ва даст ба ситоишаш мезананд.

Адабиёт:

1. Афсаҳзод А.Ҷомӣ - адиб ва мутафаккир. // А. Афсаҳзод. Душанбе, «Ирфон». 1989, 376 саҳ.
2. Афсаҳзод А. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ. // А. Афсаҳзод. Душанбе-1980.
3. Мирзоев А. Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ. // А. Мирзоев. Душанбе, 1968.
4. Нуров А. Фарҳанги осори Ҷомӣ. ҷилди 1. // А. Нуров. Душанбе, 1983.
5. Раҳим Ҳошим. Абдураҳмони Ҷомӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. // Ҳошим Раҳим. Душанбе. 1965.
6. Сатторов А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ. // А. Сатторов. Душанбе, 1975.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Москва, ҷ. 2. 1969.
8. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор. ҷ.1. // А. Ҷомӣ. Душанбе. «Ирфон», 1978.
9. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор. ҷ. 2. // А. Ҷомӣ. Душанбе «Ирфон», 1986.
10. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор. ҷ.3. // А. Ҷомӣ. Душанбе «Адиб», 1987.
11. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор. ҷ.4. // А. Ҷомӣ. Душанбе. «Адиб», 1988.
12. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор. ҷ.6. // А. Ҷомӣ. Душанбе. «Адиб», 1988.
13. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор. ҷ.7. // А. Ҷомӣ. Душанбе. «Адиб», 1989.
14. Ҷомӣ Абдураҳмон. Панду ҳикматҳо. // А. Ҷомӣ. Душанбе. «Ирфон», 1989.
15. Энсиклопедияи советии тоҷик. 7,8. Душанбе, 1988, 591 саҳ. 495- 498.

ПОЭТИКАИ ҒАЗАЛ ВА КОНСЕПСИЯИ ИШҚ ДАР ОСОРӢ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Мақола ба баррасии ҳаёт, фаъолияти адабӣ ва хусусиятҳои ғазалиёти шоири бузурги тоҷику форс Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст. Муаллиф ҷойгоҳ ва мақоми Ҷомиро дар таърихи адабиёти классикии тоҷику форс нишон дода, нақши ӯро ҳамчун ғазалсарои тавоно ва вассофи ишқ таҳлил менамояд. Дар мақола мавзуъҳои асосии ғазалиёти Ҷомӣ, аз ҷумла ишқи илоҳӣ, ирфонӣ ва инсонӣ, андешаҳои ахлоқиву тарбиявӣ, инсонпарварӣ ва маърифатпарварӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, хусусиятҳои бадеии ғазалҳои шоир, аз қабили истифодаи ташбеҳ, истиора, маҷоз ва дигар санъатҳои суханварӣ бо овардани намунаҳо шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки эҷодиёти Ҷомӣ дорои аҳаммияти бузурги адабӣ, ахлоқӣ ва умумибашарӣ буда, дар ташаккули маънавиёти инсон ва рушди адабиёти тоҷику форс саҳми арзишманд гузоштааст.

Калидвожаҳо: Абдураҳмони Ҷомӣ, ғазал, ишқ, ғазалиёти ошиқона, санъатҳои бадеӣ, адабиёти тоҷику форс, инсонпарварӣ, ирфон, маърифат, инсони комил.

ПОЭТИКА ГАЗЕЛИ И КОНЦЕПЦИЯ ЛЮБВИ В ТВОРЧЕСТВЕ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

Статья посвящена рассмотрению жизни, литературной деятельности и особенностей газелей великого таджикско-персидского поэта Абдурахмана Джами. Автор раскрывает место и значение Джами в истории классической таджикско-персидской литературы, анализируя его роль как выдающегося мастера газели и певца любви. В статье исследуются основные темы газелей Джами, включая божественную, ирфаническую и человеческую любовь, нравственно-воспитательные идеи, гуманизм и просветительство. Также рассматриваются художественные особенности его газелей, в частности использование

сравнений, метафор, иносказаний и других поэтических средств на основе конкретных примеров.

Автор приходит к выводу, что творчество Джами обладает высокой литературной, нравственной и общечеловеческой значимостью, внесло ценный вклад в формирование духовного мира человека и развитие таджикско-персидской литературы.

Ключевые слова: Абдурахман Джами, газель, любовь, лирика, художественные средство, таджикско-персидская литература, гуманизм, ирфан, просвитительство, совершенный человек.

POETICS OF THE GHAZAL AND THE CONCEPT OF LOVE IN THE WORKS OF ABDURAHMAN JAMI

This article examines the life, literary activity, and distinctive features of the ghazals of Abdurahman Jami, the great Tajik-Persian poet. The author highlights Jami's place and significance in the history of classical Tajik-Persian literature and analyzes his role as an outstanding ghazal poet and a celebrated singer of love. The study explores the major themes of Jami's ghazals, including divine, mystical, and human love, as well as moral and educational ideas, humanism, and enlightenment. Particular attention is paid to the artistic features of his poetry, such as the use of simile, metaphor, allegory, and other literary devices, illustrated through representative examples.

The author concludes that Jami's literary heritage possesses great literary, ethical, and universal value and has made a significant contribution to the spiritual development of humanity and the advancement of Tajik-Persian literature.

Keywords: Abdurahman Jami, ghazal, love, love lyrics, literary devices, Tajik-Persian literature, humanism, mysticism, enlightenment, perfect human.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Тел.: (+992) 934339600

Сведения об авторе: Мирзоева Махтовби Мустафоевна, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (+992) 934339600

Information about the author: Mirzoeva Makhtovbi Mustafaevna, candidate of philological sciences, senior lecturer in the department of tajik literature at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Tel.: (+992) 934339600

Муқарриз: Валиева Ҳ.С., н.и.ф., муаллими калон Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

УДК:070.50
ББК:481.26
С- 33

ЦИФРОВАЯ ЭРА ТЕЛЕВИДЕНИЯ: ИЗМЕНЕНИЕ РОЛИ ТЕЛЕВИЗИОННОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ В ФОРМИРОВАНИИ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ И МЕЖДУНАРОДНОЙ ПОЛИТИКЕ

Сафарзода М.Н., доктор философии (PhD),
доктор по специальности журналистика, доцент,
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Современная телевизионная журналистика в эпоху цифровизации сталкивается с серьезными изменениями, направленными на ее роль, функции и социальное воздействие. В последние годы телевидение и цифровые медиа находятся в процессе интеграции, формируя новый тип взаимодействия между журналистами и аудиторией. В первую очередь, это обусловлено быстрым развитием цифровых технологий, меняющих традиционные подходы к производству и распространению контента. В настоящее время телевидение и цифровые медиа находятся в процессе интеграции, создавая новый тип взаимодействия между журналистами и аудиторией, что приводит к повышению оперативности подачи новостей и увеличению доступности информации. Социальные сети и платформы для обмена видеофайлами обеспечивают возможность мгновенного обмена информацией, что позволяет телевизионной журналистике не только расширить охват аудитории, но и адаптироваться к её запросам, предоставляя более интерактивный и персонализированный контент.

Кроме того, изменения каналов коммуникации и расширение влияния социальных сетей укрепляют роль телевидения как медиаплатформы, обладающей потенциально значительным политическим и культурным воздействием. В условиях цифровой революции телевизионная журналистика становится не просто носителем информации, но и активным участником политических процессов. Это выражается в усилении её влияния на формирование общественного мнения, национальной идентичности и культурных ценностей. Например, цифровая среда позволяет телевидению оперативно и широко транслировать позиции и мнения по социально значимым вопросам, что активно способствует формированию политических настроений и общественного консенсуса.

Таким образом, анализ трансформаций телевизионной журналистики в условиях цифровизации требует комплексного подхода, учитывающего её влияние на политические, международные и социокультурные процессы. Телевидение сегодня активно влияет на процессы глобализации, создавая единое информационное пространство, в котором транслируются не только новости, но и культурные, социальные и политические ценности. С одной стороны, это усиливает интеграцию мирового сообщества, способствуя взаимопониманию между культурами, с другой — создаёт дополнительные вызовы, связанные с поддержанием национальных интересов и культурной самобытности в условиях глобального информационного потока.

В эпоху цифровизации роль телевизионной журналистики значительно трансформировалась, и сегодня она уже не просто отражает происходящие события, но активно влияет на восприятие аудитории, социальные и культурные нормы, а также на политический ландшафт. Теория медиатизации, предложенная социологом Стэном Ливингстоном, объясняет этот феномен, подчеркивая, что медиа превращаются в полноценного участника политической и социальной жизни [12, с. 35] Телевидение, особенно в цифровую эпоху, превратилось в мощный инструмент формирования общественного мнения, задающий рамки восприятия не только новостей, но и более глубинных социальных и культурных вопросов, таких как идентичность, общественные ценности и политические предпочтения.

По мнению С. Ливингстона, «медиатизация — это процесс, в рамках которого средства массовой информации влияют на организацию и восприятие социальных событий» [12, с. 42]. В связи с этим, как отмечают исследователи Дэвид Олстром и Энтони Гидденс, «телевидение и другие массмедиа не только формируют содержание информационного пространства, но и интерпретацию событий, создавая «вторичную реальность» [4, с. 112]. «Журналисты и медиаменеджеры-, согласно взглядам Пьера Бурдьё, становятся частью этой системы, поскольку телевизионная журналистика посредством отбора и интерпретации событий формирует в сознании зрителей заранее определенные рамки понимания» [2, с. 78].

Процесс медиатизации предполагает, что медиа, включая телевидение, «управляют» событиями, создавая уникальный контекст для их восприятия. Согласно идеям Юргена Хабермаса, «медиа играют роль публичного пространства, в котором формируются и обогащаются социальные дискурсы» [17, с. 89]. При этом телевизионная журналистика уже не просто распространяет информацию, но и активно влияет на её интерпретацию, интегрируя события в культурный и политический ландшафт общества. С другой стороны, теоретик Жан Бодрийяр указывает на то, что «телевидение в условиях медиатизации создает «гиперреальность» — пространство, где реальность и ее символическое восприятие сливаются воедино» [1, с. 45].

Этот процесс также поддерживает Ричард Джонсон, подчеркивая, что «медиа создают рамки (фреймы) для восприятия социальных конфликтов и политических событий» [6, с. 64].

Энтони Даунс добавляет, что «медиа не просто транслируют информацию, но и определяют структуру информационной повестки» [7, с. 153] а Майкл Шудсон отмечает, что «телевизионная журналистика действует как «зеркало», одновременно отражая и усиливая социальные нормы» [21, с. 91].

Теория медиатизации, разработанная Стэном Ливингстоном, и её расширенные трактовки другими учёными подчеркивают, что медиа играют ключевую роль в современной политике и общественной жизни, формируя уникальное пространство, в котором социальные и культурные нормы преобразуются под влиянием телевизионного контента.

Телевизионная журналистика, взаимодействуя с цифровыми платформами, претерпевает кардинальные изменения, становясь частью так называемого медиапространства, которое охватывает не только традиционные СМИ, но и социальные сети, мобильные приложения, новостные порталы и онлайн-видеоплатформы. Это «гибридное медиа», как отмечают исследователи медиа, становится мощным средством для расширения информационного воздействия телевидения. Современное телевидение в цифровых сетях функционирует с использованием теории «гибридных медиа» Эндрю Чэдвика, согласно которой традиционные и цифровые средства массовой информации взаимно усиливают друг друга [19, с. 207].

В то же время в контексте «мягкой силы» (Soft Power), предложенной Джозефом Наем, телевидение является важным инструментом продвижения культуры и формирования положительного имиджа страны на международной арене [13, с. 99]. В условиях цифровизации и глобализации телевидение становится основным инструментом «мягкой силы», так как оно позволяет государствам делиться своей культурой и ценностями на широкой международной арене, способствуя укреплению их политического влияния и поддержанию позитивного имиджа.

Телевидение в рамках «мягкой силы» выполняет ключевую функцию в продвижении культурных и политических идеалов, становясь одним из наиболее мощных средств формирования восприятия страны за рубежом. Ярким примером успешного применения телевидения в стратегии «мягкой силы» является американский телеканал CNN, который с момента своего создания стремился не только освещать события, но и транслировать демократические идеалы и идеи свободы слова. Как отмечают исследователи медиавлияния, такой подход позволяет США укреплять свои политические позиции за рубежом, формируя

у зрителей позитивное восприятие американских ценностей, что способствует улучшению дипломатических отношений и росту доверия к государственным институтам США.

Международное вещание каналов, таких как CNN, выполняет функцию создания привлекательного образа страны, который способствует усилению её влияния и политических интересов на международной арене. Телевизионные каналы, включая такие как RT в России или CCTV в Китае, активно используют стратегию «мягкой силы», чтобы представлять национальные взгляды на глобальные события и противостоять западной медиаповестке. Как подчеркивают исследователи, такие каналы не только информируют, но и формируют нарративы, направленные на укрепление положительного имиджа своих стран, что играет важную роль в публичной дипломатии. В условиях глобальной медиаконкуренции телевидение становится инструментом, с помощью которого страны могут выстраивать долгосрочные отношения с международной аудиторией, формируя лояльность и поддержку своих политических позиций.

Телевизионные каналы, такие как российский RT и китайский CCTV, также играют ключевую роль в продвижении национальных интересов своих стран на международной арене. RT (ранее известный как Russia Today) ориентирован на представление российской точки зрения на глобальные события и активно использует телевидение как инструмент «мягкой силы», предлагая альтернативную точку зрения, отличную от западной медиаповестки. Китайский CCTV аналогично стремится распространять положительный образ Китая за рубежом, подчеркивая экономические достижения и культурные традиции страны. В условиях глобализации и конкуренции за международное влияние такие телеканалы становятся важным элементом публичной дипломатии, помогая своим странам формировать благоприятное восприятие на мировой арене.

Современная телевизионная журналистика стала неотъемлемой частью публичной дипломатии, нацеленной на воздействие на международную аудиторию для формирования позитивного имиджа государства и продвижения его интересов. В условиях глобальной медиатизации телевидение обеспечивает не только передачу информации о культурных достижениях, политических инициативах и внешнеполитических приоритетах страны, но и формирование устойчивых образов, соответствующих ценностям и идеалам государства. Этот подход позволяет странам укреплять свои дипломатические позиции и выстраивать долгосрочные, стабильные отношения с международным сообществом.

Телевидение в контексте публичной дипломатии играет значительную роль в создании эмоционально окрашенных образов государства, которые могут существенно повлиять на восприятие иностранной аудитории. Одним из наиболее успешных примеров такого подхода является канал Al Jazeera, чье международное вещание позволяет Катару укреплять свое влияние в информационном поле и продвигать свои политические интересы. Al Jazeera позиционирует Катар как культурный и информационный центр Ближнего Востока, что способствует не только повышению интереса к стране, но и укреплению её дипломатического статуса на мировой арене. Этот пример подтверждает, что телевизионная журналистика, как инструмент публичной дипломатии, может служить мостом между культурными различиями, способствуя развитию дипломатических связей.

Кроме того, интеграция телевизионной журналистики в стратегию публичной дипломатии позволяет государствам не только транслировать официальные позиции, но и создавать так называемую «мягкую силу» за счет показа культурных и гуманитарных инициатив. Телевидение становится платформой для продвижения неформальных политических идей, способствуя формированию у зрителей более глубокого понимания и уважения к стране-инициатору, что играет важную роль в укреплении политических и экономических связей.

Телевизионная журналистика также играет значительную роль в информационных кампаниях и создании нарративов, которые способствуют укреплению позиций государства в международной системе. Информационная война, ставшая важным аспектом современных международных отношений, предполагает использование телевидения для создания

определённого нарратива и формирования общественного мнения за рубежом. Противостояние между российскими и западными медиа является примером информационной войны, где телевидение используется для создания альтернативных версий событий, таких как конфликт на Украине или ситуация в Сирии. В условиях цифровизации информационные кампании становятся ещё более эффективными, так как телевидение может мгновенно распространять информацию и формировать восприятие у широкой аудитории.

Глобализация радикально изменила телевидение, сделав его транснациональной медиаплатформой с возможностью влиять на глобальную аудиторию, выходя далеко за рамки национальных границ [3, с. 34]. Телевизионные каналы, такие как BBC и CNN, стали признанными международными медиабрендами, которые не только устанавливают стандарты качества, но и оказывают значительное влияние на журналистику в других странах. В условиях глобализации такие медиабренды играют роль своеобразных эталонов, к которым тяготеют как зрители, так и представители журналистской профессии по всему миру, тем самым стимулируя трансформацию телевидения в международное культурное пространство.

Сущность глобализации требует от телевидения не только следовать за интересами и предпочтениями зрителей, но и адаптировать контент, учитывая культурные и социальные особенности различных стран и регионов [3, с. 42]. Это превращает телевидение в уникальный инструмент культурного обмена, где программы создаются с учётом многообразия аудитории. При этом глобальные каналы выступают своеобразными «амбассадорами» ценностей и культурных особенностей своих стран, способствуя их распространению за рубежом и формируя международное восприятие культуры и политики.

Тем не менее, глобализация ставит перед телевидением множество вызовов, включая борьбу за контроль над медийным пространством, что обусловлено конкуренцией крупных медиакомпаний [11, с. 76]. Это нередко приводит к культурному доминированию и усилению позиций глобальных брендов, способных вытеснять локальные СМИ. В результате такие транснациональные медиа могут размывать национальную идентичность, формируя стандарты и ценности, которые могут вступать в противоречие с культурными кодами отдельных стран.

Глобализация усиливает роль телевидения как инструмента продвижения политических интересов и формирования общественного мнения на международной арене [18, с. 112]. Крупные глобальные медиа, такие как CNN, BBC и Al Jazeera, освещают мировые события с разными акцентами, формируя восприятие аудитории в зависимости от политической повестки своих стран и интересов. Эти телеканалы играют важную роль в интернационализации политических процессов, представляя события через призму своих национальных взглядов, тем самым способствуя усилению влияния стран, откуда они вещают [20, с. 49].

Такая интернационализация посредством телевидения способствует формированию общего информационного пространства, где зрители разных стран воспринимают одни и те же события под влиянием глобальных каналов. Это помогает продвигать определённые политические позиции, создавая консенсус или, напротив, поляризацию на мировом уровне. Так, освещение военных конфликтов, экологических катастроф или экономических кризисов становится механизмом воздействия на международное общественное мнение, формируя глобальные политические настроения и зачастую направляя общественную реакцию на события.

Однако глобализация создает условия для роста конкуренции между каналами, что вынуждает их разрабатывать стратегию локализации контента. В условиях культурного разнообразия глобальные СМИ вынуждены адаптировать свои программы, учитывая интересы различных культурных групп и национальные особенности [10, с. 124]. Такая конкуренция приводит к необходимости не только привлекать аудиторию, но и создавать контент, который бы соблюдал баланс между международной значимостью и локальными предпочтениями, чтобы сохранять доверие зрителей по всему миру.

Конвергенция медиа, характеризующаяся объединением различных медийных форматов и платформ, в корне меняет телевидение, делая его более доступным, интерактивным и ориентированным на многоканальное присутствие. Традиционные телевизионные каналы начинают активно внедрять цифровые технологии и возможности интернета, что позволяет зрителям смотреть их контент на различных устройствах — от компьютеров до смартфонов и планшетов [8, с. 142]. Такое слияние медиаформатов помогает телевидению расширить свою аудиторию, предоставляя больше возможностей для потребления контента в удобное для зрителей время и месте.

С этим расширением доступности телевидение перестает быть односторонним источником информации и превращается в интерактивную платформу. Теперь зритель не просто принимает информацию, но становится активным участником, который может взаимодействовать с контентом через социальные сети и мультимедийные платформы. Телевизионные каналы, такие как BBC и CNN, активно используют социальные сети для продвижения своих программ, создавая дополнительные возможности для обсуждений и комментариев. Это позволяет не только увеличить охват, но и привлечь аудиторию к участию в формировании медийной повестки, делая их частью дискуссий, которые освещает телеканал [14, с. 102].

Конвергенция также накладывает новые требования на телевизионных журналистов, которые теперь должны не только уметь работать с традиционными форматами, но и обладать навыками создания и адаптации контента для цифровых и интерактивных платформ. Журналисты должны быстро осваивать мультимедийные технологии и управлять разными типами контента, чтобы эффективно донести информацию до широкой и разнородной аудитории. Это делает их работу более сложной, но одновременно более гибкой и соответствующей современным тенденциям, обеспечивая динамичное взаимодействие с аудиторией в эпоху цифровых коммуникаций.

Конвергенция превращает телевидение в гибкий и адаптивный инструмент, способный отвечать на вызовы быстро меняющегося медиа-ландшафта. Современное телевидение, интегрированное с цифровыми платформами и социальными сетями, обеспечивает более динамичное взаимодействие с аудиторией, что позволяет ему оставаться актуальным и востребованным, несмотря на обилие конкурирующих источников информации. Благодаря этому телевидение может более эффективно реагировать на потребности аудитории и поддерживать высокий уровень вовлеченности зрителей в условиях медийного разнообразия.

Телевизионные журналисты в эпоху конвергенции должны обладать широким спектром знаний и навыков. Помимо традиционных навыков создания новостей и видеорепортажей, от них требуется умение работать с мультимедийными платформами, адаптируя контент под специфику различных цифровых каналов. Журналисты сегодня должны учитывать особенности форматов для социальных сетей, мобильных приложений и других цифровых медиа, что требует гибкости, технической грамотности и стратегического мышления. Эти навыки позволяют им делать телевизионный контент более доступным, оперативным и ориентированным на потребности различных слоев аудитории.

Конвергенция также расширяет горизонты телевидения, позволяя охватить широкий спектр тем и социальных аспектов, которые становятся доступными для глобальной аудитории. В условиях глобализации телевидение может адаптировать свои программы для различных культурных и социальных групп, предоставляя каждому зрителю возможность получить информацию, релевантную его интересам и контексту. Это особенно важно для международных каналов, таких как BBC или Al Jazeera, которые работают на разные культурные аудитории, обеспечивая платформу для межкультурного диалога и содействуя глобальной информированности.

Литература:

1. Бодрийяр, Ж. Симулякры и симуляция / Ж. Бодрийяр. — Анн-Арбор: Издательство Мичиганского университета, 1988. — 164 с.

2. Бурдьё, П. О телевидении и журналистике / П. Бурдьё. — Лондон: Pluto Press, 2002. — 112 с.

3. Вартанова, Е.Л. Постсоветские трансформации российских СМИ и журналистики / Е.Л. Вартанова. — 2-е изд., испр. и доп. — Москва: МедиаМир, 2014. — 280 с.

4. Гидденс, Э. Модерн и самоидентичность: я и общество в поздний период модерна / Э. Гидденс. — Стэнфорд: Издательство Стэнфордского университета, 1991. — 264 с.

5. Грабельников, А.А. Русская журналистика на рубеже тысячелетий: итоги и перспективы / А.А. Грабельников. — Москва: Рип-Холдинг, 2001. — 336 с.

6. Даунс, Э. Экономическая теория демократии / Э. Даунс. — Нью-Йорк: Harper and Row, 1972. — 310 с.

7. Джонсон, Р. Медиа и социальные репрезентации: формирование общего знания и понимания / Р. Джонсон. — Лондон: SAGE Publications, 1999. — 224 с.

8. Дугина, О.В. Тенденции развития современного телевидения в условиях конвергенции медиапространства / О.В. Дугина // Вопросы теории и практики журналистики. — 2015. — Т. 4, № 2. — С. 140–152.

9. Засурский, И.И. Масс-медиа второй республики / И.И. Засурский. — Москва: Изд-во МГУ, 1999. — 272 с.

10. Засурский, Я.Н. Искушение свободой. Российский журналист в поисковой орбите / Я.Н. Засурский. — Москва: МГУ, 2007. — 560 с.

11. Кашлев, Ю.Б. Массовая информация и международные отношения / Ю.Б. Кашлев. — Москва: Международные отношения, 2003. — 256 с.

12. Ливингстон, С. Медиатизация: ключевые вопросы исследований медиа / С. Ливингстон. — Кембридж: Издательство Кембриджского университета, 2009. — 210 с.

13. Най, Дж. Мягкая сила: средства достижения успеха в мировой политике / Дж. Най. — Нью-Йорк: PublicAffairs, 2004. — 192 с.

14. Прохоров, Е.П. Введение в теорию журналистики: учебник для студентов вузов / Е.П. Прохоров. — 8-е изд., испр. и доп. — Москва: Аспект Пресс, 2011. — 351 с.

15. Сафарзода, М.Н. Технологияҳои нави телевизионӣ ва таъсири онҳо ба журналистикаи расонаӣ / М.Н. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахши илмҳои гуманитарӣ. – 2026. – No. 2(6). – P. 207-215.

16. Сафарзода, М.Н. Пересмотр формы и содержания телевизионных программ в соответствии с проблемами развития общества / М.Н. Сафарзода // Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Серия: История, педагогика и филология - 2018. - № 1(18). - С. 112-118.

17. Хабермас, Ю. Структурное изменение публичной сферы: исследование категории буржуазного общества / Ю. Хабермас. — Кембридж: MIT Press, 1989. — 301 с.

18. Цыганков, П.А. Международные отношения: теории, конфликты, движения, организации / П.А. Цыганков. — 3-е изд., перераб. и доп. — Москва: Альфа-М, 2011. — 320 с.

19. Чэдвик, Э. Гибридная медиасистема: политика и власть / Э. Чэдвик. — Оксфорд: Издательство Оксфордского университета, 2013. — 288 с.

20. Шестеркина, Л.П. Трансформация телевизионного производства в условиях медиаконвергенции / Л.П. Шестеркина, Т.Д. Николаева // Вестник Южно-Уральского государственного университета. Серия: Социально-гуманитарные науки. — 2012. — № 10 (269). — С. 48–57.

21. Шудсон, М. Социология новостей / М. Шудсон. — Нью-Йорк: W.W. Norton & Company, 2003. — 258 с.

ЦИФРОВАЯ ЭРА ТЕЛЕВИДЕНИЯ: ИЗМЕНЕНИЕ РОЛИ ТЕЛЕВИЗИОННОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ В ФОРМИРОВАНИИ ОБЩЕСТВЕННОГО МНЕНИЯ И МЕЖДУНАРОДНОЙ ПОЛИТИКЕ

Цифровизация изменила природу и роль телевизионной журналистики, сделав её неотъемлемой частью политической и культурной системы современного общества. Телевидение в условиях цифровых технологий выходит за рамки классического медийного инструмента, трансформируясь в мощного актора, активно участвующего в формировании общественного мнения, национальных и глобальных идентичностей, а также в дипломатии и политических процессах. В данной статье рассматривается трансформация телевизионной журналистики как в её организационных структурах, так и в её политической, культурной и социальной роли. Анализируются теоретические основы, включая медиатизацию, конвергенцию медиа и глобализацию, а также ключевые примеры использования телевидения в качестве инструмента «мягкой силы» и публичной дипломатии. Особое внимание уделено взаимодействию телевидения и цифровых платформ, что делает его значимым элементом современной международной системы. В условиях глобализации и медийного влияния телевидение становится ключевым игроком в продвижении политических и культурных интересов государств, способствуя укреплению их позиций на мировой арене и влияя на восприятие зрителей. Теоретические и практические аспекты данной статьи показывают, как цифровизация и глобальные медийные сети меняют ландшафт телевизионной журналистики, усиливая её роль в эпоху информационных технологий и гибридного медиа.

Ключевые слова: цифровизация, телевизионная журналистика, медиатизация, публичная дипломатия, мягкая сила, глобализация, медиаконвергенция, политическое влияние, общественное мнение, культурная идентичность.

АСРИ РАҚАМИИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ: ТАҒЙИРИ НАҚШИ РӮЗНОМАНИГОРИИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ДАР ТАШАККУЛИ АФКОРИ ҶОМЕА ВА СИЁСАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Рақамисозӣ табиати рӯзноманигории телевизиониро тағйир дода, онро ҷузъи ҷудонашавандаи системаи сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир гардонидааст. Телевизион дар шароити технологияҳои рақамӣ аз доираи василаи классикии расонаӣ берун рафта, ба як актиёр табдил ёфтааст, ки дар ташаккули афкори ҷомеа, ҳувиятҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин, дар дипломатия ва равандҳои сиёсӣ нақши фаъол мебозад. Дар ин мақола трансформатсияи рӯзноманигории телевизионӣ ҳам дар сохторҳои ташкилотӣ ва ҳам дар нақшҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии он баррасӣ мешавад. Асосҳои назариявӣ, аз ҷумла медиатизатсия, конвергенсияи медиа ва ҷаҳонишавӣ, инчунин намунаҳои калидии истифодаи телевизион ҳамчун воситаи «қувваи нарм» ва дипломатияи оммавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ба ҳамкории телевизион бо платформаҳои рақамӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст, ки онро як унсури муҳимми низоми байналмилалии муосир мегардонад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири васоити ахбори омма, телевизион ба бозигари калидӣ дар пешбурди манфиатҳои сиёсӣ ва фарҳангии давлатҳо табдил меёбад, ки мавқеи онҳоро дар арсаи ҷаҳонӣ мустаҳкам карда, ба дарки тамошобинон таъсир мерасонад. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ нишон медиҳанд, ки чӣ гуна рақамисозӣ ва шабакаҳои васоити ахбори ҷаҳонӣ манзараи рӯзноманигории телевизиониро тағйир медиҳанд ва нақши онро дар асри технологияҳои иттилоотӣ ва медиаи гибридӣ тақвият медиҳанд.

Калидвожаҳо: рақамисозӣ, рӯзноманигории телевизионӣ, медиатизатсия, дипломатияи оммавӣ, қувваи нарм, ҷаҳонишавӣ, конвергенсияи медиа, таъсири сиёсӣ, афкори ҷомеа, ҳувияти фарҳангӣ.

DIGITAL ERA OF TELEVISION: CHANGING ROLE OF TELEVISION JOURNALISM IN SHAPING PUBLIC OPINION AND INTERNATIONAL POLITICS

Digitalization has transformed the nature and role of television journalism, making it an integral part of the political and cultural systems of modern society. In the digital era, television extends beyond traditional media functions, evolving into a powerful actor actively involved in shaping public opinion, national and global identities, as well as in diplomacy and political processes. This article examines the transformation of television journalism, both in its organizational structures and in its political, cultural, and social roles. It explores theoretical foundations, including mediatization, media convergence, and globalization, alongside key examples of television used as a tool of «soft power» and public diplomacy. Particular attention is given to the interaction between television and digital platforms, which positions television as a significant element in the contemporary international system. In the context of globalization and media influence, television becomes a key player in promoting political and cultural interests of nations, strengthening their standing on the global stage and shaping viewers' perceptions. Theoretical and practical aspects of this article illustrate how digitalization and global media networks reshape the landscape of television journalism, enhancing its role in the age of information technology and hybrid media.

Keywords: digitalization, television journalism, mediatization, public diplomacy, soft power, globalization, media convergence, political influence, public opinion, cultural identity.

Сведения об авторе: Сафарзода Манучехри Наджот, доктор философии (PhD), доктор по специальности журналистики, доцент кафедры журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова - 16. тел.: 918484405, E-mail. nadzhotzoda@mail.ru

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Манучеҳри Наҷот, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров – 16. тел.: 918484405, E-mail. nadzhotzoda@mail.ru

Information about the author: Safarzoda Manuchehri Nadzhot, Doctor of philosophy (phd), doctor in journalism, associate professor of the Department of Journalism of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov street - 16. тel.: 918484405, E-mail. nadzhotzoda@mail.ru

Рецензент: Худойдодова Ш.З., к.ф.н., доцент Кулябский государственный университет имени А. Рудаки

ТДУ: 685 (075.8)
Р-31

ҶАНБАҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ-БАДЕИИ МАВОДИ МАРБУТ БА МАСОИЛИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМИИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Расулзода К.Б., н.и.ф., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ, нақши матбуоти маҳаллӣ дар муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои дорои захираҳои бойи фарҳангӣ, таърихӣ ва табиӣ, тавассути васоити ахбори омма, бахусус матбуоти маҳаллӣ, метавонад мавқеи худро дар бозори сайёҳии миллӣ ва байналмилалӣ таҳким бахшад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷанбаҳои публитсистӣ-бадеии маводи нашршуда оид ба сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Матбуоти маҳаллӣ дар вилояти Хатлон, аз қабили рӯзномаву маҷаллаҳо, яке аз воситаҳои муҳимми иттилоотӣ ва маърифатӣ маҳсуб меёбад. Он на танҳо ахборро интиқол медиҳад, балки дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва рушди ҳувияти миллӣ низ саҳм мегузорад. Маводи марбут ба сайёҳӣ аксаран хусусияти тарғиботӣ дошта, бо истифода аз унсурҳои бадеӣ, тасвирҳои ҷолиб ва забони образнок, диққати хонандаро ҷалб мекунад.

Дар публитсистика се гурӯҳи жанрҳоро ҷудо мекунанд, ки аз рӯйи хусусият, усули пешниҳоди иттилоот, мавқеи муаллиф тафовут доранд. Муҳаққиқони соҳаи журналистика бар он назаранд, ки дар ВАО ҳар гуна жанр хусусияти услубии хосаро касб мекунад, ки он аз рӯйи омилҳое амсоли муҳиммият, фаврият, рӯзмарраги, баёни фаҳмо, муносибати муаллиф ба мундариҷаи матолиб муайян мешавад. Ба ибораи дигар, «услуби хоси инъикоси воқеият ва характери муносибати эҷодкор ба жанр муаллал аст» [1, с. 3].

Хусусиятҳои асосии жанрҳои гурӯҳи якум маълуманд. Дар маркази жанрҳои хабарӣ навгонӣ қарор дошта, аз нигоҳи ҳаҷм чандон васеъ нестанд. Жанрҳои хабарӣ бо баёни кӯтоҳ, сода ва сареъ будани худ фарқ мекунанд.

Чунончи муҳаққиқ Н. Маъмурзода навиштааст: «Табиист, ки расонаҳои хабарии Тоҷикистон, аз он ҷумла ВАО-и вилояти Хатлон, вобаста ба тип, ҳаҷми пахш ё саҳифа, доираи фарогирӣ, сиёсати редаксионӣ, неруи зеҳнӣ ва зарфиятҳои рӯзноманигорон воқеияти рӯз ё мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳашонро дар қолаби жанрҳои муайян таҳия ва пешкаши аудиторияи худ мекунанд» [5, с. 185].

Ба таъкиди муҳаққиқони соҳаи публитсистика, хосияти асосии жанрҳои публитсистию бадеӣ омезиши унсурҳои воқеӣ ва бадеӣ мебошад. Роҷеъ ба хусусияти жанрҳои публитсистӣ–бадеӣ муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, аз ҷумла Г.А. Белеволенская, В.Н. Вакуров, А.Н. Горбунов, Л.И. Колашников, Н.С. Кожурова, Г.С. Мелник, Е.Н. Прохоров, А.Н. Тепляшина, С. Корконосенко, С. Залигин, Е.И. Журбина, М.С. Черепахов, Л.Э. Варустин, Г.Я. Солганик, С.В. Архипов, М. Шукуров, А. Набиев, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Абдуллоев, М. Муродов, Ҷ. Муқим, Н. Солеҳов, Н. Бозорзода, С. Гулов, Б. Қутбиддин, С. Шарипов ва чанде дигарон ибрози андеша кардаанд.

Инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ натанҳо бо факту рақам, таҳлил ва муқоиса сурат мегирад. Журналист метавонад тавассути образ, тасвири бадеӣ низ иттилоотро пешниҳод намояд. Имконияти жанрҳои публитсистӣ–бадеӣ ба ин мусоидат карда метавонанд. Дар мавриди бозтоби масъалаҳои сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ истифодаи ин гурӯҳи жанрҳо мувофиқи мақсад буда, барои ҷолибияту ҳадафрас будани иттилоъ лозим аст.

Дар журналистика истифодаи очерки сафарӣ, қайдҳои сафар, лавҳа барои баррасии мавзуъҳои сайёҳӣ, фаъолияти ҳунармандон бештар ба назар мерасад.

Агар ба таснифоти муҳаққиқи жанри сафарнома Н. Бозоров нигарем, ӯ бартарӣ доштани ин жанрро таъкид намуда, менависад: «Сафарнома аз ҷиҳати шакл якчанд навъҳо дорад, ки дар байни онҳо машҳурашон рӯзномаи сафар (баъзан рӯзномаи лирикии сафар ҳам вомехӯрад), қайдҳои сафар ва лавҳаи сафар мебошад» [2, с. 46].

Дар нашрияи «Хатлон» рубрикаи махсуси «Сафарнома» аз соли 2019 таъсис ёфта, дар он маводҳо ҷой дода шудаанд. Масалан «Сафари хотирмон» Чӯпон Бадали Ванҷӣ, шоир, Хатлон-Балх-Хатлон (Хатлон. 2019. – 17 апрел), «Поянда бод дӯстии тоҷику ӯзбек» Абдурозиқ Азизов (Хатлон. 2019. – 17 январ) ва «Дар суроғи дидори дӯст» Дилором Маҳкамова, Бохтар-Тошканд-Самарқанд-Бохтар (Хатлон. 2021. – 27 август) ба инъикоси сафарҳои берун аз кишвар бахшидаи муаллифон иртибот дорад.

Муҳаққиқ Н. Бозоров дар навбати худ ду фарқи сафарномаро таъкид намудааст: «Тафовути нахустин ва асосии жанр дар он аст, ки сафарнома аз маҷмуи ба худ хоси фактҳо, ҳодисот, вазъият, ҷараёни ҳаёти ҷамъият иборат мебошад. Яъне, ин ҷо факти алоҳида не, балки маҷмуи факту воқеаҳо дар назар дошта шудааст.

Сониян, нигорандаи сафарнома ҳар як факти ҷудогона, ҳодисаи ҷудогонаро на ба таври мустақил, балки ҳамчун қисми таркибии ҳодисоту воқеот баррасӣ мекунад» [2. 39-40].

Маҷаллаи «Сафо» дар инъикоси соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз имкониятҳои жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ, бахусус лавҳа ва очерк истифода намудааст.

Як гурӯҳи олимон лавҳаро тасвири як ё ду лавҳа (ё лаҳза)-и умр донанд, бархе аз онҳо хусусияти лавҳаро чун асари ҳуҷҷативу бадеӣ, ки ҳамаи системаи унсурҳояш барои рушан кардани воқеаи аслӣ ё тасвири ботини қаҳрамон равона шудааст, маънидод кардаанд.

Дар маҷаллаи «Сафо» жанри лавҳа, ки дар баробари инъикоси ҳаёти ибратомӯзи қаҳрамонҳо дар иртибот бо соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ зери унвонҳои «Сайёҳони хориҷӣ ба ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳ доранд», «Осоишгоҳи табобатии Оби Зам-Зам» ва «Ҳунарманди асил» рӯйи нашр омадаанд, ки ҷолиби диққат мебошанд.

Маҷаллаи «Сафо» дар тарғиби соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз имконоти жанри лавҳа, бахусус лавҳаи лирикӣ истифода кардааст. Дар китобу рисолаҳои таълимӣ ва илмиашон муҳаққиқони соҳаи журналистика онро ба се навъ: портретӣ, проблемавӣ ва лирикӣ ҷудо кардаанд. Лавҳаи Латофати Мирзо «Сайёҳони хориҷӣ ба ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳ доранд» ба ҳунари кулолгарии Абдулло Баротов бахшида шудааст, ки навъи лавҳаи портретист. Муаллиф дар оғози мавод чоряк аср машғули ҳунари кулолгарӣ будани ӯ, авлодӣ будани ҳунари Абдулло Баротов ва тасмими омӯзондани ин ҳунари қадимиро ба фарзандонаш тасвир кардааст.

Дар лавҳа мавзуи пешаи кулолгарӣ бо сайёҳӣ рабт дода шуда, идомаи анъанаи ҳунармандӣ баён гардидааст. Чуноне, ки муаллифи лавҳа менависад: «Ҳар як зарфу ашёи сохтаи ӯ як шоҳкорие дар эҷоди асарҳои санъати кулолгарист, ки дар худ маънову рамзеро ифода карда, таҷассумгари фарҳанги миллианд. Абдулло Баротов дар хусуси кулолӣ ва дигар ҳунарҳои миллии мардуми тоҷик ибрози андеша намуда, мегӯяд, ки армуғонҳои миллии мо ба сайёҳон хеле писанд аст ва онҳо бо мароқи зиёд харидорӣ мекунанд.

Феълан бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳритус дар маркази ноҳия як сехи кулолгарӣ ифтитоҳ гардид, ки дар он банда ба наврасону ҷавонон кулолгариро меомӯзонам» [14].

Дар лавҳа чанд лаҳзаи фаъолияти як ҳунарманд бо тасвирҳои зебову муассир ба хонанда пешниҳод шуда, омӯзиши пешаи ниёгон ва манфиати он ба иқтисодиёти оила ва ба ин васила муаррифии фарҳангу тамаддуни тоҷикон талқин мешавад.

Навъи дигари лавҳае, ки дар саҳифаҳои маҷаллаи «Сафо» истифода шудааст, лавҳаи лирикӣ мебошад. Дар ин навъи лавҳа «...ҳиссиёти нигоранда нисбат ба ҳодисаҳои табиат, ҷашнҳои таърихӣ, олами ҳайвоноту наботот, лаҳзаҳои сӯзу гудоз ва амсоли ин» [6, с. 184] ифода мешавад.

Дар нашрияҳои даврии вилояти Хатлон давоми солҳои 2018-2021 23 очерк ва лавҳа вобаста ба мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ интишор ёфтааст. Тавассути ин жанрҳои муаллифон на фақат манзараҳои табиат, сарватҳои табиӣ ва зебоиҳои ҳунарҳои дастиро

тасвир мекунанд, балки дар бораи сайёҳон, ҳунармандону ҳунаршиносон чеҳракушоӣ кардаанд.

Лавҳаи «Осоишгоҳи табобатии Оби Зам-Зам»-и Р. Саидова ба ғайр аз тавсифи табиати осоишгоҳи табобатии «Оби Зам-Зам», ба гулистони ҳақиқӣ табдил ёфтани замини санглохи бекорхобида тасвир ёфтааст. Тавассути қубурҳо ба масофаи 1,5 километр баровардани оби шифобахш ва дар ҷамоати деҳоти «Навзамин»- и ноҳияи Дӯстӣ бунёд шудани осоишгоҳ ҷанбаи фактологӣ бошад, намои табиати ин макон асоси маводро ташкил медиҳад. «Дарёи Вахш, манзараҳои дилфиреби табиати соҳили дарё, боғи навбунёди осоишгоҳ ба ҳусни ин макон ҳусни зебое зам намудааст. Дар чунин макони зебою дилкаш табобату фароғат намудан, солимиро нигоҳ доштан ин барои саломатии инсон аст. Солимӣ бошад, гавҳари ноёб буда, онро эҳтиёт бояд кард» [9].

Лавҳаи «Ҳунарманди асил» дар бораи лаҳзаҳои хотирмони ҳунарманд Саидбек Машрабов, сокини ноҳияи Ҷайҳун қисса мекунад. Муаллифи лавҳаи мазкур А. Маҳкамов фаъолияти ҳунармандро чунин ба қалам додааст: «Табақе, ки ба истиқболи ташрифи Ҷаноби Олӣ омода намуда будем аз чӯби чинор тайёр карда шуда буд ва паҳноии он беш аз як метрро ташкил медод, – мегӯяд усто Саидбек. – Табақи мазкур бисёр ҳам мустаҳкам ва зебо буд. Аз ин лиҳоз, аксарият дар атрофи он ҷамъ шуда, бо ҳавас менигаристанду нарху навояш мекарданд. Оқибат як нафар аз шаҳри Бохтар он табақи калонҳаҷмро бар ивази 3000 сомонӣ харидорӣ намуд. Ва ба гуфтаи ӯ дар атрофи ҳамон табақ беш аз 15 нафар нишаста қурутоб хӯрдаанд» [13].

Маводи Абдуллоҳ Бобоев «Муъминобод – қадамгоҳи бузургон» бо тасвири манзараҳои табиии ин мавзеъ ҷолиб аст: «Боду ҳавои тоза, гулу гиёҳҳои кӯҳӣ, дарахтони ороишӣ ва ғайра назарраборанд. Обҳои чашмаҳояш зулолу ҷонбахш ва неруафзоанд. Ҷангали Муъминободро дарахтони мевадиҳандаи ангур, себ, чормағз, зардолу, олуча, олуболу, дулона, дулонаи сурх, ноку нашпотӣ ташкил медиҳанд. Гулу гиёҳҳояш бешумаранду шифобахш, муаттаранду ҷонбахш, доруву дармони ҳазорон дардҳоянду оромии ҷисму ҷон. Кӯҳистонаш дилфиреб буда, хокаш зар, сангаш гуҳар, заминаш бемуҳобо пурганҷ аст.

... Дар ин гӯшаи ватан мардони бузурги олам-ҳазрати Ҳасаншоҳи Хомӯш, Домулло Икром дар деҳаи Лангар, Хоҷа Алишоҳи Валӣ дар деҳаи Хоҷаалишоҳ, ҳазрати Хоҷаи Нур дар деҳаи Хоҷаинур, Саид Ҷалолиддини Гулдаста дар маркази ноҳия, ҳазрати Хоҷаи Сабзпӯш дар деҳаи Деҳиҳаёт, Домулло Барот дар деҳаи Ғеш ва боз чанде дигарон зиндагӣ кардаву дар ҳамин ҷо ба хоби абад рафтаанд. Шоҳкории табиат «Чилдухтарон»-ро гумон аст, ки дар дигар гӯшаҳои сайёра пайдо кард» [8].

Журналист дар пасманзари тасвирҳои мавзеъ ҳамзамон таклиф намудааст, ки тариқи ҳашар ва бо маблағҳои дастаҷамъӣ онҳоро ободу зебо кардан мумкин аст. Шахсони обрӯманд, донандагони таърихи мавзеъ барои таҳияи маълумотнома кумак карда метавонанд. Табибони мардумӣ, масъулони соҳаи тиб бояд феҳристи растаниҳои шифобахши ин маконро тартиб диҳанд. Ин хусусияти фарқкунандаи очерки сафарӣ буда, ба ғайр аз баррасии мавзуъ ҳалли мушкилоти соҳаи сайёҳии маҳал пешниҳод шудааст.

Профессор И. Усмонов «... дар очерки сафарӣ – хулосаи муаллиф»-ро унсури муҳим меҳисобад. Ӯ низ мушоҳида кардани муаллифро бо хурдтарин ҷузъиёташ ба сафарнома мансуб дониста, табиати жанри очерки сафариро чунин муайян кардааст: «Барои очерк унсури асосӣ мавзуъ буда, муаллиф аз он чизе, ки дидааст, муҳимтарашро интихоб карда, бо мақсаду ғояи муайян истифода мекунад» [6, с. 107].

Очерк дар тафовут бо жанри лавҳа имконияти васеътари баррасии мавзуъро дорад. Роҷеъ ба вижагии жанри очерк низ муҳаққиқон назару андешаҳо баён кардаанд.

Муҳаққиқ Сангин Гулов барои эҷоди очерк масъулияти очеркнависро чунин муайян кардааст: «Ин жанр аз муаллиф дониши амиқи илмӣ, ҷаҳонбинии васеъ, мушоҳидакории дақиқ, мусаввири моҳир будан ва тарзи баёни реалистиро тақозо мекунад» [3, с. 11].

Дар тақвияти андешаи боло муҳаққиқи рус С. Залигин низ таъкид мекунад: «Дар очерк факт ҳамеша воқеӣ ва ҳақиқист, вале бофта ё тахайюл ҳамеша аз номи муаллиф ё бо

тавсеаи ӯ оварда мешавад» [4, с. 118], ки ин омил дар таъсирнок гардидани сухани муаллиф нақш мебозад.

Бештари муҳаққиқон унсурҳои жанрсози очеркро ба ҷанбаҳои публитсистӣ ва бадеӣ нисбат медиҳад. Аммо, муҳаққиқ М. Муродӣ бошад, табиати жанрии очеркро се мабдаи ба ҳамдигар алоқаманд: иҷтимоӣ (илмӣ), публитсистӣ ва бадеӣ муайян кардааст, ки ин ба андешаи мо, комилтар мебошад. Очерк се навъ: портретӣ, проблемавӣ ва сафарӣ мешавад, аммо дар нашрияҳои «Хатлон» ва «Сафо» бештар аз ду навъи очерк - портретӣ ва сафарӣ истифода намудаанд.

Очерки Ҳангомаи Исмат таҳти унвони «Гулчеҳра – чеҳраи ҳунар» аз тасвири наврасии қаҳрамон, ки ба дастони нақшофари модар бо ҳавас менигаристу гулдӯзиро ба зудӣ аз худ карда буд, оғоз мешавад. Шавқи Гулчеҳра ба касби қадимаи занони тоҷик аз давраи наврасӣ маншаъ гирифта, минбаъд чун ҳунарманди чирадаст такмил меёбад. Журналист имконияти рушди ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла фаъолияти қаҳрамонашро бо эълон гардидани «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» мусоидаткунанда дониста, пешравии кори Гулчеҳраро аз меҳнатдӯстиву арҷгузорӣ ба либоси миллӣ медонад. Дар очерк тасвир шудааст, ки: «Гулчеҳра дар баробари дигар занони ҳунарманду гулбадасти тоҷик яке аз фаъолтарин иштирокчиёни ҷашну маросимҳои кишвар мебошад. Ӯ аз он шод аст, ки ҳунарашро қадр мекунанду ба он баҳои баланд медиҳанд. Ӯ борҳо дар маросимҳое, ки Роҳбари давлат зимни сафарашон ба вилояти Хатлон иштирок намудаанд, ширкат варзидааст. Чандин маротиб дар «Боғи Ирам»-и шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд дар намоиши ҳунарҳои мардумӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ ширкат варзида, бо ифтихорномаҳо сазовор гардонида шудааст» [15].

Қаҳрамони очерк аз он шод аст, ки нақшу нигорҳои дӯхтаашро сайёҳони хориҷӣ ва сокинони кишварамон харидорӣ менамоянд.

Очерки «Қадри мардум сафар падид орад», ки муаллифаш Ҳотам Ҳоҷӣ аст, ба марди ҷаҳонгард Тӯра Шукур бахшида шудааст. Муаллиф дар бораи як марди ҷаҳондида, ки бо дучархааш сайёҳат карданро дӯст медорад, қисса мекунад.

Саёҳат намуданро қаҳрамони очерки мазкур аз давраи кӯдакию наврасиаш зиёд дӯст медоштааст. Ҳамин машғулияти дӯстдошта боис гардидааст, ки ӯ тамоми мавзеъҳои тамошобоби вилоятро сайр намуда, дигаронро низ ба ин кор тарғиб кардааст.

Дар очерк тавассути дучарха аз шаҳри Бохтар ба шаҳрҳои Леваканту Кӯлоб, ноҳияҳои Данғара, Кангурт, Балҷувон, Ховалинг, Шамсиддин Шоҳин, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Восеъ расидани қаҳрамонро тасвир намуда, мушкилиҳои саёҳатро низ баён кардааст. Аз ҷумла, аз номи қаҳрамон дар очерк зикр мешавад, ки: «Деҳаҳои гирду атрофро сайркунон ба сӯйи Дараи Мухтор роҳ пеш гирифтам. Ман бесаброна ин дарараро дидан мехостам.

Вале расидан ба дараи Мухтор басо мушкил буд. Ниҳоят, ба қадамҷои Восеи мубориз расидам. Дараи Мухтор калонтарин деҳаи ноҳияи Ховалинг маҳсуб меёбад. Ба осорхонаи Дараи Мухтор рафта, ҳамон кундаҷувозеро, ки замоне Восеъ ба воситаи он равған мекашид, тамошо кардам» [19].

Дар идомаи очерк лаҳзаи бисёр муассире тасвир шудааст, ин дар дараи Мухтор шабона ғанаб бурдани сайёҳ аст: «Чун чашм кушодам, тӯдаи гургон ва ду-се сар хирси бадвоҳимаро дидам, ки аз дарёчаи аз наздам ҷорӣ об мехӯрданд. Одатан, шабона ҳар куҷое, ки мехобидам, гулхан фурӯзон мекардам, то ки дарандаҳо наздик нашаванд» [19]. Тасвири ин лаҳзаҳои сайёҳати қаҳрамони очерк ба ғайр аз тавсифи табиати бою рангоранги Ховалинг, ҳамзамон тарғиби сайёҳии экобиологӣ мебошад. Аз муҳтавои очерки мазкур бармеояд, ки муаллиф, пеш аз ҳама, тарғиби мавзеъҳои табиӣ ва таърихии вилоятро ҳадафи худ қарор додааст.

Дар қолаби очерк инъикос намудани масъалаи ҳунарҳои мардумӣ низ дар нашрияи «Хатлон» ба назар мерасад. Очерки «Беҳтарин тарабгоҳ устохонаи ман аст», ки дар шумораи №4 (3189) аз 24-уми январи соли 2019 чоп шуда, дар бораи ҳунармандии устои табақтарош Бозор Сониев қисса мекунад, ба қалами журналисти нашрия Ҳангомаи Исмат тааллуқ дорад.

Мавод дар шакли очерки портретӣ омода гардида, дар он симои шахс бо фарогирии масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст. Руҷуи очерк басо ҷолибу муассир аст: «Чӯб маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаю безарар аст. Аввалин ҷое, ки баъд аз батни модар инсон бароҳату осуда мехобад, ҷойгаҳи чӯбин, яъне гаҳвора мебошад. Баъди шири модар болаззаттарин ва безарартарин таомро метавон дар табақи чӯбин истеъмол кард. Дар табақи чӯбин ғизо хӯрдан маззадор аст. Табақ метавонад ба чанд насл хизмат бикунад, агар хуб истифода бурда шавад.

Аксари хӯрокҳои миллӣ бо қошуқи чӯбин омода шуда, дар табақи чӯбин пешкаш мешаванд. Тамоми ғизоҳои хамирӣ низ бо ҳамин тахтаю тираки чӯбин омода мегарданд.

Шонае, ки аз чӯб сохта мешавад, ҳангоми сарро шона задан, асабро ором месозад ва зери гаҳвораи тифлон низ ҳамин шонаи чӯбинро мегузоранд. Садое, ки аз дутору танбӯру доира чӯр мешавад, ба қалбҳо фараҳу шодӣ мебахшад» [16].

Тасвири лаҳзаҳои рӯзгори ибратомӯзи қаҳрамон дар очерк хеле зиёд буда, ба руҳияи хонанда таъсири мусбат мерасонанд. Муаллиф зимни таҳияи очерки мазкур кӯшиш намудааст, ки симои зоҳириву ботинии қаҳрамонашро на танҳо бо усули пурсиш, балки дар мушоҳидаву намунаҳои маҳсули меҳнат пайдо намудаву инъикос кунад. Тасвири лаҳзаи дигар аз рӯзгори қаҳрамон ба муассириву ҷаззобии очерк мусоидат намудааст: «Дар гӯши ман аз кӯдакӣ то ҳол тик-тики теша садо медиҳад, ки ба тапиши қалбам ҳамнавост. Бо ҳамон садо ман ба воя расидааму аз устохонаи падар мо – фарзандон нон хӯрда, соҳибҳунар гаштаем, – мегӯяд Бозор Сониев, сокини шаҳри Левакант» [16].

Яке аз омилҳои дигаре, ки ба таъсирбахшии очерки зикршуда мусоидат намудааст, ин саҳм гузоштани қаҳрамони очерк ба тарбияи насли ҷавони кишвар аст. Журналист фактҳои аз тарафи Бозор Сониев омода шудани зиёда аз 40 шогирдонашро мисол оварда, ба мисли фарзандонаш муносибат кардани ӯро ишора кардааст.

Очерки дигар, таҳти унвони «Дунёи рангини ҳунари Дунёбегим» чоп шудааст, бисёр диққатҷалбкунанда мебошад. Муаллиф дар ин очерк низ дар баробари рӯзгори қаҳрамон, фаъолият ва ҳунармандии ӯро бо факту далелҳои воқеӣ баён намудааст. Ба таъкиди муаллифи очерк қаҳрамонаш касби бофандагиро зиёд дӯст медорад ва ин боиси тавлиди намунаи маҳсули меҳнаташ гаштааст.

Имрӯз Дунёбегим Ҷомадоваро натанҳо мардуми ҳудуди вилояти Хатлон, балки сокинони дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар ва ҳатто берун аз он мешиносанд. Қаҳрамони очерк дорои як ҳунар не, балки якчанд ҳунар мебошад. «Дунёбегим Ҷомадова мегӯяд, ки чакандӯзию муҳрабофӣ, сӯзанидӯзию қурақдӯзӣ аз азал дар хуни мардуми Хатлонзамин буд, ҳаст ва мемонад. Ӯ аз ҳисоби матоъ ва риштаҳои хеш дар хона ба 18 нафар ҷавонзанҳои бекори ҷамоат, ки бештарашон мушкилоти оилавӣ доранд, ё аз оилаи хеш ҷудо гардидаанд, ҳунарҳои доштаи хешро меомӯзонад» [17].

Журналист менависад, ки намунаи ҳунари ин зан то кишварҳои Арабистону Амрико, Хитою Туркия расида, ҳар меҳмоне, ки аз хориҷа ба пойтахт ё ба вилояти Хатлон, ноҳияи Ҳамадонӣ ташриф орад, ҳатман, бе дастовезе аз маҳсули ҳунари занони ҳунарманде чун Дунёбегим барнамегардад.

Очерки дигар таҳти унвони «Чодари дӯхтаи Бибимоҳ як шоҳасар аст» аз кору пайкори зане иттилоъ медиҳад, ки тавассути ҳунару ташаббусаш дар ҷомеа соҳибэҳтиром шудааст. Бибимоҳ Гадоева, сокини деҳаи Садриддин Айнии Ҷамоати деҳоти «Навбаҳор»-и ноҳияи Кӯшониён, қаҳрамони очерк аст. Журналист мақсади асосии худро чунин баён намудааст: «Манзили Бибимоҳ хеле хоксоронаю одист, аммо хонаест, ки ҳунар мегӯяд: «ман ин ҷо ҳастам». Аввал диққати ҳар нафареро, ки ба ин хона ворид мешавад, як чодари зебо ба худ мекашад. Ин чодар бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дӯхта шуда, дарозиаш зиёда аз се метр мебошад. Дар он як гӯшаи зебоманзари диёр, ки дар фасли баҳор боз ҳам зеботар мешавад, таҷассум ёфта, ба монанди як асари томи мунаққаш аст. Дар ин чодарӣ, ки муддати як моҳ Бибимоҳ якҷо бо занони ҳунарманди деҳа дӯхтааст, кӯҳҳои сарбафалаккашида, офтоби нурафшон, дашту теппаҳои лоларез ва духтараконе, ки бо либоси миллӣ лолачинӣ мекунанд, дарахтони сарсабзу рамаи

гӯсфандон, писарчае бо ҷомаи тоҷикона найнавозӣ мекунад, духтараки дойрабадаст ва дарёчаи софи кӯҳӣ, умуман тамоми ғановати як гӯшаи диёр тарҳрезӣ шудааст» [18].

Лаҳзаи ҷолиби очерк дар он аст, ки «... сайёҳон аз тамошои чунин эҷодкории як зани ҳунарманди тоҷик ба ваҷд омада, борҳо онро бо нархи 1500 доллар харидор шудаанд. Вале Бибимоҳ ҳанӯз дар фикри фурӯхтани чодараш нест, мехоҳад, ки тавассути он ҳунари занҳои тоҷику Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад.

Пешвои миллат дар сифати маҳсули дасти ин зани муъҷизаофар гуфтааст: «Ин чодарии дӯхтаи ту як шоҳасар аст, он бебаҳост» [18].

Муаллифи очерк пешниҳоди қаҳрамонро, ки мехоҳад дар ноҳияи Кӯшониён як бинои омӯзиши ҳунар ва мағозаи армуғониро барои меҳмонону сайёҳон ташкил намояд, иқдоми хуб донистааст.

Дар саҳифаҳои маҷаллаи «Сафо» низ очеркҳои портретӣ мушоҳида шуданд, ки мавзуи ҳунармандиро дар робита бо соҳаи сайёҳӣ инъикос намудаанд. Очерки «Духтари заргар», ки дар шумораи №3, 2018 ба табъ расидааст, ба қалами Юсуфи Собир тааллуқ дорад.

Очерки мазкур ҳаёти ибратомӯз ва вижагиҳои ҳунарии яке аз бонувони хатлонӣ Ҳусния Шоимоваро дар бар мегирад. Дар очерк муаллиф таърихи касби заргарии оилаи Шоимовҳоро ба қалам дода, ба ин касб дилбастагӣ пайдо кардани Ҳуснияро чунин тасвир мекунад: «Падарам бо мақсади заргари касбӣ шуда, ин пешаи аҷдодиро аз худ намуданам, маро пурра ба ин шуғли заҳматталаб банд намуда буд, – ба ёд меорад Ҳусния Шоимова. – корро дар дукони ҳунармандии бародари шодравонам усто Ҳусайн идома додам, ки баъдан бо шарофати кордонии ӯ дастранҷи ҳунармандиҳои мо дар тамоми гӯшаҳои кишвар муаррифӣ гардид. Вақте моро ба намоиши ҳунарҳои мардумӣ ба кишвари Африқо даъват намуданд, шодию хурсандиам ҳадду канор надошт. Дар тараддуди омодагӣ ба ин сафар будем, ки барои ман хостгор омад. Падарам ба хостгорҳо шарт мегузорад, ки ман бояд баъди оиладор шуданам ҳунари заргариро дар дукони зодмандон идома диҳам» [11].

Очерки М. Амонҷон «Корзори ҳунар» дар маҷаллаи «Сафо» нашр шудааст, ба фаъолияти таъсисдиҳандаи аввалин сехи дӯзандагӣ дар ноҳияи Носири Хусрав Шаҳло Турдиева бахшида шудааст. Дар очерк дар бораи мушкилиҳои ташкили соҳибкорӣ, ҷалби бонувон ба дӯзандагӣ сухан рафта, муваффақияти имрӯзаи онҳо – таъмини хонандагони ноҳия бо либоси мактабӣ, кушода шудани сехи дӯхти либосҳои миллӣ ва армуғонҳо барои меҳмонони дохиливу хориҷӣ инъикос мегардад.

Дар нашрияи «Хатлон» намунаи очеркҳои дигар, аз ҷумла очерки сафарӣ ба назар мерасад. Очерки сафарии «Сайёҳӣ аз ту оғоз мегардад» (Хатлон. 2018. – 12 апрел) нашр шудааст.

Мавриди эҷоди очерки сафарӣ дар он аст, ки журналист бо мақсаде ба ҷое сафар карда, дидаву шунида ва мушоҳидаҳояшро ба қалам медиҳад. Барои тарғиби мавзеъҳои сайёҳӣ дар воситаҳои ахбори омма, пеш аз ҳама, очерки сафарӣ мувофиқ буда, дар баррасии мавзуъ имконияти васеъ дорад.

Очерки сафарии «Ховалинг мавзеи тамошобоб аст» (Хатлон. 2018. – 26 июл) дар асоси иттилои сардори ШВКД, полковник Раҷабзода Рустам таҳия шудааст, ки оид ба саёҳати 25 нафар ҷавонон ба ёдгориҳои таърихиву зиёратии Ховалинг маълумот медиҳад. Ноҳияи Ховалинг ба ғайр аз табиати зебо, иқлими муътадил доштанаш дар байни сайёҳон бо номи Султон Увайси Қаранӣ машҳур аст. Аз ин ҷост, ки журналист ба тасвири мазори Ҳазрати Султон, маълумоти мутаввалии мақбара рӯ оварда, ривоятҳои динии ба ин мавзеъ алоқамандро мисол меорад.

Таъкиди ӯ, ки пеш аз зиёрати Ҳазрати Султон бояд мақбараи Хоҷа Аюби Ансорӣ зиёрат шавад, дар такя бо ривоятҳои қадима асоснок карда шудааст. Муаллиф дар очерки сафарӣ хатти сайри сайёҳонро аз мавзеи дилкаши «Чилчанор» то деҳаи Таги Ҷар тасвир карда, ба таърихи сарбозони ҳалокшуда бар зидди Искандари Мақдунӣ ва арабҳову Чингизхон мепардозад. Барои ҳақиқати иттилоаш андешаи муаррих Амир Саиди Мункиро меорад: «Чаро ки танҳо дар ҳудуди ноҳияи Ховалинг панҷто чунин сангтӯда мавҷуд аст.

Ҳамчунин, дар мавзеи Сангтӯдаи ноҳияи Данғара, дар Украина, кишвари Олтойи Русия ва Ҷумҳурии Қирғизистон чунин сангтӯдаҳо дарёфт карда шудаанд. Ба ҳақиқат наздиктараш ин сарони қавми ориёиянд, ки ин ҷо мадфун шуда, барои ёдгорӣ ва абадияташон чун аҳромҳои Миср болои қабрашонро бо санг пӯшонидаанд» [10].

Маҷаллаи «Сафо» низ дар қолаби очерки сафарӣ барои хонандагони худ як чанд мавод пешниҳод кардааст. Очерки «Кӯҳи намак» аз ноҳияи Восеъ ба инъикоси ҷузъиёти ин муъҷизаи табиӣ бахшида шуда, дар он маълумоти илмӣ, хотироти сайёҳон ва таҳқиқотчиёни мавзеъ оварда шудааст. Дар тасвири журналист ин мавзеъ чунин менамояд: «Ин сарвати бузургу нодири табиат дар қисмати ҷанубии мамлакат дар соҳили чапи дарёи Яхсу – ҳудуди ноҳияҳои Восею Ҳамадонӣ воқеъ аст. Он дар миёни 50 кони намаки ошӣ дар Тоҷикистон калонтарин маҳсуб ёфта, дар миқёси ҷаҳон бошад, ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Гунбази кӯҳи мазкур аз дурии даҳҳо километр ба назар намоён буда, шакли он ба замбурӯғи азиме шабоҳат дорад» [12].

Хулоса. Пажуҳиши истифодаи жанрҳои лавҳа ва очерк дар нашрияи «Хатлон» ва маҷаллаи «Сафо» нишон дод:

1. Эҷоди очерку лавҳа вижагии хос дошта, аз муаллиф ғановати забон, малакаи образнокии бадеӣ, тасвири эҳсоси қаҳрамонон дар матн, хулосабарории амиқи муаллифиро тақозо мекунад;

2. Муаллифони очерку лавҳаҳо, бахусус очеркҳои сафарӣ ва сафарномаҳо журналистони бомаҳорат буда, дар инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ талаботи жанрро риоя намудаанд;

3. Маҷаллаи «Сафо» барои инъикоси мавзуи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз жанри публитсистӣ-бадеӣ лавҳа ва очерк истифода намуда, барои ҷолибу муассирии матлаб ба аксҳои мувофиқ диққат додааст.

4. Тавассути жанрҳои очерку лавҳа муаллифон на фақат манзараҳои табиат, сарватҳои табиӣ ва зебоиҳои ҳунарҳои дастиро тасвир кардаанд, балки дар бораи сайёҳон, ҳунармандону ҳунаршиносон чеҳракушоӣ кардаанд.

5. Бозтоби мавзуи рушди сайёҳӣ бо инъикоси ҳаёту фаъолияти ҳунармандон рабт дода шуда, муаллифони матлабҳо пайванди маҳсули дастранҷи ҳунармандонро ба муаррифии ҳунарҳои хоси хатлониён нишон додаанд.

Адабиёт:

1. Абдуллоев, М. Жанры журналистики [Текст] / сост. докт. филол. наук М. Абдуллоев. – Душанбе: РТСУ, 2015. – 43 с.

2. Бозоров, Н. Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика [Матн] / Н. Бозоров. – Душанбе: Пойтахт, 2014. – 184 с.

3. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: «Эҷод», –2005. – 96 с., с. 11.

4. Залыгин, С. Работая над очерком [Текст] / С. Залыгин // Новый мир, 1954. – №2. – С.118.

5. Маъмурзода, Н. Журналистикаи Хатлон: мушкилот ва пешомадҳо [Матн] / Н. Маъмурзода. – Душанбе: Ирфон. 2023. – 294 с.,

6. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ [Матн] / М. Муродов. –Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с, с. 184

7. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 139 с., с. 107.

Манбаъ:

8. Бобоев, А. Муъминобод – қадамгоҳи бузургон [Матн] / А. Бобоев // Хатлон. – 2018. – №3(3158). – 31 май.

9. Саид, Ш. Муъминобод мулки обод [Матн] / Ш. Саид // Сафо. – 2019. – №04.

10. Сафарзода, Н. Ховалинг мавзеи тамошобоб аст[Матн] / Н. Сафарзода // Хатлон. – 2018. – №28 (3165). – 26 июн.
11. Собир, Ю. Духтари заргар [Матн] / Ю. Собир // Сафо. – 2018. – №03.
12. Маҳкамов, А. Кӯҳи намак [Матн] / А. Маҳкамов // Сафо. – 2021. – №07.
13. Маҳкамов, А. Ҳунарманди асил [Матн] / А. Маҳкамов // Сафо. – 2021. – №12.
14. Мирзо, Л. Абдулло Баротов: «Сайёҳони хориҷӣ ба ба ҳуранҳои мардумӣ таваҷҷуҳ доранд» [Матн] / Л. Мирзо // Сафо. – 2018. – №08-09.
15. Ҳангомаи, И. Гулчеҳра – чеҳраи ҳунар [Матн] / И. Ҳангома // Хатлон. – 2018. – №7 (3144). – 22 феврал.
16. Ҳангомаи, И. Беҳтарин тарабгоҳ устохонаи ман аст [Матн] / И. Ҳангома // Хатлон. – 2019. – №4 (3189). – 24 январ.
17. Ҳангомаи, И. Дунёи рангини ҳунари Дунёбегим [Матн] / И. Ҳангома // Хатлон. – 2019. – №30 (3215). – 25 июл.
18. Ҳангомаи, И. Чодари дӯхтаи Бибимоҳ як шоҳасар аст [Матн] / И. Ҳангома // Хатлон. – 2020. – №9 (3245). – 31 январ.
19. Ҳотам, Ҳ. Қадри мардум сафар падид орад [Матн] / Ҳ. Ҳотам // Хатлон. – 2018. – №38 (3175). – 11 октябр.

ҶАНБАҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ-БАДЕИИ МАВОДИ МАРБУТ БА МАСОИЛИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМИИ МАТБУОТИ МАҲАЛЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Матбуоти маҳаллӣ дар вилояти Хатлон на танҳо воситаи интиқоли иттилоот дар бораи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, балки як воситаи муфиди тарғиб ва таҳкими фарҳанги миллӣ мебошад. Маводи публисистӣ-бадеии омодашуда дар бораи минтақа ва маҳсулоти фарҳангӣ, тавассути унсурҳои бадеии пуркувват, ҳисси эҳсоси муҳаббат ва ифтихорро дар байни хонандагон ва меҳмонон ба вуҷуд меорад. Дар оянда, муҳим аст, ки матбуот бо такмили маҳорат ва истифодаи методологияи навин барои инъикоси амиқ ва дуруст аз ҳунар ва сайёҳӣ ҷустуҷӯ кунад. Ин метавонад ба рушди иқтисод ва фарҳанг дар вилояти Хатлон мусоидат намояд.

Маводи матбуоти маҳаллӣ, ки ба масоили сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ марбутанд, дар баробари пешкаш намудани маълумот ва таҳлили амиқ, ҷанбаҳои бадеии хосро дар бар мегиранд. Ин хусусиятҳо метавонанд ҳамчун замина барои таъсирбахшии матн ба хонандаҳо хизмат кунанд.

Маводҳои журналистӣ бештар дар шакли очерк, мусоҳиба ва гузориш таҳия шуда, зиндагӣ ва фаъолияти ҳунармандонро инъикос менамоянд. Дар чунин матнҳо, ҷанбаҳои бадеӣ тавассути тасвири раванди эҷод, муҳити иҷтимоӣ ва ҷузъиёти ҳаёти ҳунармандон ба назар мерасанд. Ин равиш ба матлаб таъсири эҳсосӣ бахшида, хонандаро ба дарки амиқи арзишҳои миллӣ роҳнамоӣ мекунад.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, жанр, очерк, мақола, лавҳа, ҳунарҳои мардумӣ, матбуоти даврӣ, рӯзномаи «Хатлон», тарғиб, PR, мероси фарҳангӣ, вилояти Хатлон.

ПУБЛИЦИСТИЧЕСКО-ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ АСПЕКТЫ МАТЕРИАЛОВ, ПОСВЯЩЕННЫХ ВОПРОСАМ ТУРИЗМА И НАРОДНЫХ РЕМЕСЕЛ В МЕСТНОЙ ПЕЧАТИ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Местные средства массовой информации в Хатлонской области являются не только каналом передачи информации о туризме и народных ремеслах, но и важным инструментом пропаганды и укрепления национальной культуры. Подготовленные публицистические и художественные материалы о регионе и культурных продуктах с помощью сильных художественных элементов создают у читателей и гостей чувство любви и гордости. В будущем важно, чтобы СМИ использовали новые методологии и совершенствовали свои навыки для более глубокого и точного отражения искусства и туризма. Это может способствовать развитию экономики и культуры Хатлонской области.

Местные СМИ, освещающие вопросы туризма и народных ремесел, помимо представления информации и глубокого анализа, включают в себя и художественные элементы. Эти особенности могут служить основой для воздействия материала на читателей.

Журналистские материалы часто представляют собой очерки, интервью и репортажи, которые отражают жизнь и деятельность ремесленников. В таких текстах художественные элементы проявляются через изображение процесса творчества, социальную среду и детали повседневной жизни ремесленников. Этот подход придает текстам эмоциональную окраску и направляет читателя к глубокому осознанию национальных ценностей.

Ключевые слова: туризм, жанр, очерк, статья, заметка, народные ремесла, периодическая пресса, газета «Хатлон», пропаганда, PR, культурное наследие, Хатлонская область.

PUBLICISTIC AND LITERARY ASPECTS OF MATERIALS ON TOURISM AND FOLK CRAFTS IN THE LOCAL PRESS OF KHATLON REGION

Local media in Khatlon region is not only a means of conveying information about tourism and folk arts but also an effective tool for promoting and strengthening national culture. The prepared journalistic and artistic materials about the region and cultural products create a sense of love and pride among readers and visitors through powerful artistic elements. In the future, it is important for the press to enhance its skills and adopt new methodologies to deeply and accurately reflect arts and tourism. This can contribute to the development of both the economy and culture in the Khatlon region.

Local media materials related to tourism and folk arts not only provide information and deep analysis but also include unique artistic aspects. These features can serve as a basis for the emotional impact of the text on readers.

Journalistic materials are often presented in the form of essays, interviews, and reports that reflect the life and activities of artisans. In such texts, artistic aspects emerge through the depiction of the creative process, social environment, and details of the artisans' daily lives. This approach adds emotional depth to the content and guides the reader toward a profound understanding of national values.

Keywords: tourism, genre, essay, article, note, folk arts, periodical press, «Khatlon» newspaper, promotion, PR, cultural heritage, Khatlon region.

Маълумот дар бораи муаллиф: Расулзода Комрон Бахтиёр, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Айнӣ, 67. Телефон: (+992) 93-703-23-23, Почтаи электронӣ: komronjon.tj@mail.ru

Сведения об авторе: Расулзода Комрон Бахтиёр, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры журналистики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес. 735140, г. Бохтар, Республика Таджикистан, ул. Айни, 67. Телефон: (+992) 93-703-23-23, e-mail: komronjon.tj@mail.ru

Information about the author: Rasulzoda Komron Bakhtiyor, Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer at the Department of Journalism, Bokhtar State University named after Nasir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67. Phone: (+992) 93-703-23-23, Email: komronjon.tj@mail.ru

Муқарриз: Алишери А., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ 07+659
ТКБ 65,9 (2) 421

РЕКЛАМА ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ОН

Раҳимова С.А., унвончӯ
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Дар таърихи аҳли башар садаи XX давраи ба вуҷуд омадани муҳити дигаргуниҳои фарҳангӣ ва техникӣ шинохта шудааст. Яке аз муҳимтарин дастовард зуҳури реклама мебошад, ки ҳамчун дастгоҳи неруманди иттилоотӣ на танҳо барои таблиғоти молу маҳсулот, балки ба хотири рушди иқтисодиёт, ривоҷи савдои байналхалқӣ ва ташаккули донишу ҷаҳонбинии омма мусоидат намуд.

Реклама чун як василаи таблиғу тарғиб чандин садсолаҳо инҷониб ба аҳли башар хидмат менамояд. Тавре сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, заминаҳои назариявии он ҳанӯз дар осори қадимаи фалсафӣ, риторикӣ ва иҷтимоӣ ҳанӯз дар тамаддунҳои бостонӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар ин давра реклама ҳанӯз ба маънои муосир падидаи мустақил набуд, балки чун як шакли таъсиррасонии иртиботӣ ва воситаи ҷалби таваҷҷуҳи иҷтимоӣ баррасӣ мегардид. Яъне, ҳарчанд реклама ҳанӯз дар марҳалаи ибтидоӣ қарор дошт вале унсурҳои муҳимми он иттилоърасонӣ, ҷалби диққат, эътимод бахшидан ва водор намудан ба харид вуҷуд доштанд. Дар ин замина бояд гуфт, ки маҳз ҳамин се унсур баъдан пояҳои муҳимми рекламаи касбӣ гардиданд.

Бино ба шаҳодати бархе аз сарчашмаҳо реклама дар нимаи дуввуми асри Х1Х пайдо шудааст, аммо баъзе аз муҳаққиқон бар он андешаанд, ки реклама ҳанӯз дар асри полеолит дар замони қадим мавҷуд будааст. Воқеан, таҳқиқу омӯзиши реклама ва хусусиятҳои он ҳанӯз дар аҳди бостон ибтидо гирифта, то ба имрӯз идома дорад. Албатта, он асарҳои аҳди бостон аслан масоили таъсиррасонии суханро ба афкори омма мавриди таваҷҷуҳ қарор додаанд. Ин масъала дар осори фалсафӣ ва риторикии Юнон дар доираи илми риторика хусусан дар осори Афлотун ва Арасту баррасӣ гардидааст. Дар асарҳои Афлотун «Горгий» ва «Федр» масъалаи суханварӣ ва таъсири он ба шуури инсон баррасӣ гардида, шаклҳои қонеъсозӣ ва боваркунонӣ дар онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар тамаддуни Шарқ низ унсурҳои назариявии реклама чун масоили иқтисодӣ, бозор, ҷалби харидор ва нуфузи савдогар дар асари ҳиндии «Артхашастра» (Каутиля) баррасӣ шудаанд. Метавон гуфт, ки асарҳои қадимтарини таҳқиқотӣ оид ба реклама ҳарчанд дар доираи фалсафа, риторика ва иқтисод таълиф гардида бошанд ҳам, бо вуҷуди ин, онҳо заминаҳои методологӣ ва назариявиро барои ташаккули илми муосири реклама фароҳам овардаанд.

Дар боби реклама ҳанӯз дар асрҳои XVIII-XIX донишмандони соҳаҳои гуногун таҳқиқоте анҷом додаанд, бешак дар шинохти нозукиҳо ва хусусиятҳои ин зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ аҳаммияти хоса доранд. Аввалин асари таҳқиқотӣ оид ба реклама ҳанӯз соли 1874 аз ҷониби Генри Сэмпсон зери унвони «Таърихи реклама» (История реклами. Лондон) нашр гардидааст, ки дар он муаллиф аз таърихи реклама ёдовар шуда, ҳамзамон намунаҳои зиёди рекламаи кишварҳои гуногунро мавриди баррасӣ қарор додааст. Соли 1898 аз ҷониби мутахассиси рус А.Веригина асаре бо номи «Рекламаи русӣ» (Русская реклама) нашр гардида буд, ки дар он баъзе аз ҷузъиёти реклама мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Дар ибтидои садаи XX реклама чун василаи тарғибу ташвиқ маъруф гашта, пеш аз ҳама таваҷҷуҳи олимону пажуҳишгаронро ба омӯзиши соҳаи психологияи реклама ҷалб намудааст. Чунончӣ, равоншиноси амрикоӣ Уолтер Дилл Скотт соли 1903 асареро таҳти унвони «Назария ва амалияи реклама» (Теория и практика рекламы) нашр намуд, ки вежагиҳои хоси назариявӣ ва амалии рекламаро шарҳ додааст. Делл Денисон ва Линда Тоби дар асари худ «Китоб дар бораи реклама» хело мӯшикофона ба ҳар як ҷузъиёти реклама таваҷҷуҳ намуда, андешаҳои ҷолиб баён намудаанд.

Дар асари Хромов Л.Н. («Рекламная деятельность: искусство, теория, практика» М.204.с) масоили фаъолияти рекламавӣ, санъату амалия ва назарияи реклама мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф зуҳури нахустин реклама ба пайдоиши аввалин маҳсулот таъкид гардидааст. Дар таҳқиқи хеш мавсуф ҳамчунон аз асарҳои донишмандони соҳаи реклама чун Бенс Паккард («Скритие увешеватели»), Россер Ривс («Реальност в рекламе»), Р. Нелсон («Дизайн рекламы»), Марк Маккормак («Учитес разбиратся в людях») ёдовар шуда, андешаҳои ҷолиби онҳоро дар боби нозукиҳои реклама муҳим медонад. Муҳаққиқон ва назарияшиносони маъруфи реклама Билл Бернбах, Девид Огилви («Дар боби реклама», 2006) низ дар таҳқиқоти хеш масоили гуногуни рекламаро мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Масоили реклама ва иртиботи он ба журналистика, санъату фарҳанг дар солҳои 90-уми асри XX аз тарафи муҳаққиқон Т.Адорно, Т.Маркузе (Одномерний человек), Э.Фромма (Анатомия человеческой деструктивности, 1994), М.Хоркхаймера (Диалектика просвещения. с.1997), Василева Ю.И. (Реклама товаров средствами массовой информатсии, 1981); Каневский Е.М. (Эффект реклами, 1980); Кару В.И. (Об опыте рекламной работы) Каневский Е.М. (Эффект рекламы, 1980); Федотова Л.Н. (Сотсиология рекламӣ, 1999), Федотова Л.Н. (Социология рекламной деятелности, 2002) анҷом дода шуданд.

Доктори илмҳои филологӣ Свик В.Л. дар китоби худ «Реклама чун намуди журналистика» (Москва-2001, 135с) дар боби пайвандии реклама ва журналистика ҳарф зада, андешаҳои ҷолибе дар ин самт баён намудааст. Ҳамзамон, ба таърихи пайдоиши журналистика ва зуҳури реклама, нахустин нашрияҳо, телевизиону радио дар бархе аз кишварҳои олам таваҷҷуҳ намудааст.

Донишмандони соҳаи реклама чун У.Д. Скотт , Меде, Шулте, Марбе, Штерн, Блюменфелд, Дж.Б. Уотсон, Мюнстерберг, Гартунген, Гаролд Рудолф, Густов М. (асри XIX) низ перомуни масоили психологӣ, назария ва амалияи реклама асарҳои арзишманде таълиф намудаанд.

Роҷеъ ба реклама муҳаққиқони тоҷик А.Набавӣ, О.Салимзода, Н.Ғаффоров, Д.Самадова, А.Шехов, Ш.Муллоев, А.Аминов ва дигарон дар дастуру навиштаҳои хеш маълумот додаанд, ки бешак нақши рекламаро дар ҷомеа баррасӣ намудаанд. Реклама ҳамчунин аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи иқтисоду маркетинг мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, чунончӣ донишмандони тоҷик М.Ёров ва М.Каримов дар асари худ «Асосҳои реклама» дар боби масъалаҳои асосии реклама ва марҳалаҳои рушди он маълумоти мухтасар додаанд.

Вобаста ба масъалаи пайдоиш ва зуҳури реклама муаррихону донишмандони зиёд андешаҳои гуногун баён намудаанд. Бисёре аз муҳаққиқон бар он андешаанд, ки замоне ки тиҷорату савдо пайдо шуд, реклама низ зуҳур намуд, даъват ба харидории мол аз нахустин падидаҳои реклама ба шумор меравад. Ё ин ки дар сарчашмаҳои дигар қайд гардидааст, ки чун нахустин маҳсулот тайёр карда шуд, реклама ҳам гӯё зуҳур намуд. Муҳаққиқони дигар бар он ақидаанд, ки маърифати мардум чун дар дунёи қадим боло рафт, реклама гӯиё ҳамзамон пайдо шуд. Чунончӣ, ба андешаи донишманди соҳаи реклама Л.Н. Хромов «омили аслии зуҳури реклама ин падид омадани нахустин маҳсулот» [16, с. 15] мебошад. Муҳаққиқи рус М.Н. Чувашова зуҳури рекламаро ба ихтирои косметика ки ҳанӯз дар аҳди қадим дар Миср онро ҳамчун маводи табобатӣ истифода мебурданд вобаста донистааст.

Истеҳсолкунандагони маводи косметикӣ табибон, духтурон, кимиёшиносон ва дигарон асосан рекламаро барои ашхоси сарватманд омода мекарданд, маҳсулоти худро чун маводи табобатӣ ва маншаи ҷавонии абадӣ таблиғ менамуданд.

Ба андешаи Л.Хромов «пайдоиши касбу корҳои мухталиф яке аз сабабҳои аслии зуҳури реклама ба шумор меравад» [16, с. 26]. Муҳаққиқ ҳамзамон, тақсимбандии меҳнат ва касбро дар зуҳури реклама муҳим мешуморад. Мо ба ин гуфтаҳо мувофиқ ҳастем, аммо дар ин замина нуктаеро бояд илова намуд, ки рушду пешрафти иқтисодиёт ва ҳамзамон густариши фаъолияти ҷорчиён аз ҷумлаи омилҳои муҳимми таъсиррасон ба зуҳуру ташаккули реклама ба шумор мерафтанд.

Дар мавриди мафҳуми реклама то ҳанӯз андешаҳо мухталифанд, баъзе хулоса менамоянд, ки реклама зуҳуроти техникист, аммо ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии онро фаромӯш мекунанд, ки ин нукта қабул нест. Реклама тавре амалия нишон медиҳад, ҳанӯз аз замони пайдоиш то ба имрӯз як рисолатро ба дӯш дорад, яъне метавон чунин хулоса намуд, ки реклама - ҳаракати ҳадафнокест, ки ба хотири таъсир расондан ба фурӯш ва хариди мол талош менамояд.

Мафҳуми реклама аз вожаи фаронсавӣ «рекламе» ва лотинии «рекламо» гирифта шуда, маъноияш «фарёд задан», «аз худ хабар додан» мебошад.

Дар аҳди қадим аз тарафи тоҷирону савдогарон нафарони махсус барои таблиғи молу маҳсулоташон киро карда мешуданд, ки онҳоро дар Шарқ «ҷорчиён» ва дар Ғарб «глашатай» меномиданд. Вазифаи онҳо пеш аз ҳама аз он иборат буд, ки бо садои баланд молу маҳсулоти тоҷиронро таблиғ намуда, мардумро ба харидории онҳо даъват менамуданд. Ҷорчиён ҳамзамон, оммаро аз омадан ва истеҳсол шудани маҳсулоти тоза хабардор менамуданд.

Ҷорчиён аввал дар Миср баъдан дар Юнону Рим пайдо шуданд. Дар Юнони Қадим даъватҳои ҷорчиён баъзан ба шакли шеър гуфта мешуданд. Дар он замон як қисми ҷорчиён дар хизмати давлат буданду як қисми дигар ин амалро пешаи худ қарор дода буданд. Дар аҳди қадим «хабарҳои тоза дар бораи навгониҳо ба шакли аз даҳон ба даҳон паҳн мегаштанд яъне, дар байни ҷомеа овозаҳо дар бораи маҳсулоти нав ба зудӣ паҳн мегардиданд» [2, с. 15].

Намоишгоҳҳоро метавон яке аз омилҳои рушду ташаккули реклама донист, зеро онҳо заминаи мусоиде барои ҳамаҷиҳата сифатнок гардидани маҳсулоти давр фароҳам меоварданд. Бино ба қавли Д.Самадова «ин намоишгоҳҳо боис мегардиданд, то масъулияти савдогарон ва тоҷирон афзун гашта, онҳо ба сифат, намуд ва бастабанди молу маҳсулоти хеш таввақуҳи зиёд намоянд» [17, с. 8].

Лавҳаҳои матнӣ низ дар он давр дар устохонаҳо, маркази савдо, меҳмонхонаҳо ва ғайра зада мешуданд. Дар китобҳо матнҳои рекламавӣ мавҷуд буданд. ҳатто дар сутунҳои сангӣ унсурҳои реклама мушоҳида мегардид. Аз ин ҳама метавон чунин натиҷа бароварда, ки дар аҳди қадим аслан ҷорчиёну савдогарон ва тоҷирон ба пайдоиши реклама асос гузоштаанд.

Муҳаққиқони зиёде дар боби зуҳури реклама андешаҳои ҷолиб баён намудаанд, ки қобили дастгириянд, аммо, бояд илова намуд, ки ҳанӯз дар замони қадим, дар айёме ки ҷомеа дар марҳалаи ибтидоии рушд қарор дошт, талаботи мардум ба хабар ба тадриҷ меафзуд ва маҳз ин ҳолат низ боис гардид, ки заминае барои зуҳури реклама фароҳам ояд. Чунончи, император Юлий Сезар (100-44 т.м.) замони ҳукмронии худ фармоне содир менамояд, ки бояд мардуми кишвараш ҳамарӯза ва пайваста аз қарору қонунҳои сенат хабардор шавад. Ин қарори шоҳ дар ҷомеа талабот ба хабарҳои навро афзун намуда, заминаи мусоиде барои бунёд ва рушди расонаҳои иттилоотӣ гузошт, яъне барои ҳукумати подшоҳӣ василаи хабаррасон ба хотири огоҳсозии мардум аз қарору қонунҳо зарур буд. Ин вазифаро нахустин рӯзнома «Акта сенатус» ичро менамуд.

Дар баробари хабарҳои расмӣ ҳамзамон, иттилооти шахсӣ ҳанӯз дар замони император Август Октавиан (63 т.м-14 т.м.) паҳн мегардиданд, ки дар бораи баргузории тӯйҳо, ҷудошавии оилаҳо, дар бораи фурӯши маҳсулот ва ғайра хабар медоданд. Ин гуна хабарҳо дар лавҳаҳои махсуси гаҷӣ нигошта мешуданд. Ҳамчунин, деворҳои биноҳои калони сафед аз ин гуна иттилоот пур буданд.

Бисёре аз муҳаққиқон қоғазро аз муҳимтарин ихтирои башар меҳисобанд, ки ба назари мо дуруст аст. Зеро бидуни қоғаз рушди матбуотро наметавон тасаввур намуд. Чунончи, ба қавли А.Свик «қоғаз аввалан дар Хитой, Ҷопон зуҳур намуд ва баъдан тавассути кишварҳои араб ба Аврупо роҳ ёфт» [18, с. 24].

То замони ихтирои қоғаз дар Мисри қадим аз папирус истифода мекардаанд. Баъдан дар асри 11 то милод дар Осиёи Хурд аз пергамент (аз пӯсти ҳайвонот) низ истифода менамуданд.

Дар аҳди қадим ихтирои қоғаз имконияте фароҳам овард, ки мардум бо василаи он хат навишта, расм кашида ҳамдигарро аз ҳоли якдигар воқиф созанд, ё худ баргузории ягон чорабиниро дар варақаҳои махсус навишта миёни мардум паҳн намоянд, ки бархе ҷанбаи тарғиботӣ доштанд.

Дар маҷмуъ, нахустин фармоишгарони реклама савдогарони майда, косибон, сиёсатшиносон, намояндагони дин ва ашхоси дигар буданд. Ҳар яке ба хотири аҳдофи хеш андешаи омода намудани рекламаро менамуданд ва ин худ натиҷаи он буд, ки дар он замон аллакай, таъсири реклама назаррас буд. Ҳадафи рекламаи он замона пеш аз ҳама дар хабардор намудани мардум буд.

Хулоса, бо гузашти айём рекламаҳои замони қадим рангину ҷолиб мегардиданд ва бояд таъкид намуд, ки рекламаи шифоҳӣ дар ин давра бартарӣ дошт. Ва ин омил аз як ҷиҳат дар густариши санъати воизӣ ва наттоқӣ низ мусоидат менамуд, чун аслан воизону ҷорчиён ба таблиғу тарғиб машғул буданд. Аз раванди зуҳур ва таъсири реклама ба ҷомеа дар дунёи қадим метавон чунин хулоса бароварда, ки аслан пешрафти ҷомеа, баланд шудани маърифати мардум ва ҳамзамон талабот ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва муносибатҳои аҳли ҷомеа ба пайдоиши реклама асос гузошт.

Реклама ки ҳанӯз аз даврањои қадим ибтидо мегирад, марҳала ба марҳала рӯ ба густариш ниҳода, дар ҷомеа мавқеи худро пайдо намуд. Имрӯз реклама хусусият ва моҳияти хоси худро дорад, чунончи, новобаста аз давраи тул кашиданаш ба қарнҳои таърих, он аз ибтидо то ба имрӯз моҳияти худро гум накарда, баръакс ҳамчун падидаи муосир тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷомеаро фаро гирифтааст.

Имрӯз дар ҷомеаи муосир шояд соҳаеро дарёфт намудан душвор аст, ки аз реклама ва ё аз хидмати реклама истифода накарда бошад. Имрӯз барои рушди донишу малака ва ё тарбияи маънавии инсонҳо аз реклама васеъ истифода бурда мешавад, ки бори дигар аз мавқеи намоёни реклама шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, раванди таҳқиқ нишон дод, ки ба пайдоиш ва зуҳури реклама ҳамчун воситаи муассири таблиғ омилҳои зеринро метавон мансуб донист:

-талаботи ҷомеа ба иттилоот;
-рушди савдо ва иқтисодиёт;
-пайдоиши молу маҳсулот;
-рақобати байни истеҳсолкунандагон;
-густариши касбу ҳунар;
-фаъолияти ҷорчиён;
-истифодаи тамға ва рамзҳои махсус;
-ихтирои қоғаз ва рушди матбуот.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки реклама то ба имрӯз аз марҳилаҳои муҳимми гуногуни таърихӣ гузашта, аз воситаи иттилоотиву тарғиботӣ ба як василаи муассири таблиғотии муосир табдил ёфтааст, бешак натиҷаи рушду таҳаввули иҷтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии башарият ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқу омӯзиши ин василаи тарғибу ташвиқ имрӯз муҳимму судманд ба шумор меравад.

Дар ин замина, таърихи реклама нишон медиҳад, ки он на танҳо ҳамчун воситаи иттилоотӣ, балки ҳамчун омили ташаккули фарҳанги истеъмол ва тарзи зиндагии ҷомеа нақш бозидааст. Бо рушди шаҳрҳо ва афзоиши аҳолӣ, реклама аз шаклҳои соддаи шифоҳӣ ба шаклҳои хаттӣ ва тасвирӣ гузашт, ки ин раванд ба тадриҷ заминаи пайдоиши матбуоти даврӣ ва рӯзномаҳои тиҷоратиро фароҳам овард.

Дар асрҳои миёна, бо густариши савдои байналмилалӣ ва пайдоиши ярмаркаҳои бузург, реклама ҳамчун воситаи муҳимми муошрати тиҷоратӣ баён гардид. Тоҷирон ва косибон барои ҷалби харидорон аз эълонҳои хаттӣ, тамғаҳои махсус ва нишонаҳои тиҷоратӣ истифода мебурданд, ки ин раванд ба ташаккули анъанаҳои нави таблиғ мусоидат намуд.

Дар давраи нав, бо ихтирои чоп ва пайдоиши матбуоти оммавӣ, реклама ба як соҳаи мустақили фаъолият табдил ёфт. Эълонҳои рӯзномавӣ, плакатҳо ва варақаҳои таблиғотӣ ба

воситаи асосии паҳн кардани маълумот дар бораи молу хизматҳо табдил ёфтанд ва ба рушди иқтисоди бозорӣ таъсири бевосита гузоштанд.

Имрӯз, реклама ҳамчун як падидаи мураккаб ва бисёрҷанба, на танҳо дар соҳаи иқтисод, балки дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ низ мавқеи муҳим дорад. Он ба ташаккули афкори ҷомеа, тарбияи маънавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ таъсири назаррас мерасонад, ки ин бори дигар аз аҳаммияти омӯзиши реклама ҳамчун воситаи муосири таблиғ шаҳодат медиҳад.

Дар ин робита, омӯзиши таърихи реклама ба мо имкон медиҳад, ки равандҳои тағйирёбандаи муошират тиҷоратиро дар даврaҳои гуногун дарк кунем. Таҳлили ин раванд нишон медиҳад, ки реклама ҳамеша ба шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мутобиқ шуда, шаклҳои нав ва усулҳои муассири таблиғро ба вуҷуд овардааст. Маҳз ҳамин тағйирпазирӣ ва мутобиқшавӣ ба реклама имкон додааст, ки то имрӯз ҳамчун як унсури ҷудонашавандаи ҷомеа боқӣ монад.

Дар оянда, бо пешрафти технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, реклама ба самтҳои нави рушд ворид мешавад. Таҳлили ин тамоюлҳо барои дарки дурусти мавқеи реклама дар ҷомеаи иттилоотӣ муҳим аст, зеро он метавонад ба ташаккули рафтори истеъмолкунандагон ва афкори умумӣ таъсири бевосита расонад. Ин омилҳо нишон медиҳанд, ки реклама на танҳо як воситаи иқтисодӣ, балки як қисми муҳимми фарҳанги муосир боқӣ мемонад.

Адабиёт:

1. Веригин, А. Русская реклама / А. Веригин. – Санкт-Петербург: Изд-во газеты «Русский труд», 1898. – 23 с.
2. Картер, Г. Эффективная реклама: путеводитель для мелких предприятий / Г. Картер; пер. с англ. – Москва: Прогресс, 1991. – 280 с.
3. Кохтев, Н.Н. Реклама: искусство слова: рекомендации для составителей рекламных текстов / Н. Н. Кохтев. – Москва: Изд-во Московского университета, 1997. – 95 с.
4. Корнилов, Л.В., Фильчикова, Н. Б. От глашатая до неона / Л.В. Корнилов, Н.Б. Фильчикова. – Москва: Знание, 1978. – 126 с.
5. Кромптон, А. Мастерская рекламного текста / А. Кромптон; пер. с англ. – 2-е изд. – Москва: Издательский дом «Довгань», 1998. – 243 с.
6. Муллоев, Ш., Аминов, А. О роли рекламы в формировании массовой культуры / Ш. Муллоев, А. Аминов // Азия-Плюс. – 2014. – 13 октябр.
7. Огилви, Д. Тайны рекламного двора: советы старого рекламиста / Д. Огилви. – Москва: ИТАР-ТАСС, 1993. – 112 с.
8. Плисский, Н. Путь к богатству. Реклама. Ее значение, происхождение и история. Примеры рекламирования / Н. Плисский. – Санкт-Петербург: Изд-во Ф.В. Щепанского, 1894.
9. Саъдуллоев, А., Давронов, Д., Муродов, М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист / А. Саъдуллоев, Д. Давронов, М. Муродов. – Душанбе, 2004. – 127 с.
10. Сэндидж, Ч., Фрайбургер, В., Ротцолл, К. Реклама: теория и практика / Ч. Сэндидж, В. Фрайбургер, К. Ротцолл; пер. с англ. В.Б. Боброва; общ. ред. и вступ. ст. Е.М. Пеньковой. – Москва: Прогресс, 1989. – 628 с.
11. Скотт, У.Д. Теория и практика рекламы / У.Д. Скотт. – Chicago: Small, 1903. – 240 p.
12. Собиров С.Н. Таъсири рекламаи сиёсӣ ба рафтори сиёсии шаҳрвандон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2019. – №1. – С. 50-56.
13. Ученова, В.В., Старых, Н.В. История рекламы: учебник / В.В. Ученова, Н.В. Старых. – 2-е изд. – Санкт-Петербург: Питер, 2003. – 304 с.
14. Усов, В.В., Васькин, Е.В. Волшебный мир рекламы / В.В. Усов, Е.В. Васькин. – Москва: Московский рабочий, 1982. – 205 с.
15. Усмонов, И.К. Журналистика. Қисми I / И.К. Усмонов. – Душанбе: Империал групп, 2005. – 480 с.

16. Хромов, Л.Н. Рекламная деятельность: искусство, теория, практика: настольная книга делового человека-менеджера и бизнесмена / Л.Н. Хромов. – Петрозаводск: Фолиум, 1994. – 308 с.

17. Шехов, А.А., Самадова, Д.Ҳ. Асосҳои реклама / А.А. Шехов, Д.Ҳ. Самадова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – 122 с.

18. Цвик, В.Л. Реклама как вид журналистики: учебное пособие / В.Л. Цвик. – Москва: Институт современного искусства, 2001. – 135 с.

РЕКЛАМА ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар боби замина ва омилҳои пайдоиши реклама дар ҷомеаи башарӣ меравад. Муаллиф дар мақола кӯшидааст, то он чанд омилҳои таъсиррасони зуҳур ва рушди рекламаро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Аввалан муаллиф нақши ҷорчиёнро дар зуҳур ва пайдоиши реклама муҳим дониста, таъкид менамояд, ки «аслан пешрафти ҷомеа, баланд шудани маърифати мардум ва ҳамзамон талабот ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва муносибатҳои аҳли ҷомеа ба пайдоиши реклама асос гузошт.

Дар аҳди қадим рекламаи шифоҳӣ хеле бартарӣ дошт, ки он ҳамзамон ба рушди санъати наттоқӣ низ таъсир расонид. Бино ба таъкиди муаллиф, реклама то ба имрӯз аз марҳилаҳои муҳимми гуногуни таърихӣ гузашта, аз воситаи иттилоотиву тарғиботӣ ба як василаи муассири таблиғотии муосир табдил ёфтааст.

Калидвожаҳо: Реклама, пайдоиши реклама, таърихи реклама, рекламаи шифоҳӣ, ҷорчӣ, тарғибот, иттилоот, талабот, тиҷорат, рушди иқтисодӣ, падидаи иҷтимоӣ, Аҳди Қадим, Рими Қадим, «Acta Senatus», намоишгоҳ.

РЕКЛАМА И ПРЕДПОСЫЛКИ ЕЁ ВОЗНИКНОВЕНИЯ

В данной статье рассматриваются предпосылки и факторы возникновения рекламы в человеческом обществе. Автор стремится проанализировать ряд ключевых факторов, оказавших влияние на зарождение и развитие рекламы.

Прежде всего подчёркивается важная роль глашатаев в процессе становления рекламы. Отмечается, что именно развитие общества, рост уровня просвещённости населения, а также потребность в экономическом, социальном и политическом развитии и усложнение общественных отношений заложили основу для появления рекламы.

В древний период доминировала устная реклама, которая одновременно способствовала развитию ораторского искусства. По мнению автора, реклама прошла через ряд значительных исторических этапов и трансформировалась из средства информирования и пропаганды в эффективный инструмент современной коммуникации и продвижения.

Ключевые слова: Реклама, возникновение рекламы, история рекламы, устная реклама, глашатай, пропаганда, информация, спрос, торговля, экономическое развитие, социальное явление, Древний мир, Древний Рим, «Acta Senatus», выставка.

ADVERTISING AND THE PRECONDITIONS FOR ITS EMERGENCE

This article examines the preconditions and factors that led to the emergence of advertising in human society. The author analyzes several key factors that influenced the origin and subsequent development of advertising.

Particular emphasis is placed on the role of town criers in the early formation of advertising practices. It is argued that societal progress, the rising level of public awareness, as well as the growing need for economic, social, and political development and the increasing complexity of social relations, created the foundation for the emergence of advertising.

In ancient times, oral advertising predominated and simultaneously contributed to the development of rhetorical art. According to the author, advertising has passed through significant historical stages and has evolved from a means of information and propaganda into an effective instrument of modern promotional communication.

Keywords: Advertising, emergence of advertising, history of advertising, word-of-mouth advertising, town crier, propaganda, information, demand, trade, economic development, social phenomenon, Ancient World, Ancient Rome, «Acta Senatus», exhibition.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимова Саидахон Абдулатифовна, Сарпродюсери Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо», унвонҷӯйи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тел: 989 15 60 00, E-mail bony_boboeva@mail.ru

Сведения об авторе: Рахимова Саидахон Абдулатифовна, старший продюсер Государственного учреждения «Джахоннамо», соискатель кафедры журналистики и теории перевода Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова. Тел.: 989 15 60 00, E-mail: bony_boboeva@mail.ru

Information about the author Rahimova Saidakhon Abdulatifovna, senior producer at the state institution «Jahonnamo», applicant at the department of journalism and translation theory, Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov. Tel.: +992 98 915 6000, E-mail: bony_boboeva@mail.ru

ТДУ: 81'36 + 811.222.8 + 811.111

МАФҲУМИ КАЛИМА ВА ИБОРА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Сайдалиева З.О., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Самариддинов К.Н., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Дангара

Калимаву ибора, ҷумлаи сода ва ҷумлаи мураккаб воҳидҳои муҳимтарини наҳвии ҳар як забони муқоисашаванда ба шумор рафта, ҳамарӯза мавриди омӯзиш ва пажуҳиши омӯзандагони ҳарду забон ба таври васеъ истифода мегардад. Зеро, калима воҳиди махсуси наҳв набошад ҳам, вазифаи худро маҳз дар таркиби ибора ва ҷумла иҷро менамояд, вай дар ташкили воҳидҳои махсуси наҳв фаъолона иштирок менамояд. Калимаи мустақил мувофиқи имконияти луғавию грамматикӣ дигар калимаҳоро ба худ тобеъ менамояд ва ба онҳо тобеъ мешавад ва ба ин восита таркибҳои наҳвиро созмон медиҳад. Калима шаклҳои гуногун дорад, ки дар ташкили ҳамаи воҳидҳо ва категорияҳои наҳвӣ иштирок менамоянд.

Ибора дар ҳарду забон ҳам аз ду ва ё зиёда калимаи мустақилмаъно бо роҳи алоқаи тобеъ ташкил меёбад. Ибора дар ҷумла ҳамчун мавод истифода мешавад. Аз ин хотир, ибора мисли калима танҳо ба воситаи ҷумла ба низоми воситаҳои коммуникативии забон дохил мешавад. Ибора мисли калима ба гурӯҳи воситаҳои номинативии забон дохил шуда, муносибати байни ашёву ҳодиса ва аломату амалро мефаҳмонад. Ибора баръакси калима мафҳуми ба қисмҳо ҷудошавандаро ифода менамояд. Ҷузъҳои ибора дар шакли калима воқеъ мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо дорои аломатҳои грамматикии калима мебошанд. Ин мустақилияти грамматикӣ имконият медиҳад, ки дар байни ҷузъҳои ибора дигар калимаҳои эзоҳдиҳанда дохил шаванд. Инчунин, абстрактсияи калима аз абстрактсияи ибора хеле баланд аст [2, с. 85].

Ба ибораи дигар ифода намоем, тафовут ва монандии ибора дар ҳарду забони муқоисашаванда гуногун буда, бисёр масъалаҳоро дар бар мегирад, ки дар як таҳқиқ ба таври кушоду васеъ ҳал кардани онҳо аз имкон берун аст. Хусусан алоҳида омӯхтани маънои ибораҳо; аниқтар таҳқиқ кардани воситаҳои муайянкунандаи маънои онҳо; ба таври муфассал таъйин кардани мавқеи ибораҳо дар жанру услубҳои гуногуни ду забон; пурратар таҳқиқ кардани ҳодисаҳои ба ибора табдил додани дигар ҳиссаҳои нутқ ва муносибати онҳо; чукуртар омӯхтани вазифаҳои услубии ибораҳо ва монанди инҳо ҳоло ҳам мунтазири таҳқиқ қарор доранд.

Чӣ тавре ки қайд кардем ибораҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба амсоли *noun phrases - ибораҳои исмӣ,* дили модар - *the heart of mother*, дарахти зардолу - *the apricot tree, adjective phrases - ибораҳои сифатӣ,* духтари зебо - *the beautiful girl,* ҷавони нозук - *the tender young, numeral phrases - ибораҳои шуморагӣ,* соли 1917 - *the 1917 year*, рӯзи бистум - *twenty days,* роҳи сеюм - *the third way, pronoun phrases - ибораҳои ҷонишинӣ,* хонаи мо - *our home,* марҳамати шумо - *you are wellcome*, фармони ӯ - *his order, verb phrases - ибораҳои феълӣ* фурсати рафтан - *the time going*, ёрони рафта, ғайрати гап задан, ҷавонии гузашта - *the passing younger. For example: He is standing near a wall* - Вай дар наздикии девор истодааст.

Ибораҳои исмӣ дар навбати худ бо дигар ҳиссаҳои номии нутқ аз он ҷумла, бо худи исм, сифат, шумора, ҷонишин омада, ибораҳои исмӣ бо исм, ибораҳои исмӣ бо сифат, ибораҳои исмӣ бо шумора, ибораҳои исмӣ бо ҷонишинро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, ибораҳои исмӣ бо сифати феълӣ ва масдар якҷоя омада, ибораҳои исмӣ бо сифати феълӣ, ибораҳои исмӣ бо масдарро месозанд. Ибораҳои сифатӣ аслан бо пешояндҳо омада, ибораҳои сифатии пешояндӣ ва ибораҳои сифатӣ бо пешояндҳои номиро ташкил медиҳанд.

Ибораҳои ҷонишинӣ ва феълӣ намудҳо ва зернамудҳои хоси худро ба мисли ибораҳои исмӣ, сифатӣ ва шуморагӣ надоранд. Вале ибораҳои феълӣ серистифодатарин ибораҳои наҳвӣ мебошанд ва як гурӯҳ исмҳо бо феъл бо роҳи ҳамроҳшавӣ тобеанд.

Дар забони тоҷикӣ гурӯҳи калони ибораҳоро ибораҳои исмӣ ва ибораҳои сифатӣ ташкил медиҳанд, лекин дар забони англисӣ бошад, гурӯҳи калони ибораҳоро фақат ибораҳои исмӣ ташкил медиҳанду халос. Яке аз таърифи васеъ паҳншудаи манфии ибора таъкиде мебошад, ки ибора самти муоширатӣ надорад. Ин дар ҳақиқат чунин аст. Мавҷуд набудани самти муоширатӣ яке аз аломатҳои бебаҳси ибора мебошад. Нуқтаи назари анъанавии дар забоншиносии ватанӣ аз миёнаҳои асри XX зери таъсири В.В. Виноградов ба миёномада, таъбири ибора ҳамчун сохтори тобеъ гашт. Аммо теъдоди бешумори забоншиносони ватанӣ ва аксар забоншиносони хориҷӣ ибораро дилхоҳ гурӯҳи наҳвӣ ташкилнамудаи калимаҳо новобаста аз намуди муносибате, ки ба он такя мекунад, меҳисобанд.

Ҳангоми ҳамагуна тафсири ибора ин воҳиди наҳвӣ дар доираи наҳв ҳамчун сохти ташкилнамудаи грамматикӣ баромад мекунад, яъне, ҳамчун сохтори грамматикӣ.

Аз рӯйи ин барои сохтори мукаммали ҳамагуна ибора омӯзиши таркиби морфологии он барои ошкор кардани комбинаторикаи синфҳои морфологӣ ва бинобар ин масъала доир ба падидаи ивазкунӣ дар наҳв мебошанд.

Назарияи ибора дар давраи тулонии ташаккули худ як қатор дигаргуниҳоро аз сар гузаронидааст. То солҳои 50-уми асри XX фаҳмиши васеи истилоҳи «ибора» ҳукмрон буд ва ҳамагуна гурӯҳи ташкилии наҳвӣ новобаста аз таркиби худ ва намудҳои муносибатҳои наҳвии байни таркиби онҳо ҳамчун ибора баррасӣ мешуданд.

Ин нуқтаи назар аз тарафи аксари забоншиносони ватании муосир ва аз он ҷумла дар мақолаи мазкур қобили қабул гардидааст.

Аммо то солҳои 50-уми асри XX дар забоншиносии ватании муосир маънидоди дигари ин мушкилот ба миён омада буд ва истилоҳи «ибора» мазмуни бисёр тангро ба худ гирифта буд ва танҳо нисбати он пайвастагиҳое истифода мешуд, ки на кам аз ду калимаи мустақилмаъноро дарбар мегирифт ва дар муносибати тобеӣ буданд. Гурӯҳҳои пайвасткунанда ё пурра аз доираи омӯзиши ибора бароварда мешуданд, ё бо тавзеҳи бешумор ворид мешуданд. Гурӯҳҳои предикативӣ ва пешояндӣ пурра аз доираи омӯзиши ибора бароварда шуданд. Ин нуқтаи назар аз тарафи академик В.В. Виноградов таҳия шуд ва аз тарафи бисёр забоншиносони ватанӣ дастгирӣ ёфт.

Барои намояндагони мактаби забоншиносии шуравии тарафдори чунин фаҳмиши танги ибора кӯшиши то ҳадди зиёдтарин ба ҳам наздик кардани калима ва ибора хос аст.

Новобаста аз он, ки ин нуқтаи назарро аксари забоншиносони рус (акад. В.М. Жирмунский, проф. Б.А. Илиш ва дигарон) тарафдорӣ накарданд, вай миёнаҳои асри XX ҳукмрон гашт ва фаҳмиши анъанавии ибора дар забоншиносии ватанӣ дар давраи муосир танҳо бо сохторҳои тобеӣ маҳдуд мегардад.

Боз як маротиба ёдрас кардан ҷоиз аст, ки дар мақолаи мазкур дигар нуқтаи назар қабул шудааст, ки мувофиқи он ҳамагуна гурӯҳи ташкилшудаи наҳвӣ ҳамчун ибора баррасӣ мешаванд.

Назарияи илмиии ибора дар хориҷи кишвар назар ба мо дертар ба миён омад. Сарфаҳмравии назариявии ин мушкилот итмоми қатъии худро солҳои 30-юми асри XX гирифт ва бисёртар дар корҳои Л. Блумфилд маълум гардидааст. Л. Блумфилд ибораро бисёр васеъ мефаҳмад ва маҳдуд кардани доираи ибораро бо ягон намуд гурӯҳи луғавӣ зарур намешуморад. Монанд ба аксари забоншиносони ватании асри XIX ва аввали асри XX ва ҳамчунин гурӯҳи калони забоншиносони ватании муосир Блумфилд ҳамагуна гурӯҳи ташкилшудаи наҳвиро аз нуқтаи назари сохтори мунтазамии он ибора медонад. Тибқи назарияи Блумфилд ибораи ҳар забон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешавад:

1) эндомарказӣ;

2) экзомарказӣ.

Блумфилд ба гурӯҳи эндомарказӣ ҳамаи он ибораҳоеро дохил мекунад, ки як ё дилхоҳ узви таркибдиҳанда метавонад дар сохтори калон амал кунад, ҳамчунин ба мисли ҳамаи гурӯҳ. Масалан, *poor John* ибораи эндомарказиро ифода мекунад, чунки узви таркибии он *John* метавонад ибораи *poor John*- ро бо сохти каме фарохтар иваз кунад: *Poor John ran away — John ran away.* Ибораи *Tom and Mary* ҳамчунин аз рӯйи ақидаи Блумфилд сохтори эндомарказиро ифода мекунад, чунки дилхоҳ узви таркиби он метавонад ҳамаи ибораро бо сохти калоне иваз кунад: *Tom and Mary ran away — Tom ran away; Mary ran away.* Он ки дар ин маврид феъл дар замони ҳозира шакли худро ба шумораи танҳо (муқоиса кунед *Tom and Mary run away — Tom runs away; Mary runs away)* иваз мекунад, Блумфилд барои ин навъ ибораҳои ҷудокардашударо табиӣ намешуморад [8, с. 214].

Сохтори экзомарказӣ, аз рӯйи ақидаи Блумфилд бо он тавсиф мешавад, ки яке аз узви таркиб наметавонад дар сохтори калон ҳамаи гурӯҳро иваз кунад: *John ran* ё *beside John.*Тақсими ибора ба эндомарказӣ ва экзомарказӣ ба рафтори гурӯҳҳо дар сохтори калон асос меёбад ва сохти дохилии онро ба ҳисоб намегирад. Новобаста аз тафовут дар сохти дохилии гурӯҳҳои *poor John* ва *Tom and Mary*, ҳардуи ин гуногуншаклиҳо дар як намуд муттаҳид ба назар мерасанд, чунки рафтори онҳо сохти фарохи якхела аст. Аммо аз рӯйи сохтори дохилӣ ин ибораҳо гуногуннамуд ҳастанд. Таснифи минбаъдаи ибораро Блумфилд бо назардошти сохтори дохилии гурӯҳҳои таҳлилшаванда гузаронида ва ҳамаи сохторҳои эндомарказиро ба ду намуд тақсим мекунад: тобеъшаванда *poor John* ва пайвастшаванда *Tom and Mary*.

Тақсими сохтори экзомарказӣ ба зергурӯҳҳо аз рӯйи дигар усул гузаронида мешавад ва имконият медиҳад, ки ибораҳои предикативӣ *John ran away* ва ибораҳои пешояндӣ *beside John* ҷудо карда шавад [8, с. 214].

Зергурӯҳбандии гурӯҳҳои экзомарказӣ аз як қатор нопайдарҳамӣ зарар мебинанд, чунки гурӯҳҳои предикативӣ дар асоси намудҳои алоқаҳои наҳвии муқарраршудаи байни элементҳо ҷудо карда мешаванд ва гурӯҳҳои пешояндӣ дар асоси аломатҳои морфологии ҳиссаҳои нутқ яке аз таркибҳои ибора — пешоянд ҷудо карда мешаванд. Аммо ин зергурӯҳбандӣ дар муроҷиат қулай аст, чунки аломатҳои хусусиятии ҳар як намудҳои ибораи баррасишавандаро ҷудо мекунад.

Пайравони Блумфилд минбаъд ин нақшаро коркард карданд ва бар он як қатор тағйирот дохил карданд, баъзе намудҳои ибораҳоро илова карданд, яъне ин таснифотро майдатар карданд, ҳамчунин намудҳои нави алоқаҳои наҳвии қайднакардаи Блумфилдро ворид сохтанд.

Ҷои тааҷҷуби хусусияти корҳои забоншиносони хориҷӣ доир ба ибора вуҷуд надоштани истилоҳи ягонаи маъмулистифода мебошад. Истилоҳи бештар маъмул барои ибора, ки дар хориҷа истифода мекунанд, истилоҳи «phrase» мебошад. Аммо на ҳама муаллифон ба ин масъала сарукор дошта онро истифода мебаранд. Агар дар давраи асрҳои XVII, XVIII ва XIX ин истилоҳ маъмул буд, вале дар асрҳои XIX ва XX забоншиноси англис Г. Суит истифодаи онро дар асоси он ки бисёр сермаъно гашта, неруи истилоҳии худро гум кардааст, маҳкум кард. Аз оғози асри XX истилоҳи «phrase» қариб аз истифода баромад ва бо як қатор истилоҳҳои нав ба

мисли «word group», «word cluster» ва ғайраҳо иваз шуданд. Ҳамаи ин истилоҳҳо барои ифодаи ибора истифода гардиданд.

Аммо Л. Блумфилд ба истилоҳи «phrase» бо истифода дар назарияи нави ибора, мақоми пешини онро баргардонид. Забоншиносони ватании алоҳида чунин меҳисобанд, ки истилоҳи «phrase» ба забоншиносони амрикоӣ хос аст ва он ки дар адабиёти забоншиносии англис истилоҳи «word group» ба истилоҳи «phrase» дар рақобат аст, дуруст мебошад [8, с. 222].

Блумфилд ҳамчунин ин истилоҳро барои ифодаи он аъзои ибораи эндомарказӣ истифода бурд, ки метавонад ҳамаи гурӯҳро дар сохтори калон иваз кунад. Дар ибораҳои эндомарказии тобеъ ин унсур духела номбар шуданаш мумкин: ё «head», ё «centre». Барои таркибдиҳандагон дар гурӯҳи эндомарказии пайваст яке аз ин истилоҳҳо истифода шудаанд, махсусан, «centre». Чи хел бобарор дар адабиёт барои Блумфилд қайд шудааст: «all heads are centres, but not all centres are heads» (S. Chatman).

Дар навбати аввал зергурӯҳбандии ибораҳои эндомарказии пешниҳоднамудаи Ч. Хоккеттро ишора кардан зарур аст [11, с. 236].

Вай бо усули соф сохтории ҷойгиршавии асос (ядро) дар муносибат бо дигар аъзои ибора асос ёфта, ба худ 4 намуди ибораро дарбар мегирад:

1 – ум намуд — асос дар мавқеи охир — *new books*

2 – юм намуд — асос дар мавқеи пеш — *experiment perilous*

3 – юм намуд — асос дар марказ — *as good as that*

4 – ум намуд— асос сохторро дар чорчӯба мегирад – *did not go*

Ислоҳи ояндаи ба таснифот вориднамудаи Блумфилд ба намудҳои муносибатҳои дар дохили ибора мушоҳидашаванда дахл дорад, ки ба тасвири ибораҳои махсус имконият дод ва ба таснифоти пешниҳоднамудаи Блумфилд ворид нашудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқҳои гузаронидашуда намудҳои нави гурӯҳҳои наҳвии тавсифкунандаи алоқаҳои озоди байни унсурҳо илова шуданд. Ин созишҳо ҳамчун гурӯҳҳои наҳвии дар асоси муносибатҳои паратаксис тасниф шуданд ва созишҳои паратаксисӣ номида шудаанд. Мисоли ин гурӯҳ ибораи *Yes, please* метавонад бошад. Дигар ҳамаи ибораҳо ба гурӯҳи гипотаксисӣ ворид карда шуданд, чунки онҳо дар муносибатҳои гипотаксис, яъне вобастагӣ асос ёфтанд [7, с. 143].

Вобаста ба азнавсозии схемаи таснифот ва ворид кардани ду намуди нави созиши наҳвӣ, тақсимоти аввалини гурӯҳҳои наҳвӣ номҳои дигарро гирифт: эндомарказӣ ва экзомарказӣ. Ба ҷои ин дар марҳилаи аввал таснифоти ҳамаи ибораҳои дар забон мавҷуда ба гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: 1) ибораҳои асосашон гипотаксис ва 2) ибораҳои асосашон паратаксис. Зергурӯҳбандии гурӯҳи гипотаксисӣ баъдан схемаи блумфилдиро такрор мекунад, яъне, ҳамаи гурӯҳҳои гипотаксисӣ ба эндомарказӣ ва экзомарказӣ ҷудо мешаванд. Зертаснифоти дигари гурӯҳи эндомарказӣ ба монанди таснифоти Блумфилд ду зергурӯҳро медиҳанд: координативӣ ва субординативӣ.

Таърифи моҳияти гипотаксис ва паратаксис дар ин мақола оварда нашудааст ва аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ин истилоҳот дар истифодаи анъанавии онҳо мавриди истифода қарор гирифтанд.

Мувофиқ ба нуқтаи назари маъмул «гипотаксис» ё тобеият ё вобастагии як ҷумларо аз дигараш ва ё ифодаи алоқаҳои наҳвии вобастагии як унсурро аз дигараш мефаҳмонад. Агар инро ба сифати таъбири охирин қабул намоем, дар он вақт дар ҳақиқат ба мисли ҳам ибораҳои эндомарказӣ ва ҳам экзомарказӣ муносибатҳои наҳвӣ кушода ва осон муайяншаванда баён гаштаанд.

Паратаксис ҳамчун роҳи ифодаи муносибатҳои наҳвӣ тавассути муқоисаи усулҳои мувофиқ, бе ифодаи шаклии вобастагии наҳвӣ тафсир мешавад. Чунин фаҳмиши «паратаксис» онро барои ифодаи гурӯҳи намуди *Yes, please,* ки дар он фаҳмидани алоқаи байни таркибдиҳандаҳо мушкил аст, қулай мегардонад.

Умуман, қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи нақшаи дар хориҷа қабулкардашуда бо як унсури ягона барои ҳамаи марҳилаҳои таснифот ба кулли намудҳои сохторҳои ҷудошуда, муттаҳид нашудаанд.

Ҷудо кардани ибора ба гипотаксис ва паратаксис ба муносибатҳои дохили сохтори байни унсурҳои таркибдиҳандагии он асос ёфтааст. Марҳилаҳои ояндаи таснифот танҳо созишҳои гипотаксисиро фаро мегиранд, кӯшиши зертасниф кардани ибораи амалӣ дастгирии умумро ба даст наовард, одатан ҳоло истифода намешавад.

Дар марҳилаи дуюм сохторҳои гипотаксисӣ ба эндомарказӣ ва экзомарказӣ ҷудо мешаванд. Ин тақсимот чи тавре, ки дар боло нишон дода шуд, ба рафтори ҳамаи гурӯҳ на ба муносибатҳои усулҳои дохили сохтор асос ёфтааст. Ҳамин тавр, дар ин марҳилаи таҳлил унсурҳои таснифи ибора тағйир ёфт. Дар маҳилаи сеюм боз як усули таснифи сохтори наҳвӣ ба миён меояд: ҳамҷоягии эндомарказӣ ба тобеъ ва пайваст ва экзомарказӣ ба предикативӣ ва пешояндӣ ҷудо мешаванд, ки боз ҳам бешатар ягонагии усулҳои ҳамаи таснифотро халалдор мекунад. Бинобар ин дар ҳар марҳила усулҳое, ки ба усули қаблӣ асос ёфта буд, дигаргун мешавад ва гурӯҳҳо баъзан бо назардошти муносибатҳои дохили сохторҳои баррасишаванда ва баъзан аз ҳудуди он баромада, тавсиф мешаванд. Ба ғайр аз ин барои созишҳои эндомарказӣ зергурӯҳбандии минбаъда дар истилоҳоти бештар марбути нақшаи умумӣ гузаронида мешавад, ки танҳо мавқеи воҳидҳои ҳамҷояшавандаро дар муносибат бо ҳамдигар (пайваст: тобеъ) муайян мекунад, дар он вақте ки ба созишҳои экзомарказӣ зергурӯҳи омехтаи наҳвӣ - морфологӣ дода мешаванд. Гурӯҳҳои бо ном предикативӣ аз рӯйи усулҳои алоқаҳои наҳвии дохили гурӯҳ ва бо истилоҳоти алоқаҳои наҳвии бештар мушаххас, назар ба пайваст тобеъ ҷудо шудаанд, дар он вақте ки гурӯҳҳои пешояндӣ дар заминаи аломатҳои морфологии худ тавсиф мешаванд. Чунин ҳархелагӣ дар маънидоди зергурӯҳбандии ибора арзиши илмии таснифи муҳокимашавандаро хело кам мекунад.

Новобаста аз чандандешии марбут ба моҳият ва табиати ибора, ба назар мерасад, ки нуқтаи назари бештар эътимоднок, ки мувофиқи он воҳиди наҳвии бо ном ибора — ин ҳамагуна гурӯҳи наҳвӣ ташкилшуда ё аз ҳамҷоягии калимаҳои мустақили навъи *to disregard the remark, busy life, very new*, ё аз калимаҳои ёрирасон ва мустақили навъи *on the beach, under the net, in the corner* таркибёбандаи бо ҳаргуна намудҳои алоқаи наҳвии мавҷудбуда алоқаманд.

Хулоса, назарияи ибора ба омӯзиши сохти ибора машғул мебошад, яъне, сохтор, усулҳои ҷобаҷошавии унсурҳо дар муносибат бо ҳамдигар, шаклҳои ҳамҷояшаванда ва алоқаи муқарарраршавандаи байни унсурҳои онро таҳқиқ мекунад. Унсурҳои супрасегментӣ ба тасвир ва омӯзиши ибора дохил намешаванд. Аз ин рӯ, ибора ба худ воҳиди мунтазами забонро ифода мекунад, ки ба нутқ ворид шуда, ё ҳамчун қисми ҷумла ва ё ҳамчун ҷумлаи пурра баромад мекунад, ки дар ин маврид на танҳо тобиши интонатсионӣ ва задаҳои иборавӣ мувофиқанд, балки хусусияти муоширатӣ низ мегирад. Масалан, ибораҳои ба монанди *I am, he is* ва *we glance, he glances,* гарчанде бо алоқаҳои предикативӣ асос ёфтаанд, яъне, дар он намуд алоқаҳои наҳвие, ки бо он сохтори ҷумлаи дутаркиба тавсиф мешаванд, ҷумла ҳисобида намешаванд, чунки аз задаи иборавӣ, интонатсия ва хусусияти муошират орӣ ҳаст, яъне, ҳамаи он чизе, ки сохтори наҳвиро ҷумла мекунад. Ин сохтро ҳатто тарҳи ҷумла ҳисобидан мумкин нест, чунки он аз унсурҳои супрасегментие, ки бояд дар ҷумла ҳузур дошта бошанд, маҳрум аст. Гурӯҳи калимаҳои овардашуда ибора мебошанд, чунки танҳо мувофиқ кардани шаклҳои муайян ва муқаррар кардани намуди алоқае, ки дар заминаи он сохтор пайдо мешавад, нишон медиҳанд. Азбаски, дар ҷумла ин унсурҳо метавонанд ҳамчун ду сараъзои ҷумла баромад кунанд, моҳияти кор дигаргун намешавад. Аз ин рӯ, муаллифон дар мақолаи худ ба масъалаҳои ташаккули калима, навъҳои ибора ва нақши онҳо дар сохтори ҷумла диққати махсус додаанд.

Адабиёт:

1. Абдураҳмонов, У. Андеша роҷеъ ба наҳви забони дарӣ ва гунаҳои он // Материалы научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и студентов, посвященной 15-й годовщине Независимости Республики Таджикистан, 2700-летию города Куляба и Году арийской цивилизации. — Душанбе, 2006. — Ч. 2. — С. 197–198.

2. Бархударов, Л.С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. — М.: Высшая школа, 1966. — 200 с.

3. Бархударов, Л.С. Язык и перевод (Вопросы общей и частной теории перевода) / Л.С. Бархударов. — М.: Международные отношения, 1975. — 240 с.

4. Бархударов, Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штейнлинг. — М.: Высшая школа, 1973. — 424 с.

5. Блох, М.Я. Теоретическая грамматика английского языка / М.Я. Блох. — 3-е изд., испр. — М.: Высшая школа, 2000. — 381 с.

6. Будагов, Р.А. Введение в науку о языке / Р.А. Будагов. — М.: Просвещение, 1958. — 492 с.

7. Бузургзода, Л. Грамматикаи забони тоҷикӣ / Л. Бузургзода, Б. Ниёзмуҳаммадов. — Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. — 147 с.

8. Бурлакова, В.В. Словосочетание // Теоретическая грамматика современного английского языка / под ред. В.В. Бурлаковой. — М.: Высшая школа, 1981. — С. 101–123.

9. Виноградов, В.В. [Мақолаҳо / Масъалаҳои забоншиносӣ] // Вопросы языкознания. — М., 1954.

10. Гинзбург, Р.З. Глагольные словосочетания в современном английском языке / Р.З. Гинзбург, С.С. Хидекель, Э.М. Медникова, А.А. Санкин. — М.: Просвещение, 1975. — 207 с.

11. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. — Душанбе: Дониш, 1985. — 356 с.

МАФҲУМИ КАЛИМА ВА ИБОРА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили муқоисавӣ-типологии мафҳуми калима ва ибора ҳамчун воҳидҳои асосии луғавӣ, морфологӣ ва наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Дар мақола хусусиятҳои сохторӣ, семантикӣ ва вазифавии ин воҳидҳо мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифта, шабоҳатҳо ва тафовутҳои принсипиалии онҳо дар низоми ду забон муайян карда мешаванд. Муаллифон диққати махсусро ба масъалаҳои ҳамнишинии калимаҳо (валентнокӣ), дараҷаи пайвасти ҷузъҳо ва роҳҳои ташаккули ибораҳои озод ва устувори фраззеологӣ равона кардаанд. Натиҷаҳои мақола нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз мансубияти ҳар ду забон ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, усулҳои ифодаи муносибатҳои наҳвӣ дар ибораҳо фарқиятҳои ҷиддӣ доранд: дар забони тоҷикӣ пайванди сохторӣ асосан тавассути банди изофӣ, пешояндҳо ва тартиби калимаҳо таъмин гардад, дар забони англисӣ бештар аз пайд пайвасти мавқеӣ (сохтори атрибутивӣ), пешояндҳо ва алоқаи атонатизатсия (примикание) истифода мешавад. Маводи мақола метавонад дар таълими амалии забони англисӣ, назарияи тарҷума ва забоншиносии муқоисавӣ самаранок истифода шавад.

Калидвожаҳо: забоншиносии муқоисавӣ, калима, ибора, сохтори наҳвӣ, сохтори семантикӣ, сохтори изофӣ, ибораҳои озод, ибораҳои устувор, забони тоҷикӣ, забони англисӣ.

ПОНЯТИЕ СЛОВА И СЛОВОСОЧЕТАНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена сравнительно-типологическому анализу понятий слова и словосочетания как основных лексических, морфологических и синтаксических единиц в таджикском и английском языках. В статье всесторонне рассматриваются структурные, семантические и функциональные особенности этих единиц, а также выявляются их принципиальные сходства и различия в системе обоих языков. Особое внимание авторы уделяют вопросам сочетаемости слов (валентности), степени связи компонентов и способам формирования свободных и устойчивых (фразеологических) словосочетаний. Результаты статье показывают, что, несмотря на принадлежность обоих языков к индоевропейской семье, способы выражения синтаксических отношений в словосочетаниях имеют существенные различия: если в таджикском языке структурная связь обеспечивается преимущественно изафетным показателем, предлогами и порядком слов, то в английском языке преобладают позиционный способ (атрибутивные конструкции), предлоги и примыкание. Материалы статьи могут быть

успешно использованы в практике преподавания английского языка, теории перевода и сопоставительном языкознании.

Ключевые слова: сопоставительное языкознание, слово, словосочетание, синтаксическая структура, семантическая структура, изафетная конструкция, свободные словосочетания, устойчивые словосочетания, таджикский язык, английский язык.

THE CONCEPT OF WORD AND PHRASE IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article presents a comparative-typological analysis of the concepts of the «word» and the «word combination» as fundamental lexical, morphological, and syntactic units in the Tajik and English languages. It comprehensively examines the structural, semantic, and functional characteristics of these units and identifies key similarities and differences within the systems of both languages. The authors pay particular attention to word combinability (valency), the degree of cohesion between components, and the mechanisms for forming both free and fixed (phraseological) word combinations. The findings demonstrate that, despite both languages belonging to the Indo-European family, there are significant differences in how syntactic relationships are expressed within word combinations: while structural cohesion in Tajik is primarily achieved through the «izafet» marker, prepositions, and word order, English relies predominantly on positional arrangements (attributive constructions), prepositions, and the method of simple juxtaposition («adjoining»). The material presented here can be effectively applied in English language teaching, translation theory, and comparative linguistics.

Keywords: contrastive linguistics, word, phrase (word combination), syntactic structure, semantic structure, izafet construction, free phrases, set phrases, Tajik language, English language.

Маълумот дар бораи муаллифон: Сайдалиева Зуҳро Обидовна, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16, Тел.: (+992) 987519497. E-mail: fotim8888@mail.ru

Самариддинов Курбон Наимович, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонхои хоричии Донишгоҳи давлатии Дангара, Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Дангара, кӯчаи Марказӣ - 25, Тел.: 909119201.

Сведения об авторах: Сайдалиева Зухро Обидовна, старший преподаватель кафедры языкознании и сопоставительной типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (+992) 987519497. E-mail: fotim8888@mail.ru

Самариддинов Курбон Наимович, кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков Дангаринского государственного университета. Адрес: 734065, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Центральная, 25. Тел.: (+992) 909119201.

Information about the authors: Saidalieva Zukhro Obidovna, senior lecturer at the department of linguistics and comparative typology, Abuabdulloh Rudaki Kulob State University. Address: 16 Sangak Safarov Street, Kulob 735360, Republic of Tajikistan. Tel.: (+992) 987519497. E-mail: fotim8888@mail.ru

Samariddinov Kurbon Naimovich, candidate of philology, associate professor at the department of foreign languages, Dangara State University. Address: 25 Markazi (Central) Street, Dangara District 734065, Republic of Tajikistan. Tel.: (+992) 909119201.

Муқарриз: Ҷурақулов Б., н.и.ф., дотсент ДДОТ ба номи С. Айнӣ

ТДУ 821.222.8.09

ТИПОЛОГИЯ ВА ГЕНЕЗИСИ ЖАНРҲОИ ХУРДИ ЛИРИКӢ ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Саидзода Р.Д., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Низоми жанрии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ яке аз мукаммалтарин низомҳои поэтикии Шарқи асримиёнагӣ ба шумор меравад. Дар ин низом жанр на танҳо қолаби зоҳирии матн, балки усули ташкилёбии маъно, тарзи робитаи шоир бо хонанда, шакли баёни ҳиссиёт ва тарзи ворид шудани таҷрибаи таърихӣ ба фазои бадеӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи жанрҳои хурди лирикӣ барои фаҳмидани табиати дохилии адабиёти классикӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро дар шаклҳои кӯтоҳ неруи ҷамъбасти маъно, хулосабарории фалсафӣ ва зичии баланди образӣ равшантар зоҳир мешавад [3; 4; 13].

Мафҳуми «жанри хурди лирикӣ» дар адабиётшиносӣ мафҳуми нисбӣ аст. Хурдӣ дар ин ҷо танҳо ба шумораи мисраъ ё байт маҳдуд намешавад. Он ҳамчунин ба тарзи фишурдаи маъно, мустақилияти як фикри марказӣ, имкони зуд дар хотир мондан ва қобилияти иҷрои мусиқӣ ё шифоҳӣ иртибот дорад. Аз ҳамин сабаб фард, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва ғазал бо вуҷуди фарқҳои дохилии худ дар як майдони умумии типологӣ ҷой мегиранд.

Дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ин жанрҳо дар даврaҳои гуногун вазифаҳои яксон надоштанд. Фард бештар ба афоризм ва ҳикмати байтӣ наздик аст; қитъа ба баёни мавзуи мушаххаси иҷтимоӣ, ахлоқӣ ё ҳаҷвӣ майл дорад; рубоӣ имкони ифодаи андешаи фалсафӣ ва ирфониро дар чор мисраъ фароҳам меорад; дубайтӣ бо суннати шифоҳӣ ва эҳсоси мардумӣ пайваст аст; ғазал бошад, дар асрҳои минбаъда ба шакли марказии лирикаи ишқӣ ва ирфонӣ табдил меёбад [6; 8; 9].

Актуалии мавзуъ аз ду ҷиҳат муайян мегардад. Аввалан, таҳқиқи жанрҳои хурди лирикӣ имкон медиҳад, ки робитаи адабиёти хаттӣ бо фолклор, мусиқӣ ва суннати шифоҳӣ равшан карда шавад. Дуюм, омӯзиши генезиси ин жанрҳо барои муайян намудани саҳми муҳити форсӣ-тоҷикӣ дар ташаккули поэтикаи умумии форсизабонон аҳаммияти назариявӣ дорад. Бештари рисолаҳои классикӣ дар бораи вазн, қофия ва санъатҳои бадеӣ сухан гуфтаанд, аммо масъалаи пайдоиш ва ҳамкории жанрҳои хурд дар онҳо ба таври пароканда инъикос ёфтааст [11; 12; 15].

Мақсади мақола муайян намудани асосҳои типологӣ ва сарчашмаҳои генетикии жанрҳои хурди лирикӣ дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд: шарҳи мафҳуми жанри хурди лирикӣ; муайян намудани меъёрҳои таснифи фард, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва ғазал; таҳлили робитаи ин жанрҳо бо суннатҳои шифоҳӣ ва хаттӣ; нишон додани нақши давраи Сомониён ва рисолаҳои поэтикии асримиёнагӣ дар устуворшавии низоми жанрӣ.

Маводи таҳқиқро осори назарии поэтикаи классикӣ, таърихномаҳои адабӣ, таҳқиқоти адабиётшиносии тоҷик, рус ва эроншиносии муосир ташкил медиҳанд. Дар маркази таҳлил асарҳои Шамси Қайси Розӣ, Рашидуддини Ватвот, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ ва Низомии Арӯзии Самарқандӣ қарор доранд, зеро ин манбаъҳо қоидаҳои вазн, қофия, санъатҳои бадеӣ ва меъёрҳои қадимии шинохти шеърро баён мекунанд [10; 12; 15; 16]. Барои муайян кардани заминаи таърихӣ инчунин таҳқиқоти Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, Я. Рипка, Р. Мусулмонқулов, А. Мирзоев ва М.Л. Рейснер истифода гардиданд [3; 4; 9; 11; 13].

Методи асосии мақола таҳлили таърихӣ-адабӣ мебошад. Бо ёрии ин метод робитаи жанрҳои хурди лирикӣ бо шароити таърихӣ, муҳити адабӣ, анъанаи дарборӣ, мадрасавӣ ва мардумӣ муайян карда мешавад. Методҳои типологӣ ва муқоисавӣ барои ҷудо кардани аломатҳои умумӣ ва фарқкунандаи жанрҳо истифода шудаанд. Методҳои поэтикӣ ва сохторӣ

имкон медиҳанд, ки вазн, қофия, ҳаҷм, тарзи ташкили байт ва хусусияти композитсионии ҳар жанр таҳлил гардад.

Дар таҳқиқ аз усули системавӣ низ истифода шудааст. Жанрҳои хурди лирикӣ ҳамчун шаклҳои ҷудогонаи адабӣ не, балки ҳамчун унсурҳои як низоми умумии шеърӣ баррасӣ мешаванд. Ин равиш барои фаҳмидани он муҳим аст, ки ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва фард дар таърихи адабиёт аз ҳам ҷудо инкишоф наёфта, бо ҳам таъсири мутақобил доштаанд. Масалан, байти мустақил метавонад аз ғазал ҷудо шуда, ҳамчун фард зиндагӣ кунад; қитъа метавонад аз таркиби матни калон берун ояд; рубоӣ ва дубайтӣ дар сохтори чорбайтӣ монанд бошанд ҳам, аз рӯйи вазн ва муҳити иҷтимоии пайдоиш фарқ мекунанд [5; 8].

Чаҳорчӯби хронологии мақола асосан аз асрҳои IX–XV иборат аст. Ин давра барои ташаккули адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ва устувор гардидани аксари жанрҳои лирикӣ муҳим мебошад. Бо вуҷуди ин, дар мавридҳои зарурӣ ба суннатҳои пешинаи эронӣ ва ба марҳилаҳои баъдии инкишофи ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ низ ишора мешавад, зеро генезиси жанрҳоро танҳо дар ҳудуди як аср шарҳ додан имконнопазир аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки жанрҳои хурди лирикӣ дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ аз рӯйи панҷ меъёри асосӣ тасниф мешаванд: ҳаҷм, тарзи қофиябандӣ, сохтори вазнӣ, вазифаи маънавӣ ва дараҷаи робита бо суннати шифоҳӣ. Ҳар кадом аз ин меъёрҳо танҳо дар ҳамбастагӣ бо дигар меъёрҳо маъно пайдо мекунанд. Масалан, рубоӣ ва дубайтӣ ҳар ду аз чор мисраъ иборатанд, вале онҳоро танҳо бо шумораи мисраъҳо муайян кардан мумкин нест. Фарқи асосӣ дар вазн, хусусияти иҷро, муҳити иҷтимоӣ ва дараҷаи китобӣ ё мардумӣ будани онҳо зоҳир мегардад [5; 8].

Фард ҳамчун кӯтоҳтарин воҳиди жанрии лирикӣ аз як байт иборат буда, бештар вазифаи ҳикматӣ, пандомез, ишқӣ ё афористӣ дорад. Дар фарҳанги шеърии форсӣ-тоҷикӣ байт худ ба худ воҳиди мустақили маъноӣ аст. Аз ин рӯ, фард метавонад ҳам чун матни алоҳида ва ҳам чун натиҷаи ҷудошавии байти пурмаъно аз ғазал, қасида ё маснавӣ амал кунад. Хусусияти асосии фард дар он аст, ки маъно дар доираи ду мисраъ анҷом меёбад ва хонанда ба як хулосаи пурра мерасад. Ин гуна сохтор ба тафаккури ҳикматӣ ва ахлоқии адабиёти классикӣ мувофиқ аст.

Қитъа аз ҷиҳати ҳаҷм нисбат ба фард васеътар аст, аммо аз ғазал ва қасида кӯтоҳтар мебошад. Он одатан ба як воқеа, як масъалаи ахлоқӣ, як андешаи иҷтимоӣ ё як муносибати танқидӣ бахшида мешавад. Дар қитъа муттасилии маъно бештар аз ғазал эҳсос мешавад. Агар дар ғазал ҳар байт метавонад як дараҷаи мустақилияти маъноӣ дошта бошад, дар қитъа байтҳо одатан барои баёни як мавзуи ягона хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, қитъа барои панд, ҳаҷв, мукотиба, танқид ва баёни муносибат ба ҳолатҳои воқеии зиндагӣ мувофиқ гардид [3; 11].

Рубоӣ яке аз шаклҳои пурнуфузи лирикаи классикии форсӣ-тоҷикӣ аст. Сохтори он аз ду байт ё чор мисраъ иборат буда, дар аксари мавридҳо бо қофияи а-а-б-а ё а-а-а-а меояд. Неруи асосии рубоӣ дар тарзи ҷамъбасти фикр аст: мисраъҳои аввал заминаи маъноиро ташкил медиҳанд, мисраи сеюм шиддати андешаро зиёд мекунад ва мисраи чорум хулосаи фалсафӣ ё эҳсосиро ба вуҷуд меорад. Аз ин ҷиҳат рубоӣ ба андешаи фалсафӣ, ирфонӣ ва ахлоқӣ имкони ифодаи фишурда медиҳад [8; 14].

Генезиси рубоӣ дар адабиётшиносӣ одатан бо суннатҳои эронӣ ва шаклҳои шифоҳии пешазисломӣ пайваст карда мешавад. Далели муҳим он аст, ки рубоӣ дар адабиёти арабӣ ба таври мустақил ташаккул наёфта буд ва дар муҳити форсӣ хусусияти жанрии худро пайдо кард. Албатта, баъди ба низоми аруз ворид шудани шеър рубоӣ низ ба меъёрҳои вазнӣ ва қофиявӣ тобеъ гардид, аммо ин тобеият маънои аз даст рафтани хусусияти эронӣ ва мардумии онро надорад. Баръакс, дар рубоӣ омезиши табиӣ миёни шакли кӯтоҳи мардумӣ ва қоидаи адабии китобӣ ба амал омад [7; 8; 11].

Дубайтӣ аз рӯйи шумораи мисраъҳо ба рубоӣ монанд аст, аммо аз ҷиҳати пайдоиш ва вазифаи эстетикӣ ба муҳити шифоҳӣ наздиктар мебошад. Дубайтӣ бештар бо мусиқӣ, иҷрои овозӣ, эҳсоси мардумӣ ва забони содатар пайваст аст. Дар он мавзуъҳои ишқ, ҷудоӣ,

ранҷи зиндагӣ, ҳасрат, муҳоҷират, ёд ва умеди инсонӣ бештар баён мешаванд. Агар рубоӣ бештар ба андешаи фалсафӣ ва ифодаи китобии тафаккур майл дошта бошад, дубайтӣ ҳолати эҳсосии шахс ва ҷомеаро бо забони наздик ба гуфтори мардумӣ инъикос мекунад [5].

Ғазал аз муҳимтарин жанрҳои лирикии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мебошад. Аз ҷиҳати генезис ғазал бо тағаззули қасида ва бо суннати ишқии арабӣ робита дорад, вале дар муҳити форсӣ-тоҷикӣ зуд ба шакли мустақили бадеӣ табдил ёфт. Дар ғазал мавзуи ишқ, ҷудоӣ, ҳусн, вафо, май, майхона, риндӣ, ирфон ва танқиди риёкорӣ бо забони рамзӣ ифода мегардад. Хусусияти муҳимми ғазал дар он аст, ки ҳар байт метавонад нисбатан мустақил бошад, аммо радиф, қофия, вазн ва фазои умумии образӣ ҳамаи байтҳоро дар як низоми лирикӣ муттаҳид мекунад [6; 9].

Дар марҳилаи аввали ташаккул, махсусан дар асрҳои IX–X, ғазал ҳанӯз аз қасида комилан ҷудо нашуда буд. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки Рӯдакӣ ва шоирони ҳамзамони ӯ дар ташаккули имкониятҳои лирикии забони форсии дарӣ нақши асосӣ доштанд [9; 13]. Дар ҳамин муҳит байтҳои ишқӣ, табиатнигорӣ ва ҳолатҳои руҳӣ ба тадриҷ аз қолаби мадҳ ва қасида берун омада, ба шакли мустақили ғазалӣ наздик шуданд. Минбаъд дар асрҳои XII–XIV ғазал бо эҷодиёти Саноӣ, Аттор, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷалолуддини Балхӣ ба баландтарин дараҷаи инкишофи бадеӣ расид.

Аз нуқтаи назари типологӣ, фард, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва ғазалро ба ду гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст. Гурӯҳи аввал жанрҳои ниҳоят кӯтоҳро дар бар мегирад: фард, рубоӣ ва дубайтӣ. Дар ин шаклҳо маъно дар ҳаҷми камтарин ҷамъбаст мешавад. Гурӯҳи дуюм жанрҳои нисбатан васеътарро фаро мегирад: қитъа ва ғазал. Дар онҳо пайдарҳамии байтҳо имкони рушди мавзуъ, образ ва ҳолати эҳсосиро зиёд мекунад. Аммо ҳар ду гурӯҳ дар як хусусият муштараканд: онҳо ба баёни лирикӣ ва шахсӣ такя мекунанд.

Ҷадвали 1. Меъёрҳои типологии жанрҳои хурди лирикӣ

Жанр	Ҳаҷм	Қофия	Вазифаи асосӣ	Сарчашмаи генетикӣ
Фард	1 байт	ғайримуқаррар ё вобаста ба матн	ҳикмат, афоризм, ҷамъбасти фикр	мустақилшавии байт дар низоми шеър
Қитъа	2 ва зиёда байт	одатан қофияи мисраъҳои дуюм	панд, ҳаҷв, мавзуи иҷтимоӣ	ҷудошавӣ аз матнҳои калон ва суннати қасида
Рубоӣ	2 байт / 4 мисраъ	а-а-б-а ё а-а-а-а	андешаи фалсафӣ, ишқӣ, ирфонӣ	суннати эронӣ ва шифоҳӣ бо танзими арузӣ
Дубайтӣ	2 байт / 4 мисраъ	а-а-б-а	эҳсоси мардумӣ, суруд, ҳасрат	фолклор, мусиқӣ ва анъанаи шифоҳӣ
Ғазал	одатан 5–15 байт	а-а, б-а, в-а...	ишқ, ирфон, рамз, эҳсоси шахсӣ	тағаззули қасида ва таҳаввули лирикаи форсӣ

Ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки дар муайян кардани жанрҳои хурд танҳо нишонаи шаклӣ басанда нест. Масалан, рубоӣ ва дубайтӣ ҳар ду чор мисраъ доранд, вале рубоӣ дар муҳити китобӣ ва фалсафӣ қавитар инкишоф ёфтааст, дар ҳоле ки дубайтӣ бештар ба иҷрои овозӣ ва эҳсоси мардумӣ вобаста мебошад. Ғазал аз ҷиҳати ҳаҷм метавонад аз қитъа дарозтар бошад, аммо аз ҷиҳати табиати лирикӣ ба гурӯҳи жанрҳои хурд дохил мешавад, зеро он дар муқоиса бо қасида ва маснавӣ ба як ҳолати эҳсосӣ ва фазои рамзӣ такя мекунад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми генезис робитаи жанрҳои хурд бо суннатҳои шифоҳӣ мебошад. Дар фарҳанги эронӣ ва тоҷикии қадим шеър танҳо матни китобӣ набуд. Он бо суруд, маросим, хотира, ҳикмат ва гуфтори рӯзмарра пайваст буд. Ин робита махсусан дар дубайтӣ ва рубоӣ равшан эҳсос мешавад. Шаклҳои кӯтоҳ ба осонӣ ҳифз, интиқол ва иҷро мешуданд. Баъдтар, вақте ки адабиёти хаттӣ ва девонӣ рушд кард, ин шаклҳо ба системаи

аруз, қофия ва балоғат ворид шуданд. Ҳамин гузариш аз шифоҳият ба китобият яке аз омилҳои асосии таҳаввули жанрҳои хурд аст [5; 7].

Омили дуюм таъсири поэтикаи арабӣ-исломӣ мебошад. Бо густариши ислом забони арабӣ ба муҳити илм, дин ва адаб таъсири амиқ гузошт. Истилоҳоти аруз, қофия, балоғат ва санъатҳои бадеӣ ба фарҳанги форсӣ ворид шуд. Аммо ин равандро набояд ҳамчун ивазшавии пурраи суннати маҳаллӣ фаҳмид. Таҳқиқоти эроншиносӣ нишон медиҳад, ки вазнҳои форсӣ дорои хусусиятҳои дохилӣ буданд ва дар доираи истилоҳоти арабӣ низ мустақилияти худро нигоҳ доштанд [7; 11]. Аз ин рӯ, поэтикаи форсӣ-тоҷикӣ натиҷаи мутобиқсозии эҷодкоронаи меъёрҳои арабӣ бо маводи забонӣ ва эстетикии форсӣ буд.

Омили сеюм муҳити сиёсӣ ва фарҳангии давраи Сомониён аст. Дар ин давра забони форсии дарӣ ба забони расмӣ ва адабии минтақа табдил ёфт. Дарбори Сомониён, шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Балх, Марв ва дигар марказҳо барои ташаккули адабиёти хаттӣ шароити мусоид фароҳам оварданд. Дар ҳамин муҳит жанрҳои хурди лирикӣ аз шаклҳои пароканда ба унсурҳои устувори низоми адабӣ табдил ёфтанд. Мақоми Рӯдакӣ дар ин раванд махсус аст, зеро бо номи ӯ на танҳо оғози қавии шеъри форсии дарӣ, балки ташаккули забони лирикӣ ва мусиқии шеър пайваст мешавад [4; 9; 13].

Рисолаҳои поэтикии асрҳои XI–XIII низ дар устуворшавии тасаввуроти назарӣ дар бораи шеър нақши муҳим бозиданд. «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ, «Ҳадоиқ ус-сеҳр»-и Рашидуддини Ватвот ва «Ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ на танҳо дастурҳои фаннии шеър, балки ҳуҷҷатҳои муҳимми таърихи тафаккури адабӣ мебошанд [12; 15; 16]. Дар ин асарҳо масъалаҳои вазн, қофия, маъно, санъатҳои бадеӣ ва талаботи сухани мавзун шарҳ ёфтаанд. Гарчанде ки истилоҳи «жанр» ба маънои муосир дар онҳо истифода намешавад, маводи ин рисолаҳо барои таҳлили жанрҳои хурд аҳаммияти мустақим дорад.

Баррасии манбаъҳо нишон медиҳад, ки байни жанрҳои хурди лирикӣ робитаи байнижанрӣ вуҷуд дорад. Фард метавонад аз дохили ғазал ё қасида берун омада, ба воҳиди мустақил табдил ёбад. Қитъа метавонад вазифаи ахлоқӣ ё ҳаҷвии матнҳои калонро дар шакли кӯтоҳ иҷро кунад. Рубоӣ ва дубайтӣ дар зоҳир монанданд, аммо яке бештар китобӣ ва дигаре бештар шифоҳӣ аст. Ғазал бошад, аз қасида ҷудо шуда, дар ниҳоят ба маркази лирикаи классикӣ табдил меёбад. Ин робитаҳо нишон медиҳанд, ки жанрҳо шаклҳои баста нестанд; онҳо дар дохили таърихи адабӣ ҳаракат мекунанд, вазифа иваз мекунанд ва бо талаботи завқи адабӣ мутобиқ мешаванд.

Аз нуқтаи назари маъноӣ, жанрҳои хурди лирикӣ чор самти асосиро фаро мегиранд: ишқӣ, ҳикматӣ, иҷтимоӣ ва ирфонӣ. Самти ишқӣ бештар дар ғазал, дубайтӣ ва баъзе рубоиҳо зоҳир мешавад. Самти ҳикматӣ дар фард, рубоӣ ва қитъа қавист. Самти иҷтимоӣ дар қитъа ва баъзе ғазалҳои ҳаҷвӣ ё танқидӣ инъикос меёбад. Самти ирфонӣ дар ғазал ва рубоӣ, махсусан дар осори Саноӣ, Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ ва Ҳофиз, ба дараҷаи баланд мерасад [6; 13; 17]. Ҳамин васешавии маъноӣ сабаб шуд, ки жанрҳои хурд дар тули асрҳо зинда ва таъсирбахш боқӣ монанд.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки кӯтоҳии шакл дар ин жанрҳо маънои соддагии сохторро надорад. Баръакс, ҳар қадар ҳаҷми матн кӯтоҳ бошад, масъулияти ҳар калима, ҳар қофия ва ҳар образ бештар мегардад. Дар рубоӣ, дубайтӣ ва фард ҳар калима вазифаи маъноофар дорад. Дар ғазал ҳар байт метавонад маркази алоҳидаи образӣ бошад. Дар қитъа пайдарҳамии мантиқӣ бояд дар чанд байт ба анҷом расад. Аз ин рӯ, жанрҳои хурди лирикӣ мактаби фишурдаи ҳунари шоирӣ мебошанд.

Таҳқиқи типологияи ин жанрҳо барои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик низ аҳаммияти методологӣ дорад. Дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аксар вақт жанрҳо аз рӯйи таърифи кӯтоҳ шарҳ дода мешаванд. Аммо барои таҳқиқи илмӣ зарур аст, ки ҳар жанр дар робита бо пайдоиш, вазифа, сохтори дохилӣ ва муҳити иҷтимоии худ таҳлил гардад. Танҳо дар ин сурат фарқи воқеии рубоӣ ва дубайтӣ, қитъа ва фард, ғазал ва қасида равшан мешавад. Ин масъала махсусан барои омӯзиши адабиёти асрҳои IX–X муҳим аст, зеро маҳз дар ҳамин давра бисёр шаклҳои деринаи шифоҳӣ ба низоми адабиёти хаттӣ ворид шуданд [18].

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки жанрҳои хурди лирикӣ дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ на маҷмуи тасодуфии шаклҳои кӯтоҳ, балки низоми мураттаби поэтикӣ мебошанд. Ин низом дар ҳамбастагии се омили асосӣ ба вуҷуд омад: мероси эронӣ ва фолклорӣ, таъсири фарҳанги арабӣ-исломӣ ва таҷрибаи адабии форсии дарӣ. Ҳар жанр дар ин раванд роҳ ва вазифаи худро дошт, аммо ҳамаи онҳо ба ташаккули тафаккури лирикӣ, забони рамзӣ ва фарҳанги эстетикии адабиёти классикӣ хизмат карданд.

Таҳқиқи типология ва генезиси жанрҳои хурди лирикӣ нишон медиҳад, ки фард, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва ғазал дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ мақоми мустақили жанрӣ доранд. Онҳо бо ҳаҷм, вазн, қофия, тарзи ташкили байт, вазифаи ғоявӣ ва дараҷаи робита бо шифоҳият аз ҳам фарқ мекунанд. Бо вуҷуди ин фарқҳо, ҳамаи онҳо ба як соҳаи умумии лирикаи кӯтоҳ тааллуқ доранд, ки хусусияти асосии он фишурдагии маъно ва таъсири баланди эҳсосӣ мебошад.

Генезиси жанрҳои хурди лирикӣ аз як сарчашма пайдо нашудааст. Он натиҷаи ҳамгироии суннатҳои эронӣ, фолклорӣ, арабӣ-исломӣ ва таҷрибаи адабии давраи Сомониён мебошад. Рубоӣ ва дубайтӣ бештар бо суннати мардумӣ ва эронӣ пайванд доранд; ғазал ва қитъа бо таҷрибаи қасида, балоғат ва аруз робитаи равшан нишон медиҳанд; фард бошад, аз мустақилшавии байт ҳамчун воҳиди асосии шеър ба вуҷуд омадааст.

Дар раванди инкишофи адабиёти классикӣ жанрҳои хурди лирикӣ танҳо вазифаи зебоишиносӣ иҷро накарданд. Онҳо воситаи интиқоли ҳикмат, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ, эҳсоси ишқӣ, андешаи ирфонӣ ва таҷрибаи иҷтимоӣ буданд. Аз ин рӯ, таҳқиқи онҳо барои адабиётшиносӣ, таърихи фарҳанг, назарияи жанр ва омӯзиши поэтикаи классикӣ аҳаммияти муҳим дорад. Натиҷаи умумӣ он аст, ки жанрҳои хурди лирикӣ яке аз асосҳои устувори рушди забони бадеӣ ва тафаккури лирикии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мебошанд.

Адабиёт:

1. Аристотель. Поэтика. Риторика / пер. с древнегреч. — Санкт-Петербург: Азбука, 2000. — 348 с.
2. Бахтин, М. М. Проблема речевых жанров // Эстетика словесного творчества. — Москва: Искусство, 1979. — С. 237–280.
3. Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы. — Москва: Издательство восточной литературы, 1960. — 556 с.
4. Брагинский, И. С. Из истории таджикской и персидской литератур. — Москва: Наука, 1972. — 524 с.
5. Blum, S. Do-baytī // Encyclopaedia Iranica. — URL: https://www.iranicaonline.org/articles/do-bayti/ (дата обращения: 07.05.2026).
6. de Bruijn, J. T. P. Ḡazal i. History // Encyclopaedia Iranica. — URL: https://www.iranicaonline.org/articles/gazal-1-history (дата обращения: 07.05.2026).
7. Elwell-Sutton, L. P. ʿArūż // Encyclopaedia Iranica. — URL: https://www.iranicaonline.org/articles/aruz-the-metrical-system (дата обращения: 07.05.2026).
8. Козмоян, А. К. Рубаи в классической поэзии на фарси: X–XII вв. — Ереван: Издательство АН Армянской ССР, 1981. — 112 с.
9. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X–XV. — Сталинобод: Нашрдавточик, 1958. — 84 с.
10. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола / таҳия ва тавзеҳ. — Душанбе: Ирфон, 1986. — 160 с.
11. Мусульманкулов, Р. Персидско-таджикская классическая поэтика: X–XV вв. — Москва: Наука, Главная редакция восточной литературы, 1989. — 240 с.
12. Рашид ад-Дин Ватвот. Сады волшебства в тонкостях поэзии = Ҳадоиқ ус-сеҳр фӣ дақоиқ аш-шеър / пер., исслед. и коммент. Н. Ю. Чалисовой. — Москва: Наука, 1985. — 323 с.
13. Рипка, Я. История персидской и таджикской литературы / пер. с чеш.; под ред. И. С. Брагинского. — Москва: Прогресс, 1970. — 440 с.

14. Roba’i // Encyclopaedia Britannica. — URL: https://www.britannica.com/topic/robai (дата обращения: 07.05.2026).

15. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъор-ил-Аҷам / таҳия ва тавзеҳи У. Тоиров. — Душанбе: Адиб, 1991. — 464 с.

16. Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. Тарҷумон-ул-балоға / таҳия ва тавзеҳ. — Душанбе: Дониш, 1987. — 232 с.

17. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷ. 1. — Теҳрон: Фирдавс, 1371 ҳ. ш. — 732 с.

18. Шокириён, М. Малые лирические жанры в системе персидско-таджикской поэзии IX–X веков: автореф. дис. ... канд. филол. наук: 5.9.2. — Душанбе, 2026. — 28 с.

ТИПОЛОГИЯ ВА ГЕНЕЗИСИ ЖАНРҲОИ ХУРДИ ЛИРИКӢ ДАР АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Дар мақола типология ва генезиси жанрҳои хурди лирикӣ дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ таҳқиқ мегардад. Масъала аз он ҷиҳат муҳим аст, ки фард, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва ғазал на танҳо шаклҳои кӯтоҳи шеърӣ, балки воҳидҳои устувори маъноӣ, вазнӣ ва коммуникативии низоми адабии форсӣ-тоҷикӣ мебошанд. Дар асоси таҳлили таърихӣ-адабӣ ва поэтикӣ нишон дода мешавад, ки ташаккули ин жанрҳо натиҷаи ҳамгироии суннатҳои шифоҳии эронӣ, қонуниятҳои арузу қофияи арабӣ-исломӣ ва таҷрибаи адабии давраи Сомониён аст. Муаллиф меъёрҳои таснифи жанрҳои хурди лирикиро аз рӯйи ҳаҷм, сохтори байтӣ, тарзи қофиябандӣ, вазифаи маънавӣ, хусусияти иҷро ва дараҷаи мустақилияти композитсионӣ муайян мекунад. Хулоса карда мешавад, ки жанрҳои хурди лирикӣ дар раванди инкишофи адабиёти классикӣ нақши муҳимми эстетикӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дошта, барои ташаккули забони рамзӣ ва тафаккури лирикии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ заминаи устувор гузоштаанд.

Калидвожаҳо: жанрҳои хурди лирикӣ, адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, фард, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, типология, генезис, аруз.

ТИПОЛОГИЯ И ГЕНЕЗИС МАЛЫХ ЛИРИЧЕСКИХ ЖАНРОВ В КЛАССИЧЕСКОЙ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье исследуются типология и генезис малых лирических жанров в классической персидско-таджикской литературе. Актуальность проблемы определяется тем, что фард, кытъа, рубаи, дубейти и газель представляют собой не только краткие стихотворные формы, но и устойчивые смысловые, метрические и коммуникативные единицы классической литературной системы. На основе историко-литературного и поэтического анализа показано, что формирование данных жанров было связано с взаимодействием иранских устно-фольклорных традиций, арабо-исламской системы аруза и рифмы, а также литературной практики эпохи Саманидов. Автор определяет критерии классификации малых лирических жанров по объему, строфической структуре, рифмовке, идейно-художественной функции, характеру исполнения и степени композиционной самостоятельности. Делается вывод, что малые лирические жанры сыграли значительную эстетическую, философскую, этическую и социальную роль в развитии персидско-таджикской поэзии.

Ключевые слова: малые лирические жанры, персидско-таджикская литература, фард, кытъа, рубаи, дубейти, газель, типология, генезис, аруз.

TYPOLOGY AND GENESIS OF SMALL LYRIC GENRES IN CLASSICAL PERSIAN-TAJIK LITERATURE

The article examines the typology and genesis of small lyric genres in classical Persian-Tajik literature. The relevance of the topic lies in the fact that fard, qit’a, rubai, dobayti and ghazal are not merely short poetic forms, but stable semantic, metrical and communicative units of the classical literary system. Drawing on historical-literary and poetic analysis, the study shows that these genres developed through the interaction of Iranian oral and folklore traditions, the Arabic-

Islamic system of aruz and rhyme, and the literary practice of the Samanid period. The author identifies the main criteria for classifying small lyric genres according to volume, couplet structure, rhyme pattern, ideological and artistic function, mode of performance and degree of compositional autonomy. It is concluded that small lyric genres played an essential aesthetic, philosophical, ethical and social role in the development of Persian-Tajik poetry and contributed to the formation of symbolic language and lyric thought.

Keywords: small lyric genres, Persian-Tajik literature, fard, qit'a, rubai, dobayti, ghazal, typology, genesis, aruz.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидзода Розия Даврон, докторанти (PhD)-ии кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16.Тел.: 201-47-47-90. E-mail: Aviation9678@gmail.com

Сведения об авторе: Саидзода Розия Даврон, докторант (PhD) кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: 201-47-47-90. E-mail: Aviation9678@gmail.com

Information about the author: Saidzoda Roziya Davron, (PhD) student at the department of tajik literature, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov st., 16 Tel.: 201-47-47-90. E-mail: Aviation9678@gmail.com

Муқарриз: Асозода Ҳ.Р., д.и.ф., профессор

ТДУ: 81+81´22+811.111 (075.8)
Д-14

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ АСОСҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ТАЪБИРОТ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Саломати Д., унвончӯ
Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон

Забон яке аз муҳимтарин воситаҳои ифодаи тафаккур ва фарҳанги ҳар миллат ба шумор меравад. Забонҳо миёни ҳам аз фарқ ва монандиҳо бархӯрдоранд. Яке аз васоили муҳимтарини баёни маъно ва фикр дар забонҳо таъбирот мебошанд. Дар байни воҳидҳои мухталифи забон таъбирот (воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо) мавқеи хос доранд, зеро онҳо таҷрибаи зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ, анъанаҳо ва вижагиҳои фарҳангии ҷомеаро ба шакли мухтасар ва пурмаъно инъикос мекунанд. Таҳқиқи таъбирот на танҳо барои фаҳмидани забон, балки барои шинохти хусусиятҳои фарҳангӣ ва таърихии он низ аҳаммияти бузург доранд. Бо дар назар гирифтани он ки забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ду гурӯҳи забонии гуногун мебошанд ва ҳар кадоми онҳо роҳи махсуси ташаккули худро тай намудааст, омӯзиши муқоисавии таъбирот дар ин ду забон имкон медиҳад, ки умумият ва хусусияти фарҳангӣ равшан гардад. Ба унвони мисол, таъбироти тоҷикӣ бештар ба образҳои шеъри классикӣ, анъанаҳои мардумӣ ва ҳаёти деҳот такя мекунанд, дар ҳоле ки таъбироти англисӣ бештар реша дар ҳаёти шаҳрӣ, баҳрнавардӣ ва фарҳанги ғарбӣ доранд. Ин фарқиятҳо тарҷумаи бевоситаи таъбиротро душвор месозанд ва зарурати таҳқиқи илмии онҳоро афзоиш медиҳанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти лингвокултурологӣ дар муқоиса кардани воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ва англисӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо сохтор ва маънои онҳо омӯзиш ёбад, балки қонунмандии фарҳангӣ ва таърихи шаклгирии ин воҳидҳо низ муайян гардад. Муҳиммияти мавзуъ дар он ифода меёбад, ки таъбирот ба сифати оинаи

тафаккур ва фарҳанг дар омӯзиш ва тарҷумаи дурусти матнҳо нақши калидӣ дорад. Чи тавре ки ба мо маълум аст, бисёр адибони мо дар ашъори худ аз таъбирот фаровон истифода мебаранд.

Мақсади мақолаи мазкур таҳлили баъзе асосҳои илмии таҳқиқи таъбирот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Дар мақола аз методи таҳқиқи шарҳи маънӣ ва таҳлили муқоисавӣ истифода шудааст.

Таҳқиқи илмии таъбирот дар забони тоҷикӣ ба чанд марҳила ҷудо мешавад:

Марҳилаи якум – Таҳқиқи илмии таъбирот дар забони тоҷикӣ, одатан, ба марҳилаҳо ҷудо мешавад, ки ба рушди омӯзиши онҳо дар таърих рост меояд ва марҳилаи аввали он аз асрҳои XIX – XX оғоз мегардад. Аксар вақт, ин давр равияи омӯзишии забон ва фарҳангро маъхаз мекунад, зеро дар он дастовардҳои илмӣ ва илмҳои таърихии забонҳои тоҷикӣ дар партави рушди маориф ва илмҳои гуманитарӣ ҷамъоварӣ шудаанд.

Ин марҳила, асосан, ба сароғозҳои омӯзиши илмии таъбирот дар забони тоҷикӣ мансуб мебошад. Дар ин давра ба таҳқиқ ва сабти ибораҳо таваҷҷуҳ шудааст. Аҷоибтар ба осори мутафаккирон ва омӯзгорон, монанди Аҳмади Дониш ва дигарон диққат дода мешавад, ки дар онҳо ибораҳо ва нутқҳои мардумӣ сабт шудаанд. Ин давр ба илмҳои тоза, мисли грамматика, лингвистика ва этнография асос гузошт.

Марҳилаи дуввум солҳои 40-80-уми асри XX-ро дар бар мегирад. Дар ин давра таърихи таҳқиқи илми забон ва ибораҳои тоҷикӣ ба назар мерасад ва чанд тағйирот ва рушди муҳимро дар бар мегирад. Ин марҳила, асосан, ба рушди илми забоншиносӣ, таърихӣ ва этнография, инчунин, ба таҳқиқ ва барқарории таъбирот дар замони ҳукумат ва сиёсати давра тааллуқ дорад.

Мушаххасоти марҳилаи дуюм:

1. Рушди илми забоншиносӣ:

- ба навиштани осори илмӣ, ҳамаи ҷиҳатҳои грамматика, лексика ва ибораҳо таваҷҷуҳи махсус дода шудааст;

- бо назардошти мақом ва нақши забон дар идоракунии давлатӣ, илм ва фарҳанг, муҳаққиқон озмуну таҳқиқоти дарозмуҳлатро нишон додаанд.

2. Анҷоми таҳқиқоти этнографӣ ва таърихӣ:

- сабт ва омӯхтани ибораҳо дар контексти этнографӣ, суннату одатҳо ба назар мерасад;

- харитаи ибораҳо ва маъбатҳои фарҳангии мардумӣ муайян гардидааст.

3. Таҳқиқоти фолклорӣ:

Ин давра барои забоншиносии тоҷик давраи асосгузорӣ дар омӯзиши таъбирот ба ҳисоб меравад ва аз хусусиятҳои зерин барҳӯрдор аст:

- таъсири назарияи фразеологияи руси (Виноградов, Кунин ва ғайра) ба таҳқиқоти тоҷикӣ;
- муайян кардани таъбирот ҳамчун воҳиди мустақили забон;
- пайдоиши корҳои илмӣ оид ба гурӯҳбандӣ, сохтор маъно ва пайдоиш (этимология)-и таъбирот;
- пайдоиши асарҳо ва дастурҳои аввалин аз фразеологияи тоҷик (А. Абдувалиев, А Мирзоев, А. Носир, А. Рафиев ва дигарон).

Рушд ва такмили тафсирҳо ва маълумот дар бораи таъбирот, бахусус ба воситаи минбарҳо, матлабҳо ва мақолаҳо дар рӯзномаҳо.

Марҳилаи сеюм. Ин марҳила ба таҳқиқи истеҳсолот ва ибораҳои маъмул, барқарор намудани таърихи ибораҳо, таҳқиқи фарҳанг ва этнографияи тоҷик маъмул аст.

Инчунин, дар ин давр илмҳои ҳамроҳ – мантиқ барои таҳлили ибораҳо ва истифодаи онҳо ба кор гирифта мешаванд. Истифодаи технологияҳои нави иттилоот ва шабакаҳои муошират дар таҳқиқ ва нашри матолиб таъсир гузоштааст. Таъбирот ҳамчун воҳидҳои устувори забонӣ ки маънои маҷозӣ сарбастагӣ ва сохтори муайян доранд, дар забоншиносии муосир яке аз мавзуъҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Дар адабиёти забоншиносӣ таъбирҳо ба

унвони воҳидҳои композитсионии маъноӣ ё рамзҳои фарҳангӣ муайян карда мешаванд. Муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки таъбирот таҷассумгари таҷрибаҳои маънавӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон буда, на танҳо ҷузъи бахши забон, балки ҷузъи тафаккури миллӣ ва равонии мардум мебошанд.

Дар умум, таъбирот дорои чанд хусусияти асосӣ мебошад:

1. Маънои маҷозӣ-маънои таъбир аз маънои ҷузъҳои он мустақим ҳосил намешавад;

2. Устувории таркибӣ - иваз ё ҷойивазкунии ҷойҳои таъбир имконнопазир нест;

3. Қабули умумии забон - таъбир дар ҷомеа ба таври умум қабул шудааст ва вазифаи услубӣ дорад;

4. Борнокии фарҳангӣ – таъбирҳо далели робитаи ногусастании забон бо фарҳанг ва ҷаҳонбинӣ мебошанд.

Бо сабаби ҳамин хусусиятҳо таъбирот дар маркази диққати бисёр забоншиносон, аз ҷумла муҳаққиқони тоҷикӣ ва англисӣ қарор гирифтааст. Мисол: «Дар вақти ҳуҷуми арабҳо ба Мовароуннаҳр дар ин сарзамин як ҳукумати марказӣ, ки тамоми мамлакатро аз як марказ идора кунад, набуд ва ҳар кадом аз шаҳрҳо деҳаҳои калон **ба сари худ** буда, аз тарафи як подшоҳ, ки ӯро дар забони тоҷикии онвақта «худот» мегуфтанд, идора мешуд» [1, с. 80]. ~ «When the Arabs attacked Mavarannahr, no single, central government could administer the whole country, but rather each of the big cities and villages had **its own chief**, they were governed by a padshah» [11, p. 80].

Таъбирҳои тоҷикӣ маҳсули таърихи чандинсадсолаи забону фарҳанги тоҷиканд. Онҳо дар раванди рушди ҷомеа, муошарати мардум ва ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ ба вуҷуд омада, ҳамчун нишони хиради мардумӣ то имрӯз ҳифз шудаанд. Таҳқиқи таърихии таъбирҳо нишон медиҳад, ки онҳо аз манбаъҳои гуногун сарчашма мегиранд. Адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ яке аз ғанитарин сарчашмаҳои рушди таъбирҳо мебошад. Асарҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон бисёр ибораҳоро ба забон ворид ё мустаҳкам кардаанд. Таъбирот яке аз қисматҳои муҳимми забони тоҷикӣ буда, дар онҳо таҷрибаи зиндае ба худ гирифтааст.

Иттилооти асосии ин марҳила аз маъхазҳои фолклорӣ ва ривоятҳо бардоштан буда, дар он ибораҳо ва таъбирот таҳлил шуда, муносибатҳои иҷтимоии мардум дар назар гирифта мешаванд. Мисол: «Оқибат гургзода гург шавад – гуфтаанд» [2, с. 9]. ~ «Wolf cubs have turned out in the end to be volfes, as said» [10, p. 35].

Дар ин марҳила, дар асоси баровардаҳои илмӣ низ ба ташвиқ ва нигоҳ доштани рамзҳои миллӣ ва забон шуруъ шуд, ки ба ҳамин тариқ бештар таъбироти маҳаллӣ, суннатӣ ва этнографӣ ба маълумоти илмӣ табдил ёфтанд. Дар умум, солҳои 40-80-уми асри XX, алалхусус пас аз Ҷанги II-юми ҷаҳонӣ, таҳқиқоти илмии тоҷикӣ дар соҳаи таъбирот ва забон ба суръат афзуда, шиддат гирифт ва ба худи фарҳанги миллӣ ва забони тоҷикӣ ворид гардид. Таҳқиқи илмии таъбирот дар забони тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва забоншиносон дар марҳилаҳои гуногун сурат гирифтааст. Марҳилаи сеюм, ки аз соли 1990 то имрӯз дар назар аст, барои ин мавзуъ аҳаммиятнок аст. Ин марҳила, махсусан, ба истифодаи технологияҳои нав, ҳамкории байналмилалӣ ва таҳқиқоти вобаста ба фарҳанги миллӣ диққат медиҳад.

Самтҳои асосии таҳқиқоти таъбирот, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- таъриф ва намудҳои таъбирот (бо калимаи бегона, аслӣ ва байналмиллалӣ);
- манбаъҳо ва механизмҳои ташаккули таъбирот (сарчашмаҳои таърихӣ, адабӣ, халқӣ);
- маънои ибораҳо ва пинҳонии маъноҳо;
- услуб дар истифодаи таъбирот ва мавзуъҳои адабиёти классикӣ ва муосир;
- ҷанбаҳои лингвистикӣ ва услубӣ;
- усули оммавигардонии таъбирот ва такмил додани онҳо.

Ҷанбаи дигари ин самт маъношиносӣ (семантика) мебошад, ки ба омӯзиш ва таҳлили маънои калимаҳо, муколама ва равандҳои маъноӣ дар забон равона аст.

Адибони тоҷик таъбиротро ҳамчун қисми муҳимми луғати халқӣ баррасӣ намуда, онро аз зиндагӣ, фарҳанг, урфу одат ва тафаккури миллии мардум мегиранд. Таъбирот

ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи забони мардумӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Инчунин, таъбирот аз ҷиҳати сохтор ва маъно гуруҳбандӣ гардида, вазифаи онҳо ғанӣ гардонидани нутқ, ифодаи маъноҳои маҷозӣ ва таъсирбахш намудани сухан мебошад, инчунин муайян шудааст, ки таъбирот оинаи тафаккури миллӣ ва фарҳанги халқи тоҷик буда, омӯзиши онҳо барои забоншиносӣ, фразеология ва таълими забон аҳаммияти калон дорад. Таъбирот воҳидҳои устувори забонанд, ки маънои маҷозӣ доранд ва маънояшон аз маънои мустақими калимаҳо фарқ мекунад. Онҳо, одатан, тағйир намеёбанд ва дар нутқ яклухт истифода мешаванд.

Мисол: *даст ба даст додан-ҳамкорӣ кардан; дил сард шудан-ноумед гаштан. Чашм пӯшидан- нодида гирифтан*, яъне таъбирот нутқро образнок ва ғанӣ мегардонанд.

Зарбулмасалу мақолҳо ифодаи кӯтоҳ, халқӣ ва пурмаънӣ мебошанд, ки тачрибаи зиндагӣ, хирад ва ҷаҳонбинии мардумро инъикос мекунанд. Онҳо панду ахлоқ, хулоса ва қонуниятҳои ҳаётро мефаҳмонанд.

Мисол: *«Ғӯза каландрав, ҷуворӣ уштурдав – гуфтаанд»* [2, с. 108]. ~ *«Mottocks through cotton, camels through sorghum – they said»* [10, p. 16]).

Дар асари адиби тоҷик А. Ҷамолзода «Таъбирот дар луғати халқӣ»- таъбирот ҳамчун як унсурҳои муҳимми луғатҳои мардумӣ мавриди таҳқиқи ҳамачониба қарор гирифтаанд. Муаллиф таъбиротро на танҳо воҳиди забонӣ, балки «падидаҳои фарҳангӣ» мешуморад, ки тачассумгари тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва тачрибаи таърихии халқи тоҷик мебошанд [5, с. 80] .

Дар китоб мафҳуми таъбирот муайян гардида, фарқи онҳо аз калимаҳои алоҳида ва ибораҳои озод нишон дода мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки таъбирот дорои маънои маҷозӣ буда, аксаран маънои онҳо аз ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои таркибиашон бар намеояд. Аз ин ҷиҳат онҳо хусусияти устуворӣ ва қолабияти маъноӣ доранд. Муаллиф манбаъҳои ташаккули таъбиротро ба ҳаёти рӯзмарраи мардум, касбу кори суннатӣ, муҳити табиӣ, бовару эътиқод ва муносибатҳои иҷтимоӣ пайваст мекунад. Ба андешаи ӯ, таъбирот маҳсули тачрибаи дарозмуддати халқ буда, дар раванди муошират шифоҳӣ ташаккул ёфтаанд. Дар асар, инчунин, гурӯҳбандии таъбирот аз рӯйи хусусиятҳои маъноӣ ва услубӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф вазифаи асосии таъбиротро дар ғанӣ гардонидани нутқ, баланд бардоштани таъсирнокии сухан ва муносибати эҳсосии гӯянда мебинад. Бо овардани мисолҳои зиёд аз нутқи зиндаи инсонӣ, аҳаммияти амалии таъбирот дар забони гуфтугӯӣ нишон дода мешавад. Дар маҷмуъ, асари А. Ҷамолзода барои омӯзиши таъбирот ва таҳқиқи робитаи забон ва фарҳанг аҳаммияти калони илмӣ дошта, метавонад ҳамчун сарчашмаи назариявӣ дар таҳқиқоти забоншиносӣ истифода гардад.

Дарҷ кардан бамаврид аст, ки таъбирот на танҳо идиомаҳо, балки зарбулмасалу мақолҳои халқӣ низ мебошанд, ки яке аз шаклҳои қадимтарин ва паҳншудатарин эҷодиёти даҳонии халқ маҳсуб меёбанд. Дар илми фолклоршиносӣ онҳо ҳамчун натиҷаи тафаккури ҷамъиятӣ, тачрибаи таърихии мардум ва ҷаҳонбинии иҷтимоӣ таҳқиқ мегарданд. Ин воҳидҳо дар ҷараёни рушди ҷомеа ташаккул ёфта, муносибати инсонро ба табиат, меҳнат, ҷомеа ва ахлоқ инъикос менамоянд.

Аз нигоҳи назариявӣ, мақолҳо ва зарбулмасалҳо ба гурӯҳи воҳидҳои фразеологӣ мансуб дониста мешаванд, зеро онҳо дорои устувории сохторӣ, яклухтии маъноӣ ва қобилияти такроршавӣ дар нутқ мебошанд. Бисёр муҳаққиқон таъкид менамоянд, ки маънои онҳо натанҳо аз маънои ҷузъҳои алоҳида, балки аз мазмуни умумии таркиб бар меояд. Ин хусусият онҳоро аз ҷумлаи озод фарқ мекунад. *«Мардро майдон нишон медиҳад, харро ҷавлон-гуфтаанд»* [2, с.59]. ~ *«A man's mettle is proved in the field, an ass's on the course, as they say»* [10, p. 137].

Дар адабиёти илмӣ масъалаи фарқгузории мақол ва зарбулмасал мавқеи махсус дорад. Мақол ҳамчун ҷумлаи грамматикӣ комил, дорои хулосаи умумӣ ва маънои мустақил муайян карда мешавад. Он бештар хусусияти қонунмандию умумиятнок дошта, ҳамчун натиҷаи тачрибаи ҷамъиятӣ хизмат мекунад. Зарбулмасал бештар шакли нопурра ё ибораи ҷумларо дошта, маънои он танҳо дар заминаи нутқ пурра ошкор мегардад. Аз ин ру, зарбулмасал бештар вазифаи услубӣ ва тасвириро иҷро менамояд.

Мисол: *«Бесабаб «Сарфаи сари оташдон-савдогари Ҳиндустон» нагуфтаанд»* [2, с. 15] ~ *«It's true what they say: «a thrifty cook is wealthier than an Indian merchant»* [10, p. 45].

Аз нигоҳи функционалӣ, мақол ва зарбулмасалҳо дар нутқ як қатор вазифаҳоро иҷро мекунанд; вазифаи пандомӯзӣ, тарбиявӣ, иттилоотӣ ва эстетикӣ. Онҳо на танҳо барои интиқоли маъно, балки барои таъсиррасонии эҳсосӣ ва тақвияти андешаи сухангӯ истифода мешаванд. Дар осори адабӣ ин воҳидҳо ҳамчун воситаи пуркуввати характери қаҳрамон, муҳити иҷтимоӣ ва тафаккури миллӣ ба кор мераванд. Дар ҷараёни таҳқиқи муосир мақолҳо ва зарбулмасалҳо аз дидгоҳи гуногуни семантикӣ, сохторӣ, функционалӣ, когнитивӣ ва фарҳангшиносӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Аз нигоҳи дигар онҳо ҳамчун қолабҳои тафаккури халқӣ баррасӣ шуда, модели дарки воқеият ва низоми арзишҳои ҷомеаро инъикос менамоянд. Аз дидгоҳи фарҳангшиносӣ онҳо унсурҳои ҳувияти миллӣ ва хотираи таърихии мардумро дар худ таҷассум мекунанд, чунончӣ *««Аз мор морбача мебарояд»* – гуфтаанд». ~ *«From snake comes out young snake»* – as they said».

Албатта, нақши олимон дар таҳқиқи таъбирот, мақолҳои халқӣ ва зарбулмасалҳо бисёр аст. Якчанд олим ва мутафаккири англисзабон ва русзабонро мисол меорам, ки дар ин самт асарҳои барҷаста ва маъруф навиштаанд, аз қабили *Wolfgang Mieder* – яке аз барҷастатарин олимони англисзабон дар соҳаи паремиология (таҳқиқи зарбулмасал ва мақолҳо) мебошанд. Ӯ профессори фолклор ва забоншиносӣ мебошад ва солиёни зиёд маҷалаи илмии Proverbium (оид ба зарбулмасалҳо) –ро таҳрир кардааст. Ӯ инчунин *International Bibliography of paremiology and phraseology* - библиографияи пурраи таҳқиқоти мақолҳо ва ибораҳои устуворро таълиф кардааст, ки таҳқиқро аз соли 2008 то 2022 ҷамъбаст менамояд. Mieder аз ҷумлаи таҳлилгарони калидӣ дар фразеология ва паремиология аст ва мафҳумҳои навро таҳия кардааст. Инчунин, Dora Sakayan – Забоншиноси англисзабон, ки дар таҳқиқи фразеология ва паремиологияи муқоисавӣ кор кардааст. Ӯ маҷмуаи калони зарбулмасалҳоро ҳамчун антологияи дузабона **(English – Armenia)** таҳлил ва нашр кадааст.

Дар фарҳанги омӯзиши фразеологии русӣ олимони маъруфе низ мавҷуданд, Масалан В.П. Жуков ва А.В. Жуков фразеологизмҳоро бо шумули мақолҳо ва ибораҳои мундариҷаи пандомӯз тартиб додаанд. Дар осори забоншиносон ва муҳаққиқони русзабон низ таҳқиқоти бисёрҷанбаи таъсиррасон мавҷуданд – услубӣ, муқоисавӣ, семантикӣ, фразеосемантикӣ. Олимон ва муҳаққиқони тоҷик низ дар баробари олимони ҷаҳон чандин асарҳо ва корҳои эҷодӣ навиштаанд, аз қабили Ҳ. Маҷидов, В. Ансорӣ, Б. Тилавов, М. Фозилов ва инчунин Ф.М. Турсунов ва дигарон ки дар корҳои онҳо аз ҷумла, тафсири таъбирот ва фразеологияи муқоисавӣ таваҷҷуҳ кардааст. Муаллиф дар асари монографии «Тарҷумонӣ ва тарҷумаи таъбирот» - масъалаҳои тарҷума ва семантикаи зарбулмасалҳоро аз нуқтаи назари забоншиносӣ таҳлил мекунад. Инчунин, ӯ масъалаи умумият ва фарқияти забоншиносии муқоисавӣ, омилҳои гуногуни зарбулмасалҳо ва воҳидҳои фразеологиро дар забонҳои форсӣ-тоҷикӣ, арабӣ, русӣ ва узбекӣ баррасӣ кардааст [6].

Ҳамин тариқ, таъбирот ва зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун воҳиди устувори забон ва унсурҳои муҳимми эҷодиёти даҳонии халқ дорои арзиши баланди забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ мебошанд. Онҳо таҷрибаи таърихӣ ва ҷаҳонбинии мардумро дар шакли фишурда ифода намуда, ҷузъи муҳимми низоми фразеологии забон ба ҳисоб мераванд.

Таҳқиқи илмии ин воҳидҳо нишон медиҳад, ки мақолҳо ва зарбулмасалҳо аз лиҳози сохторӣ ва семантикӣ дорои маъно буда, вазифаҳои пандомӯзӣ, услубӣ ва фарҳангиро иҷро мекунанд. Фарқгузории онҳо ҳамчун мақол ва зарбулмасал барои муайян намудани ҷойгоҳ ва вазифаи онҳо дар нутқ аҳаммияти назариявӣ дорад.

Таҳқиқоти олимони тоҷик, русзабон ва англисзабон собит менамоянд, ки омӯзиши мақолҳо ва зарбулмасалҳо хусусияти байнисоҳавӣ дошта, бо фразеология, паремиология ва тарҷумашиносӣ робитаи зич дорад. Омӯзиши онҳо барои дарки хусусиятҳои тафаккури миллӣ ва рушди забоншиносии муосир аҳаммияти муҳим дорад.

Гузашта аз ин, таҳқиқи маъноии низомдори таъбирот, алалхусус, таъбироти ифодакунандаи хислатҳои инсонӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ бархӯрдор аст, ки ҷузъи таҳқиқи минбаъдаи муаллиф маҳсуб меёбад.

Адабиёт:

1. Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни муқаннаъ (Тарҷума ба забони англисӣ ва сарсухани профессор Абдусалом Мамадназаров) [Матн] / С.Айнӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 156 с.
2. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / Ҷ.1/ С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352с.
3. Виноградов В. В. «Очерки по фразеологии русского языка».-Москва, 1977
4. Ғаффоров Р. «Фолклори тоҷик» – Душанбе, 2008.
5. Ҷамолзода А. «Таъбирот дар луғати халқӣ»- Душанбе, 2015.
6. Турсунов Ф. М. «Тарҷумонӣ ва тарҷумаи таъбирот».-Душанбе 2009.
7. Пермияков Г. Л. «Основы структурной паремиологии»- Москва, 1988.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ. 1 А — Н (нашри дувум)./Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. — Душанбе 2010, — 950с.
9. Ҳемингуей, Э. Пирамард ва баҳр [Матн] / Э. Ҳемингуей. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 168 с.
10. Aini, S. The Sands of Oxus / Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini / Translated from the Tajik Persian with an Introduction by John R. Perry and Rachel Lehr [Text] / S. Aini. – USA. Mazda publishers, 1998. – 277 p.
11. Aini, S. Temur Malik – Tajik People’s Hero. Muqanna’s Rebellion / Translation into English and Introduction by Professor Abdusalom Mamadnazarov [Text] / S. Aini. – Dushanbe: R-graph, 2022. – 156 p.
12. Mieder W/ Proverbs: A .Handbook- Westport. 2004.
13. Norrick. N. R. «How Proverbs Mean»- Berlin-New York. 1985.

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ АСОСҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ТАЪБИРОТ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҷомеа бе забон ва забон бидуни ҷомеа вуҷуд надоранд. Вобаста ба ин, баробари рушду пешрафти ҷомеа забон низ тараққӣ ёфта, такомулу тағйир меёбад ва дигаргуниҳои ҷомеа низ дар забон бозтоб мешаванд. Ҷомеаву забон дар ҳамбастагии якдигар баробар ба вуҷуд омада, инкишофи ҳар ду ба кору машғулияти инсонҳо алоқамандӣ дорад. Забон хосси инсон ва яке аз нишонаҳои асосии ҳар миллат ба шумор рафта, омӯхтан ва ба наслҳои оянда мерос гузоштани он вазифаи соҳибзабонон ва ҳар як фарди маърифатпарвар ба шумор меравад. Аз ин рӯ таҳқиқ, муқоиса ва пешбурди он ба манфиати кор аст.

Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои асосҳои таҳқиқи таъбирот дар забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ буда, муаллифи он кӯшиш ба харҷ додааст, ки бо такя ба забоншиносони тоҷику русу англис муҳиммияти мавзуъро баррасӣ ва бо мисолҳо возеҳ намояд. Ӯ дар мақола асарҳои олимонро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Онҳо таҷрибаи таърихӣ ва ҷаҳонбинии мардумро дар шакли фишурда ифода намуда, ҷузъи муҳимми низоми фразеологии забон ба ҳисоб мераванд.

Дар мақолаи мазкур бештар сухан дар хусуси навъҳои таъбирот ва тавзеҳи масалу мақолҳои халқӣ меравад. Мисолҳои овардашуда мақоларо ранги равшан бахшида, далели гуфтаҳои боло ба шумор мераванд. Аз ҷумла, муаллиф дар охир ба хулоса омада, қайд мекунад, ки «Таҳқиқи илмии ин воҳидҳо нишон медиҳад, ки мақолҳо ва зарбулмасалҳо аз лиҳози сохторӣ ва семантикӣ дорои яклухти маъно буда, вазифаҳои пандомӯзӣ, услубӣ ва фарҳангиро иҷро мекунанд. Фарқгузории онҳо ҳамчун мақол ва зарбулмасал барои муайян кардани ҷойгоҳ ва функсияи онҳо дар нутқ аҳаммияти назариявӣ дорад.

Калидвожаҳо: забон, тоҷикӣ ва англисӣ, забоншиносӣ, фарҳанг, зарбулмасал, мақол, маъношиносӣ, фразеология, таъбирот, муқоиса.

О НЕКОТОРЫХ ОСНОВАХ ИССЛЕДОВАНИЙ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ И ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК В ТАДЖИКСКОЙ И АНГЛИЙСКОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

Нет общества без языка, и нет языка без общества. Соответственно, наряду с развитием и прогрессом общества, язык также развивается, эволюционирует и изменяется. Изменения в обществе отражаются и в языке. Общество и язык существуют в тесной взаимосвязи, и развитие обоих связано с трудом и профессиями людей. Язык — это отличительная черта человека и один из главных символов каждой нации, и его изучение и передача будущим поколениям — гражданский долг каждого патриота. Поэтому его исследование, сравнение и популяризация отвечают интересам науки.

В данной статье рассматриваются основы исследований пословиц в таджикской и английской лингвистике. Автор предпринял обсудить важность темы и прояснить её на примерах работы таджикских, русских и английских лингвистов. Он анализирует работы объясняет и разъясняет работы учёных и отмечает, что «интерпретации и пословицы, как устойчивая единица языка и важные элементы устного творчества народа, имеют высокую лингвистическую и культурную ценность. Они выражают исторический опыт и мировоззрение народа в сжатой форме и считаются важной частью фразеологической системы языка».

В статье рассматриваются виды народных пословиц и поговорок. Приведённые примеры служат доказательством вышесказанного. В заключение, автор отмечает, что научные исследования этих единиц показывают, что пословицы и идиомы имеют единое значение с точки зрения структуры и семантики и выполняют педагогические, стилистические и культурные функции. Их разграничение как пословиц и идиом имеет теоретическое значение для определения их места и функции в речь.

Ключевые слова: язык, таджикский и английский, лингвистика, культура, идиома, пословица, семантика, фразеология, интерпретация, сравнение.

ON SOME FOUNDATIONS OF RESEARCHING IDIOMS AND PROVERBS IN TAJIKI AND ENGLISH LINGUISTICS

There is no society without language, and no language without society. Accordingly, along with the development and progress of society, language also develops, evolves, and changes. Changes in society are reflected in language. Society

This article also examines the foundations of interpretation research in Tajik and English linguistics. The author has undertaken to discuss the importance of this topic and clarify it using examples from the work of Tajik, Russian, and English linguists. She explains and clarifies the work of scholars. and notes that "interpretations and proverbs, as stable units of language and important elements of the oral tradition of the people, have high linguistic and cultural value. They express the historical experience and worldview of the people in a condensed form and are considered an important part of the phraseological system of the language."

The article examines the types of interpretations and explanations of folk proverbs and sayings. The examples provided lend the article a vivid flavor and serve as evidence of the above. In particular, the author concludes his work by noting that "Scientific studies of these units show that proverbs and idioms have a unified meaning in terms of structure and semantics and perform pedagogical, stylistic, and cultural functions. Their distinction as proverbs and idioms has theoretical significance for determining their place and function in speech".

Key words: language, Tajik and English, linguistics, culture, idiom, proverb, semantics, phraseology, interpretation, comparison.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саломати Давлаталӣ, унвонҷӯйи кафедраи забони давлатӣ ва забонҳои муосири хориҷии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Борбад. Телефон: (+992) 985-76-64-42. E-mail: salomatidavlatali@inbox.ru

Сведения об авторе: Саломати Давлатали, соискатель кафедры государственного языка и современных иностранных языков, Университета инноваций и цифровых технологий Таджикистана. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, микрорайон Борбад. Телефон: (+992) 985-76-64-42. Электронная почта: salomatidavlatali@inbox.ru

Information about the author: Salomati Davlatali, applicant (researcher) at the department of state language and modern foreign languages, University of Innovations and Digital Technologies of Tajikistan. Address: 735360, Republic of Tajikistan, city of Kulob, Borbad microdistrict. Phone: (+992) 985-76-64-42. Email: salomatidavlatali@inbox.ru

Муқарриз: Давлатзода Ф.Ҷ., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:82+82-3(575.3)
С-32

ВУЛГАРИЗМҲО ДАР МАҶМУАИ ҲИКОЯҲОИ «ДУНЁ БА УМЕД»-И Ҷ. АКОБИР

Сатторов С.С., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Таркиби луғавии ҳар як забон, аз ҷумла забони адабии тоҷикӣ аз қабатҳои гуногуни луғавӣ таркиб ёфта, суханони қабеҳу дағал ё вулгаризмҳо низ як қабати луғавии забонро ташкил медиҳанд. Дар забоншиносӣ калимаҳои дағалгуфтору қабеҳро дар қатори вожаҳои услуби паст дохил мекунанд. Ё ба таври дигар, дар таркиби луғавии забонамон баробари калимаҳои услуби баланд, ки дар онҳо оҳангу ҷилоҳои мусбати эҳсосиву иродавӣ тарҳрезӣ шудаанд, боз як гурӯҳ вожаҳои ифодакунандаи муносибатҳои пасту ноҳинҷори байни одамон низ мавҷуданд. Ба андешаи забоншинос Ҳ. Маҷидов «чунин калимаҳо анвои мухталифи унсурҳои ҷудогонаи шуури инсониро дар таровиши эҳсосоту майлҳои иродавии бетакаллуфӣ, бепардагӯйӣ, нописандӣ, дуруштӣ, пастзанӣ, таҳқир, масхара, истеҳзо ва монанди инҳо ифода мекунанд. Таҷассуми паҳлуҳои мухталифи нафосати пасти инсонӣ дар калимаҳо, албатта, ин инъикоси бевоситаи олами воқеӣ, таассурот аз он дар шуури одамон аст. Гуногунии муносибатҳои воқеии одамон, аз ҷумла, муносибатҳои берун аз доираи одобу ахлоқ дар калимаҳои забон инъикос ёфтаанд. Ба хусус, имрӯз хеле паст рафтани сатҳи зиндагии мардум, ба вуҷуд омадани табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва таназзули олами маънавии як гурӯҳ одамон боиси афзудани чунин маъноҳои калимаҳо гаштаанд» [2, с. 68].

Ба қатори калимаҳои ифодагари эҳсосоту майлҳои иродавии манфии доираи забони адабиро, бо вуҷуди он ки қабатҳои зиёде доранд, ба се гурӯҳи асосии зайл ҷудо кардан мумкин аст: вожаҳои ифодакунандаи бепардагӯйӣ, дашномҳои раво (вулгаризмҳо) ва вожаҳои барбарӣ (варваризмҳо) [1, с. 56].

Вожаҳои ифодакунандаи бепардагӯйӣ ҷилоҳои гуногуни бетакаллуфӣ, худнамоӣ, беэътиноӣ, нописандӣ, таъна, пастзанӣ ва амсоли инҳоро фаро мегирад. Ифодаи бепардагӯйиву кушодагӯйӣ дар муносибатҳои маҳрамонаи одамони ба ҳам наздик аз ҳодисаҳои одӣ маҳсуб шуда, шояд қаробати солиёни зиёд баъзе пардаҳои маъмули муносибатҳои муоширатии байни ононро аз миён бардоштааст. Дар як гурӯҳи калимаҳо бар иловаи бепардагӯйиву бетакаллуфӣ ифодаи сарзанишҳои сабукро ҳам эҳсос кардан мумкин аст ва ин навъи вожаҳо бо вуҷуди ин ҳама оҳангу ҷилоҳои бетакаллуфӣ дар ҳудуди меъёрҳои одоби муошират ҷой гирифтаанд. Баръакси онҳо дар вожаҳои ифодакунандаи дашному ҳақорат ин меъёрҳо то андозае коста шудаанд.

Дар радаи ҳамин навъи калимаҳо вожаҳои ифокунандаи дашномҳои раво низ мавқеъ дошта, як гурӯҳи калимаҳои услуби пастро вожаҳои ифодакунандаи эҳсосоту майлҳои иродавии дағал, дашном, суханҳои носазо ташкил медиҳанд, ки онҳоро вулгаризм мегӯянд. Гунаи тоҷикии **вулгаризм** суханони қабеҳ буда, истилоҳи вулгаризм аз забони лотинии

vulgaris гирифта шуда, маънои дағал, омиёнаро ифода мекунад. Ифодаи дағалӣ дар вулгаризмҳо ба дараҷаест, ки мундариҷаи онҳо аз унсурҳои мафҳумӣ ба пуррагӣ холӣ шуда, ҷойи онҳоро ҷилоҳои эҳсосиву иродавии таҳқир, таҳдид, истеҳзо, масхара ва монанди инҳо гирифтаанд. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтаем, ки дар доираи ин мақола роҷеъ ба дараҷаи корбурди вулгаризмҳо ё суханони қабеҳ дар маҷмуаи ҳикояҳои «**Дунё ба умед»-и** Ҷонибеки Акобир [10] баёни андеша кунем.

Маълум аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ як даста адибони номвару хушсалиқа барои тараннуми ғояҳои миллӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, посдории забони модарӣ, устувор нигоҳдории сулҳу субот ва амсоли инҳо эҷодиёти бадеии худро равона кардаанд, ки яке аз онҳо нависандаи хушсалиқа Ҷонибек Акобир маҳсуб меёбад. Мавсуф нависандаи боистеъдоди адабиёти муосири тоҷикӣ буда, барои идомаи анъанаву навпардозии устодони худ, чун Ф. Муҳаммадиеву [3] Саттор Турсун [5] сайъю кӯшиш намуда, бо эҷоди осори баландғояю пурмазмуни хеш дили хонандагону мухлисони худро тасхир карда, дар қалби онон ҷойи хосаро касб карда буд. Муҳтаво ва дарунмояи осори нависандаро, асосан, зисту зиндагонии мардуми кӯҳистон, сарнавишти ҷавонон, хусусан онҳое, ки аз деҳа ба шаҳр омадаанду аз руҳияи деҳа пурра канда нашудаанд ва зиндагии шаҳр низ барояшон муаммою масъалаҳои тозаеро ба вуҷуд меорад, фаро гирифтаанд. Ҳамчунин, ба мавзуи ахлоқ низ нависанда рағбати калоне зоҳир намудааст ва ин мавзуъ аз ҳикояи нахустин то асарҳои калонҳаҷмаш инъикос гардидаанд. Дар асарҳои таълифнамудаи ин адиб дар меҳвари асосӣ инсони рӯйизаминӣ қарор дорад, ки инъикоси ҳолати руҳии онро донишманди замонамон М.Шакурӣ дар яке аз таълифоти хеш чунин ифода кардаанд: «Тамоюли асосӣ, ки дар насри ҳозираи тоҷикӣ аз солҳои шасту ҳафтод давом карда ва амиқтар шуда истодааст, ба фикри ман, ин аст, ки нависандагон ба мураккабиву ихтилофҳои зиндагӣ, ба ҳолатҳои драмавию фоҷиавӣ, ба шиддати фикру ҳаяҷони инсони замони мо бештар диққат медиҳанд, маҳз моҳияти чунин ҳодисаҳоро кушодан мехоҳанд. Насри мо дар навиштаҳои Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Саттор Турсун, Кӯҳзод, Сорбон, Баҳром Фирӯз аз бисёр ҷиҳатҳо ва гоҳ, комилан, хусусияти таҳлилӣ пайдо карда, ба сӯйи психологизми амиқ меравад. Инро кам ё беш, ба тарзҳои гуногун аз офаридаҳои ҷавонон, чунончи Абдулҳамид Самадов, Муаззама, Сайф Раҳимов, Ҷонибек Акобиров, Баҳманёр, гоҳ аз навиштахои Карроматулло Мирзоев ҳам дидан мумкин аст» [9, с. 67].

Гузашта аз ин, бобати эҷодиёти Ҷонибеки Акобир нақди адабӣ ҷойгоҳи осори ӯро муайян намуда, чандин олимону муҳаққиқону донишмандони шинохтаи тоҷик оид ба осори Ҷ. Акобир фикрҳои муфидро дар мақолаю асарҳои илмии хеш баён кардаанд. Аз ҷумла, М.Шукуров дар «Масъалаҳои насри муосир», Соҳиб Табаров дар мақолаи «Қадам дар офариниш», нависандаи шинохтаи тоҷик Ф. Муҳаммадиев дар мақолаи «Чанд сухан оид ба як ҳикоя» аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, дараҷаи корбурди санъатҳои бадеӣ, образофарӣ осори бадеии нависанда мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад, дар таълифоти забоншиносон Д.Хоҷаев, Ш.Кабиров «Зулфи оростаи сухан» [СШ, №2, 1990. – С. 137-140], «Сухани тозарақам» [СШ, №8. 1990,– С.134-138], Д. Ҳомидов «Баъзе вижагиҳои забони осори Ҷонибеки Акобир» [Забон-рукни тоат, №1, 1996,– С.34-40] ва чанд нафари дигар истифодаи воҳидҳои забонӣ, бурду бохти он ва муассирии забони осори бадеии адибро дар мавриди забони асарҳои бадеияш нишон додаанд.

Масалан, С.Табаров дар мақолаи «Қадам дар офариниш» доир ба забони асарҳои нависанда ба таври зайл баёни андеша кардааст: «..Ҷонибеки Акобирро дар масъалаи забон, поэтика ва истифодаи санъатҳои бадеӣ меҳнати эҷодии хеле зиёд дар пеш истодааанд. Дар лексикаи эҷодкор ҳанӯз даҳҳо калимаю ибораҳои хеле ғализ, ному лақабҳои дағалу нодаркор ва ё такрорҳои ноҷоиз вомехӯрад, ки ислоҳи онҳо хатмист» [4, с. 16].

Ин гуфтаҳои мунаққид ҳанӯз соли 1983 навишта шудааст ва мо бояд акнун бубинем, ки забони асари нависанда то кунун то чӣ андоза сайқал ёфтааст ва нависанда дар истифодаи забони асари бадеӣ ба чӣ муваффақиятҳо ноил гаштааст. Дар нигоштаҳои забоншиносон Д.Хоҷаев, Ш.Кабиров [6; 7] ва Д.Ҳомидов [8], ки охири солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои асри XXI манзур гардидаанд, аллакай ба сифати устоди сухан, сухангустар ба камолрасии

нависанда нишон додашуда, истифодаи бамавридонаи воҳидҳои луғавӣ дар асарҳои ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ин хеле ҷолиб аст.

«**Дунё ба умед**» нахустин маҷмуаи ҳикояҳои нависанда Ҷонибеки Акобир [1983] буда, нависанда дар ин ҳикояҳо лаҳзаҳои рангину ширини ҳаёти деҳот, ҳусну қубҳи хулқу атвори пиру барнои он, инчунин як зумра ҷавонони зотан деҳотиро, ки ҳоло шаҳрнишинанд, ба қадри ҳол самимиву заминӣ тасвир кардааст. Дар бобати забону тарзи баёни ин маҷмуа нависанда Саттор Турсун дар пешгуфтори ин китоб чунин андешаҳоро баён кардааст: «Ҷонибек Акобиров, ки имрӯз чанд ҳикояташро таҳти як муқова бо номи «Дунё ба умед» гирд овардааст, ҳамин ҳақиқатро хуб мефаҳмад. Ман борҳо шоҳид будаам, ки вай навиштаҳои худро чӣ тавр гаштаву баргашта таҳрир ва рӯйбардор мекунад: бо вуҷуди он ки қаламаш рӯз то рӯз қувват гирифта, ҳикояҳои хондanӣ меофарад, аз маҳсули кораш хурсанд намешавад. Зеро медонад, ки душвориҳои касби нависандагӣ ноумедиву комёбиҳо ва агар бахташ тобад, ба мурод расиданҳо ҳанӯз дар пешанд. Бино бар ин вай ҳамеша дар ҷустуҷӯй аст – то тавонад, мавзуи тоза ва мувофиқи он усули хоссаи нигоришу ифодаи нишонрас меҷӯяд; ба Ҷонибек Акобиров, чунон ки дар урфият мегӯянд, нону ош надиҳед, балки аз луғатҳои намедонистагиаш, аз китоби ба ягон сабаб мутолиа накардааш гап занед, ё худ чанд калимаву ибораи барояш нав ва хушоҳанг гӯед – кифоя, ба ӯ дигар ҳеҷ чиз лозим нест... Боз ин ки вай дар навиштану ба чоп супурдан ҳаргиз саросема намешавад: чашму дилаш сер, баорият, хоксор ва пухтакор аст, ки ин сифатҳо ба шахси адиби ҷавон, умуман, ҳар як нависанда, ниҳоят заруранд» [5, с. 3].

Тавре дар боло зикр гардид, мо зимни ин мақола доир ба дараҷаи истифодаи қабеҳгуфторӣ дар маҷмуаи ҳикояҳои «**Дунё ба умед**» маълумот дода, ҷанбаҳои забонии онҳоро баррасӣ менамоем. Дар асари мавриди таҳқиқ вулгаризмҳо вобаста ба мазмуну муҳтаво ва ҷойгоҳи худ дар чанд ҳолат мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки чанде аз онҳоро меоварем:

а) Як гурӯҳ калима ва маъноҳои вулгарӣ чун вожаҳои дағал дар доираи одоб ифода шудааст. Дар забони адабиёти бадеӣ чунин вожаҳо чи дар нутқи тасвирии муаллиф ва чи дар нутқи қаҳрамонҳои асар васеъ ба кор бурда мешаванд. Ҳарчанд ки дар ин гуна ифодаҳо оҳангҳои дурушт, маҳкумкунанда ва таҳдид садо медиҳанд, аҳли забон онҳоро ҳамчун амри воқеии зиндагӣ қабул мекунанд. Инак, чанде аз он тавсифҳо: **ҳаромхӯр** «касе, ки аз меҳнати дигарон муфт истифода мебарад»; **говзӯрпаҳлавон** «шахси хомфарбеҳ», **хумкалла** «одами кундфаҳм», **лӯккос** «ҳаракати безеби чун гашти шутур»: **лӯккос рафтан: -Нодон**, ризқи ҳар кас дар пешониаш! [10, с. 10]; Ту ин қадар беҳуда манаҳ назан! [10, с. 10]; Ниҳоят чанд сол қабл аз ин баҳсу талошашон ба ҷое расид, ки Шарифа-хола ***«гули биёбон»***-ро ба гап даровард [10, с. 11]; -Аммо сару либосамон ҷудо ***баднамо***, нағз набудагист? [1, с. 12].

б) Дағалӣ бисёр вақт дар шакли оҳангҳои сахт маҳкумкунанда зоҳир мешавад. Чунин оҳангҳои дағал бештар ба таҳқир, истеҳзо ва масхара шабоҳат доранд. Масалан, вожаҳои **косалес** «туфайлихӯр, чоплус», **намакзада** «бешараф, хиёнаткор», **пӯк** «бемаънӣ, фач», **нӯл** «фук, башара» таҳқиру пастзаниҳои дараҷаҳои гуногунро ифода кардаанд, ки аксар ба тариқи возеҳ дар матнҳои муайян зоҳир мешаванд: Э, аҷаб **балое шудааст** ин Пӯлод,– гуфт Раҷаб бо ранги парида, – ба ҳар ош қайлаю ба ҳар коса чумча шуда, **нулашро** ба ҳама ҷо халондан мегирифтааст-дия? Меҳмонҳо, ду марди **тоссари хомфарбеҳ** ва сару либосашон ниҳоят бо **кару фар**, ки ҳоло ҳаваси Хоркаш Зайдуллоро медуздиданд, ҳанӯз дар ошхонаи район, зери сояи ғафси чанори Бузург гардани як шиша конякро «хафа» карда, акнун дар курсии қафо бо кунҷи лаб, **пих-пихкунон** ғанаб мерафтанд [10, с. 22]; Ҳамин хуб, бигзор ба чашми баъзе одамони **такпурсу дилсиёҳ** наафтан, дар дилаш мегуфт ӯ [10, с. 23]; **Кӯри беимон** аз худаш ҳам саду як илова карда, дурӯғро рост мегӯяду ростро дурӯғ [10, 23]; **Як пояш ба лаби гӯр расида**, ҳанӯз ба кундаи синааш мушт зада, ман-манӣ мекунад, ки дар ин колхоз сиюпанҷсол деҳқони пешрав буд [10, с. 23]; «Тезтар, **ландаҳурҳо**! Ҳаминаш кам буд, ки кашола карда ба хона барам» [10, с. 24].

в) Баробари пастзаниву таҳқир дар баъзе аз чунин калимаҳо оҳангҳои масхараву тамасхур низ тарҳрезӣ шудаанд: **бузриш** «назарногир, безеб», **каллаварам** «одами гаранг»,

лӯндахӯча «одами пастаки ниҳоят фарбеҳ», **гушнапурзӯр** «камбағали калонтамаъ», **барзангӣ** «ниҳоят калони безеб», **ландаҳур** «танбал, дангоса», **ҳарина** «гапнодаро, гарданшах»: Ман аз ин сухани охирини ӯ пай бурдам, ки ҳанӯз шубҳаи ӯ дар ҳаққи ман боқист. Бинобар ин ба он **ҳарина** инод карда нишастанро номуносиб дониста, ӯро тамоман аз шубҳа баровардан шудам [10, с. 120]. Мӯйсафед, ки ба қавли худаш, як умр аз обилаи кафи даст нонашро ҳалол хӯрдааст, бо мардуми **коргурезу ҳаромхӯр** муросо карда наметавонист [10, с. 25]. Дар рӯйи дастархон анвои нозу неъмат муҳайё буд ва дар ошдони берун як дег гӯшт **вақар-вақар** ҷӯшида, ба рӯйи ҳавлӣ бӯйи иштиҳооваре паҳн мекард [10, с. 26]. Фақат гоҳ-гоҳ бо гӯшаи чашм ба меҳмонҳо менигарист, аммо нигоҳаш аксар ба яке аз онҳо, ба меҳмони **бинипучуқи чашмонаш тангу нигоҳаш сарду фориғбол** қарор мегирифт, ки ҳар замон даҳонашро **гиз** карда, бо нӯги забон қатори дандоҳои тиллояшро намоишкорона **мелесид** [10, с. 27].–Монда набошед, деҳқонбобо! – шунид ӯ овози т**амаллуққоронаеро** ва зуд пас гашта, дар паҳлуи худ ҷавони миёнақади лабонаш ба табассум **инҷро** дид [10, с. 27]. –Саломат бош, додар, - гуфту саволомез ба ҷавон, ки назараш қуттиҳои себро мепалмосидан, нигоҳ кардан гирифт [10, с. 27]. Себҳояшро шинохта, **кайфаш парид** [10, с. 29]. «Ин **оқипадар** чӣ мегӯяд? - чашмонашро ба таҳайюр калон кушода аз худ пурсид амаки Сафол [10, с. 30]. –Дуюним сӯм, а! Дар рӯзи равшан **ғорат** кард-э!» [10, с. 30]. Танҳо ҳаминашро медонад, ки чанг андохта аз гиребони он **ҷаллоб** гирифта, бо як зарба ӯро аз паси пештахта ба роҳрав кашида фуровард [10, с. 30]. –Ҳа, **пиракӣ**? - аз паҳлуяш халака кард мӯйсафеди ҳамшафаташ Ашур [10, с. 31].

г) Дар калимаҳои ифодакунандаи дағалӣ ё вулгаризмҳо гоҳо оҳанги истеҳзо ғолиб аст. Он аксар вақт ба тавассути зиддияти маъноҳои воқеиву аслии дар мундариҷаи калима маҳфуз таъкид карда мешавад: **дупӯста** «бо ду маънӣ гуфташуда»: **суханҳои дупӯста; осмонкаф** «ниҳоят баланд»: **садои осмонкафи доира; одамсар** «одами муйисараш рехтагӣ»: **марди паридачеҳраи одамсар:** ...ана ҳамин тавр, баъди кор ба ҷое «**чапғалат**» додани ӯро надида буданд [10, с. 38]. Соҳиби овоз **гӯлу даронда**, «моли худро» ба харидорон таъриф мекард [10, с. 39]. Вай як махлуқи нопок буд [10, с. 40]. Аз нӯги забонаш **заҳри ҳалоҳил мечакид**, дар **васвасаю шӯрангезӣ шайтонро ҳайрон мекард** [10, с. 40]. Ҳатто **шаттоҳтарин** зани деҳа аз **чашми дунёдаркаши** ӯ канора меҷуст [10, с. 40].

ғ) Дараҷаи баланди дағалиро дар калимаҳои ифодагари дашному ҳақоратҳо, ки бо мақсадҳои муайяни услубӣ ба забони адабӣ дохил гаштаанд, мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин калимаҳо, асосан, дар забони адабиёти бадеӣ мавриди тасвири муколамаҳои қаҳрамонони бефазилат, аз меъёрҳои маданияти инсонӣ дур истифода бурда мешаванд. «Дар чунин дашному ҳақоратҳо бар иловаи пастзании ҳадафи ҳуҷум боз наҳзаниҳои рӯйрост, оҳангҳои мухталифи таҳқири инсонӣ низ эҳсос карда мешаванд. Масалан, калимаҳои **кӯрнамак, бетамиз, ифлос, ноҷинс, номард** ва боз бисёре дигар аз ҷумлаи ҳамин гуна алфоз ба шумур мераванд, ки мавриди таҳқиру маҳкум намудани ҳарифи худ ба кор мебаранд. Ҳамин гуна оҳангҳои маҳкумкунанда дар дашномҳои навъи **падарлаънат, бадраг, осӣ, нобакор, нохалаф, палид** боз ҳам баландтар садо медиҳанд. Дар калимаҳои навъи **ҳаромзода, ҳаромӣ, модарбахато, беимон, бешараф, даюс, беҳаё** бошад, дашномҳои сахти таҳқиркунанда ифода шудаанд» [2, с. 98]: **Бачағар**, ҳанӯз ҳам бардаму бақувват, асп барин, думи филро меканад [10, с. 40]. Баъд ба шоҳини тарозу дуру дароз нигоҳ карда, ч**оплусона** ба **ғур-ғур даромад** [10, с. 43]. Ба худам **аҷали зинда** вай! [10, с. 45]. Ҳарчанд занаш нею нестон карда**, «Сағирая ҷояш сағирахона», -** гуфт, амак аз **таънаи** ҳамдеҳаҳо тарсид [10, с. 45]. Рӯзҳое, ки аз янгаи **бадҷаҳлу тундмизоҷаш мурданивор шатта мехӯрд**, бо **гардани каҷу** ашки шашқатор ба соҳили дарёчаи Обдара меомад [10, с. 46]. Он рӯз аз сари субҳ **қавоқи осмон гирифта** буд [10, с. 46]. –Хез, сағира! Боз таги шатта нагирам! **Муши мурда**! [10, с. 47]. –**Хоки мазор**! Хез мегӯяму хара гирифта пушта рав! [10, с. 47]. **Ҷони ту аз санг, бало намезанад!** [10, с. 47]. Баъди ним соат Ҷалол ҳамроҳи писари **девонаавзои амакаш** Абдулло харро полон зада, ду ҷувол гирифта, як нон ба миён басту ҷониби дараи Хурдӣ равон шуданд [10, с. 48]. –**Эҳ-ҳо-ой! Э дар тухми сағерадор...** [10, с. 48]. Чӣ хода барин қоқ шудӣ? [10, с. 48]. –Нарав, ака, **мекушад**, вай **одами ганда**, - аз паси харсанг садо баровард

Абдулло [10, с. 48]. **–**Ҳой **сағираҳо**! - **аррос** зад ӯ [10, с. 49]. -**Эй каллаварам**, саросема шудаам [10, 49]. –Эй **дар гӯри падари девона**...-дашном дод Назари Даҳон ва дигар даст набардошта, назди ҷувол рафт [10, с. 49]. – гиреду **дафъ шавед**! [10, с. 50]. Дубора даст гирам, **поятонро мешиканам**, **сагбачаҳо**! [10, с. 50].

д) Ба ҷумлаи дашному ҳақоратҳои сахт, ки ба забони адабиёти бадеӣ роҳ ёфтаанд, ба ҳайвоноти ҷудогона монанд кардани сифатҳои ботинии ҳариф низ дохил мешаванд. Одатан ба шахси мавриди таҳқир ин ё он сифате, ки ҳайвон дорад, нисбат дода мешавад. Сифати ҳайвонҳо дар калимаҳои забонҳои дигар ҳам инъикос ёфтаанд, вале ин монандкуниҳо дар ҳар яке аз онҳо ба тариқи махсус аст. Дар забони тоҷикӣ, масалан, **саг** сифати «шахси газандаву бадфеъл»-ро дорад, **гов** ба маънои «одами бефаҳм» аст, **гург** гуфта «шахси қаллобу бераҳм», **рӯбоҳ** «одами ҳиллагару маккор»-ро мегӯянд; **хар** ҳамчун сифати «одами якрав», **хук** «шахси ботинан ифлос» ва **нарғӯл** ба маънои «марди ҷоҳил» дар истеъмоланд: – **Шарм дор, деви сиёҳ**! [10, с. 54]. –Ҳамааш айби ана ин **барзагови якраҳа**! – ба тундӣ гуфт ронандаи ҷавон [10, с. 34]. Ранги **саги сӯзанхӯрда** мудом паҳ-пуҳ месулфад [10, с. 39]. Акнун ҳама ӯро бо лақаби **Саг-Саид** ном мебаранд [10, с. 39]. Ҳа, пештар ҳам чанд бор ба рама ҳам ҳуҷум оварда, **як саги чупони**ро **маиб** карда будааст...[10, с. 45]. **Пирхари биргад** куҷо буд? [10, с. 98].

Аз ин навиштаҳо ва мисолҳои оварда маълум мешавад, ки Ҷонибеки Акобир дар осори мансури худ вожаҳои дағалу қабеҳро барои кушодани табиати ботинии персонажҳои асар, таъсирбахш инъикос ёфтани манзараву ҳодисаҳои дар он овардашуда истифода кардааст. Истифодаи вожаҳои қабеҳгуфтор ё вулгаризмҳо дар асарҳои адиб ҳам аз забони адиб ва ҳам аз забони персонажҳо сурат гирифтааст, ки чанде мисол дар боло овардаем. Албатта, таносуби истифодаи қабеҳгуфтор нобаробар буда, бештар аз забони персонажҳо сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, ҳар нависандаи хуб ба майдони адабиёт бо мавзуъ ва ҷаҳонбинии хоса, бо эҳсоси нотакрори сухан ва дарду ғами худ меояд. «Аз ин ҷиҳат, кас ба осонӣ пай мебарад, ки Ҷонибек Акобир низ ба зиндагӣ назари тоза дорад, рафтору кирдор ва хислату гуфтори қаҳрамонҳояш, чунон ки баъзан дар асарҳои бадеӣ мушоҳида мешавад, ки на аз рӯйи хости муаллиф, балки аз ниҳоди худи онҳо сар мезананд. Ӯ махсусан, дар тасвири характери мӯйсафедони дунёдида, мардони одии заҳматкаш, инчуннн ҷавонони деҳотӣ, ки барои хондан ё кор кардан ба шаҳр омада, гоҳо дар чорсӯи зиндагӣ ҳайрон мемонанд, муваффақ шудааст. Онҳо ба ин дунёи баумед, воқеоту ҳодисоти атроф ва рӯзгори гоҳо вазнини худ ба дилу дидаи равшан менигаранд ва назари нависанда низ ба қаҳрамонҳояш чунин аст; вай онҳоро аз таҳти дил дӯст медорад, аз барори кору ободии рӯзгорашон хурсанд мешавад, аз нобарориву кирдори бадашон ғам мехӯрад ва агар якеро дар ҳикояш мазаммат мекунад, бо дилсӯзӣ ва умеде, ки шояд он бероҳа ба қатори одам дарояд, мазаммат мекунад» [5, с. 6].

Ҷанбаи дигари истифодаи вулгаризмҳо ё суханони қабеҳгуфтор дар маҷмуаи ҳикояҳои **«**Дунё ба умед»-и нависанда Ҷонибек Акобир дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, паремияҳо омадани онҳо мебошад, ки бо ин роҳ забони ҳикояҳои адиб муъҷазу муассирбахш гардидаанд.

Бояд гуфт, паремияҳо ё истилоҳи дигар зарбулмасалу мақол ва афоризму суханони ҳикматнок аз ҷумлаи маъмултарину машҳуртарин навъҳои эҷодиёти бадеии шифоҳии халқ буда, ғояҳои аҷибу афкори наҷиби кулли инсониятро дар шакли ниҳоят кӯтоҳу мухтасару дилнишин баёну ифода мекунанд. Онҳо аҳаммият ва афзоиши баланди таърихӣ, бадеӣ ва ахлоқию тарбиявӣ дошта, дар бобати ташаккулу инкишофи донишу маърифати одамон, завқи бадеӣ, нутқи мардум нақши ниҳоят бузург доранд.

Нависанда дар истифодаи мақолу зарбулмасалҳо (паремияҳо) бо қабеҳвожаҳо ба муваффақиятҳои назаррасе ноил гардидааст, ки паремияҳоро мо ҳам дар забони худи нависанда ва ҳам дар забони персонажи асарҳои нависанда пайдо кардаем, ки чанд мисол меоварем: Ду ҳафта қабл ӯ **харобу заҳир** шуда буд ва **панҷаи дарду алам** дилашро **бераҳмона** мефишурд, баъзан **ба дамаш кӯргиреҳ** афтида, ҳамаро метарсонд [10, с. 5]. Баъд, чунон ки баъзе ***устоҳои ҳатулкори саросема думбра месозанд,*** болотари алангаи оташ як

муддат нигоҳ дошта, обу тоб медиҳанд [10, с. 60]. Ҳамон ҳам бод барин аз қабулгоҳ баромада меравам, ки мабодо **занҳои гапчину хабаркаш** айбро ёфта ба гарданам печонанду овозаю дарвоза кунанд [10, с. 62]. Боз дар миёни ҳисоботҳо, як гапҳо, ки **харро хандаву бузро бозӣ** [10, с. 63]. **Дурӯғгӯ душмани Худо**, ҳамин шаб дар хонаи биргад алов сар доданд [10, с. 98]. **Пирхари биргад** куҷо буд? [10, с. 98]. Домани зани девоная доғдор кард [10, с. 99]. Набошад, **саги балобарзангира бурда, дар таги ҷар мебандад**? [10, с. 99].

Бояд гуфт, ки ин мақол алалхусус дар забони гуфтугӯйи мардум серистеъмол аст. Аз ин ҷиҳат нависанда кӯшидааст, ки ба ин васила забони асарро ба забони мардум наздик гардонад. Баъзан нависанда қаҳрамони худро дар ҳолати андеша тасвир карда, барои ҳалли муаммо аз забони онон мақолу зарбулмасали халқӣ ё паремияҳоро меорад: Худоё, ***нигоҳаш мағзамро мешикофад*** – бо ҳарос аз дил гузаронид ӯ. – Беҳуда намегӯянд, ки ***нигоҳ тарҷумони дил асту гувоҳи дӯстиву душманӣ*** [10, с. 29].

Бояд зикр кард, ки дар ҷумлаи мазкур зарбулмасалу мақоли халқӣ аз нигоҳи мазмун ва услуб дуруст бошад ҳам, аз нигоҳи истифода аз тарафи персонаж то андозае нораво аст. Зеро чунин мақолро на як зани камсаводи деҳотӣ, балки фарди донову босавод бояд баён менамуд. Лекин нависанда ин чизро сарфи назар намудаю маълумоти персонажро ба эътибор нагирифта, онро корбаст намудааст.

Истифодаи зарбулмасал ва мақоли халқӣ дар муколамаи персонажҳо низ ба чашм мерасад, ки онҳо барои ҳаматарафа ва амиқтар тасвир кардани ҳодисаҳои асар созгор омадаанд:

–Меҳмон атои худо аст, – бепарво гуфт Фаришта ва нохост аз нигоҳи ҳариси раис ба бадани гармаш раъша рафт. **Аз дур бошаду ба нур бошад**, – фаҳмонд Марзия... **Душмани нотавон ҳам мисли мори нимҷон аст**. Ана, холос! **Дарро задам, девор кафид!** [10, с. 29].

Акнун чанд мисол аз асари «Дунё ба умед»-и Ҷонибек Акобиров меоварем ва онҳоро вобаста ба мазмуну мундариҷа таҳлил мекунем: Хоркаш-Зайдулло, сардори хоҷагии ҷангалпарварии район, марди миёнаумр, ситорагарму **сипоҳ** ва ба қавли ҳамдеҳаҳо **«махлуқи дасташ ҷудо қалб»,** тахмин мекард, ки агар меҳмонҳои «муътабарашро» дар айни **қиёми** офтоб ба хонааш барад, **сурабошанро** касе намебинад [10, с. 21]. **Пайташро (фурсат)** ёфта, ин қабил мардумро чунон мекӯфт, ки ба як умраш мерасид [10, с. 25]. **Оби саҳл, табассуми инҷ** [10, с. 27]. Гӯё шамолаки **серуни** (ҳавои форам) дарёча ба ғаму кулфати ӯ боз шарик шуд [10, с. 41]. Назрии Даҳон низ аспи **тӯруқашро маҳмез** зада, боло баромадан гирифт [10, с. 49]. Умуман, дар ин бора фикр намекард, гӯё ки кӯдакияш аз **лавҳи** хотираш ба тамом кӯр шуда буд [10, с. 59]. … ба чор тараф даву тоз мекард **ҷор** мезад…[10, с. 63]. «Меҳмонҳои нохонда» чун **афсуншудагон** ба зӯр пеш рафта, **пайкари** худро ба курсиҳо ҳаво доданд [10, с. 105].

Нависанда, ҳамзамон калимаҳои қабеҳгуфторро дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ мавриди корбурд қарор додааст, ки чанд мисол меоварем: Аммо Шарифа-хола, ҳамсари Рауф-амак, ин рафтори шавҳари «**дунёбехабар»**-и худро маъқул намедонист ва баъзан сахт карда ба ӯ мефаҳмонд: - Мардум барои манфиаташон **ҷон мекоҳонанд**! [10, с. 10]. –**Нодон,** ризқи ҳар кас дар пешониаш! [10, с. 10]. Ту инқадар беҳуда **манаҳ назан**! [10, с. 10]. Мазмун, **димоғаш дуд мекард,** хотираш парешон мешуд [10, с. 16]. Ҷамол **муғамбирона** ханда кард [10, с. 17]. Ҳамин хуб, бигзор ба чашми баъзе одамони **такпурсу дилсиёҳ** наафтан, дар дилаш мегуфт ӯ [10, с. 23]. **Кӯри беимон** аз худаш ҳам саду як илова карда, дурӯғро рост мегӯяду ростро дурӯғ [10, с. 23]. **Як пояш ба лаби гӯр расида**, ҳанӯз ба кундаи синааш мушт зада, ман-манӣ мекунад, ки дар ин колхоз сиюпанҷсол деҳқони пешрав буд [10, с. 23]. Ҳамдеҳаҳо ҳайрон шуданд: мӯйсафед **ақлашро хӯрдааст чӣ**? [10, с. 36]. Вале меҳмонҳо инро шунида, **кайфашон тамом парида буд** [10, с. 36]. **Нафси бад** солҳои охир ӯро чунон **беору номус карда буд**, ки агар ягон одами дигар барои кашидани файзу эҳсони баҳор ба кӯҳу дарраи наздики заркамар равад, вай ба он кас дастбагиребон мешуд [10, с. 40]. Аз ҳамон боз вай мардуми савдогарро **чашми дидан** надошт[10, с. 10]. **Як пояш ба лаби гӯр расида,** ҳанӯз ба кундаи синааш мушт зада, ман-манӣ мекунад, ки дар ин колхоз сиюпанҷсол деҳқони пешрав буд [10, с. 23].

Дар умум, дар маҷмуи ҳикояҳои «Дар он дунё»-и Ҷонибек Акобир дар 240 ҷумла вожаҳои қабеҳ ё вулгаризмҳо вобаста ба ҳолати руҳиву инъикоси воқеаҳо мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки чанде аз онҳоро дар алоҳидагӣ меоварем: *шавҳари «дунёбехабар», манаҳ назан!, «ғули биёбон», баднамо, дағар-буғур, кали нодида, ҷулҳундӣ, димоғаш дуд мекард, муғамбирона, ғурунгос задан, ҳавои даҳон, қаламхор, Зайдуллои ханҷарбурут, ҳасад бурда мур, заҳри баданат, тоссари хомфарбеҳ, пих-пихкунон, такпурсу дилсиёҳ, кӯри беимон, ландаҳурҳо, бефаросат, чапдасту баттол, коргурезу ҳаромхӯр, бинипучуқи чашмонаш тангу нигоҳаш сарду фориғбол, гиз кардан, тамаллуққорона, инҷ, кайфаш парид, оқипадар, пиракӣ? падарлаънат!, ақлашро хӯрдааст чӣ? сархӯр, «чапғалат», заҳри ҳалоҳил мечакид, дар васвасаю шӯрангезӣ шайтонро ҳайрон мекард, зани шатторҳ, нафси бад, беору номус, бачағар, дар тухми сағерадор..., сағира, эй каллаварам, падари девона, сагбачаҳо! қанчиқи падарлаънат! гӯрсӯхтаҳо?, нағак!, сағираи наҳс!, деви сиёҳ!, занғар, рӯта сиёҳ накунӣ?, "рӯсӯхта", каҷанг, кӯрнамак, аҷина, ҳарисона, сағераи фисин, аҷузкампир!, барзагови якраҳа, падарқусур, корчаллон, ҳафтафаҳм, падарсӯхтаи хусурам, бурдангал, сагбача, кампири безурёт, хандамаргак, бева, бадмаст, кӯрдилҳо, буздилҳо* ва амсоли инҳо.

Хулоса, гуфтаҳои болоиро ҷамъбаст намоем, то андозае услуби хоси нависанда Ҷ. Акобир дар мавриди истифодаи вожаҳои қабеҳ ё вулгаризмҳо дар маҷмуаи ҳикояҳои «Дунё ба умед» аён мегардад. Маҷмуаи ҳикояҳои мазкури нависанда аз осори пешинааш аз нигоҳи забон ва ҳусни баён тафовуте дошта, нависанда дар ҷустуҷӯи адабӣ ва омӯзиши забони халқ буданаш тавассути ин ҳикояҳо зоҳир мегардад. Дар умум, забони осори насрии нависанда аз ҳикоя ба ҳикоя, аз повест ба повест инкишоф меёбад, ки онро, албатта, бурди адабиёти тоҷик, бахусус насри он ва ҳам худи нависандаи хушзавқ Ҷонибек Акобир донистан мумкин аст.

Адабиёт:

1. Дадоҷонова И.Б., Ҳасанова З.М. Сайри таҳҳиқӣ ба майдони жаргонвожаҳо // И.Б. Дадоҷонова, З.М. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – № 4. – С.42-48.
2. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд // Б. Камолиддинов. –Душанбе, 2003.–120 с.
3. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷикӣ. Луғатшиносӣ. Ҷ.1. // Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – С.60-150.
4. Муҳаммадиев, Ф. Чанд сухан оид ба як ҳикоя // Садои Шарқ. –1980. № 2.– С.139-143.
5. Табаров, С.Ш. Қадам дар офариниш // С.Ш. Табаров // Садои Шарқ. –1976. № 2.– С.137-140.
6. Тоҳирова Қ. Лексикаи забони адабии хозираи точик (материалхо) // Қ.Тоҳирова. – Душанбе, 1967. – 80 с.
7. Турсун, С. Ба дилу дидаи равшан // Акобиров, Ҷ. Дунё ба умед / С.Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1983. – С.3-6.
8. Хоҷаев, Д., Кабиров, Ш. Сухани тозарақам // Садои Шарқ.–1990, №8 – С.134-138.
9. Хоҷаев, Д., Кабиров, Ш. Зулфи оростаи сухан // Д.Хоҷаев, Ш. Кабиров// Садои Шарқ .– 1990, № 2.– С.137-140.
10. Ҳомидов, Д. Баъзе хусусиятҳои забонии асарҳои Ҷ. Акобир // Д.Ҳомидов // Забон – рукни тоат. №8. – Душанбе, 2001. – С. 67-74.
11. Ҳомидзода, Д. Шевашиносӣ // Д. Ҳомидзода. – Душанбе: ДМТ, 2022. – 265 с.
12. Ҳомидов Д. Вожагони марбут ба тӯйи арӯсии гӯйиши шимолӣ ва ҷанбаҳои этнолингвистии онҳо // Д. Ҳомидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 15. – С.11-19.
13. Ҳусейнов Х. Варваризмҳо дар забони адабии точик // Х.Ҳусейнов // Мактаби советӣ. – №3. – 1976. – С.23-25.
14. Шукуров, М. Масъалаҳои насри муосир // М. Шукуров // Садои Шарқ. –1977. № 5.– С.137-140.

Манобеъ:
15. Акобиров, Ҷ. Дунё ба умед // Ҷ. Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 150 с.

ВУЛГАРИЗМҲО ДАР МАҶМУАИ ҲИКОЯҲОИ «ДУНЁ БА УМЕД»-И Ҷ. АКОБИР

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар мавриди корбурди суханони қабеҳ ё вулгаризмҳо дар ҳикояҳои нависанда Ҷонибек Акобир сухан ронда, аз ҷумла зикр мекунад, ки таркиби луғавии ҳар як забон, аз ҷумла забони адабии тоҷикӣ аз қабатҳои гуногуни луғавӣ таркиб ёфта, суханони қабеҳу дағал ё вулгаризмҳо низ як қабати луғавии забонро ташкил медиҳанд. Як гурӯҳи калимаҳои услуби пастро вожаҳои ифодакунандаи эҳсосоту майлҳои иродавии дағал, дашном, суханҳои носазо ташкил медиҳанд, ки онҳоро вулгаризм мегӯянд.

Гунаи тоҷикии **вулгаризм** суханони қабеҳ буда, истилоҳи вулгаризм аз забони лотинии **vulgaris** гирифта шуда, маънои дағал, омиёнаро ифода мекунад. Ифодаи дағалӣ дар вулгаризмҳо ба дараҷаест, ки мундариҷаи онҳо аз унсурҳои мафҳумӣ ба пуррагӣ холӣ шуда, ҷойи онҳоро ҷилоҳои эҳсосиву иродавии таҳқир, таҳдид, истеҳзо, масхара ва монанди инҳо гирифтаанд. Дар инъикоси мазмуну мундариҷа нависанда аз ин воҳидҳои луғавӣ ҳам аз забони худ ва ҳам аз забони персонажҳо истифода карда, муассирии мазмуну мундариҷаи ҳикояҳои худро афзун намудааст.

Калидвожаҳо: вулгаризм, қабеҳ, дурушт, тобиш, услуби паст, баён, наср, нависанда, адиб, осор, маънӣ, сохтор, забон, вижагӣ ва амсоли инҳо

ВУЛЬГАРИЗМЫ В СБОРНИКЕ РАССКАЗОВ «ДУНЁ БА УМЕД» («МИР ЖИВЕТ НАДЕЖДОЙ») ДЖ. АКОБИРА

В данной статье автор рассматривает употребление бранных слов, или вульгаризмов, в рассказах писателя Джонибека Акобира. В частности, отмечается, что словарный состав любого языка, в том числе таджикского литературного языка, состоит из различных лексических пластов, и бранные, грубые слова (вульгаризмы) также составляют один из таких словарных пластов. Группу слов сниженного стиля образуют лексемы, выражающие грубые эмоции, волеизъявления, ругательства и непристойные выражения, которые и называются вульгаризмами.

Таджикским эквивалентом вульгаризма является понятие «суханони қабеҳ» (непристойные/бранные слова), а сам термин «вульгаризм» происходит от латинского *vulgaris*, что означает «грубый, простонародный». Выражение грубости в вульгаризмах достигает такой степени, что их понятийное содержание полностью утрачивается, а его место занимают эмоционально-волевые оттенки оскорбления, угрозы, иронии, насмешки и тому подобного. При раскрытии содержания рассказов писатель использует эти лексические единицы как в авторской речи, так и в речи персонажей, что повышает выразительность и воздействие своих произведений.

Ключевые слова: вульгаризм, бранный, грубый, оттенок, сниженный стиль, изложение, проза, писатель, литератор, произведения, значение, структура, язык, особенность и др.

VULGARISMS IN J. AKOBIR'S SHORT STORY COLLECTION «DUNYO BA UMED» («THE WORLD LIVES ON HOPE»)

In this article, the author examines the use of profanity, or vulgarisms, in the short stories of the writer Jonibek Akobir. In particular, it is noted that the vocabulary of any language, including literary Tajik, consists of various lexical layers, and profane or coarse words (vulgarisms) constitute one of these layers. A group of low-register words is formed by lexemes expressing coarse emotions, aggressive intentions, insults, and obscene expressions, which are referred to as vulgarisms.

The Tajik equivalent of vulgarism is the concept of «sukhanoni qabeh» (obscene/profane words), while the term «vulgarism» itself derives from the Latin *vulgaris*, meaning «coarse» or

«common». The expression of coarseness in vulgarisms reaches such a degree that their conceptual content is completely stripped away, giving way to emotional and expressive nuances of insult, threat, irony, mockery, and the like. In revealing the content of his short stories, the writer uses these lexical units in both the narrator's voice and the characters' dialogue, thereby enhancing the expressiveness and emotional impact of his works.

Keywords: vulgarism, profane, coarse, nuance, low register, narration, prose, writer, author, works, meaning, structure, language, feature, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сатторов Саидолим, докторанти (PhD) кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Кӯшониён, ҷамоати деҳоти Заргар Тел.:+992 111500495. Satorzodamuamadi@gmail.com

Сведения об авторе: Сатторов Саидолим, докторант (PhD) кафедры таджикского языка факультета филологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, район Кушониён, сельский джамоат Заргар. Тел.: +(992) 111-50-04-95. E-mail: Satorzodamuamadi@gmail.com

Information about the author: Sattorov Saidolim, (PhD) student at the department of tajik language, faculty of philology, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Address: Address: 735140, Republic of Tajikistan, Kushoniyon district, Zargar rural community. Tel.: (+992) 111-50-04-95. E-mail: Satorzodamuamadi@gmail.com

Муқарриз: Раҳмонов М.Б., н.и.ф., дотсент
ДДОТ ба номи С. Айнӣ

ТДУ:809.155.0+803.0+808.2

ТАСНИФИ ЛЕКСИКӢ-СЕМАНТИКИИ ИСТИЛОҲОТИ АСОСИИ СОҲАИ ТИҶОРАТ ВА САВДО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Сафарова Г.Ш., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Раванди ташаккули ҳаёти инсон дар асоси пешрафти омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангӣ сурат ёфта, дар асоси ин омилҳо зиндагии инсон рушд меёбад. Вазъи иқтисодии давраҳои гуногуни таърихии ташаккули инсон ба соҳаи тиҷорат ва савдо алоқамандии зич дошта, он яке аз пояҳои асосии рушди ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад. Асоси пайдоиш ва густариши муносибатҳои мубодилаи молу маҳсулот, зарурати истифодаи истилоҳоти алоқаманд ба тиҷорат ва савдоро ба миён оварда, ки барои ифодаи мафҳумҳои иқтисодӣ, танзими муносибатҳои савдо ва осон намудани муошарати байни тоҷирони давлатҳои дур ва ҳамсоя хизмат мекарданд.

Даврaҳои ташаккули тиҷорат ва савдо аз марҳилаҳои ибтидоӣ, миёна ва муосир иборат буда, дар давраи ибтидоӣ истилоҳоти нисбатан содда, давраи миёна дохилшавии истилоҳот аз дигар забонҳо ва давраи муосир ворид гардидани истилоҳоти муосиру замонавиро тақозо менамояд. Истилоҳоти давраи ибтидоии тиҷорат ва савдо бештар ба мубодилаи мустақими мол (бартер) вобастагӣ дошта, вазн, ченак, нарх ва навъи молро ифода мекарданд. Ин навъи ибораҳо тадриҷан ташаккул ёфта, барои пайдо шудани истилоҳоти нисбатан мураккаби: «нарх», «фоида», «қарз», «муомила» ва «шартнома» замина гузоштанд.

Дар давраи миёна, ҷиҳати ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратӣ байни давлатҳои дуру ҳамсоя, саноати савдои байналмиллалӣ рушд ёфта, дар баробари табодули мол, калимаҳо ва мафҳумҳои зиёди иқтисодӣ пайдо шудаанд. Ворид гардидани калимаву ибораҳои зиёди арабӣ, форсиву тоҷикӣ ба забони тоҷикӣ ва юнониву лотинӣ, франсавӣ ба забони англисӣ дар марҳалаи миёнаи ташаккули тиҷорат ва савдо сурат меёфт.

Давраи нав – муосир бо назардошти рушди босуръати соҳаи саноат, иқтисоди бозорӣ ва технологияҳои рақамӣ, истилоҳоти савдо ва тиҷорат пайдо шудани истилоҳоти нави тиҷоратӣ ва савдоро тақозо намуда, бештари онҳо ба забони тоҷикӣ ба воситаи забонҳои хориҷӣ дохил шуданд, ки бештарашон ба истилоҳҳои бонкдорӣ, маркетинг, логистика, савдои электронӣ ва бозорҳои байналмилалӣ марбутанд. Пайдошавии ин истилоҳот дар забони тоҷикӣ ҷаҳонишавии иқтисодиётро нишон дода, ҳамбастагии забонии истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдои забони тоҷикиро бо забони англисӣ нишон медиҳад.

Истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдо маҷмуи калимаҳо ва ибораҳои махсусро дар бар мегирад, ки барои ифодаи равандҳо, ҳодисаҳо ва мафҳумҳо дар соҳаи мубодилаи молу хизматрасонӣ хизмат мекунанд. Дар истилоҳоти номбурда, рушди таърихии тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа инъикос мегардад. Таъмин намудани якмаъноии муошират касбӣ – иқтисодӣ вазифаи асосии истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдо ба ҳисоб рафта, ҷанбаҳои асосии он: талабот, пешниҳод, нарх, фойида, шартнома, миёнарав, бозор, хизматрасонӣ, муштарӣ мебошанд, ки минбаъд ҳамчун истилоҳи асосии соҳаи мазкур қабул гардидаанд. Вожаҳои дар боло зикргардида, барои дарк намудани ниёзҳои мухталифи иштирокчиёни муносибатҳои савдо имконият фароҳам оварда, нуктаи назари онҳоро возеҳ месозанд. ва имконият медиҳанд, ки якдигарро зуд ва равшан дарк намоянд. Коркард нагардидани истилоҳоти махсуси соҳаи тиҷорат ва савдо фаъолияти самараноки савдоро дар байни савдокунанда – тоҷир ва муштарӣ душвор месозад. Истилоҳоти тиҷорат ва савдо доимо ташаккул ёфта, бо пеш рафтани иқтисоди бозорӣ, савдои байналмилалӣ ва технологияҳои рақамӣ истилоҳҳои нав аз қабили: *савдои онлайнӣ, маркетплейс, логистика, брендинг, пардохти электронӣ* пайдо шудаанд. Таркиби истилоҳоти номбурда нишон медиҳад, ки дар он калимаҳои англисӣ мавқеи корбурди зиёд дошта, ин раванд шаҳодати бевоситаи ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодиро нишон медод. Бо гузашти вақт бештари истилоҳоти нав ба меъёрҳои забони миллӣ мутобиқ гардида, ба истилоҳоти умумиистеъмолӣ табдил меёбанд. Ин нишондиҳанда дар баробари мутахассисони соҳа, барои доираи васеи мардум муҳим будани омӯхтану фаҳмидани истилоҳоти нави соҳаро нишон дода, таҳқиқи ин истилоҳот барои таъмин намудани дастрасии аҳолӣ ба омилҳои муосири савдо – истилоҳот хизмат мекунад. Мақолаи мазкур ба шарҳи лексикӣ-семантикии истилоҳоти асосии соҳаи тиҷорат ва савдо бахшида шудааст, ки дар замони муосир барои ширкат варзидан дар амалиёти хариду фурӯши аҳолӣ мавзуи номбурда, мубрамияти хосае пайдо намудааст.

Таҳқиқи таснифи лексикӣ-семантикии истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пеш аз ҳама дар асоси нишонаҳои зерин ба роҳ монда мешавад, ки барои системанок анҷом додани шарҳи вожаҳо хизмат менамояд:

1. Таснифи истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи навъҳои объектҳои савдо, ки муҳимтарини онҳоро: **бозор** – *market,* **мағоза –** *shop / store,* **дӯкон** – *shop / store,* **платформаи онлайнӣ** – *online platform* (намуди муосири савдо) ташкил медиҳанд;

2. Таснифи истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи намудҳои савдо: *чакана – retail*, яклухт – *wholesale*, фосилавӣ – *distance* / *remote*, сайёр – *mobile* / *mobile trade* савдо;

3. Таснифи истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи шаклҳои хизматрасонӣ: *хизматрасонии худкор – self-service / automated service, низоми фармоишӣ – order-based system / ordering system;*

4. Таснифи истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи *хелҳои мол*: *ассортимент – assortment / product range* ва *таъинот – purpose / designation / intended use*;

5. Таснифи истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи равандҳо: *харид – purchase / buying, нигоҳдорӣ – storage, фурӯш –sale / selling.*

6. Таснифи истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи категорияҳои иқтисодӣ: *хароҷот –costs / expenses, фойида – profit, гардиши мол – turnover / goods turnover* [1, с. 45].

1. Гурӯҳи якуми лексикӣ-семантикии истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисиро истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои объектҳои савдо ташкил медиҳанд, ки макони пеш бурдани савдо ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолиро дар бар мегиранд. Дар макони номбурда, робитаи байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда таъмин гардида, гардиши мол ва хизматрасониҳо ба роҳ монда мешавад.

Истилоҳи маъмули ифодакунандаи объекти қадимаи тиҷорат ва савдо дар забони тоҷикӣ *бозор* буда, дар забони англисӣ он бо вожаи *market* ном бурда мешавад. Вожаи *бозор* яке аз вожаҳои қадима ва серистеъмоли фарҳанги форсу тоҷик буда, дар баробари мафҳуми иқтисодӣ ба воситаи ин вожа маъноҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳатто рамзӣ дар осори хаттии асримиёнагӣ ифода гардидааст [18]. Маънои иқтисодии вожаи *бозор* – макони муомилоти молӣ ва тиҷорат буда, дар он хариду фурӯш, мубодилаи молу робитаи иқтисодии тоҷирон ва аҳолии макони муайян сурат меёбад [17]. Вожаи *бозор* яке аз навъҳои асосии объектҳои савдо буда, бештар дар мамолики Шарқ ҳамчун объект бозор – ҷойи пеш бурдани савдо маъмул мебошад. Бозор – одатан фурӯши молҳои гуногун, аз қабили маҳсулоти кишоварзӣ, либос, ашёи рӯзгор ва дигар маҳсулотро ба роҳ монда, нархҳои молҳои ниёзи мардум дар он нисбатан арзон мебошанд.

Истилоҳоти *мағоза* ва *дӯкон* дар забони муосир маъмул буда, мағозаҳои хурду калон ба фурӯши як навъи муайяни мол ё якчанд гурӯҳи молҳо машғул мебошанд. Таҳти истилоҳи дӯкон бештар хусусияти маҳаллии объекти савдо муайян мегардад, ки ба ниёзҳои ҳаррӯзаи аҳолӣ хизмат мерасонанд.

Дар забони англисӣ истилоҳоти ифодакунандаи объектҳои маъмули пеш бурдани савдо бо истилоҳоти *supermarket* (с**упермаркет)** – мағозаи худхизматрасонӣ бо майдони калони савдо, *gippermarket* (г**ипермаркет) –** мағозаи калон аз супермаркет бо намудҳои гуногуни мол, *discounter* (д**искаунтер) –** мағоза бо нархҳои пасти мол, ки аз ҳисоби хароҷоти кам сурат меёбад, **convenience store –** мағозаи хурд бо намудҳои гуногуни моли ҳаррӯза, **specialty store –** мағозаи намуди маҳдуди мол, **shopping center –** маҷмуи мағозаҳо бо системаи идоракунии ягона, *outlet-center* **–** мағозаҳо бо тахфифҳои калон барои молҳои машҳур, **boutique –** мағозаи хурди молҳои эксклюзивӣ ифода мегардад [17, с. 23].

Бо вожаи *бозор* дар ду забони таҳқиқшаванда истилоҳибораҳои алоқаманд маҳфузанд, ки ҳар яки онҳо дар навбаташон аз навъҳои дигар иборатанд. Мавриди зикр аст, ки новобаста аз истилоҳибораҳои гуногуни дар зер овардашуда, барои тамоми ин вожаҳо истилоҳоти муштарак мавҷуданд, ки дар тамоми гурӯҳҳои истилоҳоти таснифгардида ба назар мерасанд. Ба қатори ин ибораҳо вожаҳои: *фурӯшанда – seller / / vendor – ш*ахс ё ташкилоте, ки маҳсулотро ба харидорон дастрас мекунад ва мефурӯшад; *харидор – buyer // consumer* – шахс ё ташкилоте, ки маҳсулотро бо пули нақд ё ғайринақд мехарад; *нарх – price* – арзиши пулӣ барои як воҳиди маҳсулот; *таъмин – supply* – миқдори муайяни маҳсулоти барои фурӯш дастрасгардида; *талаб – demands – м*иқдори муайяни маҳсулот барои харидорӣ кардан; *қоидаҳои савдо – trade regulations* – қонуну меъёрҳои барои фурӯш ва харидории маҳсулот пешбинигардида; *сифат – quality* – меъёрҳои арзёбии маҳсулот; *миёнарав – middleman // intermediary* – шахс ё ташкилоте, ки байни истеҳсолкунанда ва харидор фаъолият мекунад, **бастабандӣ – packaging –** ҷойгир кардани маҳсулот барои нигоҳдорӣ ва интиқол; ***и*нтиқол – transport – logistics – аз як** ҷой ба ҷойи дигар бурдани маҳсулоти барои фурӯш ё таъминот; **ҳифз – preservation –storage – тару тоза нигоҳ доштани маҳсулот, мансубанд [**17, с. 12].

Истилоҳоти асосии ба вожаи бозор алоқаманди забонҳои тоҷикӣ ва англисиро метавон аз рӯйи чунин нишондодҳо тасниф кард. [19, с. 19].

1) истилоҳоти ифодакунандаи молу маҳсулоти бозор, ки аз иборавожаҳои зерин иборатанд:

*б***озори маҳсулоти кишоварзӣ** – *agricultural products market* – ҷоест, ки дар он хариду фурӯши маҳсулоти аз ҷониби хоҷагии қишлоқ истеҳсолшуда сурат меёбад;

бозори мева – *fruits market* – ҷое, ки дар он **мева ва маҳсулоти мевагӣ** харидуфурӯш карда шуда, маҷмуи равандҳои фурӯш, харид ва тақсимоти мева, **қисми**

бозори кишоварзӣ, ки муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагон, миёнаравон ва истеъмолкунандагонро дар соҳаи истеҳсол, интиқол ва фурӯши мева дар бар мегирад;

бозори сабзавот – *vegetables market*– маконест, ки дар он **сабзавот ва маҳсулоти сабзавотӣ** харидуфурӯш шуда, ҳамчун **қисми бозори кишоварзӣ,** дар он маҷмуи муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандагон, миёнаравон ва истеъмолкунандагон дар соҳаи истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши сабзавот ба роҳ монда мешавад;

бозори ғалладона – *grain market* – **макони** харидуфурӯш, тақсимот ва нархгузории ғалладона (гандум, ҷуворимакка, ҷав, биринҷ ва ғайра) дар дохили кишвар ё дар сатҳи байналмилалӣ, ҷойи махсуси савдо, ки ба ғалладона ва зироатҳои донӣ бахшида шудааст;

бозори молҳои саноатӣ – *industrial goods market* – маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ байни истеҳсолкунандагон ва харидорон оид ба харидуфурӯши молҳои саноатӣ – ашёи хом, нимтайёр, таҷҳизот, мошинолот ва қисмҳои эҳтиётӣ;

бозори либос– *clothing market* – муносибатҳои иқтисодии ба истеҳсол, пешниҳод, харидуфурӯш ва истеъмоли либос (пӯшок) барои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ пешбинӣ гардида, як қисми бозори истеъмолист;

бозори пойафзол– *footwear market* – бозоре, ки дар он пойафзол (мӯза, кафш, кроссовка ва ғ.) истеҳсол, пешниҳод ва харидуфурӯш шуда, дар баробари бозори либос як бахши муҳимми бозори молҳои истеъмолӣ ба ҳисоб меравад;

бозори техника – *machinery/equipment market* – макони харидуфурӯши мошинҳо ва таҷҳизоти барои истеҳсол, сохтмон ва дигар соҳаҳои иқтисод пешбинӣ гардида;

***б*озори хӯрокворӣ –** *food market* – навъи бозорест, ки дар он табодули иқтисодӣ вобаста ба истеҳсол, тақсимот ва харидуфурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ барои истеъмоли аҳолӣ пешбинӣ гардидааст;

бозори маҳсулоти истеъмолӣ – *consumer food products market* – маконе, ки дар он молҳо барои истифодаи шахсии истеъмолкунандагон (хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ) пешниҳод ва фурӯхта мешаванд;

***б*озори хизматрасонӣ –** *services market* – бозоре, ки дар он хизматрасониҳо (тиббӣ, маишӣ, молиявӣ, таълимӣ ва ғ.) пешниҳод ва харидорӣ гардидааст;

бозори нақлиёт – *transport* – ҷое, ки дар он хизматрасониҳои нақлиётӣ оид ба интиқоли мусофирон ва борҳо дар он амалӣ мегарданд;

бозори сайёҳӣ – *tourism market* – маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ бо пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ, сафар, истироҳат ва хизматрасонии меҳмонон мебошад;

бозори таълим – *education market* – бозори хизматрасониҳои таълимӣ – мактабӣ, касбӣ, олӣ ва иловагӣ мебошад;

бозори пул – *money market* – фарогири муомилоти кӯтоҳмуддати маблағҳои пулӣ ва воситаҳои молиявист;

бозори қарз – *credit market* – макони сурат ёфтани амалиёти қарздиҳӣ байни қарздиҳандагон ва қарзгирандагон;

бозори қарзи истеъмолӣ – *consumer credit market* **–** қисми бозор, ки қарзҳо барои шахсони алоҳида пешниҳод мешаванд;

бозори қарзи ширкатӣ– *corporate credit marke***t –** **қ**исми бозор, ки қарзҳо барои рушди ширкатҳо ва корхонаҳо пешниҳод мешаванд;

бозори меҳнат – *labor market* – бозори пешниҳоди қувваи корӣ бо муайян сохтани талабот ба меҳнат ва музди кор [3, с. 98].

бозори коғазҳои қимматнок – *securitie market* – бозори хариду фурӯши саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қимматнок ва гардиши мақсадноки онҳо.

2) истилоҳоти ифодакунандаи ҷойгиршавӣ ва шакли бозор нишондоди дуюми гурӯҳи аввали лексикӣ-семантикии истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисиро ташкил намуда, ба ин гурӯҳи истилоҳот вожаҳои дар зер овардашуда дохил мешаванд:

бозори кушода *(саҳроӣ, маҳаллӣ) – open-air market (outdoor market, local market)* – навъи бозорест, ки дар фазои кушод баргузор шуда, фурӯшандагон маҳсулоти кишоварзӣ,

ғизо, либос ва молҳои рӯзгорро мустақиман дар он пешниҳод менамоянд. Ин бозорҳо бештар хусусияти маҳаллӣ дошта, ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеа наздиканд;

бозори пӯшида *(бозорҳои муосир, павилонҳо) – indoor market (modern markets, pavilions)* – бозори дохили бино ё маҷмааи махсуси фаъолияткунандаест, ки дорои шароити муосир, назорати беҳдоштӣ ва инфрасохтори беҳтар мебошад [6, с. 16]. Ин навъи бозорҳо мағозаҳо ва павилонҳои доимӣ доранд;

бозори берунӣ *– маҳдуд restricted foreign market // controlled export-import* **–** маҳдудияти воридшавӣ ва содироти мол ба кишварҳои хориҷиро мефаҳмонад;

бозори маҳаллӣ *(барои аҳолии як ноҳия) – local market (neighborhood market, community market)* – хизматрасонии бозор ба аҳолии як маҳалла ё ноҳия, ки дар он маҳсулот ва хизматрасониҳо мутобиқи ниёзҳои сокинони маҳаллӣ пешниҳод гардида, ҳаҷми савдо нисбатан маҳдуд аст;

бозори байналмилалӣ *(савдои байни давлатҳо)–international market (cross-border trade market)* – бозори савдои молу хизматрасониҳои байни кишварҳои гуногун, ки дар он савдо бо воридот, содирот, асъор ва қойидаҳои байналмилалӣ алоқаманд буда, дар рушди иқтисоди ҷаҳонӣ нақши муҳим доранд.

3) истилоҳоти ифодакунандаи тарзи фаъолият дар бозор нишондоди дигари гурӯҳи аввали лексикӣ-семантикии истилоҳоти тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, вожаҳои зерин ба ин гурӯҳи истилоҳот дохил мешаванд:

***б*озори анъанавӣ** – *хариду фурӯши рӯ ба рӯ* – **traditional market – face-to-face buying and selling** – муомилоти мустақими байни фурӯшанда ва харидорро нишон дода, дар он хариду фурӯш бевосита, бе воситаҳои рақамӣ сурат мегирад;

***б*озори яклухт (оптом)** – *фурӯши мол ба миқдори зиёд* **– wholesale market – selling goods in large quantities** – *ҳаҷми калони* фурӯши мол аз тарафи тоҷирон ё корхонаҳо, ки барои фурӯхтани минбаъдаи мол ба роҳ монда мешавад;

***б*озори чакана** – *фурӯш ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ – retail market – selling to the final (end) consumer* – ба фурӯши мол ё хизматрасонӣ бевосита ба аҳолии оддӣ равона шуда, дар он миқдори ками мол барои истифодаи шахсӣ харидорӣ мешавад;

***б*озори онлайн (электронӣ)** – *савдо тавассути интернет – online market (electronic market / e-market)* – шакли муосири савдо буда, тавассути шабакаи интернет анҷом ёфта, дар он харидуфурӯш бо истифода аз сомонаҳо ё барномаҳои электронӣ сурат гирифта, маҳдудияти ҷой ва вақт надорад.

4) **истилоҳоти ифодакунандаи давомнокии фаъолияти бозор** ҳамчун нишондоди гурӯҳи якуми лексикӣ-семантикии истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдо вожаҳои зеринро дар бар мегирад:

бозори доимӣ *(ҳар рӯз фаъол) – permanent market (daily market, active every day)* – як навъи бозори ҳаррӯза фаъолияткунандаест, ки барои таъмини доимии аҳолӣ бо молу маҳсулот фаъолият мекунад. Дар чунин бозор дӯконҳо ё нуқтаҳои савдо доимӣ буда, савдо пайваста анҷом меёбад;

бозори муваққатӣ *(идона, мавсимӣ) – temporary market (holiday market, seasonal market* **–** навъи бозорест, ки дар даврaҳои муайян: идҳо ё мавсимҳои махсус фаъолият мекунад. Фаъолияти бозори номбурда ба қонеъ гардондани талаботи муваққатии харидорон равона гардида, пас аз анҷоми муҳлат фаъолияти худро қатъ мекунад [1, с. 98].

5) **истилоҳоти ифодакунандаи танзими фаъолияти бозор** нишондиҳандаи навбатии гурӯҳи якуми лексикӣ-семантикии истилоҳоти соҳаи тиҷорат ва савдо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошанд:

бозори озод *(бо нархгузории мустақил) – free market (with independent pricing / autonomous pricing)* – навъи бозори бар асоси қонуни талабот ва пешниҳод фаъолияткунандаест, ки нархҳои он бе дахолати мустақими давлат, аз ҷониби фурӯшандагон ва харидорон муайян мешаванд;

бозори танзимшаванда *(зери назорати давлат) –regulated market (under state control / government-controlled market)* – бозори ба раванди савдо дар он давлат

дахолаткунанда, ки метавонад нархҳоро танзим намояд, қоидаҳоро муқаррар кунад ё фаъолияти фурӯшандагонро назорат кунад аз ҷумлаи онҳо мебошанд [12, с. 30].

2. Гурӯҳи дуюми истилоҳоти тиҷорат ва савдоро дар забони тоҷикӣ ва англисӣ истилоҳоти ифодакунандаи амалиёт – *савдо* ва навъҳои он: *чакана, яклухт, фосилавӣ, сайёр* ташкил медиҳанд, ки аз рӯйи моҳияти ин истилоҳот таносуб байни истеҳсолкунанда, миёнрав ва истеъмолкунанда – муштарӣ муайян мегардад.

Пеш аз тафсири истилоҳоти ифодакунандаи намудҳои *савдо* бояд мафҳуми худи истилоҳи *савдо*ро шарҳ дод, ки ба тамоюли минбаъдаи истилоҳоти ба он алоқаманд равшанӣ меандозад.

Вожаи ***савдо*** – *trade* фаъолияти иқтисодиеро мефаҳмонад, ки ба **хариду фурӯши молу хизматрасониҳо** байни фурӯшанда ва харидор равона гардида, он воситаи асосии мубодила дар иқтисод дониста мешавад ва талаботи аҳолӣ, корхонаҳоро қонеъ мегардонад [17, с. 22]. Истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои савдо чунинанд:

савдои дохилӣ – *domestic trade* – хариду фурӯши мол ва хизматрасониҳо дар дохили як кишвар, байни ширкатҳо ва аҳолиро мефаҳмонад;

савдои байналмилалӣ – *international trade* – хариду фурӯши мол ва хизматрасониҳо байни кишварҳо (воридот ва содирот), ки бо қойидаҳо ва шартҳои байналмилалӣ танзим мешавад;

савдои яклухт – *wholesale trade* – навъи савдоест, ки ба фурӯши молу маҳсулот дар **ҳаҷми калон** ба дигар ширкатҳо, дӯконҳо ё фурӯшандагон нигаронида шуда, дар он харидорон одатан **тоҷирон ё корхонаҳо** буда, молро барои фурӯши минбаъда ё коркарди иловагӣ мехаранд;

савдои чакана – *retail trade* – навъи савдоест, ки дар он фурӯши миқдори ками мол **ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ,** барои истифодаи шахсӣ ё оилавӣ равона шудааст;

савдои анъанавӣ – *traditional trade* – навъи савдоест, ки ба хариду фурӯши **рӯ ба рӯйи** молу маҳсулот дар бозорҳо, мағозаҳо ё марказҳои савдо равона гардида, шакли савдои **давомдор ва маъмул буда,** дар он харидор ва фурӯшанда мустақиман муомила мекунанд.

савдои электронӣ *(онлайн)* – *electronic (online) trade* – шакли муосири савдои ба воситаи **интернет ва воситаҳои электронӣ** амалишавандаест, ки хариду фурӯш аз фосилаҳои дур ва бе ҳузури бевоситаи фурӯшанда ва харидор сурат мегирад.

3. Дар самти тиҷорат ва савдо мафҳуми *хизматрасонӣ* – *service* муҳим арзёбӣ гардида, он тариқи истилоҳи *хизматрасонӣ* ва вожаҳои ба он алоқаманд дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ифода мегардад.

Хизматрасонӣ ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ фаъолияти иқтисодӣ ё иҷтимоӣ мебошад, ки ба **таъмини ниёзҳои одамон ё корхонаҳо тавассути пешниҳод кардани хизматҳо ба ҷойи молҳо** равона шудааст [17, с. 21]. Хизматрасонӣ метавонад **моддӣ набошад,** яъне шахс ё ташкилот маҳсулоти физикӣ намегирад, балки фоида ва қонеъ кардани талаботро дар шакли хизмат пешниҳод мекунад. Истилоҳоти ба вожаи хизматрасонӣ алоқаманд чунинанд:

хизматрасонии худкор –automated service ва *низоми фармоишӣ – custom service / order-based system мебошанд,* ки *хизматрасонии худкор – automated service* – шакли хизматрасонӣ мебошад, ки **бе иштироки мустақими инсон** амалӣ гардида, одатан тавассути **технологияҳо ва системаҳои автоматӣ** иҷро мешавад. Ин навъи хизматрасонӣ барои мизоҷон суръат, дақиқӣ ва дастрасӣ дар ҳар вақтро таъмин мекунад [4, с. 15].

низоми фармоишӣ – custom service / order-based system – шакли хизматрасониест, ки муҳиммияти шахсони мушаххас ва талаботи муштариён дар он асосӣ буда, он барои қонеъ кардани ниёзҳои мушаххас ва фармоишӣ ба роҳ монда мешавад, ки мисоли равшани он тайёр кардани туҳфа мувофиқи хоҳиши муштарӣ, сохтмони хона ба фармоиш, таҳияи барномаи компютерӣ барои ширкати мушаххас ва амсоли инҳо шуда метавонанд [17, с. 15].

4. Истилоҳи *мол – goods / commodity* ҳамчун вожаи тахассусии тиҷорат ва савдо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ дар баробари дигар истилоҳвожаҳо муҳим дониста шуда, *мол – goods / commodity* **– ҳар гуна ашё ё маҳсулоти моддӣ**-ро дорад, ки барои **харид, фурӯш, истеъмол ё истифода дар истеҳсолот** истифода мешавад. Мол метавонад барои қонеъ

кардани ниёзҳои инсон хизмат кунад. Хусусиятҳои асосии истилоҳи *мол – goods / commodity* дар м**оддӣ будани он, қимматнок** истеъмолшаванда ва қобили истифода будан ва м**убодилашаванда** будани он зоҳир гардида, ду истилоҳи асосӣ: *ассортимент – assortment / range* ва *таъинот – purpose / use / function* [17] намудҳои онро дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ташкил менамоянд:

ассортимент – assortment / range – маҷмуи **молҳо, маҳсулот ё хизматрасониҳои гуногун** мебошад, ки дар як вақт барои фурӯш ё пешниҳоди харид ба мизоҷон дастрас аст. Ассортимент метавонад аз ҷиҳати навъ, рангу андоза, нарх ё сифати молҳо фарқ кунад: *ассортименти либос, ассортименти пояфзол, ассортименти маводи ширӣ, ассортименти маводи қаннодӣ, ассортименти молҳои хонагӣ, ассортименти молҳои технологӣ*… [17, с. 12].

таъйинот – purpose / use / function – нишон медиҳад, ки **мол, маҳсулот ё хизматрасонӣ ба мақсад ё вазифа истифода мешавад.** Ин истилоҳ ба самти истифода ва аҳаммияти маҳсулот ишора мекунад [17]. Дар забони тоҷикӣ ин мафҳум фақат бо истилоҳи *таъйинот* (таъйиноти молӣ) ифода гардида, дар забони англисӣ мақсади истифода шудани мол бо истилоҳи – *purpose,* мавқеи истифодашавии мол бо вожаи – *use* ва мафҳуми вазифаҳои мол бо вожаи – *function* нишон дода мешавад, ки ифодаи мафҳум нисбат ба забони тоҷикӣ мушаххас мебошад: *to buy a car **in order to** move around freely* (purpose) – харидорӣ намудани мошин бо мақсади озодона ҳаракат кардан (мақсад): *to by the evening dress – for **use** in party* (use) – харидорӣ кардани курта барои (истифодаи) шабнишинӣ (мавқеи истифодабарӣ); *to **purchase** high-tech communication tools for performing the communication function* **–** (function)– харидорӣ кардани воситаҳои баланди технологии алоқа – барои иҷрои вазифаи баланди комуникатсионӣ (вазифа).

5. Истилоҳоти ифодакунандаи раванди амалиёти тиҷорат ва савдо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ вожаҳои: *харид – purchase / buying, нигоҳдорӣ – storage / keeping ва фурӯш – sale / selling* мебошанд [17,], ки ҳар яки истилоҳот мафҳуми раванди пеш бурдани тиҷорату савдоро ба таври зайл ифода мекунад:

харид – purchase / buying – харидани мол, гирифтани молу маҳсулот бо маблағи нақдӣ ва ғайринақдӣ аз як шахс ё ташкилот аст;

нигоҳдорӣ – storage / keeping – амалиёт ҷиҳати нигоҳ доштан, ҳифз ва нигоҳубини мол, ашё ё санадҳо дар ҷойи мувофиқ барои истифодаи оянда мебошад;

фурӯш – sale / selling – пешниҳоди мол ё хизматрасонӣ ба харидор бар зидди пул ё арзиши дигар мебошад.

6. Истилоҳоти ифодакунандаи категорияҳои иқтисодии тиҷорат ва савдо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ – *хароҷот* – **cost / expenses –**маблағи сарфшуда барои истеҳсол, харид ё нигоҳдории молу хизмат; *фоида* – **profit / gain –** маблағи манфиатнок ба соҳибкор ё ташкилот ва *г***ардиши мол** – **inventory turnover / stock turnover буда** [17, с. 21]**, ҳар яки он** ҳамчун категорияи иқтисодӣ истилоҳоти дигари ба он алоқамандро дар бар мегирад.

Унсури асосии идоракунии молиявӣ дар ҷомеа бо истилоҳи *хароҷот* зоҳир гардида, истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои *хароҷот* бо назардошти калимаҳои таркибии муайянкунандаашон барои моҳияти гуногуни истилоҳвожаи мазкур хизмат мекунанд:

хароҷоти доимӣ – Fixed Costs – навъи хароҷотест, ки новобаста аз ҳаҷми истеҳсол ё фурӯш ҳамеша боқӣ мемонад, ки мисоли равшани он: иҷора барои офис, маоши кормандони доимӣ, андозҳои муайян ва суғурта шуда метавонад. Ин навъи хароҷот барои пешбинии буҷет ва идоракунии молиявӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад;

хароҷоти фурӯрафта– sunk costs –хароҷоти сарфшуда, ки баргардонда намешаванд, хароҷоте, ки барои қарорҳои оянда аҳаммияти мустақим надоранд;

*х***ароҷоти тағйирёбанда – variable costs –** миқдори молу хизматҳои истеҳсолшуда, ки бо афзоиши истеҳсол афзоиш ёфта, бо кам шудани он коҳиш меёбад;

хароҷоти ҳаддӣ – marginal cost (MC) – афзоиши хароҷоти умумӣ ҳангоми истеҳсоли як воҳиди иловагӣ;

харочоти мустақими тағйирёбанда – direct variable costs –харочоте, ки бевосита ба истеҳсоли як маҳсулот вобастаанд;

харочоти ғайримустақими тағйирёбанда – indirect variable costs – харочоте, ки тағйир меёбанд, аммо мустақиман ба як маҳсулот вобастагӣ надоранд;

харочоти ниматағйирёбанда (омехта) – semi-variable (mixed) costs – қисман доимӣ ва қисман тағйирёбанда мебошанд;

харочоти омехта – mixed / semi-variable costs – қисми доимӣ ва тағйирёбандаи харочотест, ки вобаста ба истеҳсол ё фурӯш афзоиш меёбад;

муодилаи харочот – cost equation – ифодаи математикӣ барои харочоти омехта;

харочоти мустақим – direct costs – харочоти ба истеҳсол ё фурӯши мол ё хизматрасонӣ равонашудаест, ки хариди ашёи хом ё пардохти дастмол барои истеҳсол асоси он дониста мешавад;

харочоти ғайримустақим – **indirect costs – харочоти** барои тамоми фаъолияти ташкилот муҳим, ки ба як маҳсулот мустақиман рабт надорад;

*х***арочоти иловагӣ – capital costs** – харочоти барои хариди молу техникаи калон, сохтмон, таҷҳизот ва дигар захираҳои дарозмуддат пешбинигардида, ки ба муддати тулонӣ истифода мешавад;

харочоти сармоягузорӣ – operating costs – харочот барои идора ва нигоҳдорӣ ё иҷрои фаъолияти ҳаррӯзаи корхона пардохт шуда, хусусияташон харочоти мунтазам ва даврӣ мебошад.

Вожаи *фоида* – **profit** яке аз мафҳумҳои асосии иқтисодӣ ва тиҷорат буда, он самаранокӣ ва манфиати фаъолияти соҳибкорӣ ё ташкилотро нишон медиҳад [17, с. 15]. Фоида дар баробари нишонаи пешрафт ва рушди молӣ буданашон, инчунин дигар, асоси қабули қарорҳо дар тиҷорат ва сармоягузорӣ мебошад [5, с. 77].

Истилоҳоти дигари алоқаманд ба вожаи фоидаро метавон чунин нишон дод:

фоидаи умумӣ – gross profit – навъи фоидаест, ки маблағи боқимондаро пас аз тартиб додани харочоти мустақими истеҳсол ё хариди молу маҳсулот муаяйн мекунад. Фоидаи умумӣ асосан барои таҳлили самаранокии истеҳсол ва нархи фурӯш истифода мешавад;

фоидаи холис (net profit) – пас аз кумак ба ҳамаи харочот, аз ҷумла харочоти маъмурӣ, андоз ва фоизҳо ҳисоб шуда, нишон медиҳад, ки ташкилот пас аз пардохти ҳамаҷониба чӣ қадар маблағро нигоҳ медорад;

фоидаи нигоҳдошташуда – *retained earnings* **–** қисми фоидаи холиси дар ширкат боқимонда, ки аз *дивидендҳо –dividends* – фоидаи холиси ба саҳмдорон тақсимшуда; *амалиёти ғайриоддӣ – extraordinary Items* – аз даромаду харочоти якдаъфаина иборатанд;

фоидаи амалиётӣ – operating profit – фоидаи аз фаъолияти асосии корхона ё ширкат – фурӯш ва истеҳсолот, ки барои фаъолиятҳои самараноки корхона кумак мерасонад;

фоидаи сармоягузорӣ – return on investment – ROI – навъи фоидаест, ки фоизи баргардонида шудани маблағро пас аз сармоягузорӣ дар як лоиҳа ё бизнес пешбинӣ намуда, барои қабули қарорҳои стратегӣ ва ҷалби сармояи нав равона шудааст;

фоидаи холис – net profit – навъи фоидаест, ки пас аз кам кардани ҳамаи харочот ва андозҳо ба даст оварда мешавад.

Истилоҳвожаи *гардиши мол* – **inventory turnover / stock turnover** – як ҷараёни асосии иқтисодиёт аст, ки дастрас гардидани мол ва маҳсулот аз истеҳсолкунанда ба истеъмолкунанда мебошад [17]. Дар гардиши мол навъҳои гуногун вуҷуд доранд, ки ҳар кадом дар фаъолияти иқтисодӣ нақши муайянеро мебозанд. Аз рӯйи мақсад ва усули ҳаракат, вожаи *гардиши мол* чанд истилоҳвожаи алоқаманд ба ин амалиётро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нигоҳ доштааст, ки чунинанд:

гардиши моли истеҳсолӣ – *industrial goods circulation* – молҳои истеҳсолшудаи нимтайёр барои корхонаҳо ва истеҳсолкунандагон, ки асоси истеҳсолотро ташкил медиҳанд;

гардиши моли истеъмолӣ – *consumer goods circulation* – истеҳсол ва фурӯши молҳои қонеъкунандаи эҳтиёҷоти мардум: маводи хӯрокворӣ, либос, пойафзол, ки мустақиман ба ҳаёти одамон таъсир мерасонад;

гардиши моли байнидавлатӣ – *international goods circulation* –табодули молҳо – раванди содироту воридот байни кишварҳои гуногун, ки иқтисодиёти давлатро дар сатҳи ҷаҳонӣ фаъол намуда, рушди тиҷоратро таъмин менамояд;

гардиши моли молиявӣ – *financial goods circulation* – молҳои бо арзиш, маблағ ва воситаҳои молиявии ба гардиш воридшаванда буда, дар шакли саҳмияҳо, қарзҳо ва асъор пешниҳод карда мешавад. Вазифаи ин навъи гардиш, фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои сармоягузорӣ дар рушди соҳаи молия мебошад.

Ҳамин тариқ, гурӯҳбандӣ кардани истилоҳоти асосии соҳаи тиҷорат ва савдои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои пайдо намудани шиносоӣ бо системаи назариявӣ, амалиявӣ, илмиву таълимии соҳаи савдо ва тиҷорат муҳим арзёбӣ гардида, таснифи бонизоми ин истилоҳот барои азхудкунии масоили ба он алоқаманд низ хизмат мекунад. Таҳқиқ нишон дод, ки истилоҳоти савдо ва тиҷорат таърихи тулонии рушдро паси сар намуда, дар баробари воҳидҳои забоншиносӣ буданашон, онҳо инъикоскунандаи тағйироти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеаи даврааи мухталифи таърихӣ мебошад. Таҳқиқи истилоҳоти тиҷорат ва савдо барои дарки беҳтари равандҳои иқтисодӣ хизмат намуда, ҳамчун унсури муҳимми забони иқтисодӣ барои ҳифз ва рушди забони миллӣ низ хизмат менамоянд. Омӯхтани истилоҳҳои асосии савдо нишон дод, ки истилоҳоти *фурӯшанда – seller / / vendor, харидор – buyer // consumer* – шахс, *таъмин – supply, талаб –demands, қоидаҳои савдо – trade regulations, сифат – quality, миёнарав – middleman // intermediary,* **бастабандӣ – packaging, интиқол – transport – logistics, ҳифз – preservation –storage, нарх –price дар** контексти истилоҳоти дигари тиҷорат ва савдо моҳияти иқтисодии ин воҳидҳоро ба таври гуногун ифода менамоянд. Ин навъи истилоҳот барои мутахассисон ва муштариёни одӣ дар шароити бозори муосир зарур дониста шуда, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқ ба рушди муошарати корӣ, бо роҳи инъикоси тамоюлҳои муосири иқтисодӣ хизмат менамояд, ки дар мақолаи илмии мазкур ба роҳ монда шудааст.

Адабиёт:

1. Ашӯров, Ғ.Д. Баҳисобгирии амалиёт дар бонкҳои тиҷоратӣ / Ғ.Д. Ашӯров, Ш.Ҳ. Азизмуродов. – Душанбе, 2009. – 39 с.
2. Валиева, З.А. Сопоставительный анализ финансово-банковских терминов в таджикском и английском языках / З.А. Валиева. – Душанбе, 2011. – 160 с.
3. Воҳидов, А. Аз таърихи луғатшиносии тоҷику форс / А. Воҳидов. – Самарқанд, 1980. – 135 с.
4. Даниленко, В.П. Терминологизация разных частей речи (термины-глаголы) / В.П. Даниленко // Проблемы языка науки и техники. – Москва: Наука, 1970. – С. 40–51.
5. Джураев, Т.К. Научно-техническая терминология эпохи Авиценны и ее современное употребление / Т.К. Джураев. – Душанбе: ТТУ, 2009. – 170 с.
6. Иброҳимов, И.Р. Муомилоти пул, қарз ва бонк / И.Р. Иброҳимов, М.А. Ниёзов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 285 с.
7. Иброҳимов, И. Амалиётҳои бонкӣ / И. Иброҳимов, А. Хонҷонов, Д. Ҳусейнова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 294 с.
8. Қосимова, М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 113 с.
9. Никишкин, В.В. Маркетинговый словарь-справочник основных терминов розничной торговли / В.В. Никишкин, М.Д. Твердохлебова. – Ч. 1. – Москва, 2009. – 39 с.
10. Нуреев, Р.М. Курс микроэкономики: учебник для вузов / Р.М. Нуреев. – Москва: Норма, 2005. – 563 с.
11. Раҳимов, С.Х. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит / С.Х. Раҳимов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 267 с.

12.Раҳимзода, Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Раҳимзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2008. – 250 с.

13.Сабирова, С.Г. Структурно-семантический анализ налоговой терминологии таджикского и английского языков: дис. ... канд. филол. наук / С.Г. Сабирова. – Душанбе, 2007. – 197 с.

14.Султон, Мирзо Ҳасан. Истилоҳшиносӣ ва истилоҳнигории тоҷикӣ / Мирзо Ҳасан Султон. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 196 с

15.Султон, Мирзо Ҳасан. Мушкилоти забони илм ва истилоҳот / Мирзо Ҳасан Султон. – Душанбе: Дониш, 2015. – 324 с.

16.Ҳасан Султон. – Душанбе: Дониш, 2008. – 334 с.Султон, Мирзо Ҳасан. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ / Мирзо

17.Султон, Мирзо Ҳасан. Язык науки и терминология / Мирзо Ҳасан Султон. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 202 с.

18.Торговля. Термины и определения. – Москва, 2014. – 30 с.

19.Фарҳанги забони тоҷикӣ: дар 2 ҷ. / зери таҳрири М. Ш. Шукуров [ва диг.]. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 941 с.

20.Фарҳанги забони тоҷикӣ: дар 2 ҷ. / зери таҳрири М. Ш. Шукуров [ва диг.]. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 946 с.

21.Элчибеков, А. Таҳқиқи истилоҳоти мураккаби иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ / А. Элчибеков // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – № 4/1 (217). – С. 112–115.

ТАСНИФИ ЛЕКСИКӢ-СЕМАНТИКИИ ИСТИЛОҲОТИ АСОСИИ СОҲАИ ТИҶОРАТ ВА САВДО ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақола ба таснифи лексикӣ-семантикии истилоҳоти асосии соҳаи тиҷорат ва савдо бахшида шуда, дар он истилоҳоти мазкур аз рӯйи вижагиҳои се давраи таърихии ташаккули истилоҳоти соҳаи номбурда омӯхта шуданд: давраи ибтидоии ташаккули тиҷорат ва савдо бо назардошти истилоҳоти нисбатан содда, давраи миёна – дохилшавии истилоҳот аз дигар забонҳо, давраи муосир – ворид гардидани истилоҳоти муосиру замонавӣ.

Маълум гардид, ки истилоҳоти давраи ибтидоии соҳаи тиҷорат ва савдо бештар ба мубодилаи мустақими мол (бартер) вобастагӣ дошта, дар давраи миёна, дар баробари табодули мол, калимаҳо ва мафҳумҳои зиёди иқтисодӣ пайдо шудаанд. Дар давраи нав ҷиҳати рушди босуръати соҳаи саноат, иқтисоди бозорӣ ва технологияҳои рақамӣ, истилоҳоти нави тиҷоратӣ ва савдо пайдо шудаанд, ки ба забони тоҷикӣ ба воситаи забонҳои хориҷӣ – англисӣ дохил шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки таснифи лексикӣ-семантикии вожаҳои соҳавӣ дар муайян кардани хусусиятҳои сохторию маъноии онҳо аҳаммияти калон дошта, барои танзим ва ҳамгунасозии (стандартизатсияи) истилоҳоти тиҷоратӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мусоидат менамояд. Маводи мақола метавонад дар таҳияи луғатҳои соҳавии дузабона ва таълими забони англисии касбӣ (ESP) мавриди истифода қарор гирад.

Калидвожаҳо: тиҷорат ва савдо, истилоҳот, таснифи лексикӣ-семантикӣ, забони англисӣ, забони тоҷикӣ, давраҳои таърихӣ, табодули мол, технологияҳои рақамӣ, истилоҳоти соҳавӣ.

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ ОСНОВНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ СФЕРЫ ТОРГОВЛИ И КОММЕРЦИИ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена лексико-семантической классификации основной терминологии сферы торговли и коммерции. В ней данные термины изучены с учетом особенностей трех исторических периодов формирования отраслевой терминологии: начального периода становления торговли и коммерции с учетом относительно простых терминов, среднего

периода — проникновения терминов из других языков, и современного периода — внедрения новейших и современных терминов.

Установлено, что терминология начального периода торговли и коммерции была в большей степени связана с прямым обменом товарами (бартером), тогда как в средний период, наряду с товарообменом, появилось множество экономических слов и понятий. В новейший период, в связи с бурным развитием промышленности, рыночной экономики и цифровых технологий, возникли новые торговые и коммерческие термины, вошедшие в таджикский язык посредством иностранных языков, в частности английского.

Результаты исследования показывают, что лексико-семантическая классификация отраслевых слов имеет большое значение для определения их структурно-семантических особенностей и способствует упорядочению и унификации (стандартизации) торговой терминологии в английском и таджикском языках. Материалы статьи могут быть использованы при составлении двуязычных отраслевых словарей и в преподавании английского языка для специальных целей (ESP).

Ключевые слова: торговля и коммерция, терминология, лексико-семантическая классификация, английский язык, таджикский язык, исторические периоды, товарообмен, цифровые технологии, отраслевая терминология.

LEXICO-SEMANTIC CLASSIFICATION OF CORE TRADE AND COMMERCIAL TERMINOLOGY IN ENGLISH AND TAJIK

The article is devoted to the lexico-semantic classification of core terminology in the field of trade and commerce. Within the study, these terms are examined through the specific characteristics of three historical periods in the development of domain-specific terminology: the initial period of the formation of trade and commerce marked by relatively simple terms, the middle period characterized by the influx of terms from other languages, and the modern period defined by the introduction of contemporary and cutting-edge terminology.

It is established that the terminology of the initial period of trade and commerce was primarily associated with the direct exchange of goods (barter), whereas during the middle period, alongside commodity exchange, numerous economic words and concepts emerged. In the modern era, driven by the rapid growth of industry, market economy, and digital technologies, new trade and commercial terms have appeared, entering the Tajik language through foreign languages, particularly English.

The findings of the research demonstrate that the lexico-semantic classification of domain-specific vocabulary is of great importance for determining its structural and semantic features, thereby contributing to the systematization and standardization (unification) of commercial terminology in English and Tajik. The materials of this article can be utilized in compiling bilingual specialized dictionaries and in teaching English for Specific Purposes (ESP).

Keywords: trade and commerce, terminology, lexico-semantic classification, English language, Tajik language, historical periods, commodity exchange, digital technologies, domain-specific terminology.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарова Гулпариҷон Шамсуддиновна, докторанти (PhD)-ии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: (+992) 207222259; E-mail: gulparijonsafarova3@gmail.com

Сведения об авторе: Сафарова Гулпариджон Шамсуддиновна, докторант (PhD) кафедры языкознания и сопоставительной типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (+992) 20-722-22-59; E-mail: gulparijonsafarova3@gmail.com

Information about the author: Safarova Gulparijon Shamsuddinovna, (PhD) student at the department of linguistics and comparative typology, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov st., Tel.: (+992) 20-722-22-59; E-mail: gulparijonsafarova3@gmail.com

Муқарриз: Саидова Н.А., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 070:654.197(575.3)
Т-14

УСУЛҲОИ ПЕШНИҲОДИ МАТЛАБ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ҶОЛИБСОЗӢ ДАР БАРНОМАИ «ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН»-И ТВ «ТОҶИКИСТОН»

Таваккалзода А.М., докторанти (PhD)
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Журналистика ҳамчун муҳимтарин воситаҳои ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар ҷомеаи муосир на танҳо вазифаи иттилоърасониро иҷро мекунад, балки дар баробари он ба таҳлили воқеият, шарҳи ҳодисаҳо, арзёбии равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва инчунин ба ташаккули ҷаҳонбинии аудитория мусоидат менамояд.

Агар ба таърихи журналистика назар афканем, он доимо бо навгониву навовариҳо ва воқеаву ҳодисаҳои актуаливу доғ ва равиши пайдо намудани роҳи ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ сару кор дошт ва имрӯз низ ин вазифаашро дар шаклу услуб ва унсурҳои муосир давом дода истодааст. Дар ҳама гуна воситаҳои хабаррасон, мухбирону нафарони иттилоърасон мекӯшанд бо роҳу услуб ва шаклҳои ҷолибсозӣ бинанда, шунаванда, хонанда ва умуман аудиторияро ба мавзуи инъикосшаванда ҷалб намоянд.

Дар замони муосир дар баробари дигар воситаҳои иттилоърасон, телевизион яке аз воситаҳои асосии пешниҳоди маълумот, таҳлилу баррасии мушкилот ва масъалаҳои рӯзмарраи ҷомеа ба шумор меравад. Дар ин замина, барои ҷалби аудитория ва баланд бардоштани таваҷҷуҳи гурӯҳҳои гуногун ба мавзуъҳои матраҳшаванда, таҳиягарони барномаҳои телевизионӣ бояд дар ҳар барнома усулҳои эҷодии гуногун, шаклҳои нав ва мазмуни тозаро истифода бурда, бо пешниҳоди пайвастаи далелу иттилооти нав барномаҳоро ҷолибу муассир гардонанд.

Дар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» таҳиягарон вобаста ба талаботи мавзуи инъикосшаванда аз роҳу услубҳои гуногуни ҷолибсозии барнома истифода мебаранд. Дар якчанд барномае, ки мо барои кори илмӣ аз назар гузаронидем, шаклҳои гуногуни ҷолибсозии барномаи телевизионӣ мушоҳида гардид. Муаллифи барномаи мазкур барои пуртаъсир намудани барнома ва ба руҳияи аудитория дахлпазир будан аз мусиқиҳои гуногун, дар мавриди лозима аз сурудҳои ба матлаб мувофиқ ва шеърҳо истифода мекунад. Масалан, порчаҳое, ки мо аз барномаи мазкур мисол овардаем, исботи гуфтаҳои болост:

«Ҳарчанд ки намояндагон ва масъулони Иттиҳоди кишварҳои ҷанубу шарқи Осиё ба кишвари Миянмар оид ба мутаваққиф сохтани қатли мусалмонон ҳушдор доданд, аммо бо гузашти шаш моҳ аз таърихи ин ҳушдор вазъият ҳамоно бадтар аст, ки беҳтар нест. Дар идомаи ин ҳама душманиҳо ва поймол кардани ҳуқуқ ва озодиҳои мусалмонон дар Миянмар дар бисёре аз кишварҳои Осиё, аз қабили Бангладеш ва Тайланд тазоҳуроти мардумӣ алайҳи низоми сиёсӣ ва сиёсати мусалмонситезии Миянмар идома дорад.

Бисёр солҳо ба сари хоки мо равад,
К-ин оби чашма ояду боди Сабо равад.
Эй дӯст бар ҷанозаи душман чу бигзарӣ,
Шодӣ макун, ки бар ту ҳамин моҷаро равад.» [8, 27.06.2017]

Иқтибоси мазкур аз барномае мебошад, ки рӯзи 27 июни соли 2017 пахш шуда, яке аз бахшҳояш инъикоскунандаи вазъи мусалмонони Миянмар буд. Дар ин маврид ровӣ барои пуртаъсир намудани матлаб аз шеър истифода намудааст.

Инчунин, яке аз талаботи ҳатмии барномаҳои телевизиониву радиоӣ ин оммафаҳм будани матни матлаб ва бо садои дилкашу мувофиқ ба мавзуъ ва ҳолат талаффуз намудан, яъне оҳанги хониш ба шумор меравад.

То ба эфир баромадани барнома, муаллиф барои муассир намудани барнома чунин марҳилаҳоро пушти сар менамояд:

1. Мавзуи барои аудитория диққатҷалбкунандаву мароқоварро интихоб менамояд. Яъне мавзуъҳо ва масъалаҳое, ки мардум дар бораашон шунидан мехоҳанд;
2. Вобаста ба матлаб мавод ҷамъоварӣ намуда, матни барномаро менависад;
3. Матнро сабт намуда, вобаста ба он кадрҳои лозимаро дар барнома ҷой медиҳад.

Дар барнома аз мусиқӣ хеле хуб истифода мегардад. Яке аз воситаҳои муассири ҷолибсозии барномаҳои телевизиониву радиоӣ низ, истифодаи бамаврид ва боманфиати мусиқӣ ба ҳисоб меравад. Ин барнома дорои мусиқии махсус буда, аз пахши лаҳзаҳои аввали барнома (яъне замони пахши шапкаи барнома) аллакай диққати бинандаро ҷалб мекунад ва ба тамошои барнома то андозае маҷбур ҳам мекунад.

Дар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» яке аз роҳҳои дигари ҷалбкунанда, ин тарзи суханронӣ ва баёни фикри муаллиф ба шумор меравад. Барномаҳои телевизиониро мебояд чунон омода намуд, ки ба ҳушу хаёли бинанда ворид шуда, ӯро (бинандаро) ба умқи масъала ворид намуд ва барои хулоса намудан доир ба масъалаи мавҷуда водор сохт. «Журналист ҳангоми нутқ ба гӯш, қалб, чашмон, диққат ва эҳсосот, маърифат, толиби шунавандагон ва ҳифзи шахсияти худ сару кор дорад, аз ин рӯ монанди бозингари барҷаста дар саҳнаи намоиш ба афкори муносиб, бурдборӣ, ҳофиза ва таҷриба бояд нақши худро бо боварии комил ба ҳар тариқе, ки муяссар бошад, истифода карда тавонад. Ҳангоми суханронӣ осори маъюсиву ғамгинӣ дар чеҳраи вай намоён ва зоҳир нагардад» [1, с. 17-18]. Дар ҳолати тамошои барномаҳои ҷолиби диққат бинанда худро тамоман аз муҳити иҳоташудааш канда, хостгори пайгирӣ ва сафар ба равиши инъикоси масъала бо қаҳрамони барнома ё журналист мегардад. Агар журналист тавонад, ки бинандаашро бо худ ба равиши воқеа ворид намояд, пас дар кори худ муваффақ аст.

Дар баробари ин, барои ба бинанда аз забони мутахассисони соҳаҳои мухталиф расонидани мушкилоти мавҷуда аз имкониятҳо ва унсурҳои жанри мусоҳиба истифода мебаранд.

Асосан матлаби барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» дар қолаби жанри шарҳ (табсира) ва дар баъзе мавридҳо мусоҳиба, пешниҳоди бинанда мегардад. Доир ба ҳама гуна воқеаҳои мубрам ва муҳимми ҷаҳонӣ барномаи мазкур мекӯшад матлабе омода намояд ва ба бинандаи худ оиди масъалаи мавҷуда маълумоти кофие дода тавонад. Барнома, ки дар қолаби жанри шарҳ омода мегардад, дар худ махсусиятҳои ин жанрро таҷассум менамояд. Яъне дар барномаи мазкур, сараввал, навигарӣ ба таври возеҳ ба бинанда расонида мешавад, сипас аз воқеаву ҳодисаҳое, ки қаблтар рух дода буданд ва ба мавзуъ наздикӣ доранд, ёдовар мешаванд ва дар бисёр маврид аз ҳамаи ҳолатҳои мавҷуда хулосабарорӣ намуда, оиди оқибатҳои он ҳодиса пешгӯии тахминӣ мекунанд. Доир ба жанри мазкур ақидаҳои муҳаққиқон гуногунанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ М. Муродов дар китоби «Луғати мухтасари истилоҳҳо ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ» доир ба ин жанр чунин ақидаро баён намудаанд:

«**Комментарий** (лот commentarius) – **табсира** – 1) усули инъикос ва таҳлили воқеаҳои гуногун, ки ақида ва хулосаҳои муаллифро дар шакли шаклу тавзеҳ дар бар мегирад; 2) жанри таҳлилии публитсистика, ки дар он воқеа, рӯйдод ва проблемаҳои мураккаби иҷтимоӣ тариқи шарҳу таҳлил маънидод карда мешаванд ва дурнамои онҳо пешгӯӣ мегардад» [6, с. 69].

Дар ин аснод, жанри шарҳ махсусиятҳои худро доро аст. Аз ҷумла:

«- як навъ луқмаи фаврӣ дар хусуси воқеа ва фактҳои нави муҳим, таассуроти ба дараҷаи таҳлили комил нарасида» [6, с. 69]. Ин махсусияти жанриро дар барнома мушоҳида

намудан мумкин. Агарчи ҳама воқеаву рӯйдодҳои ҷаҳониро пеш аз воситаҳои хабаррасонии Тоҷикистонӣ ВАО-и хориҷӣ ба пуррагӣ таҳлилу баррасӣ намояд ҳам, дар бисёр маврид барои аудиторияи дохилӣ бо забони тоҷикӣ қабул намудани маълумот хушоянд аст ва бар замми ин вазифаи аввалиндараҷаи ВАО низ дар ҳамин зоҳир мегардад, яъне рӯзноманигоронро мебояд вобаста ба ҳар масоили мавҷуда чӣ дохилӣ ва чӣ хориҷӣ бо забонҳои давлатӣ ва лозимаи минтақавӣ матлаб омода ва пахш намоянд. Дар барнома низ ҳар дафъа маводҳои нав ба нав бо факту далелҳо пешниҳоди аудитория мегардад.

«– воқеа, рӯйдод, факт, ё ахбори кайҳо тавассути ВАО паҳнгардида ва маълум будани предмети таҳлил ё гуфтор. Яъне дар табсира на пахши фаврии ахбор, балки нуқтаи назар ба воқеият муҳимтар аст» [6, с. 69].

Дилхоҳ воқеаи рухдода бо чунин марҳилаҳо то ба бинандаву шунаванда ва умуман аудитория рафта мерасад.

Сараввал ҳодиса дар барномаҳои ахборӣ дар қолаби жанрҳои хабарӣ ба ҷомеа пешниҳод мегарданд. Дар ин маврид аудитория ба саволҳои чӣ?, кай?, дар куҷо?, бо иштироки кӣ? ва бо кадом мақсад рух дод? ҷавоб мегирад. Сипас агар мавзуъ ва ҳодисаи рухдода муҳим бошад, аз ҷониби рӯзноманигорон дар бахшҳову барномаҳои алоҳида дар доираи жанрҳои таҳлилӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Дар ин марҳила омма (аудитория) дар доираи шоҳидон ва мутахассисони ба ҳодиса рабтдошта ба тамоми марҳилаҳои рухдодаи воқеа шинос шуда, аз пешомади он ба таври тахминӣ огоҳонида мешаванд. Барои мисол яке аз бахшҳои барномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар барномае ки рӯзи 27-июни соли 2017 дар ҳошияи барномаҳои Телевизиони «Тоҷикистон» бахшида ба 20-солагии «Ваҳдати миллӣ» омода ва дар эфир пахш карда шудааст, бахше бо номи «Интиқоди ҷомеаи байналмиллалӣ аз вазъи мусалмонон дар кишвари Миянмар» матлаб пахш гардидааст ва чунин муҳтаворо доро аст:

Пеш аз бахши мазкур дар ин барнома се бахши дигар дар мавзуъҳои гуногун пахш гардиданд, ки дар таҳқиқи худ мо онҳоро таҳлилу баррасӣ намуда баромадаем. Сарлавҳаи бахш бо чунин суханҳо оғоз мегарданд:

«Нигоҳе ба вазъи мусалмонон дар кишвари Миянмар. Миянмар кишвари кӯҳистонӣ дар минтақаи ҷанубу шарқи Осиё буда, баробари дигар ақаллиятҳои мардумӣ ва мазҳабӣ ақаллияти мусалмонии «Руҳингия» дар ин кишвар зиндагӣ мекунанд. Тибқи оморҳои расмии Миянмар ҳоло чаҳор дарсади ақаллиятҳои мазҳабии ин кишвари кӯҳистониро мусалмонон ташкил менамоянд, ки аз онҳо ба унвони фақиртарину бенавотарин бахши аҳолӣ ёд мешаванд. Аммо даҳ соли охир ҳамеша мусалмонони Миянмар мавриди хушунату шиканҷа қарор гирифта, тули ин солҳо беш аз 25 ҳазор нафар аз кӯдакону ҷавонони оилаҳои мусалмони Миянмар аз ҷониби бутпарастони ифротиву неруҳои низомӣ ба қатл расонида шудаанд» [8, 27.06.2017].

Ин матлаб дар ҳоле пахш гардид, ки вазъи тунду тези зиндагии мусалмонони ин минтақаро дар ҳамаи воситаҳои хабарии ҷаҳон ба тарзҳои мухталиф таҳлилу баррасӣ менамуданд. Пас аз сарлавҳаи бахш, ки аз студияи марказии телевизион пахш мегардад, чун ҳарвақта наворҳои ба мавзуъ марбут пахш мегарданд.

Тавре дар боло зикр намудем, яке аз махсусиятҳои жанри шарҳ вокуниши фаврӣ ба масъалаҳои актуалӣ мебошад, ки ба журналист имкон медиҳад рӯйдодҳои доғро сари вақт таҳлил ва шарҳ диҳад. Дар ин бахш низ ин ҳолат баръало мушоҳида мегардад. Яъне ин матлаб дар ҳоле пахш гардид, ки дар тамоми воситаҳои ахбори омма, аз шабакаҳои иҷтимоӣ сар карда то радиову газетаҳо ва оҷонсиҳои хабарии хусусиву давлатӣ дар мавриди ин воқеа маводҳо пахш мегардиданд. Дар барномаи мазкур низ дар мавриди бераҳмиву даҳшатбории ин ҳодиса сухан меравад.

«Одамони ҷаҳон ва оинаи телевизионҳо, хабарнигорони матбуот ба вазъияти мусалмонон дар ин кишвар хуб огоҳ ҳастанд. Дар давоми 5 соли охир беш аз 25 ҳазор мусалмони қавми «Руҳингия» дар кунҷи зиндонҳо, дар пушти девори кӯчаҳо, дар меҳроби масҷидҳои Миянмар ба қатл расонида шудаанд. Ба ин аксҳо бингаред, ҳарчанд, ки ин кишвар барои рӯзноманигорон монеаҳои ҷиддиеро барои интиқоли паёми ҳақиқат эҷод намудааст,

аммо ин душманиҳо ва ноадолатиҳо дар чашми аксбардорон дар канор намондааст» [8, 27.06.2017].

Дар баробари ин гуфтаҳо, ки дар шакли матни пасикадрӣ (нақли овозӣ) пешниҳод мегарданд, ҳамзамон дар кадрҳо аксҳо ва наворҳое, ки аз манбаъҳои интернетӣ ва расонаҳои байналмилалӣ гирифта шудаанд, намоиш дода мешаванд. Ин ҳамбастагии матн ва тасвир ба таъсирнокии мавод қувват бахшида, воқеиятро барои бинанда возеҳтар ва эҳсосотноктар менамояд. Яъне, бинанда на танҳо маълумот мешунавад, балки онро дар шакли визуалӣ низ дарк мекунад, ки ин яке аз усулҳои муҳимми ҷолибсозии барномаҳои телевизионӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ҳамин замина, тибқи андешаи муҳаққиқон «асоси жанри табсираро музокираи ин ё он масъала ва ё воқеа ташкил медиҳад. Муаллиф воқеаҳоро дар муқоиса ва алоқамандӣ бо ҳодисаҳои дигар баррасӣ менамояд. Дар музокира субъективияти баён («ман» – и шореҳ) нисбатан бартарӣ дорад» [6, с. 69], ки бевосита ба хусусияти таҳлилии барнома ишора мекунад. Ин маънои онро дорад, ки дар барномаҳои таҳлилӣ, аз ҷумла «Тоҷикистон ва ҷаҳон» журналист танҳо нақлкунандаи рӯйдод нест, балки ҳамчун шореҳ мавқеи таҳлилӣ ва арзёбии шахсии худро низ ифода мекунад.

Ҳамин мавқеи субъективӣ имкон медиҳад, ки воқеаҳо на танҳо ҳамчун ахбор, балки ҳамчун масъалаи таҳлилшаванда ва баҳсшаванда пешниҳод гарданд. Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки ин андешаи шахсӣ дар асоси далелҳо, муқоиса ва мантиқ пешниҳод шавад, то ки эътимоди аудитория нигоҳ дошта шавад.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар барномаҳои телевизионӣ, ҳар як воқеа ва масъала аз ду ҷиҳат баррасӣ мешавад: аз як тараф, тавассути пешниҳоди иттилооти воқеӣ ва тасвирӣ ва аз тарафи дигар, тавассути таҳлилу тафсири журналист ва мусоҳибон. Ин раванд ба ташаккули дарки амиқи аудитория мусоидат намуда, нақши журналистро ҳамчун таҳлилгар ва роҳнамо ба таври возеҳ нишон медиҳад:

«- омили асосӣ будани арзишдиҳии пешгӯикунандаи факт ё ҳодиса. Аммо яке аз вариантҳои ҳалли масъала будани пешгӯӣ бояд ишора шавад. Муаллиф фактҳоро шарҳ медиҳад, моҳияти проблемаро мефаҳмонад ва ба ин минвол ба дарки воқеа аз ҷониби аудитория мусоидат менамояд» [6, с. 69]. Дар рафти баррасии масъала барандаро мебояд, таҳлилу хулосаҳои мутахассисони соҳаро ба назар гирифта, вобаста ба роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва тахмин дар оянда боз чӣ ҳодисаи алоқаманд бо онро муайян намуда ба самъи аудитория расонад.

Маҳаки асосии барномаҳои телевизионӣ дар «меҳвари мундариҷавиро ташкил додани андеша ва ақидаи муаллиф» [6, с. 69] мебошад. Ягон барнома бе мақсади муайян пахш карда намешавад.

Дар бораи мавқеи журналист дар барномаҳои таҳлилӣ профессор Мурод Муродов чунин ақида дорад:

«**Комментатор – шореҳ –** муаллифи маводи ташреҳии ба воқеаҳои муайян бахшидашуда (дар матбуот, радио ва ТВ). Рӯзноманигори ботаҷриба, ки воқеаҳои муҳимро шарҳу тафсир менамояд, тариқи музокира ва арзишдиҳӣ онҳоро пурра мегардонад ва ба ин минвол ба маърифати аудитория мусоидат мекунад» [6, с. 69].

Дар замони муосир тамоми воқеаву ҳодисаҳо дар васоити ахбори оммаи ҷудогонаи минтақавию ҷаҳонӣ аз нигоҳи мавқеи ҷуғрофӣ, геополитикӣ бо дарназардошти муносибати сиёсии минтақа ба он рӯйдод баҳогузорӣ карда мешавад. Яъне, агар вазъияти Сурияро мисол орем, расонаҳои амрикоӣ ба манфиати мамлакати худ ва расонаҳои русиягӣ ба манфиати худашон онро шарҳу тавзеҳ медиҳанд.

Инчунин, тавре дар боло зикр намуда будем, дар баробари жанри шарҳ муаллифи барномаи мазкур, Фатҳиддин Замон аз жанри мусоҳиба то ҳадди лозима ба хотири равшанӣ андохтан ба масъалаҳои дарбаргирифтаи мавзуи интихобшуда истифода мебарад. Яъне, барнома аз идораи сиёсии телевизион омода ва пахш мегардад ва дар худ асосан мавзуъҳоеро матраҳ менамояд, ки ба сиёсати чӣ дохилӣ ва чӣ хориҷӣ рабти қавӣ дорад, аз ҳамин хотир ба

барнома коршиносону донишмандон ва мутахассисони сиёсӣ даъват карда мешаванд ва бо онҳо доир ба мавзуъ мусоҳиба гузаронида мешавад.

Дар илми журналистика доир ба махсусиятҳои жанри мусоҳиба ақидаҳо мухталифанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ Абдусаттор Нураниев дар дастури таълимиаш доир ба жанри мусоҳиба чунин мегӯяд:

«Ҳамчун дигар жанрҳои хабарӣ мусоҳиба бо рӯзмаррагӣ, мақсаднокию ҷиддияти худ фарқ мекунад.

Вазифаҳои мусоҳиба, қабл аз ҳама, пешниҳоди иттилоот (кӣ?, чӣ?, кай?, чӣ хел?, чаро?), баёнот (барои чӣ?), ба ҳодиса баҳо додан (фикри шумо чист?), пешгӯӣ кардан (чӣ мешавад?) водор намудан мебошад» [7, с. 81-82].

Агарчи рӯзноманигор худ метавонад бо роҳу усулҳои гуногун масъаларо ба бинанда расонад, аммо замоне ки воқеа аз забони мутахассис ё коршиноси соҳа шарҳу тавзеҳ меёбад, таъсири дигаргуна дорад.

Дар барномаи мазкур мавзуъҳои доғи рӯз аз қабили терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, вайроншавии муҳити зист, обшавии пиряхҳои бузурги ҷаҳонӣ ва ғ. мавриди баррасӣ қарор мегиранд ва муносибати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин гуна мавзуъҳо инъикос мегарданд.

«Мавзуъҳои дар рафти барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» баррасишаванда гуногунанд. Мавзуъҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маданӣ, ахлоқӣ, илмӣ, терроризму ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, буҳрони муҳоҷират, паноҳҷӯёни бесарпаноҳ, парвандаи ҳастаии Куриёи Шимолӣ, тағйирёбии иқлими сайёра, таъмини аҳолии сайёра бо оби ошомиданӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳуқуқи зан ва кӯдак, баробарҳуқуқии зан ва мард, вазъият дар Ховари Миёна ва хоки Афғонистон, муҳимтарин дастовардҳои улуми кайҳоншиносӣ ва илму технологияи навинро барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» дар бар мегирад. Умуман, дар таҳияи барнома мо ҳеҷ гоҳ побанди як мавзуъ намешавем, яъне дар пахши барнома бо шаклу услуби дигар ба тамошобинон пешкаш мешавад» [11].

Аз иқтибоси овардашуда бароямон маълум мегардад, дар интихоби мавзуъҳои баррасишаванда дар барномаи мазкур ягон маҳдудият қариб ки дида намешавад, яъне доираи инъикоси матлаб дар барнома бисёр фаррох буда, муҳтавои барнома бо 5-6 мавзуъ маҳдуд намегардад.

Тавре дар боло зикр намудем, барнома мавзуъҳои муҳимму мубрами актуалӣ ва глобалиро мавриди шарҳу тавзеҳ қарор медиҳад. «Журналисти касбӣ метавонад, ҳамагуна мавзуъро барои бинанда аҷиб ва таъсирбахш пешниҳод кунад. Мавзуи нолозим вуҷуд надорад» [2, с. 15]. Бинобар ҳамин, муаллиф дар интихоби мавзуъ ва баррасии маълумоти зарурӣ муваффақ буда, ҳамагуна мавзуи интихобнамудаашро то ҳадди имкон пуртаъсир ва муассир баррасӣ мекунад.

Дар чанд соли охир вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии як қатор кишварҳои мусулмонӣ, бахусус дар минтақаҳои Ховари Миёна ва ҷанубу Шарқи Осиё, ба таври ҷиддӣ ноустувор гардидааст. Дар натиҷаи идомаи низоъҳои мусаллаҳона ва буҳронҳои сиёсӣ, сатҳи зиндагии аҳолии осоишта ба меъёрҳои ҳадди ақали зиндагии шоиста ҷавобгӯ нест. Норасоии маводи ғизоӣ, камбуди либосу манзил ва маҳдудияти дастрасӣ ба хизматрасониҳои аввалиндараҷаи иҷтимоӣ аз ҷумлаи мушкилоти асосии ин минтақаҳо ба ҳисоб мераванд.

Илова бар ин, идомаи даргириҳо боиси афзоиши шумораи муҳоҷирони иҷборӣ ва паноҳандагон гардидааст. Қисмати зиёди аҳолии зарардида, бо мақсади ҷустуҷӯйи шароити амну субот, маҷбур шудаанд ба кишварҳои ҳамсоя ва минтақаҳои нисбатан ором кӯч банданд. Ин раванд на танҳо ба тағйироти демографӣ, балки ба вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишварҳои қабулкунанда низ таъсири назаррас расонида истодааст.

Барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» ҳадди имкон, мекӯшад то аз вазъи ин афроди дармонда ва давлатҳои дар коми ҷангу ҷидол қарордошта маълумоти возеҳ дода бошад.

Дар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» муаллиф доим аз сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат пуштибонӣ намуда, дар баробари инъикоси вазъи ҷаҳон, инчунин аз робитаҳои

дӯстиву дипломатӣ ва муносибатҳои тарафайни давлатҳои алоҳидаи пешрафтаи ҷаҳон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон матлабҳои ҷолиби диққат пахш мегарданд.

Тавре муҳаққиқи соҳаи журналистика А. Саъдуллоев менигорад, «сароғози воситаҳои ахбори умум дар ҳамаи давру замон ва ҳукумату ҷараёнҳо таъсир расонидан ба самтҳои идеологии даврон, ташаккули афкори омма, завқбахшӣ ба кору фаъолият, баланд бурдани сатҳи ғоявӣ, умумимаърифатӣ, фароҳам сохтани шароит ба ташвиқ ва тарғиби хаттӣ, телевизионӣ ва шифоҳӣ ва гузоштани талаботи қатъӣ ба ин фаъолият будааст» [5, с. 65]. Барномаи мазкур низ бо пахши матлабҳои ҷолиб дар ин самтҳо саҳми бориз мегузорад.

Барномаи навбатие, ки мо айни ҳол таҳлил менамоем, рӯзи 7-уми ноябри соли 2017 дар эфири телевизиони «Тоҷикистон» пахш гардидааст ва муносибатҳои дӯстиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати ба мо дӯсту бародар ва ҳаммарз Ҷумҳурии Узбекистонро дар бахшҳои худ ба таври хеле ҷаззоб инъикос намудааст. Муҳтавои барномаи мазкур чунин аст:

Сараввал, чун анъана кулоҳи барнома пахш мегардад. Сипас муаллиф ва баранда барнома Фатҳиддини Замон дар кадр аз маркази шаҳри Тошканд пойтахти кишвари Узбекистон пайдо шуда, барномаро бо чунин суханҳо оғоз менамояд:

−«Салом бинандагон ва ҳаводорони телевизиони «Тоҷикистон». Барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» аст, ки инҷо дар шаҳри Тошканд пойтахти кишвари Узбекистон манзури шумо мегардад. Мутаваҷҷеҳ бошед ба сархати гузоришҳо» [8, 7.11.2017].

Пасон, сархати барномаи мазкур бо фарогирии мавзуъҳои инъикосшаванда пахш мегардад, ки бинандаро бо муҳтавои барнома шинос менамояд. Барномае, ки мо таҳлил намуда истодаем, аз чор бахш иборат буда, чунин мавзуъҳоро фарогир аст:

1. «Нигоҳе ба рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Узбекистон;

2. Қадамҳои устувор дар роҳи таҳкими муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ байни ду давлат;

3. Табодули таҷрибаи корхонаҳои саноатии ду кишвар;

4. Ташкил ва баргузории рӯзҳои фарҳангӣ» [8, 7.11.2017].

Тавре аз сархати барномаи мазкур маълум мегардад, сужети барнома вобаста ба муносибатҳои дӯстонаву дипломатии ин ду кишвари ҳамфарҳангу ҳаммарз ва рушди устувори онҳо ва баргузории рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Узбекистон омода гардидааст.

Таҳия намудани сужет вобаста ба мавзуи интихобгардида, кори ниҳоии рӯзноманигор ба шумор меравад. Яъне, замоне ки сужет омода гардид, ин маънои пухта шудани матлаби журналистро дорад. Барои омода намудани сужети хуб журналистро мебояд:

1. Мавзуъ интихоб намояд;
2. Факту далелҳои мароқовару дақикро ёбад;
3. Матни сужаро тартиб дода, дар он факту далелҳо ва маълумоти муфидро дар ҷойҳои лозима ҷобаҷогузорӣ намояд;
4. Наворҳои ба мавзуъ мувофиқ ва завқбахшро ёбад, сабт намояд ва дар дохили сужет ҷой диҳад;

Дар ин бора муҳаққиқи соҳа З. Муъминҷонов дар китобаш «Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион» чунин менигорад: «Мантиқан ҷо ба ҷо мондани лаҳзаҳо асоси пурқувват, оммафаҳм ва диққатҷалбкунанда баромадани сужет мегардад. Боз такроран таъкид мекунем, ки ҷумлаи аввал ва махсусан ҷумлаи охир дар сужет нақши муҳим мебозад. Бинобар он журналист бояд кӯшиш кунад, ки ҳамин хел ҷумлаҳоро навишта тавонад ва дар ҷойи зарурӣ истифода барад» [2, с. 15].

Дар баробари ин, ҳар кор талаботи худро доро мебошад ва дар ин бора олимону донишмандони илми журналистика андешаҳои гунгун доранд.

«Дарки 3 талаби асосии сужет муҳим аст:

1. Мазмуни сужет бояд таваҷҷуҳи оммаро ба худ ҷалб кунад;

2. Ҳар як калима, ҳар як пешниҳод дар сужет бояд фаҳмо бошад;

3. Сужет аз оғоз то анҷом бояд диққатҷалбкунанда ва мароқангез бошад» [2, с. 15].

Тавре дар боло зикр намуда будем, дар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» мавзуъҳои актуалӣ, глобалӣ, доғи рӯз, манфиатҳои умумибашарӣ ва умумимиллӣ дошта, мароқовару завқбахш интихоб карда мешаванд ва ин як ҷиҳати муваффақияти барнома ба шумор меравад. Яъне барнома ба талаботи асосии пешноҳоднамудаи муҳаққиқ З. Муъминҷонов ҷавобгӯ мебошад.

Дар идомаи барнома баранда доир ба сиёсати хориҷии пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва вусъатгирии муносибатҳои ин ду кишвар, Тоҷикистон ва Узбекистон маълумот медиҳад:

«Сиёсати «Дарҳои боз», ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ карда мешавад, имкон фароҳам сохтааст, ки Тоҷикистон бо соири кишварҳои минтақа ва ҷаҳон муносибатҳои неку дӯстона дошта бошад. Бо назардошти наздикӣ аз лиҳози ҷойгиршавӣ, имрӯз муносибатҳои Тоҷикистон ба ҳама кишварҳои минтақа, бо Ҷумҳурии Узбекистон рӯз то рӯз тақвият дода мешавад. Муносибатҳои ин ду давлати ҳамсоя хусусан дар соли равон бештар тавсеа меёбанд, ки аз талошу дастгириҳои бесобиқаи роҳбарони сатҳи олии Тоҷикистон ва Узбекистон сарчашма мегирад. Аз ин хотир метавон, соли 2017-умро соли рушду пойдории ҳамкорӣ ва тавсеаи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон арзёбӣ намуд» [8, 7.11.2017].

Ба ҳамин тариқ, дар барномаи мазкур доир ба муносибатҳои ҳарду кишвари минтақаи Осиёи Миёна Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ба таври васеъ ва бо маҳорату касбияти баланд маълумот пешниҳод мегардад.

Бояд қайд намуд, ки журналист дар таҳияи барномаҳои диданибобу мароқовар ва беҳтарини телевизионӣ нақши муҳим дорад. Ӯ (журналист)-ро мебояд, масъулияти баланди касбиашро эҳсос намуда, барои барномаи беҳтарин тайёр намудан саъю кӯшиш намуда, матлаби ниёзи аудиторияро пахш намояд. «...журналист кӯшиш намояд, то бо касбият корро ба анҷом расонад. Пешниҳоди дақиқи факту рақам, донишу маълумоти фарохтар нисбат ба пешниҳоди дар сужетбуда, таҷассуму инъикоси андешаҳои гуногун» [2, с. 15]. Дар ин самт барандаи барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» то андозае муваффақ ҳам ҳаст.

«Ҳар як сужет бояд чунон сохта шавад, ки ақалан ҷумлаи аввал ва охир дар хотири бинанда нақш бандад. Бояд лаҳзаҳову кадрҳо якдигарро пурра карда, дар ҷои зарурӣ истифода шаванд» [2, с. 15]. Ин ҳолат дар барнома баръало эҳсос мегардад. Ровӣ мекӯшад, то барномаро бо ҷумлаҳои диққатҷалбкунанда ва шуниданибоб шуруъ намуда, таваҷҷуҳи бинандаро ба барнома пайвандад. Дар охир низ бо ҳамин гуна ҷумлаҳо барномаро ба анҷом мерасонад.

Ғайр аз ин, муаллиф барои ҷалби бинанда аз воситаҳои интернетӣ фароҳам истифода менамояд. Яъне, ҳар рӯзи сешанбе якчанд соат пеш аз пахши барнома ва мавзуъҳои мавриди назар қарордоштаро дар шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» пост мекунад ва бинандаро барои тамошои барнома завқманд мегардонад. Инчунин, барномаи мазкур дар ин шабакаи иҷтимоӣ саҳифаи алоҳидаи худро бо номи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» дорад, ки дар он муаллиф ҳар замон хабару воқеаҳо ва фактҳои ҷолибу завқбахшро пахш мекунад.

Аз таҳлили барномаҳо ва муқоисаи онҳо бо маводҳои илмӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

1. Барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» дорои хусусияти таҳлилӣ-иттилоотӣ буда, бештар дар доираи жанри шарҳ (табсира) таҳия мегардад ва дар он шарҳу тавзеҳи воқеаҳои байналмилалӣ, робитаи сабабу натиҷа ва дурнамои паёмадҳои онҳо мавқеи марказӣ дорад, ки ин ба амиқ гардидани дарки аудитория аз равандҳои глобалӣ мусоидат мекунад.

2. Истифодаи василаҳои гуногуни ҷолибсозӣ, аз ҷумла мусиқии мувофиқ ба мазмун, порчаҳои адабӣ, наворҳои марбут ба мавзуъ, оҳанги таъсирбахши баён ва услуби суханронии

ровӣ, ҳамчун унсурҳои муҳимми коммуникативӣ, ба баланд гардидани таъсирнокии матлаб ва ҷалби таваҷҷуҳи бинандагон мусоидат менамояд.

3. Интихоби мавзуъҳо дар барнома ба масъалаҳои мубрами сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва гуманитарии сатҳи ҷаҳонӣ равона буда, бо такя ба факт, далел ва андешаҳои коршиносон пешниҳод мегардад, ки ин равиш барномаро аз сатҳи иттилоърасонии оддӣ боло бурда, ба минбари таҳлили воқеаҳои мураккаби байналмилалӣ табдил медиҳад.

4. Сохтори мундариҷавии барнома бо тартиби мантиқӣ — пешниҳоди навигарӣ, ёдоварии заминаи таърихии воқеа, таҳлил, арзёбӣ ва хулосабарорӣ — амалӣ гардида, дар натиҷа аудитория на танҳо бо моҳияти масъала шинос мегардад, балки ба дарки воқеияти ҷаҳонӣ ва хулосабарории мустақилона ҳидоят карда мешавад.

Адабиёт:

1. Давронов Д., Раҳмонова Ҷ. Ҷаҳони муосир: мавқеи садо ва симо. / Д.Давронов. – Душанбе, 2012. – 156 саҳ.
2. Муъминҷонов З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион. / З. Муъминҷонов. – Душанбе: “Вектор Принт”, 2011. – 66 саҳ.
3. Саъдуллоев А. Давронов Д. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии Журналистикаи байналхалқӣ. / А. Саъдуллоев. Д. Давронов. М. Муродов. – Душанбе, 2008.
4. Хоҷазод С. Махсусияти жанрҳои радиои Тоҷикистон. / С. Хоҷазод Душанбе: «Шуҷоиён», 2010.
5. Эшматов З. Таъсис ва ташаккули телевизиони “Тоҷикистон”. – Душанбе, 2016. – 130 саҳ.
6. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳо ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ. – Душанбе: Шуҷоиён – 2011. – 146 саҳ.
7. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот (Воситаи таълим). – Душанбе, 2004. – С.81-82

МАНБАЪ:

8. Барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон»-и телевизиони «Тоҷикистон». Соли 2017.
9. Озодагон №06 (510)/7-уми феврали соли 2018, саҳ. 6.
10. Фараж №69 (584).
11. http://journalism.tnu.tj .

УСУЛҲОИ ПЕШНИҲОДИ МАТЛАБ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ҶОЛИБСОЗӢ ДАР БАРНОМАИ «ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН»-И ТВ «ТОҶИКИСТОН»

Мақола ба баррасии усулҳои пешниҳоди матлаб ва воситаҳои ҷолибсозии барномаи таҳлиливу иттилоотии «Тоҷикистон ва ҷаҳон»-и Телевизиони «Тоҷикистон» бахшида шудааст. Муаллиф сохтор, жанр ва хусусиятҳои вижаи сужетсозии барномаро мавриди таҳлили илмӣ-назариявӣ қарор дода, истифодаи жанрҳои шарҳ (табсира) ва мусоҳибаро дар инъикоси масъалаҳои актуалӣ ва глобалии муосир асос мебахшад.

Дар мақола нақши унсурҳои мусиқавӣ, порчаҳои адабӣ (шеър), тарзи хониш ва баёни ровӣ, инчунин ҳамбастагии матн бо тасвир (кадрҳо ва аксҳои ҳуҷҷатӣ) ҳамчун омилҳои асосии таъсирбахшӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи аудитория нишон дода шудаанд. Ҳамчунин, истифодаи имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла «Фейсбук») дар раванди тарғиб ва ҷолибсозии мазмуни барнома таҳлил мегардад.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» тавассути таҳлили мантиқӣ, вокуниши фаврӣ ба рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ва истифодаи касбии усулҳои журналистӣ ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани маърифати сиёсии бинандагон мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: журналистикаи телевизион, «Тоҷикистон ва ҷаҳон», усулҳои ҷолибсозӣ, жанри шарҳ, мусоҳиба, афкори ҷамъиятӣ, сиёсати байналмилалӣ, таҳлили ахбор.

МЕТОДЫ ПРЕДСТАВЛЕНИЯ МАТЕРИАЛА И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СРЕДСТВ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ВНИМАНИЯ В ПРОГРАММЕ «ТАДЖИКИСТАН И МИР» ТВ «ТАДЖИКИСТАН»

Статья посвящена рассмотрению методов представления материала и средств привлечения внимания в информационно-аналитической программе «Таджикистан и мир» Телевидения «Таджикистан». Автор подвергает научно-теоретическому анализу структуру, жанр и специфические особенности сюжетосложения программы, обосновывая использование жанров комментария (обозрения) и интервью при освещении актуальных и глобальных проблем современности.

В статье показана роль музыкальных элементов, литературных фрагментов (поэзии), манеры чтения и речи ведущего, а также взаимосвязи текста с видеорядом (кадрами и документальными фотографиями) как основных факторов воздействия и привлечения внимания аудитории. Также анализируется использование возможностей социальных сетей (в частности, Facebook) в процессе продвижения и повышения привлекательности содержания программы.

Автор приходит к выводу, что программа «Таджикистан и мир» благодаря логическому анализу, оперативному реагированию на мировые события и профессиональному использованию журналистских методов способствует формированию общественного мнения и повышению политической грамотности телезрителей.

Ключевые слова: телевизионная журналистика, «Таджикистан и мир», методы привлечения внимания, жанр комментария, интервью, общественное мнение, международная политика, анализ новостей.

METHODS OF CONTENT PRESENTATION AND THE USE OF ENGAGEMENT TOOLS IN THE «TAJIKISTAN AND THE WORLD» PROGRAM ON TV «TAJIKISTAN»

The article examines the methods of content presentation and engagement tools used in the information and analytical program «Tajikistan and the World» on Television «Tajikistan». The author subjects the structure, genre, and narrative features of the program to scientific and theoretical analysis, substantiating the use of commentary and interview genres in covering pressing global issues of modern times.

The paper highlights the role of musical elements, literary excerpts (poetry), the presenter's delivery and narrative style, as well as the interplay between text and imagery (documentary footage and photos) as key factors in influencing and engaging the audience. Additionally, it analyzes the leverage of social media platforms (specifically Facebook) in promoting and enhancing the program's content appeal.

The author concludes that through logical analysis, rapid response to global events, and the professional application of journalistic techniques, the «Tajikistan and the World» program contributes to shaping public opinion and enhancing the political awareness of viewers.

Keywords: television journalism, «Tajikistan and the World», engagement methods, commentary genre, interview, public opinion, international politics, news analysis.

Маълумот дар бораи муаллиф: Таваккалзода Аҳмадшоҳ Масъуд, докторанти PhD-и кафедраи телевизион ва радиошунавонии, факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға**:** Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Маяковский 70\2. Телефон: (+992) 988777885, E-mail: ahmad_4o@mail.ru

Сведения об авторе: Таваккалзода Ахмадшох Масъуд, докторант (PhD) кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Национального университета Таджикистана. Адрес: Таджикистан, город Душанбе, район Сино, улица Маяковский, 70/2, Телефон: (+992) 988777885, E-mail: ahmad_4o@mail.ru

Information about the author: Tavakkalzoda Ahmadshoh Masud, (PhD) student at the Department of Television and Radio Broadcasting, Faculty of Journalism, National University of Tajikistan. Address: Tajikistan, Dushanbe, Sino District, Mayakovsky Street 70/2. Phone: (+992) 988 777 885, E-mail: ahmad_4o@mail.ru

ТДУ:37.0 (075.8)
Т-53

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ДАР НИЗОМИ БОСАЛОҲИЯТ

Тагоев С.Х., муаллими калон, Шералиева С.М., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Таърихи инкишофи педагогикаи замони муосир ба инкишофи даврони шуравӣ алоқаи хеле зич дорад. Барои ин таҳқиқи инкишофи илми педагогикаи шуравӣ, ки заминаи асосии назариявӣ ва амалии низоми таълими кунуниро (анъанавӣ) ташкил медиҳад, мувофиқи мақсад аст.

Низоми кунунӣ ё анъанавии таълим аз назарияи таълими Я.А. Коменский, сарчашма мегирад. Низоми мазкур аз ҷиҳати ташкили раванди таълим низоми синфӣ-дарсӣ буда, мазмуну мундариҷа тавассути методҳои шарҳӣ-аёнӣ амалӣ карда мешавад. Назарияи мазкур ҳанӯз дар асри XVII дар асоси принсипҳои дидактика ташаккул ёфтааст [6, с. 195].

Дар таълими шарҳӣ-аёнӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона шуда, хусусияти тазаккурӣ дорад. Яъне, хонанда пас аз шунидан (ё хондан)-и маълумот, онро бояд дар хотир гирад, дертар ба хотир орад ва бозгӯйӣ карда тавонад. Раванд ва натиҷаи таълим ба андозаи донише, ки хонанда аз суханони омӯзгор ё китоби дарсиву дигар маводи таълим дар хотир гирифтааст, маҳдуд мегардад. Хонандагон дониши азхудкардаашонро ба таври гуногун пешниҳод мекунанд: нақл, бозгӯйӣ, нақли хаттӣ, иншо, корҳои санҷишӣ ва амсоли он.

Пас, саволе ба миён меояд, ки «Кадом омилҳо ин навъи таълимро устувор ва доимӣ гардонидаанд?» Асосан ба таври системанок пешниҳод ва аз худ кардани дониш, тартиби пешниҳоди маводи таълим, фарогирии миқдори зиёди хонандагон,тартиботи камхарҷӣ ва додани дониш омилҳои асосии устувории ин навъи таълим буда метавонанд .

Дарсҳо дар таълими шарҳӣ-аёнӣ мувофиқи қолабҳои мушаххас ба нақша гирифта мешаванд. Дарс марҳалаҳои гуногунро фаро гирифта, фаъолияти омӯзгору хонандагон дар он мушаххас дарҷ намешаванд [13, с. 73].

Чаро низоми таълими кунунӣ/анъанавӣ бояд тағйир дода шавад?

Дар даврaҳое, ки низоми синфӣ-дарсӣ ва шарҳӣ-аёнӣ ташаккул ёфта, ба қуллаҳои баланди худ расида буд, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву маърифатии одамон, арзишҳову дастовардҳои илму техника дар сатҳи дигар қарор дошт. Масалан, аксари корҳо (истеҳсолот) ба таври дастӣ сурат мегирифт, нақлиёт ва алоқа кам рушд карда буд, сарчашмаҳои ахбор хеле маҳдуд буданд (китобҳо). Зиёда аз он, шахси босавод, шахсеро мешумориданд, ки ахбори зиёдро медонист.

Сабабҳои номувофиқатии ин низом аз ҷониби олимони соҳа ва сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ шарҳ дода шудаанд. Масалан, ақидаи педагог Аткинсон Р. чунин аст. Ба ақидаи ӯ яке аз норасоии низоми мазкур дар он аст, ки диққати асосӣ ба хотира равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Он ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолнокии хонандагон таъсири кам дорад. Илова бар ин, миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилият ва равандҳои азхудкунии он зиёд мебошад [10, с. 23].

Педагог А.А. Вербитский якчанд номувофиқатии низоми анъанавиро ҷудо карда, шарҳ додааст: «Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд. Илова бар ин, тачриба ва ақидаҳои пешниҳодшаванда порчаи алоҳидаи замонро ифода мекунад. Ин боис мегардад, ки таълимгирандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замон муайян карда наметавонанд ва мавқеи таълим паст мегардад. Ин сатҳи ҳавасмандии хонандагонро ба таълим хеле паст мегардонад. Яъне, онҳо намедонанд, ки барои чӣ, кай ва дар куҷо ин ё он донишро истифода баранд. Аксари тачриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахаюлӣ буда, ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасии проблемаҳоро

фароҳам оварда наметавонанд, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти ҳозира мувофиқат намекунанд» [3, с. 68].

Ба ақидаи онҳо «тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ боиси пайдо шудани фарҳангу маданияти нав гашта, дар он таҳсилоте, ки танҳо ба андӯхтани дониш нигаронида шудааст, самаранокӣ ва мақсаднокиашро аз даст додааст. Айни замон, бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки низоми таълимӣ ба дониш нигаронидашуда, ба буҳрони амиқ рӯ ба рӯ шудааст. Буҳрони мазкур якчанд сабаб дорад.

Яке аз сабабҳо ба тағйир ёфтани моҳияти дониш ва таҷрибаи ҷомеа вобастагӣ дорад: айни замон, ба даст овардани ахбор соҳаи муҳимми фаъолияти касбии инсон гашта, асоси ҳама гуна истеҳсолоти муосирро ташкил медиҳад. Таълим додани «маълумоти дақиқ» муҳим аст, аммо агар имконияти сари вақт иваз кардани унсурҳои он фароҳам оварда нашавад, он гоҳ мо наметавонем хонандаро ба ҳаёт омода намоем... Сабаби дигари буҳрони низоми таълими ба дониш нигаронидашуда дар он аст, ки зарурати пур кардани хотираи кӯдакон бо ахбори барзиёд аз байн рафтааст, зеро маъхазҳои дигари нигоҳ доштани ахбор мавҷуданд. Ба хонандагон бояд тарзи истифодаи ин маъхазҳо омӯзонида шавад» [4, с. 61].

Яке аз сабабҳои асосии тағйири низоми таълим (мундариҷа ва раванди таълим) талабот ва нақшаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 мебошад. Тибқи он: «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд» [15, с. 12].

Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти низоми таълимро мушаххас карда, гузаришро аз низоми кунунӣ (ба дониш-асосёфта) ба низоми муносибати босалоҳият ба таълим ба нақша гирифтааст. Қарори мазкур дар асоси таҳқиқоту мушоҳидаҳои назаривию амалӣ бароварда шудааст.

Низоми таълими ба дониш асосёфта ба талаботи соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва маърифатии ҷомеаи муосир мувофиқат намекунад. Гузариш ба низоми нав боиси ба ҳаёт ва талаботи муосири соҳаҳои гуногун наздик шудани мундариҷаи таҳсилот мегардад. Пеш аз баррасии низоми таълими салоҳиятнокӣ мехоҳем, маънии мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»–ро таҳқиқ кунем [1, с. 75].

Мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ»-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои компетенсия ва компетенсионӣ, ки аз забони лотинӣ (competens, competentis) ба забони русӣ иқтибос шудаанд, истифода мебаранд.

Мафҳуми салоҳият дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ–лоиқ будан, сазовор будан; шоистагӣ, сазоворӣ тафсир дода шудааст.

Ҳаким Фирдавсӣ фармудаанд:

Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Тавоно будан нишони салоҳиятмандӣ аст [8, с. 34].

Дар Луғати истилоҳоти Хазинаи аврупоии таҳсилот мафҳуми салоҳият (компетенсия) чунин шарҳ дода шудааст:

1. Қобилияти ягон корро (амалро) хуб ва самаранок иҷро кардан;
2. Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ) мутобиқ будан;
3. Қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ.

Дар стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мафҳуми «салоҳият» чунин шарҳ дода шудааст:

«Салоҳият–маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд» [11, с. 14].

Дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат баробар истифода мешаванд. Дар асоси тафсири боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси салоҳиятнок амалеро хуб, қобилона ва боэътимодона иҷро карда метавонад.

Низоми таълими салоҳиятнокӣ, низомест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, ҳақиқӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Низоми таълими салоҳиятнокӣ ба саволҳои**: «Хонанда чӣ кор карда метавонад?», «Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?»** ҷавоб медиҳад.

Донистан ё дониш дар низоми таълими салоҳиятнокӣ ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, муқоиса кардан ба намуна, ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад.

Бояд қайд кард, ки «салоҳият»-ро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад». Салоҳият натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст [7, с. 143].

Дар низоми муносибати босалоҳият ба таълим раванди ташаккули салоҳиятҳо вақт ва муносибати мураккабро талаб мекунад. Масалан, барои ташаккули салоҳияти «Хонанда андеша (ақида)-ҳои худ ва дигаронро барои ифодаи мақсадҳои гуногун тавассути матнҳои ҳаҷман калони сохторашон гуногун менависад» хонанда бояд оид ба сохтори матн (мактуб, ҳикоя, гузориш, мақола ва амсоли он), сарфу наҳви забони тоҷикӣ дониши мукаммал дошта, тарзи баёни ақидаи худро дар сохтори муайяни матн машқ кунад, мустақилона нависад, матни эҷодкардаашро арзёбӣ кунад ва таҳриру такмил диҳад. Оё ин салоҳиятро дар 1, 2 ё 10 соати дарсӣ ташаккул додан мумкин аст? Оё ин салоҳиятро ҳамаи хонандагони синф дар як вақт аз худ мекунанд?

Барои ҳамин дар низоми таълими салоҳиятнокӣ раванди таълим усул, муносибат ва воситаҳои гуногун ва мухталифро тақозо мекунад. Масалан, дар низоми таълими ба дониш асосёфта чунин равand мувофиқ аст:

1. Яъне дониши муайян аз сарчашмаҳои аниқ (санҷидашуда, илман асоснок) тавассути омӯзгор (ё китоби дарсӣ) ба хонандагон пешниҳод карда мешавад. Роҳҳои пешниҳоди дониш гуногун буда метавонанд (вобаста ба эҷодкорӣ ва таҷрибаи омӯзгор). Хонандагон дониши (қолаби) муайянро аз худ мекунанд ва онро бозгӯйӣ мекунанд (ё дар асоси қолаби пешниҳодшуда амалеро иҷро мекунанд) Натиҷаи таълим тавассути андоза ва сифати бозгӯйӣ ё то кадом андоза ба намунаи додашуда дуруст иҷро кардани мисолу масъалаҳо арзёбӣ карда мешавад.

2. Дар низоми таълими салоҳиятнокӣ аввал намунаи натиҷаи таълим (малака) таҳлилу баррасӣ мешавад. Сипас, ба хонандагон имконияти мустақилона (ё бо роҳнамоии омӯзгор) машқ кардани малака дода мешавад [12, с. 48].

Ғалатҳои худро муайян мекунад, сабаби содир кардани ғалатро мустақилона, бо ёрии ҳамсинфон ё омӯзгор аниқ месозад. Корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил медиҳад. Чуноне маълум мегардад, раванди таълим дар низоми салоҳиятнокӣ мураккаб буда, вақт ва неруи бештарро талаб мекунад. Агар чунин муқоиса кардан раво бошад, низоми таълими салоҳиятнокиро ба таълими касбӣ, аз ҷумла, дузандагӣ, рассомӣ, кандакорӣ, кулолгарӣ, ошпазӣ, сартарошӣ, меъморӣ ва ғайраҳо монанд кардан мумкин аст.

Барои татбиқи низоми мазкур омӯзгорон бояд якчанд назарияҳои асосии таълимоти муосирро донанд ва ба таври самаранок дар амал татбиқ карда тавонанд [5, с. 42].

1.Назарияи таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст.

Таълими хонандамеҳвар ё таълиме, ки ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст тули даҳсолаи охир аз ҷониби лоиҳаҳои гуногун дастгирӣ шуда, омӯзгорони минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ дар омӯзишҳои бахшида ба ин мавзуъ фаро гирифта шудаанд. Аммо барои ташаккули малакаву маҳорати хонандагон вақти хеле маҳдуд ҷудо мекарданд ва омӯзгорон имконияти истифодаи талаботи таълими хонандамеҳварро надоштанд.

Дар таълими хонандамеҳвар хусусиятҳои фардии хонандагон ба таври самаранок ва мақсаднок истифода шаванд.

Мақсади асосии таълими хонандамеҳвар ташаккули механизми дар амал татбиқ кардани дониш, малака ва маҳорати худ, диққат додан ба раванди инкишофи шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароитҳои нав ва ношинос, худмуҳофизатӣ, худтарбиятдиҳӣ ва дигар хусусиятҳое, ки барои ташаккули шахсият заруранд, мебошад.

2. Назарияи Л.С. Виготский «Минтақаҳои актуалӣ ва наздиктарини инкишоф»

Л.С. Виготский масъалаи мувофиқати байни таълим ва ташаккули кӯдаконро таҳқиқ карда, ба хулосае омад, ки омӯзиш бояд пештар қадам зада, боиси инкишофи кӯдак гардад. Чунин фаҳмиши мувофиқати таълим ва инкишофи кӯдак ӯро ба хулосае оварда, ки на танҳо ҳолати мавҷудаи инкишоф, балки тамоилҳои имконпазири инкишофи ояндаи кӯдак ҳангоми таълим бояд ба назар гирифта шаванд. Кӯдак ҳамон вақт инкишоф меёбад, ки агар малакаҳои навро фаро гирифта, ба таҷриба ва малакаҳои аллакай азхудкардааш зам намояд. Ин кашфиёт номи «минтақаи наздиктарини инкишоф»-ро гирифт ва ба илмҳои педагогикаю равоншиносии ҷаҳонӣ ворид гашт.

Ҳар як амале, ки кӯдак аз рӯйи ақл ва қобилиятҳояш иҷро менамояд, ба инкишофи ӯ мувофиқат мекунад. Лекин, дар хотир бояд дошт, ки агар малакаҳои нав дар асоси малакаҳои аллакай бадастомада ташаккул ёбанд, пас, чунин ташаккулёбӣ манфиати бештаре дорад. Барои тезтар инкишоф ёфтани кӯдак саросема шудан лозим нест, зеро ин амал аксар ба ҷойи ташаккулёбии фаъолияти зеҳнӣ ба вайроншавии кори асаб ва ё «бепарвоии» кӯдакона оварда мерасонад.

Таъсири доимӣ расонидан ба минтақаи наздиктарини инкишофи кӯдак боз як хусусияти муҳимми дигарро дорад. Муайян кардани минтақаи наздиктарин бе муошират доимӣ ва ҳамкорӣ бо кӯдак имконнопазир аст. Омӯзгор бояд бодиққат рафтори шогирдашро мушоҳида кунад, зеро ҳар як кӯдак хусусияти хоси муайян дорад (нигаред ба назарияи гуногунии зеҳн), ки бо такя ба он усули корбариро бо ӯ интихоб намудан мумкин аст.

Минтақаи наздиктарини инкишофи фард амалеро мустақилона иҷро карда наметавонад ва барои иҷрои он ба ёрии дигарон ниёз дорад. Минтақаи актуалии инкишофи фард амалеро мустақилона иҷро карда метавонад.

3.Назарияи Ҳовард Гарднер «Гуногунии зеҳн» [9, с. 94]

Назарияи гуногунии зеҳнро соли 1983 доктор Ҳовард Гарднер профессори Донишгоҳи Гарвард пас аз таҳқиқи сабабҳои ба ин ё он фан майлу рағбат доштани хонандагон пешниҳод намудааст. Доктор Гарднер ҳашт навъи зеҳнро, ки барои ҳудуди (диапазони) васеи имкониятҳои инсонӣ дар хурд ва калонсолон равона шудааст, пешниҳод мекунад. Ҳамаи мо ин навъҳои зеҳнро дорем, аммо баъзеи онҳо суст ва баъзеашон хуб инкишоф ёфтаанд.

Навъҳои гуногуни зеҳн аз назари Ҳовард Гарднер:

1.Зеҳни шифоҳӣ-забонӣ

Хондану эҷод кардан ва навиштанро дӯст медорад. Хотираи хуб ва захираи бойи луғавӣ дорад.

2. Зеҳни мантиқӣ-риёзӣ

Ҳисоб, ҳал кардани масъала ва ҳар гуна бозиҳои риёзиро дӯст медорад, мафҳумҳои риёзиро хуб мефаҳмад, тафаккури абстрактӣ дорад.

3. Зеҳни биноӣ-фазоӣ

«Шунидан кай бувад монанди дидан», харита, ҳар гуна нақшаю диаграммаҳоро мефаҳмад, тахаюли бой дорад, ба санъат машғул мешавад, бештар аз расмҳои матн маълумот мегирад.

4.Зеҳни ҳаракат (моторӣ)

Варзишро дӯст медорад, бо ҳаракат, ишора (мимика) ва ба рафтори дигарон тақлид мекунад. Ба ҳама чиз даст мерасонад, давидан, паридан ва муҳорибаро дӯст медорад.

5.Зеҳни мусиқӣ-мавзунӣ

Мусиқиро хуб ба хотир мегирад. Сози мусиқӣ менавозад.

Оҳангшинос ва сарояндаи хуб аст.

6.Зеҳни байнишахсӣ

Бо ҳамсолон муошират ва бозӣ карданро дӯст медорад. Вай аслан дилсӯзу ғамхор аст.

7. Зеҳни дохилишахсӣ

Вазифаҳоро хуб иҷро мекунад, агар касе ба вай халал нарасонад, худро идора мекунад, ҳиссиёташро дуруст ифода карда, аз ғалатҳояш меомӯзад; дар танҳоӣ кор карданро дӯст медорад [8, с. 137].

8. Зеҳни натуралистӣ (табиӣ)

Ба табиат ва ҳодисаҳои табиӣ диққат дода, қобилияти фаҳмидани онро дорад, аломат ва хусусиятҳои муҳити атрофро тасниф мекунад.

Ҳар як хонанда мувофиқи завқ ва қобилияти зеҳнӣ як ё якчанд масъалаи пешниҳодшударо иҷро карда метавонад. Ин чунин хонандагон метавонанд вазифаҳои таълимиро ду нафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд иҷро намоянд.

4. Таксономияи қобилиятҳои маърифатӣ ва таълими салоҳиятнокӣ

Блум Бенҷамин Сэмюэл равоншинос ва педагог, профессори соҳаи педагогика, аз соли 1938 дар Донишгоҳи Чикаго фаъолият кардааст. Яке аз аввалинҳо шуда, системаи нишондиҳандаҳои натиҷаи таълимро таҳия намудааст.

Ба ақидаи Блум вазифаи мақсадҳои асосии таълим ва масъалагузорӣ дар он аст, ки малакаи фикрронии эҷодкорона, ҳал карда тавонистани проблема ва қабул кардани қарорҳои мақсадноки хонандагон ташаккул дода шавад. Ба ақидаи ӯ, агар омӯзгорон нисбат ба фикрронии амиқ ва мураккаби кӯдакон ҳассос бошанд, онро ба низом дароранд, ба ин мақсадҳои асосии таълим ноил шудан мумкин аст. Блум китоби «Таксономияи мақсадҳои таълим» (Ню Йорк, Давид, Маккей, с. 1956)-ро таҳия намуда, дар он тафаккурро ба 6 дараҷаи ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ ҷудо мекунад [2, с. 12].

6. Эҷод кардан;

5. Арзёбӣ кардан;

4. Таҳлил кардан;

3. Истифода бурдан;

2. Фаҳмидан;

1. Дар хотир гирифтан.

Хулоса, Зинаҳои зикршуда бо ҳам муносибати қавӣ дошта, яке барои дигарӣ ҳамчун замина хизмат мекунад. Омӯхтани дониш аз нигоҳи педагог-методистон: Аткинсон Р., А.А. Вербитский, Л.С. Виготский, доктор Ҳовард Гарднер, педагог-равоншинос Блум Бенҷамин Сэмюэл ва дигарон, ба қобилият, малака, маҳорат ва фаъолияти мустақилонаи хонандагон вобаста мебошад.

Адабиёт:

1. Абдуллоев, И. Забони модарӣ барои синфи 3 / И. Абдуллоев, З. Абдуллоев [ва диг.]. – Душанбе, 2010. – 75 с.

2. Байзоев, А. Забони модарӣ барои синфи 1 / А. Байзоев [ва диг.]. – [Б. ҷ.], 2012. – 12 с.

3. Вербитский, А.А. Теория и технологии контекстного образования / А.А. Вербитский. – Москва: МПГУ, 2017. – 68 с.

4. Зиёев, М. Усулҳои ҳамкорӣ дар таълими забон ва адабиёти тоҷик / М. Зиёев, Н. Мирзоматов, Ф. Олимова, З. Тошбоева. – [Б. ҷ.], 2010. – 61 с.

5. Зиёев, М. Забони модарӣ: китоби дарсӣ барои синфи 4 / М. Зиёев, У. Эрматова, Б. Зоолишоева, М. Набиев, Ш. Қосимова. – Душанбе, 2012. – 42 с.

6. Коменский, Я.А. Великая дидактика. Гл. XII / Я.А. Коменский // Избранные педагогические сочинения. – Москва, 1955. – 195 с.

7. Лутфуллоев, М. Бозӣ ва инкишофи нутқ / М. Лутфуллоев, Ш. Котибова, Т. Каримов. – Душанбе: Сифат, 2009. – 94 с.

8. Лутфуллоев, М. Забони модарӣ барои синфи 1 / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Сарпараст, 2008. – 143 с.

9. Лутфуллоев, М. Мавқеи бозиҳои таълимӣ ва машқҳои дамгирӣ дар давраи саводомӯзӣ / М. Лутфуллоев, И. Абдуллоев. – Норак, 2002. – 34 с.

10. Лутфуллозода, М. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ / М. Лутфуллозода, И. Абдуллоев. – Душанбе, 2020. – 23 с.

11. Маҷмуаи модулҳо оид ба муносибати босалоҳият ба таълим. – Душанбе, 2016. – 14 с.

12. Модули №1. Низоми таълими салоҳиятнокӣ. – Душанбе, 2016. – 48 с.

13. Модули №2. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо. – Душанбе, 2016. – 73 с.

14. Модули №3. Методика дар низоми таълими босалоҳият. – Душанбе, 2016. – 137 с.

15. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2030. Барои баланд бардоштани сифати таълим тибқи технологияи иттилоотӣ. – [Б. ҷ.], 2020 (ё соли нашри дахлдор). – 12 с.

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ДАР НИЗОМИ БОСАЛОҲИЯТ

Дар мақолаи мазкур муаллифон оиди методикаи таълими забони модарӣ дар низоми босалоҳият ибрози ақида намуда, қайд менамоянд, ки дар ҷараёни таълими низоми босалоҳият, хонандагон на танҳо дониш меомӯзанд, балки эҷодкор ва таҳлилгар низ мегарданд. Инчунин, онҳо бояд қобилияти дарк намудани ҳодисаҳои мураккаб ва арзёбии фаъолияти ҳамсабақонашонро дошта бошанд, зеро босалоҳиятнокӣ дар умум ин маҷмуи масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ, маърифатӣ ва касбӣ мебошад.

Низоми босалоҳият дар раванди таълим хусусиятҳои хоси худро дорад. Яъне дар ин низом хонандагон фаъол буда, муаллим нақши нозирро мебозад. Дар ташаккули методикаи таълими забони модарӣ низоми босалоҳит ягона раванди таълимиест, ки дар азкудкунии маълумоти бадастомада мусоидаткунанда мебошад. Инкишоф ва рушди арзёбии хонандагон он вақт боло меравад, ки агар дар хонандагон босалоҳияткӣ ташаккул ёбад. Дар раванди низоми босалоҳият хонандагон таҷриба ва пажуҳишҳои дидактикии олимони ватанӣ ва хориҷиро аз худ намуда, қобилияти иттилоъдиҳӣ пайдо мекунанд.

Калидвожаҳо: низоми босалоҳият, таълим, дониш, маҳорат, ташаккулёбӣ, муқоиса, ҷузъи таркибӣ, мақсад, роҳҳо ва усулҳо, қобилият, кӯдакон, масъулитнокӣ, зеҳни биноӣ, мантиқӣ, мусиқӣ, эҷодкорӣ ва ғайра.

МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ РОДНОГО ЯЗЫКА В КОМПЕТЕНТНОСТНОЙ СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ

В данной статье авторы высказывают свое мнение о методике преподавания родного языка в системе компетентностного подхода, отмечая, что в процессе компетентностного обучения учащиеся не только приобретают знания, но и становятся творцами и аналитиками. Кроме того, они должны обладать способностью осмысливать сложные явления и оценивать деятельность своих одноклассников, поскольку компетентность в целом представляет собой совокупность конкретных жизненных, познавательных и профессиональных задач.

Компетентностный подход в учебном процессе имеет свои специфические особенности. В этой системе учащиеся проявляют активность, а учитель выступает в роли наблюдателя (фасилитатора). В становлении методики преподавания родного языка компетентностный подход является единственным учебным процессом, способствующим эффективному усвоению полученной информации. Уровень развития и качества оценки учащихся возрастает тогда, когда у них формируется компетентность. В процессе компетентностного обучения учащиеся осваивают опыт и дидактические исследования отечественных и зарубежных ученых, обретая способность к работе с информацией (информационную грамотность).

Ключевые слова: компетентностная система (компетентностный подход), обучение, знания, умения (навыки), формирование, сравнение, составная часть, цель, пути и методы, способность, дети, ответственность, визуальный интеллект, логический, музыкальный, творчество и др.

METHODOLOGY OF TEACHING THE NATIVE LANGUAGE WITHIN A COMPETENCY-BASED EDUCATION SYSTEM

In this article, the authors share their perspectives on the methodology of teaching the native language within the framework of the competency-based approach, emphasizing that in the process of competency-based learning, students not only acquire knowledge but also become creative thinkers and analysts. Furthermore, students must develop the ability to comprehend complex phenomena and evaluate the activities of their peers, as competence in general constitutes a set of specific real-life, cognitive, and professional problems.

The competency-based approach in the educational process possesses its own distinct characteristics. In this system, students are active participants, while the teacher acts as an observer (facilitator). In the development of native language teaching methodologies, the competency-based framework serves as an essential educational approach that facilitates the effective assimilation of acquired information. The level of students' self-assessment and development increases as their competence is formed. Throughout the competency-based learning process, students engage with the experience and didactic research of domestic and international scholars, thereby acquiring information literacy and data-handling abilities.

Keywords: competency-based system (competency-based approach), education, knowledge, skills, formation, comparison, constituent element, objective, ways and methods, ability, children, responsibility, visual intelligence, logical, musical, creativity, etc.

Маълумот дар бораи муаллифон: Тағоев Саймумин Холмуминович, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Тел: (992) 918972991**.**

Шералиева Садбарг Маҷидовна, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Телефон: (+992) 985-87-78-78.

Сведения об авторах: Тағоев Саймумин Холмуминович, старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин и методики их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел: (992) 918972991

Шералиева Садбарг Маджидовна, кандидат филологических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин и методики их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Телефон: (+992) 985-87-78-78.

Information about the authors: Tagoev Saymumin Kholmuminovich, senior lecturer at the department department of humanities and teaching methodology of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. ph. 919972991.

Sheralieva Sadbarg Majidovna, candidate of philological sciences, associate professor at the department of humanities and teaching methodology of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16.Telephone: (+992) 985-87-78-78.

Муқарриз: Худойдодова Ш.З.., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 81’366+80 (075.8)
Ҷ-31

СИФАТҲОИ АСЛӢ ВА БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ОНҲО ДАР «АШКИ ОФТОБ»-И ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

Шерафгани Ҷ., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Баррасии забони шеъри шоири намоёну хушсалиқаи адабиёти муосири тоҷик, сарояндаи ормонҳои замони соҳибистиқлол Ҳақназар Ғоиб аз нигоҳи банду баст ва мазмуну мундариҷа хеле ҷолиб буда, шоир дар корбурди захираи пурғановати забонамон вожаҳои зиёди нобу гӯшнавозро аз он интихоб карда, рамзу тимсолҳои рангинро созмон додааст ва дар нишон додани хислату характери инсонҳо ҳунармандона муносибат кардааст. Аз ин рӯ, тасмим гирифта шуд, ки дар доираи ин мақола истифодаи сифатҳои аслӣ ва баъзе вижагиҳои онҳо дар ашъори шоири ширинкалом Ҳақназар Ғоиб мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Мусаллам аст, ки таҳқиқу баррасии сифат ҳамчун ҳиссаи нутқ дар гурӯҳи забонҳои эронӣ, аз ҷумла тоҷикӣ таърихе дорад. Аввалин мулоҳизаҳои дар ин хусус баёншуда ба нимаҳои асри XIX мутааллиқ буда, нахусттин шахсе, ки ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ кардааст, забоншиноси Русия И.Н. Берёзин маҳсуб меёбад. Ӯ вижагиҳои сифати забони форсиро мавриди баррасии хеш қарор дода, қайд мекунад, ки бо исм фақат сифатҳои аслӣ ва баъзан сифатҳои мураккаб омада метавонанд [2, с. 56].

Дар як қатор адабиёти илмӣ доир ба вижагиҳои сифат ва навъҳои он, аз ҷумла сифатҳои аслӣ андешаҳои ҷолиб баён гардидааст. Барои мисол нигоштаи забоншинос А.Абдуқодировро доир ба корбурди сифатҳо дар назми Мирзо Турсунзода меоварем, эшон дар бобати ба сифати сифатчинӣ истифода шудани калимаҳои мансуби сифати аслиро, чун: зебо, сиёҳ, сафед, тару тоза ва амсоли инҳоро истифода кардааст [1, с. 45].

Дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ»-и Ш. Бобомуродов, З. Мухторов доир ба сифати аслӣ маълумоти назаррас оварда шудааст [3, с. 157]. Муҳаққиқони дигар, чун: Р. Ғаффоров [5, с. 14], Б. Камолиддинов [8, с. 10], С. Низомова [9, с. 26], С.Ҳалимов, К.Шукурова [12, с. 5], С. Хоркашев (С.Раҳматуллозода) [11, с. 45], Д. Ҳомидзода [13, с. 67], Х.Табарзода [10, с. 76], Х. Зоиров [7,с. 56] ва амсоли инҳо дар бобати сифатҳо ва хелҳои онҳо, вазифаҳои сарфию калимасозӣ ва вазифаҳои дастуриашон маълумоти ҷолиб додаанд.

Сифатҳои аслӣ як қатор вижагиҳои луғавию дастурӣ доранд. Онҳо аломати ашё, ҳодиса ва воқеаро бевосита ифода менамоянд: калон, хушбахт, муқаддастарин. Сифатҳои аслӣ аломати ашёро дар шакли сода ҳам ифода мекунанд, чунки бештарини онҳо аз рӯйи баромад калимаҳои аслӣ -решагӣ буда, ба давраи қадимтарини забон мансубанд: нек, бад, гарм, хунук, сурх, тоза, калон, бузург, пир, нав. Сифатҳои аслӣ дараҷа доранд: одӣ, муқоисавӣ, олӣ, камӣ (хурдию навозиш), зиёдӣ: хубтар, хубтарин, суп-сурх, ниҳоят зебо, сафедча, сурхтоб. Ба тарзи антоним ва синоним воқеъ мешаванд: одати **бад – нек,** девори **паст – баланд,** умри **дароз – кӯтоҳ,** меваи **талх – ширин, ҳавои гарм – хунук,** дурӯғи маслиҳатомез – рости фитнаангез; калон, бузург, аъзам, кабир; хуб, нағз, беҳ, хуш [6, с. 13].

Такрор шуда, дараҷаи олии аломати ашёро ифода менамояд: қадамҳои **калон – калон,** барфҳои **паҳн – паҳн.**

Ҷиҳати махсуси сифати аслӣ ин аст, ки дар вожаҳои ифодакунандаи он аломати ашё метавонад тағйир ёбад: ширин, ширинтар, ширинтарин, хеле ширин, бағоят ширин, каме ширин, ширинак.

Ҳамин тавр, сифат ҳиссаи мустақилмаъно ва номии нутқ буда, аломат, хусусият ва хосияти шахсу ашёро бевосита ва ё аз рӯйи муносибати ба ашёҳои дигар доштааш мефаҳмонад ва ба гурӯҳҳои сифати аслӣ ва нисбӣ ҷудо мегарданд, ки мо чанд вижагии сифатҳои аслиро ҳангоми корбурд дар ашъори шоир Ҳақназар Ғоиб мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Сифатҳои аслӣ чунин аломатҳоро ифода карда метавонанд:

-ранг [сурх, сафед, кабуд, зард, сиёҳ ва ғ.]:

Дар ҷаҳон, бар одамӣ **шайтони зард**
Оҳу дард афзояд афзун, оҳу дард..... [15, с. 133].

Дар ин мисол сифати аслӣ дар қолиби ибораи изофии исм+сифат ифода ёфта, ба маънои маҷозии хислати пастии одамон омадааст.

Як ба духтарҳо бидӯшад гов,
Гови **зарди** ахтаронро ӯ [15, с. 192].

Шафақ чун саллаи **сурх**и сари кӯҳ,
Ба печу тоб чун омад? Хуш омад [15, с. 71].

-хуни сурх ва мазмуни сурх:

Хуни сабзам пур кунад бо хуни **сурх,**
Худкушиям бахшад аз мазмуни **сурх** [15, с. 113].

-шоми сиёҳ:

Хуфтанаш бошад ба ҳар шоми **сиёҳ**
Хуфтани хуршед андар шомгоҳ [15, с. 92].

Дар ифодаи **шоми сиёҳ** сифати аслӣ вожаи сиёҳ буда, аломати замонро ифода кардааст.

-деви сиёҳ:

Сиёҳӣ сарнавиштеро набошад,
Ту он деви **сиёҳ**и сарнавиштӣ [15, с. 119].

Вожаи ифодакунандаи сифати аслии **сиёҳ** барои муайян кардани рангу аломати дев номи ҳайвони бадвоҳима омада, ба маънои маҷозӣ далолат мекунад.

-гунбази сабз:

Гунбази **сабзи** осмон бошад,
Кӯҳсорони сабздомонаш [15, с. 27]

Вожаи **сабз** чи хел будани гунбадро ифода кардааст.

-сатҳу масоҳа ва ҳаҷм [дур, наздик, рост, васеъ, гарон, паст, паҳн, кӯтоҳ, чап ва ғ.]:

-хоби гарон:

Ишқ хоҳад инқилоби нав ба ҷон,
Мурда ҳам мехезад аз **хоби гарон** [15, с. 144].

Вожаи **гарон** бо исми **хоб** ҳолати ашёро муайян кардааст.

-чархи дур:

Канда шав зи **чархи дур**, эй хаёлҷӯйи роҳ,
Дар замин бинеҳ поят, бин ба пеши рӯят моҳ [15, с. 99].

Ифодаи **чархи дур** дар қолаби ибораи изофӣ бар муайян кардани масоҳа омадааст.

-дузди паст:

Бой дар зоҳир бувад яздонпараст,
Лек ӯ дар асл бошад **дузди паст** [15, с. 140].

Вожаи ифодакунандаи паст ба маънои маҷозии хислат омада, тобиши маънои матнро афзун кардааст.

-дасти боло

Маргро сад чашму сад по додааст,
Аҳриманро дасти **боло** додааст [15, с. 141].

Дар ифодаи **дасти боло** вожаи боло, ки сифати аслӣ аст, ба маънии маҷозӣ омада, беҳтару бартарӣ доштанро ифода мекунад.

-нойи танг:

Чанг мезанад нола нойи **танги** булбулро,
Мебаранд пеши Ғӯл хандахонаи гулро [15, с. 80].

Шоир дар байти мазкур дар ифодаи **нойи танг** ҷиҳати нишон додани ҷойгоҳи овозро нишон додааст.

-раҳи рост:

Худо гӯям, ба ҷон сад арш фарёд,
Ки бахшад Шарқро руҳам **раҳи рост** [15, с. 91].

Ифодаи **раҳи рост** ба маънои маҷозии роҳи дуруст, мувофиқ ва созанда омадаст.

-хусусияти ашёҳое, ки бо узвҳои ҳис дарк мешаванд [ширин, талх, гарм, сард ва ғ.]:

-лаби ширин:

Чанги Зӯҳра дар **лаби ширин,**
Гирди модар давра ороянд [15, с. 192].

Ифодаи **лаби ширин** ба маънои маҷозӣ омадааст.

- оҳи талх:

Ман будам дар хокбуми поки Балх,
Хезад аз ҳар кӯҳнадевор **оҳи талх** [15, с. 141].

Ифодаи **оҳи талх** низ ба маънои маҷозӣ омада, яъне оҳи бисёр пурдард аст.

-санги сард:

На! Садои ғайбиест аз малоикоғӯше,
Бишканад ба лабҳоям **санги сарди** хомӯшӣ...

Дар баёни ифодаи **санги сарди хомӯшӣ,** ки хислату аломати оромӣ, ботамкинӣ ва амсоли инҳо фаҳмида мешавад.

-аломати ҷисмонии шахс ва ҳайвонот [зӯр, пир, суст, заиф, хароб, фарбеҳ, кар, гунг, ланг ва ғ.]:

-Рустами зӯр:

Ба раҳ чашмингизори Рустами **зӯру** шарафманд аст....
Дареғо бе ҳузури Рустамаш дар ҳасрати лутфи
Худованд аст,
Дареғо**.....** [15, с. 176].

Дар баёни ифодаи **Рустами зӯр,** ки нерумандиву паҳлавонии Рустами достон чун санъати талмеҳ ифода ёфта, хислату аломати тавоноии шахсро ифода кардааст.

-хусусиятҳои маънавии одамон [оқил, доно, ғамхор, бахил, дағал, шуҷоъ ва ғ.]:

-ҷумлаи нодон:

Пуштибон набвад ба нодорон Худо,
Мепарастад ҷумлаи **нодон** Худо [15, с. 140].

Дар баёни ифодаи **ҷумлаи нодон** вожаи ифодакунандаи сифати аслии **нодон** ба маънои муқобили **доно** омадааст.

-шуҷоъ:

Ки Беки диловар чу марди **шуҷоъ,**
Бихезад ба теғу ба зубин зи ҷо [11].

Дар баёни ифодаи **марди шуҷоъ** аломати тавонмандӣ ифода ёфтааст.

Сифатҳои аслие, ки аломати зоҳири шахсро ифода мекунанд:

Сад ҳазор **зебо**ист дар лабони хандонаш,
Чарх мезанад гардун гирди чархи домонаш [15, с. 80].

Дар мисоли боло ибораи сад бор зебо бо сифати аслии дараҷаи одии зебо ифода ёфта, барои ифодаи тасвиру манзара ва лаҳзаи замон мусоидат кардааст.

Барои ифодаи замони зиндагии инсон омадааст. Дар мисолҳои поён истифодаи сифатҳои аслӣ дар ашъори шоир Ҳақназар Ғоиб доир ба замони зиндагии инсони воқеӣ ба таври зерин ба мушоҳида расид:

Гуноҳаш буд он ки ҷавонмард буд,
Нигоҳаш ба бадхоҳи худ **сард** буд [15, с. 65].

Дар мисоли боло сифати аслии **сард** дар таркиби **нигоҳи сард доштан** омадааст ва барои ҷолиб баромадани мазмун мусоидат кардааст.

Биё, **хулқи сабз** гардад то ба ҷони ман,
Ҳарири нур андозад ба поят осмони ман [15, с. 103].

Дар мисоли боло ибораи **хулқи сабз** бо сифати аслии дараҷаи одии сабз ифода ёфтаст.

Сохта аз нур ҷоми лаб,
Пайки ширинии зарринҷом бар комам расонӣ ту [15, с. 110].

Дар мисоли боло ибораи **пайки ширинии зарринҷом** бо сифати аслии дараҷаи одии ширин шакл гирифтааст.

Фалак дар ханда буд он **шоми зебо**
Аз ин **досу** аз он рӯи чу лола [15, с. 97].

Дар мисоли боло ибораи **шоми зебо** бо сифати аслии дараҷаи одии зебо шакл гирифтааст.

Ҳастияш савдо чу имонаш шавад,
Чархи **зебо** гӯру зиндонаш шавад.
Пас сиёсат ҳам сиёҳияш диҳад,
Як сиёсанге сари гӯраш ниҳад [15, с. 132].

Дар мисоли боло ибораи **чархи зебо** бо сифати аслии дараҷаи одии зебо шакл гирифтааст

Гӯиё дар уст ҳукми **хуб**у сарнавишт,
Дар ҷаҳон аз уст ҳукми **хубу зишт** [15, с. 129].

Дар мисоли боло ибораи **ҳукми хубе зишт** бо сифати аслии дараҷаи одии хуб шакл гирифтааст.

Чанги Зӯҳра дар **лаби ширин,**
Гирди модар давра ороянд [15, с. 192].

Дар мисоли боло ибораи **дар лаби ширин** бо сифати аслии дараҷаи одии ширин шакл гирифта, дар қолаби ибораи изофӣ ифода ёфтааст.

Ман будам дар хокбуми поки Балх,
Хезад аз ҳар кӯҳнадевор **оҳи талх** [15, с. 141].

Дар мисоли боло ибораи **аз ҳар девор оҳи талх хестан** ибораи феълии фразеологӣ бо сифати аслии дараҷаи одии талх шакл гирифта, дар қолаби ибораи изофӣ ифода ёфтааст.

Ишқ хоҳад **инқилоби нав** ба ҷон,
Мурда ҳам мехезад аз **хоби гарон** [15, с. 144].

Дар мисоли боло ибораҳои **инқилоби нав** ва **хоби гарон** бо сифатҳои аслии дараҷаи одии нав ва гарон шакл гирифта, дар қолаби ибораи изофӣ ифода ёфтаанд ва дорои маънои маҷозӣ мебошанд.

б) Барои ифодаи замони зиндагии инсон омадааст:

Ман аз аҳди Курушам, **куҳнасолам,**
Забони сад камолу сад заволам [15, с. 94].

Вале як зиндае бо Зиндарӯдам,
Ки ҷон бахшад ба Симурғи хаёлам [15, с. 94].

Вожаи **куҳнасо**л, ки дар мисоли боло омадааст, мансуб будан ба давраи қадимаро ифода мекунад. Дар забонамон ин вожа гунаи куҳансолро дорад, ки маънии солхӯрда, умрдида, пирро ифода мекунад. Дар пояи вожаи куҳансол калимаҳои куҳансолӣ (куҳансол будан, солхӯрдагӣ, пирӣ), куҳансохт (ба тарзу шакли кӯҳна биноёфта) шакл гирифтаанд. Ин сифати аслӣ аз калимаи кӯҳна маншаъ гирифта, дорои маъниҳои «чизи бисёр умрдида; чизи бисёр кор фармудашуда; фарсуда; муқобили нав, тоза: кӯҳна кардан, куҳна шудан; қадим, пешина, дерина; қадима, пештара; куҳансол, солхӯрда, кордида; дарди кӯҳна - бемории муддати зиёд давомкарда ва бедаво, касалии музмин; мусалласи кӯҳна - мусалласи бисёристода (бисёрсола); урфу одатҳои кӯҳна одату русуми аз замони гузашта боқимонда; кӯҳнаақида (кӯҳнапараст) ва амсоли инҳо мебошад [14, с. 638].

б) Барои нишон додани аломати ашёе, ки марбут ба ҷисми инсон ва тағйирёбии он аст, ки дар натиҷаи амалиёт ба тағйирот дучор мешавад:

Хуни сабзам пур кунад бо хуни сурх,
Худкушиям бахшад аз мазмуни сурх.
Чеҳраам аз худхӯрӣ сурхак шавад,
Авҷи ман бо хоки пояш як шавад [15, с. 113].

Дар мисолҳои боло ифодаҳои **хуни сабз** ва **хуни сурх,** ки бо сифати аслии сабз ва сурх шакл гирифта, дар шакли ибораи изофӣ ифода ёфтааст. Шоир бо ифодаҳои хуни сабз ва хуни сурх муносибати муқобилгузориро низ нишон додааст.

в) Барои нишон додани руҳияи инсон ва нишоту хурсандии он омадааст:

Модари **шабзиндадор**, хоб ту ором,
Хоби туро посбон аз дилу ҷонем [15, с. 131].

г*) барои нишон додани аломату хусусиятҳои узви инсон ва ҳолати равонии инсон омадааст:*

Гардиши афзун бикун, ***гардиши мавзун*** бикун,
Хандаи мастонае з-он **лаби майгун** бикун [15, 133].

Дар ин байт сухан дар бораи ҳаракату маҳорати нафари ҳунарманд меравад ва шоир бо як маҳорати баланд доир ба арғушт рафтани он ҳунарманд сухан ронда, хандаи мастонаву лаби майгунашро ситоиш карда, симои ҳунармандиву соҳиби маҳорат будани ӯро нишон додааст. Дар ҷойи дигар, ифодаҳои тани симгун, лаби нӯш, мисли барқи зебо дурахшидани чашмони ёр, дорои лабҳои майгуни ёқутвори маҳбубаро таҷассум карда, ҷанбаи бадеии ашъори худро баланд кардааст:

Надида касе меҳру оғӯшатон,
Тани **симгуну** лаби нӯшатон [15, с. 142].

Диҳад барқи зебо зи чашмони ёр,
Зи лабҳои **майгуни ёқутвор** [15, с. 160].

Дар мисоли дигар, ҳолати ашки гулгун гулӯгир кардани касеро инъикос мекунад, ки ифодаи ин ҳолат низ ҷанбаи бадеии ашъори шоирро афзун карда, ба хонанда ҳолати руҳии қаҳрамони лирикии худро шоир нишон медиҳад.

Ё ҷойи дигар мефармояд:

Гулӯгиратон гирад, наволаҳое бо оҳу ашки **гулгун,**
бо захму хашму хун!
ва бо лаънату нафрин!!! [15, с. 142].

Дар ифодаи **ашки гулгун** шабоҳати ашк ба монанди нил бо пасванди –гун ифода ёфта, ифодаи маҷозӣ сохтааст.

«Худоё, худоё, худоё, худо!»
Лаб шуд гули **шукуфон**
Дар чеҳраҳои **хандон** ...[15, с. 152].

Дар мисоли боло дар лаби инсон пайдо шудани ханда ва бисёр муносибу мувофиқ будан дар чеҳраи ӯро шоир дар ифодаи шоирона дар шакли «лаб шуд шукуфон дар чеҳраҳои хандон» баён дошта, муассирии онро дучанд кардааст.

Арзанда бод дар дили мо умрҳо зи меҳр
Он ки ба васфи ***марди сухандон*** варақ гирифт [15, с. 109].

Дар байти боло ишора ба сазовории умри нек ба касе насиб мегардад, ки дар хидмату эҳтироми шахсони сухандону аҳли маърифат бошад.

Пайи руҳи пири **хирадманд** шуд,
Ки бар рӯзгорам дигар панд шуд [15, с. 159].

ғ) Дар сифатсозӣ чанд пасванде дар таърихи забон ба назар мерасанд, ки дар шаклгирии сифатҳои ифодакунандаи ашёе мебошанд, ки ба амали инсонҳо рабт доранд. Албатта, ин пасвандҳое, ки то имрӯз вожаҳои беш сохтаанд, вале доираи истифодаашон дар сохтани сифатҳои нав айни ҳол маҳдуд гардидааст, ки онҳоро муҳаққиқон пасвандҳои каммаҳсул меноманд: ***-гун,-ак,-ин,-они, -бор*** [11, с. 87].

***-пасванди -бор: кӯҳи сукутбор, тали* оҳбор:**

Он по ниҳад ба зинаи болои осмон,
Боло равад зи қуллаи кӯҳи **сукутбор...** [15, с. 172].

Ба зери ***тали оҳбори*** мазор
Биосояд аз гардиши рӯзгор ... [15, с. 149].

д) Сифатҳое дар ашъори шоир мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки дар шаклгирии онҳо пасвандҳои *-она, -ёна, -вона, -гона* нақши муҳим доранд. Дар истеъмоли ин пасванд ва гунаҳои он қонунияти бо ҳамсадо тамомшавию қабул кардани ин пасванд дида мешавад. Дар мисолҳои овардаамон калимаҳои мансуби сифат бо ҳамсадоҳо тамом шуда, пасванди *-она* қабул кардаанд: *хандаи фарзона, рақси ҳакимона, базми дӯстона, сарангӯшти гадоёна, шеъри ошиқона**:***

-хандаи фарзона, нози ҳалимона, рақси ҳакимона :

Хандаи **фарзона** кун,
Нози **ҳалимона** кун.
Рақси **ҳакимона** кун ... [15, с. 133].

- базми **дӯстона, шеъри ошиқона, шеъри қудсиёна:**

Хушк шуд баҳри ашкдонаи мо,
Шуд хунук базми **дӯстонаи** мо.
Шуд нагун шеъри **ошиқонаи** мо,
Фалаки шеъри **қудсиёнаи** мо [15, с. 145].

-сарангушти гадоёна:

Дари бегонагонро бо сарангӯшти **гадоёна**
бикӯбидан,
Ба мижгони сияҳбахтию ночорӣ,
Қадамгоҳи ҷаноберо бирӯбидан [15, с. 174]

***ё*) Сифатҳое дар ашъори шоир** ба назар мерасад, ки аломат, ё ба амал ва ё ҳолате моил ё доро будани ашёро мефаҳмонад ва барои шаклгирии онҳо пасванди **-чак** нақш дошта, аз сифат ва сифати феълӣ сифате месозад:

Ки ҷони яке ҳамзабонам харам,
Дили **лахтаи хунчаконам** харам [15, с. 57].

ж) Аз исмҳо сифатҳое сохта мешаванд, ки ба аломате ё хислате соҳиб будани ашёро мефаҳмонад ва дар ин қабил сифат нақши пасванди ***-вар*** ба назар мерасад: нафаси кинавар, гаҳи дардвар, алови шуълавар, меҳри ҷонпарвар ва амсоли инҳо:

-нафаси кинавар:

Гуфтам: «Нафаси **кинавар** оғуштаи хун аст»,
Парҳез беҳ аз кина, ки модар ба гуноҳ аст» [15, с. 116].

-гаҳи дардвар:

Фиғону фиғон аз гаҳи **дардвар,**
Ки зинда ба душман диҳӣ шаъну фар.
Намирӣ ба тири зада дар ҷигар [15, с. 243]

-алови шуълавар:

Чи донӣ ҳоли ошиқро, ки дар ҷон
Алови **шӯълавар** аз ишқ дорад [15, с. 119].

-меҳри **ҷонпарвар:**

Ба ҳар ҷо соҳиби модар тавонӣ буд,
Ба ҳар ҷо соҳиби ин меҳри **ҷонпарвар** тавонӣ буд ... [15, с. 241].

3) Бо воситаи пасванди **-гун** аз исм ва сифат сифатҳое месозад, ки аз ягон ҷиҳат ба маънои дар реша баёншуда монанд будани ранги ашёро ифода мекунад: **лабҳои майгун, тани симгун** ва амсоли инҳо. Зимни ин мисол ифодаи шабоҳатро дорад:

Диҳад барқи зебо зи чашмони ёр,
Зи лабҳои **майгуни** ёқутвор. [15, 160]

Надида касе меҳру оғӯшатон,
Тани **симгуну** лаби нӯшатон [15, с. 142].

и) Барои аз исмҳо сифати аслӣ сохтан нақши пешванди бе- зиёд аст, ки ба аломати дар асос номбаршуда молик набуданро мефаҳмонад: *шаби безиё, мурдагони бепаноҳ, тани бесамар, сари бепаноҳ, лашкари бешумор, дили бедареғ ва ғ.:*

-шаби **безиё:**

Кушоед рӯро ба шарму ҳаё,
Ба мисли чароғи шаби **безиё**... [15, с. 142].

-мурдагони бепаноҳ:

Болои мурдагон, мурдагони **бепаноҳ**!
Ризқ меҷӯянд бемоягон, ризқ аз мурдагон! [15, с. 140].

-тани **бесамар:**

Намондам ба дунё тани **бесамар**,
Ки доман будам пур зи файзи саҳар... [15,с. 123].

-сари **бепаноҳ, тани бегуноҳ:**

Сари **бепаноҳам** кунун холӣ аст,
Тани **бегуноҳам** кунун холӣ аст ... [15, с. 112].

-лашкари **бешумор:**

Равам, ғун кунам лашкари **бешумор**,
Зи Марву Самарқанду мулки Бухор ... [15, с. 108].

-дили бедареғ:

Дили **бедареғат** ҷазояш диҳад,
Хурӯшу ситезат ҷазояш диҳад ... [15, с. 101].

к) Дар ифодаи сифатҳои ифодагари аломату хусусият ва хислати шахс дар ашъори шоир пешванди **но-** низ нақши муайян дошта, пешванди мазкур дар сохтани сифат нисбат ба пешвандҳои дигар сермаҳсул ва серистифода буда, аз ҳиссаҳои **гуногуни** нутқ сифати аслӣ месозад, ки акси маънои асос, молик набудани мавсуфро ба он ифода мекунад ва ё ҳолати ашёро мефаҳмонад:

- аз исм: шаби **номурод, гӯри нороҳат,** бачаи **ноодам;**

Ба ҷонам аз ин як шаби **номурод**
Абад дарду доғи надомат задӣ,

-гӯри **нороҳати** Таҳмтан:

Сари гӯри **нороҳати** Таҳмтан,
Сари хоби марговари марду зан [15, с. 121].

-аз сифат: манзилгаҳи **номукаммал:**

Ҳама гӯшае аз таваккал зиянд,
Ба манзилгаҳи **номукаммал** зиянд [15, с. 116].

л) Дар ифодаи сифатҳои ифодагари аломату хусусият ва хислати шахс дар ашъори шоир пешванди **пур-** низ нақши муайян дошта, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифати аслӣ месозад ва барои муайян кардани вазъи қаҳрамони шоир мусоидат кардааст, ки акси маънои асос, молик набудани мавсуфро ба он ифода мекунад ва ё ҳолати ашёро мефаҳмонад:

-роҳи **пурфитна**

Дар ин роҳи **пурфитна** ҳайрон шудам,
Парешон, парешон, парешон шудам,
Хазонрӯ, фиғондил, гаронҷон шудам [15, с. 58].

-ишқи **пурҷунун**

Аз ҷӯши ишқи **пурҷунун**, аз бӯсаю канор,
Сад ҷӯйи об ҳам хурӣ, лабташна бинамат [15, с. 86].

Ҳамин тавр, истифодаи сифатҳои аслӣ ва ба воситаи онҳо ифода ёфтани сифатҳои ифодагари аломату хусусият ва хислати шахс дар ашъори Ҳақназар Ғоиб моро ба чунин натиҷагирӣ овард:

а) Дар ашъори Ҳақназар Ғоиб сифатҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои изофӣ омада маънои маҷозиро ифода мекунад.

б) Дар ашъори Ҳақназар Ғоиб сифатҳои аслӣ ҳолату аломати ҳодисаву воқеаҳоеро ифода мекунад, ки ба ашхос тааллуқ дошта, вижагиҳои узвҳои бадани инсонро бо маънои маҷозӣ мавриди тасвир қарор додааст.

в) Сифатҳои аслии ашъори шоир аз нигоҳи сохтор ба гурӯҳҳои сода (сурх, сабз, сиёҳ), сохта (боақл, бешумор, лолагун, майгун), мураккаб (шабзиндадор, куҳансол ва амсоли инҳо) ва таркибӣ (гӯри нороҳат, базми дӯстонаи мо ва амсоли инҳо) тақсим мешавад, ки сифатҳои аслии сохта ва мураккаб нисбатан миқдорашон бештар мебошад.

Адабиёт:

1. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров. – Душанбе, 1988. – 124 с.
2. Берёзин, Ф.М. История русского языкознания // Ф.М. Берёзин. – М.: Наука, 1980. – С. 56.
3. Бобомуродов, Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ//Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. – Душанбе, 2016 . – 430 с.
4. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р. Ғафоров.– Душанбе, 1966.–224 с
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Лексикология, фонетика ва морфология.– Душанбе, 1973.–480 с.
6. Зоиров, Х. Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи арабӣ дар осори мансури Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / Х.Зоиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Д: Сино, 2023. – №6. – С. 43-49.
7. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б.Камолиддинов. – Душанбе, 1967. – С.3-56.
8. Низомова, С.Ф. Калимасозии пасвандҳо дар забони адабии тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеӣ ва публисистии С.Айнӣ) / С.Ф. Низомова. – Душанбе, 2021. – 146 с.
9. Табарзода, Х.Н. Пасвандҳои сифатсоз ва истифодаи онҳо дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ / Н.Х. Табарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Д: Сино, 2025. – №1. – С. 32-40.
10. Хоркашев С. (Раҳматуллозода С.) Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ / С. Хоркашев.–Душанбе, 2014.–106 с.
11. Ҳалимов С. ва Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С. Ҳалимов.– Душанбе, 1988.– 96 с.
12. Ҳомидзода, Д. Шевашиносӣ. Китоби дарсӣ / Д.Ҳомидзода. – Душанбе, 2023.- 224 с.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2008. – С. 638].

Манбаъ:

14. 15.Ҳақназар Ғоиб. Ашки Офтоб. – Душанбе, 2005. – 180 с.

СИФАТҲОИ АСЛӢ ВА БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ОНҲО ДАР «АШКИ ОФТОБ»-И ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

Дар мақолаи мазкур мавқеи сифатҳои аслӣ ва баъзе вижагиҳои онҳо дар ашъори Ҳақназар Ғоиб мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бояд гуфт, ки ашъори шоир аз ҷониби муҳаққиқону мунаққидон дар нақди адабӣ баҳои сазовор гирифтааст ва пайваста доир ба сабку эҷодиёти ин шоири тавоно дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва маҷаллаҳои илмӣ-адабӣ мақолаҳо ба табъ мерасанд. Маълум аст, ки сифати аслӣ дар ашъори шоир барои ифодаи аломат, вижагӣ ва хосияти шахсу ашёро бевосита ва ё аз рӯйи муносибати ба ашёҳои дигар доштааш мефаҳмонад. Аз ин рӯ, чанд вижагии сифатҳои аслӣ барои ифодаи аломату хусусият ва хислату характери шахс дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил қарор гирифт ва маълум гардид, ки ин вижагӣ дар ашъори шоир хеле барҷаста инъикос ёфта, барои пурҷило баромадани маъно ва мазмуну сохтори ашъори шоир мусоидат кардааст.

Калидвожаҳо: сифат, ҳиссаи нутқ, калимасозӣ, асос, пасванд, сода, сохта, мураккаб, аслӣ, нисбӣ, аломат, вижагӣ, ифода, шоир, хислат, ҳолат, ашъор, муносибат, маънӣ, сохтор, овоз ва ғ.

КАЧЕСТВЕННЫЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ И НЕКОТОРЫЕ ИХ ОСОБЕННОСТИ В СБОРНИКЕ «АШКИ ОФТОБ» («СЛЕЗА СОЛНЦА») ХАКНАЗАРА ГОИБА

В данной статье анализируется роль качественных прилагательных и их некоторые особенности в поэзии Хакназара Гоиба. Следует отметить, что поэтическое творчество поэта получило высокую оценку исследователей и критиков в литературной критике, и на страницах периодической печати и научно-литературных журналов регулярно публикуются статьи, посвященные стилю и творчеству этого выдающегося поэта. Известно, что качественные прилагательные в поэзии поэта служат для выражения признаков, особенностей и свойств лиц и предметов непосредственно или через их отношение к другим предметам. В связи с этим в статье проанализирован ряд особенностей качественных прилагательных, используемых для выражения признаков, свойств и характера человека. Установлено, что данные особенности ярчайшим образом отражены в поэзии поэта, способствуя выразительности смысла, содержания и структуры его стихотворных произведений.

Ключевые слова: прилагательное, часть речи, словообразование, основа, суффикс, простое, производное, сложное, качественное, относительное, признак, особенность, выражение, поэт, характер, состояние, поэзия, отношение, смысл, структура, звук и др.

QUALITATIVE ADJECTIVES AND SOME OF THEIR FEATURES IN HAQNAZAR GOIB'S COLLECTION «ASHKI OFTOB» («TEAR OF THE SUN»)

This article analyzes the role of qualitative adjectives and some of their features in the poetry of Haqnazar Goib. It should be noted that the poet's poetic works have been highly praised by researchers and literary critics, with articles dedicated to the style and literary output of this distinguished poet regularly published in periodicals and scientific-literary journals. Qualitative adjectives in the poet's works serve to express the attributes, characteristics, and properties of persons and objects either directly or through their relationship to other objects. In this regard, the article examines several features of qualitative adjectives used to portray human attributes, traits, and character. It is established that these features are vividly reflected in the poet's poetry, enhancing the expressiveness of the meaning, content, and structure of his poetic works.

Keywords: adjective, part of speech, word formation, stem, suffix, simple, derivative, compound, qualitative, relative, feature, characteristic, expression, poet, trait, state, poetry, relation, meaning, structure, sound, etc.

Маълумот дар бораи муаллифон: Шерафгани Ҷамъа, докторанти (PhD)-ии кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: 992 98 795 43 92; Почтаи электронӣ: sherafgan-jama@email.ru

Мавлонзода Шуҳрат Мавлон, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992) 935885147. E –mail**:** shuhrat_b@mail.ru

Сведения об авторах: Шерафгани Джамъа, докторант (PhD) кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (+992) 98-795-43-92; Электронная почта: sherafgan-jama@email.ru

Мавлонзода Шухрат Мавлон, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета.

Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 93-588-51-47; E-mail: shuhrat_b@mail.ru

Information about the authors: Sherafgani Jam'a, (PhD) student at the department of linguistics and history of language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov st., 16. Tel.: (+992) 98-795-43-92; E-mail: sherafgan-jama@email.ru

Mavlonzoda Shukhrat Mavlon, candidate of philological sciences, associate professor at the department of modern tajik literary language, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17 Tel.: (+992) 93-588-51-47; E-mail: shuhrat_b@mail.ru

Муқарриз: Раҳимов А., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ 822.221.8.08

АВАСТО ВА ХОРАЗМ: БАРРАСИИ ТАЪРИХӢ ВА ПАЖУҲИШҲОИ ЛЕКСИКИЮ ОВОӢ

Зулфираи С., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аксари авастошиносон дар пажуҳишҳои худ зикр мекунанд, ки минтақаи эҷоди Авасто Турони қадим, бахусус воҳаи Хоразм мебошад. Муҳаққиқ Е. Захау дар асари худ «Оид ба таърих ва замоншиносии Хоразм» (1873) вобаста ба топоними «Кайризао», ки дар матни «Авасто» омадааст, зикр мекунад, ки ин ҷо аслан Хоразм буда, маънои «кайри»-ро дорад: ғизо, «зао - замин, яъне кишваре, ки дар он ғизои фаровон аст» [Захау, с. 22].

Дар Хоразм навишта шудани «Авасто»-и пайғамбар Зардуштро С.П. Толстов зикр карда, чунин менависад: «Хоразм на танҳо маркази сиёсии ҳудудҳои ориёӣ, балки сарчашмаи пайдоиши фарҳангу дини авестоӣ низ мебошад» [Толстов, с. 81]. Ҷойи дигар зикр мекунад: «Ҳамаи маълумоти бадастомадаи таърихию ҷуғрофӣ ва фолклорӣ моро ба ин натиҷа овард, ки Хоразми Бостонӣ ва ҳавзаи поёноби дарёи Ому ва Сир гаҳвораи нахустини дини зардуштӣ ва макони таълифи сурудҳои муқаддаси «Авесто» мебошад» [Толстов, с. 84].

Муҳаққиқ А. Аҳмадов мулоҳизаҳо оид ба усули давлатдории дар «Авасто» овардашударо таҳлил намуда, мавҷуд будани далелҳои сершумори дар Хоразм пайдо шудани ин асарро тасдиқ намуда, дар ин хусус чунин менависад: «1. Китоб ба забон ва хатти хоразмӣ навишта шудааст; 2. Дар Хоразм мавҷуд будани ҷойномҳои марбут ба эътиқоди динии оташпарастон» [Аҳмадов, с. 112].

Муҳаққиқ Ш. Бекҷонов дар бораи офариниши «Авасто» дар сарзамини Хоразм сухан ронда, таъкид мекунад: «Дар хусуси сарзамини Хоразми бостонӣ офарида шудани бахшҳои қадимии «Авасто» далелҳои боэътимоди таърихӣ, ҷуғрофӣ ва лингвистӣ шаҳодат медиҳанд. Муҳити ҷуғрофие, ки дар «Вандидот» ва «Яшто» тасвир ёфтааст, аз ҷумла мавқеи обҳо, чарогоҳҳо ва иқлими сард, бештар бо даштҳо ва воҳаҳои Хоразми қадим ва ҳавзаи поёноби дарёи Ому мувофиқат мекунад. Бинобар ин, Хоразм на танҳо яке аз марказҳои аввалини паҳншавии дини зардуштӣ, балки ватани аслии пайдоиши матнҳои муқаддаси он аст» [Бекҷонов, с. 42].

Бархе аз муҳаққиқон ба хулосаи қатъӣ меоянд, ки асосгузори дини зардуштӣ Спитама (маънои «шутуррон») аз Хоразм будааст. Зеро яке аз 16 кишвари «офарида»-и Аҳурамаздо - Арянам Вайеҷа («Кишвари ориёиҳо») буд, ки Маркварт, В. Бартолд ва сипас Гамашек, Гейгер, Гертсфелд, Андриас, Тари ва дигарон онро Хоразм медонистанд.

Арянам Вайеҷа (Ориёи Бузург) Пурата (Парфия), Гава (Суғдиёна), Моура - воҳаи Марв ва Хоразмро дар бар мегирифт: «Ҷуғрофиёи таърихии «Авасто» гувоз аст, ки ҳудуди

куҳани аҷдодии мо аз Арянам Ваёеҷа (Ориёнои Вич) оғоз ёфта, вилоятҳои бузурге чун Гава (Суғди бостон), Моуру (воҳаи сарсабзи Марв), Пурата (Парвия) ва Хоразми қадимро дар бар мегирифт ва зербинои тамаддуни бузурги ориёиро ташкил медод» [Авасто, с. 14].

Бархе муҳокимаҳо оид ба ономастикаи «Авасто» ва иртибот бо топонимҳои Хоразм дар китоби Исо Ҷабборов «Давлати Хоразмшоҳиёни Бузург» омадааст. Ба ақидаи ӯ, маълумоти олиму муҳаққиқи Юнони қадим Страбон дар бораи массагетҳои минтақаи Арал ба халқҳое дахл дорад, ки дар Хоразм зиндагӣ мекарданд. Илова бар ин, «Баҳри Вурукарта», ки дар «Авасто» тасвир шудааст ва «Сарзамини Кӯлҳои Бузург», ки дар он обҳои табиӣ фаровон аст, воқеан ҳам ба Хоразм дахл дорад. Олиму муҳаққиқ ба ақидаи дар бисёр китобҳо овардашуда дар бораи Хоразм будани «Арянам Вайеҷа»-и «Авасто» мувофиқ буда, ба хулосае меояд, ки Кангюй аз солномаҳои Чин, минтақаи Кангҳо аз «Авасто» низ Хоразмро таъриф мекунанд.

Ҳамин тариқ, азбаски офариниши «Авасто» дар қаламрави Хоразми бостонӣ аз ҷониби бисёре аз муҳаққиқон эътироф шудааст, аҳолии Хоразми ҳозира ҳақ доранд, ки ин манбаи нодири хаттиро мероси таърихию фарҳангӣ ва маънавию маърифатии худ донанд. Ин меросро метавон тавассути далелҳои бостоншиносӣ, этнографӣ, динӣ-фалсафӣ, таърихӣ, лексикографӣ, фолклорӣ, ҳамчунин маълумоти забоншиносӣ исбот кард.

Ба ин муносибат мехоҳем ба ҷиҳати масъалаи забонӣ ва забоншиносӣ таваққуф намуда, онро дар асоси маводи ономастикӣ баррасӣ ва арзёбӣ кунем. Бартарии маводи ономастикӣ нисбат ба маълумоти дигар бо он шарҳ дода мешавад, ки номҳои хос аз як матн ба матни дигар бе тарҷума мегузаранд, бо сохтори устувор хос буда, ба тағйироти ночиз дучор мешаванд, мазмуни таърихӣ, усутуравӣ (мифологӣ, этнографӣ, ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ ва китъаҳо, ҳамчунин аз як аср ба асри дигар, аз як насл ба насл мегузаранд.

Бар асоси ин андешаҳо мо ҳақ дорем бигӯем, ки дар муайян кардани мероси забонӣ яке аз сарчашмаҳои муътамад истифода аз маводи номҳои хос мебошад. Бар асоси ин ҳолат мо дар мавриди иртиботи ономастикаи Авасто бо ҳудуди Хоразм ва ономастикаи он бо муҳокимаҳои алоҳида маҳдуд мешавем. Таҳлили васеи мушкилот омӯзиши алоҳидаи махсусро талаб мекунад.

Аввалан, дар матни «Авасто» чунин номҳое ба назар мерасанд, ки дар ҳудуди Хоразми муосир мавҷуданд (бо тағйироти муайяни фонетикии то имрӯз). Аз ҷумла, ҷойноми «Хоразм» дар «Авасто» дар шакли «Хваиризем» вомехӯрад. Номи он дар бобулӣ Ҳумарри (Нумаризма), дар эламӣ Мага (Маразмис), дар арабӣ Xwap (Xwarizm) ва дар маъхазҳое, ки дар Хоразм ёфт шудаанд, дар шакли Xwr (Xwrzm) вомехӯранд.

Дар мавриди этимологияи ин топоним ва ба сифати тафсири охирини он метавон андешаи академик А. Муҳаммадҷоновро овард: «Номи «Авасто» дар шакли Мура ба Марями ҳозира, ба шаҳри Марв дахл дорад. Ин ҷойном дар замонҳои қадим дар забонҳои гуногун дар шаклҳои Mage, Margu, Magvies, Margu, Magguos пайдо шудааст. Бархе муҳаққиқон ҳудуди муайянкардаи ин ҷойномро яке аз воҳаҳои офаридаи Аҳуро Маздо медонанд» [Муҳаммадҷонов, с. 24-28].

Ин ном дар «Авасто» ба шакли «спандудет» низ омадааст. Дар баъзе забонҳо зуҳуроти Spandtot дорад (спандиот, спандармоз). Муҳаққиқон ин номро ба маънои «ақли пок, офаридгори ақл» ё «спакта» - некӯкор маънидод мекунанд. «Ас-фандиёр, Асфандиёр инъоми руҳи муқаддас, яъне атои худо ё спанд - аз номи гиёҳи шифобахш (садаф)» [Бегматов, с. 48].

Сониян, номи феълии ашё ва номи он дар «Авасто» аз ҷиҳати шакл ба ҳам мувофиқ нест, онҳо номҳои тамоман дигаранд. Аммо объект ё ҳудуди муайянкардаи ин ҷойномҳо ба Хоразм марбут аст. Дар чунин мавридҳо метавон тахмин кард, ки номи авастоии ашё бо ономастикаи таърихии Хоразми бостон алоқаманд аст. Ба унвони мисол номҳои Амударёро овардан мумкин аст. Номи он дар «Авасто» да Ранга дарҷ шудааст: Аракс / Аранг / Арангха / Аранха / Аранхта / Ранхаро муҳаққиқон ба Амударёи кунунӣ марбут медонанд. Дар ин бора бисёр олимону муҳаққиқон навиштаанд, аз ҷумла, С.П. Толстов, В.В. Бартолд, Я. Ғуломов, Г.П. Снесарев ва дигарон.

Ҳақиқати ин тахминҳои олимону муҳаққиқон дар солҳои охир тавассути таҳлили муфассал дар як қатор мақолаҳои муҳаққиқ М. Ҷӯраев оид ба этнография, мифология, ақидаҳои динии Хоразм, ҳамчунин маводи ономастикӣ тасдиқ карда шудааст [Ниг.: Джураев М., 2002].

Ба андешаи мо, парастиши Ардвисура Аноҳито, ки бевосита бо парастиши Амударё иртибот дорад, дар Авасто дарёе, ки ҳамчун рамзи ин олиҳаи зебо зуҳур мекунад, Ранҳо ном дорад. Бинобар ин, ҷойноми Аранха/Аранг, ки истилоҳи авастоии Амударё мебошад, ҳангоми худогардонии парастиши ин дарёи қадим аз ҷойномҳо васеъ истифода шудааст.

Аранг/Аранх ҳамчун рамзи мифологии фаровонӣ, некӯаҳволӣ, шукуфоӣ муаррифӣ мешуд. Аранхо/Аранг яке аз образҳои анъанавии асотири Хоразми қадим аст. Дар заминаи рушди пайгиронаи афкори афсонавӣ дар бораи ӯ ва таҳаввулоти чандинасра парастиши Аранҷа ташаккул ёфт.

Сеюм, номи дар «Авасто» дидашуда ҳоло дар ономастикаи Хоразм нест, аммо сюжетҳои мифологӣ, маводи этнографӣ ва фолклории марбут ба Хоразм тасдиқ мекунанд, ки ашёи бо ин ном муайяншуда ба Хоразм тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, ангезаи қадима, ки асоси ҷойном шуда буд, ниҳоят худи номи хос ба ҳамин минтақа марбут аст.

Таҳлили илмӣ дар таълифоти муҳаққиқон С.П. Толстов, Я. Ғуломова, И. Ҷаббаров, Г.П. Снесарев, М. Ҷӯраева имкони тасдиқи асотирӣ ва маводи фолклории аҳолии Хоразмро нишон медиҳанд, ки решаҳои ирсӣ, мифологии ҷойномҳо, номи як қатор образҳо аз Авасто.

Чаҳорум, ҷисмҳо ё унсурҳои таркиби ҷойномҳои алоҳидаи феълӣ дар Хоразм дар забони Авасто низ вомехӯранд ва онҳо барои пайвастани номи хос бо низоми топонимии қадим хизмат мекунанд. Аз ҷумла, ба ақидаи муҳаққиқ М. Ҷӯраев, номи «Аран» дар парастиши обии Аранҷа воқеан як зуҳури шакли аранист [Ниг.: Джураев М., 2002].

Номи духтари маҳбуби Аҳурамаздо Ардви Сура (Аноҳито) дорои маъноҳои Ардвӣ - об, Сура - пуроб аст. Суффикси ар//ир аз сохти худ ба калимаи «арна» марбут аст, ки дар Хоразм маънои «ҳандақи калон», «канал»-ро дорад: мисли Киличарн, Мангитарн, Шовотарн.

Дар «Авасто» калимаи «оп», яъне об, канал низ омадааст. Ин таркиб дар Хоразм дар таркиби гидронимҳои Полвоноп, Хоноп ва ғайра вомехӯрад [Саймиддинов, с. 124].

Панҷум, дар «Авасто» чунин номҳои хос низ мавҷуданд, ки ба воситаи онҳо муайян кардани номи кадом ашё ё ҳудуд будани онҳо мушкил аст. Барои намуна, Ванхви, Датё, Датия, Данти, Рахна (баъзе муҳаққиқон онҳоро номи Амударё медонанд), Зарнумат, Хаетумант, Хвастра, Фрадата, Хваспа, Хварнахват, Витанхуат, Фраздан (номи дарёҳо), Чайчас, Ворукаш, Кансава (кӯлҳо), Ҳарати, Зардаз, Ушида, Эрзиф, Эразур, Раодита, Мазишва, Эрзиш, Ватигайс, Адарана, Хаманкун, Вашан, Видван (кӯҳҳо) ва номҳои дигар қаламравҳо.

Дар бораи мавзеъҳо (объектҳое), ки бо ин ҷойномҳо муайян карда шудаанд, ақидаҳои гуногун мавҷуданд.

Аз сабаби он ки «Авасто» дар Хоразм офарида шудааст, ҳоло як қисми муайяни ин номҳо ба қабати ғайрифаъолияти (мурда)-и ономастикаи таърихии Хоразми бостон алоқаманд аст. Инро метавон таҳқиқи оянда дар ин соҳа нишон диҳад. Андешаи бостоншинос, муаррих ва этнографи маъруфи рус С.П. Толстов ин гуфтаҳоро пурра мекунад, ки чунин гуфтааст: «Маданияти Хоразми бостонӣ ва сохтори калимасозии он нишон медиҳад, ки решаҳои ин фарҳанг бо даврaҳои аввалини тамаддуни авастоӣ пайванди ногусастанӣ доранд. Бисёре аз номҳои ҷуғрофӣ ва қавмие, ки имрӯз дар ин манотиқ ба шумори номҳои ғайрифаъоли тиллоии забон табдил ёфтаанд, танҳо ба воситаи муқоиса бо матнҳои ҷуғрофии Авасто қобили тавзеҳу ташреҳ мебошанд» [Толстов, с. 92-91].

Албатта, на ҳамаи номҳои хосе, ки дар «Авасто» омадаанд, ба ономастикаи Хоразм иртибот доранд. Як қисми муайяни онҳо номи мавзеъҳое мебошад, ки берун аз Хоразми қадим воқеъ гардидаанд. Ин масъала омӯзиши махсус ва муфассалро талаб мекунад.

Хоразм. Хоразм (дар Яшти 10, 14-и «Авасто» «Хваиризем») дар гузашта яке аз сарзаминҳои қадими ободон ва шукуфони мардуми эронинажод буд, ки Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» аҳли онро «...шохае аз дарахти азим ва шохобе аз дарёи форсиён»

[Берунӣ, с. 47] медонад. Ба андешаи бархе аз муҳаққиқони таърихи забонҳои эронӣ, аз ҷумла И.М. Оранский кишвари Аряна-Вайеҷа (авастоӣ - Аирйанем Ваеҷо > Эран-веҷ, паҳлавӣ - Эронвиҷ), ки ҳамчунин дар «Авасто» зикри он рафтаааст, Хоразм мебошад [Ниг.: Оранский 1988].

Сарзамини Хоразм, пас аз он ки дар асри III милодӣ аз шоҳигарии Кӯшониён ҷудо гардид, дар чанд асри минбаъда ба сифати давлати мустақил дар ҳаёти сиёсии Осиёи Марказӣ нақши муҳим бозид.

Забони аҳли Хоразм дар асл забони хоразмӣ буд, ки ин забон ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ ворид мешавад. Забони хоразмӣ баъди истилои араб чандин аср ҳамзамон бо забони тоҷикӣ дар Хоразм ба шакли забони гуфтугӯ боқӣ монд ва баъдан забони туркӣ ҷойгузини он шуд.

Катибаҳои забони хоразмӣ ба асрҳои III-II то милод ва асрҳои III-VII милодӣ тааллуқ доранд ва бештари онҳо аз маҳдудаи Хоразм пайдо гардидаанд. Хати хоразмӣ ҳам яке аз гунаҳои хати оромӣ мебошад. Баъди истилои араб барои ин забон муддате алифбои арабӣ ҳам истифода гардидааст.

Калимоту истилоҳоти ҷудогона аз забони хоразмӣ дар осори ҷуғрофию таърихии муаллифони арабизабон, аз ҷумла Ибни Фазлон, Истахрӣ, Самъонӣ, Ёқути Ҳамавӣ ва дигарон ба назар мерасанд, ки бештар ба асрҳои X-XIII рост меоянд.

Муҳимтарин осори забони хоразмӣ луғатномаи арабиву форсии Замахшарӣ «Муқаддимат-ул-адаб» аст, ки дар он тақрибан 40 калимаи хоразмӣ истифода шудааст. Асари дигаре, ки дар он истилоҳоти ҳуқуқии хоразмӣ гирд омадаанд ва ин асар то замони мо расидааст, «Кинят-ул-муня...»-и фақеҳи хоразмӣ Ғазминист.

Ҳамчунин, осори Берунӣ манбаи муҳимми омӯзиши забони хоразмӣ маҳсуб мешаванд. Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия», «Китоб-ут-тафҳим» ва дигар асарҳои худ номи хоразмии рӯзҳои ҳафта, моҳҳо ва идҳоро мисол оварда, дар бораи онҳо тавзеҳи кофӣ додааст.

Мо болотар дар бораи муносибати ваҳшиёнаи истилогарони араб бо сарварии Қутайба ибни Муслим нисбат ба мероси ғании адабиву фарҳангии хоразмиён, ки Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» бо таассуф онро зикр кардааст, ёдовар шудем. Ин ҷо зикри ин матлаб муҳим аст, ки Қутайба ҳамаи осори гаронбаҳои хаттии хоразмиёнро ба коми оташ кашид ва тамоми донишмандони Хоразмро, ки хати хоразмиро медонистанд, аз дами теғи хуношоми худ гузаронд ва ба ин минвол ахбору осори хоразмиёни асили эронинажодро ба боди фано дод. Дар асрҳои баъдӣ мақоми хоразмшоҳӣ ёфтани туркони дастнишондаи ғазнавию салҷуқӣ ва ниҳоят ҳамлаи лашкари муғул теша ба решаи забони хоразмӣ зад. Ба баёни дигар, арабтозу турктозу муғултози айём хоразмиёнро бо қибтиёну финиқиёну оромиёну дигар қавмиятҳои мағлуби забонгумкарда ҳамқисмат намуд.

Ин таҳаввулоти овоӣ қабл аз ҳама дар бархе аз номҳои таърихии ҷуғрофиёии манотиқи Афғонистон ба мушоҳида мерасад: «Balaxšān < Baδaxšān < Badaxšān, Hilmand, Hēlmand <Hēδmand, авастоӣ Haētumant – [Horn 1901, 8; Lazard 1963, 146], Balx, бохтарӣ Baxlo < * Bāxδri, авастоӣ Bāxδi – форсии бостон Bāxtri, форсии миёна Baxl [Davary 1982, 175], Baγlān, бохтарӣ bagolaggo «ибодатгоҳ» < эронии бостон baga-dāna-, суғдӣ –βγδ’nny» [Стеблин-Каменский 1983, 204]. Ҳамчунин sūlīk < swγδyk дар минтақаи Моваруннаҳр. П. Ҳорн дар канори ин ду номи ҷуғрофиёӣ аз вожаҳои malax «малах», bilist «ваҷаб», суғдӣ wyδ’t «ваҷаб» (воҳиди тӯл) ва lōγīdan «дӯшидан» ва «ошомидан» низ ёд кардааст [Ҳорн, с. 421-4220].

В.Б. Ҳеннинг [Henning 1939] 11 вожаро, ки бар асоси таҳаввулоти овоии δ > l аз суғдӣ ба форсии нав иқтибос шудаанд, ташхис ва баррасӣ намудааст. Ин вожаҳоро аз мақолаи В.Б. Ҳеннинг бо чанд замима ва такмил аз манобеъ зикр менамоем: خذوك - xaδuk/ xuδuk «хашмнок», суғдӣ γδwk, xδwk [Henning, 94; Gharib 1995, 4101]; پل - pil «пошнаи пой», суғдӣ pδ-, форсии нав pay [Henning 98]; مل - mul «май», суғдӣ mδw [muδ] <maδu- [Henning 98], суғдӣ mδ-γw’r’k «майхор, бодахор» [Gharib 1995, 5291], гунаи дигари mul¯mal (< авастоии maδa-, форсии миёна mad (гунаи шимолӣ-ғарбӣ ё портӣ), муқоиса шавад: вожаи

malang «маст» дар таркиби mast-u malang (malang=mast) [Nawabi 1976, 24]; نال - nāl «най» [Henning 98-99], «най бошад ва аз он найза бештар кунанд» («Луғати фурс») [Капранов 1964, 66], «найи миёноганда бошад» («Сиҳоҳ ул-фурс», 211); дар ҳар ду фарҳангнома шоҳид аз Фаррухӣ ва Зайнабӣ; дар достони «Варқа ва Гулшоҳ» (с. 184): nālgūn «зардфом», «ба ранги най», портӣ nād, псалм. n'dy, форсии миёна nāy, پاليك pālīk «пойафзори чармин», суғдӣ p'δ – [Henning 99], суғдӣ p'δyk (p'δ+ yk) «марбут ба по», «пойӣ» [Gharib 1995, 6433], гунаи дигари он bālīk; шарҳи он дар «Луғати фурс» чунин аст: «pālīk – пойафзор бувад, ба Озарбойҷон «чоруқ» хонанд» [Капранов 1964, 88-89]; дар нусхаҳои дигар «дар Озарбойҷон онро šum شم хонанд, яъне пойафзори чармин»; غولين γōlīn «сабӯи сарфарох», суғдӣ γwδ'k = γwdy «зарф, паймона, кӯза» [Henning 99], авастоӣ gaoiδi, gaoδana [Gharib 1995,4362]; پلندينpalindīn /palandīn «чорчӯби дар», суғдӣ pδynd; гунаҳои он дар фарҳангномаҳо baland/biland [Henning 99-100; Лившитс 1957, 35]; بلاد، بلاده balād, balāda, بلايه balāya дар фарҳангномаҳо («Луғати фурс», «Сиҳоҳ ул-фурс»): balāda «фосидкор»; بلايه balāya «зани нобакор ва бадфеъл», суғдӣ (') pδ'ty «зани нобакор ва бадфеъл» [Henning 1939, 102; Gharib 1995, 6770]; لنج linj «берун кашидан», суғдӣ δync [δinj] [Henning 104]; δync [δēnč], δync'k [δēnčāk] «берун кашида» [Gharib 1995, 3769-3770]; لاد lād «девори гилин», суғдӣ δ't [δāt] «девор» bunlād – «бунёди девор» [Лившитс 1957,35], гилакӣ lād «девор, ҳисор» [Sartippur, 1369,283], суғдӣ δ'tkn'k «дузд, роҳзан», тарҷумаи вожа ба вожаи он «деворкан» [Gharib 1995, 3440-3441]. Ин вожа дар осори Унсурӣ, Фаррухӣ, Саноӣ, Сӯзанӣ, Касоӣ, Носири Хусрав ва чанде дигарон омада ва сатҳи густариши он ба манотиқи гуногун мерасад. Дар «Сиҳоҳ ул-фурс» [с. 87]: «bunlād - бунёд бошад, ки гӯянд: «Лод бар сари бунлод ниҳод»; ҳамчунин аз ҳамин вожа lādgar «деворгар» [Dihxuda. Luγatnāme. 13]; аз ҳамин бунёд lāy (шакли форсӣ-тоҷикӣ ё эронии ғарбӣ < lād, табдили d>l) ба маънои «гили нарм дар натиҷаи омехтан ба об»; дар гӯиши маҳалии Ҳирот dāy (داي) «девори гилӣ» [Fekrat 1376, 112]. <*dāt (бо ҳифзи d дар оғози вожа ва табдили -t > -d > ӯ дар пояи гӯиши ин минтақа); суғдӣ γδ[γaδ]«дузд», эр. –б. *γaδa-,ав. gaδa- «дузд», форсии миёна gyg|gyyg [gēg] «дузд», пашту γal, йидға γäl, вахонӣ γud, γuδ «дузд» [MacKenzie 1971, 36; Gharib 1995, 4091; Стеблин-Каменский 1999, 188]; суғдӣ čyδnyh «ханҷар, шамшер», форсии миёна čēlān «шамшер», сакоии-хутанӣ cälon [Henning 1940, пораи G 1,2; Boyce 1977, 32]; дар забони форсии нав ба маънои олот ва адвоти аз оҳан сохташуда [Dihxuda. Luγatnāme. 6.]; malax (ملخ) «малах» < эр. миёнаи шарқӣ *maδax, авастоӣ maδaxā; балучӣ madag, maδaγ (< * madaka-, хоразмӣ mθx» [Абаев 1973, 108].

Аз таҳлилу баррасӣ ва омӯзишҳои пайгиронаву пайваста дар асосу заминаи маводи мавриди пажуҳиши «Авасто» хулосаи мукаммал ва ҳамаҷонибаи илмии ин таҳқиқро метавон чунин натиҷагирӣ кард. Мақолаи мавриди таҳқиқ ба ду масъалаи муҳимми таърихию забоншиносии мардуми эронинажод бахшида шудааст. Якум бар он далел, ки Хоразми Бостонӣ ҳамчун гаҳвораи аввали дини зардуштӣ ва макони таълифу офариниши китоби муқаддаси «Авасто» мебошад. Дуюм таҳқиқи хусусиятҳои забоншиносӣ ва таҳаввулоти овоии забонҳои шарқии эронӣ, яъне Хоразми Бостонӣ натанҳо як маркази бузурги сиёсию фарҳангӣ ва дорои ҷуғрофиёи паҳновар, балки сарчашмаи асосии тамаддун ва фарҳанги кашфу таълифи «Авасто» мебошад. Мероси забонии ин манотиқ ва рушду таҳаввули овоии он равобити амиқи таърихӣ ва ногусастании забонҳои шарқию ғарбии эрониро пойдор намуда, саҳми ин сарзамини муқаддаси таърихиро дар рушд ва ташаккули хазинаи арзишманду тиллоии забони адабии тоҷик (забони муосири тоҷикӣ) ба таври илмӣ ба исбот мерасоанд.

Адабиёт:

1. Абаев, В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка. Т. II: L–R / В.И. Абаев. — Ленинград: Наука, 1973. — 710 с.

2. Авасто. Ҷилди I / тарҷума ва таҳқиқи А. Ғаффоров, Ҷ. Ҳамроев. — Душанбе: Бухоро, 2014. — 784 с.

3. Аҳмадов, А. Таҳқиқоти давлатдории Авесто / А. Аҳмадов. — Душанбе: Дониш, 2022. — 180 с.

4. Бегматов, Э. Значение узбекских имен / Э. Бегматов. — Ташкент: Ташкентский государственный институт востоковедения, 1998. — 104 с.

5. Бекҷонов, Ш. Хоразм ва «Авасто» (Таҳқиқи таърихию филологӣ) / Ш. Бекҷонов. — Тошкент: Фан, 2004. — 216 с.

6. Берунӣ, Абурайҳон. Осор-ул-боқия / Абурайҳон Берунӣ. — Душанбе: Ирфон, 1990. — 432 с.

7. Джураев, М. О древнейших корнях культа Аранжа бобо / М. Джураев // Филологические исследования. — Ташкент, 2002. — С. 45–51.

8. Дусимов, З. Авестийские элементы в системе ономастики Хорезма / З. Дусимов // Филологические исследования. — Ташкент, 2002. — С. 12–19.

9. Захау, Э. Оид ба таърих ва забоншиносии Хоразм / Э. Захау. — Вена, 1973. — 36 с.

10. Муҳаммадҷонов, А.Р. Топонимикаи таърихии водии Поёноби Зарафшон / А.Р. Муҳаммадҷонов. — Тошкент: Фан, 1981. — 144 с.

11. Оранский, И.М. Введение в иранскую филологию / И.М. Оранский; отв. ред. М.Н. Боголюбов. — 2-е изд., доп. — Москва: Наука, 1988. — 244 с.

12. Стеблин-Каменский, И.М. Из истории восточноиранской топонимии / И.М. Стеблин-Каменский // Очерки по истории лингвистики со средних веков до XX в. — Ленинград: Наука, 1983. — С. 280–294.

13. Толстов, С.П. Древний Хорезм: Опыт историко-археологического исследования / С.П. Толстов. — Москва: Издательство МГУ, 1948. — 352 с.

14. Ҳорн, П. Асоси иштиқоқи форсии нав / П. Ҳорн; тарҷумаи Ҷ. Силлиқӣ. — Теҳрон: Симурғ, 1376 (1997). — 630 с.

АВАСТО ВА ХОРАЗМ: БАРРАСИИ ТАЪРИХӢ ВА ПАЖУҲИШҲОИ ЛЕКСИКИЮ ОВОӢ

Мақола ба пажуҳишу баррасии масъалаи мақом ва ҷойгоҳи таърихию ҷуғрофӣ ва лингвистии вожаи Хоразми бостонӣ ҳамчун макони аслии офариниш ва таълифи мутуни муқаддаси «Авасто» ва таҳлили хусусиятҳои лексикию овоии забонҳои эронӣ бахшида шудааст.

Қисмати аввали мақола дар такя ба андешаҳои авестошинос ва муаррихони барҷаста исбот карда мешавад, ки воҳаи Хоразм ва ҳавзаи поёноби дар Ому ҳамон сарзамини афсонавии «Арянам Вайеҷа» мебошад ва макони таълифи ин асари барҷастаи таърихӣ.

Дар бахши дуюми мақола пажуҳиш аз доираи ономастика фаротар рафта, ба масъалаҳои сирф забоншиносии таърихӣ ва ташаккулу таҳаввули овоии забони хоразмӣ ва суғдӣ (забонҳои шарқиэронӣ) пайваст мегардад. Муаллиф зими таҳқиқ сарнавишти таърихии забони хоразмӣ хатту катибаҳои он ва манобеи нигоҳдоштии ин забонро ба риштаи таҳлилу баррасӣ мекашад. Мақола барои ошкору муқаррар намудани умумияти лингвистии забонҳои эронӣ дар заминаи маводи онимии «Авасто» бо ёрмандии омӯзиши забоншиносӣ ихтисос дода шудааст.

Калидвожаҳо: «Авасто», Хоразм, Хоразми бостонӣ, забони хоразмӣ, забони суғдӣ, таҳаввулоти овоӣ, забонҳои шарқӣ-эронӣ, таҳлили забоншиносӣ, маводи онимӣ, пажуҳиши лексикию овоӣ.

АВЕСТА И ХОРЕЗМ: ИСТОРИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ И ЛЕКСИКО-ФОНЕТИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ

Статья посвящена исследованию историко-географического и лингвистического статуса древнего Хорезма как предполагаемого ареала зарождения и создания священных текстов «Авесты», а также анализу лексических и фонетических особенностей иранских языков.

В первой части статьи на основе трудов выдающихся авестоведов и историков обосновывается тезис о том, что Хорезмский оазис и низовья Амударьи тождественны

легендарной стране «Арьяна Ваэджа» (Арийский простор) и являются местом создания этого выдающегося историко-культурного памятника.

Во второй части статьи исследование выходит за рамки ономастики и переходит к вопросам исторического языкознания, а именно к изучению процессов формирования и фонетической эволюции хорезмийского и согдийского (восточноиранских) языков. Автор анализирует историческую судьбу хорезмийского языка, его письменность, эпиграфические памятники и источники, в которых сохранились его элементы. Статья ориентирована на выявление лингвистической общности иранских языков на материале онимического фонда «Авесты» с привлечением методов компаративистики и исторического языкознания.

Ключевые слова: «Авеста», Хорезм, древний Хорезм, хорезмийский язык, согдийский язык, фонетическая эволюция, восточноиранские языки, лингвистический анализ, онимический материал, лексико-фонетическое исследование.

THE AVESTA AND KHWARAZM: HISTORICAL ANALYSIS AND LEXICO-PHONETIC STUDIES

This article explores the historical-geographical and linguistic status of ancient Khwarazm as the presumed cradle and locus of creation of the sacred texts of the «Avesta». It also provides an analysis of the lexical and phonetic features of the Iranian languages.

The first part of the article, drawing upon the works of prominent «Avestan» scholars and historians, substantiates the thesis that the Khwarazm Oasis and the lower reaches of the Amu Darya River are identical to the legendary land of «Airyanem Vaejah» (the Aryan Expanse) and serve as the birthplace of this outstanding historical and cultural monument.

In the second part, the study expands beyond onomastics into historical linguistics, specifically focusing on the formation and phonetic evolution of the Khwarazmian and Sogdian (Eastern Iranian) languages. The author analyzes the historical trajectory of the Khwarazmian language, its script, epigraphic monuments, and the primary sources in which its elements have been preserved. The article aims to identify the linguistic commonalities among the Iranian languages based on the onymic corpus of the Avesta, utilizing comparative-historical and linguistic methods.

Keywords: «Avesta», Khwarazm, ancient Khwarazm, Khwarazmian language, Sogdian language, phonetic evolution, Eastern Iranian languages, linguistic analysis, onymic material, lexico-phonetic study.

Маълумот дар бораи муаллиф: Зулфираи Сайвалӣ**,** докторанти (PhD)-ии кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: (992) 987-78-53-38.

Сведения об авторе: Зулфираи Сайвали, докторант (PhD) кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: +(992) 987-78-53-38.

Information about the author: Zulfirai Saivali, (PhD) student at the department of linguistics and history of language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov st., 16 Tel.: +(992) 987-78-53-38.

ТДУ: 809, 155, 0 (091)
ТКБ: 81, 2(2 тоҷик)
С-20

ПОЛИОНИМИЯИ «БОХТАР»

Лутфияи А., докторанти (PhD)
Саидзода М.Б., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Таҳқиқу баррасӣ ва таҳлили маводи полионимӣ дар асару мавзеъҳои ҷуғрофии мамолики ҷаҳонӣ ва дохили кишвар аз ҷониби мухаққиқони забоншиноси дохилу хориҷи кишвар анҷом дода шудаанд.

Мо низ дар ин таҳқиқ зимни таснифи маводи полионимии «Бохтар» ба таҳлили забонию таърихии якчанд полионим ва корбурди онҳо дар китоби таърихӣ таҳқиқи вижа анҷом додем.

Полионим - номи шаҳр ва полионимия- маҷмуи номҳои шаҳрҳои як ҳудуд, замон ва ё минтақаи алоҳидаро ифода мекунад. Дар ҳудуди минтақаи мавриди таҳқиқ ҳамагӣ як полионим вуҷуд дорад, ки он номи маркази маъмурии минтақа ва собиқ вилояти Кӯлоб аст. Дар хусуси шарҳи маънӣ ва баромади калимаи «Кӯлоб» фикру андеша ва фарзияҳо зиёданд. Масалан, Э.М. Мурзаев бе овардани ягон далелу маълумоти мушаххаси забонӣ онро чунин шарҳ додааст: «Дар Тоҷикистон шаҳрест Кӯлоб. Номи он гуногунзабон аст: туркии «кӯл» (кел) - ҳавз (муқ. Бо Иссик - кул) ва тоҷикии «об» (аб) [13, с. 76]. Бояд зикр кард, ки этимологияи маъмултарини калимаи «Кӯлоб» ҳамин аст. Вале фикру андешаҳои дигар низ вуҷуд доранд. Аввалан, бисёриҳо Кӯлобро ба маънии «кӯли об» шарҳ медиҳанд, сониян, баъзан онро ба таърихи аҳолии минтақа нисбат дода, чунин шарҳ медиҳанд: вақте арабҳо аксари ҳудудҳои ҳавзаи Амударёро ишғол ва исломро ҷорӣ намуда, ба ҳудуди Хатлонзамин меоянд, аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ ва туркон шикаст хӯрда, ба ҷониби Балхи имрӯзаи Афғонистон фирор мекунанд. Мардуми ин минтақаро, ки «мусулмон шудан» намехостанд ва ҷангию ҷанговар буданд, «килоб» (килаб) ном мебаранд. Дар забони арабӣ сагро «калб» ва шумораи ҷамъи онро «килоб» (килаб) мегӯянд. Аз ин мебарояд, ки арабҳо дар ҳолати хашму ғазаб ва нафрат мардуми Хатлонро «сагҳо» ном бурдаанд, ки ба андешаи мо, ба ҳақиқат наздик нест. Барои он ки Кӯлоб дар сарчашмаҳои таърихию ҷуғрофӣ фақат аз нимаи дуввуми садаи ҳабдаҳум ҳамчун топоним барои ифодаи номи шаҳр ва минтақаи кунунӣ маълум аст. Кӯшиши ҷоринамоии ислом аз ҷониби арабҳо бошад, қариб даҳ аср қабл аз маълум шудани номи Кӯлоб сурат гирифтааст.

Ба андешаи мо, чунин маънидод кардани полионим дурусттар менамояд: Номи қадими минтақа ва атрофи он Хутталон (Хаталон, Хатлон, Хуттал) дар сарчашмаҳои гуногун бо ҳуруфи арабии «х», «т» ва «л» зикр шудааст. Чунонки маълум аст, дар хатти арабиасоси тоҷикӣ садонокҳои кӯтоҳ тамоман навишта намешаванд ва аз ин ҷост, ки шояд дар баробари шакли «Хуталон» шакли дигари он, яъне «Хутл» низ ҷой дошта бошад. Аксаран ойконимҳо аз номи дарёҳо пайдо шудаанд, ки дар масофаи наздик ба онҳо ҷориand. Аз ин рӯ шояд номи қадимтарини дарёи Ёхсу, ки дар масофаи панҷкилометрии шаҳри Кӯлоб ҷорӣ аст, «Хутлоб» будааст, ки баъдан ба «Хулоб» ва «Кӯлоб» мубаддал гашта, ба номи шаҳр ва минтақа низ гузаштааст. Яъне Хутлоб-> Хулоб-> Кӯлоб.

Гузашта аз ин, дар забони тоҷикӣ калимаи «халоб» ё «хулоб» ба қайд гирифта шудааст, ки дорои чунин маъниҳо мебошад: «ботлоқ», «замини серлойю об, ки пой бо он меғутад»: «ҷавҳар агар дар халоб афтад, ҳамон нафис аст ва ғубору агар бар фалак равад, ҳамон хасис».

«Бисёр мардум дар обҳо ва халобҳо ғарқ шуданд». «Маҷмаъ-ул-асноб» (Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.2, 1969, с. 458).

Ҳамин калима дар шакли «халоб» дар «Ғиёс-ул-луғот» чунин шарҳ ода шудааст: «Халоб» - (саҳ. 213) ба маънии обу гил, ки дар роҳҳо мебошад (аз «Бурҳон» ва «Кашф» ва «Сироҷ» ва «Ҷаҳонгирӣ» ва «Муайян» ва «Рашидӣ»), ва дар «Хиёбон» навишта, ки хилоб (билкасар) ва қила билфатҳ (халоб) замини гилнок, ки по дар он бимонад ва ба душворӣ барояд, ва баъзе навишта обу гил, ки ганда шавад» [12, с. 76].

Шаҳр - сукунатгоҳи нисбатан бузург ва доимӣ аст. Созмони Миллали Муттаҳид дар соли 1347 - и мелодӣ вожаи «шаҳр» - ро чунин таъриф кардааст: Шаҳр маконе бо тароким болои ҷамъият ва марказияти сиёсиву идорӣ ва таърихӣ аст, ки дар он фаъолияти аслии мардум ғайри кишоварзӣ аст ва дорои мухтасоти шаҳрӣ буда, ки аз тариқи давлатӣ ва маҳаллӣ идора мешавад.

Вожаи «шаҳр» аз форсии миёнаи «шаҳр» [šhr] ва аз порсии бостон [χşaθra] гирифта шудааст. Вожаи «χşaθra» дар порсии бостон ба маънои «подшоҳ» будааст [17, с. 54].

Вожаи англисии «Urban», дар забони фаронсавӣ [Urbain], аз решаи лотинии [Urbanus] ба маънои «шаҳр» ва аз вожаи «Urbs» ки аз шаҳри Рум итлоқ мешавад, меояд.

Яке аз полионимияе, ки мо дар «Бохтар» ошкор намудем Бобил аст.

Бобул [Bābul] ба юнонӣ Βαβυλών, ба лотинӣ Babylon, ба оромӣ בבל, ба арабӣ «بابل», акадӣ Bābili, сумарӣ ká. dingir. ra, ибрӣ בָּבֶל, , юнонӣ Βαβυλών. Номи Бобил [Bābul] аз номи рӯдхонаи «бовил» гирифта шудааст. Қаблан номи «Бобул» [Bābul] Борфурӯш буд. Номи рӯдхона бо номи «бовил» ё «бобил» байни мардум шуҳрат доштааст. Номи ин рӯд аз қадим бо номҳои Бобулкон [Bābulkān] ва Бобилканор [Bābilkanār] низ вуҷуд доштааст. Вожаи Бобил [Bābul] аз решаи калимоти «бил», «билк», «билук» гирифта шуда, маънои «наҳрак» [дарёча] ва ё «наҳр» [дарё] аст, ки шакли ҷамъи ин номро «балук» мегӯянд. Рустоҳое дар канори рудҳо вуҷуд доранд, ки асмои бархе аз онҳо бо шароити табиӣ мунтақии ҳамоҳанг доранд, монанди «Бобилканор» [Bābulkanār] ё «Бовилканор» [Bāvilkanār], «Петрудӣ» [Petrudi], «Билпе» [Bilpe] ва ғ. Забоншиносон вожаи «бо» - ро «об» маъно кардаанд. Монанди: «ҷубо», «шӯрбо», «бориз», «боридан», «рехтан», «чашмаи обакиро сарозер кардан» «борон» ё «оброн» яъне «об» - бо ва «рон» яъне борон - обе ки поин меравад. Вожаи Бобил ба маънои «об фаровон» аст [9, с. 54]

Бархе забоншиносон вожаи «Бобил» [Bābul] - ро сохта ва дорои ду реша: «бо» ва «бил» шаклгирӣ кардаанд. Ҷузъи аввал - «бо» ба маънои «ҳар чизи моеъ» ва «ҳар чизи обакӣ» ва умуман «ҳар чизи равон» маънидод карда, бештар ба об мансуб медонанд, зеро об мазҳари комили ҳар чизи равон аст. Ҷузъи дувум «бил» ба маънои «зиёд», бисёр фаровон. Натиҷа ин ки номи марбут ба рӯд аст.

Ба андешаи мо номи ин шаҳр дар рӯзгорони куҳан «Мамитро» [Mamitārā] будааст. Дар забони ҳиндӣ ва аврупойии қадим вожаи «дию» ба маънои «Худо» будааст.

Дар «Ғиёс - ул - луғот» вожаи Бобил [Bābil] ба маънои зайл омада аст: Бобил номи шаҳри қариби Куфа; ва ба замми бо (яъне Бобул) ғайри фасеҳ ва дар «Мусталаҳот» навишта, ки номи шаҳрест аз Ироқ ва дар он ҷо чоҳест, ки Ҳоруту Морут дар он муаззабанд ва баъзе аҳли луғат ба замми севвум (яъне Бобул) низ навиштаанд ва шуаро ҳам оварда, Зуҳурӣ гуяд, байт: Дар Дакаи он чашм пайдо мешавад, Боччаҳои соирони Бобул аст [13, с. 99].

Бобул [Bābul] дар гузаштаҳои дур ба сабаби вуҷуди оташкадаҳои Метро «Мометро» ва ба гӯиши бумиён «Маметро» яъне ҷойгоҳи метрои бузург номида мешавад. Арабҳо онро «Моматир» меноманд. Бобил [Bābul] ба иллати қарор доштан дар миёни ду шаҳри бузурги Омал ва Сорӣ ва густариши бозорҳову равобити тиҷоратӣ ба Борфурӯш тағйири ном кард. Дар соли 1310 ба Бобил [Bābul] табдил ёфт.

Вожаи юнонии «Бобулиён» [Βαβυλών], аз луғати акадӣ гирифта шуда, дар китоби «Таврот» ба маъноҳои «каҷшуда» аз луғати «билбил» [בלבל] ба маънои «каҷ кардан» омадааст. Бобил дар Қуръон як маротиба зикр шудааст [1, с. 87].

Дар «Бурҳони Қотеъ» барои топоними Бобил маънои зайл оварда шудааст: «Бобил бар вазни қобил; ба луғати юнонӣ номи ситораи Муштарӣ бошад; ва баъзе машриқро низ гӯянд; ва номи шаҳрест машҳур дар васати. Вожаи Бобул ба замми солис (яъне Бобул) ҳам омадааст [11, с. 133]

Бобул [Bābul]: – Вавилон: - (babirus, сомии bab - ilu – «дарвозаҳои Худованд», юнонӣ) - маркази бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Шарқи қадим, шаҳри асосии Месопотамия, ки дар соҳили дарёи Фурот мавқеият дорад. Аз интиҳои ҳазорсолаи III то милод Бобул [Вавилон] маркази ташаккулҳои давлатӣ буд, ки бо мурури замон ҳокимияти худро ба ҳудуди бештар густариш дод. Соли 538 то милод тавассути Куруши Кабир тасхир ва тасарруф гардид [16, с. 125] «Акнун ба матоъҳои нафиси Чин на танҳо ашрофону асилзодаҳои бохтарию сугдӣ, балки амалдорони воломартаба ва бонуҳои ҳарамсароҳои Порсу Бобул ва Мисру Ошур рағбат пайдо карда, онҳоро бо вазни тило мехариданд» [4, с. 24].

Полиониими дигаре, ки дар асар ошкор шуд, Нахшаб аст.

Нахшаб аз шаҳрҳои бостонии водии Кешруд буда, дар қисмати шимолӣ-ғарбии водии Кешруд воқеъ гардидааст. Ин шаҳр дорои таърихи куҳан буда, чандин маротиба тағйири ном намудааст. Доир ба Нахшаб чун номи шаҳр аз сарчашмаҳои адабӣ, бадеӣ ва таърихӣ маълумоти фаровон пайдо намудан мумкин аст **«Сӯнаҷ (Сӯбах, Сӯнах) шаҳракест аз Нахшаб»** [4, с. 324].

Макка [Makka]: шаҳрест дар Арабистони Саудӣ, ки Каъба дар он воқеъ аст ва зиёратгоҳи тамоми мусулмонони дунё мебошад. Луғатшиносони араб дар осори хеш қайд намудаанд, ки дар ибтидо вожаи Макка Бакка хонда мешудааст. Ин андешаи луғатнигорони араб то андозае ба мақсад мувофиқ аст, зеро аз рӯйи қоидаҳои фонетикӣ табдили ҳарфҳои «б» ва «м» мумкин аст [13, с. 76].

Бархе забоншиносон мегӯянд, ки иштиқоқи ин вожа аз решаи «тамкакат - ал - азм» гирифта шуда, ба маънои «марказ» аст, зеро шаҳри Маккаро маркази замин медонанд. Макка аз решаи «мак» муштақ шуда, ба маънои «ҷазб» аст ва ин бадон ҷиҳат аст, ки мардум аз ҳар диёр ба ин сарзамин ҷазб мешаванд.

Забоншиноси дигар Абисулаймон Муҳаммад вожаи «Макка» - ро баргирифта аз решаи «мак» ба маънои «издиҳом» гуфтаанд, зеро мардум аз атроф ба ин шаҳр меоянд ва дар ин ҷо издиҳом мешаванд. Аз решаи «мако» муштақ шуда, ба маънои «садои навъе аз парандагон» аст, зеро дар Макка садои мардумони мухталиф баҳри ибодати Худо баланд аст ва замзамаи малакутии зумраи ҳоҷиён дар Макка ҳамвора ба гӯш мерасад. Бархе аз забоншиносони эронӣ бар ин ақидаанд, ки вожаи «Макка» решаи эронӣ дорад ва пиндоштаанд аз решаи «мага» ба маънои «ҷойгоҳи моҳ» аст. Ин вожа шабҳеи он аст, ки бархе забоншиносони иронӣ вожаи «қурайш» - ро баргирифта аз «куруш» - и иронӣ донистанд.

Макка [Makka] бо вожаи Бакка [Bakka] низ дар Қуръон истифода шудааст. Дар бораи вожаи «Бакка» [Bakka] аз ду назар бояд баҳс кард: нахуст ин ки оё «Бакка» ҳамон «Макка» аст ё аз лафзи мафҳумӣ аз ҳам фарқ доранд? Дуюм ин ки решаи иштиқоқи «Бакка» чист ва лафзи луғавӣ ва таносибе, ки бо шаҳри Макка дорад кадом аст? Дар мавриди баҳси аввал метавон гуфт, ки «Бакка» ва «Макка» ҳарду яке аст ва танҳо ихтилофи лаҳҷа онҳоро ба ду сурат даровардааст. Дар бораи оне, ки ҳарфи «м» ба ҳарфи «б» табдил ёфт, дар забони арабӣ намунаҳои бисёре вуҷуд дорад. Арабшиносон мегӯянд, ки ҳарфи «м» хоҳари ҳарфи «б» аст. Монанди оне, ки вожаи «лозим» - ро метавон «лозиб» гуфт, вожаи «доим» - ро «доиб», «роим» - ро «роиб» ва ғ.

Бояд гуфт, ки ин ду ҳарф бо ҳам чунон наздиканд, ки табдили яке ба дигаре чунон тааҷҷубовар нест. Махсусан вақте, ки шахсро димоғаш гирифтагӣ бошад, ҳарфи «м» - ро ҳарфи «б» талаффуз мекунад, зеро махраҷи ҳарду ҳарф лабҳои инсон аст, ки ба ҳам мечаспанд. Ба ин монанд муаррихи Юнони Қадим Геродот//Ҳеродот [асри V то мелод] ин шаҳрро бо номи Маҳориб ёдоварӣ мекунад [аз забони арабони ҷануб] «Хонаи Худо», ки як зумра олимон бо Макка ҳаммаъно медонанд. Дар китоби муқаддаси мусулмонон Қуръон Макка зари номи Умму - л - қуро - модари ҳама қавмҳо, ёдоварӣ карда мешавад. Муҳаққиқи ҷуғрофидони рус Е.М. Поспелов дар асари худ «Топонимический словар» бобати истилоҳи Макка чунин андеша рондааст: «Дар як қатор ҳуҷҷатҳои расмӣ Макка бо номи Маккаи мукаррама номгузорӣ шудааст [18, с. 123].

Забоншинос Замаҳшарӣ мегӯяд, ки «Макка» ва «Бакка» ду луғате ҳастанд, ки як маъно доранд, монанди: «Набит» ва «Намит», ки исми маҳале аст ва феъли амри «ротиб» ва «ротим», инчунин, вожаҳои «мағмата» бо «мағбата» [7, с. 5].

Макка [Makka] - дар забони арабии қадим «мақориб» - номида мешудааст, бинобарин, баъзе арабшиносон номи Маккаро баргирифта аз ҳамин вожаи мақориб медонанд. Вале таркиби фонетики Макка [Makka] ва Мақориб чунон фарқ мекунанд, ки аз як реша будани ин ду ном номумкин менамояд. Дар забони арабӣ табдили «қ» ба «к» ҳодисаи хело нодир буда, афтодани ҳарфи «б» - и охирро маънидод кардан кори ниҳоят душвор аст.

Луғатшиносони араб мегуфтанд, ки дар аввал «Макка» [Makka] Бакка [Bakka] хонда мешудааст. Аз рӯйи қоидаи фонетика табдили ҳарфҳои «б» ба «м» мумкин аст. Бакка маънои «ҷамъомади калон», «издиҳом» - ро доштааст. «Гӯяд ва гуфтаанд, ки Туббаъ дини яҳуд гирифт ва ин ба василаи ахборие буд, ки ҳамроҳи вай аз Ясриб сӯйи Макка рафта буданд ва гурӯҳи бисёр буданд» [4, с. 379].

Хуросон (xvar-as- «шафақи офтоб», «ҷои баромадани офтоб», «шарқ»)- номи минтақаи таърихӣ. Ҳудудҳои он дар давру замонҳои мухталиф ба тариқи гуногун муайян карда шудаанд. Ба маънии таърихиаш таҳти унвони Хуросон маъмулан ҳудуд ва минтақаеро мефаҳмиданд, ки байни Омударё дар шимол, кӯҳҳои Ҳиндукуш ва биёбони Дашти Кабир дар ҷануб мавқеият дошт. Хуросон ҳоло як остон (музофоти Ҷумҳурии Исломии Ирон мебошад. [Оранский И.М., 1988, саҳ. 63].Таҳти унвони Хуросон замони истилои арабҳо (асрҳои 7-8) минтақаи васеи таърихие фаҳмида мешуд, ки иборат аз музофотҳои Марв, Ҳирот, Балх ва ноҳияҳои шимоли шарқии Ирони муосир (Нишопур, Тус ва дигар ноҳияҳо то Машҳад) буд.

Бохтар. Бохтар (юнонии қадими Βακτριανή, Бактриана аз форсии қадими Baxtri-; форсии بلخ, باختر; тоҷикии Балх, Бохтар) – музофоти таърихӣ дар ҳудудҳои ҳамҷавори Тоҷикистон, Ӯзбакистон ва Афғонистон байни силсилакӯҳҳои Ҳиндукуш дар қисмати ҷанубӣ ва дар Водии Фарғона дар қисмати шимолӣ. Пойтахти кишвар шаҳри Балх дар қисмати шимолии Афғонистон буд. Бохтариҳо бо забони аз байн рафтаи бохтарӣ – яке аз забонҳои зергурӯҳи иронии оилаи забонҳои ҳиндуиронӣ такаллум менамуданд. Гумони ғолиб он аст, ки тоҷикон наслҳои бевоситаи бохтариҳо ҳастанд.

Тибқи маълумоти муҳаққиқи иронӣ доктор Сайид Абутолиби Миробидини, «Bakhtri дар Авасто Bakhdi аст ва ин вожа дар форсии миёна Bakhl, дар форсии дарӣ Balkh, дар форсии қадим дар асри Ҳахоманишиён Baxtrish ва Baxtriya, дар элами Ba-ka-si-es ё Ba-ik-tur-ki-es ва дар аккадӣ Ba-ah-tar ва дар юнонӣ Baxstra будааст. Дар забони чиноӣ Ba-hi-hei ва дар «Таърихи Ҳан-вей» Кишвари Балх Та-hei омадааст. Юнониён Балхро ба сифати Politaimetus (гаронбаҳотарин) мешинохтанд ва онро «Гавҳари Ирон» меномиданд.

Ғайр аз номи Baxtri – (бо шаклҳояш) ва шакли баъдинаи аз ин ном баромадаи Балх (бо шаклҳои мухталиф) ба сифати мувофиқат бо юнонии қадим Baxtria баъзан Baxtar, яъне Шарқ ва ё Бохтарзамин фаҳмида мешаванд. Аҳолии маҳаллӣ дар асрҳои миёна ва дертар низ вилояти Балх ва ҳудудҳои ҳамҷавори онро чунин ном мебурд.

Ба истилоҳи ҷуғрофии «Бохтар» дар матнҳои Авасто калимаҳои «арахtra» - «аз пушт ҷой гирифта», яъне «шимолӣ» мувофиқат менамояд. Форсии миёнаи арахtar маънии «шимол» - ро ҳифз намудааст. Ба маънии ҷуғрофӣ дар асоси ҷуғрофияи армании ба Мовсес Харенатси мансуб донисташаванда, барои ифодаи заминҳои суғдиҳо, тохариҳо, ҳафтолиҳо (эфталитҳо) ва дигар этносҳои «Скифия» истифода бурда мешуд. «Агар тулуи тамаддуни эллинӣ дар сарзамини Шарқ, аз ҷумла кишвари паҳновари ориёиҳои Порс ва Бохтару Суғд аз оғози кишваркушоӣ ва лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ сурат гирифта бошад, лаҳзаҳои ғуруби он ба замони давлатдории Портҳои Ашконӣ ва давлати юнониасоси Бохтар рост меояд» [4, с. 23].

Хатлон-Дар баъзе сарчашмаҳои ҷуғрофӣ Хатлон ҳамчун мамлакати Ҳайтолиён (Ҳафтолиён, Абдолиён, Ҳаптолиён, Ефталитҳо) дониста шудааст. Дар ин хусус маълумоти А.Девонақулов, ки аз «Фарҳанги Онандроҷ» ва дигар манбаъҳо оварда шудааст, ҷолиби диққатанд: «Хатлон бар вазни Чавлон, номи шаҳрест аз иқлими чаҳорум ва аз билоди Ҳайтол аст. Ва Ҳайтолро араб муарраб карда ва бар он низ ҷамъ баста. Ҳайётила карда ва (он) ба

Мовароуннаҳр наздик аст, ба Тибет, ва аз Хатлон ба замини Таводиён (Қубодиён) - у Чуғониён ва Тирмиз оянд… Ва дар он вилоят матоъҳое некӯ бувад, аз он ҷумла аст… Ва кулли вилоятро Хатлон гӯянд.

Хатл (билфатҳ) вилоятест аз Бадахшон ва онро Хатлон низ гӯянд ба зиёдати «алиф» (о) ва «нун» (н) ва баъзе аҳли луғат навиштаанд, ки вилоятест ба Туркистон қариби Балх. Ва биззам (яъне бо «у») хатост, чаро ки «Хуттал» (биззаму ташдиди фавқонии мафтуҳ) шаҳри дигар аст ба Мовароуннаҳр» [Девонақулов, 1988, с. 96] «Баъзан, дар дурдасттарин гӯшаҳои Тоҷикистон, алалхусус дар шеваи гуфтору кирдори сокинони баландкӯҳи Бадахшону Яғноб, Зарафшону Хатлон, Хуҷанду Истаравшан, Ҳисору Қаротегин нишонаҳоеро мебинам, ки ба руҳу равон ва асолати тоҷиконаи мо басо созгор аст ва аз он бӯйи «Шоҳнома»-и безавол меояд» [4, с. 11].

Систон- Баромади таърихии Систон дар сарчашмаҳои таърихӣ ва забоншиносӣ чунин шарҳ ёфтааст. Чуноне ки муҳаққиқи тоҷик, профессор Д.Саймиддинов нигоштааст: Систон [Sistān]. Пасванди -stān/-estān [<эр.б. -stāna-, ав. ф.б. stāna- «ҷой», аз решаи *sta- «истодан»] аз исмҳои мушаххасу маънӣ исми макон месозад: а. аз исмҳои макон: šahrestān «шаҳристон» ва ғайра; б. аз номҳои мардумон ва қабоил номҳои ҷуғрофиёӣ: Sagestān «кишвари сакоиҳо, макони сакоиҳо, Систон», Ǧinestān «кишвари Чин» ва ғайра». Инчунин, ин пасванд дар сохтани дигар номҳо низ серистеъмол аст ва номҳои дигарро низ ифода мекунад. Ҳамчунин, дар давраи форсии миёна пасванди -estān дар сохтани номи кишвар аз номи қабоил: Sagsār - Sagestān>Sistān истифода гаштааст [15, с. 54**]** «Мавҷудияти ин равобитро пеш аз ҳама дастпонаҳои аз садаф омодашуда ва баъдан бозёфтҳои сафолоти нақшини Систон ё Балуҷистони шимолӣ тасдиқ мекунанд» [4, с. 157].

Ҳулбук. Муаллифони асарҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ, аз ҷумла, Истахрӣ, Муқаддасӣ, Яъқубӣ, Хурдодбеҳ, Берунӣ ва асари «Ҳудуд-ул-олам» дар қатори шаҳрҳои калонтарини мулки Хутталон, ба монанди Мунк (Ховалинг), Тамлиёт (Тутқавули куҳна), Паргар (Фархор), Корбанҷ, Андиҷарак, Рустоқбек ва Сикандара, пеш аз ҳама, аз Ҳулбук ёд карда, шаҳри бузургу обод будани онро зикр намудаанд. Гузашта аз ин, сарчашмаҳои мазкур «ҷойи муқимӣ» — и шоҳони ин мулкро Ҳулбук донистаанд.

Маълумоти қадимтарин дар бораи Ҳулбук ҳамчунин дар адабиёти атиқа дучор меояд. Дар байни номҳои ҷуғрофӣ, ки таърихнигори юнонӣ Птолемей овардааст, номи шаҳри Хулбисса мавҷуд мебошад. А.М. Беленитский ва олимони дигар бо асоси комил онро пойтахти Хуттал – шаҳри Ҳулбук мешуморанд, зеро дар сарчашмаҳои мусулмонии асримиёнагӣ дар баробари мафҳуми Ҳулбук номи Хулбик низ дучор меояд, ки ба ҳамон Хулбиссаи юнонӣ наздик аст.

Дар бораи мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳои зикршуда таълифоти мазкур чунин зикр кардаанд: «Тамоми Хуттал бо кӯҳҳо иҳота гардидааст, ҳамаи шаҳрҳо, ба ҷуз аз Ҳулбук ва Сикандара дар водиҳо ҷойгиранд».

Аз дидгоҳи этимологӣ, Ҳулбук шояд аз пораҳои эронии куҳани ***h^{w}ar-+baga-** ба маънии «Худо-Офтоб, Хур» ё Хур/Офтоби худо (яъне Худованди Офтоб бошад), ки ҳосилаи решаи ҳиндуаврупоии ***šer-**ва ирониии куҳани baga-мебошад.

Ҳулбук шояд аз вожаи юнонии ὗλη / ὗλα (овонавишт-шон ҳула-/ҳула) бошад ва ҷузъи номаълумаш бака/-бука. Дар самти ҷанубӣ-ғарбии Сарматияи аврупоӣ (булукоти хеле маъмулу машҳури скифӣ/сакӣ дар замони бостон) шаҳраке ба номи **Ὕλάιη** (Ҳулаио) (дар русӣ Гилея) мавҷуд аст, ки миёни Борисфен (дар талаффузи русӣ) / Бористҳону Ҳипакар воқеъ мебошад. Борисфен сарзамини сирф скифӣ/сакӣ/сарматӣ буд.

Ҳула — ὗλη / ὗλα — маънии «беша, дарахтони фаровони беша, бешаи дарахтони буттагӣ (дарахтҳо)»-ро дорад. Ҳулбук дар чунин мавзеъ қарор дорад. Ҳарчанд «бука» ҷузъи номаълум буда, ба таҳқиқи бештаре ниёз дорад, аммо бояд дар назар дошт, ки бо ҷузъи «бук» топонимҳои дигар дар атрофи Ҳулбук мавҷуд аст: Шобика, Осмонбика ва ғайра.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳамаи ин номҳои таърихие, ки аз нав зинда гардиданд ва дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат номгузорӣ шудаанд, ба забони тоҷикӣ ва таърихи халқи тоҷик сахт алоқамандӣ дошта, дар миёни аҷдодони гузаштаи мо падид омадаанд ва дорои асолати

милливу таърихӣ мебошанд. Аз ин дидгоҳ эҳёи номҳои таърихӣ на танҳо ба хотири ивази топонимҳои роиҷи имрӯза мебошад, балки пеш аз ҳама, ҳадафи асосии он татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» буда, омили боло бурдани ҳувияти миллӣ ва худшиносии таърихӣ дар миёни шаҳрвандони мамлакат, бахусус наврасон ва ҷавонон маҳсуб меёбад.

Бовар дорем, ки дар асоси ин маълумоти кӯтоҳ хонандагони тоҷик ба топоними мавзеъҳои ҷуғрофии ҷумҳурӣ шинос шуда, олимон ва донишмандони мамлакат дар бораи шарҳи бештари онҳо мақолаҳои алоҳида ба нашр мерасонанд. «Мунк дар ноҳияи Ховалинг воқеъ буд; Ҳулбук ба тарафи ҷануб аз Кӯлоб дар ҷои қишлоқи Қурбоншаҳид дар шафати дарёи Сурхоб» [4, с. 517].

Хулоса, дар асари таърихӣ полионимия мавқеи махсус дошта, таҳқиқи ҳамаҷонибаи он метавонад дар ошкор намудани мавзеъҳои ҷуғрофии пешина, ки як замоне аз хотираҳо фаромӯш шуда буданд, нақши бориз бозад.

Адабиёт:

1. Алиакбар, Деҳхудо. Луғатнома /Д. Алиакбар. Ҷ. 1. -Теҳрон, 1377. -527 с.
2. Алимӣ Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ) .Д: «Андалеб-Р»,-2015.- 350 с.с,288
3. Б.Ғ. Ғафуров. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав - Душанбе: Дониш, 2008. 870 саҳ.
4. Бохтар. Китоби V. Ҷилди 1.- Душанбе: Нашриёти «Хирадмандон», 2019-568 с.
5. Додихудоев Р.Х., Герценберг Л.Г. Таърихи забони тоҷикӣ // Л.Г. Герценберг., Р.Х. Додихудоев -Душанбе, Маориф, 1986.-216 с.
6. Исмоилов Ш. Топонимияи водии Қаротегини Тоҷикистон (таҳқиқи забоншиносӣ). / Ш. Исмоилов.- Душанбе, 1999. - 36с.
7. Муҳаммад, Муин. Фарҳанги форсӣ /Муин Муҳаммад. -Теҳрон, Ҷ. 1. 1996. -1472 с.
8. Муҳаммадҳусайни, Бурҳон. Бурҳони қотеъ /Бурҳон Муҳаммадҳусайн. Ҷ.1. - Душанбе: Адиб. - 1993. -416 с.
9. Нуров А. Мулҳақот бар «Ғиёс-ул-луғот». Ҷилди 3. Душанбе: Адиб, 1989.-304 с.
10. Ҳасани Анварӣ. Фарҳанги фишурдаи сухан // Ҳасани Анварӣ. - Теҳрон: Сухан, 1386. - Ҷ.2. - 6479 с.
11. Ҳомидов, Д. Топонимияи водии Кешруд. // Д. Ҳомидов - Душанбе, 2002. - 104 с.
12. Расторгуева, В.С. Сравнительно - историческая грамматика западноиранских языков. Филология/В.С. Расторгуева. - М.: Наука, 1990. - 253с.
13. Саидзода, М.Б. Антропонимияи «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и Эмомалӣ Раҳмон.-Душанбе: «Матбаа», 2025.–162 с.
14. Саидов, М.Б. Ономастикаи Қуръон (таҳқиқи забоншиносӣ).-Душанбе: «Матбаа», 2023.–190 с.
15. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсӣ. /Д. Саймиддинов–Душанбе: Пайванд, 2013–310 с. + 94 с. форсӣ.
16. Сулаймонов, С. Ёқути Ҳамавӣ аввалин топонимисти асримиёнагии Шарқ/С. Сулаймонов/Чиҳил мақола–Душанбе, 1976 .
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ [иборат аз ду ҷилд]. -М.: СЭ, 1969. -952 с.

ПОЛИОНИМИЯИ «БОХТАР

Дар мақола таҳаввул ва корбурди полионимияи «Бохтар» мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифта, муаллифон густариши онҳоро дар даврaҳои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс намуда, бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рондаанд.

Инчунин, дар мақолаи мазкур муаллифон кӯшидаанд, то сайри маъноии полионимияи «Бохтар», ки аз ҷумлаи серистеъмолтарин вожаҳои китоб дар забони навиштorӣ ва гуфтории дирӯзу имрӯз мебошад, ба риштаи таҳрир кашанд ва дар ин росто,

пеш аз ҳама, ба сарчашмаҳои муътамад ва қомусҳо такя намудаанд. Аз баррасии мавзуъ бармеояд, ки полионимияи «Бохтар» дар тули таърихи чандинасра нафақат аз нигоҳи овоӣ, балки аз нигоҳи лексикӣ ба дигаргунии ҷиддӣ дучор шудааст, вале бо ин ҳама доираи истифодааш маҳдуд нагаштааст.

Илова бар ин, муаллифон дар ин таҳқиқ вижагиҳои хосаи забонии таҳаввул ва корбурди полионимияи «Бохтар», ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ ва корбурди онро мавриди омӯзиши муқоисаи илмӣ қарор дода, зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи таҳқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, фарҳангҳои тоҷикиву арабӣ, луғату қомусҳои муътамад ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули маводи забонии полионимияи «Бохтар», мазмун, моҳият, таърихи тавлид ва корбурди онҳоро ошкор намоянд.

Калидвожаҳо: полионим, ном, таҳлили забоншиносӣ, этиомология, таърихи тавлид, вожа, омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ, таҳқиқи забоншиносӣ, ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ, ташаккул, таҳаввул, омехта, вандҳо, низом ва ном.

ПОЛИОНИМИЯ «БОХТАР»

В статье анализируются и рассматриваются эволюция и функционирование полионимии «Бохтар». Авторы сопоставляют их распространение в различные периоды развития языкознания, а также на основе авторитетных научных источников освещают историю возникновения, структуру и значение данного термина.

Кроме того, в данной работе авторы предпринимают попытку проследить смысловую эволюцию полионимии «Бохтар», которая относится к числу наиболее употребительных лексем в письменной и разговорной речи прошлого и настоящего, опираясь прежде всего на достоверные источники и энциклопедии. Из анализа темы следует, что полиономия «Бохтар» на протяжении своей многовековой истории подверглась серьезным изменениям не только в фонетическом, но и в лексическом плане, однако, несмотря на это, сфера ее применения не сузилась.

В дополнение к этому, авторы подвергают сравнительно-научному исследованию специфические языковые особенности эволюции и функционирования полионимии «Бохтар», исторические события, лексические источники и практику её применения. В процессе написания статьи предпринята попытка на основе научных аргументов, фундаментальных изысканий отечественных и зарубежных исследователей, таджикско-арабских словарей, авторитетных энциклопедий и интернет-ресурсов раскрыть процесс формирования и эволюции языкового материала полионимии «Бохтар», её содержание, сущность, историю возникновения и особенности применения.

Ключевые слова: полионим, имя (название), лингвистический анализ, этимология, история возникновения, слово, изучение и анализ, лингвистическое исследование, исторические события, лексические источники, формирование, эволюция, смешанный, аффиксы, система и название.

POLYONYMY OF «BOKHTAR»

The article analyzes and examines the evolution and functioning of the polyonymy of «Bokhtar». The authors compare its distribution across various periods of linguistic development and, based on authoritative scientific sources, shed light on the origin history, structure, and meaning of this term.

Furthermore, in this study, the authors attempt to trace the semantic evolution of the polyonymy of «Bokhtar»—which ranks among the most widely used lexemes in both written and spoken language of the past and present—relying primarily on reliable sources and encyclopedias. The analysis reveals that throughout its centuries-long history, the polyonymy of «Bokhtar» has undergone significant changes not only phonetically, but also lexically; however, despite this, its scope of application has not narrowed.

In addition, the authors conduct a comparative scientific study of the specific linguistic features governing the evolution and usage of the polyonymy of «Bokhtar», historical events, lexical sources, and its application practices. Throughout the writing process, an effort was made—grounded in scientific arguments, key findings of domestic and foreign researchers, Tajik-Arabic dictionaries, authoritative encyclopedias, and online resources—to reveal the formation and evolution process of the linguistic material of the polyonymy of «Bokhtar», its content, essence, origin history, and usage characteristics.

Keywords: polyonym, name (designation), linguistic analysis, etymology, history of origin, word, study and analysis, linguistic research, historical events, lexical sources, formation, evolution, mixed, affixes, system and name.

Маълумот дар бораи муаллифон: Лутфияи Абдулмумин, докторанти (PhD)-ии кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел: [+992] 985297373

Саидзода Муҳаммад Бегмурод, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. E-mail: Saidzod-@mail.ru, Тел: (+992)985-29-73-73

Сведения об авторах: Лутфияи Абдулмумин, докторант (PhD) кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (+992) 98-529-73-73.

Саидзода Мухаммад Бегмурод, доктор философии (PhD), доктор по специальности филология, доцент кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. E-mail: Saidzod-@mail.ru, Тел.: (+992) 98-529-73-73

Information about the authors: Lutfiyai Abdulmumin, (PhD) student at the Department of Linguistics and History of Language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov st., 16 Tel.: (+992) 98-529-73-73.

Saidzoda Muhammad Begmurod, doctor of philosophy (phd), doctor of philological sciences, associate professor at the Department of Foreign Languages, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov st., 16 E-mail: Saidzod-@mail.ru, Tel.: (+992) 98-529-73-73.

Муқарриз: Шамшоди Ҷ. д.ф. (PhD), аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ

1. **Абдуллоев М.Х.** Нақши паёмҳои солонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди соҳаи маориф.....5
2. **Турсунов Т.Х., Музаффарова Б.Х.** Заминаҳои таърихӣ ва рушди шарикии рақамии Ҳиндустон ва Осиёи Марказӣ (с. 1991-2025).....12
3. **Тоҷиев Э.И.** Арзишҳои динию миллӣ дар таърихи халқи тоҷик: сабақҳои таърихӣ.....22
4. **Сафаров Х.Х.** Тамоюлоти навин дар зиндагии иҷтимоии тоҷикони Афғонистон дар солҳои 1919-1929.....29
5. **Садриддини А.** Низомулмулк – ходими маъруфи сиёсии асри XI.....39

ПЕДАГОГИКА

1. **Сафарзода М.В., Зайдуллозода С.С.** Муҳити таълимии рақамӣ ҳамчун омиле барои ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор.....50
2. **Мирзозода Р.Р., Файзуллозода Ф.Р.** Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи таҷрибавии рушди салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика.....59
3. **Сафарзода Д.Ҷ., Файзализода Б.Ф.** Такмили идоракунии рушди касбии хизматчиёни давлатӣ дар заминаи салоҳиятҳои рақамӣ.....66
4. **Аюбзода С.А.** Асосҳои ташаккули фарҳанги амнияти иттилоотии донишҷӯён дар муҳити рақамии таълим.....76
5. **Маҳмудзода М.М., Шарипов Р.М.** Тафакури инноватсионӣ:асосҳои илмӣ-назариявӣ ва нақши он дар рушди шахсият ва ҷомеаи муосир.....85
6. **Самариддинова З.Н., Муродализода Р.М.** Фаъолияти таълимӣ-илмии донишҷӯён дар раванди таълими фанни барномасозӣ.....93
7. **Сатторзода Б.А.** Шуури ҳуқуқӣ ва зарурати он дар ташаккули озодиҳои арзишманди шахс.....101
8. **Фурқати С.К., Муродализода Р.М.** Принсипҳои сохт ва банақшагирии НИКТ дар раванди омӯзиши графикаи компютерӣ.....107
9. **Шарифзода О.П.** Таджикские народные традиции как педагогический ресурс эстетического воспитания.....116
10. **Шералиева С.М.** Технологияи фарогирии бачагони ақлан ақибмонда ба таълим ва роҳҳои самаранокии он.....122
11. **Султонзода И.С.** Мазмуни фаъолиятҳои ибтикории ба рушди ҷисмонӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ мусоидаткунанда.....129
12. **Шоҳсанами Р.** Ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии хонандагон бо истифода аз усули инноватсионӣ дар раванди омӯзиши математика.....138
13. **Азизов М.Ҷ.** Таҳсилоти фарогир ҳамчун масъалаи педагогӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ.....145
14. **Акбарзода Н.Р., Сафарзода М.В.** Нақши маводҳои маҳаллӣ дар тарбияи политехникии хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми омӯзиши асосҳои саноати химиявӣ....152
15. **Ҳамидова Д.Ҳ., Сафарзода М.В.** Таъминоти технологӣ ва дидактикӣ: алгоритмҳои интегратсияи зеҳни сунъӣ дар вазифаҳои касбӣ.....159
16. **Зоиров А.Ғ.** Технологияҳои сайёри таълимӣ ва дидактикӣ.....169
17. **Сафарзода Н.В.** Воспитание и обучение —два столпа структуры человеческого существования.....177
18. **Темурова М.Н., Алиева М.Н.** Татбиқи технологияҳои педагогӣ дар раванди омӯзиши фанни санъати тасвирӣ дар муассисаҳои таълимии олӣ.....184
19. **Сайфуллозода С.С., Холназаров С.** Методикаи инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон дар фаъолияти амалӣ-методии омӯзгорони фанни биология.....193

20. **Раҳматов Ҷ.** Нақши муаллим дар ташаккули шахсияти эҷодкор.....201
21. **Рахматуллоев А.А.** Нақши анъана дар тарбияи варзишгарон (дар мисоли клуби варзишии «Ҷасорат»- и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ).....208
22. **Раҷабов А.М.** Асосҳои равонӣ-педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён.....216
23. **Сайдаҳмадов Қ.Р.** Ташаккули салоҳиятҳои касбӣ дар соҳаи ҳифзи иттилоот дар шароити рақамисозии таҳсилот.....223
24. **Сафаров Б.Ю., Бадарғаев С.Ш., Сафаров Ю.С.** Междисциплинарный подход и качественный биомеханический анализ сравниваемых упражнений в спортивной борьбе и гимнастике.....231
25. **Ҷ.Алимӣ, Саъдуллоев З.Р.** Махсусиятҳои раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ.....241
26. **Сулаймонов Қ.И.** Методикаи таълими ҷумла дар раванди дарси хонандагони муассисаҳои таълимӣ.....248
27. **Худойдодова О.З.** Самообразование студента в эпоху цифровизации: современные тенденции, возможности и вызовы.....256
28. **Хушвахтов А.С.** Асосҳои методологии ташкили раванди тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқии ҷавонон.....266
29. **Ҷалилова М.** Ҷанбаҳои педагогии ташаккули маърифату фарҳанги экологии хонандагони синфҳои болоӣ.....273
30. **Ҷумаев М.Р.** Муҳити каҷравии иҷтимоию психологӣ дар рушду нумуи кӯдакони бепарастор.....281
31. **Шамсуллои Н.А.** Нақши барномасозӣ дар ташаккул ва рушди тафаккури мантиқии хонандагон.....289
32. **Одиназода С.О.** Использование электронных учебных материалов в учебном процессе.....295
33. **Давлатзода М.А.** Мутобиқшавии касбии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ: равишҳои назариявӣ ва механизмҳои дастгирии педагогӣ.....303

ФИЛОЛОГИЯ

1. **Нозимов А.А.** Некоторые вопросы исследования фразеологии в современном языкознании.....312
2. **Зулфиев Г.Н.** Нигоҳе ба зиндагиномаи Кароматуллоҳи Мирзо.....317
3. **Каримзода Ҳ.И.** Мақом ва нақши нашрияи «Минбари халқ» дар низоми матбуоти ҳизбӣ (Дар мисоли рӯзномаи «Минбари халқ» ва нашрияҳои ҳизбии дигар)....324
4. **Саидзода О.С.** Пайдоиш ва ташаккули нақди адабии араб дар давраи ҷоҳилият.....335
5. **Джуракулов Б.Р.** Классификация прагматонимов в сфере транспортной терминология.....342
6. **Шарифзода Д.А.** Ташаккули истилоҳоти равоншиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ: таҳлили таърихию муқоисавӣ ва стратегияҳои интиқоли истилоҳот.....351
7. **Шарифхоҷаева С.А.** Мақолҳо воситаи рушди маҳорату нутқ ва қобилияти мубоҳиса дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.....358
8. **Мирзоева М.М.** Поэтикаи ғазал ва консепсияи ишқ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ.....364
9. **Сафарзода М.Н.** Цифровая эра телевидения: изменение роли телевизионной журналистики в формировании общественного мнения и международной политике.....372
10. **Расулзода К.Б.** Ҷанбаҳои публитсистӣ-бадеии маводи марбут ба масоили сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии матбуоти маҳалли вилояти Хатлон.....380
11. **Раҳимова С.А.** Реклама ва заминаҳои пайдоиши он.....389
12. **Сайдалиева З.О., Самариддинов К.Н.** Мафҳуми калима ва ибора дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....395

13. **Саидзода Р.Д.** Типология ва генезиси жанрҳои хурдӣ лирикӣ дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ.....402
14. **Саломати Д.** Роҷеъ ба баъзе асосҳои таҳқиқоти таъбирот дар забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ.....408
15. **Сатторов С.С.** Вулгаризмҳо дар маҷмуаи ҳикояҳои «Дунё ба умед»-и Ҷ.Акобир.....415
16. **Сафарова Г.Ш.** Таснифи лексикӣ-семантикии истилоҳоти асосии соҳаи тиҷорат ва савдо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....423
17. **Тавакалзода А.М.** Усулҳои пешниҳоди матлаб ва истифодаи воситаҳои ҷолибсозӣ дар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон»-и ТВ «Тоҷикистон».....434
18. **Тағоев С.Х., Шералиева С.М.** Методикаи таълими забони модарӣ дар низоми босалоҳият.....443
19. **Шерафгани Ҷ.** Сифатҳои аслӣ ва баъзе вижагиҳои онҳо дар «Ашки офтоб»-и Ҳақназар Ғоиб.....450
20. **Зулфираи С.** Авасто ва Хоразм: баррасии таърихӣ ва пажуҳишҳои лексикию овоӣ.....459
21. **Лутфияи А., Саидзода М.Б.** Полионимияи «Бохтар».....466

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «**Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** мақолаҳои илмие, ки натиҷаи таҳқиқоти соҳаи **илмҳои таъриху бостоншиносӣ, педагогӣ ва филологиро** фаро мегиранд, нашр карда мешаванд.

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ:

1. Таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои ҳамаи забонҳо (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), ҳаҷми ҳарфҳо 12, ҳошияҳо 2 см, фосилаи байни сатрҳо 1,0 см ва формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 5 саҳифа ва на беш аз 14 саҳифа;
2. Индекси ТДУ (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
3. Номи мақола бо ҳарфҳои калон;
4. Насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Сатторзода М.Ш.);
5. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он)-и мақола кору фаъолият менамоя (н) д;
6. Матни асосии мақола на камтар аз 5 саҳифа (схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
7. Рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
8. Рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 10 номгӯи адабиёти илмӣ. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад.
9. Намунаи таҳияи адабиёт: нишон додани манбаи иқтибос дар матн ба таври зер: [3, с. 24], [3, с. 24; 7, с. 53], ки ин ҷо рақами аввал манбаи истифодашуда ва рақами дувум саҳифаро нишон медиҳад;
10. Рӯйхати адабиёти истифодашуда ба забони аслии китобӣ;
11. Тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 10 ва на бештар аз 20 сатр, калидвожаҳо аз 10 то 15 номгӯй;
12. Маълумот дар бораи муаллиф (он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Маълумот дар барои муаллиф ба тартиби зайл оварда мешавад: насаб, ном, номи падар, дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошад), вазифа ва ҷои кор, телефон ва почтаи элекронӣ;
13. Дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
14. Мақолаи аспирант, докторанти PhD, унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ мушовири илмӣ ва ё мудири кафедра қабул карда мешавад;
15. Мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад ва доктори илм қабул карда мешавад;
16. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририя дар муддати 10 рӯз баррасӣ мегардад.

Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд такризи мусбии мутахассиси соҳаи дахлдорро дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки матни мақоларо таҳрир ва кӯтоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририя барои нашр тавсия намегарданд.

Нишонӣ барои дастрасии маълумоти иловагӣ:

Маълумоти иловагӣ: www.vestnik.kgu.tj, **тел**: 918-48-44-05.

ВЕСТНИК
КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Научный журнал «Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки» основан в 2009 г. Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан 5.05.2025 г., №412/МҶ-97. Журнал принимает научные статьи по трем направлениям: исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Журнал включен в Реестр рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан с 1.06.2022, №174/м.
(перерегистрирован от 6.09.2024 № 299/м)

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде методанных.
Полная текстовая версия журнала доступна на сайте издания
(vestnik.kgu.tj).

ВЕСТНИК
Кулябского государственного университета имени
Абуабдуллох Рудаки
Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки
3 (44) 2026
Том 2

Над номером работали:
Главный редактор: Сафарзода М.В.
Заместитель главного редактора: Камолзода Ш.В.
Ответственный секретарь: Сафарзода М.Н.

735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С.Сафарова, 16
Сайт журнала: vestnik.kgu.tj
E-mail: payom@kgu.tj
Тел.: 8(3322) 2-41-06

Ба матбаа 27.09.2026 супорида шуд.
Ба чопаш 30.09.2026 имзо шуд. Қоғази офсет.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 29,87. 478 саҳифа
Супориши №98. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи ҶДММ «Моҳи Мунир»